ЛОИҚ ШЕРАЛӢ

# КУЛЛИЁТ

**ҶИЛДИ 1**
**АШЪОР**

Душанбе
«Адиб»
2008

ББК 84 Тоҷик 7-5
Ш – 52

Мураттибон:
*Баҳриддин Алавӣ*
*ва*
*Ромиш Лоиқзода*

Муҳаррир:
*Мубашшир Акбарзод*

Лоиқ Шералӣ. Куллиёт. Иборат аз ду ҷилд. Ҷилди 1. Ашъор.
– Душанбе, «Адиб», 2008. – 560 саҳ.

Аз замони нашри аввали «Куллиёт»-и устоди зиндаёд Лоиқи Шералӣ (Хуҷанд, 2001) ҳашт сол сипарӣ шуд. Дар ин миён нашри дуюми он дар Теҳрон (1383) ба алифбои форсӣ анҷом ёфт. Ҳоло нашри сеюм низ дар дасти хонандагон ва алоқамандон қарор дорад. Дар нашри феълӣ шеърҳо дар таҳрири ниҳоии муаллиф оварда шуда, ба онҳо миқдори зиёди шеърҳои чопнашудаи шоир аз бойгониаш илова гардиданд.

ISBN 978-9947-57-42-8

© Бунёди Лоиқ Шералӣ, 2008

БУНЁДИ ЛОИҚ ШЕРАЛӢ

LOIQ SHERALI FOUNDATION


НАШРИЁТИ
«АДИБ»



**ЛОИҚ ШЕРАЛӢ**

(20.5.1941 – 30.6.2000)

*Туӣ буду набудам, миллати ман,*
*Туӣ самти суҷудам, миллати ман.*
*Суруди умри ман поён пазирад,*
*Ту мехонӣ сурудам, миллати ман.*

# МЕРОСИ ДИЛИ ШОИРИ ДИЛДОДА ВА ОЗОДА

Лоиқ баробари он ки ба майдони адабиёти кунунии тоҷикӣ қадам ниҳод, худро ба сифати «шоири ҷавони хеле боистеъдод» (Сотим Улуғзода) шиносонид. Нахустин намунаҳои шеъри ӯ мавриди писанд ва гуфтугӯи ҷиддии Устод Мирзо Турсунзода гардид. Онҳо машқи шеър буданд, вале бо доштани маъниву мазмунҳои тоза, тасвирҳои гӯё, мушоҳидаҳои зеҳннишин ва бардоштҳои шоирона аз он мушоҳидаҳо фарқ мекарданд.

Шеъри номии шоир «Ба модарам», ки маҷмӯаи аввалини ӯ «Сари сабз» (1966)-ро ҳусни хотима бахшида, сабабгори ба таври ғайричашмдошт ба узвияти Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон пазируфтани ӯ шуда буд, аз он гувоҳӣ медод, ки Лоиқ дар камтарин фурсат, дар зарфи ҳамагӣ чор-панҷ сол дар гуфтани шеър аз машқ ба сарҳади камол расидааст. Бо ин шеър дар фаъолияти гӯяндаи он марҳилаи сифатан наве, давраи ҷустуҷӯҳои адабӣ ва навовариҳои ӯ оғоз гардид. Дар он ҳама чиз нав буд: шеваи баён, тарзи тасвир, маъниҳо, тасвирҳо, вазн, қофия, забон, вусъати тасвир ва бардоштҳои шоирона. Шоир бо зикри ҷузъиёте аз зиндагии содаи модари пираш – зани муштипари кӯҳистонии тоҷик ва олами дар худ ниҳони орзуву ормонҳои ӯ мисраъ ба мисраъ, байт ба байт ва банд ба банд мисли сураткаши чирадасте бо хатҳои ҷудогонаи равшан чеҳраи зинда ва бузургворонаи ӯро бо як самимият ва муҳаббати беандозаи фарзандӣ офаридааст. Сабки баёни ӯ, лаҳни гуфтори ӯ дар ин шеър шеваи нигориши шоири овозадори рус Сергей Есенинро дар шеърҳои ӯ «Мактуб ба модар» ва «Мактуби модар» ба хотир меорад. Лоиқ маҳз дар ҳамин солҳо бо омӯзиш ва тарҷумаи осори ин шоир машғул буд ва нахустин китобе ҳам, ки нашр карда буд, «Савтҳои форсӣ» (1965)-и С.Есенин буд. Аммо шеъри «Ба модарам»-и шоири тоҷик ангезаҳои дигаре низ дошт. Ва ангезаҳои асосии пайдоиши ин шеъри ноб, пеш аз ҳама, саргузашту сарнавишти худи модари меҳрубони шоир буд ва баъдан модарномаи адиби эронӣ Эраҷ Мирзо. Инро худи гӯянда низ эътироф дошт ва гуфта буд, ки «дар шеърҳои «Модарнома» таъсири Есенину Эраҷ Мирзо ҳаст». Ва шеъри «Ба модарам» аз аввалин таҷрибаҳои бобарори Лоиқ дар пайванд додани суннатҳои шеъри форсии тоҷикӣ бо шеъри мардуми дунё, дар айни замон, бо шеъри русӣ буд.

*Ба кунҷи сандалӣ биншаста шабҳо,*
*модари пирам,*
*Ту шояд ҷомаи домодӣ медӯзӣ ба сад ниййят,*
*Ки рӯзи тӯйи дида дар қади ман,*
*бишканӣ армон,*
*Бубинӣ то ба ранги нав,*
*ба ҳусни нав ҷавоният,*
*Ба он дастони ларзони шарафмандат*
*бимирам ман!..*

*Нарафтӣ берун аз як деҳ, надидӣ рӯи оламро,*
*Ба гирди хеш гӯё чарх гаштӣ, зиндагӣ кардӣ.*
*Ба гирди деҳа гӯё домани гардун бичаспида,*
*Туро барбаст роҳи ниййяту азми ҷаҳонгардӣ.*
*Чӣ дорад олами дар худ ниҳони ту,*
*Аё модар, аё модар!*

Солҳои 60-70-ум барои Лоиқ солҳои омӯзиш ва баҳрабардорӣ аз таҷрибаи адабиёти умумидунёӣ, солҳои ошноии наздик бо осори С.Есенин, Ҳейне, Ҳёте, Ҳюго, Расул Ҳамзатов, Уитмен, Пабло Неруда ва Э.Межелайтис,

солҳои рӯ овардан ба адабиёти порсии дарӣ, хосса сурудаҳои ҷовидонии Хайём, Фирдавсӣ, Ҳофиз, Мавлавии Балхӣ, Соиб ва Калими Кошонӣ, солҳои алоқамандӣ ба таърихи дуру наздики қавми тоҷик, солҳои шиносоӣ бо шеъри муосири Эрон, Афғонистон ва Ҳинду Покистон, бо навиштаҳои Нодири Нодирпур, Фурӯғи Фаррухзод, Эраҷ Мирзо, Маликушшуаро Баҳор, Муҳаммад Иқбол, Халилуллоҳи Халилӣ, Восифи Бохтарӣ, солҳои сабақгирӣ аз адабиёти мардумӣ, солҳои луғатандӯзӣ ва забономӯзӣ, солҳои такмили силсилаи «Модарнома», «Дафтари ғазал» («Машқи ғазал»), оғози офариниши «Ҷоми Хайём», «Катибаҳо» ва «Резаборон», солҳои эҷоди «Илҳом аз «Шоҳнома», намунаҳои барҷаста ва зебои шеърҳои ошиқона ва ватанхоҳонаи замонӣ буд. Дар ин муддат шоир, ба гуфтаи худаш, моро шеърборон кард ва андар паси якдигар панҷ маҷмӯаи ашъор – «Илҳом» (1968), «Нӯшбод» (1971), «Соҳилҳо» (1972), «Хоки Ватан» (1975), «Резаборон» (1976) ва «Марди роҳ» (1979)-ро ба табъ расонд, ки ҳар яке бидуни муболиға дар адабиёти муосири тоҷикӣ бозёфте буданд ва дар қаламрави забони форсӣ аз тарафи мардум ба хушӣ пазируфта шуданд. Ва чун подоши амал шоир соли 1978 барои маҷмӯаи «Хоки Ватан» ва силсилаи шеърҳои «Илҳом аз «Шоҳнома» ба гирифтани Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ сарфароз гардид.

Агар ба доира ва мӯҳтавои омӯзиш ва баҳрагириҳои Лоиқ дар он солҳо тааммул ва тааммуқ шавад, ба назар мерасад, ки онҳо ба таври ҳайратовар гуногун ва доманадор буда, гоҳе табиатан ба ҳамдигар мутазод ҳам ҳастанд. Диққати шоирро адабиёти қадиму ҷадиди форсии тоҷикӣ ва мардуми дунё, фаҳлавиёти онҳо, шеъри наву шеъри куҳан, шеъри нимоию шеъри клосикӣ, шеъри сафеду арӯзи озод, қолибҳои шеърии хурду бузург, суннатҳои шеърии ғарбию шарқӣ ва ғ. ва ҳ. ба худ ҷалб намудаанд. Барои вай дар омӯзиш ва баҳрабардорӣ мисли ин ки ҳеҷ гуна маҳдудае вуҷуд надошт. Аз нигоҳи ӯ, ҳамаи онҳоро як чиз ба ҳам қарин гардондааст ва он иборат аст аз доштани ҷавҳари ҳама гуна осори ҳунарӣ, аз ҷумла шеър. Ва ин ҷавҳар будани тасвир ва маъниву мазмунҳои шоирона дар шеър аст. Барои ҳамин ҳам Лоиқ шеъреро, ки холӣ аз тасвир ва маъниву мазмунҳои шоирона буд, на аз дигарон қабул дошт ва на худ гуфтааст. Барои ӯ муҳим он набуд, ки ин шеър қадим аст ё ҷадид, дар қолаби шеъри нав гуфта шудааст ё шеъри сафед, рубоӣ, ғазал, дубайтӣ, фард, катиба аст ё сепораю чаҳорпораю панҷпора ва маснавӣ, шеъри манзум аст ё мансур, ғарбист ё шарқӣ, муҳим он аст, ки дар худ тасвир ва маъниву мазмунҳои шоирона дошта бошад, моли ҳунари асил бошад. Барои вай мисли он ки нон ҳам нон асту нонреза ҳам нон, суханреза ҳам сухан асту ҳамоса ҳам сухан аст, ба шарти он ки дар худ ҷавҳари шеърро дошта бошад. Вагарна он шеър нест, шиор аст, моли ҳунари асил нест, ҳарфи муфт ва беҳуда аст, ки гуфтанрову хонданро нашояд.

Ёдам меояд, ки соли 1967 шоири тавонои Эрон Нодири Нодирпур барои иштирок дар Симпозиуми шеъри форсӣ ба шаҳр Душанбе омада буд ва дар он рӯзҳо чанд нишаст бо аҳли илму адаби тоҷик дошт. Яке аз ин гуна нишастҳо дар бинои кӯҳнаи Иттифоқи нависандагони тоҷик дар қабулгоҳи Устод Мирзо Турсунзода баргузор гардид. Алоқамандони зиёде гирд омада буданд. Пас аз суханронии Нодирпур ва шеърхониҳояш, чанде аз шоирони тоҷик, аз ҷумла Лоиқ, шеър хонданд. Вақте ки Лоиқ дар оғози суханаш арз намуд, ки рубоӣ мехонад, Раҳим Ҳошим, ки аз афташ масъулияти гардонандагии он базмро ба ӯҳда дошт, исрор намуд, ки шеърҳои дигарашро хонад, манзурашон хондани ашъори калонҳаҷм ва «ҷиддитар» буд. Аммо Лоиқ рубоиҳояшро хонд. Вай беҳтар медонист, ки дар кадом маврид чиро хонад ва чиро нахонад. Рубоиҳои шоир бештар аз ҳамаи шеърҳое, ки он рӯз дар ҳузури Нодирпур хонда шуданд, ба ӯ писанд омад. Зеро ки онҳо намунаи шеъри асил буданд ва Нодирпур сухансанҷи тавоно.

Лоиқ касест, ки шеъри муосири тоҷикиро ба асолати азалияш баргардонд. Вай дар ин роҳ кӯшишҳои нотамоми устодон Садриддин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ, Пайрав Сулаймонӣ, Ҳабиб Юсуфӣ ва Мирзо Турсунзодаро тамомӣ бахшид. Миёни шеъри кунунии тоҷикӣ ва осори мондагори Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Хайём, Ҳофиз, Саъдӣ, Мавлавӣ, Соиб, Калими Кошонӣ ва Бедил пуле эҷод кард, миёнҷӣ шуд. Шоирони имрӯзаи тоҷик бо осори саромадони худ ошноӣ доштанд ва гоҳ-гоҳ аз он истифода ҳам мекарданд. Лекин Лоиқ нахустин фардест аз миёни эшон, ки ҷавҳари шеъри пешиниёнро барои муосиронаш кашф намуда, суннатҳои адабии онҳоро аз нав зинда гардонид – бо пайравиҳояш, бо илҳом гирифтанҳояш, бо офаридани «Ҷоми Хайём», «Илҳом аз «Шоҳнома», «Дафтари ғазалиёт», «Резаборон», бо забони тоҷикии ширадораш, бо ҳунари расои маъниофаринӣ ва тасвиргарияш. Вай дар воқеъ тавонист, ки «шеърҳои гуфтаву ногуфта»-и миллаташро, ба таъбири худаш, «боз гӯётар, боз бурротар, боз гиротар ва боз аълотар» бигӯяд.

Сабаби аслии шӯҳрати сазовор ёфтани шеъри шоири тоҷик дар қаламрави адабиёти форсӣ, хосса дар Эрон ва Афғонистон, маҳз дар

ҳамин асолати азалии шеъри порсии дариро касб кардани шеъри ӯ буд. Тавонотарин шоирони форсигӯи дунё, мисли шодравон Нодири Нодирпур, Восифи Бохтарӣ ва дигарон ба шеъри Лоиқ, ба ҳунари шоирии вай ба ҳайси «шоири бузурги забони форсӣ» ва «яке аз устувонаҳои асосии фарҳанги порсӣ» тан додаанд ва имон овардаанд. Нашри китобҳои шоир чун «Гулчине аз ашъори Устод Лоиқи Шералӣ» (Теҳрон, 1372/1993), «Дасти дуои модар» (Исфаҳон, 1373/1994) ва «Рӯҳи Рахш» (Теҳрон, 1379/2000) дар Эрон ва нақдҳое ҳам, ки бар онҳо навишта шуданд, маҳбубият ва маъруфияти ӯро дар ин кишвар бештар аз пештар гардонид. То ин замон форсизабонон бо намунаҳои осори ӯ ба воситаи маҷмӯаҳои нашршуда бо алифбои арабӣ «Ташнадил» (Душанбе, 1974) ва «Хоки ватан» (Душанбе, 1981), шеърҳое, ки дар саҳифаҳои расонаҳои гурӯҳии он кишварҳо ба табъ расида буданд ва ё аз тариқи радио ва телевизион онҳоро ровиёни номдоре, мисли Фарида Анварӣ, қироат менамуданд, ошноӣ доштанд.

Хидмати дигаре, ки Лоиқ дар солҳои 60-70-ум ба анҷом расонд, он буд, ки вай миёни шеърҳои форсии тоҷикӣ ва шеъри мардуми дунё пайванде ба вуҷуд овард. Ва шеъри ӯ аз нахустин намунаҳои адабии бобарори чунин имтизоҷ дар адабиёти кунунии тоҷикӣ ба шумор меравад. Лоиқ аз роҳи омӯзиш ва тарҷумаи осори шоироне монанди Ҳёте, Уитмен, Есенин, Пабло Неруда ва дигарон, имконоти баён ва зарфияти тасвирро дар шеъри тоҷикӣ ба маротиб афзоиш дод. Дар шеър ба тасвир ва тасвиргарӣ, ба маъниофаринӣ, ба сохтани фазои шоирона ва ҳолати шоирона, ба муқтазои ҳол, ба самимият диққати фавқулода додани Лоиқ низ аз баракати шиносоияш бо шеъри мардумони ғарбӣ ва кишварҳои дигари дунё ва таҳқиқи мунсифонаи онҳо аз ҷониби ӯ мебошад. Шоир дар яке аз мусоҳибаҳояш иқрор кардааст, ки «ман ғайр аз ашъори Есенин ҳамчунин осори Ҳамзатов, Межелайтис, Қулиев, Евтушенко ва Қуняевро тарҷума кардам ва бидуни шак ин тарҷумаҳо ба ташаккули сабки офаринандагии худи ман мусоидат намуданд».

Шеъри тоҷикӣ дар ин солҳо ба шарофати кӯшиш, заҳмат ва ҷустуҷӯҳои пайвастаи шоирони ҳунарманде, монанди Лоиқ гӯётар, хонотар, расотар, гиротар ва мушаххастар гардида, аз дарди умумигӯию қолабигӯиҳо раҳоӣ ёфта, барои бозтоби зиндагии имрӯзӣ ва инсони муосир муносибтар ва мувофиқтар шуд. Шеъри тоҷикӣ дар ин давра «макон, замон, унвон ва фазои парвози» мушаххас пайдо намуда, «заминаи воқеӣ, иҷтимоӣ ва ҳаётии он ... қавӣ шуд»:

*Баччагӣ чун шохборон рехт, рехт.*
*Баччагӣ чун обшорон рехт, рехт.*
*Ё мисоли шохнам аз дашти бопаҳно гузашт.*

*Баччагӣ гӯё буду гӯё набуд,*
*Баччагӣ аз мо буду аз мо набуд,*
*Бехабар мондем, то дидем, фарсаххо гузашт.*

*Баччагӣ – гулгуни зарринёли ман,*
*Баччагӣ – гулгуни зарринболи ман –*
*Ёлу болаш гарқи гул аз роҳи умри мо гузашт...*

Ва:

*Ин шаби туршрӯи боронӣ*
*Кулбаи модарам ба ёд омад.*
*Боми ӯ мечакад зи боронҳо,*
*Дар дилам оламе ба дод омад...*

*Модарам! Модари биҳиштиям!*
*Осмон боиси чӣ гирён аст?*
*Ашки ту бас набуд, ки дар дунё*
*Боз борону боз борон аст?..*

Ё:

*Чу табболе шабе борони хашмӣ*
*Ба боми хонаҳо чӯбакзанӣ дошт.*
*Дили ман андаруни синаи танг*
*Зи тобу таб бинои ҷонканӣ дошт...*

*Тамоми кӯчаи шаҳри Душанбе*
*Хаёле аз қадамҳои ту дорад.*
*Дили ман бо ҳама шӯру ҷунунаш*
*Таманнои саропои ту дорад.*

Лоиқ дар яке аз мусоҳибаҳояш пас аз дарёфти Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ бо сахтгирие, ки танҳо ба ӯ хос буд, гуфта буд, ки «ҳама шеъре, ки гуфтаам, ҳозир ҳам барои ман машқи шеъриояндаанд, он шеъри оянда боз машқи шеъри оянда хоҳад буд». Дурустии ин суханони шоирро сайри таҳаввул ва такомули шеъри ӯ аз як маҷмӯа то ба маҷмӯаи дигар ва аз як марҳила то ба марҳилаи баъдӣ тасдиқ мекунад. Нахустин намунаҳои ғазал ва рубоиҳои муаллиф ҳанӯз дар маҷмӯаи аввалинаш «Сари сабз» ҷо дошт. Пасон миқдори ғазалу дубайтиҳои шоир то рафт бештар гардида, ба дараҷаи фаслу бобҳои алоҳидае, аз қабили «Ҷоми Хайём», «Резаборон», «Идомаи «Резаборон», «Машқи ғазал», «Дафтари ғазал» расиданд. Шеъри «Ба модарам» оғози силсилаи «Модарнома» шуд ва дертар ба шакли китоби ҷудогонаи «Дасти дуои модар» (1991) даромад. Фаслҳои «Катибаҳо», «Суханреза» ва «Дастагули тарона», ки дар маҷмӯаҳои «Хоки Ватан» (1975), «Хонаи чашм» (1982) ва «Рӯзи сафед» (1984) омадаанд, дар маҷмӯаҳои баъдӣ – «Хонаи дил»

(1986), «Офтобборон» (1988) ва «Фарёди бефарёдрас» (1997) пурра шудаанд. Шеърҳои ба Устод Мирзо Турсунзода бахшидаи шоир шомили силсилаи «Сипоснома» гардидаанд. Шеърҳои дар мавзӯи рӯз, таърихи дуру наздик, ҳикмати зиндагӣ, рисолати шеъру шоирӣ ва ишқ гуфтаи вай дар ҳамаи маҷмӯа ва китобҳои пасинааш ба сифати бахшҳои умдаи онҳо ҷой дошта, ҳам аз назари мӯҳтаво ва ҳам аз лиҳози ҳунари гӯяндагӣ сайқал хӯрда, суфта гардида, шумори шеърҳои нағзи шоир ва адабиёти тоҷикиро афзун намудаанд.

Вижагиҳои умдаи шеъри Лоиқ дар солҳои 60-70-ум сурат гирифта, падидаи адабии наверо бо номи «шеъри Лоиқвор» дар адабиёти кунунии тоҷикӣ ба вуҷуд оварданд, ки он дар марҳилаҳои баъдии фаъолияти офаринандагии шоир дар солҳои 80-90-ум бо нашри маҷмӯаҳое монанди «Хонаи чашм», «Хонаи дил», «Офтобборон» ва «Дасти дуои модар» барҷастатар, қавитар ва комилтар гардидааст. Лоиқ дар ин солҳо ба ҳайси устоди шеър ҳунарнамоӣ карда, асарҳои фаровоне офарид, ки онҳо на танҳо ба сифати беҳтарин намунаҳои шеъри муосири тоҷикӣ, балки адабиёти форсизабонон эътироф шудаанд.

Қисмати умдаи сурудаҳои Лоиқро дар солҳои 80 ва 90-ум шеърҳое ташкил медиҳанд, ки дар қолабҳои анъанавии шеъри форсии тоҷикӣ – ғазал, рубоиёт, дубайтӣ, фард ва катибаҳо гуфта шудаанд. Сабаби барори фавқулоддаи гӯянда дар сурудани ин гуна навъҳои шеърӣ дар он аст, ки ӯ ба туфайли истеъдоди фитрӣ, таҳқиқи амиқ ва таҳаммули ранҷи якумрии шоирӣ тавонистааст, ки табиати аслии он қолибҳои маъмул ва имконоти гунҷоиши онҳоро ба дурустӣ дарк намуда, барои ифодаи мавзӯъ ва маъниҳои замони худ мувофиқ гардонад ва ба тани ниммурда ва фалаҷгардидаашон аз дасти муташоирон ва тақлидгарон ҷони тоза бахшад.

Ғазал, рубоиву дубайтиҳо, фардиёту катибаҳои Лоиқ агарчи дар қолабҳои суннатӣ гуфта шудаанд, дар худ эҳсосу андешаи инсони замони муайян – охири садаи бист, инсони воқеиеро бозтоб додаанд, ки миёни соҳили дирӯзу фардо истода, дар байни Замину Офтобу Моҳ, одамизод ва табиат миёнҷигарӣ мекунад. Инсоне, ки устухонаш бо ғазалиёти шӯрангези Ҳофиз, Мавлавӣ, Соиб ва Калими Кошонӣ, бо рубоиёти оламшумули Хайём, рубоиву дубайтӣ ва фардиёти бонамаки мардумӣ шах шуда, аз сангнавиштаҳо ва катибаҳои аҷдодаш бохабар аст. Ва боз ҳам эҳтиёҷ ба ғазалу рубоиву дубайтиҳои тоза ба тозаи имрӯзӣ дорад. Чаро ки табиати ин навъҳои шеърӣ ва мӯҳтавои онҳо ба дилу дидаи вай аз азал бо аллагӯиҳои модар, бо мақомхонӣ, фалакхонӣ ва байтхониҳои ҳамқавмонаш ва ҳунармандон ошно мебошад. Шоир дар замина фармудааст, ки «ман аз овони сабзҷавониям бо ғазал коми худро бардоштаам». Бино ба гуфтаи ӯ, «ғазал ҳазор сол, балки бештар барои такомули завқи як халқи соҳибфарҳанг ва мухлисону гаравидагони фарҳанги ӯ хидмат гузошт, рисолати таърихӣ, иҷтимоӣ ва инқилобии худро дар масири ҷаҳонӣ ифо кард ва боз ҳам то ин халқ дар рӯи замин ҳаққи қисмат дорад, хидмат хоҳад кард... Ғазал шиносномаи таърихи фарҳанг, фалсафа, илму фунун ва ҷаҳони ҳасту нести мардуми форсу тоҷик аст». Лозим ба таъкид аст, ки назари ӯ дар мавриди зарурати эҷоди рубоиву дубайтӣ, фард ва катибаҳо низ чунин аст. Чунончи вай дар бобати катибаҳо фармудааст, ки «ман боре гӯристонҳои Самарқандро зиёрат карда, дар сари қабрҳо байтҳои аҷибе хондам. Ман он вақт донишҷӯи институт будам. Аз дилам гузашт, ки халқ ба катибаҳои ёдгорӣ эҳтиёҷ дорад. Ҳамон вақт мехостам чунин катибаҳо нависам, аммо натавонистам. Баъд катибаҳои Расул Ҳамзатов баромад. Онҳоро хонда, боз як бор пай бурдам, ки катиба лозим аст». Нуктаи ҷолиб дар ин гуфта он аст, ки дар қолибҳои суннатӣ шеър гуфтани шоир, пеш аз ҳама, тақозои худи зиндагӣ буда, ангезаҳои дигар танҳо як таконе шудаанд барои эҷод кардани онҳо.

Ду-се ғазалу рубоиву дубайтӣ ва катибаҳое, ки ба тариқи намуна оварданиям, боз ҳамон «муште аз хирвор»-и пурбори устод Лоиқ мебошад.

Аз рубоиёт:

*Ёрон ҳама ҷо, вале Ватан дар як ҷост,*
*Ҳар санги Ватан мисоли ҳайкал зебост,*
*Олам ҳама ҷо азиз, лекин бар ман*
*Модар яктост, Тоҷикистон яктост.*

Ва:

*Он лаб, ки зи чашмони сиёҳат бӯсид,*
*Аз бӯсагаҳи рӯи чу моҳат бӯсид,*
*Баъди ту нахоҳад аз ҷаҳон рӯю лабе,*
*Бе рӯю лаби ту хок хоҳад бӯсид.*

Ё:

*Донам, ки агар пагоҳ мемирам ман,*
*Аз зиндагӣ қасди хеш мегирам ман.*
*Ҳар чиз, ки дорам, ҳама афканда бар об,*
*Чун об ба ҳоли хеш мегирям ман.*

Аз дубайтиҳо:

*Тароватҳои мӯят ёдам омад,*
*Назокатҳои рӯят ёдам омад.*

*Дар ин соат, ки гунгу лолам аз дард,*
*Садои гуфтугӯят ёдам омад.*

Ва:

*Маҳи кӯр асту абри бурда-бурда,*
*Кӣ аввал кокулонатро шумурда?*
*Кӣ бо ту як нафас хандиду бишкуфт?*
*Кӣ бо ту дода ҷон, аммо намурда?*

Ё:

*Ду чашми бегуноҳи ту маро кушт,*
*Нигоҳи бепаноҳи ту маро кушт.*
*Намурдам аз ҳазорон қасду буҳтон,*
*Як оҳи ту, як оҳи ту маро кушт.*

Аз ғазалиёт:

*На зи ранҷу азоб метарсам,*
*На зи ҳоли хароб метарсам.*
*Бими тӯфони мавҷҳоям нест,*
*Аз хаси рӯи об метарсам.*
*Бо замона ҳисоби ман пок аст,*
*Аз ду-се каҷҳисоб метарсам.*
*Аз сиёсат набошадам боке,*
*Аз сиёсатмаоб метарсам.*
*Дӯш гар бошитоб мерафтам,*
*Ин замон аз шитоб метарсам.*
*Дӯш аз ман шароб метарсид,*
*Ман кунун аз шароб метарсам.*

Аз катибаҳо:

*Хидмати марг мекунад, то ҳаст,*
*Хидмати ӯ ба зиндагӣ ин аст.*
(«Дар тобут»)

Ва:

*Аз дасти бастае*
*Дасти шикаста беҳ.*
(«Дар дастпона»)

Лоиқ табиатан шоири ишқиясаро, ба истилоҳи ғарбиён «лирик» ва ба гуфтаи худаш «шоири ошиқ» буд. Ва ҳамаи офаридаҳои ӯ аз шеъри нахустинаш «Ном» (1959) то сурудаҳои охиринаш (июни 2000) тааллуқ ба навъҳои гуногуни шеъри ғиноӣ (ишқия): иҷтимоӣ, фалсафӣ ва ошиқона дорад. Тавре ки худи шоир қоил шудааст, ӯ бисёре аз шеърҳояш, аз ҷумла «Хоки Ватан», «Китобҳои шаҳид», силсилаи «Илҳом аз «Шоҳнома»-ро аввал чун маводи достон пеши худ пиндошта будааст, аммо чун рӯи коғаз омадаанд, дидааст, ки шарт нест онҳоро кашол дода, ба бобҳо тақсим карда, пурҳарфиро раво дида, достон кунад. Вай эътиқод бар он доштааст, ки баъзе аз мавзӯъ ва мазмунҳои достонӣ (эпикӣ)-ро дар чаҳорчӯби як рубоӣ ё дубайтӣ ва ё фард хулоса кардан мумкин аст. Ва чунин ҳам кардааст. Дар воқеъ ӯ рубоӣ, дубайтӣ ва фардҳое гуфтааст, ки вусъати тасвири ҳамосиро дар худ гунҷондаанд.

Шоир бо ишора ба он ки ӯ ишқиясаро (лирик) аст, на ҳамосасаро (эпик) ва бо такя бар қавле, ки «фикри ҳар кас ба қадри ҳиммати ӯст» фармудааст, ки «аз дарахти себ – себ, аз ток – ангур бояд талаб кард», на баръакси онро, яъне ки аз ӯ мунтазири гуфтани ишқия бояд буд, на шеъри достониро. Комилан тасодуфӣ нест, ки гӯянда яке аз шеърҳояшро «Руҷӯи достоне, ки ҳаргиз наметавонам навишт» номгузорӣ кардааст. Вай ҳамчунин фармудааст:

*Ман аз азал, ки шоири ошиқ расидаам,*
*Аз хомаам таровиши нақши азал расад.*

Лоиқ бо гуфтани беҳтарин намунаҳои шеъри ватанхоҳона («Хоки Ватан», «Таърих гувоҳ аст...», «Айнӣ», «Қитъаи шеър» (барои Устод Мирзо Турсунзода»), «Китобҳои шаҳид», «Баъд аз ҳазор сол...», «Аҳмади Дониш», «Оли Сомон» ва ғ.), шеъри рӯз («Нуристони Норак», «Балладаи офтоби Норак», «Қасидаи 1.000.000», «Шеъри сафеди «Тиллои сафед», «Достони дастҳо», «Чашми деҳқон», «Дуои борон» ва ғ.) ва шеъри замонӣ («Духтари рустоӣ», «Мӯйсафедон», «Баччагӣ», «Падарам, эй падари деҳқонам», «Дар ҷанозаи ҳамсолам», «Пирӣ», «Хокрӯб», «Шоҳасар», «Шикастабанд», «Ҷони масчоҳӣ» ва ғ.) собит кард, ки дар воқеъ зиндагӣ саросар пур аз шеър аст, онро фақат бояд дид, дарёфт ва бозгӯ кард. Бо ин ҳама шеърҳои ошиқонаи ӯ зеботарин қисмати мероси адабии ӯ мебошанд. Дар гуфтани онҳо ҳунари шоирии Лоиқ алалхусус дар солҳои 80-ум ба тамомӣ зуҳур дорад. Зебоӣ ва нотакрории шеърҳои ошиқонаи замонии шоир дар он аст, ки онҳо ҳар як дар худ як ҳолат, як рӯҳия, як манзара, як фазо, як эҳсоси муайяни муайян ва нотакрори олами ишқро шоирона ва ошиқона ва бе рӯву риё бозтоб медиҳанд. Шоир дар онҳо аз васл, ҳаҷр, дард, ҳасрат, хотирот, хушиҳои ҷавониву ормонҳои пирӣ, ба сухани дигар, аз баҳору хазони ишқ, аз гулу хори ишқ, аз сӯзҳои ширину талхи ошиқон қиссаҳои ошиқонаи дарзамонӣ мекунад. Ишқияҳои шоир чунон фаровон ва чунон гуногунанд, ки ҳар каси гирифтор чизи муносиби ҳолу аҳволи хеш, мувофиқи эҳсосу андешаҳои хеш пайдо менамояд. Гулназар, ки худ низ мисли Лоиқ ишқиясарост, ба мушоҳида гирифтааст, ки «байтҳои Лоиқ номаҳои ошиқонро оро медиҳад, ҷавонон бо шеъри Лоиқ ишқварзӣ мекунанд».

Азбаски шеърҳои нағзи ошиқонаи шоир беҳад зиёданд, танҳо бо зикри номи иддае аз онҳо ва иқтибоси чанд байте аз онҳо иктифо менамоем: «Кӣ дар овони ҳаждаҳсолагияш», «Ҳусн», «Кабӯтарҳо», «Дар Варзоб», «Дар

тобу табат бинам, бехоби шабат бинам», «Дар он соат», «Ширмаҳтоби ғуборолуда», «Ошиқон – шоирони бедевон», «Ману ту тирамаҳ гулчинӣ рафтем», «Ҳар гаҳ, ки бо туам, рӯҳам пур аз сафост», «Баҳоре буду маҷнунбеди навбарг», «Он шом зи пушти боғи кӯҳӣ», «Духтари хоназоди хатлонӣ», «Оваҳ, оваҳ чӣ тирамоҳе буд», «Оҳ, эй зан, зани оташбунёд», «Аввали ишқ – осмони баланд», «Дилам он қадр мастӣ хоҳад имшаб», «Дуо», «Баъди чанде, ки басо об зи сарҳо гузарад», «Номаҳоят», «Боз омад тирамаҳ бо баргҳои зарди хеш», «Ғуруби офтоби ҳуснат омад», «Дидам ӯро боз баъди чанд сол», «Дар буттаҳои гул нашкуфта ғунчаест» ва ғ. ва ҳ.к.

*Ҳар ду нишастаем*
*Дар рӯи тахтасанг,*
*Ҷорист рӯди маст*
*Пуршӯру бедиранг.*

*Ҳар ду нишастаем*
*Бечурму бегуноҳ,*
*Дилҳои ташнаком,*
*Лабҳои бӯсахоҳ...*

*Ҳар ду нишастаем*
*Ҳам дур, ҳам қариб,*
*Ё ишқ, ё умед,*
*Ё бахт, ё насиб!..*

(«Дар Варзоб»)

Ва:

*Он шом зи пушти боғи кӯҳӣ*
*Маҳ тор танида мебаромад.*
*Як банд алаф ба пушт пире*
*Аз кӯҳ хамида мефаромад...*

*Маҳтоби паридаранги коҳил*
*Мерехт ба фарқи шохсорон.*
*Дар олами сояравшани боғ*
*Будем ду тан зи растагорон.*

*Печида ба ҳам ду сояи мо*
*Метофт ба сони сояи бахт,*
*Яксони замин хамӯш мегуфт –*
*Оё кӣ расад ба пояи бахт?*

Ё:

*Аввали ишқ – осмони баланд,*
*Охири ишқ – хоки домангир.*
*Аввали ишқ – орзуҳо гарм,*
*Охири ишқ – орзуҳо пир...*

*Аввали ишқ – гулфишони баҳор,*
*Охири ишқ – баргрезиҳост.*
*Аввали ишқ – аввали дунё,*
*Охири ишқ – охири дунёст!*

Дигар:

*Дилам он қадр мастӣ хоҳад имшаб,*
*Ки роҳи хонаи худро наёбам.*
*Тиҳӣ созам ҳама майхонаҳоро,*
*Ки аз сар бигзарад ҳар сарҳисобам.*

*Зи назди хонаат ғалтону хезон*
*Гузар созам чу як девонаи ишқ.*
*Чароғи хонаат бинам фурӯзон*
*Чу нури сармади кошонаи ишқ.*

*Кулоҳамро зи истиғнои мастӣ*
*Барандозам ба сӯи Каҳкашонҳо*
*Равам, бар остонат сар гузорам,*
*Ки мебошад баланд аз осмонҳо...*

Шеъри Лоиқ, ҳам оне, ки дар қолабҳои замонӣ ва ҳам оне, ки дар қолабҳои суннатӣ эҷод шудааст, дар маҷмӯъ суруди Инсони садаи XX мебошад. Инсоне, ки шоҳиди гардишҳои бузурги иҷтимоӣ, ҳамдаврони ҳамсолони паровари хеш, инсони замони кашфи кайҳон, замони расидани пои фарзанди одам ба рӯи Моҳ, замони рӯи ниёз овардани инсоният ба Олами асғар – ҷаҳони инсон, ба арзишҳои умумибашарӣ, замони худогоҳию хештаншиносӣ буд. Бинобар он ҳам шахсияти адабии шоир, ба истилоҳи маъмул қаҳрамони ғиноии ӯ ҷисман ва рӯҳан бузург буда, то андозае чеҳраи ормонии шахсиятҳои «Шоҳнома» ва Инсони комили адабиёти ирфонии моро ба хотир меорад. Шоир мегӯяд:

*Надидам ҳеҷ инсоне, дареғо,*
*Ки чун Мавлои Балх инсон парастад.*

Бо ин ҳама Инсони Лоиқ аз табори инсони шоири муосири литвонӣ Э.Межелайтис, ки китоби шеърҳояш таҳти унвони «Инсон» дар байни аҳли илму адаби тоҷик маҳбубияти зиёд дошт ва қаҳрамонони ғиноии шоирони дӯстдоштааш Есенин ва Нодирпур буд. Ба сухани дигар, Инсони ӯ бо он ҳама абарқудратӣ ва бузургрӯҳиаш ҳамзамон бисёр заминӣ, хокӣ ва осебпазир буда, дили урён дорад:

*Дилам таҳ мезанад шабҳо, худоё,*
*Магар ҷон меканад шабҳо, худоё?*

Дорои хислатҳои заминӣ ва воқеӣ будани қаҳрамони шоир онро ба дилу дидаи хонандаи имрӯза наздиктар гардондааст. Як тан аз қаламкашони ҳунарманди тоҷик ҷавонмардона эътироф намудааст, ки «гоҳе ки шеъри Лоиқро мехонам, хаёл мекунам, ки шеъри ман аст, садои виҷдон ва дарди ҷони ман аст, изтиробу талотум

ва шӯру ҷунуни ман аст, ман бо модарам сӯҳбати рӯҳонӣ меварзам, ман аҳволи хоҳару додаронамро мепурсам, «аз Бухоро то дили ман як ваҷаб роҳ асту бас», дар назди ман ҳам интихоби ягонаи ахлоқӣ ба ин тариқ истодааст – «Ё тири замин шавем, ё зери замин».

Дар нақди муосир қазияе маъмул аст, ки ҳар суханвари тавоно ба майдони адабиёт қоидатан бо шахсияти адабии худ, бо сабку шеваи баёни худ, бо асбобу афзори ҳунарии худ ворид мешавад. Тавре ки дидем, Лоиқ аз ҷумлаи ҳамин гуна адибони қудратманд буд. Вай бовар бар он дошт, ки «қасди шоир аз сухан одамгарист» ва моҳияти «тамоми навиштаҳои башарро» низ маҳз бузургдошти одамизод ташкил медиҳад:

*Аз тамоми навиштаҳои башар,*
*Ки нависандааш худодод аст,*
*Беҳтарин сафҳае, ки ман хондам,*
*Сафҳаи рӯи одамизод аст.*

Лоиқ иброз дошта буд, ки «кеши ӯ одамист» ва худи ӯ «инсонгаро». Ва ҳангоме ки рӯзноманигоре аз вай пурсидааст, ки муродаш аз гуфтани шеър чист, ҷавоб додааст, ки «одамонро ҳушёртар, бедортар, зеботар кардан. Шинохтани одам ва шиносондани одам ба худаш, ӯро дар рӯбарӯи худаш қарор додан, ботинашро дар оинаи тасвир нишон додан». Ва ин маъниро ба қолаби назм ҳам даровардааст:

*Шеър гуфтам барои он, ки шумо*
*Қадри худро дуруст бишносед.*

Қаҳрамони Лоиқ парвардаи обу ҳавои хоки Тоҷикистон, фазои ҷомеаи мо мебошад. Аммо худро фарзанди тамоми одамизод, номбардори Замину Замон, пайвандгари соҳили дирӯзу имрӯзу фардо, чун сабза миёнчии Замину Хуршед, посбони зиндагону рӯҳбони мурдагон, яъне ҷузъи Инсоният мешуморад. Шоир бар ин ақида аст, ки «агар мо дарди миллатеро гӯему хушбахтии онро хоҳем, комил нестем, чунки Инсоният аз мадди назари мо дур мемонад. Вале агар бихоҳем, ки миллатро ҳамчун як ҷузъи Инсоният хушбахт бинем, ин чизи дигар аст. Инсоният низ дар навбати худ комил набуду нест. Чанд миллиард кас дар чандин миллион сол комил нагаштем: ҳамон буғз, кина, ҷангу ҷидол, куштору ғорату тороҷи чандинҳазорсолина дар вуҷуди мо боқӣ монда. Инсони комил нест ва умеди инсони комил гаштан шоиреро тавлид месозад...»

*Ибтидои ман – деҳи хурди Мазор,*
*Интиҳои ман – ҷаҳони беканор...*

Ва:

*Мисли худ покбозу покимон*
*Як ҷавонмард орзу дорам.*

Тавре ки мебинем, ҳам дар чеҳраи шахсияти шеъри Лоиқ, ҳам дар қолабҳои инзамонӣ ва суннатии сурудаҳои ӯ, ҳам дар сабку шеваи баёни ӯ, забони осораш, ҳам дар мавзӯю мазмун ва ҳам дар усули тасвиргарии шоир мо имтизоҷи суннатҳои қадиму ҷадид, кӯҳна ва нав, шарқию ғарбӣ, адабиёти шифоҳию китобӣ, шеъри наву шеъри сафед, арӯзи клосикию арӯзи озод, қофияи суннатию қофияпардозиҳои даврони охир, таъриху замони имрӯзиро мебинем. Мӯъмин Қаноат дар вақташ дуруст ба мушоҳида гирифта буд, ки дар байни адибони муосири тоҷик Лоиқ «ягона шоирест, ки кӯшидааст тамоми роҳҳо ва василаҳои тасвирро аз тасвири воқеӣ то тасвирҳои орифона, ошиқона ва риндона ба кор барад, аз рӯйдодҳои хурду бузург ҳолат ва лаҳзаҳои мухталифро дар қолаби шеъри нав, ғазал, дубайтӣ, тарона дарорад. Аз ҳамосаи зиндагӣ то «Мадҳияи аҷал» – дар ин паҳнои беохир, қаҳрамони лирикии ӯ андеша меронад». Лоиқ ба шарофати қобилияти фитрии худодод ва ҳунари волои шоирияш он падидаҳои адабии гуногунро тавре ба ҳам омезиш додааст, ки онҳоро аз ҳамдигар ҷудо кардан сахт душвор мебошад, балки гоҳе номумкин ҳам ҳаст. Шоири тоҷик тавонистааст, ки ҳамаи он падидаҳои адабиро, ба истилоҳ, аз ҳаллоҷии инсонӣ ва шоирияш гузаронад ва миёни онҳо синтезе ба вуҷуд биёрад. Ин чиз ба ҳар фард муяссар нахоҳад шуд. Ин бахт танҳо насиби адибони барҷаста ва баргузидае, мисли Лоиқ, мегардад. Вай дар ин маврид ба занбӯри асале монанд аст, ки аз шираи гулҳои гуногун ва фаровони боғу бӯстонҳо асал меофарад ва он димоғи мову шуморо атрогин ва коми моро лаззат мебахшад. Ва мо асалхӯрон ғолибан пурсон намешавем, ки он шираи кадом гули мушаххаси бӯстон ва ё гиёҳи мушаххаси як боғу роғ аст. Барои мо муҳим он аст, ки он асал хушбӯй ва хушмаза бошад.

Вақте ки баъзе аз алоқамандон ва таҳқиқгарони шеъри Лоиқ кӯшиш намудаанд, ки манбаъ ва маншаъҳои бахрабардориҳои ӯро дар гуфтани ин ва ё он навъи шеърӣ ва ё истифодаи сабку баён, мавзӯъ ва мазмун ё худ чизҳои дигаре ташхис диҳанд, аз ин ва ё он адиби гузашта ва имрӯза ном бурдаанд. Ғолибан онҳо дар рубоиёти шоир таъсири Умари Хайём, дар дубайтиҳояш осори дасти Бобо Тоҳири Урён ё Иқбол, дар ғазалиёташ нуфузи Ҳофиз ё Соиб, дар «Модарнома» нишони шеъри Эраҷ Мирзо ва ё С.Есенин ва дар катибаҳояш асари катибаҳои Расул Ҳамзатов ва ё каси дигареро

дидаанд. Ин иштибоҳи маҳзи онҳост ва гувоҳӣ бар он медиҳад, ки эшон ҳанӯз ба шинохти дурусти шеъри шоир тавфиқ наёфтаанд. Зеро дар офаридаҳои ӯ, аз ҷумла дар намунаҳои ҷудогонаи он дар як вақт баҳрабардорӣ аз чандин манбаъ ва маншаъ, аз чандин адиб, аз адабиёти китобатию шифоҳии чандин халқи ҷаҳон дар якҷоягӣ ҷо дорад. Барои мисол, дар ғазалиёти ӯ ба ҷуз таъсири Ҳофиз ва Соиб ҳамчунин баҳрагириҳо аз осори Мавлавӣ, Калими Кошонӣ, Бедил, Сайидои Насафӣ, Лоҳутӣ ва дигарон ба назар мерасад. Ин ҳолат дар рубоиёт, дубайтиҳо, фардиёт ва катибаҳои ӯ низ ҷо дорад. Дар онҳо ҳам осори адабиёти китобӣ, ҳам фаҳлавиёти мардумӣ, ҳам шоирони соҳибдевони гузашта ва ҳам гӯяндагони мардумии бедевон ва гумном мавҷуд аст. Айни онро дар шеърҳои замонии муаллиф низ мебинем. Худи шоир низ ҷо доштани ин ҳодисаро дар навиштаҳояш эътироф ва тасдиқ мекунад, ки ҳатто «мумкин аст, дар як байт ҳам таъсири Есенин бошаду ҳам Соиб..» Шеъри мақбул, ба гуфтаи ӯ «гоҳ ба хонанда Есенину Соиб, гаҳ-гаҳ Рӯдакиву Ҳофизро ёд меорад».

Лоиқ ҳамеша тарафдори баҳра бардоштан ва омӯзиши пайваста аз осори дигарон буд, вале таъкид мекард, ки «набояд аз эҷоди дигаре сӯистифода кард...» Аз ин нигоҳ ҷавоби шоир ба саволи он ки «шумо мураттиби осори мунтахаби Соиб будед, оё Соиб ба Лоиқ таъсир кардааст?» хеле омӯзанда аст. Вай мегӯяд: «Не. Ман аз Соиб баҳра бурдаам, аммо комилан зери тасарруфи Соиб нестам».

Лоиқ шоири фавқулода ҳимматбаланд, покбоз ва ҳақгӯ буд. Ҳар ҷо, ки аз касе илҳом гирифтааст, пайравӣ намудааст, баҳра бардоштааст ва ё тақлид кардааст, ошкоро ба онҳо ишора намудааст, аз ҷумла ба Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Фаррухии Систонӣ, Хайём, Ҳофиз, Хусрави Деҳлавӣ, Мавлавӣ, Соиб, Камоли Исфаҳонӣ, Маликушшуаро Баҳор, Эраҷ Мирзо, Нодирпур, Иқбол, Мирзо Ғолиб, Толиби Қандаҳорӣ, Ҳейне, Есенин, Мирзо Турсунзода, Расул Ҳамзатов, ба фаҳлавиёти мардумӣ, ба мақолу зарбулмасалҳо ва ғ. То чӣ андоза дар ин масъала дақиқ ва ҳалолкор будани гӯянда аз як ишорае, ки дар эзоҳи мисрае аз рубоиҳояш дар китоби «Фарёди бефарёдрас» кардааст, намудор мешавад. Вай гуфтааст, ки «гумон мекунам ин мисраъ («Рӯзе ки ғами ту хурда шодон будам» – А.С.) таворуд аз пешиниён аст, аммо ёдам нест, ки аз кист».

Агар ба чигунагии пайравӣ, баҳрагирӣ, илҳомгирӣ ва ҳатто тақлидҳои Лоиқ таваҷҷӯҳ намоем, мебинем, ки ӯ ба ҳайси як ҷӯяндаи камолот дар шоирӣ аз дигарон, пеш аз ҳама ва бештар аз ҳама, ҷавоб ба саволи «чӣ тавр бояд гуфт?»-ро ёфтанӣ шудааст, на ҷавоб ба саволи «чӣ бояд гуфт?»-ро. Зеро Лоиқ чизи гуфтанӣ, паёми расонданӣ ба хонандагонашро дошт, барои вай пайдо намудани қолабҳои дархури баёни он чизҳо ва он паёмҳо арзиши бештаре дошт. Сабаби ба шеъри нав, ба эҷодиёти Нодири Нодирпур, С.Есенин, ба шеъри сафед, ба навиштаҳои Пабло Неруда, Уйитмен рӯ овардани ӯ низ дар ҳамин аст.

Бартарии Лоиқ нисбат ба дигар ҳамқаламони ҳамдавронаш дар он буд, ки вай дар заминаи шеъри гузашта ва имрӯзаи тоҷикӣ, адабиёти форсизабонон, адабиёти русӣ, адабиёти дунё, адабиёти мардумӣ, забон, фарҳанг ва таърих таҳқиқ дошт. Ҳамаро месанҷид, меомӯхт, таҳлилу таҳқиқ менамуд ва дар бораи ҳар яке аз онҳо назари хоси худро дошт. Аз ин сабаб мулоҳиза ва муҳокимарониҳояш чи дар заминаи шеъри форсии тоҷикӣ, чи намояндагони алоҳидаи он, чӣ адабиёти кишварҳои дигар, забон, фаҳлавиёт, фарҳанг ва таърихи тоҷикон боасос ва мӯътамад буданд. Борҳо шоҳиди он будам, ки Лоиқ барои исботи гуфтааш ва ё навиштааш як далел не, чандин далели қавӣ меовард ва тарафи дигари баҳсро қонеъ мегардонид. Баъзе аз ноқидони осори шоир гоҳе гумон мекарданд, ки Лоиқ ин ва ё он калима, таъбир, ибора, истилоҳ ва ё талмеҳро нодуруст истифода мекунад. Вале ҳар дафъа бовар ҳосил менамуданд, ки иштибоҳ аз онҳост, на аз шоир. Манбаъҳои боэътимоди шоир дар ин ҳолатҳо осори гузаштагон, луғатномаҳо, забони зиндаи халқ, адабиёти шифоҳии мардумӣ буданд ва онҳо, ба эътиқоди ӯ ҳаргиз ба хато роҳ надодаанд. Лоиқ кони шеъру кони луғатҳои нодир ва сараи форсии тоҷикӣ буд ва ҳамаро аз ёд медонист ва дар зарурат бадоҳатан далел меоварd. Вай ҳамеша барҳақ таъкид менамуд, ки ҳам адиб ва ҳам нақдкунандагони осори он бояд дар заминаиавриди баҳси худ ба таври ҳатмӣ таҳқиқе дошта бошад. Ӯ хосса аз қаламкашон тақозо мекард, ки «аз назари таҳқиқ ба кунҳи масъала бирасанд», зеро аз рӯи фаҳмиши ӯ, содир намудани иштибоҳ аз ҷониби онҳо нобахшиданист.

Фоҷиаи солҳои 90-ум дар Тоҷикистон дар осори Лоиқ – шоире, ки маҳз ба шарофати офаридаҳои ӯ дар адабиёти кунунии мо баёни тафаккури миллӣ расм гардида буд, таъсири бисёр амиқ ва муассир гузошт. Осори индавраинаи шоир саросар лабрези ҳасрату дард аст аз хорию афтодагӣ, забунию бечорагии миллати тоҷик, аз хештанношиносӣ, аз пора-пора шудани он ба маҳалҳо, аз вайронию ноободии кишвар, аз он ки ин сарзамини замоне ободу

ором имрӯз ба маргистон, ба кушторгоҳ, ба мурдахона, ба ошёни камону камонгарон табдил ёфтааст. Шоир бо як андӯҳи бузург гуфтааст, ки имрӯз аз хоки меҳан бӯи гӯр меояд ва оби он таъми маргро дорад. Гӯяндае, ки замоне аз гузаштаи пурифтихори миллати хеш ва кишвари бостонияш меболид ва шеърҳо мегуфт, имрӯз бо нафрат ва бо алам аз ҷанги миллаткуши тоҷикон қиссаҳои ҷонгудозе мекард.

Дар шеъри индавраинаи Лоиқ хитоба ҷои асосӣ дорад. Ин навъи шеърӣ дар фаъолияти офаринандагии ӯ бесобиқа набуд, вале ба ин андозае, ки дар солҳои 90 вусъат пайдо намудааст, он вақт ба чашм намерасид. Вусъати хитоба дар осори солҳои охири гӯянда таъсирашро дар навъҳои дигари сурудаҳои ӯ, ҳатто дар ғазалҳои ошиқонааш низ гузоштааст. Сабаби чунин ранг гирифтани ашъорашро шоир аз зиндагии «урёну гирёни» он даврон медонад ва бо сароҳат ба он ишора менамояд:

*Дар ин даврон, ки ҷисми зиндагӣ*
*урёну гирён аст,*
*Сухан нолон, сухан гирён,*
*сухан ҳам низ урён аст.*

Муроди шоир аз урёнии суханаш дар солҳои 90-ум он нест, ки шеъри ӯ бепироя шудааст, яъне бе тасвир ва маъниҳои шоирона, балки он аст, ки дар шеъри ӯ бештар баёни ошкоро ва фошофоши воқеияти талхи давр мавқеъ пайдо карда буд. Шеваи баёни гӯянда дар онҳо сабки баъзе аз ғазалиёти Ҳофиз, шеърҳои Сайидои Насафӣ ва сурудаҳои ҷудогонаи Абулқосим Лоҳутиро ба хотир меорад.

Шоири хунинҷигар (ӯ худро ҳамин тавр номидааст) бо тамоми тавоноӣ ва ҳунаре, ки дар шеъру шоирӣ дошт, зангӯлаи бедорӣ ва ҳушёрӣ мезад ва мардуми пошхӯрдаи Ватани порапораашро ба ваҳдат, ба якпорчагию ягонагӣ, ба инсофу адолат, ба раҳму шафқат нисбат ба якдигар даъват менамуд. Ӯ худаш ва ҳаммиллатонашро саволборон мекард, ки бар мо чӣ рафт, ки ба чунин фоҷиа гирифтор шудем? Барои чӣ ягон миллате монанди мо – тоҷикон чунин ҷаври таърихро накашидааст? Чаро мо беҳуда ба ҷони ҳамдигар дарафтодаем? Чаро мо охири охирон сияҳпӯшон ва ҷонозафурӯшони миллат шудем ва ғ. ва ҳ.к. Ва вақте ки ба саволҳояш ҷавоби саҳеҳ ва қонеъкунандае наёфтааст, дилаш аз замонаву аҳли он, аз ҳаммиллатонаш, аз ватанаш мондааст, ӯ гиристааст, нолаву фарёд кашидааст, суханҳои талху тунд ва сахту дурушт гуфтааст. Шоири номӣ бо он ҳама маъруфият ва маҳбубияте, ки дар кишвараш ва дар байни мардумаш дошт, гоҳе худро дар муқобили фоҷиаи замона тани танҳо ва бечораву дасткӯтоҳ дидааст ва шикоятҳо кардааст, ки дарде дораду дардошное на, розҳои ногуфтае дораду гӯши шунавое на:

*Ҷон ба қурбони ту, эй меҳани хунинкафанам,*
*Будӣ байтушшарафам,*
*гаштаӣ байтулҳазанам.*
*Душманат чор тараф аҷнабию хонагиянд,*
*Тани танҳо ба чӣ нирӯ сафи аъдо шиканам?*

Ва:
*Болида доштам диле аз фарри тоҷикон,*
*Аз ҳолу рӯзи пасти кунун дилшикастаам.*

Ё:
*Якпорагиашро ҳамекардам орзу, дарег,*
*Бар пора-пора пайкари миллат гиристам.*

Дигар:
*Гаҳе дар ҳасрати ваҳдат гиристам,*
*Гаҳ аз хорию аз зиллат гиристам.*
*Чу донистам, ки тоҷик нест миллат,*
*Ба иллатҳои ин миллат гиристам.*

Ҳамчунин:
*Дили ман, эй дили бечораи ман,*
*Дили ғампарвару ғамхораи ман,*
*Туро сад пора хоҳад кард охир*
*Ғами ин миллати садпораи ман.*

Лоиқ шоири комили «миллати нокомил»-и тоҷикон буд ва тамоми дарду ҳасрат ва сӯзу гудози ӯ дар навиштаҳояш аз ҳамин ҷо сарчашма мегирифт. Солҳое, ки Тоҷикистон ба гурӯҳу гурӯҳакҳо, ба маҳалҳо, ба водиҳо, ба майдонҳо ҷудо шуда буд, адибони тоҷик ё хамӯшию бетарафиро ихтиёр карда буданд ва ё ба тарафе ҳамроҳ шуда, шиорҳо медоданд. Аммо Лоиқ, ки дар ҳамаи давру замон ва шароит худро ба сифати шоири якдилу якрӯю якмаром ва ҳақгӯю ҳақталош нишон дода буд, ҳамон тавр пуштибону ғамхори тамоми миллат ва ватани ягонааш боқӣ бимонд. Вай, ба гуфтаи худаш, на ёри ин шуду на ёри он ва «на бо ин сипоҳу на бо он сипоҳ». Ӯ гуфт буд:

*Бо ҳама ашку хуну тиру туфанг*
*Чӣ кунам, к-ин замин диёри ман аст.*

Ва байтҳои зери шоир бардошти ӯ аз он айёми фитнаангези тарафгириву тарафкашиҳо буд:

*Бетараф хонд он, ки моро, буд ӯ худ бешараф,*
*Ҷон канад беҳ он касе,*
*к-аз халқи худ дил кандааст.*

*Нестам рӯсӯхта дар рӯ ба рӯят, эй Ватан,*
*Ҳарф-ҳарфи шеъри ман*
*аз меҳри ту огандааст.*

Лоиқ дар айни авҷи ҷанги шаҳрвандӣ моҳи декабри соли 1994 дар хитобаи «Илтиҷо аз камонмардон» изҳори омодагӣ карда буд, ки ба хотири дар амон мондани миллаташ ва ватанаш худро қурбон бисозад. Вай аз камондорон илтиҷо кардааст, ки тамоми тирҳои тирдонашонро ба қалби ӯ, ба ҷони ӯ фурӯ резанд, валекин ҷони мардум дар амон бошад:

*Ҳама тире, ки андар тирдон доред,*
*Ба қалби ман бияндозед,*
*Ба ҷони ман фурӯ резед,*
*Ҳамин як қалби ман омоҷгоҳи*
*тиратон бошад,*
*Валекин ҷони мардум дар амон бошад.*
*Агар як ман бимирам, ҳеҷ боке нест,*
*Фардо Модари тоҷик*
*Ҳазорон Лоиқи лоиқтаре аз ман биёрад боз.*
*Басо мушфиқ, басе ошиқ,*
*басе содиқтаре аз ман биёрад боз.*

Ва ҳаргиз тасодуфӣ набуд, ки аввалин шоире ҳам, ки аз байни қаламкашони тоҷик «сулҳи деринтизори» (ин ибора ҳам аз ҷумлаи ихтироъҳои гӯянда аст) тоҷикон ва аз нав ба якдигар наздик шудани ононро табрик гуфт, боз ҳам Лоиқ буд:

*Имоми ду тарафро мекунам табрик,*
*Ки тоҷик мешавад наздик бо тоҷик!*

Ва:
*Ҷанги девонавори мо бигзашт,*
*Сулҳи деринтизори мо омад.*

Шоири миллатпараст ва ватандӯст дар рӯзҳои оштии миллӣ кӯдаквор меболид ва бо қаноатмандӣ ба ҳама мегуфт, ки боз аз нав вақти шодию сурур, «вақти ҷуду нисор» расид.

Ҳазор афсӯс, ки он ҳама худафрӯзиҳо ва худфарсоиҳое, ки ин шоири бузурги миллат аз ибтидо дар роҳи пешбурди адабиёт, забон ва илму фарҳанги он дошт ва он ҳама бори гарони ғаму дарду ранҷе, ки чун балои осмонӣ бар сари миллату кишвар ва ӯ дар ин даҳсолаи охир фурӯ рехт, оқибат кори худро кард. Шоирро ба бемории фишори хун гирифтор намуда, аз он ба сактаи мағз расонд.

*Ба сарам фишори гардун,*
*ба дилам фишори ҳар дун,*
*Зи фишори зиндагонӣ*
*ба фишори дил расидам...*

Тавре ки худ фармуда буд:

*Мард он, ки намирад зи қазо бо аҷали худ,*
*Дар ишқ ва ё кор ва ё ор бимирад.*

Ва ҳамин тавр ҳам шуд, шоирро ору номуси ватандорию мардумдорӣ, ишқ ба зиндагӣ ва ба инсонҳо ва кор ба хотири боло бурдани обрӯву эътибори фарҳанги кишвар ва афзудани шӯҳрати он дар олам ба марг овард. Ва ин марги нобаҳангом ва аҷали ғофилгир Лоиқро дар авҷи парвозаш рабуд, чунон ки худ пешгӯӣ мекард:

*Гарчи эъҷозе накардам, баҳри эъҷозе бимирам,*
*Бо пару боли қавӣ дар авҷи парвозе бимирам.*

Лоиқ сарфи назар аз изҳори фурӯтание, ки мекард, дар шеъру шоирӣ ба сарҳади эъҷоз расида буд ва бо рафтани нобаҳангоми худ миллати тоҷик, сарзамини адабпарвару маърифатпарвари он ва форсизабонони дунёро аз бозёфтҳо ва кашфиётҳои адабии тозааш, аз эъҷозҳояш бенасиб гардонд. Ва гумон аст, ки ба ин наздикиҳо шоири қодирсухане, олитаборе, озодае, дилдодае, миллатпарасте ва ватандӯсте монанди ӯ ба арсаи вуҷуд биояд ва моро бо шеъри ноби Лоиқвораш, бо сухани покизаву дӯшизааш шодоб намояд, дардҳои моро, розҳои моро, орзуву ормонҳои моро барои мо ва ҷаҳониён бозгӯ бикунад. Ростӣ ҳам бо рабудани ин фарди нотакрор худи зиндагӣ ҳам фиреб хӯрд ва ҳоло афсӯсхӯриҳои он суде надорад.

*Кушта моро чу фарди нотакрор,*
*Зиндагӣ ҳам фиреб хоҳад хурд.*

Шеъри Лоиқ аз радио, аз телевизион, аз сари минбарҳо, аз майдонҳо, аз кӯчаву бозорҳо, аз базмҳову дар размҳо, дар синаҳои мардум – дар тамоми гӯшаҳои Тоҷикистон, дар шимолу ҷануб, бемуҳобот, ҳамарӯза садо медиҳад. Катибаҳои ӯро дар рӯи санги гӯри тоҷикон дар шаҳру ноҳияҳои Тоҷикистон ва берун аз хоки он дар он ҷое, ки тоҷике хок шудааст, мебинем. Ман шоири дигареро бо ин маҳбубият ва маъруфият намедонам. Ҳастанд шоироне, ки дар ҳалқаи муайяне, дар миёни тоифаи муайяне, маҳалли муайяне маҳбубият ва маъруфият доранд, аммо на дар миёни хосу ом. Аз шоирони даврони охири мо чунин маҳбубият ва маъруфиятро дар байни мардуми тоҷик танҳо устод Абулқосим Лоҳутӣ ва Мирзо Турсунзода доштанд. Устод Лоиқ ба тамоми маънӣ шоири тамоми миллат буд. Мо дар шеърҳои ӯ бозтоби рӯҳи миллати тоҷикро мебинем. Вай, дарвоқеъ, «минбари виҷдони халқаш» ва «ровии армони

халқаш» буд. Ба ин маънӣ Гулназар дуруст мегӯяд, ки эҷодиёти ин шоир худ «як адабиёт аст».

Лоиқ дар адабиёт ва фарҳанги муосири тоҷикӣ кореро анҷом дод, ки онро метавон танҳо бо заҳматҳое, ки устод Садриддин Айнӣ дар ривоҷи адабиёт ва илму фарҳанги кунунии мо, хосса насри он ва аллома Бобоҷон Ғафуров дар зинда гардонидани таърихи пурифтихори тоҷикон кашидаанд, баробар кард. Аз ин рӯ мо бояд ӯро мисли устод Айнӣ ва аллома Бобоҷон Ғафуров азиз бидорем ва қадршиносӣ бикунем. Шинохти ҳаматарафаи ин се шахсияти бузурги даврони мо ваҷибаи миллии ҳар яке аз мост. Мо ҳар қадр бештар ва беҳтар шахсият ва осори онҳоро бишиносем, ҳамон қадр ба худамон, ба миллатамон, ба Ватанамон зудтар хоҳем расид.

Хонандагони гиромӣ ва алоқамандони ҳамешагии осори Лоиқ хуб бохабаранд, ки мероси гаронбаҳои ӯ танҳо аз шеър иборат набуд. Шоири пуркори мо ҳамчунин тарҷумаҳои манзуму мансур, мақолаву гузоришҳо, тақризу маншурномаҳо ва мусоҳибаҳои фаровон ва арзишманде дар бораи адабиёт, забон, фарҳанг, таърих, мавзӯъҳои доғи рӯз, намояндагони ҷудогонаи илму адаб, асарҳои алоҳида ва ғ. дорад. Гирд овардани ҳамаи онҳо фурсати муайяне мехоҳад. Аз ин рӯ чопи чунин осор кори оянда аст. Сабаби «Куллиёти ашъор» ном гирифтани ҷилде, ки дар даст доред, низ ҳамин мебошад.

Нуктаи дигареро, ки дар шарҳи банду баст ва усули тадвини ин китоб таъкид карданӣ ҳастам, он аст, ки Лоиқ нисбат ба худ ба сифати як қаламкаш ва офаридаҳояш бағоят сахтгир ва серталаб буд ва ҳеҷ мунаққиди осораш бо ӯ дар ин кор баробарӣ накардааст. Шоир соли 1976 дар муколимае аз шеърҳои «Модарнома», «Хоки Ватан», «Баччагӣ», «Замини меросӣ» ва «Суруди хайрбод» ёд оварда, гуфта буд, ки ҳамаи ин «як кӯшиши шеъри хуб гуфтан, ба гуфти мардум «даст рост кардан аст». Гузашта аз ин бо сипарӣ шудани се соли дигар ва ҳатто пас аз мушарраф гардиданаш ба Ҷоизаи ба номи Рӯдакӣ эълон доштааст, ки бо шеърҳои маълумаш «як шоири миёнахел асту бас». Чунин сахтгирии фавқулода аз дарки амиқи баландии мартабаю пояи назми форсӣ аз тарафи муаллиф сар задааст. «Ман, – гуфтааст ӯ, – ҳеҷ вақт ва дар ҳеҷ ҷо даъвои шоирӣ накардаам ва намекунам. Ман розу ниёзи худ, печу хами дили худ ва ҳама дархостҳои эҳсосу афкори худро бидуни даъвои шоирӣ мегӯям, зеро медонам, ки дар назми форсӣ шоироне ҳастанд, ки ба даъвои шоирии ман аз қаъри асрҳо қаҳ-қаҳ механданд. Ман ин ҳақиқати мутлақро барои он мегӯям, ки мо ҳадди худро донем ва худро барои назми бузурги инсонӣ омода созем, вагарна машқи шеърамон шиноварӣ дар мурдоб хоҳад буд». Ҷои таҷҷуб нест, ки вай бо ҳамин сахтгирӣ ва серталабияш ҳар вақте ки барояш фурсати муносибе даст додааст, шеърҳои пешинаашро, маҷмӯаҳои ашъорашро такмилу тасҳеҳ намудааст. Чунонки худаш моҳи июли соли 1996 дар ин бора чунин гувоҳӣ додааст: «Чанде пеш тамоми китобҳоямро аз нав хонда, тамоми шеърҳоямро сара кардам. Ва шеърҳое ёфтам, ки пеш аз ман мурда. Онҳоро хати бутлон кашида, ҳатто байте ҳам гуфтам:

*Чанд рӯзе, ки дар ин дунёи равшан зистам,*
*Бар мазори шеърҳои мурдаам бигристам».*

Лоиқ кори таҳриру тасҳеҳи осорашро то дами марг давом додааст. Ва мо нишонаҳои онро дар он китобу маҷмӯъҳое мебинем, ки бо неши қалами ӯ ислоҳ шудаанд ва дар бойгонии шоир нигаҳдорӣ мешаванд. Аз ин рӯ таҳриру тасҳеҳоте, ки муаллиф раво дидааст, ҳангоми чопи ҳозира дар назар гирифта шуд.

Ҷои он дорад, ки баробари зикри сахтгирӣ ва серталабии фавқулодаи Лоиқ нисбат ба худаш ва навиштаҳояш аз он ҳам ёдовар шавем, ки ӯ бо он ҳама бузургворӣ ва ҳунармандӣ дар шеъру шоирӣ бағоят фурӯтан ва тавозӯъпеша буда, ҳаргиз ба худ раво намедид, ки ба хурдагириҳо ва айбҷӯиҳои бебунёди ҳампешагон ва мунаққидонаш ҷавоб гӯяд ва ё худашро сафед намояд. Бо сӯистифода аз ин хислати ҳамидаи ӯ, мутаассифона, касоне ёфт мешуданд, ки онҳо беш аз будаш хурдагирӣ ва айбҷӯӣ мекарданд ва ӯро ба пургӯӣ, ба лаффозӣ, ба суханбозӣ, такрори хеш ва дигарон бадном менамуданд. Боиси таассуфи зиёд аст, ки асари онро мо дар ягона рисолае, ки дар нақди шеъри шоир то имрӯз ба вуҷуд омадааст, «Лоиқе чун Лоиқе» (2000) ва ба қалами шоири номӣ Гулназар тааллуқ дорад, низ мебинем. Таассуфи мо аз он аст, ки дар ин рисола баробари мушоҳидаву мулоҳизаҳои бисёр ҷолиб ва бамаврид, таҳлилу танқидҳои воқеан мӯшикофона ҳамчунин як фикр бо исрор таъкид мешавад, ки мувофиқи он гӯё Лоиқ «то чиҳилсолагиаш шоир будааст, то суханвар» ва аз солҳои 80-ум то поёни умраш «суханвар аст, то шоир» ва гӯиё «Лоиқ табиатан тасвиркор нест, аммо маънисози тавоност». Инсоф он аст, ки ин қазовати Гулназар аз рӯи инсоф нест.

Иштибоҳи соҳиби китоби «Лоиқе чун Лоиқе», ки ман ба қудрати шоирияш ва шеършиносиаш ҳеҷ шакке надорам, яқинан аз он сар задааст, ки ҳангоми нақди шеъри Лоиқ аз як қазияи сохтаи ба «шоир» ва «суханвар»

тақсим намудани қаламкашон кор гирифтааст. Ва ин идомаи ҳамон қазияи сохтаи ба «шеър» ва «назм» ҷудо кардани каломи манзум аз тарафи Маликушшуаро Баҳор ва дигарон мебошад. Далели мӯътамади сохта ва бофта будани қазияҳои боло таҷрибаи офаринишӣ ва гуфтаҳои нобиғагони шеъри форсии тоҷикӣ дар замина мебошад. Барои мисол Ҳофизи бузургвор дар ҳеҷ мавриде миёни «назму шеър» ва «шоиру суханвар» фарқе нагузоштааст.

Чунончи:

*Ғазал гуфтию дур суфтӣ,*
*биёву хуш бихон, Ҳофиз,*
*Ки бар назми ту афшонад*
*фалак иқди Сурайёро.*

Ва:

*Сухандонию хушхонӣ наметарзанд дар Шероз*
*Биё, Ҳофиз, ки мо худро ба мулки*
*дигар андозем.*

Сонияи, истилоҳи «тасвир» ва «маъниҳои шоирона»-ро аз ҳам ҷудо кардан ва онҳоро ба ҳам муқобил гузоштан хатост. Ин ду истилоҳ дар якҷоягӣ муодилу муродифи истилоҳоти маъмули ғарбиён «имиҷ» (image) ва «образ» мебошанд ва «маъниҳои шоирона» ҳам аз ҷумлаи «тасвир» аст, на чизи дигаре.

Ин баҳси кӯтоҳе, ки мо бо муаллифи рисолаи «Лоиқе чун Лоиқе» доштем, шаҳодат бар он медиҳад, ки ҳанӯз шеъри Лоиқ ва шахсияти эҷодияш ба дурустӣ ва тамомӣ шинохта нашудааст. Нақди адабии тоҷикӣ дар назди ин шоири нодирагуфтор ва шеъри нотакрори ӯ қарздор аст. Тақризу мақолаҳо, ки то имрӯз навишта шудаанд, аз ҷумла ба шумули нақдҳои ин камина низ, иқрор бояд кард, ки дар баробари хидматҳои бузурге, ки Лоиқ намудааст, қобили қиёс нестанд. Мо бояд ҳама дар якҷоягӣ ва бо ҳамдастӣ ин холигоҳро пур бикунем ва бо ҳамин рӯҳи шоири бузурги миллатамонро дар дили хок шод намоем.

Шинохти шеъри Лоиқ ва шахсияти эҷодии ӯ гарави равнақи ояндаи адабиёт, забон ва фарҳангамон ва омили муассири таҳкими ваҳдати миллатамон ва пойдории истиқлолияти кишварамон мебошад.

*Профессор*
*Абдунабӣ Сатторзода*
*Душанбе, 2001.*

**P.S.** Аз замони нашри аввали «Куллиёт»-и устоди зиндаёд Лоиқи Шералӣ (Хуҷанд, 2001) ва сарсухани камина ба он ҳашт сол сипарӣ шуд. Дар ин миён нашри дуюми он дар Теҳрон (1383) ба алифбои форсӣ анҷом ёфт. Ҳоло нашри сеюм низ дар дасти хонандагон ва алоқамандон қарор дорад.

Дар нашри феълӣ шеърҳо дар таҳрири ниҳоии муаллиф оварда шуда, ба онҳо миқдори зиёди шеърҳои чопнашудаи шоир аз бойгониаш илова гардиданд. Ҳамчунин нуқсонҳои фаннӣ ва забоние, ки дар ду нашри пешина ҷой доштанд ва аз тарафи суханшиносон ба маврид зикр ёфта буданд, ислоҳ шудаанд.

Ва азбаски дар ин муддат сарсухани инҷониб низ ҳамчун як ҷузъи «Куллиёти ашъор» моли таърих шуд, дар нашри нав ба он ҷуз ворид намудани чанд тасҳеҳи ҷузъии забонӣ ва ихтисори андак чизи дигареро раво надидам.

Боиси қаноатмандист, ки «Куллиёти ашъор»-и устод Лоиқ, ба эътирофи аксарият, заминаи боэътимод ва асосӣ дар шинохти шеъри шоир ва чеҳраи ҳунарии ӯ гардид.

Дар як муддати кӯтоҳ таълиф ва ба нашр расонидани китобу рисолаҳои Гулназар «Лоиқе чун Лоиқе» (2001), Сорбон «Лоиқнома» (2001), Ориёнфар «Шаранги андӯҳ» (2001), ёдномаи дастаҷамъии «Марсияи хуршед» (2001), У.Ғаффоров «Султони диёри сухан» (2001), К.Абдулов «Лоиқи миллат» (2001), Х.Муҳаммадзод «Шоири миллат» (2001), М.Нарзиқул «Фурӯғи ҳастӣ» (2002), Х.Муҳаммадзод «Ман намемирам» (2002), Ю.Акбарзода «Нубуғи шоир ва булуғи шеър» (2003), Р.Муталлибов «Ифтихори миллӣ ва ашъори Лоиқ» (2003), Нияти Ҳаёт «Инқилоби устод Лоиқ дар шеъри тоҷикӣ» (2006) ва У.Ғаффоров «Шаҳбози осмони сухан» (2007) ва мақолаву хотироти бешуморе дар саҳифаҳои матбуоти ватанӣ ва хориҷӣ гувоҳи равшани он аст, ки Лоиқ мисли пешина аз дӯстдоштатарин шоирони муосири тоҷик ва шеъраш аз пурхонандатарин осори адабӣ ба шумор меравад.

Гумон меравад, ки баробари тадриҷан паст шудани шиддати эҳсос ва таскин ёфтани алами даргузашти нобаҳангоми ин шоири бузург замони омӯзиши ботаннӣ, ҳаматарафа ва амиқи шеъри ӯ ва шахсияти ҳунариаш фаро расидааст. Имони комил дорам, ки то рӯзи ҷашни муборакн 70-солагии устод Лоиқ асарҳои илмӣ ва танқидии шоиста ва муносиби шеъри олияш навишта хоҳанд шуд.

*Абдунабӣ Сатторзода,*
*Душанбе, 18 марти 2008.*

# ШЕЪРҲО

## НОМ

Як ҷавон мехост шуҳрат ёбад андар байни халқ,
Номи худро зинда гардонад ба олам ҷовидон.
Фикр карду оқибат як чорае пайдо намуд:
Канд номашро ба рӯи сангу з-он шуд шодмон.

Гуфтамаш: Он сангро селоб агар аз ҷо барад,
Созад онро дар ягон ҷое зи чашми кас ниҳон,
Ё кафад он санг аз гармову аз сармои сахт,
Номи ту гум мешавад, бешубҳа, бо санг аз миён.

Гар ту хоҳӣ зинда бошӣ солҳои бешумор,
Умр бинӣ ҷовидонӣ то ҷаҳон дорад бақо,
Аз таҳи дил хидмати халқу диёри хеш кун,
Сабт кун номат ба қалби мардумони бовафо!

1959

## ҚУФЛ

То надуздад молу мулки ҳеҷ касро ҳеҷ кас,
Фикр карда мардумон, пас қуфлу дарбон ёфтанд.
Хотири худ ҷамъ бинмуда, паи ишқу ҳавас
В-аз паи рӯзӣ ба роҳи зиндагӣ шитофтанд.

Лек назди дузд дарбон чист? Марди оҷизе,
Зад ба теғи ноҳақеву хуни дарбонро бирехт.
Қуфли дар ҳам назди виҷдонаш
ягон садде нашуд,
Хонаро тороҷ карду гӯиё хокаш бибехт.

Пас, киро боист дарбон кард, то дузде аз он
Ҳеҷ натвонад, ки ҳатто як сари мӯе канад?
Пас, чӣ дар ин роҳ авлотар зи қуфлу посбон,
То на теғеву на зӯре гардани ӯро занад?

Ман тасаввур мекунам ин сон аҷоиб қуфлро:
На зи фӯлоду зи оҳан, ҳам на бар дар ҷои он,
Балки аз номус, аз инсофу аз тавфиқҳо
Бар дари ҳирси чу ғору чашми танги нокасон!

1960

## ЗАРАФШОН

Ман умри азизу самари ишқу умедам
Бе обу насими ту тасаввур нанамоям.
Саҳмест зи оби ту ба таркиби вуҷудам,
Кайфест аҷаб атри насими ту бароям.

Чун сабзаи ду соҳили ту ман, ки зи хурдӣ
Сабзида, муҳаббат ба Ватан сахт бибастам,
Дар ҳар қадами умр чу оби ту давидам,
Аммо чу зи ту суде наяфзуда зи дастам.

Имрӯз зи ту хонаи ҳар деҳа мунаввар,
Шодобу зарафшон шуда ҳар дашту биёбон.
Аз ту дамани ташна шуд ободу ҷавонбахт
Монандаи дилдодаи маҳҷур зи ҷонон...

Бо оби ту андар дили дашту даману кӯҳ
Рӯида ниҳолу гулу гулзор ба авҷанд.
Алвонҷ зада майсаи навхези зироат,
Сарсабз шуда, ҳушу хаёлам бирабуданд.

Одам наям, эй рӯди Зарафшони зарафшон,
Гар аз ту ба ҳар ниятам ибрат напазирам.
Хоҳам, ки ба мислат ба раҳи умр давида,
Ибрат зи накӯкорию эҳсони ту гирам.

Хоҳам, ки ба дарёи ҳаёт аз назари мавҷ
Чун реги ту такшин нашуда, чун ту занам ҷӯш.
Чун қатраи обат, ки муҷассамшуда бар туст,
Ҳамдаст ба мардум шаваму кишвари гулпӯш.

Хоҳам, ки ба ҳар ташналаби сулҳу амонӣ,
Чун оби ту соф оби амонӣ бирасонам.
Аз наҳри сухан, ишқи Ватан, ишқи ҳабибон
Бо хомаи худ чун ту басо зар бифишонам!

1960

## ХАНДАИ ҶОНОНА

Хандаҳои дилкаши мастонаи ҷононаро
Кӯҳҳо бишнида, хандиданд бо акси садо.

Бод оҳиста вазида бо навозиш сӯи дашт,
Майсаҳои кӯҳро алвонҷ дода мегузашт.

Обҳо ҷорӣ шуда бо як суруди дилписанд,
Ҷониби дашти ҷигарбирён шитобе доштанд.

Баргирифта дасти якдигар ману гулдухтаре,
Духтари хушлаҳҷае, шӯхе, тасаллопарваре,

Сархуш аз дидори ҳам, мо завқи беҳад доштем,
Бар забонҳо нуктае аз бахти сармад доштем...

Кош ин сон доимо хандад ба сӯи ман нигор,
Кош бошад мисли завқи ӯ садои рӯзгор.

Ишқ бошад, меҳр бошад, ҳам амонӣ дар ҷаҳон,
Завқ бошад, ханда бошад, ҳам вафои дӯстон.

Кӯҳҳо, фахред аз ишқи мани дилбохта,
Кӯҳҳо, хандед, акси завқи ҷонон сохта!

То ки нанмоед акс овози оҳу ноларо,
Оҳи ҷонсӯзи дили дар ишқи ҷонон воларо,

Кӯҳҳо, хандед, оҳанги вафо бинвохта,
Ибрате аз шавқи дилҳои ҷавон пардохта!

1961

## ТУРО ДИД ДИЛАМ...

Дили ман нест чу обе, ки ба ҳар ҷӯй давад,
Дили ман нест насиме, ки ба ҳар сӯй давад.
На чу овора ба ҳар ҷо ба такопӯй давад,
Лек, чун ҳусни туро дид, бирафт аз паи ту.

Дили ман на чу ниҳолест, ки пайванд кунанд,
Кӯчаташ карда, ба ҳар ҷову самарманд кунанд,
Ё ки беҳуда паи сӯхтан аз ҷой кананд.
Дили ман меҳрпараст аст, садоқат дорад.

Дил, ки ҷӯшид зи ишқу талаби васл намуд,
Зи ман осудагиву хоби ҷавонӣ бирабуд.
Боз субҳ омаду чашмони хуморӣ бикушуд,
Дар сари субҳи сафобахш туро дид дилам...

Баъд бо номи ту чун рӯзи муҳаббат сар шуд,
Раҳи сарбаста зи ту шоҳраҳи дигар шуд,
Ишқ бо ёди рухат ҳамқадами кишвар шуд,
Дилам аз марҳаматат шаҳпари шаҳбоз гирифт.

Гар ки ман ҷумла санамхонаи олам кобам,
Натавонам ки дигар мисли ту дилбар ёбам.
Ханда кун, ёр, ки аз васли ту ман шодобам.
Хандае нест ба монанди шакархандаи ту.

1961

## СУРУДИ СУЛҲ

Ошиқо, дар паҳлуи ҷонона биншин тангтар,
Гӯш бар созу ба оҳанги рубоб андохта.
Месарояд дил, дили саршори меҳри дӯстӣ,
То нагардад ҳеҷ гоҳе хам сари афрохта.

Ҳисси поки дилбариву сӯзу сози зиндагӣ
Акс гардидаст дар овозу дар оҳанги тез.
Нолаи най илтиҷои пургудози ошиқ аст,
Илтиҷову лобаву зорӣ ба дилдори азиз.

Мехурад кас печутоб аз печутоби сози ӯ,
Гоҳ кас аз шавқи беҳад ҷаста мехезад зи ҷо,
Менигар, аз чашми ошиқ қатраҳои ашк рехт,
Аз чӣ буд ин ашк? Аз ғам? На, зи эъҷози наво!

Гӯш кун, дилдодаи муштоқ, ин савту суруд
Баҳри амният садои хеш боло мекунад.
Ҷои тиру теғ баҳри ҳифзи сулҳи ҷовидон
Шеъри ҳассон, савти нӯшин
сайри дунё мекунад.

Гӯш кун, аз байни оҳангу навои ҳофизон
Ҳеҷ гаҳ н-ояд ба гӯши ту садои даҳшате,
Ҳеҷ гаҳ н-ояд ба гӯшат даҳшати ҷанги шадид,
Нолаҳои синасӯзе, оҳу воҳе, ҳасрате.

Гӯш кун, то ғулғуландоз аст ин савту суруд,
То навои ӯст дар олам паи радди бало,
Ту нахоҳӣ сӯхт андар оташи ҷангу ҷидол,
Ту нахоҳӣ буд ҳаргиз аз нигори худ ҷудо!

1961

## МЕҲР ВА ЗАР

Доништалабам, на каси нодор, на доро,
Танҳо паи мақсуд ба уммед равонам.
Аз он чи муяссар шуда аз давлати дунё,
Дар даст маро ҳаст фақат як чамадонам.

Таҳсил ба донишкада хуб аст, гуворост,
Ёрон ба дили якдигарӣ ғам нагузоранд.
Ин ҷо на касе ҳорису не дар ғами дунёст,
Ишқ аст, ҷавонист, азизаш бишуморанд.

Аммо мани то ҳол ғами ишқ надида
Дилбохтаву волаву шайдои ту гаштам.
Дар роҳи ту аз ҳамсабақон дурӣ кашида,
Парвонасифат аз қаду болои ту гаштам.

Ҳайҳот, назар кардӣ ба хоки қади роҳат,
Аммо ба мани дилшуда нанмудӣ нигоҳе.
Гуфтӣ, ки туро нест на ганҷеву на сарват,
Бо оби худодод магар зиндагӣ хоҳӣ?

Гуфтӣ, ки аҷиб аст, туро хонаву дар нест,
Оё бувадат боми само боми иморат?
Гуфтӣ, ки пули якмаҳаат қимати тоқист,
Бо чукрӣ магар умр барӣ, умри бароҳат?

Воқиф нашуда аз дилам, эй ёр, ки дар он
Ишқ аст, умед аст, талош аст, субот аст,
Пиндоштиям бекасу бе ганҷи фаровон,
Пиндоштиям оҷизу помоли ҳаёт аст.

Гар дар назарат, ёр, манам донаи гӯгирд,
Шояд, ки шавам машъала баҳри каси раҳгум.
Дар қадр манам пораи ангишт, умедам:
Оташ шаваму гарм кунам хонаи мардум.

Сад сол агар сӯзаму созам, ғазаби умр
Аз арчаи меҳрам набарад барги хазонро.
Меҳр аст маро бозуи зӯру сабаби умр
Гар даргузарам ҳам, бубарам бо худам онро.

Соҳиб набурад нахли ҷавонро чу бараш нест,
Уммед аз он, ки бидиҳад соли дигар бор.
Аз чист, аё ёр, бигуфтӣ, ки зараш нест,
Чун нест ба ҷуз ишқ дигар давлати подор?!
1961

## АРЧА

Дар кӯҳ варо на боғбон биншондаст,
На об ба вай додаю на парвардаст.
Ҳайрат бибарад маро ҳамеша, ёрон:
Ин гуна чӣ қувва бехазонаш кардаст?

Ин арча ба рӯи санги сахту сари кӯҳ
Худ рӯйидасту реша бар шах мондаст.
Ҳоҷат ба касе набурда, аз санги сияҳ
Рӯзии худаш ба зӯри худ бистондаст.

Ин аст туфайли худ ба худ печидан,
Ин аст ба чашми хеш олам дидан.
Ин аст бақои ҷисми соҳибэъҷоз,
Ин аст ҳузури соҳиби худ будан.
1961

## САБЗАИ БАҲОР

Ихтиёри ту ба дасти мани дилбохта нест,
Дили ту, дилбари ман, байти худам сохта нест,
Алами бахти ту бо дасти ман афрохта нест,
З-ин сабаб дорӣ ба сӯям назари пурҳазаре.

Резаборон ба замин фасли баҳорон борид,
Ба рухи поки замин донаи марҷон борид,
Зарраи ҷон ба тани навгули хандон борид,
Лек борони муҳаббат нанамудам ҳунаре.

Сабзаву гул ҳама аз ҳиммати борон рӯяд,
Зи дили хок дамад, файзи баҳорон ҷӯяд,
Шабнами вақти саҳар барги тарашро шӯяд,
Лек аз ҳоли дили ман ту нагирӣ хабаре.

Ин қадар ноз макун, фасли баҳорат гузарад,
Ҷоншикории нигаҳҳои хуморат гузарад,
Сайқали чеҳраву гармии шарорат гузарад,
Ба дилам аз ту ба ҷуз доғ намонад асаре.

Баъд, чун тирамаҳ ояд, ба тани барги хазон
Лутфи борон нарасонад хабар аз омади ҷон,
Сабза аз нав надамад, лола нахандад ҳаргиз,
Гузарам бе ту ману низ ту бе ман гузарӣ.

Хоҳам, эй ёр, пушаймонӣ ба дил ғам н-орад,
Хоҳам аз умр дили мо самаре бардорад,
Лутфи борони висолат ба баҳорон борад,
Чун ба дил сабзаи ишқ аст ба ёди самаре...
8.12.1961

* * *

Меравӣ? Не, не марав асло зи паҳлӯям, нигор,
Бе ту олам танг мисли чашми сӯзан мешавад.

Ист як дам, то бубинам бо ту дар субҳи мурод
Бо чӣ сурат рӯз, рӯзи бахт равшан мешавад.

Ист ҳоло, то бигӯям як ба як рози дилам
Варна ин сӯзи ниҳонӣ қотили ман мешавад.

Оҳ, осон нест гуфтан, ҳарчи ҳаст андар дилам,
Ишқро, охир, чи сон бо ҳарф гуфтан мешавад?
8.3.1962

## БА ДӮСТАМ ДӮСТ[1]

Сӯзи пинҳону қасди олият
Дар дил асту фақат худат донӣ.
Гарчи дар дарс пешсаф ҳастӣ
Дар фани ишқ лек ҳайронӣ.

Арзи ишқат ба гӯши ҷонон рафт
Лек аз ӯ ҷавоби рад омад.
Дод озору азиятат афзун
Пеши роҳат фарозу сад омад.

Ғам махур, ғам махур, бародарҷон,
Каҷназар духтаре гарат ранҷонд.
Ғам махур, ғам махур, бародарҷон,
Аз шикасти муҳаббати ҷӯшон.

Ишқи некат надид подоше
Гарчи аз он нигори кӯтаҳмӯ,
Гар нагаштӣ писанди он каҷдил
Номи ӯро зи лавҳи хотир шӯ.

Баъд аз ин чашми кабуди онро
Пеши чашми сиёҳ қурбон кун.
Тори мӯи сиёҳи ҷононро
Боиси фахри насли инсон кун.

Гарчи ҳоло чу нахли бозорӣ
Як ду-се рӯз берун аз хокӣ.
Гарчи ҳоло чу лафзи бетаъсир
Дар забонӣ, на дар дили покӣ.

Орзуям, ки ҷой меёбӣ
Дар замин, дар замини шодобе.
Дар дили як нигори рахшонрӯ
Дар дили як бути баодобе.

Бод эй дӯст, он дили софат
Хонаи ишқу меҳри сӯзоне.
Интизорам ба меваи ширин
Интизорам ба шеъри ҳассоне!

27.5.1962

## ЁДИ ЯК ҲАМСАБАҚИ МАРҲУМАМ

Ёд дорам, ки ба ангушти ишорат рӯзе
Духтареро ба қади роҳ нишонам дода,
Гуфтӣ: ваҳ, ошиқи ӯям, хабараш нест аз ин
Меҳраш андар дилу ҷон сӯзи ниҳонам дода.

Ана имрӯз дар ин мавсими гулбоз – баҳор
Дидам он духтараки чашмсияҳ, ҷуфт шудаст,
Ханда мерехт зи лаъли лаби ӯ сӯи ҷавон
Он ҷавон буд зи лутфу карамаш сархушу маст.

Мегирифтам чи қадар рӯҳ, агар медидам
Бо ту имрӯз ҳамон духтари тамкинпараст.
Оҳ, охир чӣ кунам, нақдпараст аст вафо
Ишқ чун ҷӯш занад, ҳолию ҳозирбин аст.

Гар ниҳонхонаи қаъри дили ту бо ду сухан
Баҳри он ёр чу оина ҳамегашт аён,
Мумкин аз ишқи шумо даҳр гулистон мешуд,
Зинда мегашт ҳама рӯҳи шаҳидони ҷаҳон.

Ишқ меофараду марг нагун месозад,
Кори он ҷуз қадаҳи зиндагӣ бишкастан нест,
Сӯзи одам дигару ҳукми дами марг дигар,
Мурдан аз баҳри ҳама ҳаст, вале зистан нест.

Дили ту, он дили сӯзони пур аз меҳри ниҳон
Хок шуд, хок ягон сӯзи туро дарк накард.
Варна ҳамкори аҷал гашта ба ҷои ту варо
Душмани кӯрдилу наҳс ҷавонмарг накард?!

Бозуи кӯҳбарандози ҷавонии туро
Гашта ҳамдасти аҷал хоки сияҳ пинҳон кард.
Охир он хоки кару гунг чиро медонад,
Ки на фарёд кашиду на ягон афғон кард.

Рафтӣ аз даҳр, набурда зи ҷавонӣ фараҳе
Лаззати зиндагию рӯи ҷаҳон нодида,
Лаззати нӯшлаби дилбару оғӯшу канор,
Лаззати хандаи тифлу гапи он нодида.

Набудӣ шоири нобиға, ки ашъори туро
Мардумон хондаву хотири худ шод кунанд.
Набудӣ рӯҳи бузурге, ки ҳама дилшудагон
Назди ҷонона ба номи ту қасам ёд кунанд.

Пешво, роҳбари тӯдаи раҳгум набудӣ,
Ки ба ту ҳайкале аз санги забарҷад биниҳанд.
Ту фақат як варақи зиндагиро гардондӣ,
Варақи дигари онро аҷали наҳс биканд.

Хайр, эй ду лаби нодида зи ҷонон бӯса,
Хайр, эй рӯҳи ҷавон, эй дили хомӯшшуда,
Хайр эй рози ниҳони ба касе ногуфта,
Мисраи вирднагардида, фаромӯшшуда.

---

1. Манзур дӯсти шоир – Доро Дӯст (шарҳи мураттиб).

Ман ба чашми ту ба оянди ҷаҳон менигарам,
Мекашам ҷои ту аз олами фирӯз нафас,
То ки рӯҳи ту ба фардои ватан сайр кунад,
Сарф бодам паи тавсифи ҷавонӣ дилу даст!

Оҳ, ин рӯз мабодо ба сари душмани кас,
Ки кас ошиқ шаваду васл набинад, мирад!
Оҳ, такрор мабодо ки дар айёми шубоб
Ба дили хок дили шефта манзил гирад.

Хайр, эй шохи шикаста зи тани нахли бузург,
Хайр, эй ғӯраи сармозадаи фасли баҳор,
Хайр, эй пайраҳаи роҳи калон ногашта,
Раҳрави роҳи ҷавонист, ҷаҳон дар сари кор.

29.5.1962

## ХАЙР!

Хайр, бо ту тӯю иди ман тамом,
Зиндагӣ бо ту насиби ман нашуд.
Рафтию гуфтӣ аҷаб не дар дилат
«Дар раҳи умрам ҳабиби ман нашуд».

Ман писандидам туро бо амри дил
Тарк гуфтам чун ба амри зиндагӣ.
Пас, маранҷ аз ман, азизам, шод бош,
Заррае бар ту накардам гандагӣ.

Мепарастидам туро бо сӯзи дил,
Бозӣ мекардам ба кокулҳои ту.
Меравӣ имрӯзу бо худ мебарад
Шодии манро рухи зебои ту.

8.6.1962

## ИЛТИҶО

Ту, ки атвори хушу чеҳраи зебо дорӣ,
Қудрати тозанигаҳдории дунё дорӣ.

Метавонӣ сабаби бахти ягон ёр шавӣ,
Сабаби зиндагию шодии бисёр шавӣ.

Ба дили сӯхтае меҳру муҳаббат орӣ,
Ҷои навмедӣ бузургию мақомат орӣ.

Пас, чаро ҷои чунин марҳамат, эй ёри азиз,
Ранҷу озор раво дорӣ ба дилдори азиз?

Ҷои он ки сабаби зиндагӣ бошӣ ту, чаро
Хуни дил хӯрдани ошиқи худ дорӣ раво?

Розӣ шав, то ки ба ман зиндагӣ оғоз шавад,
Даст деҳ, то дилам аз ишқ сарафроз шавад.

9.6.1962

## ЗИНДАГӢ,
## БИНМО БА МАН РОҲИ САФЕД!

Духтаре рӯзе ба ман мактуб дод,
Буд мактубаш муҳаббатномае.
Буд арзи ишқи софе, эътиқод
Бо забони коғазею хомае.

Шарм карду рафт пас аз назди ман
Бо нигоҳи боумеде, ҳасрате.
Дар нигоҳаш буд нури зиндагӣ,
Дар қадамҳояш суботе, ғайрате.

Буд рамзи раҳм нури чеҳрааш,
Рӯйҳояш буд мисли пахтасеб.
Пайкари зебош ҷавлон менамуд,
Буд тарзи раҳравияш дилфиреб.

Ман ба ишқи дигаре девонаям,
Лек охир ӯ намехоҳад маро.
Интизори ишқи ин духтар наям,
Лек охир ӯ ҳамехоҳад маро.

Ман аз ин мактуб меболам гаҳе,
Гоҳ мегӯям: чӣ бошад сирри ин?
Дар ғами дил сахт менолам гаҳе,
Ёр бепарвост аммо чун замин.

Дар миёни шубҳаю ишқу умед,
Дӯстон, ман хешро гум кардаам.
Дар талоши бахт, бахти нопадид
Ман ҷавони оҳу ғампарвардаам.

Лаҳзаҳою рӯзҳои бешумор,
Пандҳо, оед, имдодам кунед!
То кунам андешае дар ишқи ёр,
Чорагар бошед, дилшодам кунед!

Дар сари дуроҳае истодаам,
Дар сари дуроҳаи ишқу умед.
Дар миёни гирди об афтодаам –
Зиндагӣ, бинмо ба ман роҳи сафед!

13.7.1962

* * *

Сӯи саҳро лолачинӣ рафт ӯ,
Аз пояш рафтам баҳона кофта,
То бигӯям арзи меҳри аввалин
Рӯ ба рӯ, як ҷои хилват ёфта.

Ӯ зи роҳаш гашт бо сад шубҳае,
Нокасам пиндошту тарсид ӯ.
Омаду аз гулфурӯшон гул харид,
Бо тамасхур сӯи ман хандид ӯ.

Ҷилва карду рафт ӯ аз назди ман,
Гул хариду рафт сӯи ваъдагоҳ.
Хостам ман ҳам харам як даста гул,
Лек бар кӣ мебарам ман? Оҳ, оҳ!

Рафт ӯ бар дидани дидори ёр,
Ман шудам аз ишқи худ хунинҷигар.
Не, ман акнун лолачинӣ меравам,
Сӯи саҳро нею бар ҷои дигар...

13.7.1962

## ДОСТОНИ НОТАМОМ

Оҳ, ин хат хати як ҷононест,
Ёфтам ногаҳаш аз байни китоб.
Хондаму боз бихондам онро,
Охираш буд «фиристед ҷавоб!»

Буд вақте, ки нависандаи хат
Дӯст медошт маро аз дилу ҷон.
Рафт он давр, валекин мактуб
Ёд овард маро з-он даврон.

Хоб аз чашм париду дили ман
Боз дар ёди ҳамон ёр тапид.
Ҷустуҷӯ кард варо дар олам
Мисли онрӯза варо лек надид.

Боз аз пеши назар мегузарад
Тарҳи рӯяш, нигаҳаш, лаъли лабаш.
Боз бо чашми хаёлам дидам
Дар ҳамин лаҳза, дар ин нисфи шабаш.

Лек ман боз ба фармони хаёл
Лаби рӯд омадаму биншастам.
Шодам аз бӯсаю оғӯшу канор
Аз нигаҳҳои хумораш мастам.

Оҳ, мактуб, чаро дар дили шаб
Дари андӯҳ ба ман бикшодӣ.
Додӣ озору алам, доду фиғон,
Ҳасрату сӯзи гаронам додӣ.

Ҳамчунон сурати тифлӣ ту маро
Шоҳиди зиндагии бесудӣ.
Шоҳиди ишқи пушаймонгашта,
Шоҳиди як нафаси масъудӣ.

Боз исто ту ба мобайни китоб
Шеъри ногуфта ба хонандаи ман!
То тасалло бидиҳӣ дар пирӣ,
Ёд орӣ ба ман аз ишқи куҳан.

Назди он ёр гунаҳкорам ман,
Рафт ӯ, ман нашудам з-ӯ ҷӯё.
Хайр, эй ёр, маро ёд макун,
Бахш, эй ишқ, гунаҳҳои маро!

14.7.1962

## МАН ШУМОРО ЁД КАРДАМ, ДӮСТОН!

Хонаам холист, наздам дӯст нест,
Дӯстон рафтанд дӯш аз назди ман.
Ин шабам танҳо, надорам сӯҳбате
Бо ягон ёру рафиқи хештан.

Хонаам гӯр аст гӯё, андар он
На садои хандае, на шодиест.
Гарчи мехоҳам бихандам бовиқор,
Лек ҳазлу шӯхии онрӯза нест.

Менишинам хаставу зору малул
Аз ҷаҳон ҷуста тасаллие ба худ.
Бе шумо, охир, тасаллӣ чун кунам?
Ёд бод он гаҳ ки айшу нӯш буд!

Дӯстон, ҳо дӯстони ҳамдилам,
Ҳамзабонони дили ошуфтаам.
Тез-тез оед, огоҳам шавед,
Бе шумо ман мисраи ногуфтаам!

Тез-тез оед, то дар рӯятон,
Дар сухан, дар лутф, дар дидоратон,
Дар табассум, дар навозишҳоятон,
Дар нигоҳи гарму пурхумморатон

Ман бубинам лаззати айёмро,
Лаззати ранҷу азоби хешро.
Ин қадар заҳмат вагарна баҳри чист,
Ин қадар ҳам дилфигориҳо чаро?

Бе шумо ман ҳастам, аммо нестам,
Нестам дар шодию дар хуррамӣ,
То шавад такрор базми оншаба,
Давра ороед, пайвандон, даме!

5.9.1962

## ЗИНДАГӢ (1)

Сабзаям, сабзаи навнешзада аз дили хок,
Нури хуршеди фалак хостаму сабзидам.
Қасдам ин аст расонам сари худ бар афлок,
То ба ҳасрат наравад синаи пуруммедам.

Лек то он ки расонам сари худ бар хуршед,
Зеби кокул шаваму ҳусни дигар омӯзам,
Боз хуршед, ки рӯёндаву додам уммед,
Гӯядам: зиндагӣ бас, ист, туро месӯзам...

10.9.1962

## ХОТИРА ДАР ПУШТИ РАСМ

Ин расми ёдгорест аз давраи ҷавонӣ,
Аз рӯзгори ширин, аз даври камнишонӣ.
Он рӯз маст будам, масти хумори ёрон,
Дил ёди ёр мекард дар синаам ниҳонӣ.

Эй дӯст, дида расмам, ҳар гаҳ ба хотират ор
Бебокии ҷавонӣ, шӯхию ҳазли бисёр.
Расмам намешавад пир, зеро ки ҷон надорад,
Хашму ғазаб надорад, з-ӯ нест ранҷу озор.

Дар зиндагонӣ аммо ранҷондаам туро ман,
Бо амри меҳр буд он, на қасду қаҳри душман.
Ин расм тӯҳфа кардам, то ки маро бубахшӣ,
Доғ аз дилат бигирӣ, бошӣ рафиқ бар ман.

Ту меравӣ зи наздам, айшу нишот бо туст,
Хайр, эй рафиқи ҷонӣ, табъи кушод бо туст.
З-ин баъд ҳамдигарро бинем ё набинем –
Ин расм ҳам салому ҳам хайрбод бо туст.

14.9.1962

## ХАЙР, ЭЙ РӮЗИ ГУЗАШТА...

Хайр, эй рӯзи гузашта, хайр, хайр –
Дафтари шеъру суруди гумшуда.
Хайр, эй як зарраи нури басар,
Рафтию аммо нарафтӣ беҳуда.

Рафтӣ аз ман – ҳиссаи умри азиз,
Мисли барги сабз аз шохи дарахт.
Лек аз ту монд осоре ба ман
Хотироту номи неку ишқ, бахт.

Чанд гоҳе мисли барги сабз ту
Нури хуршеди ҷаҳон овардиям.
Гоҳ бо ғам, гоҳ бо шодии ишқ,
Бо навозиш, бо ситам парвардиям.

То ба ҷоят сабз гардад барги нав
Рафтӣ, рафтӣ, ҷой додӣ баҳри ӯ.
То нагӯяндат, ки ҳастӣ бенишон
То нагӯяндат, ки эй, нақши ту ку?

То дари дарвозаи рӯзи дигар
Бе ягон ҳарфе гуселондӣ маро,
То ки фардо боз бинам офтоб
Ту худат бо он шиносондӣ маро.

Гӯиё будӣ иҷозатномае,
То бубинам рӯзи навро хубтар,
Бе ту асло ки намегардад насиб
Дидани рӯзи дигар, рӯи дигар!

Хушдилам аз он ки дар оғӯши ту
Ман ба сарвақти муҳаббат сӯхтам.
Сӯхтам аз дасти бемеҳрии ёр,
Сӯхтам, аммо вафо омӯхтам!

Афв бинмо, афв бинмо, ман туро
Сабт нанмудам ба таърихи ҷаҳон.
Хомии кори ҷавониро бубахш,
Қодири эъҷоз не табъи ҷавон!

Рӯзҳои дар ҳисоби умри ман,
Рӯзҳо, эй рӯзҳои файзбор,
Рӯзҳое, ки маро парвардаед,
Аз шумо ман қарздорам, қарздор!

Рӯзҳо, эй дӯстам, эй душманам,
Рӯзҳо, эй мумсикони пурсахо.
То ба фардои муҳаббат ҳам расам,
Дасти ман гиред, ман дасти шумо!

17.9.1962

## ИСТ ЯК ДАМ

Ист як дам, як ду ҳарфи гуфтанӣ дорам ба ту,
Ҳарфи меҳролуд аз мағзи дили бетоқатам.
Гӯш кун ҳарфи муҳаббат аз дили н-олудае,
Аз дили сӯзони дар ёдат шуда ноороҳатам.

Ман нагардидам таваллуд баҳри озори касе,
Халқ гаштам баҳри он ки ҷой бошам дар диле.
Халқ гаштам, ки намирам дар суруди ошиқӣ,
Сӯзаму созам паи корею ҳусни манзиле.

Кофтам чун зиндагиро бо умеди зиндагӣ,
Бо талошу бо муроду мақсади беинтиҳо.
Зиндагонӣ гуфт: бе он нозанини дӯстрӯ
Ҳеҷ гоҳе, ҳеҷ гоҳе ту намеёбӣ маро!

Ман ҷавонам, бе ту роҳи зиндагӣ гум кардаам,
Хандае ё шодие аз ҳолатам бегона шуд.
Мерасад ҳар гаҳ ба гӯшам аз рафиқон ин сухан:
Ҳайф шуд, ки ин ҷавони дӯстрӯ девона шуд.

Чист, гар мирам ман аз дасти ту беному нишон,
Дар сари тобути ман чашме набошад хунфишон.
Кистам ман, чистам ман бе ту дар айёми нек,
Шодии дил охир аз ишқ аст, аммо нест он!

Ман фақат аз ишқи ҷӯшон шодии дил хостам
Баҳри ту, ҳам баҳри худ, ҷонони хушқоматам.
Ист як дам, як ду ҳарфи гуфтанӣ дорам ба ту,
Ҳарфи меҳролуд аз мағзи дили бетоқатам...
21.9.1962

## ЛАҲЗАИ ПАДРУД

Хира буд моҳ ба саҳни гардун,
Шаб ба поён бирасид, субҳ дамид.
Офтоб аз паси кӯҳ чеҳра намуд,
Шабнам аз рӯи гулу сабза парид.

Гули афтобпарасти муштоқ
Нури хуршеди саҳаргаҳро дид.
Ёфта коми худ андар сари субҳ
Зи шикебоии худ меболид.

Субҳ шуд, лек барои ман не,
Гарчи он баҳри тамоми дунёст.
Субҳ шуд, лек дили ман ғамгин,
Субҳи хурсандии дил нопайдост.

Ман нахӯрдам ҳама шаб, синаи ман
Реш шуд, косаи хун шуд гӯё.
Субҳ шуд, меравам аз хона бурун,
Меравам боз канори дарё.

Ваъдагоҳи ману он дилбар буд
Соҳили дилкаши он рӯди равон.
Меравам боз ба он ҷо, шояд
Ҳаст он ҷо паи пои ҷонон.

Оҳ, ин рӯд чи пурасрорест,
Шоҳиди ишқи ҷавонии ман аст.

Омадам, шуд нигаҳи дил ҷӯё,
Ки куҷо он бути ширинсухан аст?

Мавҷ гаҳ буд чу марди бадхашм,
Гоҳ чун кӯдаки ғамноке буд.
Мехурӯшид зада фарёде,
Дасту по мезаду сокит мешуд.

Бозии шӯълаи худро бо мавҷ
Зи само меҳр тамошо мекард.
Мавҷ аз бозии худ бо хуршед
Буд мағруру таманно мекард.

Дӯхтам дида ба ин оби равон
То ки таскине биёбам дилро.
Ана, гардид намоён поезд
Ҳамраҳи мавҷ ба рӯи дарё.

Ҳамчунон мавҷ қатори поезд
Як-як аз пеши назар мегузарад.
Ёр аз оинаи он поезд
Даст афшонда, ба ман менигарад...
25.9.1962

* * *

Ҷавонӣ гӯиё мисли суманбод
Саҳаргоҳе вазиду рафт аз ман,
Фақат як лаҳзаям бӯи хуше дод.

Кунун дар роҳи тӯфон истода
Нигаҳ дорам ба оянда ба уммед,
Гаҳе ларзида, гоҳе уфтода.

Ба ёдам мерасад вақти ҷавонӣ,
Ки шӯху бесару дилшод будам,
Дилам месӯхт дар ишқе ниҳонӣ...

Кунун ташвишҳои зиндагонӣ
Ба ман он гаҳ гуворо менамояд,
Ки созам ёди даврони ҷавонӣ.

Ту, тӯфон, сахттар шав, сахттар шав,
Ки то ёд оварам ман аз ҷавонӣ,
Вазад боди суманбӯ то ки аз нав,

Ки бо ёдаш зи ҷабри ту намирам,
Барои хотири рӯзи гузашта
Туро ман нек истиқбол гирам,

Чу умри одамӣ аз ёр нозест,
Ба роҳи орзуи талху ширин
Ҳамеша хайрбоду пешвозест.
3.10.1962

* * *

Ҷавонӣ дода меҳратро харидам,
Умедам буд: меёбам саодат,
Вале аз ту вафодорӣ надидам.

Ба мисли сахтборон рехт гӯё
Ҷавониям ба рӯи роҳи мумӣ,
Даме рахшиду пас хушкид он ҷо.

Дар он ҷо як гули хушбӯ нарӯид,
Ки гӯям: ҳаст осори умедам,
Ки гӯям: дӯстон, инро бибӯед!

Макун ёдам, макун ёдам, аз ин пас,
Мапурс аз ҳоли ман дигар, ки дилро
Ҳамин бо нозҳо ранҷонданат бас.

Ҷавонӣ бемуҳаббат нест, дилбар,
Муҳаббат бе ҷавонӣ лек будаст:
Дилам шод аст бо уммеди дигар...

Ҷавонӣ дода, оромӣ надидам,
Ҷавонӣ дода, на ишқе, на меҳре –
Фақат ёде, фақат ёде харидам...

11.10.1962

* * *

Эй ситора, эй ситора, баъд аз ин хомӯш шав,
Нурафшонӣ макун дигар ба болои сарам.
Шаб ба ҳукми туст, аммо ман ба ҳукми ту наям,
Ман ба ҳукми ёди ширину хаёли дилбарам.

Буд вақте ки зи нури ту ҳаловат мерасид
Бар дили аз ишқ шоду аз ҷаҳон бегонаам.
Лек акнун нури ту монанд бар писхандаест
Он гаҳе, ки нест дар паҳлӯи ман ҷононаам.

Он шабе, ки сӯи ман чашмакзанон будӣ, гузашт,
Ту ҳамонӣ боз ҳоло ҳам, вале ман дигарам.
Ту ҳамонӣ лек ман ғамгину дилозурдаам,
Шодиям андӯҳ шуд, ашк аст дар чашми тарам.

Эй ситора, эй ситора, баъд аз ин хомӯш шав,
Нурафшонӣ макун дигар ба болои сарам.
Ёд бод он шаб, ки ту чашмакзаниҳо доштӣ,
Ёд бод он шаб, ки дидам ман туро бо дилбарам.

18.10.1962

* * *

Орзуям буд, дилро дар ҳаёт
Пеш аз он ки ба хокаш биспурам,
Аз раҳи расму русуму эътиқод
Дар вафои ишқи покаш биспурам.

Не, нашуд, ҳарчанд зорӣ кардамат,
Ҳар қадар ки илтиҷо кардам туро,
Ҳар қадар ки ғамгусорӣ кардамат,
Ҳар қадар ки кардам изҳори вафо –

Нашнавидӣ ҳарфи меҳролуди ман
Нолаи ман, нолаи дилдодаро.
Ҳайф донистӣ бароям як сухан,
Як сухан, як ҳарфи айни муддао.

Хайр, навмедам агарчи, лек боз
Як-ду рӯзе зиндагонӣ мекунам.
Шояд оям рӯ ба рӯ дар роҳи рост
Ё ба рӯзи ид бо ту, эй санам.

Рафту гар саргаштагии рӯзгор
Рӯ ба рӯ н-орад маро, бо ту дигар,
Гаҳ-гаҳе дар вақти айшат ёд ор
Аз мани дилдодаи хуни ҷигар.

Серташвишии рӯзи тӯйҳо
Гар насибат гардаду бошӣ ту шод,
Дар миёни шодиву ташвишҳо
Ёд кун боре, азизам, ёд, ёд.

Ёд кун аз он, ки бо чашмони тар
Аз паи ту, аз паи ту медавид.
Дар сари роҳат ситода ҳар саҳар
Баҳри дидан интизорӣ мекашид.

Ёд кун аз он, ки андар ёди ту
Дар муҳаббат, дар вафоят метапид.
Меписандидӣ агар, албатта, ӯ
Бо вафодорӣ ба қадрат мерасид...

22.10.1962

* * *

Чу Ансорӣ ба рӯи тахтасанге
Навиштам чанд байти сӯзноке.
На баҳри шӯҳратею ёдгорӣ,
Фақат бар хотири як номи поке.

Навиштам номи поки дилбареро,
Пас аз он байти ишқие навиштам.
Навиштам номи худро ҳам дар он ҷо,
Навиштам номи рӯзу моҳро ҳам.

Намегӯям ки он ҷовид монад,
Намегӯям ки он осор аз мост.
Намегӯям ки баъд аз мурдани мо
Зи ман он ёдгорие ба дунёст.

Фақат з-андешаи он ки ягон кас
Ягон вақте агар ки хона созад,
Барои наслҳои тозадаврон,
Барои дилбараш кошона созад,

Тасодуф гар мадад созад, ҳамон санг
Аз он ҷояш ба таҳдевор ояд.
Агар усто каси дилдода бошад,
Чу хонад, мекашад як оҳ шояд,

Ки вақте дар ҳамин водии гулпӯш
Ба рӯи санг як лаҳза нишаста,
Ду ошиқ розгӯӣ карда буданд
Ба роҳи зиндагонӣ аҳд баста.

Ҳамин ду ном, к-андар санг нақш аст
Муборакбод бахри мост гӯё.
Рафиқон, бишнавед овози ошиқ –
Саломи ӯст бо ин санг бо мо.

Аҷаб не, гӯяд ӯ бар дигарон ҳам,
Ки санге дар таҳи як хона бошад
Ва дар он номи ду ошиқ навишта:
Яке Лоиқ, яке Ҷонона бошад.

25.10.1962

* * *

Рафтӣ, рафтӣ, дилбари оташнигаҳ,
Рафтию бурдӣ ту ороми маро.
Рафтию бераҳбарам дар ними раҳ,
Рафтию бурдӣ саранҷоми маро.

Рафтию мумкин намебинам дигар,
Лек мехоҳам ба ту бахти сафед.
Хоҳамат, ки бар муроди дил расӣ,
Гарчи ман бо ту надидам тӯю ид.

Обу хоке, ки маро сабзонда буд
Бо навозишҳо дар айёми баҳор,
Вақташ омад, ки хазонам мекунад,
Мешавам танҳо, ба кунҷе хору зор.

Хайр, эй ҷонони дилбардошта,
Зиндагӣ бо ту насиби ман нашуд.
Лек мехоҳам ба некӣ гоҳ-гоҳ
Ёд кун аз он, ки дар ёди ту буд.

Ёд кун аз он ҷавони дилсафед,
Ки ҷавониро ба ишқат сарф кард.
Ҳазлу шӯхӣ карда бо ту, шод буд,
Бо ту аз ӯ дур буд андӯҳу дард.

Ёд кун аз он ки бо шеъру суруд
Бар ту изҳори муҳаббат карда буд.
Ишқро бо эҳтироми шоирӣ
Мисли байти тозае парварда буд.

Ёд кун аз он ки бо ҷӯшу хурӯш
Шеъри Ҳофизро ба гӯшат хонда буд.
Назди ту дар ҳолати дил гум задан
Ашки хурсандӣ басо афшонда буд.

Шеъри Ҳофиз шодият медод, лек
Шеъри ӯро хонда мегаштӣ ҳазин.
Рашк мебурдию мепурсидӣ ту:
Росташро гӯ, ба васфи кист ин?

Ёд кун аз он ҷавони покдил,
Ки ба сақфи синаат сар монда буд.
Бо суханҳои латифу ширадор
Дар гаҳи ғамгинията хандонда буд.

Оҳ, он даврони ширин даргузашт,
Ёд бод он лаҳзаҳои шодиям,
Ёд бод он гаҳ, ки бо ту гӯиё
Буд хуршеди ҷаҳон дар кисаям.

Оҳ, рафтӣ, бурдӣ айшу нӯшро...
Ман кунун дар зиндагиям ноумед.
Хайр, боре аз сари меҳру вафо
Ёд кун аз он ҷавони дилсафед.

26.10.1962

* * *

Эй мояи хирад, чаро хомӯш мешавӣ,
Бе ту ба ман навозиши даврон намерасад.
Рӯзе, ки ту зи хонаи дил дур меравӣ,
Як лутфи бедареғ зи ҷонон намерасад.

Бе ту хаёли якравам суде намедиҳад,
Беҳосил аст заҳмати шабзиндадориям.
Беҳосил аст даъвати андешаю хирад,
Беҳосил аст дар раҳи ту интизориям.

Боре бибор ҳамчунон борони резае,
То сабзавор рӯяму гирам шуои меҳр.
Боре расон башоратам аз умри ҷовидон,
Шаҳболи ман бишав, ки ёбам раҳи сипеҳр.

Боре биҷӯш ҳамчунон даврони нозу нӯш,
Ки бо ту ҳаст дар дилам армони гуфтанӣ.
Сармояи ҷавониям – илҳоми пурхурӯш,
Ман бо ту то ба хонаи хуршед рафтанӣ.

10.11.1962

## МАВҶҲО

Мавҷҳо, эй мавҷҳои беқарор
Аз чӣ меларзед бо сад изтироб?
Аз чӣ беором ҳастед ин қадар,
Аз чӣ меларзед чун тори рубоб?

Чашми манро бурд бозии шумо,
Чашму ҳушамро хаёли дилбаре.
Рӯи гулгуне дурахшад дар назар
Нашъае хоҳам зи васли духтаре.

Мавҷҳо, ман интизорам, интизор,
Интизори духтари соҳибҷамол.
Мавҷҳо, ман беқарорам, беқарор,
Аз паи ишқи бузургу безавол.

Мавҷи зулфони сиёҳи ёрро
Оварам бар ёду ҳасрат мебарам.
Сад нишони ёр ҷуста аз шумо
Менамоям ёди зебо дилбарам.

Гарчи мисли мавҷи кокул нестед,
Мавҷи кокул нест ҳам мисли шумо,
Лек охир ошиқи дилбоумед
Дар шумо дарёфт мавҷи зулфро.

Мавҷҳо, гӯед, дар ёди шумо
Ҳаст оё лаҳзаи ҷонпарваре,
Лаҳзаеро ки шуморо, мавҷҳо,
Дида будам бо нигоҳи духтаре?

Мавҷҳо, эй мавҷҳои беқарор
Аз чӣ беором ҳастед ин қадар?
Акс месозед ё бо худ шумо
Беқарории дили манро магар?

5.12.1962

## ЗАВҚИ ДИДОР

Ба рӯи ман ҷаҳон хандид, боғу бӯстон хандид,
Зи тарфи раҳ гули оташ чу тифли навзабон хандид,
Хутути дури тақдирам шуда бар ман аён, хандид,
Чу аз наздик бишнидам садои хандаҳоятро.

Бубин: дар об акси гирдаи маҳтоб афтодаст,
Ки гӯё лаълии заррин миёни об афтодаст,
Шафақ дар рӯи мавҷи об андар тоб афтодаст,
Ҳамин дунёст шоҳид, ки ману ту дилбарӣ кардем...

Нигори дӯстрӯям, хандаҳоят рӯзгор овард,
Вафоят чун гули бодом пайғоми баҳор овард,
Паёми некбахтиву шикасти сад хумор овард,
Нигоҳат кард равшан тирароҳи ҷустуҷӯямро.

Ман охир раҳрави раҳношиносу навсафар будам,
Миёни корзори зиндагонӣ бесипар будам,
Чи бахте, омадӣ охир! Зи дидори ту масъудам.
Биё, то пӯязан бошем мулки пойнорасро.

Биё, бо ҳам гули тақдири инсонро шукуфонем,
Биё, дар санглохон тозагулбоғе бисабзонем,
Ба амри қарзи фарзандӣ биё, ки тозатар хонем
Ба ишқу орзуи худ суруди бостониро.

Биё, бо ту ба мулки шаъну шавкат роҳ мегирам,
Дар ин раҳ ман ба ҳар оташ намесӯзам,
намегирям,
Ба ҳар дарде наменолам, ба ҳар марге намемирам,
Бимон, эй зиндагонӣ, по ниҳам бар остони ту!

3.1.1963

## ВО ҶАВОНӢ!

Ба рӯи раҳ гули пажмурда дидам,
Лагадмол асту менолад ниҳонӣ:
Замоне зеби кокул будам, акнун...
Ҷавонӣ, во ҷавонӣ, во ҷавонӣ.

Бидидам нонпар аз боли кабӯтар
Ба дасти модарам, бо безабонӣ
Ба рӯи нон зада ҳар гоҳ мегуфт:
Ҷавонӣ, во ҷавонӣ, во ҷавонӣ.

Дарахти пири бешохи қади раҳ,
Шунидам бо забони навҳахоне
Ба ҳар як раҳгузар мегуфту мегуфт:
Ҷавонӣ, во ҷавонӣ, во ҷавонӣ.

Ҷавонӣ, гарчи дар ҳар кори хайре,
Ба мисли панди Саъдӣ ҷовидонӣ
Вале он кист, ки ҳар гаҳ нагӯяд:
Ҷавонӣ, во ҷавонӣ, во ҷавонӣ!

10.1.1963

* * *

Худои суғдиёни бостонӣ
Худои осмоние набудаст.
Худованди заминӣ будааст он,
Ба чашми кас дурахшон менамудаст.

Худои суғдиён будаст оташ –
Ҳамон оташ, ки оҳанро гудозад.
Ҳамон оташ, ки дар тоби баландаш
Синону ханҷару шамшер созад.

Ҳамон оташ, ки давраш чарх гарданд
Ба сина оташи сӯзон арӯсон,
Ба он нийят, ки бошад оташи ишқ
Фурӯзону фурӯзону фурӯзон.

Ҳамон оташ, ки то ҳоло намурдаст,
Агарчи душманон оташ задандаш.
(Бигирад з-оташ оташ шуълаи нав,
Намирад з-оташи нав ҳеҷ оташ!)

Ниёгони бузурги мо ба имон,
Парастиданд нуру оташу барқ,
Барои мо гузориданд мерос,
Ки бошад чашмаи нуру сафо Шарқ.

Ман он оташпарасти поксӯзам,
Парастам оташи мероси онҳо.
Ҳамон оташ, ки ҷовидон намирад
Барои ҳоҷати давру замонҳо.

Намоз орам ба оташҳои ҷовид,
Ба ҳар як шуълаи поку дурахшон.
Намоз орам ба нури ҳар шарора,
Намоз орам ба машъалҳои тобон.

Намоз орам ба тоби оташи дил,
Ба табъи оташину шеъри сӯзон,
Забони оташинро саҷда орам,
Ки бошад чун забона шуълаафшон!

20.1.1963

* * *

Аз куҳистонӣ, зи фасли кӯдакӣ
Кӯҳро дар синаят ҷо додай.
Дар сари сад қуллаҳо по мондай,
Дил ба рози кӯҳҳо бикшодай.

Рӯй дар оби мусаффо шустай,
Дар сари сарчашма бозӣ кардай.
Дар булӯри об дида акси худ,
Шеърхонӣ, шеърсозӣ кардай.

Аз куҳистонӣ, дар он ҷо баҳр нест,
Ту суруди баҳрро нашнидай.
Ту фақат дар чашмаҳои пурхурӯш
Саршавии баҳрҳоро дидай.

Бо суруди кӯҳсори сарбаланд
Хотири дӯшизагон болондай.
Сангро бо шеър, бо хуни ҷигар
Ҳамчунон гулбарги тар сабзондай.

Шеърпардозӣ ба васфи кӯҳҳо
Хуб! Баски он хушомадгӯӣ нест
Чист охир пурсахотар ғайри кӯҳ,
Пойбасти қаср ғайри кӯҳ чист?

Кӯҳҳо дар чашми тифлонанд тифл,
Кӯҳҳо дар чашми пиронанд пир.
Кӯҳҳо дар чашми шоир доимо
Рози пинҳонанд дар умқи замир.

Гӯй васфи кӯҳҳоро боз ҳам,
То туро гӯянд мардум кӯҳзод.
Гӯй бо сӯзи дигар, сабки дигар,
То гувоҳи ҳастият сад рӯҳ бод!

Гӯй васфи кӯҳҳоро боз ҳам
Гӯй, то ки кӯҳ ҳам гӯё шавад.
Гӯй, то аз гармии шеъру суруд
Мӯмиё дар сангҳо пайдо шавад.

Он гули ёбоии куҳсорро
Хонагӣ кун, деҳ нишон бар мардумон,
То ки бошад зебу орои наве
Дар дами тирезаи ҳар хонадон.

Кӯҳҳоро дар суруди худ намо
Ҳамнавои қаҳ-қаҳи кабки дарӣ.
Зарраи фӯлод гир аз резасанг,
Теғ кун, охир худат оҳангарӣ!

Ё садо шав дар суруди кӯҳҳо,
Ҳамд бинмо кӯҳҳоро дар суруд.
Бо забони безабониҳои кӯҳ
Гӯй бо фардои нурафшон дуруд!

2.2.1963

## ДАР ЁДИ ШАРАФ

Оҳ, маҳзунам, ки дар айёми фатҳи осмон,
Дар замоне, ки фалакпаймо ба сӯи Моҳ рафт,
Шеъри ман аз сафҳае берун наёмад ҳамчу нақш,
На забони ошиқе шуд, на ба ҳар дилхоҳ рафт.

Медавад даврон чунон барқи ҷаҳанда, нурвор,
Ман ҳамоно оҷизам дар тозабайте сохтан.
Гӯиё симурғпарвоз аст давронам, вале
Ман ҳамоно кундрав дар роҳи сар афрохтан.

Нестам ҳарчанд ман аз бахту толеъ бенасиб,
Гарчи аз озору андӯҳе наям озурдаҷон,
З-он ки давронро нагуфтам мисраи шоистае,
Хешро хонам ҷавони бебароре, дӯстон.

На, бас акнун ёвагӯӣ...
Бош, соз арзи вуҷуд.
Эй ту хишти хом, ҳар ҷо ҷӯй оташхонае,
Сӯз бо ёди шараф дар кӯраи ташвишҳо,
Мисли он ошиқ, ки сӯзад дар ғами ҷононае.

Дар булӯри дидагон, дар чеҳраи дилдодагон,
Дар нигоҳи кӯдакон...
Алқисса, ҳар ҷо бингарӣ,
Достону достону достон...
Инак, қалам!
Бо сухан аз рег соз ойинаи искандарӣ!

Як-ду мисраъ шоирӣ не, нест як гул ҳам баҳор,
Шодии якрӯза бахти ҷовидонӣ нест, нест.
Пок кардан доғи рӯи Моҳро бо шеъри хуб –
Шоиро, ин аст мақсад! Баҳри ин боист зист!

Эй дили пурорзу, аз рангҳои тозае
Сафҳаи рангин ба номи зиндагӣ пардоз,
дунё бо умед!
Кош аз сад байт як байтат шавад вирди забон
Аз сари меҳру садоқат рӯзи Фардо, рӯзи Ид!
6.3.1963

## ҶАВОНӢ МЕРАВАД...

Ҷавонӣ меравад аз ман, ҷавонӣ меравад охир,
Нахоҳам рафтанашро, лек аз ман меравад, ором.
Дурахши чеҳраву мӯи сияҳ, чашмони бодомӣ –
Ҳама хоҳанд шуд радду бадал монанди рӯзу шом.

Ҷавонӣ сабзае не, то ба ҳар фасли баҳор аз нав
Дамад аз хоку боз оро диҳад саҳрои урёнро.
Ҷавонӣ офтобе не, ки бегаҳ рафта, субҳ ояд,
Ҷавонӣ моҳ не, ҳар маҳ нахоҳад гашт ӯ пайдо.

Дареғо, ин гули бесурати садранги атрафшон
Фақат як бор дар шохи ниҳоли умр механдад.
Фақат як бор! Лекин одамӣ бо ёди бӯи он
Тасаллӣ ёфта, уммед бар оянда мебандад.

Муҳаббат! Ту, фақат ту қодирӣ аз рафтани айём
Маро бар омади айёми дигар раҳнамо бошӣ,
Ба роҳи умр дастодаст бо ман зиндагӣ ҷӯӣ,
Ба гуфторам садо бошӣ, сурудамро наво бошӣ.

Агар дар нӯшханди субҳи истиқбол дарёбам
Зи айёми ҷавонии азизи худ нишонеро,
Агар дар роҳи сӯи марг рафтанҳои худ бо ту
Ҷавонӣ дода, дарёбам сафои зиндагониро,

Агар дар пириям бинам, ки айёми шабоби ман
Муҷассам дар ҷавонии ҷаҳони тоза гардидаст,
Муҳаббат, аз ту он гаҳ сарфарозу шод хоҳам буд,
Муҳаббат, мешуморам хешро он рӯз болодаст!

Фақат имрӯз з-он озурдаам, ки лаҳза то лаҳза
Ҷавонӣ норизо, бо сад шикоят меравад аз ман.
Ҷавонӣ аз ману ман аз ҷавонӣ шикваҳо дорем,
Илоҷе нест ғайр аз ҳар нафас ин ҳарфҳо гуфтан:

Нагашта сер аз ту, бо ту рӯеро набӯсида,
Ҷавонӣ, меравӣ аз ман. Ҷавонӣ, меравӣ! Падруд!
Ба узри нотавониҳо ман аз ту илтиҷо дорам:
Марав ту оқибат беоқибат аз олами мавҷуд!
11.3.1963

## ХУДФУРӮЗӢ

Агар парвонаӣ, даври чароғи хирасӯзе не,
Ба даври офтоби оламоро сӯз, қурбон шав!

Агар ту қатраӣ, ҷои нишасти хешро дарёб, –
Ба рӯи санг не, дар бехи гул резу гулистон шав!

Агар обӣ, мабош ором дар як ҷо чу оби кӯл,
Кушо маҷрои худро, қобили тӯфону туғён шав!

Агар позаҳр бошӣ, баъди марги дӯст беқадрӣ,
Ба сарвақти давоҷӯён биё, бар дард дармон шав!

Ту нахли сабз ҳам бошӣ, зарурат гар бифармояд,
Сари сабзат бисӯзон, гармӣ овар,
шуълаафшон шав!

Миёни неку бад, таҳқиру иззат, поку олуда
Гаҳе тобуткаш бошу гаҳе гаҳворачунбон шав!

Хурӯшат ку? Талошат ку? Чорой худ асири худ?
Бурун о мисли шеър аз дил,
забони безабонон шав!

Биёву дар тиҳигоҳи ҳаёт аз хеш олам соз,
Барои хештан миру барои дигарон ҷон шав!
27.4.1963

## ДАР ЛАБИ ДАРЁ

Бо ёри худ ба соҳили дарё нишастаам,
На, на, ба тахти мармари дунё нишастаам.

Тобанда аст шуълаи хуршед бар сарам,
Биншастааст духтари тоҷик дар барам.

Ин дам ки ҳаст чеҳраи ҷонона дар назар,
З-ин беш чист лаззати дунёи даргузар?

Дарё хурӯш кардаву бо ғулғули садо
Гӯё ба савти ишқи мо мегашт ҳамнаво.

Зулфи сиёҳ баста шуд бо мӯи сип-сиёҳ,
Рӯзи висол шуд баён дар риштаи нигоҳ.

Пошида об ҷонибам бо дасти сап-сафед
Оваҳ, зудуд як ба як доғи рухи умед.

Гаҳ мавҷҳо зи якдигар бас дур мераванд,
Лабҳои мо ба якдигар наздик мешаванд.

Дунё! Зи меҳру шафқатат бисёр розиям
Ин саҳнаро ҳамеша гар такрор созиям.

Эй рӯд, рӯди кишвари нирӯфизои ман,
Ту шоҳидӣ ба саҳнаи арзи вафои ман.
6.5.1963

## ЧАШМАИ ДИЛЁБ

Дар зимистон оби он гарм аст, гарм,
Фасли гармо сард монанди яхоб.
Оби софи нилгун чун осмон,
Рӯҳпарвар чун шуои офтоб.

Дар сари ду фасл ин оби зулол
Мешавад аз баҳри чӣ радду бадал?

Ё ки худро аз барои ташнагон
Мекунад табдил бо ҷаҳду ҷадал?

Ёфтам: то онки бошад некёд,
То ки қадри хешро афзун кунад,
То ки айни хости мардум шавад,
Баҳри дилёбӣ чунин афсун кунад.
12.5.1963

## ЗАНГИ ОХИРИН

Як нафас боз сабр бинмоед,
Чеҳраҳотон ба ёди худ гирам,
Дӯстон, дӯстони ҳамдарсам,
Пас равам ҷустуҷӯи тақдирам.

Ёдҳо, чеҳраҳою хислатҳо,
Ҳазлу шӯхӣ, латифагӯиҳо –
Олами чун фасона ширине
Чун насиме гузашту рафт аз мо.

Дона будем дар қади хӯша,
Вақташ омад, ҷудо шудем аз ҳам.
То ки з-он дона хирмане рӯяд,
Роҳ ҷӯем бар дили одам.

Боз дар пеш рӯзҳои нав,
Насяву нақд, гиряву ханда.
Ҳар кӣ бо пои хеш раҳрав шуд.
Гоҳ ҷамъем, гаҳ пароканда.

Фасли бебозгашти дилбозӣ,
Шавқи тасхири осмони баланд,
Фикри ояндаву сарафрозӣ
Кард моро ба зиндагӣ пайванд.

Роҳ яктост сӯи оянда,
Сӯи як раҳ ҳазор раҳ бояд.
Сӯи ин роҳ то ки раҳ ёбем,
Хотири мо даме наёсояд.

Пой то сар умеду мақсудем,
Ҳар ками мо ба ҷои бисёр аст.
Гар ҷавонист фасли обутоб,
Баъди он нангу нузҳату ор аст.

То нагӯем: «Ҳасрато, ҳайфо,
Навҷавонию фасли афсона!»
Дар раҳи сӯи пирӣ рафтанҳо,
Дӯстонам, бувем мардона!
20.5.1963

## СОЛҲОИ СТУДЕНТӢ

*Ба дӯстам Дӯст*[1]

Солҳои ғуруру бебокӣ,
Солҳои таваккалу тавсиф,
Солҳои муҳаббату уммед,
Солҳои ситоишу таъриф.

Фасли ҷавзо, фасли сӯзу соз,
Хомдӯзии ҷомаи мақсад.
Субҳи содиқ – паёми рӯзи хуш,
Аввали раҳ ба оламм беҳад.

Роҳкобӣ барои хушбахтӣ
Дар ҷаҳони мураккабу раҳгум.
Дӯстҷӯӣ ба ёди оянда,
Баҳри будан ба хидмати мардум.

Чашми ҷӯё ба ҷониби ҳар кас
Бо умеде нигоҳ меафканд,
То ки шояд дар ӯ бувад бахтам
Ё ба бахтам маро кунад пайванд.

Аз китоб, аз каломи устодон
Хуб дидем одаму олам.
Дар қиёси накӯю бад дидем
Қисмати худ, қадри худро ҳам.

Гоҳ будем бечизу нодор,
Лек охир на бекасе будем.
Дур монда зи хешу пайвандон,
Лек бо дӯст бода паймудем.

Аз ҳаёт, аз замони инсондӯст
Ишқ додам паёми хайрият.
Ҳарфи устод, панди доноён
Сӯи фардо накӯ гуселам кард...

Бод падруд, фасли дилҷӯӣ,
Охирин занг... ту зи мо рафтӣ.
Ман зи ту сад ҳазор бор розӣ,
Лек аз ман ту норизо рафтӣ.

Чун ғазалҳои ҷолиби Ҳофиз
Бори дигар намешавӣ такрор.
Чун суханҳои даври тифлиям
Бар забонам наоӣ дигар бор...

Хайр, акнун бо шумо падруд,
Солҳо, солҳои раҳкобӣ!
Хайр, акнун бо шумо падруд,
Солҳо, солҳои дилёбӣ!

25.5.1963

1. Манзур дӯсти шоир – Доро Дӯст (шарҳи мураттиб).

## ҲАСАД

Мебарам доим ҳасад бар он ҷавоне, ки туро
Бастаи ишқаш намуда, дилнавозӣ мекунад.
Мебарам доим ҳасад бар он ҷавоне, ки ба меҳр
Назди ту биншаста, бо зулфи ту бозӣ мекунад.

Мебарам доим ҳасад, аммо на аз он ки ба ту
Рӯзгори талх мехоҳам чу оҷиз душмане.
Ҳар куҷо бошӣ, саломат бош бо дилдодаат,
Хоҳамат бахти шукуфон чун баҳоре, гулшане.

Ман ҷавони сода будам, рост мепиндоштам
Ҳар суханро ҳамчу покии дилу одамгарӣ.
Ман назарногир будам, дӯстат медоштам,
То бузургӣ ёбаму ишқат диҳад болу паре.

Ишқи ман чун ашки тифлон пок буду соф буд,
Фахри айёми ҷавониям ту будӣ, нозанин.
Будӣ пайванди ману дунёи пур аз орзу,
Иду тӯям, шодмониям ту будӣ, нозанин.

Мебарам доим ҳасад бар он ҷавоне, ки туро
Бастаи ишқаш намуда, дилнавозӣ мекунад...
Мебарам доим ҳасад бар он ҷавоне, ки ба меҳр
Назди ту биншаста, бо зулфи ту бозӣ мекунад...

1.7.1963

## МАРҲАБО, ПОИ МУБОРАК!

Марҳабо, чашми ту олу, нигаҳи дӯстписанд,
Марҳабо, мӯи маҳинбофта, мижгони баланд,
Марҳабо, дасти кушоди ба сахо бемонанд,
Марҳабо, ду бари рухсораи нобӯсида!

Марҳабо, ҳалқаи пайванди ману оянда,
Аввалу охири ман дар фалаки поянда.
Марҳабо, чашмаи доруи равонбахшанда,
Айни пиндоштаи ошиқи пиндорпараст!

То набудӣ, сари дилдода ба хуршед насуд,
Шоҳиди будани ӯ ҳеҷ ягон нақш набуд.
Мӯй бишкофт, зи тақдири худ огоҳ нашуд,
Омадӣ, ошиқи ту будани худро дарёфт.

То набудӣ, дили ман косаи бешарбат буд,
Ҳасаду рашк ба ҳар ошиқи хуррам мебурд,
Гоҳ розӣ будам аз яъс ба ҷон додани худ,
Марги марг аст кунун омаданат, ёри азиз!

То набудӣ, ба назар буд ҳама нопайдо,
Буд мавҳум раҳи умр чу маъвои худо.
Омадӣ! Сохтаи дастам агар мебуд моҳ,
Ман варо сохтаме тугмаи пироҳани ту!

Омадӣ, раҳбари дилхостаам, чорагарам,
Зиндагӣ тофт ба сад ранги дигар дар назарам,
Гӯиё меҳр зи афлок биёмад ба барам,
Дур наздику ба каф хоки сиёҳам зар шуд.

Ҷони ман, то ки ба зери фалаки минӯӣ
Машқи мурдан нашавад ҳолати қисматҷӯӣ,
Зиндагӣ то нашавад маҷлиси ҳасратгӯӣ,
Қатра аз баҳр наё, баҳр биё аз қатра!

Чашм дорам, ки ба ҳамроҳии ту дар имкон
Нагзарем аз лаби ҷӯ ташна чу бетадбирон,
Ҷуста сайронгаҳи ҷовид, ба ҳам болзанон,
Ду дили баста ба ҳам – ҷуфти кабӯтар бошем!

Чашм дорам, ки шавӣ ҳусни баҳори ошиқ,
Чашм дорам, ки шавӣ силсиладори ошиқ,
Чашм дорам, ки шавӣ дору надори ошиқ,
Чашм дорам зи туву ишқ худонирӯӣ!

Ман ба ту ҳеҷ гаҳе лофи муҳаббат назанам,
Ман нагӯям, ки зи гардун ба ту хуршед канам,
Баҳри ту ҳар чӣ, ки аз даст биёяд, бикунам,
Ёр, бигзор, худи зиндагӣ шоҳид бошад!

Марҳабо, воситаи хушдилу хуррам шуданам,
Марҳабо, панди сабабгори мукаррам шуданам,
Марҳабо, воситаи сӯхта Одам шуданам,
Лоиқи лоиқи ту будаму ҳастам, санамо!
14.8.1963

## ЁД ДОРӢ?

Ёд дорӣ соатеро, ки ба бар
Куртаи парпаргиребон доштӣ?
Бо табассум сӯи ман меомадӣ,
Рӯи раҳ нозу адо мекоштӣ?

Ёд дорӣ соатеро, ки ба ту
Мисли тифли навзабон гап мезадам,
Дар дилам сад достон буду вале
Ларз-ларзон пеши ту меомадам?

Ёд дорӣ бегаҳеро, ки ба боғ
Аз таҳи бозуи ту медоштам,
Завқ мекардию қаҳ-қаҳ мезадӣ,
Ноз мекардию мебардоштам?

Оҳ, мебинам туро ҳоло дигар,
Дар бари рухсораат чину шикан.
Ёд меояд маро з-айёми нек,
Ки ҷавонӣ буду ту будию ман.

Олами пиндори ишқу ошиқӣ
Пеши чашмонам нагардида падид,
Пардаи пиндор нобардошта,
Байни мову ту ҷудоӣ даррасид.

Зиндагонӣ бурд аз наздат маро,
Бурд бо сад роҳҳои печу хам.
Гарчи аз ёдам нарафтӣ, лек ман
Дур будам, дур аз ту, эй санам.

Солҳо рафтанд, танҳо ҷуфт шуд,
Зеби кокул шуд гулу афтид боз,
Ман ҳамонам, ки туро мехостам,
Ман ҳамонам, ки ба ту дорам ниёз.

Ҳар чӣ буд, бигзашт, ҳоло модарӣ,
Шодмонӣ дорӣ аз фарзандгон.
Илтиҷо дорам, ки манмо зишт ёд,
Ҳар чӣ буд, бигзашт, бигзашт аз ҷаҳон.

Лек гоҳе ёд кун з-он бегаҳе,
Ки зи банди дасти ту медоштам.
Зиндагӣ буд – зиндагии ошиқӣ:
Ноз мекардию мебардоштам.
1.9.1963

## ЗАРАФШОН МЕРАВАД СӮИ БУХОРО

Зарафшон меравад сӯи Бухоро
Зи кӯҳи Панҷрӯд, аз чашмасорон.

Ба роҳаш ёдгорӣ монда ҷорист,
Ба нафъи халқ зар афшонда ҷорист.

Ҳаме ҷорист монанди ҷавонӣ,
Ниҳодаш – паҳлавонӣ, қаҳрамонӣ.

Ту пурсӣ лангари мавҷаш кӣ додаст?
Зи савти шеърҳои устод аст!

Чунин тобу тавон бар вай кӣ додаст?
Зи номи тобноки устод аст!

Замини роҳи худро нақшбандест,
Чу панди Рӯдакӣ хотирписандест.

Вале ояд чу наздики Бухоро,
Шавад сокит, сукуташ сарду ғамзо.

Ҳамон асри фалокат ёдаш ояд,
Ба хотир қисмати устодаш ояд.

Виқору шавкаташ, туғёну ҷӯшаш,
Салобат, ҳашмату азму хурӯшаш,

Шитоби мавҷҳои беқарораш,
Сахои қатраҳои зарнисораш –

Ҳама хомӯш гарданду ба ҳасрат
Зарафшон сокиту ором истад.

Азо гирад ба ёди ҳамдиёраш,
Ба ёди он, ки карда номдораш.

Парешон, хастаю маъюс гардад,
Тамоми зиндагӣ кобус гардад.

Варо беҳолу беимдод бинӣ,
Зи ҳолаш қисмати устод бинӣ...

4.10.1963

## АНДЕШАҲОИ МӮЙСАФЕД

Ҳаётам рангубӯе дошт, дар дил навбаҳорам буд,
Нигоҳам ҷустуҷӯе дошт, дар паҳлӯ нигорам буд.

Биҳиштам буд дар оғӯш аз дидори маҳбубон,
Гаҳе бечиз будам, лек ёри ғамгусорам буд.

Задам писханд сӯи марг, будам гоҳ дарди дард,
Шабу рӯзи худо бо зиндагонӣ гирудорам буд.

Ман одамзодаям, аммо ба рӯзи шодиям, ёрон
Худо пиндоштам худро, ки аз завқи барорам буд.

Гаҳе занҷир бигсастам, гаҳе дар мӯй дар мондам,
Гаҳе аз мӯ мадад ҷустам, чу ҳукми рӯзгорам буд.

Гаҳе шуд санг болинам, нагуфтам зиндагонӣ бас,
Ба сӯи хайрият ҳар лаҳза чашми интизорам буд.

Дар ин дунё, дар ин гаҳвораю тобути инсонӣ
Забони ростӣ будам, шафақ будам, шарар будам.

Ба марги дӯст гирйистам, ба рӯзи тӯй хандидам.
Хазидам гоҳ мисли мор, гаҳе симурғпар будам.

Чӣ созам, ҳар нафас бар гӯш меояд садо акнун,
Ки вақти рафтанат шуд... оҳ,
ман аз ин бехабар будам.

Вафо дорам ба хокат боз, дунё – модари бераҳм,
Фақат ёде бикун, вақте ҷавони хушназар будам.

Зи баъди даргузаштан ҳам зи хокат боз мебӯсам,
Барои амни ту ҳатто ба зери хок месӯзам.

1.11.1963

## ОШИҚ

Ҳазорон ҷон ба қурбон дора(д) ошиқ,
Фидокорест, паймон дора(д) ошиқ.
Фарози ҳафтгунбад кай писандад?
Макон дар кӯи ҷонон дора(д) ошиқ.

Ҳамеша ёди ҷонон аст ӯро,
Ҳамин як давру даврон аст ӯро.
Ба навмедӣ нишаста оҳ гуфтан
Беҳ аз тахти Сулаймон аст ӯро.

Нишинад, ёд созад, ёд созад,
Ба ёде хотири худ шод созад.
Ба пиндору хаёлу орзуҳо
Ҳаёти хешро обод созад.

Ба дидан рӯи хандон дора(д) ошиқ,
Ба пинҳон чашми гирён дора(д) ошиқ.
Ба мисли ашки модар софу сӯзон
Ба сина ишқи пинҳон дора(д) ошиқ.

Зи дунё номи нек уммедвор аст,
Зи фардо қисмати нек интизор аст.
Ба чашми ёр санҷад кори худро,
Ба ёди ёр ҳар ҷо раҳсипор аст.

Агар ҷонона аҳволаш напурсад,
Ба ӯ аз меҳр як ҳарфе нагӯяд,
Ба дӯши ӯ бияфтад бори олам,
Надорад чора, танҳо оҳ гӯяд:

Дили ман, эй дили ман, соҳибат ку?
Ҳаводорат куҷо шуд, толибат ку?
Бурун аз базм чун тори гусаста
Хамӯшӣ, гӯй охир, мутрибат ку?

Дили шабзиндадоре дора(д) ошиқ,
Ғуруре, ифтихоре дора(д) ошиқ.
Ҷавонӣ, ошиқӣ, ҳиҷрону дидор...
Ҳаминҳо ёдгорӣ дора(д) ошиқ.

7.11.1963

## РАҲРАВИ ЗИНДАГӢ

Раҳрави роҳи басе дуру дароз,
Раҳрави роҳи пур аз шебу фароз,

Меравӣ ҷониби фардо нигарон,
Хосиятхоҳ зи умри гузарон.

Роҳи ту – роҳ суи иқбол аст,
Раҳи падруд ва истиқбол аст.

Дар раҳи туст ҳам осебу газанд,
Ҳам гулистони саодат, ҳам банд.

Моҳигириву бидон, пайвастат
Нафитад моҳии зар дар шастат.

Бахт чун оби равон пайдо нест,
Дар ҳама ҷои замин тилло нест.

Зиндагонист на яксону дар он
Шиша гоҳест ба ҷои сандон.

Зиндагонист – ба кас то ба абад
Силаву силӣ зи як даст расад.

Зиндагонист – диҳад чун фармон
Кори анбӯр кунӣ бо дандон.

Дорӣ зар, лек най худ заргар,
Заргарӣ, лек надорӣ худ зар.

Моли дунёст ба ту ориятӣ
Диҳаду боз бихоҳад, ки бите!

Дар фузунаш ғаму озоре ҳаст,
Дар камаш лаззати бисёре ҳаст.

Шунавӣ гоҳ гапи кину ҳасад,
Ин яке нек бигӯяд в-он бад.

Ғам махӯр аз ҳасади раҳгузарон,
Аз нигаҳҳои пур аз кини бадон.

Ки чунин санг миёни обанд,
Ба назар з-оби фузун шодобанд.

Лек з-он об на худ сабз шаванд,
На зи худ буттаи гул рӯёнанд...

Раҳрави роҳи басе дуру дароз,
Раҳрави роҳи пур аз шебу фароз,

Пешпо хӯрдаву бархоста боз,
Сӯи ҳар хира наёварда ниёз,

Меравӣ ҷониби фардо нигарон,
Ҳусн афзуда ба ҳусни даврон.

Дорӣ дар даст силоҳи уммед,
Пас, бирав, бод туро роҳ сафед!

15.11.1963

## ХОҲАМАТ РӮЗИИ ПАРОКАНДА

Хоҳамат бахт, бахти поянда,
Қисмати бобарору рангине.
Хоҳамат ризқи бас пароканда,
Ки варо ҷӯиву ҷаҳон бинӣ.

Хоҳамат бахтбони бономус,
Ҳамчу худ ғамшарику созанда.
Хоҳамат шоҳроҳи бахтовар,
Шоҳроҳе ба сӯи оянда.

Хоҳамат лаҳзае, ки ёд орад
Нашъаи бӯсаҳои аввалро.
Хоҳамат донише, ки бишморад
Бахшиши нақди ҳар таваккалро.

Хоҳамат бехалал шабистоне,
Хоби тифлонаи саҳаргоҳӣ.
Хоҳамат рӯзи софу нуронӣ,
Дасти имдоди ёри дилхоҳе.

Хоҳамат дар ҷавоби ҳар ошӯб
Як сукути фасеҳи мардона.
Хоҳамат зиндагонии марғуб
Дар қиёми висоли ҷонона.

Дар ҷавоби чунин таманноҳо,
Эй, ки бо ман ту як дилу ҷонӣ,
Аз ҳама мумкинот баҳрам хоҳ
Як нафас зиндагии тӯфонӣ...

1964

## КИШВАРИ БАРКАМОЛ

*Ба ҷашни 40-солагии Тоҷикистон*

Замин дар сози ҳастӣ ҷилваҳо кард,
Ҳаёти пурнишоте ибтидо кард.

Замон баҳри ту пардози дигар дод,
Ниҳоди дигар, оғози дигар дод.

Ба ҷои милмилак афрӯхт қандил,
Хати барқаш расида то ба сад мил.

Миёни тирамоҳ омад баҳоре,
Баҳори бехазоне, бобароре.

Замин нарму само наздиктар шуд,
Дили одам зи одам баҳравар шуд.

Диёри баркамолам, безаволам,
Чи сон аз ин камоли ту наболам?!

Миёни растхези орзуҳо,
Миёни мадду ҷазри кори дунё,

Миёни тирароҳу тангноҳо
Умеди хайрият бастӣ ба фардо.

Ҳама уммеду армонат раво шуд,
Тамоми норасоиҳо расо шуд...

Замин дорӣ, замон дорӣ ту имрӯз,
Ҷаҳоне дар ҷаҳон дорӣ ту имрӯз.

Суботи кӯҳсорон аст бо ту,
Шукӯҳи меҳри тобон аст бо ту.

Ту з-ин пас ҳеҷ гирди ғам нагардӣ,
Чу ганҷи кӯҳсорат кам нагардӣ.

Ҳаётат ҷовидон зебост, зебо,
Шукуфон асту хандон чун дили мо.

Суруди ёр-ёри тӯи ёрон
Диҳад ғул-ғул зи байни кӯҳсорон.

Фалак гирад, раҳи дилҳо биҷӯяд,
Ҷаҳонро қиссаи тӯи ту гӯяд.

Суруди ту ба кунҷи дил ниҳон нест,
Чу парвози уқобон бенишон нест...

Дар ин айём, мулки нозанинам,
Туро дар субҳи хуршедӣ бубинам.

Дар имрӯзи ту ман оянда ёбам,
Шавам ҳампову ҳамроҳат шитобам.

Чу модар ту бузургу пойдорӣ,
Ки аввал дорию охир надорӣ!

1964

## РӮҲИ НЕҲРУ

То ки баъди марг ҳам туғён кунад,
Шӯраду бистезаду ҷавлон кунад,

Дар фазои осмон бошад муқим,
Дар дили баҳри дамон бошад муқим,

Сайр созад то ба паҳнои ҷаҳон,
Гашта ҳампои насими бемакон,

То биёмӯзад ба ҳар як мавҷ ӯ
Беқарорию суботу ҷустуҷӯ,

Ҳамдаму ҳамрози дарёҳо шавад,
Ҳамнасиби бешаву саҳро шавад,

Ғамшарики баҳрпаймоён шавад,
Шоҳиди беҳрӯзии инсон шавад.

Гашта ҳампарвози мурғони ҳаво,
Сер бинад ҳусни олам аз само.

То танинандоз бошад чун суруд,
Чун суруди меҳр дар саҳни вуҷуд.

То зи инсон дар ҳама баҳру баре
Сабт монад, сабт инсонигарӣ.

То ки дар ҳамбастагии обу хок
Зинда бошад, зинда бошад рӯҳи пок.

Ҳамчу онҳо худ ғизои гул шавад,
Зеби нав, ҳусни нави кокул шавад.

То ки бошад боз ҳамдарди замин,
Хайрхоҳи меҳрпарварди замин.

То чу ҳар як ташна нӯшад оби рӯд,
Об не, гирад зи инсон сад дуруд.

Ҷои теғу бомбаю тиру туфанг,
Ҷои оташ, дуди даҳшатзои ҷанг.

Рӯҳи худро бар фазо парвоз дод,
Интиҳояшро зи нав оғоз дод.

Дод ӯ хокистари худро ба рӯд,
Ки равад то баҳрҳои беҳудуд...

Дӯстон, гӯед оё интиҳост,
Интиҳоеро, ки ин сон ибтидост?!

1964

## МУКОФОТ

Халқ гӯяд, ки ҷайра як вақте
Дукфурӯши ҳалолкоре буд.
Лек чун зад ба чашми мардум хок,
Гашт расвою радди мардум шуд.

Оҳи халқу дуои халқ аз ӯ
Ҳаққи худро аҷаб ситонидаст.

Ҳар дукашро намуда аз ханҷар,
Бар тани нозукаш халонидаст.

Халқ гӯяд, ки сангпушт аввал
Баҳри мардум тарозубаркаш буд.
Лек чун зад ба чашми мардум хок,
Он тарозу ба пушт бораш шуд.

Аз ҳамон рӯз то ба ҳоло ӯ
Он тарозу ба пушти худ орад,
Оҳи халқу дуои халқ ӯро
Дар чунин маҳбасе нигаҳ дорад.

Бум гарчи дар аввал одам буд,
Хост хуршед моли ӯ бошад,
Чашмаи нур хонааш бошад,
То ҳама даҳр тоаташ орад.

Пеши хуршед хира шуд чашмаш,
Сӯи вай чун ба ҳирс роҳӣ шуд.
Кӯр омад, барои ӯ з-он пас
Рӯзи равшан шаби сиёҳе шуд...

Оре, оре, сазо чунин бошад
Бар бади носипоси ноқодир.
Баъди як лаҳза роҳату айшаш
Рӯсиёҳи абад шавад охир.

6.4.1964

## МАЪШУҚА

Дасти худ пайванд бо дастат кунад,
Бо нигоҳи оташин мастат кунад.
Сар ба рӯи синааш монӣ даме
Бо ҷаҳони бахт пайвастат кунад.

Як нафас олам дар оғӯшат шавад
Заҳри қотил он нафас нӯшат шавад.
Ҳалқа созад дасти худ бар гарданат,
Одаму олам фаромӯшат шавад.

Дилработар нози ӯ аз рӯи ӯ
Сӯзи ӯ хуштар зи рангу бӯи ӯ.
Офтоб ӯ, ту – гули афтобдӯст –
Рӯи худ гардонӣ доим сӯи ӯ.

Ошиқӣ гар ёбӣ дунёи наве,
Аз вуҷуди хештан розӣ шавӣ.
Бо муҳаббат бинӣ кам ҷои фузун,
Аз сарои даҳр беармон равӣ.

Чун замин пасту баланд аст ишқ ҳам,
Ошиқӣ роҳест пур аз печухам.
Медиҳад он чӣ нагунҷад дар хаёл,
Мебарад аз ту ба ғайри оҳу ғам.

Гар ту ёрӣ – ёр ёрӣ мекунад,
Ҷонфишонӣ, ғамгусорӣ мекунад.
Дар бадал бо ту нагирад оламе,
Бо ту сарфи рӯзгоре мекунад.

Бо ҳамон шарте, ки бар қадраш расӣ,
Покбозу покҷӯ бошӣ басе.
Ишқро гаҳвораю тобути худ
Хонию миннат наорӣ бар касе...

17.4.1964

## РОЗҲО

Пардаҳои тиреза парафшон,
Чашмҳоят ба сӯи ман бозанд.
Ҳалқаи ҷашмҳои ҷодуят
В-он нигаҳҳо барои ман розанд.

Хона ором, чеҳраат ором,
Ман надонам, чӣ розҳо дорӣ.
Аз сукуту хамӯшӣ ҳосил нест,
Бар забон о, ниҳон чаро дорӣ?

Ин ҷавонӣ – таронаи ҷовид,
Лек як бор хонад онро кас.
Месароему мегузоремаш
Баҳри он, к-ӯ биёяд аз мо пас.

Зиндагонӣ насиби ҳар кас нест,
Лек бар марг ҳар кӣ дорад раҳ.
Ёварам бош, то мабод аз яъс
Ношукуфта хазон шавам ногаҳ.

Ишқи ту ё чу шӯълаи мушак,
Як дурахшида пас шавад бар хок?
Ё чу хуршед пас нагардад ҳеҷ
Аз раҳи хеш дар кафи афлок?

Ё чу ҳамёни холие ҳаргиз
Гум шавам ҳам, маро намекобӣ?
Ё лаби об ташна хоҳам буд,
Хоби худро бигуфта бар обе?..

Ё гузорӣ зи обу хокам дур,
Канда аз ҷойгоҳам – аз гулзор,
Чун ниҳоле, ки соҳибаш орад,
Баҳри бифрӯхтан сари бозор?

Ё бирезӣ чу косаи обе,
Бар қади раҳ муҳаббати покам?
Ё бихандӣ ба ҳоли ман аз кибр,
Дида чашми ҳазину ғамнокам?

Ман аёнам, зи ман маҷӯ асрор,
Ман сурудам, зи дил равам бар дил.
Сода мисли ҳақиқатам, лекин
Хору зорам ба дасти ноқобил.

Якдилу якзабону якрӯям,
Гар ту якрӯю якзабон бошӣ.
Бигзарад фасли навҷавоният,
Дар дили ман вале ҷавон бошӣ.

Пардаҳои тиреза парафшон,
Ҷашмҳоят ба сӯи ман бозанд...
Ҳалқаи чашмҳои ҷодуят
В-он нигаҳҳо барои ман розанд...

24.4.1964

## ДАР БАЗМ

Дар дили шаб ҷоми заррини кафи ёр
Медурахшиду диламро шод мекард.
Ҳарфҳои канда-канда, нозҳои дилбарона,
Мастӣ аз дидору аз май
Ҳастиямро бод мекард.

Ҳамчу шамшод аз вазиданҳои боди шӯхшанг
Печу тобе хурдаву арғушт мерафт.
Бо садои қарс-қарси панҷаҳои нозукаш
Ҷони ман ҳам аз сари ангушт мерафт.

Гоҳ чашмак мезаду бо як нигоҳаш мерасонд
Қиссаи ишқи ҷавониро ба ёд,
Дар дилам тӯфони баҳру нолаҳои бодро
Медамонду бар ниҳодам
Оташи ғам ҳмениҳод.

Оламе ишқу муҳаббат, оламе сӯзу гудоз,
Оламе чун хоб оромеву мудҳиш мисли ҷанг,
Оҳ, дар як он ба пеши дидагонам шуд падид.
Худ ба худ ман дуд кардам,
Бохтам аз рӯй ранг.

Буд вақте к-аз нигаҳҳои муҳаббатрези ӯ
Дар вуҷудам субҳи фардо медамид.
Ғунчаи бишкуфтае буду димоғи хотирам
Ҳам ба ғоиб, ҳам ба ҳозир
Бӯи онро мешамид.

... Одамӣ гоҳ аз ғуруру худписандӣ, худсарӣ
Қатра ҷуста, баҳрро гум мекунад.
Бо адои абрӯе, бо ҳукми бебунёд гаҳ
Хештанро рӯсиёҳ
Дар чашми мардум мекунад.

Базм... Ӯ мерақсаду меболад аз худ, то ки ман
Бинаму сӯзам, ба ёд орам зи нав
Орзуи мурда, роҳи баста, он айёми дур,
Оламе бебозгашти ошиқӣ,
Бахти нақди рафта аз каф...

Бесадо мехонд ҳар нозу адо, ҳар ҷилвааш
Достон аз достони нотамом.
Хандааш дашном буду базм бар ман маҳбасе.
Об мегаштам, ба ёдам мерасид
Рафтани он бахти ром.

Боз шояд зиндагӣ дорад уруҷи дигаре.
Аз тамоми нотамомиҳо тамомӣ мерасад.
Қадрдонӣ, қадрдонӣ!
Ман кунун дарёфтам,
Одамизода агар ҷое расад,
Аз қадрдонӣ мерасад.

10.5.1964

* * *

Чунин бекайду бепарво шудӣ ту?
Дареғ аз ҷӯшу туғёни ҷавонӣ!
Чунин дилсарду беандеша гаштӣ?
Дареғ аз раъду барқи ногаҳонӣ!

Чӣ шуд дар субҳи хуршедии умрат,
Ки то бегаҳ нарафта хастаҳолӣ?
Чӣ шуд дар аввали роҳи насибат,
Ки меҷӯӣ заволи безаволӣ?

Ҳама уммедҳо сурат набаста
Чу домони уфуқ аз ту ба дуранд.
Дареғ аз сӯзҳои нотамомат,
Ки андар ними раҳ афтода мурданд.

Замоне пеши чашмони ту дунё
Муаммо буду меҷустӣ дареро.
Зи оташ ғайри гармӣ, сӯхтан боз
Ту меҷустӣ сифоти дигареро.

Нигоҳи раҳгузар баҳрат «чаро» буд,
Сукути кӯҳ тӯфон менамудат.
Хамӯшии дару девори хона
Забон меёфт дар савту сурудат.

Ба ҳар як кашмакаш, афту дарафте,
Талоше, ҷангуҷӯше, гирудоре,
Ҳаромӣ, нотавонбинӣ, хабисӣ,
Ҳамоқат, носипосӣ, фитнакорӣ,

Ту бо ҳукми дили бекинаю пок,
Дили бедоғу ноолудаи худ
Ниҳон месӯхтӣ. Суде надидӣ.
Надидӣ оташеро ҳеҷ бе дуд!

Магӯ, ки нест ҳаргиз ҳақгузоре
Ҳама кас як касу як кас ҳама не.
Магӯ, ки нест бо ту ҳамсадое,
Дар ин раҳ ҳеҷ як кас бетамаъ не.

Магӯ, ки ин чунону он чунин аст,
Ки ҳар кас бо ҷамоли хеш зебост.
Зи каҷроҳону аз худ гаҳ бурун рав
Гумон бар: манзилат арши муаллост.

Марав, эй қатра, аз дарё канора,
Ки дигар ҳеҷ гоҳе барнагардӣ.
Замини хушк меошомадат зуд
Намепурсад, ки то ҳоло чӣ кардӣ…

Чӣ шуд дар субҳи хуршедии умрат,
Ки то бегаҳ нарафта хастаҳолӣ?
Чӣ шуд дар аввали роҳи насибат,
Ки меҷӯӣ заволи безаволӣ?

13.6.1964

## САТРҲОИ НОТАМОМ

*Ба хотираи шоири ҷанговар Ҳабиб Юсуфӣ*

Сатрҳои нотамому хомаи навпайзада
Монд бесоҳиб…
Дар оғози ҳаёт
Роҳҳо дигар шуданд,
Он гаҳ расид,
То шавад уммед анбози ҳаёт.

Он, ки дар дил дошт тӯфони сухан,
Он, ки меҷӯшиду дастон менавишт,
Он, ки бо сӯзи тамому меҳри пок
Мадҳи хубон, васфи ёрон менавишт.

Он, ки буд умри ҷавонияш қасам,
Дошт савганди муқаддас бар забон,
Ёфт майдоне, ки ҳатто андар он
Гум шудан ҳам нест беному нишон.

Ёфт вақте, ки ба номи зиндагӣ
Лаҳзаи он мешавад умри абад.
Ёфт қабре, ки аз он баҳри ҷавон
Рӯзгори ҷовидон сар мешавад.

Рафт ӯ аз худ бурун дар як нафас,
Тангно не, вусъатободе бихост.
Рафт сӯе, ки нагирад ҳеҷ кас
Бо дуруду бо сурудаш пешвоз.

Рафт…
Аммо аз раҳи худ барнагашт
Бар қафо чун офтоби кишвараш.
Рафт ҳамчун рӯдҳо баҳри ҳаёт,
Бар сипоси шири поки модараш.

Сатрҳои нотамому хомаи навпайзада.
Монд бесоҳиб…
Ҳама шеъру суруд
Дар забону дар дилу дар роҳ монд,
Рӯз бегаҳ ношуда ҷовид шуд.

15.7.1964

* * *

Гумон дорӣ, ки баъди бо ту будан,
Пас аз бо ту нишастан, роз гуфтан,
Сари зулфи туро бозӣ намудан,
Бувад чизе кирои боз гуфтан?

Ҷавонӣ буду ту будию будам,
Ҷавонӣ рафту ту рафтию рафтам.
Дареғ аз роздориҳои шабҳо,
Ки пӯшонданд ҳар розе, ки гуфтам.

Ту пинҳон аз падар, аз модари худ
Шукуфтӣ аз висолу завқи дидор.
Ту аз савдои ҳастӣ будӣ масъуд,
Ҷаҳонат буд танҳо чеҳраи ёр.

Ту бар тақдир тан додию рафтӣ,
Зи худ ман бехабар будам ба ёдат.
Гулеро дида гуфтам он баҳор аст –
Биҷустам аз тасодуфҳо саодат.

Маломатҳои мардум рафт аз ёд –
Ману ту гӯиё бо ҳам набудем.
Нагуфтему набишнидем розе,
Ба ҳам ғамошно, ҳамдам набудем.

Чӣ суд аз нолаҳои талху ҷонкоҳ,
Чӣ суд аз ёди айёми гузашта,
Чӣ суд аз дарду андӯҳу ғаму оҳ,
Ки хокистар зи нав оташ нагашта.

Кунун андӯҳи худ, шодии худро
Ба ёди ту, ба ёди ту бигӯям.
Ба ҳар ҷое равам, ҳар ҷо нишинам –
Нишонатро зи дигарҳо биҷӯям...

23.7.1964

## МУҲАББАТИ АВВАЛ

Самои нилкору шӯълаи субҳонаи хуршед,
Дамиданҳои хоки хобноки навбаҳоронро
Дилам дар хеш пинҳон дошт,
Меболид, меҷӯшид,
Шабам хуршеди тобон дошт.

Зи пушти тӯри барфи симгун метофт симояш,
Зимистонҳо, ки дунё буд кофуриву оҳарпӯш,
Нигаҳҳои шарарбунёд,
Ёди чашми шаҳлояш,
Диламро гармие медод.

Ҷаҳон гӯё ки оташхонае буду зи ҳар ҷониб
Шарар мерехт бар қалби ҷавони навгирифторам.
Хаёламро шамоли раҳгузар мебурд чун соҳиб
Ба сӯи манзили дилбар.

Дар он айём баҳри ман фақат як роҳ маъман буд,
Раҳе, ки рафта то бар остони ёр мечаспид.
Дар ин раҳ гарчи раҳзан буд,
Адоват буд, душман буд.

Ба ҷонам пиразоли шаб ҳазор ошӯб меангехт,
Само мебурд гоҳе, гаҳ ба хоки тираам мезад,
Ҷаҳонро сад тагорӯ менамуд,
Аз нав накӯ месохт,
Маро мебурд бас аз худ.

Маро мебурд ҳар дам сӯи мулки дуру нопайдо
Ки инак, дар паси он теппаҳо дарвозаи тиллост.
Биё бикшоямат, он ҷо,
Арӯси шӯху чилкокул
Туро пазмон, туро ҷӯёст.

Маро мебурд он сӯе, ки бар ақли ҷавони ман
Муаммо буд, қаъре буд нопайдову нофаҳмо.
Гаҳе иқбол, гаҳ идбор,
Гаҳе дунёи рӯъёӣ
Нишон медод аз он ёр...

Ба монанди суманбоде, ба мисли абри боронӣ
Задам то чашм бар ҳам, рафт он айёми нотакрор,
Фақат ёде, фақат ёде,
Ҳадиси аҳду паймоне
Ба ман бигзошт, на шодӣ.

Равед, эй хотироту ёдҳо, кобус бардоред,
Диламро пора нанмоед, бигзоред, дил бандам,
Ки тифли орзуям ман!
Маро дигар наёзоред,
Атои ҷустуҷӯям ман!

12.8.1964

## ДИДГОҲИ ХОТИРА

Ба чашми нимбедорат, ба рухсори гули норат,
Ба ҳар як пилтаи абрӯ, ба обу тоби гесӯят,
Ба лабҳои гулобиранг, гашти қадди дилҷӯят,
Бубахшидам ҷавониро,
Ту дониву нигаҳдорат.

Набошад гар маро имрӯз, фардо ҳаст!
Қисмат ҳаст!
Зи олам ҳар куҷо бошад насибам,
меситонам ман.
Раҳам дур асту нақдам кам,
валекин насяҳо бисёр,
Ҳар он чӣ нақд ёбам,
пеши поят мефишонам ман.

Ба боли орзуҳо менишинам, мекунам парвоз,
Туро бо хеш дар ин роҳ ҳампарвоз мебинам.
Фазои бетаҳи афлокро мегардаму доим
Туро бо хеш ҳамандешаву ҳамроз мебинам.

Куҷо бурдӣ ҷавонии маро?
Ҳамчун нигоҳи сард –
Нигоҳи сарди як бедард аз хотир тарошидӣ.
Куҷо бурдӣ ту он сармояи умри азизамро?
Чу мактуби рақибе пораш кардиву пошидӣ...

Куҷо бурдӣ ҷаҳони орзуямро, умедамро,
Ҳавои беғуборамро, нигоҳи барқворамро,
Шафақҳои навозишкори рухсори сафедамро,
Сари субҳи биҳиштосои айёми баҳорамро?

Куҷо бурдӣ, ту, эй гулбози бепарво?
Куҷоӣ ту?
Барои пешвози дигаре гулдаста мебандӣ?
Ва ё худсозиҳо дорӣ ба азми сайри боғистон?
Ва ё дар базм мерақсӣ, ки бо эъҷоз дил бандӣ?

Шабаҳҳо сайр месозанд болои сарам доим,
Нигаҳҳо сайр месозанд ҳар як бурҷи оламро;
Намедонам, намефаҳмам, намеёбам, намебинам,
Ки ёбад як нигаҳ аз як нигаҳ тақдири одамро...

Замин меҷунбаду кӯи ту меояд ба ёди ман:
Мабодо хонаи ту, хонаи ишқам шавад вайрон.
Куҷо бурдӣ ҷавонии маро, эй бахти баргашта?
Маро дарёб, ҳоло устуворам дар раҳи паймон!
25.8.1964

## РОҲИ ДИЛҲО

*Ба муносибати гузошта шудани*
*ҳайкали устод Рӯдакӣ*

Кашида мил бар чашмаш,
варо ронданд аз даргоҳ,
Ки то бечашм баъд аз ин набинад рӯи дунёро,
Наёбад пештар з-он зумраи бедарду бетавфиқ
Ба боли улвият биншаста роҳи мулки фардоро.

Гумон карданд роҳи ӯ зи гаҳвора-ст то тобут,
Гумон карданд чашми ӯ фақат чашм асту
дигар ҳеҷ.
Гумон карданд чашми ӯ
ба мисли кирмаки шабтоб
Барои хеш мерахшад,
Ба як дам мешавад нобуд.
Гумон карданд ғайри боргоҳи миру шоҳонаш
Маконе нест, маъво нест ӯро, ҳам нахоҳад буд.

Гумон карданд бо афтодани чашм аз сари шоир
Заволи безаволӣ мерасад, дар хокдони сард.
Дили сӯзони шоир ҷовидон хомӯш мегардад,
Забони розҳои одамиро мӯр хоҳад х(в)ард...

Бурун шуд устод аз боргаҳ танҳо асо бар даст.
Ба чашми заррабини дил ба худ оромгаҳ меҷуст.
Ба тӯли қарнҳо, дар чор фасли гардиши таърих
Ба мисли сабзаҳои навбаҳорон тозатар меруст.

Тапиданҳои моми зиндагӣ дар роҳи истиқбол,
Ҷароҳатҳову марҳамҳо, шикастанҳову бастанҳо,
Гаҳе якпоя истодан сари мӯе ба уммеде,
Гаҳе дар хонаи худ бепаногоҳе нишастанҳо...

Ҳама бар рағми майлу кинаи бегонапарварҳо
Нишони Рӯдакӣ бо риштаи тақдири худ метофт.
Зи қаъри асрҳои тира бо роҳи дили мардум
Нигаҳҳои дили устод мулки рӯҳбон мекофт.

Фақат шеъри гулоболуд дастовез меовард,
Ҳамон шеъре, ки чун африштаи нузҳат
диловез аст.
Ҳамон шеъре, ки дар сабкаш
дили тоҷик мерақсад,
Ҳамон шеъре, ки рамзаш зиндагии
ҳасратомез аст.

Кунун ӯ ёфт ҷояшро, маҳалли ҷустуҷӯяшро.
Зи қаъри асрҳо бар шуд сутуни назми тоҷикон.
Нигар, эй дӯст, бар чашмони бечашмии ӯ аз нав,
К-аз он имрӯз Шарқи шеърпарвард аст
нурафшон.

Куҷоянд он «ҷаҳондорону шоҳон?»
Бенишон рафтанд.
Дар ин соат, ки он «овора»
мулки ҷовидонӣ ёфт.
На онҳо, на аҷал ӯро намиронданд! Ӯ имрӯз
Чу халқаш шоҳроҳи бахту иқболу ҷавонӣ ёфт!
11.10.1964

## ТОРҲОИ НОНАВОХТА

Ҷавонӣ, масти ҳусну обутобӣ,
Ба рӯи ганҷи Қорун менишинӣ.
Агарчӣ нестӣ Лайлӣ, валекин
Ба истиқболи Маҷнун менишинӣ.

Ту мехоҳӣ, ки дар афсонаи ишқ
Ҷавон монӣ, ҷавон монӣ ҳамеша.
Ту мехоҳӣ, ки бо ҳусни дурӯза,
Суруди дилбарӣ хонӣ ҳамеша.

Ту мехоҳӣ кунад тақдис ошиқ
Туро дар ишқ, дар овозаи ишқ.
Намояд розӣ аз савдои ҳастӣ
Ба бахшишҳои беандозаи ишқ.

Ту мехоҳӣ, ки мисли тифл резад
Ба пешат мард ашки дона-дона.
Фитода пеши поят лоба созад,
Шавад аз ишқ дар дунё фасона.

Намедонӣ, ки гоҳо хандаи мард
Бувад рӯпӯши дарди ҷонгудозе.
Намедонӣ, ки гоҳе ӯ бигиряд
Ба ҷои хандаи бесӯзу созе.

Ҷавонӣ, гиряҳои кӯдаконро
Ту гоҳо бесабаб гӯиву хандӣ.
Ба ҷангу моҷарои хонадорон
Зи дур истода байти айб бандӣ.

Дилат ҳоло ба мисли лавҳи тоза,
Налағжидаст пои ту зи роҳе.
Китоби хотиротат нонавишта
Зи тафсири савобею гуноҳе.

Ту мехоҳӣ, ки аз рӯи дили ту
Ҷаҳон хезад, нишинад, рӯз бинад,
Ту мехоҳӣ, ки ҳар чӣ дар дилат ҳаст,
Бурун ояд, ба дигар дил нишинад.

Гаронборӣ, агарчи дар канорӣ
Ҳанӯз аз ҷӯши баҳри зиндагонӣ.
Шиновар шав, биҷӯ з-он дурри ноёб,
Муборак бод ҳусни ҷовидонӣ!

Ҷавонӣ, масти ҳусну обутобӣ,
Ба рӯи ганҷи Қорун менишинӣ,
Ба ҷонат раҳм кун, ҷинси биҳиштӣ,
Чаро бо ёди Маҷнун менишинӣ?!

2.12.1964

## АНДЕШАҲО ДАР САРИ СУБҲ

Домони осмонро бо шӯълааш дарида,
Хуршед чеҳра бинмуд чун духтари ҳамида.
Бо худ ба ман чӣ орад ин субҳи навдамида?

Кӯтоҳ умри одам аз умри зоғу каргас,
Лоиқ набуд он ҳам додан барои ҳар кас.
Бар ҷои чанд ношуд беҳ як каси расида.

Аз пой то сари ман меҳр асту эътиқод аст,
Саҳни дили сафедам бар дӯстон кушодаст.
Аммо наёбад онро шахси ба маҳ расида.

Аз буда сер нею нобударо ситоем,
Худро зи ранги таъриф хушрӯйтар намоем.
Доим бузург хонем нодидаро зи дида.

Фарзу яқини бисёр андар китоб дарҷ аст,
Нақди гарони қисмат аз баҳри нася харҷ аст.
Моро зи мо биҷӯед, на аз гапу ақида.

Бар зулфи кист шона ин панҷаҳои бозам?
Бар сӯи кист охир ин роҳи бас дарозам?
Оё равам ман аз худ чун гесуи бурида?

Меҳроби эътиқодам шуд вожгун, дареғо!
Пои салим афтод аз раҳ бурун, дареғо!
Бо «ман» маро бубастанд якчанд баргузида...

Арзам фузун зи ахтар, гуфтан наметавонам,
Тарсам, дареғ гардад ҷону дили ҷавонам.
Дар худ ниҳон чӣ дорад ин субҳи навдамида!?

5.12.1964

## ЭЙ ДИЛИ ПУРОРЗУ, ҒАМГИН МАШАВ

*Ба дӯстам Дӯст*[1]

Эй дили пурорзу, ғамгин машав,
Мо ҳама дар чорсӯи зиндагӣ
Гоҳ гумроҳему гоҳо сарварем,
Кӯҳнааслу ранг меҷӯем нав,
Лек онро ҳам на бо худ мебарем.

Орзу чун ғӯраи сармозада
Норасида, мефитад аз шохсор.
Бачагӣ дур аст аз макру фиреб,
Ишқи аввал ҳаст доим бебарор, –
Эй дили пурорзу, ғамгин машав.

Дар сухан, дар дил ҳама дурангаем,
Бохудему бехудему мутлақем.
Як нигаҳ озод дорему тамом,
Тобеи озодием, беравнақем.
Эй дили пурорзу, ғамгин машав.

Гул кунад ҳам, бор н-орад мисли бед
Хоҳиши марди ҳақиқатҷӯ мудом.

1. Манзур дӯсти шоир – Доро Дӯст (шарҳи мураттиб).

Чун тарона ҳам бузургу сода аст
Заҳрханди ӯ ба ҳар «дасти тамом».
Эй дили пурорзу, ғамгин машав.

Дар дили бедил як олам дил бувад,
Гарчи бошад хонаи ӯ бепалос.
Ҳар кӣ ҳам бошем, мо мардум ҳама
Ҳокими яклаҳзагиему халос.
Эй дили пурорзу, ғамгин машав.

7.12.1964

## ХОТИРА ДАР ПУШТИ СУРАТ

*Ба Ҳ.Ҷ.*

Навбаҳор асту зи гулзор гуле ночида,
Дами гарм асту ба дилҳост вафо нақд ҳанӯз.
Сари субҳ асту нафасҳост ба ҳам печида,
Ту ба ман шиква наёмӯз, ки барвақт ҳанӯз.

Ин нигаҳҳо асари ҳузн надоранд, нигор,
Масти ҳуснанду ҷавониву таманно доранд.
Тирашон хок нахурдаст, хуморанд, нигор,
Сода, бекинаву берамз шарарҳо доранд.

Роҳашон гум нашуда аз асари гиряву оҳ,
Бар ниҳонхонаи дилҳо ҳама дам роҳ баранд.
Ҳама дам барқ зада аз дари ду чашми сиёҳ
Тори таҳпардаи дилро ба фусун чанг заданд.

Байни неку бади дунё раҳи фардо кобанд,
Нуқтаи хайр гузоранд, ба худ банд шаванд.
Нӯки сарриштаи тақдири худӣ чун ёбанд,
Ба наху риштаи умри ҳама пайванд шаванд.

Интиҳои раҳи наззора куҷоҳост, рафиқ?
Зиндагӣ ҳарчӣ ба пешаш бикушояд, бинад.
Андар ин роҳ ба дидан ҳама пайдост, рафиқ,
Гар гирифтан нашавад, фарз намояд, бинад.

То ба домони уфуқ ҳаст раҳи наззора,
Ҳар қадар пеш равад, дур шавад он домон.
Лек андар раҳи ҷустан нигаҳи овора
Саду як роҳи дигар кашф кунад дар даврон.

Дили пок асту зи кас доғи алам нодида,
Эътиқод аст ба ин зиндагию олами сӯз.
Сари субҳ асту нафасҳост ба ҳам печида,
Ту ба ман нола наёмӯз, ки барвақт ҳанӯз.

21.12.1964

## НӮШБОД

Ба дастам ҷоми хайёмӣ,
Лаболаб ҷоми гулфоме.
Дар ӯ ёди ниёгон аст, ҳам ашки бузургон аст,
Дар ӯ шаҳди замину шуълаи хуршеди тобон аст.
Дар ӯ ҳам ахтари афтода аз гардун,
Дар ӯ ҳам ахтари хомӯши ёрон аст.
Дар ӯ ҳам гиряҳои хандаолуд аст,
Дар ӯ ҳам хандаҳои гиряолуд аст.
Дар ӯ ҳам гармии оташ,
Дар ӯ ҳам талхии дуд аст...

Ман аз рӯзе, ки ашки талху шӯрамро
Зи ҷоми чашмҳои хеш нӯшидам,
Ман аз рӯзе, ки мисли рӯдҳо аз модарони кӯҳ
Ҷудо гардидаму доғи ҷудоиро
ба ҷони хеш санҷидам, –
Паёпай бода менӯшам.

Ва донистам, ки дар талхии май
ширинии дунёст,
Ва донистам, ки дарди ишқ подоши ҷудоиҳост,
Ва донистам, ки холигоҳи мобайни
замину осмон бар мо
Барои сарфарозиҳост;
Ва донистам, ки паҳнои замин
дар зиндагии кӯтаҳи одам
Барои бениёзиҳост, –
Паёпай бода менӯшам.

Ва инак нӯшбоди ман:
Барои умри бигзашта, ки боли чап бувад бар мо,
Барои умри оянда, ки боли рост хоҳад буд,
Барои он, ки мо ҳастем дар дунё
Миёни соҳили дирӯзу фардо мисли дарёе,
Хурӯшоне, ситезоне, ба манзил роҳпаймое,
Туро то қатраҳои охирин менӯшам, эй бода!

Туро то қатраҳои охирин менӯшам, эй бода,
Ки бо ангезаи ту мурдаҳо аз гӯр
исён карда бархезанд,
Зи дунё қарзҳои хеш бистонанду бистезанд.
Ва чашми зиндагон дар гардиш ояд
лаҳзаи мастӣ,
Сари мастон ба гардиш ояду бовар кунад
бар гардиши гардун,
Ва як дам сар ба рӯи даст бигзоранду андешанд,

Ки ночизанд ё чизанд?!
Туро то қатраҳои охирин менӯшам,
эй ҷоми муборакбод,
Ки то донанд ҳастам Шарқзод
– аз кишвари Хайём!
Туро то қатраҳои охирин менӯшам,
эй ҷоми муборакбод,
Ки то донанд ҳастам ворису ҳамсоғари Хайём!
1965

## СУРУДИ ХАЙРБОД

*Ба ёди Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ*
*Исмоил Ҳамзаалиев*

Боз меояд баҳору боз механдад чаман,
Нури маҳ дар рӯи раҳ аз сояҳо гул меканад.
Захми ман дар сиҳҳатии халқ меёбад шифо,
Марги ман дар зиндагии мардумон гум мешавад.

Боз хушрӯёни навдилбохта аз ҷӯши ишқ
Бар ду абрӯ усмаи тар мекашанд.
Боз бо чашмони бозигар харидорони ҳусн
Ҳусни ҳар хушдорро бармекашанд.

Боз мерезад зи шодӣ ашк чашми интизор,
Мешавад ҷашни арӯсӣ, мерасад базми висол.
Боз мепечад ба гардунҳо суруди ёр-ёр,
Меравад аз чеҳраҳо осори андӯҳу малол.

Барқи зулматсӯз дорад чашми ман,
Ин замон, к-аз чор сӯ гирди маро зулмат гирифт.
Ҳамнабардонам ҳама қурбон шуданд,
Дасти танҳоям зи хоки кишварам қувват гирифт.

То як анҷомам сад оғоз оварад,
Хандаи шайтонии душман бадал гардад ба оҳ,
То дари баста дари боз оварад,
То шавад помол фавҷи хасм монанди гиёҳ,

Меравам бар коми оташбори марг,
Хайр, модар!
Ҷомаи мотам напӯш.
Гул кун, эйояндаам, дар дигарон
(Ту маро бинӣ, набинам ман туро),

Алвидоъ, эй мардумон, хоҳам мудом
Бар шумо рӯзи хушу ҷашни мурод,
Меравам ман аз шумо баҳри шумо,
Ибтидою интиҳои ман – ҳаёт!

Ман чу нутқи нӯшбодам,
Мешавам такрор андар ҷашнҳои ёдбуд.
Шоҳбайти достони безаволам
– достони дастбурд.
Ҳамнажоду ҳамсифат бо Шеракам,
Хуни поки тоҷикам,
Мефишонам ман варо бар ҳифзи
хоки кишварам.

Ҷашни пирӯзӣ надида меравам,
Меравам, то халқи ман бинад варо.
Меравам, то аз суруди тантана
Бишнавад гӯётар овози маро.

Хайр, хайр, эй изтироби савти
«Наврӯзи Аҷам»,
Хайр, эй чашмони чори модарам.
Хайр, эй ду милаи марғуладори дилбарам,
Ҷомаи домодии манро ту пӯш, эй додарам!
1965

## ҶАВОНӢ

*Ба дӯстам Меҳр*

Ману ту ҳар ду ҷавонем, рафиқ,
Шоҳиди фасли ҷавонии ҳамем.
Роҳ яктост, вале дил як нест,
Дил яку тобеи ду ранг ғамем.

Он чӣ ноёб бувад, меҷӯем,
Он чӣ пайдост, намегиремаш.
Он чӣ расм аст, насозем писанд,
Накунем иззаташу такримаш.

Баски дар ҷадвали раҳкобӣ, рафиқ,
Раҳи худро на зи раҳ мекобем.
Пеш аз он ки зи худ оғоз шавем,
Бош, то охири худ дарёбем.

Зинда дар олами худ сохтаем
З-олами сохта кам огоҳем.
Шояд аз худ нагузорем нишон
Ин қадар ҳаст, ки мо мехоҳем...

Тарсам аз он ки дар ин олами худ
На ба худ на ба дигар бидҳем рӯз.
Тарсам аз он ки ба анҷом расем
Нек оғоз нагардида ҳанӯз.

Дур... аз мо чӣ қадар дур замин
Гарчи вай дар тахи по якрӯест.
Дурии мост на аз худхоҳӣ –
Зинаҳои раҳи инсонҷӯист.

Наравем аз ваю бар вай нарасем,
Биравем аз ваю бар вай бирасем.
З-ин расидан нафизояд суде,
Замин аз мо набипурсад: чӣ касем!

Бадии мост ба ёди некӣ,
Нуқси мо машқи накӯкориҳост.
Баски моро на зи мо сохтаанд,
Суди мо узри гунаҳкориҳост.

Сари мо сабзу баланд аст ҳанӯз,
Пои мо қуввати рафтан дорад.
Чун таронаст ҳақиқат ба забон,
Кай варо азми нуҳуфтан дорад.

Қаърро гарчи зи соҳил дидем,
Беҳтар аз баҳрнавардон донем.
Шарт не рафтану дидан онро,
Мо варо аз нигаҳе мехонем...

Ману ту ҳарду ҷавонем, рафиқ,
Шоҳиди фасли ҷавонии ҳамем.
Дар тапишгоҳи ду-серӯзии умр
Зи дигарҳо на зиёду на камем.

12.1.1965

## ПАЙМОНАИ МУҲАББАТ

Намехоҳам, ки дар хушкӣ шавӣ ғарқ,
Намехоҳам, ки бинам дар сари субҳи ҷавоният
ғуруби офтобатро.
Ба он ёде, ки дар ман лона дорад,
Чу панди модари пирам бидонам
ҳар гуноҳатро, савобатро.

Туро дар изтироби савтҳою ларзаи овозҳо ҷӯям,
Туро андар суруди бесадои лаҳзаи пазмонӣ
дарёбам.
Ман аз чашми саҳаргоҳи баҳороне,
Ки мисли чашми муштоқон
Ба роҳи омади хуршед дорад интизориҳо;
Зи рангафшонии рангинкамони Рустами дастон,
Ки ҷилди беқасаб дорад,
Биҷӯям ранги ҳуснатро, нишони обутобатро!

Туро дар хеш парвардам,
Туро дар хеш пинҳон кардаму кардам нигаҳбонӣ.
Ту он гаҳ бехабар будӣ,
Ки ман дар дил зи ишқат матлаи хуршед овардам.
Ба чашми ошиқӣ бар ту сифоти тоза бахшидам,
Ҳазорон хислати нав қарз додам, сохтам дар худ
Туро ҳамчун парию пеши поят саҷдаҳо кардам.
Бидон он шаъну шавкатро,
бубин ин дилхаробатро!

Ғами ту беғамӣ буд, дар малоҳат достон будӣ,
Ҷавон будию меҳроби нигоҳи ошиқон будӣ.
Баҳорон буд, болои сарат гулбаргҳо мерехт,
Гули оташ, гули сӯзандае будӣ,
маро бими хазон будӣ.
Маро аз ман наҷустию биҷустиям
зи хазёни хатогӯён,
Маро бе ман задӣ чун байти носуфта
хати бутлон.
Дареғо!
Офтобамро саҳаргоҳон ғурубондӣ.
Бихон ин нақши ишқатрову дарёб ин кабобатро!

Шикастӣ эътиқодамро,
ки бар инсони комил буд,
Ҳаловатгоҳи дардам буд, айни хоҳиши дил буд.
Аз он дастон, ки як вақте сарамро
сила мекарданд,
Диламро доимо аз чанбари ғамҳо раҳо мекард,
Маро маҳрум кардӣ, дур афкандӣ зи даргоҳе,
Ки бо номаш ризо будам гузаштан
аз ҷаҳон гоҳе,
Бигир ин ганҷи ёдатрову сайқал деҳ итобатро!

Агарчи офтоби ман саҳаргоҳон ғурубидаст,
Агарчи ғарқ гардидам ба хушкӣ,
Туро ҷӯям,
Туро хонам ҳамеша бесадо, эй ёр,
Ки то чун ман нагардӣ ғарқ дар хушкӣ.
Фақат як илтиҷо дорам: ҳамеша гӯш бар дар бош,
Ки гар бегаҳ дамад субҳам,
Туро бедор хоҳам кард!

... Ба он ёде, ки дар ман лона дорад,
Чу панди модари пирам бидонам ҳар
гуноҳатро, савобатро!

9.3.1965

## ОХИРИН НЕКӢ

Туро номурда куштам ман,
Туро дар хеш гӯрондам.
Биё, худро зиёрат кун!
Биё, як дам нишин дар гӯшаи вайронаи қалбам,
Ба ёди рӯзҳои рафта беҳосил
пушаймон шав, маломат кун.

Ба ёдат гирдгаштанҳои дунёро надонистам,
Сафар бигзашту мисли сафҳаи тақвим
кам гаштам,
Зи ту оростам аз баҳри худ меҳроби ихлосе,
Фурӯ рафтам ба худ, аз баҳри худфарсой
бигзаштам.

Ба гӯшат шеър хондам,
Ба ту аз олами фардои худ пайғомҳо додам.
Таҷассум карда дар рӯи ту ҳусни ҷумла хушрӯён
Ба рангу ҷилваҳои ҳусни хубат номҳо додам.

Дареғо навбаҳори бебарори орзуҳоям!
Дареғо хонаи навсохта нодида меҳмонам!
Ман акнун дар вуҷуди хеш хоҳам сохт қабристон,
Ман акнун бар гузашти хештан падруд мехонам!

Муҳаббат гар набошад, қадрдонӣ ҳаст дар одам,
Садоқат гар набошад, ҳаст расми посдориҳо.
Ту эй бегонаи чашмошно, ҷое бихоҳӣ рав,
Ба ту пайғом хоҳам дод рӯзе мурдани худро.

Туро дар хеш гӯрондам,
Ман акнун гӯрбонат мешавам то охири умрам.
Маё бар дидани ман, лек гоҳе ёд кун худро,
Биё худро зиёрат кун.

30.3.1965

* * *

Ман ӯро мешиносам.
Китоби ҳастии ӯро нахонда,
Ба ҳаққи ӯ чӣ мебофед тӯҳматҳою бӯҳтонҳо?
Агар донед, к-ӯ ҳам
Як дили пурорзу дорад,
Ҳамеша ҷустуҷӯ дорад,
Намехондед ҳазёнҳо!

Ман ӯро мешиносам.
Ба назди мардум аз мардӣ
Ҳамехандад ҳамеша, гар сарафроз асту
гар сарпаст.
Вале дар хилвати шабҳо,
Миёни оташи табҳо,
Газида аз ғазаб лабҳо
Чӣ кӯдаквор мегиряд.
Агар донад, ки мебинад касе
Намегиряд, ки ин айб аст.

Гуноҳи худ, бади худро
Бигӯяд бо забони ҳол,
Намегӯяд, ки мегӯянд мардум номи ӯ Маҷнун.
Бигӯяд гар ту ёри ман,
Ва ё ки ғамгусори ман,
Ва ё асрордори ман,
Маро гар дӯст медорӣ, сагамро ҳам
навозиш кун!

Чӣ ранҷонед, эй мардум,
Чунин як тифли маъсумро?
Гузоредаш, кунад дар ҳар куҷо бечорагияшро.
Гараш бори гарон омад,
Гараш бими хазон омад,
Гараш аз содарасмӣ қисмати
номеҳрубон омад,
Маяфшоред,
Маковедаш, ки созад бахти худ пайдо!

Ман ӯро мешиносам,
Надорад хандаи шайтон.
Ба шаънаш кам бипардозед з-ин пас
тӯҳмату бӯҳтон!

3.5.1965

## ДАР НИМАРОҲ

Даратро кӯфтам, н-омад садое,
Сукути хилвати шаб шуд мазорам.
Ҳар он чи буд бо ман, рафт аз даст,
Ба гӯри хеш ҳам лавҳе надорам.

Замин як вақт зери пои мо буд,
Кунун чун торуми гардун баланд аст.
Замин як вақт ҷавлонгоҳи мо буд,
Кунун ҳар ҷо, ки по монам, каманд аст.

Ҷаҳони хобҳои бехалалро
Аҷузи баддили кобус бигрифт.
Русуми дардмандиву мурувват
Зи аҳли ёри ишқомӯз бигрифт.

Тасодуф як саховат карду онро
Зи нав бигрифту аз мо ҷовидон бурд.
Ҳама уммедҳо сурат набаста
Чу парри каҳ ба чанги бод биспурд.

... Зи аввал қисмати ман бебарор аст,
Пиёда меравам бо шаҳсаворон.
Чӣ медонанд мардум, кистам ман,
Гулеро дида мехоҳам баҳорон...

«Зи масҷид монда, аз майхона ронда»,
Ба ҳабси хеш побандам ҳамеша.
Агар хоҳам бурун оям ман аз худ
Ба ҷои дигаре рафтан намеша.

Вале худро гуселонам ба раҳ боз
Агарчи гум шудам роҳи назора.
Ситора аз само афтоду гум шуд,
Само аммо намонда беситора!..

4.5.1965

## ҒАНИМАТ

Ист, ин лаҳза-ст нотакрор, ёр,
Шоҳиди ҳастии ҳамдигар шавем.
Ту ба ман, ман дар ту ҷо ёбему зуд
Аз барои ҳамдигар раҳбар шавем.

Ист, ин лаҳза-ст нотакрор, ёр,
Ист, то бар ёди худ гирам туро.
Дар қатори ин қадар ташвиши дил,
Бо садоқат низ бипзирам туро.

Ёдгори зиндаи ҳамдигарем –
Қисмат ин сон як саховат кардааст.
Бахри мо ҳайкал набигзоранд, хайр...
Дил, ки бар дил рафт, кай ояд ба даст?!

Ҳайкали яклаҳзагӣ дорем мо,
Чист фарқи лаҳзаю умри абад?!
Лаҳзае, ки бо ту ман як мешавам,
Беалам, беғусса бошад, мешавад!

13.5.1965

## ҲАСРАТ

Кӯр шуд роҳ миёни ману ту,
Канда шуд ҳалқаи пайванд дигар.
Баъд аз ин роҳ ба манзил набарад,
Баъд аз ин роҳ дигар, банд дигар.
Кӯр шуд роҳ миёни ману ту.

Ману ту ҷуфти кабӯтар будем.
Хандаю гиряи мо бо ҳам буд.
Лона дар шохи дарахт аст ҳанӯз
Монда ҳайрону парешон ба сукут.
Ману ту ҷуфти кабӯтар будем.

Ману ту ғунчаи як гул будем.
Ҳасрато, чашм расид, сармо зад.
На ба фарқи гияҳи бесуде,
Аз раҳи рашку ҳасад бар мо зад.
Ману ту ғунчаи як гул будем.

Зиндагӣ омадану рафтанҳост,
На баҳорем, ки такрор шавем.
На худоем, ки бе будани худ
Ба нафасҳои ҳама ёр шавем.
Зиндагӣ омадану рафтанҳост.

Аз ману ту на нишонест ба роҳ.
Ҳамчу бӯи гулу ҳамчун парвоз
Як нафас сайр намудему халос,
На зи анҷом ва на аз оғоз
Аз ману ту на нишонест ба роҳ.

Панҷаам шонаи мӯҳоят буд.
Хандаам буд суруди шодӣ.
Нигаҳам нусхаи дил буду аз он
Ҳар чӣ мехост дилам, мехондӣ.
Панҷаам шонаи мӯҳоят буд...

16.5.1965

* * *

Ошиқам бар сари афрохтае,
Ки ба хокӣ буданаш афлокист.
Ошиқам бар лаби хандон, ки дар он
Хандаи пурҳияли шайтон нест.

Ошиқам бар каси бедастархон,
Ки ба худ ҳар чӣ надорад, дорад.
Зарбу тақсим накарда, пешат
Ҳар чӣ дорад, ба кафаш меорад.

Ошиқам бар нигаҳи содаю пок,
Ки ба худ акс кунад сафҳаи дил,
Гӯяд аз дарду ғамаш, бешу камаш.

Ошиқам бар гунаҳи бегунаҳон,
Ки беҳ аз некии зиштон бошад.
Ошиқам бар дили бедоғи ҷавон,
Ки чу ашёи гаронмояи дорулосор
Фақат аз дур бубинию нагирӣ бар даст,
Лек як рӯз бубинӣ, ки на ону на чунон...

Ошиқи ҳамраҳи хубам, ки ба раҳ
Хешро ҳар нафас аз нав созад.
Хешро ҳабс насозад дар худ,
Бикушояд дили худро чу китоб
То дили ҳамсафарон бишносад.

Ошиқам бар каси якрӯя, ки ӯ
Ҳамчунон мор напартояд пӯст,
Шиканад ҳам, зи сари мардӣ нарезад ҳаргиз.
Ошиқам бар бадие, ки паи некӣ бошад,
Ошиқам,
Варна ба дунё дигарам бастагӣ нест!

17.5.1965

## ЧАРОҒАТРО ФУРӮЗОН КУН

Ба ту ошиқ шуданду роз гуфтанд,
Суханҳои ҳавоӣ гуфта рафтанд.
Чу диданд ошёни ту баланд аст,
Ба пастиҳои дигар раҳ гирифтанд.

Надонистанд дунёи дилатро,
Умеду орзуҳои дилатро,
Фақат бадном карда бо муҳобот,
Ниҳон карданд пайдои дилатро.

Ту месӯзӣ, ки дар олам надидӣ
Каси комилзабон, якрӯву якро(ҳ),
Ки бинад дар паси як айби ночиз
Ҳазорон некиятро, хубиятро.

Вале шодӣ, ки дар армони ту ҳаст
Ҷаҳони ҳеҷкаснодида, обод.
Фурӯзон кун чароғи хонаатро,
Ҷаҳони орзуят бехалал бод!

Аз он чашмошноён ту махур ғам,
Макун з-онҳо ба ҷое шиквае ҳам.
Ки тобад хира дар оби гилолуд
Ба он рахшандагӣ хуршеди олам.

Фақат зоти худо беайб, – гӯянд,
Касе беайб андар зиндагӣ нест,
Ба пеши пои ту сад саҷда мекард,
Ба рӯи хок агар мебуду мезист!

6.6.1965

## БИҲИШТИ ГУМШУДА

Маро ҷустӣ, ки ёбӣ боз он дилдодаи дерин?
Чаро беҳуда мекобӣ?
Маро дигар намеёбӣ.

Ман андар хобҳои мастӣ будам бехуду беёд,
Ман андар олами гумномӣ будам шоду
сарафроз,
Миёни чордевори сукути хилвати шабҳо
Ба қавси дарди худ будам ба ёди субҳи навоғоз.

Дарамро кӯфтӣ бо панҷаи нарму ҳинобаста,
Тамоми пайкарам ларзид,
Дилам аз синаам лағжид...

Замоне буд, пешат менишастам, ту намедидӣ.
Замоне буд, пешат омада, таъзим мекардам.
Сари сабзам, дили гармам, ду чашми
меҳрубонамро
Чу ганҷи зиндагониям ба ту тақдим мекардам.

Ҷавонӣ ҳамчу нақши бӯсаи лабҳои ту гум шуд,
Вале з-он бӯсаҳо дар ёд муҳри ҷовидонӣ монд.
Ҳама бахти заминӣ рафт бо нақши қадамҳоят,
Ба ман танҳо хаёли хому бахти осмонӣ монд.

Фурӯ резед, ахтарҳои хомӯши дурахшанда,
Даруни каффаи дастам!
Ки ман дасти тиҳӣ ҳастам!

Ман акнун мавҷҳои сӯзноки эҳтиросамро
Зи тангии дили тифлонаам озод хоҳам кард.
В-аз он баҳри дили якроҳу якпаймони
ҳамдардон
Ҷаҳони тозае, мулки наве обод хоҳам кард.
Магӯ, к-ин мавҷҳои сӯзнок аз сӯзи ишқи туст,
Ки бе ин ҳам ғамомӯзам,
Ба қадри хеш месӯзам.

Ман акнун дар фарози қуллаҳо
фарёд хоҳам кард.
Зи гулҳои шукуфони баҳорон ранг хоҳам ёфт.
Ман акнун аз нигоҳи раҳгузарҳо
шарм хоҳам кард.

Зи роҳи рафтуои ту ҳазор оҳанг хоҳам ёфт.
Туро аммо нахоҳам дид, ҳар боре кушоям чашм,

Туро аммо нахоҳам кофт,
Туро аммо нахоҳам ёфт...

Ба он хоке, ки дар он рӯяд аз дасти ту гулбоғе,
Ба он роҳе, ки дар он нақш монад аз хироми ту,
Ба он дар, ки ба рӯят боз гардад чун дили ошиқ,
Ба он сар, ки шавад қурбон ба роҳи ту,
ба номи ту,

Ба он дасте, ки даври гардани ту ҳалқа хоҳад шуд,
Саломе гӯй аз ошиқ,
Саломе гӯй аз Лоиқ.
15.7.1965

## МАРО ХУШБАХТ КУН, ЭЙ ГУЛ

Туро ман ёфтам аз ошёни сарбаландиҳо,
Маро хушбахт кун, эй гул!

Ба даври домани гулдӯзият номи маро ҳам дӯз,
Ба даври гардани худ ҳалқаи дасти маро овез.
Ба боли абруят якумр биншон обрӯямро,
Диламро гир бахри зиндагият ҳамчу дастовез.
Туро ман ёфтам чун нӯшханди субҳи бахтафзо,
Маро хушбахт кун, эй гул!

Ба гирди оташе, ки буд як вақте худои мо,
Хиромон чарх зан, сӯзон гуноҳи хешро яксар,
В-аз он пас пой неҳ бар остони хонаи ошиқ,
Бинеҳ бо дасти дунёдори худ
бар фарқи ман афсар.
Туро ман ёфтам чун остони хонаи фардо,
Маро хушбахт кун, эй гул!

Рухи чун пахтасебатро,
Нигоҳи дилфиребатро,
Саропои базебатро дилам хоҳад парастидан.
Ту ҳам, эй бозубанди зарнигори зиндагониям,
Маро магзор дар ин роҳ беимдод лағжидан.
Туро ман ёфтам ҳамчун мададгори дили шайдо,
Маро хушбахт кун, эй гул!

Маро оғоз деҳ, парвоз деҳ сӯи тамомиҳо,
Дили саркаш, дили нобоварамро
ром кун дар ишқ,
Худатро сарбаланди ҷумла олам кун
ба номи ман,
Ба подоши вафои худ маро гумном кун дар ишқ.
Туро ман ёфтам аз он раҳе, ки кофтам худро,
Маро хушбахт кун, эй гул!
17.7.1965

## ФАРЗАНДИ КӮҲСОР

Шудам пазмони оби чашмасорон,
Равам, дар кӯҳсорон хона созам.
Шавам як лаҳза беқайду сабукрӯҳ,
Ба худ як олами афсона созам.

Бисозам чанбар аз гулҳои садранг,
Шиносонам диламро бо баҳорон.
Кунам тазмин чу шогирди навомӯз
Зи шеъри обдори обшорон.

Нишинам дар лаби дарёи кӯҳӣ,
Ки омӯзам аз ӯ дарёдилиро.
Шитобу изтироб омӯзам аз мавҷ,
Бигӯям шеър дар тақлиди дарё.

Кашам аз кокули сабзи дарахтон,
Биошомам насими бешаҳоро.
Суруд омӯзам аз лабҳои соҳил,
Забон омӯзам аз гуфтори дарё.

Нависам номи худ дар тахтасанге –
Нишони бенишониҳои худро.
Ба гӯши баргҳо бикшоям асрор –
Китоби саргарониҳои худро.

Шавам ҳамболи занбӯрони гулҷӯй,
Ба шеъри худ зи гулҳо шира чинам.
Зи шохе бар дигар шохе бупечам,
Ҷаҳонро то ба чашми гул бубинам.

Шавам бо қуллаҳо ҳамсар, ки шояд
Биёмӯзам тариқи сарфарозӣ,
Ба пои кӯҳҳо таъзим орам,
Биандӯзам бисоти бениёзӣ.

Варақҳои парешони диламро
Диҳам пош аз сари кӯҳи баланде.
Дигар онро нахонам пеши ҳар кас,
Дигар бо он насозам худписандӣ.

Сипас аз кӯҳсор – аз модари худ
Бихоҳам ҳамчу тифли хомаронаш,
Ки дар поёни бозиҳои тақдир
Диҳад ҷо аз сукути ҷовидонаш...
18.7.1965

## ЗАХМҲО

*Дар шаҳри Пушкино, наздикии Ленинград дар боғҳои Екатерина ва Пушкин бист сол боз табибон дарахтҳои маҷрӯҳро ҳамчу инсон табобат мекунанд.*

Мечакад об –
Мечакад хун
То ҳанӯз аз захми тири душманон,
Аз тану аз шоххои нахлҳои безабон.

Барг сабзу навда сабз,
Шохсорон шоду шодобанд аз модар-замин.
Лек як ҷои дарахти сабз хунин аст, –
Доғи лаънат,
Мӯҳри нафрат,
Бар фашистони лаин.

Реша дар хок,
Сар ба афлок,
Сӯи хуршеди ҷаҳонафрӯз боло мешаванд
Нахлҳои хурд аз нав чун сари сабзи ҷавон.

Зери шоху сояи он нахлҳои захмдор
Нахлҳои сабзу хуррам комронӣ мекунанд.
Нахли маҷрӯҳ мисли модар
Кӯдакони хешро
Зери боли шохаҳояш посбонӣ мекунад,
Гӯй мегӯяд ба гӯши хасми бераҳму ҷигар:
«Нестам ман хом чун андешаву кори шумо,
Нестам бадоқибат монанди кирдори шумо,
Марги ман чун марги нангини шумо осон нашуд,
Пайкарам рӯзи шикаст аз тарс,
Аз шармандагӣ ларзон нашуд.

Ман ба як ҷо реша дорам,
Чун шумо бехонумон, бедард, беимон наям.
Хок шоҳид,
Об шоҳид,
Ман Ватан дорам, ба монанди шумо
сарсон наям,
Ё гумон кардед монанди шумо берешаам,
бепоям?!

Реша дорам ман ба хоки он замине, ки дар он
Назми оламгири Пушкин реша дорад ҷовидон.
Ҳеҷ медонед оё, як замон
Бар сари Пушкин чу модар будаам ман соябон!

Чун Пётр дилҷавиям, зӯрмандам,
Ӯ маро бо дасти худ бишондааст.
Чун сари Пушкин баландам,
Ки зи захми тири ноҳақ
Хам шуд, аммо кам нашуд.
Чун шумо бисёр дидам ман ба тӯли асрҳо,
Ҳеҷ кас мисли шумо шармандаи олам нашуд!»

Барг сабзу навда сабз,
Баргҳоро сила созад ҳар нафас дасти насим.
Нахлҳои захмӣ ҳамчун посбонони азим
Нахлҳои хурди наврӯидаро
Зери боли шохсорон,
Ҳифз месозанд аз бими балои ногаҳон.

18.7.1965

* * *

Ту хушбахтӣ?
Ту ҳоло дар куҷоӣ?
Шаби маҳтобу роҳи Каҳкашонро,
Шукуфазори боғи осмонро
Ту гоҳе ёд меорию гоҳе хоб мебинӣ.
Маро нодида ҳамтақдиру ҳамдил,
Шаби дидорро дар чеҳраи маҳтоб мебинӣ.
Магӯ афсӯс ҷони ман,
Магӯ афсӯс беҳуда,
Ту вақте зодаи уммеди ман будӣ.
Чу тифли бесарупое туро меҷустам аз дунё,
Туро мехостам, хуршеди ман будӣ.
Ба ёдат гирдгаштанҳои дунёро надонистам,
Нафас бигзашту ҳамчун сафҳаи тақвим
кам гаштам.

Чу дар парвозҳои бехудӣ болам шикасту рехт,
Худамро ёфтам, аз роҳи худфарсоӣ баргаштам.
Туро ман ёд кардам боз,
Туро фарёд кардам боз,
Куҷоӣ ту?
Баҳори гулфишонро бо кӣ дидӣ?
Ба ёди кӣ зи саҳро лола чидӣ?
Гуле чидӣ, ҷавонӣ ёдат омад?
Зи ман, аз саргароне ёдат омад?
Ба ҳам печидану бо ҳам шукуфтан, –
Қиёми зиндагонӣ ёдат омад?
Ба рӯят чанд ожанг аст?

Сари рухсораи сурхат чӣ ранг аст?
Агар чашми худо медоштам ман,
Агар ойинаи дунёнамо медоштам ман,
Туро меёфтам аз ҳар куҷое,
Туро бори дигар ман дар дили худ
зинда мекардам,
Ба ишқам банда мекардам,
Ба дилбозӣ туро «шарманда» мекардам,
Туро девона мекардам,
Туро афсона мекардам,
Туро хушбахт мекардам...
Ту хушбахтӣ?
Ту ҳоло дар куҷоӣ?

23.8.1965

## ЭЙ КАБКИ ДАРӢ

Эй кабки дарӣ, ту будӣ озод,
Дар сар-сари санг мепаридӣ.
Дар қуллаи пойпораи кӯҳ
Аз ҳеҷ касе намерамидӣ.

Мехондӣ суруди ҳастиятро
Бо қаҳқаҳае ба гӯши кӯҳсор.
Ҳам бозии оби чашмасорон
Буданд раҳо зи ранҷу озор.

Аз дур шунида хонишатро
Сайёди ғаюр чашмзад кард.
Сӯи ту нишон гирифт бо ҳирс,
Аз баҳри ту дом беадад кард.

Эй кабки дарӣ, ту будӣ озод,
З-овози худат фитодӣ бар дом.
Эй кош ки бесифат будӣ ту,
Эй кош ки будӣ санги беном.

18.11.1965

## ТИРАМОҲ

Осмони тозарӯ шуд тирарӯ,
Токҳоро гӯр карданд.

Пояҳои хушки пахта бегулу бебарг монданд,
Рафт з-онҳо қадру қимат – он гули симинашон,
Сӯяшон сар хам намесозанд дигар пахтачинон.

Пуштаҳо урён шуданд аз сабзаҳои махмалӣ,
Гашта бефарёду танҳою карахту пурсукут.
Яхча меборад саҳаргаҳ ҷои шабнам з-осмон.

Баъди ташвишу тараддудҳо мисоли модарон
Худ ба худ паҳлӯ зада хобад кунун Модар-замин.
Киштзорон мисли гурде, ки зи баъди корзор
Ояду паҳлӯ занад бо сарбаландию виқор,
Хешро омода созад бар набарде,
бар баҳори дигаре.

Лонаи бесоҳиби паррандагон
Дар миёни шохсорон зору ҳайрон мондаанд.
Чӯҷаҳое, ки калон карданд, ҳоло дар куҷоянд,
Дар куҷои ин фазои бекарон пар мекушоянд?

Неъмати худро замин тӯёна орад бахри халқ,
Лек худ нӯшад яхоб.
Ҳар куҷо тӯй асту шодӣ, нағмаи чангу рубоб,
Фахр месозад замин дар зери по,
Дида неъматҳои худро дар сари хон беҳисоб.

Осмони тозарӯ шуд тирарӯ,
Токҳоро гӯр карданд.
Лек одам ток нест,
То ки онро гӯр карда айни сармои зимистон,
Боз бикшоянд айёми баҳорон...

22.11.1965

## ВАТАН

Хуршед кай ба ними раҳ истод ногаҳон
Чун дид дар саросари хокат мусибат аст?
Дигар нашуд харитаи рухсори моҳтоб,
Чун хатти сарҳади туро ноодаме шикаст.

Дар зери пои неку бад шуд кӯфта замин,
Бефарқ хуну обро ҳамвора даркашид.
Ҳаргиз нагуфт бар баде «По шав зи рӯи ман!»
Яксон ба дӯши хештан сангу гуҳар кашид.

Бо чашми дил нигаҳ фиканд аз рӯи мардумӣ
Танҳо ба фарқи обу хун фарзанди одамӣ
Дод обу об хӯрд, ҳам хун доду хун гирифт,
То нагсилад зи наслҳо пайванди одамӣ.

Мо шохношикастаю нокордидаем,
Бо ин сари ҷавони худ ҳоло чӣ дидаем?
Гарчи ба дӯши ин замин бори гарон наем,
Бори варо ба дӯши худ мо кам кашидаем.

Мо тифлакони беғами гаҳворагӣ будем,
Гаҳвораи ҳаёти мо бо ашки модарон
Осудаю бароҳату гарму дуруст монд
Ҳампою рӯбарӯй бо тобути ҷангиён.

Аз бенавоӣ хушк шуд пистони модарон,
Модар-замин барои мо бесина шир дод.
Хоки Ватан чу суфраи заррини офтоб
Бар пайкари наҳифи мо нерӯи шер дод.

Имрӯз чун зи сабзаю гулҳои қабрҳо,
К-он ҷо шаҳидгаштагон хобанд ҷовидон,
Бӯи кароҳатовари борут бишнавам;
Имрӯз чун зи машъали пои мазорҳо
Сад даъвату хитобаю сад оҳу сад фиғон
Аз он касони ҷисмашон нобуд бишнавам,
Бар рӯҳи хокхуфтагон савганд мехурам:

Хуршед гар фурӯ равад сӯи ғурубгоҳ,
Ман аз канори гарми ту чун тифли ширхор
Ҷое намеравам.
Маҳтоб кам шавад агар,
Ман кам намешавам,
Афтад ситора аз фалак беному бенишон,
Ман аз самои меҳри ту ҷое намеравам.
Оғози ман зи модару анҷоми ман зи туст,
Ному нишону шуҳрату пайғоми ман зи туст.

Гар чашмҳои равшани мардони роди ту
Бар хоку хун фитад,
Бо по намезанам,
Ойина мекунам.
Гар пои чӯбии падар ё ки бародаре
Аз колбад ҷудо,
Берун зи дахмаҳо
Монад ба нимароҳ
Чун пойбасти ҳайкале афрозамаш баланд,
Ё чун сутуни мақбара бар ёдгори ӯ!

Инак ману дифоъи ту, эй модари Ватан,
Ман дар паноҳи ту,
Ту дар паноҳи ман!

27.11.1965

## ЗАМИНИ МЕРОСӢ

Ман дар ин ҷо посбонам,
Посбони зиндагону рӯҳбони мурдагонам.
Баҳри фардо, баҳри истиқболи нурафшону зебо
Дастовези азизи модаронам.

Ман дар ин раҳ раҳнаварди аввалин ё охирин не,
Дар миёни ибтидою интиҳо
Чида-чида меравам гулҳои раҳро.
Саргузашти хешро дар ҳар сари раҳ чида,
мемонам.

Бигзарам аз назди қабристони хомӯши шаҳидон,
Даст бар рӯ бурда, омин мекунам.
Мисли занбӯри асал ҷон медиҳам, гар ногаҳон
Бар вуҷуди бегунохе аз хато неше занам.

Дар қадамгоҳи бузургон ҳокими яклаҳзагиям,
Сарбаландам, ки маро модар дар ин ҷо зодааст.
Дасту поям баста дар гаҳвораи сангини кӯҳҳо,
Орзуямро, диламро дар фазои бекарон
сар додааст.

Посбони ҳуштаки поезду купрукҳои
вокзалҳостам,
То саломат рафта бозоянд ёрон аз сафар.
Посбони иди Наврӯзам, ки дар он ҷумла ёрон
Давра ороянд, ороянд наврӯзи дигар.

Посбони ҳар чароғи мурдаам,
То ки рӯзе соҳибаш ояд, варо созад фурӯзон.
Посбони қатраҳои ашки шодиям,
Ки рухи гирядаро шӯянд чун борони найсон.

Посбонам бар дуои мӯсафедон,
Пандҳои арҷманди модарон,
Бар хати сабзи ҷавонон,
Бар дурахши қоши тиллои арӯсон,
То мисоли моҳи нима
Шуъла афшонанд дар шабҳои дидор аз таги тор.
Посбони лаҳзае, ки ошиқу маъшуқи ногаҳ
Рӯ ба рӯ оянд дар раҳ,
Бесабаб ханданд сӯи ҳамдигар беихтиёр.

Посбони нозу неъматҳои дастурхони мардум,
Посбони чоши тиллоранги гандум,
Посбони ин заминам, ки ҳама неку бадамро
Бе ягон миннат ба дӯши хеш бардорад
беҳ аз ёрони берӯ.
Ман даҳони бози мили танкҳоро
баста хоҳам дошт бо дастони одӣ,
То набошад захмхурда хок монанди
дили пурорзу.

Ҳар киро як давру даврон,
Ҳар киро як навбатест.

Ман намедонам чӣ мемонад дар охир
Дӯстон, аз буду аз нобуди ман.
З-ин сабаб ман дӯст дорам зиндагиро,
То маро ҳам дӯст дорад зиндагӣ,
Рӯзи охир то нахоҳад қарзи худро аз ману
тобути ман!
9.1.1966

* * *

Қалам бо он камию кӯтаҳияш
Сутуни зиндагии бениёз аст.
Туро дорад муаллақ дар фазоҳо,
Чу лангарчӯби дасти дорбоз аст.

Варо гар рост дорӣ, дар баландӣ
Сари торе тавон истод осон.
Биафтӣ сарнагун, ар дорияш кач,
Бимириву шавӣ бо хок яксон.
5.2.1966

* * *

Буриданду ба гӯрат чӯб карданд
Ниҳоле, ки шинондӣ чун нишона.
Туро бо ин ҷаҳон аз хеш пайванд
Ба ҷуз ин нахл чизе буд ё на?

Бубахш, эй рӯҳи дар хок орамида,
Халал додам ба хоби ҷовидонат.
Нишони бандагиро бурдӣ бо худ,
Куҷо аз зиндагӣ ному нишонат?!
5.2.1966

* * *

Чӣ бояд бар тани мурда либоси шоҳӣ пӯшондан,
Ба ҳамёнаш ниҳодан дастаи пул, пораи тилло?
Ягон пурсанда он ҷо пораю ришва намехоҳад,
На рӯбинанду хотирҷӯ «муфаттишҳо»-и он дунё.

Либоси шоҳӣ айбашро, гуноҳашро напӯшонад.
Нагардад ҳеҷ кӯшиш пахтаи пеши табар он ҷо.
Замин беҳуда нафрӯшад ба пул ё хирмани тилло
Ҳаёти ҷовидониро – давоми зиндагониро...
11.2.1966

## ЭЙ ҶАВОНӢ...

Мекунӣ шаккокию густохиҳо
Бо худоёни замину осмон.
Мехурӯшӣ, меситезӣ,
Мекушоӣ роҳи худро
Дар миёни ин ҳама пасту баландии ҷаҳон.
Ҳамчунон Шаддод, ки сӯи худо
Карда даъвои худоӣ, тир андохт,
Лек тираш бозгашта аз само,
Бар сари моҳӣ расид.
Аз он замон
То кунун бинӣ сари моҳӣ буридаст...
Тирандозӣ ба сӯи осмонҳо айни беандешагист,
Баски меояд фурӯ аз осмон ё бар замин,
ё бар сарат.

Бо гуноҳи осмон оё равост,
Ин замини бегунаҳ захме хурад?!

Медамӣ чун рӯди фасли навбаҳорон,
Рахна карда кӯҳсорон.
Дарраҳоро бо ҳама ҳангомаат пур мекунӣ,
Мезанӣ бар санги соҳил,
Мезанӣ, девори соҳилро зи по меафканӣ.
Масту мағруру худонотарсу якрав,
– Ин манам! – мегӯиву ду дасти худро
бар сари дил мезанӣ.

Меравӣ аз хатти соҳил гаҳ бурун,
Лек то кай?..
Об гардад барфҳои кӯҳсорон,
Дигар аз ҳар қулла н-ояд бар ту
оби ғайратафзо.
Дигар аз гардун наояд сели борон,
То лаболаб гардию пуршӯр созӣ иддао.
Фасли тобистон расад, дар зери хуршеди тамуз
Аз ту мемонад фақат як осиё обу халос,
Дар миёни ин ҳама бешу камӣ худро шинос,
Эй ҷавонӣ,
Эй ҷавонӣ!
11.2.1966

## АҚРАБАКҲОИ СОАТ

Ақрабакҳои соати дастат
Соате баъд рӯ ба рӯ оянд.
Баъди саргаштагии кӯтоҳе
Боз оянду роз бикшоянд.

Ақрабакҳо чу рӯи ҳам оянд,
Аз ҳасад гӯӣ бо дили афгор:
Ҳаҷри онҳо чӣ қадр кӯтоҳ аст,
Мерасад баъди соате дидор.

Бишмарӣ ҳар дақиқаро хомӯш,
Бишмарӣ рафтани ҷавониро.
Бишмарию биёварӣ бар ёд
Тарҳи симои навҷавонеро.

Даст доду надод ӯ дилро,
Монд дар нимароҳ ишқатро.
Монд дар чор сӯ умедатро,
Ним пайдову ним нопайдо.

Монд дар сафҳаҳои албомат
Сурату номаҳои ӯ танҳо.
Номаҳо гашта зарду афсурда,
Ҳарфҳо кӯру ҷумла нохоно.

Лек онро азиз медорӣ
Чун гуноҳи дили хатокарда.
Чун нишони умеди нашкуфта,
Ҳаққи лабҳои бӯсаозурда.

Меравад рӯз, шом меояд,
Ҳамчу санг аст зери сар болиш...
Мехурӣ печ, мекунӣ аз қаҳр
Содагиҳои хешро коҳиш.

Аз ҳасад гӯӣ худ ба худ гоҳо
Ақрабакҳо чу рӯи ҳам оянд:
Ҳаҷрашон зуд бигзарад, зеро
Гирди як тир роҳ паймоянд...

12.2.1966

* * *

Ман он сайёди гӯлу сода будам,
Ки ту чун моҳӣ лағжидӣ зи дастам,
Тамоми рӯз биншастам ба соҳил,
Ба уммеде, ки бозоӣ ба шастам.

Шино кардӣ ба дарёи булӯрӣ,
Ба оби пок чун номуси одам.
Шино кардию аз ман дур рафтӣ,
Шудӣ бо мавҷҳо ҳамрозу ҳамдам.

Аз он пас мисли каҷкӯли қаландар
Дилам аз давлати дидор холист.
Диле, ки як замоне базмгаҳ буд,
Диле, ки худ намедонист ғам чист.

Диле, ки андар ӯ раҳму таассуф
Зиёд аз ишқу меҳру ошноист.
Диле, ки шафқати ӯ, раҳмати ӯ
Ба ҳар ҳоҷатталаб гӯё худоист.

Диле, ки ҳеҷ кас нашносадаш зуд,
Ба як дидан шуморад санги хоро.
Вале бо ӯ чу як дам унс гирад,
Биёбад олами шавқу таманно.

Бубинед олами поку мубарро,
Ҷавонӣ, ҳақталошӣ, нангу номус.
Диле, ки шӯълааш гарчанд хурд аст,
Нагардад хира мисли моҳ дар рӯз...

Аз он пас дом чидам, рахт бастам,
Шино кардам ба дарё аз паи ту.
Ба соҳил монд танҳо доми холӣ,
Нишони нобарории такопӯ.

Шино кардам ба дарё мисли моҳӣ,
Биёмухтам забони моҳиёнро.
Мани хокӣ шудам обӣ зи савдо,
Зи савдое, ки сӯзад ошиқонро.

23.2.1966

## ЗИНДАГӢ (2)

Зиндагӣ ҷорист чун рӯди равон,
Ҳам ба сӯи дашти бирён, ҳам ба сӯи гулситон,
Кафки мавҷаш ҳамчу риши мӯйсафедон
Пур зи асрор асту пур аз ҳикмат аст.
Мавҷҳои ҳамчунон мӯи маҳинаш
Чун дилу набзи ҷавонон изтироболудаю
бетоқат аст.
Андар он дорад шино
Киштие, ки бодбонаш мерасад бар осмон,
Ҳам шино доранд дар он киштиҳои
коғазии кӯдакон,
Ҳам қаиқи холие, ки ғарқ гашта белронаш,
Ҳам наҳангон – обварзони далеру дилкалонаш,
Он касе, к-аз обварзӣ бехабар,
Бим дорад аз дами тӯфони ӯ,
То миён тар гашта, баргардад қафо,
Ҷои камобе намуда ҷустуҷӯ,
Моҳӣ дорад лой карда обро.

Зиндагӣ ҷорист чун рӯди равон,
Мурдаро бо худ намегирад ба роҳ,
Мурдаро аз худ бурун меафканад,
Сӯи ӯ дигар намесозад нигоҳ...

Зиндагӣ ҷорист чун рӯди равон,
Андаруни пардаи нилии об,

Зиндагӣ дорад парии обие,
Ман варо меҷӯяму мехоҳам аз ӯ як ҷавоб:
Аз чӣ ту ҳам ҳастию ҳам нестӣ?
Кист бо ту ишқбозӣ мекунад?
Кокулат чун шаршара нобофта,
Кӣ зи васлат сарфарозӣ мекунад?

Зиндагӣ ҷорист чун рӯди равон...
Бояд афкандан ба оби рӯд,
дар оинаи оби мусаффо
Акси худ, тасвири худро,
На! Набояд афканад ӯ
Сояи берӯҳу акси хираю тасвири беҷон,
Балки худро, номаи тақдири худро.
На! Набояд кард аз соҳилситода
сояи худро тамошо,
То туро рӯзе, ки меҷӯянд халқ,
Аз миёни мавҷҳо сар бар кунад ногаҳ парӣ,
Гӯяд: ӯ ҳам мурдаю ҳам зинда аст,
Нест дар қайду вале боқист дар одамгарӣ.

Зиндагӣ ҷорист чун рӯди равон,
Аз дили фарзанди инсон бар дили
фарзанди инсон,
З-он яке бо пул чи осон бигзарад,
Дигаре аз байни тӯфон бигзарад...
26.2.1966

## БАЧЧАГӢ

*Ба бародарам Шариф*

Суруди яккафарёди шабонгоҳии хирманкӯб
Ба гӯшам мерасад аз дуру дилро медиҳад ковиш.
Дилаш монанди саҳро бекарон асту саховатманд,
Садои навҳадораш бар дилам илқо кунад нолиш.

Ба чашмам нақш созад солҳои баччагиямро,
Ки дар рӯи чапар шабҳо суруди «Майда»
мехондам.
Дареғо, баччагӣ ҳамчун гули каҳ бод шуд,
тай шуд,
Аз он хирман мани дунёнадида
мисли дон мондам.

Сарам ҳамчун замини пир мезад чарх беором,
Дилам аз шавқи армонҳо чу вулқоне
хурӯшон буд,
Чу ман дар гирди хирман чарх мегаштам
ба рӯзу шаб.
Куҷо рафтӣ, ҷаҳони пок монанди дили духтар?
Куҷо рафтӣ, ҷаҳони танг монанди дили кафтар?
Куҷо рафтӣ зи дастам, эй замони пур зи
тобу таб?

Суруди нолаомези даравгардухтареро
ёд меорам,
Ба гардан муҳраи мору ба сар рӯмоли
шоҳӣ дошт.
Ду рухсори сафедаш сӯхта аз гармии хуршед,
Нигоҳи шармгине, пурсукуте, бепаноҳе дошт.

Суруди дигаре ҷуз як дубайтӣ ӯ намедонист,
Намедонистам, ӯ будаст шайдоиву савдоӣ.
Ба ҷои гул ба даври домани ӯ хор часпида,
Тароватҳои ҳуснашро макида боди саҳроӣ.

Сурудаш дар дилам чун нақши рӯи гандумаш
боқист,
Ба ёд орам, шавад дил пора-пора:

«Сари кӯҳи баланд ҷуфти ситора,
Ҷавони навхати бистудусола.
Ҷавонон, қадри якдигар бидонед,
Худо кай медиҳад умри дубора?!»

Дигар ӯро надидам чун давоми хоби ширине,
Шунидам ёри бадрашке гирифтасту
миёнҳолест.
Ба қадри ҳол ӯ розист аз тақдири пешонӣ,
Ба ёди ишқи аввал лек як кунҷи дилаш холист...

Ҳама ҳамсолҳои ман ба ҳар ҷониб
сафар карданд,
Гирифта домани коре, гирифта домани ёре.
Дигар даврони гулгардонию гулбозиям бигзашт,
Ба дӯши ман ҳам афтодаст бори зиндагидорӣ.

Дигар айёми хурдӣ нест, то чида гули наврӯз,
Ба ҳар як хона орам ҳамчу пайғоми баҳоронаш.
Биёрам бар дари ӯ ҳам, бубинам хонаву ҷояш,
Баёзи гарданаш, шарми рухаш,
ҳусни гулафшонаш.

Вале якумр мехоҳам бад-ин сон зиндагӣ кардан:
Баҳорон бойчечак чида овардан
ба ҳар як хона яктоӣ,
Ки то аз дасти ман бинанд рӯи навбаҳоронро,
Гули дидори он зебоарӯси рӯзгоронро.

Дигар давлат намехоҳам аз ин дунёи пурсавдо,
Тамоми умр мехоҳам бад-ин сон зиндагӣ кардан,
Тамоми умр кӯдак будану тифлона хандидан,
Зи оғози баҳори зиндагӣ пайғом овардан...
4.4.1966

## КӮҲИСТОН

На масҷид монда, на минбар,
ҳама вайронаву абтар,
Намеояд дигар бар гӯш овози азонхоне.
Ба тоқу бар равоқи хонақоҳи бехудо холӣ
Кабӯтарҳои саҳро мекунанд акнун парафшонӣ.

Зи меҳробаш биёяд хониши гунҷишкҳо бар гӯш,
На овози кашишдори муаззин – ҳайкали фанде.
Дигар бар печи дастори сафеди мӯсафедон ҳам
Малоикҳо намешинанд чун файзи худовандӣ.

Ҷавонон пои маҳсӣ хонда оятҳои «Қуръон»-ро,
Дигар бар сӯи масҷидҳо худокобӣ намеоянд.
Саҳар ё шом пирони батоат рӯи ҷойандоз
Саропо гӯшу ҳуш бонги муаззинро намепоянд.

Паямбарҳо муаллақ мондаю ночор
дар байни худою бандагони ӯ,
Ба мисли содадузде, ки ба даст афтад
шаби маҳтоб.
Замин аммо, агар коранд, ҳосил медиҳад ҳар сол
Ба деҳқони сабукдасти ба айёми дарав бехоб...

Дигар расму таомулҳои аҷдодӣ фурӯ мурданд,
Ки бахри пойдорӣ ҳар яке муҳри худоӣ дошт.
Ба чашми мардумони хоксору содаи кухсор
Чу мероси азизи модарон қадру сафое дошт.

Вале ман зинда хоҳам кард он расму таомулро,
Ки бар он муҳри дасти рӯзгорон пахш гардида.
Ҳамон расму таомулро, ки бо он мардумони пок
Чашида пухтаю хоми ҳаёту умр варзида.

Ман омухтам аз он расму таомул дилшиносиро,
Ба тору пуди одамҳо бипечидан, напечидан.
Нахустин панди қадру эътибори дӯст донистан,
Нахустин панди кайфароварӣ
бар фитнаи душман.

Дар ин ҷо гар биёяд меҳмони хушдилу нийят,
Шарофатманд меҳмоне,
ки хушпою қадам бошад,
Пас аз ӯ чанд муддат хонаро ҳаргиз намерӯбанд,
Пас аз ӯ хонарӯбӣ як гуноҳи пурситам бошад.

Намерӯбанд, то файзи қадамҳояш,
дуою нийяти покаш,
Шарофатҳои дидораш нагардад чангу бод
алъон.
Агар меҳмони бепою қадам, бехосият бошад,
Пас аз ӯ нақши пояшро зи рӯи хок мерӯбанд,
Фиканда аз пасаш лахча,
«Раҳат бодо сияҳ!»-гӯён.
Ҳамин аст, эй бародар,
Ҷумлаи мероси ман аз санги кӯҳистон!
5.4.1966

## ДУМБУРА

Реза-реза медавад асп,
Аз ҳаво намреза мерезад ба рӯю чашмҳояш.
Мешавад ҳар тори ёлаш шаддаи зебои марҷон.
Рӯи зин бинишаста як зебоҷавон,
Ҷомаи домодӣ бар тан, розӣ аз дунё нигоҳаш,
Мебарад аз деҳа бо худ як арӯси меҳрубон.

Аз даруни хонаҳои лойдевори дара
Мерасад бар гӯш савти думбура.

Менамояд сайр рӯи қабрҳо,
Бар мазористони беному нишони рафтагон
Ҳамчу рӯҳи пок, ҳамчун достони ёдгорӣ,
Дар шаби торику беҷон
Як садои гарму нарми иштиёқеву хуморе,
Гӯӣ меҷӯяд зи ҳар як рафтае ному нишон.

Ҳаст ҳамчун косаи сар пурсадо, пурғулғула
Косаи эъҷозкори думбура.

Пир мегардад сабукболу сабукрӯҳ,
Зинда мегардад ба чашмаш рӯзҳои рафтааш,
Корҳои кардаю нокардааш,
Розҳои гуфтаю ногуфтааш.
Донаи тасбеҳи дасташро на бар зикри худо,
Балки чун як рӯзи рафта мекунад эҳсос
байни панҷаҳо.

Чои талху нони гарму сояи ғафсу сара...
Мерасад бар гӯш савти думбура.

Модаре дар рӯзи гарми офтобӣ
Мебарорад бар сари торе ҷиҳози духтарашро.
Дар миёни парчаҳои шоҳвору кимхо
Мезанад чашмаш ба нақшу зарҷиҳакҳои
фаранҷӣ,
Мешавад пайдо ба чашмаш саҳнаҳои
пуршиканҷе.
Мекашад оҳи гароне,
Баъд мегӯяд дуое бо алам:
«Ман надидам, кош бинад духтарам...»

Аз миёни панҷаҳои пиру барно яксара
Мерасад бар гӯш савти думбура.

Қиссаҳои куҳна мемиранд бепай,
Кафтарон дар шохсорон бӯса месозанд
нӯли якдигарро.

Ошиқон оғӯш мегиранд,
Мебанданд аҳди пойдории вафо,
Бо табу тобе ба рӯи синаи ҳам монда сарро.
Косаи оби никоҳӣ мефитад аз дасти мулло.

Аз буни ҳар санг, аз ҳар як гиёҳи гулдара
Мерасад бар гӯш савти думбура.

11.4.1966

## БА ЧАШМИ ТУ

Гузаштам аз раҳу бероҳаҳо, аз кӯҳу дарёҳо,
Зи даштистони бедоду зи бефарёд саҳроҳо.
Гузаштам бе ту шабҳо кӯчаҳои ширгуни
Каҳкашонро,
Ту будӣ муҳраи ҷонам.
Ту будӣ муҳри имонам.
Чу моҳи кӯри пушти пардаи абри сияҳ пинҳон
Ҳама зебоии олам ба чашмам тофт ночаспон,
Ҳар он чизе, ки чашмам дид,
дил бе ту надид онро,
Рухе бе ту надидам ман.
Саҳар хуршед созад бар сарам чун
зарҳалафшонӣ
Туро дар гирдаи хуршед бинам шоду хандоне,
Ки сози сӯи ман наззора аз хуршед равшантар,
Ту пайғоми пагоҳи ман,
Саломи субҳгоҳи ман.
Чи розе аз дилам бигзашт,
чи рӯзе аз сарам бигзашт,
Чи неку бад ба хайру кина
аз пешу барам бигзашт.
Чу роҳи оҳан аз ҷо ман наҷунбидам,
агарчанде ҳазорон кас
Зи ман рафту зи ман омад
ба сӯи манзили дилбар.
Нагуфтам пойкӯбам ман,
Чу будӣ ғамшарики ман.
Ба чашми ту ҷаҳон дидам,
Ҷаҳони рангҳои тӯю мотамро,
Ҷаҳони рангбозии дили фарзанди одамро.
Ҷаҳон ҳар лаҳза дигар шуд,
вале дигар нагаштӣ ту барои ман.
Ту рӯзи беғубори ман,
Асои ин дили обу адои ман.
Дилам лабрез аз меҳри ҷаҳонгардон,
ҷаҳондорат,
Сари савдопарастам бозии чашми камондорат.
Сафедори баланди қомататро бар сарам
як лаҳзае хам кун.
Ту пиндори яқини ман,
Умеди охирини ман.
Макуш аммо маро андар дили худ
пеш аз маргам,
Сари сабзам хазон манмо,
масӯзон шохаю баргам,
Зи дуриҳо ман аз дарди ту меҷӯям
паноҳи орзуи хеш,
Маро бемордорӣ кун,
Ба дардам шукри борӣ кун.

15.4.1966

## МӮЙСАФЕДОН

Баҳор ояд, чу вақти кишт ояд,
Замин ҳамчун дили ошиқ биҷӯшад.
Ҷавону пир баҳри ҳосили нав
Саҳар то шом дар саҳро бикӯшад.

Нахустин донаро пошанд пирон,
Ки дорад дасташон хайру шарофат.
Пас аз ин дигарон пошанд дона,
Гирифта фотиҳа з-онҳо ба ҳурмат.

Чу ҳангоми дарав ояд, бибинӣ,
Пазад гандум сари хам рӯи саҳро.
Нахустин мӯсафеде дос гирад,
Бигирад қабзае, з-он пас дигарҳо.

Ба тӯю бар зиёфатҳои мардум
Насозӣ то хабар, ҳаргиз наоянд,
Валекин рӯзи мотам, рӯзи андӯҳ
Сари хам, бе хабар дарро кушоянд.

Ба деҳ коре сару сурат нагирад
Бидуни дасти хайри мӯсафедон,
Зи бисмиллоҳи онон гардад оғоз,
Шавад анҷом бо омини эшон.

Агарчи пири барҷомонда ҳастанд,
Ҷавонӣ монда аз онҳо нишона,
Агарчи пир, лек оғози моянд,
Гили девори ин иқболхона.

Ризоманд аз замин то осмонанд,
Ки диданд ин замони меҳрубонро.
Чу санги осиё кам гашта аз кор,
Фузун карданд ризқи мардумонро.

Қадам монанд ботамкину сангин
Ба раҳҳо монда нақши вопасинро,
– Худоё, чанд рӯзи дигарам монд? –
Ба дил гӯянд, чин баста ҷабинро.

Гузоранд охирин мерос аз худ –
Ба фарзандон диҳанд андарз ҳар дам:
– Ту аввал ёб худро, пас худоро,
Гар аз худ монӣ, монӣ аз худо ҳам.

Баранд онҳо на пирӣ, на ҷавонӣ,
Ба рӯзи вопасин аз зиндагонӣ.
Ба мо монад сарафрозию мардӣ,
Ба мо ҳам пирӣ монад, ҳам ҷавонӣ.

2.5.1966

## КИШТИИ ФАРДО

Шаҳр ҳамчун киштие дар рӯи баҳр
Ҷовидонӣ лангар афкандаст дар баҳри ҳаёт.
Пойдевораш на аз оҳан, на аз фӯлод,
Балки аз ҷавонист.
Кӯчаҳои тахтафарши тангу ҳавлангези он
Рост гашта дар баҳои ҷони инсон –
Шоҳроҳи зиндагонист.

Об афзун, хок кам.
Об арзон, хок қимат.
Дар миёни об аммо ҳаст нахлу сабзаю гул
Мерасад бар гӯш ҳам овози булбул –
Ошиқи ҳиҷронзада.

Хонаи чӯбӣ намесӯзад зи оҳаш дар дили шаб,
Баҳр ҳам парво надорад беибо ҷавлон зада.

Аз қубурҳо нафт чун хуни сиёҳ
Мешавад ҷорӣ аз он ки дар бақояш
хуни инсон рехта.
Хуни инсон рехта, бо оби баҳр омехта.
Мешавад ҷорӣ ба рагҳои бузурги зиндагонӣ,
То намирад машъали болои қабри он шаҳидон,
Барфурӯзад ҷовидонӣ.

Дидам ин ҷо бар дари ҳар хона печону шукуфон
Ошиқи печон чу ишқи содаи ёрони ҷонӣ.
Моту гум маҳпайкари зебои урён,
Мисли моҳӣ лайсу лағжон,
Дар миёни баҳри нилӯ оббозӣ менамуд,
Ошиқе бинҳода сар бар китфи ёри меҳрубонаш,
Тор мезад, нарму шево месуруд.

Дидам ин ҷо дар шаби маҳтобии афсонавӣ
Бӯсаҳои моҳтобӣ.
Дидам ин ҷо дар миёни мавҷбозиҳои баҳр
Сад парии меҳнатӣ, гулдасти обӣ.

Дидам ин ҷо дар либоси нафтолуди сиёҳ
Чашми меҳрафшону дилҳои сафед.
Дидам ин ҷо гармрӯӣ, меҳрҷӯӣ, дӯстхоҳӣ
Дар миёни ин қадар тӯфону даҳшат
Азми инсони ба дунё боумед.

Лек қабристон надидам...
Оре, оре, ҳаст ин шаҳри ҳаёт!
Хокро ин ҷо паи гӯрондани одам наёранд.
Ҳар куҷо як қитъа хоке ҳаст,
дар он гул бикоранд.
Шаҳр ҳамчун киштие дар баҳри паҳно
Мекунад бар ҷониби Фардо шино.

4.5.1966

## ҶОГАҲИ ХОЛӢ

Ҷогаҳи холист чун тирдони холӣ,
Тир аз он рафта кайҳо бар нишон...
Ҷогаҳи холист пур аз қаҳрамон,
Пур зи ёду ёдгори қаҳрамон.

Буд як субҳе, ки андар ҷогаҳаш
Хоб медид чеҳраи ҷононаро.
Хоб медид гармии оғӯшро,
Атрафшон ҷогаҳи шоҳонаро.

Дастҳо бо дастҳо печида буданд,
Моҳи танҳогард ҳасрат мекашид.
Ӯ дар он соат на ному қаҳрамонӣ,
Чашму рӯи дилбарашро хоб медид.

Ногаҳон бедор шуд аз шодию дид:
Бар сари болини ӯ биншаста модар,
Ашк мерезад, руху мӯ меканад,
Мекашад аз сина оҳи пуршарар.

Медиҳад бо дасти ларзон, бо ҳарос
Номаи марги ҷавониро ба ӯ.
Номаи қатъи хаёли дилбараш,
Номаи қатъи муҳаббат, орзу.

Ӯ ҳамон бедор шуд он субҳу рафт,
Ҷогаҳаш холию ноғундошта монд.
Баъд аз он модар варо боре нашуст,
То ки ояд бӯи фарзандаш аз он.

... Боз баъди чанд соли дарду мотам
Модар омад бар сари болини ӯ.
Ин на он болин, ки ояд бӯи фарзанд,
Ин на он болини атрогини ӯ.

Ин на он болин, ки бо сад орзу,
Бо сад андеша ҷавонӣ хуфтааст.
Ин ҳамон болин, ки дар он
бо хамӯшии муқаддас
Қаҳрамону қаҳрамонӣ хуфтааст.

Боз модар ашк рехт,
Боз рӯю мӯй канд.
Боз омад пеши чашмаш
Чеҳраю дидори фарзанд.

Боз ёд овард он субҳи касофатборро,
Оҳу воҳу шевани бисёрро,
Нолаҳои синаи афгорро.

Дошт дар дасташ асое,
Як асои камбаҳое.
Он асо аз дасташ афтод,
Ман варо бардоштам.
То наафтад модар аз пирию барҷомондагӣ,
Такя додам, доштам.

Баъд бо оҳи гароне гуфт модар:
– Ӯ ҳамон бедор шуд як субҳ бар ҳифзи Ватан.
Дигар ӯ ҳаргиз нахоҳад хоб кард.
Ҷогаҳи ӯ холӣ монда, сард монда,
Холию бекас намонда гӯшае хоки Ватан...

Эй хамӯшии муқаддас!
Эй сукути бениёзи бандагӣ!
Дар ту мебинам ҳамеша
Ман хурӯшу инқилоби зиндагӣ.

7.5.1966

## ОДАМИ ХОКӢ

Ахтарони фитода аз афлок
Бори дигар ба осмон н-оянд.
Сарнагун уфтода аз гардун,
Гӯшаеро зи худ наоронд.

Лек инсон равад чу бар гардун,
Пеши хуршед, пеши ахтарҳо,
Боз ояд ба қавмдони худ –
Бар замини падар ва модарҳо.

Хурд рафта, бузург баргардад,
Бехабар рафтаву шаҳир ояд.
По ниҳода ба олами асрор,
Бас музаффар, басе кабир ояд.

Толеи одамест ҳар ахтар,
Ӯ чу афтод, одаме мирад.
Ӯ чу афтод, пирҳо гӯянд, –
Доманеро аҷал ба каф гирад.

На! Чу мирад ситорае дар арш,
Одаме дар замин шавад ахтар.
Ҷойгири ситораи мурда
Сӯи гардун равад чу пайғамбар.

Одамӣ вориси замин будаст,
Боз меросдори афлок аст.
Тоҷи ӯ мерасад ба гардунҳо,
Пои ӯ тоҷи давлати хок аст.

Одамӣ бо ситора ҳамсоя,
Хонаи осмонӣ месозад.
Чун худованди аршу фарши пок
Бахтро посбонӣ месозад.

Дар фалак ӯ ба ҷои ахтарҳо,
Дар замин ӯ ба ҷои аҷдодон.
Одами хокӣ – ахтари зинда,
Шуълаи гарм, нури ҷовидон.

Он ҳама ахтарони афтода
Бар дили ӯ қарор мегиранд.
Бо дили ӯ парида то афлок,
То қиёмат дигар намемиранд.

Ахтари уфтода аз гардун
Бори дигар ба осмон н-ояд.
Ҷои ӯ аз замин равад инсон,
Сақфи офоқро биорояд.

10.5.1966

## ДУХТАРИ РУСТОЙ

Нарафтӣ ҷанг мисли духтари рус,
Набастӣ захмҳои аскаронро.
Накардӣ сила бо дастони нармат
Сари аз тир маҷрӯҳи ҷавонро.

Валекин андаруни номаи худ
Фиристодӣ ба ӯ рӯмоли алвон,
Ки дар рӯзи зафар бошад ба дасташ
Ба мисли парчами сурхе парафшон.

Тасалло додӣ, дилбардорӣ додӣ
Варо дар номаҳои маҳрамона.
Варо дар номаи худ бӯса кардӣ
Ба он лабҳои пазмон ғоибона.

Ба ҳангоми дарав шаббош рафтӣ,
Ба хирманҷойҳо бедор хуфтӣ.
Ба мисли гандуми пухта сари хам
Ғаму тимори худ бо кас нагуфтӣ.

Нигоҳи пурхуморат сӯи раҳ буд,
Дилат дар чанги гургон буд аз ғам.
Ҷавон будӣ, вале фасли муҳаббат
Гарон омад, хазон оварду мотам.

Ба хилватгоҳҳои дашту саҳро
Ту мехондӣ: «Ҷавонам ман, ҷавонам...
Илоҳӣ бишканад дасти камонсоз,
Ки аз дасти камон бехонумонам».

Забон меёфт гандумзори хомӯш,
Ба сӯзат ҳамсадо мегашту ҳамдард,
«Фалак аз рашки ҳусни офтобам
Маро аз ёри дилбандам ҷудо кард».

Сарак мечидию медидӣ гоҳе
Сари ёрат чунон афтода дар хок.
Сари кӯҳи баланд истода гоҳо
Варо фарёд мекардӣ зи афлок.

Ҷаҳони ту хамӯшу бенафас буд,
Хамӯшияш чӣ даҳшат дошт, хоҳар!
Ту нашнидӣ садои тиру таркиш,
Вале дардаш туро обу адо кард.

Набастӣ бар миёнат тирдоне,
Нарафтӣ ҷанг мисли духтари рус.
Ту бо худ ҷанг кардӣ, доштӣ пок
Ба аскарбаччаи шайдот номус...

11.5.1966

## БАҲОРИ КӮҲИСТОН

Лола – раққосаи машъалдоре,
Бойчечак – шафақи субҳона.
Сабзаҳо – кокули нобофтае,
Мезанад бод ба нармӣ шона.

Кӯҳ монанди манор аст баланд,
Ҳама дам сокиту пурасрорест.
Обшор аз бари ӯ пош шуда,
Ҷониби дашту биёбон ҷорист.

Бишкуфад чун гули бодом нахуст,
Ҳамчу пайғамбари оғози баҳор.
Бод ҳар сӯй давад мастомаст,
Талабад аз ҳама «Тӯёна биёр!»

Даштҳо ҷомаи атлас пӯшанд,
Духтарон махзани дил боз кунанд.
Остин барзада то соидгоҳ
Паи сӯзондани мо ноз кунанд.

Аз нафасҳои баҳории замин
Нафаси гарми муҳаббат ёбанд.
Ошиқон чун гули камёби баҳор
Дар чаман гӯшаи хилват ёбанд.

Теппаҳо гунбази зангорӣ шаванд,
Чашм ҳайрон шаваду дил вола.
Шавад ороста ин хоки қадим
Ҳамчу як духтари ҳаждаҳсола.

Нони хом аст ба ҳар зарраи хок,
Даштҳо гӯӣ чу дастархонанд.
Сарфарозанд зи хуршеди мунир,
Розӣ аз дасту дили деҳқонанд.

Ағбаву рахнаю водию дара
Чун арӯсе, ки ба сур омодаст,
Пойандоз ба раҳ густурда,
Мунтазир бар қадами домод аст.

Мон, дар ин гӯшаи зебои замин
Тӯи инсону табиат бошад.
Мон, ки поянда чу кӯҳи тоҷик
Шодию бахту саодат бошад.

Ҳар кучое биравам чун фарзанд,
Барам аз хоки диёрам пайғом.
Зиндагии ман аз ин ҷо сар шуд,
Ҳеҷ гаҳ кош наёбад анҷом!

20.5.1966

## СУРУДИ ИФТИХОР

Ба рӯи ин замини беканора
На шахси аввалин, на охиринам.
Шуои моҳро аз чоҳ ёбам,
Гули хуршедро аз хок чинам.

Ба марги дӯстон гирям ҷунунвор,
Ба иди дӯстон паймона гирам.
Нигоҳи вопасин гирам зи пирон,
Зи тифлон хандаи тифлона гирам.

Саропо ман сутуни ростиям,
Ман аз вайрона ҷӯям номи обод.
Ман аз як чӯб ҳам тобут созам
Ва ҳам гаҳвора баҳри тифли навзод.

Ба ман ҳайкал насозед аз забарҷад,
Намегардад зи дунё номи ман гум.
Ба ҳар ҷо ҳайкали Озодӣ бинед,
Маро дар зикри он донед, мардум.

Ба ҳар ҷо ҳайкали Модар бубинед,
Маро дар пояи он хуфта донед.
Ба ҳар ҷо ошиқи хушбахт бинед,
Ҳама рози дили ман гуфта донед.

Ман инсонам, ман он инсони одӣ,
Ки гаҳ обу гаҳ оташ мепарастам.
Ба ҷое мутлақо озодаму лек
Ба ҷое тобеи озодӣ ҳастам.

Гиребони тулӯи офтобам,
Раҳи ҳақ, кори ҳақ будаст пирам.
Намирам аз аҷал ночору оҷиз,
Фақат аз ор ё аз кор мирам!

22.5.1966

## ДЕҲҚОНИ ХОКПОШ

Ба омоче, ки мероси худоист,
Замини бандагиро карда шудгор,
Гузашт ӯ сарҳади бечорагиро,
Ба бахту бо замин шуд ҷовидон ёр.

Зи даст омочро ҳаргиз наяфканд,
Ба дил гуфти ҳакимон хонда-хонда:
«Худо испор дода баҳри Одам,
Ба Ҳавво чарху дук мерос монда».

Падар хонд ӯ фалакро, осмонро,
Заминро модару овард имон.
Ба рӯзи тангдастӣ хокро кофт
Ба испоре, ки монда аз ниёкон.

Ба танҳоӣ заминро дӯст бигрифт,
Замин пушту паноҳаш буду ёраш.
Замин ҳам ибтидо, ҳам интиҳояш,
Замин дору надори рӯзгораш.

Замин бардошт, чун афтод аз по,
Аз ин пастӣ ба гардун сар барафрохт.
Сару рӯи заминро сила бинмуд,
Замин ӯро чунин бообрӯ сохт.

Наҷуст ӯ давлати ҷовид асло,
Фақат нони ҳалоли хешро кофт.
Ба ору нанг мардӣ карду танҳо
Ба зикри хок умри ҷовидон ёфт.

Ба сӯи хок умре бингарад ӯ,
Ҷавонӣ ҷӯяду фардои рахшон.
Ҳамеша ӯ заминро меканад, лек
Наканда чоҳ баҳри ҳеҷ инсон.

Ба мисли қурси хуршед аст хирман,
Ба гирдаш чарх гардад ӯ заминвор.
Ту гӯӣ тири умри ӯ ҳамин аст,
Ту гӯӣ меҳвари дунёст хирвор.

Ба фасли ҷуфтронӣ ҳамчу омоч,
Ба ҳангоми дарав монанди дос аст.
Ба мисли хок пурбардору пурсабр,
Ба мисли хок умре беқиёс аст.

Зи шоир баъди ӯ монад муҳаббат,
Китоби ростӣ, панду насиҳат.
Зи деҳқон тухми гандум монаду нон,
Бимонад хони пур аз нозу неъмат.

Ҳамон омоч аз ӯ ёдгорист,
Пас аз деҳқон бурун аз хок монад,
Нависад лавҳаҳои сабз дар хок,
Ба ёди хок деҳқонро расонад.

Дар он соат, ки ҳайкалҳои барқад
Хамӯшу безабону пурсукутанд,
Кашад омоч хатти рост дар хок –
Давоми умри деҳқони шарафманд.

7.6.1966

## РОҲИ ҚУЛЛАҲО

Ҳар кӣ хоҳад бар баландиҳо барояд босубот,
Ҳар касе хоҳад гузорад по ба тори қуллаҳо,
Дар раҳи пурпечухам сӯи фарозиҳои кӯҳ
Мекунад таъзим доим, мешавад қаддаш дуто.

Лек чун поро ниҳад бар тори қулла бо азоб,
Мешавад қадди дутояш рост чун сарви равон.
Кӯҳ мисли пояи ҳайкал ба зери пои ӯ,
Ӯ чу ҳайкал ғолибу ҷовид дар болои он...

17.6.1966

## КАБӮТАРҲО

Даруни номаат ҷуфти кабӯтар,
Даруни номаат расми диле буд,
Даруни номаат барги гули тар
Фурӯзон чун забони машъале буд.

Кабӯтар номаи секунҷа мебурд,
Ба боли чун бари рӯят сафедаш.
Гули нома баҳори орзу буд,
Дили нома дурахшон мисли оташ.

Ҷавон будӣ, ба ҳукми ғунча будӣ,
Баҳорат буду айёми шукуфтан.
Ту аз ҳад сода будӣ, мекушудӣ
Дилатро пеши кас бемакру бефан.

Даруни дарс аз устод пинҳон,
Ба коғаз расми кафтар мекашидӣ:
Варо бо ранҷҳо чун сурати ҷон,
Аз он будаш накӯтар мекашидӣ.

Суханҳоят чӣ нопайваста буданд –
Гувоҳи ларзаи дил, ларзаи даст.
Нигаҳҳоят дар он хат хаста буданд,
Ки ишқу ошиқӣ дурӯза будаст...

...Дар он курсӣ дигарҳо менишинанд,
Дар он мактаб туро ёдест танҳо.
Фақат дар рӯи коғаз ҷуфт монданд,
Кабӯтарҳо, кабӯтарҳои зебо.

Гули рӯят кунун гулдастаи кист?
Кабӯтарҳо куҷо парвоз карданд?
Дилат дар ёди кӣ, побастаи кист?
Кабӯтарҳо хататро бар кӣ бурданд?

Маро бо ту диле буд рӯи озар,
Раҳе бар ҷониби сарманзиле буд.
Даруни номаат ҷуфти кабӯтар,
Даруни номаат расми диле буд...

23.6.1966

## ТУ БОШИЮ МАНУ ИН КӮҲСОРОН

Ту бошию лаби дарёи кӯҳӣ,
Ҷавонию хумори ношикаста.
Ту бошию бари домони саҳро,
Бароят гул бичинам даста-даста.

Бари домонат аз шабнам шавад тар,
Ба рӯи сабзаҳо чун по гузорӣ.
Мисоли акси хуршеди мунаввар
Шино созӣ ба рӯди беқароре.

Барой чун садаф аз об рахшон,
Тани ларзони ту гавҳар фишонад,
Ба ҳар як қатраи қадди ту хуршед
Барои худ амонат лона монад.

Туро хуршед бар оғӯш гирад,
Бибӯсад қатраҳои қомататро.
Битобӣ дар шуои зарфишонаш,
Чу симинҳайкале поку мусаффо.

Сарой дар сари санге нишаста,
Суруди шодмонию таманно.
Бипечад савтҳои ширадорат
Ба шӯри мавҷҳо, ғавғои дарё.

Нишинам ман ба рӯи тахтасанге,
Нависам аз барои ёдгорӣ
Ду байти илтиҷою орзуе,
Ду байти меҳри дилбардӯстдорӣ:

«Лаби дарёчаю оби зулолаш,
Даруни об қадди навниҳолаш.
Табиат, як саховат кун ба ошиқ,
Ки бошад рӯзгори безаволаш...»

Ту бошию ҷавонию муҳаббат,
Дили ташна, хумори ношикаста.
Ту бошию лаби рӯду лаби ту,
Ману ту – мавҷҳои ҳалқабаста.

Ту бошию ману ин кӯҳсорон,
Ту бошию ба рӯям ханда поши.
Агар тақдири ман бо ту набошад,
Бар ҳар ҷое, ки бошӣ, зинда бошӣ.

24.6.1966

* * *

То дили шаб сайру гашти боғҳо,
То дили шаб рақсу бозию суруд.
То дили шаб чун таноби нуқрагӣ
Дасти ту бар гарданам печида буд.

Мефитод аз гумбази сабзи фалак
Гарди маҳ бар гумбази мӯи сарат.
Шаҳр масти хоб, танҳо музтариб
Сӯи дар чашмони чори модарат...

Он қадар хушбахт будию ғанӣ,
Он қадар бахтат ҷавон буду баланд;
Кӯчаҳои холию хомӯши шаб
Аз садои хандаат пур мешуданд.

Моҳи зинда қолаби рӯи ту буд,
Ханда гул мекард дар рухсораат.
Мавҷи гесуят зи шӯхии насим
Парда мешуд бар рухи маҳпораат.

Осмони ахтарафшон тоза буд
Чун ҷаҳони орзуҳои ҷавонӣ.
Парда-парда боз мешуд рози дил
Мисли рози сарбамӯҳри осмонӣ.

Пой мемондӣ ба болои замин
Чун фаришта бебалову бегуноҳ.
Оташак месӯхт дар чашмони ту,
Оташе бар оташи ишқат гувоҳ.

З-он нафасҳои азизи зиндагонӣ
Ёд агар орӣ, дилат таҳ мезанад.
Маҳ, ки шоҳид буд бар он саҳнаҳо,
Бо ту дар як хона хиргаҳ мезанад...

То дили шаб сайру гашти боғҳо,
То дили шаб рақсу бозию суруд.
То дили шаб чун таноби нуқрагӣ
Дасти ту бар гарданам печида буд.

25.6.1966

## ТОҶИ АРӮСӢ

Ба сарат тоҷи арӯсӣ шаби тӯй,
Пеши пою қадамат гул мерехт.
Қул-қули шишаи май бар гӯшат
Гӯиё чаҳ-чаҳи булбул мерехт.

Байни ҳавлӣ чу шарори дили ту
Шоха андохта, машъал месӯхт.
Арғувонпӯш қади шамшодат
Давра оросташу дил месӯхт.

Чарх мегашт замин чун сари ман,
Чархгардон ҳама мерақсиданд,
Ҳама буданд ба ту бахтталаб,
Ҳама чун бахти ту механдиданд.

Ҳама аз баҳри туву иқболат
Ҷоми саршор ба лаб мебурданд,
Лек ширину гуворо гӯӣ
Талхии умри маро мехурданд.

Аз ту мемонд фақат соя бас,
Ном мемонд зи афсонаи ман.
Чашми ман аз шарафи дидорат
Холӣ мегашт чу паймонаи ман.

Ман дар он базм чӣ будам, ҳайфо,
Соғаре, ки маи он паймуда,
Соғаре, ки маи он рехтааст,
На ба ҷоме, ба замин беҳуда.

Ту куҷо рафтӣ, куҷо мондам ман?
Зиндагӣ рафт ба роҳи дигаре.
Ҷойгардон шудӣ чун нахли ҷавон
Аз дили ман ба дили гармтаре.

Ба сарат тоҷи арӯсӣ шаби тӯй,
Пеши пою қадамат гул мерехт.
Қул-қули шишаи май бар гӯшат
Гӯиё чаҳ-чаҳи булбул мерехт.

26.6.1966

* * *

Ҳар чӣ арзон бошад, онро дар масал
«Мисли хок арзон» бигӯянд одамон.
Хок бисёр аз тамоми ганҷҳо,
Ганҷҳое, ки дар ӯ бошад ниҳон.

Чун намегунҷид андар махзане,
Хокро чун ганҷҳо нархе набуд.
Баски ҳамсангаш набуд тиллою зар,
Нархаш аз «арзонӣ» қиматтар нашуд...

Ҳар чӣ арзон бошад, онро дар масал
«Мисли хок арзон» бигӯянд одамон.
Хок арзон, лек нафрӯшад варо
Ҳеҷ инсон дар баҳои умри ҷон.

27.6.1966

* * *

Муҳаббат чист? – мепурсидӣ аз ман,
Шаби бемоҳ буду беситора.
Садоят буд ларзону шикаста,
Нигоҳат – шӯълаи алмоспора.

Ту мегуфтӣ муҳаббат макру фанд аст,
Дурӯғи бофурӯғу ҳарфи пурроз,
Ту мегуфтӣ, ки мардон бевафоянд,
Ҷавонон ҳуснбозанду назарбоз...

Ман аз ту дур рафтам, шояд акнун
Бигӯӣ худ ба худ: ин ҳам чунон аст.
Кабӯтар доштам ман, пар баровард,
Даме бо ман, даме бо дигарон аст.

Ба дастат шохаи гул, сайр созӣ
Шаби маҳтоб он гулроҳаҳоро.
Қадат дар роҳ гулмаҳтоб гардад,
Вале бе сояи ман нақши танҳо.

Ту донӣ модарони мо сияҳпӯш,
Худой дода бар сарбози мурда,
Варо боз интизорӣ мекашиданд,
Ба тақдиру қазо тан носупурда.

Ту донӣ, ки адӯ чун тир мекошт
Ба хоки зарфишони кишвари мо,
Зи чашма об дода, кишт мекард
Ба саҳроҳои бекас модари мо.

Наёмад мурдае аз сангари марг,
Зи хандақҳо, зи саҳни корзорон.
Валекин то ҳанӯз дунё ба уммед
Ба сӯи роҳ чашми интизорон...

Муҳаббат нест ҳаргиз мисли дарё,
К-аз он ҳар кас тавонад об гирад.
Яке бо каф зи соҳил об нӯшад,
Яке дар байни дарё ташна мирад.

Муҳаббат чист? – мепурсидӣ аз ман,
Шаби бемоҳ буду беситора.
Ва ё акнун баромад ахтари бахт,
Ва ё акнун шабат маҳтоб дора(д)?

7.7.1966

## ДОСТОНИ ДАСТҲО

Ҷӯяҳо монанди чини рӯи деҳқон,
Пунбаи бишкуфта ранги мӯи деҳқон,
Пунба хандон, домани саҳро шукуфон,
Чун дили поку ҳақиқатҷӯи деҳқон.
Куртаи алвон ба қадди духтарони пунбачин
Дар миёни ҳавзаи гулҳои симин
Мезанад ҷавлон чу нахли арғувон.
Қоматаш сар то ба по гул,
Доманаш лабрез бо гул,
Шавкати ҳусну гул аст аз ранҷ ин ҷо тавъамон.
Нохуни ғӯза харошад дасти ӯро,
Хам кунад пунба қади хушбасти ӯро,
Офтоби чоштгаҳ бераҳм сӯзад рӯи ӯро,
Бод duздад накҳати зулфони анбарбӯи ӯро.
Сурмаи хок аст пардози сафи мижгони ӯ,
Чанги саҳро хира карда чеҳраи тобони ӯ,
Шӯр мерезад заминро карда шақ,
Аз ҷабин, аз ҳар сари мӯяш арақ.
Зери пои ӯст бо он сон бузургияш замин,
Зери ҳукми ӯст саҳроҳои неъматофарин.
Хокро дастони нарми ӯ навозиш кардаанд,
Қудрати ӯ, давлати ӯро ситоиш кардаанд.
Хок гӯё қарздори некии дастони ӯст,
Ёри ҳамсомони ӯ, дилдори ҳампаймони ӯст.
Ҳар ғарам, ҳар хирмани чун бахти тоҷикон
баланд,

Ҳамчу кӯҳи нуқра тобад саф ба саф,
Поку бедоғу муборак чун шараф,
Ҳамчу виҷдон, ҳамчу номи деҳқони арҷманд.
Чун ғарамҳои бузурги нуқрагии абрҳо
Ҳар ғарам сар мезанад бар осмон.
Зина-зина сафкашону қадкашон
Аз ҳунармандии дасти деҳқон.

Ҷӯяҳо – ожангҳои рӯи деҳқон,
Пунбаи бишкуфта ранги мӯи деҳқон,
Дашту саҳрои фарохи пахтазорон
Бекарон ҳамчун кафи дастони деҳқон, –
Месарояд достони ранҷҳои дастҳоро,
Дастҳои пурсахоро...

9.7.1966

## КИТОБИ САНГИН

Ба рӯи санги қабри хоксоре
Чунин ҳак гашта байти обдоре:
«Маро бо хоҳиши ман н-офариданд,
Вале бо хоҳиши худ ҳам намурдам.
Ҳар он чизе, ки аз дунё гирифтам,
Ба дунё боз чун қарзаш супурдам».

Ба санги обшуста, лайсу[1] ҳамвор,
Чунин лавҳест аз ёри вафодор:
«Ба тори қуллаҳо фарёд кардам,
Ҷавонии туро ман ёд кардам.
На ту боз омадию на ҷавонӣ,
Ба байте сангро обод кардам».

Бидидам дар яке болори хона,
Чунин дубайтӣ аз усто нишона:
«Биё, меҳмони ман шав, эй бародар,
Гулистон кун даме кошонаи ман.
Биё ҳар гоҳ дасти холӣ, аммо
Дили холӣ наё бар хонаи ман».

Ба даври шаҳсутуни хонақоҳе,
Чунин шаҳбайт аз оқил гувоҳе:
«Намеарзад барои молу мансаб
Бародарзода бифребад бародар.
Чу мо фарзанди кӯҳҳои баландем,
Ба мо пастӣ намезебад, бародар!»

11.7.1966

1. Лайс – беғурм, сифту соф, лағжон.

## СУРУДИ МЕҲНАТ

Чӣ гум кардӣ, ки меҷӯӣ саҳар то шом дар саҳро?
Ҷавонӣ?
Гармии дил?
Гармии даст?
Ва ё гум кардаӣ ангуштари мероси модарро,
Ки меҷӯӣ ту бехи ҳар ниҳоли пунбаи наврас?

Миёни обу лою гармию сармо
Туро ҳар субҳ мебинам,
Туро ҳар шом мебинам.
Равад хуршед аз пайколат, аммо
Камони қомататро, шасти дастатро
Чӣ беором мебинам.

Миёни пунбазоре, ки ба роҳи Каҳкашон монад,
Дар он ҳар ғунча монанди ситора пурҷило тобад,
Миёни пунбазоре, ки чу паҳноҳои барфистон
Дурахшону шафақрезу сафеду бармало тобад,
Ту бар домони худ исторҳои пок мечинӣ,
На аз тоқи баланди осмон, аз хок мечинӣ.

Ту бар ҳар ғӯзаи сарбастаи кӯрак,
Ки монанди замин гирд аст,
Саҳар то шомгоҳон саҷда меорӣ,
Чу онро даст гирӣ, ман бипиндорам,
Ки гӯё ту заминро рӯи каф озод бардорӣ.
Ба зери гармии оҳангудози офтоби Шарқ,
Ки саҳро ҳамчунон дамхонаи оҳангарон тасфад,
Ту ҳамчун оҳани дар кӯра,
Нони дар танӯру хишти дар хумдон
Ба тоб оиву ранг орӣ, рухи ту лахчасон тасфад.

... Рухат ранги сафеди офтобӣ дошт,
Лабат ранги гулобӣ дошт.
Ту ҳам чун шаҳриёни ҳусн будӣ мисли гулдаста.
Кунун рӯи ту ҳамчун хишти пухта,
нони тафта сурх метобад.

Лабат парсингбаста,
Дастҳоят шалпару хаста,
Мадори рафтаи худро фақат аз хок мекобад.
Туро, ҳусни туро танҳо
Ба ранги хоку ранги пунбаю бо зарҳали хуршед
Зи нав тасвир бояд кард.
Қатори ҷӯяҳои навниҳоли пунбазоратро

Фақат бар милаҳои майдаи идонаат
монанд бояд кард,
Сафедию ҷилои пунбаро танҳо
Ба виҷдонат мисол оварда оламгир бояд кард.

Чунон шеъре бибояд гуфт, то чун хирмани пунба
Дар он ҳам офтобу ҳам замин бошад.
Чунон шеъре, ки ранги он нагардад хира
бо шустан,
Мисоли кулчаи рӯи ту пухта, нозанин бошад.

Ту, эй дасти заминпарвар,
Ту, эй ҳусни заминоро,
Ту, эй қадди хами шаҳдухтари
меҳнаткаши тоҷик!
Ба ман омӯз расми бар замин таъзим бинмудан,
Ки то шеъри «сафед»-и ман шавад
бар пунбаат монанд,
Ва ё монанди ту бошад ҳамеша
бо замин пайванд!
8.8.1966

## КӮЗАИ ОРМОН

Пайроҳае, ки мову ту даврони баччагӣ
То шоҳраҳ наомада, аз ҳам ҷудо шудем,
Имрӯз кӯр гаштаву қолини сабза аст.
Аз ҳам ҷудо шудем мо,
Оё куҷо шудем?!

Он кӯзае, ки тори сар бинҳода ҳар ғуруб
Меомадӣ ба ҷониби сарчашма баҳри об,
Дар нимараҳ ба ёди кӣ бишкасту об рехт?
Ларзид ногаҳон чаро он пайкари батоб?

Он курсиҳои мактабӣ аз мо чӣ дидаанд?
Дарси ҳисоб омада бедафтару китоб,
Бӯсида пӯпаки туро пинҳон зи устод,
Бишмурда кокули туро омӯхтам ҳисоб.

Чил кокули маҳини ту чилтори ман буданд,
Оҳангҳои ишқи ман з-онҳо баланд шуд.
Ду милаи сиёҳи ту дутори ман буданд,
З-оҳанги рез-резашон ҷонам ба банд шуд.

Рухсораат чу зарварақ рахшону зарфишон,
Пешоният чу коғази афшон ситорарез.
Ду чашми ту – ду каффаи мизони ошиқӣ,
Гаҳ моили мурувввату гаҳ моили ситез, –

То ҳол пеши дидаам пайдо шавад мудом,
Ҳар гаҳ ба ёд оварам, хун мешавад дилам.
Дар мулкҳои баччагӣ бесуд ҷӯямат,
Дар роҳҳои баччагӣ раҳ меравад дилам.

Бингар қатор меравад чун фасли баччагӣ
Оҳанраҳ аст як раҳу ду хат зи ҳам ҷудо.
Ду хатти раҳ – ду милаи пурпечутоби туст,
Ҳамроҳ меравад, вале аз ҳам ҷудо чу мо.

Инак қатор аз бари саҳрою даштҳо,
Аз ағбаҳои саҳмгин, аз рахнаҳо гузашт.
Эй шоҳиди муҳаббати бедоғи баччагӣ,
Он ишқи лавҳсодагӣ аз мо чаро гузашт?!

Он чашма то ҳанӯз ҳам фаввора мезанад,
Он кӯзаи дудастаат аммо шикасту рафт.
Ёди ту мушт бар дили садпора мезанад,
Аммо чӣ суд?
Чун хато дар аҳд аз ту рафт...

Аз дур бишнавам мудом осоиши туро,
Шояд расад ба гӯши ту гаҳ-гаҳ дуруди ман,
Гаҳвораи мунаққаше, тифле чу моҳи нав...
Лолоие ба гӯши ӯ хон аз суруди ман!
1967

## МАРО ЯК ФОЛ ЗАН, ЭЙ ЛӮЛИДУХТАР

Маро як фол зан, эй лӯлидухтар,
Ки сарфолӣ диҳам ин ҷону ин сар.
Маро як фол зан, бахти маро ёб,
Ки чун рӯи ту бошад поку дилбар.

Туро дидам сарафрозу шукуфон,
Замони баччагиям ёдам омад.
Зи қаъри солҳои даргузашта
Ба гӯшам нолаю фарёдам омад.

Ту будӣ кӯдаки бадбахти модар,
Ки танҳою ғарибу бекасе буд.
Ба дӯшаш халтае нони гадоӣ,
Ту бар пуштораш, бас роҳ паймуд.

Асо бар даст чун аз кӯча мерафт,
Сагони кӯча мечастанд сӯяш.
Ту дар «гаҳвора»-и пуштораи ӯ
Панаҳ будӣ мисоли орзуяш.

Суруди аллаи тифлони дигар
Садои тиру таркиш буд, аммо
Ту нашнидӣ дигар лолой асло
Ба ғайр аз нӯлаю фарёди сагҳо.

Туро дидам чароғон рӯи ҳастӣ
Ба ёд омад лиқои модари ту.
Зани сабзинарӯи хонабардӯш,
Ягона тахти бахту ёвари ту.

Маро ӯ фол зад, фоли накӯ зад
Барои бурдае нони зағора,
Ки меояд падар аз ҷанг зинда
Ба пеши бар нишонҳои қатора.

Наёмад рост фоли ӯ ба тақдир
Падар на зиндаю на мурда омад.
Гувоҳи рӯзгори корзораш
Фақат як номаи афсурда омад.

Чу омад боз рӯзе модари ту
Ба пеши модарам аз баҳри хоҳиш,
Надода хушкноне, ронд ӯро
Ба сад таъну маломат, ранҷу коҳиш.

Чӣ медонист он гаҳ модари ман,
Ки фоли ман ба дасти туст рӯзе.
Чӣ медонист он гаҳ модари ман,
Ки дар ишқат маро рӯзе бисӯзӣ.

Кунун мо ҳар ду ҳам модар надорем.
(Биёмурзад худо он мӯъминонро).
Ту танҳо мондию ман низ танҳо
Зи ду модар нишон дар дори дунё.

Худо буданд модарҳои мо, лек
Зи рӯи ин замин чун банда рафтанд.
Ба мо доданд болу роҳи парвоз,
Вале худ мурғаки парканда рафтанд...

Маро як фол зан, эй лӯлидухтар,
Ба ҷои модарат – рамзи муҳаббат.
Маро як фол зан, эй лӯлидухтар,
Ба ҷои модарам – рамзи садоқат.

Маро як фол зан, бо чашми ошиқ,
Ки ту чун шох бошӣ, ман чу реша,
Бизан фоле ту аз фардои қисмат
Ки дар он бо ту бошам ман ҳамеша.

Маро як фол зан, эй лӯлидухтар,
Ки сарфолӣ диҳам ин ҷону ин сар.
Маро ё фол бин, ё дар дилат бин,
Ва ё дар ишқ, дар ишқи музаффар!

3.1.1967

## ШЕЪРИ НАВ

*Ба Мӯъмин Қаноат*

Шеъри нав бархост ҳамчун одами нав,
Ҳамчу тифли инқилоб
Бо саволу бо ҷавобу бо хитоб.
Захмҳои пушти Айнӣ сатрҳои ӯ шуданд,
Оҳҳои хашмолудаш нидои ӯ шуданд.
Ҳар дари зиндон, ки бар рӯи асирон боз шуд,
Боби озодӣ кушуду шеъри нав оғоз шуд.
Сабки раҳгардии аскарҳост «Марши ҳуррият»,
Пеш-пеши радда гӯё табли озодӣ занад.
Шеър бо хуни дилу нӯки синон таҳрир шуд,
Дарди асроасраи таърихро тадбир шуд.
Шеър чун сарбози миллат шӯр афканду қиём:
– Интиқом аз охирин маснаднишинон,
интиқом!
Калтаки сурху камону шохаю шамшерҳо
Байтҳои зарбадору тири мардафкан шуданд.
Тоҷҳо талқон шуда дар зери чархи тӯпҳо,
Тахтҳо бар тахтдорон оқибат мадфан шуданд...
Лек захми пушти Айнӣ то ҳанӯз
Дар дили ман хуфтааст.
Захми чашми устоди панҷрӯдӣ
Дар дили ман хуфтааст.
Захмҳои синаи ман қиссаи ногуфта аст.
Аз Бухоро то дили ман як ваҷаб роҳ асту бас,
Роҳи назми Рӯдакию роҳи аҷдоди ман аст.
Ман ба ин раҳ меравам пуршӯртар,
Меравам бар дуртар, бар дуртар.
Шеъри мо ҳар қадар лангардору шевотар шавад,
Захмҳои пушти Айнӣ он қадар ёбад шифо,
Чашмҳои Рӯдакӣ он қадр бинотар шавад.

10.1.1967

## ҶАШНИ ҲАҶДАҲСОЛАГӢ

*Кӣ аз модар ду бор таваллуд шудааст?*
*Кӣ ду бор кӯдак будааст?*
*Кӣ ду бор ба ҳаждаҳ даромадааст?*

Нестӣ нахли дубар, эй нозанин,
То ки ҳар соле ду раҳ бор оварӣ,
Бишкуфӣ ду бор, ёбӣ ду баҳор,
Зиндагии тоза такрор оварӣ.

Як баҳору як гулу як навбатест
Баҳри мо дар зиндагии одамӣ.
Ҷовидона чарх мегардад замин,
Чарх мегардем дар он мо даме.

Гар фитад аз осмон исторае,
Ҳамчу ашки оташини осмон,
Дор онро дар кафи дастони худ,
Барфурӯзаш чун чароғи хонадон.

Дидаӣ гулбаргборони баҳор,
Гирдбоди қисмати гулзорро?
Ҳусни одам низ чун гулбаргҳост,
Мешавад бар роҳҳо барчошҳо.

Гил агар бошад, бирӯяд боз гул,
Ҷовидон бодо русуми дилбарӣ!
...Нестӣ нахли дубар, эй нозанин,
То ки ҳар соле ду раҳ бор оварӣ.

Ин пагоҳӣ субҳ баҳри ту дамид,
Ҳамчу рӯи ту дурахшону сафед.
Гӯӣ нав огоҳ шуд аз ошиқӣ,
Лаззати оғӯши дунёро чашид.

Бо ту гӯё шуд таваллуд оламе –
Олами гулбозию дилбозиҳо.
Бо ту гӯё ибтидо шуд роҳи нав –
Роҳи худкобию сарафрозиҳо.

Бо ту ҳамсол аст имрӯз офтоб,
Ҳамсафи ту абру барқу жола аст.
Ин ҷаҳону ин замину осмон
Мисли ту имрӯз ҳаждаҳсола аст...

18.1.1967

## ЗАМИН (1)

Бисёр саворагон бидидам,
К-аз фахр ба арш мерасиданд,
Биншаста ба рӯи зини заррин,
Аз синаи Моҳ мемакиданд.
Бо дасти амонати «худой»
Аз домани Зӯҳра мекашиданд.

Ҳайҳот!
Ҳама пиёда гаштанд,
Аммо на чу ман пиёдаи роҳ...
Бар рахши Замин савораям ман,
Бар тахти замин нишаста чун шоҳ,
Ин тахт нагашта ҳеҷ вожун,
Ин асп ба раҳ намонда ногоҳ.

Ҳар кас, ки савораи Замин аст,
Ҷолоктар аз саворагон аст.
Ҳар кас, ки ба тахти ӯ нишинад,
Боло зи маҳу ситорагон аст,
Чун ӯст ҳамеша чархгардон,
Бедор чу гоҳворабон аст.

2.2.1967

## ЁДИ ЗОДГОҲ

Арчаҳои сабз – қадди хоҳарам,
Сабзаҳояш – хатти сабзи додарам.
Кӯчаҳои тангу беному рақам –
Роҳҳои саргузашти модарам.

Кӯчаҳоро номи зебо додаанд,
Хонаҳоро зебу оро додаанд.
Росту ҳамвор гашта кӯчаҳо
Сар ба пои гавраҳ бинҳодаанд.

Ман ҳам он раҳро ба шаҳроҳе барам,
Домани мақсуд бар каф оварам,
Сад ҷаҳон ёбам, валекин ҳасрато,
Аз куҷо ёбам туро ман, модарам?!

Мерасад бӯи гули санҷид мудом
Модарам, аз хоки гӯрат бар машом.
Оҳ, модар, як нафас аз хок хез,
Ман ҳанӯзам нотамому нотамом...

Номи ту дунёст, дунёят чӣ шуд?
Рӯзу шабҳо сӯхтанҳоят чӣ шуд?
Ман калон гардида марди раҳ шудам,
Модарам, чашмони раҳпоят чӣ шуд?

Бар сари гӯрат чароғ афрӯхтам,
Сӯхтам, ҳамчун дили ту сӯхтам,
Мушти хокатро гирифтам роҳвор,
Хокбӯсиро зи ту омӯхтам.

Аз ҳамон хоке, ки савсан чидаӣ,
Модарам, имрӯз доман чидаӣ.
Дар чунин як гӯшаи беҷони хок
Бо бузургият чӣ сон гунҷидаӣ?

Деҳаи ман хурд мисли номи ман,
Лек оламгир чун пайғоми ман.
Ниматору нимаравшан оламест,
Бош нури лоязол, анҷоми ман!

Роҳҳои рост – роҳи додарам,
Қуллаҳо – номи баланди хоҳарам.
Барфи кӯҳҳоянд дастори падар,
Шаршара – мӯи сафеди модарам.

15.3.1967

* * *

Чу хонам шеърҳои тозапардоз –
Ба ранги нав ҳама такрори пешин,
Бигӯям, – офарин бодо ба Хайём,
Ки беподош гуфт абёти рангин!

Чу хонам шеърҳои бефурӯғе,
Ки натвонанд боре дил барафрӯхт,
Бигӯям, – офарин бодо ба Ҳофиз,
Ки моро роҳу расми шеър омӯхт.

Чу мардум соли навро ҷашн гиранд,
Ки гӯӣ тоза созад ҷону танро.
Чу бе соли куҳан соли наве нест,
Бигирам ҷашн ман соли куҳанро.

14.4.1967

ЗАНГӮЛА

Дӯстон рафтанд ҳар сӯ дар талоши зиндагӣ,
Аз барои ризқи пошида ба ҳар самти ҷаҳон.
Он яке ошиқ шуду рафт аз қафои духтаре,
Дигаре бигзашт аз ёраш ба ҳукми дигарон.

Занги охир бурд моро ҳар куҷо аз ҳам ҷудо,
То ҳанӯзам гиряи занги ҷудоӣ дар дил аст.
Баъд аз ин бо даъвати зангӯла ҳатто лаҳзае
Назди мактабхона моро ҷамъ кардан
мушкил аст.

Шеъри шогирдонаи ёрест андар дафтарам,
Байтҳояш бебарору берадифу беҷило.
Ҳамчунон ки ишқи байни мо нашуд ҳамқофия,
Чун дили мо, ки нашуд бо ҳам қарину ҳамсадо.

Дар сари паймонаи май, дар сари дасторхон
Мо қасам хурдем дар роҳи садоқат бешумор.
Ҳамчу ҷоми дасти бадмасте қасамҳо ҳам шикаст,
Шишаи холист аз он базм бар ман ёдгор.

Оҳ, мехоҳам дилам зангӯлаи мактаб шавад,
Дӯстонро ҷамъ созад, оварад пеши назар.
Як нафас ёди ҷавонӣ бурдаву ҳасрат кунем,
Бишмарем ожангҳои рӯйҳои якдигар.

То бубинам, Устоди зиндагӣ дар тӯли умр
Дар ҷабину рӯю мӯҳошон чиҳо бинвиштааст.
То бубинам, дар раху дар ҷӯяи ожангҳо
Деҳқони зиндагӣ аз худ чӣ тухме киштааст.

Оҳ, мехоҳам дилам зангӯлаи мактаб шавад,
Созад аз дидори ёрони ҷавонӣ шодмон.
Гаштаю баргашта хонам чун китоби хотирот
Сафҳаи пешонию хатҳои чини рӯяшон.

14.4.1967

* * *

Бимон, то дар дили покат дили ман ошён монад,
Бимон, дар чашмҳои ту ҷавониям ҷавон монад.
Ту бо он ҳусни оламгир аз олам чӣ мехоҳӣ?
Бимон, дар шеъри ман аз дарди ишқи ту
нишон монад.

Ба мисли хандаҳои обшорон хандаҳои ту,
Худодод асту нотакрор он ҳусни расои ту.
Кунам барчош ҳар як мисраъу
ҳар ҳарфи шеърамро
Шаби ҷашни арӯсият ба қадди дилрабои ту.

Туро мехоҳам, эй маҳтоб, дар шабҳои маҳтобӣ,
Туро чун хоб мехоҳам дар ин шабҳои бехобӣ.
Намеоӣ, намеҷӯӣ, вале баъди ҳазорон сол
Маро чун устухони Рӯдакӣ аз хок мекобӣ...

24.10.1967

* * *

Дӯстон, хушбахт бошед,
Дар ҷаҳон бо ёри хушгил!
Дӯстон, хушвақт бошед,
Дар дили ёрони хушдил!

Ҷои оҷанги руху чини ҷабин
Рӯзҳои неки худро бишмаред.
Рӯзатон то бегунаҳ бегаҳ шавад,
Ҳар саҳар бар рӯи тифлон бингаред.

Дидаед оё ки ҳангоми гусел
Мекашад поезд ҳам оҳи гарон?
Дидаед оё ба вақти зилзила
Зилзила афтад ба ҷони одамон?

Дӯстон! Дар зиндагии одамӣ
Сабр аз сандону зарб аз чаккуш аст.
Баҳри ман ин иттиҳоди сабру зарб
Чун камоли худшиносиҳо хуш аст.

Зинда бодо зарби чаккуш,
Зинда бодо сабри сандон!
То дар ин сон созмони зарбу сабр
Созад инсон теғи буррон!

24.10.1967

* * *

Ҳар он к-ӯ мард буду заҳрае дошт
Ба майдон омаду майдонталаб буд.
Ҳамеша бесилоҳ, аммо батадбир
Баору нангу боному насаб буд.

Ҳар он к-ӯ буд ларзон аз ғами ҷон
Ба хилватхонаҳо худро ниҳон сохт.
Ба ҳифзи нимаи ҷон, нимаи дил
Синону ханҷару тиру камон сохт.

Барои қаҳрамон тадбир бояд,
На ханҷар, на камон, на тир бояд.
Барои шоирӣ на номи холӣ,
Дили пур, шеъриботадбир бояд...

28.10.1967

* * *

Онҳо, ки замини модаронро
Чун хокшинос мешиносанд,
Андоза кунанд бо қадамҳо
Ҳар роҳи варову сар набозанд.

Бояст шинохт ин заминро,
Чун пайкари захмноки одам.
Чун чеҳраи доғдида, к-аз умр
Дар сафҳаи ӯст нақши мотам.

Чун модари бекасе, ки дар он
Фарзанди ягона гӯр кардаст.
Аз гиря ба рӯи хокдонаш
Гумбахт ду чашм кӯр кардаст.

Чун барзгаре, ки баъди қаҳтӣ
Тухмӣ бифишонда чашмдор аст.
Чун марди мусофире, ки танҳо
Ҳамвора ба ҳасрати диёр аст.

Онҳо, ки замини модаронро
Чун модари хеш мешиносанд,
Дар ҳар қадаме ба рӯи роҳаш
Ҷонбозӣ кунанду сар бибозанд,

Ман хуб шиносам ин заминро,
Чун модари беписар, мададҷӯ.
Ҳар субҳ зи чашма орамаш об,
Ҳар рӯз хабар бигирам аз ӯ...

11.12.1967

## РУҶӮИ ДОСТОНЕ, КИ ҲАРГИЗ НАМЕТАВОНАМ НАВИШТ

Ҳар саҳар ман бор мебандам
ба аспи раҳсипори офтоб,
Корвонам бори дилҳо мекашад –
аз уфқ то уфқи дигар.
Ҳар саҳар аз нав таваллуд мешавам
аз модари шаб,
Рӯй мешӯям ба нури обшори офтоб.

Ҳар саҳар то меҳр варзам бо арӯси рӯзи нав,
То ба дарёи равони одамӣ якҷо шавам,
Худ ба худ андеша месозам: ман охир кистам?
Аз куҷоям? То куҷоям?
Дар ҷаҳони пуртакопӯ аз барои чистам?

Ман ҷавонам, лек ҳастам аз «Авасто» пиртар,
Ман ба гирди оташи суғдон басо рақсидаам.
То шавам меъмори хоку ҳамҷавори офтоб,
То кашам бори замину дӯшбори офтоб,
Умрҳову асрҳо бар гирди худ гардидаам.

Бо гуноҳи бегуноҳӣ борҳо қурбон шудам,
Бо «вубол»-и ҷонфишонӣ борҳо беҷон шудам,
Гоҳ қурбони худо, гаҳ ғозии Қуръон шудам,
Гаҳ ғуломи Темуру гаҳ абди Чингизхон шудам,
Гоҳ Фирдавсию гоҳо Рустами дастон шудам.

Мешиносам хонаи бобои суғдамро ҳанӯз
Ҳамчу ганҷе дар қабатҳои замини бурдбор,
Мешиносам хонаи худро, ки ворун гашта
дар Афросиёб,
Мешиносам ман сари худро қатори
он қадар сарҳои саркаш,
Дар қатори хиштҳои сарманору қасри Темур.
Мешиносам хуни худро, ӯ мисоли ҷӯи об
Ҷорӣ мегардад ба дарёҳои хуни асри Темур.

Ман ҷавонам,
Ман ҷавонии замини тоҷиконам,
Бори тақдири варо аз бостон то ҷовидон
Ман ба дӯшам мекашонам.

Тоҷикистон – сарзамини камзамини кӯҳсор,
То зи файзи дилкушодиҳои фарзандони худ
Боз паҳновар шавад,
То зи ҳусни духтарони бениқобаш
Боз зеботар шавад,
Ман ба роҳи инқилоб афтодаам,
Дар замин аз Офтоб афтодаам.

То Бухорои шариф аз зодгоҳи инқилоб –
Аз Петербург Аҳмади Дониш
насими асри нав овардааст.
Корвони маърифатро сорбонӣ кардааст,
З-иҷтимоъе мардумонро тарҷумонӣ кардааст.

Ман зи оби рӯю оби чашми бобоёни худ
дарёдилам,
Ман чу рӯдам, шодию ғам – соҳилам.

Пайраҳи ман ҳамчу шогирде,
ки таъзим оварад бар устод,
Сар ба пои шоҳраҳ бинҳодааст.
Ҳамчу тифле, ки бидорад аз бари домони модар,
Аз бари домони шаҳраҳ дошта,
дар пои ӯ афтодааст.

Дар ду чашмам нодамида субҳҳост,
Дар насибам носипарда роҳҳост.
Дар дилам сад ишқи новарзида аст,
Дар раҳам сад дидаи раҳдида аст.
Дар сурудам накҳати гулбодҳост,
Дар ниҳодам қудрати бунёдҳост.
Ман ба дӯши ин замину ин замин бар дӯши ман,
Ман дар оғӯши ҷаҳону ӯст дар оғӯши ман.

Чатри гардун – чодари ман,
Ҳар ситора – хоҳари ман,
Рӯди Ҷайҳун – хотири ман,
Кӯҳҳои Тоҷикистон – ҳайкали ман.

Шарқзодам, аз табори офтоб,
Дар заминам дастёри офтоб.
Ҳар саҳар ошиқ таваллуд мешавам ман
бар ҷамоли рӯзгор...

Чандрӯза соҳиби обу заминам,
Ҷонфидои ҳар тақозои замонам.
Ҳар саҳар аз нав таваллуд мешавам
бар эҳтиёҷи зиндагӣ,
Дида дар оина худро шукр мегӯям,
ки ҳоло ҳам ҷавонам!
Лек як рӯзе ва ё шоме дар охир
мурда мезояд маро,
То бисанҷад, чист бар дунёи фардой нишонам.

... Баъди ман дар мулки кӯҳистони ман
Боғҳо месабзад аз армони ман,
Чашмаҳо меҷӯшад аз чашмони ман!

1968

## КОРВОНИ КӮҲҲО

Ба зери болиши кӯдак гузоранд
Ба рӯзи нийяти гаҳворабандон
Зи рӯи расм як нони тамоме,
Ки бахти комиле ёбад зи даврон.

Ва ё дар зери болиш санг монанд,
Ки дар дунё сараш аз санг бошад.
Намирад дар миёни корзорон,
Базахра, пурдилу бонанг бошад.

Вале гӯянд он дам сӯи кӯдак,
Ба зикри фотиҳа, дар зикри одат:
Дилатро мисли нон тақсим манмо,
Мадеҳ онро ба ҳар к-ӯ пеш ояд.

Сарат аз санг бошад, сахту подор,
Дилат сангин набошад ҳеҷ гоҳе,
Ту охир номбардори куҳистон,
Ба урфу расми аҷдодат гувоҳӣ.

Қатори кӯҳҳо чун корвонанд,
Ту мисли сорбонӣ, чашми роҳӣ...

1968

## СИЛСИЛА

Аз раҳи хоксорӣ баъзеҳо
Дар назар гарчи ноаён ҳастанд,
Лек аз баҳри гулханафрӯзӣ
Гӯиё пешдаргирон ҳастанд.

Аввалин одаме, ки ҳарфе гуфт,
Буд беном, мо намедонем.
Аввалин ошиқе, ки ишқ овард,
Буд хушком? Мо намедонем.

Аввалин аскаре, ки дар майдон
Ҷон фидо кард бар Ватан-Модар,
Маргро рахна карду ғолиб мурд,
Мурд гумном, монд бепайкар.

Қаҳрамонони баъди ӯро мо
Бо муҳаббат сипос меорем.
Мегузорем пайкара бар ӯ,
Ёди ӯро азиз медорем.

Аввалин шоире, ки бедафтар
Гуфт шеъру намонд дар фарҳанг,
Аввалин мутрибе, ки бемактаб
Рехт аз синааш ҳазор оҳанг,

Мо надонем, арчи медонем,
Шеъру оҳанг ибтидое дошт,
Аввалин устоди гумноме,
Сабкҳои ҷунунадое дошт.

Зиндагонист ҳамчу занҷире,
Зиндагонӣ ба нисбате зиндаст.
Ҳалқаи аввалин агар танҳост,
Ҳалқаҳои дигар ба ҳам пайваст.

Бингарам чун ба марди човандоз,
Рӯи зин гӯиё парон ояд.
Дарзамон пеши дидаам ҳозир
Аспи чӯбии кӯдакон ояд.

Ханҷари обдор чун бинам,
Ёд орам азоби сандонро.
Даври дасторхон чу биншинам,
Ёд орам сипори деҳқонро.

Обрӯю ғурури дарёҳо
Чашмасорони кӯҳсоронанд.
Эътибори баланди минбарҳо
Хокпошону хоксоронанд.

1968

## БОЗ ЯК РӮЗАМ ГУЗАШТ

Офтоб аз хонаи ман рафт бегаҳ,
Боз як рӯзам гузашт,
Боз як рӯзи пур аз сӯзам гузашт.

Кай ба дунё омадам ман?
Кай зи оташбозиҳои зиндагӣ огаҳ шудам ман?
Омадам. Рафтам.
Ту медонӣ маро?
Дар сурури хеш мехонӣ маро?

Панҷаҳои зарҳалии офтоби субҳгаҳ
Мисли дасти дӯст мекӯбад дарамро.
Ҳамчу дасти модарам ҳар субҳ рӯи бистарам
Сила месозад сарамро.

Тоҷҳои қуллаҳо дар нури хуршеди саҳар
Сарбасар рахшон мисоли тоҷи шоҳони Аҷам.
Офтоб – он Шаҳрзоди пирумру дилҷавон
Мекунад афсонаҳои Шарқро зеби рақам...

Офтоб аз ганҷи бахшишхонаи умри абад
Лаҳзае овард бар ман армуғон.
Зиндагии ман зи умри ҷовидон ин лаҳза аст –
Лаҳзае, ки гунҷад андар ӯ ҳаёти ҷовидон.

Хондам хуршедро аз осмон,
То кунад бо ман пагоҳӣ ношто.
Чун варо аз чарх овардам фуруд,
Хонаи ман хонаи хуршед буд:
«– Ассалом, эй офтоб,
Эй чашми рӯзи нав, дуруд!
Ман ба гӯшат хонам имрӯз
Аз муҳаббатҳо суруд...»

Офтоб аз хонаи ман рафт бегаҳ,
Кӯр шуд чашмони рӯз,
Хонаи ман боз бехуршед монд.

Дар миёни хонаи беофтоб
Худ ба худ мехонам акнун достони кӯтаҳе:
«То нагардад ҷом холӣ, пур нагардад аз маи нав,
То наафтад ҷомаи афсурда аз тан,
кас напӯшад ҷомаи нав.
– Рӯз то бегаҳ нагардад, кай расад рӯзи дигар?
То набошад шом, чун навбат расад
баҳри саҳар?..»

Офтобо,
Кай ба дунё омадам ман?
Чанд рӯз ин сон гузашту лек ман нагзаштам аз
дунёи зебо,
То ҳанӯзам умрпаймо,
То ҳанӯзам ман шикебо?
Балки ҳамсоли туам ман?!
Балки ҳамзоди Ҳавою Одамам ман?!
1968

## МАН НАМЕМИРАМ

То нагирам хунбаҳои ҷумлаи қурбониёнро,
То набахшам умри озоде ҳама зиндониёнро,
То наёбам роҳи дилҳои тамоми зиндагонро,
То набардорам ба дӯшам дӯшбори ин замонро,
Ман намемирам,
Ман нахоҳам мурд!

То нашӯям доғи дилҳоро ба хуноби дилам,
То наёбам ман зи дунё дурри ноёби дилам,
То накобам субҳро аз чашми бехоби дилам,
То нагӯям достони тозаи боби дилам,
Ман намемирам,
Ман нахоҳам мурд!

То наорояд ҷавониям ҷаҳони пирро,
То набандам бо сурудам пеши роҳи тирро,
То нагирам бо қалам пеши дами шамшерро,
То набинвисам зи нав ман номаи тақдирро,
Ман намемирам,
Ман нахоҳам мурд!

То насозам ҳайкале бар ёдгори модарам,
То нагардам ҳамсари Боми Ҷаҳони кишварам,
То нагардад матлаи умри абад бому дарам,
Нашканад то ташнагии ташнаро шеъри тарам,
Ман намемирам,
Ман нахоҳам мурд!

То даме, ки офтоб аз Шарқ бинмояд тулӯъ,
То даме, ки рӯдҳо аз кӯҳсор ояд фурӯ,
То даме, ки зиндагӣ бошад ба роҳи орзу,
То даме, ки шеъри Ҳофиз бошаду ҷому сабӯ,
Ман намемирам,
Ман нахоҳам мурд!

То надонам, ки пас аз ман хонда шеърамро касе
Хоб мебинад маро, мепурсад ин овоз кист?
То надонам зиндагиро баъди ман раҳ то куҷост,
То надонам соҳиби дунё пас аз ман боз кист,
Ман намемирам,
Ман нахоҳам мурд!

Бо ду чашми нурполо,
Бо ду дасти ризқпаймо,
Бо дили дардошною бо сари пуршӯру савдо,
То қаламро пул насозам дар миёни соҳили
имрӯзу фардо,
Ман нахоҳам мурд оҷиз,
Ман нахоҳам мурд ҳаргиз!
1968

## МАН ҶАВОНАМ...

Ман давоми рӯзгори рафтагонам,
Ман нишони одамони бенишонам.
Ман ба ҳар як аскари азёдрафта
Ёдгори бегазанди ҷовидонам.
Ман ҷавонам, ман ҷавонам, ман ҷавонам!

Рӯҳбахши ҷумлаи маҷрӯҳҳоям,
Ман ба ҳар гумном орам номи нав.
Ман ба ҳар як модари чашминтизор
Орам аз фарзанди ӯ пайғоми нав.

Мурдаҳо бо орзуҳои дигар
Зинда мегарданд дар симои ман.
Рӯзи ҷашну сур, рӯзи тантана
Медиҳанд овоз дар овои ман.

Ишқи новарзидаи ҳар ноумед
Дар барори ишқи ман ёбад барор.
Номаи нанвиштаи ҳар номурод,
Бо суруди ман расад бар дасти ёр.

Баҳри ҳар гумроҳ ман пайроҳаям,
Пайраҳи дилёбиву номусу ном.
Кош умрам ҳамчу байте зам шавад
Дар давоми шеърҳои нотамом...

Бо умеду эътимод аҷдоди ман,
(Он даме, к-аз даҳр реҳлат кардаанд)
Ин Ватан, ин осмону ин замин
Ҷумла баҳри ман васият кардаанд.

Ман давоми рӯзгори рафтагонам,
Посдори хотири қурбониёнам,
Хома андар даст бар ҷои камон
Посбони зиндагонию замонам,
Ман ҷавонам, ман ҷавонам, ман ҷавонам!
1968

## ТАРОНА

Ман аз бар мекунам рӯзе суруди обшоронро,
Забон мебахшам охир ман сукути кӯҳсоронро.
Ман охир рӯдҳоро раҳнамоӣ мекунам рӯзе,
Паёми об меорам ҷавори даштзоронро.

Ман охир турнаҳоро бо баҳори нав
муборакбод мегӯям
Ва аз ҳар хатти сабзи сабзаи навруста меҷӯям
Замони навхатиямро.
Ва аз ҳар навниҳоли гулбасар дархост месозам
Замони навқадиямро.

Ман охир корвони кӯҳҳоро бор мебандам,
Ба даргоҳи ҷавонӣ рӯй меорам.
Ба ҳаққи шири модарҳову ҳаққи ҳусни духтарҳо
Ҷавониро ҷиҳози тӯй меорам.

Ҷавонии дигар меёбам аз дунёи рӯҳонӣ,
Зи нав таҳрир месозам ба афсӯсу пушаймонӣ
Хатоҳое, ки аз ман рафт дар ишқи ҷавониям,
Хатоҳое, ки бигзашт аз ману аз зиндагониям.

Валекин дар тани деворҳои мактаби деҳа
Нахустин шеърҳои ошиқии хешро
дигар намеёбам,
Дигар дар нӯки мӯи духтарони ҳамдабистонам
Ба тарсу ларз мактуби муҳаббат ҳам намебандам.
Раҳо шуд кокули онҳо зи дастонам,
Раҳо шуд номаи ман ҳам.

Дигар дар хоб мебинам рухи ҳамсоядухтарро,
Ки бо ман ҳар саҳар ҳамроҳ мактабхона меомад.
Муҳаббат чист? – мепурсид аз ман духтари сода,
Ба мактаб гӯиё дарси муҳаббатхонӣ меомад.

Дигар ман хоб мебинам нахустин устодамро,
Нахустин дафтари машқу
«Алифбо»-и саводамро,
Дигар ман хоб мебинам сари зонуи модарро,
Канори гарми модаррову тарҳи рӯи модарро.

Замони беғамии ман гузаштаст.
Ман акнун рангҳои тавъами рангинкамонамро
Зи ашки модарони пир меёбам.
Ман акнун рангҳои равшани давру замонамро
Зи мӯҳои сафеди пирҳои давр мекобам.

Ба ёди обшори кокулони духтари тоҷик
Ман аз бар мекунам рӯзе суруди обшоронро!
Ба номи қуллаҳо – гаҳвораи мардони оламгир
Забон мебахшам охир ман сукути кӯҳсоронро!
1968

## ҒАЗАЛИ ДАРЁ

Ман он рӯдам, ки андар роҳи туғён
На санги раҳ, на соҳил мешиносам.
Ман он дарёи пурошӯбу якрав,
Ки танҳо шеваи дил мешиносам.

Равонам аз миёни тангноҳо,
Чу сайди рамгирифта мегурезам.
Намедонам чӣ дорад интиҳоям,
Валекин худ ба худ ман меситезам.

Гаҳе чун шоири ошуфтаам ман,
Ки аз тангӣ гурезад сӯи паҳно,
Гаҳе чун ошиқи ҳиҷронкашида
Бигирам домани дашту даманҳо.

Равам дар даштҳо, гардам парешон,
Ки худро дар парешонӣ шиносам.
Ба сад шохобае сад пора гардам,
Дили сахти заминро нарм созам.

Ба сӯи дашт ҳар шохобаи ман,
Мисоли панҷаҳои дасти боз аст.
Ба ман муҳтоҷ ҳар як зарраи хок,
Ба ман ҳар ташнаро рӯи ниёз аст.

Ман он рӯдам, ки аз кӯҳи баланде
Ба пастиҳо равам бо ҳукми сармад.
Худамро гум кунам дар дашту саҳро,
Ки аз ман ҳар кӣ боғи тоза ёбад.

Ман он рӯдам, ки оғози ман аз санг,
Вале анҷоми ман гул бошаду гул.
Ман он рӯдам, ки аз он мардуми даҳр
Гузар созанд бо ихлос бепул.

Ман он рӯдам, ки рӯзе соҳили ман
Маро гум мекунад дар роҳи туғён.
Барои ташнагон чун хушк гардам,
Дигар обам наяфзоянд онон.

Дигар бар соҳили ман духтари кӯҳ,
Барои об н-ояд кӯзабарсар.
Набӯсад дар лаби ман аз лаби ёр,
Нагирад танг ёри хеш дар бар.

Ду соҳил – ду лаби хушкидаи ман –
Бинолад: доду фарёд аз ҷудоӣ!
Бимонад оброҳа – санглохе,
Зи ҳар санге савол ояд: куҷоӣ?

Ало, эй чашмаҳои ибтидоям,
Маро он вақт оё мешиносед?
Ало, эй дӯстони қадрдонам,
Маро ҳоло чу дарё мешиносед?

29.5.1968

* * *

Маро дар кӯчаҳои шаҳр бинӣ
Гаҳе сархам, гаҳе шӯридахотир.
Маро гаҳ шӯху гаҳ бадқаҳр бинӣ,
Гаҳе розӣ, гаҳе қаҳрӣ зи тақдир.

Ғами ту куҳна шуд дар синаи ман,
Ғами ту ёдгори хотирам шуд.
Ало, ҳамсуҳбати деринаи ман,
Суханҳоят китоби нодирам шуд.

Ту ҳар боре маро мебинӣ дар роҳ,
Дилат меларзаду мекоҳад, эй гул.
Нигоҳат мерамад аз дур ногоҳ,
Дилат аммо маро мехоҳад, эй гул.

...Ҷавонӣ буду дунёи ҳавасҳо,
Замони ошиқию бедилӣ буд.
Дили мо ҷӯш мезад мисли дарё,
Валекин худсару бесоҳиле буд.

Ба мисли рӯдҳои навбаҳорон
Дили мо якраву гапнодаро буд.
Сари мо масту пурсавдову ҳайрон,
Дили мо дар муҳаббат худнамо буд.

Кунун чун рӯдҳои тирамоҳӣ
Дили мо камхурӯшу саҳмгин аст.
Чӣ тадбире дигар? Хоҳӣ-нахоҳӣ
Аз ин пас зиндагии мо ҳамин аст.

Кунун ноланд соҳилҳои камоб
Ба ёди он ҳама оби гузашта.
Кунун гаҳ-гоҳ мебинем дар хоб,
Ки мо ҳар ду лаби дарё нишаста...

1970

* * *

Хонаҳои баланду шаҳроро,
Шаҳри зебою кӯчаю гулгашт...
Дар ҳамин кӯчаҳои пурғавғо
Ошиқию ҷавониям бигзашт.

Ҳар ғурубе нигори атласпӯш,
Як гул аз боғи хеш меовард.
То дили шаб нишаста пеши ман,
Ба табу тоб дарди дил мекард.

Ноаён мегурехт аз хона,
То ба он ваъдагоҳи ҳаррӯза.
Модари пири бемадораш буд,
Интизораш ба назди дарвоза.

Дошта кокулони маҷнунбед,
Бо адояш маро адо мекард.
Милаашро ба гарданам мебаст,
Аз сари ноз пас раҳо мекард.

Дастҳояш чу ширмоҳӣ буд,
Соқҳои базебу симин дошт.
Абруи сабзу мӯи хурмоӣ,
Хандаҳои банозу ширин дошт.

Ҳар ғуруб офтоб чун мерафт,
Ӯ тулӯи умедҳоям буд.
К-ӯ ба ҳусни расою беҷурмаш,
Гӯиё толеи расоям буд.

Як ғурубе наёмад ӯ дигар,
Гӯиё рафт ҳамраҳи хуршед.
Солҳо интизори ӯ будам
Дар сари чорроҳаи уммед.

Пас шунидам ба ҳукми тақдираш,
Хона кардасту хонаобод аст.
Лек бар ёдгори он айём,
Номи манро ба кӯдакаш додаст.

1970

* * *

Баҳорон буду як шомеву борон
Ҳамешорид ҳамчун обшорон.
Висолат бӯстони пургуле буд,
Канорат ҳамчу оғӯши баҳорон.

Даме озод аз ғавғои ҳастӣ
Чу гул андар канори ман бирустӣ.
Бихандидӣ ба бозиҳои қисмат,
Гуноҳи хеш дар борон бишустӣ.

Ва як дам хешро аз қисмати худ
Бидуздидӣ, чу гул бахшидӣ бар ман.
Зи худ рафтию пеши ман расидӣ,
Гули печон шудӣ, печидӣ бар ман.

Ту мегуфтӣ, ки дар ман ёфтӣ боз
Ҳамон дар орзу парвардаатро.
Маро чун ёфтӣ, аз ман биҷустӣ
Ҳамон ишқи ба раҳ гумкардаатро.

Замоне шояд андар орзуҳо
Туро нодида ошиқ будаам ман.
Туро, ё чун туеро ҷуста аз бахт,
Ба ӯ ҳамбахти лоиқ будаам ман.

Кунун мо рӯ ба рӯ гаштем дар роҳ,
Ба ҳам мо ношинос, аммо шиносем.
Ба бахти ногаҳонӣ шубҳа дорем,
Зи ишқи ногаҳонӣ меҳаросем.

Дареғо аз ҷавонии гузашта,
Зи кишти дери мо акнун чӣ ҳосил?
Дили кас гар барои мо насӯзад,
Бисӯзем оқибат дар оташи дил...

Ту дузди қисмати худ будӣ, эй гул,
Ба ман худро бидуздидӣ зи тақдир.
Аз ин як лаҳзаи ширини дуздӣ
На ман серу на ту серу на дил сер.

... Гузашт ин лаҳзаи дуздию дигар
Равад ҳар кас паи бешу ками худ.
Аз ин пас боз бо ҳам ношиносем,
Ту бо дарди худу ман бо ғами худ.

1970

* * *

Рӯи саҳна тарона мехондӣ
Аз ҷавонию орзуи ман.
Гӯӣ бо як назора мехондӣ
Қисматамро зи чашму рӯи ман.

Дар навои басӯзу ғамгинат
Дардҳои ҷавонии ман буд.
Дар садои маҳину ширинат
Талхии зиндагонии ман буд.

Ман туро аз ҳаёт меҷустам,
Аз ҳама роҳҳои дунёӣ.
То бо овози дардноки худ
Зиндагии маро биоройӣ.

Тирамоҳ асту барг мерезад,
Пушти саҳна ҳама хазонрез аст.
Аз мани дилшуда чӣ парҳезӣ?
Зиндагонӣ на ҷои парҳез аст.

Ошиқӣ ҳам чу саҳнаи санъат –
Гоҳ бозист, гаҳ фиғону дод.
Он яке ошиқ аст дар нақше,
Дигаре ошиқ аст модарзод.

Ошиқӣ ҳам чу дарди меросӣ
Монда мерос аз ниёгон аст.
Шоирон ҷумла мурдаанд аз ишқ,
Банда аз пайравони эшон аст.

Бо суруду тарона ворид шав
Бар дили ман, ба рӯзгори ман!
Зуд о, зуд, зиндагӣ сипарист,
Тирамоҳ аст, эй баҳори ман!

1970

## МОҲИИ ТИЛЛО

Оби Ому як замон мерехт дар баҳри Хазар,
Як замон аз назди ҳавлии ту мекардам гузар.
Ман ҷавони сода будам,
Бо ту ман дил дода будам.

Дер шуд,
Ман аз муҳаббат дер мондам.
Аз дари дарвозаам бахти фиребоям гузаштаст,

То дарамро боз кардам, рафту
н-омад бори дигар.
То кунун ман дар лаби дарёи қисмат мунтазир,
Мунтазир бар моҳии тилло чу он сайёди пир...

Лек моҳии тило як бор меояд ба шаст,
Оҳ, ман сайёди навомӯз будам.
Ман ба сайди бастапо дилсӯз будам,
Моҳии заррин фитоду чанги зарринам шикаст.

Чашми ту чун чашми гулмоҳӣ ба ёдам меравад,
Дасти ту мелағжад аз дастам чу моҳӣ аз кафам.
Ту зи ман рафтӣ ба дарё,
Бе ту мондам ман ба хушкӣ,
Аз ту рафтам, оқибат аз хештан ҳам меравам.

Оби Ому як замон мерехт дар баҳри Хазар,
Як замон аз назди ҳавлии ту мекардам гузар...
1970

* * *

Бо ту будам як шабе танҳо ба танҳо то саҳар,
Бо ту будам як шабе дар боғи гулҳо то саҳар.

Як шабе зуд аз «Ҳазору як шаб» он ҷо рӯз шуд,
Ин дили девона бо васли ту бадомӯз шуд.

Мову ту ҳамқисмату ҳамдарди дерин будаем,
Гарчи дур аз ҳамдигар чун Моҳу Парвин будаем.

Як шабе моро ғанимат буд аз тақдири мо,
Шикваҳо аз содагиҳо буду аз тақсири мо.

Шиква аз носозию ноомади тақдир буд,
Гарчи ин сон шиква аз тақдир моро дер буд.

Лек андар зиндагӣ носозгориҳо бувад,
Дар талоши ҳар бароре нобарориҳо бувад.

Ошиқони номуносиб ҷуфт мегардонду мо
Дилмувофиқ будаем, аммо зи ҳамдигар ҷудо...

Бояд акнун зиндагӣ чанде ба коми мо шавад,
Лаҳзае аз умри ҷовидон ба номи мо шавад.

Зиндагиро чун ғуломи ҳалқабаргӯше кунем,
Бахти худ бирбуда аз ӯву ҳамоғӯшӣ кунем.

Гарчи дер аст, эй санам, бояст дил бандем мо,
То ба кору бори дунё талхтар хандем мо...
1970

* * *

Туро рӯзе ман аз тақдир медуздам,
Туро рӯзе ман аз ту мерабоям.

Ба мисли одамони болдори қиссаву афсонаҳо
Туро дар рӯи боли хештан мегираму
парвоз месозам.

Барои ту, барои ишқи ту
Бо қисмати худ шӯру исёни дигар оғоз месозам.

Зи зиндони таомулҳои аҷдодӣ,
Зи занҷири хурофотӣ,
Зи банди расму одатҳо,
Зи доми фарзу суннатҳо,
Зи ҷамъи ҳилаву буҳтон туро озод хоҳам кард.

Аз он савдогарони ҳусн,
Аз он хешони бевиҷдон,
Аз он кӯрони зебоӣ,
Аз он дунёи бесомон
Ба монанди балогардон туро озод хоҳам кард.
Барои ту
Замоне ман ҳам аз ин хонаву дар
Меравам берун.
Ба мисли ҳазрати Одам, ки аз ҷаннат
Барои донаи гандум бурун омад.

Барои ту
Зи ҳабси сарнавишти хеш
Рӯзе мегурезам.
Ва он сон к-аз худои Зевс
Прометей рабуд оташ,
Туро медуздам аз қисмат,
Ки рӯҳамро диҳӣ қудрат
Ва шаҳболи умедамро туӣ қувват...
1970

* * *

Ишқи аввал – ғӯраи сармозада,
Норасида мефитад аз шохсор.
Реша гар дар об дорад нахли умр,
Боз орад бор дар дигар баҳор,
Эй дили шӯридаам, шӯрида бош!

Ман сафар кардам ба мулки шоирӣ,
Кӯлворам ғайри ту чизе надошт.
Аз тамоми ганҷҳои кӯҳсор
Ғайри ту санги шарархезе надошт.
Эй дили шӯридаам, шӯрида бош!

Мекунӣ дар синаам гаҳ кӯрдуд,
Гоҳ оташ мезанӣ бар пайкарам.
Бохта худро ба бозиҳои ишқ,
Мекунӣ бозӣ ту гоҳе бо сарам,
Эй дили шӯридаам, шӯрида бош!

Аз биёбони пушаймонӣ гаҳе
Сӯи ёри рафта ово мекунӣ,
Гоҳ бо ҳар чӣ насибат шуд зи умр,
Шукр мегӯй, муросо мекунӣ.
Эй дили шӯридаам, шӯрида бош!

Зиндагӣ маҷмӯъаи бешу камист,
Ҳар шабе дар осмон маҳтоб нест.
Ҳусн бошад, дӯст медорад касе,
Сар амон бошад, кулаҳ ноёб нест,
Эй дили шӯридаам, шӯрида бош!

Тунд шав дар ин сипеҳри тундрав,
Шоирию ошиқӣ – девонагист.
Ҳар кӣ бикшояд дари бикшодаро
Кори ӯ парвози мурғи хонагист.
Эй дили шӯридаам, шӯрида бош!

Боз мо нӯшем бояд ҷомҳо,
Боз афрӯзем бояд шомҳо.
Бар ҳазорон кӯдаки навзодае
Боз бигзорем бояд номҳо.
Эй дили шӯридаам, шӯрида бош!
Шӯрида бош!

1970

* * *

Даштҳо пурсукуту холиянд,
Рӯдҳо бехурӯшу камобанд.
Монда урён дарахтҳои сабз,
Аз хазон рангзарду нотобанд.

Ғаллазорон тиҳӣ шуданд аз файз,
Ҳамчунон хонаҳои баъд аз тӯй:
Ҳар куҷо осиёст, гардон аст,
Мардумон чашмсеру хандонрӯй.

Дар сукути муқаддаси саҳро
Базми неъмат, ҳамосаи серист.
Дар хамӯшии форами паяҳо
Достони ҷавонию пирист.

Нури хуршед бемадор бувад,
Чун нигоҳи мусофири раҳдур.
Лек дар нимараҳ нахоҳад монд,
Меравад боз, меравад мағрур.

Марди деҳқон ба паллаи Мизон
Баркашад хому пухтаи худро.
Дилкушоду кушодадаст шавад
Ҳамчу саҳни кушоди саҳроҳо.

Боз як соли умри мо гузарад,
Як баҳори дигар хазон гардад.
Зиндагӣ боз бо раҳи хуршед
Сӯи фардо ҳаме равон гардад.

Зиндагию баҳору тирамаҳаш
Наву кӯҳнаст, гирдгардон аст.
Дар фазои ҳаёти ҷовидон
Ёди мо ҳам чу ғози мизон аст.

1970

* * *

Боз мехоҳам, ки аз нав кӯдаки нодон шавам,
Боз мехоҳам, ки аз нав кӯдаки гирён шавам.

Бар сари зонуи модар боз биншинам даме,
Гиряму хандам, сарамро сила бинмояд ҳаме.

Боз гултоқӣ бибофам аз гули худрӯи кӯҳ,
Аз гули наврӯзу аз қоқую аз ҳулбӯи кӯҳ.

Боз рӯи сабзаҳо афтону хезон по ниҳам,
Кӯҳҳову даштҳоро дар дили худ ҷо диҳам.

Боз бо ҳамсолҳоям ҷангбозиҳо кунам,
«Қаҳрамон»-и ҷанг бошам, сарфарозиҳо кунам.

Ошиқе зорӣ кунад бар ман, чу ояд бовараш,
Хат барам аз ӯву хат орам – ҷавоб аз дилбараш.

То таги тори арӯс андар шаби сури висол
Ноаён оям, бибинам чеҳраашро бемалол.

Тоҷи тиллоӣ ба рӯи абруи пайвасти ӯ.
Бӯи умри тоза ояд аз ҳинои дасти ӯ.

Лек бинам, то магар розист аз тақдири худ,
Розӣ аст аз бахт ё менолад аз тақсири худ.

Ё ҳамегиряд зи шодӣ ё ҳамехандад зи ғам,
Ёд карда ошиқи деринаашро бо алам...

Боз дар тоқии худ барчош чинам бо мурод,
Хонда бо ҳамсолҳоям ёр-ёру шодбод.

То саҳар дар тӯйхона байтхониҳо кунам,
Дар ҳақи навхонадорон байтмониҳо кунам.

Ман чӣ мехоҳам, худоё?
Ман дигар кӯдак нахоҳам шуд, дареғо!

Лек одам ҳар қадар солору пурармон шавад,
Боз мехоҳад, ки боре кӯдаки нодон шавад...
1970

* * *

Нарафт ӯ як қадам берун зи Шероз,
Ҷаҳон аз баҳри ӯ Шероз буда.
Канори оби Рукнобод умре
Варо ҷои ниёзу ноз буда.

Басо аз тангии Аллоҳу Акбар
Накӯтар дид паҳнои ҷаҳонро.
Чу сайёҳе ҷаҳонро дарнавашт ӯ
Фақат аз тарфи гулгашти Мусалло.

Басо дар оби Рукнобод рӯ шуст,
Ки ёбад обрӯи ҷовидона,
Ки бошад шеър чун ойинаи об,
Чу дарё лаб занад шеъру тарона.

Басо биншаст ӯ андар лаби ҷӯ,
Ки нахли шеър бошад реша дар об,
Ки шеъраш доимо тар бошаду сабз
Ба мисли сабзаҳои тарру шодоб.

Басо биншаст бо ёре лаби кишт,
Ки пошад дар ҷаҳон тухми суханро.
Кунад ёде зи кишту ҳосили умр
Дар ин дунё, дар ин дунёи зебо.

Лаби кишту лаби обу дами хуш,
Лаби ҷому лаби ёри гуландом –
Ҳамин будаст нақди зиндагонӣ
Варо аз ин ҷаҳони бесаранҷом.

Нарафт ӯ як қадам берун зи Шероз,
Вале олам ба Шероз ояд имрӯз.
Тавофи хоки поки Ҳофизи ринд
Ҳама одам ба Шероз ояд имрӯз.
1970

* * *

Чу афтад ахтаре аз боми гардун,
Чунин ёбам, ки афтод ахтари ман.
Дарахти пир чун афтод вожун,
Бигӯяд фоли ҳоли модари ман.

Чу роҳе кӯр гардад беравуо,
Бигардад кӯр роҳи манзили ман.
Чу аз сарчашма хушкад оби дарё,
Бихушкад гӯӣ дарёи дили ман.

Ту гӯӣ мебуранд ангушти моро,
Агар бурранд нарти[1] навдарахте.
Хурем афсӯс дида марди аъмо,
Ки шояд буд чашми кӯрбахте.

Чу мирад аз қазо фарзанди одам,
Ҳар он к-ӯ бишнавад, озурда бошад.
Бигиряд ҷумла безурёти олам,
Ки гӯӣ тифли ӯ ҳам мурда бошад.

Чаро мо ин қадар дардошноем?
Куҷо дардест, дарди худ бидонем,
Ғами дунё ҳама андар дили мо,
Ҷаҳон дар мост ё мо дар ҷаҳонем?
1970

* * *

Равам бегаҳ лаби дарё нишинам,
Ки рӯзи рафтаи худро бибинам.
Бибинам, то ба чини рӯи дарё
Чи монанд аст ожанги ҷабинам.

Биомӯзам зи дарё шоириро,
Ки шеъраш обдору бас равон аст.
Балеғ асту бадеъ афсонаи ӯ,
Агарчи бесаводу безабон аст.

Ҷунун омӯзам аз дарёи кӯҳӣ,
Ғуруру шӯришу туғёну мастӣ,
Ки ӯ бо шеъри ҷовидон равонаш
Накарда худситой, худпарастӣ.

Бибӯсам аз лаби соҳил чу мавҷе,
Ки ӯ ҳам мисли шоир беқарор аст.
Канори рӯд биншинам, ки гӯяд:
Махур андӯҳ, дунё беканор аст...

1. Нарт – шохаи (навдаи) наврустаи дарахт.

Ғуруби офтоб омад, азизон,
Равам як дам лаби дарё нишинам,
Бигӯям саргузаштамро ба дарё,
Гузашти рӯзорамро бибинам.

Бибинам: рӯд сарозод, аммо
Ба по завлонаи ҳастӣ равон аст.
Миёни соҳили шодию андӯҳ
Суруди ӯ бад-ин сон ҷовидон аст:

«Ғаму шодӣ ба монанди ду соҳил,
Манам дарё, ҳаме ҷористам ман.
Ду соҳил гар набошад, ман чӣ рӯдам?
Ду соҳил гар набошад, нестам ман!»
1970

## БАРОИ УСТОД БОҚӢ

Дар ин дунё ду-се марди бузурге
пуштибони мост,
Дар ин дунё ду-се соҳибдиле ҳамдостони мост.
Ба зери осмони ниливу рӯи замини сабз
Замину бомашон гӯӣ замину осмони мост.

Ду-се мард аст дар дунё, ки қадри мард медонад,
Ду-се тан марди соҳибдард қадри дард медонад.
Бузургони ба дониш фард медонанд қадри фард,
Ҳамоварди муносиб қадри ҳам-овард медонад.

Дар ин дунё ду-се чашмони бино чашми дунёянд,
Ду-се тан покҷоне покии дунёи зебоянд.
Ду-се озодфикре ҷумла оламро кунанд озод,
Ду-се равшанзамире равшании ҳастии моянд.

Фурӯғи машъал аз чашми ҳақиқатҷӯи
мардон аст,
Ҳама оташ забони беибо ҳақгӯи мардон аст.
Тамоми оби уқёнусҳову баҳру дарёҳо
Зи оби чашми озодон, зи оби рӯи мардон аст.

Ҳар он марде, ки озод аст, ёри ҳамниҳоди мост,
Ҳар он, к-ӯ раҳшинос афтод,
ҳамроҳи ҳаёти мост.
Тавонад ҳар кӣ омӯзад ду-се ҳарфи савод, аммо
Чу Боқӣ ҳар кӣ қадри мард донад,
устоди мост.
21.12.1970

## ЧАШМҲОЯШ

Аз нигоҳаш мечакад оҳангҳо,
Достонҳо, қиссаҳо, афсонаҳо.
Саргузашти чанд ошиқ,
Сарнавишти чанд ошиқ,
Нутқҳои нӯшбодӣ,
Қаҳ-қаҳи мастонаю фарёди шодӣ,
Нозиши хушбахтии яклаҳзагӣ,
Нолиши бархурдану бишкастани паймонаҳо.

Гӯиё дар гардиши чашмони ӯст
Косагардонии давру солҳо.
Дар нигоҳи сарду лағжон
Ҳар кӣ вақте дошт бар худ ошён,
Бесадо хонад зи умри рафтааш
Сафҳаи афсурдаи ишқи парешон.

... Буд ҳамчун сабзаҳои навдамида
Духтари поку ҳамида.
Аз ҳавасҳои ҷавонӣ маст буд,
Пеши болои баландаш,
Рутбаю унвони мардон паст буд...

Гултабассумҳои ӯ акнун париданд аз лабаш,
Чеҳраи коҳидааш хиҷлат кашад аз умри рафта.
Монда гулҳо дар баҳорон ношукуфта,
Чеҳрааш хандон, дилаш гирён,
Орзу дорад шукуфтан тирамоҳон.

Чашмҳояш, чашмҳои оташинаш,
Рӯйҳояш, рӯйҳои нозанинаш,
Чун бубинам, банд-банди пайкарам
дар ларза ояд.
Ёдам ояд як сукути мутлақи шаб,
Сӯхтан дар оташи таб.
Ёдам ояд бандҳои нокушуда,
бӯсаҳои норабуда...
1971

## ДИЛРО КУШО БА МАН

Ҳар кас, ки бо ту бошаду бо ту нафас кашад,
Бо чун туе ба бистари уммед сар ниҳад,
Як лаҳзааш саодати ҷовид медиҳад,
Хушбахт мешавад,
Бедоғ меравад.

Ҳуснат баҳор дораду ишқат баҳори дил,
Дастат ҷавонӣ ораду номат ҷаҳони бахт.
Ҳар кас, ки бо ту мезияд, эй посбони бахт,
Ҳасрат намебарад,
Сарват намехарад.

Гӯё чу чашм бо ману дурӣ чу ахтаре,
Ман аз ту бо ту меравам ҳар рӯз дилфигор.
Гунҷам агар ба қолаби армони ту, нигор,
Дилшод меравам,
Обод мешавам.

Аз ганҷи зиндагоният, аз сарбаландият,
Аз давлати ҷавоният, рози нуҳуфтаат,
Аз рангҳои будаат, аз ранги рафтаат,
Бикшой дафтаре,
Аз рӯи дилбарӣ.

То дар миёни ин ҳама ташвиши зиндагӣ,
Дастони нонавиштаи ҳусни ту офарам,
Меҳроби эътиқоди худ пеши ту оварам,
Гул созаму баҳор,
Баҳри ту ёдгор.

Аммо ҳасад намебарам, гар дар ту нестам,
Гар дар дилат нагунҷаму монам аз он бурун.
Фарёд ҳам намекашам аз бахти вожгун,
Хуш бод зиндагоният,
Бахти ҷавоният!

Дар чорроҳи зиндагӣ сад орзу ба дил,
Дар ҷустуҷӯи хештан то домани уфуқ
Раҳ меравам, ба дидаам то ҳаст ин фурӯғ,
Ёбам сиришти нав,
Ҳам сарнавишти нав.

Пардохта сиришти худ аз хубиҳои даҳр,
Сӯзи муҳаббати туро бар шеър медиҳам.
Пои талаб ба манзили мақсуд мениҳам,
Ҳам хайрбод мекунам,
Ҳам пешвоз меравам.

1971

## ҲУСН

Як буттаи гул будӣ, сар то қадамат гул буд,
Фасли гули ҳуснат буд, он вақт ҷавон будӣ.
Ҳар печухами мӯят сад лонагаҳи дил буд,
Дар чашми харидорон яктои ҷаҳон будӣ.

Чун арчаи соли нав ороста будӣ ту,
Аз қадди ту гул мерехт, то рӯз шарар мерехт.
Рӯю дилу имонат дар зиндагӣ чун қандил
Аз ту ба сари ёрон анвори қамар мерехт.

Бӯсагаҳи рӯи ту бечину мусаффо буд,
Пеши рухи маъсумат буданд ҳама мақсур,
Аммо ҳама зебоӣ гардид тамом охир
Чун тӯшаи марди раҳ дар роҳи дарози дур.

Чашмони сиёҳатро сӯзанда нигоҳе нест,
Бас шуълаи зулматсӯз бар фонуси раҳҳо шуд.
Ҳуснат ба раҳ охир шуд чун тӯшаи раҳ, аммо
Мардони баномусро озод ба манзил бурд...

1971

## БАРОИ СОРБОН

Мо кӯдакем, кӯдаки нодону содаем,
Бар зочаҳои дигаре мо дил ниҳодаем.
Акнун ба зери осмон дар роҳи орзу
Сад осмони дигаре дар худ кушодаем.

Он аспҳои чӯбию таппончаю камон
Акнун барои мо ҳама бисёр содаанд.
Он зочаи арӯсаку домоди сохта
Бо ҳамдигар зи ростӣ қавле надодаанд.

Шамшерҳои чӯбии ман сӯхт дар танӯр,
Ҳам он сипар, ки доштам, сарпӯши дег шуд.
Тарки «силоҳ» кардаву болиғ шудем мо,
Аз «ҷангҳо» раҳо шуда, ҷустем роҳи худ.

Он «хонае», ки сохтем овони баччагӣ
Аз регҳои соҳилу сарҳавзи боғҳо,
Имрӯз хонадони мо гунҷида андар ӯ,
Имрӯз равшан аст зи чашму чароғҳо.

Аммо ҳанӯз кӯдаки нодону содаем,
Бо зочаҳои дигаре мо дил ниҳодаем.
Он зочаҳои тифлиро бо сад намуди нав
Дар зиндагии хештан мо ҷой додаем.

Мо кӯдакем бо ҳама ақлу закои хеш,
Бозичаҳои нав ба нав эҷод мекунем.
Бо шаклҳову рамзҳо худро фирефта,
Мо зиндагии хешро обод мекунем.

Бозичаҳои кӯдакӣ зеботаранд, лек
Танҳо барои кӯдакон даркор мешаванд.
Бозичаҳои кӯдакӣ дар рӯзгори мо
Бо шаклу номҳои нав такрор мешаванд...

1971

## БАРОИ МАҲМУДИ ВОҲИД

Агар бераҳбалад бошӣ,
Равон шав қад-қади дарё,
Ба уқёнус рӯзе мерасӣ, эй дӯст.

Агар бераҳбалад бошӣ,
Ба роҳи рост роҳӣ шав,
Ба кӯи дӯст рӯзе мерасӣ, эй дӯст.

Агар бераҳбалад бошӣ,
Зи роҳи шавқи дил раҳ ҷӯ,
Ба кӯи дилбари дилсӯз рӯзе мерасӣ, эй дӯст.

На аз талқини доварҳо,
На аз тақвими ахтарҳо
Бифаҳмӣ рози ҳастирову оламрову одамро...

Агар худро шиносӣ ту,
Агар худро гудозӣ ту,
Агар худро биҷӯиву биёбӣ андар ин дунё,

Биёбӣ ҳар чӣ меҷӯӣ,
Шиносӣ ҳар чӣ нашносӣ,
Расӣ бар ҳар куҷое, ки бихоҳӣ, эй дилогоҳ!..

1971

## РАҚҚОСА

Меситезӣ,
Мегурезӣ,
Менавозӣ,
Мегудозӣ,
Панҷаҳоят мешуморад рӯзҳои рафтаро,
Мекунад ошуфтадилтар шоири ошуфтаро.
Бо парешонбозиҳои кокулони тобдор
Ёдам орӣ аз парешонбозиҳои рӯзгор.

Он чунон фаттону гиро,
Он чунон ларзону печон,
Он чунон зебою шево,
Он чунон ҷамъу парешон,
К-аз фиребой кушой уқдаи рози диламро,
Ёдам орӣ киштаамро, ҳосиламро.

Бо садои қарс-қарси панҷаат
Шохҳои нахли умрам бишканад.
Дил ба рақсу сар ба шӯр ояд маро,
Мурғи илҳомам ба сӯят пар занад.

Даст чун бикшой сӯи осмон,
Бар кафат резанд бас исторaҳо.
Аз хурӯши шавқи бозиҳои ту
Баршавад аз синаҳо фавворaҳо,

Чун парастуе ки орад муждаи фасли баҳор,
Доманафшон – болафшон бигзарӣ.
Гоҳ чун африштаи шеъру ҳунар,
Нимпайдо, нимпинҳон бигзарӣ.

Офарин хонанду каф кӯбанд мардум,
Дар ҷаҳон он лаҳза мисли ту касе хушбахт нест.
Лек гоҳо кас намепурсад ба меҳр
Баъди саҳна қисмату ҳоли ту чист.

Дастафшон меравию дилкашол,
Дилкашоли қадрдонию сипос.
...Бо парешонбозиҳои кокулони тобдор
Ёдам орӣ аз парешонбозиҳои рӯзгор.

1971

* * *

Одамизод шири хомхурда,
Мешавад ӯ ба ҳар замон дигар.
Борсанги ҷаҳон ба дӯши ӯст,
Гоҳ қубҳаш зи ҳуснаш авлотар.

Гоҳ аз ишқ тавба мегӯяд,
Бингарӣ, боз ишқ меварзад.
Дар дили хеш мекунад шӯриш,
Дар таҳи хобҷома меларзад.

Дафтари хотироти худро шаб
Мекунад хуб сафҳагардонӣ.
Ёфта сафҳаҳои холиро,
Мекунад дуд аз пушаймонӣ.

Хоҳад ӯ сафҳаҳои дигарро
Ҳеҷ нагзорад он чунон холӣ,
Лек як рӯз бингарад – сафҳа
Боз холист, боз бефоле.

Як ба хуршед бингарад ҳар субҳ,
Як ба маҳтоб бингарад ҳар шом.
Як ба оина бингарад худро,
Як ба чашмони кӯдакон ором.

Гарчи ӯ нест сер аз буда,
Гарчи носерам аст чашмонаш.
Лек розист – ҳар чӣ ӯро нест,
Ҳаст дар орзую виҷдонаш.

Зиндагӣ бо тамоми қолабҳош
Ранг-ранг аст чун пари товус.
... Одамӣ гар гуноҳ кам мекард,
Инчунин буд кай ҷаҳонафрӯз?!

1971

* * *

Қадди одам ба лаҳзаи мурдан
Гашта гӯё зи буда норозӣ,
Боз, гӯянд, қадре меёзад
Дар талошу набарди ҷонбозӣ.

Лаҳзаи разми зиндагию марг
Одамизод бо ҳазор умед
Хешро мешиносад аз дигар,
Мешавад гӯиё зи нав тавлид.

Охирин шуълаҳои ҷонашро
Ҷамъ созад чу шамъи миранда.
То бимирад чу ғолиби майдон,
То бимирад ба номи арзанда.

Дар тапишгоҳи бандагӣ одам
Ҳеҷ гаҳ ҷон намедиҳад осон.
Одамӣ дар дами аҷал ҳатто
Мекунад зидди марг сад исён,

Қадди ӯ боз қадре меёзад,
Дар сари дасти марги рӯҳгудоз.
Ғолибан, қадри ӯ чу қадди ӯ
Мешавад баъди марг афзун боз...

1971

* * *

Ало, шодоб соҳилҳо,
Ба қадри обҳои ҷорӣ мебояд расид имрӯз,
Ки рӯзе хушк хоҳад шуд.

Ало, зебои маҳфилҳо,
Ба қадри ҳар чароғи давра мебояд расид имрӯз,
Ки рӯзе аз шамоли ҳодиса хомӯш хоҳад шуд.

Ало, раҳҷӯи манзилҳо,
Ба қадри раҳкушои аввалин бояд расид имрӯз,
Ки фардои шумо ҳам як замоне дӯш хоҳад шуд.

Шумо имрӯз агар аз толеъу бахту насиби
хештан мастед,
Дар оғӯши биҳишти дилбарони
гулбадан мастед,
Зи атри гесувону кокулони пуршикан мастед,
Замоне завқатон аз кори дунё пир хоҳад шуд,
Замоне навбати базми муҳаббат дер хоҳад шуд.

Ало, беақлу беғамҳо,
Ки фарқи сурату сират намедонед,
Ба қадри нозҳои ёр мебояд расид имрӯз,
Ба қадри лаҳзаи дидор мебояд расид имрӯз,
Ба қадри соқи симину ба қадри чеҳраи бечин,
Ба қадри ёри гулрухсор мебояд расид имрӯз,
Баҳори ҷилвааш пажмурдаву бенур хоҳад шуд.

Ба пои он ниҳоле, ки нишаста бо нигоре хуш
Даме аз ошиқӣ доред накди рӯзгоре хуш,
Намедонед, рӯзе шоххои он
Шуморо чӯби боми гӯр хоҳад шуд!

Ба базме пеши чашмони шумо гар ёр мерақсад,
Ба худ чун мавҷ мепечад, зи сар то пой меларзад,
Агар қадраш намедонед,
Ҳамчун Зӯҳраи раққоса
Рӯзе то фалакҳо дур хоҳад шуд!

Ало, эй соҳибони вақт,
Вақти хеш дарёбед.
Шумо ҳоло ҷавону комрону шодмону
зиндаед охир!

Чу рӯзе бар мазори сард мехобед,
Аҷал бахри шумо фурсат нахоҳад дод,
Ки ҳар нодидаро бинед,
Гули ночидаро чинед,
Ва як дам дар ғами гумкардаҳои хештан гирйед,
Ва як дам он чиро нагрифта будед аз ҷаҳон,
гиред.

Шумо эй соҳибони вақт,
Биштобед!
Биштобед!

1971

## ЗАМИН (2)

Замин – модархудои мутлақи мо,
Барои кӯдакон шабзиндадор аст.
Ба чашмонаш шикаста хоб гӯӣ,
Ба тифлон қисмати нек интизор аст.

Мисоли ошиқони покпаймон
Замин месӯзад андар оташи худ.
Мисоли модарон ошуфтахотир
Зи ишқи духтарони маҳваши худ.

Барад фарзандҳои баркамолаш,
Чу бадбахтӣ бар ӯ офат расонад –
Чунон ки тундбоде гар бишӯрад,
Бирезад себи пухта, хом монад.

Ба рӯи ӯ яке бори гароне,
Яке чун деҳқону киштманд аст.
Ба рӯи ӯ хилофи хоҳиши ӯ
Садои зарби мис аз зар баланд аст.

Замин озор хурда, дард хурда
Зи тирафшонию аз позаданҳо.
Ба зери осмони дуру бемеҳр
Замин танҳост мисли беваанҳо.

Халад дандонаҳои тонк бар ӯ
Чу ашки шер бар ҳалқи ғизоле.
Ба рӯи ӯ бимонад захми ҳар тир
Чу доғе бар рухи соҳибҷамоле.

Замин пир аст, лек аз мо ҷавонтар,
Ҷавон асту валекин пир аз мост.
Лагадкӯбаш кунад як нокаси дун,
Замин бечора домангир аз мост.

Замин чун боғҷома – мо дарахтем,
Ба рӯяш меваи дил бояд афшонд.
Замин боғи раҳи боди хазон аст,
Ба рӯяш тухмаи гул бояд афшонд.

Замин – як ҷуръа оби охирин аст,
Ки бар қадраш расӣ дар ташнагиҳо.
Замин – як охирин нон аст, мардум,
Ки бар қадраш расӣ дар гушнагиҳо.

Замин дар зери по аз мо баланд аст,
Ба рӯяш нақши ҳар як пой панд аст.
Макӯбаш бо қадамҳои халалгор,
Замин чун фалсафӣ дар фикр банд аст...

1971

* * *

Бӯалӣ – бихради накӯфарҷом
Рози дилро ба ду забон мегуфт.
В-он ҳакими нишобурӣ – Хайём
Дурри маънӣ ба ду забон месуфт.

Шоирон беш дузабон буданд:
Бо забони худу забони халқ,
Бо забони ҳақиқату дили худ
Шеър гуфтанду достони халқ.

Лек, афсӯс, дар ҳама айём,
Гарчи мардум закиву ҳушёранд,
Шоири дузабон чи кампайдост,
Шоирони дурӯя бисёранд...

1971

* * *

Араб гӯянд Синоро гурӯҳе,
Гурӯҳе форс ё тоҷик донанд.
Гурӯҳе ӯзбакаш гӯянду лекин
Агар сад бор осораш бихонанд,
Нафаҳманду паи тафсири ҳар ҳарф
Ҳама муҳтоҷи некӯ тарҷумонанд.

Ҳама даъво кунанд – «Аз миллати мост,
Фалон модар фалон солаш бизода.
Дигар миллат ба дунёи тамаддун
Чу Сино зуфунунеро надода...»

Чӣ лозим ин ҳама фарёду даъво?
Чӣ лозим ин ҳама исботу бурҳон?
На аъробӣ, на ӯзбак будааст ӯ,
Фақат будаст инсони ҳамадон.

Бухоро пойтахти тоҷикон буд,
Дар он ҷо Бӯалӣ омад ба олам,
Дарӣ буда забонаш, лек омӯхт
Забони ҷумла давру ҷумла одам.

Дарӣ буда забонаш, лек буда
Забони ҷон, забони рӯҳи озод.
Забони эҳтиёҷеву ниёзе,
Забони дардҳои одамизод.

Забони ҳар нигаҳ, ҳар вазъ, ҳар дам,
Забони ҳар гиёҳ, ҳар барг, ҳар гул.
Забони нисбату пайванди аҷсом,
Забони имтизоҷи ҷузв бо кул.

Забони дил, забони сактаи дил,
Забони сактаҳои зиндагонӣ.
Аз ин рӯ бо ҳама дарди ҳама халқ
Ба ҳар айём дорад ҳамзабонӣ.

Аё даъвогарони асли Сино!
Чӣ лозим ин ҳама ғавғою даъво?
Чу доруҳои ӯ бо ҳар забоне
Табобат мекунад дарди шуморо,
Ба ҳар ҳолат, ба ҳар давру замоне
Кифоят мекунад дарди шуморо...

1971

* * *

Ман аз ин қофияпардозиҳо бисёр дилгирам.
Дилам шеъру суруди бетавофутро набипзирад.
Суруде хоҳаму шеъре,
Ки мадду ҷазри дарёи дили моро фаро гирад.

Суруде хоҳаму дастон,
Ки мисли нақбканҳо кӯҳ бишкофад.
Ба мисли шоҳибофон шоҳӣ бофад.
Ба мисли селаи мурғон кунад парвоз,
Замину осмонро пур кунад аз хонишу овоз.
Дар ӯ дил муҳтавӣ бошад,
Равон ҳарфи равӣ бошад.
Дар ӯ ҳар зинда монад зиҳаёту шод,
Дар ӯ куҳна навӣ бошад.

Суруде хоҳаму дастон,
Ки мисли модарон шабҳо нахобад,
Чунон дастон, ки чун маъданшиносон
Зи хоки хоксориҳои мо кони тило ёбад.
Дарахтонро кунад пайванд ҳамчун боғбони пир,
Чу пири ишқ дилҳоро ба дилҳо роҳ бинмояд.
Аз ӯ ҳам бӯи ашку хун,
Аз ӯ ҳам бӯи дил ояд.

Суруде хоҳаму шеъре
Ки он аз дарди мо огоҳ бошад.
На чун афсона тӯлонӣ,
Чу умри шоирон кӯтоҳ бошад.
Ба мо моро шиносонад,
Ба мо моро бифаҳмонад.
Сари моро ба шӯр орад,
Дили моро биларзонад, –
Бигӯяд то кӣ ҳастему чӣ корему чӣ мехоҳем?
Зи дунёи муаммо ё магар мо ҷумла огоҳем?

Суруде хоҳаму дастон –
Дар ӯ ҳар як ибора бо ибора,
Ҳар ҳиҷое, бо ҳиҷое,
Нуктае бо нуктае,
Андеша бо андешае
Чу ду ёри қарину ҳамзабон бошанд,
Чу ду ёри ҳамоғӯши зи дунё шодмон бошанд.
Чу медонам, ки пайванди ҳиҷое бо ҳиҷое
Камтар аз пайванди ду ирқу ду миллат нест.
Чу медонам, ки пайванди ҳиҷое бо ҳиҷое
Камтар аз пайванди ду қитъа,
Ду кишвар ё ду давлат нест.

Суруде, хоҳаму дастон
(Шумо, эй мутташоирҳо, ҳама хомӯшӣ бигзинед,
Дили танги шумо аз қофия ҳам тангтар бодо!)
Суруде хоҳаму дастон,
Ки дунё ҳамсадою ҳамнаво бошад.
Заминҳову замонҳоро висолу иттисол орад,
Барои ҳар забону миллату ирқу нажоди даҳр
Фаҳмову раво бошад.

1971

## КОРИСТОН

### I

Дар дили ман ду лашкари ҷррор
Байни ҳам ҷангу шӯрише доранд.
Ҳар кадоме барои матлаби хеш
Гирудору кашокаше доранд.

Он яке ғолибу дигар мағлуб,
Он яке душман асту дигар дӯст.
Гоҳ шайтон яке, дигар раҳмон,
Гаҳ як Аҳриману дигар Ҳурмузд.

Он яке некбин, дигар навмед,
Инаш ором, онаш исёнкор.
Гар яке ҳар замон кунад ободд,
Дигаре доимост вайронкор.

Дар ниҳодам ду дил тапад доим,
Байни онҳо ягон муросо нест.
Дар яке аҷз, дар дигар уммед,
Дар дили ман тазоди якумрист.

Он яке доимост заҳматкаш,
Дигаре нозиру тамошогар.
Он яке ҳар нафас кашад ташвиш,
Дигаре беғам асту бемазҳар.

Синаи ман набардгаҳ бошад,
Андар он ҷангу оштиҳоест.
Он чунон ки миёни олимҳо
Баҳсҳо дар сари муаммоест.

Дар сириштам ду неруи носоз
Байни ҳам ҳарбу зарбҳо доранд.
З-ин задухурди беамон ҳар дам
Ҳастиямро ба нестӣ оранд.

Хоҳам аз хештан раҳо бишавам,
Бо мане баднишон даровезам.
Ҳар чи коре кунам, наёрад суд,
Аз худ охир чӣ гуна бигрезам?!

Дар ҷаҳони такодаву таъҷил
Ҳар як одам чу оламе будаст.
Ибтидои накӯиву зиштӣ
Дар сиришти ҳар одаме будаст.

Охири ҷанги музмари моро
Ҳеҷ кас ҳеҷ гаҳ нишон надиҳад.
Одамӣ аз тазоди ботини худ
Ҳеҷ гаҳ хешро амон надиҳад...

II

Ду фарде дар ниҳоди ман ниҳон аст:
Ду фарди байни ҳам ноаҳлу ноҷое,
Ду фарди номуросое:
Яке оқил, дигар ҷоҳил,
Яке фарди ҳавоҷӯе, дигар ошиқ.
Яке масту дигар ҳушёр,
Яке лоиқ, дигар баръакс нолоиқ.
Яке он ман,
Ки аҳли дил зи рӯи шеърҳоям мешиносанд.
Варо аз дур медонанд,
Варо дар шеър мехонанд.
Мане дигар –
Мани бегонае аз ман,
Ки ҳам ман ҳасту ҳам ман нест,
Ки дар ман чун каси нохайрхоҳи ман,
Ва чун айбу гуноҳи ман ниҳон бошад.
Миёни ин ду ман,
(Ту гӯӣ байни ду кишвар
Барои қитъаи марзе)
Талошу ҷангҳои беамон бошад.
Чунон ки ҷурми ҳар ашё ниҳон
андар худи ашёст,
Мане дигар ҳам аз як ҷузъи ман пайдо шуда,
Дар ман ниҳон гаштаст.
Ба дӯшам дар раҳи уммедҳо бори гарон гаштаст...
Маро ӯ ҳар нафас монанди шайтон
мезанад аз раҳ,
Маро медуздад аз ман,
Маро аз хештан бегона месозад.
Диламро мехурад,
Рӯҳи маро афсурда медорад,
Даруни синаам ғамхона месозад.

...Даруни синаи ман корзоре ҳаст,
Миёни ақлу ҷаҳлам гирудоре ҳаст.
Даруни синаам як душмани ҷонсахт
Ва ҳам як қаҳрамони ҷоннисоре ҳаст.
Ман аз он ишқ меварзам,
Ман аз он бода менӯшам,
Ман аз он шеър мегӯям,
Ман аз он доимо дар хеш меҷӯшам,
Ки бо неруи туғёнҳову исёнҳои эҳсосам
Мани бегонаро аз хештан кам-кам бадар созам.
Мисоли он ки фарроше хасу хасрӯбаҳоро
аз замини хона мерӯбад,
Кунам аз хеш тард ӯрову беҷурме сар афрозам!

III

Дили мо арсаи ҷангу ҷидол аст,
Шаҳиди корзори бемисол аст.
Миёни ҷангҳову оштиҳо
Дили мо қаҳрамони безавол аст.

Садоқат бо хиёнат ҷанг дорад,
Адолат бо разолат ҷанг дорад.
Адӯ бо ҳам умеду ноумедӣ,
Ҳақиқат бо ҷаҳолат ҷанг дорад.

Дили мо дар ҷаҳони худ хурӯшад,
Гаҳе инро харад, онро фурӯшад.
Яқин дорам, ки ҳар ҷангу набарде
Нахуст андар дили инсон биҷӯшад...

Агар хоҳем шоён сар фарозем,
Ба олам хешро некӯ шиносем,
На танҳо бо адӯ, бо хештан ҳам
Бибояд ҳар дақиқа ҷанг созем!

Агар ҳар одами ҳушёру доно
Кушад дар хештан ноодамеро,
Ҷаҳон розӣ шавад аз одамизод,
Шавад аз душманӣ поку мубарро.

...Дили мо арсаи ҷанги ҷаҳонист,
Дили мо саҳни разми ҷовидонист.
Дар ин дунё на танҳо бар адувон,
Зафар бар хештан ҳам қаҳрамонист!

1971

* * *

Бинам, ки дар мағозаю бозорҳои шаҳр
Беназмию ҳаёҳую ҳангомаҳо бувад,
Парвози фикрашон фақат то нархи ину он,
Маънии зиндагияшон нарху наво бувад.

З-ин варта зуд рафтаву эҳсос мекунам:
Бобаргу бонавотарин фарди ҷаҳон манам...

З-он баъд рост меравам ман бар канори рӯд.
Биншаста бемаломате дар рӯи тахтасанг,
Дар об дида акси худ, хурсанд мешавам,
К-имрӯз зиндаам ману дунё – ҳазорранг...

Борад чу бо назокате борони сим-сим
Машшотавор шуста зи саҳро ғуборҳо,
Ҳар сангро ҷило диҳад чун рӯи духтарон,
Ҳар баргро нишон диҳад чун гӯшворҳо,

Дар хештан нагунҷам аз шодию ифтихор,
Моли мананд гӯиё саҳрою даштҳо,
Ин кӯҳу рӯдхонаю ин ёлаҳои сабз,
Ин обшори мӯсафед, ин боғу киштҳо.

Бинам, ки дар иҳотаи куҳсори пурсукут
Дар синаам дилест, ки бебок метапад,
То торҳои зиндагӣ як лаҳза нагсиланд,
Бофандавор рӯзу шабон тор метанад.

Ёбам ки ганҷи синаам бошад ҷунуну шӯр,
Эҳсоси гарм аз дилам фаввора мезанад,
Бинам: зи чашмҳои ман бар чор сӯи даҳр
Барқи нигоҳ шуълаи ҷаввола мезанад;

Донам, ки ёри ҳамдиле аз шаҳрҳои дур
Мактубҳо навишта зи ман ёд мекунад,
Бо ман умед баставу дар ғоибу ҳузур
Номам шунида хотири худ шод мекунад;

Ёбам, ки дар ниҳоди ман гунҷида баҳру бар,
Ҳаққи ман аст зиндагӣ бо талхиҳои худ,
Чандон ки метавонаму чандон ки мерасад,
Гирам ғанимате аз ӯ ман аз барои худ;

Ман бо дили пурорзу эҳсос мекунам:
Дорову босахотарин фарди ҷаҳон манам!

1971

ДИЛ

*«Агар ҷаҳон битаркад, тарқишҳои он*
*аввалқадам аз дили шоир мегузаранд».*
*Ҳ.Ҳейне*

Аз муҳаббат то маломат,
Аз садоқат то хиёнат,
Аз замин то осмон,
Аз осмон то ресмон,
Дар сари як мӯй кардӣ дорбозӣ
Аз барои корсозӣ.

Шишаӣ ту, лек бо амри зарурат
Шишаи ту сангу сандонро шикаст.
Андаруни синаӣ, монанди мушт,
Мушти ту сад қуфли зиндонро шикаст,
Тори ту бигсехт ҳар ҷое таноби дорро,
Меҳри ту позаҳр шуд ҳар гоҳ заҳри морро.

Баҳри марди корзорӣ дар даме,
к-ӯ буд танҳо дар набард,
Будаӣ як охирин тир, охирин гурзу сипар.
Будаӣ андар раҳи бахтозмоиву мурод
Охирин раҳвор бар марди сафар.

Бар биёбонгарди сармохурдае
Будаӣ чахмоқсанг.
Будаӣ ҳам довари якрӯй ту
Дар раҳи номусу нанг.
Баҳри безурёти беворис ба даҳр
Будӣ фарзанди нахуст.
Баҳри ҳар ҷӯяндаи раҳгумзада
Будаӣ роҳи дуруст.

Соли қаҳтӣ баҳри деҳқон охирин дон будаӣ,
Бенавою гушнагонро охирин нон будаӣ.
Дар замони хушксолӣ бар замин
Охирин як панҷа борон будаӣ.

Ҳар куҷое, ки замин таркид, таркидӣ ту ҳам.
Ҳар куҷое, ки замин ларзид, ларзидӣ ту ҳам.
Бо замини пурсукути серташвиш
Рӯзу шаб гирди сари хуршед чархидӣ ту ҳам.

Даргирифтӣ, ҳар куҷое хонае гар даргирифт,
«Ҳайфи рӯи беғуборат, чанги хокистар гирифт».
Гар фитод исторае аз осмон, армони ту
Домани Модар-Заминро боз муҳкамтар гирифт.

Гаҳ шудӣ сӯрох аз тир,
То гузашт аз он давоми зиндагӣ бар дигарон.
Гаҳ шудӣ об он қадар,
То ҳама шодоб шуд боғи висоли дилбарон.
Гӯиё айём бо зарби ту гардиш мекунад,
Ҳар нафас андар ту қоим сад қиёмат мешавад.
Гар пари Икар шикасту монд сайраш нотамом,
То кунун захмаш ба хуни ту табобат мешавад.

Рӯзи парвози Гагарин бар фалак,
Ҳамраҳаш парвоз мекардӣ ту ҳам.
Рӯзи марги он ҷавонмарги бузург
Гӯиё аз ғусса мемурдӣ ту ҳам.

Ёдгорони бузургон аз барои наслҳо,
Эй Дили дардошно!
Он қадар афрӯхтӣ, к-аз худфурӯзиҳои ту
Шуд тамоми гӯшаҳои зиндагонӣ шуълабор.
Сӯхтӣ он қадр, к-аз ту Оташи ҷовид монд,
Он қадар мурдӣ, ки аз ту монд Кохи ёдгор...
1971

## ҒАЗАЛЕ БАРОИ ХУД

Мешавам ҳар рӯз дигар, ҳар нафас кам мешавам,
Ҳар қадар худро биҷӯям, он қадар гум мешавам.
Гоҳ мисли сабза мерӯям барои Офтоб,
Гоҳ пинҳон шедвор аз чашми мардум мешавам.

Мекунам шукронаи дунёю хуршеду замин
Мисли фарзанде, ки орад ҳадяҳо бар модараш.
Мекунам шукронаи қисмат, ки ҳоло зиндаам,
Зиндаам дар гардиши айёму чархи чанбараш.

Дар дилам чархи куҳан аз нав ҷавонӣ мекунад,
Бар сари ман сад баҳорон гулфишонӣ мекунад.
Косаи чашмам пур аз дидорҳост,
Зиндагӣ дар синаи ман зиндагонӣ мекунад.

Лек,
Гарчи аз дили ман рӯдҳо ҷорӣ шуданд,
Гарчи аз ман даштҳои ташна гулзоре шуданд,
Гарчи чашмам лонагоҳи офтобу моҳ буд,
Аз сиришки пешвозу хайрбод огоҳ буд,
Гарчи ман дар синаам ошӯбҳои ошиқӣ
варзидаам,
Аз ду чашми духтарони гулназар бӯсидаам,
Боз мисли кӯдаке, ки нав ба дунё омадаст,
Сахт медорам зи домони Замин,
То ба ман дар гардиши худ ёд орад
Ҷунбиши гаҳвораамро,
То ба ман андар сукути хеш бинмояд
Хуфтгоҳи модари бечораамро!
Дар ҷаҳони гирдгардон чун сари инсон,
Дар замини некубадпарвар
Бо дили исёнгару зебопарастам,
Бо ҳама мушкилкушоӣ,
Бо ҳама нирую фарҳанги худоӣ
Боз ҳам кӯтоҳдастам.
Дар ҷаҳони ниматору нимаравшан
Ҳар қадар бадбахт бошам,
он қадар хушбахт ҳастам.
1971

## ДУШАНБЕ

Дилам хоҳад барои ёдгорӣ
Нависам дар тани деворҳоят
Ду-се байте чу арзи меҳру савганд
Барои ту, барои наслҳоят.

Ду-се байте, ки ҷӯшад аз дили пок
Сазовори шабони равшани ту.
Ду-се байте, ки монанди шакарнам
Бирезад рӯи боғу гулшани ту.

Туро бетахту маснад офариданд,
Ки бошӣ пойтахти Тоҷикистон.
Агарчанде замоне дошт тоҷик
Ба номе пойтахти илму ирфон.

Туро аз орзуҳо офариданд,
Туро уммедҳо таъмир карданд.
Туро аз кулба то қаср овариданд,
Туро пардоз аз тадбир карданд.

Туро ҳамдастию ҳамкорӣ афрохт.
Туро ҳам дӯстӣ аз меҳр орост.
Чароғистон шудӣ аз меҳри дилҳо,
Ки оғӯшат кунун маъвои дилҳост.

Туро дар рӯзи ид озин бубастанд
Ба парчамҳои сурхи инқилобӣ,
Ки то аз ранги парчамҳои аҳмар
Ту ранги рӯзгори худ биёбӣ.

Туро Айнӣ сутуни ҷовидон шуд,
Туро дохундаҳо бунёд карданд.
Ҳасан ҳамроҳи Турсунзода Мирзо
Зи хишту аз сухан обод карданд.

Туро тасхир кард овози Туҳфа,
Туро ашъори Лоҳутӣ сафо дод,
Ба ҳар тӯят, ки Боқӣ буд соқӣ,
Ба дасти ошиқон ҷоми вафо дод.

Кунун дар ҷашну сурат даф навозанд,
Ба базму ҷашнҳоят шеър хонанд.
Зи балкон духтарони рӯкушодат
Чу маҷнунбедҳо кокул фишонанд.

Кунун бо мавҷгири[1] бомҳоят
Ҳама олам сари гуфтор доранд.
Кунун фарзандҳои дӯстхоҳат
Ба олам сад ҳазорон ёр доранд.

Чи фирӯзахтару толеъбаландӣ,
Ки дорӣ хушдилону хушгилон ҳам.
Чӣ соҳибдавлату хушрӯзгорӣ,
Ки соҳиб дориву соҳибдилон ҳам...

4.6.1971

## ВАТАН

Ватан сар мешавад аз гоҳвора,
Зи шири поку аз пистони модар.
Ватан сар мешавад аз он тавора,
Ки онро сохта дастони модар.

Ватан – беҳбудию беҳрӯзии мост,
Ватан – хушномию фирӯзии мост.

Ватан сар мешавад з-огарди деҳқон,
Зи «майдо»-ҳои хирманбодгарҳо.
Ватан сар мешавад аз бурдаи нон,
Ки мо хӯрдем аз хони падарҳо.

Ватан – дилҷамъию озодии мост,
Ватан – хушбахтию ободии мост.

Ватан сар мешавад з-он остоне,
Ки бар дунёи равшан по ниҳодем.
Ватан сар мешавад з-он пардабоме,
Ки парвозӣ шудему пар кушодем.

Ватан – имрӯзи мо, ояндаи мост,
Паноҳи мурдаи мо, зиндаи мост.

1972

1. Мавҷгир – антенна.

* * *

Кӣ дар овони ҳаждаҳсолагияш
Шабе бепечутоб ором хуфтаст?
Кӣ дар овони ҳаждаҳсолагияш
Ба номи духтаре шеъре нагуфтаст?

Даруни дарс аз устод пинҳон
Ба номи духтаре хат менавиштам.
Таровишҳои эҳсоси диламро
Барои ёри хушқад менавиштам.

Ба ӯ ман нома медодам ниҳонӣ
Даруни баргҳои гул ниҳода:
«Туро ман дӯст медорам чу Маҷнун,
Чу ҳуснат бод ишқи ман зиёда...»

Зи пушти курсӣ аз устод пинҳон
Қатори кокулашро мешумурдам,
Ва бо занҷираи мӯи маҳинаш
Диламро баста бар ӯ месупурдам.

Нигоҳи шӯхам аз курсии охир
Сила мекард мӯи анбарашро
Ба мисли сабзаҳои баъди борон
Маҳин бофида гесӯи тарашро.

Дили ман коғази нанвиштае буд,
Дар ӯ номи варо бинвишта будам.
Ҷавони навраси нокордида
Ба ӯ аз содагӣ дил баста будам.

Вале, ҳайфо, садои занги охир
Садои интиҳои ишқи мо буд.
Ту гӯӣ аз ҷавонии гузашта
Зи дашти дур чун бонги даро буд.

Ҳама дар роҳҳои зиндагонӣ
Ба ҷустуҷӯи бахти хеш рафтем,
Ба сар андешаи фардои дунё,
Ба дил бори ғаму ташвиш рафтем.

Ҳавасҳо чун сабақҳо рафт аз ёд,
Ҷавонӣ ҳамчу тири бархато рафт.
Ризо будем мо аз орзуҳо,
Ҷавонӣ лек аз мо норизо рафт.

Вале бо сӯхтанҳои ниҳонӣ
Шароре аз нигини ӯ гирифтам.
Нахустин сатрҳои шеъри худро
Ман аз мӯи маҳини ӯ гирифтам...

1972

* * *

Ало, эй дилбари дар бехудӣ гумкардаам, боз о!
Ало, эй ҳамдили дар орзу парвардаам, боз о!

Мисоли сурати бахти ман аз пеши дарам бигзар,
Чу рӯъёеву хобеву хаёле аз сарам бигзар.

Даме дар чашми ман бингар, ки дар он
ҷои ту холист,
Нигоҳаш кунду бешавқе чу мурғи
бепару болест.

Туро чашми ман аз дунёи равшан
он қадар меҷуст,
Ки гар меёфт, гум мекарду
сад бори дигар меҷуст.

Туро дар мастиҳои бетараб
гум карда будам ман,
Туро бемуддаою бесабаб гум карда будам ман,

Чи осон менамуд он вақт ишқу дил рабуданҳо,
Барои ҳар кӣ пеш ояд, дари дилро кушуданҳо...

Чи осон менамуд он вақт дилбозӣ барои ман,
Чи осон менамуд, овоҳ, дурӯғи ошиқӣ гуфтан...

Ман акнун з-он ҳама ҳарфе, ки гуфтам,
шарм медорам,
Аз он шабҳо, ки бе ёди ту хуфтам,
шарм медорам.

Туро имрӯз агар медидам, эй маҳбуби беҳамто,
Ба чашми дигаре медидаму як бор дар дунё

Ба номи ту ҷаҳони ошиқиро ном мемондам,
Ҳазор оғози ишқи дигар аз анҷом мемондам.

Зи қайди бехудию бесарию мастӣ мерастам,
Чу дилнома ба ҳар як тори мӯят
шеър мебастам...

Ало, эй ҳамдили дар орзу парвардаам, боз о!
Ало, эй дилбари дар бехудӣ гумкардаам, боз о!

1972

## ОМӮЗГОР

Он қаҳрамони кору дигар сафири давлат,
В-он шоири ҷаҳонӣ – дастонсарои миллат.
Ин баргузидаи халқ, он нозиши замона,
В-он зуфунуни якто, арбоби илму санъат.

Он як мунодии сулҳ, дигар мунодии бахт,
В-он қаҳрамони даврон – марди ҳалолкора.
Аз ордену медал сарсинаҳо ту гӯӣ
Як пора осмони беабри пурситора.

Рафтанд дур аз ту дар олами маонӣ,
Имрӯз ҳар кадоме донотаранд аз ту.
Дар ҷодаи тафаккур, дар пояи бузургӣ
Дар қадру манзалат ҳам болотаранд аз ту.

Ҳар гоҳашон бубинӣ, ёд оварӣ чӣ гуна
Меомаданд мактаб дар ҷузвдон «Алифбо».
Кони савол ҳар як жӯлидаеву ҳайрон
Олударанг дасту нӯки забону лабҳо.

Меомаданд мактаб бо шавқу орзуҳо
То аз ту ёд гиранд ҳарфи нахусти дониш.
Беназму бесалиқа, беақлу шӯху бесар
Буданд, то намудӣ роҳи дурусти дониш.

Омӯхтӣ ба онон соҳибдиливу мардӣ,
Аз шакли курратуларз – расми ҷаҳоншиносӣ.
Аз ҳарфҳои сода – шаҳди забони модар,
Аз байтҳои шоир – ойини дилгудозӣ.

Кони тило кушодӣ дар синаҳои бедоғ,
Дунёи нав намудӣ дар чашмҳои онон.
Колумб гар кушода Амрикро нахустин,
Дар пеши заҳмати ту корест саҳлу осон.

Ҷустӣ ситораи нав дар чашмҳои тифлон,
Кишваркушой кардӣ дар шавқу орзушон.
Дарёфтӣ зи дилшон сайёраҳои дигар,
Пурмоя шоиреро аз сабки гуфтугӯшон.

То хостӣ ба онон роҳи сафед дар умр,
Мӯят сафед гардид аз ранҷи бешумора.
То аз канори мактаб гиранд роҳи некӣ
Дар арсаи талоши дунёи беканора.

Имрӯз гар мунаҷҷим ёбад ситораи нав,
Афрӯхтӣ ту онро дар дарс дар дили ӯ.
Шогирди ту чу бошад марди ватанпарасте,
Омӯхтӣ ту ин меҳр аз меҳри манзили ӯ.

Маъданшинос агар ёфт имрӯз кони тилло,
Онро кушода будӣ дар синааш ту аввал.
Кайҳоннаворд роҳе гар дар фалак кушодаст,
Тарҳаш кашида будӣ дар синааш ту аввал.

Бо он фурӯтаниву бо он шикастанафсӣ
Фарди бузургвори даврони мо ту ҳастӣ,
Кашшофи ақлу фитрат, ёбандаи маҳорат,
Андар ҷаҳони дилҳо кишваркушо ту ҳастӣ.

1972

* * *

Гарчи ҳамсояему ҳамдаврон,
Ҳар кадоме ситораи дурем.
Як сареву ҳазор савдое,
Худсару худписанду мағрурем.

Зиндагӣ бас фиребамон бидҳад,
То варо боз дӯсттар дорем.
То варо мо дуруст бишносем,
То аз ӯ ҳеҷ дил набардорем.

Мо ҳама фард, мо ҳама мутлақ,
Чун вуҷуди азизи нотакрор.
Бо ҳазорон рафиқ танҳоем,
Бо ҳазорон ҳабиб беғамхор.

Ганҷҳои тилои номакшуф
Дар раги хуни худ ниҳон дорем.
Сари мо посбони сирри мост,
Дар дили хеш сад ҷаҳон дорем.

Ҳар гаҳ аз даҳр рахт барбандем,
Ҳамраҳи мо ҷаҳони мо мирад,
Аввалин бӯса, охирин оғӯш,
Ғазалу достони мо мирад.

Чашми ахтаршинос чун Гермес[1]
Ёбаду боз гум кунад моро.
Баъди он ҳеҷ гаҳ нахоҳад ёфт
Солиён ҷуста осмонҳоро.

Ҳамраҳи мо чу ахтари пинҳон
Шеърҳои нагуфта хоҳад мурд.
Кушта моро чу фарди нотакрор
Зиндагӣ ҳам фиреб хоҳад хурд...

1972

1. Гермес – сайёраи хурдест, ки ахтаршиносон боре ёфта, боз гум кардаанд.

* * *

Ба ҳар ҷое, ки ман рафтам,
Ҳамеша дилкушодиву ҳамеша рӯи хандон буд.
Ба ҳар ҷое, ки ман рафтам,
Зи ҷӯши хандаю шодӣ на бадгӯӣ, на бухтон буд.

Ба ҳар ҷое, ки ман рафтам,
Дуруд овардаму пайғом.
Тиҳидаст омадам, аммо
Суруд овардаму илҳом.

Ба ҳар ҷое, ки ман рафтам,
Ҷавонӣ армуғон бурдам.
Ҳазорон ҷом холӣ кардаву базми ҳарифонро
Зи шеъру ханда пур кардам.

Ба ҳар ҷое қадам мондам,
қадамҳоям муборак буд,
Ба ҳар кӯе, ки рӯ овардаам, рӯи хушам доданд.
Лабам пурханда диданду ба роҳам
ханда густурданд,
Нигоҳам оташин диданд, ҷоми оташам доданд.

Ба ҳар ҷое, ки рафтам, ҳар шиносу
ношиносе буд,
Ба пешаш печухамҳои дили худро кушодам ман.
Сириштамро зи рӯи содагию эътиқоду меҳр
Ба рӯи дасти ӯ ҳамчун хати хоно ниҳодам ман,
Ки гӯё он шиносу ношиносонро
Ман аз рӯзи таваллуд мешиносам,
Ки гӯӣ олами дилҳои ононро
Ман аз рӯи дили худ мешиносам.

Ба ҳар ҷое, ки рафтам,
Ҳамчу ёри ҳамнафас рафтам,
Ба ҳар ҷое, ки рафтам,
Дӯст рафтам, беғараз рафтам...

1972

* * *

Рӯзҳо мегузаранд,
Рӯзҳо аз сари мо,
Аз дили мо мегузаранд
Хабари лаҳзаи дидору ҷудоӣ бар лаб,
Аз раҳи манзили мо мегузаранд.

Ба назар
Мо ҳама бояст, ки ҳар рӯз зи умр
Сабақе бардорем.

Бояд аз рӯз ба рӯз
Асаре бигзорем.
Бояд аз рӯз ба рӯз
Боз ҳам бихраду солор шавем.
Бояд аз рӯзи наве
Боз гирем ба дил сози наву сӯзи наве,
На чу дирӯза ба як қоида такрор шавем.

Лек тадбир кучост?
Гарчи дирӯз ба сад саҳву хатое бигузашт,
Рӯзи дигар ба дигар саҳву хато мегузарад.
Чун батаҳқиқ ту бар хилқати одам нигарӣ,
Ростӣ,
ин ҳама аз кӯтаҳии ақли расо мегузарад.

Аҷабо,
Вақтро мегузаронем, ки барҷо бошем,
Вақтро мегузаронем, ки аз вақт бурун
Бехалал аз ҳама савдо бошем.
То надонем, ки бо вақт ба ҳам мегузарем.

Аҷаб аст, ки аҷаб аст!
Бо ҳама донодилию доноӣ
Гоҳ мо рӯзро кӯр кунем,
То надонем, ки ин оқибати кӯрдилист,
Худфиребист ва ё ҳеҷ кам аз худкушӣ нест!

Хоҳам имрӯз ба парвозгаҳи вақту фазо
Муддате бол кушоем, ки парвоз кунем.
Ҳар дари боз бубинем, ба кас бинмоем,
Ҳар дари баста бубинем, ба кас боз кунем.

Хоҳам, имрӯз, ки бояд донист,
Вақти бекорӣ чӣ мебояд кард?
Вақти бекорӣ бипурсем зи худ, то чӣ касем.
Гар расидем ба хуршеду ба маҳтоб, чӣ хуш,
Вақти он аст, ки бо худ бирасем!

Вақти он аст, ки эй аҳли назар,
Вақти худро биситонем аз вақт.
Вақти он аст, ки эй аҳли ҳунар,
Қадри худро гузаронем аз вақт...

... Рӯзҳо мегузаранд,
Рӯзҳо аз сари мо,
Аз дили мо мегузаранд.
Гар натонем, ҳақи хеш ситонем аз вақт,
Рӯзҳо ҳар яке чун қотили мо мегузаранд.

5.9.1972

## РАҲГУЗАР

Ҳамчунон к-аз каронаи шаҳре
Раҳгузар бошию гузар созӣ,
Бетаваққуф зи шишаи мошин
Сӯи ҳар манзараш назар созӣ,

Ё чунон ки ба манзили дуре
Сафарӣ бошию шитоб кунӣ,
Бигзарӣ аз миёни шаҳри азим,
Ҳаваси соғаре шароб кунӣ,

Лек н-ой фуруд аз мошин,
Аз ягон аҳли он нишон набарӣ,
Дар тарабхонае даме беғам
Бо ягон ринди он ту май нахурӣ –

Ҳамчунон ту зи рӯзгори ман
Рафтӣ беёдгору беистод.
Нанишастӣ ба базми синаи ман,
Назадӣ бо дилам даме фарёд.

Назадӣ мушт бар дари розам,
Нашудӣ меҳмони хонаи дил.
Гарчи асри фасона бигзаштаст,
Ҳар киро ҳаст як фасонаи дил...

Он қадар буд орзуи ман,
Ки ту андар дилам қарор кунӣ.
Бо ту бофам фасонаи тоза,
Қисматамро пур аз баҳор кунӣ.

Лек, афсӯс, аз каронаи дил
Бо шитобу итоб бигзаштӣ.
Гӯӣ аз байни шаҳр шабҳангом
Чашмҳо гарми хоб бигзаштӣ.

Роҳи ту дур то макони бахт,
Роҳи ту аз дили дигар гузарад.
Гарчи нагзаштӣ аз раҳи дили ман,
Сафарат кош бехатар гузарад...

1973

* * *

Аз хато, аз ғурур, аз таъхир,
Аз ҷафо, аз ғиром, аз тақсир,
Аз дурӯғу фиреби домангир
Ишқ ҳам пир мешавад, афсӯс,
Ошиқӣ дер мешавад, афсӯс.

Аз гумону маломату бухтон,
Ки занад ҳар нафас ба дил сӯҳон;
Аз дағалбозиҳои дилкӯрон,
Ишқ ҳам пир мешавад, афсӯс,
Ошиқӣ дер мешавад, афсӯс.

Фасли рушду камол мегузарад,
Ҳамчу хобу хаёл мегузарад,
Қадри ҳусну ҷамол мегузарад,
Ишқ ҳам пир мешавад, афсӯс,
Ошиқӣ дер мешавад, афсӯс.

Чун гули тирамаҳ хазондида,
Ҳамчу рӯди ба роҳ хушкида,
Чун тани аз азоб коҳида
Ишқ ҳам пир мешавад, афсӯс,
Ошиқӣ дер мешавад, афсӯс.

Чун матое, ки борхурда шавад,
Чун замине, ки низ мурда шавад,
Чун асо, ки ба раҳ фасурда шавад,
Ишқ ҳам пир мешавад, афсӯс,
Ошиқӣ дер мешавад, афсӯс.

Хоҳу нохоҳ бе иродаи мо
Ҳар нафас бо азоби ҷонфарсо
Ҳамчу мо дар кашокаши дунё
Ишқ ҳам пир мешавад, афсӯс,
Ошиқӣ дер мешавад, афсӯс.

Гарчи аз ӯ фасонаи дилхост,
Гарчи аз ӯ ҷаҳони бопаҳност,
Гарчи аз ӯ ҷавонии дунёст,
Безамон пир мешавад, афсӯс,
Ноаён пир мешавад, афсӯс...

1973

## ҶУФТИ ҲАМБОЛ

Ману ту ҳар ду монандем –
Ту ҳам тифли баҳорониву ман ҳам,
Ту ҳам фарзанди борониву ман ҳам.

Ҳамегӯянд, андар зодрӯзи мо
Чу пайки бахти мо бодом гул мекард.
Дар он рӯзе, ки моро зода буданд
Ба зери гунбади як осмон, аммо
Ду боми дур аз ҳам чанд фарсахҳо,
Ки медонист рӯзе, соате, дар манзиле
Зери навои резиши борон
Ману ту рӯ ба рӯ оем чун ёрони ҳампаймон...

Чи асроре!
Туро гӯё ба чашми дил,
Ба чашми орзуҳои наҷиби худ
Ба ин шӯру ҷунуну хуни гарму ношикеби худ
Басо сол аст некӯ мешиносам,
Чи ногаҳ омадӣ дар рӯзгори ман,
Ту, эй пайки баҳори ман!
Туро чун бахшиши ранҷу такопӯ мешиносам.

Ту ногаҳ омадӣ, аммо
Чи огаҳ омадӣ аз буду нобудам.

Туро бо гармҷӯшиҳои мастона,
Туро бо лоуболиҳои риндона,
Туро бо беқарориҳои бесомон,
Туро бо дилшикориҳои бедармон
Кунун дар рӯ ба рӯи хеш якрӯ мешиносам.

Кунун ман мехурам бо ту ғами нохурдаи худро.
Кунун ман аз ту меҷӯям ҳама гумкардаи худро.
Ту ҳар ҷое, ки бе ман бошӣ, бо ман бош
Ки ман ҳам ҳар куҷое бе ту бошам,
бо ту хоҳам буд...

Ту медонӣ,
Басо ёрон, ки дар як хона ноёранд,
Чи маҳҷурон, ки бо ҳам ёру дилдоранд.
Басо ҷуфте, ки дар як хона танҳоянд,
Басо танҳо, ки аз ҳам дуру якҷоянд...

Ману ту ҷуфти ҳамдардему ҳамдил,
Ману ту ҷуфти ҳампарвозу ҳамбол –
Ду тан з-он ташнадилҳоем,
К-андар соате ин ташнагӣ моро
Сари сарчашмае овард.
Ва дар он ҷо нигоҳи ташнаи ман
Бо нигоҳи ташнаат бархурд...

...Агар мо тифли борону баҳорем,
Бибояд ҳар баҳор аз нав бирӯем.
Пас аз мо низ бояд гул кунад бодом,
Пас аз мо низ бояд гул кунад айём...

1973

* * *

Имшаб аз кӯчаи хаёлам боз
Сояи қоматат чамон бигзашт.
Бенишон буд ишқи мову ту,
Соят низ ончунон бигзашт.

Лек бар решҳои куҳнаи дил
Намаке зад, ки сахт месӯзад.
Хонаамро чунон тагорӯ кард,
Ки ҳама рахту пахт месӯзад.

Ҳамчу нури ситораи мурда
Нури ишқат ба синаам рахшид.
Гӯшаи тираи хаёламро
Чашмат аз дур равшанӣ бахшид.

Боз чил кокулу ҷамолакҳо,
Он хафабанду он сари сина,
Он вуҷуди бадеъу маъсума,
Он саволу ҷавоби дерина...

Боз мактубу боз пурсишҳо,
Ки чаро ошиқон ҷудо миранд?
Баҳри чӣ ишқ бебақо бошад,
Ошиқон ҷумла аз хато миранд?

Бевафоянд аз чӣ рӯ мардон,
Қадри ашки занон намедонанд?
Аз муҳаббат ба ғайри бӯсу канор
Достони дигар намехонанд?

Оҳ, ин достони бесарунӯг
Қиссаҳои «Ҳазору як шаб» нест,
Ки варо кас бихонаду гиряд,
То бигӯяд, ки аз куҷо ё чист...

Достонест ишқи инсонӣ,
Ки пур аз ребу рангу дастон аст.
Эй бад он, ки зи ишқ суде ҷуст,
Эй хуш он, ки зи ишқ мастон аст.

Мо ҳам андар ҷаҳони навбатбоз
Навбати хешро ба сар бурдем.
Ҷоми навбат ба дасти мо бишкаст,
То лаби хушку чашми тар бурдем.

Ҳар кӣ будем мову ту, бигзашт,
Оби рафта ба ҷӯ наояд боз.
Оби рӯ ҳам чу оби ҷӯ бигзашт,
Дигар он оби рӯ наояд боз.

Ҳар куҷое, ки бошӣ, ошиқ зӣ,
Ман барои ту шеър мегӯям.
Он гуле, ки баҳор гум кардам,
Ҳасрато, тирамоҳ меҷӯям...

1973

* * *

Гарчи моницалам Рафоэлло,
Хона нокарда аз ҷаҳон бигзашт,
Аз арӯсаш надида оғӯше,
Бас ҷавон ӯ аз ин макон бигзашт,

Лек дар остони тӯю сур,
Интизори висоли ёраш мурд.
Ҳам арӯсаш дар интизори ӯ
Бекасу номурод ҷон биспурд.

Ҳарду ноком, лек хушкоманд
Дар ҷилою сафои ҳар тасвир.
Ҳарду ҷовид дар нигоришҳо
Ҳамчу тасвири ишқи беохир.

Ҷовидон ин – арӯс, он – домод,
Ҷовидон интизори якдигар.
Носабуранд ҳарду дар мадфан,
Носабури висоли якдигар.

Ҳамчунонем мову ту, эй ёр,
Ҳамчунонем, ёри деринам.
Ту маро ҳеҷ гаҳ нахоҳӣ ёфт,
Ҳам туро ман дигар намебинам.

Мову ту лек дар суруди ман
Гӯӣ ҳастем ҷуфти ҳамхона.
Худфиребист гарчи ин «гӯё»,
Интизорист гарчи афсона.

Мову ту дар ҷудоӣ наздикем –
Интизори висоли якдигар.
Мову ту рӯбарӯю аз ҳам дур,
Ҷовидон дилкашоли якдигар...

1973

* * *

Баҳоре буд,
Баҳоре буду ишқе буду ёре буд,
Ғурури саркашеву ифтихоре буд.

Дарахтон ғарқи гул буданду баргу бор,
Хуморӣ буд чашми ғунчаи бедор,

Ба чашми ман, ба чашми пурхаёли ёр,
Ҷавонӣ буду ишқу лаззати дидор.

Зи чашми ӯ нигоҳи ғунча метобид,
Ба ҳар як тори мӯяш шеър мерақсид,
Ба қаддаш шӯълаи хуршед меларзид,
Зи лабхандаш гули уммед механдид.

Саропо ҳайкали ишқу таманное,
Ҷунуну шавқу тамкину шикебой.
Дар ин дунёи танг оварда дунёе
Ба зебоиву барноиву шевой.

Диле аз тору пуди шеъри ҳассон дошт,
Сириште пок чун субҳи баҳорон дошт,
Сиришке пок чун борони найсон дошт,
Ҷаҳони тозарӯи баъди борон дошт.

Ман аз ӯ рафтаму ҷонам дар озар рафт,
Дили гапнодароям бесару бар рафт.
Ҷунуни саркашам коҳиду аз сар рафт,
Агарчи бар дили ман неши ханҷар рафт.

Ман ӯро рӯзафзун дӯст медорам,
Ман ӯро бо дили хун дӯст медорам.
Бурун аз ҳукми гардун дӯст медорам,
Бурун аз ҳадди қонун дӯст медорам...

Баҳоре буд,
Баҳоре буду ишқе буду ёре буд,
Ҳама ҷонсӯзиям аз дӯстдорӣ буд...

1973

* * *

Ман хушомад мезанам бар қуллаҳо,
Мекунам таъзим пеши пояшон.
То шавам монанди онҳо сарфароз,
То бароям бар баландиҳояшон.

То чу онҳо ҳар саҳар хуршедро
Саркашу мағрур гирам пешвоз.
Тез бошам мисли теғи қуллаҳо,
Мисли ҳар як теға бошам бениёз.

То гурезам дур аз харсангҳо,
То шавам наздиктар бар офтоб...

1973

* * *

Ошиқоне баланд мегӯянд:
«Ҷону дил сарфи нозҳои Шумо.
Ҷону дил чист? Андар ин дунё
Буду нобуди мо фидои Шумо».

Лофи бисёр, ваъда бебаркаш,
Аз ҳавою ҳавас ҷавонмарданд.
Дар раҳи ишқ чун ғаве бинанд,
Аз раҳи аҳди хеш мегарданд!

Гушнамастанду дилтиҳӣ бархе,
Ишқро зочабозӣ медонанд,
Нимҷоневу толиби ҷонон,
Ҷонфишоневу лек беҷонанд...

Дар назар гарчи рост мегӯянд,
Лек андар замир каҷбозанд.
Борашон чун расид бар манзил,
Ёди ёрони раҳ намесозанд.

Мекашанд оҳ, мекунанд афғон,
«Бе туям зиндагист гӯристон...»
Бингарӣ боз зинда мегарданд,
Кас надонад, ки чист ин чистон...

«Чун ту ёри дигар куҷо ёбам!» –
Номаҳои бадарди тӯлонӣ...
Бингарӣ хуб, ёри дигар ёфт,
Ҳам варо гуфт: «Беҳтар аз ҷонӣ...»

Ростӣ, ҳар кӣ «сӯхтам» гӯяд,
Чун накӯ бингаред, бедард аст.
Ҳар кӣ фарёд мезанад «Ман – мард!»
Рӯзи майдон заифу номард аст.

Ошиқиҳои аҳди мост аҷиб –
Меҳрубонию лутф арзонист.
Ҳар қадар лофи ошиқӣ бизанем,
Дар дили мо ҷунуни Маҷнун нест.

Ишқ гарчи зи бозӣ оғозад,
Охири ӯ ҳамеша ҷонбозист.
Аз ҳама бурду бохтҳои ишқ
Ошиқ он аст, ки зи дил розист.

Ошиқему валек сад афсӯс
Дар фани ишқ ҷумла ҳайронем.
Маънии бешумор дорад ишқ,
Асли маънишро намедонем...

1973

* * *

Касе бо ту ғами дилро нагӯяд,
Касе бо ту раҳи фардо наҷӯяд.
Чи бадгавҳар, чи нимодам, чи зиштӣ,
Ки кас бо ту гули хоре набӯяд.

На марди хонаӣ, на аскари шоҳ,
На шодиву наӣ ҳам аз ғам огоҳ.
На шӯрӣ, бенамак ҳам нестӣ ту,
На раҳҷӯӣ, наӣ ҳам марди гумроҳ.

На фардоӣ, на имрӯзӣ, шигифто!
На мағлубӣ, на пирӯзӣ, шигифто!
На ҷустиву на гум кардӣ матоъе,
На месозӣ, на месӯзӣ, шигифто!

Зи як то ду шумурдӣ, ваҳ чӣ ҷуръат!
На хӯрдиву на бурдӣ, ваҳ чи ҳиммат!
На соҳил донадат, на қаъри дарё,
На мондиву на мурдӣ, ваҳ чи хилқат!

Ту бадбахтӣ, ки танҳоӣ, бародар,
Ки худбиниву худхоҳӣ, бародар.
Зи дигарҳо наёсудан бадеҳист,
Ту аз худ ҳам наёсоӣ, бародар.

1973

* * *

Мо ҳама дар чорсӯи зиндагӣ
Гоҳ гумроҳему гоҳо раҳбарем.
Гоҳ бо сар медавему гаҳ ба по,
Гоҳ саргардону гоҳо сарварем,
Эй дили дарёи ман, парво макун.

Гоҳ-гаҳ навмед хонандат касон,
Худ намедонанд аммо кистанд.
Чун шудам таҳдони молу ҳолашон,
Он қадар аз хеш розӣ нестанд,
Эй дили дарёи ман, парво макун.

Дидам онро, ки туро навмед хонд,
Дар дилаш бас орзуҳо мурдаанд.
Эй басо кас, ки зи беандешагӣ
Ҷӯҷаро то тирамаҳ бишмурдаанд...
Эй дили дарёи ман, парво макун.

Дидам андар умри кӯтоҳи сарам,
К-ин ҷаҳон будаст бозори ҳавас.
Иддае оранд колои сақат,
Зумрае оранд ганҷи ҳар нафас,
Эй дили дарёи ман, парво макун.

Қофиябозӣ чӣ осон бозиест,
Гар набошад шоири андешаманд.
Баски истеъдод ҳар сол аз замин
Мисли пундона нарӯяд чанд-чанд...
Эй дили дарёи ман, парво макун.

Мо ҳама бо сад ҳазорон пушту рӯ
Хостгори марзи кишту ҳосилем.
Дар назар комилиёру тандуруст,
Лек бо дарди сару дарди дилем,
Эй дили дарёи ман, парво макун.

Ин ҷаҳони песаи пурбешу кам
Розию норозие дорад басе.
Сад ҳазорон ранг дорад зиндагӣ,
Ранги аслашро магар донад касе?
Эй дили дарёи ман, парво макун.

1973

## БОНГИ ОЖИР

*(Бар асари рӯйдодҳои Чили)*

Эй шумо бозичаҳои симу зар,
Эй ҳавасбозони савдои худӣ,
Бо чӣ миқдоре зи дунёи ҳама
То кунун ҷӯед дунёи худӣ!?

Эй гунаҳкорони дӯзахошён,
Одамизод аз шумо безор шуд.
Дошт вақте қадр агар тиру камон,
Пеши тадбири бузургон хор шуд.

То ба кай, эй кӯрботинҳои данг,
Гар надорад тоби савте гӯшатон,
Гар надорад тоби оҳанги малеҳ
Завқи кӯру гӯши карри ҳушатон,

Аҳли санъатро ба куштор оваред,
Панҷаи марди гиториро буред?!
Эй шумо нохондагони бенишон,
Интиқоми номусовӣ ёфтед:
Кушта натвонед санъатро агар,
Соҳибашро мекушед.
Рӯҳро осон чу натвонед кушт,
Қолибашро мекушед.
Шеърро осон чу натвонед кушт,
Шоирашро мекушед...
Эй шумо ноогаҳони фикру ҳис,

Ҳеҷ шоир, ҳеҷ бихрад, ҳеҷ санъаткори даҳр
Ҳеҷ н-омухтаст дарси зиштию номардумӣ.
Баски ӯ тоҷи закову фитрат аст,
Хоҳад ӯ то бо ғами кулли ҷаҳон ҳамғам шавед,
Аз дадӣ парҳез созеду чу ӯ одам шавед...
Қаҳ! Қаҳ! Эй навбарбарон!
Охир онон, ки шумо куштед бо тиру камон
Пештар аз маргашон
Ваҳ чи миқдоре шуморо куштаанд...
Бо навои дурпарвози гитор,
Бо силоҳи шеърҳои заҳрдор,
Бо синони ақлу бо теғи забон,
Бо суханҳои бад аз гурзи гарон
Бас шуморо бемуросо куштаанд...
Гар зи оташбозии ҷаҳди шумо
Хонаю девони Пабло даргирифт,
Пештар з-ин сӯхтор
Сӯхт бунёди шуморо шеваи тасхири ӯ –
Шеъри ӯ – он оташи эҳсоси оламгири ӯ,
Ин замон дар назъи ҷон
Қолаби беҷонатон
Меситонад гӯӣ з-онҳо интиқом.
Бозии марг аст бозии шумо,
В-ин ҳама беҳудатозии шумо.
Қаҳ! Қаҳ! Эй бас зиндагони мурдаед,
Пештар аз зодрӯзи наҳсатон
Гӯратон омода буд,
То напиндоред он, к-ӯ таъми озодӣ чашид,
Он қадар осонгузору сода буд...

1973

## ҲАМДАРДИ КӮҲИСТОН

*Ба хотираи Акашариф Ҷӯраев*

Ту мехондию мешуд об ҳар як санги кӯҳистон,
Фарохо мешуду пахно ҷаҳони танги кӯҳистон,
Ту мехондию метобид андар дидаи мардум
Ба чандин ҷилвае дунёи рангоранги кӯҳистон.

Ба овозат забон додӣ сукути кӯҳсоронро,
Ба мардум ошно кардӣ ту дарди дӯстдоронро.
Ба ҳар як парда санҷидӣ баланду пастии олам,
Ба ҳар як ларзаи оҳанг сабки обшоронро.

Чу аз ҳар захмаи ту торҳои ҷӯр меларзид,
Маҳин дар рӯи мавҷи об мавҷи нур меларзид,
Дили ошиқ адо мешуд, дили маъшуқа гум мезад,
Чу кокулбанди духтар пӯпаки танбӯр меларзид.

Туро ҳар санг дорад ёд, эй ҳамдарди кӯҳистон,
Зи ҳар кӯҳе садо ояд: куҷо он марди кӯҳистон?
Садои ғулғуландозаш, навои рӯҳпардозаш
Ба дунёи ҳунарҳо буд роҳоварди кӯҳистон.

Туро имрӯз ҳам хоҳанд дар ҳар манзили тоҷик,
Чу дорӣ хонаи ҷовид андар ҳар дили тоҷик.
Ту хомӯшӣ, намехонӣ, вале танбӯри ту гӯёст,
Агарчи ҷои ту холист дар ҳар маҳфили тоҷик.

1973

## ТАМАННО

Тоҷикистон!
Зи санги кӯҳсорат
Чун нишона на мақбара хоҳам,
Баъди маргам зи санги бисёрат
Ёдгорӣ на пайкара хоҳам.

Баҳри мастӣ барои ман кофист
Қатраи май зи як буни токат,
Баҳри хоби бароҳати ман бас
Чанд муште зи тӯдаи хокат.

Дар кӯҳистон, ки хуни нофам рехт,
Роҳҳо печутобҳо доранд.
Ман дар ин роҳҳо басо дидам,
Шоирон ҳам азобҳо доранд.

Шоириро ба ман ту омухтӣ
Дар ҳама печутоби раҳҳоят,
Бо ҳама сабки шоирони қадим,
Бо ҳама шеваҳои шевоят.

Чист ҳайкал ба ҳаққи шеъри баланд?!
Резае пеши қуллае оранд.
Шоироне, ки буда беҳайкал,
Дар замони гузашта бисёранд...

Муддаоям зи назм ин бошад,
Пос дорем назми дунёро.
Бо сухан то ҳама раво дорем
Фарзи имрӯзу қарзи фардоро.

Қасдам аз шеъру шоирӣ ин аст,
Доди худ воситонам аз олам.
То ки қадре баланд бардорам
Шеърро ҳам баробари одам...

Тоҷикистон!
Зи санги куҳсорат
Ёдгорӣ на пайкара хоҳам.
Балки аз ҳар ситеғу ҳар сахра,
Аз ҳама водию дара хоҳам,

Ки ҳама сангҳои кӯҳистон,
Хомуширо зи хеш бифшоранд.
Шеърро, шеъри хубро дар худ
Сабт созанду зиндатар доранд.

Хоҳам он сангҳои ҳайкалзеб
Ҳамчу ҳайкал ба шеъри мо кӯчанд.
Аз замин, аз мақоми бетаҳрик
Бар дилу бар замири мо кӯчанд.

Хоҳам он қуллаҳои минбарсон
Минбари фитрати расо бошанд.
Нотарошидаву насоида
Худ ба худ ёдгори мо бошанд...

1973

## РӮДҲОИ КӮҲИСТОН

Рӯдҳо чун кӯдакони бепаноҳ
Бемураббӣ ҳар кучо сарсон буданд.
Чун ятимон, чун ғарибон кӯ ба кӯ
Дар талоши бахт саргардон буданд.

Сар ба сангу сахраҳо мекӯфтанд,
Нола мекарданд бар аҳволи худ.
Аз миёни тангно мекофтанд
Роҳи истиқлолу истиқболи худ.

Дар сароғози табодулҳои давр,
Дар гузаргоҳи қадамҳои замон
Баҳраҳо бурданду касб омӯхтанд
Рӯдҳо ҳам мисли кӯҳистониён.

Рӯдҳо ҳам мисли фарзандони кӯҳ –
Чун сағирон дар сағирахонаҳо
Донишу фазлу ҳунар омӯхтанд
То шуданд имрӯз чун фарзонаҳо.

Гар Зарафшон зарфишонӣ мекунад,
Вахш дар ҳар кӯй нурафшон шуда,
З-оби Ому даштҳои сӯхта
Буда хушкистону боғистон шуда.

Алғараз, ҳар рӯди саргардони кӯҳ
Ёфта ному нишони хешро.
Чун ятимоне, ки ҷумла ҳокиманд,
Ёфта як пора нони хешро...

1973

## ҚАДРИ ШОИР

Рӯзе, ки ошиқон аз ҳам ҷудо шаванд,
Рӯзе, ки зӯрҳо бемуттако шаванд,
Рӯзе, ки одамон беошно шаванд,
Бар қадри шоирон он вақт мерасанд.

Шоме, ки ахтаре сӯзад дар осмон,
Рӯзе, ки дар замин сӯзад дили ҷавон,
Ҳар гаҳ, ки одамӣ ҷӯяд зи худ нишон,
Бар қадри шоирон он вақт мерасанд.

Гирам, шикориён оянд бебарор,
Дар китфашон камон сарзер аз шикор,
Дар рӯи сахрае биншаста хоксор,
Бар қадри шоирон он вақт мерасанд.

Рӯзе, ки роҳиён дар дашти регпӯш
Бесозу барги раҳ монанд лабхамӯш
Бархонда қитъае, оянд бар хурӯш,
Бар қадри шоирон он вақт мерасанд.

Вақте ки базми дил беҷӯш мешавад,
Зебоӣ ҳар гаҳе мағшуш мешавад,
Дунёи некуӣ фаромӯш мешавад,
Бар қадри шоирон он вақт мерасанд.

Вақте ки ҷумлаи даъвогарони зӯр
Миранд бо ҳама ҳангомаю ғурур,
Хешон катибае ҷӯянду лавҳи гӯр,
Бар қадри шоирон он вақт мерасанд.

Рӯзе, ки одамӣ дарёфт қадри худ,
Ҷуст аз ҷаҳон мақом аз баҳри фарди худ.
Дарёфт аз сухан ташреҳи дарди худ,
Бар қадри шоирон он вақт мерасанд...

1973

## МАРСИЯИ ХУРШЕД

. . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
. . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
*На он тақлид ин тақлид,*
*На он хуршед ин хуршед.*

Зи баъди чанд милён сол мемирӣ ту, эй Хуршед!
Ҷавоби он қадар дарвозаҳои субҳро бикшоданат
аз одаму олам
мукофоте намегирӣ ту, эй Хуршед!

Замин гаҳвораи фарзанди одам буд,
Ту чун гаҳвораҷунбоне суруди алла мехондӣ.
Ҳама шаб ахтаронро рӯи он гаҳвора чун зоча
Барои кӯдакони хокзода медурахшондӣ.

Ду чашми кӯдаки навзод аз рӯзи бинои умр
Пас аз модар туро медид.
Ду чашми қаҳрамон дар корзорон лаҳзаи мурдан
Туро медиду модарро надида чашм мепӯшид.
Ва дар зикри нигоҳи вопасинаш
чун нишони умр
Зи ту як порае бар хоки тар мебурд.
Даруни гӯр,
Андар синаи хомӯшу сарди ӯ
Чу ёри ҷонбаҷонаш пораи нури ту ҳам мемурд.
Туро ҳар бандаи миранда бо худ мебарад
бар гӯр,
Ту бо ҳар бандаи мирандае мемирӣ, эй Хуршед!

Ту бо ҳар ахтаре, к-аз базми анҷум дур мегардад,
Ту бо ҳар чашми биное, ки аз ғам кӯр мегардад,
Ту бо ҳар қатраи хуне, ки афтода ба гил ,
мағшуш мегардад,
Ту бо ҳар қатраи обе,
Ки дур афтода аз ҷӯши тарокумҳову тӯфонҳо,
Ба зери шуълаат хомӯш мегардад,
Паёпай,
зарра-зарра,
ноаён мекоҳӣ, эй Хуршед!

Ту бо ҳар марди зиндонӣ, ки дар зиндон
Зи пушти панҷара чашмаш ба сӯи қурси ту
мурдаст,
Ту бо ҳар сарбадоре, к-охирин лаҳза
Ба сӯи ту назар афканда, аз дунё сафар кардаст,
Ту бо ҳар дилбари хуршедрӯ,
к-андар ғуруби офтоби ҳусн
Аз ин дунё ба сина доғҳо бурдаст,
Ба зиндону ба зери дорҳо мемирӣ, эй Хуршед!
Зи бухлу кинаву озорҳо мемирӣ, эй Хуршед!

Ту бо ҳар шоире, к-аз шӯри дил
дилро бифарсояд,
Ту бо ҳар ошиқе, к-аз нобарорию ситамгорӣ
Ба мижгон ашк полояд,
Бикоҳиву бифарсой,
Зи худ як дам наёсой.

Ту чун марди мусофир дар биёбони фалак танҳо,
Ба манзил норасида, дар миёни роҳ мемирӣ.
Агарчи асрҳо равшангари таърихҳо будӣ,
Чу пири зуфунуне оқибат гумроҳ мемирӣ.

Зи баъди ту Замин даври чӣ хуршеде
ҳамечархад?
Ба даври офтоби дигаре? Ҳайҳот!
Пас аз ту боз, мегӯянд, Хуршеди дигар созанд;
Чунон ки баъди Фирдавсӣ нашуд
«Шаҳнома»-е иншод,
Валекин шоирон буданд...
Замин дар мотами ту,
Даври гӯри нурхези ту
Ба мисли сӯгворе навҳа созад, хешро сӯзад,
Ту Хуршеди ҷаҳон будӣ, вале бар ёдгори ту
Ҷаҳон андар сари гӯрат чароғи хира афрӯзад...

Чу умри одамӣ кам мешавӣ ҳар рӯзу ҳар соат,
Зи рӯз аз рӯз ҷонат хастаю ранҷур хоҳад шуд.
Ва рӯзе бо ҷаҳон аз сактаи дил мекунӣ падруд,
Ҷаҳон бечашми ту чун пирмарди кӯр хоҳад шуд.

Дареғо! Ҳасрато! Ҳайфо!
Барои зиндагӣ чун модарон мемирӣ,
эй Хуршед!
Дилатро коста аз баҳри тифлон,
ногаҳон мемирӣ, эй Хуршед!
... Вале то он даме, ки чашмҳоям сӯи ту боз аст,
Ба сӯят бо ҳазор уммед сар афрозам, эй Хуршед!
Агарчи зарраам, рӯзе
Ба пеши чашми ту худро аён месозам, эй Хуршед!
. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Сипас бидруд, эй Хуршед!
Сипас бидруд, эй Хуршед, эй Хуршед!

1973

## КӮҲИСТОНӢ

Зи ҷабру зулми Искандар,
зи хунхории Чингизхон,
Низои дину мазҳабҳову бедоди ҷаҳонгирон,
Аз он савдогарони шаҳр – қаллобону ҳаннотон,
Аз он дуздони моли хешу ҳам мероси аҷдодон,
Зи дасти манғиту турку араб, аз ҷаҳли барбарҳо,
Зи андозу хироҷу боҷ, аз даргоҳи бедарҳо,
Зи чоҳу кундаву занҷир, аз зиндону завлона,
Зи минбарҳои бепоя, зи маснадҳои шоҳона,
Зи дасти сарнавишти хеш – аз тақдири пешонӣ
Паноҳ овардӣ дар кӯҳсор, эй марди кӯҳистонӣ.

Зи дасти сангдилҳову зи бори сангии айём
Ба сангистон паноҳ овардию бас нолаҳо кардӣ,
Ки гӯӣ хешро аз тахти кӯҳи ғам раҳо кардӣ.
Сари кӯҳи баланде хона кардӣ ту,
Ба ёди рӯзгори хуш ҷаҳонеро пур аз
афсона кардӣ ту.
«Сари кӯҳи баланд ғавғо кунам ман,
Туро аз бӯи гул пайдо кунам ман.
Ту ки аз бӯи гул пайдо намешӣ,
Ҷавониро ба ғам савдо кунам ман».

«Сари кӯҳи баланд най мезанам ман
Шутур гум кардаам, пай мезанам ман.
Шутур гум кардаам бо бори кошӣ,
Гуле гум кардаам, балки ту бошӣ»...
Зи шах омӯхтӣ тамкин, субот – аз кӯҳсоронаш,
Суруд – аз сабки дарёҳо, фиғон – аз обшоронаш.
Куҷое чашмае дидӣ, варо баҳри дамон хондӣ,
Куҷо як пал замин дидӣ, чу дашти
бекарон хондӣ.
Ту бо он сарбаландиҳо, ба он ҳимматбаландиҳо,
Ба он азми баландиҳоҳ, он завқи дили огоҳ
Баландӣ кофтӣ умре, баландӣ ёфтӣ умре...
Баландӣ кофтан умре, талоши ту, низоми туст,
Баландӣ дар баландӣ ёфтан ҳусни мароми туст.
Ту ҳақ дорӣ фуруд ой зи авҷи қуллаҳо поён,
Ту ҳақ дорӣ фуруд ой зи тори кӯҳҳо осон,
Валекин ҳад надорӣ ту, ба он ҳайбат, ба он хилқат
Фарой як қадам поён зи тори қуллаи ҳиммат!
Зи баски сарбаландиҳои кӯҳсорон
зи номи туст,
Баландиҳои ҳар кӯҳ аз баландии мақоми туст!
10.6.1973

## ҚАРЗИ ФАРЗАНДӢ

Мард он, ки ба корзори ҳастӣ
Беханҷару бесипар барояд.
Беханҷару бесипар, валекин
Бо ҷавҳари сад ҳунар барояд.

Баҳри каму беши миллати худ
Бо бешу ками ҷаҳон ситезад.
Он ҷо, ки бирехт хуни нофаш,
Бояст, ки хуни дил бирезад...
15.6.1973

## ИЛТИҶО АЗ ДИЛСОЗОН

Илтиҷо мекунам, эй дилсозон,
Шавад афсурда дили шоир агар,
Дили афсурдаю пурдарди варо
Ба дили сунъӣ масозед бадал.

Бас дар ӯ дарду ғами кулли ҷаҳон,
Бас дар ӯ бешу ками халқон аст.
Баски дар набзи таболудаи ӯ
Буду нобуди ҳама даврон аст.

Гар бадал шуд дили шоир, гӯед,
Он ҳама андуҳи ширинаш ку?
Захми носури муҳаббат чун шуд?
Доғҳо ку? Ғами деринаш ку?

Шеъри ногуфтаи ӯ чун нутфа
Дар дили хастаю ғамнокаш буд.
Арбада бо ҳама дунё мекард,
Розҳо бо ҳама афлокаш буд.

Шеъри ногуфтаи ӯ монд куҷо?
Ку дили з-оташи худ сӯхтааш?
Ку ҳама шӯриши эҳсоси расо?
Ку дили ишқ бадомӯхтааш?

Раҳмате! Ҷои дили афсурда
Гар гузоред дили сохтааш,
Он ҳама дарди кӯҳанро оред
Аз дили сӯхтаву бохтааш.

На! Ҳама одами дилафсурда
Битавонад дили нав бипзирад,
Лек шоир ба дили сохтае
Натавонад, ки чу шоир мирад!

Ҳеҷ шоир натавонад зинҳор
Бо дили сохта эҳсос кунад!
Бо дили сохтаву шеъри заъиф
Ҳурмати шеър чӣ сон пос кунад?!

Аз дили сохтаву бедардаш
Бӯи дил н-ояду бӯи ғами дил.
Ку ҳама шӯру ҷунуну мастӣ?
Ку ҳама таппиши бешу ками дил?

Илтиҷо мекунам, эй дилсозон,
Ҳама дилро бинамоед бадал!
Лек чун навбати шоир бирасад,
Захми ӯро марасонед халал!

Дили ӯ дил набуд охир, эй вой!
Дили ӯ кӯраи пуроташ буд.
Барқҷавлон буд агар эҳсосаш,
Барқгардон сифати зоташ буд!

Дили ӯ дастгаҳи кухна набуд,
Ки бадал сохтан осон бошад.
Дили ӯро, ки ҳамонанде нест,
Муддао шӯришу исён бошад.

Дарди ӯ мояи шодии вай аст,
Ки бувад асли танободии ӯ.
Дарди ӯ дарди беҳ аз дармон аст,
Ки бувад маншаи озодии ӯ.

Шоир он аст, ки то зинда бувад
Қасди ёрон зи ҷаҳон баргирад.
Омада шоиру шоир гузарад,
Бо ғаму андуҳи дунё мирад!..

25.6.1973

## ДЕҲИ КӮЧИДА

Бодхурда сари ҳар деворе,
Бомҳо рехтаву чӯкида.
Тарҳи деҳ гарчи ба ҷо монда, вале
Зиндагӣ ҷои дигар кӯчида.

Зиндагӣ рахт бар он водӣ баст,
Ки бапаҳносту дарё ҷорист.
Байни мардум дигар андар сари об
Ҷангу ҷанҷолу кашокашҳо нест.

Деҳи кӯчида, дар он ҷо шаҳрест –
Шаҳри озодию озодон аст.
Лек ин ҷой, ки вайрона шуда,
Ёде аз қисмати аҷдодон аст...

Як ду-се лолахасак бишкуфта
Дар паи сандалию оташдон –
Вопасин шуълаи он оташҳост,
Ки барафрӯхта дар кӯҳистон.

Роҳҳо кӯр шуда беравуо,
Чашми чоре ба раҳи ёре нест.
Чордевори баҳасрат нолад,
Ки саре дар буни деворе нест.

Ҳотаи бекасу перомунаш
Сангдевор чу хатти паргор.
Қитъа-қитъа чу нишон монда ҳанӯз
З-он деҳи танг – аз он кунҷи диёр.

Хурмаи равғанӣ пурхок шуда,
Як каду хамзада дар ҳаччаи шох.
Даҳани тангу тиҳияш гӯяд:
Одамирост чи хуш ризқи фарох...

Ток аз бекасӣ бар шохи чинор
Гӯӣ тарсидаву дарпечида.
Чашмаи деҳ зи ғами танҳоӣ
Рӯзу шаб гирякунон хушкида...

1.7.1973

## ҚАТЛИ ДАРЁ

*Ба хотираи Саҳбо*

Шоири донодилеро,
Шоири дарёдилеро
Ғарқ карданд...
Дар лаби дарё
Сабукборони соҳилҳо –
Гурӯҳи бетаҳаммулҳову камдилҳо
Дошта аз дасту пояш,
Ғарқ бинмуданд андар қаъри дарёяш...
То надонистанд ӯ ҳам буд дарёе,
То надонистанд ӯ ҳам буд дарёи пур аз
фарёду ғавғое...
То надонистанд шоир низ дарёе бувад,
З-инҳисори мову ман ҷӯёи паҳное бувад,
То надонистанд дарёе биомезад ба дарёи дигар,
Мешавад пурзӯртар, пуршӯртар...

4.8.1973

## ЗАБОНИ ПАЙҒАМБАРОН

Метаровад ширмаҳтоб
Дар шиканҳои маҳини мавҷи об.
Метаровад нури қандил
Дар рухи гулгуну дар ҷоми шароб.

Менавозад нам-нами борон
Мӯю рӯятро баҳорон.
Менавозад рӯҳу ҷонро
Чун насими атргардон.

Бигзарӣ аз бӯстоне
Чор сӯ бинӣ гулафшон,
Гарди гул бинӣ нишаста
Бар сари абрӯю мижгон...

Соате гар гӯш бидҳӣ,
Бар танини обшорон,
Гарди оташ мерасад
Бар сару рӯят гуворо.

Дар ҳарири резаборон –
Ҷилваи рангинкамон.
Тору пуди обшорон –
Тору пуди ин забон...

Бишнавӣ боре забони тоҷикӣ –
Ин забони шоирон – пайғамбарон,
Оварӣ ёде зи кишту ҳосилат...

Бишнавӣ бори дигар,
Шаҳд ҷӯшад бар лабонат,
Шеър ҷӯшад аз дилат...

6.11.1973

## ГАНҶИ КӮҲСОРОН

Ҳама ин ганҷҳо буданд,
То имрӯз ҳам буданд
Ниҳон дар қаъри кӯҳсорон,
Ниҳон дар ҷавфи ҳар як санги кӯҳистон.
Ҳама ин ганҷҳо буданд то имрӯз ҳам, аммо
Намедонист тоҷик, то чи ганҷе зери хоки ӯст,
Намедонист пиромуни кӯи ӯ
Намедонист дар зери замини ҳотаи ӯ
Намедонист дар кӯҳи баланди рӯ ба рӯи ӯ
Чи ганҷи сармаде хуфта,
Чи махзанҳо, ки бинҳуфта.
Агар ҳам бурда буд бӯе,
Ки ганҷе дар дили кӯҳе ниҳон аст,
Намедонист, то чун бишканад
қуфли тилисмашро,
Ки онро аждаҳое посбон аст.

... Чу равшан кард нури ақл ақсои кӯҳистонро,
Чу бар аъмоқи ҳар кӯҳе назар афканд,
Ба хилватгоҳи ганҷури табиат раҳкушо гардид,
Ту гӯӣ дар дили кӯҳсор ҳам шӯру шарар афканд.

Зи ҳар кунҷи диёри мо,
Зи ҳар як резасанги кӯҳсори мо
Чи маъданҳову махзанҳо бадар омад.
Сипас бо ҳайрату эъҷоб
Дида ин ҳама ганҷинаи ноёб,
Ҳамепурсид тоҷик аз худу аз ҳамдеҳони худ:
Худовандо, чи эъҷозе!
Зи пушти хонаи ӯ,
Аз замини ҳотаи ӯ,
Аз лаби роҳе, ки пода мечаронад,
Аз он кӯҳе, ки ҳезум мекашонад,
Алғараз, аз ҳар канори зодгоҳи ӯ
Чӣ сон ин маъдану махзан бадар омад...

Сипас донист ҳар фарди кӯҳистонӣ,
Ки рӯи ганҷи кӯҳистон
Нахуфта аждаҳое ҳеҷ
Ғайри аждаҳои ҷаҳлу нодонӣ...

7.11.1973

## БАЛАНДИҲО

Аҷаб дорам, ки ҳар вақте
Зи боби Тоҷикистон чун сухан гӯянд,
Бигӯянд аз баландиҳои кӯҳсораш,
Сухан гӯянд аз Боми Ҷаҳон,
Аз қуллаҳои ганҷдору тоҷдораш.

Чи зоҳирбинии сахле!
Ба ғайри қуллаҳо дар кишвари тоҷик
Баландиҳои бисёр аст,
К-онро кас намебинад.
Касе онро тавонад дид
К-ӯ аз оламу одам хабардор аст.

Фақат эҳсос бояд кард,
Фақат тан дод бояд бар баландиҳои рӯҳонӣ:

Ба табъи мо, каломи мо,
Ба қадри мо, мақоми мо,
Ба ҳимматҳои дарёе,
Ба фитратҳои дунёӣ,
Ба иқболи баланди мо:
Ба халқи арҷманди мо...

Бале, дар сарзамини мо
Ба дидан кӯҳҳои мо баланд аст,
Вале ҳар кас, ки бо чашмаш
Ғарамҳои баланди пахтаро дид,
Баландиҳои кӯҳҳо нописанд аст.

Бале, дар кишвари тоҷик
Баландиҳои бисёр аст, лекин
Ҳама имрӯз бо чашмони худ дид,
Ки қасри нури Норак чун сар афрохт,
Сари бисёр кӯҳҳо паст гардид.

Бале, баҳри тамошогар
Баландиҳои кӯҳи мо чӣ зебост.
Вале баҳри ҳама пайдост, к-имрӯз
Зи кулли қуллаҳои сарбаафлок
Сари мо сад ҳазорон бор болост.

Бале, дар сарзамини мо
Баландиҳои бисёр аст, аммо
Баландие баланд аз рӯҳи мо нест!..

10.11.1973

## СИТОРАИ САҲАРӢ

Дилгазон аз муҳити заҳролуд –
Чордевори хонаи лоӣ,
Даргурез аз қаламкаши тақдир,
Аз фишори русуми бобоӣ;

Ташнаи бахту ишқу озодӣ,
Толиби рӯзгори нуронӣ,
Ошиқи зиндагии табъи дил,
Ошиқи нашъаҳои рӯҳонӣ

Духтаре субҳдам барошуфта
Тунду хашмӣ ба Чорсӯ биштофт.
Омаду чор сӯ назар афканд,
Чодар аз рӯи хештан партофт.

Гӯӣ аз осмон фуруд омад
Ба сари раҳ ситораи саҳарӣ.
Чорсӯ шуд зи шуълааш равшан –
Шуълаи ҳусн, шуълаи азалӣ.

Чодарашро фиканду оташ зад,
Шафақи субҳ буд оташи ӯ.
Шафақи субҳу гулхани чодар
Тофт дар рӯйҳои маҳваши ӯ...

Баъд аз ин номи ӯ шуд овоза
Ба тиҳимағзию ба расвоӣ.
Ном бардошт байни мардуми шаҳр
Ба сабукроиву сабукпоӣ.

Субҳи дигар ба Чорсӯ месӯхт
Пайкари ӯ ба ҷои чодари ӯ.
З-оташи ҷаҳли беамони падар,
З-оташи нангу ори додари ӯ.

Пайкари ӯ ба Чорсӯ месӯхт
З-оташи бехудию бехабарӣ.
Гӯӣ месӯхт дар миёнаи раҳ
Уфтода ситораи саҳарӣ...

15.11.1973

## АЙНӢ

Зи лавҳи гӯрҳо, аз мармари сарди мазористон,
Зи хоки мурдагони зиндатар аз зиндадаргӯрон,
Зи нақши ҳар катиба, нақши нохун
дар тани зиндон,
Зи соҳилҳои бедарё, зи дарёҳои беҷарён
Ту моро кофтӣ, устод,
Ту моро ёфтӣ, устод!

Зи аъмоқи фаромушхонаҳои тираи таърих,
Зи хоке, ки шуда омоҷгоҳи тири бадхоҳон,
Чу абёти парешоне, ки монд аз Рӯдакӣ мерос,
Ту моро ҷамъ овардӣ зи ҳар маҷмӯаву девон,
Ту моро зинда гардондӣ,
Ба мо моро шиносондӣ.

Зи исёнҳову шӯришҳо, зи кулли буду нобудаш,
Зи фарёди таболудаш, зи Фирдавсию Маҳмудаш,
Зи хунҳое ки баҳри хунбаҳои ҳамгинонаш рехт,
Зи андӯҳи тараболуду шодии ғамолудаш
Ту ҷустӣ сарнавишти халқ,
Оғози сиришти халқ.

Чу айвони валангоре, ки на бому на девораш,
Чу девори ҳисоре, ки на синҷеву на болораш,
Ту таърихи хароби халқро тармимҳо кардӣ,
Шиносондӣ ба бунёдаш, ба фарҳангаш,
ба осораш,

Ки мо ҳам одамем охир,
Ва аз ин оламем охир!

Чу гумҷӯе, ки меҷӯяд паи гумгаштагонашро,
Чу танҳое, ки меҷӯяд зи дунё дӯстонашро,
Нишони мардумон ҷустӣ ту
аз шаш соҳати таърих,
Барои ҳоҷати имрӯз ганҷи бостонашро,
Ки бе дирӯз ҳоло нест,
Ки бе имрӯз фардо нест...

Зи юмни Инқилобе, к-устодат буд (худ гуфтӣ)
Бурун овардӣ як-як мурдаҳоро ту зи гӯристон,
Ва андар тоҷгоҳи ҳар кадоме тоҷ бинҳодӣ,
Ҳидоят кардӣ ононро барои хидмати даврон,
Ба онҳо ҷон ато кардӣ.
Сари минбар баровардӣ.

Зи маснадҳову манзарҳо,
Зи чанги роҳи кишварҳо,
Зи авроқи баёзу ҳарфи нохонои дафтарҳо,
Зи сарҳое, ки рӯи дорҳо ҳам буда сарафроз,
Зи ҳар доре, ки бишкаста
зи бори фитрати сарҳо,
Ту ҷустӣ номи тоҷикон,
Муроду коми тоҷикон.

Туро чун ҳимматеву фитрати олампаноҳе буд,
Ба чашмандози ту пайдо ҷаҳони
мурғу моҳӣ буд,
Ҳама печухами таърихро бо сар гузаштӣ ту,
Ки аз мардонагии халқ осораш гувоҳе буд,
Шудӣ худ ҳайкале дигар,
Ба мардум машъале дигар.

Чу аз зиндон раҳо гаштӣ,
Хаёлам, нуру фазлу шеър аз зиндон раҳо гардид.
Ба дунё омадӣ чилсола шогирде, к-аз устодиш
Забони мо ба даъватҳои даврон ҳамсадо гардид.
Садояшро ҷаҳон бишнид,
Ҷаҳони бекарон бишнид.

Ту худ як инқилобе дар шуури мардумон будӣ,
Ту худ як изтиробе дар ниҳоди ину он будӣ,
Ба рағми он ҳама кӯрони таърихи наҷиби мо
Ту чун мушти гиреҳбаста,
чу тири дар камон будӣ.
Ту аз мо сохтӣ моро,
Зи мо бишнохтӣ моро.

Бас аз хокистари хомӯш оташҳо фурӯзондӣ,
Шарарҳое басо аз сангҳои сард рӯёндӣ,
Сари гӯри ниёгон машъала афрӯхтӣ аз меҳр,
Аз ин рӯ ҳамчу машъал дар сари
дасти замон мондӣ!

... Чунин андар ҷаҳони гирдгардон,
Чунин андар ҷаҳони рӯҳи озодон
Бузургонро бузургон зинда медоранд,
Бузургонро бузургони дигар поянда медоранд...

16.11.1973

## ГАНҶИ САРМАД

Беҳисоб аст ганҷи кӯҳсорон
Хоки тоҷик мисли ганҷур аст.
Халқи тоҷик пеши халқи ҷаҳон
Бо ҳама ганҷҳош манзур аст.

Ҳар яки мо хазинаи фитрат,
Ҳар яки мо чу кони тиллоем.
Ганҷи зери замин агар санг аст,
Ганҷи рӯи замин худи моем!

17.11.1973

## БАХТИ САФЕД

Ҳар баҳорон бар замин бобои деҳқон
Чун бипошад ба ҳавас пундонаро,
Гӯӣ тухми орзуи халқро пошад ба хок...

Ҳар баҳорон майсаҳо
Аз замин чун сар кашанд,
Гӯиё аз хок сар берун кунанд
Сабзаҳои орзуи халқи мо.

Майсаҳо арзи умеди мардуманд,
Маншаи ганҷи мазиди мардуманд.

Кӯраке чун бишкуфад дар пахтазор,
Ғунчаҳои орзуи халқ гӯё бишкуфанд.
Пахтазорони шукуфта – осмони пурситора,
Ҷӯяҳо чун Каҳкашон,
Ғӯзаҳо чун ахтарон –
Тобише аз зиндагонии саиди мардуманд.

Духтари меҳнатқарини пахтачин
Бо сари хам, бо арақҳои ҷабин

Ғӯзаро бинад мисоли ахтари иқболи худ,
Гӯиё чинад ситора аз замин...

К-он ситора з-осмон н-афтодааст,
Ин ситора дар замин рӯидааст.

Чун ғарамҳои сафед
Сар кашад то осмонҳо –
Худ бигӯяд достони халқро
Беҳтар аз сад достонҳо!

Чун ғарамҳои сафед
Қад кашад то Каҳкашонҳо –
Гӯяд аз бахти баланди тоҷикон
Бо ҳама лаҳну забонҳо.

Чун ғарамҳои сафед
Ҳамшафат гарданд бо куҳсори мо –
Ҳамрадиф гардад ба онҳо
Номи мо, пайғоми мо,
Шӯҳрати мо, кори мо!

Ҳар кӣ гӯяд: ин ғарамҳои баланд
Аз саодатҳо навиди халқи мост!
Ҳар кӣ гӯяд: ии ғарамҳои сафед
Бахти мо, бахти сафеди халқи мост!

18.11.1973

## СИТОРАҲОИ СӮХТА

Бисёр ситораҳои мо сӯхт
Аз пастии мо дар осмонҳо.
Бисёр азизи мо фурӯ мурд
Норафта бурун зи остонҳо.
Бисёр бузурги мо ба хорӣ
Бигзашт зи ҷабри ҷонситонҳо,
Аммо дили халқ дар амон монд,
Бар рағми ҳама аҷал ҷавон монд.

Бисёр фалаҷ шуд ақлу фитрат,
Бисёр бимурд орзуҳо.
Бисёр фурӯ нишаст ҷуръат,
Фаввораи азму ҷустуҷӯҳо.
Бисёр чу оби ҷӯй бигзашт
Аз хоки замона оби рӯҳо,
Аммо дили халқ дар амон монд,
Бар рағми ҳама аҷал ҷавон монд.

Он қадр гусаст тори эҳсос,
Он қадр шикаст пушти ҳиммат.
Он қадр фитод зору бекас
Ҷонбози ватан ба хоки ғурбат,
Он қадр бихӯрд зарби ағёр,
Он қадр кашид бори меҳнат,
Аммо дили халқ дар амон монд,
Бар рағми ҳама аҷал ҷавон монд.

Аз як деҳа то деҳи дигар буд
Тартиби дигар, ҷаҳони дигар.
Як бом, валек ду ҳаво буд,
Меҳру маҳу осмони дигар.
Як халқ ба ном буду ҳар қавм
Бо лаҳҷаю бо нишони дигар,
Аммо ҳамаро як орзуе –
Уммед ба қисмати накӯе.

То миллати мо бисохт миллат
Аз дашти ҳазор ҷанг бигзашт.
Дар оташи ҷанги мову ман сӯхт,
Аз санҷиши ному нанг бигзашт.
Дар оташи дил гудохт худро,
Аз тиргаҳи туфанг бигзашт,
То соҳиби рӯзгори худ шуд,
Ин гуна зимомдори худ шуд.

Он сӯхта ахтарони таърих
Аз байни кашокаши замонҳо
Чун нури ситораҳои мурда
Равшан бикунанд вақти моро,
Зеро ки гузаштагон ҳамеша
Бошанд чароғдори фардо...
З-ин рӯ дили халқ ҳамчу дарёст,
Вопас наравад, ки қасд фардост.

18.11.1973

## ҲАМОСАИ БАРОДАРӢ

Мо – шуълаи як оташ, шогирди як дабистон,
Гулҳои ранг-ранги як гулшани шукуфон,
Сарчашмаҳои як рӯд аз авҷи кӯҳсорон,
Ангуштҳои як даст, як дасти пуртавонем,
Ҳамбахту ҳамнасиба – ёру бародаронем!

Мо – узвҳои як тан, мо – чашмҳои як сар,
Мо – ганҷи як хазина, мо – шуълаи як ахтар,
Мо – аскарони як саф, мо – рукнҳои лашкар,
Аз модари замона фарзанди тавъамонем,
Ҳамширу ҳамризоӣ – ёру бародаронем!

Мо – торҳои як соз, пайвандҳои як ҷон,
Мо – шохҳои як бун, нуқлу навои як хон,
Мо созу барги як раҳ – як шоҳроҳи даврон –
Хурду бузург тобон ҳаҷми як осмонем,
Ҳамгавҳару ҳамахтар – ёру бародаронем!

Як кӯраи табу тоб ин сон гудохт моро,
Будем мо филизе, шамшер сохт моро.
На қавм! На қабила! Миллат шинохт моро!
Абёти шоҳвори як шеъру достонем,
Ҳаммаслаку ҳамойин – ёру бародаронем!

Бовар надорӣ гар ту ёрию ҳамсариро,
Даврони дӯстиву даври баробариро,
Бингар ба хоки кишвар гӯри бародариро –
З-он пас бидонӣ мо чун ҳамному ҳамнишонем,
Ҳамдостону ҳамдил – ёру бародаронем!

Тиру камон чу бинӣ – мо рангҳои ӯем,
Як боғбону як хок, мо гуна-гуна рӯем,
Аз ҳар ваҷаб заминаш пайванди хеш ҷӯем –
Авроқи як китоби таърихи ҷовидонем,
Ҳамсолу ҳамзамона – ёру бародаронем!

19.11.1973

## ТАЪРИХ ГУВОҲ АСТ...

*Барои академик Бобоҷон Ғафуров*

Таърих гувоҳ аст, ки дар ҳеҷ замоне
Тоҷик ба хоки дигаре аз сари кина
Бо ҳамҳамаю дамдама лашкар накашидаст.
Таърих гувоҳ аст, ки дар арсаи таърих
Тоҷик зи роҳи ҳасаду ҷаҳлу таассуб
Бар фарқи саре найзаю ханҷар накашидаст.

Тоҷик ҳама умр ба ҳар бозии қисмат
Бардошт[1] биёмухта зи кӯҳи ватанаш буд.
Ҳар теша, ки бар синаи ҳар санг фурӯ рафт,
Доғи дили бекинаю захми баданаш буд,
Ҳар ҷавшани олудаи хуне, ки ба бар дошт,
Ҳам ҷавшани ҷони ватану ҳам кафанаш буд.

Таърих басо дида, ки андар раҳи паймон
Тоҷик даме пеши адӯ сар нафикандаст.
Ҷон канда басо, лек
З-ояндаи пирӯзи худ уммед накандаст.

Мурданд басо маслаку ойину худоён,
Маҳкум бимурданд басо ҳукмравоён,
Мурданд забонбаста басо уқдакушоён,
Бар рағми ҳама ҳилаю тазвиру тааддӣ
Аз оташи суғдон
Як шуъла фақат монд фурӯзон,
Як шуъла, ки дар чашму дили халқ ҳамесӯхт,
Як шуъла, ки бар халқ чи сон сӯхтан омӯхт.

Ҳар наъл, ки бархурд ба ҳар санги куҳистон,
Ҳар наъл, ки бар санг заду шуъла бирӯёнд,
Ҳар шуъла, ки аз теғи бароҳехта меҷаст
Дар партави хуршед сари дасти далерон,
Омӯхт ба мардум ҳунари шуълавариро,
Бо хасм ситезидану пирӯзгариро...

Ҳар шуълаи сӯзандаи уммеди дили халқ –
Он шуъла, ки дар ҳар маҳали тираи таърих
Гаҳ-гоҳ ҳамесӯхт;
Он шуъла, ки андар дили ҳар санг ниҳон буд,
Он шуъла, ки дар дидаи ҳар фард аён буд,
Дар чашми Хирад ҷамъ шуду тоза барафрӯхт.

Гӯё ки ҳама шуълаи сӯзони парешон
Аз қаъри замонҳо
Дар чашми Хирад ҷамъ шуду гашт фурӯзон.
Дар чашми Хирад оташи исёни ҳама халқ,
Ошӯби дили шуълавару хашми хурӯшон
Ҷамъ омаду гардид чунон машъали тобон,
К-аз партави он чор суи тираи таърих
Равшан шуду чашми дигаре ёфт ҳама халқ,
Бар хеш назар кардаву бишнохт худашро,
Феҳристи ҳама бешу каму неку бадашро.
Бингашт ба ойинаи қасду талаби худ,
Бар чеҳраи худ, зоти худ, аслу насаби худ...
Бо чашми Хирад бингарӣ аз қуллаи имрӯз
Ҳар гоҳ ба печухами таърихи ниёгон
Бинӣ ба чӣ эъҷоз
Тоҷик ба мулки дигарон роҳ кушодаст,
Чи дур, чи наздик
Сад раҳ ба дили мардуми огоҳ кушодаст.

Алҳақ ҳама медонаду таърих гувоҳ аст
Тоҷик ҳама умр
Дар Мағрибу Машриқ
Кардаст мусаххар чи бас иқлиму мамолик...
Аммо на ба шамшеру камону сафи лашкар!
Бо санъату бо фитрату бо ақли мунаввар,
Бо ҳиммату бо ҳикмату бо шеъру тарона,
Бо рӯҳи ҷавононаю пирӯзгарона...

24.11.1973

1. Бардошт – сабр, таҳаммул.

## КӮҲҲО

Лашкари сафкашидаи сангин,
Урдуи бар набард омода,
Даст бар даст ҳамчу занҷире,
Сарбаланду шуҷоъу озода;

Корвонҳои сангбаста ба роҳ,
Бори сангини қисмати тоҷик,
Ё нишони таҳаммулу тоқат,
Ё баландии ҳиммати тоҷик –

Кӯҳҳо, кӯҳҳои кишвари ман –
Ҳайкали орзуи аҷдоданд,
Ҳам замингир, ҳам фалаксоянд,
Пойбаста, вале сарозоданд...

Китф бар китф, дӯш бар дӯшанд
Кӯҳҳо дар паноҳи якдигар.
Пойдоранд паҳлу дар паҳлу –
Ҷовидон такягоҳи якдигар.

Саф кашида ҳама бародарвор
Безабонанду ҳамзабон шудаанд.
То яке сарбаландтар бошад,
Дигарон муттакои он шудаанд...

Пушт дар пушт, паҳлу дар паҳлу
Такягоҳе барои ҳамдигар.
Натавонанд баски поистан
Бе мадад, бе бақои ҳамдигар...

25.11.1973

## ОЛИ СОМОН

Маснаде дар ҳалқаи саҳронишинон,
Бӯстоне дар миёни шӯразорон,
Гулхане дар лобалои кӯрдуд,
Паҳлавоне дар миёни нотавонон –
Оли Сомон!

Махзани тилло ба дасти боддастон,
Шоире дар инҳисори худпарастон,
Уфтода ахтаре ногаҳ зи гардун
Дар муҳити золимону зулматистон –
Оли Сомон!

Гӯиё
Як нафас тоҷикро Таърих дод ойинае
То дар ӯ бинад нишони хештанро,
То дар ӯ ёбад ҷаҳони хештанро,
Лек шодикаф шуду ойина аз дасташ фитод,
Хештанро ҳам надиду дигаронро ҳам надид...

Гӯиё
Як нафас тоҷикро Таърих ҷӯе об дод,
То кунад обӣ макони хештанро,
Даштҳои бекарони хештанро,
Лек шодикаф шуду он об аз ҷӯяш гузашт,
То бидид, оби варо аъдо ба ҷӯи худ кашид...

Гӯиё тоҷик андар дашти бопаҳнои Таърих
Ёфт аспи шахлаҷоме,
Хост ҷӯяд манзили номусу номе.
Асп нофармону саркаш...
Ӯ савориро намедонист...
Ногаҳ аз сари асп уфтод...
Бесавора, зин кашола,
Асп дар саҳрои пурфарёди Таърих
он қадар сарсон давид,
Шиҳа зад, афғон кашид,
То ба дасти душманон афтоду ҷон аз даст дод...

Оли Сомон!
Давлати навкисаву навхонагон,
Давлати навдавлату навхоҷагон,
Кӯдаки якрӯзаи Таърихи тоҷик,
Зодрӯзат ёд бодо,
Ғӯрамарго,
ғӯрамарго!..

26.11.1973

## БАЪД АЗ ҲАЗОР СОЛ...

*Ҷавоб ба ҳасудони Рӯдакӣ, хосса ба шоири ҳасуд Абӯзироа, ки дар мазаммати устод фармудааст:*
*Агар ба давлат бо Рӯдакӣ на ҳамсонам,*
*Аҷаб макун, сухан аз Рӯдакӣ на кам донам.*
*Агар ба кӯрии чашм ӯ биёфт гетиро,*
*Зи баҳри гетӣ ман кӯр буд натвонам.*
*Ҳазоряк з-он, к- ӯ ёфт аз атои мулук,*
*Ба ман диҳӣ, сухан ояд ҳазор чандонам.*

Шумо, эй худбаҳоёни муғамбир,
Шумо, савдогарони шеъру оҳанг,
Шумо, эй нотавонбинони каҷдил,
Шумо, ҳаннотҳои илму фарҳанг.

Шумо вомондагони роҳи эҷод,
Ҳама гандумнамои ҷавфурӯшед.
Чунон дар ҳарфбофӣ гашта устод,
Ки ҳарфи куҳнаро чун нав фурӯшед.

Зи минбар аз сари ҷаҳли мураккаб
Миси худро ҳама зар мешуморед.
Ҳама хокистари хомӯши худро
Миёни дош чун оташ гузоред.

Ҳама он туҳмату буҳтону кина,
Ҳама он айбҷӯитон зи кӯрист.
Далерии шумо аз тарси ҷон аст,
Ҷасурии шумо бад аз ҳасурист.

Шумо дар хонаи худ марди майдон,
Шумо дар маҷлиси май ҳақпарастед.
Вале гоҳе, ки бар минбар бароед,
Ҳақиру оҷизу тарсую пастед!

Агар шоир бувад чашми замона,
Шумо кӯред, кӯри беасоед!
Агар шоир бувад фарзанди айём,
Шумо ё нохалаф, ё носазоед!

Агар шоир бувад ойинаи давр,
Шумо ойинаи садпора ҳастед!
Агар шоир бувад сарбози миллат,
Шумо бекораю бечора ҳастед!

Шумо аз ними ҷону ними нони хеш метарсед,
Шумо аз зиндагию аз ҳақиқат беш метарсед.
Шумо на қобили разме, шумо на лоиқи базмед.
Шумо савдоии шеъред? Қаҳ! Қа-а-аҳ!
Шумо савдогари назмед!!!

1.12.1973

## ДАР БАЧЧАГӢ

Дар замони бехудию бесарӣ
Чун камонвар аз фалахмон
Сангҳо афкандаам бар шишаҳои хонаҳо,
Эй басо бо шавқу шодон.

Бо фиғону моҷаро
Пирзанҳо аз қафоям медавиданд.
Ман тиҳипо медавидам,
Пирзанҳо кай ба гардам мерасиданд?...

Даргузашт он фасли зебо,
Ҳамчу шабнам аз рухи гулҳо парид.
Пирзанҳо рахт барбастанд аз дунё,
Зиндагӣ моро ба некӣ парварид.

Ин замон бо изтироб
Ҳар шабе тарсида мехезам зи хоб,
Гӯиё он сангҳо,
К-афкандаам бар шишаҳои хонаҳо,
Мезанад бар шишаҳои хонаи ман,
Мезанад бар шишаҳои айнаку бар шонаи ман...

2.12.1973

## ДУХТАРИ ТОҶИК

Кокулони маҳини тарбофаш
Ба сари китфҳош мерезад.
Файзи ҳусну малоҳати азалӣ
Гӯӣ аз сар ба пош мерезад.

Тоқии симдӯзияш монад
Осмони ситораафшонро.
Ханд-хандон зи кӯчаҳо гузарад,
Бинӣ бо чашм бахти хандонро.

Ман варо дар шитоб мебинам
Сӯи донишгаҳу дабистонҳо.
Ман варо дар шитоб мебинам
Ҷониби пахтазору бустонҳо.

Ман варо дар шитоб мебинам,
Гар нишастаст дар тролейбус,
Бо чи ҳирсе китоб мехонад,
То расад бар муроди дил имрӯз.

Хоксор асту шармнашкаста,
Рӯйҳо лолагун зи оташи дил.
Нигаҳаш лек огаҳӣ бидиҳад
Аз табутоби дил, зи сӯзиши дил...

Менамояд агарчи ботамкин,
Шармгину фақиру бепардоз,
Ман варо дар шитоб мебинам,
Гӯӣ ҳозир ҳамекунад парвоз,

Гӯӣ ҳозир ҳамекунад парвоз
Ҷониби мулкҳои нодида,
Ҷониби қутбҳои ишқу умед,
Ҷониби розҳои нашнида.

Гӯй ҳозир ҳамекунад парвоз
Бол бикшода дар инони фазо,
Аз замину замон ҳамеҷӯяд
Қадри худро, мақоми қоимро.

Гӯй ҳозир ҳамекунад парвоз
То расад бар муроду мақсудаш.
Бахти худ ёбаду бияфшорад
Ба сари синаи таболудаш...

Нашитобад агар, гурезад бахт...
Чун паи бахти хеш наштобад?
Мепарад,
Мешитобад ӯ шабу рӯз,
Бахт мекобад,
Бахт меёбад...

5.12.1973

## ЗАМИНИ ТОҶИКОН

Куҳсор бувад кишвари тоҷик саросар,
Кӯҳ аз паси кӯҳ аст ва ё санг паи санг.
Дар ҳар қабаташ ганҷи аён асту ниҳон аст,
Ганҷест ба сад ному ба сад ҷилваю сад ранг.

Аз қисмати куҳсор, зи ҳар кӯҳи пур аз ганҷ
Бо ранҷ басо ганҷ, ки бардошта бошем.
Дар қисмати боқиш магар донӣ чи ганҷест?
Дар қисмати боқиш сухан кошта бошем...

12.12.1973

## ХОКИ ПАДАРОН

Хоки падарон аст замине, ки дар ӯ
Мо тухми умеду орзу коштаем.
Хуни падарон аст, ки ҳамранги шафақ
Мо парчами фирӯзӣ барафроштаем.

Гӯри падарон, ки хоки мурдаст, дареғ,
Тобад ба назар чун варами рӯи замин.
Гӯй ба ҳамин гӯр фаро омадааст
Кулли ғаму дарду аламди рӯи замин.

Зинҳор магӯй, ки ба беҳуда гузашт
Даврони шаҳомату замони падарон.
Ҳар ғунча, ки бишкуфад ба сад ранг имрӯз
Аз хок бируста чун нишони падарон...

14.12.1973

## ТОБИСТОНИ ВАРЗОБ

Дар буни ҳар бутта ҷуфти ошиқе,
Дар сари ҳар санг сар дар зануе.
Дилбаре саргарми лофу ваъдаҳо,
Ошиқе сармасти атри гесуе.

Обшорон – кокули чилбофи ёр,
Дасти куҳсор асту банди кокуле.
Чашмаҳо чун рағбати навошиқон
Мекунад дар синаи куҳ ғулғуле.

Мебарад амвоҷи бероми рӯд
Ваъдаҳои хому осонро басе.
Ваъдаҳои хушку қавли бесубот
Меравад бар об монанди хасе.

Зери ҳар санге, ки бардорӣ, бубин
Сад ҳазорон илтимосу илтиҷост,
Сад ҳазорон лобаву нозу ниёз,
Сад ҳазорон нолаҳои бесадост.

Дар тани ҳар санг номи ошиқон
Чун ситора дар назар тобон бувад.
Номашон дар сангҳо гул бастааст,
Розашон лек аз назар пинҳон бувад.

Ҳар маҳал, ки буда меъоди ду дил,
Ёдгораш шишаи бишкастаест.
Сабзаву гул пойкӯби шавқу шӯр –
Шавқу шӯри ду тани дилбастаест.

Рӯд сармасти такопӯи худ аст
«Меравад пуршӯру бе такрорҳо».
Баски ин сон ошиқу ноошиқон
Дар ду соҳил дида ӯ бисёрҳо...

Меравад то даштҳо маҷнунсифат –
Даргурез аз ҳабси соҳилҳои хеш,
Гар ҳама доранд савдое ба сар,
Ҳаст ӯро ҳам сару савдои хеш...

1974

* * *

Шоире қолабист эҳсосаш,
Донад ӯ ҳадди мумкину мамнӯъ.
Шоире мисли оби корез аст –
Боадаб байни соҳили маснӯъ.

Шоире – оби рокиди барка –
Пуруфунат, палишт, гандида,
Гумнишон, безабону бемаҷро
Бо ҳаводис сукут варзида.

Шоире кӯли оби борон аст,
Соате пас замин кашад ӯро.
Дар бисоти дилаш чу оҳе нест,
Зиндагӣ беамон кушад ӯро.

Шоире ҳаст мисли фаввора –
Мепарад тунд, мефитад сарзер.
Шоире ҳаст обшороҳанг –
Мекунад нола – нолаи шабгир.

Шоире – Уқёнуси Ором,
Шоире чашмаи хурӯшон аст.
Шоире бар мисоли дӯлобе
Чоҳе андар дили биёбон аст.

Шоире рӯди масти кӯҳистон –
Мешавад гоҳ хориҷ аз соҳил.
Мезанад гоҳ сар ба харсанге,
То бисозад муроди дил ҳосил.

Гар гилолуд буд, айбе нест,
Оби ӯ з-ин замин асар дорад.
Бӯи хоки Ватан дар оби ӯст,
Аз замин бар замин сафар дорад.

Саргаҳи ӯст ин замин, ин хок,
Мекунад сарфи неку бад худро.
Сад тагорӯ шуда ба маҷрояш,
Мебарад соф то абад худро...

1974

## ҶАВОНМАРДӢ

Рӯди кӯҳистони мо аз тангно
Бо талотумҳо ба дарё мерасад.

Шуҳрату овозаи имрӯзи мо
Аз замин то арши аъло мерасад.

Бо тамоми дӯстони дӯстхоҳ
Меҳри мо бо роҳи дилҳо мерасад.

Шеваи мо, лаҳни меҳрангези мо
Баҳри ҳар миллат пазиро мерасад.

Пунбаи моро агар бофӣ матоъ,
Баҳри халқи рӯи дунё мерасад.

Шеъри моро гар бихонад солиён
Халқи олам, бемуҳобо, мерасад.

Нони тоҷикӣ чу қурси офтоб
Баҳри ин дунёи паҳно мерасад.

Дилфарохему дилу оғӯши мо
Баҳри оғӯши ҷаҳонҳо мерасад.

Хони мо ороста аз нақди ҷон,
Ҳар ҷавонмардист, аз мо мерасад!

1974

## ПУНБА

Раҳбарон дар анҷуманҳои бузург
Мешаванд аз баҳри ту сурху сафед.
То ту аз хоки сияҳ сар мекашӣ,
Медиҳӣ аз заҳмати деҳқон навид.

Бишкуфӣ, мисли чаманҳо бишкуфанд
Ғунчаҳои орзуи деҳқон.
Ҳар қадар боло шавӣ, боло шавад
Эътибору обрӯи деҳқон.

Шӯша бандад пираҳанҳо дар бадан
То зи ту пироҳани нав офаранд.
Эй басо бар хок сар хам мекунанд
То туро аз хок берун оваранд.

Чун қад афрозӣ, сарафрозӣ кунанд
Сарварон аз минбари толорҳо.
Он қадар гардад забонҳошон дароз
Васфи ту гӯянд бо такрорҳо.

Гарчи мерӯӣ ту аз хоки сияҳ
Бош рамзи дилсафедиҳои мо.
Дар ҷило ҳамчун ситора дар замин,
Дар сафедӣ чун раҳи фардои мо.

Пок чун номуси деҳқони асил,
Чун дили кӯдак ту беолоишӣ.
То ту осой, надорад рӯзу шаб
Марди деҳқон роҳате, осоише.

Бишкуфад пайколҳо чун Каҳкашон,
Ин замин гардад дучандон нозанин.
Пунбачиндухтар саҳар то шомгаҳ
Пунба не, чинад ситора аз Замин...

1974

* * *

То дил накунад дард, надонӣ, ки дилат ҳаст,
То сар накунад дард, надонӣ, ки сарат ҳаст.
То ёр туро тарк нагӯяд, натавон гуфт
Аз ӯ ба дилу ҷон чӣ нишону асарат ҳаст.

То ҷӯи пуробат ба дари хона нахушкад,
Зинҳор надонӣ, ки беҳ аз баҳри дамон буд.
То гум накунӣ ёри қарин аз ғалати дил,
Зинҳор нагӯӣ, ки чунин буду чунон буд.

То аҳди ҷавонисту айёми муҳаббат,
Бигзаштани ин аҳд нагунҷад ба хаёле.
То дар дили мо ҳавсалае пир нагардад,
Беҳуда бувад огаҳиву қолумақоле.

То сабза насӯзад ба талу пушта зи гармо,
Кас пай набарад фасли баҳоре буду бигзашт.
То моҳ насӯзад ба само, мардуми дунё
Бо таҳлука он қадр ба ӯ нангарад аз паст.

Чунон ки фаромӯш шавад шеъру тарона,
Гуфтан натавонем каяш бо кӣ сурудем.
Ин гуна аҷаб не гузарад умру надонем,
Гуфтан натавонем, ки мо зиста будем...

1974

## ШУКРОНАЕ БАРОИ ДУШАНБЕ

Шукри ин шаҳр мекунам умре,
Ки дар оғӯши худ паноҳам дод.
Сарпаноҳи умедҳоям шуд,
Ҳар чӣ мехостам, фароҳам дод.

Шукри ҳар кӯчаи чанористон,
Шукри обу ҳавои рӯҳангез,
Шукри ҷому маи тарабхона,
Шукри ин рӯзҳои бепарҳез.

Шукри Варзобу хониши рӯдаш,
Шукри бар коми дил расиданҳо.
Шукри ёре, ки армуғон овард
Сӯхтан, сохтан, тапиданҳо.

Шукри ҳар як қадам раҳи ин шаҳр,
Ки дар ӯ нақши пои ёре ҳаст.
Шукри ҳар як дарахт, ки аз ӯ
Ёде аз қомати нигоре ҳаст.

Шукри ёрони ҳамдилу ҳамҷом,
Шукри ёрони дуру наздикам.
Шукри он дӯстон, ки нодида
Мешиносанд ҳамчу тоҷикам.

Шукри даврони ҳозиру нозир,
Ки маро бо худам шиносонид.
Ки дар ин шаҳр пойгоҳам дод,
Ки ба неку бадам шиносонид.

Ман дар ин шаҳр то бувам зинда,
Шукри ёрони дилшинос кунам.
Гар бисоти дилам камӣ дорад,
Аз дили халқ иқтибос кунам.

Ҳар кӣ бошам, шукӯҳи ин шаҳр аст
Буди ман, суди ман, вуҷуди ман.
Шукри ин шаҳр – шаҳри рушду камол,
Шаҳри гаҳвораи суруди ман...

1974

* * *

Қарздорем аз осмону замин,
Аз ҳама ҳар чӣ ҳаст дар дунё.
Аз Ватан қарздори ҷонбозӣ,
Аз замон қарздори хидматҳо.

Ҷисмамон қарзи хоки бобоён,
Ҳар нафас – қарз аз ҳавои Ватан.
Мегудозем хешро ҳар дам
Дар адои вазифаҳои Ватан.

Ҳарчӣ дорем, орият бошад,
Ҳар чӣ дорем, қарз аз дунёст.
Чашмамон – қарзи пораи хуршед,
Набзамон қарзи мавҷи дарёҳост.

Хунамон – қарзи шираҳои Замин,
Рӯҳамон қарзи рӯҳи яздон аст.
Номамон қарзи шири модарҳо,
Комамон қарзи коми мардон аст.

Ин ҳама бори қарзҳо бар дӯш,
Гаҳ паровар, гаҳе замингирем.
Он қадар маст, он қадар мағрур,
Гӯиё ҳеҷ гаҳ намемирем...

Лек ҳар рӯз бо ҳазор оҳанг
Умри мо дар адои қарз шавад.
Ноаён зарра-зарра ҳар соат
Ҷисму ҷонҳо фидои қарз шавад.

Он ҳама қарз, ки ба рӯи мост,
Худ шаҳодат диҳад, ки инсонем,
То даме зиндаем, он ҳамаро
Бекамукост бозгардонем.

Лек бо кулли санъату эъҷоз,
Бо ҳама ору покии виҷдон
Мурдаю зинда ҷумла мемонем
Аз Ватан қарздори ҷовидон...

1974

## КИТОБҲОИ ШАҲИД

Шуморо ҳам чу осӣ зинда гӯронданд,
Шуморо чун Бруно зинда сӯзонданд.
Шуморо ҳам хафа карданд, афшурданд,
озурданд,
Шуморо ҳам ба зери дорҳо бурданд.
Шуморо ҳам чу як қонуншикан куштанд.
Шуморо ҳам чу балвогар, чу яғмогар,
Чу исёнгар, чу вайронгар
Басо бераҳм парронданд.

Шумо дар чоҳҳо,
Дар ғорҳо,
Дар гӯрҳои куҳна мадфунед.
Шумо ҳам ғарқи дарёҳо,
Шумо ҳам ғарқаи хунед.

Шумо дар хоку хун ғалтон,
Шуморо сӯхт Искандар,
Қутайба кард хокистар,
Шуморо кушт Чингизхон.

Шуморо котибон, то дасташон аз ғул
раҳо бошад,
Ба дасти хештан куштанд.
Шуморо соҳибон, то зиндагишон бебало бошад,
Ба дасти хештан куштанд.
Шуморо ҳамчу хиште
Аз тани девори қасру маъбади фарҳанг
Зи тоқи ошёни илму дониш ҷоҳилон канданд.
Ба дунёи фаромӯшӣ шуморо дур афканданд.
Валекин модари он шоирони ғайбдон зиндаст,
Валекин модари он бихрадони ҷовидон зиндаст.
Ки то дунё бувад, обастани имрӯзу ояндаст.
Валекин чашмаҳои фикрату фитрат
Зи пистони сафеди модари тоҷик нахушкидаст.
Валекин халқ бо афкори нуронӣ
Ба зери осмон
Бо гардиши чархи замон зиндаст.

Кунун донишписандоне чу гумҷӯён
Шуморо аз ҳама кунҷу канори даҳр меҷӯянд.
Кунун саррофҳо – гавҳаршиносони сухан
ҳар дам
Шуморо аз хазону аз баҳори даҳр меҷӯянд.
Дареғо!
Шумо чун соҳибони хеш
Ҳама будед яктое...
Ҳама будед танҳое...

Шумо ҳам аскаре будед, бас размоварӣ кардед.
Шумо ҳам сафдаре будед, алҳақ сафдарӣ кардед.
Шумо бо ақлҳои тира ҷангидед,
Шумо бо мағзҳои хира ҷангидед,
Шумо бо зуъми кӯрони замони хеш,
Шумо бо буғзу ноинсофии хонандагони хеш
Чи ҷанги беамон кардед,
К-охир қаҳрамон мурдед.
Кунун ман аз замону
Аз ҳақиқат як талаб дорам,
Ки аз баҳри шумо ҳам ҳайкале созанд
Ба сони ҳайкале бар ёдгори аскари гумном,
Ва тарҳи ӯ чунин бошад:
Китоби даргирифта дар сари дасте,
Зи ҳар сафҳа шароре барҷаҳад ҷовид,
Шароре барҷаҳад то хонаи хуршед...
Шумо ҳам баски машъал будаед
андар замони хеш,
Ки бо нури шумо меҷуст инсоне ҷаҳони хеш...

1974

* * *

Ту ҳам он нестӣ, ман ҳам на онам,
Дили мо гарчи ҳоло ҳам ҷавон аст,
Вале эҳсоси мо он рӯди кӯҳист,
Ки байни соҳили маснӯъ равон аст.

Кунун бо роҳу расми рӯзгорон
Шудем он сон батамкину бабардошт,
Ки ҳар кӣ бингарад бар мо, бидонад
Замоне табъи мо шӯри дигар дошт.

Зи худ рафтем гоҳо аз ҷавонӣ,
Зи худ рафтем, то бар худ расидем.
Ба олам то мақоми худ биёбем,
Дамидему тапидему паридем.

Зи худ рафтем, то худро биҷӯем,
Зи худ рафтем аз ҷӯши ҷавонӣ.
Зи худ рафтем аз ҳад бешу онан
Ба худ овард моро зиндагонӣ.

Назар бинмо гаҳе бар рӯди Варзоб,
Ки оғозаш ҳама шӯр асту туғён,
Вале ояд чу бар шаҳри Душанбе,
Шавад оромтабъу сустҷарён.

Назар бинмо гаҳе бар рӯди Варзоб,
Ки аввал худ ба майли худ равон аст,
Вале ояд чу бар шаҳри Душанбе,
Варо ду соҳил аз сангу бетон аст...

2.1.1974

## ЭҲТИЁҶ

Дар ниҳоди ҳар сағиру ҳар кабир,
Дар бисоти ҳар касе равшанзамир,
Дар дили ҳар аҳли дил, ҳар аҳли дард,
Дар талоши ҷони ҳар барнову пир –
Шоире ногоҳ мемирад, дареғ,
Раҳраве дар роҳ мемирад, дареғ.

Дар хурӯҷи шавқҳои ҳар ҷавон,
Дар сукути роздори ошиқон,
Дар ҳаёи духтарони наврасид,
Дар хаёли норасои кӯдакон –
Шоире ногоҳ пайдо мешавад,
Шеър ногуфта, зи дунё меравад.

Ҳар гаҳе, ки шӯру туғёнҳои дил
Мешавад саркӯб аз савдои дил,
Ҳар гаҳе, к-аз сактаҳои зиндагӣ
Сактаи дил монад андар ҷои дил –
Шоире дар сина мемирад, дареғ,
Бо ғами дерина мемирад, дареғ.

Ҳар гаҳе, ки марди беандешае
Мезанад бар решаи худ тешае,
Дар ҷаҳони танги эҳсосоти худ
Мезанад раҳгум чунон дар бешае –
Шоире мирад зи бедардии ӯ,
Рӯсияҳ аз ноҷавонмардии ӯ.

Ҳар куҷое адл беёвар шавад,
Тифли оташ мушти хокистар шавад,
Ҳар куҷое нахли навбар решакан,
Хангбеде нахли боровар шавад –

Шоире мемирад аз бедодҳо,
Бо ҳазорон шевану фарёдҳо.

Инчунин ҳар рӯз дар рӯи ҷаҳон
Аз шикасту нобароҳиҳои он
Шоире дар ҳар касе, дар ҳар диле,
Шоире дар ҳар раҳе, ҳар манзиле
Ногаҳон мемирад аз худ бехабар,
Шоире беёдгору беасар.
Шоире мемирад, аммо
Шоире як рӯз меояд ба дунё –
Шоири соҳибқироне,
Шоири комилзабоне,
То ҳама он шеърҳову шоирии мурдаро
Зинда созад дар суруди хештан.
То ҳама он шоирони як сухан ногуфтаро
Зинда созад дар вуҷуди хештан.

Гар набудӣ эҳтиёҷи зиндагон
Ё ниёзи мурдагон,
Гар ба гирдишгоҳҳои рӯҳу авзои замон,
Ё тапишгаҳҳои эҳсосоти халқ,
Ҳоҷате бар шоири соҳибназар пайдо нашуд,
Шоире н-ояд ба дунё ҳеҷ гаҳ аз пеши худ...

11.2.1974

## РАНГҲО

Бигзарӣ чун аз Самарқанд,
Аз Самарқанде, ки буда сайқали рӯи замин,
Бингарӣ бар ҳар манору сардара,
Бингарӣ бар гунбазу бар кунгура,
Бингарӣ бар рангҳои нақшҳои дилнишин
Мегазӣ ангушти ҳайрат:
Ваҳ чӣ қудрат, ваҳ чӣ санъат!
Мешавӣ ҳайрону лол,
То чӣ гуна рангҳояш то ба ҳол
Монда ин сон бегазанд,
Монда ин сон безавол.

Ҳеҷ донӣ рангҳои он ҳама нақшу нигор
Рангҳои кимиёйӣ нест, бо ман гӯш дор:
Баски дар он нақшҳо хуни тамоми халқҳо
омехтаст,
Аз сари ангушти ҳар фарзанди Шарқ
Рангҳо дар нақшҳои ҷовидонӣ рехтаст;
Баски дар он рангҳо
Иттиҳоди хуну ашки халқҳост,

Иттиҳоди хуну ашки халқҳои Осиёст,
Монда то имрӯз ҳар як нақш озод аз халал,
Монда то имрӯз ҳамчун ёдгори бебадал...

Ин ки мебинӣ манора
З-имтизоҷи хуни чандин тоифа
Рангҳои нақшҳояш гунагун аст,
Ё румузи гарданафрозист,
Ё фаввораи ашк асту хун аст...

23.2.1974

## ГУЗАШТА

Хира-хира ёдам ояд ҳар замон
З-он ҳама нақде, ки настонидаам.
З-он ҳама азме, ки аз ноқобилӣ
Андаруни хеш биншонидаам.

Ёдам ояд з-он ҳама шӯру ҷунун,
Ки фалаҷ шуд аз таҳаммулҳои ман.
То бигирам худ нафас, кардам хафа
Аз гулӯшон дошта, эй вои ман!

Ин замон чун гоҳ-гаҳ ёд оварам,
Дар куҷое ишқ саргардон шуда.
Дар куҷое орзуе бепаноҳ,
Хонаи дил аз хато вайрон шуда.

Дар куҷое ризқи ман ночида монд,
Чун бимонад донае аз хирмане.
Дар куҷое домане аз даст рафт,
Дар куҷое дасти ман дар домане.

Дар куҷое монда лахти дил зи ман,
Дар куҷое нақши поям мондааст.
Дар куҷое як замони зиндагӣ
Бо ҳама ҷурму хатоям мондааст.

Дар куҷое номаҳои беҷавоб,
Дар куҷое бахти ман дар хоб монд,
Дар куҷое қасди ман аз зиндагӣ
Ҳамчу санги сарди қаъри об монд.

Ҳеҷ озодӣ надидам як нафас
Аз худу аз кардаҳои хештан.
Байни кӯҳҳо ҳар қадар кардам садо,
Нашнавидам ҷуз садои хештан...

17.4.1974

## БА ЁДБУДИ ГАГАРИН

Паридӣ то ба гардунҳо
Даридӣ пардаҳои рози кайҳонро.
Чунон бебок байни нуриён гаштӣ,
Ки худ як ахтаре андар миёни ахтарон гаштӣ.

Расидӣ то фалакҳо,
Гӯӣ як ҷузви фалак гаштӣ.
Шудӣ сарқофила бар корвони осмонпаймо,
Ки гӯӣ то абад андар фазо парвоз месозӣ,
Ки гӯӣ ҳар нафас парвози нав оғоз месозӣ.

Ту бигзаштӣ замину осмонҳоро,
Ту бигзаштӣ замонҳоро, ҷаҳонҳоро.
Гузаштӣ аз фазои бекарон аввал,
Гузаштӣ, осафо, аз хештан охир...

Қадам мондӣ басо кам дар замин,
Аммо
Самовӣ гаштию андар само мондӣ.
Чи умри кӯтаҳе дидӣ,
Ки парвози дарозе дошт,
То кайҳонкушо мондӣ.
Ту фарзанди замин будӣ,
Ки фарзанди нахусти осмон гаштӣ.
Ту будӣ тифли як модар,
Ки фарзанди тамоми модарон гаштӣ.
Ту тифли орзу будӣ,
Ки акнун орзуи сад ҷаҳон гаштӣ.

Барои мо, ки ҳамдаврону ҳамсоли ту ҳастем,
Барои мо, ки ҳамболи ту ҳастем,
Ҳамин як орзу кофист:
Ба ёди шуълаи ҷавволаи лабханди ту,
На танҳо то инони осмони пурмуаммо,
Балки бо он боли меросии рӯҳи ту
Парем, эй кошки то ту,
Парем, эй кошки то ахтари тобандаи ту...

22.4.1974

## ҲАМСОЛОНИ ПАРОВАРИ МАН

Кӯлвору ҷомадон,
Хаймаҳо дар даштҳо, дар кӯҳҳо,
Раҳ ба раҳ васлу ҷудоӣ,
Раҳ ба раҳ мушкилкушоӣ.
Раҳ ба раҳ шеъру тарона,

Раҳ ба раҳ садҳо нишона –
Сад нишонҳо аз ҷавонӣ,
Достонҳо аз ҷавонӣ.

Ман шуморо мешиносам,
Дар замине ки қадам бигзоштед,
Дона не, гӯё ҷавонӣ коштед.
Танбараҳна дар тамуз,
Рӯйҳо афтобхурда,
Дастҳо пуробила,
Рехт ҳар ҷое арақҳои ҷабин,
Боғҳо сабзид дар рӯи замин.

Зиндагонӣ имтиҳонгоҳи шумост.
Ҳар ваҷаб хоки Ватан,
Ҳар қадам роҳи Замин,
Ҳар нафас дар гардиши вақт,
Ҳар гуле дар бӯстонҳо,
Ҳар сухан дар достонҳо
Аз ҷавонитон гувост.

З-орзуҳои ҷавонӣ
Шуд ҷавонтар зиндагонию Замин,
З-орзуҳои ҷавонӣ
Шуд ҷавон ҳам осмону ҳам замин,
З-орзуҳои ҷавонии Гагарин будааст
Азми парвози нахустин...

Эй паровар дӯстон – ҳамсолу ҳамболони ман,
Бинам андар дарсхона вақти тадрис,
Бинам андар кӯҳҳо дар ҷустуҷӯи маъдане,
Бинам андар дастгоҳе вақти кор,
Бинам андармони сад фикру хаёл,
Бинам андар раҳ пиёда ё савори мошине,
Ҳар куҷо бинам шуморо,
Гӯиё ки мепареду мепаред...

Мепаред аз ҳол то фардои хеш,
То биёбед аз ҷаҳон дунёи хеш.
Мепаред аз хеш то қутби камол,
Мепаред аз хеш то қутби мурод,
Боли шавқу орзутон дар ҳаёт
Ҳеҷ аз парвоз осуда мабод!

Боли парвози Гагарин бо шумост,
Боли эъҷози Гагарин бо шумост.

25.4.1974

* * *

Ман аз як санг бинам кӯҳсорон,
Ман аз як гул бубинам бӯстонҳо.
Зи байти нобадеъ, аммо бамаънӣ
Бубинам ибтидои достонҳо.

Ман аз як чашма бинам баҳрҳоро,
Ман аз як дона бинам хирманеро.
Ман аз як чӯбаи гӯгирд бинам
Фурӯзон сад ҳазорон гулханеро.

Ман аз як ханда хонам ҳолати кас,
Бисоти дил, бисоти рӯзгораш.
Ман аз сабки қадаммониш донам
Зи кишту ҳосилаш, аз ёдгораш.

Бубинам аз тамоми ҷузви атроф
Сафои зиндагии хештанро.
Ман аз ҳар сабзаи шодоб ёбам
Шукӯҳи сарзаминҳои Ватанро.

Маро андар Ватан то ҳастаму ҳаст
Зи сад хирвор мисқоле басандаст.
Сари пур аз хаёлу орзуҳо,
Дили аз ранҷу ғам холӣ басандаст.

8.6.1974

* * *

Оқибат мерасам ба он манзил,
Ки раҳаш печутобҳо дорад.
Бо ҳама ростиву ҳамворӣ
Бас фиреби саробҳо дорад.

Оқибат мерасам ба он мақсад,
Ки аз ӯ дар дили ман оташҳост.
Чӣ такопӯ, чи рангбозиҳо,
Чи задухурд, чи кашокашҳост.

Оқибат мерасам ба он кӯе,
Ки ту гӯӣ ҳаволагоҳи ман аст.
Ҳар чие нест, ҳаст дар дили ман,
Рӯҳи ман, роҳи ман, рафоҳи ман аст.

Оқибат мерасам ба он ёре,
Ки аз ӯ як нигоҳи гарм бас аст.
Домани ӯст баски домани уфқ,
Дастнорас, валек чашмрас аст.

Оқибат мерасам ба он қулла –
Қуллаи бахт, қуллаи уммед.
Дар ҷаҳон то даме, ки ҳастам ман,
Ҳастии хешро кунам таъкид...
15.6.1974

* * *

Баччагиям бекасу танҳо гузашт,
Бо дарав, бо хӯшачиниҳо гузашт,
Доманаш аз хӯша пур аз домани саҳро гузашт.

Дар сари санге ҳама рӯз интизор
Мешумурдам турнаҳоро ҳар баҳор,
Баччагиям бо қатори турнаҳо як ҷо гузашт.

Шаст меандохтам бар рӯди маст,
То биафтад моҳии тилло ба шаст,
Баччагиям бо умеди моҳии тилло гузашт.

Ханда мекардам ба сӯи шаршара,
Ханда меомад зи ҳар санги дара,
Баччагиям ханда бар лаб лаб-лаби дарё гузашт.

Номаҳо бинвишта будам беҳисоб
Лек аз он сӯ намеомад ҷавоб...
Баччагӣ чун номае бар ёри бепарво гузашт.

Баччагӣ чун шохборон рехт, рехт,
Баччагӣ чун обшорон рехт, рехт.
Ё мисоли шохнам аз дашти бопаҳно гузашт.

Баччагӣ гӯё буду гӯё набуд,
Баччагӣ аз мо буду аз мо набуд,
Бехабар мондем, то дидем, фарсаҳҳо гузашт.

Баччагӣ – гулгуни зарринёли ман,
Баччагӣ – гулгуни зарринболи ман –
Ёлу болаш ғарқи гул аз роҳи умри мо гузашт...
20.6.1974

* * *

Боз як рӯзи ғаму шодӣ гузашт
Дар талоши қисмату номусу ном.
Боз як хуршед моро тарк гуфт,
Моҳи нав пайдо шуд андар бурҷи шом.
Шаб ба хайр, эй ҳамнишинон, шаб ба хайр!

Боз як рӯзе гузашту даррабуд
Сафҳаеро аз китоби зиндагӣ.
Эй хуш он кас, ки дар ин радду бадал
Ҷӯяду ёбад ҳисоби зиндагӣ.
Шаб ба хайр, эй дӯстдорон, шаб ба хайр!

Боз торикиву бар ёдам расид
Чашмҳои хирабини модарам.
Дурам аз ӯ, то кӣ бошад дастёр
Дар нафасҳои пасини модарам.
Шаб ба хайр, эй модари ҷон, шаб ба хайр!

Фориғи парвозҳо аз баҳри ризқ
Мурғакон дар шохаҳо ҷамъ омаданд.
Ҷазбаи зотист, ки парвонаҳо
Аз паи худсӯзӣ то шамъ омаданд.
Шаб ба хайр, эй худгудозон, шаб ба хайр!

Марзбон бедор андар посгаҳ
Пой монад қад-қади симхорҳо,
То бувад рӯи замин бедоғтар,
То наёбад пушти ӯ озорҳо.
Шаб ба хайр, эй ҳамзаминон, шаб ба хайр!

Талху ширинист андар ҷоми шаб,
Ин хурад май, он хурад хуни ҷигар.
То чӣ гӯяд субҳ андар гӯши мо,
То кӣ бошад зинда то субҳи дигар.
Шаб ба хайр, эй комгорон, шаб ба хайр!

Мо ҳама фарзанди айёми худем,
Шодмонем андар оғӯши замон.
Essential Ончунон хушном бояд зистан,
То мабодо кас фаромӯши замон.
Шаб ба хайр, эй ҳамзамонон, шаб ба хайр!
20.6.1974

## ҶАВОНИИ ПАДАРОН

Бо қаҳқаҳи мастонаю бо шеъру тарона,
Бо рӯҳияи ғолибу ошӯбгарона,
Бо тантанаи ақл карон то ба карона,
Чун рӯд ба сад ғулғула бигзашт ҷавонӣ,
Чун раъд ба сад валвала бигзашт ҷавонӣ.

Раҳ сохт, раҳ омӯхт, хато кард, хато сӯхт,
Дил бурд, дил овард, дил омӯхт, дил афрӯхт,
Аз рафтаву аз омада бас таҷриба андӯхт,
Мушкил зи ҳама мушкила бигзашт ҷавонӣ,
Масъули ҳама масъала бигзашт ҷавонӣ.

Саршори таманнову тақозову тараддуд,
Маъмури ҷаҳонсозию тармиму таҷаддуд,

Пурбори ҳавасҳову нафасҳои таболуд,
Пурдил зи ҳама фосила бигзашт ҷавонӣ,
Сарқофилаи қофила бигзашт ҷавонӣ.

Дар чашм уфуқҳо ба ҳама ҷозибаю ранг,
Дар дил тапиши гарми замон бо ҳама оҳанг,
Дар чеҳра нишони ҳама ганҷинаи фарҳанг,
Дар сар гули сад машғала бигзашт ҷавонӣ,
Дар по гули сад обила бигзашт ҷавонӣ.

Чун ходими даври худу арбоби замонӣ,
Бо дарди замину замону дарди ҷаҳоне,
Бигзашт ҷавонию ба ҷо монд ҷавонӣ...
Беҳила зи сад марҳала бигзашт ҷавонӣ,
Пуршӯру қавиҳавсала бигзашт ҷавонӣ.

Қонунгари даврони пур аз шӯру шарар буд,
Дар даст калиди ҳама бобу ҳама дар буд,
Омода ба ҳар амри Ватан – марди сафар буд,
Рахшанда ба каф машъала бигзашт ҷавонӣ,
Аз роҳи замон бегила бигзашт ҷавонӣ...

3.9.1974

* * *

Чу табболе шабе борони хашмӣ
Ба боми хонаҳо чӯбакзанӣ дошт.
Дили ман андаруни синаи танг
Зи тобу таб бинои ҷонканӣ дошт.

Арӯси орзуи ман! Кучҷой,
Ки борон асту борон асту борон.
Раши борон ба чанги бод дидам
Мисоли кокулат пурмавҷу печон.

Дилам хоҳад равам аз хона берун
Давам дар зери борон то уфуқҳо,
Равам он ҷо, ки шояд вонамояд
Нишони орзуи мурдаамро.

Дилам хоҳад равам аз хона берун
Тамоми шаҳрро оғӯш гирам.
Зи пушти тӯри борон чун биёӣ,
Зи ҷӯши лаззати шодӣ бимирам.

Тамоми кӯчаи шаҳри Душанбе
Хаёле аз қадамҳои ту дорад.
Дили ман бо ҳама шӯру ҷунунаш
Таманнои саропои ту дорад.

Биё, к-аз орзуи худ ситонем
Насиби чанд рӯзи рӯзгорон.
Арӯси орзуи ман! Кучҷой,
Ки борон асту борон асту борон...

6.9.1974

* * *

*«Дар оғӯши ту мемирам»*
*Нодирпур*

Ту, эй гаҳвораю тобути ишқи ман!
Дар оғӯши ту гарчи зиндагиям нест,
Дар оғӯши ту меҳоҳам бимирам.

Дар оғӯше, ки холӣ аз ман асту пур зи армонҳо,
Дар оғӯше, ки холӣ аз ман асту пур зи ҳирмонҳо,
Дар оғӯше, ки атри шеъри тар дорад,
Дар оғӯше, ки дидори саҳар дорад.

Дар оғӯши ту меҳоҳам бимирам,
Дар оғӯше, ки дар навмедиям уммедҳое ҳаст.
Дар оғӯше, ки андар рӯзҳои тираи умрам
Бароям нав ба нав хуршедҳое ҳаст.

Дар оғӯши ту меҳоҳам бимирам,
Дар оғӯше, ки мебошад ҳаволатгоҳи рӯҳи ман.
Дар оғӯше, ки маҳрумам,
Дар оғӯше, ки мебошад ҳаловатгоҳи рӯҳи ман.

Ту, эй гаҳворою тобути шеъри ман,
Дар оғӯши ту гарчи зиндагиям нест,
Дар оғӯши ту меҳоҳам бимирам,

Дар оғӯше, ки қадрашро надонистам,
Дар оғӯше, ки меҳрашро наварзидам,
Дар оғӯше, ки боре ҳам наарзидам...

7.9.1974

* * *

Ногаҳон – он сон ки борад шохборон
Зиндагиям пур шуд аз овози ту.
Ногаҳон – он сон, ки гул резад
дар айёми гулафшон
Бар сари ман рехт сӯзу сози ту.

Ман тиҳӣ будам зи лаззатҳои дард,
Ман тиҳӣ будам зи дарди шоирона.
Ногаҳон – он сон, ки бошам рӯ ба рӯ
бо обшорон
Зиндагиям пур шуд аз шеъру тарона.

Ман ба худ печида будам.
Ман зи худ ранҷида будам.
Пеши болои баландат
Дасткӯтоҳии дилро дида будам.

Ман туро ҳарчанд куштам дар дилам,
Боз ишқат зиндатар шуд.
Он шарори нимсӯзи орзуҳо
Боз ҳам сӯзандатар шуд –

То бад-он ҷое, ки ҳар рӯзу шабам
Бе ту бигзашту барои ту гузашт,
То бад-он ҷое, ки умрам дилкашол
Шеър дар лаб беризои ту гузашт.

Лек ҷони орзуманди ҷавонам
Мамлу аз дарду ғаму эъҷози туст.
Зиндагии камхурӯшам
Ҳар нафас лабрез аз овози туст.

1975

## ДАР ВАРЗОБ

Ҳар ду нишастаем
Дар рӯи тахтасанг,
Ҷорист рӯди маст
Пуршӯру бедиранг.

Ҳар ду нишастаем
Бечурму бегуноҳ,
Дилҳои ташнаком,
Лабҳои бӯсахоҳ.

Ин дам насиби мост
Як умри носабур
Як шоха оби рӯд,
Як пора абри дур.

Як пора офтоб,
Як пора осмон,
Як гӯшаи замин
З-офоқи бекарон.

Мо хомсӯхта
Дар оташи ҳавас.
Мо дилгудохта
Дар гармии нафас.

Лутфи сухан хуш аст,
Хушгӯӣ мекунем.
Эҳсоси мурдаро
Гумҷӯӣ мекунем.

Ин оброҳа низ
Монанди роҳи ишқ
Огоҳ будааст
Аз иштибоҳи ишқ.

Монанди мову ту
Бисёр будаанд,
Бо ёр будаанд,
Бе ёр будаанд...

Ҳар ду нишастаем
Ҳам дур, ҳам қариб,
Ё ишқ, ё умед,
Ё бахт, ё насиб!..

1975

## БОРОНИ ТИРАМОҲ

Рехт борон... торҳои сим-сим
Хуш навои осмонӣ доштанд.
Зеру бамҳошон ба рӯи бомҳо
Муждаҳои меҳргонӣ доштанд.

Рехт борон... риштаҳои нуқрагун
Шуд сари дӯши дарахтон шилшила.
Мечакид аз панҷаҳои баргҳо
Ҳамчу зардоб аз кафи пуробила.

Рехт борон... Гесувони обияш
Бӯи дашту бӯи коҳу беда дошт.
Дошт бӯи сабзаҳои сӯхта,
Бӯи мағшуши гули хушкида дошт.

Рехт борон аз сари шаб то саҳар
Аз дили ман ҳузни ширин сар кашид.
Аз таровишҳои эҳсоси баланд
Хотирам болиду шӯриду дамид.

Рехт борон... гӯши ҷони ман шунид
Аз лаби гул хандаҳои вопасин.
Аз шамоли хашмиву печону тунд
Тухми гулҳо рехт дар рӯи замин...

Рехт борон... гар ғубор аз рӯи гул
Бистурад бо лутф борони баҳор,
Бо ҳазор афсӯс борон тирамоҳ
Аз рухи барги хазон шӯяд ғубор.

1975

* * *

Барфу борон рехт дарҳам ҳамчу дарди ошиқӣ,
Мурғакони бемакон дар хештан печидаанд.
Шохсорон сархаму хомӯш зери бори барф,
Гӯиё аз рӯзгори хештан ранҷидаанд.

Ман зи пушти шиша мебинам, ки аҳли рӯзгор
Аз паи кореву ёре медавад болою паст.
Гар ғубори барф биншаста ба мижгони яке,
Дар рухи дигар ғубори зиндагӣ биншастааст.

Мезанад минқор андар симҳои мавҷгир
Мурғаке то пай барад аз розҳои осмон,
Мурғаки дигар паноҳ бурдаст зери пардабом,
Аз баландӣ бингарад дар ҷунбуҷӯли одамон.

Ин бинои рӯ ба рӯ чун махзани пӯшида аст,
Сар бурун н-орад касе аз шишаи балкони ӯ.
Барф меборад башиддат то дами шом аз саҳар,
Чун зимистон аст, инак – навбати даврони ӯ.

Хонаам аз дуди танбоку чу берун тира аст,
Бар машомам лек доим мерасад бӯи баҳор.
Ман баҳоре дораму шеърам аз ӯ гул мекунад,
То ки орад ошиқонро шеъри ман бӯи баҳор...

1975

* * *

Тирамоҳ асту барг мерезад
Дар лабонаш таронаи падруд.
Нигаҳи офтоб ҳам кунд аст,
Меравад хастаҷон ба хонаи буд[1].

Ёд орам зи чашми бодомат,
Накҳати навбаҳор меояд.
Ёд орам чу хандаҳоятро,
Қаҳ-қаҳи обшор меояд.

Тирамоҳ асту рӯд хушкида
Хушклаб мондаанд соҳилҳо.
Зоғҳо мепаранд фориғбол
Доғсон дар фазои манзилҳо.

Баҳри мо лек навбаҳори дил аст,
Дар дили мо талотуми дарёст.
Парфишонии баргҳои хазон
Болафшонии парастуҳост.

Чор ҳадди Душанбе чун девор
Кӯҳҳо сарсафед гардиданд.
Нафаси барф мезанад ба димоғ,
Чашмаҳо нопадид гардиданд.

Шукри қисмат, ки мо ҷавон астем,
Чашмаи шавқи мо хурӯшон аст.
Гар баҳорам ту бошӣ, бокам нест,
К-аз паи тирамаҳ зимистон аст...

1975

* * *

Дар зарҳали уфуқ хуршед ғарқ шуд,
Дар теғаҳои кӯҳ нури амонат аст.
Эй офтоби ман, маштоб бар ғуруб,
Ман ошиқи туам, ошиқ ғанимат аст!

Дар сояи ғуруб шуд ғарқ сояҳо,
Хам шуд ба пушти кӯҳ мижгони офтоб.
Эй рӯзи зудранҷ, сабре, таҳаммуле,
Як дам дароз кун даврони офтоб!

Чатри сияҳ кашид шоми сияҳгилем,
Хуршед пушти кӯҳ гардид нопадид,
Падруд, офтоб, хуш бош то тулӯъ,
Ман ошиқи туам, дунёст бо умед...

Танҳой мекашам ҳар рӯз дар ғуруб,
Ҳарчанд дар дилам шӯри муҳаббат аст.
Эй меҳрубони ман, бо ман даме нишин,
Ман ошиқи туам, ошиқ ғанимат аст!

1975

* * *

Эй хушо, афсонаҳои ошиқӣ
Дар ҳавои хонаам печидаед,
Кардаед андар сарам бозорҳо,
Дар дили девонаам печидаед.

Эй хушо, пиндорҳои гармрӯ,
Гармие дар ҷони ман афзудаед.
Дил ба оҳанги шумо бозӣ кунад,
Ё шумо бозичаи дил будаед.

1. Хонаи буд – аз таъбири буду бош, яъне маҳалли буду бош.

Эй хушо, ангезаи бахти баланд
Аз замин то осмонам мебарад,
Аз миёни ин ҳама жӯлидагон
То ҷаҳони нуриёнам мебарад.

Эй хушо, эҳсоси гарму шавқу шӯр
Мепазад андешаи хоми маро.
Гӯй хумдонест дар ман баҳри ман,
Мепазад чун мушти гил номи маро.

Эй хушо, парвози беболу паре
Дар фазои орзуҳои наҷиб.
Ё хаёли бахт, ё бӯи умед,
Ё ниёзи ошиқи меҳнатнасиб.

Эй хушо афсонаҳо, афсонаҳо...
Ман шуморо ҳамчу кӯдак кофтам.
Дар ҷаҳон гар аз шумо номе набуд,
Ман шуморо баҳри худ мебофтам...

1975

* * *

Ҳар ғуруб оям лаби рӯди равон
Офтоб аз об доман баркашад.
Ҳамсуруди мавҷҳои пуршикан
Аз дили ман нағмаҳое сар кашад.

Чарх мегардад сарам гирдобвор
Мебарад чашми маро ҷарёни рӯд.
Як нафас омехта бо мавҷҳо
Мешавад ҳамшӯру ҳамтуғёни рӯд.

Чашм мебардорам аз амвоҷи об,
Боз меёбам, ки андар соҳилам...
Бишнавам аз зарбаҳои латмаҳо
Зарбаи тунди тапишҳои дилам...

Он қадар хоҳам, ки бошам мисли рӯд,
Умри худро сарфи навбофӣ кунад.
Ҳар қадар лойоба омезад ба ӯ,
Дар раҳи туғён варо софӣ кунад.

Баски ман андар сарои обу гил
Хоҳаме донист розӣ бошу буд.
Гар набошад дар бисоте шоирӣ,
Аз ҳаёҳую такаллуфҳо чӣ суд!?

Хилқати ман маншаи ҳайвонияст,
Маънии ҳастӣ маро инсон кунад.
Ақли ҷӯё панд меёбад зи фанд,
Пои пӯё роҳро осон кунад.

З-ин сабаб чун рӯди оғози баҳор
Гаҳ нагунҷам дар мақоми хештан.
Гоҳ лек он сон бадам ояд зи худ,
Хештанро хоҳам аз нав сохтан.

Хуб медонам, ки ҷуз шеъри расо
Арзу доди оҷизон монад сабил.
Доғи пироҳан ҳама бинанд зуд,
Кас набинад доғи нангу доғи дил...

Хуб медонам, ки саҳни зиндагӣ
Буда ҷанги шишаҳову сангҳо.
Гоҳ худро будаам бо табъи дил,
Гоҳ дур аз хештан фарсангҳо.

Гоҳ то ширин шавад талхии умр
Аз хуми меросие май мезанам.
Оламеро баҳри андарёби худ
Аз замин то осмон пай мезанам.

Мешиносам ҳадди худ дар зиндагӣ,
Мекунам тармим ҳар дам хешро.
Мешиносам кӯри худ бинои кас,
Мешиносам ақли дурандешро.

Лек гарчи бо ҳама нуқсу камол
Бар наварди зиндагӣ омодаам,
Бо ҳама тадбиру эҳсоси наҷиб
Эй шигифто, содаам ман, содаам...

1975

* * *

Шукр гӯям зиндагиро бо ҳама ширину талх,
Шукр гӯям зиндагиро бо ҳама неку бадаш.
Шукр гӯям қисматамро бо ҳар он чӣ ҳасту нест,
Шукр гӯям бахтро бо омаду ноомадаш.

Шукр гӯям ҳар дарахтеро, ки бошад дубара,
Шукр гӯям ҳар ниҳолеро, ки навгонӣ диҳад.
Шукр гӯям ҳар сабоҳеро, ки хуршед аз уфуқ
Пайки рӯзи нав зи бахши умри инсонӣ диҳад.

Шукр гӯям ҳар нафасро ҳамчу нақди зиндагӣ,
Ки бувад пайваста бо халқу Ватан чун ҷону тан.
Ин Ватан бе ман тавонад буд ҷовидон, вале
Ман натонам як нафас ҳам зинда бошам бе Ватан.

Шукр гӯям хилқати худро, ки тӯфонзода аст,
Ҳеҷ напсандад ҳуҷуми нокасу ночизҳо.
Шиквае аз кас? Фақат аз хештан дорам гила
То намонад шеъри ман чун лошаи полезҳо.

Шукр гӯям обу нонеро, ки аз ранҷи ман аст,
Гарчи дастам ҷӯ наканду дона дар хоке накошт.
Шарм медорам ба ҷои он ҳама бемоягон,
Ки ба як мисқоли худ хирворҳо хоҳанд дошт.

Шукр гӯям толеамро, ки насибам сохтаст
Ҳамзамонии ҳама эъҷозҳо, парвозҳо.
Чун Гагарин гар набошам аввалин кайҳонкушо,
Кардаам парвозҳое дар ҷаҳони розҳо.

Шукр гӯям ҳастиро, к-аз шавқ меҷӯшад дилам,
Гар наҷӯшад дил, бисоти умр рангин аз куҷост?
Шукр гӯям ҳар тапишро, ки нидои зиндагист,
Гар набошам, ин ҳама эҳсоси ширин аз куҷост!?

1975

* * *

Ҳар касе буд зиндагиафрӯз,
Ҳар кӣ аз зиндагиш асар бошад,
Дар шумори ҳама ҳунарҳояш
Мурданаш низ як ҳунар бошад.

Бо ҳама ҳусни зоҳиру ботин
Ҳар кӣ яктост, ҳар кӣ беҳамтост,
Маргаш аз зиндагиш номитар,
Мурданаш низ чун худаш зебост.

Мурд бояд чу Зоя дар таҳи дор,
Ё чу Мӯсо Ҷалил дар зиндон,
То бифахрад Ватан ба ҳар айём
Аз ҳунарномаҳои фарзандон.

Мурд бояд чу Икари густох
Бо паре, ки бисӯхт хуршедаш.
Бо пари сӯхта ба хок афтод,
Лек кай сӯхт боли уммедаш!?

Мурд бояд ба роҳи мақсадҳо
Бо камолу шукӯҳи рӯзафзун,
Чун Комаров, к-аз раҳи парвоз
Чун ситора фитод аз гардун.

Мурд бояд чу Гал[1] ҳаме бесар,
То тани бесарат ба гӯр равад.
Боқӣ монад вале сарат ба ҷаҳон,
То сари чанд бесаре бишавад.

Мурд бояд, ки охирин нафасат
Гуфтаи он нагуфтаҳо гардад.
Чашми баста, забони ногӯё
Рӯнамои нуҳуфтаҳо гардад.

Мурд бояд чунон ки мурдани мо
Охирин саҳнаи зафар бошад.
Марги мо бо ҳама ҳунарҳомон
Вопасин саҳнаи ҳунар бошад!

Мурд бояд чунон ки ёд оранд
Аз ғами баҳри халқ хурдаи мо.
Мурд бояд, ки пешпо нахуранд
Зиндагон дар сафар ба мурдаи мо...

1975

1. Франс Галл – духтури венагӣ – косахонаи сарҳои барҷастапешониро меомӯхт. Пеш аз марг сари худро ҳам барои коллексияи худ васият кард. Тани бесараш дар Париж хок шудааст.

## БА ЖУРНАЛИСТ

Кишти деҳқон чу сар кашад аз хок,
Сар кашад кишти муддаои ту ҳам.
Хӯшаҳо ҳар замон, ки дон банданд,
Хӯша бандад мақолаҳои ту ҳам.

Чун гудозанд оҳану фӯлод
То замонро матонат афзоянд,
Гӯӣ дар кӯраи гудозишҳо
Ҷумлаҳои ту ҳам ба тоб оянд.

Дар такутозу дар даводавҳо
Умри ту бигзарад сафо монда.
Бо ҳама пешсаф ту пешсафӣ,
Бо қафомондагон – қафомонда.

Бо гунаҳкорҳо – гунаҳкорӣ,
Ки чаро пештар нафаҳмидӣ.
Бо писандидагон – писандида,
К-аз ҳама пеш ту писандидӣ.

Мепарӣ ҳамраҳи фалакпаймо
То фалакҳо, ки ҷумлае ёбӣ.
То кунӣ чашми халқро бедор,
Бас шабоне, ки ту намехобӣ.

Росткориву ростандешӣ –
Муддаои замири огаҳи туст.
Дар паноҳи ҳақиқатӣ доим,
То ҳақиқат ҳамеша ҳамраҳи туст.

1975

## АФСОНАИ ҶАВОНӢ

Ҳоло, ки ман ҷавонам, дунё пур аз ҷавонист,
Ҳар ҷо, ки по гузорам, он ҷо пур аз ҷавонист.
Имрӯз гар ҷавонам дар орзуи фардо,
Имрӯзи ман ба номи фардо пур аз ҷавонист.

Ҳоло, ки ман ҷавонам, Наврӯзи соли умр аст,
Ҳар лаҳза зиндагиям сарфоли фоли умр аст.
Ҳоло, ки ошиқам ман, андар дилам, ту гӯӣ,
Ҳадди камоли ишқу ҳадди ҷамоли умр аст.

Дар набзи ман, ту гӯӣ, фаввораи ҷунун аст,
Дар сар ҳазор савдо – фикри чарову чун аст.
Дар ҳар нафас бисӯзам, дар ҳар қадам билағжам,
Ҳар лаҳза имтиҳоне, ҳар лаҳза озмун аст.

Ман беканор, аммо дунёст дар канорам,
Дар роҳҳои дунё чашми умед дорам.
Ҳар чиз, ки бихоҳам, андар хаёлу насияст,
Ҳоло ба ҷуз ҷавонӣ накде ба каф надорам.

Ман рӯди навбаҳорон, пуроби барфу борон,
Пуроби чашмасорон, пуроби обшорон.
Эй кошкӣ бидонам дар тирамаҳ чӣ монад
Аз ин ҳама хурӯшу мастиву шӯру туғён...

Ман раҳрави кабирам бо роҳи нонавишта,
Деҳқони бобарорам бо донаи накишта.
Ҳар шеър, ки навиштам, хом асту нимкора,
Ман шоири бузургам бо шеъри нонавишта...

1975

## ЗИНДАГӢ (3)

Хостам муддате зиям бедоғ,
Бехато, бегуноҳ, белағзиш.
Хостам муддате зиям ором,
Бетараф, барканор, беларзиш.

Лек ҳайҳот! Зиндагонӣ гуфт:
Бехато зиндагӣ хато бошад.
Ҳар кӣ ором зистан хоҳад,
Беҳ, ки ҳамсони мурдаҳо бошад.

Хостам тунд бошаму пуршӯр,
Саркашу сарфарозу нофармон.
Хостам аз фалак ситора канам,
Дар кафи даст бинамаш тобон.

Лек ҳайҳот! Зиндагонӣ гуфт:
Зӯри беҳудаат миён шиканад.
Ҳар дарахти баландро дар боғ
Аз ҳама пеш оташак бизанад.

Хостам бошитоб раҳ пӯям
Зиндагӣ панд дод: оҳиста!
Хостам кунд роҳ паймоям,
Гуфт бозам: Шитоб пайваста!

Хостам то само уруҷ кунам,
Гуфт: афтоданат гарон бошад.
Хостам дар Замин бибошам, гуфт:
Ин на дархурди шоирон бошад...

Инчунин байни осмону замин
Гоҳ орому гоҳ ноором,
Гаҳ шитобону гоҳ оҳиста
Мекунад умри ман давом, давом.

Инчунин ёфтам, ки бофтаест
Зиндагӣ аз нахи баду некӯ.
Ёфтам, ӯст мисли оҳангар,
Пораи оҳанам ба кӯраи ӯ.

Мезанад ҳам ба кӯраи оташ,
Мезанад ҳам ба об бо ҳунаре.
Медиҳад тоб, то ба тоб оям,
То шавам досе, ханҷаре, сипаре...

1975

* * *

Миёни ин ҳама ғавғои ҳастӣ –
Ҷаҳони пуртазоди орзуҳо.
Миёни корзори ақлу эҳсос –
Ҷаҳони пуршикасти ҷустуҷӯҳо,
Ҳама дорем қутби норасида,
Ҳама дорем субҳи нодамида.

Ҳама гулчини боғи орзуем,
Зи худ розиву бахши рӯзгорон,
Вале ҳарчанд гул чинему чинем
Баҳорон ё пас аз ҷӯши баҳорон,
Ҳама дорем гулҳои наруста,
Хуморе, орзуе ношикаста.

Ҷаҳон қурбонгаҳи ҷону ҷигарҳост,
Ҷаҳон сарбозияту сарфарозист.
Валекин бо ҳама фарру бузургӣ
Мукаммал нест он, к-аз хеш розист.

Ҳама дорем роҳи нонавашта,
Ҳама дорем шеъри нонавишта.

Ҳама дар дил суруди носуруда
Ниҳон дар сина як пайғом дорем.
Як оҳанге, ки меҷӯшад ба ногоҳ –
Хурӯши дар забон беном дорем.
Ҳама дорем кони нокушуда,
Ҳама дорем нақди норабуда.

Ҳама як махзани накшода дар дил,
Ҳама як ишқи новарзида дорем.
Ҳама як орзуи нобасомон,
Ҳама як ёри нобӯсида дорем.
Ҳама дорем оҳи нокашида,
Ҳама дорем заҳри ночашида...

1975

## ТАНҲОӢ

Танҳоӣ на он аст, ки танҳоӣ ғарибӣ,
Танҳоӣ на он аст, ки бе ёри қаринӣ.
Танҳоӣ чунон аст, ки дар байни ҳама халқ
Бошӣ, вале бе дарди ҳама халқ нишинӣ.

Танҳоӣ на он аст, ки ёрону ҳарифон
Як бор напурсанду даратро накушоянд.
Танҳоӣ чунон аст, ки дар ҳозиру ғоиб
Қадри ту надонанду ғаматро назудоянд.

1975

* * *

Падарам, эй падари деҳқонам,
Ту ҳамехостӣ деҳқон бошам.
Наравам як қадам аз деҳ берун,
Бандаи мазҳабу имон бошам.

Ту ҳамехостӣ Қуръон хонам,
Ки аз ӯ маърифате боло нест.
Ту ҳамехостӣ мулло бошам,
Баски дар деҳкада як мулло нест.

Ту ҳамехостӣ, ки ҳамраҳи ту
Тухм пошам ба заминҳои куҳан.
Даравам гандуму хирман кӯбам,
Давр гардам чу ту гирди хирман.

Гоҳ додӣ ту ба дастам омоч,
Гоҳ додӣ ту ба ман гаврона,
То ки ин мазраъаи бобоӣ
Нашавад киштгаҳи бегона...

Ту маро сохтӣ аз меҳнату дард,
Офаридӣ ту маро аз гили худ.
Парваридӣ ба тасаллою умед,
Додиям об зи хуни дили худ.

Лек афсӯс! Бубахшо бар ман,
К-аз тақозои ту берун рафтам.
Ошиқӣ бурд маро бо раҳи худ,
Гӯиё аз паи Маҷнун рафтам.

Ишқ дар ман чи ҳунарҳо парвард,
Шеваи шоирӣ омӯхт маро.
Бурду овард ба сад шебу фароз,
Сӯхта, сохта, афрӯхт маро.

Пас чу ту қадри замин донистам,
Пас чу ту шахсару бебок шудам.
Ёфтам роҳ зи ҳар бероҳа,
Аз ҳама айбу гунаҳ пок шудам.

Падарам! Боз бубахшо бар ман,
Гар на монанди ту ман деҳқонам.
Нусхаи поки туям дар дунё,
Ман саропой туро мемонам.

Гар зи деҳқонию аз барзгарӣ
Тухмпошӣ ба замин аст мурод,
Шоирӣ ҳам ба масал деҳқонист,
Ки кунад мазраъи дилҳо обод.

Шоирӣ ҳам ба масал деҳқонист,
Шеър бунёди ҳама маснадҳост.
Шеър тухмест, ки сабзад дар дил,
Шеър меҳроби ҳама миллатҳост.

1975

* * *

Шеър гӯям, ошиқе чун арзи дил
Бехгӯшӣ баҳри ёре хонадаш.
Баҳри таскини дилу таскини рӯҳ
Ошиқи шабзиндадоре хонадаш.

Шеър гӯям бо табутоби зиёд,
Шеър гӯям бо тамоми ифтихор,
Ё шавад гулчанбаре бар рӯи гӯр,
Ё шавад гулдастае аз баҳри ёр.

Шеър гӯям, то бидонанд аҳли дард
Дарди онҳо дар дили ман бештар.
Шеър гӯям, то бидонанд аҳли дил
Аз дили онҳо дили ман рештар...

1975

* * *

Зи ҳар кӯҳе бигирам резаи санг,
Зи ҳар дарё бинӯшам як каф обе,
Зи ҳар гулбун канам як шохаи гул,
Зи ҳар базме хурам ҷоми шаробе,

Ки афзоям ба дарё қатрае об
Чу рӯзе бигзарам аз дори дунё.
Ба кӯҳе резае, бар гулбуне – гул,
Ба ҳар базме физоям ҷоми саҳбо.

Зи ҳар гӯре бигирам мушти хоке,
Замини шеърро ободд созам.
Замини зиндаро бинам барӯманд,
Замини мурдагонро ёд созам.

Зи ҳар роҳе биҷӯям нақши пое,
Ки пеш аз ман кӣ буду чун сафар кард.
Гузашт аз роҳ ё бигзошт раҳро?
Гузашт аз даҳр ё аз худ гузар кард?

Зи ҳар дил доғи пинҳоне бихонам,
Суҷуд орам ба азми сарфарозон.
Ба дунёхурдагон нафрину нафрин,
Ҳазор аҳсант бар дунёшиносон.

Чунон ки олиме аз байни мардум
Бичинад байт ё зарбулмасалҳо,
Ман он сон хешро ҷамъ орам аз халқ,
Зи ҳар ҷузъе, ки дар мо ҳасту дунё.

Ки рӯзе ин ҷаҳонро тарк гӯям
Маро дунё нагӯяд тарк бечиз.
Бигӯям марг беҳ, гар бонишон аст,
Зи умри бенишон парҳезу парҳез!

Гузорам дил барои дилфигорон,
Сарамро баҳри сарбозон гузорам.
Ду дастамро чу ду боли уқобон
Барои дурпарвозон гузорам...

1975

* * *

Ман зиндаам ба хотири дидори орзу,
Ман зиндаам ба хотири ёри хаёлиям,
Ман зиндаам ба хотири он ишқи сармаде,
К-орад паёми дилфиреб аз безаволиям.

Ман зиндаам ба хотири бахти наёфта,
Ман зиндаам ба хотири роҳи нарафтаам.
Ман зиндаам ба хотири ишқи набохта,
Ман зиндаам ба хотири шеъри нагуфтаам.

Ман зиндаам ба хотири он рӯзҳои баъд
То зиндаам ба даҳр, кашандам ба сӯи хеш,
Ман зиндаам ба хотири он чашмаҳои ҳусн,
К-овозашон шунидаам дар орзуи хеш.

Ман зиндаам ба хотири ноҷустаҳои дил,
Ман зиндаам ба хотири нашнидаҳои хеш.
Ман зиндаам ба хотири дурии дуриҳо,
Ман зиндаам ба хотири нодидаҳои хеш...

1975

* * *

Роҳ бинанд ҷониби куҳсор
Чашмҳоям ба ҳини танҳоӣ.
Шабаҳе пеши дидаам тобад
Чун азизе ба чашми раҳпое.

Гӯӣ ҳозир зи гардани ин кӯҳ
Баччагиям парида меояд.
Аз паси пуштаҳои сабзу кабуд
Баччагиям давида меояд.

Гӯӣ ҳозир ба рӯи хоколуд
Дасту по кандаю харошида,
Кӯдаке мерасад ба тан карбос
Бинӣ боло кашида, ларзида,

Ки варо вақти говгум дар кӯҳ
Ҳайбате хӯсавор тарсондаст,
Гӯӣ сӯяш гирифтааст нишон,
Гӯӣ як тир низ паррондаст...

Ранги рӯяш паридаву ҳайрон
Чашмҳояш базӯр метобад.
Гӯӣ ӯро ҳанӯз ҳам дар кӯҳ
Чашмҳои гуреза мекобад.

Гуфтанӣ дораду наметонад,
Дар нигоҳаш нишони талвоса.
Ба гумонаш гуреза истодаст
Ба камоне ба пушти дарвоза...

Кӯҳсори ғуборпӯшида
Сарду хомӯш гӯӣ беҷонанд.
Баччагии маро вале тарсон
Аз нигоҳи гуреза медонанд.

Ин замон ҳар гаҳе ки раҳ бинанд
Чашмҳоям ба кӯҳу кухпоя –
Гӯӣ ҳозир зи гардани ин кӯҳ
Баччагиям парида меоя(д).

Мепарад сӯи мо паи ёрӣ
Дасту рӯ кандаю харошида.
Медавад бо ҳазор талвоса
Аз камони гуреза тарсида...

1975

* * *

Рафтанд то само
Кайҳоннавардҳо,
Аммо ҳанӯз ҳам
Аз остони дар
Берун нарафтанд
Занҳои деҳи мо.

Рафтанд то само
Кайҳоннавардҳо,
Аммо ҳанӯз ҳам
Савдогарӣ кунанд
Духтарфурӯшҳо.

Аммо ҳанӯз ҳам
Дар рӯи ин ҷаҳон
Бисёр мондаанд
Мардони норасо,
Ёрони носазо.

Аммо ҳанӯз ҳам
Дунони масту паст
Дунпарварӣ кунанд,
Бар қасди бихрадон
Кинаварӣ кунанд,
Бо қисмати замин
Савдогарӣ кунанд.

Аммо ҳанӯз ҳам
Инсони даври мо
Шири сафед хӯрда зи пистони модарон
Бо хун нависад ӯ
Тақдири одамон.

Ҳар лаҳза бими ҷанг,
Ҳар лаҳза бими марг,
Ҳар лаҳзаи бӯи хун,
Бӯи атому бомбаву заҳри ҳаётсӯз
Сӯзад димоғҳо.
Ҳар лаҳза дар гумони мо оташ занад касе
Дар кишту боғҳо.

Кайҳоннавардҳо!
Шумо
Ҳарчанд то само
Парвоз кардаед,
Аз номи одамӣ
Пайғом бурдаед,
Ҳарчанд дар фалак
Роҳе кушодаед,
Нақши мубораке
Дар Маҳ ниҳодаед,
Савганд мехурам,
К-аҳли Замин ҳанӯз
Дар хоби ғафлатанд.
Аз ваҳму ваҳйу зуъм
Берун нарафтаанд.

Маъзурам ар, вале
Савганд мехурам:
Паст аст он Замин!
Паст аст ин Замин!

1975

* * *

Миннати он даме, ки мо бо ҳам
Дар раҳи зиндагӣ шинос шудем.
Як дам аз хештан бадар рафтем,
Як дам аз ишқ бениёз шудем.

Миннати он раҳе, ки беминнат
Кард наздик роҳи дилҳоро.
Миннати он хамӯшии мутлақ,
Ки шунидем оҳи дилҳоро.

Миннати он шабе, ки чун чодар
Рӯйпӯши гуноҳи мо мебуд.
Аз тиреза нигоҳи хираи моҳ
Гӯиё хайрхоҳи мо мебуд.

Рахти хобат чу маснади шоҳӣ
Шоҳиди ҷангу оштиҳо буд.
Сандуқи синаат зи хотираҳо
Ҳамчу сандуқи пур зи тилло буд.

Ба димоғам ҳинои гесуят
Накҳати навбаҳор меовард.
Дар канорат дилам зи хушкомӣ
Оламе дар канор меовард.

Гули гулдони ту шукуфт он шаб,
То саҳар хонаро муаттар кард.
Субҳи козиб – дурӯғгӯи вақт
Раҳзане буду раҳзанӣ сар кард.

... Миннати он шабе, ки дар оғӯш
Сад ҳазорон сапеда пинҳон сохт.
Лаънати он сапедаи козиб,
Ки дили ҷамъи мо парешон сохт...

1975

* * *

Борон... борон... борон...
Бас аз вазиши бод шикан дар шикан астӣ,
Чун гесуи нобофтаи ёри ман астӣ.

Чун модари ман тор кашӣ, шол бибофӣ,
Чун хоҳари ман пардаю рӯмол бибофӣ.

Чун шилшилаи борики рӯмоли фарангӣ,
Чун бофтаи обии бисёр қашангӣ.

Шаб то ба саҳар табл занӣ дар сари бомам,
Баргӯй, чӣ овардӣ зи афлок паёмам?

Борон... борон... борон...
Дар тӯри булӯрит фаро гир сарамро!
Дар панҷараи нуқрагият дор диламро!

1975

## ХОКИ ВАТАН

Тоҷикистон – мазҳари ман,
Сарзамини камзамин,
Ту саросар кӯҳсорӣ,
Ту саросар сангзорӣ,
Чунки фарзандони ту дар роҳи таърихи дароз
Ҳар куҷо рафтанд, муште хок бо худ бурдаанд.
Чунки фарзандони ту дар ҷустуҷӯи бахти худ
Дар биёбонҳои тафсон дур аз ту мурдаанд.
Ҳар куҷо рафтанд маҳҷуру ғариб
Аз фироқат ҷуфти онҳо нолаю андӯҳ шуд.
Ҷумла дар кӯи ғарибӣ хок гаштанд, эй дареғ,
Орзуҳошон дар ин ҷо санг басту кӯҳ шуд.

Ҳар куҷо рафтанд онон
Ё ба Макка ё Мадина,
Ё ба ғурбат, ё тиҷорат,
Ё гуреза аз ҳама тазвиру кина,
Мушти хокатро ба киса ёдгорӣ бурдаанд.
То агар рӯзе бимиранд аз қазо,
Дар ғарибӣ бекасу беошно,
Хоки ту бошад нишони охирин...
Тоҷикистон! –
Сарзамини камзамин,
Хоки ту ин сон парешон гаштааст,
Бо ҳама хоки ҷаҳон ин гуна ҳамсон гаштааст.
Хоки ту
Бо сари пуршӯри Деваштич то Бағдод рафт,
Он сари аз тан ҷудо,
Аз ту ҷудо
Бо дод аз бедод рафт.
Хоки ту
Бо сари Рахшона то Юнон расид,
Бо ҳазорон нолаю афғон расид.
Монд дар Табрез бо наъши Камол,
Бо Замин омехт, то шуд безавол.

Хоки Ҳиндустон зи Бедил дил гирифт,
Наъши ӯ то ҷовидон манзил гирифт.
Бурд Сино то Ҳамадон хоки ту,
Монд он ҷо мушти хоки поки ту.

Он қадар тоҷик ҷуста булъаҷаб
Хонаи Аллаҳ ба саҳрои араб,
Мурдаву хоки туро бо хеш бурд,
Колбадро то бад-он саҳро супурд.

Хоки ту ин гуна кам шуд, кишварам,
Инчунин аз ашк нам шуд, кишварам.
Ҳар қадар ки хоки ту барбод шуд,
Хоки дигар он қадар обод шуд...

Ин чӣ густохӣ? Маро маъзур дор.
Хоки ту кам шуд магар?
Хоки ту кам шуд ба миқдору
фарохотар ба арзу тӯл шуд,
Гарчи номат
Ҳамчу мулки кӯҳсорон дар ҷаҳон машҳур шуд.

Лек боке нест!
Баҳри он сангат зиёду кӯҳҳот,
То бисозӣ пайкара бар ёдгори он ҳама
Мардони пурҳасрат,
Ки хокатро парешон кардаанд.
Баҳри он мардон,
Ки номатро ба олам Тоҷикистон кардаанд.
Пайкара чандон тарошӣ, месазад
Баҳри он мардон, ки хокатро кунун
зар кардаанд,
Кӯҳҳоятро барои арзи меҳру дӯстӣ
Ин замон озод минбар кардаанд...

1975

## АҲМАДИ ДОНИШ

Як ҷаҳон буд хору вомонда
Ҳарфе аз худшиносӣ нохонда.
Монда дар инҳисори худ умре,
Пеши пои адӯ сар афшонда.

Як ҷаҳон буд дангу девона,
Дар ватан қисмати ғарибона.
Гашта саркӯб як ҷаҳон уммед,
Орзу пойкӯби бегона.

Иддае масти муддаои худ,
Баста ишкелҳо ба пои худ.
Як ҷаҳоне на дузд, на дарбон,
Як ҷаҳон дузди хонаҳои худ.

Ҷоние чанд ҷонфишон буданд,
Камдиле чанд дилситон буданд.
Ходае чанд хушку пӯсида
Дар сари гӯри мурдагон буданд.

Аз Петербург – шаҳри исёнӣ
То Бухорои шаҳри нисёнӣ
Пайки тағйири қисмат овардӣ –
Пайки тағйири рӯзи инсонӣ...

Як ту бонии он Ватан будӣ,
Ҷангии ҷанги мову ман будӣ.
Ламъае дар шабони зулмонӣ,
Мухбири вақти хештан будӣ.

Як ту будӣ фидоии миллат,
Дар ғами ошноии миллат.
Ҳамчу як пешмаргаи пайкор
Баҳри мушкилкушоии миллат.

Як ҷаҳон буд кӯру ту бино,
Як ҷаҳон буд гунгу ту гӯё.
Як ҷаҳон буд ташнаю афсӯс
Ҳам надонист, ки туӣ дарё...

1975

## ВАРЗОБ. ШАБИ МАҲТОБ

Рӯд чун хотири болидаи Варзобдара,
Моҳ чун қоши тилоист ба пешонаи кӯҳ.
Ваҳ чӣ оҳанги илоҳист, ки ояд аз рӯд,
Бесухан арза кунад қиссаю афсонаи кӯҳ.

Ахтарон рехта дар синаи дарё чу шарар,
Дили дарёи барошуфта шарористон аст.
Сояи кӯҳ фитода ба сари шонаи деҳ,
Гули маҳтоб ба оҳанги сабо рақсон аст.

Пардаи шаб чу ҳарирест ғуборолуда
Аз ғубори моҳу гарди гулу намрезаи шаб.
Бахудо, бар дилу ҷон ҳеҷ пазиротар нест
Аз хамӯшии шигифтовари покизаи шаб.

Хотири ҷамъу дили беғаму осоиши рӯҳ
Варзиши рӯду тапишҳои таболудаи дил...
Бо касе гар дили кас об хурад дар лаби об,
Бибарад об тамоми ғами беҳудаи дил...

Лаби ин рӯд касе ояду меъод кунад,
Бахти бедор агар ёфт шавад, хоб куҷост?
Рӯди Варзоб ба табъи дили ӯ хоҳад гуфт:
Пардадории шаби равшани Варзоб куҷост?

1975

* * *

Сӣ баҳори умри ман андаргузашт,
Гӯӣ сӣ рӯди равон хушкидааст.
Лек андар соҳили он рӯдҳо
Боғҳои орзу сабзидааст.

Сӣ баҳори умри ман андаргузашт
Ноаён бо шӯхиҳои кӯдакӣ.
Он мане, ки буд то имрӯз, нест,
Гум шуда чун шеърҳои Рӯдакӣ.

Эй аҷаб, дирӯз ман кӯдак будам,
Дар дилам аз зиндагӣ доғе набуд.
На хатое, на гуноҳе доштам,
Танбеҳе аз ваҷҳи густохӣ набуд.

Эй аҷаб, дирӯз ман кӯдак будам,
Лонаҳо бар кафтарон месохтам.
Аз қафои шабпаракҳои сафед
Рӯзҳо бо кӯдакон метохтам.

Ман ҳам он як чӯҷаи кафтар будам,
Пар баровардам, паридам дар фазо.
Лек меояд ба гӯшам то ҳанӯз
Қум-қуми он чӯҷаҳои бегуно(ҳ)...

Сӣ баҳори умри ман бигзашту рафт
Мисли рӯзони гулафшони баҳор.
Сӣ гули худрӯи умрам хушк шуд
Дар миёни даштҳову кӯҳсор.

Гӯиё бисёр раҳҳо тай шуданд
Дар давоми умри кӯтоҳи сарам.
Гӯиё бисёр кас огаҳ шуданд
Аз замирам, аз дилам, аз хотирам.

Гӯиё ман ҳам кушодам оламе,
Безиён гӯё, ки суде ёфтам,
Ки ба даври хеш чанде булфузул,
Нотавонбину ҳасуде ёфтам...

Бо чунин мардум сари баҳсам набуд,
Дилсиёҳ, рӯсӯхта, туршидаанд.
Айбҳову доғҳои хешро
Бо замонасозиҳо пӯшидаанд.

З-ин сабукборони хаскаш нестам,
Мехурӯшам, то садое дардиҳам.
Меравам бо зиндагонӣ по ба по,
То ба пои зиндагонӣ сар ниҳам...

11.6.1975

* * *

То дар ин дунёи навбат ҳаққи навбат бо ман аст,
Сулҳу ҷангам бо тамоми Ҳурмузу Аҳриман аст.
Бахри шуҳрат нест ҳаргиз шеърпардозии ман,
Шеърпардозиям ошӯбе ба рағми мурдан аст.

Дар миёни ин ҳама ҷонбозию розу ниёз,
Бо ҳама эҳсоси гарму шавқу шӯри дилгудоз
Ман ба ин серӯза дунё ҳадя созам умри худ,
К-аз ҳисоби умри кӯтоҳам шавад умраш дароз.

Ман бар онам, к-ин ҷаҳони обу гил то ҷовидон
Пиртар гардад ба солу чун сухан монад ҷавон.
Ман бар онам, к-одамӣ ҳар қадр комилтар шавад,
Ташнатар гардад ба меҳру сертар гардад зи нон.

Ман бар онам: гарчи раҳ бурдем то сайёраҳо,
Гарчи нуристони бисёре бапо кардем мо,
Шоири равшандиле, соҳибкамоле бештар
Мекунад равшан дили торику ақли тираро...

Гарчи ман ҳам зодаи ин кӯҳсорон будаам,
Ҳамсуруди нағмаҳои обшорон будаам,
Рӯ ба рӯ бо кӯҳ мегӯям: на аз кӯҳи баланд,
Сарбаланд аз ҳиммати озодмардон будаам.

Аз баландиҳои аслию маҷозии башар
Орзуи ман набуда ҷуз баландии назар.
Кӯҳ бе мо ҳам баланд аст, эй бародар, лоф бас!
Фахр кун, гар метавонӣ, аз баландии ҳунар...

Дар замини шеърпарварде, ки дилхоҳи ман аст,
Бар заминҳои ҳама рӯи замин роҳи ман аст.
Ин заминро ман нигаҳбонӣ кунам аз қасди бад,
Дидгоҳи шоириям дидбонгоҳи ман аст!

Ин заминро дӯст дорам бо ҳама мавҷудҳош,
Бо ҳама армону дардаш, бо ҳама мақсудҳош.
Ин заминро дӯст дорам, то ба рӯяш зиндаам,
Баски ҳастам чанд рӯз аз ҷумлаи масъудҳош...

1976

* * *

Он лаҳза, ки дар хонаю дар шаҳр нагунҷӣ,
Дар хонаю дар шаҳр чӣ, дар даҳр нагунҷӣ,
Дарёб, ки ишқ аст!

Он лаҳза, ки хуршед ба болои сари туст,
Танҳо зи барои ту чу дасти падари туст,
Дарёб, ки ишқ аст!

Он лаҳза, ки дунё ба ту оғӯш кушояд,
Ҳар барг ба дидори ту садбарг намояд,
Дарёб, ки ишқ аст!

Он лаҳза, ки бо оина якрӯ бинишинӣ,
Дар дидаи худ шуълаи яздонӣ бибинӣ,
Дарёб, ки ишқ аст!

Он лаҳза, ки сар то қадамат оташу нур аст,
Он лаҳза, ки дар чашми ту ҳар санг булӯр аст,
Дарёб, ки ишқ аст!

Он лаҳза, ки дар хеш ба биноии дигар
Дарёбӣ ба ногоҳ ту зебоии дигар,
Дарёб, ки ишқ аст!

Он лаҳза бифаҳмӣ, ки туро умр на бод аст,
Беҳуда туро модари бечора назодаст,
Дарёб, ки ишқ аст!

1976

* * *

Рез, борон, рез, борон!
Он чунон ки резад ашки сӯгворон.

Ёлаҳои кӯҳсоронро бишӯ,
Милаҳои шохсоронро бишӯ,
Гарди рӯи раҳгузоронро бишӯ,
Рез, борон, рез, борон!

Рез, борон,
То барояд дар уфуқ рангинкамон,
То давам дар зери борон пои урён,
То биёбам ҷойгоҳашро, ки мегӯянд
Пинҳон аст он ҷо кони тилло...

Ман басо дар баччагиям медавидам
Зери борон
Пои урён
Аз паи рангинкамон,
Кони тиллое ба ҷои ӯ надидам,
Лек дар зери камони ҳафтранг
Дар дили худ ёфтам кони сухан.

Рез, борон
Он чунон, к-аз синаи ман резад эҳсосе ҳазорон.
Рез, борон,
То ки дар тӯри булӯрият фаро гирӣ диламро,
То бишӯӣ он ҳама гарду ғубореро, ки ман
Дар сару рӯям зи роҳи зиндагӣ овардаам,
То бишӯӣ доғҳои синаамро,
Ки ман онҳоро чу муҳри шеъри худ парвардаам.
Ман басо дар роҳҳои зиндагонӣ
Пешпо хурдам ба ганҷи табъи шӯрангези худ.
Ман басо дар худ фурӯ рафтам, ки шояд
Ёбам асрори ҳама буду набуд.
Он қадар аз худ бирафтам,
ки ба худ н-оям дигар...

Рез,
Он сон, к-аз сари мо бигзарад ин рӯзгорон...
Рез, борон!
Рез, борон!..

1976

## ДИДОРИ ОФТОБ

Суғдиён бар пешвози Офтоб
Ҳар саҳар даф мезананд.
Ҳар саҳар дар саҳнаи Наврӯзгоҳ
Рақс мекарданд,
Шеър мехонданд,
Бо ҳазорон шавқи дил каф мезананд.

Ҳар саҳар дар домани самти тулӯъ
Нағма мепечиду оҳангу суруд.
Ханда мепечиду бонги шавқу шӯр
Ҳар саҳар дар домани чархи кабуд.
Ҳар саҳар бар пешвози Офтоб
Завқ буду ханда буд –

То бидонад Офтоб
Зиндагонишон хуш аст.
То бидонад Офтоб
Дар дили онҳо шарори оташ аст.
То бидонад Офтоб
Қисмати ӯ низ рӯзи дилкаш аст...

Чун расад вақти видоъ,
Бегаҳӣ дар домани самти ғуруб
Боз ҳам каф мезананд,
Боз ҳам даф мезананд,
То набинад Офтоб
Дар рухи онҳо ғубори хастагӣ.
То нагӯяд Офтоб
Нест ононро ба рӯзи дигаре дилбастагӣ...

Инчунин дар ҳар ғуруб
Завқ буду ханда буд.
Инчунин чангу чағона
Ғулғула андар фалак афканда буд,
То ки фардо ҳам барояд офтоб,
То ҳама бошанд аз ӯ баҳраёб.

1976

## ЁДЕ АЗ БАЧЧАГӢ

Бачча будам. Баҳор мавсими тӯл
Гарчи майлам набуд чӯпонӣ,
Бо чи шавқу талош мерафтам
Фориғи дарс гӯсфандбонӣ,

То даме гул бичинам аз ёла,
Гули кӯҳӣ ба модарам орам.
Ҳамраҳи барраҳо давам ҳар сӯ,
Барраро рӯи даст бардорам;

То даме дар фарози куҳсорон
Тармаҷоро ба чашми худ бинам.
Кокули обшорро бофам,
Сари шах бо хаёл биншинам...

Рӯзе аз рӯзҳо пас аз борон
Шуд ҳаво офтобу абр гурехт.
Гӯй борону тобиши хуршед
Дурру марҷон ба рӯи дашт бирехт.

Мечариданд барраҳо озод
Ҷаъдмӯ, ширбоз, бозигар.
Мечариданд мешҳо хуррам
Рӯи дашти фарох сабзаи тар.

Меше як сӯ ба меҳр мелесид
Барраашро, ки буд навзода.
Барра ҷон мегирифту метобид
Ҷаъди мӯяш маҳину озода.

Ногаҳ аз осмон фуруд омад
Каргасе, барраро ба чанг рабуд,
Меш як қад париду наъра кашид,
Ки магар ранҷи ман барои ту буд?!

Каргас андар фазо ҳамепаррид,
Сояаш медавид рӯи замин.
Медавид аз қафои он соя
Меш бо қаҳру бо дили ғамгин.

Соя он қадр дуртар мерафт,
Аз пояш меш он қадар метохт.
Дарнамеёфт сояро гарчанд,
Он қадар тезу тундтар метохт.

Медавидам ман аз қафои меш,
Ки чаро медавӣ, надорад суд.
Барраи ту ба чанги каргас шуд,
Сояи ӯ туро наёрад суд...

Меши бечора боз ҳам метохт,
То бигирад зи соя барраи худ.
Вартае пеш омаду соя
Уфтоду ба варта пинҳон шуд.

Меш бошаст аз паи соя
Аз сари варта хешро афканд.
Аз паяш омадам (чӣ қурбонӣ!)
Меш дар қаъри варта ҷон меканд.

Чашмҳо нимабоз бечора
Мебаровард аз ҷигар ово.
Аз паи баррачеки навзодаш
Ҷони ӯ мепарид сӯи само...

Сари бора нишастаму бехуд
Он қадар ҳой-ҳой гирйистам,
Барраҳои дигар куҷо рафтанд,
Ё чи сон шом шуд, надонистам.

Чун ба худ омадам, гумон кардам
Зери ин осмони бепарво
Каргас он рӯз ҳамраҳи барра
Гӯиё бурд баччагии маро...

1976

* * *

Суғдиён ҳар гаҳ ба кӯи дӯст меҳмон мешуданд,
Дастовезе барои дӯст оташ доштанд.
Яъне чун оташ фурӯзон буд дар дил меҳрашон,
Яъне имону дили бедоғу беғаш доштанд.

То қадам монанд андар остони дӯстон
Даври оташ чарх мегаштанд бо рақсу суруд.
То гуноҳи хешро сӯзанд дар оташ нахуст
Пас ба кӯи дӯст по монанд бо арзи суҷуд.

Чун маро аз хоки поки суғдиён обу гил аст,
Оташи меҳрам ба дил манзил ба манзил меравам.
Хоҳ кӯи ишқ бошад, хоҳ кӯи дӯстон –
Ҳар куҷое меравам, бо оташи дил меравам...

1976

## РОҲҲО

Гаҳ рост, гаҳ пурпечутоб
То қулла боло меравӣ.
Аз байни барфу тармаҳо
Бо сад таманно меравӣ.

Дуру дароз ин роҳҳо,
Шебу фароз ин роҳҳо,
Ҳам дилгудоз ин роҳҳо,
Ҳам дилнавоз ин роҳҳо.

Раҳсозҳо дар чор фасл
Бо кӯшишу азми тамом
Рӯи раҳат дар хидматанд,
То роҳи ту ёбад давом.

Дуру дароз ин роҳҳо,
Шебу фароз ин роҳҳо,
Ҳам дилгудоз ин роҳҳо,
Ҳам дилнавоз ин роҳҳо.

Аз ағбае то ағбае
Паймоӣ чандин манзиле.
Сад бор хуни дил шавӣ,
То ёбӣ роҳи як диле.

Дуру дароз ин роҳҳо,
Шебу фароз ин роҳҳо,
Ҳам дилгудоз ин роҳҳо,
Ҳам дилнавоз ин роҳҳо.

Бишкофӣ қалби кӯҳро,
Бикшоӣ раҳ чун роҳи ҷон.
Роҳе, ки роҳи орзуст,
Дорад давоми ҷовидон.

Дуру дароз ин роҳҳо,
Шебу фароз ин роҳҳо,
Ҳам дилгудоз ин роҳҳо,
Ҳам дилнавоз ин роҳҳо.

1976

* * *

Чун ту бисёр дилбарон буданд
Ҷонфидои латифи давлати ишқ.
Дили ман сер шуд зи оғушҳо,
Чашми ман сер шуд зи лаззати ишқ.

Солҳое ки ишқ варзидам,
Дар дилам шӯриши қиёмат буд.
Қути шомам дуои «шаб хуш бод!»
Ноштоям ғами муҳаббат буд.

Ваҳ, чи бисёр чашму рӯю лаб
Дили гарми маро бишӯронданд.
Борҳо сӯхтам, касе нашнохт,
Борҳо мурдаму нагӯронданд...

Гарчи имрӯз бо ту печонам,
Гарчи бо ту тарона мехонам,
Илтиҷо мекунам, макун бовар,
Ки дурӯғу фасона мехонам.

Дар ту мебинаму дилам холист,
Ман ба ҳусни ту носазоворам.
Он дили ҳаркуҷоии худро
Пора-пора чӣ гуна ҷамъ орам?!

Ҳар куҷо рафт, ҳар чи коре кард,
Ҷумла ангези зиндагонӣ буд.
Як замон доштам диле пуршӯр,
Эй хушо, эй хушо, ҷавонӣ буд.

Рафт, бехайрухуш ҷавонӣ рафт,
Акнун аз дасти ман чӣ меояд?
Акнун ошӯбҳо фурӯ хуфтанд,
Чашми чоре маро намепояд.

Акнун он сон ки Рӯдакӣ бе чашм
Аз Бухоро ба Панҷрӯд омад,
Бо қади хам ба зери бори ғам
Руд бишкаста, бе суруд омад,

Бигзарам аз миёни кӯчаи шаҳр
Бо нигоҳи заифу ҳузнолуд.
Нангарам бар ҷамоли маҳрӯён,
Бори ғамро кашам ба хонаи худ...

22.3.1976

* * *

Ту ҷавонӣ, ҷавонният зебост,
Айни сабзидану шукуфтанҳост.
Бахши ман ҳар чӣ ҳаст, дирӯзист,
Бахши ту ҳар чӣ ҳаст, дар фардост.

Ту ҷавонӣ, нахонда медонӣ
Ишқро чун атои раббонӣ.
Ҳуснро мешиносӣ сад раҳ беҳ
Аз дусад файласуфи юнонӣ.

Ту ҷавонӣ, ҷаҳони ту роҳ аст,
Арсагоҳат зи моҳӣ то моҳ аст.
Боғи ту з-офати хазон ғофил,
Субҳи ту бехабар зи бегоҳ аст.

Ҳама кас бингаранд ҷониби ту,
Гӯӣ бошанд ҷумла толиби ту.
Ту набинӣ ягон сазоворе
То шавад дар ҳаёт соҳиби ту.

Ошиқе ҳасту ошиқи дил нест,
Мушфиқе ҳасту мушфиқи дил нест.
Аз миёни ҳазор ошиқи зор
Лоиқе ҳасту лоиқи дил нест...

Лек ғам нест аз «фалониҳо»,
Шукри айёми шодмониҳо.
Бигзарӣ аз миёни кӯчаи шаҳр,
Пур шавад шаҳр аз ҷавониҳо.

Бинам озод дар хиёбонат,
Милаҳо мерасад ба домонат.
Резиши обшорро монад
Пилтаҳои сафеди зулфонат.

Чашми бахт аст чашми ҷодуят,
Рӯи бахт аст ду бари рӯят.
Он қадар нозукӣ, ки метарсам
Бибарад бод пилтаи мӯят.

Он қадар нозукиву покниҳод,
Шудаӣ гӯӣ баҳри ишқ эҷод.
Нарасад бар сияҳдаруне кош
Рӯи испеди духти ҳурнажод.

Ба ту номусу ном мехоҳам,
Ишқи беинтиқом мехоҳам.
Дар шумори тамоми кокулҳот
Ба ту бахти тамом мехоҳам!

14.4.1976

* * *

Гули хайрию гули бобуна,
Домани пираҳану домани дашт.
Ғам махур, эй дили одаткарда,
Боз як ишқи ду-серӯза гузашт.

Боз як ишқи хатопеша гузашт,
Хок бодо ба сари собиқаҳо!
Ҳар чӣ берун зи дилам монд, бимон
Барфу борон бараду соиқаҳо!

Ин қадар ҳаст, ки раҳмам ояд
Ба чунин содагию бехабарӣ.
Аз ту собитқадамӣ мехоҳад
Ғофил аз он, ки ту як раҳгузарӣ...

Чашми тобони вай аз чеҳраи ман
Нуқтае аз хати тақдир нахонд.
Ӯ ҳамон ташна бирафт аз дарё,
Дили ман низ ҳамон ташна бимонд.

Ӯ надонист, ки андар тақвим
Соли мор аст ва ё ҳамдуна,
Лек дар кокули худ хотира бурд
Гули хайрию гули бобуна.

2.8.1976

* * *

Духтари хоназоди хатлонӣ,
Дер мондӣ ту аз ҷавонии ман.
Ту гули навшукуфтаӣ, аммо
Рафта айёми гулфишонии ман.

Гар бихоҳӣ, фасона мегӯям,
Ҳар қадар шеър хоҳӣ, мехонам,
Лек бо ту чӣ сохт бояд буд? –
Бахудо, бахудо, намедонам.

По ба по гар бихоҳӣ, ҳамроҳат
Оламеро пиёда мегардам.
Сӯи ту ҳар шабе чу шаббода,
Рӯз чун рӯзбода мегардам.

Лек на аз туву на ҳам аз ишқ,
Аз ду-се ақли хира метарсам.
Аз гуноҳи кабира бокам нест,
Аз гуноҳи сағира метарсам.

Соҳиле гар зи баҳр ҷӯёнӣ,
Бояд аввал гузашт аз паҳнош.
Гар гуноҳи сағира хоҳӣ, рав!
Гар гуноҳи кабира хоҳӣ, бош!

1.9.1976

## БА ХОТИРАИ ҒОИБ САФАРЗОДА

Гуфта будам туро, ки тунд марав,
Тунд рафтӣ, бубин, куҷо рафтӣ...
Ба хатои ҳама бишӯридӣ,
Худ чаро аз ҷаҳон хато рафтӣ?

Аз раҳи кӯҳ омадӣ ба сухан,
Аз сухан рафтӣ боз бо раҳи кӯҳ.
Як ҷаҳон шодӣ ваъда кардӣ, лек
Рафтию монд як ҷаҳон андӯҳ.

Дӯстам, дӯсти гаронборам,
Дар дилат розҳои дунё монд.
Бори кӯҳҳо кашиданӣ будӣ,
Бори умрат ба дӯши кӯҳҳо монд...

30.11.1976

## ИФТИХОР

Дар миёни кӯҳсорон сахтҷонам зодаанд,
Дар раҳи куҳсор баҳри имтиҳонам зодаанд,
Волидайни бенишонам чун нишонам зодаанд,
Дар диёри камзамине бекаронам зодаанд.

Гарчи мегуфтанд аз қисмат бувад фардои ман,
Гарчи мегуфтанд серӯзӣ бувад дунёи ман,
Гарчи дар гаҳвора мебастанд дасту пои ман,
Дар замин баҳри талоши осмонам зодаанд.

Дар миёни чор девори баланди кӯҳҳо,
Ки геронӣ мекунад бар кӯҳҳо андӯҳҳо,
Дар радифи қуллаҳои посбони рӯҳҳо
Бо дили бедору бо рӯҳи ҷавонам зодаанд.

Бо дуои мӯсафедони худотарсу баор,
Бесавод, аммо саводомӯзи сад омӯзгор,
Бо шарофатҳои кампирҳои нимҷон ҷоннисор
Баҳри ҳоло, баҳри фардои замонам зодаанд.

Ман аз ин сон бесаводон сӯхтан омӯхтам,
Аз сафои сураи Қуръон сухан омӯхтам,
Аз китоби зери болинам Ватан омӯхтам –
Дар диёри байту шеъру достонам зодаанд.

Гарчи дар базми бузургон кӯдаки гаҳвораам,
Бо ҳама камзарфии худ ҷузви ин сайёраам,
Шоирам ё ошиқам, майхора ё ғамхораам,
Ҳар кӣ ҳам бошам,
ба қасди душманонам зодаанд...

Дар миёни кӯҳсорон кӯҳсонам зодаанд,
Бо ғурури қуллаҳо ҳамошёнам зодаанд.
Дар канори чашмае баҳри дамонам зодаанд,
Дар деҳи хурде барои сад ҷаҳонам зодаанд!
1977

* * *

Аз файзи ҳамал чу набзи ошиқ
Дар навдаи ток хун давидаст.
Ҳамчун дили ту фазо кушода,
Ҳамчун дили ман замин дамидаст.

Дарёст пуробу масту бехуд,
Дар соҳили хештан нагунҷад.
Ҷони мани беқарору бедил
Дар маҳкамаи бадан нагунҷад.

Дар ҷашнгаҳи баҳору қисмат
Ҳар санги карахт ид дорад.
Танҳо на ману ту, ҳар гиёҳе
Аз худ ба ҷаҳон умед дорад.

Дар раҳгузари гулу шукуфа
Худро гули ношукуфта пиндор.
Хоҳӣ, ки баҳор нагзарад зуд,
Гулҳои баҳорро маёзор.

Гул нозуку дил аз ӯст нозук,
Аз ҳар нафасе намекушояд.
Ошиқ шудану дил об кардан
Аз дасти ҳама намебиёяд.

Бархезу биё, фариштаи ман,
Фасли нави ошиқӣ расидаст.
Доғи гули навшукуфта пайдост,
Доғи нашукуфтаро кӣ дидааст?
1977

* * *

Ин кӯҳи чу шоири хаёлӣ,
Ин сояи дар хамӣ шикаста,
Симчӯби қатору дар сари сим
Гунҷишки қатор шадда баста.

Ин домани песабарфи куҳсор
Чун гӯшаи домани дарида,
Оғӯши пур аз кароматӣ пок,
Гулҳои арӯсаки расида.

Ин ҳайбати абрҳои хашмӣ,
Арғушти маҳини майсазорон,
Ин манманию ғурури тундар
Талқини суруди обшорон.

Ин рӯди ситезакору густох,
Ин чашмаи бехуду сияҳмаст,
Ин боғи шукуфтарӯю тобон,
Ин шохи ниҳода бар сарам даст –

Инҳо ҳама бо мананд ҳамзод,
Инҳо ҳама шоҳиди манастанд.
Хонанд ба сад забон диламро,
Инҳо ҳама қосиди манастанд.

Ногуфтаи ман зи гуфтаам беҳ,
Доред агар зи ман саволе,
Пурсед зи абрҳои хашмӣ,
В-аз кӯҳи чу шоири хаёлӣ...
1977

* * *

Димоғи хеш тар карда ба барфу тармаи Анзоб
Шамоли кӯҳ меояд, ки дорад бӯи боронҳо.
Гули бодом дар гесӯву ҳулбӯ дар баногӯшаш,
Ба гардан чанбаре аз ҷамбили кӯҳиву торонҳо.

Ба дарё мезанад паҳлӯ, ба шаххо сина мекӯбад,
Ба қадди обшорон бо ҳазор оҳанг мепечад.
Ба мисли кӯдакони деҳ зи шавқи рустаконбозӣ
Аз ин харсанг мехезад, ба он харсанг мепечад.

Навозиш мекунад ожангҳои рӯи дарёро,
Чанорони лаби дарё ҳама шукри замин доранд.
Дарахтонро чи рақси шӯху мавзунест, пиндорӣ
Гурӯҳи духтари кӯлобӣ рақси остин доранд.

Нафасҳои яхолудаш ҳавои кӯҳро монад,
Ки гӯӣ аз диёри беғаму андӯҳ меояд.
Шамоли кӯҳ меояд ба шаҳри пурғубори мо
Шамоли рӯҳ меояд, сафои кӯҳ меояд...

1977

* * *

Дар гирди хони Наврӯз хешу табору ёрон
Дуранд ё ки наздик, бояст ҷамъ оянд.
Бошад ки сер бинанд соли дароз ҳамро,
Бо ҳамдигар бисозанд, бо ҳамдигар бипоянд.

Дар рӯи хони Наврӯз бояд ки боз бошад
Ҳам шохаи гули тар, ҳам неши сабзи гандум.
Бошад ки бахти одам бошад чу гул шукуфон,
Бошад ки сер бошанд аз нон тамоми мардум.

Дар рӯи хони Наврӯз рамзи баҳори дунё
Ё ҳафтсин[1] бибояд ё ҳафт навдаи он –
То боғи ҳафт иқлим[2] рӯи хазон набинад,
То боғи умр бошад то ҷовидон гулафшон.

Дар базми иди Наврӯз аз ҳафт навъи бода
Ман ҷоми хештанро пур мекунам, ҳарифон,
Менӯшамаш ба шодӣ бо кулли мардуми даҳр
Рӯи ғаме набинад то ҳафт пушти инсон!

1977

1. Ҳафтсин – себ, санҷид, суманак, сипанд ва чизҳои дигар, ки бо син оғоз мешаванд.
2. Ба ақидаи пешиниён дунё иборат аз ҳафт иқлим будааст.

## РӮ БА РӮ БО ХЕШТАН ДАР ХИЛВАТИ АНДЕШАҲО

Боз мешӯрад дили ман, боз меларзад вуҷудам,
Боз мегиряд ғурурам, боз менолад сурудам,
Дар ҷаҳони нақду нася –
Ман чӣ будам? Ман кӣ будам?

Гоҳ гарди обшорам, гоҳ дарди рӯзгорам,
Гаҳ ба барги гул ғуборам, гоҳ борони баҳорам,
Дар ҷаҳони рафту омад –
Бор дорам? Ё надорам?

Гоҳ ҳукме бар сириштам, гоҳ доғи сарнавиштам,
Гоҳ жӯлида ба хокам, гоҳ мурғе аз биҳиштам,
Дар ҷаҳони коғазу гил –
Ман чӣ бинвиштам? Чӣ киштам?

Гарчи ман дар як дили худ сад дилеро озмудам,
Гарчи ман дар як дили худ
сад ҷаҳонеро кушудам,
Аз нишони хеш метарсам, ки пурсам –
Балки будам? Ё набудам?..

3.1.1977

## БА ҶОИ ТАСАЛЛӢ

Бедил, ки нестӣ,
Ҳамдил чӣ боядат?
Раҳҷӯ, ки нестӣ,
Манзил чӣ боядат?
Дарё, ки нестӣ,
Соҳил чӣ боядат?
Хунат, ки мурдааст,
Қотил чӣ боядат?...

8.1.1977

* * *

Агар рӯде бихушкад, боз рӯде ояд аз кӯҳсор,
Агар эҳсоси мо хушкад,
Агар ишқи дили мову ту хушкад, ҷои фарёд аст,
Ки бе ӯ баҳри мо на нашъаи умру на эҷод аст.

Агар киште насабзад, соли дигар боз месабзад.
Насабзад гар умеди мо,
Насабзад гар муҳаббат дар дили мо,
ҷои афсӯс аст,
Ки фуқдонаш ба назди бихрадон
ҳамвора маҳсус аст.

Агар кӯҳе шавад аз ярч яксони замин, ғам нест,
Агар дарди муҳаббат кам шавад,
ҷои пушаймонист,
Ки бе ӯ одамӣ худро намеёбад,
Ба чашми одамон одам наметобад.

Ба гардун ахтаре гар мурд, гардун боз хоҳад буд,
Агар ишқи дили мо мурд, ҷои гиряву зорист.
Ки бе ӯ дар нигоҳи ман фалак аз ахтарон холист,
Замину осмон аз ошиқону шоирон холист.

Ҷаҳон бечоранолӣ нест, медонам,
Ки бояд зиндагонӣ кард.
Дар ин дунёи пири бефано
Бояд ҷавонӣ кард.

Ту пайванди манӣ бар рӯзгори тозае алҳақ,
Ту пайванди манӣ бар навбаҳори тозае алҳақ,
Ту медонӣ,
Вале гоҳо намедонӣ,
Ки ишқи мо ҷавон бояд бимонад,
гарчи мо мирем,
Ки ишқи мо чунон бояд бимонад,
гарчи мо мирем,
Ки то имрӯз сӯзон буд, тӯфон буд, исён буд...
20.6.1977

## НАМАКИ ХАЛҚ

Гарчи шоир минбари виҷдони халқ аст,
Гарчи шоир ровии армони халқ аст,
Нони шоир аз сухан не,
Нони шоир нони халқ аст.

Халқ мехоҳад, ки дар шеъру сухан
Ахтари иқболи ӯ тобон шавад.
Халқ мехоҳад, ки рӯи сафҳае
Ғунчаи армони ӯ хандон шавад.
Шоире гар соҳиби девон шавад, дарёфт нест,
Халқ бояд соҳиби девон шавад.
Дар радифи ин Зафарободу Файзободҳо
Як Суханобод ҳам бунёд шавад –
Як Суханобод – шаҳри ростӣ,
Шаҳре аз виҷдону ҳиммат,
Аз муҳаббат, аз саодат!

Баҳри ин дар тӯли ҳар даҳсолаю садсолаҳо
Дар ҷабини шоири андешаманде
Ҷумла фикру дарду табъу завқи худро,
Ҷумла эҳсоси дақиқу шодию ҳам шавқи худро
Бо чи нийятҳо таҷассум мекунад,
То ба ҳаққи он ҳама нону намак
Шоираш гӯяд каломи бонамак...

Халқи мо аз батни модар шоир аст,
Шоири аз кулли шоирҳои дунё қодир аст,
Лек гарчи Рӯдакию Ҳофизу Хайёмҳояш будаанд,
Лек гарчи Айниву Лоҳутиву
Мирзои Турсунзода дорад,
Боз ҳам дорад ба шоир эҳтиёҷ,
Шоире, то шеърҳои гуфтаву ногуфтаашро
Боз гӯётар бигӯяд,
Боз бурро,
Боз гиро,
Боз аълотар бигӯяд!

Гарчи ҳар дам
Аз таҳи ҳар санги Кӯлобу Хуҷанд,
Аз таҳи ҳар санги Масчоҳу Ҳисору
Рашту Дарвоз
Байт мерӯяд чу торон,
Шеър месабзад ба сони сабзаҳои навбаҳорон
Бо рубоӣ мебарояд кишти деҳқон,
Бо дубайтӣ медурахшад ҳусни инсон,
Гарчи ҳар дам –
Аз замини сахти кӯҳистон сухан сар мезанад,
Дар фазои танги кӯҳистон сухан пар мезанад,
Халқи шоиртабъи мо
Боз ҳам дорад ба шоир эҳтиёҷ,
Шоире то эътибору шуҳраташро
баҳри ҳар инсон бигӯяд,
Аз замин то торами кайҳон бигӯяд.

Халқи шоирзоди мо
Месарояд шеъри худро
Дар намуди пунбазорон, ки беҳ аз
шеъри сафед аст,
Дар намуди барқи Норак, ки умеди
равшани ӯст,
Дар намуди ҳар ниҳоле, ки бараш ишқу умед аст.
Киштзоронаш, ки дон бастанд,
«Девони кабир»-анд.
Ҳосили уммеди мардони кабиранд.
Месарояд шеъри оламгири худро
Бо каланду белу мисрон,
Бо сипору пойдосу доси деҳқон

Шеъри хокӣ, шеъри лалмӣ, шеъри обӣ,
Шеъри деҳқонӣ – суруди офтобӣ...

Лек бо ин табъи яздонии худ
Боз ҳам дорад ба шоир эҳтиёҷ,
Шоире, то меҳнати ӯро ситояд,
Шоире, то қудрати ӯро ситояд.
Шоире пайваста гар шеъри замонгираш нагуфт,
Достоне лоиқи рӯҳи ҷаҳонгираш нагуфт,
Дар ҳақи нону намак гар гуфт шеъри бенамак,
Он намак бешубҳа кӯраш мекунад,
Нони халқаш мезанад.

21.6.1977

## ҒАЗАЛИ БОҒБОНИ ПИР

Нигар ба боғи шукуфон,
Нигар ба шохаи пурбар,
Нигар ба раддаи себу анору зардолу –
Чу раддаи аскар –
Ҳама нишонаи заҳмат,
Ҳама нишони ман аст,
Замини сабз гувоҳи фари замони ман аст.

Ба ҳар ниҳол, ки сарсабз дидаӣ дар боғ,
Тамоми умр сари сабзи хеш бахшидам.
Забони барги дарахтон сипоси ман доранд,
Ки ҳар кадом чу ровии достони ман аст.
Дарахту ҷӯяи полезу нағмаи корез
Ҳамеша шоҳиди гӯёву безабони ман аст.

Шикаст шохи маро – ҳар кӣ шохае бишкаст,
Агар ба ғӯрае тундар навохт, ҷонам сӯхт.
Агар фитод ниҳоле зи тундбод аз пой,
Ба сони модари фарзандмурда шаб то рӯз
Устухонам сӯхт...
Чӣ кардаам зи барои замона – медонад
Ҳар он ниҳол, ки ҳамсоли кӯдакони ман аст.

Ба ҷӯй об кушодам,
Ва ё зи ҷӯяи чини ҷабинам об омад,
Ки ҳар ниҳол қад афрохту ба тоб омад.
Маро ба пои дарахте чу зонуи хоҳар
Ба дида хоб омад...

Бубин, ки оби равон меравад зи ҷӯй ба ҷӯй,
Ту гӯй нағмаи уммеди ҷовидони ман аст.
Бубин, ки оби равон меравад зи ҷӯй ба ҷӯй,
Ба ҷӯй оби равон аст ё равони ман аст...

Ба ҳар ниҳол назар мекунам чу вақти тулӯъ,
Тасаллӣ меёбам.
Ба ҳар ниҳол назар мекунам чу танги ғуруб,
Тасаллӣ меёбам,
Ки баъди марг ба гӯрам
Ҳамин дарахти тануманд соябони ман аст;
Ки мурғи рӯҳи ман аз баъди ман ба гардунҳо
Намешавад сарсон –
Ба шохи сабзи барӯманд лона мемонад.
Ҳамин дарахт аз ин боғ ошёни рӯҳи ман аст,
Ҳамин дарахт аз ин боғ ошёни ман аст!

3.7.1977

* * *

Гили ту аз гили шеъру суруд аст,
Дили ту худ дили шеъру суруд аст.
Ҷаҳони бебадал дорӣ миёни шеъри девонҳо,
Ки саршор аст аз эҳсоси дарду атри армонҳо.
Равонӣ бо раҳи қисмат,
Барӣ аз кулли буҳтонҳо,
Чу Сир ороми ботамкин,
Вале дар сина тӯфонҳо...

На озодӣ, на побаста,
Фақат бо рӯҳи вораста
Дилат бар зиндагонӣ равзане дорад,
Ки аз он рӯзгорат равшанӣ дорад.
Вагарна чордеворат пур аст аз ҷаҳлу кӯриҳо,
Вагарна чор фасли ту пур аст аз талху шӯриҳо.

Ту як девони ашъори тамомӣ,
Ки афтода ба дасти марди омӣ,
Намехонад, намедонад...
Дилам месӯзад, эй девони олӣ,
Ки дар дасти касе чун ман наӣ,
То сар ба сар хонад,
Барои хештан хонад,
Барои баҳру бар хонад.

Дилам месӯзад, эй девони рангин,
Дилам месӯзад, эй девони гулчин,
Дилам месӯзад, аммо дасткӯтоҳам,
Дилам месӯзад, аммо тай шуда роҳам...

18.10.1977

## ДАР ҶАНОЗАИ ҲАМСОЛАМ

Дӯстам, дӯсти ҷавонмаргам,
Баҳри чӣ, баҳри кӣ, чаро мурдӣ?
Ман аминам, чу зодаи кухсор,
Ҳар чӣ ҳам буд, баҳри мо мурдӣ.

Дӯстам, дӯсти ҷавонмардам,
Будӣ ҳамсоламу ҳамовардам.
Як ту танҳо намурдӣ дар Бағдод,
Бо ту ман низ гӯиё мурдам.

Дӯстам, дӯсти ҳунармандам,
Оламеро пур аз ҳунар кардӣ,
Эй бас овозҳои хомушро
Бо садоят баландтар кардӣ.

Дӯстам, дӯсти сухандонам,
Шеърро мисли ту кӣ медонад?
Баъди ту баҳри ташнагони сухан
Шеъри моро дигар кӣ мехонад?

Чи ҳунарманди саҳназеб будӣ,
Дар ту фарҳанги пиру барно буд,
Саҳнаи танги санъати тоҷик
Баҳри ту гӯй саҳни дунё буд.

Орзу доштӣ, ки дар саҳна
Мирӣ дар нақши ошиқи шайдо,
Ҳимматат, ки баланд буд, имрӯз
Мурдӣ ногаҳ ба саҳнаи дунё...

Орзу доштӣ, ки Ҳамлетро
Бинамоӣ барои тоҷикон.
Марги ту худ бузург фоҷиаест,
Баҳри ҳамасрҳот, Маҳмудҷон!

Дӯстам, дӯсти сухангӯям,
Баъди ту ҳам ҷавонӣ хоҳад монд,
Лек шеъри бузурги тоҷикро
Ҳеҷ кас мисли ту нахоҳад хонд.

Филкушу мушпарвар аст ин даҳр,
Ғофиле нестам зи кори ҷаҳон,
Алвидоъ, дӯсти ҷавонмаргам,
Алвидоъ, эй бузургвори ҷавон!

14.11.1977

* * *

Эй тасаллои ҷони пазмонам,
Бе ту бар ман ҳаёт беранг аст.
Бо ҷаҳон ошноиям донӣ,
Ошноии шишаву санг аст.

Омадӣ. Рафтӣ. Инчунин шояд
Боз меоӣ. Боз хоҳӣ рафт.
Лек табли хатар занам, ки бидон
Ними умрат ба бегуноҳӣ рафт.

Ту чаро аз гуноҳ метарсӣ,
Бегунаҳ чун на офтобу маҳ аст?!
Як ману ту куҷо гунаҳкорем?
Одамизод зодаи гунаҳ аст!

Се зи чори ҷаҳон бувад ҳама об,
Одамӣ лек ташна хоҳад мурд.
Акси ёре ба мардуми дида
Ба дили хоки сард хоҳад бурд.

Ошиқӣ баски ташнагии дил аст,
Об хоҳад зи чашмаи дилҳо.
Ошиқи ташнаро касе ранҷонд
Ташна мирад ба соҳили дарё!...

Ту маро мебарӣ ба имое
Бепару бол сӯи гардунҳо.
Ту маро мекашӣ ба сӯи уфуқ,
Ки дар ӯ мурдаанд Маҷнунҳо.

Банда ҳам хостгори парвозам,
Мепарам, мепарам ба дуриҳо.
Пушти по бод ҳар чӣ бигзаштаст,
Пушти сар бод ҷумла кӯриҳо!

Ҳар касе, ки бузургӣ мехоҳад,
Меравад сӯи корзори бузург.
Гар гуноҳи бузург бошад ишқ,
Банда ҳастам гуноҳкори бузург!

9.12.1977

* * *

Ошиқон – шоирони бедевон,
Ошиқон – олимони беунвон,
Ошиқон – булбулони беовоз,
Ошиқон – кӯдакони гулгардон –

Бигзаред аз миёни кӯчаи шаҳр
Ҳамқади ёр – даст бар гардан.
Шаҳр гардад зи ишқ моломол,
Ишқ борад зи кӯчаву барзан.

Ҷуфт-ҷуфт аз миёни раҳгузарон
Бо камоли ғурур мегузаред.
Чашму дил равшан аст аз дидор,
Гӯӣ аз роҳи нур мегузаред.

Ҳамаи шаҳр ваъдагоҳи шумост –
Хоҳ гулгашту хоҳ майдонҳо.
Ҳамаи шаҳр бӯсагоҳи шумост –
Ҳам лаби ёр, ҳам лаби дарё...

Ба шумо бингарам, биболад дил,
Ки ҳаёт ошёни ҳамроист.
Фалаки пир чун шумо гӯӣ
Навгирифтори ҳусни зебоист.

Як ҳамин бас, ки ошиқед алҳол,
Бо диле ҳамнавою ҳамрозед.
Як ҳамин бас, ки бар ҷамоли ҳаёт
Ошиқона нигоҳ месозед.

Як ҳамин дар замони мо кофист,
Ки шумо қадри ёр медонед.
Дар замони шитобҳои бузург
Нашъаи интизор медонед.

Ман чӣ гӯям дигар, ки беҳ аз ман
Дар раҳи ишқ ҷумла яктоед.
Ман чӣ гӯям дигар, ки беҳ аз ман
Дар фани ишқ ҷумла мавлоед –

Ошиқон – мурғакони белона,
Ошиқон – пайравони парвона,
Ошиқон – ташнагони соҳилҳо,
Ошиқон – кӯдакони афсона...

13.12.1977

* * *

Хонуми сабз, сабзтар бошӣ,
Давлати ҳусни ту фаровон бод!
Зери ин осмони лӯъбатбоз
Ахтари толеат фурӯзон бод!

Сина бикшо барои ишқи бузург,
Зиндадил бошу зиндагонӣ кун.
Ишқи мо пир ҳам шавад рӯзе,
То ҷавон бошӣ ту, ҷавонӣ кун.

Ишқ нодир бувад чу истеъдод,
Дар дили ҳар кӣ дар намегирад,
Ҳар кӣ бо сар нарафт андар ишқ,
Ишқи ӯ ҳеҷ сар намегирад.

Чи саодат, ки ту хабар дорӣ
Аз ғами ишқу аз табу тобаш.
Аз ҷигарсӯзию ҷигархорӣ
В-аз ҳама нашъаҳои камёбаш.

Чи саодат, ки бо нигоҳи дил
Беҳтар аз ман маро ту медонӣ.
Гираҳе чанд дар дилам гар ҳаст,
Ҳамчу мушкилкушо ту медонӣ.

То ту ҳастию ишқи ту боқист,
Умри ман ошиқона хоҳад буд,
Номи ту дар забони ман умре
Бозгӯи тарона хоҳад буд.

То ту ҳастию ҳусни ту гирост,
Дар дилам гулшукуфту гулрез аст.
Баҳри ту аз раҳи умеди дароз
Ғазале чанд дастовез аст.

Меравам сӯи қуллаҳои баланд
Бо дилам гар ту ҳамсафар бошӣ.
Хонуми сабз, сабз бодат бахт,
Хонуми сабз, сабзтар бошӣ!

30.12.1977

## СОЯҲОИ ҒУРУБ

Сояҳои дарози вақти ғуруб
Рӯзи кӯтоҳро фурӯ бурданд.
Кӯр карданд чашми равшани рӯз,
Ба сари рӯз пой афшурданд.

Рафт хуршед аз дили дарё,
Дар дили об печутоб афтод.
Сояи кӯҳ ҳамчу кӯҳи ғам
Ба дили беқарори об афтод.

Рафт хуршед пушти кӯҳаи кӯҳ
Чун савори фитода аз кӯҳон.
Шафақи сурхи домани гардун
Дошт худсӯзие зи ҳиҷрати он.

Ҳамчу дандони арра меғӯтад
Сояи теғаҳо ба рӯи замин,
Пушти ҳар теппаеву ҳар кӯҳе
Соя гӯӣ гирифтааст камин...

Дар лаби рӯд ташнаи ҳастӣ
Ҳар ғуруб интизор биншинам.
Дар ҷабини шикастаи амвоҷ
Сояҳои ғурубро бинам:

Пахш созанд сояҳои бузург
Сояҳои заифу беҷонро –
Ҳамчунон ки фурӯ барад дарё
Дар дами хеш ҷӯйборонро.

Бигзарад соя аз сари ман ҳам,
Сояи ман фурӯ равад дар ӯ.
Домани сояе ба каф н-ояд
То бипурсам, ки сояи ман ку?

Шом ояд, ба коми тира кашад
Сояҳои бузургу кӯчакро,
Аз баногӯши кӯҳ маҳ тобад
Ҳамчу як гӯшвораи тилло.

Зери оҳанги хониши дарё
Мекунам шукри зиндагию зист,
Домани сояе чаро гирам,
Бе худи ман, ки сояи ман нест!

1978

* * *

Ошиқам, гар бо манӣ, гар бе манӣ,
Ошиқам, то он ки барноиву пок.
Ошиқам, то ҳастӣ дар рӯи замин,
Ошиқам, то банда берунам зи хок.

Ошиқам бар чашмҳои содаат,
Чашми ту гӯё ки чашми зиндагист.
Гар ту бо ман сахт гирӣ соате,
Рӯзгорам пур зи хашми зиндагист.

Ошиқам бар рӯи чун субҳи баҳор,
Ошиқам бар хандаҳои равшанат.
Гарданам гӯё ба гардун мерасад,
Чун бибӯсам аз баёзи гарданат.

Ин баҳорам бо ту сар шуд аз насиб,
Ин баҳорам бо ту пургул бигзарад.
Бигзарад, аммо ба ёди рӯи гул
Ишқи ман чун умри булбул бигзарад.

Ин баҳори ман баҳори ишқи туст,
Ин баҳори сарфарозии дил аст.
Мавсими бозии ман бигзашт агар,
Ин баҳори ишқбозии дил аст.

То тавонӣ, бо дили ман бозӣ кун,
Гул бичин, дар банди кокул гул бизан.
Шӯхӣ-шӯхӣ гир андар рӯи каф,
Розӣ кун ӯро ба бозӣ, ҷони ман.

Эй гули наврустаи ишқу умед,
Ханда кун, ҳаргиз матарс аз нокасон.
Ин баҳорам бо ту сар шуд аз насиб,
Ин баҳорам бо ту монад бехазон...

13.2.1978

* * *

Дили девонае дорам, намедонам чӣ мехоҳад
Ба дарди ӯ гирифторам,

Физояд ҳар нафас доғеву аз он доғ хушбахт аст,
На хуш хобам, на бедорам,

Ба ман ҳар лаҳза бистезад,
зи қоби сина бигрезад,
На бигзорад, на бигзорам,

Надорад як дам осоиш, зиҳӣ осоиши мутлақ!
Сабукборам, гаронборам,

Миёни обу оташ монда, на ғарқам, на месӯзам,
На сармастам, на ҳушёрам.

1978

* * *

Зиндагӣ як бор бар чанги ман афтоду раҳо шуд,
Пас намедонам куҷо шуд.

Дилбаре як бор бо ман ошиқӣ карду ҷудо шуд,
Пас намедонам куҷо шуд.

Як худо бо ман худоӣ карду охир бехудо шуд,
Пас намедонам куҷо шуд.

Як замон бо ман насиб афтоду чун
тири хато шуд,
Пас намедонам куҷо шуд.

Ишқ чун пайки бақо омад, вале пайки фано шуд,
Пас намедонам куҷо шуд.

Лоиқ андар шоирӣ бо ошиқӣ то ҳамнаво шуд,
Пас намедонам куҷо шуд...

2.3.1978

* * *

Чаро бояд занам лофи муҳаббат?
Чаро осон диҳам фанду фиребат?
Чаро гӯям дурӯғи ростмонанд
Ба пеши рӯю чашмони базебат?

Ту медонӣ, сарам орӣ зи савдо,
Ту медонӣ, дили ман сард гашта.
Чу коне, ки расад ганҷаш ба поён,
Дили пурдарди ман бедард гашта.

Ту мегӯӣ ба ман талху киноя,
Ту механдӣ ба савдои дили ман.
Намедонӣ чи исёнҳо гузашта
Дар ин дунё зи дунёи дили ман...

Ту бо ман чанд рӯз улфат гирифтӣ,
Бигуфтӣ ҳарфҳое пора-пора.
Зи дарё як каф обе хӯрда, рафтӣ,
Надонистӣ, ки дар қаъраш чӣ дора(д)?

Баҳоре бо ман аз саҳро гузаштӣ,
Шикастӣ тугмаи бобунаҳоро.
Сарат бар осмон аз шавқу шодӣ,
Накардӣ фарқ худрову худоро...

Надонистӣ, ки андар синаи ман
Дили хушкидае чун хушкрӯд аст;
Ки обаш аз сари дунё гузашта,
Ки фориғ аз ғами буду набуд аст.

Маро чун рахшиноси ишқ дидӣ,
Надонистӣ, ки аҳволам чӣ ранг аст,
Надонистӣ, ки дар майдони қисмат
Дилам шаҳри хароби баъди ҷанг аст...

22.3.1978

## ХОКРӮБ

Дар кӯчаҳои шаҳр
Ҳар субҳдам нигар –
Пири хамидае,
Меҳнаткашидае
Ҷорӯб мезанад.

Дар мижжаҳои ӯ
Хобида гардҳост.
Дар кӯзапушти ӯ
Зардоби дардҳост.

Мурдасту зинда аст
Чанде дар ин ҷаҳон.
Умраш хазон шуда,
Рӯбад зи раҳ хазон.

З-ин раҳ ҷавонияш
Кайҳо гузаштааст.
З-ин раҳ зи дӯши ӯ
Дунё гузаштааст.

Рӯзаш шудаст шом,
Ӯ субҳҷӯ ҳанӯз.
Хезад ҳама саҳар
Бар пешвози рӯз.

Хаш-хаш дами саҳар
Дар кӯчаҳои шаҳр
Ҷорӯб мезанад,
Аз баҳри Офтоб
Раҳ тоза мекунад...

4.4.1978

* * *

Буд агар Хайём ҳамдаврони мо,
Орзуҳояш ба сомон мерасид.
То ба чархи дигар, афлоки дигар
Дасташ осон мерасид.

Бешак, ӯ мебуд марди ҳамназар
Бо Сиолковискӣ ё ки Эншитен.
Дар замин меҷуст агар рози фалак,
Дар фалак – рози замин.

Бешак ӯ аз мо фузун ғам мекашид
Дар ҷаҳони мардию риндигарӣ.
Бешак ӯ меҷуст аз мо бештар
Роҳу расми дилбарӣ.

Лек бо он рӯҳи исёнии худ,
Бо ҳама бебокию азми дуруст
Он ҳақиқатро, ки меҷуст он замон,
Ин замон ҳам боз меҷуст...

24.5.1978

* * *

Бар Хиросимаю Нагасаки
Чун фиканданд бомбаҳои гарон,
Даст бар сар ҳамезад аз ҳайрат,
Даст бар сар ҳамезад аз нафрат
Эншитейн – он ягонаи даврон.

Даст бар сар ҳамезаду мегуфт,
К-ин ҳама кори одамизоданд...
Гӯӣ он бомбаҳои марговар
Ба Нагасакию Хиросим не,
Ба сари Эншитейн афтоданд...

25.6.1978

## ГӮРИ РОНАНДА

Дар камаргоҳи баланди кӯҳҳо,
Дар хами роҳи нишеби партгоҳ
Гӯри як ронандаи берӯзиест,
К-аз фалокат мурда андар нимароҳ.

Чанбари фармон[1] раҳо гашта зи даст,
Марг оварда зи чархи чанбараш.
Чархи мошин рафта аз фармони ӯ
Ҳамчу ҳукми чархи гардон бар сараш.

З-ин шикасти ногаҳон бишкастааст
Чанбари фармон ба сони ними моҳ,
Ними фармон маҳчасон бар гӯри ӯст
Чун нишони ними умру ними роҳ...

6.9.1978

## ШОИРИ НАБАРДҲО

*Ба шоири инқилобӣ*
*Сулаймон Лоиқ*

Нестӣ ту Лоиқи ғамҳо[2] дигар,
Лоиқи андӯҳу мотамҳо дигар.
Шаҳрбанди худ наӣ, разми туро
Мешиносад ҷумла оламҳо дигар.

Дил ба тӯфони ҳаводис додаӣ,
Дар мадори Инқилоб истодаӣ.
Нестӣ ту Лоиқи афғону оҳ,
Лоиқи исёну тӯфонзодаӣ.

Аз нигоҳат чашми душман хира бод,
Аз гувоҳат рӯзи бадкин тира бод.
Инқилоби чира андар мулки ту
Дар дили ҳар фарди афғон чира бод!

Нест ҳар фарде сипоҳи Инқилоб,
Гирад ӯро охир оҳи Инқилоб.
Дарраи зиндон дари зиндон шавад
Бахри ҳар нохайрхоҳи Инқилоб.

Он чӣ дар шеърат сурудӣ солҳо
Аз ғами худ, аз ғами ҳамҳолҳо,
Ин замон бикшода ҳамчун Инқилоб
Дар фазои мамлакат шаҳболҳо.

То ба ҷое, ки набарди мардум аст,
Шеър ёри гарму сарди мардум аст.
Шеъри ҳозир нест як вазни арӯз,
Шеъри ҳозир вазни дарди мардум аст.

Шоири пуршӯр ҷӯяд Инқилоб,
Хомааш ҳар лаҳза гӯяд Инқилоб.
Пештар ҳам бештар аз ҳар диле
Дар дили шоир бирӯяд Инқилоб!

Пас ту ҳам, эй шоири шӯридадил,
Бар ҷаҳони зулм зан бонги раҳил.
Ту дар он ҷо инқилоби тоза кун,
Ман дар ин ҷо инқилобатро кафил!

То бибинад халқи афғон сурхҳо,
Дар раҳи мақсуд дуродурҳо,
Мефиристам ман суруд аз Панҷрӯд,
Мефиристам ман зи Норак нурҳо.

Мефиристам меваҳои Инқилоб,
Меваҳои шеваҳои Инқилоб.
Мефиристам корвонҳои қатор
Аз сахою аз сафои Инқилоб!

Шоирему мушфиқи халқи худем,
Ошиқони содиқи халқи худем.
Ту дар он ҷо, ман дар ин ҷо, то бақост,
Дар садоқат лоиқи халқи худем.

Мо на танҳо ҳамҷавору ҳамҳудуд,
Ҳамдилему ҳамсафиру ҳамсуруд.
Сӯи ту, эй Лоиқи разму набард,
Мефиристад Лоиқи ошиқ дуруд!

Байни мо меҳру вафову ёрӣ бод!
Дар ҳама Машриқ аламбардорӣ бод!
Байни мо дарёи Ому ҷорӣ буд,
Баъд аз ин дарёи дилҳо ҷорӣ бод!

1.10.1978

1. Фармон – рул.
2. Сулаймон Лоиқ дар номае барои камина навишта буд: «Аз Лоиқи ғамҳо ба Лоиқи шодиҳо».

* * *

Оҳ, эй дӯшизаи кӯдактабъ,
Ту чӣ донӣ ғами ишқу ғами дил?
Ту зи ман хоҳӣ фақат қофиячанг,
Бехабар аз алами олами дил.

Пеши ман оиву биншинӣ ба ноз,
Гесувонат зи сару дӯш афшон.
Ту надонӣ, ки ба бозори ҳавас
Ғами дилро нафурӯшам арзон.

Пеши ман оиву хоҳӣ ғазале –
Ғазале, ки ба гувориш асал аст.
Дарди ту гар ҳама аз бедардист,
Дарди ман қисмати рӯзи азал аст.

Ғами ту – даст ба гардан нафасе,
Ғами ман – даст ба гардун бурдан.
Ғами ту – ишқи тунукмояву пуч,
Ғами ман – шоири ошиқ мурдан.

Ғами ту ғамкаҳак асту ғам нест,
Ғами ман мӯҳраи тақдири ман аст.
Ғами ту як нафас аз худ рафтан,
Ғами ман уммати инсон шудан аст...

20.12.1978

* * *

Ту осмони манӣ.
Ва ё
Дар осмони муҳаббат ҳамошёни манӣ.
Ту он таровиши нурӣ,
Ки дар шабони сиёҳдил нигоҳбони манӣ.
Агарчи қисмати мову ту достонҳо зад,
Ҳанӯз шеъру ғазалу достони манӣ.

Дар ин сипеҳри садоҳои бенишонии мо
Агар нишони ту бошам, ту ҳам нишони манӣ.
Дар ин ҷаҳони ғалатбоз беғалат боре
Агар ҷаҳони ту бошам, ту ҳам ҷаҳони манӣ.

Дар ин маҳал, ки пасочини боғҳо мондаст,
Ягона меваи уммеду ормони манӣ.
Дар ин ҷаҳони ҷазои «Зи мост, ки бар мост»
Ту ҳам баҳори маниву ту ҳам хазони манӣ...

1979

* * *

Хоҳам биканам номи туро дар тани ҳар кӯҳ,
То аз буни ҳар санг гули номи ту рӯяд.
Хоҳам бикашам тарҳи туро дар вараҷи санг,
То ҳар вараҷи санг паёме зи ту гӯяд.

Хоҳам, ки ба каф гираму тифлона бибӯям
Чун кокули ту кокули ин шаршараҳоро.
Аз ҳар чӣ гузаштаст ба ёди ту зи қисмат,
Пурсам ҳама пайроҳаи кӯҳу дараҳоро.

Хоҳам ба лаби рӯди равон ояму пурсам –
Бахти мани густох чаро лаб назад, эй рӯд?
Он ёр гузашт аз бари ту гул ба сари гӯш,
Аз бобати ман бо ту ягон гап назад, эй рӯд?

Хоҳам, ки туро боз чу дар фасли ҷавонӣ
Он гуна тару тозаю озода бубинам.
Худро ба ҳамон шӯхию мағрурию мастӣ
Пеши ту чунон ошиқи дилдода бубинам.

Хоҳам... Бале, он қадр бихоҳам, ки туро боз
Бинам ба ҳамон нашъаи эъҷози муҳаббат.
Оғоз кунам зиндагии шоириямро
Аз нав ба ҳамон лаззати оғози муҳаббат...

1979

* * *

Дар он соат,
Ки барги охирин гулҳои фасли тирамоҳ
аз боғу бустонҳо
Ба сад афсӯс пар чинанд,
Ба хилват ёд кун аз ман!

Дар он соат,
Ки оби рӯдҳои тирамаҳ беҳолу бетуғён
Зи соҳилҳо фурӯ шинанд,
Ба ҳасрат ёд кун аз ман!

Дар он соат,
Ки холӣ ёбӣ кунҷи хонаи худро,
Дар он соат,
Ки холӣ аз ғами ширин бубинӣ он дили
фарзонаи худро,

Дар он соат,
Ки дунё бо ҳама ҷангу ҷидолонаш,
Дар он соат,

Ки гардун бо ҳама бадру ҳилолонаш
Бароят ҳамчу пуффакҳои дасти кӯдакон
ночиз бинмояд;

Дар он соат,
Ки ин дунёи беоғозу беанҷом
Бароят як нафас поёнпазир ояд,
Ба раҳмат ёд кун аз ман!

Замоне ошиқат будам,
Ҳамин давлат маро кофист!
Касе як лаҳза ошиқ буд, медонад,
Ки дар он лаҳзаи умри худоёна
Тамоми зиндагиро метавон фаҳмиду
ботил кард...

Агар мо розием аз ишқ,
Дунё ҳам зи мо розист.

... Агар шаб ё саҳар нодида чашматро
Бипӯшам чашм аз дунё,
Ту, эй афсонаи ширини умри ман,
Агар номи маро н-орад ба ёдат нағмаи
якрези боронҳо,
Ба миннат ёд кун аз ман!

1979

* * *

Ало, эй Шаҳрзоди ман,
Ало, афсонасози умрбоди ман,
Шабе дигар, даме дигар
Бигӯ афсонае аз олами дигар,
Ки шояд аз табутоби дили пурормони ман
Ҳазор оташ фурӯ мурда, табе монда.
Ки аз умри ҳазору як шаби пурдостони ман
Ҳазораш рафтаву шояд шабе монда...

Ба ҷонам ларза меафтад, чу шабҳо
Биандешам зи бозиҳои дунё –
Биандешам, ки дар поёни роҳи пурхатои худ
Туро гум мекунам рӯзе...

Худоё!
Ту аз ман меравӣ он сон, ки рӯзе омадӣ, аммо
Ту аз ман меравӣ он сон,
ки нур аз чашм хоҳад рафт,
Ту аз ман меравӣ он сон,
ки аз дил шавқ хоҳад рафт.
Ту аз ман меравӣ он сон,
ки барфи домани кӯҳҳо
Баҳорон меравад доманкашон аз ҷо.
Ту аз ман меравӣ он сон, ки бандад кӯч
базми булбулони масту шӯрида
Зи бустони хазондида ба гулзори писандида...
Ту аз ман лаҳза-лаҳза дур хоҳӣ шуд,
Фақат дар хобҳову ёдҳо манзур хоҳӣ шуд.

Худоё, ин чӣ ҳазён аст?
Худоё, ин чӣ олоист?

Муроди ман аз ин шеъри пур аз ҳазёну олой
На он буда, ки гӯям шарҳи андӯҳу ҷудоиро.
Муродам буд, то шукри нафасҳои туро гӯям,
Муродам буд, то шукри саропои туро гӯям.
Ва ҳам гӯям,
Ки шояд аз табутоби дили пурормони ман
Ҳазор оташ фурӯ мурда, табе монда...
Ва ҳам гӯям,
Ки аз умри ҳазору як шаби пурдостони ман
Ҳазораш рафтаву шояд шабе монда...

1979

* * *

Ҳеҷ мебинӣ, ки аз тақвими умр
Рӯзҳои хушнафас бигзаштаанд.
Лек дар лавҳи дили мо ёдгор
Сураҳои ошиқӣ бинвиштаанд.

Рӯзҳои некпай бигзаштаанд
Рӯзҳои некёду некфол.
Он яке саршор аз дидори ту,
Дигаре саршор аз ёду хаёл.

Он яке ошуфта мисли рӯҳи ман,
Дигаре монанди ту дамсози дил.
Он яке бигзашт андар баҳси ишқ,
Дигаре дар лаззати парвози дил.

Он яке сар монд дар зонуи ту,
Дигаре бо ту, вале бе ту гузашт.
Он яке бо дарди дил дар сина монд,
Дигаре бедард аз паҳлу гузашт.

Он яке бо ларзаҳои дил бимонд,
Дигаре аз сар чунон ҳушам бирафт,
Он яке омад ба оғӯшам чу ту,
Дигаре чун ту зи оғӯшам бирафт.

Он ҳама рӯзе, ки саршор аз ту буд,
Ёд орам, хотирам гул мекунад.
Тирамоҳи рафтаро ёд оварам
Сафҳаҳои дафтарам гул мекунад.

Рӯзҳо рафтанд аз даргоҳи умр,
Лек ёди атромезат нарафт.
Шуд варақгардон китоби рӯзу шаб
Байтҳои меҳрангезат нарафт.

Ҳар чӣ буд, аз мо буду ёдаш бахайр,
Ки маро бо ту, туро бо ман расонд.
Ҳар чӣ буд, ҳар рӯзи хушсавдои ман,
Бо ту буду бо ту рафту бо ту монд...

1979

* * *

Ширмаҳтоби ғуборолуда.
Хирмани мӯи туву хирмани маҳ.
Бингар он теғаи чун дасти дароз
Чанг андохта бар домани маҳ.

Рӯд аз хандаи маҳ хандонрӯст:
Мавҷҳо хандазанон мегузаранд.
Ханда кун дар лаби дарё, ки ҳама
Охир аз баҳри ҷаҳон мегузаранд.

Чи тазодест дар авзои замин –
Сабзаҳо сӯхта дар соҳили рӯд...
Оташ андоз зи барқи нигаҳат
То бароянд зи дили дарё дуд!

Чашми ту мерамад аз дидани ман,
Чеҳраи сабзи ту ботамкин аст.
Мову дарёдиливу ин дарё –
Бахти беранг чи сон рангин аст!

Хоки олам ба сари толеу бахт!
Бингар он доғи рухи равшани маҳ.
Бингар он кӯҳи сарафроз чу ман
Даст андохта бар гардани маҳ...

1979

* * *

Чанд рӯзе бо хумори ошиқӣ
Бо дили ман маст шав, ҳушёр шав.
Чанд субҳ аз рахти атрогини хеш
Бо садои оҳи ман бедор шав.

Дар фарози абрҳои нуқрафом
Пар кушою бо дилам парвоз кун.
Гар дили шӯхи маро гум кардаӣ,
Дар фазои бекарон овоз кун.

Шомгоҳон дар ғуруби абрсӯз
Ёд кун аз сӯхтанҳои дилам.
Субҳгоҳон дар тулӯи хандарез
Ёд кун афрӯхтанҳои дилам.

Ҳарчи оташ дорӣ, афрӯзаш баланд,
Ки маро бо ту ҳисобе мондааст,
К-аз ману аз умри нуронии ман
Чанд рӯзи офтобӣ мондааст.

Баъд... баъди рӯзгори ишқу шеър
Ҷамъ кун бо дасти худ девони ман,
Пас парешон кун варақҳои варо
Дар фазои умри ҷовидони ман...

1979

* * *

Агар ишқи ту мардеро ба манзил бурд,
хушбахтӣ.
Зи байни мавҷи тӯфонҳо ба соҳил бурд,
хушбахтӣ.
Агар аз синаи ӯ дил рабудӣ дар баҳои дил,
Вагар ишқат варо ҳам бо ғами дил бурд,
хушбахтӣ.

Дар аввал гарчи бо нозу итобе сӯхтӣ ӯро,
Дар охир чун чароғи даврае афрӯхтӣ ӯро,
Агарчанде забони инсу ҷинни даҳр медонист,
Ба имое забони ошиқӣ омӯхтӣ ӯро.

Ту он аслӣ, ки сарнақши ҳама эъҷозҳои мост,
Ту он васлӣ, ки пайванди ҳама оғозҳои мост.
Бари рӯи латифат сафҳае аз умри ҷовидон,
Кафи дасти шарифат арсаи парвозҳои мост.

Агар ишқи ту мардеро ҷаҳонӣ кард, хушбахтӣ,
Сазовори ҷавонӣ гар ҷавонӣ кард, хушбахтӣ.
Ҳама бори замонро то ба манзил бурду
пеши ту
Ба дӯшаш гоҳ бори дил гаронӣ кард,
хушбахтӣ...

1979

* * *

*Ман ҷону зиндагии худ, эй ҷону зиндагӣ,*
*Гар дӯст доштам, зи барои ту доштам.*
*Камоли Исфаҳонӣ*

Ман зиндагии хешро бо ту шинохтам,
Дар оташи нигоҳи ту дилро гудохтам.
Бо ту агар набудаам ҳамбахт дар замин,
Дунёи бахти хеш дар афсона сохтам.

Ҳар шеъри ман таронаи зебоии ту буд,
Аз баҳри ман нишонаи зебоии ту буд.
Дунёнадидаам, вале дар хотирам мудом
Дунёи бекаронаи зебоии ту буд.

Дарди ту ёд дод сухангустарӣ маро,
Омӯхт бар хатои дилам доварӣ маро.
Ҳарчанд бе ту будаам дар рӯзгори хеш,
Наздик кард дурият бо шоирӣ маро...

Акнун ту дар таровати тақрири ман бимон!
Чун нақши норизоии тасвири ман бимон!
Домодию арӯсии мо дер шуд, дареғ,
Эй наварӯси шеър, ба тақдири ман бимон!
1979

* * *

Як шаб аз қисмат гурезам пеши ту,
Бо ҷунуни дил кунам девонаат.
Тарк гӯям ақли дурандешро,
Гум шавам дар олами афсонаат.

Пеши рӯят оварам рӯи ниёз,
Рӯи дунёе насиби ман шавад.
Як шабе аз сад ҳазорон субҳу шом
Ҳусну зебоӣ насиби ман шавад.

Бо ту сӯзам, то насӯзад толеам,
Бо ту печам, то гурезам аз завол.
Бӯсам аз чашми хаёлангези ту
Ҳамчунон дар олами хобу хаёл.

Ларз-ларзон бо ҳама розу ниёз
Гӯш бинҳам бар тапишҳои дилат,
То ба савдои дили девонаам
Номҳо ҷӯям зи дунёи дилат.

Шаб ҳама шаб сӯзиши зебои дил,
Коҳиши ширини ҷони носабур...
Субҳ ояд, ду фаришта пар кашем
Аз канори ҳам ба гардунҳои дур...
1979

* * *

Баҳор мешавад...
Баҳори пурнигор мешавад.
Замини хотироти ман
Бунафшазор мешавад.
Ба ёди нозҳои кӯдаконаат
Дилам хумор мешавад.

Чи рӯзҳо гузаштаанд,
Ки ман туро надидаам.
Чи дардҳо гузаштаанд,
Ки баҳри ту кашидаам,
Ту – бахти ношинохта,
Ситеғи норасидаам!
Туро чу ёд оварам,
Дилам фигор мешавад.

Ту рафтию зи баъди ту
Баҳори гулфишон гузашт.
Ту рафтию ба ёди ту
Ҷавонӣ бенишон гузашт.
Ту рафтию умедҳо
Чу абри осмон гузашт.
Ба чашми хеш дидаам,
Ки ишқ хор мешавад...

Зи осмони ишқи ман
Ту ахтари фитодаӣ.
Ба кӯҳи орзуи ман
Ту кони нокушодаӣ.
Ба базми зиндагониям
Нахурда ҷоми бодаӣ.
Дилам ба ҳаққи ҳусни ту
Ҳамора зор мешавад...
1979

* * *

Ману ту тирамаҳ гулчинӣ рафтем,
Хазонҳо зери по афтода буданд.
Ба зери осмони сарду бемеҳр
Дарахтон урён истода буданд.

Ману ту тирамаҳ гулчинӣ рафтем,
Нишони сабзаву гул ҷуз хасе нест.
Замин коҳидаву рангаш парида,
Миёни дашту саҳро ҳам касе нест.

Ману ту тирамаҳ гулчинӣ рафтем,
Ки дидори гули худрӯ бубинем,
Ки шояд аз баҳорони гузашта
Гули ночидаи худро бичинем.

Ману ту тирамаҳ гулчинӣ рафтем,
Дигар дар ҷӯйҳо оби равон нест.
Чи бас обе гузашта аз сари мо,
Ки аз мо ҳам касе ҳоло ҷавон нест.

Ману ту тирамаҳ гулчинӣ рафтем;
Замин беҳолу ноҳинҷор хуфта,
Вале андар замини толеи мо
Чи гулҳоест ҳоло ношукуфта.

Ману ту тирамаҳ гулчинӣ рафтем,
Ҳама гулбуттаҳо бебарг буданд.
Кӣ медонад, ки андар қисмати мо
Чи гулҳое, ки ғофилмарг буданд...

Ману ту тирамаҳ гулчинӣ рафтем
Ба рағми роҳу расми рӯзгорон.
Ману ту аз баҳорон дер мондем,
Дареғи он ҳама гул дар баҳорон...

1979

* * *

Ман аз чашми ту метарсам,
Аз он чашми пурафсуни ту метарсам.
Чу ҳар дам мешавад кам гармҷӯшиҳои эҳсосам,
Зи ҳусни рӯзафзуни ту метарсам.

Баҳори ман!
Баҳори ошиқии ман гузаштаст.
Туро мебинаму дил андаруни сина метаркад,
Ҳавасҳое диламро чун паланги захмхурда
мезанад чангол,
Ба ин ҳоли пареш аз қадди мавзуни ту метарсам.

Чӣ гӯям?
Чӣ гӯям ман, к-аз он ногуфтанам беҳ!
Дилам хоҳад, ки дил бандам,
Вале дар синаам дил нест.
Ҳама тарсанд аз таҳдиди қонунҳо,
Ман аз таҳдиди қонуни ту метарсам.

1979

## ДАР ҶАНГАЛИСТОН

Яке қоматхамида,
Дигаре мавзуну хушқомат,
Яке дар тан варам дорад,
Яке бегурму тансиҳҳат.

Яке тоқа, дигар қӯша,
Яке танҳо, дигар ҷуфт аст.
Яке мағруру озода,
Дигар бемояву зуфт аст.

Яке аз дур бинмояд басо солору босавлат,
Ба мисли одамони хомфарбеҳ зӯру боҳайбат,
Валекин чун зи наздикаш бубинӣ хуб санҷида –
Дарун ковоку пӯсида...

Яке чун беҳунар ҷӯяд ҳамеша муттакои хеш,
Ниҳад бар гардани ёрон ҳама бори гуноҳи хеш,
Зи ҳамнавъон чӣ ӯро эътибор аст?
Чаро бар гардани онон савор аст?

Бубинӣ калдарахтеро,
Ки на шоху на баргаш ҳаст.
Валекин бо ҳама афсурдаҳолӣ
На бок аз ҳукми маргаш ҳаст.

Зи бехи кундаҳои пудае
Таҳҷастҳо руста
Ту гӯӣ бар мазори модари худ зор мегирянд,
Зи ашки модару
Аз ашки чашми хеш месабзанд пайваста.

Бубинӣ навдарахтеро,
Ки дар тан захмҳои ишқ дорад:
Ду ошиқ омада рӯзе ба зери чатри шохи ӯ,
Нишаста уқдаи дилро кушуданд.
Басо аз ишқу паймону вафодорӣ
Ба ҳам афсона гуфтанду шунуданд.
Кашида дар тани ӯ сурати дилро,
Ба теғи тез канда номи худ А ҷамъи Б[1]
Аз ёдгори ошиқишон розӣ рафтанд.

... Ҳанӯз аз ҷои захми номи онҳо
мечакад зардоб,
Ту гӯӣ ҳамчу ашки номуродӣ мечакад бар хок.
Куҷо рафтанд он ду ошиқи бебок?
Магар дар ёдашон мондаст он қавли вафодорӣ,
Магар дар ёдашон монда суханҳое
Ки дар пои дарахти безабон гуфтанд?

Чӣ ҷои пурсишу ковиш?
Ҳама дар ин ҷаҳон дар синаи худ захмҳо доранд.
Аҷаб набвад, ки он ду ошиқи хушком ҳам
Имрӯз нокоманд,

1. А + Б.

Ва андар синаи худ решҳои бедаво доранд.
Даруни ҷангалистон як нафас биншастаму
дидам,
Ба зоҳир ҷумла ҳамнавъанд,
Ҳамранганд,
Ҳамроҳанд.
Ба зоҳир ҷумла аз ҳоли дили якдигар огоҳанд.

Вале афсӯс,
Рӯзи воқеа –
Вақте ки бояд тарк гуфт ин дори дунёро,
Миёни ҷумла ҳамнавъон
Ҳама танҳо бимиранд.

Дарахтони дигар, то реша андар хоки тар
доранд,
Насиби хеш аз дунё бигиранд...

1979

* * *

Ҳар чӣ мебинам ба олам шоирона
Дилфиребу дилнишин аст.
Ҳар чӣ мебинам, бароям чун насиба
Аввалин аст, охирин аст.

Бингарам бар беди маҷнуни лаби ҷӯ –
Кокулонашро кушодаст.
Бар сари дӯши тавора гӯӣ бар дӯши бародар
Шонаашро такя додаст.

Бингарам дар ду дарахти кунҷи ҳота
Чун ду ёри меҳрпайванд.
Ин ба он печидаву он низ бар ин,
Шохаҳо гардан ба гардан.

Бингарам бар кӯдаки хуспида ширин
Баъди бозӣ орамида –
Дар канораш тонку шамшеру ба дасташ
Пораи нони газида.

Бингарам бар пирамарде: ғаддаеро[1]
Зер карду монд ҳайрон.
Оҳ, меларзад саропои вуҷудаш
Чун пули борику ларзон.

Бингарам масте равон аст аз биёбон
Дилгазон аз макру туҳмат.
Муштро бардошта то осмонҳо
Бо касе дорад қиёмат...

1. Ғадда – пул, пули кӯчак.

Бингарам бар осмони пурситора –
Рамзи умру рӯзи шоир.
Бингарам бар гулхани чӯпонӣ дар кӯҳ
Чун дили хушсӯзи шоир.

Бингарам бар хештан, бар хилқати худ
Нотамому норасидаст.
Бингарам бар рӯи бархе ҳамзамонон –
Ҳам сиёҳу ҳам сафед аст.

Дар ҳама ҷо, дар ҳама кас, дар ҳама чиз
Зиндагӣ басту шикаст аст.
Дар ҳама дил, дар ҳама рӯ, дар ҳама чашм
Зиндагӣ дасти ба даст аст.

Ҳар куҷо ҳам солхурда, ҳам ҷавона
Орзуманди ҷавонист.
Он чӣ дар пиру ҷавон пирӣ надорад,
Орзуи зиндагонист.

Лек ҳастии мусалсал то бипояд,
Баҳри ҳар кас вопасин аст,
Ҳар чӣ мебинам, бароям зери гардун
Аввалин аст, охирин аст...

1979

* * *

Ин ҷаҳони чорунсур аз азал
Бо тарокумҳои бебоконааш
Чошнигирӣ биёмухтам басо
Аз ҳақиқатҳои ҷовидонааш.

Дар канори баҳри нопайдоканор
Оби шӯраш хурда, гаштам ташнатар.
Пар кушодам ҳар қадар сӯи уфуқ,
Он қадар дидам, надорам болу пар.

Солҳо киштам, дурудам солҳо,
Боз ҳам ин кишт новарзида монд.
Сад ҳазорон бӯсааш кардам, вале
Боз ҳам ин ёр нобӯсида монд.

Ҳар қадар дидам ҷамоли зиндагӣ,
Он қадар дидам, ки аъмоям ҳанӯз.
Ҳар қадар бо дилбарон ошиқ шудам,
Он қадар дидам, ки танҳоям ҳанӯз.

Гӯиё ман дар лаби як обгир
Акси худро дидаму роҳӣ шудам.
Гӯиё чун гумраҳе аз гумраҳе
Самти раҳ пурсидаму роҳӣ шудам.

То бидонистам, ки дунёи ғариб
Бо шукӯҳи рафтаву бозомада
Чун китоби Рӯдакии шоир аст –
Пур зи доғи шеърҳои гумшуда...
1979

* * *

Дидаам дилрезаҳое, ки радифи дил нашуд,
Соҳибунвоне басе дидам, яке фозил нашуд.
Зиндагӣ! Гар устоди мо туӣ, бепарда гӯй,
Аз чӣ шогирдони як мактаб ҳама оқил нашуд?!

Ошиқе андар сари паймон зи дунё бигзарад,
Шоири бедордил бо ҷони шайдо бигзарад.
Зиндагӣ! Гар раҳбари моӣ, чаро тардомане
Пой тар нокарда аз гирдоби дарё бигзарад?!

Чоплусе, ноҷавонмарде қасамҳо бишканад,
Нашканад тарфи кулаҳ, аммо ҷаҳон барҳам занад.
Зиндагӣ! Гар довари якрӯй бошӣ, пас чаро
Аблаҳе аз бом афтад, гардани мо бишканад?!
1979

* * *

Чун бубинам, ки сарфарозонро
Зиндагӣ зердасти худ кардаст,
Ноаён бекаманду безанҷир
Ходими пойбасти худ кардаст;

Чун бубинам аёлмандеро
Қолаби зиндагӣ фурӯ бурдаст,
Ҷоми ӯ лабшикаставу нима,
Ҷисми ӯ хастаю палакмурдаст;

Чун бубинам, ки обрӯманде
Ташнаи оби ҷӯи кухсор аст,
Дар назар пурсалобату пурдил,
Лек некӯш бинӣ, бемор аст;

Чун бубинам, ки обрӯманде
Аҷз дида, тарки орзу кардаст,
Монда дар нимараҳ зи худ розӣ,
Роҳи дигар на ҷустуҷӯ кардаст;

Чун бубинам, ки оҳанинзӯре
Гашта зангорхурдаву берӯҳ,
Нобарории хешро дида,
Мехурад май зи ғуссаву андӯҳ;

Бингарам чун ба чашми густохон –
Чашмашонро ҳаёт тарсондаст,
Ҷисмашонро гирифта дар қабза,
Мисли шохи дарахт ларзондаст;

Гӯям, – эй дӯстон, – муросо чист?
Зиндагиро ба ҳукми худ созед.
Хомию сархамӣ чӣ кор ояд?
Хештанро ба кӯра бигдозед!

Одамӣ гар зи хеш розӣ буд,
Ҳикмати зиндагӣ намеомӯхт.
Буд розӣ агар ба оташбарг,
Оташи ҷовидон намеафрӯхт.

Одамӣ гар зи буда розӣ буд,
Ганҷи нобударо куҷо меёфт?
Одамӣ гар ба пастӣ қонеъ буд,
Кай нишемангаҳи само меёфт?

Зиндагӣ нест ҷои созишгоҳ,
Зиндагӣ ҷои амру фармон аст.
Зиндагонист ҷои сӯзишгоҳ,
Худшиносию шӯру исён аст!
1979

* * *

Сабзаи сӯхтаи манзараҳо,
Пояи хушки алафҳои кабуд.
Ё худо, дар бари кӯҳу дараҳо
Дина айёми ҷавоним набуд?

Як замон бехабар аз туҳмату қасд
Ману дил ҳар ду як одам будем.
Бо ҳавасҳои ҷавон даст ба даст
Маст аз шавқи домодам будем.

Медавидем ба паҳнои баҳор
Ҳама ҷо – манзараи шевое,
То биёбем чу савғои баҳор
Аз таги барф гули зебое.

Домани махмалии кӯҳу камар
Рангомезии афсонавӣ дошт.
Мо, ки будем наву тозаву тар,
Ҳама андар назари мо навӣ дошт.

Як садо довари ҳақгӯям буд:
Нақд кун, ки ҳама бетакрор аст.
Як садои дигарам мефармуд:
Ғам махур, рӯзи худо бисёр аст...

Модарам ҳар нафас огаҳ мекард,
Ки ҷавонӣ чу саломи раҳакист.
Падарам гоҳ санад меовард:
Аввали пирии мо нуҳмаҳагист.

Ман вале бо дилу ҷон меҷустам
Шеъри ногуфтаи девонамро.
Аз ҳама рӯи ҷаҳон меҷустам
Орзуҳои парешонамро.

То бидидам, ки ҷавониям рафт,
Оламе фахру таманно ба бағал.
Захми дил хурдаву ҳам доғи талаф,
Бебадал рафт дар он радду бадал.

То бидидам, ки ба он рангинӣ
Гӯиё бо шабаҳи хотираҳо
Рафт бо духтараке гулчинӣ
Байни ин сардараю подараҳо...

1979

* * *

Замони беғубори баччагиям
Аҷаб ғамхорҳое доштам ман.
Ба тоқӣ, дар гиребон, ҷилди болишт
Аҷаб тӯморҳое доштам ман.

Наёбам то газанд аз заҳри морон
Яке дандони морам буд тӯмор.
Дигар аз чашми беоҳуи оҳу,
Ки аз чашми бадам бошад нигаҳдор.

Яке тӯмор нохунпорае буд
Зи чанголи уқоби осмонгир –
Нигаҳбон аз қазои осмонӣ,
Ҳам аз парвози пасти мурғи тақдир.

Яке аз ашки гургам буд тӯмор –
Балогардони ман аз ашки гургон.
Дигар аз чанги хирсам бозубанде –
Зи чанги тези хирсонам нигаҳбон.

Беҳин тӯмори ман буд яккатире
Хаташ бо шеър андар ҷилди адрас.
Ба як тӯмор буд ҳам тир, ҳам шеър
Ки гирад пеши роҳи тири нокас.

Замони беғубори баччагӣ рафт
Ба он дунёи пурмеҳру навозиш.
Ҳама тӯморҳоро бурд гӯӣ
Ба тоқӣ, дар гиребон, ҷилди болиш.

Бирафту ҳеҷ натвонист аз роҳ
Ягон тӯмор бозаш дорад, афсӯс.
Ҳама тӯморҳоро бурд, лекин
Фақат тӯмори тирам монда имрӯз.

Варо дар ман набинад ҳеҷ чашме,
Ҳамоно он бувад чун савлати ман.
Валекин мекунам эҳсос ҳар бор,
Ки ӯ дар ман бувад чун давлати ман.

Валекин мекунам эҳсос ҳар бор –
Вуҷудам ғарқа дар фавҷи хатоҳост,
Бидон, ки шеъри ман монанди тӯмор
Нигаҳдори ман аз мавҷи балоҳост.

1979

* * *

Ба гӯшам мерасад ҳар гоҳу бегоҳ
Садои ошнои ошноҳо.
Ба гӯшам мерасад шабҳо зи кӯҳсор
Фиғони рӯдҳо дар тангноҳо.

Саҳар як талъате ояд ба чашмам
Бипурсад: «Дар чӣ ҳолӣ, шоири ман?»
Мисоли ахтари паррону сӯзон
Фурӯзон бигзарад аз хотири ман.

Тамоми рӯз саргарми такодав
Миёни баҳси маҷлисҳои бесуд
Зи шеъре мисрае бар ёдам ояд,
Ки гӯӣ баҳси маҷлис баҳси ӯ буд...

Миёни растаи ошуфтабозор
Бубинам рӯи гармерову ҳайҳот,
Натонам гуфт номаш чӣ, куҷоист,
Ва ё чун чеҳраи ӯ монда бар ёд.

Шабонгаҳ фориғи рӯзи гузашта
Чу бикшоям китобу дафтарамро,
Зи байни сатрҳо бинам пур аз ашк
Нигоҳи интизори модарамро.

Садоҳои шиносу ношиносе
Шабу рӯзон диламро меҳаросанд.
Нигаҳҳои шабаҳранги азизон
Маро дар ҳар куҷое мешиносанд.

Миёни он ҳама дидору овоз
Басо гумкардаҳое дорам аз умр.
Садое гар маро мехонад аз ғайб,
Яқин ман ҳам садое дорам аз умр.

Садои ман уруҷи он садоҳост,
Ки хомӯшанду печон дар асиранд.[1]
Ҳазорон мурдаро ман зинда дорам,
Намирам то ман, онҳо ҳам намиранд...

1979

* * *

Чу ман ҳам одамизодам,
Гаҳе ҷамъу гаҳ ошуфта
Ба роҳи умру шеъру ишқ
Хатоҳое зи ман рафта.
Хатоҳое ба рафтору ба гуфторам.
Хатоҳое ба кирдору ба афкорам.
Ки бар доғи гуноҳонам
Гирифторам, гирифторам.
Ки пеши хеш медонам,
Ки ман умре зи афкори худ афгорам.

Вале андешае! Сабре!
Агар рафтам чу шохобе ҷудо аз рӯд
Ба маҷро боз баргаштам.
Чу моҳӣ гар паридам як қади найза зи сатҳи об,
Ба дарё боз баргаштам.

Агар бишкаст шохе аз дарахти орзуи ман,
Ба хоки эътиқоди зиндагӣ як решаам афзуд.
Гаҳе як лағзишам беҳ буд аз сад носеҳи тарсу,
Туфайли як хато дар сар ҳазор андешаам афзуд.

Миёни баҳсу ҳукми носеҳони қолабӣ дидам,
Ки онҳо низ беш аз ман хатокоранд.
Риёкоранду айёранд.
Вале аз баҳри хаспӯши гуноҳи худ
Дусад баста санад доранд.
Хатокорони аз ман пиртар бояд накӯ донанд,
Ки ман ҳам то замоне чун фурӯ биншинад эҳсосам,
Чу хуни гармам аз фаввораи шавқаш фуруд ояд,
Чу оташҳои пуртоби дарунам бешарар гарданд,
Чу онҳо носеҳи ғамхор хоҳам шуд,
Чу онҳо довари солор хоҳам шуд.

Хатокорони беш аз ман хатокарда накӯ донанд,
Ки баҳри як хатои ман
(Шараф бодо ба онон!) низ онон ҳам сабабгоранд;
Ки баҳри як хатои ман
Гунаҳкорони бисёранд...

Вале сабре!
Чу рӯзе баршавам бар қуллаи худ,
Шумо, эй носеҳони хурдабини ман!
Накӯ бинед то фарзу яқини ман,
Бибояд бо ҳазорон ранҷ аз он дидгоҳи худ
Ду қулла боз болотар бароед аз мақоми ман –
Вагарна бо чӣ меъёре
Зи пои кӯҳ ҷурми қулларо нодида мебинед,
Шумо эй доварони нотамоми ман?!

Ман охир мерасам бар қуллаи худ,
Ки ӯ дар ин ҷаҳон, дар ин замин аст.
Ман Инсон мекунам худро,
Бидонед,
Хатои охирини ман ҳамин аст!...

1979

* * *

Агар хоҳӣ, ки навмедам набинӣ,
Бикун боре ба ман мушкилкушоӣ.
Маро як умри бемарге ато кун,
Ба ман омӯз расми бефаноӣ.

Агар хоҳӣ, ки дар шеърам набинӣ,
Хазонҳоро чу ранги рӯйзардон,
Ба тобистон масӯзон сабзаҳоро,
Хазонҳоро якояк сабз гардон.

Чаро таънам занӣ бар бехудиҳо?
Агар мардӣ, агар бисёр мардӣ,
Бикун ҳамвор аввал роҳҳоро,
Бихоҳ аз ман сипас ҳамворгардӣ!

1979

* * *

Ҳарчанд ки вопеш равонам ба раҳи умр,
Бо дилнигаронӣ ба қафо менигарам боз.
Лахте дилу ҷон бурда зи ман умри гузашта,
Бар умри хаторафта хато менигарам боз.

Ҳар рӯз, ки бигзашт ба сад фанду ба сад панд,
Некӯ нигарам, буд, барои дили ман буд.
Чун бахт, ки як ояду қадраш нашиносем,
Ҳар рӯзи хатохурда хатои дили ман буд.

Як рӯз ба парвоз чу мурғони фирорӣ
Бо таҳлукаи талх зи болои сарам рафт.
Як рӯз чу мӯре, ки кашад дона ба хона,
Бо пайраҳаи танг зи пеши назарам рафт.

1. Асир – эфир.

Як рӯз чу хуршеди паси абри ситабре
Бетобишу бегармӣ паси кӯҳ билағжид.
Як рӯз чу ёрони забонсозу замонсоз
Сад ваъда бубахшиду яке ком набахшид.

Он рӯз фақат рӯзи хушам буд, ки дар дил
Як шуъла барафрӯхтаву тобутабам дод.
Он рӯз фақат рӯзи хуши умри сарам буд –
Рӯзе, ки ба рӯзи дигар уммеди навам дод...

1979

* * *

Сангро бардоштан душвортар
З-он ки андар варта ғелон кардаӣ.
Шеърро иқрор кардан сахттар
З-он ки инкораш кунӣ бепардае.

Бедро битвонӣ бешоҳид бурид,
Тутро аммо буридан дигар аст.
Бояд ин ҷо лоақал ду шоҳиде,
То бигӯяд: тути хушки бебар аст.

Обро олуда кардан кори саҳл,
Лек аз нав соф кардан мушкил аст.
Кӯҳро таркондан осон ҳилаест,
Ганҷ ҷустан лек кори оқил аст.

Дӯстам, пур табли холӣ мезанӣ,
Нашнавад арзи диле гӯши карат.
Дӯстам, бар қулла гар туф мекунӣ,
Худ чу пастӣ, боз ояд бар сарат...

Як сухан сад қавмро як мекунад,
Мефизояд як сухан ҳусни Ватан.
Шоири озода селоварда нест,
Нест ҳам тухми палак тухми сухан.

Шоири фарзонаро асру замин
Бар ниёзи хештан меоварад.
Модаре танҳо назояд шоире,
Халқ ӯро баҳри худ меофарад.

Як сухан полудаи сад хуни дил,
Зиндагӣ сад чашми як полован аст.
Ман чӣ ҳам гӯям барои чун туе?
Ман чӣ ҳам гӯям? Худ аз худ равшан аст...

1979

* * *

Хабар доред оё, ҳазрати Лоиқ,
Ки аз фасли ҷавонии шумо ниме ба ғафлат рафт,
Ки аз ганҷинаи умри шумо ниме ба ғорат рафт,
Ки дуздоне ба номи Ишқу Шеъру Орзуи
шуҳрати фардо
Зи пеши чашматон
Ганҷи шуморо мебаранду мебаранд осон?

Шумо дар коргоҳи шоирии худ
Миёни дуди танбокуву ашхоси китоби
чида дар ҷевон
Ба номаш шеъраке гуфтеду хурсандед.
Шумо аз номаҳои содалавҳи чанд зоҳирбин,
Ки гӯӣ шеъратонро хонда хандиданду болиданд,
Ки гӯӣ шеъратонро хонда ларзиданду нолиданд,
Ба нозу фахр бишкуфтеду хурсандед.

Шумо охир
(Илоҳӣ хона-тон бошад пури гандум!)
Чаро бовар кунед осон
Ба таърифу гапи мардум?

Шумо аз он касоне нестед охир,
Ки бо гургон бара хурданду бо чӯпон
бигирйистанд.
Шумо аз он касоне нестед охир,
Ки аз ҷӯе ҷаҳиданду зи дарёе наёрастанд.

Шумо аз саргузашти шеър медонед,
Ки шеъри хубро як бор мегӯянд.
Ки шоир низ дар эъҷоз танҳо чун худованд аст.
Ки шоир бо ҳамон як шеъри хуби
аввалину охирини хеш
Ба мисли модарони яккафарзанд аст.

Шумо аз саргузашти шеър медонед,
Ки аксар шоири фарзонаи офоқ
Зи худ норозӣ пеш аз марг менолид,
Ки шеъри беҳтарини хешро бар гӯр хоҳад бурд
Ва ё дар гӯр хоҳад гуфт.

Шумо боре ба худ оед,
Даме дилро ба рӯи сафҳа бигзореду пурседаш,
Ки оё он ҳама шеъре, ки фармудаст,
Сухан будаст ё бешак суханреза?...

Агар ин сон ба мизони хирад санҷед шеъри хеш,
Нишаста рӯ ба рӯтон бериё гӯям,

Ки то ҳоло (маро маъзур медоред!)
Ба ҳован об кӯбидед!

Хабар доред оё, ҳазрати Лоиқ,
Ба ҳован об кӯбидед!
Ба ҳован об кӯбидед!

1979

* * *

Мардуми деҳ хона месозад ҳама соли дароз
Дар гумонаш хонаи нав оварад иқболи нав.
Гарчи обод аст хона, айб меёбад дар ӯ,
Меканад девори куҳна, мезанад деволи нав.

Ҳеҷ агар коре наёбад, меканад дарвозаро
Мешинонад лек онро боз дар ҷои дигар.
Дар гумонаш ҷои дарвоза агар дигар шавад,
Марг раҳгум мезанад дар кӯчаи деҳ дар ба дар...

Ҳотааш гулзор, боровар дарахтонаш ҳама,
Лола мерӯяд баҳорон дар сари деворҳо.
Лек ҳар фасли баҳор илмаш намегирад қарор
То нагирад сар-сари деворро сархорҳо.

Дар гумонаш ҳар чӣ нав бошад, намеёбад халал,
Гӯиё дар хонаи нав раҳ намеёбад аҷал...

1979

* * *

Суруди мавҷдори рӯди Варзоб,
Чароғони хаёлангези соҳил.
Ҳама мастанд дар бустонсароҳо
Ба оби рӯд сар дода ғами дил.

Ба рӯи мавҷ нури маҳ шикаста,
Ба нури моҳ ғарқ аст оби дарё.
Ту пиндорӣ ба ҷуз ин рӯди пуркор
Надорад ҳеҷ кас парвои дунё.

Чанору беду харсангони бедард,
Вале дарё пур аз дарди гарон аст.
Дили ӯ пур, вале дар рӯи мавҷаш
Чи осон шишаи холӣ равон аст.

Шино дорад сабук дар рӯи амвоҷ,
Чӣ дорад шишаи холӣ гаронӣ?
Ба сони ӯ гаҳе дар рӯи обанд
Тиҳимағзон ҳам андар зиндагонӣ.

Ба рӯи мавҷ ларзад сояи кӯҳ,
Даруни об куҳҳо сар ба поянд.
Ба соҳил решаҳои обшуста
Ҳама захми намоён менамоянд.

Дилам бар ҳоли он дӯлона сӯзад,
Ки гарчи решаковаш карда дарё,
Сари по истодаст орзуманд
Ба дилҷӯиву бахшишҳои дунё...

1979

## БАРОИ УБАЙД РАҶАБ

Ҳама он пайкара,
К-аз баҳри арбобони бузрук мегузоранд,
Ҳама санге, ки дар ӯ лавҳи гӯре менигоранд,
Зи санги кӯҳсорон аст.

Ҳама санге,
К-аз онҳо сангҳои осиё созанд,
Ҳама санге,
К-аз онҳо пойбасти қасрҳову кӯшкҳо созанд,
Зи санги кӯҳсорон аст.

Таманно дорам аз кӯҳсор, –
Эй кош!
Ки рӯзе бигзарам аз дори дунё,
Ба ҳаққи он ҳама дилгармию дилнармии мо
Ба рӯи гӯри мо
Як пора санги хешро арзанда донад...

1979

## ВОПАСИН НАФАСИ ХАЙЁМ

Илоҷи дард ҷустан дар ҳама ҳол
Зи тибби Бӯалӣ кори наҷиб аст,
Вале баҳри ҳакиме мисли Хайём
«Шифо»-ро хонда ҷон додан аҷиб аст.

Намеҷуст аз «Шифо» Хайём сеҳре,
Ки сад соли дигар умраш физояд,
Фақат мехост андар вопасин дам
«Шифо»-ро чун дари дунё кушояд.

Фақат мехост бо чашмони Сино
Назар созад ба чашми марг боре.
Фақат мехост андар бистари марг
Варо Сино кунад бемордорӣ.

«Шифо»-ро боз карду чашм пӯшид,
Тамоми дардҳояш бедаво монд.
Миёни сафҳаҳои тибби Сино
Нигоҳи мурдаи дардошно монд.

Ва инак мекушоям ман «Шифо»-ро,
Дилам пур захми носур асту носур.
Ба ҳар захме, ки андар сина дорам,
Ҳама офоқ маъзур асту маъзур.

Ба кулли дардҳои ҷовидона
Ба ҳар дарде, ки бошад ҷурми айём,
Шифобахшӣ гар аз дастам наояд,
«Шифо»-ро хонда мемирам чу Хайём...

8.3.1979

## ШЕЪРЕ, КИ ХОБ ДИДАМ

Шабонгоҳон чу меафтад ситора
Зи базми ахтарони бешумора,
Хаёлам, бозмегардад зи парвози фалакгире
Ба сӯи ин замин
Аз осмонҳо Экзюперӣ.

Шабонгоҳон чу меафтад ситора
Зи тоқи осмони беканора,
Хаёлам, бозмегардад ба он шӯхию он шангӣ
Ба базми ин замин
Аз осмонҳо Зуҳраи чангӣ.

Агар афтад ситора дар дили шабҳо,
Хаёлам, аз само рӯи фалакпаймо
Гагарин бозмеояд зи парвози нахустинаш,
Заминро мекунад оғӯш эъҷози нахустинаш.

Шабонгоҳон чу андар соҳати кайҳон
Бубинам тори равшан аз паи ҳар ахтари паррон,
Хаёлам, лираи гумгаштаи Орфей шавад пайдо,
Ба гӯши мо кунад хунё.

Чу ояд ахтаре сарзер аз гардун,
Хаёлам, бо сари шӯридаву пурхун
Петефӣ аз миёни корзорон зинда меояд,
Ва Лорка
Бо гитору бо лаби пурханда меояд...

Худовандо!
Намедонам чӣ фол асту чӣ таъбире,
Ки ман ин шеърро
Дар хоб дидам вақти шабгире,
Ки худ парвоз мекардам ба сӯи осмони дур,
Ки худ парвоз мекардам ба сӯи ахтарони дур...

10.3.1979

## БАРОИ ФАРДО

Зиндагӣ то ки бардавом бувад,
То бувад насли сонӣ бархурдор,
Модарон рафтаанд гар сари хишт,
Падарон рафтаанд бар сари дор.

Аз барои идомати авлод,
То бибошад давоми насли башар,
Падарон хурдаанд тири адӯ,
Модарон хурдаанд хуни ҷигар.

То ки мерос бар писар бошад,
Падарон мурдаанд дар раҳи ор.
То ки рӯҳи падар шавад розӣ,
Писарон мурдаанд дар таҳи ор.

Зиндагӣ то ки пешпо нахурад,
Зиндагӣ то бақо кунад ҷовид,
Модарон дидаанд рӯзи сиёҳ,
Кӯдакон хурдаанд шири сафед...

11.3.1979

## ДУ МАСЧОҲӢ ДАР ОВРИНГ

Қазоро рӯзи равшан ё намози шом
Агар дар оврингe нобаҳангом
Ду масчоҳӣ
Зи дунболи ду маркаб –
Маркаби пурбор бо ҳам рӯ ба рӯ меомаданд,
Агар имкони вопас рафтани маркаб намебуд,
Хару бори касе беқадртар бошад,
ба ҷанҷоле наарзад,
Ба дарё, ё ба варта мефиканданд
аз сари мардӣ,
Ки то бору хари боқадртар осон гузар созад...
Чӣ ҳикмат дорад ин ҳиммат? Нафаҳмидед?...

11.4.1979

## МЕҲВАРИ ДУНЁ

Ин замин шодоб шуд аз обрӯи Комунист,
Ёфт худро оламе аз ҷустуҷӯи Комунист.
Чун гули вартоҷ[1], ки рӯ оварад бар офтоб,
Оламе рӯ оварад имрӯз сӯи Комунист.

Ин ҷаҳон бедор шуд аз ҷунбуҷӯши Комунист,
Рози дунё мерасад аввал ба гӯши Комунист.
Як замон бори замин будаст бар дӯши самак,
Ин замон афтода бори ӯ ба дӯши Комунист.

Комунистонанд ҷонибдори тақдири замин,
Ҳар куҷое истодастанд чун тири замин.
Гирд мегардад замин имрӯз пиромунашон,
Баски тадбири замонастанду тадбири Замин.

Ҳар куҷое тахти бебахте, ки буд, андохтанд,
Бахти бетахте ба фарзандони одам сохтанд.
Корҳои осмонӣ карда дар рӯи замин,
Ин замон бар созмони осмон пардохтанд.

Дар ҷаҳони субҳу шому шодбахту шӯрбахт
Бишнавам имрӯз аз ҳар сабза, ҳар барги дарахт;
Гар Диёҷон машъал андар даст инсон ҷуста буд,
Комунистон баҳри инсон бахт меҷӯянду бахт!

Архимед гар муттако меёфт, бефарзу яқин
Ин заминро вожгун мекард бо азми матин.
Комунистон ёфтанд он муттакоро бегумон
Дар мадори донишу фикри ҷаҳонгири Ленин.

Як замонро вожгун карданд баҳри сад замон,
Як ҷаҳонро вожгун карданд баҳри сад ҷаҳон.
Осмони тираеро аз фалак бардоштанд,
То кушоянд аз барои одамӣ сад осмон.

Комунистонанд акнун сарпарастони ҷаҳон,
Оташи дилҳо ба каф – машъалбадастони ҷаҳон.
Комунистонанд акнун котиби таърихҳо,
Пайки фардоянд акнун комунистони ҷаҳон.

Матлаи фардост ҳар ҷое, ки бошад Комунист.
Дасти ҳақ болост ҳар ҷое, ки бошад Комунист.
Эй ки меҷӯӣ зи ҳикмат меҳвари дунё куҷост?
Меҳвари дунёст ҳар ҷое, ки бошад Комунист!
9.6.1979

1. Вартоҷ – гули офтобпараст.

## ДУОИ БОРОН

Хушксолӣ пеш ояд ҳар замоне,
Синаи гардун бихушкад ҳар баҳоре,
Ҷои абру ҷои боронҳои найсон
Чашми деҳқон мегирист аз интизорӣ:

«Ёраб, сабаби ҳаёти ҳайвон бифирист,
Аз хони карам неъмати алвон бифирист,
Аз баҳри лаби ташнаи тифлони набот
Аз синаи абр шири борон бифирист!»

Дар лаби рӯде ва ё дар гӯшабоме
Ин дуоро чун нидое бар худояш
Бурда мегӯронд агар Бобои деҳқон
Мерасид гӯё ба гардун илтиҷояш.

З-осмон аммо наме нозил намешуд,
Киштаҳо фарёд мекарданду зорӣ:
Модари абр! Аз чӣ баҳри мо нагирйӣ?
Эй худои осмон, раҳме надорӣ!

Боз ҳам Бобои деҳқон бо умеде
«Деги дарвешон» ба саҳро мекашонид.
Баҳри ҳар дарвеши боронинтизоре
Чумча-чумча з-он худоӣ мечашонид.

Он худоӣ баҳри дарвешон набуда,
Балки қурбонӣ барои осмон буд.
Он худоӣ бар худои барфу боронҳо,
Ҳам барои майсаҳои хастаҷон буд.

Лек боз аз осмон як нам намерехт,
Пири деҳқон дар ғазаб мешуд аз ин фанд.
Он ягона гови худро дар лаби рӯд
Бурда хун мекард аз баҳри худованд.

Бо умеде: хун биомезад ба дарё,
То фалакҳо баршуда резад чу борон,
Бишканад то ташнагиҳои заминро,
Сабз гардад, сабз монад киштзорон.

Лек боз аз осмон як нам намерехт,
Ҳам худо кар буду ҳам гӯши фалакҳо.
Боз ҳам Бобои деҳқон зора мекард
Аз худову аз фалакҳову малакҳо:

«Ёраб! Зи фиреби ту дилам мегирад,
Чашмом ба ҷои абри ту мегиряд.
Як сабза бипажмурад, надорам боке,
Эй чарх! Тараҳҳуме! Замин мемирад!»

Лек боз аз осмон як нам намерехт,
Аз сари ҳар воти[1] байни киштзорон
Пири деҳқон мегузашту ашк мерехт
Бар сари ҳар сабзае бар ҷои борон...
10.6.1979

* * *

Рӯзгори ошиқии мо гузашт,
Умри ман чун мӯи ту кӯтоҳ шуд.
Мо, ки андар кӯи дил раҳгум задем,
Ишқи мо ҳам мисли дил гумроҳ шуд.

Ишқи мо аввал чу Дарёҷой[2] буд,
Кам шуд охир дар мурури солҳо.
Аз кӣ буду аз чӣ буд ин оқибат –
Кай биҷӯем аз китоби фолҳо?

Вақти ошиқ буданат бо сӯзи дил
Як ту мефаҳмидӣ мастиҳои ман,
Дар баландии ғурури шоирӣ
Он ҳама мастию пастиҳои ман.

Хонуми сабзина, аз ман ёд кун,
Ки ғаматро солҳо варзидаам.
То ба кӯи васли ту бо дарду доғ
Эй басо тарсидаву ларзидаам.

Баски оғӯши ту атри кӯҳ дошт,
Ошиқат будам мани фарзанди кӯҳ,
Бо умеде, ки кунад ишқат маро
Боз ҳам дилдодаю дилбанди кӯҳ.

Ошиқат будам на аз баҳри висол,
Ошиқат будам чу ҳамдарди дилам.
Ошиқат будам, ки дорӣ зиндаам,
Варна бисёр аст ҳар ҷо қотилам.

Ошиқат будам, ки бо ман содадил –
Ҳамнавою содаю озодай.
Дигарон омодаи фармони вақт,
Ту ба фармони дилат омодай.

Дӯстдориҳои мо бепарда буд,
Ишқи мо дарё буду соҳил надошт,
Ҳар чӣ байни мо гузашт, аз дил гузашт,
Бехудиҳо сарҳаду манзил надошт.

Хонуми сабзина, аз ман ёд кун,
К-аз ту ёди қотили ман мондааст.
Чун мукофоте зи кӯриҳои ишқ
Кӯрзахме дар дили ман мондааст.

Ёд кун аз шоири ошиқ, ки буд
Дар канорат масти азхудрафтае.
Бо ту гарчи рози дил бисёр гуфт,
Боз ҳам буд қиссаи ногуфтае...
20.10.1979

* * *

Ишқҳои мурдае дар синаам
Гоҳ-гаҳ хомӯш исён мекунанд.
Гаҳ маро аз хештан розию шод,
Гаҳ маро аз худ пушаймон мекунанд.

Андаруни ман чи шӯришҳои дард,
Андаруни ман чи тӯфони балост.
Мегурезам аз хатои худ, вале
Ин гурезам боз бадтар аз хатост.

Ишқҳои мурдаи ман зиндаанд,
Нест ҳеҷ аз дасташон ҷои гурез.
Бо ҳама навъе муросо мекунам
Андар ин дунёи каҷдорумарез.

Ишқҳои мурдаи ман зиндаанд
Дар дилу дар дидаву дар хотирам.
Ишқҳои мурдаи ман зиндаанд
Дар замири шеърҳои дафтарам...

Ишқҳои мурдаи ман зиндаанд
Дар хаёлу хобҳои равшанам.
Ёдгори сӯхтанҳои баланд,
Шоҳиди айёми ошиқ буданам.

Ишқҳои мурдаи ман зиндаанд
Бо ману шавқи тапишҳои дилам.
Бо тамоми лағзишу айбу гуноҳ,
Бо ҳама пинҳону пайдои дилам.

Ишқҳои мурдаам бо ман мудом
Ҳар куҷо дасту гиребон мешаванд.
Мебарандам гаҳ ба зери дорҳо,
Бар сарам гаҳ тирборон мешаванд.

1. Вот – марзи байни киштзорон.
2. Дарёҷой – Искандаркӯл.

Ишқҳои мурдаи даъвогарам
Ҳар нафас бар додгоҳам мекашанд.
Ишқҳои мурдаи балвогарам
Оқибат рӯзе маро ҳам мекушанд...

26.10.1979

## ПАХТАЧИНИ ПИР

Дар миёни раддаҳои пахта бо қадди дуто
Саҷда меорад заминро ҳамчу даргоҳи худо.

Кӯзаи пушташ ба сӯи осмони кӯзапушт
Пахта мечинад ба ду дастони шахшӯлу дурушт.

Ранг бигрифтаст аз риши сафедаш пахтазор,
Нур бигрифтаст аз дидори ӯ майдони кор.

Чашмҳои хира, дасти раъшадорашро нигар,
Бо ҳама заъф он ҳамият, нангу орашро нигар.

Саҷда меорад заминро бо умеди вопасин,
То варо бар дӯши худ сарбор нашморад замин.

Саҷда меорад заминро ҳамчу даргоҳи бақо,
Ҳамчу даргоҳи сафо ё ҳамчу даргоҳи сахо.

Саҷда меорад, агарчи худ бувад ҷони замин,
То бидорад сахттар чанде зи домони замин.

Пахта чидан баҳри ӯ як дам тасаллои дил аст,
Саҷда кардан бар замин арзи таваллои дил аст.

Хам шуда гӯяд зи номи пирӣ бар гӯши замин –
Кам мабодо ҳеҷ касро файзи оғӯши замин.

Қомати хамгаштаи ӯ ҳар қадар хамтар шавад,
Як қадар бори ғами пирии ӯ камтар шавад...

18.11.1979

## ПОЙТАХТИ БАХТИ МАН

Шаҳри ман, шаҳри ҷавонию баҳор,
Шаҳри ишқу орзуҳои дилам,
Дар ту сар шуд, дар ту хоҳад шуд тамом
Ошиқиҳо, ҷустуҷӯҳои дилам.

Он қадар хоҳам бароят сӯхтан
Чун чароғони шабони иди ту,
То биафзоям зи шеъри оташин
Шуълае бар оташи ҷовиди ту.

Он қадар хоҳам сафои шеъру ишқ
Ҳамчу оғӯши баҳористони ту,
То шавад баъди хазони ман зиёд
Як чанор андар чанористони ту.

Лек медонӣ магар рози маро?
Лек медонӣ ғаму андешаам?
Худ ту кардӣ дар канори равшанат
Шоирию ошиқиро пешаам.

Дар хиёбони ба номи шоире
Хонаи як хонуми сабзина аст.
Достони ишқи шӯрангези мо
Он қадар нав, он қадар дерина аст.

Аз хиёбони ба номи шоире
Чун ба гӯшам занги тилфон мерасад,
Ҳамчу эъҷози илоҳӣ дарзамон
Орзуҳоям ба сомон мерасад.

Лек ҳар гаҳ аз фазоят чун ғубор
Бар димоғам бӯи ҳиҷрон мерасад,
Дар хиёбони ба номи шоире
Шоирии ман ба поён мерасад.

Чун набинам чеҳраи сабзи варо
Зери гулборони кӯю барзанат,
Мешавад гӯӣ сари сабзам хазон,
Мешавад дастам раҳо аз доманат.

Шаҳри ишқу шаҳри ишқомӯзи ман,
Сарпарастӣ кун маро, баҳри худо,
Чашми бад дорад басо кӯю дарат,
Ишқи моро ҳифз кун аз ҳар бало.

Ишқи моро ҳифз кун аз ҳар бало,
Шод кун ҳар дам димоғи ошиқон,
То намонад дар дару деворҳот
Ҳеҷ осоре зи доғи ошиқон.

Лек ҳар вақте ки бо сад дарду доғ,
Лек ҳар вақте ки бо сад нангу ор
Аз ҷаҳон аз кӯчаи ӯ бигзарам,
Кӯчаи ӯро ба номи ман гузор!

Кӯчаи ӯро ба номи ман гузор,
Эй Душанбе, пойтахти бахти ман,
То сари шохи чанори кӯи ӯ
Шуълавар монад дили ман баъди ман!..

16.12.1979

* * *

Як шабе бехаёл дуздона
Маст, ғалтон ба кӯи ту рафтам.
Дил як ошуфт, ҳар чӣ бодо бод,
Боз дар ҷустуҷӯи ту рафтам.

Як шабохун задам ба эҳсосат,
Руҷъате бар замири ту кардам.
Рахна кардам дили харобатро,
Боз пешат ниёз овардам.

Хона беназм, рӯзгори пареш,
Қисмати сахту бесаробоне.
Аввали ишқ – бӯсаю оғӯш,
Охири ишқ – хонавайронӣ.

Шикваҳо хост аз дару девор,
Аз ду чашмат сиришки ҳасрат рехт,
Ман ки як вақт ошиқат будам,
Бар сарам жолаи маломат рехт.

Суратат, сурати ҷавоният
Аз ҳамон чорчӯби зарандуд
Сӯи ман бо умед менигарист,
К-охири ишқи мо чӣ хоҳад буд?

Оваҳ, оваҳ, чи рӯзгоре буд –
Кӯдакона хаёлбозиҳо.
Бехудиҳову хештансозӣ,
Худшиносиву дилгудозиҳо.

Ҳам зи худ дур, ҳам ба худ наздик
Домани ёру домани коре...
Аввали ишқ – хандаю шӯхӣ,
Охири ишқ – ранҷу озоре.

Ҳар ду чанде фасона бофидем,
Гум шудем оқибат дар афсона.
Баъди ҳамдӯшиву ҳамоғӯшӣ
Инак имрӯз ҳар ду бегона...

Сархаму бедимоғ аз кӯят
Боз бехуд ба кӯи худ рафтам.
Ҷустуҷӯи ту омадам, аммо
Боз бар ҷустуҷӯи худ рафтам.

Ман чӣ созам, ки андар ин дунё
Аз муҳаббат касе наёсудаст.
Аввали ишқ – нашъаи бода,
Охири ишқ дарди сар будаст...

1980

## ГИЁҲҲОИ ХУДРӮЙ

Гияҳҳое, ки худрӯянду беноманд,
Магар беҳуда мерӯянд?

На зеби гулшане ҳастанд, на ҳусни гулистоне,
На дар гулдастае баста, на бинҳода ба гулдоне.
На зеби кокуле бошанд,
На дар печи дасторе.
На мечинад кас онҳоро, ки монанди гуле бошанд
Баҳри ёр аз ёре.

Валекин бо ҳазорон орзу аз хок мерӯянд,
Ки тухми хешро мерос бигзоранд.
Ҳама хуршед меҷӯянд,
Ҳама аз зиндагӣ уммедҳо доранд,
Ки шояд як замон марде табиатдӯст
Забондони табиат, ҳолдони ҳар гиёҳу
сабзаи худрӯст
Биёмӯзад забони безабониҳои ононро,
Нишон бидҳад нишони бенишониҳои ононро,
Ба онҳо ном бигзорад
Ва тухми аслашонро дар замини бӯстон корад...

Гияҳҳое, ки худрӯянду беноманд,
Магар беҳуда мерӯянд?

1980

* * *

Аввали ишқ – осмони баланд,
Охири ишқ – хоки домангир.
Аввали ишқ – орзуҳо гарм,
Охири ишқ – орзуҳо пир.

Аввали ишқ – даст бар гардан,
Охири ишқ – дастудилшӯӣ.
Аввали ишқ – рӯ ба рӯи ёр,
Охири ишқ – рӯ ба берӯӣ.

Аввали ишқ – гул ба кокулҳо,
Охири ишқ – мушти хору хас.
Аввали ишқ – соҳиби дунё,
Охири ишқ – мурдаи бекас.

Аввали ишқ – лофи мардона,
Охири ишқ – туҳмати номард.
Аввали ишқ – синаи пуршӯр,
Охири ишқ – синаи пурдард.

Аввали ишқ – бӯсаи ширин,
Охири ишқ – талху шӯриҳо.
Аввали ишқ – нашъаи дидор,
Охири ишқ – заҳри дуриҳо.

Аввали ишқ – гулфишони баҳор,
Охири ишқ – баргрезиҳост.
Аввали ишқ – аввали дунё,
Охири ишқ – охири дунёст!

2.1.1980

## ГӮРИСТОНИ ХАЙРА

Чи гӯристони хушбахтест Хайра,
Ки дар он қолаби Хайём хуфта.
Куҷо Хайём? Андар синаи хок
Ҳама исёни он айём хуфта.

Ҳамин як мушти хоки поки Эрон
Беҳ аз ҳар хоки Машриқ нурхез аст.
Бидонад хок ҳам, афлок ҳам низ
Ки шоир пешвои растахез аст.

Ҳамин як мушти хоки поки Хайём
Бувад аз зиндаҳо ҳам зиндадилтар.
Аз ин як мушти хок оғоз гирад,
Агар барпо шавад як рӯз маҳшар!

Чи қабристон, ки помоли сутурон,
Чи қабристон, ки яксони замин аст.
Вале Хайра зи юмни рӯҳи Хайём
Фароху бартар аз чархи барин аст.

Барои зиндагон бояд бигӯям,
Ки қабристон барои мурдагон нест;
Ки қабристон барои зиндагон аст,
Ки то донанд фардо қадрашон чист...

Барои зиндагон бояд бигӯям,
Ки шоирро ба чашми кам набинанд,
Ки гар шоир ба базму сурашон нест,
Дар ин дунё ба ғайри ғам набинанд.

Барои зиндагон бояд бигӯям,
Ки шоир нест танҳо баҳри имрӯз.
Агар фардо бихобад дар дили хок,
Зи хоки ӯ бирӯяд нолаву сӯз.

Мазористон, ки гӯри шоире нест,
Фақат як гӯшаи фарёду оҳ аст.
Миёни гӯрҳои хоксорон
Бувад гар гӯри шоир, додгоҳ аст!

Мазористон, ки гӯри шоире нест,
Касе аз сангҳо панде нахонад.
Мазористон, ки қабри шоире ҳаст
Зиёратгоҳи аҳли дил бимонад.

Чи халқею чи мулкею чи давре,
Гар ӯро шоире соҳир набошад?
Чи гӯристони бетадбиру фолест,
Ки дар он гӯри як шоир набошад!

8.1.1980

## ЧАШМИ ДЕҲҚОН

Ҳар саҳар деҳқон чу бархезад зи хоб,
Як назар созад ба рӯи осмон.
Як назар созад ба даргоҳи тулӯъ –
Бар тулӯи офтоби ховарон.

Пас назар созад ба ҳоли киштаҳо,
То чӣ мегӯянд аз ҳоли замин.
Пас назар созад ба ранги абрҳо,
То чӣ мегӯянд аз фоли замин.

Ҳамчу феъли одамон бишносад ӯ
Ҷумла пастию баландии замин.
Чун кафи дастони худ донад дуруст
Хислати заҳматписандии замин.

Мешиносад ӯ зи вазъи абрҳо
Бозии чашми фалакро.
Мешиносад ӯ зи бӯи бодҳо
Меҳр ё хашми фалакро.

Беҳтар аз милён ҳавосанҷи замон
Бӯ барад аз барфу борон.
Бинад аз ранги шафақ андар уфуқ
То чӣ ояд з-осмон.

Рӯзу шаб дар киштзорон гарми кор,
Кишт ҷои тоати ӯст.
Рӯзҳои офтобӣ то ғуруб
Сояи ӯ соати ӯст.

Гар кулангон паст аз болои сар
Болафшон бигзаранд –
Сол арзонӣ, фаровонӣ шавад,
Киштаҳо бор оваранд.

Гар кулангон бол бикшода баланд
Бигзаранд аз осмон –
Пеш меояд қаҳтсоливу гаронӣ
Бештар бар деҳқон.

Инчунин гоҳ аз замин, гоҳ аз само
Фоли ҳосил ҷӯяд ӯ.
Инчунин гоҳ аз худу гоҳ аз худо
Роҳати дил ҷӯяд ӯ.

Инчунин як гӯш сӯи бодҳо,
Инчунин як гӯш бар сӯи замин,
Инчунин як чашм сӯи осмон,
Инчунин як чашм бар рӯи замин –

Алғараз, байни замину осмон
Чун миёнҷӣ истода деҳқон,
Кишт ронад,
Дона пошад бо азоб
Баҳри фирӯзии даврон,
Баҳри хушрӯзии инсон!

11.1.1980

## ФАРҶОМИ ЯК ИШҚ

Охир ба ҳазор андӯҳ
Ман ишқи туро куштам.
Як қофила дардамро
Дар дашти бало куштам.

Осудагӣ меҷустӣ,
Осудагӣ бахшидам.
Дил канда зи ту чанде
Ҷон кандани худ дидам.

Рафтию сари шаб буд,
То субҳ куҷо хуфтам?
То субҳ намедонам
Бо хеш чиҳо гуфтам.

Мекардӣ назар то субҳ
Бар бистари сарди ман.
Байте ду-се иншо шуд
Дар дафтари дарди ман.

Дар рӯй ба рӯи ман
Истода будӣ маъюс.
Мехурдӣ қасам сад раҳ,
Мехурдӣ ҳазор афсӯс.

Чашмони ту ашколуд –
Чашмони ҳалими ту.
Савганди ту бишкаста –
Савганди азими ту.

Аз шиддати эҳсосат
Дастони ту меларзид,
Дар роҳи нафас аз дард
Овози ту мепечид.

Он рӯз чи рӯзе буд –
Рӯзи сари Соли нав.
Гуфтем ба ҳамдигар:
Соли наву фоли нав...

Он рӯз ба ҷурми ишқ
Ҷурми туву ман бигзашт.
Аз соли нав он як рӯз
Бо дарди куҳан бигзашт.

Он рӯз ба баҳси рашк
Бо васваса бегаҳ шуд.
То қиссаи ишқи мо
Чун мӯи ту кӯтаҳ шуд...

13.1.1980

## ҶАВОБ БА НОМАИ СУЛАЙМОН ЛОИҚ

*Бокам аз туркони тирандоз нест,*
*Таънаи тироваронам мекушад.*

*Ҳофиз*

Аз Ҷалолобод омад номаат,
Хондаму ошуфтатар шуд хотирам.
Аз Пуличархӣ, ки ёд овардаӣ,
Чарх зад чун чархи саргардон сарам.

Дар Пуличархӣ бичархидӣ басе,
То мабодо чархи фардо бишканад.
То мабодо он пули меҳру вафо
Байни дарёҳои дилҳо бишканад.

Зинда бод он соати фархундафол,
Чархи ваҳшат дар Пуличархӣ шикаст.
Зонаро чун риштаи ҷони Амин
Инқилоби Савр аз поят гусаст.

Аз Пуличархӣ намерастед агар
Ҳам туву ҳам мисли ту мардони род,
Бозпас мегашт чархи Инқилоб,
Бозпас мегашт чархи адлу дод.

Он ту будиву чу ту размоварон,
К-аз садоқат бар Ватан ҷон бохтед.
Зидди беимонии оли Амин
Як ҷаҳони нури имон сохтед.

Ин туиву мисли ту мардони мард,
К-аз шумо боқист фардо зиндагӣ.
Рӯзе аз хуни шумо чун лолаҳо
Гул кунад дар Дашти марго зиндагӣ!

Ғам махур аз таънаи тироварон,
Чун туӣ ҳамдӯши кӯҳи Тирбанд.
Бими нопокони Покистон макун,
Пок хоҳад буд оби Ҳирманд.

Мо алайҳи он ҳама тироварон
Бо шумо ҳамҷабҳаву ҳамсангарем.
Дар дифои Саври давронофарин
Синаҳои худ сипар меоварем!

Аз Ҷалолобод омад номаат,
Аз Душанбе мерасад пайғоми ман.
Зинда бош андар паноҳи Инқилоб,
Оҳанинҷон – шоири ҳамноми ман!

27.1.1980

## ЯЪС
*(шеъри як ҳолат)*

Дафтарам холист, холӣ,
Соғарам холист, холӣ.
Аз баду неки ҳарифон
Хотирам холист, холӣ.

Кисаам холист аз пул,
Синаам холист аз ишқ.
Ишқро худ зода, куштам,
Ваҳ, чӣ бадфолист аз ишқ.

Хома аз иншост холӣ,
Мағзам аз афкор холист.
Гирдгардиҳои шавқам
Чун хати паргор холист.

Миз холӣ, даст холӣ,
Аз ғами дил хона холист.
Аз ҳама девонагиҳо
Ин дили девона холист.

Дар дилам оташ намонда,
Синаам аз сӯз холист.
Кӯлвори шеъру ишқам
Баъд аз ин ҳар рӯз холист.

Ёри душманрӯй пурдил,
Ваъдагоҳи ёр холӣ.
Дилпурам аз ваъда, аммо
Манзили дидор холӣ.

Бекарон холист, холӣ,
Ин ҷаҳон холист, холӣ.
Ҷовидонӣ гар набошам,
Ҷовидон холист, холӣ.

Эй ҷаҳони гирдгардон,
Гирди ман боре бигард!
То зи навмедӣ намирад
Марде аз мардони мард!

Варна ту ҳарчанд дар худ
Пойдору ҷовидонӣ,
Гар зи ту холӣ бимонам,
Ту зи ман холӣ намонӣ!

28.1.1980

## ДИДОРГОҲИ ДЕРИН

Боз аз он ҷо мегузаштам,
Бо чӣ вазъу бо чӣ савдо мегузаштам.
Гӯиё андӯҳи дунёе ба дил
Ман зи дунё мегузаштам.

Сабзаҳо хушкида буданд,
Гӯӣ оташдида буданд.
Сахраҳо бо сахраҳо паҳлӯ зада
Пушти ҳам хобида буданд.

Рӯди Варзобу садои мавҷҳояш,
Бозиҳояш, шӯхиҳояш, ларзаҳояш
Ошиқиҳои маро такрор мекард
Бо паричашме, ки будам ҳамнавояш.

Мо ду ношукри муҳаббат
Ишқро бадном кардем.
Ӯ зи ман ранҷиду ман ранҷидам аз ӯ,
Ишқро ноком кардем.

Ӯ зи ман бигзашт, то ёбад беҳ аз ман ошиқе,
Ӯ маро рад кард, то ёбад беҳ аз ман мушфиқе,
Лек медонам, ки ӯ ҳаргиз намеёбад дигар
Лоиқе чун Лоиқе...

Охирин дидори мо танги ғуруб
Дар сари як сахраи Варзоб буд.
Баъд аз он хуршеди ишқи мо натофт,
Васли мо з-он пас хаёлу хоб буд.

Лек ман шабҳо ба ёдаш менишастам,
Шеърҳои пургудозе менавиштам.
Ҳам хумори чашмҳои содаашро
Ҳамчу рукни сатрҳоям мешикастам.

Вой бар ӯ, вой бар ман!
Мо ду дил дар як ҳарими сина будем,
Бахри ҳам дороии дил,
Бахри ҳам ганҷина будем.

Вой бар ӯ, вой бар ман!
Мо кунун аз ҳам ҷудоем.
Қиблаи паймони мо дарҳам шикаст,
Баъд аз он беқиблаему бехудоем.

Ман чӣ гӯям?
Ӯ беҳ аз ман хуб медонад чӣ сон
Ман варо якрӯй мепиндоштам.
Охирин ишқи ман ӯ буд,
Дӯсташ медоштам, эй мардуми рӯи ҷаҳон,
Дӯсташ медоштам...
Дӯсташ медоштам...

8.3.1980

## БАРОИ БАДХОҲЕ

Ту садди меҳрӣ,
Ман садди ҷангам.
Ту номи ребу
Ман ному нангам.
Ту пахтасангӣ,
Ман тахтасангам.
Кафлесакӣ ту,
Ман як наҳангам!

Ту қолаби хушк,
Ман ҷони ҷонам.
Ту бенишонӣ,
Ман достонам.
Ту остонӣ,
Ман осмонам.
Ту мурдазода,
Ман ҷовидонам!

27.3.1980

* * *

Оҳ, эй зан, зани оташбунёд,
Оҳ, эй зан, зани пуршӯру шарар,
Ту маро сӯхтӣ шаб дар оғӯш,
Саҳарам рондӣ кафи хокистар.

Бахтдуздии ману ту як шаб
Дар паси пардаи зулмат бигузашт.
Ҳеҷ кас шоҳиди он duздӣ набуд,
Гарчи бо ларзаю даҳшат бигузашт.

Рахти оҳории атрогинат
Шоҳиди зилзилаи дунё буд.
Сари савдоии мардум хуфта,
Байни мову ту сару савдо буд.

Хирмани мӯи ту – хирвори бало,
Лабат аз шӯру шааф меларзид.
Дили бебоки ту бо он ҳама шавқ
Боз аз нангу шараф метарсид.

Шеър хондам ба ту аз дафтари дард,
Ту пазируфтиву бовар кардӣ.
Сари ҳар байти сафопарвари ман
Чеҳраи хеш мунаввар кардӣ.

Баъд аз он шоири худ хондӣ маро,
Баъд аз он ишқи ту гиротар шуд.
Шеъри ман ҳусни туро вом гирифт,
Чун ту зеботару шевотар шуд.

Баъд аз он сафҳаи ҳар иншоям
Сафҳаи рӯи сафедатро дошт.
Баъд аз он шиддати ҳар мисраи ман
Нусхаи ишқи шадидатро дошт.

Бахти дуздидаи мо аз тақдир
Мушти сангин ба қазову қадар аст.
Шукри он бахтрабоӣ аз вақт,
Ки насиби ману ту он қадар аст.

Гарчи сад бор фалак теғ кашид,
Ба дили мову ту, мо зинда ҳанӯз.
Хотири шеъри ману хотири ишқ
Ману ту, шукри худо, зинда ҳанӯз!

Ишқи ту, эй зани покизаназар,
Шоири покназар кард маро.
Қудрату шӯру шарорам бахшид,
Раҳрави роҳи ҳунар кард маро.

Он ҳама шеър, ки гуфтам дар ишқ,
Бахудо, як қалам ашъори ту аст.
Аз ман осоре агар мемонад,
Бахудо, як қалам осори ту аст.

Гар ту бишнохтиям ошиқи хеш,
Ошиқи ҷумлаи дилҳоям ман.
Гар ту бишнохтиям шоири хеш,
Шоири ҷумлаи дунёям ман!

2.4.1980

## ТАҚЛИДИ МАВЛАВӢ

Ман ошиқи дарёстам,
Пуршӯру пурсавдостам.
То навбати дунё мderост,
Дунёстам, дунёстам.

Ман лоиқи номи худам,
Фарзанди айёми худам.
Бо ҳусни оғозе, ки буд,
Ман ҳусни анҷоми худам.

То он даме, ки ман манам,
Милён сарам, милён танам.
Ман сад ҳазорон ҷону дил
Дар ҷилди як пироҳанам.

Гаҳ таъна бар дунё занам,
Гаҳ рахна бар дилҳо занам.
Гаҳ ҳар чӣ ояд пеши рӯ,
Бефарқ пушти по занам.

Гоҳе сияҳмастӣ кунам,
То шукри ин ҳастӣ кунам.
Дар қуллаи табъи баланд
Эй вой, агар пастӣ кунам.

Гаҳ худшикан, гаҳ бутшикан,
Гаҳ худ ба худ, гаҳ анҷуман.
Гаҳ дар замин, гаҳ дар фалак
Фориғ зи баҳси мову ман –

Ман шоири дилдодаам.
Дар кӯи дил афтодаам.
Гаҳ чун замон печидакор,
Гоҳе чу байти содаам.

Эй, ки намедонӣ маро,
Бо ман макун чуну чаро,
Бе шоиру ошиқ, бидон,
Дунё шавад мотамсаро.

Шоир ба савдояш хуш аст,
Бо ҷони шайдояш хуш аст.
Ҳатто ба наздики худо
Бо бехудиҳояш хуш аст.

Шеърам ниёзи ишқ буд,
Сӯзу гудози ишқ буд.
Шебу фарози байтҳом
Шебу фарози ишқ буд.

Дил дода, дилбар ёфтам,
Сар дода, сарвар ёфтам.
Гул чида, пажмурдам чу гул,
Ғам хӯрда, соғар ёфтам.

Гоҳе зи худ ғофил шудам,
Дарёи бесоҳил шудам.
Гаҳ дар диёри хештан
Муҳтоҷи як манзил шудам.

Гоҳе чу гул пурхандаам,
Гоҳе зи худ шармандаам.
Ман ҳар киям, ман ҳар чиям
То он даме, ки зиндаам,

Ман ифтихори ҳастиям,
Ман эътибори ҳастиям.
Бо ҷумла бори меҳнаташ
Миннатгузори ҳастиям.

Ман як қалам туғёнгарам,
Исёнгарам, исёнгарам.
Бо ҷумла иллатҳои худ
Инсонгарам, инсонгарам!

14.4.1980

## КУҶО РАФТӢ, ҶАВОНИЯМ?

Куҷо шуд мӯи мушкинат?
Куҷо шуд дасти гулчинат?
Куҷо шуд Моҳу Парвинат?
Куҷо шуд ёри ширинат?
Чу тире бар ҳаво рафтӣ,
Чу атре бо сабо рафтӣ,
Куҷо рафтӣ, ҷавониям?
Ҷавониям, куҷо рафтӣ?

Куҷо шуд авҷи парвозат?
Куҷо шуд ҳусни оғозат?
Куҷо шуд ишваву нозат?
Куҷо шуд фасли эъҷозат?
Чу ахтар аз само рафтӣ,
Чу кафтар аз фазо рафтӣ,
Куҷо рафтӣ, ҷавониям?
Ҷавониям, куҷо рафтӣ?

Куҷо шуд шавқи дарёят?
Куҷо шуд ганҷи дунёят?
Куҷо шуд ҷони шайдоят?
Куҷо шуд доғи савдоят?
Ба даргоҳи худо рафтӣ,
Чаро аз мо ҷудо рафтӣ?
Куҷо рафтӣ, ҷавониям?
Ҷавониям, куҷо рафтӣ?

Тароват ку? Муҳаббат ку?
Садоқат ку? Саодат ку?
Зи ғамхорон мурувват ку?
Зи бадгӯён маломат ку?
Зи ман, эй бевафо, рафтӣ,
Зи умрам чун сафо рафтӣ.
Куҷо рафтӣ, ҷавониям?
Ҷавониям, куҷо рафтӣ?

Зи шеърам чун дуо рафтӣ,
Зи созам чун наво рафтӣ,
Зи чашмам чун зиё рафтӣ,
Зи дастам чун сахо рафтӣ.
Равою нораво рафтӣ,
Сазою носазо рафтӣ.
Куҷо рафтӣ, ҷавониям?
Ҷавониям, куҷо рафтӣ?

Зи мо рафтӣ ба асрорат,
Ба ашъорат, ба афкорат.
Зи мо рафтӣ, худо ёрат,
Вале бо ҷумла осорат
Чаро рафтӣ, ҷавониам,
Чаро рафтӣ, чаро рафтӣ?
Куҷо рафтӣ, ҷавониям?
Ҷавониям, куҷо рафтӣ?

19.4.1980

* * *

Боз аз дур туро дидаму рафт
Дилам аз раҳгузари хотираҳо.
Мӯи афшони ту ёдам омад,
Бо ҳама замзамаи шаршараҳо.

Оҳ, он шаршараҳо хуш буданд –
Поку шаффофу хаёлолуда.
Мӯи нобофтаат меларзид
Ҳамчу набзи мани ноосуда.

Оҳ, он шаршараҳоро дорам
Дар дилам мисли ҷунункории ишқ.
Аз ту он шаршараҳо мехонанд
Ёдгоре зи ҷигархории ишқ.

Ёд дорам, ки чӣ сон гесуро
Зери як шаршарае тар кардӣ.
Баъд аз он бо ҳама эҳсоси шадид
Дар дилам шӯриши маҳшар кардӣ.

Баъд аз он бо ҳама тӯфони ҷунун
Ту маро хуб ба гирдоб задӣ.
Ба дили сӯхта хокистари ман,
Боз оташ задӣ, боз об задӣ.

Баъд дар домани Варзобдара
Домани васли ту дар дастам буд.
Ман туро доштаму дигар ҳеҷ,
Баски аз ишқ ҳамин қасдам буд.

Баъд аз он ишқи ту дар синаи ман
Барқ зад, шуълаи озод кашид.
Ман нагуфтам ба фалак додамро,
Баски оғӯши ту бар дод расид.

Муддате чанд чу ҳамқисмати ман
Будӣ пайванд ба армонҳоям.
Бо ҳама содагию беҷурмӣ
Будӣ сарманшаи исёнҳоям.

Чӣ кунам, навбати исён бигузашт,
Хуни ман сард шуд аз гармии дард.
Баъди афсӯсу пушаймон хурдан
Оҳи сардам ба дилат кора накард.

Эй дареғи ҳама он содагиҳо,
Ки ту бар шеър ҳамемонистӣ.
Ту на он астӣ кунун, ки будӣ,
Ман на онам, ки ту медонистӣ.

Ёд бодо ҳама он манзараҳо,
Ёд бодо ҳама он хотираҳо.
Ёд аз домани Варзобдара,
Ёд аз замзамаи шаршараҳо!

7.6.1980

## ФАХРИЯ

Асли ман шеъру ғазалҳои мананд,
На ҳамин шӯру мағалҳои мананд.

Ман агар риндиву мастӣ кардаам,
Хотири инсонпарастӣ кардаам...

Ман агар девонагиҳо доштам,
Яъне бори дарди дунё доштам.

Дар ҷаҳон бо ҷумла бурду бохтам
Ман ҷаҳони хешро ҳам сохтам.

Баҳри тамйизи баду неки ҷаҳон
Бохтам ҷону дилу умри ҷавон.

Аз лаби дарё нарафтам хушклаб,
Беадаб будам ба мизони адаб.

Дида эй бас гарму сарди ошиқӣ,
Шеърҳо гуфтам зи дарди ошиқӣ.

Он ҳама шеъре, ки аз дил гуфтаам,
Баҳри он шириншамоил гуфтаам.

Ишқи ӯ тӯфонзамирам карду рафт,
Бо ҷавониҳош пирам карду рафт.

Пеши ҷонон чунки ҷон афшондаам,
Қолаби берӯҳу беҷон мондаам.

Гарчи рӯзе аз диёрам мебаранд,
Аз Мазорам[1] бар мазорам мебаранд.

Боз ҳам аз ишқ сӯзад гӯри ман
Чун дили ман, чун дили пуршӯри ман.

То ғамам бар ёди ҷонон мерасад,
Сӯзи ҷонам кай ба поён мерасад?

Баъди мурдан ҳам дилам бебарг нест,
Интиҳои ман ҳамин як марг нест.

Марг агар қатъи равони ман бувад,
То куҷо қатъи ҷаҳони ман бувад?!

Ибтидои ман – деҳи хурди Мазор,
Интиҳои ман – ҷаҳони беканор!..

21.10.1980

## БОЗ ЯК МУШТ

*Дар Туркия китобе бо унвони «Буюк турк файласуфи ва тиб устоди ибни Сино шахсияти ва асарлари ҳақида тадқиқлар» чоп шудааст...*

Бӯалӣ аз дасти туркон дар ба дар буд,
Кӯ ба кӯ буд,
Дар ҷаҳони танг ҳамчун фазлашон
Бо ҷаҳолат, бо разолат рӯ ба рӯ буд.

Лек боз аз дуру аз наздик
(Эй дунёи бӯқалмун, туфу бар гардиши ту!)
Бо ҳама лофу газоф,
Мерасад бар гӯши мо фарёду даъво
Аз куҷое фохирона, аз куҷое омирона:

«Ҳаббазо!
Бӯалӣ фарзанди мо буд.
Бӯалӣ сарманшаи таърихи мо буд.
Номи мо буд,
Нанги мо буд»... Ҳоказою ҳоказо...

Ман чӣ ҳам гӯям ба ин дарюзахоҳони бузургӣ,
Ки зи пуррӯӣ ҳама дар рӯ ба рӯи довари таърих
Ҳар замон Таърихро таҳриф месозанд.
Дар паноҳи як бузурги қавми дигар
Бенишониҳои худро дам ба дам
таъриф месозанд.

Мавлавиро турк мегӯянд,
Турк меноманд ҳам Зардуштро.
Бӯалиро турк медонанд...
Аз эшон аҷаб нест,
Ки худоро низ рӯзе турк мехонанд...

Ман чӣ гӯям, баски ҳатто ноқисулақле бидонад,
Ки паи даъвои Сино хилқати синой бояд,
Ки зи як модар ду фарзанд ояд эй бас,
Аз ду модар лек як фарзанд н-ояд!

Ҳар бузурге аввалан фарзанди як модар,
Ҳар бузурге аввалан фарзанди як халқ асту пас
Ифтихори ҷумла насли одам аст.

1. Мазор – Мазори Шариф, зодгоҳи гӯянда.

Пушкин аввал шоири рус асту баъд
Шоири Ғарб асту Шарқ асту тамоми олам аст!

Бӯалӣ ҳам пеш аз он, ки Бӯалӣ Сино шавад,
Тифли ду гаҳвора не,
Тифли як гаҳвора буд.
Бӯалӣ ҳам пеш аз он, ки нодири дунё шавад,
Кӯдаки як модари бечора буд.
Дидаи таҳқиқ агар доред, хонед,
Гар намедонед то имрӯз, донед,
Номи ӯ Юлдуз куҷо?
Номаш Ситора будааст!

Кӯдаки Истора буд, ки рафт аз дунболи Хуршед,
Кӯдаки Истора буд, ки пар кушод
Дар фазои ҷовидон ҳамболи Хуршед.
Кӯдаки Истора буд, ки дар замин овора шуд,
Кӯдаки Истора буд, ки дар фалак Сайёра шуд!
26.10.1980

* * *

Пештар,
Дар он замони меҳру ишқ,
Дар замоне, ки замину осмонат
хонаи беназми ман буд,
Эй басо бо занги телфон, бо садои тозаи
зангӯладорат
Ҳар саҳар бедор мекардӣ зи хобам,
Нагзарад то мурдасон аҳди шубобам.
То ту телфон мезадӣ,
Зиндагониям ҳама бедорӣ буд,
Шӯр буд, ошӯб буб, дилдорӣ буд.

Баъд аз он...
Баъд аз он,
Ки замину осмони хештанро ёфтӣ,
Канда шуд сими телефон байни мо.
То дили ман аз ғами ту канда шуд,
Зиндагиям бо ғамат оганда шуд.

Баъд аз он,
Бе садои занги телфонат,
Бе садои тозаи зангӯладорат
Зиндагии ман ҳама хоб аст дигар,
Сӯзҳои ошиқиям нақш дар об аст дигар.

Хонаи ман баъд аз он гӯр аст, он гӯри хамӯш,
Ки ҳазорон бор агар сунъи илоҳӣ ҳам кунӣ,
Ҳеҷ гаҳ занге намеояд ба гӯш...
27.10.1980

## МАДҲИЯИ АҶАЛ

Меситоям маргро!
Баски ӯ ҳам офаридгор аст монанди табиат,
Баски ӯ ҳам офаридгор аст монанди муҳаббат,
Баски дар халлоқият чун модар аст,
Дар назар қонуншикан бошад,
вале қонунгар аст.

Меситоям маргро!
Коҳилонро аз сари раҳ мерабояд,
То ки насли тозаояд, пешпо нохурда
бар он мурдаҳо,
Ҷониби оянда осон бигзарад.
Меситоям маргро!
Зиндагии тозарӯ меофарад,
Наслҳои тозаҷӯ меоварад.

Маргро беҳуда коҳиш мекунанд,
Барабас аз дасти ӯ фарёду нолиш мекунанд.
Ҷурми ӯ нест!
Ҷурм ҷурми зиндагист!
Зиндагӣ аз рӯзи зодан то ба баъд
Мурдани пай дар пай аст.
Марг бар он нуқтаи таммат гузорад.

Қомати хамгашта аз тазйиқи бори рӯзгор,
Дастҳои раъшадор,
Чашмҳои обрав,
Гӯшони кар,
Узвҳо коҳида, аз ҳам рехта,
Устухонҳо об гашта,
Бандҳо бигсехта,
Сар дигар фикре надорад ғайри мурдан...
Дар ҳамин соат аҷал
Мешитобад зуд бар имдоди мо.
Ӯ фақат дар ин ҷаҳон, ки кай ба доди мо расад,
Мерасад бар доди мо!...

Меситоям маргро!
Кушта наслеро, ки баҳри зиндагонӣ мурдааст,
Насли дигарро музаффар мекунад.
Зиндагониро ҷавонтар мекунад.
Меситоям маргро,
Ки мисоли барфи нав
Оби дарёро мутаҳҳар мекунад.
Зиндагиро мекунад таҷдидҳо,
Кушта моро, мекунад тавлидҳо!

Меситоям маргро!
Хоса он соат, ки ӯро одамӣ дар интизор аст.
Хоса он соат, ки пири хастае
Синааш абгору чашмаш бешарор аст,
Дар раҳи ӯ чашми чор аст.
Аз фишори зиллату ранҷу ано
Лобаҳо дорад ба даргоҳи худо:
Эй худоё, марги осонам бидеҳ!
Интиҳои коҳиши ҷонам бидеҳ!

Меситоям маргро!
Меситоям маргро, ки зиндагиро тоза медорад.
Ҷой холӣ мекунад бар наслҳои навписанд,
Ҷой холӣ мекунад бар бузрукони ҳушманд.
Меситоям маргро
Баҳри он ки гар Дақиқиро намекушт,
Номе аз Фирдавсии Тӯсӣ набуд!
Мурдани мо ҳам ба сони зодани мо
Зиндагиро нав кунад.
Пас чунон ки зодани одам
сазовори муборакбодҳост,
Мурдани дарвақти ӯ ҳам лоиқи табрикҳост.
Пас барои мурдани дарвақт бояд шод буд,
Пас барои мурдани дарвақт ҳам
бояд сазовори муборакбод буд!

Меситоям маргро бо он, ки моро мекушад!
Меситоям маргро, ки зиндагиро
сӯи фардо мекашад!
Меситоям маргро,
Ҳамду сано мехонамаш!
Чунки бе ӯ зиндагӣ як қолаби афсурда аст,
Чунки бе ӯ зиндагӣ як саҳнаи пурмурда аст...
2.11.1980

## АЛҚАСВА

Дар шаби меъроҷ
Пайғамбар ба даргоҳи худо рафт.
То биёрад хатти чак[1] бар мардуми ҳамнавъи худ
Аз замин сӯи само рафт.

Дар шуои моҳи шаб ёли Буроқ
Зарҳалӣ буд.
То бари аҳли замин орад китоби осмонӣ
То фалак пар мекушуд.

Карда бас тайии мароҳил, ёфт даргоҳи худо.
Дод Қуръонро худо баҳри расул.
Бозгашт ӯ бо китоби осмонӣ бар замин,
То кунанд аҳли замин онро қабул.
Бозгашта бар замин дид, эй аҷаб,
Дар тавила уштураш – Алқасва нест...
Ин кори кист?
Дар замине, ки ягона ӯ расули ҳақтаолост,
Уштураш – Алқасва нест?!

Бонг зад пайғамбари мо, хашм кард.
Дӯстонро бонг зад: Алқасва ку?
То рамақ аз ҷонатон бошад, ҳама
Ҷустуҷӯ созед, ӯро, ҷустуҷӯ!

Зери лаб хандидаву дастак зада
Талҳаке мегуфт аз роғи даре:
Бо худо дар осмон дорад сари суҳбат, вале
Уштури худро намедонад куҷост...
Эй хушо пайғамбарӣ!...
Ҳаббазо пайғамбарӣ!...
2.11.1980

* * *

Ё шабе дар оғуши ёр,
Ё шабе аз теғи ағёр,
Ё ки бо пои равон бо ҳукми тақдир
Ногаҳон дар роҳи ҳамвор,
Дар куҷо мемирӣ охир
Шоири шӯридахотир?

Ё сияҳмасту гаронҷон
Дасте андар мӯи печон,
Дасте андар рӯи фармон[2] вақти шабгир
Роҳи Варзобу Харангон...
Дар куҷо мемирӣ охир
Ошиқи шӯридахотир?

Ё шабе аз сактаи дил
Аз ғами дил пой дар гил,
Ё шитобон ҷониби фардо нафасгир,
Ё ба ними роҳи манзил,
Дар куҷо мемирӣ охир
Лоиқи шӯридахотир?
3.11.1980

1. Хатти чак – гувоҳинома, справка.

2. Фармон – рули мошин.

## ҚАСИДАИ МИЛЛИОН

Замини тоҷикон дар арзи милён сол
милёнро намедонист,
Зи бас ин гуна давронро намедонист.
Замини оҷизи мо хуфта буд, зеро
Чунин бедорхобиҳои деҳқонро намедонист.
Замин модар буду буданд кӯтаҳдаст фарзандон,
Зи бас эъҷози дасти комунистонро намедонист.

Замини тоҷикон то ин замон ҳам буд,
Валекин киштаи андӯҳу ғам буд.
Ҳазор иқтоъдору моликон буданд,
Вале кай баҳри нафъи тоҷикон буданд.
Барои мушти хоке
Эй басо мушту гиребон мешуданд онон.
Барои як каф обе
Обрӯи ҳамдигар мерехтанд осон.
Замини тоҷикон то ин замон ҳам буд,
Ҳам беҳадду поён буд.
Вале омоҷгоҳи наъли аспони адувон буд.
Ва ҳам аз ихтилофи шоҳу мирон
Пора-пора мисли испон буд.

Вале имрӯз шукри бахт,
Шукри Инқилоби толеу қисмат,
Ки аз он пораҳо як порае саҳни ҷаҳони мост.
Ки дар он пахта мекорем...
На, на! Бахт мекорем!
Ки дар он сӯки гандум дашнаи сӯзон
Ба қалби душманони мост!
Ки дар он хирмани пахта
Сафеду пурҷилову саркашида ҷониби гардун
Ба ранги зиндагонии ҷавони мост.

«Замини тоҷикон кам» –
гоҳ мегӯянд камбинон...
Замини тоҷикон кам нест,
то тоҷик ҳасту Тоҷикистон аст.
Замини тоҷикон кам нест, то бисёр дорад дӯст,
Замини тоҷикон кам нест,
то бахташ фаровон аст...
Агар бисёр бошад ҳиммати деҳқон,
замин кам нест!
Агар бисёр бошад қудрати мардон,
замин кам нест!
Агар бисёр бошад фикрати раҳбар,
замин кам нест!
Агар бисёр бошад фитрати раҳбар,
замин кам нест!

Замини мурдаи моро даҳои зинда номӣ кард,
Саросар қобил аст имрӯз.
Ба ҳукми мардуми соҳибдил аст имрӯз.
Ба ҳукми сарварони хокпарварда,
Ба ҳукми хокиёни оқил аст имрӯз.

Кунун
Зи милён қатраи хуни ҷигар милён ба даст омад.
Зи милён зарраи нури басар милён ба даст омад.
Зи милён риштаи ҷон
Хирмани милён ба ҳам пайваст.
Зи милён қавлу паймон,
Зи милён дасти мардони ҳунар
милён ба даст омад.
Зи милён обила, милён хароши даст,
Зи милён кӯшишу ҷаҳду талоши даст.
Зи милён қатраи оби ҷабин,
Зи милён қомати хам бар замин,
Зи милён чини пешонӣ,
Зи милён субҳу шоми барфу боронӣ,
Зи милён хоби нороҳат,
Зи милён соати ҷонкоҳию тоқат
Чӣ мегӯед, ин милён ба ҳам омад!
Чи пурҳашмат рақам омад!

Агар фарзанди деҳқонам,
Намедонам дар ин соат
Чи сон деҳқони тоҷикро сано хонам,
Ки ин пахта сафедӣ аз дили ӯ вом бигрифтаст,
Ки пахта пахта не,
Уммеди мо,
Рӯзи саиди мост.
Навиди мо,
Гули бахти сафеди мост!

Маро маъзур медоред,
эй воломақомони замони ман,
Сари деҳқон агарчи хам шавад ҳар дам
ба сӯи хок,
Саре болотар аз аҳли замона чун сари ӯ нест.
Чу дар ҳар ҷӯяи пахта
Бихонам мисраи шеъри сафеди
ранҷи деҳқонро,
Бигӯям шоир аст алҳақ,
Зи мо шоиртар аст алҳақ,
Агар сад дафтаре дорем, беҳ аз дафтари ӯ нест!
Касе, ки мисли деҳқон
Баҳри мардум хок мебӯсад,
Кафи пои варо афлок мебӯсад!

Ва ман ҳам мисли як фарзанди деҳқон,
Чу як фарзанди бономуси обу хоку
санги Тоҷикистон
Кафи дасти варо мебӯсаму табрик мегӯям.
Муборакбод мегӯям зи ҷон Бобои Деҳқонро,
Муборакбод мегӯям Замини Тоҷикистонро –
Муборакбод мегӯям замини сабзи Хатлонро,
Хуҷанди бостонирову ҳам Вахши зарафшонро.
Муборак бод милёнат, замини пурбаҳори ман!
Ҳама буду набуди ман, умеди рӯзгори ман!
Барои ҷумла деҳқонони босавганду паймонат,
Барои ҷумлаи мардони майдонат
Муборак бод милён бор милёнат
Зи номи шоират – фарзанди деҳқонат!
21.11.1980

* * *

Ҳайф шуд, ҳайф шуд ҷавонии ту
Аз фиреби муҳаббату ошиқ.
Аз дурӯғу маломату бӯҳтон,
Аз қасамҳои ёри нолоиқ.

Ошиқат дар либоси раҳзан буд,
Омаду бурд эътиқодатро.
Омаду ҷумларо ба толон бурд
Сарвати дил, дили кушодатро.

Баъд аз он зиндагоният гӯё
Монд дар нимароҳ бераҳбар.
Бар ягон кас надорӣ ихлосе,
Бар муҳаббат намекунӣ бовар.

Лек қарз аст зиндагӣ кардан,
Чун таваллуд шудем дар дунё!
Ҳар нафас бояд офарид аз нав
Хешро дар ҷаҳони пурсавдо.

Гар чароғе бимурд ними шаб
Зиндагӣ тирашаб нахоҳад шуд.
Аз шамоле шикаст гар шохе,
Нахл аз решааш нахоҳад мурд.

Шӯр не оби ҷумла дарёҳо,
З-одами хуб даҳр холӣ нест.
Гар яке сол хушксолӣ шуд,
Ҳама сол умр хушксолӣ нест.

Зиндагӣ гарчи нобасомон аст,
Боз бояд биҷуст сомоне.
Ҳар чӣ гум кардаӣ, намеёбӣ,
Ҳар чӣ меҷӯӣ, зудпайдо не.

Гар замин пасту осмон дур аст,
Бояд аз фарш сар ба арш афрохт.
Ҳар нафас аз дигар шуда таваллид,
Зиндагиро зи нав бубояд сохт!
1981

АГАР...

Агар мо метавонистем
Ҳар як ахтари афтодаро аз нав барафрӯзем,
Агар мо метавонистем
Рози синаи ҳар мурдаро некӯ биёмӯзем,
Агар мо метавонистем
Шеъри нотамоми шоири фавтидаро
Он сон, ки ӯ мехост, бинвисем,
Чу ӯ пурсӯзу пурэҳсос бинвисем,
Агар мо метавонистем
Кулли обҳои рафтаро аз нав ба ҷӯй орем,
Ба кӯи рӯзгоре, ки гузашта, боз рӯй орем,

Ба мисли он ки ҷарроҳони ҳозиқ
Чок карда синаи ҳар мурдаро
дарди варо ташхис месозанд,
Агар мо метавонистем,
Як дам дар сукути лаҳзаи мотам
барои қадри ӯ аз рӯи коғаз не,
Зи сӯзи дил,
Зи мағзи ҷон сухан гӯем,

Агар мо метавонистем,
Кулли он китоберо,
Ки андар оташи ҷаҳли палидон сӯхт,
Андар хокбоди солҳои бесару сомон
ҳама гум шуд,
барои равшании роҳи кӯрони ҷаҳонбон сӯхт –
Китоберо, ки мероси хирадмандони тоҷик буд,
Китоберо, ки шарҳи дарди бедармони
тоҷик буд,
Ба ҷои махзани тиллову аркони аморатҳо
Ба нархи ҷон нигаҳбонӣ кунем...
Агар мо метавонистем...
Агар мо метавонистем...

Шигифто!
Метавонистем агар ҷои ҳама беҳудагӯиҳо,
ба ҷои Қофро бо лофи пур реге шуморидан,
ба ҷои реги худро нораво Қофе гуморидан,
ба ҷои обҳоро лой кардан,
Гулӯи чашмаеро санг мондан,
ба худ жӯлидаву побанд мондан
хешро аз хештан озод бинмоем!

Ба ҷои ин ҳама гар метавонистем
Даме бо амри виҷдон хешро санҷем,
Гуноҳи хешро бо Довари виҷдони худ
биншаста, рӯёрӯй бишморем,
ба дасти хештан худро ҷазо бидҳем,

Агар мо метавонистем
Ҳар дам рахнаи имону виҷдонро
Зи нав таъмир бинмоем,
Дили худро,
Сиришти хешро тармим карда,
Номаи аъмоли худро нав ба нав
таҳрир бинмоем,

Агар мо метавонистем «агар»-ро
аз забон хориҷ кунему бе «агар»
Ин орзуҳоро ба ҷо орем,

Ҷаҳони мо ҷаҳони созгоре буд,
Ҳамеша пурбаҳоре буду зебо рӯзгоре буд...
1981

* * *

Ҷавонмаргони шеъру шоирӣ!
Ҷавонмаргони илму донишу фарҳанг!
Чаро барвақт аз дунё гузаштед?
Сари сабзу забони сурхатонро,
Ҷавониву хушиҳои ҷаҳонро
Фидои як нафас туғёни эҳсосоти худ кардед,
Шумо афрӯхта сад машъали ҷовид,
дар ҳукми шарар мурдед.

Ҷавонмардон!
Ҷавонмардон!
Рафаэллову Лермонтов,
Дақиқиҳову Шоҳинҳо,
Маяковскию Байрону Лорка,
Ва Мотсарту Петефиву Есенинҳо,
Ва Пушкинҳо, Гагаринҳо,
Ҷавонмарг ар намерафтед бо ҳукми худу даврон,
Ҷаҳон беҳтар ҷавон мешуд.
Гар, эй истораҳои аз фалак афтода,
дар хоки сияҳ мурда!
Ба рӯи ин замини беситора ҷамъ мегаштед,
Замин кайҳо баланду покрӯ чун осмон мешуд.
1981

* * *

Рӯз аз рӯз умр мегузарад,
Мешавам ҳар дақиқа дур аз хеш.
Чил баҳорам ба шӯхию мастӣ
Рафтаю ман нишаста беташвиш.

Баччаи содаи куҳистонӣ
По ниҳодам ба арсаи дунё,
Аз китобу катибаҳо ҷустам
Роҳи дунёву рози ҳастиро.

Одамонро чу ганҷи номакшуф
Хостам ёбаму биомӯзам.
То зи ҳар сатри чини пешонӣ
Дониши беқиёс андӯзам.

Одамизод чун сипеҳри баланд
Буда беибтидою беанҷом.
Гарчи пешиталаб бувад доим
Пеши таърих коҳил аст мудом.

Хостам сирри ишқ дарёбам,
Сирри ӯ сад баҳои сар будаст.
Он, ки ман дилкашоли ӯ будам,
Дилкашоли каси дигар будаст.

Боз дар хештан фурӯ рафтам,
Боз худро сириштам аз меҳнат.
Дили пуртоқату ҷавонмардӣ,
Сари пуршӯри ман – зиҳӣ давлат!

Бемуҳобот зиндагӣ кардам,
Бемукофоту рутбаю унвон.
Воқиан, пок зистан оё
Худ мукофот нест, эй ёрон?!

Сол аз сол умр мегузарад,
Ман ҳам охир зи даҳр мегузарам.
Лек то зиндаам, ба чашми замон
Сурхрӯ, сарбаланд менигарам.
1981

* * *

Саҳар чун офтоб аз хоб бархезад,
Ҳама аз хоб мехезем
Барои хидмати дунё камар баста,
Ба амри зиндагонӣ ҳар тараф рахти сафар баста.

Ҷаҳон дар рӯ ба рӯи мо
ба монанди адӯи мо
Ва мо бо ӯ тамоми рӯз меҷангем.
Тамоми рӯз мисли анкабут
аз баҳри сайди нафси худ анфаст мебофем,
Ба ду по гоҳ мелангем,
Гаҳе беҳуда мелофем.

Дари худро ба рӯи мо саҳар чун боз бинмояд,
Дари нафсу
дари чашмони носеру
дару тирезаҳои хешро мо ҳам
Ба рӯи офтобу рӯзи нав бо шавқ бикшоем,
Ки то имрӯз ҳам аз зиндагонӣ
нақди умри хеш бирбоем.

Дари дӯкони худро боз карда кӯҳнадӯзи пир
Ба кафши раҳгузарҳо чашм медӯзад.
Ҳамехоҳад:
Ҳама офоқ бо кафши дарида пеши ӯ ояд.

Дари майхонаашро боз карда,
майфурӯши пир
Ба чашми раҳгузарҳо чашм медӯзад.
Ҳамехоҳад, ки аз баҳри сабӯҳӣ
сар ба сар дунё
давида пеши ӯ ояд.

Заноне, ки тамоми шаб нахуфта
зи танҳоӣ ба рахти хоб нолида,
саҳар норозӣ аз тақдири ошуфта,
зи рахти хоб бархезанд,
Ба чашми раҳгузарҳо бо танаффур
чашм медӯзанд.

Вале марде, ки шаб то субҳ хуфта
бо зани бегона дуздона
Ҳама шаб бода хӯрда, ком бурда,
Канори хешро аз атри оғӯш анбарин карда,
Саҳаргаҳ шалпару бефарра аз ҷогаҳ бурун ояд,
Ба чашми раҳгузарҳо бо тафохур чашм
медӯзад.

Пас аз мастии беандозаи риндона шаб то субҳ
Бубинӣ майгусореро,
Ки бо андоми хаста,
бо нигоҳи кунд,
бо чашми варамкарда
Қасамҳо мехӯрад бо худ,
Ки дигар май нахоҳад хӯрд...

Бубинӣ ошиқи хушкомро,
К-имшаб зи ёраш бори аввал бӯсае бистонд,
Қадам монад ба рӯи роҳ
мисли ғолиби майдон,
Ки гӯӣ аскаре аз корзорон қаҳрамон омад...
Саҳар поёни торикиву мастиву сияҳкорист.
Саҳар моро зи нав меофарад поку шарофатманд.
Шаби торик агар бошад гунаҳпӯш,
Саҳар моро бишӯяд аз гуноҳу
бо ҷаҳон аз нав кунад пайванд.

Агар рамзошноӣ ту,
Агар борикбинӣ ту,
Агар чашмат зи манзарҳои субҳ асрор меҷӯяд,
Саҳар монанди чашмони ҳамабини ҳақиқат
Неку бадро беибо гӯяд.

Саҳаргоҳон
На шабнам дар рухи гулҳо,
На овози хурӯси субҳ,
На булбулҳои хушилҳон,
На андоми арӯси субҳ
Маро бар ваҷд меорад.
Маро ин як суоли ҷовидонӣ
доимо саргарм медорад:

Саҳаргаҳ аз чӣ дар,
бо чӣ умеду орзуе одамон
бар олами ҳодис бурун оянд?
Чиро гум карда буданду
чиро гум мекунанд имрӯз?
Ба кӣ дил баста буданду
зи кӣ дил мекананд имрӯз?
Зи асрореву афкоре, ки доранд
аз барои мо чӣ мегӯянд?
Аз ин дунё чӣ мехоҳанд?
Аз ин дунё чӣ меҷӯянд?

1981

* * *

Як замоне –
Дар ҷавонӣ
Гармии бозори дил буд.
Ҳамчу ганҷи зиндагонӣ
Ишқи ёре ёри дил буд.

Бо ҳама сӯзу навое,
Бо ҳама афсонабозӣ,
Бо камоли дилрабой,
Бо шукӯҳи дилгудозӣ
Кори мо худ кори дил буд.

Хомсӯзи оташи дил –
Гоҳ хому гоҳ бирён,
Ташнаи девонагиҳо
Ҷону дил муштоқи исён...
Олами рӯҳ, олами ҷон
Равшан аз анвори дил буд.

Олами пурофтобе доштем,
З-оташи дил обутобе доштем.
Байни обу байни оташ
Бо дили худ сарҳисобе доштем.
Ҳар ғаме, ки буд дар дил,
Ишқ худ ғамхори дил буд.

Як замоне
Чун насиби зиндагонӣ
Давлати мо давлати бедори дил буд.
Шоирӣ буд...
Ошиқӣ буд...
Шоири маҷнунтабиат –
Лоиқе буд...

1981

* * *

Дар дили ман чи мурдаҳо зинда,
Дар дили ман чи зиндаҳо мурданд.
Аз дилам дилбарон чу музди висол
Пора-пора ба чор сӯ бурданд.

Ними дил андаруни синаи ман
Метапад бо умеду армонҳо,
Гоҳ гарми такодави айём,
Гаҳ шикаста чун аҳду паймонҳо.

Зарра-зарра дилам тамом шавад,
Дар ғами ишқи ёри дилхоҳе.
Зиндагонист баски қурбонгоҳ,
Зиндагонист баски худкоҳӣ...

1981

* * *

Биё, ки бахти ҷавонро ҷавон ба бар гирем,
Ба кӯи дил бираве му аз ӯ хабар гирем,
Зи кӯрдуд чӣ ҳосил, баланд даргирем!

Биё, ки дарди ту бо ман аниси дерин аст,
Азоби ишқи мунират азоби ширин аст,
Биё, ки з-оташи дил хирмани шарар гирем!

Биё, ки пар бикушоем сӯи дуриҳо,
Занем бар сари дунёву ин сабуриҳо,
Ҳама замину замонро ба зери пар гирем!

Чӣ шӯхшанги балой, чи ҳадди тамкинӣ,
Ҳазор бор бубинам, ҳамон нахустинӣ,
Биё зи ишқи дубора шукӯҳу фар гирем!

Биё, ки умри фирорӣ ба мо замон надиҳад,
Миёни мову ту дурӣ? Худо нишон надиҳад!
Биё зи ишқ ба рағми қазо сипар гирем!

Ҳанӯз навбати ишқу ҷунуни дил аз мост,
Насиби захри гуворову хуни дил аз мост,
Зи умр ҳар чӣ тавонем, он қадар гирем!

Хаёли ту чу набошад, камоли ман ҳеҷ аст,
Ҷамоли ту чу набошад, ҷалоли ман ҳеҷ аст.
Биё чу дарди диле ҳаст, шеъри тар гирем!

Биё, ки тирамаҳу мавсими хазонрез аст,
Нигоҳи хастаи хуршед дардангез аст,
Биё, баҳор кунем, ошиқӣ зи сар гирем!

1981

* * *

Тавлид шавам агар дубора
Бо ин ҳама шавқу шӯру идрок,
Бо ин ҳама рои дилшиносӣ,
Бо ин дили оташину бебок;

Тавлид шавам агар дубора
Бо шӯру ҷунуни шоирона,
Бо ин ҳама рамзошной,
Бо ин ҳама нағмаю тарона; –

Дониста ниҳам зи рӯи тадбир
Дар зиндагӣ пои хештанро,
Дар рӯи замини бекарона
Бишнохта ҷои хештанро.

Аз ҷумла хатои хеш ёбам
Тадбири дигар, тариқи дигар.

Аз ҷамъи ҳазор ёру ноёр
Бунёд кунам рафиқи дигар…

Тавлид шавам агар дубора
Дар соҳили рӯд хона созам.
Биншаста ҳамеша дар лаби рӯд
Рӯҳу дили хешро навозам.

Андар лаби об ҳамчу Ҳофиз
Умри гузарон азиз дорам.
Бо хирасарони булфузуле
Аз шеъру адаб санад наёрам.

Тавлид шавам агар дубора
Такрор кунам ба шодмонӣ
Он чор хатои шоирона,
Он чор хатои ҷовидонӣ:

Ман боз хурам шароби гулгун,
Ман боз ба шеър ишқ орам,
Дилро бикунам зи ишқ зардоб,
Дар зонуи ёр сар гузорам…

1981

* * *

Ин ишқи дилгудоз, ки эҳсони зиндагист,
Дар синаи хамӯши мо меҳмони зиндагист.
Як рӯди пурхурӯш ба саҳрои орзу,
Як рӯзи офтобии даврони зиндагист.

Ин ишқи ҷонфурӯз, ки фармудаи дил аст,
Осоиши хурӯҷи наёсудаи дил аст.
Як ғунчаи ҳанӯз набӯидаи умед,
Як роҳи то ҳанӯз напаймудаи дил аст.

Ин ишқи хонасӯз, ки туғёни орзуст,
Дар ҷисми сард шуълаи сӯзони орзуст.
Як лаҳзаи навозиши ҷони ниёзманд,
Як саҳнаи намоиши исёни орзуст.

Ин ишқи дилфиреб фиребаш зиёда бод,
Аз давлати висол насибаш зиёда бод.
Дорам диле, ки бо раҳи осон намеравад,
Ранҷи раҳи фарозу нишебаш зиёда бод.

Ин ишқи синасӯз, ки инъоми зиндагист,
Як ғулғула ба олами ороми зиндагист.
Оғози ӯ хуш аст, ки оғози бахти мост,
Анҷоми ӯ мабод, ки анҷоми зиндагист…

1981

* * *

Оваҳ, оваҳ, чи тирамоҳе буд,
Ки хазонаш баҳори дилҳо дошт.
Ба сари мо хазон чу гул мерехт,
Ҳар хазоне гули таманно дошт.

Мекашиданд оҳи ширине
Зери по баргҳои ошуфта –
Гӯӣ ҳар барг метапид аз таб,
Ки ба лаб дошт шеъри ногуфта.

Аз раҳи ҷангали хазонафшон
Ошиқони баҳор мерафтем.
Ба сари мо гули хазон мерехт,
Беғам аз рӯзгор мерафтем.

Суҳбати мо зи маншаи дил буд –
Аз баҳору хазони олами дил.
Аз мақоми баланди давлати ишқ,
Аз шукӯҳи талотуми ғами дил.

Мо ду мавҷуди ташнадил будем,
Дили мо ташнаи муҳаббат буд.
Ҷони мо ташнаи ҷавониҳо,
Чашми мо ташнаи назокат буд.

Тирамаҳ! Эй мусофири рухзард,
Аз баҳори гузашта ёде кун.
Гарчи дер аст, ҷуз хаёле нест,
Аз ҳама дарду ранҷ шодӣ кун.

Тирамаҳ! Баргҳои зарди ту
Аз баҳори дилам нишонҳо дошт.
Хайр, эй тирамоҳи заркокул,
Ки хазонат чи гулфишонҳо дошт.

1981

## ОБИ СЕВАН

Синаи модар-замин гарчи нахушкидаст
чун меҳри Ватан,
Мешавад кам сол то сол оби Севан,
Мешавад кам мисли оби чашми арман.

Кӯли Севан буд лабрез аз сиришки модарон
Дар фироқи кӯдакону хоҳарону додарон.
Кӯли Севан буд пур аз чашмаҳои ашки ёрон
Дар азои он ҳама қурбониён…

Чун дар ӯ
Кам фурӯ резанд акнун чашмаҳои ашкҳо –
Ашки пайвандони аз пайванди ҷони худ ҷудо
Аз ҷафои туркҳо,

Кам шуда чун оҳу шеван,
Кам шуда чун ашки арман
Оби Севан...

15.4.1981

## НАФРИН

Лаънати халқ бод бар он кас,
Ки зи дунҳиммативу беорӣ
Хурда шири сафеди модарро
Даст ёзад ба ҳар сияҳкорӣ!

Лаънати ду ҷаҳон бар он кас бод,
К-аз паи ганҷу сарвати дунё
Панди модар шунида дар тифлӣ,
Мекунад фанд тифли инсонро!

Осмону тамоми ҷирми фалак
Ба сари он касе фурӯ резад,
Ки битобад зи рӯи модар рӯй,
Оби рӯро чу оби ҷӯ резад!

Нафрати халқи рӯи олам бод
Ба касе, ки фақат зи худ нозад,
Гӯри модар рабуда аз хотир,
Қасрҳои забарҷад афрозад.

Боз нафрин ба одамизоде,
Ки касе номи ӯ намегирад.
Хурда нони ҳалоли давронро,
Як замоне ҳаром мемирад...

18.6.1981

## ЧАҲОР БӮСА

Дар баҳорон
Зери борон
Бо навои обшорон
Чашмҳоятро бибӯсам,
Чашмҳои бегуноҳатро бибӯсам.

Масту шодон
Синабирён
Фасли тобистони сӯзон
Хирмани мӯят бибӯсам,
Гарм-гарм аз тоқи абрӯят бибӯсам.

Тирамоҳон
Зору пазмон
Рӯ ба рӯи барги резон
Аз лаби нӯшат бибӯсам,
Аз бари рӯю баногӯшат бибӯсам.

Дар зимистон
Гарму сӯзон
Зери барфи тунду печон
Рӯи хуршедат бибӯсам,
Бо ҳазор армону уммедат бибӯсам.

26.8.1981

* * *

Эй умеди дили саргаштаи ман,
Ишқи ту шуълаи саркаш дорад.
То ғамат ҷони маро месӯзад,
Шеъри ман сафҳаи оташ дорад.

Ман ҳама дарди туро мефаҳмам,
Ман ҳама оҳи туро медонам.
Ман ҳама доғи туро мебинам,
Ишқи гумроҳи туро медонам.

Ту зи худ рафта ба худ н-омадаӣ,
Ман зи худ рафта ба худ омадаам.
Ту маро дидаву нодида ҳанӯз,
Ки зи сеҳри ҳунарат дилшудаам.

Ту ғами ишқ намедонӣ ҳанӯз,
Ман зи андӯҳи муҳаббат серам.
Ишқ сутхони маро орд кашид,
Чӣ кунам, буда чунин тақдирам...

Ту фақат номи маро медонӣ,
Лек аз номи дилам бехабарӣ.
Ту фақат ҷоме бихӯрдӣ бо ман,
Лек аз ҷоми дилам бехабарӣ.

Дили ман сӯхтан омӯхтааст
Аз шару шӯри ситамгории ишқ.
Ту намедонӣ ҷигарсӯзии дард,
Ту намедонӣ аламдории ишқ.

Кош медидӣ диламро боре
Рӯ ба рӯ бо дили озодаи хеш,
Кош медидӣ чӣ сон месӯзад
Аз табу сӯзи шараразодаи ишқ.

Кош медидӣ марову худро
Рӯ ба рӯ бо гунаҳи нотакрор,
Кош лабҳои таболудатро
Мениҳодӣ ба лабам бегуфтор.

Баъд бешоиба медонистӣ,
Ки маро аз азал ошиқ зоданд.
То дурангӣ накунам дар раҳи ишқ,
Ба ғами ошиқӣ лоиқ зоданд...

19.10.1981

* * *

Ишқи ту дар дили ман пир шуда,
Аз ғами ту дили ман сер шуда.

Баъд аз ин нашъаи дилдодагӣ нест,
Вақти кӯдакдилию содагӣ нест.

Дилам оташ буду хокистар шуд,
Дарди дил боиси дарди сар шуд.

Сӯхт бисёру табутобаш кост,
Рӯди пуршӯр буду обаш кост.

Ҳолиё холӣ шуда аз ғами ишқ,
Хок бар сар занад аз мотами ишқ.

Ҷои ошуфтагиву шайдоӣ
Даст ёзад сӯи ӯ танҳоӣ.

Чӣ кунам, мавсими дилбозӣ гузашт,
Сари ҳар шавқ сарафрозӣ гузашт.

Дар дилам манзараи поиз аст,
Ҳар чӣ бинам, ҳама ҳузнангез аст.

Зи дилам оҳу фиғон мехезад,
Ба сарам барги хазон мерезад.

Дар хазонрез қадам мемонам,
Сафҳаи барги хазон мехонам...

Шавқи ту дар дили ман кӯр шуда,
Баҳри ишқат дили ман гӯр шуда...

22.10.1981

## РАҚСИ ТУ

Рақси ту гар сабки эъҷоз аст дар рӯи замин,
Пеши ман як сабки парвоз аст сӯи осмон.
Рақси ту ҳарчанд баҳри беғамон як дилхушист,
Баҳри ман як олами дард аст, дарди беамон.

Ҳар нигоҳи ту ба умқи дил ишорат мекунад,
Ҳар адоят ҷони мискинро ҳимоят мекунад.
Ларзаҳои мижжаҳоят,
Барқафшонии чашми сурмасоят
Захми носури муҳаббатро табобат мекунад.

Мезанӣ бо панҷаҳоят савти бишкан-бишкане.
Метаровад аз дили ман оҳу воҳу шеване.
Пой мекӯбӣ ба саҳна,
Даст мекӯбӣ ба сина,
Синаҳоро мефурӯзӣ бо ҷамоли равшане.

Печутоби кокулонат печутоби зиндагист,
Ҳар нигоҳи ту суоли беҷавоби зиндагист.
Гоҳ агар қадрат надонанд,
Гар сабукроят бихонанд,
Ҷумла аз кӯрии чашми интихоби зиндагист.

Гарчи беовоз мерақсӣ, ба гӯш овози туст,
Пардаи дил, пардаҳои чашм пойандози туст.
Шӯхшангу масту мағрур –
Он қадар наздикӣ аз дур,
Гӯӣ саҳни синаи ман саҳнаи эъҷози туст.

Рақси печони ту мавзуну қашанг аст,
Як дами нақди фароғат аз малоли ному нанг аст.
Кош медонистаме
Як даме чун ҳамдаме
Умри ту дар саҳнаи қисмат чӣ ранг аст?...

Рақси ту як саҳнаи афсонаи дил бастан аст,
Як талоши аз ҷаҳони мову ман ворастан аст.
Балки андар саҳни бозиҳои маргу зиндагӣ
Бо ҷаҳони бекарони орзу пайвастан аст.

24.10.1981

* * *

Дидам ӯро боз баъди чанд сол,
Талъати болидааш коҳида буд.
Дар назар чун шаҳри баъди зилзила
Кишвари ҳуснаш зи ҳам пошида буд.

Хирмани гесӯи ӯро бурда бод,
Ғабғаби симини ӯ пурчин шуда.
Сурмаи чашмони ӯро шуста ашк,
Чеҳраи хандони ӯ ғамгин шуда.

Мегузашт аз растаи бозори гул,
Тирарӯ, парвои як гул ҳам надошт.

Гарчи ӯ ҳам дар малоҳат як замон
Аз дусад бозори гул гул кам надошт.

Ман варо медидаму мекостам,
Порае умрам ҳамеомад ба ёд,
Ки варо бо ҷону дил мехостам
Андар ин рӯи замини бокушод.

Чашми ман бо чашми ӯ бархурду пас
Аз нигоҳи ман рамиду дур шуд.
Лек он айёми ишқи содае
Дар хаёлам ҳамчунон манзур шуд.

Ман ба ӯ бархурдам андар роҳи ишқ,
Тифлтабъиҳош бебокона буд.
Ман агар дар шеъри худ дорам ҷунун,
Ӯ ҳам андар ишқи худ девона буд.

Баъд мо хӯрдем бо ҳам ҷомҳо,
Ҳарфҳо гуфтем аз тақдири дил.
Баъд мо хондем бо эҳсоси гарм
Сафҳаи садрангаи тасвири дил.

Баъд ман як рӯз баҳри озмун
Бо дили худ рӯ ба рӯ кардам дилаш.
Хуб андар тинаташ кардам назар,
Хуб дидам манзари обу гилаш.

Дидам, ӯ ошиқ на бо фармони дил,
Ошиқи овозаю номи ман аст.
Дидам, ӯ на ошиқи илҳоми ман,
Ошиқи икрому инъоми ман аст.

Баъд ман рафтам ба роҳи шеъри худ,
Боз ӯ роҳи ғалат афтоду рафт.
Ҳар чӣ дод ӯ, рафтааст аз ёди ман,
Ҷуз ҳамин шеъре, ки нақдам доду рафт...

3.11.1981

* * *

Боз омадӣ ба хилвати андешаҳои ман,
Боз омадӣ барои ман, танҳо барои ман.
Дар гесувони беғамат атри баҳорҳо
Дар дидагони равшанат нури бақои ман.

Боз аз вуҷуди хокиям оташ забона зад,
Эҳсоси ғамшиноси ман авҷи тарона зад.
Боз ин дили шаҳиди ман дар ҷанги ақлу дил
Сар тофт аз ҳақиқату андар фасона зад.

Боз офтоб ин саҳар бар ман нигоҳ кард,
Боз осмон ба бахти ман афви гуноҳ кард.
Як лаҳза зиндагонии афсонаранги ман
Бо ман нишасту фанду фиребаш паноҳ кард.

Мову ту омадем, ки аз дил садо кунем,
Бошад, ки як-ду рӯз ба ҳам муддао кунем.
Оё чӣ кардаем, ки аз хашми зиндагӣ
Бо ҳам наёмадем, ки бо ҳам бақо кунем?

Эй қомати баланди ту шеъри баланди ман,
Ҳам фанди умри ман туӣ, ҳам низ панди ман.
Ман дилписанди зиндагон бошам ба зиндагӣ,
То дилписанди туст, эй дилписанди ман.

Эй қомати расои ту бахти расои ман,
Эй бо тамоми бехудӣ ишқат худои ман,
Бошам фақат барои ту, танҳо барои ту,
Бошӣ агар барои ман, танҳо барои ман!

10.12.1981

* * *

Хаёли дидани рӯят хаёли хушбахтист,
Умеди суҳбати дигар камоли хушбахтист.
Насиби лаззати дидор агар муяссар нест,
Насиби ҷони ҷавонам заволи хушбахтист.

Дилам ба ёди ту гум мезанад ба сад оҳанг,
Нигоҳи шуълаварат мезанад ба ҷонам чанг.
Вале чӣ суд, ки аз зиндагӣ раҳоӣ нест,
Ки хок бар сари қисмат занему ному нанг.

Агарчи дураму ганҷи дилат насибам нест,
Ба ҷуз хаёли ту андар ҷаҳон ҳабибам нест.
Агарчи зиндагиям худфиребиҳо дорад,
Ҳамин бас аст, ки ғайри ту дилфиребам нест.

Ҳамин бас аст, ки дунё туфайли ту зебост,
Ҳамин бас аст, ки ҷонам пур аз таманноҳост.
Ҳамин бас аст, ки дил дораму дилам бо туст,
Ҳамин бас аст, ки дил дориву дилат шайдост.

Ҳамин бас аст, ки ҳастӣ ҷаҳони пиндорам,
Ҳамин бас аст, ки ҳастӣ ҷаҳони асрорам.
Ҳамин бас аст, ки ту ҳастиву диле дорӣ,
Ҳамин бас аст, ки ҳастам ману диле дорам.

1982

* * *

Дилам он қадр мастӣ хоҳад имшаб,
Ки роҳи хонаи худро наёбам.
Тиҳӣ созам ҳама майхонаҳоро,
Ки аз сар бигзарад ҳар сарҳисобам.

Зи назди хонаат ғалтону хезон
Гузар созам чу як девонаи ишқ.
Чароғи хонаат бинам фурӯзон
Чу нури сармади кошонаи ишқ.

Кулоҳамро зи истиғнои мастӣ
Барандозам ба сӯи Каҳкашонҳо.
Равам, бар остонат сар гузорам,
Ки мебошад баланд аз осмонҳо.

Давам бепову сар дар кӯчаи шаҳр,
Диламро аз фараҳ рӯи каф орам.
Бигирам аз гиребони ҳама кас,
Ки «Медонед? Ӯро дӯст дорам!...»

Равам бо ташнагию сӯзиши дил,
Кашам сарви сари раҳро дар оғӯш,
Ки ғайр аз қомати ту то қиёмат
Ҳама аз хотирам гардад фаромӯш.

Назар созам ба пои ҳар дарахте
Ки гӯӣ низ побасти ту бошад.
Бубинам сӯи ҳар як ҳалқаи шох
Ки гӯӣ ҳалқаи дасти ту бошад.

Дилам хоҳад чунон девонагиҳо
Ки умре ёд бинмояд Душанбе.
Занам фарёд сӯи моҳу анҷум
Зи фарёдам ба дод ояд Душанбе...

Дилам он қадр мастӣ хоҳад имшаб
Ки бахти мастӣ дар ҳушёриям нест.
Дилам он қадр хоби мастӣ хоҳад,
Ки хоби бахт дар бедориям нест...

1982

* * *

Ишқи ту камтар зи дарёе набуд,
То замини хотирам гулзор шуд.
То зи фарёду ғиреви мавҷҳош
Бахти хоболуди ман бедор шуд.

Ишқи ту камтар зи исёне набуд
Рӯ ба рӯ бо душмани аъмоли ман.
Корзоре кард андар синаам
Бо ҳама урдуи моҳу соли ман.

Ишқи ту камтар зи парвозе набуд
Сӯи гардун ҳампари маҳвораҳо,
То ба ҳам наздик гаштанду қарин
Бурҷҳо, исторaҳо, сайёраҳо.

Ишқи ту камтар набуд аз зилзила
Дар замини орзуҳои дилам.
То ба як ҷунбиш ба рӯи каф ниҳод
Он ҳама пинҳону пайдои дилам.

Ишқи ту камтар набуд аз тундаре
Дар инони осмони зиндагӣ.
Як дурахшиду хуморам тоза шуд
Бар хушиҳои замони зиндагӣ.

Ишқи ту камтар набуд аз бахти нақд
То ба чашми дил ба ӯ кардам назар.
Гарчи бепову сару бехуд будам
Кард бо ман ӯ маро наздиктар...

Ишқи ту камтар набуд аз шеъри хуб
Дар миёни сафҳаи девони дил.
Ишқи ту камтар набуд аз инқилоб
Дар ҷаҳони бесару сомони дил...

1982

* * *

Занг бандад даруни сина дилам,
Нашнавам занги хандаҳоятро.
Рӯзгорам чи бесадо бошад,
Нашнавам соате садоятро.

Ба суолам ҷавоб агар надиҳӣ,
Зиндагӣ беҷавоб метобад.
Накунад гар садот бедорам
Зиндагӣ ҳамчу хоб метобад.

Ҳар нафас бо хаёли тифлона
Пур шавад дил зи шавқи дидорат,
Оҳи ӯ аз масофаҳо гузарад,
Кунад аз хоби ноз бедорат.

Ба дарат мушт кӯбаду ҳайҳот
Хоҳӣ, аммо кушуда натвонӣ.
Доғ-доғи ту асту боз ӯро
Ғайри доғе фузуда натвонӣ.

Нарм-нармак барой аз хона
Ғофил аз чашми хонаводаи хеш,
То диламро ба рӯи каф гирӣ,
Бингарияш ба чашми содаи хеш.

Бо ҳама изтиробу меҳру ситез
Дар кафи хештан бияфшорӣ,
Гарчи мехостӣ, наранҷонӣ,
Гарчи мехостӣ, наёзорӣ.

Тунду хашмӣ ба сӯи ӯ гӯӣ:
«Гарчи бо ту ман ошно будам,
Ин ҳама солҳо, ки бигзаштанд,
Ту куҷо будӣ, ман куҷо будам?

Ваҳ, чи зебой, ваҳ, чи сӯзонӣ,
Аз куҷой ту, аз куҷой ту?
Бо дили поксӯзи шайдоям
Чӣ сазой ту, чӣ сазой ту!

Лек дер аст... ҳар қадар хоҳӣ,
Баҳри таскини хеш маътал шав.
Варна бар ёдгори оташи ишқ
Дар сари чорроҳа машъал шав...»

...Бо ту рӯҳам агарчи ҳамхонаст,
Дили ман аз дарат бурун монад.
Баъди мо боз дар ҷаҳони дурушт
Ошиқӣ монаду ҷунун монад...

1982

* * *

Бо ту дарёфтам, ки то имрӯз
Зиндагиям ҳама хатои дил аст.
То тую санъати муҳаббати ту
Ошиқиям ҳама ҷазои дил аст.

Бо ту бар хештан назар кардам –
Ба ҳар он чӣ гузаштаҳоям буд,
То бидидам: ҷавониям – нафасе,
Шеъри ман – оҳи норасоям буд.

Чанд фасли баҳор омаду рафт,
Ҷуз гули рӯи ту басо гул дошт.
Чашмам аз сурати ту холӣ буд,
Дилам аз ишқи ту тағофул дошт.

Ин баҳоре, ки бо ту мебинам,
Ростиро, баҳори шайдоист.
Фасли бо ҳам шукуфтани дилҳо,
Фасли рушду камоли зебоист.

Чун бубинам, ки обшори дур
Масти хеш аз ғурур механдад,
Чун бубинам, ҳавои меғолуд
Ба сари кӯҳ хоса мебандад;

Чун бубинам, ки ин баҳор ту ҳам
Гул ба кокул занӣ ба шайдой,
Ба насими мулоими гулшан
Дари айвони хеш бикшой;

Мепарам бо кулангҳои қатор –
Дар фазо боз карда боли хеш,
Ки манам ин баҳор шоиртар,
Ки туй пурбаҳортар аз пеш.

Мекунам сӯи осмон фарёд,
Ки манам ин баҳор лоиқтар...
Мекушоям забон ба бонги баланд,
Ки манам ин баҳор ошиқтар...

...Баъд аз ин ҳар чи ояд аз қисмат,
То ту ҳастӣ, ҳама барои ман аст.
Чун сазои дилат накардам умр,
Ҳар чӣ ояд зи ту, сазои ман аст!..

1982

* * *

Дили ман чун гули даврони хеш аст,
Ба даврони дигар ҳаргиз нарӯяд.
Хазон дорад баҳори зиндагонӣ,
Хазонро ҳеҷ кас чун гул набӯяд.

Чи тадбире! Худо ҳар чиз додаст,
Банавбат боз чун қарзаш бигирад.
Дили ман раҳни шеъру шоирӣ буд,
Бимирад ҳам, ба бадномӣ намирад.

Суханро ҳамчу гул гулдаста бастам
Барои хотири гулпираҳанҳо.
Уқоб андар баландӣ гар бимирад,
Дили ман – дар баландии суханҳо...

Ту, эй уммедгоҳи зиндагиям,
Маро ҳаргиз макуш андар дили хеш.
Маро гар куштӣ, бошӣ қотили шеър,
Маро гар куштӣ, бошӣ қотили хеш.

Маро дар ошёни равшани худ
Чу тақвиме, чу тасвире нигаҳ дор.
Китоби шеърҳои содаамро
Чу фарёде зи тақдире нигаҳ дор.

Ман аз ту дур хоҳам рафт рӯзе
Чу барги рехта аз шохсорон,
Вале то реша андар хок дорам,
Туро ёд оварам то навбаҳорон.

Туро ёд оварам чун қиблаи дил,
Чу меҳроби дили садпораи хеш.
Туро ҷустам тамоми умр чун шеър,
Вале ҳаргиз наҷустам чораи хеш.

Ту асли шеъру ишқу орзуӣ,
Биноӣ шоирию ошиқӣ кун.
Агарчи будаам нолоиқи ту,
Ту аз ҳар байт ёди Лоиқе кун!..

1982

* * *

Ҳар гаҳе чун ахтари иқболи ман
Рух намой аз дари айвони хеш,
Ҳеҷ кайвоне зи айвонат баланд
Кай бувад дар вусъату паҳновариш?

Ҳар гаҳ аз айвон барой хандарӯ
Гесувонат хам занад рӯи замин,
Гӯӣ ту дар осмон чун Зӯҳрай,
Ман зи ту вомонда дар рӯи замин.

Роҳи байни мост гар як наърavor,
Дур аммо чун раҳи меҳру маҳ аст.
Осмони ман, чаро дурӣ чунин?
Дасти ман то боргоҳат кӯтаҳ аст.

Кай тавонам сӯи ту ово кунам,
Чашми бад ҳар сӯ камингири ман аст.
Афканам гул, боз афтад бар замин,
Айби тақдири замингири ман аст.

Дар замони ин ҳама парвозҳо,
Гарчи бебол парам, эй ҷони ман,
Мепарам дар олами хобу хаёл,
Ҷониби айвони ту – кайҳони ман.

Гарчи медонам, ки парвозам хатост,
Гарчи медонам, ки болам норасост,

Лек бе эҳсоси парвоз ишқ нест,
Дидаи ошиқ суи нодидаҳост.

Пас ту ҳам, эй аз ҳама наздиктар,
Дар ҷаҳони орзу фоле бимон!
То нахушкад шавқи парвоз аз дилам,
Осмони ман, чунон олӣ бимон!

1982

* * *

Зи бахти гумшуда чун оварам ёд,
Зи дуродур овози ту ояд.
Дили гумкардаамро чун биҷӯям,
Саропои туам дил менамояд.

Дарак пурсам чу аз умри гузашта,
Зи ҳар манзил бишӯрад ҳасрати ту,
Ки гӯӣ ҳар гиёҳу сабзаи раҳ
Хабар орад зи ранги қисмати ту.

Ману ту аз ғурури чашмбаста
Дари дилро ба рӯи ҳам бубастем.
Дигарҳо аҳд бастанду шикастанд,
Ману ту аҳд нобаста, шикастем.

Кунун аз хонаи обод пурсанд,
Намепурсад кас аз ободии дил.
«Туро ман зарра-зарра ҷамъ кардам»[1]
Барои дил, барои шодии дил.

Кунун афтода дар гирдоби қисмат
Ману ту дар ҷудоиҳо қаринем.
Ба ҳам бинем ғамҳои муҳаббат,
Дареғо, шодии ӯро набинем...

Вале то зиндаам, то қисмате ҳаст,
Дилам номи дил аз номи ту ҷӯяд.
Агар сад сол ояд хушксолӣ,
Дилам чун лола дар боми ту рӯяд...

1982

* * *

Дар хобҳои равшану поки биҳиштиям
Мебинамат, ки бо дили ман меҳрубонтарӣ.
Аз лаҳзаҳои кӯтаҳи дидору иштиёқ
Бас дилмувофиқи ману бас дилситонтарӣ.

1. Моли Шамси Табрезӣ.

Дар хобҳои мудҳишу саҳмину тираам
Мебинамат, ки ҳозирӣ ҳамчун халосгор.
Дар оташам бубиниву оташ занӣ ба даҳр,
Дар об ғарқа биниву гирӣ маро канор.

Дар хобҳои қудсии ман ту фариштаӣ,
Боли ҳарир дориву парвоз мекунӣ.
Дар рӯи боли хеш маро мебарӣ ба арш,
Бар ишқи ман даричаи дил боз мекунӣ.

Аммо чу рӯз мерасад, мебинамат, ки боз
Рӯи замини пургунаҳ ҷӯёи қисматӣ.
Дилкӯби зиндагонии якрангу якнавохт,
Дилташнаи муҳаббату умри ғаниматӣ.

Аммо чу рӯз бигзарад, аз пушти офтоб
«Бар айшҳои рафта диле шод мекунам».[1]
Аммо чу рӯз бигзарад, чун сояи ғуруб
Андӯҳи ту фурӯ кашад дунёи равшанам...

1982

* * *

Гарчи медонам, ки дастам кӯтаҳ аст,
Боз мехоҳам туро бар коми дил.
Боз мехоҳам, ки аз ишқи ту бод
Дар нафасҳои пасин анҷоми дил.

Боз мехоҳам, ки аз ҳар нешу нӯш
Охирин ком аз лаби нӯши ту бод.
Андар оғӯши ҷаҳони сустмеҳр
Охирин оғӯш оғӯши ту бод.

Боз мехоҳам туро аз ҳар чӣ ҳаст
Чун насиби вопасини зиндагӣ.
То равам зери замин, хоҳам туро
Аз замону аз замини зиндагӣ.

Боз мехоҳам, ки рӯзи вопасин
Пеши чашмам мӯи анбӯҳи ту бод.
Охирин шодиям аз дидори ту,
Охирин андӯҳам андӯҳи ту бод...

1982

* * *

Аввалин шеърам ту будӣ –
Аввалин шеъри пур аз дардам ту будӣ.
Аввалин ошӯби сӯзон
Андаруни синаи сардам ту будӣ.

Шеърҳои беҳтаринам –
Гӯӣ захми тири тақдиранд дар девони ман.
Шеърҳои дилнишинам –
Нақши сомонанд дар тақдири бесомони ман.

Дар гуноҳи мо, ки ғофил мондаем аз ҳамдигар
Зиндагонӣ бегуноҳ аст.
Сабзае гар дар замини бахти мо рӯяд кунун,
Сабзаҳои тирамоҳ аст.

Баъд аз ин ҳарчанд бо сад ҷону дил
Зиндагиро дӯст медорем мо,
Аз барои ҳамдигар
Тухми гулро дар замини мурда мекорем мо.

Лек дорам орзуе аз туву аз зиндагонӣ:
То ба олам зинда бошам,
бахри ман олам ту бошӣ.
Аввалин шеърам ту будӣ,
Охиринаш ҳам ту бошӣ...

1982

* * *

Аз ғурури ту ғурури ман баланд,
Аз ғурури ман ғурури ту зиёд.
Дар миёни ин ҳама печидагӣ
Бо дили гармат дили ман зинда бод!

Гар ҷавоният насиби ман нашуд,
Дорам уммед аз ҷавонии дилат.
Бар сари шӯридаю мағрури ман
Кам мабодо меҳрубонии дилат!

Ман туро бисёр ғам додам агар,
Ошиқӣ худ шеваи ғам хурдан аст.
Дар миёни дардҳои зиндагӣ
Шодии як лаҳзаро бишмурдан аст.

Ман туро як бор гум кардам, вале
Бори дигар гум кунам, маргам беҳ аст.
Баҳри чӣ дар ошиқӣ дил бишканем
Чун варо рӯзе аҷал хоҳад шикаст!

Зиндагӣ ободу дунё пойдор
Аз хурӯҷи норизоиҳои мост.
Гар яке бадбахт аз бахти зиёд,
Дигар аз камбахтии худ норизост.

---
1. Моли Соиб.

Ошиқию ташначашмӣ тавъаманд,
Ишқ гар розист, монад беасар.
Пас, маро дар соҳили дарёи дил
Ташнатар кун, ташнатар кун, ташнатар!

Пас, ба сеҳри ҷазбаи чашмони хеш
Дар вуҷуди хокиям сӯзиш фирист.
То насӯзам дар ғами беоташӣ,
Бар дилам оташ фирист, оташ фирист!

Ман чӣ дорам? Як дили рамзошно!
Буду нобудам ҳамин як дил бас аст.
Ҳар ками ӯро чу меҳри модарон
Ишқи ту гар мекунад комил, бас аст!

Мову ту меҳнаткаши кӯи дилем,
Давлати мо – шӯри беамсоли дил.
Бо тамоми ҷашнҳои рӯзгор
Зинда бодо ҷашни истиқлоли дил!

1982

* * *

Ба хаёлам, агар набошӣ ту,
Лаби дарё ғазал намехонад.
Зиндагӣ мешавад нафасгардон,
Шоире мисли ман намемонад.

Ба хаёлам, агар набошӣ ту,
Ишқ бесарпараст хоҳад шуд.
Бе ғурури баланди чашмонат
Ҳиммати ишқ паст хоҳад шуд.

Ба хаёлам, агар набошӣ ту,
Бори шеърам касод меояд.
Аз ҳама – ҳар чӣ ҳаст дар дунё,
Зиндагиям ба дод меояд.

1982

* * *

Ҳамчунон дар тамоми давру замон
Устоди сухан чи кампайдо,
З-устодони туҳмату буҳтон
Зиндагонӣ пур аст, сад ҳайфо!

Бо ту хоҳам сафои хонаи чашм,
Оҳ аз чашм-чашми каҷбинон.
Бо ту хоҳам сухан кунам аз дил,
Дод аз дасти ин суханчинон.

Бо ту ҷои гурез ноёб аст,
Гарчи зебад ҳама ҷаҳон бо ту.
Оқибат дафтари ғазал дар даст
Мегурезам ба ҷовидон бо ту...

1982

* * *

Хуш меҳнатест ишқат, эй меҳнати дили ман,
Хуш санъатест ҳуснат, эй санъати дили ман,
Хуш қисматест дардат, эй қисмати дили ман.

Боз омадӣ баногаҳ аз роҳи дилписандӣ,
Боз омадӣ ба шеърам бо ин шукӯҳмандӣ,
Хуш омадӣ ба сина, эй давлати дили ман.

Ин дил дар аввали ишқ аз ҳусни ту хабар дошт,
Дар байни обу оташ аз кӯи ту гузар дошт.
Пай бурдӣ ту ба новақт аз сарвати дили ман.

Дар ин миёна бе ту гоҳе зи худ гузаштам,
То неку бад шиносам, аз неку бад гузаштам,
К-аз ту ниҳон намонад неку бади дили ман.

Акнун ба раҳгузорат ҳар дам намоз орам,
Бар даргаҳи дили ту рӯи ниёз орам,
То рӯзу шаб ту бошӣ ҳамсуҳбати дили ман.

Акнун, ки олами ман худ олами дили туст,
Бешу ками дили ман бешу ками дили туст,
Бо ман бимон, ки ҳастӣ ту ҳасрати дили ман.

Акнун, ки мешиносӣ буду набуди ин дил,
Акнун, ки худ шунидӣ арзи вуҷуди ин дил,
Бигзор ҳар чӣ бошад дар қисмати дили ман...

1982

* * *

Агар ёбам ҷавонии дубора,
Туро, танҳо туро мехоҳаму бас.
Ба ҳар қисмат, ба ҳар қимат, ки бошад,
Туро ҳаргиз нахоҳам дод бар кас.

Агар ёбам ҷавонии дубора,
Ба чашми дигарон дунё набинам,
Гули оташ бичинам з-оташи дил,
Ба дасти кӯрзавқе гул начинам.

Агар ёбам ҷавонии дубора,
Нахоҳам хӯрд фанди раҳнамоён.
Ба роҳи дил равам, ҳарчанд дур аст,
Хурам ҳарчанд сад захми намоён.

Агар ёбам ҷавонии дубора,
Бигӯям бо дилат афсонаи дил,
Бубинам бо ту ҳар чӣ диданӣ ҳаст,
Туро бону кунам дар хонаи дил.

Агар ёбам ҷавонии дубора,
Биороям зи ишқат қисматамро.
Дубора гар ту ҳам ёбӣ ҷавонӣ,
Накӯ дарёб қадру қиматамро.

Агарҳо, кошкиҳо зинда бошанд –
Тасаллопарварони зиндагонӣ!
Агар ёбам ҷавонии дубора...
Дубора гар ту ҳам ёбӣ ҷавонӣ...

1982

* * *

Барои он ҳама дунёи эъҷоз,
Барои он ҳама ангези парвоз,
Барои он ҳама иршоду илҳом,
Барои он ҳама оғозу анҷом,
Барои он ҳама сӯзу гудози ман
Ман аз ту розиям, эй ҳамниёзи ман!

Барои он ҳама оташ,
Ки дар ҷони мани девона месӯзад,
Барои он шарори дил,
Ки ҳастии маро мардона месӯзад,
Барои шуълаҳои поксӯзи ишқ,
Ки баъди марг чун шамъи мазори ман
Миёни сатрҳои шеър ҷовидона месӯзад,
Ман аз ту розиям, эй ғамгусори ман!

Маро, ки то кунун дониста будам
манзили зан чист,
Ту фаҳмондӣ, ки дунёи дили зан чист.
Ту фаҳмондӣ, ки зан дар ишқ монанди Табиат –
Бо моҳу бо офтобу бо ҳама
сайёраҳои дуру наздик
Офаринандаст –
Ту фаҳмондӣ, ки зан ҳамчун худованди таоло
Зи пайғамбартарошон сахт безор аст.

Ту дар ман баҳри ман дарёфтӣ он махзанеро,
Ки гӯӣ ҳуфрагар
Андар замини ҳафриёти бостон ёбад
Баногаҳ кӯзаи тилло –
Бигирад, пок созад аз ғубору гард,
Ҷилояшро бубинад дар нигоҳи шуълаи хуршед...
Ту дар ман ёфтӣ сад махзани ноёб,
Ту дар ман ёфтӣ сад махзани уммед.
Маро, ки чашмае будам,
Ба дарё ошно кардӣ.
Маро, ки дар замин будам,
Ту ҳамдӯши само кардӣ...

Чӣ гӯям боз, эй ҳусни ҳаёти ман?
Чӣ гӯям боз, эй парвози ёди ман?
Барои чашми тобонат,
Барои атри зулфонат,
Барои ҳар сухан,
Ҳар нома,
Ҳар занги телефонат,
Барои хилқати зебопарасти ту,
Барои он, ки ҳастӣ ту,
Ман аз ту розиям, то зиндагиро
роҳу манзил ҳаст,
Ман аз ту розиям, то ҳастаму
дар синаам дил ҳаст...

1982

* * *

Ҳар гаҳ, ки бо туям, рӯҳам пур аз сафост,
Ҳар гаҳ, ки бо туям, ҷонам пур аз навост.
Ҳар гаҳ, ки бо туям, гардун чи раҳмдил,
Қисмат чи меҳрубон, толеъ чи босахост.

Ҳар гаҳ, ки бо туям, бахти сафед ҳаст,
Дар зиндагӣ хушо рӯзи саид ҳаст.
Аз атри гесуят ёбам, ки шукри бахт
Аз зиндагӣ ҳанӯз бӯи умед ҳаст.

Ҳар гаҳ, ки бо туям, дунё чи тозарӯст,
Ҳар ҷо, ки бингарам, гӯё нишони туст,
Ҳар гаҳ ки бе туям, гардун чи сангдил,
Қисмат чи беилоҷ, толеъ чи зиштрӯст.

Ҳар гаҳ, ки бе туям, ман бе ҷавониям,
Ҳар гаҳ, ки бо туям, ман бо ҷавониям.
Ҳар гаҳ, ки бе туям, як фарди фониям,
Ҳар гаҳ, ки бо туям, ман ҷовидониям...

1982

* * *

Баҳоре буду маҷнунбеди навбарг
Чу духтар кокулашро шона мекард.
Парастуе, ки ҷои лона меҷуст,
Ту гӯӣ дар дили ман лона мекард.

Дарахтон шохаҳои сабзи худро
Ба таъзими замин хам карда буданд.
Ба рӯи раҳ зи рақси нуру соя
Тамошогоҳи хуррам карда буданд.

Чи арзон мефурӯшиданд гулро
Сари раҳ баччагони дарсбезор –
Гули мақсуди худ ночида аз умр,
Ба савдои гул афтода ба бозор.

Ҳама будем андар кӯю барзан
Ба кокул гул, ба лабҳо хандаи гул.
Ҳама гулчину гулбозу гуландом,
Ҳама арзандаю зебандаи гул.

Гулафшон гарди гул мерехт бар сар,
Баҳор он сол авранги дигар дошт.
Дилам дар умри худ як бор гум зад,
Дилам як бор оҳанги дигар дошт.

Дилам як бор шӯриду зи худ рафт,
Намедонам куҷо рафту чиҳо кард.
Фақат донам, ки боре рафту умре
Маро бо лаззати дард ошно кард.

Кунун баъди хазони даҳ баҳоре,
Ки дар дил дардҳоям таҳнишин шуд,
Кунун баъди пушаймонии бисёр,
Ки саҳву иштибоҳи дил яқин шуд,

Кунам фарёд сӯи ёри рафта:
Маро, эй бегунаҳ, дорӣ ту дар ёд?
Ману ту ошиқони сода будем,
Ту будӣ содадил, ман содабунёд...

Ало, эй ёри нобӯсидаи ман,
Баҳори сабзи оғӯшат куҷо шуд?
Гирифтам, пичаат ҳоло дуранг аст,
Сияҳгӯши сари гӯшат куҷо шуд?

Кунун бо дидаи пурдидаи худ
Агар дар сафҳае номам бихонӣ,
Бидон, ки ман ҳамон гумкардаи ту,
Туро гум кардаму гум шуд ҷавонӣ...

1982

* * *

Он шом зи пушти боғи кӯҳӣ
Моҳ тор танида мебаромад.
Як банд алаф ба пушт пире
Аз кӯҳ хамида мефаромад.

Печида ба гесуи дарахтон
Якҷӯр навои чирчиракҳо,
Аз гул ба гуле намепариданд
Дигар ба талош гулпаракҳо.

Маҳтоби паридаранги коҳил
Мерехт ба фарқи шохсорон.
Дар олами сояравшани боғ
Будем ду тан зи растагорон.

Печида ба ҳам ду сояи мо
Метофт ба сони сояи бахт,
Яксони замин хамӯш мегуфт –
Оё кӣ расад ба пояи бахт?

Маҳтоб баланд мешуд аз боғ,
Бар шохи дарахтҳо расида.
Ман дида туро басеву лекин
Гӯё ки ҳанӯз ҳам надида...

Бо ин ҳама шукри он нафас бод,
К-аз гардиши осмон рабудем.
Як лаҳза ба кӯчаи дарахтон
Мо ҳам ду дарахти сабз будем.

1982

## БА МИЛИСАИ РАҲБОН
*(Ҳазлия)*

Ту – раҳбон, нозири раҳҳои мошин,
Чу чашмат нест чашмоне ҳамабин,
Дуоят мекунам, аз осмонҳо
Ба китфонат ситора резад, омин!

Гаҳе сархуш, гаҳе ошуфта оям
Ман аз раҳҳои асливу маҷозӣ.
Манам як шоири тӯфонзамире,
Маро аммо ту як шофир шиносӣ.

Сари фармону дар фармони вақтам,
Сар аз фармон-т берун, меравам пеш.
Ту дар як пос меистӣ, вале ман
Ба ҷовидон шитобонам, биандеш!

Аломатҳои раҳро хуб донӣ,
Намедонӣ аломатҳои дилро.
Фалокатҳои раҳ? Боре биёмӯз
Фалокатҳо, маломатҳои дилро.

Шабе меомадам аз маҳфили дил,
Шабе меомадам аз кишвари ишқ,
Шабе меомадам аз кӯчаи роз,
Шабе меомадам аз маҳшари ишқ,

Маро истондиву пурсидӣ: Ҳуҷҷат!
Надорад ҳуҷҷате ҷуз шеър шоир.
Надонистӣ, нахоҳӣ низ донист,
Ки мо ҳам нозири роҳем охир.

Туӣ гар нозири расми раҳурӯ,
Бузургон нозири таҳрики вақтанд.
Чу рӯзе бо бадӣ бигзашт – бадбахт,
Ба некӣ бигзарад – фирӯзбахтанд.

Надонистӣ, ки мо ҳам раҳшиносем,
Надонистӣ, ки мо ҳам роҳбонем.
Аз ин раҳҳо кӣ бигзашту куҷо рафт,
Ва ё кӣ пешпо хурдаст, донем.

Надонистӣ, ки мо ҳар ду аз ин роҳ
Паёпай бигзарем... Аллоҳу акбар!
Ту сӯи хокдон, ман шеър дар лаб
Ба мулки ҷовидон... Рафтам, бародар!

1982

* * *

Эй насими биҳиштии дарё!
Дар дили ман қарор кун боре.
Ё ту ҳам чун мани шитобзада
Зиндагиро шитоб пиндорӣ?

Сангҳо хомушанд дар соҳил,
Оби дарё чу ман шитобон аст.
Ҳар чӣ бигзашт, бозпас н-ояд,
Ин ҳақиқат ба гуфтан осон аст...

Ҳар чӣ ёбӣ, зи даст хоҳад рафт,
Зиндагиро руҷӯи вопас нест.
Ҳар чӣ дар даст дорӣ нақд имрӯз,
Қадрдониш кори ҳар кас нест.

Мо ҳама меравему ин дарё
Солиён боз ҷорӣ хоҳад буд.
Беқарорист расми ин дунё,
Боз ҳам беқарорӣ хоҳад буд.

Дар лаби об бо лаби хомӯш
Худ ба худ рози даҳр мегӯям.
Эй насими биҳиштии дарё,
Ман чӣ гум кардаму чӣ меҷӯям?..

1982

## ПИРӢ

Ин чи фаслест, ки ҷуз доғ нарӯяд аз хок,
Дасти гулпарвараш аз хандаи гул метарсад.
Зӯри кӯҳафканаш аз коҳ биҷӯяд имдод,
Аспи дарёбураш аз сояи пул метарсад.

Ин чи шаҳрест, ки аз зилзилаи раъша дар ӯ
Қасрҳо, кунгураҳо, майкадаҳо аз ҳам рехт.
Ҳама бигрехт ба ҳар сӯй чу посӯхтае
Хокбоде шуду хоки ҳамаро дарҳам бехт.

Ин чи дарёст, ки хушкида лаби соҳили ӯ
Моҳиёнаш ҳама хонанд суруди сакарот.
Санги қаъраш ҳама таркида зи бетобию дард,
Киштиҳояш ҳама дар хушкӣ биҷӯянд наҷот.

Ин чи боғест, ки барги ғаму ҳасрат дорад,
Кундаҳо пӯсида, пайванди ҷавон металабанд.
Лек алҳол, ки дар хок амонат доранд,
Аз ҷаҳон рафтанию боз ҷаҳон металабанд.

Ин чи даштест, ки дар охири беохири он
Ҳама муштоқи дами бозпасини нафасанд,
Вартаи охири умр аст, малӯлам, ки чаро
Ҳама доранд умеде, ки ба пирӣ бирасанд.

1982

* * *

Чун дарахтон дӯст дорам ман заминро,
Ҳамчу пирон дӯст дорам зиндагониву замонро.

Чун гули вартоҷ дорам дӯст
Офтобу нури онро,
То пазад дар гармии ӯ ишқи хомам.
Дӯст дорам бодарову ҷомро,
То бимонад ҷоми саршоре зи номам.

Ҳар ғурубе чун кунам падруд бо рӯзи куҳан,
Шаб, ҳама шаб субҳи навро интизорӣ мекашам,
Ҳамчу зиндонӣ, ки бошад чашмдори
рӯзи озодии хеш,
Ҳамчу бадбахте, ки бошад чашмдори
хонаободии хеш.

Мисли мурғон мешиносам ман фазоро,
Хокро монанди деҳқон мешиносам.
Мешиносам обро чун ташнакомон,
Меваро чун боғбонон мешиносам.

Ёд дорам модаре мемурду фарзандони
худро панд мегуфт,
То ҳамеша аҳл бошанд,
Қадри неъматҳои давронро бидонанд,
Қадри меҳнатҳои давронро бидонанд.
Гарчи аз шири сафедаш
Кӯдаконаш ҷумла парвозӣ шуданд,
Дар нафасҳои пасин,
Дар назъи ҷон мегуфт: Об!
Охирин як қатра об!
Он қадар ашке фишонд,
Он қадар хунҳо бирехт,
Он қадар дил об кард,
То дилашро косаи зардоб кард
Дар баҳои охирин як қатра об.

Дӯст дорам обро
Ҳамчу он модар, ки бо овози ларзон
Бо лабони хушк андар назъи ҷон мегуфт: Об!

Зиндагонӣ бо ҳама талхию шӯрӣ,
Бо ҳама шодию андӯҳи гувороюш
азизу бебаҳост.
Баҳри ман чун дилбаре, ки бо ҳама
андоми зебош
Боз айбе дораду ҷурму гуноҳе, дилрабост.

Зумрае соҳилнишинон қадри дарёро
намедонанд.
Як гурӯҳи навҷавонон қадри дунёро
намедонанд,
Дӯст дорам ман заминро чун дарахтон,
Дӯст дорам зиндагиро ҳамчу пирон...

1982

## ШЕЪРЕ ДАР БЕМОРИСТОН

Паси шиша дарахтон ҷумла урёнанд...

Чунин дарёфтам: гӯӣ ҳама аз даст хоҳад рафт,
Ду чашмам баста хоҳад шуд зи дунёи пурафсона.
Замин аз зери поям мегурезад,
Само меуфтад рӯи сарам чун боми вайрона.

Хаёлам, хома аз дастам биафтод,
Тапишҳои ҷунунангез андар синаам хушкид.
Хаёлам, аждаҳои марг
Даври пайкарам печид.

Хаёлам, кокулони ёр лағжид аз кафи дастам,
Хаёлам, зулфи маҷнунбед рӯи гӯри ман хам шуд.
Хаёлам, (гарчи механдед, эй мардум!)
Зи базми шоирони Тоҷикистон шоире кам шуд.

Замину осмонҳоро видоъ гуфтам,
Видоъ гуфтам маҳу хуршеди анварро.
Видоъ гуфтам ба ёре, ки пас аз ман боз
Парешон мекунад зулфи муанбарро.

Ҷаҳонро гӯӣ бо як қатра ашки сард
аз чашмам биафшурдам,
Ба як он ёд кардам дидаву бишнидаҳоямро,
Ҳама шеъру суруди норасоямро,
Ҳама саҳву хатоямро.

Шуморо ёд кардам бо ҳама фарзу яқини дил –
Шуморо, ки бароям некиҳои беҳаде кардед.
Шуморо ҳам, ки бо ман ҳамназар будед,
Шуморо ҳам, ки баҳри ман бадӣ кардед!

Ба дил гуфтам: агар ин бор амон ёбам,
Ба дунё гар насиби зиндагӣ бошад дигар борам,
Аз ин пас то даруни синаам дил ҳаст,
Дили мӯре наёзорам...

Паси шиша дарахтон муғҷа бастанд...

1982

* * *

Ту ногаҳ омадӣ дар олами ман
Зи роҳи содагиҳои ҷавонӣ.
Латифу шӯхшангу шӯхдида
Саропо маҳзи дунёи ҷавонӣ.

Рухат чун сафҳаи нанвиштаи ман,
Вуҷудат бебало чун субҳи содиқ,
Ду чашмат чашмаи нури муҳаббат,
Ва ё ду чашмаи уммеди ошиқ.

Надонам аз куҷое даррасидӣ,
Ки гӯӣ интизорат буда бошам;
Ки гӯӣ бо хаёлат солиёне
Дари дил бар ғамат бикшуда бошам.

Надонам аз куҷое даррасидӣ
Бароям чун атои рӯзгорон.
Фишондӣ бар сарам гулҳои ваъда
Чу тӯфони шукуфа дар баҳорон.

Дили ман мурда буду зинда кардӣ,
Кунун ӯ тоза кард ойина аз занг.
Кунун ӯ ҳар нафас эҳсос созад
Ҷаҳонро чун баҳорон ранг дар ранг.

Нишондӣ бар сари оташ (Хушат бод!)
Маро, як шоири озурдаҷонро.
Ҳазар аз пирафшонӣ! Ба рӯям
Фишон он кокули анбарфишонро!

Фишон гесӯ, бидеҳ шӯрам, ки дунё
Ба як мисқол тиморе нашояд.
Фалак моро нигаҳ чун менадорад,
Зи мо ҳам худнигаҳдорӣ нашояд!

Биё, ҳар дам биё, дар раҳгузорат
Фишонам ҳар чи ҷон дорам, ки бахт аст.
Атои қисматам ҳастӣ ту алҳол,
Хатои қисматам бошӣ, чӣ сахт аст!..

1.1.1982

* * *

Ишқи ту чун насими субҳонӣ
Дар дилам накҳати баҳор овард.
Номи ту мисли хатти пешонӣ
Хатти қисмат зи кирдгор овард.

Ту зи кайҳони орзуҳоям
Омадӣ парзанон ба манзили ман.
Омадӣ безамон зи кишвари ҳусн
Ба муҳити харобаи дили ман.

Омадиву маро зи ман бурдӣ,
Бурдӣ то қуллаҳои меғолуд.
Бурдӣ то он мақоми ишқи бузург,
Ба мақоме, ки орзуям буд.

Шод кардӣ маро зи ғамҳоят,
Зи ғаме, ки руҷӯи ишқат дошт.
Буни гӯши ту шеърҳо хондам,
Шеърҳое, ки бӯи ишқат дошт.

Баъд мо дар канори ҳамдигар
Дар канори ҷаҳон нагунҷидем.
Аз раҳи дил ба ҳар куҷо рафтем,
Роҳҳои замон насанҷидем...

Баъд мо ҳар қадар зи худ рафтем,
Зиндагӣ боз ҳам ба худ овард.
Ҳар қадар боғи ишқи мо бишкуфт,
Қисмат он қадр душманиҳо кард.

Баъд дар кӯчаҳои шаҳраки мо –
Шаҳри ишқи бузург нодида,
Мегузаштем мову ту танҳо
Аз нигоҳи авом тарсида...

Баъд рафтем ҳар ду бо раҳи худ
Ҷониби сарнавишти иҷборӣ.
Ҷониби хонадону пайвандон,
Ҷониби хешу хештандорӣ.

Баъд... баъди туро надиданҳо,
Баъд... баъди фироқу пазмонӣ
Ёфтам, ки ту рафтаӣ аз ман
Чун ситора зи авҷи кайҳоне.

Баъд дидам: дар ин ҷаҳони фиреб
Бар ту аз ман гузашта номардӣ.
Гар ҷаҳони туро надонистам,
Пас, чӣ ҳаз бурдам аз ҷаҳонгардӣ?!

Баъд донистам аз раҳи инсоф
Бо ҳама кӯриву парешонӣ
Як ту будӣ илоҳаи ишқам,
Як ту будӣ атои яздонӣ.

Баъд донистам аз сари мардӣ,
Ки надорӣ ба даҳр ҳамтое.
Қадри ишқи туро надонистам,
Гар тавонӣ, маро бубахшоӣ!

11.2.1982

* * *

Ту барои дили ман тозаву тар,
Ту барои дили ман зебо бош.
То даме ошиқи яктои туам,
Ту барои дили ман якто бош.

Ту маро бош баҳори пургул,
Тирамаҳ аз раҳи худ меояд.
Соате чашм ба роҳам бинишин,
Ки аҷал роҳи маро мепояд.

Ту марав аз сари ман, то сари ман
Нашавад сар ба сари хоки лаҳад.
Ту бимон бо ману бо ман гул кун,
То гулафшон бишавад рӯи раҳат.

Эй ғамат шодифизотар зи баҳор,
Дили ғамкӯфтаамро бинавоз.
То кунун ёре диламро нашинохт,
Ту варо гиру бубину бишинос.

Гир андар кафу некӯ бинигар,
Бо ҳама айбу гуноҳ ошиқи туст.
Бадгумонӣ макун, аз баҳри худо,
Ҳама офоқ гувоҳ! – Ошиқи туст...

Ишқ ҳарчанд шуда олуда
Аз ду-се хушкдилу тардоман,
Ту маё паст зи гардуни назар,
Балки раҳ гир ба боло бо ман!

Дари дил боз бикун мисли саҳар,
Синаро шӯр бидеҳ чун дарё,
Ончунон тунд бирав, то миранд
Айбҷӯёни ту дар соҳилҳо...

Ин ҳасудон зи малах бисёранд,
Ишқ яктову ту ҳам яктой.
Ин ҳасудон зи алам мемиранд
Гар алам бошӣ ту бо шайдой.

Пас, ту баҳри дили ман ахтари саъд,
Пас, ту баҳри дили ман фардо бош.
Пас ту, то навбати дунё дорам,
Бо ҳама нозу адо дунё бош!

12.3.1982

* * *

Ёри деринам ба зери хок рафт,
Дар сари хокаш гиристам.
Дар дили хок орамиду доғдил
Бар дили покаш гиристам.

Дигарон рафтанд бепарво, вале
Ман сари гӯраш нишастам.
Ӯ даруни хоку ман берун зи хок,
Дасти ӯ гӯё ба дастам...

Ёри деринам ба зери хок рафт,
Ман аз ин андешапокам...
Ёри ман гар дар дили хок ошён кард
Ман чаро берун зи хокам?

12.3.1982

* * *

Аз куҷо омадӣ, эй чашмаи нур?
Аз куҷо омадӣ, эй махзани шеър?
То дилам дошт зи домони дилат,
Баъд аз ин дасти ману домани шеър!

Чашми ту нури илоҳӣ дорад,
Чашми ту чашмаи шеъри Аҷам аст.
Баъд аз ин бар сари ман аз қисмат
То ғами ишқи ту бошад, чӣ ғам аст?

Чун ту ангушт задӣ бар дари дил
Ҳамчу ошӯбгарон бар дари шоҳ,
Буду нобуди маро ларза гирифт,
Тарк гуфтам ҳама даргоҳу сипоҳ.

Пас фуруд омадам аз тахти ғурур
Пеши ту мисли шаҳ аз тахти баланд.
Ҳусни ту дидаму қурбон кардам
Ҳамаро баҳри ту, эй бахти баланд!

Лек огаҳ кунамат аз фарҷом,
К-охири шаҳманишӣ коҳкашист.
Охири шаҳманишӣ гар ин аст,
Охири ишқу ҷунун оҳкашист.

Гар чунин аст ҳама бахшиши ишқ,
Ту маро содаю гумроҳ магӯ.
Муддате зиста бо шиддати ишқ,
Гар бимирем, абас оҳ магӯ!

13.3.1982

* * *

Наврӯзи ман бе ту гузашт,
Бе рӯи ту бадрӯ гузашт.
Чун рангу бӯи ту надошт,
Орӣ зи рангу бӯ гузашт.

Мехостам дидори ту,
Чашмони оташбори ту.
Мехостам сӯзам даме
Дар оташи рухсори ту.

Мехостам дидан туро,
Мастона бӯсидан туро.
Дар саҳнаи Наврӯзи дил
Дил дода санҷидан туро.

Мехостам гул чиданат,
Аз шеъри ман завқиданат.
Бо чашмаҳо ҷӯшиданат,
Бо сабзаҳо рақсиданат.

Мехостам дар ёлаҳо
Хандида мисли лолаҳо,
Бо ман дари дил во кунӣ
Бар қасди оҳу нолаҳо.

Мехостам, мехостам,
Чун ошиқи шайдостам.
Наврӯз меболад, вале
Ман бе ту дилро костам.

Дунё ба чашмам тира шуд,
Чашми умедам хира шуд.
Андӯҳи маргафзои ту
Бар шодиҳоям чира шуд.

Афсӯс аз ин дилсӯзиям,
Аз ишқи меҳнатрӯзиям.
Ин шеъри пурсӯзам бихон
Чун тӯҳфаи наврӯзиям...

20.3.1982

* * *

Дар мадори ҳама ин дору мадор,
Дар ҳисори ҳама ин аҷзу ниёз,
Чун ба поён бирасад савдоят,
Аз мани дилшуда ёд оварӣ боз.

Боз ҳам бо дили худ рӯй ба рӯй
Бинӣ дилдодаи якрӯй маро.
Бо ҳама шавқу ҳавасбозии ман,
Бинӣ дилсӯзаву дилҷӯй маро.

Субҳ бархоста аз бистари ноз,
Бинӣ тасвири маро дар девор,
Ҳама девору дарат беовоз
Ёд оранд аз он бӯсу канор.

Ёд оранд аз он қисмати нақд,
Ки беҳин ҷонсипарат ман будам.
Ба ҳама бӯсагадой зи лабат,
Беҳтарин бӯсагарат ман будам.

Чун ягон бенасабат ранҷонад,
Ёд орӣ зи навозишҳоям.
Бишканад харпадаре имонат,
Ёд орӣ зи ниёишҳоям.

Ҳар гаҳе зиндагӣ сахтат гирад,
Ёд орӣ ту дили нарми маро.
Ҳар гаҳ аз зиндагӣ дилсард шавӣ,
Ёд орӣ ту дили гарми маро.

Ҳар гаҳ аз хеш пушаймон гардӣ,
Аз ғинои дили ман ёд кунӣ.
Монӣ бесӯзу наво чун аз ишқ,
Аз навои дили ман ёд кунӣ.

Баъд ҷӯӣ ту маро беҳуда,
Чунки дер асту ту бетадбирӣ.
Ман чу дилҷӯи ту мемирам, лек
Ту чу гумҷӯи муҳаббат мирӣ...

31.3.1982

## ЯК РӮЗИ БЕКАСӢ

Дасту поям канда шуд аз осмон,
Канда шуд меҳри дилам аз дӯстон.

Ёри ширинам ба соғар заҳр рехт,
Ҷои меҳр андар дили ман қаҳр рехт,

Ишқ дар ман мурду ёре ҳам намонд,
Аз ғами ширини ӯ ҳам ғам намонд.

Тобаи холӣ намудам офтоб,
Осмон як ҷоми холӣ аз шароб.

Пеши чашмам рӯди паҳно хушк шуд,
Худ ба худ печидаву хомӯш шуд.

Эй худо, дар ин ҷаҳон одам чӣ аст?
Одамӣ гар ин бувад, олам чӣ аст?

Дафтари ашъори худро сӯхтам,
Чун аз он бедонишӣ омӯхтам.

Он қадар аз хомаи ман хомӣ буд,
Ки ҳама номоварӣ гумномӣ буд.

Он қадар ҳастии ман ангора дошт,
Ки маро ангораш овора дошт.

Он қадар дар гирдбоди зиндагӣ
Ёд овардам зи ёди зиндагӣ,

Он қадар сер аз дағалбозӣ шудам,
Ки ба марги хештан розӣ шудам...

8.5.1982

* * *

Ман барои ту дилам месӯзад,
Ки ту аз ишқ пушаймон шудаӣ.
Аз нахустин хатаре кебида[1],
Роҳи бемониа ҷӯён шудаӣ.

Аввал аз оташи пурсӯзи дарун
Чеҳраат лоласифат меафрӯхт.
Чашм бар чашм ту мекардӣ нигаҳ,
Аз нигоҳат ҳама ҷонам месӯхт.

Чун ту ошиқ будӣ, мефаҳмидам.
Аввал андар суханат лоф набуд.
Ваъдаи ахтари саъд аз гардун
Ваъдаи мулки паси Қоф набуд.

Аввали ишқи ту чун субҳи сафед
Равзани матлаи хуршеде дошт.
Аввали ишқи ту бар хонаи дил
Омаданҳои ту як иде дошт.

Аввал... оваҳ, ту чи зебову бадеъ,
Чи қадар маҳзи назокат будӣ.
Ончунон нестӣ имрӯз, афсӯс,
Ки дар оғози муҳаббат будӣ.

Дӯш дидам, ки ба дил оҳат нест,
Ҳам зи ман, ҳам зи ҷаҳон дилзадаӣ.
Ту бирафтӣ дари дил барбаста,
Ман бирафтам ба дари майкадае.

Ман барои ту дилам месӯзад,
Ки ту аз ишқ пушаймон шудаӣ.
Балки на аз ману аз ишқу ҷунун,
Балки аз хеш гурезон шудаӣ?..

8.5.1982

* * *

Сода будам, бахудо, сода, ки зуд
Ба қасамҳои ту бовар кардам.
Ҳама ҳарфе, ки ту гуфтӣ бари ман
Мисли байти сара аз бар кардам.

Сари ман чарх зад аз ваъдаи ту,
Ман саропой туро дил дидам,
З-одамистони ҷаҳони ноқис
Як туро одами комил дидам.

Бори аввал, ки туро медидам,
Метаровид асал аз суханат.
З-омаданҳои ту гул мекардам,
Гӯиё дошт баҳор омаданат.

Бори аввал, ки туро бӯсидам,
Дар лабам ахтари уммед шукуфт.
Оташе дар шараёнам бидавид,
Дар дилам шуълаи хуршед шукуфт.

Бори аввал, ки кушодӣ оғӯш,
Ту зи сар то қадам оташ будӣ.
Ҳам дилозору дилорой маро,
Ҳам балокору балокаш будӣ.

Бори аввал, ки дил овардӣ ба ман,
Зиндагӣ дар дили ман исён кард.
Бори аввал, ки зи ман дил бурдӣ,
Зиндагӣ сер маро аз ҷон кард.

Бори аввал, ки ту якрӯ будӣ,
Як дилам сад ғами ишқатро дошт.
Баъд чун мурдӣ ту андар назарам,
Сад дилам мотами ишқатро дошт.

Баъд дар хандаи ту барқ намонд,
Баъд дар чеҳраи ту шодӣ набуд.
Баъд андар дили меҳрободат
Бахудо, заррае ободӣ набуд.

Баъд меомадию мерафтӣ
Ҳамчунон сояи беҷону хамӯш.
Ку ҳама оташи пуршуълаи дард?
Ку ҳама ғулғулаю ҷӯшу хурӯш?

Ку ҳама ваъдаю паймону вафо?
Ку ҳама хушхабари бахти тамом?
Бачча будам, бахудо, баччаи гӯл,
Сода будам, бахудо, содаю хом...

5.9.1982

* * *

Боз омад тирамаҳ бо баргҳои зарди хеш,
Боситези гирдбоду бо ғубору гарди хеш.
Орзуҳои ҷавонмарги мананд ин баргҳо,
Ки ба рӯи хок мерезанд оҳу дарди хеш.

Бори аввал, к-аз қазо ними нигаҳ дидам туро,
Дар хазонрезони танги тирамаҳ дидам туро.
Ман хазонафшону ту маҳзи гулафшони баҳор,
Шоири ғарқи гунаҳ, эй бегунаҳ, дидам туро.

1. Кебидан – бим доштан, тарсидан.

Ту зи мулки навбаҳорон сӯи ман меомадӣ,
Бо навои обшорон сӯи ман меомадӣ.
Ёд меовард аз чил соли ман чил кокулат,
Бо суруди обшорон сӯи ман меомадӣ.

Тозаву тар будӣ мисли сабзаи наврустае,
Покрӯ будӣ ба сони барги боroншустае.
Сӯи ман меомадӣ бо орзуҳои дароз,
Сӯи ман меомадӣ аз хештан ворастае.

Чашмҳоят роҳҷӯи кишвари афсона буд,
Ормонат хостори ошиқи девона буд.
Синаат чун синаи хоки баҳорон медамид,
Дарди ишқат орзуманди дили фарзона буд.

Мегузаштем аз миёни боғҳои тирамоҳ,
Ту ба ҳусни сабзу ман бо доғҳои тирамоҳ.
Хотири ту пур зи нузҳат мисли Наврӯзи бузург,
Хотири ман холӣ мисли лоғҳои тирамоҳ.

Ман ғазал мехондамат аз заъфарониҳои умр,
Ту ғазал мехондиям аз гулфишониҳои умр.
Ман дарахти заъфарону ту дарахти арғувон,
Ман хазону ту гули тар аз нишониҳои умр...

Боз омад тирамаҳ бо баргҳои зарди хеш,
Бо ситези гирдбоду бо ғубору гарди хеш.
Мову ту гар дар баҳорон рӯ ба рӯ меомадем,
Кай чунин нолидаме аз қисмати номарди хеш?

7.10.1982

* * *

Ҳар гаҳе бо ханда бикшой лабатро,
Хандаат қуфли диламро мекушояд.
Ҳар гаҳе ширин бихандӣ ҷониби ман,
Зиндагӣ рангину ширин менамояд.

Дар лабони туст шаҳди зиндагонӣ,
Дар нигоҳи туст нури орзуҳо.
Дар адои туст пайғоми муҳаббат,
Дар садои туст пайки ҷустуҷӯҳо.

Ҳар гаҳе аз дур ой рӯ ба рӯям,
Чун ғизоли кӯҳсорон аз баландӣ,
Бишкуфад чун чеҳраи ту хотири ман
Аз ҳама зебоиву зебописандӣ.

Мерасӣ аз дур мисли дастаи нур,
Дар нафасҳоят ҳама шӯри муҳаббат.
Чашмҳоят бо ҳама барқи худодод
Мефишонад бар диламнури муҳаббат.

Мерасӣ аз дури дуриҳои уммед,
Мераҳӣ аз ҳалқаи шакку гумонҳо,
Мефизой шираи ҷон дар вуҷудам,
Мекушой дар замирам бекаронҳо.

Мерасиву ханда мерезӣ ба рӯям,
Дар вуҷудам ғуссаву андуҳ бимирад.
Боз дастонам ба рағми дасти кӯтаҳ
Сахттар аз домани дунё бигирад.

Ҳар гаҳе бо нозу истиғно бихандӣ,
Гӯиё тақдир механдад ба рӯям.
Ғунчаи лабро чу ҳар боре кушой,
Мекушояд ғунчаҳои орзуям.

Гар набошад хандаҳои нурборат,
Зиндагиям беш аз шоми сияҳ нест.
Гар набошад хандаҳои беғуборат,
Зиндагиям ғайри такрори гунаҳ нест.

Пас, мабодо кам шавад аз давлати ман
Хандаҳоят, хандаҳои дилрабоят.
Пас, мабодо кам шавад аз қисмати ман
Хандаҳоят, хандаҳои ҷонфизоят...

9.10.1982

* * *

Пас аз чандин сабуриҳо
Ту аз дур омадӣ, аз дури дуриҳо,
Нигоҳат ташнагиҳои муҳаббат дошт,
Садоят ташнагиҳои саодат дошт.

Пас аз он пурғуруриҳо
Ту аз дур омадӣ, аз дури дуриҳо,
Зи худ вораставу бо дил напайваста –
Дили сад бор бишкаста...

Пас аз он бевафоиҳо,
Зи ҷони худ ҷудоиҳо
Маро дарёфтӣ аз шеърҳои дардолудам,
Ки аз дурии ту ҳам ҷону дил, ҳам хома фарсудам.

Пас аз чандин ғам овардан,
Пас аз қадди расоямро хам овардан,
Чӣ гӯям баҳри таскину тасаллоят?
Чӣ посух месазад баҳри тазаррову таваллоят?

Чӣ гӯям, эй умеди мурдаи ман,
Ки ишқи одамӣ ҳам мисли ҷони одамӣ
як бор мемирад.

Дигар эҳё нахоҳад шуд,
Дигар он гумшуда пайдо нахоҳад шуд.

Агар дар шеърҳои ман маро дидӣ,
Агар худрову ишқи бебарори мурдаро дидӣ,
Ба зону бар замин биншину омин кун,
Зи ашки лолагун рухсора рангин кун.

Ва бар ман бин миёни байтҳои дардолудам,
Ки вақте ошиқат будам,
Ки қадрашро надонистӣ
Ва ё дарвақт донистан натонистӣ...

Агар хоҳӣ, бигӯям бо ҳама овоз,
Ки аз он шеърҳои пур зи сӯзу соз
Ҳама фармуди ишқи номуроди туст,
Ва ҳам аз ман дуои шодбоди туст!
13.11.1982

## ШИКАСТАБАНД

Падари ман шикастабанде буд,
дипломе надошт,
аммо чу беморе
пешаш меомад,
паи ташхиси дард
чашмонашро мепӯшид,
ҷои дардро мепалмосид
бо нӯки ангуштонаш –
гӯӣ чашми пӯшидааш
ва сари ангуштонаш
ренген буданд.

Падари ман шикастабанде буд.
Пошикастаҳо,
дастшикастаҳо
гарданшикастаҳо,
пеши ӯ меомаданд,
ҳамаро мебаст,
даво мекард.
Одамон боз
роҳ мерафтанд,
кор мерафтанд,
мехурданд,
мехуфтанд,
Аммо на ӯро,
худоро
шукр мегуфтанд.

Падари ман шикастабанде буд.
Одамон
бо охуракҳо,
белакҳо,
дандаҳо,
иштолингҳо,
қалами пову дастҳо,
оринҷҳо
ва ангуштҳои шикаста
ё баромада
ва ё латхурда
пеши ӯ меомаданд,
ҳамаро мебаст,
даво мекард.
Одамон боз
роҳ мерафтанд,
кор мерафтанд,
мехурданд,
мехуфтанд,
аммо на ӯро,
худоро
шукр мегуфтанд.

Падари ман шикастабанде буд.
Говҳо,
аспҳо
(бубахшед!)
харҳо,
сагҳо,
пишакҳо
бо аъзои шикаста
пеши ӯ меомаданд.
Ҳамаро мебаст,
даво мекард.
Говҳо боз
пода мерафтанд.
Аспҳо боз
галла мерафтанд,
мехурданд,
мехуфтанд,
аммо на ӯро,
худоро
шукр мегуфтанд.

Падари ман шикастабанде буд.
Аз гиёҳҳои кӯҳистон,
аз алафҳои давоӣ

маъҷунҳое месохт;
кулбае дошт
дар гӯшаи ҳаёт
чун шифохона.
Одамон
бо чашмҳои кафида,
пӯстҳои дарида,
рагҳои варамида,
сарҳои шикаста,
пайвандҳои гусаста,
хунҳои баста,
захмҳои дарункӯб,
захмҳои носур,
захмҳои кӯр
ва ё намоён
пеши ӯ меомаданд.
Илоҷ меҷуст,
чора мекард.
Одамон боз
роҳ мерафтанд,
кор мерафтанд,
мехурданд,
мехуфтанд,
аммо на ӯро,
худоро
шукр мегуфтанд.

Падари ман шикастабанде буд.
Мардуми як водӣ –
аз сардара
то подара
падархонд,
модархонд,
додархонд,
хоҳархондаш буданд.
аммо як рӯз –
рӯзи зӯромад
дили ӯ
аз одаму олам
худ ба худ шикаст.
Дасту пои ҳамаро баста,
худ гузашт аз дунё
бо дили шикаста...

Падари ман шикастабанде буд...

7.12.1982

## ДИЛСӮЗӢ

Дилам месӯзад
ба қолибофе,
ки қолӣ мебофад,
аммо қолӣ надорад.

Дилам месӯзад
ба атласбофе,
ки атлас мебофад
аммо
як куртавор
атласро
аз сияҳбозор
мехарад гарон.

Дилам месӯзад
ба қаҳрамоне –
бознишастае,
лоғару хастае,
ки сари синаҳош
пур аз медол аст,
аммо синааш
пур аз захми ҷанг,
пур аз малол аст.

Дилам месӯзад
ба пунбакоре,
ба пунбачине,
ки соли дароз
ҷон меканад
миёни ҷӯяҳо
тор метанад,
аммо,
мааттаассуф,
пироҳани пунбаиро
намеёбад.
Мепӯшад синтетик
дар гармои тамуз.

Дилам месӯзад
ба қаҳрамонмодаре,
ки фарзандонаш
авбошанд,
қаллошанд,
айёшанд.
Тахти фурӯғи ситораи модар
ҳама беситораанд
ё ситорасӯхтаанд.

Дилам месӯзад
ба модаре,
ки фарзандонаш
забонашро
намефаҳманд,
намедонанд,
аз ёд бурдаанд,
аммо ӯ
бечора
наметавонад
синаашро
аз бун
бибуррад,
ки чаро
ғофил аз ин савдо
шир дод ба онҳо...

Дилам месӯзад
ба падаре,
ки фарзандонаш
дар имон,
ихлос,
эътиқод,
одамгарӣ,
мардонагӣ,
футувват
ба рағми падар,
армонҳои падар –
бепадаранд.

Дилам намесӯзад
ба савдогаре,
бозоргарде,
ҷаллобе,
қаллобе,
ҳанноте,
шикамборае,
қалтабоне,
ғалақадоре,
шохдоре,
ки пул дорад,
аммо сарбаланд,
бо виқор,
бо ифтихор
сарфи онро
намеёрад.

Дилам месӯзад
ба ҷавонмарде,
ки мехоҳад
нисор кунад
ҳар чизе дорад,
аммо дар бисот
пашизе надорад.

Аммо
беш аз ҳар кас,
чун ман ҳам
қаламкашам,
дар ҳунар аламкашам,
дилам месӯзад
ба шоире,
ки шеъраш ноёб аст,
китобаш ноёб аст,
аммо шахси ӯ
нокомёб аст.
Дилам месӯзад
ба ҳунарманде,
ки дар саҳна
бунёдгузори давлат –
давлати Шӯрост,
аммо пушти саҳна
бесарпаноҳ аст –
хона надорад.

Бахудо,
дилам месӯзад,
дилам месӯзад...

16.12.1982

* * *

Ҳаббазо, дар ҳастии беранги ман
Ранге аз хуни ҷигар овардаӣ.
Дар миёни ин ҳама бедардҳо
Дар дилам дарди дигар овардаӣ.

Дарди ширину гуворое чунон
Ҳар замон месӯзаду месозадам.
Дарди рӯҳафзою ҷонбахшу малеҳ
К-ӯ ҳама анҷомро оғозадам.

Гӯиё хокистарам оташ гирифт,
Нурборон шуд дилам аз он нигаҳ.
Офтобе дар миёни зулмате,
Гулшукуфте дар миёни тирамаҳ…

Дар миёни он ҳама дарди куҳан
Ёду ҳасратҳои бас деринае
Ишқи ту бар ман маро наздик кард,
Гӯӣ бикшодам ба дил ганҷинае.

Боз аз нав хешро бишнохтам,
Хешро дарёфтам бори дигар.
Бо ҳама дарди ту тавъам зода шуд
Шоири дигар, ҳам ашъори дигар.

Ёри дил! Аз ҳастии зебои ту
Шӯрчашмию маломат дур бод!
Дар ҳақи дарде нагуфта шукр кас,
Баҳри дарди ту ҳазорон шукр бод!

1983

* * *

Боз гуфтӣ, ки баҳоре бигузашт
Осафо, мову ту нашкуфта ҳанӯз.
Гарчи сад бор ба ҳам бархӯрдем,
Рози мо қиссаи ногуфта ҳанӯз.

Парда-парда ба дили мо хуфта
Рози ногуфтаю нохондаи мост.
Эй басо гуфтании ногуфта
Тухми бар хок наяфшондаи мост.

Ту зи ман, ман зи ту дурем чунон,
Ҳар ду аз кӯчаи дил раҳгузарем.
Ту ба ман, ман ба ту бо чашми ҳавас,
Лек бо шакку гумон менигарем.

Роҳи дурест миёни ману ту
Роҳи дилсанҷию диломӯзӣ.
Мушти хокистаре аз сӯхтанам,
Ту маро боз чаро месӯзӣ!?

Ман дар ин роҳ басо афтода,
Ёри дил ҷуставу раҳгумзадаам.
Ёри дил ҷуставу дил гумкарда,
Маҳрами хоста маҳрумшудаам.

Буд ҳамномии ту он ёри бадеъ,
Чашми ӯ чашми туро мемонист.
Лек монанди ту бедард набуд,
Буду нобуди маро медонист.

Бо ҳама содагию гумроҳӣ
Ӯ маро аз ҳама дунё меҷуст.
Буд огоҳ зи дарёи дилам,
К-ӯ маро аз дили дарё меҷуст.

Ӯ маро қоими дархости худ –
Қоими ишқи дили худ месохт.
Ман агар сахраи носуфта будам,
Ӯ зи ман пайкарае мепардохт.

Ман чӣ гӯям, ки маро нашносӣ,
Ҳар ду дар қисмати ҳам раҳгузарем.
Ту ба ман, ман ба ту бо чашми ҳавас,
Лек бо шакку гумон менигарем.

Роҳ дур аст миёни ману ту,
Ту маро аз раҳу бероҳа маҷӯ.
Гуфтамат ҳар чӣ зи ғамҳои дилам,
Пеши ҳар беғаму бедард магӯ…

1983

* * *

Дар муҳити доругири зиндагӣ,
Дар такутози сарои обу гил,
Дар миёни ҳалқаи паргори вақт
Ишқ ҳам ҷанг аст – ҷанги ақлу дил.

Дар тулӯъу дар ғуруби шавқҳо,
Дар шикасти рангҳои шому субҳ,
Дар шумори ҷангҳои рӯзгор
Ишқ ҳам ҷанг аст – ҷанги ҳусну қубҳ.

Дар талотумҳои эҳсосоти дил,
Дар тазоди маншаи рӯҳу бадан,
Дар такопӯю ниёзу иштиёқ
Ишқ ҳам ҷанг аст – ҷанги тан ба тан…

Ишқ ҳам ҷанг аст поённопазир,
Ҷанги тӯлонист, ҷанги ҷовидон.
Эй хуш он кас, ки дар ин майдон бимурд
Бе ягон ному нишони қаҳрамон.

Ишқ ҳам ҷанг аст, майдони варо
Ҳар касе бо нақди ҷон толиб бувад.
Нест ғолиб андар ин майдон касе,
Ҳар касе мағлуб шуд, ғолиб шавад.

Ишқ ҳам ҷанг аст – ҷанги ному нанг,
Андар он афтад ҳама ҷангӣ асир.
Ишқ ҳам ҷанг аст, аммо ҷонфазо,
Ишқ ҳам ҷанг аст, аммо дилпазир…

1983

* * *

Шоир набувад касе, ки дар дил
Як рӯз кушода хурд маҳфил,
Сад ранг ба шеър ном монад,
Бар гӯши арӯси хеш хонад.
Бе шеър ба шоирӣ биёяд,
Дарвозаи бозро кушояд.

Исбот кунад, ки фарқ бисёр
Дар равғану об, риштаву тор.
Нохонда китоби зиндагиро,
Танҳо бизанад варақ ду-се роҳ.
Чун мактабиёни хурдсоле
Сурат бикунад фақат тамошо…
Шоир бувад он, ки шоириро
Созад ба баҳои умр савдо.
Шоир бувад он, ки хомаашро
Чун пул бикунад ба рӯи дарё.
Дар коғази сап-сафед бояд
Сад роҳи сафедро кушояд.
Номурда намирад ӯ ба зинҳор
Пеш аз худи ӯ намирад ашъор.
Холӣ нашавад, чу рафт, ҷояш,
Пайгир шавад сурудаҳояш.
Чун субҳи сафо бихезад аз хоб
Бо сад ғаму бо дусад табу тоб
Пурсад зи дилаш ба амру таҳдид:
Дар хоб чӣ байти тозае дид?
Хобад нафасе чунон сипаҳдор
Ҳушёртар аз ҳазор бедор,
Дар ҳолати ҷангӣ хоб созад,
Дар ҳолати ҷангӣ дил гудозад.
Омода шавад ҳамеша бар раҳ
Чун аскари пурдилу мусаллаҳ.
Чун бонги хатар шунид, хезад,
Фармон чу гирифт, дарситезад.
Фармони замон ба гӯш гирад,
Сарбори Ватан ба дӯш гирад.
Таҳрир кунад китоби айём
Хатти гунаҳу савоби айём.
Сад бор бимираду намирад,
Дар зиндагӣ не, ба шеър гиряд.
То шоири номӣ ном гирад,
Аз зиндагӣ интиқом гирад!

1983

## ИФТИХОР ВА ЭЪТИРОЗ

Ман ҳоло
бори нахуст
тақлид мекунам
аз Пабло Неруда,
на ҳудаю беҳуда,
балки дониста, –
зеро тақлид аз бузургон
гирифтани хок аст
аз теппаи баланд,
овехтан аст
аз дори баланд,
роҳ сипардан аст
аз паст ба боло,
парвоз аст
аз замин ба само...

Бале,
тақлид мекунам
дар ин сарвода
аз Пабло Неруда
ва иншо мекунам
бе арӯз,
бе қофия
сода
чун гули пиёда
сар зада аз хок.

Гоҳо аз минбарҳо
дар кунгураҳо
дар китобу дафтарҳо
рӯзномаву маҷаллаҳо
нотиқи булфузуле,
қаламкаши гӯле
бо бонги баланд
бо ранги баланд
мегӯяд
ё менависад:
Халқи тоҷик
дар гузашта
бесавод буд
саросар...

Қаҳ! Қаҳ! Қаҳ!
Эй кавдан!
Эй сагдаҳан!
Ту бесаводӣ
Ё Рӯдакӣ?
Ту бесаводӣ
Ё Фирдавсӣ?
Ту бесаводӣ
Ё Сино?
Ё Хайём?
Ё Ҳофиз?
Ё Саъдӣ?
Ё Румӣ?
Ё Низомӣ?
Ё Саноӣ?
Ё Аттор?
Ё Соиб?
Ё Ҷомӣ?
Ё Биноӣ?

Ё Камол?
Ё Носири Хисрав?
Ё Бедил?
Ё Саййидо?
Ё Дониш?
Ё Шоҳин?

Дар баробари ин бузургон
кӯрии ту мусаллам аст,
омин!

Ҷаҳли мураккаб аст
бесавод хондан
як халқи тамомро,
ки таърих дошта,
таърих офарида.
Савод худ чист?
Ту хиради халқ,
фитрати халқ,
заковати халқ,
ҷибиллати халқро бубин,
ки ҳам худро
ва ҳам ворисонро
аз гирдоби таърих
барои фардо
саломат дошта!

Онон –
он «бесаводон»
дар сар дастор
дар фурӯғи шамъ
бедиплом
бе хатми дорулфунун,
бе дифои унвон,
бе даъвои мукофот,
бе талоши навраҳон,
бекасу бенаво,
бемаошу вазифа
бесавод буданд то бад-он ҷо,
ки мекарданд иншо
ҳиҷои сабз,
сухани дӯшиза,
ҳатто қавоиди улум,
аз хок то анҷум
буда манзум.
Шеърҳо гуфтанд
шеърҳои офтобӣ –
пурнуру пуршӯр
аз ишқу озодӣ,
Аз обу ободӣ,
аз доғи қисмат,
аз ранҷу меҳнат,
аз бедоди шоҳ,
аз нанги боргоҳ,
аз рӯҳи озод –
рӯҳи нофармон,
аз қиёму ниҳзат
бо замон
бо ҷаҳон
бо ҳафт осмон.

Инқилобе карданд
дар илму фан
дар сухан
дар мағзи инсон
дар рӯҳи инсон,
ки билотардид
метавон гуфт
бо ҳама нозиш,
ки Инқилоби Ленин
қатрае об хурда
аз дарёи Шеъри Аҷам...

Инқилобе карданд
дар мафкураи хокиён,
ки имрӯз
ҳазор афсӯс
номзадчаҳое,
ки аз савлаташон
осиё мегардад,
докторчаҳое,
ки аз ҳайбаташон
замин меларзад,
бо унвонҳои сақил,
бо ҷузвдонҳои дамида,
бо кифҳои пундида
бо салобати пуч
бо маҳобати хушк
бо дараҷоту мақомот
оҷизанд бирасанд
ба кунҳи эъҷози онон;
оҷизанд
байтеро,
талмеҳеро
маъно кунанд
аз Бедил.
Як бунёди адаб
қобил нест
«Ғиёс-ул-луғоте»-е
биофарад
барои ифтихор,
барои халқ.
Аммо замоне
марди бофарҳанге

дар Ҳинд
бо ҳама бесаводӣ
тадвин кард онро,
то набарем аз ёд
забони модарамонро.

Имрӯз як бунёди илм
қодир нест
«Маснавӣ»-ро
тафсир бикунад
ё «Девони кабир»-ро,
ки бори маънояш
ба сад корвон
гаронӣ мекунад...

Имрӯз мо
аз рӯи муҳосиба
босаводем саросар.
Яъне чӣ?
Метавонем
навиштан,
хондан аз коғаз
пурғалат, пурлакнат,
ариза навиштан
аз лағзишҳои ҳамдигар,
чоҳ кофтан
бо нӯки қалам
барои аҳли ҳунар:
Оваҳ!
Чӣ бозёфте?
метавонем ҳатто
аз рӯи коғаз
алвидоъ гуфтан,
гиристан
дар ҷанозаи падар,
модар,
ёру бародар,
мардони номвар...
Аммо хирад ку?
Ку хиради музаффар?
Ин ҳама савод нест.
Савод фақат
шинохтани нуқот нест.
Савод –
иншод кардан,
офаридан,
бунёд кардан,
эъҷоз овардан,
барафрохтан,
замон сохтан,
ҷаҳон сохтан
алғараз,
инсон сохтан,
ё лоақал
қадри инсонро шинохтан
ва рӯҳи ӯро
навохтан аст!

Аз ин лиҳоз
ҳар ҷо агар боз
бинам ё бишнавам,
ки ҷоҳиле
ё ғофиле
бонг занад:
«Халқи тоҷик
дар гузашта
саросар...»
ӯро мехонам
ба ҷанги рӯёрӯ,
аз пушти сар
забонашро
мекашам,
мекушам!

Зеро ман
аз тухми ононам,
вориси он бесаводонам
ва зиндаам ба номи онҳо
чун давоми онҳо.
Ва зинда бод ман
ва афроде мисли ман,
ки рустаем аз ин хок,
ва хок мешавем дар ин хок –
хоке, ки аз ҳар зарраащ
мерасад ба димоғи ҷаҳон
бӯи ифтихор,
бӯи эътибор,
бӯи шеъри худоёна,
бӯи нубуғи фарзона,
бӯи фарҳанг,
бӯи номусу нанг.

30.1.1983

* * *

Ошиқат будаму ишқам дар дил
Монд чун маъдани ноёфтае.
Кокулони ту ба дастам н-омад,
Монд чун мисраи нобофтае.

Ошиқат будаму армону ҳавас
Дар ниҳонгоҳи дилам монд ки монд.
Шавқи дидори ту дар кунҷи дилам
Ҳамчу як оҳи дилам монд ки монд.

Доштам ман ҳаваси дидани ту
Лек медидаму меларзидам.
Дили ман дод ҳамезад, ки бигӯ!
Лек аз чашми ту метарсидам.

Шаб нахуспида сухан меҷустам,
Ки барои ту саҳар хоҳам гуфт,
Чашм дар чашм ба овози баланд
Бо ҳама сӯзу шарар хоҳам гуфт.

Лек чун субҳ туро медидам,
Боз он гунги забонбаста будам.
Шаб ба ёди ту дилам гул мекард,
Рӯз пажмурдаю дилхаста будам.

Бехабар аз ҳама бетобии ман,
Масти худ хандазанон мерафтӣ.
Аз қадамҳот замин миннатдор,
Хонда абёти равон мерафтӣ.

То бидидам, ки наоварда ба даст,
Ман туро кардаам аз даст раҳо.
Гарчи дер аст, аз ин содагиям
Ёд кун, ёд кун аз баҳри худо!

Дод аз содагию беҳунарӣ,
Аз каф он ганҷи худододам рафт.
Баъд аз он бо дили мискин мондам,
Ёди бахт аз ҳама бунёдам рафт.

Ҳар чӣ ҳам буд, аз он ишқи нахуст –
Меваи нораси боғи дили ман
Ҳасрате монда, ки месозад гарм
То кунун паҳлуи доғи дили ман.

Ҳар чӣ ҳам буд, аз он шуълаи дард
Шеваи сӯхтан омӯхтаам.
Гарчи з-он баъд ҳам аз оташи ишқ
Эй басо сӯхтаам, сӯхтаам...

Ишқи ту дар дили ман чун гули барф
Ғофил аз қаҳри зимистон бидамид.
Дод пайғоми баҳор, аммо худ
Ба тамошои баҳорон нарасид...

6.2.1983

* * *

Устоди мушфиқи мо,
Табиби ҳозиқи мо.
Аслиддини Осимӣ!

Дар ин ҷашни фархунда,
ки панҷоҳ сол аз умри Шумо
аз баҳри дармонҳо –
дармони дарди инсонҳо тай шуда,
табрикҳо, миннатҳо
ва таҳниятҳои моро,
ихлоси мо, эътиқоди мо,
муҳаббатҳои моро
бипазиред
ва барои ҳамеша
дур аз озорҳо
ва наздик ба ифтихорҳо бошед!

Шумо чун табиби наҷиб,
Инсони шарафманд,
Марди бо дилу гурда
басо дилҳоро
эҳдо кардед тасалло,
шикастед санги гурдаҳоро,
то беморон низ
дошта бошанд гурдаи пур,
зиндагӣ кунанд
нарму беозор,
шоду масрур,
зеро бе санги гурда ҳам
дар роҳи зиндагии инсон
санг бисёр аст
ва пои инсонҳо аз онҳо
обиладор аст...

Шумо басо аз гурдаҳо
санги намакро
берун кардед,
то беморон
намаки зиндагиро,
намаки ҳусну зебоиро
бо тамоми вуҷудашон бичашанд
ва ҳаққи намаки некиҳои шуморо
аз ёд набаранд
ва бори қисматашонро
то манзили мақсуд бикашанд.

Мо ҳама
хостгори онем,
ки Шумо бо матонати мардона
ба домани орзуҳои бузургтар,
ба ёли қуллаҳои фарозтар

панҷа занед
ва дилатон,
манзилатон
пур аз хуршед,
пур аз уммед бошад.

Чун фасли Наврӯз
фархунда бошед!
Мисли баҳорон
пурханда бошед!
Мисли кӯҳсорон
поянда бошед, устоди гаронқадр!

Бо ихлоси бепоён
Ҳамкорон, шогирдон,
мухлисони шумо,
дуогӯёни бақои ҷони шумо!

12.2.1983

## АЪМО

Одами аъмо
доимо
«менигарад» сӯи само.
Тира менамояд
пардаи сафед
дунёи равшанро,
аммо меёбад
моварои тирагиҳо
роҳи рафтанро.

Пилкҳояш
мепаранд,
метапанд
чун ларзаи мавҷ
ё су-суи нур;
мижжагонаш
болак мезананд
мисли парвона
сӯи осмон,
ки чаро,
эй худо,
дили бино додӣ,
надодӣ чашми бино?

Зери осмони бениҳоят
саропо шикоят,
додхоҳ,
имдодхоҳ,
аз даргоҳи таоло,
менигарад ба боло.

Дастҳояш,
пойҳояш
мепалмосанд
роҳҳоро.
Асояш –
он ягона муттакояш,
он ягона роҳнамояш
тук-тук мекӯбад
пушти заминро;
балки мекӯбад
дари гӯристонро...

Ягона
зери офоқи бекарона
асояш –
раҳнамою раҳкушояш
чӯби хушкест,
ки руста аз оби дидагон –
дидагони обравон,
аммо хушкида
аз шӯрии ашки он...

Меравад,
меравад,
кӯр-кӯрона,
аммо росттар,
ҳамвортар,
беозортар
аз ҳазор бино,
зеро аввал
мебинад ҷои худ
з-он сипас
мениҳад пои худ...

16.2.1983

## ИЛТИҶО ҚАБЛ АЗ ТАРКИ ДУНЁ

Агар ман мурдаам,
гӯшам мешунавад.
Ҳар чӣ аз дил ояд, бигӯед,
мешунавам дар гӯр ҳам
фарёди шуморо,
навҳаву мӯя,
оҳу доди шуморо.

Чашмонам баста,
забонам гиреҳхурда,
мағзам сокит,
бӯеро намешунавам,
дилам таркида,
ҳама аҷзоям қатъан орамида,

аммо шунавоим зинда,
гӯш ба садои шумо дорам.
Ҳар чӣ аз дил ояд, бигӯед,
агар бад будам, агар нек,
агар хом будам, агар не,
агар муҳим будам ё ночиз,
агар қодир будам ё оҷиз
бигӯед бериё
то бидонам сазоворам ё на
ба дуои шумо,
ба як бел хоке,
ки меафканед
ба боми гӯрам.

Ҳар чӣ бигзарад аз дилатон,
бигӯед
дар сари хокам,
то барои охирин бор
садоҳоятонро шунида,
ором бихуспам
бо дили пок
дар дили хок.

На, нагирйед, эй дӯстон,
ки шод шавад аҷал!
Шеър бихонеду ғазал,
тарона бизанед,
занги ҷомҳоро баланд кунед,
эй бародарон,
эй симбарон,
ки ман замоне
ҳамдилатон,
ҳаммаҳфилатон,
балки пуршӯртарин
ҳамсоғаратон будам.

На, ҳаргиз магӯед
раҳо шуд аз савдои дунё,
ман дар дили хок ҳам
ба ёди шумоям.
Садо кунед,
то вопасин бор
садои шуморо бишнавам
ва осуда сар бигзорам
ба болини қиёмат
ва мутмаин бошам,
ки бе ман ҳам
шумо дилшоду масруред
ва шукри борӣ,
ки берун аз гӯред
ва бидонам, ки зиндагӣ
дар вуҷуди шумо
ҷӯш мезанад,
давом мекунад.

Дил ба дарё занед
бидуни гиря,
бидуни оҷизнолӣ,
шӯру ғавғо кунед,
то охирин тӯшаи ман
ба дили хок
садои шавқу шодӣ,
садои шӯрангези шумо бошад.

Агар ман мурдаам,
якчанд сония
пас аз марги танам
гӯшам мешунавад,
зеро аз эҳсоси инсон –
эҳсоси панҷгона –
биноӣ,
бӯёӣ,
чашоӣ,
шунавоӣ,
басовӣ –
охирин
шунавоӣ мемирад.

Аз ин рӯ, ба ҷон мехоҳам
садоятонро бишнавам
ва бо садои шумо
ба водии бесару садои хамӯшон
биравам...

26.2.1983

## ҶАВОБ БА НОМАИ ЯК ДУХТАРИ ФУРӮХТАШУДА

Ба ҳоли ту дилам месӯзад аз дур,
Ки дар даврони озодӣ асирӣ.
Ҳама олам паи озодӣ кӯшад,
Ту ҳоло ҳам заифию фақирӣ.

Дар он як гӯшаи дури куҳистон,
Ки ҳар сангаш бихонад шукри даврон,
Асири расми бобоӣ шудӣ ту,
Қалам дар каф, бароят сӯзадам ҷон.

Дилам сӯзад, ки андар кишвари ишқ
Ту на аз ошиқӣ девона гаштӣ,
Намондӣ берун аз ҳадди падар пой,
Фидои сандуқи маҳрона гаштӣ.

Туро бифрӯхтанд арзон ба як ҷав,
Агарчи ганҷи дунё як ҷаве нест,
Туро одам бизоданду надидӣ,
Ки эшонро ғами одамшавӣ нест.

Бихондӣ саргузашти комсомолон,
Садоқатмандии он безаволон,
Валекин боз ҳам сархам нишастӣ
Ба ҳукми волидон – «соҳибкамолон».

Газида нӯги рӯмолат ба дандон,
Нагуфтӣ ҳеҷ ҳарфи шӯру исён.
Ту бар тақдири худ тан додӣ, афсӯс,
Нарафтӣ аз паси маҷрои даврон.

Нашӯридӣ, ба худ печида мондӣ,
Ҳамон як пошикаста, хоҳари ҷон.
Наяфкандӣ ба нерӯи ҷавонӣ,
Ниқоб аз чеҳраи духтарфурӯшон.

Нагуфтӣ, эй падар, парвардӣ бо ноз
Маро бо орзуҳо дар бари худ,
Агар бифрӯшиям имрӯз, баргӯй:
Чӣ хоҳӣ ёфт ҷои духтари худ?

Нагуфтӣ: эй падар, эй қиблагоҳам,
Бимирам пеши рӯят, пеши поят,
Касе, ки духтари худро фурӯшад,
Чӣ сон аз ӯ ватандорӣ барояд?

Нагуфтӣ: эй падар, эй решаи ҷон,
Чу ҳоло духтаратро мефурӯшӣ,
Яқин дорам аз ин арзонфурӯшит,
Ки рӯзе кишваратро мефурӯшӣ.

Нагуфтӣ: эй падар, даврон дигар шуд,
Даме бар ман ба мушти пар биандеш.
«Падар розӣ – худо розӣ» бигӯй,
Худо дигар, падар дигар, биандеш!

Арабро бин, ки садҳо сол то ҳол
Шабу рӯзон худоро илтиҷо кард.
Худо гуфт ӯ, худо гуфт ӯ ҳама умр,
Вале Амрику Исроил чиҳо кард?!

Худо гуфт ӯ, худо гуфт ӯ ҳама умр
Намозу рӯзааш суде наовард.
Худо ёрӣ накарду ибрие чанд
Заминашро ба ҳукми худ раво кард.

Нагуфтӣ: эй падар, донӣ ки дунё
Кунун ҷавлонгаҳи озодагон аст.
Бишуд аҳде, ки дилдорӣ гунаҳ буд,
Кунун аҳди дилу дилдодагон аст.

Чӣ гӯям беш аз ин, эй хоҳари ман,
Ҷавоби номаи андӯҳборат?
Агарчанде фурӯшандат, нигаҳ дор
Ту қадри ҳусну шаъну эътиборат.

Чӣ гӯям беш аз ин, эй содагумроҳ,
Ҷавоби қисмати носозгорат?
Ба рағми ин хазонакҳои даврон
Ғанимат дон шукӯҳи навбаҳорат.

Ту аз ман хостӣ имдоду ёрӣ,
Ту аввал ёри худ, имдоди худ бош!
Туро озод кард Октябри Аъзам,
Ту акнун соҳиби озоди худ бош!

Ту аз ман хостӣ ёрӣ чу шоир,
Чу шоир – «ҳазрати мушкилкушое».
Чи осон буд посух додани ман
Агар буд номаи ту дилкушое...

Ҷавоби номаи пуризтиробат,
Навиштам изтироби хотири хеш.
Фурӯ рафтам чу андар мушкили ту,
Бидидам сад ҳазорон мушкили хеш.

Гар ин шеърам расад рӯзе ба дастат,
Бидон, ки ман дуогӯи ту ҳастам.
Агар худро раҳо кардӣ зи варта,
Бидон, ки ман саногӯи ту ҳастам.

17.3.1983

## ШЕЪРИ САФЕДИ «ТИЛЛОИ САФЕД»

Қоматат сабз,
шоху баргат сабз,
ғунчаат сабз,
аммо барои ту,
барои сарсабзии ту
ҷони сиёҳ мекананд деҳқонон.

Хандаат сафед,
шукуфтанат сафед,

гулат сафед,
дилат сафед,
рӯят сафед,
аммо бахри ин сафедиҳо
чи рӯзҳои сиёҳро
пушти сар мекунанд
деҳқонони оҳанинҷон.

Зеро ҳар пунбаи ту
чун наххояшро боз кунад,
билошак,
нусхаи сағире
аз офтоб аст.
Ва деҳқони тоҷик
аз азал офтобпараст аст.

Дар пои ҳар ниҳоли ту
бо қатраҳои араки ҷабин –
шаффоф чун қатраи борон
ҷавонишонро барои ҷавонаҳот
мерезанд рӯзу шабон
падарону модарон,
хоҳарону додарон,
то фузунтар ҷавона бибандӣ
ва рӯзе
бо ғунчаи лабони ҷавонаҳот
сӯяшон бихандӣ.

Он қадар дувоздаҳ моҳ
ғами туро мехуранд,
ки ғами худро аз ёд мебаранд;
он қадар солу моҳ
дар пои ту хоҳу нохоҳ
суҷуд меоранд,
ки ҳеч намозхон
дар тамоми тӯли умраш
ракъати намозашро
ба он миқдор нахонда...

Зимнан, халқи ман
дар тамоми дарозои таърих
пеши ҳеч бурду балои таърих
пеши ҳеч кас, ҳеч чиз,
пеши ҳеч бут, ҳеч меҳроб,
ҳеч мир, ҳеч шоҳ,
ҳеч олиҷаноб
сар хам накарда,
он сон ки дар пои ту...
зеро сафедии назаррабои ту
чун орзуи рӯзҳои сафед
як ранги орзуҳош аст.

Вақте мешукуфӣ,
замини пунбазор
моност
ба осмони ситорабор,
поку беғубор,
То гули сафедатро бичинад,
духтари сафедандом
дар гармои офтоб
месӯзад,
сиёҳ мешавад,
рухсори нозукаш
пӯст мепартояд...

То ту бихандӣ,
роҳбарон рӯзҳо
ором надоранд,
шабҳо хоб надоранд,
ҷуз масъалаи ту
ба дигар масоил
тоб надоранд.
Дар ҷавви осмон
чун шавад намоён
як пора абр –
абри ҷандапӯши боронӣ,
тира мешавад
ҳам дил,
ҳам рӯй,
ҳам табъашон...

То ғарамҳои сафеди ту
бо абҳати шукӯҳ
қад кашанд мисли кӯҳ,
басо ғарами коғазро
сиёҳ мекунанд
аз санадҳову рақамҳо,
аз зарбу тақсимҳо,
аз фарзу яқинҳо,
қарору тасмимҳо,
танбеҳу танқидҳо,
таърizu таъдибҳо...

Рӯзе қад мефарозанд
ғарамҳои ту
мисли кӯҳ
сӯи само
сафеду пурҷило
чашмрабо,
марди ғарамгар
дар даст ангушта
гӯё кӯҳ бармефарозад,
гӯё заминро
бо осмон иттисол медиҳад,

гӯё месозад
нардбони сафеде
аз замин то боми фалак...

Ва баъд ту меравӣ
ба хидмати мардум:
аз ту месозанд
болину бистарҳо
рӯйболишҳо
суфпӯшишҳо –
хобҷомаи сафед,
то одамӣ
баъди заҳматҳо,
маломатҳо,
залолатҳо
бихуспад хотирҷамъ,
дилҷамъ, сарҷамъ
ва бубинад
хобҳои сафед
ва бархезад
бо дили сафед,
бо эҳсоси сафед,
бо имрӯзи умр
бо ихлоси сафед,
бовар кунад
ба ранги ту –
ба рӯзу рӯзгори сафед,
ба эъҷози сафед.

Зеро «эъҷози сиёҳ» ҳам ҳаст,
ки меборад марг
ба сари одамӣ
ва мепечонад туро
ба наъши пайкари одамӣ.

Зеро «эъҷозе» ҳам ҳаст,
ки аз ту месозад
пардаҳои сиёҳ
то рӯзи сафедро,
олами равшани орзуву умедро
тира созад
дар чашми инсон.

Зеро на ҳама сияҳдилон,
сияҳтинатон,
сияҳниятон
сафедии туро
он сон, ки ҳаст,
сафед мебинад.

Зеро «эъҷозе» ҳам ҳаст,
ки аз тору пуди ту
дом мебофад
барои инсон,
таноб мебофад
ба гардани саркашон,
ба пои раҳравон,
сӯи фардои тобон.

Ватани ман мехоҳад
аз ту барои абнои башар
бештар
пираҳан бибофад,
аммо онон –
он сияҳкорон
мехоҳанд бештар
барои абнои башар
кафан бибофанд.

Ватани ман мехоҳад,
ки бо ту ҳаргиз дигар
набандад захмҳои аскар,
аммо онон мехоҳанд
туро аз хуни одам,
аз хуни шаҳидони ҷанги нафсҳо,
ғояҳо,
сармояҳо
лолагун созанд.

Аммо ман
бо дилу нияти сафед
(Ҳарчанд мо ҳама
омадем ба даҳр
дар ту печида,
меравем ба хок,
дар ту печида)
мехоҳам
бисозанд аз ту
пойандоз –
як пойандози бузург
дар роҳи фардо,
то фардо мисли наварӯс
саропо сафедпӯш
аз паранди тобони ту
рӯ-рӯи он бигзорад
нарм-нарм пои муборакашро;
сар бигзорад ба бистари бахт –
бахти сафеди ҳамранги ту
ва бархезад
бо ормонҳои сафед,
боз давом кунад
роҳашро дар қаламрави хуршед
ба сӯи рӯзҳои сафед
бедоғ, беолоиш, белакка,

ба сони ғунчаи навшукуфтаи ту
ва мехоҳам
дар парчами ҳама кишварҳо
ранге, рамзе, шафақе,
дурахше, ҷилое
аз ту бошад,
то одамӣ ба фардои сафед
бовар кунад
ва агар рӯзи бозпасин
кафанаш аз ту ҳам бошад,
боз бовар кунад
ба фардои ворисон –
фардои чун ту
тобноку сафеду дурахшон!

17.3.1983

## УМРИ БУЛБУЛ

Умри булбул кӯтаҳ аст.
Бечора булбул
бо ҳама ширинадоӣ,
бо ҳама рангиннавоӣ,
бо ҳама гулдӯстдорӣ,
бо ҳама фарёду зорӣ
беш аз як сол умраш нест,
афсӯс!

Балки ҷои нолаю афсӯс ҳам нест.
Бар чунин як умри кӯтаҳ низ
шукр гӯяд ошиқи гул –
ошиқи бехоб – булбул.

Зоғ механдад ба умраш,
Ғулба механдад ба шукраш,
Лошахор аз лобалои лошаҳо
талх механдад ба ҳолаш,
к-ин чӣ рӯзею чӣ умре?
Ин чӣ ҷои миннату шукре?
Чанд шаб дар ҳасрати дидори гул нолида рафт,
Субҳ хуфту чеҳраи хандони гул нодида рафт,
боз шукри умр мехонад,
боз худро шод медонад,
ё ки аҳлаш мисли умраш кӯтаҳ аст?

Булбули шӯрида механдад,
балки рӯҳи булбули шӯрида механдад
ба рӯзу рӯзгори лошахор,
ҳам ба ҳоли ғулбаи дузд,
ҳам ба саргинхории зоғи сияҳкор...

Гарчи сад сол умр мебинед,
Такрори ҳам аст,
Он чӣ ман дар чор фасли сол –
Як соли ҳаёти хештан дидам,
шумо сад сол ҳам баъди сари ман,
гарчи ҳам доред нируи паридан,
гарчи ҳам доред нируи ба мурдоре расидан,
меҳнати ин умри кӯтоҳи маро,
лаззати ин умри кӯтоҳи маро,
қимати ин умри кӯтоҳи маро,
ҳикмати ин умри кӯтоҳи маро
ҳаргиз намебинед!

Чунки ман бе шақшақу бе коғ-коғ
Хандаи гул ҷустам аз боғе ба боғ.
Чунки ман бо табъи олӣ оҳу зорӣ кардаам,
На чу каргас бо пару боли қавӣ
бо умри афзун лошахорӣ кардаам...

Эй шумо бемоягони дерсол,
чор фасли сол
агар сад сол ҳам кардед умр,
мешавад такрор ҳар сол,
мешавад ҳар сол такрор.
Умри кӯтаҳ беҳ зи хории дароз аст.

Шодбахтам ман, ки умрам кӯтаҳ аст,
баски ман дар чор фасли сол –
як соли ҳаёти кӯтаҳи хеш
умр кардам ошиқона,
ҳам бимурдам ошиқона
бо суруду бо тарона!

15.4.1983

* * *

Ғуруби офтоби ҳуснат омад,
Париҷонам, биё, дунё дурӯз аст.
Биё, ҷоми дилафрӯзе бигирем,
Ки ҳоло чашмҳоят дилфурӯз аст.

Чи ҳасратҳо, ки дорӣ дар дили хеш,
Сияҳбахтист дар рахти сафедат.
Агар хоҳӣ, сияҳноmat бимирам,
Ки орам заррае бахти сафедат.

Агар хоҳӣ, ки аз худ бигзарӣ боз,
Даме аз кӯчаи ишқам гузар кун.
Агар хоҳӣ, ки бар ту бингарад бахт,
Мани соҳибназарро як назар кун.

Дилат, медонам, аз ошӯб холист,
Чу хушкида дарахте дар баҳорон.
Биё, аз ишқ саршорат кунам ман,
Чӣ мехоҳӣ дигар аз рӯзгорон?!

Биёву сина бикшо чун дари субҳ,
Биё шӯри ҷавониро зи сар гир.
Агар хоҳӣ ҷавонии дубора
Маро то ҳадди ҷон додан ба бар гир!

Маро масти ҷамоли хештан соз,
Ки аз мастии май рӯҳам фасурдаст.
Хушо ҷоне, хушо ҷони ғарибе,
Ки дар оғӯши гарми ёр мурдаст!

Чӣ мепурсӣ дигар аз хоҳиши ман,
Чӣ мегирӣ дигар аз ҷони шайдо?
Агар шавқи маро поён набахшӣ,
Фароҳам мерасад поёни дунё!

21.4.1983

## ДУОҲО АЗ РОҲҲО

Ман мегузарам аз роҳ,
дӯшизаи қашанге,
лоба мекунад,
то ба манзилаш бибарам,
рад мекунам хоҳиши варо,
зеро
бори малоҳаташро
мошини ман
наметавонад бикашад...

Ман мегузарам аз роҳ,
Масте афтону ғалтон
бо чашмони хуморбаста
дудаста
тавалло мекунад,
рад мекунам хоҳиши варо,
зеро
накӯии ман
дар ёди ӯ нахоҳад монд.

Ман мегузарам аз роҳ,
марди ғалчае
пурбадане
шикамдамидае,
ки пайкари пурсалобаташ
як хиёбонро пур мекунад,
ва дуди сигораш
ҳола бар моҳ мезанад,
даст мебардорад,
то ба манзилаш бибарам,
рад мекунам хоҳиши варо,
зеро
ӯ ҷӯёи роҳе нест,
ӯро аз дардҳои инсонӣ
дар ҷигар оҳе нест...

Ман мегузарам аз роҳ,
зане обастан
мисли завҷаи ман
тифле дар бағал
сарбори он
дар даст занбил
пур аз пиёзу зардаку шалғам...
бо чеҳраи гирифта
мисли хусуфи моҳ
лоба мекунад,
то ба манзилаш бибарам.
Мепазирам хоҳиши варо,
зеро
рисолатам ин аст чун шоир
(на чун шофир!)
сабук созам ё бори дӯш
ё бори дилҳоро;
мебарам то ба манзил
модари тифли фардоро...

Ман мегузарам аз роҳ,
пирзане кӯзапушт
мисли модари худам
даст мебардорад,
(дастонаш меларзанд)
ба ҷон мезорад,
мебарам ӯро ба манзил,
бечора пирзан
ҷайбашро мекобад...
мегӯям: модарҷон,
ман савобҷӯям,
дар ин роҳи равон
аз шумо як дуо...
Дастони чангакашро
бардошта сӯи само,
як лаҳза
қомати заминбӯсашро
рост карда бо азоби алим,
дуо мекунад:
роҳат сафед, бачам,
роҳат сафед...
агар мисли ту
савобҷӯён
дар роҳи умри гаронборам

бештар буданд,
шояд сарви қоматам
чунин дуто набуд...

Ва аз чашмони обраваш
ашкҳо мерезанд.
Ман як лаҳза шах шуда
дар назар меорам
модари пири ларзонамро.

Ман мегузарам аз роҳ,
пирмарди шикастақомате
мисли падари худам
асобадасте,
ки ришаш заминро мерӯбад,
зора мекунад,
мебарам ӯро ба манзил,
Ӯ низ мисли ин пирзан
ҷайбашро мекобад.
Ман мегӯям:
Савобҷӯям, эй падар
аз шумо як дуо...

Ӯ асояшро
аз саросемагӣ
меафтонад ба замин
ва мекушояд дасти дуо:
роҳат сафед, бачам,
сангин бирав, рангин биё!
роҳат сафед,
оҳиста рав, пайваста рав!

Агар чун ту савобҷӯён
дар роҳҳои ҷаҳон
бисёр буданд,
пушти фалак
чун пушти ман
кӯз набуд
аз борҳо, сарборҳо...
агар чун ту ёварон
беҳтар аз бархе сарварон
бештар буданд,
ҳеҷ кас дар нимараҳ намемонд,
ё раҳгум намезад.

Ман мегузарам аз роҳ,
Маро на мошин мебарад
аз манзиле ба манзил,
балки мебарад маро
дуоҳои пирон,
пирони соҳибназар, соҳибдил.

5.5.1983

## ҚАСИДАЕ БАРОИ САПЕДА

Сапеда!
Ин номи мустаори туст
барои дили ман,
барои шеъри ман,
зеро номи туро
наметавонам бигӯям ошкоро;
зеро муҳити мо –
муҳити Душанбе –
шаҳри хурди ишқи бузургон надида
барои ишқи бузург
ё ишқи бузургон
омода нест
мисли он, ки ҳар сол мебинем
барои рафъи филборонҳо,
селҳо,
барфҳои лаклакии ғайриинтизор
омода нест.

Дар ин шаҳри ҷавон,
бе манораҳои баланд
бе бурҷу бораҳои баланд
ҳоло ману ту
ду манораем,
ки мардум мебинанд
аз дуру наздик;
тамошояш
меоянд ҳар рӯз.
Маломат мекунанд,
буҳтон мезананд
ману туро –
ғофил аз лаззати сармади ишқ,
аз шукӯҳи давлати ишқ,
аммо бештар аз ману ту
орзуманди он
ё бадномшуда
ва нангхурдаи он...

Сапеда!
Ин номро ишқи ман барои ту гузошт,
зеро як шуълаи андомат
аз дурахши номат,
аз нози чашмонат –
чашмони фаттонат;
аз ишқи содаат чун тулӯи хуршед
дар дилам сапеда дамид
ва ҳама гӯшаҳои торики диламро
сафед кард,
ва донистам, ки ту сапедаи умеди манӣ,
ва донистам, ки шеъри сафед ҳақ медиҳад,
то ба номи Сапеда,

яъне исми ту дар шеъри ман –
ниҳон аз анкабутони туҳматбоф
шеъри сафед бигӯям.
Эй тобонтарин
шуълаи ишқи инсонии ман!
Саропои вуҷуди ту
мисли рӯзи нав,
мисли созу сӯзи нав,
чун тулӯи бахт, тулӯи ишқ,
мисли мардумаки чашмони ту
пок аст
ва мисли табъи ман
бебок аст!

Ту ҳар бор занн мебарӣ,
рашк мекунӣ,
ки гӯё аз ту рафта бошам.
На! На!
Беҳтар он аст, ки аз дунё биравам,
то аз ту бесару садо биравам!
Ман аз ту нарафтаам,
ту ҳам аз ман нарафтай,
ману ту
мисли шохоби як рӯд
як рӯди пуршӯри кӯҳистони мо
алҳол ҷудоем,
аммо дар ниҳоят
бо ҳам меоем,
ҳамшӯр мешавем,
ҳамҷӯр мешавем.
Ва он гоҳ
(Худо хайрашон диҳад!)
мардуми мо,
мардуме, ки ишқи бузург мехоҳанд,
аммо боз хораш мекунанд;
мардуме, ки шоири бузург мехоҳанд,
аммо боз сангсораш мекунанд;
мардуме, ки ҳунарвари бузург мехоҳанд,
аммо боз ночораш мекунанд,
ишқи туро,
шеъри маро
як рӯз баъди сари мо
меҳроб мекунанд,
саҷда мекунанд
ва ҳатто афсӯс ҳам мехуранд,
ки чаро гузаштагон –
(Ҳоло муосирони ману ту!
Умрашон дароз бод!)
қадри моро надонистанд?

Қадри неъмат – баъд аз завол...
Аҷабтар он аст,
ки он «гузаштагон»
ҳоло зиндаанд,
аммо қодир нестанд
ба ҷои афсӯси баъд
ҳозир ғами мо бихуранд,
ё дасти кам
ба ишқи мо
лакка назананд.

Аммо
ману ту ҳоло
нақди бахт
ё нақди вақт дорем.
Метавонем
ҳамдигарро
бибӯсем,
бо ҳам биҷӯшем
оби оташ бинӯшем,
бо ҳам биболем,
бо ҳам бинолем
ва аз нашъаи бӯсаҳои ошиқона
ва шоирона
ҷо ба ҷо бимирем
дар оғӯши кушода
мисли оғӯши замин,
мисли канори дунё
ва колбади моро
печида бо ҳам
дар оғӯши ошкоро
бигзоранд ба хок...

Охир ин бахт аст
бахти комил, мутлақ,
ҳасадовар, рашкангез;
барои инсони хокӣ
аз юмни муҳаббат
насиб мешавад...

Эй Сапеда!
Сапедаи ишқи ман!
Ишқи моро надонистанд,
нафаҳмиданд
ё саҳеҳтар бигӯям,
ёрои фаҳмидан надоштанд,
зеро барои дуродурро дидан
чашми дурбин бояд;
зерои барои тасхири кӯҳи баланд
рӯҳи баланд бояд...

Ишқи мо
чун баҳори исодаме буд,
ки ҳама

дар тазйиқи замҳарир
интизораш доштанд,
аммо чун фаро расид,
ин ғофилон
аз паи иҷрои пилон
баҳорро нодида монданд,
сафҳаи баргеро
аз гулистонаш нахонданд.

Аммо
ифтихори ман ин аст,
ки рӯзе
бо ин ҳама ғафлатзадагон
(дар зиндагӣ ё дар қиёмат)
рӯҳи мо рӯ ба рӯ мешавад
ва мебинем,
ки бар бахти сафеди мо
чун бар коғази сафед
мисли пеши қариндош
чи дастҳо
нақши сиёҳ рондаанд.

Аммо ба рағми ин сияҳдилон
ман рӯсафед хоҳам буд
рӯ ба рӯи дили сафеди ту,
зеро бар қасди ҳоли табоҳ
ва рӯзи сиёҳ
ё бахти сиёҳ
туро фаромӯш накардаам
ва шеъри сафед гуфтаам;
баски номи ту
барои дили ман,
барои шеъри ман Сапеда буд...

10.5.1983

* * *

Оҳ, агар боз туро медидам,
Сар ба пою қадамат месудам.
Аз ҳама печу хами ҷодаи умр
Дар хами зулфи ту меосудам.

Мешикастам ҳама армони дилам
Дар сари зулфи шикан дар шиканат.
Бахти пажмурдаи ман гул мекард
Чун гули рӯи чаман дар чаманат.

Мекашидам зи ҳама дастон даст,
Мекушодам пари парвози баланд.
Шодбахтам! Ба суи ҳафт фалак
Мезадам дод ба овози баланд.

Менишастам ба барат чашм ба чашм,
Як қадам аз ту намерафтам дур.
Як қадам дур намерафтам ҳеҷ
Аз дари хонаи ту то дари гӯр.

Дар канори ҳама дунё умре
Нашъаи атри канорат бас буд.
Ахтари бахт намеҷустам ман,
Ахтари чашми хуморат бас буд.

Шояд он вақт сухан на зи фироқ,
Ё ғами дилшиканат мегуфтам.
Беҳтарин шеъри дилангезамро
Балки аз як суханат мегуфтам.

Ҳолиё монда дили пурҳасрат
Аз мани дилшудаю дилдода.
Аз чунон хирмани пурбори умед
Монда мушти кафаку пасбода...

Оҳ, агар боз туро медидам,
Доғи ишқи ту намебурдам ман.
Хӯрда ғамҳои ту мемурдам, лек
Хӯрда афсӯс, намемурдам ман...

12.10.1983

* * *

Баъди чанде, ки басо об зи сарҳо гузарад,
Баҳри ту хотирае беш нахоҳам будан.
Гар аз он манзараҳо гоҳ-гаҳе ёд кунӣ,
Пораи манзарае беш нахоҳам будан.

Чун баҳор ояду Наврӯз шавад гулгардон,
Шоядо аз назарат масту ғазалхон гузарам.
Рӯзи боронӣ агар тар шавӣ сар то ба қадам,
Шояд аз ёди ту чун қатраи борон гузарам.

Байни кӯҳу дараҳо чун биравӣ сайри баҳор,
Гули бодом бубиниву маро ёд кунӣ.
Зери он шаршара ой, ки маро медонист,
Даст бар гарданаш андозию фарёд кунӣ.

Ёд орӣ зи баҳори ману сарсабзии ман
Чун ба пойиз нишинад ба сарат барги хазон.
Дили ороми ту як лаҳза ба ларзиш ояд,
Ки куҷо шуд ҳама он тозагию бахти ҷавон.

Дар лаби рӯд нишинӣ, ки нафас тоза кунӣ,
Мавҷи эҳсоси маро ёд кунӣ бетардид.
Сӯи гирдоб бубинӣ, ки ба худ мепечад,
Ёд орӣ зи сарам, к-аз сари ту мегардид.

Баъди ҳар як сафари дур, ки баргардӣ боз
Ба Душанбе, ба Душанбеи шукуфону ҷавон,
Бингарӣ ҷониби он ваъдагаҳи дерина
Гӯӣ истода манам, омаданатро нигарон.

Дафтари хотираатро бикушой ҳар бор,
Ғазале хонию дарёбӣ, ки дар шони ту буд.
Худ ба худ ханда кунӣ, фахр кунӣ – соҳиби он
Як замон шефтаи гесуи афшони ту буд.

Баъди чанде, ки басо об зи сарҳо гузарад,
Баҳри ту хотирае беш нахоҳам будан.
Баъди чанди дигаре, к-аз сари дунё гузарам,
Лавҳаи мақбарае беш нахоҳам будан...

13.10.1983

* * *

Худ ба худ хандида мерафтӣ зи роҳ,
Одамон девона мепиндоштанд.
Мардуми чашмат пур аз дидори ёр,
Ту намедидӣ, ки одамҳостанд.

Андар он як лаҳзаи эҳдои бахт
Мисли ту хушбахт дар олам набуд.
Мисли ту хандонлабу болидаҷон
Ё агар ҳам буд, дар он дам набуд.

Аз чӣ механдидӣ? Одамҳои роҳ
Ҷумла ҳайрон мегузаштанд аз барат.
Баъзе аз рафтори ту лаб мегазид,
Баъзе механдид аз пушти сарат.

Мегузаштӣ аз миёни издиҳом,
Пеши чашмат як нигаҳ, як ханда буд.
Як нигаҳ, як хандае, ки ногаҳон
Дар дилу ҷонат шарор афканда буд.

Мегузаштӣ аз миёни шаҳриён
Рустойидухтари навомада.
Масти бахшишҳои ширини умед,
Масти сӯзишҳои аз дил рухзада.

Мегузаштиву касе огаҳ набуд,
Ки ту бӯе бурдай аз рози ишқ.
Ҳам ту худ огаҳ набудӣ, к-он нафас
Шӯр мезад дар дилат оғози ишқ...

14.10.1983

* * *

Соате, ки ту ҳадяам кардӣ,
Муддате мешумурд шодии ишқ,
Муддате мерасонд пайки умед,
Муддате буд ҳам мунодии ишқ.

Соате, ки ту ҳадяам кардӣ,
Муддате менамуд соати ишқ –
Соати хушгувори зарбати дил,
Соати хушгузори тоати ишқ.

Лек имрӯз, эй дареғ, эй дод,
Соатат соати ҷазои дил аст.
Лек имрӯз доду сад фарёд,
Соатат соати азои дил аст.

Баски имрӯз мешуморад он
Вопасин лаҳзаҳои ҷонамро.
Баски имрӯз мешуморад он
Вопасин ларзаҳои ҷонамро...

12.12.1983

* * *

Хуштарин рӯзи ҷавониям буд,
Ки туро низ ҷавон дидам ман.
Балки он рӯз зи ду рӯи хушат
Хушии рӯи ҷаҳон дидам ман.

Мегузаштӣ зи раҳи пуродам,
Одамон бешу ту якто будӣ.
Дарзамон ёфтам аз чеҳраи ту:
Одамон ҷамъу ту танҳо будӣ.

Мегузаштӣ зи раҳи худ ором,
Лек дар чеҳраат оромӣ набуд.
Гӯиё хуш будӣ аз будани хеш,
Лек дар ту зи хушӣ номе набуд.

Хира мондам ба ту дар роҳи гузар,
Бар тазоди дилу ойинаи рӯт.
Баски андар назари шоириям
Рӯят ойинаи ғамҳоят буд.

Ман туро дида, маро нодида
Ту гузаштӣ зи раҳи худ танҳо
Ончунон ки касе парво накунад
Дар пиёдагузару барзанҳо.

Баъд аз рӯзи дигар, шукри насиб,
Боз дар роҳ туро дидам ман,
На зи ту, на зи ғурури нигаҳат,
Аз ғами ишқи ту тарсидам ман,

Ки мабодо ба ягон варта фитам,
Ки мабодо зи ҷаҳон сер шавам,
Ки мабодо биравам аз худи худ,
Дар ҷавонӣ зи алам пир шавам.

Навхате будаму навмашқи сухан,
Ман ғами ишқ намедонистам.
Баски бо содадилӣ дар олам
Олами ишқ намедонистам.

Баъд ман дар ғами ту афтодам,
Ваҳ, чи ғамҳои ту ширин буданд.
Ранг дар ранг ҳамесӯхт дилам,
Ҷилваҳои ту ки рангин буданд.

Баъд ғамҳот ҳама маҳзи сурур,
Баъд ғамҳот дилосо буданд.
Хандаҳои ту ба истиқболам
Гӯиё хандаи дунё буданд.

Шукри он рӯзи ҷавонӣ, ки туро
Дар ҷавоним ҷавон дидам ман.
Баъд то аз ғами ту дур шудам,
Кулли ғамҳои ҷаҳон дидам ман.

Кош ғамҳои ту акнун бошанд
К-аз ҳама дахмаса эман бошам.
Кош он рӯзи ҷавонӣ бошад
Ки ту ту бошию ман ман бошам...

16.12.1983

* * *

Ман туро дар чашм аз шаҳре ба шаҳре бурдаам,
Аз диёре бар диёре дар дилам овардаам.
Ман туро дар ҷони муштоқи ҳаваспарварди худ
Ҳамчу шеъри беҳтарини хештан парвардаам.

Ман туро дар орзуҳои наҷиби хештан
Дидаам, донистаам ҳамчун ҳабиби хештан.
Гарчи ҳар касро ба қадри боли ӯ парвози ӯст,
Гарчи ҳар кас гирад аз дунё насиби хештан.

Ман туро бахри дилам мадди таманно кардаам,
Ман туро бахри дилам дар шеър пайдо кардаам.
Ёди ту чун дафтари ашъори рангин бо ман аст,
Ман туро бахри дилам дар шеър иншо кардаам.

1984

* * *

Омад ӯ аз раҳи хаёли ман –
Аз гузаргоҳи орзуҳоям.
Шом омад, вале паём овард
Аз саҳаргоҳи орзуҳоям.

Омад аз дури дур, пиндорӣ
Аз диёри фасонаҳои қадим.
Ошно бо ниёзи рӯҳи ман
Чун навои таронаҳои қадим.

Дар ҷабинаш сафои субҳи баҳор,
Дар садояш танини дарё дошт.
Дар нигоҳаш умеди ман тобон,
Дар лабаш бӯсаҳои фардо дошт.

Омад аз қуллаҳои меғолуд
Мурғи уммеди кӯчбастаи ман.
Омад ӯ, то шаванд ҳамболаш
Орзуҳои паршикастаи ман.

Омад ӯ аз баҳори дерина
Сари мижгон ғубори гул чида.
Омад аз он раҳе, ки як вақте
Дили ман гум шудасту ӯ дида...

1984

## АЗ БОМИ ҶАҲОН,
## АЗ НОМИ ҶАҲОН

*Офтобо, бори дигар хонаро пурнур кун,*
*Дӯстонро шод гардон, душманонро кӯр кун!*
*Шамси Табрезӣ*

Гарчи шуҳратманд чун Боми Ҷаҳонанд,
Кӯҳҳои мо ҷавонанд.
Аз замоне то замоне рӯзафзун
кӯҳҳо қад мефарозанд
зарра-зарра, зина-зина сӯи гардун.
Ҳар каси ноошно бо хилқати куҳсори мо
Авҷи солафзуни онҳоро намебинад, валекин
Дидаи таҳқиқ мебинад...

Миллати ман низ
бо нахустин шеъри дунё – бо «Авасто»
бо нахустин шоири дунёш – Зардушт,
бо ҳама фарҳанги рангин,
бо ҳама таърихи дерин,
дар масири рӯзгори сахту сангин,
чун асири сарнавишти талху хунин
боз ҳам чун кӯҳҳои худ ҷавон аст;

боз ҳам мисли заминаш
пуртаҳаммул, пуртааммул, пуртавон аст.
Тай шуд айёме, ки дар рӯи замин
хуни ӯ
чун рӯдҳояш соҳати маҷро надошт,
рӯҳи дарё,
ақли дарё,
ҳикмати машҳури дунё дошт, лекин
ин қадар паҳно надошт,
Ганҷҳо дар сина пинҳон кӯҳсораш
дастбаста, пойбаста чун худи ӯ будаанд.
Аз тулӯи Октябр
Кӯҳсораш низ бо ӯ
бандҳо, занҷирҳо аз дасту по бикшудаанд.
Октябр хуни ӯро тоза кард,
Соҳиби сад шуҳрату овоза кард,
Кӯҳи ӯ бо ганҷҳои синааш озод шуд,
Рӯҳи ӯ бо ганҷҳои маънавияш,
бо ҳама ганҷинааш озод шуд.
Кӯҳи ӯ сар мефарозад сӯи боло,
Рӯҳи ӯ пар мекушояд сӯи дунё...

Ҷанги дирӯз –
Ҷанги пирию ҷавонии ҷаҳон,
Ҷанги кӯрию басират,
Ҷанги озодию таслиму асорат
ёд дорад то ҳанӯз:
Аввалин «гурзи гарони оташин»
аз дили кӯҳсори тоҷикон бурун ҷаст,
аз дили кӯҳсори тоҷик
дар дили душман нишаст,
Баъд аз он
мӯҳраи душман шикаст...

Кӯҳсори мисли мо оромтабъу хоксор
Рӯзи зӯромад барои ҳифзи кишвар
Ҳомили ин гуна лак-лак «гурзҳои оташин» аст.
Ҳар кӣ моро сода медонад,
Ҳар кӣ моро аз тағофул тарсу мехонад,
Ғояти кӯрист!
Маҳзи хомияст!

Боз имрӯз
Аз фарози гунбади Қасри Сафед,
К-аз сияҳкорон пур аст,
даст меёзанд сӯи гунбади ҳафт осмон;
боз мерезанд монанди тагарг
ҳамлаҳо, таҳдидҳо аз боми кайҳон
бар сари Модар-Замин.
(Оҳ, эй Модар-Замин!
Оқ кун ин кӯдакони носипосу нохалафро,
ин ҳама бемоягони бесалафро!
Аз канори хешу аз оғӯши ҳастӣ дур кун,
ё сари вақт
пеш аз милодашон дар батни модар гӯр кун!)
Дар замин чун тирашон бар хок хӯрд,
баъд аз ин
бигрифта дар кайҳон камин
ин ҳама аҳли касофат
боз мисли сангҳои осмонӣ
бим мерезанду офат бар замин.
Боз мехоҳанд бо чандин баҳона
бар сари аҳли замона
осмонро ҳам фурӯ оранд
мисли деги посгона...

Боз мехоҳанд созанд аз мадори осмон
ин заминро бемадор.
Боз мехоҳанд дар саҳни фалак
чун дар замини захмдор
(Гарчи бе ин ҳам миёни ҷирмҳо
ахтарони наҳс бисёранд, мегӯянд...)
бо рокетҳо,
бо тамоми ҳомилаш ё омилаш
ахтарони наҳсро афзун бисозанд,
ахтарони саъдро вожун бисозанд.

Боз мехоҳанд бо Баҳром ҳамдастӣ кунанд,
дар замин пастияшон кам буд магар,
дар баландиҳои гардун сифлию пастӣ кунанд.
Боз мехоҳанд бефарзу яқин аз ҷаҳлу кин
наҳси кайвон рӯи ҳам резад ба айвони замин.
Боз мехоҳанд Рейган рақси кайҳонӣ кунад,
З-осмон аҳли заминро маҳву ҳайроне кунад.
Зӯҳраи раққосаро қоил кунад дар осмон,
Ҷумларо тобеъ кунад аз осмон то ресмон.
Лек кайҳон Голливуд не,
Ҷои рақсу бозӣ нест,
бурҷи Тираш ҳаст, аммо ҷои тирандозӣ нест!..
Бурҷи Мизон ҳаст дар боло, ки фармояд:
Одамиро дар замин боястӣ мизони хирад!

Эй бадомӯзони ҷанг!
Оташафрӯзони ҷанг!
Гар Замин Модар бувад,
Осмон бошад Падар.
Бо Падар, бо Модари худ шӯру ҷанг?
Таъну лаъни ҷумла олам бар шумо,
Нанг бодо, нанг, нанг!
Бо чӣ рӯ аҳли заминро рӯхарошон кардаед?
Ин ҷаҳонро деги ҷӯшон кардаед?
Мисли вулқон оташафшон кардаед?
Дар муҳите як муҳити баҳрагире ҳам намонд,
Ҳеҷ оромӣ намонд Ором Уқёнусро

Дастҳотон,
чашмҳотон,
қалбҳотон,
балки аслу наслҳотон ҷумла хуноғуштаанд,
баски хун гирёндаед ин модари маъюсро.
Киштиҳои зериобитон муҷаҳҳаз дар камин,
дар зери об
то барояд нақшаҳои шуматон бар рӯи об...
баъд кайҳон,
ҷангҳо бо ахтарон,
ҷангҳо бо моҳу хуршед
бо ҳазорон навъи рокет...

Марг мекоред дар рӯи замин,
Марг меборед аз боми фалак,
боз меҷӯед дар худ чодари амну дифоъ;
чатри лазерӣ ҳамеҷӯед болои сари худ
баҳри савдои сари худ...
Аз кӣ метарсед?
Аз чӣ метарсед?
Балки чун худкардаро набвад даво,
Хешро аз хеш мехоҳед бахшидан раҳо?
Мисли он, ки як шабе Хоҷа Афандӣ
то бидонад хубию дилсӯзии ҳамсоягон
дод зад аз даҳшату ваҳми дурӯғин:
Хонаам сӯхт!
Хонаам сӯхт!
Одамон бо таҳлука ҷамъ омаданд,
лек дида хонаашро бегазанд,
ҷумла хандиданду рафтанд.
Шоми дигар ростӣ, ки хонааш сӯхт,
Хоҷа зад фарёди талх аз байни оташ:
Хонаам сӯхт!
Хонаам сӯхт!
Ҷумла хандиданду хуфтанд...

Осмон парвозгоҳи рӯҳи инсон аст,
Осмон сайёраи рӯҳи ниёгон, рӯҳи покон,
рӯҳи бедори бузургон аст.
Ҳар касе, ки рӯҳи инсонро биранҷонид,
инсонзода нест.
Баски мегӯянд мардум:
Ҳар касеро, ки худо зад, боз одам мешавад,
Ҳеҷ кас одам нахоҳад шуд, гараш арвоҳ зад...

Гарчи медонем мо
бо ҳазорон муҳру чак,
бо ҳазорон даъвии инсонпарастӣ
хешро андар ҳиҷоби гунагун
мекунед эълом аз баҳри башар пушту паноҳ,
лек мебинем дар ойинаи гетинамо
пузи хунини шумо...

Дар замин гар ахтари иқболи худ гум кардаед,
Ҳеҷ гаҳ онро намеёбед дар зимни само...

Бӯи хуну бӯи марг
бишнавӣ аз чор сӯи баҳру бар,
Алҳазар!
З-осмон ҳар лаҳза ояд бар замин бӯи хатар,
Алҳазар!
Тарсам аз гардун ба ҷои барфу борон
тир борад, марг резад бар сари аҳли башар,
Алҳазар!
Рӯзу шаб ҳушёр бош,
Эй замин, фарзона модар!
Рӯзу шаб бедор бош,
Осмоно, эй падар!

Кӯҳҳои Тоҷикистон
реша дар қаъри замин,
чун сутунҳои ситабру бас қадир,
чун сутунҳои қавӣ барҷаста аз хоки кабир
зина-зина сӯи гардунҳо аз он қад мефарозанд,
то баробар сар ниҳанд зери бори осмон;
то наафтад осмон бар сари аҳли ҷаҳон,
то шаванд
баҳри ҳифзи зиндагонӣ аз балои ногаҳонӣ
пешбанд
ё пешмарги тирҳои осмонӣ...

Тоҷикистон кишвари пурофтоб аст,
Ҳамчу гармои тамузаш
баҳри пирӯзии бахту зиндагонӣ,
баҳри пирӯзии озодӣ, амонӣ
гармии имону меҳру эътиқод,
гармии дил, гармии ҷон, беҳисоб аст.
Баски нури зиндагии равшанаш
Армуғони офтоби Инқилоб аст.

Ман ҳама рӯзу ҳама шаб
аз сари Боми Ҷаҳон,
балки аз номи ҷаҳон,
баҳри ҳозир, баҳри истиқболи ороми ҷаҳон
з-ин ду хуршеди мунаввар
ҳам таманно мекунам,
ҳам таваллo мекунам:
Офтобо!
Офтоби Инқилобо!
Бо ҳар афсун
Хонаҳои мардумони даҳрро пурнур кун,
Дӯстонро шод гардон, душманонро кӯр кун!

1984

## НИҲЕБ

Ҳар дам фиғони кӯдаке ояд ба гӯши ман,
Чун синаҳои модари ӯро бустридаанд.
Ҳар лаҳза оҳи модаре ояд ба гӯши ман,
Чун қалби софу синаи тифлаш даридаанд.

Се қисмати ҷаҳон ҳама об асту воаҷаб
Аз чӣ мудом ташнаи хунед, қотилон?
Ободии ҷаҳон агар дархурдатон набуд,
Аз модарони худ чаро зодед дар ҷаҳон?

Дар соҳати замин чу муросо намекунед,
Боз орзуи забти фалакҳо чӣ ҳоҷат аст?
Ин осмон аз он ки баланд асту хушнизом,
Байни ситораҳош на кину адоват аст?

Рӯзе намонд байнатон ихлосу эътиқод,
Дар осмони дур худованд сохтед.
Бегона гашта аз худу пайвандгони худ,
Ӯро шинохтед, ба ғайбаш навохтед.

Ҷустед пас зи осмон дархостҳои хеш,
Аз олами сарир – нишемангаҳи худо.
Аз интизоми офтоб, аз гардиши фалак,
Аз назми моҳтобу зи вазъи ситораҳо.

Дидед чун дар осмон ҳам ҳаст саъду наҳс,
Гуфтед пас «Зи дасти фалак доду боз дод,
Ё зиндагонии замин кӯчида бар само,
Ё нақши зиндагии мо аз осмон фитод?»

Имрӯз чун зи қуллаи дарёфтҳои ақл
Бар рӯзгори мозии худ як ниго(ҳ) кунед,
Хандида бар ҷаҳолату бар содагияшон,
Аҷдоди хешро шумо бас таънаҳо кунед.

Аммо шумо ҳам он қадар мумтоз нестед,
Зеро ҳанӯз ҳам зи худ берун нарафтаед.
Зеро даме зи даҳшати гирдобу ҳирсу оз
Паҳлуи ёри хеш бароҳат нахуфтаед.

Зеро ҳанӯз ҳам шумо аз хуни одамон
Бар зиндагию давлати худ ранг мезанед.
Аз хоки зарнисори ҷаҳон зар ситонда, лек
Бар фарқи солиҳони ҷаҳон санг мезанед.

Оё ҳанӯз бар шумо корӣ набудааст
Андарзи оқилону китобу катибаҳо?
Оё ҳанӯз он ҳама тамсили шоирон
Панде набуда заррае бар хилқати шумо?

Оё барои як ваҷаб хоке ба ҷои гӯр
Аз баҳри ҳамгинони худ бедод мекунед?
Ин хокро, ки хуфтгаҳи бобиёни мост,
Обод мекунед ва ё бод мекунед?!

Ҳар лаҳза бими таркишу ҳар дам ниҳеби ҷанг
Таҳдид мекунад ба ҳаётофаридаҳо.
Дар хобҳои одамон кобус мезанад
Табланавоз Рейгану рақси ракетаҳо.

Ҳар лаҳза марг пеши назар рақс мекунад
Бо заҳри одамикушу барқи ҳаётсӯз.
Сар мениҳад ба рахти хоб инсон ба сад суол,
То шоми маргзошро чун оварад ба рӯз?

Девонагии чанд тан ҳушёр кардааст
Ӯро барои хотири фардои зиндагӣ.
Чашми салоҳбини ӯ бар қасди ҳар силоҳ
Дорад умеди равнақи маҷрои зиндагӣ.

Фарёди ӯ зи чор сӯ бар гӯш мерасад
Бар пуштибонии ҳама осори одамӣ:
Чун зиндагонӣ худ ба худ озору ҷонканист,
Баҳри чӣ боз ин ҳама озори одамӣ?

Эй қотилон
Гар ҷангу душманиву бародаркушӣ равост,
Пас зиндагӣ чарост?
Дилогандагӣ чарост?

Эй ҷоҳилон,
Гар зиндагии мо ҳама ҳар лаҳза мурдан аст,
Пас бандагӣ чарост?
Сарафкандагӣ чарост???

1984

* * *

Ман дар ин дунё чӣ дунё доштам?
Ишқи сӯзон, ҷони шайдо доштам,
Меҳри афзун, ёри якто доштам,
Рози пинҳон, доғи пайдо доштам,
Як дили ҳамшӯри дарё доштам.

Ман дар ин дунё чӣ дунё доштам?
Як кафи бозе чу паҳно доштам,
Як тани танҳои танҳо доштам,
Як дили бо ҷумла дилҳо доштам,
Дар дили имрӯз фардо доштам.

Ман дар ин дунё чӣ дунё доштам?
Як сари қурбони сарҳо доштам,
Гӯшае бо ҳамназарҳо доштам,
Тӯшае бо ҳамсафарҳо доштам,
Яъне девони ғазалҳо доштам.

Ман дар ин дунё чӣ дунё доштам?
На таваллo, на тазарро доштам,
На муросо, на мудоро доштам,
Ҷоннисорон, ман шуморо доштам,
Ҳақгузорон, ман шуморо доштам!

12.1.1984

## НОМАҲОЯТ

Шаб, чу хондам номаҳоят
То саҳар хобам наёмад.
Дар дилам ошӯби маҳшар,
Бар сарам омад қиёмат.

Гуфта будӣ «Баъди хондан
Номаҳоямро бисӯзон».
Гар бисӯзам номаҳоят,
Сӯзадам дил, сӯзадам ҷон.

Номаҳоятро насухтам
Сӯхт аммо тинати ман.
Баъд аз он то ҳоли ҳозир
Сӯхтан шуд қисмати ман.

Охирин як номаи ту
Дошт оҳанги васият
Пеш аз марги таби дил,
Пеш аз марги муҳаббат.

Охирин як номаи ту
Дошт оҳангу навое,
Гӯиё хатти сияҳ буд
Пеш аз рӯзи ҷудоӣ.

Аввалин як номаи ту
Дошт пайғоми ҷавонӣ.
Охирин як номаи ту
Дошт анҷоми ҷавонӣ.

Аввалин як номаи ту
Буд лабрези муҳаббат.
Охирин як номаат дошт
Дарди ночизи муҳаббат.

Номаҳои аввалинат
Саргузашти ишқ буданд.
Номаҳои охиринат
Даргузашти ишқ буданд.

Номаҳоятро ба ҳар ҳол
Доштам дар синаи худ.
Доштам дур аз фасурдан
Мисли як ганҷинаи худ.

Номаҳо бо аксҳоят,
Номаҳо бо нолаҳоят,
Номаҳои ишқу ҳасрат,
Номаҳои бебаҳоят.

То кунун дар синаи ман
Монда ёд аз ишқи воло:
Он яке кӯбад думушта,
Дигаре созад таваллo.

Гуфта будӣ «Баъди хондан
Номаҳоямро бисӯзон».
Гар бисӯзамшон, бисӯзад
Боқии дил, боқии ҷон.

Сӯхтам ман худ, ҳамин бас,
Номаҳо бояд насӯзанд.
То даме дар хотири ман
Гӯшаеро барфурӯзанд...

17.1.1984

* * *

Гоҳ-гаҳ содагони кӯдакдил
Аз ман асрори шеър мепурсанд.
Аз табутоби ранҷҳои ман
Дар сари кори шеър мепурсанд.

Чист шеър? Эй басо суол кунанд,
Гӯиё ман паямбари шеърам.
Ҳол он, ки дар ошёни адаб
Як гадои паси дари шеърам.

Воқиан шеър чист? Ин матлаб
Мебарад рӯзу шаб қарорамро,
Садди нашкастанӣ чу кӯҳи азим
Мениҳад аспи роҳворамро.

Ҳама ҷо ҳаст, боядаш дарёфт,
Шеър шояд атои раббонист.
Чун ҳумое ба пушти кӯҳи Қоф,
Ҳама ҷо ҳаст, лек пайдо нест.

Балки дар осмони ниликор
Су-суи ҷодуии кавкабҳост?
Балки нақши ситораи паррон,
Дар ҷабини сиёҳии шабҳост?

Балки дар кулбаи ғамангезе
Гиряи аввалини навзод аст?
Балки олоии касалмандест,
Ки аҷал як дамаш амон додаст?

Ё васият накарда шабҳангом
Дидагон боз карда пас мурдан?
Ё зи гулбун ҷудову дар гулдон
Оҳи гул пештар зи пажмурдан?

Ё худо гуфта, ҷон супоридан
Баъди якумр бехудоиҳо?
Ё пушаймониҳои бесуде
Баъди ҷонкоҳии ҷудоиҳо?

Балки парвози ақлу эҳсос аст
То ба ҷое, ки одамӣ нарасад?
Балки тақлиди сеҳру эъҷоз аст,
Ки ба таҳқиқи оламе нарасад?

Ё ки тасвири инқилоби дил аст,
К-аз диле бар диле мадор шавад –
Инқилобе, ки аввал андар дил,
Баъд дар даҳр интишор шавад?

Ё муросои осмону замин
Баҳри таскини одами фонист?
Ё мудорои чор самти ҷаҳон
Баҳри эъҷозҳои инсонист?

Ё нигоҳи мунаввари одам
Ҷониби нуриёни афлок аст?
Ё нигоҳи паямбаронаи ӯ
Ҷониби об, ҷониби хок аст?

Балки шеър аст як ҷаҳони дигар
Дар ҷаҳоне, ки обу гил дорад –
Як ҷаҳоне ба рағми бедардон
Дарди ҷон дорад, дарди дил дорад?

Балки дар ин ҷаҳони бедевор
Як тасаллои ҷони инсон аст?
Як ғиреви шикастани садҳо,
Як фиғоне ба гӯши кайҳон аст?

Балки шеър аст шарҳи қисматҳо –
Қисмати рӯду чашмаю шабнам?
Балки... Эй вой! Бахудо, ман худ
Шеър мегӯяму намедонам...

29.6.1984

## ФАРДОИ ДУШАНБЕ

*(Хурдаҳои нимҷиддиву нимшӯхӣ)*

Душанбе шаҳри мо, гаҳвораи мост,
Дар ин ҷо зиндагии мост дилкаш,
Бад-он шарте ҳавояш тоза бошад,
Набошад дуди ин симонзаводаш.

Бувад ҳар шаҳрро овозаю донг,
Душанбе аз чӣ овоза надорад?
Душанбе гар бувад дарвозаи Шарқ,
Чаро худ ҳеҷ дарвоза надорад?

Душанбе мешавад шаҳри ҳумоюн,
Душанбе мешавад шаҳри ҷаҳонӣ,
Ба шарте қасрҳои шарқӣ созанд
Ба ҷои ин катакҳои битонӣ.

Душанбе мешавад шаҳри гулобод,
Гулистон мешавад ҳар кӯю барзан,
Агар аз офтоби майнасӯзаш
Зи беобӣ ҳама гулҳо нахушканд.

Душанбе шаҳри беосори дерин,
Ки ҳоло хоса ойине надорад.
Саросар санг мулки тоҷикон, лек
Душанбе қасри сангине надорад.

Чу гӯяд радио «вақти Душанбе»,
Набинам бурҷи соатхонаашро.
Агарчанде ки мебинам ба сад ранг
Ҳамора вусъати паймонаашро.

Мададгорӣ кунад рӯҳи ниёгон,
Агар созем гӯристони ободд.
Чу рӯҳи мурдагонро шод дорем,
Шавад садчанд рӯҳи зиндагон шод...

Заминҳои Ҳисори шодмонро
Душанбе мекунад ҳар дам мусаххар.
Агарчи то фалак «бепул заминҳост»,
Наёрад, то каме боло кунад сар...

Душанбе шаҳри ором асту камшӯр,
Ки аз он ҳаст оромӣ ба рӯҳам,
Вале дар барфу борон кӯчаҳояш
Намояд дар назар тӯфони Нӯҳам...

Наҷӯям айбу нуқсонҳои дигар,
Нагирам бар Душанбе хурда бечиз,
Агар аз мутрибони ресторанҳош
Ба гӯш ояд суруди тоҷикӣ низ...

Душанбе бошгоҳи нуру файз аст,
Саодат гар диҳанд андар «Саодат».
Душанбе комбахши аҳли ком аст,
Фароғат гар диҳанд андар «Фароғат».

Душанбе шаҳри обод аст, лекин
Дучандон мешавад обод фардо.
Чунон эъмор соземаш, ки боре
Зи дасти мо нагӯяд дод фардо.

Душанбе мешавад обод, бешак,
Вале ҳар лаҳза бошад маътали мо.
Паи ободияш чандон бикӯшем,
Ки дар ҳар кӯча монад ҳайкали мо...

1.7.1984

## БЕХОБӢ

Хобам намебарад.
Ҳама шаб заррае
Хобам намебарад.
Бас печутоб мехӯрам чун сабза аз шамол,
Бас музтариб мешавам аз рӯзи гумшуда.
Як лаҳза ёди модари бемор мекунам,
Як лаҳза фикри матлаи шеъри наёмада.

Хобам намебарад,
Афтода гӯиё замин дар чанги зилзила.
Гӯӣ ки канда мешавад ҳар дам насиби ман
Чун донаҳои силсила.
Гӯӣ ки истодаам дар поси нимашаб –
Дар поси посдории даврони зиндагӣ.
Чун посбон ду дидаам бедор то саҳар
Дар ҳифзи ҷони зиндагӣ.

Хобам намебарад.
Ҳама шаб заррае
Хобам намебарад.
Шояд аз он намебарад хобам, ки лаҳзае
Ҳар вопасин дақиқаи умри дурӯзаам
Дар хоб нагзарад...
Шояд аз он намебарад хобам, ки бехабар
Ҳар лаҳзаи ғанимати умри азизро
Нодида нагзарам...

1.7.1984

## ШЕЪРИ САФЕДИ МӮИ САФЕД

Мебинам мӯсафедони хастаро,
пирони бознишастаро,
аз тарбод,
аз қулинҷ,
аз сакта,
аз ғалабаи хун камарбаста
ва ё дилшикастаро;
ин кордидагон,
корзордидагон,
рӯзгордидагон,
ин қоматхамидагони сарафрозро,
вазифахурони бениёзро
дар кӯчаю хиёбонҳо
ва меандешам пеши худ,
ки инон –
як по ба лаби гӯр расидагон,
вале гӯркови душманон
на дар осиё,
на зери барфи зимистонҳо,
балки
аз он мӯй сафед кардаанд,
то халқи садшикан алорағми душман
набинад рӯзи сиёҳ,
то замину замон дар зери осмон
набинад рӯзи сиёҳ,
то Ватан –
ин тулӯъгоҳи офтоби зиндагӣ,
дар ҳама печутоби зиндагӣ набинад рӯзи сиёҳ.
Ва ин буда орзуяшон
ва ҷавҳари такопӯяшон:
Сафед бошад роҳи фардо мисли мӯяшон...

3.7.1984

## НОМАИ МАНЗУМ БА ЯК ХОНУМ

Шояд ин мактуб озорат диҳад,
Хонию з-он пас маро нафрин кунӣ.
Шояд андар хилвате бар ҳоли ман
Дар дилат як хандаи ширин кунӣ.

Худ ба худ гӯӣ миёни хандаҳо
«Дӯзахӣ боғи биҳиштӣ хостаст.
Ҷои афсӯс аст, аммо чора чист
Шоири шӯрида ақлаш костаст...»

Ҳар чӣ ҳам гӯӣ, бигӯ, аммо бидон,
Ошиқи босабру тамкини туам.
Бо хутути дарҳами чини ҷабин
Ошиқи гесӯи пурчини туам.

Умри дил андар ҳавасбозӣ гузашт,
Осафо, чандин замон бар об рафт,
Лаҳзае умрам гар аз ман розӣ буд,
Боқияш ноҷӯр ё дар хоб рафт.

Дар гузаргоҳи шитоби зиндагӣ
Ғайри чанд абёт аз ман ёд нест.
Ин замон ҳар гаҳ равам пеши пизишк
Дар дилам як гӯшаи обод нест.

Бо чунин дил, бо чунин ҳоли хароб
Боз ҳам мегирам аз домони ишқ.
Гарчи сад раҳ бесарусомон шудам,
Ҷуста даргоҳи сарусомони ишқ.

Ин масал бошад, ки ҳар посӯхта
Хешро бар мавҷи дарё мезанад.
Ин дили ман, ин дили савдозада
Боз ҳам худро ба савдо мезанад.

Ҳар гаҳе бинад туро ними назар,
Оламе дар ӯ тагорӯ мешавад.
Гар бубинад ним лабханди туро,
Оламе бо ӯ фарорӯ мешавад.

Гоҳ-гаҳ аз дур бинад гар туро,
Бо хаёлат мешавад наздиктар.
Бо хаёли нозуке чун мӯи ту,
Балки аз мӯи ту ҳам бориктар.

Боз ҳоли дигару фоли дигар,
Боз рӯзи дигару сӯзи дигар.
Боз печад дар ҳазорон нуктаҳо,
Нуктаҳои луғзу мармузи дигар.

Ман чӣ ҳам гӯям ба ин гапнодаро,
Ҳеҷ бо дастури ман коре набаст.
Балки бо шаш қитъаи рӯи замин
Қитъаи ҳафтум бувад ин дил, ки ҳаст?

Балки ӯро мовароп ин замин
Як муҳиту як замони дигар аст?
Балки дар байни замину осмон
Худ замину осмони дигар аст.

Меравад сар дар гиребон, гиҷу гунг
Рӯзу шабҳо бар ҳарими ёди ту.
Гар кушояд як нафас чашми умед,
Мекушояд аз насими ёди ту...

Нек медонам, ки медонӣ маро,
Лек з-омоли дилам огаҳ наӣ.
Баски дар дунёи рангоранги хеш
Аз чунин ҳоли дилам огаҳ наӣ.

Бингар он ду кӯҳи урёнтеғаро,
Дар назар гӯӣ зи худ ворастаанд,
Сар ба сӯи осмон доранд, лек
Боз ҳам андар замин побастаанд.

Он ду кӯҳе гуфтаам, мову туем.
Дар мақоми хеш дигар-дигарем.
Лек гаҳ дар кӯчаҳои сабзи шаҳр
Рӯ ба рӯ оему хомуш бигзарем.

Бигзарем аз кӯчаҳои сабзи шаҳр
Ту ба роҳи хешу ман бо роҳи хеш.
Ҳар якеро қиблаи имони дил,
Ҳар якеро офтобу моҳи хеш...

Бигзарем аз кӯчаҳои сабзи шаҳр
Чашми гулҳо ҷониби мо бингаранд.
Бингарам бар чашми ту бо чашми гул,
Чашми гулҳо ростӣ ҳам шоиранд.

Чашми гулҳо – шоирони зудранҷ,
Чашми гулҳо – шоирони зудпир.
Чашми гулҳо – шоирони зудсӯз,
Чашми гулҳо – шоирони зудмир...

Эй басо ношукрӣ аз мо рафтааст,
Дода уқёнусу мехоҳем ҷӯ.
Шоирони хубро озурда, боз
Шоирони хуб дорем орзу...

Ман дилам хоҳад, ки бошад шаҳри мо
Шаҳри дурандеш, ҳам шоирпараст.
Гарчи чашмони ту бо шеъри нигоҳ
Аз тамоми шоирон шоиртар аст.

Ман дилам хоҳад, ки бошад шаҳри мо
Шаҳри ошиқ, шаҳри шеъру шоирӣ.
Шоире, то ҳусни яктои туро
Умри ҷовидон диҳад дар дафтаре.

Ман намедонам, сазои ҳусни ту
Шоире бошад миёни шоирон?
Ман намедонам, бипурс аз чашми худ,
Ман намедонам, бипурс аз ахтарон...

11.7.1984

## ИДИ ЗАФАР

Зи ҳар ҷониб хабар омад:
зафар омад, зафар омад,
Зафар омад, зафар омад, сафои баҳру бар омад.

Ҳама олам зи нури ӯ дурафшон шуд,
дурахшон шуд,
Зафар омад, зафар омад,
чу хуршеди саҳар омад.

Нигоҳи модарон тобон,
нигоҳи дилбарон хандон,
Падар пеши писар омад,
писар пеши падар омад.

Ҳаёт аз марг эмин шуд,
дубора шоду рангин шуд
Наҷоти қисмати имрӯзу фардои башар омад.

20.1.1985

## КӮРХАТ

Кӯрхат[1] бинвис, ало мавлои Вақт,
ки басо гумкардаҳо дорам ба маҷрои замона,
ки басо гумкардаҳо дорам ба ину он баҳона,
дар ҷаҳони бекарона
дар талоши рӯзгори ҷовидона.

Дар масири Вақт,
дар масири гардиши Таърих
эй басо гумкардаҳо дорам,
ки рафта бенишону бенишона;
ки алорағми дубинҳо дурбин буданд, аммо
ман надонам дуртар рафтанд ё на...

Кӯрхат бинвис, ало мавлои Вақт.
Кӯрхат бинвис,
ки ман бе буди онҳо кӯр хоҳам шуд.
Гар ман онҳоро биёбам,
мешавам бар хеш наздик,
гар наёбам,
аз худу аз зиндагонӣ дур хоҳам шуд;
гар наёбам,
мисли онҳо низ андар гӯр хоҳам шуд.

Кӯрхат бинвис,
ки ёбам ганҷҳои мурдаро,
шаҳрҳои душманон аз пеши чашмам бурдаро,
ҳам китоби ғарқи дарё гаштаро,
илму фарҳанги адувон куштаро,
шоиру шеъри ба хун оғуштаро...

Кӯрхат бинвис, ки ёбам
як гурӯҳи аз дурангиҳои вақт
дар саробе интихоби асли худ раҳгумзада,
асли худро ройгон бифрӯхта,
ҷои фахру нанги миллат
ҷои зарҳалкории фарҳанги миллат
симу зар андӯхта,
дар шарори оташи зар зоти худро сӯхта,
оқибат андар гуми гумномиҳо саргаштаро...

Кӯрхат бинвис, ало мавлои Вақт,
ки биёбад Модари Шӯро
бист милён шерзанҳо, шермардони Ватанро,
ҷони худро дар бало бинҳода, аммо
вораҳонда аз бало ҷони Ватанро.

Кӯрхат бинвис,
ки ёбам аскари гумномро –
номи худ гум кардаву бахшида бар мо номро,
коми дил настондаву бахшида бар мо комро,
рафта аз айёми худ новақт, аммо
офарида баҳри мо оромии айёмро.

Кӯрхат бинвис,
ки ёбад Модари Шӯро
зи ақсои ҳама дунё
он ҷигарбандони ҷонбози ҷаҳонро,
ҳомилони дӯстии ҷовидонро,
қитъа-қитъа бурда бар шаш қитъаи олам
орзуи модаронро,
довариҳои замонро;
он ҷигарбандони анбози ҷаҳонро,

1. Тӯморе, ки барои ёфтани моли гумшуда ва эмин мондани он нависанд.

ки ба ҳар ҷо пораи дил,
пораи ҷон мондаанд,
пораи ихлосу имон мондаанд.
Нақши пою нақши дасту нақши ном,
нақши давру нақши парвози хирад
дар замин,
дар авҷи кайҳон мондаанд.

Кӯрхат бинвис, ало мавлои Вақт,
ки биёбад одамӣ гумкардаҳои хештанро!
15.3.1985

* * *

Хонаат чунки дар лаби дарёст,
Ҳар саҳар бинӣ рӯи дарёро.
Хонӣ аз хатти печ-печи мавҷ
Номаи орзуи дарёро.

Ҳар саҳар рӯй шӯӣ дар дарё,
Нӯки мӯят дар об ҳалқа занад.
Мавҷи бетоб баҳри побӯсат
Бо ҳазор изтироб ҳалқа занад.

Бинӣ ҳар субҳ: гӯиё дарё
Чун ту дорад шитоб ҷониби кор.
Кори ту якнавохту якранг,
Кори дарёст лек нотакрор...

Мезанад мавҷу меравад дарё,
Аз дари хонаат шабу рӯзон.
Дили дарёст сарду гилбаста,
Дили ту пур зи оташи сӯзон.

Ончунон оташе, ки то боқист,
Ҳеҷ дарё наметавонад кушт.
Ончунон оташе, ки бо сад қасд
Балки дунё наметавонад кушт.

Баски ҳар лаҳзае ту мебинӣ
Латмаи мавҷу тоқати соҳил.
Баски медонӣ дар лаби дарё
Қадри дарёву қадри дарёдил...

Мезанад мавҷу меравад дарё,
Соҳили чап аз ӯву соҳили рост.
Мисли дарё яқин намемирад
Зиндагӣ кард ҳар кӣ бо дили рост.

Ишқ ҳам филмасал агар дарёст,
Мисли дарё варо ду соҳил нест.
Ташнаю бенасиб дар соҳил
Он бимонад, ки ошиқи дил нест.

Ошиқи дил тавонӣ он гаҳ буд,
Ки ба қадри маоли дил бирасӣ,
Чун табибе ба бистари бемор
Ба ҷавоби суоли дил бирасӣ...

Хоҳамат ишқ – ишқи дарёе,
Ки ба дарё ҷунун биёмӯзад.
Хоҳамат бахт – бахти яктое,
Ки дили зиндагӣ биафрӯзад.

Хона дорӣ чу дар лаби дарё,
Рӯзгорат ба сони дарё бод.
Эман аз ҳилаи инонгирон
Ишқи ту ҳаминони дарё бод!
20.4.1985

## ЗИНДАГӢ (4)

Зиндагӣ хуршед дар боми ман аст,
Зиндагӣ маҳтоб дар шоми ман аст.
Зиндагӣ ёри гуландоми ман аст,
Зиндагӣ Хайёми айёми ман аст.

Гар набошад номам аз номи Ватан,
Гар набошад хилқати ман сохтан,
Гар насӯзам дар ғами шеъру сухан,
Зиндагӣ андешаи хоми ман аст.

Эй умеди зиндаи дил, зинда бош!
Эй гули ишқи ҷавон, пурханда бош!
Дар мани миранда сад оянда бош!
Зиндагӣ парвози пайғоми ман аст.

Гар набошад ишқи ту дар синаам,
Гар набошад ёди ту ганҷинаам,
Гар набошад чашми ту ойинаам,
Зиндагӣ нафрину дашноми ман аст.

Гар набошад ишқи ту пайдои дил,
Чист дунё бе ғами дунёи дил?
Бе тую бе ишқи ту? Эй вои дил!
Зиндагӣ зиндони ман, доми ман аст.

Карда ишқи ту ба дунё ошиқам,
Бо ғами имрӯзу фардо ошиқам,
Аз замин то осмонҳо ошиқам,
Зиндагӣ сарҷӯши илҳоми ман аст.

То туро мебинаму дил равшан аст,
Барзахи дӯзах бароям маъман аст,
То насиби ман туро бӯсидан аст,
Зиндагӣ гулчини инъоми ман аст.

Ошиқӣ ҳам санъати фарзонаҳост,
Ҳар кӣ худро ёфт, алҳақ бефаност.
То дилам лабрез аз сӯзу навост,
Зиндагӣ осори иқдоми ман аст.

Зиндагӣ бе мо раҳи берафтуост,
Зиндагӣ бе мо шаби беинтиҳост.
Зиндагӣ бе ишқ сад дарду балост,
Зиндагӣ коми тую коми ман аст.

Зиндагӣ гулшираи ҷоми ман аст,
Зиндагӣ орому пидроми ман аст.
Гарчи ҳам оғозу анҷоми ман аст,
Зиндагӣ хушном аз номи ман аст!

25.5.1985

## ГИРЯИ ХОҲАР
## БАР МАРГИ ДОДАРИ АСКАРАШ[1]

Рафтӣ сари дӯшат камон
Бо сад хаёлу сад гумон.
Баргашт модар аз гусел
Аз марзи Афғон бо фиғон.

Дар хонаи чашми падар
Монд охирин дидори ту.
Дар чашми модар хона кард
Симои кӯдаквори ту.

Рафтӣ, нигоҳат сӯяшон
Лаб зери дандон гиҷу мот,
Аз он тараф бӯи аҷал
Аз ин тараф бӯи ҳаёт...

Рафтӣ, ба каф ҷони ҷавон,
Он сӯи Ому – сангарат.
Рафтӣ, ки бошад пуштбон
Ин сӯи Ому кишварат.

Рафтӣ, ки ой қаҳрамон,
Бар қасди хашми душманон,
Рафтӣ ҷавон, аммо чӣ сон
Баргаштӣ сӯи хонадон?

Сандуқи сина ғарқи хун,
Дар сандуқ омад пайкарат.
Сандуқи ту дарбаста буд
Монанди чашмони сарат.

Нашнида бӯе ҳам зи ишқ,
Ногаҳ шунидӣ бӯи хун.
Аз чашми модар ҷорӣ шуд,
Дарёи ашку ҷӯи хун.

Бо тири душман дар ҷигар
Баргаштӣ, эй ҷону ҷигар.
Чӯкида чун гӯри куҳан
Чашмони гирёни падар...

Мардона рафтӣ сӯи хасм,
Аз сангар, эй марди ҷавон.
Оини марди мардро
Ҷон додию кардӣ ҷавон.

Беном рафтӣ безамон
Дар зикри номи Инқилоб.
То дар ҷаҳон ҷарён кунад
Рӯди давоми Инқилоб.

Рафтӣ ба роҳи пурхатар
Аз марги ноҳақ бехабар.
То дар ҷавонии замин
Монад ҷавоният асар.

Дар кӯлвори аскарит
Чандин китоби шеър буд,
Гӯё балогардони ту
Ҳар шеъри ботадбир буд.

Аз Шерхон,[2] эй шеърхон,
Бигзаштӣ бо сарбозҳо.
Бигзаштӣ аммо бенафас
Аз дасти рӯбаҳбозҳо.

Бигзаштӣ чун шери жаён
Аз Шерхон дар лаб суруд,
Огаҳ набудӣ заррае
З-афсонаи буду набуд.

Дар хонаи чашми ту буд
Нури сафои зиндагӣ,
Мехостӣ харҷаш кунӣ
Билкул барои зиндагӣ.

1. Бо хоҳиши духтаре аз Кӯлоб дар сӯгвории додараш гуфта будам. – Л.Ш.

2. Шерхон – бандаре дар канори Ому.

Ман бо умеди тӯи ту
Рӯмолчаҳое дӯхтам.
Наъши ту дида, ҷумларо
Дар оташи ғам сӯхтам.

Деҳро ба сар бардоштам:
Ҳайфо, дареғо додарам!
Тармаргакам, тармаргакам,
Во додарам, во додарам...

Аз сад гулат нашкуфта буд
Як гул ба боғи зиндагӣ,
Нафрӯхтӣ андар диле
Як шаб чароғи зиндагӣ.

Нобурда сарбахше зи умр,
Сарро бубахшидӣ ба тир,
Эй навхати нашкуфтадил,
Эй навраси кӯдакзамир.

Ҳаргиз наёяд боварам,
Марги ту, ҷонам, додарам!
Хам шуд зи тири ҳасратат,
Қадди камони модарам.

Ҳаргиз наёяд боварам,
Бар он, ки беҷон хуфтаӣ.
Гоҳо ба пиндорам, ки ту
Пушти арӯсе рафтаӣ.

Рӯи ту пайдо мешавад,
Дар чашми хунафшони ман.
Дигар намехандӣ чаро,
Эй додари хандони ман?

Бо марги ноҳангоми ту
Эй ганҷи дунё, додарам,
Як тӯй кам шуд дар ҷаҳон,
Во додарам, во додарам.

Бо мурдани новақти ту
Мурд орзуҳо, додарам,
Дилпора шуд як наварӯс
Во додарам, во додарам.

Бо мурдани тақдири ту
Як ишқ новарзида мурд.
Дар ҳукми гул рафтӣ зи бод,
Як боди гул ночида мурд.

Мемирам охир аз ғамат
Эй додари хушрӯи ман,
Бе толеи дидори ту
Толеъ нахандад сӯи ман.

Оё сари сабзат чӣ шуд
Бо сад таманно, додарам?
Вой ормони мурдаам,
Во додарам, во додарам.

15.9.1985

## ЧАШМАИ ШОИР

Ҳеҷ донӣ ба Худгифи Соя[1]
Чашмае ҳаст – Чашмаи шоир.
Номи зебост, номи рӯҳангез,
Рӯҳи касро навозад он охир.

– Лек афсӯс, – худгифие гуфт:
Ҷӯши онро касе куҷо дида?
Сар занад навбаҳор агар як рӯз,
Рӯзи дигар бубинӣ хушкида.

Боз гуфто: зи Чашмаи шоир
Лаб ба гуфтор нокушудан беҳ.
Чашмае мисли он агар бошад,
Шоире мисли он набудан беҳ...

25.12.1985

## ҶОНИ МАСЧОҲӢ

Нуктае бояд бигӯям бар касе огоҳ нест:
Сахтҷонтар дар ҷаҳон аз мардуми Масчоҳ нест.

Дар дили чешил[2] бирӯёнад насиби хештан,
Хок гардад дар баҳои як кафи хоки Ватан.

Эй басо «ҷӯи муаллақ» сохта – валлонаҳо,
То бирӯянд аз замири шахзаминҳо донаҳо.

Чашмаи байт аст ҳар сарчашмаи саршори ӯ,
Лаб занад рӯди Зарафшон гӯӣ аз ашъори ӯ.

Қурси нонаш хирмани моҳ асту қурси офтоб,
Дар кафи дасташ бигунҷад ин ҷаҳони хушку об.

Сахт ҳамчун лозури барф асту дарё офарад,
Нарм ҳамчун бӯи вешим асту таскин оварад.

Кам бувад гӯӣ, ки пеши пои меҳмон бедиранг
Гӯсфанде мекушад. На, на, зи роҳи ному нанг

---

1. Деҳае дар Масчоҳи кӯҳна.
2. Чешил – шахчазамин, регзамин.

Пеши пои меҳмони хуб худро мекушад,
Пойандозе ба пош аз пардаи дил мекашад.

Сад ҳазорон бор мемирад ба пои меҳмон
Лек бинӣ зиндатар аз ӯ набошад дар ҷаҳон...

25.12.1985

* * *

Гар ишқи ту намебуд, будам хиҷил зи толеъ,
Гар ишқи ту намебуд, аз худ гусаста будам.
Дидори ту намебуд, дидори зиндагӣ – зишт,
Пайванди ту намебуд, ман дилшикаста будам.

Гар ишқи ту намебуд, ин сина чун биёбон,
На оҳи гул саҳаргаҳ, на бонги булбуле дошт.
Гар ишқи ту намебуд, ин дил чу кӯҳи мағрур
Пурганҷ буд, аммо дар худ таҳаммуле дошт.

Гар ишқи ту намебуд, будам зи худ пушаймон,
Гар ишқи ту намебуд, умрам пур аз гунаҳ буд,
Гар кӯи ту намебуд, бероҳа буд дунё,
Гар рӯи ту намебуд, рӯи ҷаҳон сияҳ буд.

Гар чашми ту намебуд, чашми замона бенур,
Гар зулфи ту намебуд, аз мӯй кай мадад буд.
Шӯри ғамат намебуд, шеърам намак намедошт,
Ёди рухат намебуд, худ зиндагӣ чӣ бад буд.

Гар ишқи ту намебуд, ман беситора будам,
Ҳарчанд дарду доғат аз ман ҷудо набуданд.
Оғӯши ту намебуд, ман дар канора будам,
Ғамҳои ту намебуд, ин шеърҳо набуданд...

1986

* * *

Дар буттаҳои гул нашкуфта ғунчаест,
Дар нӯки шохҳо баргест вопасин.
Нашкуфта меравад он ғунча аз ҷаҳон,
Он барг мефитад рухзард бар замин.

Дар боғи тирамаҳ ҳузни димоғсӯз,
Ҷуз зардии хазон нақшу нигор нест.
Аз хашхаши хазон ояд навои дард,
Дар боғи тирамаҳ атри баҳор нест.

Бар фарши пурхазон бигзорӣ чун қадам,
Ҳар барг зери по афсӯс мехурад,
Яъне ки одамӣ аз созу барги умр
Рӯзе ки бигзарад, барге намебарад.

Холист дашту кӯҳ аз оҳи ошиқон,
Гӯё ки тирамаҳ ноошиқона аст.
Дилсардие агар дар ишқ кора кард,
Дамсардии хазон ӯро баҳона аст.

Дар чор фасли сол ошиқтарам ба ӯ,
Ин ҳам гуноҳи ман, ҳам бегуноҳияст.
Кай тарсад аз хазон ин ишқи бехазон
Чун ибтидои ӯ худ тирамоҳияст.

1986

* * *

Дастро то осмон бардошта,
Ё фурӯ кӯбида бар минбар батардид
Нутқ мекардӣ чунон буррою гиро,
Ки дару девори маҷлисгоҳ меларзид.

Сомеон бишнидаву каф мезаданд,
Нутқи тӯлонию гӯё оташинат.
Ҷумлаҳои қолабиятро шунида
Ҷумла мегуфтанд аҳсант, офаринат.

Карда ангушти ишорат сӯи мардум
Пушти ҳам мечидӣ як милён санад,
То кунӣ тасхир ақли халқро
Халқ дар бахри санад раҳгум занад.

1986

## ПЛОН

*(Мазҳака)*

Чӣ давроне, чӣ айёме
Ба дарё ҳам плон додем,
Ба кӯҳҳо ҳам плон додем,
Ба саҳро ҳам плон додем.

Плон бар барфу борон ҳам,
Плон бар бешазорон ҳам,
Плон бар обшорон ҳам,
Плон бар беқаророн ҳам.

Ба ҷоҳил ҳам плони кор,
Ба оқил ҳам плони кор,
Ба шоир ҳам плони кор,
Ба шофир ҳам плони кор.

Ба ҳар санге, ба ҳар ранге,
Ба ҳар кӯҳе, ба ҳар коҳе,
Ба ҳар роҳе, ба ҳар чоҳе плон додӣ.
Валекин умри одам бе плон аст.

1986

* * *

Ба он рӯю ба он мӯю ба он чашм
Ту бояд мешудӣ ҳамсуҳбати ман.
Ба он ҳусне, ки беҳ аз шеъри олист,
Ту бояд мешудӣ ҳамқисмати ман.

Ту бояд медавидӣ ҳамраҳи ман
Зи дунболи ҳавасҳои фиребо.
Ту бояд мепаридӣ чун фаришта
Зи дунболи хаёлам то фалакҳо.

Агар ёри дилам мебудӣ, шояд
Дили маъсуми ман расво намешуд.
Ту мебудӣ агар, андар сурудам
Чунин сенуқтаҳо пайдо намешуд.

Агар андар дилам ҷои ту холист,
Чунон холист ҷоят дар сурудам –
Ба ҷои номи ту дар дафтари хеш
Басо сенуқтаи мубҳам фузудам.

Агар ёри дилам мебудӣ, шояд
Ту пур мекардӣ он сенуқтаҳоро.
Сурудам дуртар парвоз мекард
Мунаввар карда паҳнои фазоро...

Ту бояд мешудӣ ҳамхонаи ман,
Зи хотир бори хотир мегирифтӣ.
Ба он ҳусну ба он эҳсоси лабрез
Ту бояд ёри шоир мегирифтӣ...

1986

* * *

Хобҳои ману ту ковиши дил,
Хобҳои ману ту бедорист.
Баски дилдории мо буд чу хоб,
Хоби мо ёде аз он дилдорист.

Мекушандам ба дусад тиру камон
Дар шабе, дур зи чашми рӯзе.
Баҳри ту ҷони маро месӯзанд
Дар баҳои ҳама ин ҷонсӯзӣ.

Гоҳ дар хоб ба ёди рухи ту
Ашкборон зи ғами дилгирам.
Гоҳ баҳри ту чу як ошиқи пок
Дар раҳи аҳду вафо мемирам.

Лек чун субҳ дамад, мебинам,
Ки ҳамон дур зи оғӯши туам.
Дар миёни ҳама ин дорумадор
Бо ҳама дард фаромӯши туам.

Бо вуҷуди ҳама ин медонам,
Ки муҳаббат гули ночидаи мост.
Он чи дар хоб шабон мебинем,
Ҳиссаи қисмати нодидаи мост...

1986

* * *

Баъди он шаб,
Он шаби дидори бахт
Зиндагӣ озодарӯтар шуд маро,
Дӯстрӯтар, содарӯтар шуд маро.
Одамон дар чашми ман дигар шуданд,
Гӯиё садчанд зеботар шуданд.

Баъди он шаб,
Он шаби сӯзу гудоз
Дар дили ман гӯшае обод шуд,
Дар вуҷудам маъбаде бунёд шуд.
Ончунон ки бишнавӣ дар қитъае
Давлате аз инҳисор озод шуд.

Баъди он шаб,
Он шаби афсонаранг
Тоза шуд афсонаҳои ошиқӣ,
Гӯӣ олам пур шуд аз эъҷози ман.
Гӯиё парвоз дорам дар фазо
Бо ту, эй ҳамболу ҳампарвози ман.

Баъди он шаб,
Он шаби арзи ниёз
Гӯиё дил ёфт истиқлоли хеш.
Ишқро гӯё ҷаҳоне тоза шуд.
Гӯиё дар он ҷаҳони пурбаҳор
Номи ман бо номи ту овоза шуд.

Баъди он шаб,
Он шаби васлу видоъ
Ларзаи ҳар савт дар гӯши дилам
Шеваи нарми ғазалхонии туст.
Ларзаи ҳар барг дар шохи дарахт
Ҷониби ман дастафшонии туст...

1986

## ТАЛОҚИ МАРЗИЧ

I

Ярч чун сели бало
Субҳдам деҳро фурӯ бурд.
Деҳаи хобида ҷовидон бихобид.
Бонги мурғе барнаёмад он саҳар
Бар сари деҳ нури субҳонӣ натобид.

Сахраҳо,
Харсангҳои ярч
Худ ба худ санги мазори деҳ шуданд.
Деҳаро бистурда аз ёди замин,
Гӯиё худ ёдгори деҳ шуданд.

Ёд меоранд пирон:
Гӯиё аз зери ярч
Нолае бар гӯш меояд ҳанӯз,
Нолаи ҷонкоҳи овози гирифта,
Нолаи талхи ҷигарсӯз.

Нолаи кӣ, нолаи ҷонсӯзи кист?
Нолаи ё модаре ё шоире –
Модаре, ки аз фишори ярчи бераҳм
Тифлро дар раҳми худ афшурду кушт,
Шоире, ки мурд дар лаб байтҳои нодире...

II

Қад-қади дарё биёй, ногаҳон бинӣ
Меравад дар коми сангистон Зарафшон,
Мешавад аз дида пинҳон.
Гӯӣ шарёни Куҳистон аз тапидан
лаҳзае монад фурӯ,
Гӯӣ фарёди Куҳистон танг монад дар гулӯ.
Гӯӣ як дам бишканад чилтори шӯрангези
машшоқи бузург,
Гӯӣ зиндонӣ шавад як лаҳза оҳанги сутург,
Гӯӣ як дам ром гардад шӯриши ромишгаре,
Гӯӣ гиранд аз гулӯи шеъри вологавҳаре
Ё шоири исёнгаре...

Лек поинтар бубинӣ
Аз зиҳи дандонаҳои сангҳо
Метаровад, медамад, меҷӯшад, исён мекунад,
Боз бар худ омада, мастона ҷарён мекунад.
Мешавад озод аз тазйиқи зиндон
Мутриби базми Куҳистон,
Шоири оташпарастон...

29.1.1986

## ХАЙЁМ ДАР ҚАЪРИ УҚЁНУС

*Олимони Амрико ва Фаронса сафинаи мусофиркаши амрикоӣ «Титаник»-ро, ки зимни сафари нахустинаш дар Атлантикаи Шимолӣ ғарқ шуда буд, аз қаъри чаҳорҳазорметраи уқёнус пайдо карданд. Миёни сандуқҳои пур аз ҷавоҳироти киштӣ дар як сандуқи фӯлодӣ тарҷумаи «Рубоиёт»-и Умари Хайём низ будааст...*

Сафина ғарқи дарё шуд.
Даруни он сафина як сафина –
Рубоиёти шӯрангези Хайёми суханвар буд –
Сафина дар сафина ғарқи дарё шуд.

Рубоиёти дунёгир дарёгир шуд, зеро
Дили Хайём андар синаи дарё
Тапидан дошт бо амвоҷи афкораш,
Тапидан дошт бо амвоҷи асрораш.

Чу ҳамзоданд аз рӯзи бино баҳру дили шоир,
Дили дарёи шоир
Ҳамнаво шуд бо дили дарё.
Ду дарё гӯиё андар канори ҳамдигар буданд
Яке дарёи маъниҳо,
Яке дарёи обиҳо.
Вале дарёи маъниҳо
Фурӯтар буд аз дарёи обиҳо...

Нахустин бор дар арзи вуҷуди хеш
Рубоихон шуд уқёнус.
Рубой хонду тӯфон кард,
Рубой хонду туғён кард,
Зи бас андар ниҳоди ҳар рубой шӯру исён аст,
Зи бас андар бисоти ҳар рубой шӯри инсон аст.

Миёни ганҷҳои бешумора,
Дар ин дарёи нопайдоканора
Беҳ аз сад махзани симу зару сад хирмани
гавҳар
Рубоиёти оламгири Хайём,
Ҳама фитрат,
Ҳама тадбири Хайём
Башорат дода аз пояндагии хеш,
Ба қаъри бахр баҳра бурдаанд аз зиндагии хеш.

Ва аз шеъру сухан ҳам хости шоир чунин буда,
Ки рӯзе аз Саро то бар Сурайё
Ва ё дар рӯи хоку дар дили дарё
Диле уммеди рӯзи хуштаре ёбад,
Ба даргоҳи дили дунё даре ёбад.
Чу андар чор сатри ҳар рубой
Чор унсур аз азал пайдост,
Чу андар чор сатри ҳар рубой
Чор самти олами паҳност,
Миёни ин ҳама сардаргумиҳо
Зи ҳар сатри рубой зиндагӣ самти раҳе ёбад,
Ва ё андар кушоди мушкилоташ чорае ёбад.
Бад-ин уммед донӣ дар дили пуршӯри уқёнус
Диле гарми тапидан буда беором –
Дили Хайём
Зидди зумраи манҳуси оламсӯз.

30.1.1986

## ТИЛЛОИ БУХОРО

Ба ёд орам чу тиллои Бухороро
дили тиллоиям сад пора мегардад;
сари тиллоиям гиҷ мешавад аз ғам;
вуҷуди хокиям бо хуни тиллодори ҷӯшонаш
ба хоки тира яксон мешавад як дам.

Агарчанде ки хӯрда бас сари сурхе зари сурхаш,
вале шодам,
ки боқӣ аз қатори борбаста аз тилои сурх,
зи тиллои парешон дар ҷаҳон
чун тухми тоҷикон,
зи тиллои ниҳон дар хок
ва ё дар гӯрҳо мадфун;
ва ё бо соҳибони аз ватан рафта
ватангумкардаву сарсон;
ва ё бо соҳибони аз забону асли худ мункир,
ки тилло буда асли мазҳабу имону миллатшон...

Барои тоҷикон як махзани тиллои сармад монд,
барои тоҷикон як ганҷи беҳамтои миллат монд,
ки Айнӣ буду осори кироманд аш
ва миллатпарвариданҳову савгандаш,
ки садҳо сол тоҷикро
дар ин дунёи ҳоҷатманд
ғанӣ медораду дорову давлатманд!

31.1.1986

## ЗАИФ

«Агар дар ҷои ӯ будам, ту медонӣ,
бародарҷон...»
«Агар дар ҷои ту будам, дигарсон
кор мекардам».
«Агар ман ҳам калон будам, ту медонӣ,
ки дар як рӯз...»
«Агар ман чун фалон будам,
чунон рафтор мекардам».

«Агар ман ҷои Фирдавсӣ будам,
аз баъди «Шаҳнома»
Ғазалҳои нишотафзову рӯҳангез мегуфтам».
«Агар дар ҷои Хайёми суханпардоз будам ман,
Ба ҷуз чанде рубой достонҳо низ мегуфтам».

Чунон воменамояд хешро ҳақдору ҷонсӯзе,
Ки гӯӣ ростӣ ҳам метавонад кард иқдоме.
Фарозу шеб дар пеши даҳонаш баски яксон аст,
Ба фарқи пухтагон по мениҳад бо ин ҳама хомӣ.

Ба саҳни бӯстонҳо гоҳ мехоҳад занад чаҳ-чаҳ
Ба ҷои булбули шӯрида ин гунҷишки жӯлида.
Ба ҷои пил мехоҳад кашад борею сарборе
Ба роҳи зиндагӣ ин хаскаши худро насанҷида.

Чунон дандон ба ҳам совида,
мушташро гиреҳ карда,
Ба ҷои дигарон худро гузорад ин сабукандеш,
Ки гӯӣ ҳоли ҳозир мекунад кори худовандӣ,
Ки гӯӣ як худи ӯ баҳри дунё мекашад ташвиш.

Чу умре бурду обу нони мардум хурду
роҳат кард,
Саропо даъвию лоф аст ин зоти заифу гоҷ.
Тамоми умр бистад аз фақирону ҳақирон сов,
Вале боре напардозад ба анбори ҷамоат боҷ.

5.4.1986

## ҶОНИ ХУДУ ҶОНИ ҶАҲОН

*Ба Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ*
*Набӣ Акрамов*

Саҳни мардонагӣ ҳама дунёст,
Азми мардонагӣ дигаргун аст.
Ҷуръати қаҳрамонӣ кампайдост,
Соҳати қаҳрамонӣ афзун аст.

Зиндагӣ имтиҳони ҷовидон,
Дар баҳояш баҳои ҷон гирад.
Қаҳрамон аст ҳар касе, ки дар он
Қаҳрамонӣ наҷуста, мемирад.

Мисли он ошиқе, ки то бошад
Пеши диллдори хеш ҷон дар каф,
Моту мабҳуту сина пур аз сӯз
«Дӯст дорам» нагуфта, хоҳад рафт.

Орзуе, ки қаҳрамон бошанд,
Бештар орзуи тарсуҳост.
Қаҳрамонӣ зи бас бари онон
Худнамоӣ ба назди бонуҳост.

Лек мардони мард дар ҳар ҳол
Пешмаргони разми айёманд.
Қаҳрамонӣ накарда ҳам гузаранд,
Боз ҳам қаҳрамони хушноманд.

Қаҳрамонӣ на дар ҳаёҳуи пуч,
Қаҳрамонӣ дар андарун бошад.
Хориҷ аз ҳадди орзую хаёл,
Хориҷ аз ҳадди озмун бошад.

Орзуе, ки орзуят буд,
Ногаҳон рӯ ба рӯт меояд.
Бирабудан агар натонӣ зуд,
Оҷизии туро набахшояд.

Лаҳзае, ки зи ҷовидон бар ту
Мерасад то ба ҷовидон бирасӣ;
Лаҳзае, ки зи ҳифзи як каф хок
Ба дифои ҳама ҷаҳон бирасӣ;

Дар давоми тамоми умри кас
Боре эҳдо шавад ва ё нашавад.
Боз ин лаҳза иттифоқ афтад,
Лек шояд туро раво нашавад.

Лаҳзае, лаҳзае, ки месозад
Аз туи хокӣ фарди афлокӣ.
Зарраи ҷони ту кунад эҷод
Олами пурдилию бебокӣ.

Лаҳзае, ки намегузорӣ фарқ
Хоки хеш аст ё ки бегона,
Хок гардӣ барои хоки ҷаҳон
Шермардона, қаҳрамонона.

...Дар сари Ҳиндукуш касе фахрид,
Дар буни Ҳиндукуш забун афтод.
Ҳар касе хор кард оташро
Ҳамчу хор оташ – андарун афтод.

Пеши ту омаду сипар афканд
Ҳар кӣ бар Инқилоб душман нест.
Домани Ҳиндукуш агар хун шуд,
Ҳиндукушро вуболи куштан нест...

7.4.1986

## ЗАБОНГУМКАРДА

Ҳар кӣ дорад дар ҷаҳон гумкардае,
Дар замину дар замон гумкардае.
Ин нишон гумкардаеву дигаре
Хештанро бенишон гумкардае.

Ин яке бахти ҷавон гум кардааст,
Дигаре ганҷи равон гум кардааст.
Ин яке гар ними нон гум кардааст,
Дигаре ними ҷаҳон гум кардааст.

Ин яке ҷону ҷигар гум кардааст,
Он яке шӯру шарар гум кардааст.
Ин яке гум карда гар моли падар,
Дигаре панди падар гум кардааст.

Гар яке бому дарe гум кардааст,
Дигаре ному фаре гум кардааст.
Он забони ҳамдилӣ гум кардааст,
Ин забони модарӣ гум кардааст.

Аз тамоми ину он гумкардагон
Зиштрӯтар нест дар рӯи ҷаҳон
З-он ки гум карда забони модарӣ,
Ҳарф гӯяд бо ту бо чандин забон.

Бок не, гар доварӣ гум кардааст
Ё умеди сарварӣ гум кардааст.
Заҳр бодо шири модар бар касе,
К-ӯ забони модарӣ гум кардааст.

Он яке қадри сухангумкардае,
Дигаре боғу чамангумкардае.
Аз забонимодаригумкарда лек
Мерасад рӯзе ватангумкардае...

4.5.1986

## САДБАРГ

Гули садбарг меорӣ ту ҳар субҳ,
Ба гулдон мегузорӣ шодмона.
Латифу содаӣ худ мисли садбарг,
Дилат чун шохаи гул пурҷавона.

Гули садбарг меорӣ ту ҳар субҳ,
Ки дунё қимати як барги он нест.
Агарчанде ки аз гулзори дунё
Барои ман гули рӯи ту кофист.

Гули садбарг меорӣ ту ҳар субҳ,
На аз гулзор, аз гулзори дидор.
Гули рӯи туро хоҳам шукуфо
Ман аз гулхонаи додори додор.

Гули садбарг меорӣ ту ҳар субҳ,
Маро вомераҳонӣ аз ғами марг.
Зи сад гул як гулат бишкуфта бошад
Ба сони он ҳама сад барги садбарг.

30.5.1986

* * *

Пеши ман омад ба арза,
Чун бидидам, ки асабҳояш заифанд,
Содатар кардам суолам:
«Ку, чӣ хидмат?»
Гуфт: «Ман хеши худоям,
мушкиле дорам, ки осонаш кунӣ».
Хира мондам,
Хирам мондам з-он ки дар ҷои худо
Бандаи хокӣ чӣ имдоде тавонад кард.
Гуфтамаш:
«Хеши худо бошӣ, бирав пеши худо».
Гуфт: «Медонӣ, худо хешӣ надорад».
Боз ҳам ман хира мондам,
Хира мондам з-он ки мо –
Ду бандаи хокӣ
Дар ҷавоби як суол
Оҷизем аз бахри ҳамдигар
Ба ҷои як худо...

14.8.1986

## МИҚДОРИ ОДАМ

Панҷ милярд одами ошуфтаҷон
Зиндагӣ дорад ба зери осмон.
Наҳси Кайвон бас набуд, ки боз ӯ
Бими ҷон дорад зи «ҷанги ахтарон»?

Мефизояд насли одам дам ба дам
Дар замини орзуҳои баланд.
Мефизояд дастёзиҳои вай
Дар фазои ҷустуҷӯҳои баланд.

Лек ҳайронам, ки бо халлоқияш
Дар гили ҳастии худ дармондааст.
Мепарад гар з-остон то осмон,
Боз дар пастии худ дармондааст...

Сахт ҳайронам, ки аз чӣ дар ҷаҳон
Фитрати сартосарӣ кам мешавад?
Тухми одам мешавад афзун, вале
Одаму одамгарӣ кам мешавад?

Сахт ҳайронам, ки аз чӣ ҳар замон
Тангтар гирад варо паргори ӯ?
Ҳар қадар миқдораш афзунтар шавад,
Он қадар камтар шавад миқдори ӯ?

12.11.1986

## ПАНҶАҲОИ БОРБАД

*«Устоди агонӣ ва нагамот Борбад ба созу навои хеш Эронзаминро бар халифаҳои аъроб шӯр ангезонид, чун ин қасдаш натиҷа надод, панҷаҳои ҳазордастонашро бибурид ва сози барбаташро оташ зад».*

*Аз «Китоб-ут-тоҷ»*

Чӣ суд аз дасти ман, гар нашканад
дастони ғосибро?
Чӣ суд аз захмаи ман, гар ба захми халқ
марҳам нест?
Чӣ суд аз панҷаи ман, то натобад панҷаи золим?
Чӣ суд аз нағмаи ман, то ба дарди халқ
ҳамдам нест?

Ало мардум,
Ман аз дарди шумо зодам,
Ман аз ёди шумо зодам,
Ман аз хоки тапишҳои шумо рустам,
Зи бунёди шумо зодам.
Агар ман Борбад бошам,
Ба ҷои орзуҳои ҷаҳонзоди шумо зодам.

Вале имрӯз,
Рӯзе, ки шумову ман ҳама дар панҷаи ағёр
мепечем,

Аҷам хоҳад таҳи дори аҷал шуд,
Аҷам хоҳад гирифтори адам шуд,
Вой бар ҳоли аҷамбошон!

Намедонам,
валекин косаи удам ҳамегӯяд,
ки садҳо сол андар косаи сарҳоятон томот
меҷӯшад,
Дигар, савганд бо номи бузургони Аҷам,
Касе аз косаи барбат
бароҳат косаи шарбат наменӯшад.
Дигар аз гӯши уди ман намеояд
Хурӯши тору пуди мо.
Дигар бар гардани Эрон намепечад
Батар аз мор гардони суруди мо.
Дигар дар коми ҷаҳлу кӯрӣ хоҳад буд
Замини бошу буди мо.
Ало мардум,
Маро шириннафас хондед,
Маро ширинадо хондед.
Агар шириннафас бошам,
Чаро дар рӯзи талху дар ано ҳастед?
Агар ширинадо бошам,
Чаро обу адо ҳастед?

Агар шириннафас бошам, фидои он нафасҳоям,
Ки нагзоранд дар мулки Аҷам
мискину танҳоям.
Агар ширинаво бошам, навои миллати хешам,
Агар ширинадо бошам, адои миллати хешам!
Мабод он рӯз, то аз қавмдони худ ҷудо бошам,
Навои бенаво бошам...

Ба зери осмонҳо
Сар ба каф бигзошта бехешу дилрешам,
Сари ин мушкила ҳар дам биандешам:
Чӣ суд аз шуълаи овози ман,
Гар оташи исёни мардумро наафрӯзад?

Чӣ суд аз пардаи торам,
агар аз рӯи аъдо пардаи ҳилат набардорад?
Чӣ аз тарзахмаам суде,
ки меҳру эътиқоди халқ хушкидаст?
Чӣ аз ромишгариям суд,
гар як лаҳза оромиш надорад мулк?
Чӣ аз хунёгариям суд,
гар хуни нажодам бар ҳадар резад?

Ағониҳои ман суде нахоҳад дошт
То дуди фиғони халқ мепечад ба гардунҳо,
Ки гаҳвори «Авасто»-ро
Тасаллут мекунанд оворагони дашту ҳомунҳо.

Агар фарёди ман фарёдрас пайдо нахоҳад кард,
агар овози ман дар зодбуми дилнавози ман
надорад як ҳамовозе,
Яқин дорад,
Аҷам з-ин баъд дар каф бод хоҳад буд,
Ватан сайронгаҳи бедод хоҳад буд...

Агар аз барбати ман зарбати қотеъ
ба душман нест,
Гар ангушти маро нирӯи бозуи Таҳамтан нест,
Чӣ нирӯе далелам мешавад бар сеҳру эъҷозе?
Чӣ ҷодуе далелам мешавад бар пардапардозӣ?
Агар дар савти ман оҳанги сатват нест,
Агар дар ҳанҷара-м тезии ханҷар нест,
Агар шеъру тарона дар ҷаҳони бекарона
Паи ободию озодии абнои кишвар нест,
Гузаштам аз чунин санъат,
Ки лаънат бар чунин санъат...

Ало, як идда Салмонҳо,
Шумо танҳо барои хештан ҳастед,
Куҷо бахри Ватан ҳастед???
Ватан бахри шумо як ҷойгоҳи хурдану хоб аст,
«Шароб асту кабоб асту рубоб аст».
Вале рӯзе чу аз ман ёд меоред,
(Агар инсофатон бошад!)
Ватан бо чеҳраи раббонии хеш,
Ватан бо ҷазбаи кайҳонии хеш
Беҳ аз сад масҷиду меҳроби аъроб аст...

Пас аз ман баъд мефаҳмед:
Ватанро дар раҳи диноварӣ ҳарвонагаҳ кардед,
Аҷамро рӯсияҳ кардед...

Замоне ёд меоред аз ман
ва аз ангуштҳои ханҷари навмедӣ бибрида
ва ҳам аз барбати дар оташи навмедӣ сӯзида;
Замоне ёд меоред аз ман,
Ки аз дарди Аҷам дар бекаронҳо
Навои Борбад барбод гардида...

10.12.1986

## ЭЙ ОБШОР

Эй обшор!
Духтари гирёни кӯҳсор
Мурдаст ошиқат магар, фарёд мекунӣ?
Мӯят парешу қоматат ларзону хамзада,
З-оғози чашмаҳот магар ёд мекунӣ?

Ё кӯҳро зи дарди худ огоҳ мекунӣ?
Ё ашки кӯҳро ба дили хок мебарӣ?
Гумкардаҳои хешро меҷӯӣ мисли мо,
Ё бар гузашти зиндагӣ афсӯс мехурӣ?

Ҳар санг бар шикоятат овоз медиҳад,
Аз нолаҳои ту дили санг об мешавад.
Аз сангҳо ба сангҳо бархурда ашки ту
Бетобу беқарор чу симоб мешавад.

Доманкашону дилкашол аз қуллаҳои кӯҳ
В-аз чашмаҳо ҷудо шуда, сарзер меравӣ.
Фарзанди кӯҳҳои баландиву оқибат
Сӯи нишеб аз паи тақдир меравӣ.

Эй обшор, ғам махур, он чашмаҳои ноб –
Он чашмаҳои муждарасон ҷовидонаанд.
Сарзер меравӣ, машав аз хеш ноумед,
Он кӯҳҳои пиру ҷавон ҷовидонаанд!

1987

* * *

Эй Табиат!
Рӯзи дафнам
Боз як он зиндаам кун,
То бидонам, дӯстонам дар чӣ ҳоланд,
То бигӯям, дар азои ман наноланд.

Як назар то бинам, аз аъдои ман
Кист дар худ шодмон аз мурдани аъзои ман.
Бингарам, аз душманонам
Кист ҳозир дар сари тобуту мегиряд зи шодӣ
–
Заҳрханде баҳри ӯ тақдим созам,
В-аз сари тобути худ дураш биронам...

Бори дигар бингарам бар чашми ёрам,
Пас равам осуда бар кунҷи мазорам...

1987

* * *

Он чунон гоҳ меравам аз худ,
Ки замину замон намедонам.
Он қадар гаҳ ба хеш меоям,
К-аз ҳама бехудӣ пушаймонам.

Яктана ҷанг мекунам бо даҳр
Дар ҷаҳони тафаккуру розам.
Мезанам дод, мекунам фарёд,
Бесадо бо тамоми овозам.

Ман хамӯшам, валек метаркам
Ҳамчу санге зи гармии хуршед.
Чун замин гоҳ-гоҳ меҷунбам,
Мекунам сӯи ғофилон таҳдид,

Ки ман он қадр нестам хомӯш,
Ки ман он қадр нестам хунсард,
Гар маро дидаед бемиқдор,
Нестам беҳамияту бедард!

Зиндагӣ – корзори суду зиён,
Ҷанги рӯҳу мазоқу афкор аст.
Дар назар ҷумла зиндаанд, вале
Эй аҷаб, нимкушта бисёр аст.

Бехабар бар набардгоҳи ӯ
Омадам бесилоҳу беиспар.
Будам он қадр пурдилу мағрур,
Будам он сон ҷавони худбовар.

Рӯз аз рӯз лек мебинам,
Ки маро зиндагӣ муназзаҳ кард,
Ки маро бо худам шиносонид,
Аз сиёҳу сафед огаҳ кард.

Булфузуле чу бенишонам хонд,
Шуд намудортар нишонаи ман.
Аблаҳе гар даричаам бишкаст,
Тозатар шуд ҳавои хонаи ман.

Ман дар ин корзори бедовар
Аз касе ҳеҷ гаҳ наметарсам.
Меравам, меравам ба сад оҳанг,
Аз хаму печи раҳ наметарсам.

Аз тунукмоягон надорам бок,
Гарчи сад тири кинаам бирасад,
Ман зи теғи забони худ тарсам,
Ки мабодо ба синаам бирасад.

З-оташи пурзабонаи дили худ
Гаҳ ба ҳоли пареш метарсам.
Ман фақат дар ҷаҳони пурошӯб
Ростиро, зи хеш метарсам...

1987

* * *

Ман ки мурдам, ба рӯи турбати ман
Нутқҳои дароз кам гӯед.
Монда айнак ба чашму аз коғаз
Шарҳи сӯзу гудоз кам гӯед.

Чун бигӯед бо забони дароз
«Дар дили мост зинда ҷовидон...
Мурд Лоиқ, валек ашъораш
Зинда монад, ҳаме забон ба забон...»

Андаке сабр! Нек андешед!
Ки шумо худ дилу забон доред?
Як таҳаммул кунед бекоғаз,
Ки шумо худ магар нишон доред?

Чист бонги баландгӯи гунг,
Чун забони ман аз сухан монад.
Зиндаи ҷовидон? Чи варсоқист!
Он суханҳо кай аз даҳан монад?

Чанбари гул ба рӯи турбати ман
Нӯшдорую марги Суҳроб аст.
Дар дили ман чаман-чаман пажмурд
Чанбаре, ки ҳанӯз шодоб аст.

Аз дурӯғи шумо дилам бигрифт,
Бандаро кушт ваъдаҳои дурӯғ.
Охирин илтимос: дар сари хок
Кам навозед пардаҳои дурӯғ.

Гар бихоҳед розӣ хуспам ман,
В-ар шумо з-одамӣ нишон доред,
Шоироне, ки баъди ман оянд,
Дар сари вақт посашон доред.

Мурдаам ё ки зинда хоҳам буд,
Аз лаби рӯду чашмаҳо пурсед.
Аз ҳама ганҷи синаи кӯҳҳо
Мурдаам ман ва ё шумо, пурсед!

Ман набудам бузургу олитабъ,
Лек чанде ишораҳо кардам.
Нарасидам ба манзили хуршед,
Илтиҷо аз ситораҳо кардам.

Нарасидам агар ба қуллаи кӯҳ,
Пеши ӯ ман суҷуд овардам.
Ахтари нав наёфтам дар шеър,
Дар дилам ҳар чӣ буд, овардам.

Шеър гуфтам на аз барои худам,
То ба қадрам раседу бинвозед.
Шеър гуфтам барои он, ки шумо
Қадри худро дуруст бишносед...

1987

* * *

Дар баҳори сабз мисли рӯи ту
Рӯзи ҷашни шоири машҳур буд,
Ман туро дидам чу шеъри тозае,
Чашмҳои душманонам кӯр буд.

Ман туро дидам, ки мебинӣ маро
Дар миёни он ҳама нодиданӣ.
Ман туро дидам, ки мебахшӣ маро
Он чӣ дорӣ аз ҳама бахшиданӣ...

1987

## ХУШКРӮД

Хушкрӯди зормонда зери гардун!
Соҳилонат як замон пуроб буданд.
Дар дили ту чун фурӯғи зиндагонӣ
Ахтарон дар ҳалқаи маҳтоб буданд.

Бӯсаҳои обдори мавҷҳо
Об медоданд лабҳои туро.
Ахтарон дар шишаи оби зулол
Нур медоданд шабҳои туро.

Рӯи обат обрӯе доштанд
Ошиқон бо дилбарон заврақсавора,
Қаҳқаҳи гулдухтарон чун қаҳқаҳи амвоҷи ту
Мерасид аз ҳар канора.

Хушкрӯди зормонда!
Оби ту аз бар гузашта?
Ё мисоли саргузаштат
Қатра-қатра обҳо аз сар гузашта?

Соҳилонат чордеворанд бекас,
Чордеворе, к-аз он ҷо соҳибонаш кӯч баста.
Монда чун гаҳвораи бетифл он деворҳо
Ёд меоранд аз дидорҳо.

Ҳамчу дарёи дили шоир ту ҳам вақте
Пур аз туғёну тӯфону тарокум будаӣ.
Пур зи ларзиш,
Пур зи шӯриш,
Пур зи ташвишу талотум будаӣ.

Лек акнун
Холӣ мондӣ
Чун дили шоир, ки гуфта шеърҳояшро саросар,
Ҷумла тӯфону талотумҳои дарёи дилашро
Монда дар девону дафтар,
рафт аз ин даҳри дудар...

Хор мондӣ,
Зор мондӣ ҳамчу оғӯши тиҳӣ,
Аз канорат ёр рафта.
Обҳо аз синаи ту
Ҳамчу ашк аз чашми ғамбемор рафта.

Бо лаби хушку дили беишқу оғӯши тиҳӣ
Оҳ мегӯӣ ба сӯи осмон:
Ёд бод он обҳои даргузашта,
Ёд бодо саргузашти аз дилу аз сар гузашта...

Ҳамчу чашме, ки зи гиря
Хушк гашта ашкдонаш,
Ту намегирйӣ,
Вале мегирйӣ аз андӯҳи афзун.
Мешиносам ман туро,
Хушкрӯди зормонда зери гардун!

1987

## ЭЙ ДАРАХТИ БЕЗАБОН

Худ табарро даста бидҳӣ,
То бибуррад решаатро.
Мебурандат,
Мебарандат,
Ин чӣ савдо?
Ин чӣ дунё?

Аз ту месозанд чӯби дорҳо,
Аз ту месозанд чӯби гӯрҳо.

Эй дарахти безабон!
Баргҳо оё забонат нестанд?

1987

* * *

Бо ту будам соате, то умри дигар ёфтам,
Муфлисе будам, ки ногаҳ хирмани зар ёфтам.
Бо ту бикшодам тилисми розҳои сарбамуҳр
Бар ҷаҳони ҳусну зебоии дил дар ёфтам.

Як дам аз чашми бади дунё ниҳон будем мо,
Лаб ба лаб бинҳодаву лабташнагон будем мо.
Дар канори зиндагӣ як дам канор андар канор
Фориғ аз кори ҷаҳон андар ҷаҳон будем мо.

Дасти кӯтаҳ доштам то соиди симини ту,
То чӣ ҷои он, ки хоҳам гӯшаи болини ту.
Метапидам бо умеди бахту мегуфтам ба дил,
Талх бошад зиндагӣ бе хандаи ширини ту.

Ин дами хуш ҳам гузашту боз ҳам хоҳад гузашт,
Умри мо бо ёди ин дам дам ба дам хоҳад гузашт.
Эй басо дарё бихушкад, то бидонад рӯзгор
Мисли мо дарёдиле аз даҳр кам хоҳад гузашт.

1987

* * *

Ташнаам, ташнаи дидори худоёнаи ту,
Ташнаам, ташнаи оғӯши пурафсонаи ту.
Ташнаам бо ҳама девонагию мастии хеш,
То шиносанд маро ошиқи девонаи ту.

Ташнаам дар лаби дарёи дилат, метарсам,
Ки агар об хурам, банди дилам месӯзад.
Ҳар чи наздик туро бинаму дил бикшоям,
Ҷонам он қадр зи дурӣ ба алам месӯзад.

Ташнаам бо ҳама эҳсоси хурӯшони дилам,
Ташнаам, ташнаи эҳсоси таболудаи ту.
Ташнаам бо ҳама аҳволи парешони дилам,
Ташнаам, ташнаи аз ишқ наёсудаи ту...

Ташнаам, ташнаи он чашмаи зебоиву меҳр,
То бадомӯзи лабони ту кунад ташнагиям.
Ташнаам, ташнаи лабҳои чу ман ташнаи ту,
Эй худо, ҳеҷ мабодо шиканад ташнагиям!

1987

* * *

Ту шеъри Саъдӣ мехондию ман рӯи ту медидам,
Ман аз ҳар байти Саъдӣ байти абрӯи ту медидам.
Чу шеъри дард мехондӣ зи ишқу аз шикасти бахт,
Дили худро шикаста дар сари кӯи ту медидам.

Садоят ларзаҳое дошт – рамзи ларзаҳои дил,
Нигоҳат бозгӯ мекард дарди бедавои дил.
Зи дарди бедавои дил ғазал хондию донистам,
Ту ҳам печидаӣ, шукри худо андар балои дил.

Ту медонӣ, ки ман аз мардуми хунсард
дилгирам,
Зи даъвои даҳанмардони худ номард дилгирам.
Ман аз ҳар аҳли дарде, ки бихонад шеър,
меболам,
Зи оҳи бардурӯғи шоири бедард дилгирам.

Ту онӣ, ки тавонӣ бо дили ман ҳамнаво бошӣ,
Балои ҷони ман бошию худ дур аз бало бошӣ.
Ту битвонӣ диламро рӯи каф гирию бинвозӣ,
Агарчанде ба ҳукми сарнавишт
аз ман ҷудо бошӣ.

Туро ман бо ҳама сӯзу навоят дӯст медорам,
Туро ман бо бисоти дардҳоят дӯст медорам.
Бимон бо дардҳои ишқ, то дар сина дил дорӣ,
Туро ман бо дили дардошноят дӯст медорам.
1987

* * *

Боз баъди сафари дуру дароз
Шафақи рӯи туро мебинам.
Боз дар чашми ту бо аҷзу ниёз,
Шарҳи сад чуну чаро мебинам.

Боз месӯзаму месӯзам боз
Пеши ту бо нафаси сӯхтаам.
Мекунам даст ба сӯи ту дароз
Бо дили шӯхи бадомӯхтаам.

Байни ишқи ману ту садде нест,
Лек дар қисмати мо садде ҳаст.
Байни ишқи ману ту ҳадде нест,
Лек дар қисмати мо ҳадде ҳаст.

Лаҳзаи бо ту ҷаҳони дигаре,
Баъд аз он боз ҷаҳон ёди ту аст.
Гар худо дода насибам ҳунаре –
Дидани ҳусни худододи ту аст.

Ман туро аз ғаму шодии ҷаҳон
Бо дили ташнаи худ меҷӯям.
Мешавам баҳри ту сад бор хазон,
Боз чун сабзаи нав мерӯям.

Умри ман мегузарад бетаъхир,
Лек ҷовид ба сад аҷзу ниёз
Рӯҳи норозии ман аз тақдир
Мекунад даст ба сӯи ту дароз...
1987

* * *

Аз миёни кӯчаҳо чун бигзарӣ,
Хонуми зебои атласпираҳан,
Ёдам ояд сарфарозиҳои ту,
Ёдам ояд саргарониҳои ман.

Ошиқат будам, ки дар дил то ҳанӯз
Нағмаҳое дораму шеъру сухан.
Рафтам аз худ, рафтам аз ту бархато,
Дер шуд акнун ба худ боз омадан.

Баъд донистам дар ин шаҳри ғариб
Як ту донӣ қадри парвози баланд.
Як ту донӣ қадри сӯзишҳои дил,
Як ту донӣ қадри эъҷози баланд.

Баъд донистам дар ин шаҳри шариф
Як туӣ дардошнои ҷони ман.
Ман ба сад дил ошиқат будам, дареғ,
Бори дигар дер шуд ошиқ шудан.

Баъд донистам, ки оби рафта рафт,
Хонуми зебои атласпираҳан,
Меравам дар ҳасрати рӯят зи даҳр
Чун ғарибе дар ғами хоки Ватан...
1987

* * *

Ҳар гаҳ аз раҳ гузарӣ, медонам,
Зи раҳи манзили ман мегузарӣ.
Аз тапишҳои дилат мехонам,
Ки зи роҳи дили ман мегузарӣ.

Ҳар гаҳ ошуфтатар аз ман бошӣ,
Дасту по баста, кунӣ исёнҳо,
Бо лаби баставу чашмони фарох
Хонӣ лаънат ба ҳама ҳиҷронҳо.

Дилат он гӯшаи бекас хоҳад,
Ки ту фарёд занӣ сӯи само:
Ҳон, дили гумшудаи ман чун аст?
Ҳон, ман аз умр чӣ мехостамо?

Боз дар хилвати андешаи хеш
Бандӣ уммед ба фардои дигар
Толиби нашъаи нодидаи ишқ,
Ташнаи файзи таманнои дигар.

Ҳар гаҳе сӯи ман ой, бинам:
Дили ошуфтаи ман меояд.
Ҳар гаҳе сӯи ман ой, гӯям:
Шеъри ногуфтаи ман меояд...

1987

* * *

Эй бурҷи хаёлҳои ширин,
Наздик биё, ки даст гирам.
Ё домани ту ба даст орам,
Ё чашм ба сӯи ту бимирам.

Ноҷуста туро, хаёл кардам
Осуда насиби дил хурам ман.
Чун ҷуста наёфтам, аён шуд
Якумр фиреби дил хурам ман.

Сад бор умеди ман туро ёфт,
Сад бор зи кӯтаҳӣ раҳо кард.
Сад бор туро бисохт дар ман,
Сад бор туро зи ман ҷудо кард.

Ман дур зи ту, ту дур аз ман,
Ман мегузарам, ту безаволӣ.
Эй бурҷи муҳаббати фиребо!
Эй бурҷи саодати хаёлӣ!

1987

* * *

Боз дарёву боз кӯҳаи мавҷ
Об мезад ба оташи дили ман.
Боз ҳам шавқу шӯри дарёӣ
Буд баҳри навозиши дили ман.

Баста буданд чашмҳои туро
Бӯсаҳоям чу муҳри Давлати дил.
Ҳар ду будем рӯ ба рӯ бо ишқ,
Чун тамошогарони санъати дил.

Кӯрмаҳтоб дидбонӣ дошт,
Ёлае буд дидбонгоҳаш.
Зиндагӣ чист? Ман нафаҳмидам,
Гар ту фаҳмидаӣ, бигӯ роҳаш...

Ин ҷаҳон чист? Ман надонистам,
Ғайри он ки ту худ ҷаҳони манӣ.

Кистам? Чистам? Худо донад...
Ғайри он, ки ту роздони манӣ.

Ё худо, ҳарфи ман зи дарё буд!
Ту ба дарё нигоҳ мекардӣ.
Ман шукӯҳи гуноҳ меҷустам,
Ту ҳазар аз гуноҳ мекардӣ.

Лаби дарё зи доғи рафтани умр
Шаб ҳама шаб таронахонӣ дошт.
Дар сурудаш, ки бесухан мехонд,
Чистонҳои зиндагонӣ дошт.

Акси фарёди рӯд меомад
Аз талу пуштаю зи ҳар гӯша.
Дар дили рӯд базми анҷум буд,
Дар канораш ситораи қӯша.

Зарҳалӣ буд зи нури маҳ дарё,
Дар нигоҳат ситора меларзид.
Як дами ошиқии мо он шаб
Ба дусад соли умр меарзид.

Дод аз дасти ташнакомии ман!
Дилам аз диданат наёсояд.
Бо чунин ишқ меравам аз даҳр?
Бахудо, боварам намеояд!

1987

* * *

Навбаҳор омад, гули ман,
Бе ту бо борон гиристам.
Бе ту бе ашки намоён
Дар бари ёрон гиристам.

Навбаҳор омад, гули ман,
Шишаи яххо шикастанд.
Дар ҳарими гул ба саҳро
Ошиқон дастобадастанд.

Навбаҳор омад, гули ман,
Гул ба ту бахшиданӣ шуд.
Бо хаёли рӯи сабзат
Рӯи олам диданӣ шуд.

Навбаҳор омад, гули ман,
Дар лаби дарё нишинам.
Бо хаёли чашми дарёт
Хилвати дарё гузинам.

Боз бе ту мисли дарё
Байни ду соҳил гиристам,
Боз бе ту бар гузашта,
Бар худу бар дил гиристам...

1987

* * *

Ҳарчанд дурӣ аз ману аз ошёни ман,
Бо меҳри худ нишастаӣ дар мағзи ҷони ман.
Дар олами хаёлие, эй меҳрубони ман,
Аз дур ҳар нафас маро фарёд мекунӣ.

Ҳар гаҳ, ки сарду бетараф чун санги соҳилам,
Бо рӯҳи варшикастае дар банди мушкилам,
Меоӣ дар хаёламу дар ҷону дар дилам,
Шеъри наве ба дафтарам иншод мекунӣ.

Ҳар гаҳ, ки беилоҷаму ояд бадам зи худ,
Офоқ танг оядам дар арсаи вуҷуд,
Меоӣ чун фариштае аз осмон фуруд,
Як дам маро зи хештан озод мекунӣ.

Дар чашми туст шуълаи тасвири зиндагӣ,
Дар дасти туст санъати тақдири зиндагӣ,
Дар байни ин талотуму тасхири зиндагӣ,
Ёдат ба хайр, гар маро ҳам ёд мекунӣ!

1987

* * *

Ман ба ҳар ҷое, ки рафтам,
Раҳ ба раҳ хондам тарона,
Мондам аз худ як ҳақиқат,
Мондам аз худ як фасона.

Ман ба ҳар ҷое, ки рафтам,
Буд роҳам ҷониби ту.
Ишқи ту буд соҳиби ман
Ишқи ман буд соҳиби ту.

Ман ба ҳар ҷое, ки рафтам,
Будӣ ту дар синаи ман,
Ё чу бахти нақди дастам,
Ё ғами деринаи ман.

Ман ба ҳар ҷое, ки рафтам,
Роҳ сӯи манзилам буд.
Пеш-пеши ман муҳаббат,
Пеш-пеши ман дилам буд...

1987

## УЗРИ ЛАНГ...

Туро ман мешиносам, тухми носабзидаи деҳқон,
Ки мемонӣ ба шеъри носуруда,
Ё насиби норабуда,
Ё умеду орзуи монда дар дил,
Аз талоши зиндагонӣ монда ғофил...

Туро ман мешиносам, хӯшаи помолгардида,
Ба монанди ҳавасҳои ҷавонӣ,
Ба сони ишқи новарзида
Дар як кунҷи дил монда чу ганҷи бостонӣ.

Шуморо мешиносам, чашмаҳое,
ки ба дарёҳо наёмезед,
Ба тӯфонҳо напардозед,
Ба соҳилҳо набистезед.

Шуморо мешиносам, рӯдҳои масти тӯфонҷӯш,
Шуморо ром карданду миёни
соҳили маснӯъи қолабсон
Басо беҷӯшу бешӯру забонбаста равон ҳастед.
Чу шери баста дар занҷир,
Марас[1] бар гардану феъли табиатзоди
худро бурдаед аз ёд.

Шумо, эй рӯдҳои нурзоянда,
Ки месозед равшан роҳҳои дури оянда!
Ҳаметарсам, ки рӯзе соҳибонтон
баҳри шамъе зор хоҳад шуд,
Сари сарчашма охир ташна хоҳад мурд,
Аз ин сарчашмадорӣ худ чӣ хоҳад бурд?

Шумо – дастихуши ин зӯрдастонед,
Ки аз афсунашон гум мешавад афсонаи ҳастӣ.

Шумо – маҳруми асли худ,
Шумо – афгонаи[2] ҳастӣ!

Шуморо мешиносам, сангҳои зерипомонда,
Зи асли худ ҷудо монда!

Агар дасти ҳунарманде шуморо метарошид,
Ба рагҳотон равону рӯҳ мебахшид,
Бузургони ҷаҳони мозию имрӯзро бас буд,
Ки аз як пораи беҷонатон ҷони абад ёбанд...

1. Марас – ресмоне, ки ба гардани ҳайвон банданд.
2. Афгона – сиқти ҷанин, сиқт.

Шуморо мешиносам ҷумла гулҳое,
ки хушбӯеду беҳамто,
Ва чун дӯшизаи зебо
Ва ё мисли ҷавони қобилу доно
Шуморо мекананд аз шох ё аз бех бепарво,
Валекин чун гули беор мерӯянд
ноинсофу нокасҳо...

Шумо, эй барраҳои ҷаъдмӯ,
Зебо чароед?
Ба монанди гули хушбӯ,
Шуморо мекушанд охир!
Шуморо ҷаъдмӯӣ мекушад ё нафси инсонҳо?
Шумо арзандаи онед,
Ки зебоӣ шавад қурбони зебоӣ,
Вагарна чист зебоиву доноиву яктоӣ?

Ҷавонмаргон!
Агарчи талхияшро як дили ҳассоси шоир
мекунад эҳсос,
Валекин зиндагонии шумо як лаҳзаи
бисёр ширин аст
Ва гарчанде ки дида ё надида ин ҷаҳонро,
зуд мемиред,
Ҷавонмаргӣ дар ин дунёи аблақ
расми дерин аст...

Ҷавонмаргон!
Агарчанде наояд заррае имдод аз дастам,
Шуморо мешиносам хубу
ҳамдарди шумо ҳастам!
6.1.1987

* * *

Меомадӣ парида сӯи канори ошиқ,
Аз тирамоҳи дунё сӯи баҳори ошиқ,
Аз интизори ошиқ то ифтихори ошиқ.

Аз хештан бурида меомадӣ ба дида,
Ором ҷуста аз ман дар худ наёрамида,
Эй ғамгусори ошиқ, эй ҷоннисори ошиқ.

Месӯхтӣ, валекин месохтӣ диламро,
Меёфтӣ ба ҳар роҳ бероҳа манзиламро,
Эй чашми роҳдида дар раҳгузори ошиқ.

Ман бо дили шикаста, хуммори ношикаста,
Дар дасти интизорам гулҳои даста-даста,
Мурдам дар интизорат, деринтизори ошиқ.

Эй оташи ҷавонӣ аз як шарори камҷон,
Эй оташи ҷавонӣ – оташ зада ба кайвон,
Як зарра кам накардӣ аз дӯш бори ошиқ.

Рафтию орзуям дар орзуи ту мурд,
Фардои ҷустуҷӯям дар ҷустуҷӯи ту мурд,
Эй беқарори ошиқ – марги қарори ошиқ.

Беранг рафтӣ аз ман, эй орзуи рангин,
Эй ёди ишқи дерин, эй ёди ишқи ширин,
Эй ёдгори ошиқ аз рӯзгори ошиқ!
18.4.1987

* * *

Дар чашми осмоният дидам шарорае,
Гӯӣ шарораи дили пуроташи ман аст.
Дар осмони чашми ту дидам синорае,
Гӯӣ ситораи дили меҳнаткаши ман аст.

Чун дар замин наёфтам ман осмони хеш,
Уммеди осмониям аз чашмҳои туст.
Байни замину осмон вомонда хастадил,
Дидори зиндагониям аз чашмҳои туст.

Ман дида чашмҳои ту, дидам, ки зиндагӣ
Кӯр аст дар баробари ҳусну ҷамоли ту.
Ман аз хаёли шоирӣ бас хаста будаам,
То боз кард шоирам ёду хаёли ту.

Дар кӯчаи тахайюлу пиндорҳои хеш
Ногоҳ ёфтам туро монанди шеъри ноб.
Эй шуълаи хаёлии савдои хоми ман,
Чун офтоб бар ҳама хомии ман битоб!

Дар чашми нилгуни ту ҷустам паноҳи дил,
Дидам, ки чашми зиндагӣ пур нам гирифтааст.
Эй кош, донӣ аз ҳама чашмони дилфиреб
Чашмони нилии туро чашмам гирифтааст.

Маъсуму бевубол чу эҳсоси ошиқӣ,
Дидори хандарези ту андӯҳгин мабод.
Чашмони осмоният бо он нигоҳи пок
Ҳаргиз ниёзманди замону замин мабод!

Ман чашмдори бахти сабз аз чашми сабзи ту,
Ман омадам ба даргаҳи сабзи баҳори ишқ.
Чашмони сабзи ту агар ёде зи ман кунанд,
Дорам умеди ёди сабз аз ёдгори ишқ.

Мо хокиему оқибат бар хок меравем,
Дархостҳои мо зи мо чун дерзитаранд,
Аз ин замини пургунаҳ эй кошки маро
Чашмони осмоният то осмон баранд!

То осмон баранд, ки он ҷо зи хоки паст
Ёбам фарози давлату хуш зиндагӣ кунам.
То осмони чашми ту сар барфарохта,
Дар осмони ишқ сарафкандагӣ кунам!

22.4.1987

## ДАСТИ ХУД

Устоде доштам, ёдаш ба хайр!
Устоди аввалини мактабӣ.
Устоде, ки маро иршод кард
Дар талоши ҳар мураду матлабе.

Устоде буд аз аҳли румуз,
Устоде буд бечуну чаро.
Гарчи ҳоло нуктае дар ёд нест
Аз сабақҳои китобияш маро,

Як сабақ мондаст дар ёдам ҳанӯз
Аз ҳама рамзу ишоратҳои ӯ.
Як киноя, як табассум, як назар
Аз ҳама панду насиҳатҳои ӯ:

Қубҳи кирдори маро ҳар гаҳ чу дид,
Хандарӯ меомад ӯ бар сӯи ман.
Дошта аз банди дасти ростам
Мезад ӯ бо дасти ман бар рӯи ман...

Ӯ ба ман ҳарфе намезад баъд аз он,
Нармрӯ мерафт пушти кори хеш.
То ба худ андешаму мизон кунам
Ҳусну қубҳи хеш аз кирдори хеш.

Устоде доштам, ёдаш ба хайр,
Худҷазоиро ба мо дархост кард.
Рафту андар ин ҷаҳони каҷниҳод
Роҳи моро, дасти моро рост кард.

Баъд аз ӯ дар ҷодаҳои зиндагӣ
Бар муроди хеш ё бар қасди хеш
Баҳри ҳар ҷурму гуноҳи хештан
Бар сари худ мезанам бо дасти хеш.

Устоде доштам, ёдаш ба хайр!
Қатъ кард ӯ роҳи ҷустуҷӯи хеш.
Лек ман то ҳол аз ҳар лағзише
Мезанам бо дасти худ бар рӯи хеш...

29.5.1987

## ГАРДАНАИ АНЗОБ

Дар фарози ағбаи Анзоб биншастам даме чанд,
Ёд кардам одаме чанд, оламе чанд.

Ёд кардам он касонеро, ки дар пастӣ баланданд,
Ҳам касонеро, ки бо сад камбаҳой арҷманданд.

Ёд кардам ҳиммати халқи бузургамро, ки буда
Сахтҷонтар аз тамоми халқҳои озмуда.

Ёд кардам модарамро, модари бечораамро,
Бештар аз пешво бардошта сарбораамро.

Ёд кардам аз падар, аз решаю бунёди хеш,
Зинда кардам мурдагонро боз ҳам дар ёди хеш.

Мурдагон дар ин баландӣ аз гиребонам гирифтанд,
Хокро бар сар заданду боз зери хок хуфтанд.

Ёд кардам мурдагонеро, ки дар ман зиндаанд,
Зиндатар аз зиндагоне, ки зи ман дил кандаанд...

Ёд кардам з-он баландиҳо, ки моро офарида,
Лек подоше надида...

Ёд кардам з-он баландиҳо, ки моро зода, аммо
Дар хиҷолат монда аз мо...

10.8.1987

## ХОНАИ ШОИР

*«Ҳамчунин ба ...(номҳои зиёде)... шоир*
*Лоиқ Шералӣ ғайриқонунӣ хона додаанд...»*
*Маҷаллаи «Огонёк» 14, 1987*

Хонаи қонунӣ надорам ман,
Чунки ман берунам зи қонунҳо.
Хонаи қонуним будӣ, агар
Будаме омада зи берунҳо...

Шоире қонуне намешносад,
Гарчи бошад ҳамеша дар қайде.
Аҳли байташ гурусна ҳам мирад,
Мехурад боз ҳам ғами байте.

Шоирони ғарибу бехона
Дар гузашта чи бас фузун буданд.
Баски буданд дар ғами мардум,
Баски мавлою зуфунун буданд.

Шоирон бас фақиру бекасукӯй,
Балки бегӯру бекафан мурданд,
Лек дар хидмати замон буданд,
Лек дар ҳасрати Ватан мурданд.

Шоире, ки ғами ҷаҳон дорад,
Хонааш ошёнаи дилхост.
Ғами шоир чӣ мехурӣ, эй дун,
Хонаи шоирон ҳама дунёст!

Ханда мегирадам, ки мепурсанд
Одамон вазъи хонаи шоир –
Пеши рӯшон китоби тозаи ӯ,
Дар забоншон таронаи шоир.

Ханда мегирадам, ки механданд
Одамон хонда шеърҳои варо,
Лек аз чист, ки намегирянд
Дида сад дарди бедавои варо?...

Хайр, бошад! Чӣ ҳам тавонӣ кард?
Ин мабодо зи бад батар гардад.
Ин мабодо барои вусъати шеър
Хонаи танг тангтар гардад.

Сабзбахтам, ки зистам ошиқ
Берун аз ҳар фиребу ҳар шайде.
Ҳайф, сад ҳайф, ки наарзиданд
Байтҳоям ба қимати байте...

Лек шодам, ки байтҳо дорам,
Аз ду-се обкӯр боке нест.
Лоиқ ар нестам ба байти шумо,
Дар ягон байти хеш хоҳам зист!

Худ надонам зи кӣ суол кунам,
(Гарчи фарҷоми умри ман дур аст)
Хонаи қонуним агар ин нест,
Хонаи қонуним пас гӯр аст?

20.8.1987

## РӮИ ОДАМҲО

Субҳи ман аз рӯи шамси Ховарон
Хандарӯ бар рӯи олам медамад.
«Рӯи олам дидан одам дидан аст»,[1]
Субҳи ман аз рӯи одам медамад.

Хуб субҳе, гар бубинам рӯи хуб,
Хубиҳои зиндагӣ ёрам шаванд.
Зишт субҳе, гар бубинам рӯи зишт,
Зиштиҳои зиндагӣ борам шаванд...

~ * ~

Субҳ бинам орази бишкуфтаро,
Бишкуфад ҳар орзуи рӯзи ман.
Чун бубинам чеҳраи болидаро,
Бор орад ҷустуҷӯи рӯзи ман.

Ғарқ гардам дар сафедиҳои рӯз,
Гар бубинам рӯи чун дафтар сафед.
Бигзарад рӯзам фарози абрҳо
Бе ғубори ғам сафед андар сафед.

Гар бубинам рӯи бедоғу гуноҳ,
Рӯзи ман бедоғу оҳу бигзарад.
Маҳлиқое рӯ ба рӯ ояд сабоҳ,
Рӯзи ман дар чеҳраи ӯ бигзарад.

~ * ~

Қомати боло бубинам бениёз,
Орзуҳоям ба боло сар кашанд.
Ормонҳои тиҳиоғӯши ман
Зиндагиро тӯ ба тӯ дар бар кашанд.

Рӯи гармеро бубинам, дар дилам
Гармӣ орад рӯи сарди зиндагӣ.
Нест гӯӣ ҳеҷ фарди яхнафас,
Нест гӯӣ ҳеҷ дарди зиндагӣ.

Рӯи нуронӣ бубинам, хотирам
Бартар аз хуршед нуронӣ шавад.
Гӯиё бо нуриёнам ҳамнишин,
Дар замирам нур арзонӣ шавад.

Рӯи ширине бубинам, хуш насиб,
Рӯзи ман аз талхӣ эмин бигзарад.
Гӯиё ман шоҳи наҳлам[2] комгор,
Рӯзи ман гулчину ширин бигзарад.

1. Моли устод Мирзо Турсунзода.
2. Шоҳи наҳл – шоҳи занбӯрони асал.

Дар Душанбе бинам озоду ҷавон
Бигзаранд аз кӯчаҳо гулчеҳраҳо,
Чашми ман чинад чу занбӯрони шаҳд
Аз гули рухсораҳо гулшираҳо.

Рӯи гандумгун бубинам, пур шавад
Синаам аз мавҷи гандумзорҳо.
Дар амон аз ҷавфурӯшони замон
Зиндагӣ орист аз озорҳо.

Ҳусни нотакрор бинам, ҷон диҳам,
Шукр, дорад зиндагӣ такрорҳо.
Ҳусни нотакрор бинам, кошкӣ
Рӯзу шабҳо борҳову борҳо.

~ * ~

Бингарам бар чеҳраҳои кӯдакон,
Ин ҷаҳон кӯдак намояд дар назар.
Кӯдаке, ки ҳифз бояд карданаш
Меҳри модар, дасти пурзӯри падар.

Тифли хандонрӯйро бинам гаҳе,
Зиндагонӣ бӯи кӯдак мекунад.
Дил даруни сина механдад чу тифл,
Кай ба фардои ҷаҳон шак мекунад?

Талъати модар бубинам субҳгоҳ,
Зиндагонӣ бӯи модар мекунад.
Аз рухи ӯ метаровад файзи бахт,
Дил ба файзи бахт бовар мекунад.

Гар бубинам модари обастане,
Мениҳад дар раҳ қадамҳои гарон,
Зиндагонӣ гӯиё обастан аст,
Гӯӣ дорад ҳамли фардои гарон...

Доғи рӯи ӯст доғи рӯи маҳ,
Ё бувад дар рӯи ӯ доғи ҷаҳон?
Раҳми фардо мехурад дар раҳми хеш,
То шукуфотар бувад боғи ҷаҳон.

Эй хуш он субҳе, ки бинад чашми ман
Чеҳраи хуршеду тифли содарӯ,
Синаам лабрез гардад аз умед,
Аз умеди ранҷу ганҷи ҷустуҷӯ.

Худ ба худ болам, ки дунё дар ман аст,
Дар ману дар кулли афроди ҷаҳон.
Дар ҳама онон, ки ҳар дам мекунанд
Дар ҷаҳони хеш эҷоди ҷаҳон.

Нафратам ояд ба онон, ки ҳанӯз,
Бо ҷаҳонсозӣ ҷаҳонро мекушанд.
То ҷаҳонсозӣ ҷаҳонбозӣ шудаст,
Бо ҷаҳонбозӣ ҷаҳонро мекушанд.

Ин касон гӯё на аз аҳли башар,
Ин касон гӯё на з-ин дунёстанд.
Гар на з-ин дунё, чаро дунёпараст,
Гар на з-ин дунё, чаро бо мостанд?

Модароншон зода ононро, ки бод
Номашон туғрои дивони замон.
Бехабар аз он, ки рӯзе мерасанд
Тифлакон бар ҳайси девони замон...

Иддае гар зодагони модаранд,
Нек бинӣ ҷумларо модарфурӯш.
Аз чунин модарфурӯшон мерасад
Оқибат як лашкари кишварфурӯш.

Иддае то лаб биҷунбонад даме,
Даст афшонад сари ҳар матлабаш.
То насиби хештан орад ба ком,
Баҳри мансаб бигзарад аз мазҳабаш...

Зумрае модарфаромӯшони даҳр
Синаи модар зи бун бибридаанд.
Мемаканд имрӯз хуни одамӣ,
Синаи модар агар маккидаанд.

Рӯи тифлонро нишон бояст дод,
Ҳар саҳар бар оташафрӯзони ҷанг,
То бидида оташи рухсори тифл,
Дарнабидҳанд оташи сӯзони ҷанг...

~ * ~

Рӯи пурожанги пире бингарам,
Пир бинам ин ҷаҳонро сар ба сар.
Пир ларзон меравад дар роҳҳо,
Ҷуста имдоде зи бозуи писар.

Даствору дастҳои раъшадор,
Дар рухаш ожангҳои зиндагӣ.
Рӯи ӯ хоки сафолакбаста аст
Аз ҳама найрангҳои зиндагӣ.

Ҷумла раҳҳое, ки ӯ тай кардааст,
Дар хутути чеҳрааш пайдо бувад.
Чун харита рӯи ӯ пурхатту чин,
Ин харита нусхаи дунё бувад.

Меравад пири мурод аз роҳҳо,
Давлати пирӣ ба мардум хоста,
То накоҳад зиндагӣ аз зиндагон,
Меравад ӯ хештанро коста.

Ин падарро чун сипар бош, эй писар,
Ин падарро дор мисли худ ҷавон.
Гар надорӣ поси ин Пири мурод,
Ин ҷаҳон бе Пир монад ҷовидон.

Пирҳоро як замон мекуштаанд,
То ниҳанд аз дӯши худ бори гарон...
Алъамон з-озурдани пирони вақт,
Гар ҷавон бе Пир монад, алъамон!

~ * ~

Оҳ, оҳ, аз зотҳое, ки басо
Аз сафои рӯз маҳрумат кунанд.
Худ ҳама гумгаштагони зиндагӣ,
Сӯи гумномӣ ба раҳ чоҳат кананд.

Субҳ бинам чеҳраи туршидаро,
Рӯзи ман билкул турушрӯ бигзарад.
Пеш ояд чеҳраи пажмурдае,
Дар дили ман зиндагонӣ пажмурад.

Рӯи навмеде бубинам, дарфитам
Хира андар ноумедиҳои рӯз.
Рӯи наҳсе ё палиде бингарам,
Гум шавам андар палидиҳои рӯз.

Рӯи садрӯе бубинам, бишнавам
Ногувориҳои бӯи зиндагӣ.
Сӯи бесӯӣ равонанд ин ҳама,
Чун равам з-эшон ба сӯи зиндагӣ?

Чун бубинам одами ношустарӯ,
Оламе ношуста ояд дар назар.
Пурзабола, пуруфунат, пурмагас,
Кӯчаи бунбаста ояд дар назар.

Чун бубинам субҳгоҳе рӯи шум,
Шум тобад рӯи рӯзам то ба шом.
Гар хурам об аз лаби ҷӯи биҳишт
Дар даҳони ман диҳад таъми ҳаром.

Чашмҳое тоси хун бинам сабоҳ,
Чашми рӯзам пур шавад аз ранги хун.
Гӯӣ дорад бӯи хуну бӯи наҳс
Зиндагӣ дар зери чархи обгун.

Арзабозе рӯи роҳ ояд яке,
Ларзаҳо афтад маро дар пою даст.
Одамизода куҷо хонӣ варо,
Балки асли ӯ шикоятзода аст.

Ин мабодо, ки бубинам пеши рӯ
Чашмҳои ғурраи номардро.
Чашми ӯ аз хона берун меҷаҳад,
То хурад ҳар ганҷи бодовардро...

Ин мабодо, ки бубинам рӯи раҳ,
Одами норозию паршохҷӯ –
Аз гиребонам бигирад, ки «бидеҳ!»
Аз гулӯям сахт дорад, ки «бигӯ!»

Рӯзҳо дар шаҳри пур аз ранги рӯ,
Гар набинам рӯи фавқулодае –
Рӯи бебоке, ғаюре, осие,
Чеҳраи яздоние, озодае –

Боз тан бидҳам ба он расми қадим:
Аблаҳон фарзонаҳоро мекушанд,
То набошад шодмон дарёдиле,
Кулли дарёхонаҳоро мекушанд.

Куштани афсона гар имкон надошт,
Соҳиби афсонаҳоро мекушанд,
То ки худ бошанд яктои ҷаҳон,
Як ба як якдонаҳоро мекушанд...

Ваҳ, чӣ рӯҳоянд дар рӯи ҷаҳон,
Ваҳ, чӣ рӯҳоянд дар рӯи замин.
Мераванд аз рӯи он дар зери он,
Нангариста як назар сӯи замин.

Рӯйҳои одамӣ... Ду рӯ, вале
Он ду рӯ орад ду оламро шикаст.
Ҳар ки хоҳад байни кулли рӯйҳо
Рӯи олам рӯи ӯ бошад, бас аст...

Рӯе хонад хештанро покрӯ,
Рӯе хонад хештанро бегуноҳ.
Рӯи поке – рӯи олам софу пок,
Рӯи шуме – рӯи олам бин сиёҳ.

Аз сияҳрӯе сияҳрӯ мешавад,
Аз табаҳкоре шавад дунё табоҳ.
Аз «сафедангории» як тобариш
Мешавад шаҳри дурахшон рӯсиёҳ.

Давлату савлат набошад ҳамҷавор,
Фитрату сарват набошад ҳамрадиф.
Рӯи фитрат кард кайҳонро мунир,
Рӯи сарват кард кайҳонро касиф...

Эй, ки бо сад дуду боду дӯғу данг
Мекунӣ олуда бӯи зиндагӣ,
Гар ту рӯи одамӣ дорӣ, биҷӯ
Покрӯӣ рӯ ба рӯи зиндагӣ!

Эй, ки шӯхӣ мекунӣ бо одамӣ,
Гар надорӣ бо ҷаҳон дилбастагӣ,
Гӯямат такрор: н-орад ҳеҷ суд
Ҷангҳои ҳаставӣ ҷуз хастагӣ.

Эй, ки бозӣ мекунӣ бо осмон,
Осмон кай хонаи моми ту аст?
Осмонҷангат кунад яксони хок,
Ҷанги анҷум ҷанги анҷоми ту аст!

~ * ~

Эй басо дидам дар ин рӯи ҷаҳон,
Рӯйҳое, ки ба рӯшон рӯй нест.
Рӯи ҷисмонист беимону рӯҳ,
Дилнишину дилкашу дилҷӯй нест.

Пӯст ҳасту чину оҷанги зиёд,
Нуре аз даргоҳи раббониш нест:
Рӯи ӯ аз дил нагирад ҳеҷ ранг,
Рӯи ҳайвонист, инсониш нест.

Ин ҳама саҳл аст, аммо пеши худ
Мушкиле дорам, ки пурсонаш кунам.
Шоядо аз рӯшиносони ҷаҳон
Арзи худ пурсида, осонаш кунам:

Аз чӣ рӯ одам надорад ҳеҷ рӯ,
Бо ду рӯи хештан садрӯ бувад.
Хубрӯ меофарад модар варо,
Аз чӣ рӯ дар интиҳо бадрӯ бувад?

Ё аз он, ки зиндагӣ садрӯя аст,
Одами якрӯ дар ӯ бегона аст?
Ё аз он ки рӯ надорад зиндагӣ,
Орзуи рӯи ӯ афсона аст?

Ё аз он, ки одамӣ дар рӯи хок
Қадри худро дид чун хоки сияҳ?
Ё аз он, ки чашми моҳу офтоб
Ҷуст дар рӯяш фақат ҷурму гунаҳ?

Аз чӣ рӯ ман дар ду рӯи одамӣ
Рӯи одамро намебинам гаҳе, –
Ҳар қадар дар рӯи ӯ созам назар,
Он қадар уфтам ба аъмоқи чаҳе?

Рӯ ба рӯи офтобу моҳтоб,
Ҷинси хокӣ, чист ҷангу моҷаро?
Зиста дар рӯи дунёву замин,
Рӯ надорӣ, одамизода, чаро?

Гар чунин дунё туро дархур набуд,
Пас гуноҳи кист, чун худ сохтӣ?
Аз бало худро раҳондан хоста,
Хешро андар бало андохтӣ?

~ * ~

Субҳи ман аз субҳи рӯи одам аст,
Шоми ман аз тирагии рӯи ӯст.
Бо ҳама нуқсу камоли зоти хеш
Умри ман аз сӯи ӯ бар сӯи ӯст.

Рангу бӯи одами хокиниҳод
Буда асли рангу бӯи зиндагӣ.
Зиндагӣ рӯе надорад худ ба худ,
Рӯи одамҳост рӯи зиндагӣ...

3.9.1987

## НИКОҲИ МАРГ[1]

Ба зери гунбади гардон,
Ба рағми дунии гардун
Зи бахт рӯй магардон,
Зи ишқ тавба макун,
Ки бо дарахти сари раҳ никоҳ мекунамат,
Никоҳи марг ба санги сиёҳ мекунамат.

Марам зи дарди муҳаббат,
Матарс аз ҳиҷрон,
Марав зи кӯи саодат,
Машав ба худ зиндон,
Ки бегуноҳ шарики гуноҳ мекунамат,
Никоҳи марг ба як барги коҳ мекунамат.

Ту ҳам, ки зодаи инсони орзумандӣ,
Зи хеш оламе овар, зи хеш пайдо шав.

1. Ишора ба он одатест, ки ҳар касе издивоҷ накарда аз ҷаҳон бигзарад, рӯзи ҷаноза ба дарахте, санге ё буттае никоҳ баста, ба хок месупорандаш, то ба он дунё танҳо наравад. (Гӯянда).

Ту ҳам, ки аз ғами дунё насибае дорӣ,
Ду рӯз муштугиребон ба ҳукми дунё шав.
Ту ҳам ки зодаи ишқи ду ошиқи зорӣ,
Барои хотири онҳо давоми онҳо шав.
Чӣ суд аз ғами пинҳон?
Зи оби дида чӣ суд?
Чунон зи ишқ диле об кун, ки дарё шав!

Зи ишқу ошиқӣ парҳез? Ҳақ надорӣ ту!
Агарчи омадӣ танҳо ба арсаи дунё,
Агарчи меравӣ танҳо ба ҷаннати нася,
Хиёнат аст ба Инсон, агар равӣ танҳо.
Ту лоақал ба дили хеш захми ишқе хур,
Ва ё талотуме афкан ба кӯчаи дилҳо,
Вагарна зистан ин сон кирои мурдан нест,
Ки на шароби шаробӣ, на сиркаи сирко...

Ба инчунин сару сурат,
Ба ин камолу ҷамол
Зи бими дарди муҳаббат,
Зи рӯзгор манол!

Ба ҳаққи аллаи модар,
Ба ҳаққи панди падар
Зи бахт рӯй мегардон,
Зи ишқ тавба макун,
Ки бо дарахти сари раҳ никоҳ мекунамат,
Никоҳи марг ба санги сиёҳ мекунамат!

1988

* * *

То туӣ, дар дили ман шӯру наво хоҳад буд,
Дар саропои ту дил бесарупо хоҳад буд.
То ҷамоли ту чунин бахтнамо хоҳад буд,
Зиндагиям ҳама пурнуру сафо хоҳад буд.

Чӣ кунам, бе асари ишқ басо вақт гузашт,
Вақт бигзашт ва ё аз кафи мо нақд гузашт,
Вақт бигзашт ва ё аз раҳи мо бахт гузашт,
Ки аз ӯ доғи ниҳон дар дили мо хоҳад буд.

Бош худрову маро аз дили афсурда маҷӯй,
Ба гулистон, ки расидӣ, гули пажмурда мабӯй,
Чун ба дарё бирасидӣ, сухан аз ҷӯй магӯй,
То маро бо ту раҳи расми вафо хоҳад буд.

Ман туро сохтаам ҳамчу худои дили хеш,
Ман туро ёфтаам чун раҳи сарманзили хеш.
Рӯди кӯҳам, ки туро ёфтаам соҳили хеш,
Ба умеде, ки дилам комраво хоҳад буд.

Шодмон бошу ҷавон бош барои дили ман,
Ҳар куҷо бошӣ, чунин бош сазои дили ман.
Оҳ, парҳез кун аз рӯзи азои дили ман,
Ки маро бе ту ҳама умр азо хоҳад буд.

То ту ҳастӣ, зи ту уммеди бақоям ояд,
Чун биёӣ зи раҳе, хотираҳоям ояд.
Аз дару боми ту ҳар лаҳза садоям ояд,
Гар зи ёдат биравам, хотираҳо хоҳад буд.

Ҷои афсӯсу дареғ аст, ки бо ҳукми қазо
Бигзарад ин ҳама ошӯби ҷунун аз дили мо.
Гар ба пирӣ бирасам бо ҳама ин хотираҳо,
Ёди ту дар кафи ман ҳамчу асо хоҳад буд...

1988

* * *

Туро арвоҳ зад, арвоҳи Ленин зад,
Ва ё арвоҳи арбобони дерин зад.

Яқин, арвоҳи Ленин зад,
Ки бо номаш қасам хӯрдӣ,
Валекин бо қасамҳоят ғами нафсу шикам хӯрдӣ.
Қарори ҳизбро бахри қарори хештан хондӣ,
Ғами халқу ватан хӯрдӣ? Қаҳ-қаҳ!
Ғами мафкураи бенанги тан хӯрдӣ!

Зи номи кишвари Шӯро ба ҳар мулке сафар кардӣ,
Билети Ҳизбро бар порахориҳо сипар кардӣ.

1988

* * *

Касе, ки хост шоир бошад, аммо
Зи дасташ байти ғаррое наёмад,
Ба безарфии худ қоим шуду рафт
Аз ин савдои бесомон саломат,

Зи мо сад бор шоиртар бувад ӯ,
Зи мо сад бор қодиртар бувад ӯ,
Сазад хонандагонаш дӯст доранд,
Ба ин сон шоире ихлос оранд...

1988

## ДАР БУХОРОЮ САМАРҚАНД

Дар Бухорои шариф чанде касиф
Мактаби тоҷикиро дар бастаанд.
Махзани тоҷикро дуздидаанд,
Муҳраи тоҷикро бишкастаанд.

Дар Самарқанди самарманд
Аз ғурури тоҷикӣ тарсидаанд,
Гардани таърихро бишкастаанд,
Синаи таърихро бибридаанд.

Дар Самарқанду Бухорои шариф бар тоҷикон
Дода бас асноди қалби зӯракӣ,
Бар ҷигаргоҳи нумӯи ориён
Захмҳо зад кордҳои зӯракӣ.

Дар Самарқанду Бухоро
Нӯш шуд дар коми тоҷик нештар.
Лаб фурӯ барбаста аз лафзи дарӣ,
Тоҷики дилреш шуд дилрештар.

Дар Бухорое, ки гуфта Мавлавӣ:
«Ин Бухоро манбаи дониш бувад»
Баъди Мавлоно чӣ гӯям, эй дареғ,
Ин Бухоро順 маншаи нолиш бувад...

Дар Самарқанди самархези адаб
Шеъри тоҷик камсамар шуд.
Мурдани тоҷик ин ҷо зиндагист,
Кохи тоҷик хоки дар шуд.

Дар Бухорое, ки аз дини араб
Рӯй баргардонда буда чор бор.
Гардани тоҷикро овехтанд
Дар замони Ҳуррият бар чор дор.

Дар Самарқанде, ки он ҷо Сӯзанӣ
Сӯзане дар чашми душман будааст,
Ин замон дар чашми сӯзан мондааст,
Гарчи бар тоҷик маъман будааст.

Дар Бухорое, ки он ҷо устоди Панҷрӯд
Мардуми чашмони худ гум кардааст.
Бо ҳама қурбонии молу манол,
Хешро қурбони мардум кардааст.

Ҳалқа чандон танг шуд, ки оқибат
Тоҷик аз тоҷик будан хаста шуд.
Дур шуд аз хеш чун милоди хеш,
Бо ҳама ворастагӣ вобаста шуд.

Ду абаршаҳри Аҷам зери табар шуд,
Ду қадамгоҳи бузургон доми дам шуд.
Баъд аз он гарданфарозиҳои фарҳангиву сарҳангӣ
Гардани тоҷик хам шуд...

Офарин, эй Ҳуррият!
Гарчи озодӣ ато кардӣ барои миллати мо,
Лек бо дасти ҳама туркигароён
Беш кардӣ иллати мо, зиллати мо!

Офарин, эй Ҳуррият!
Доҳиёнат аз даҳои тоҷикон огаҳ набуданд.
Пуштбони бенавоён буда гуё,
Аз навои тоҷикон огаҳ набуданд.

Офарин, эй Ҳуррият!
Зиндагӣ шуд пурхалалтар.
Бонаво гар бенаво шуд,
Камбағал шуд камбағалтар.

Офарин, эй Ҳуррият!
Доҳии яктои миллатпарварат гар Исталин буд,
Зиндагии тоҷикон бо марги таърихаш қарин буд.
Баҳри халқи лоязол
Марги фарҳангаш яқин буд.

Офарин, эй Ҳуррият!
Чанд кӯҳу санг додӣ...
Манзили тоҷикро кӯҳсор кардӣ.
Санг додӣ, то занад бар фарқи ҳамдигар...
Орият додӣ ба насли ориён якчанд санг,
Хидмати бисёр кардӣ –
Рӯҳашонро хор кардӣ...

Офарин, эй Ҳуррият!
Тоҷиконро кардӣ ту маҳрум аз гаҳвораи хеш.
Дигарон аз дигарон бечора бошанд,
Кардӣ ту тоҷикро бечораи хеш...

Офарин, эй Ҳуррият!
Гар набидҳӣ бар суоли ман ҷавоб,
Дасти ман бар доманат
То домани явмулҳисоб!

9.10.1988

## ГӮРИ ДОНИШ ДАР КУҶОСТ

Эй шумо, маъмуру маъзурони таърихи Бухоро,
Балки, эй кӯрони таърихи Бухоро,
Дар куҷо буд гӯри Дониш?
Дар куҷо хусбида ором он сари
пуршӯри Дониш,
В-он дили ранҷури Дониш?

Дар Бухорое, ки ашрофаш кунун,
Балки раҳгумзодагонаш бефунун,
Ҳам сатарванзодагонаш бо ҷунун,
Иддае чун аз забони хеш маҳруманд,
То куҷо дар ёди махдуманд?
Дар Бухорое, ки тоҷик хешро гум кардааст,
То куҷо ёде зи Дониш бурдааст?

Дар Бухоро
Гӯй бо илқои Шӯро
Чанд бетаърих таърихи самой сохтанд
Бо гадой сохтанд,
Гӯри Донишро билохир гӯри дониш сохтанд,
Бо чӣ нозиш сохтанд!
Охирин гӯре барои фитрату фарҳанги тоҷик...
Охирин?
Эй худовандони ному нанги тоҷик!
Тоҷик ар гум кард ин ҷо гӯри Дониш
Ҳамзамон гум кард ӯ бо гӯри Дониш
нури дониш,
Дур монд аз ганҷу аз ганҷури дониш...
Ҳайф, ҳайфи тӯшаҳо аз роҳҳои дури Таърих!
Дод, дод аз дидаҳои кӯри Таърих!
Дод, аз он таърихсозоне, ки он вақт,
Дод, аз он худношиносоне, ки он вақт
Бар сари таърих гуфтӣ бар сари як фарди
аксулинқилоб
Рехтанд оташ, рехтанд об...

Ин замон андар Бухорои шариф
Худшиносон худфидой мекунанд,
Нохудогоҳон худой мекунанд.
Он Бухоро,
Он қадамгоҳи бузургон
Шуд адамгоҳи бузургон...

18.10.1988

## БО НОМИ СТАЛИН

*Сталин гӯяму ронам заминро,*
*Замин то беҳ шавад, ман бинам инро.*
*Лоҳутӣ*

Сталин гуфтаму рондам заминро,
Замин бечора буд, бечоратар шуд.

Сталин гуфтам аз банди ҷигар, лек
Ҷигар садпора буд, садпоратар шуд.

Сталин гуфтам аз ҷони ҳунарвар,
Ҳунар нокора буд, нокоратар шуд.

Сталин гуфтаму имдод ҷустам,
Касе патёра буд, патёратар шуд.

Сталин гуфтам аз номи замона,
Замон овора буд, оворатар шуд.

Сталин гуфтаму ангоштам нек,
Муҳит ангора буд, ангоратар шуд.

Сталин гуфтаму рафтам ба майдон,
Сталин гуфтаму мурдам ба зиндон...
19.10.1988

## МАҚБАРА Ё МАСХАРА?

Дар маснади баҳор, дар афрози гулдара
Бо «сабки ҳозира»
Номурда,
аз барои худ афрохтӣ баланд
Бемисл мақбара...
Оваҳ, чӣ манзара!

Номурда,
хешро намиранда сохтӣ,
Бо фахру ноз мадфани арзанда сохтӣ,
Фиръавнҳои Мисрро шарманда сохтӣ!
Ҳушаш зи сар парад
ҳар кас, ки бингарад,
Баҳ, баҳ, чӣ кунгура!

Аммо чӣ масхара!
Холӣ даруни ӯст ба сони даруни ту,
Дар тоққош анкабут анфаст метанад.
Танг аст чун фазои ҷаҳони кунуни ту...
Гӯё ба чашми ту –
бар чашми шишаҳош
Санги маломат афканад ҳар кас, ки бигзарад.

Аз дурдаст чашми ту медид ҳар саҳар
Дар синаи дара
Дар ҷои якбара
Он маъбади сара.
Гӯё даре кушода буд бар мулки ҷовидон
Баҳри ту, эй «паямбари фардои мардумон».
Аммо яке кушуда шуд дар рӯ ба рӯи ту
Дарвозае фарохтар аз ҳирсу ози ту,
Шуд ҳалқаҳош тангтар андар гулӯи ту.

Акнун ба ёд оварӣ чун бо ҳама ғурур
Аз минбари баланд,
аз номи кунгура
Бо содагони хештаннашноси бефара
Мекардӣ машвара...

Акнун назора мекунӣ бар сӯи мақбара
Аз пушти панҷара...
Баҳ, баҳ, чӣ манзара!!!

10.11.1988

## ФИРЪАВНИ УСТУХОНӢ

Дорӣ ғурури хушке, дорӣ шуури хушке,
Фиръавни нотавонӣ, фиръавни устухонӣ!
Бо мардумон расидан, з-онон ғаме кашидан
Номат наметавонад, ҳам худ наметавонӣ.

Ман аз сукути сардат хондам сукути мурда,
Шукри замон, ки мардум зиндасту зиндагисоз.
Шукри замон, ки фардо марбути чун ту кас нест,
Шукри замон, ки дорад майдони сеҳру эъҷоз.

Аз дӯстон буридӣ бо дӯст норасида,
Ҳастӣ ту дар ҳама ҷо, ҷое нишони ту нест.
Гӯё ки ин ҷаҳонро ту кардаӣ ҷаҳон, лек
Ҷустам ҳама ҷаҳонро, бӯе ҷаҳони ту нест.

Ҷонам тасаддуқи ту, кардам тааммуқи ту,
Дорӣ шиноварихо дар мурдаоби ганда.
Бут метарошӣ аз худ рӯзи дарозу шабҳо
Дар хоби канда-канда мебинӣ хоби ганда...

Аз осмон ситора гирӣ ба вақти мастӣ,
Ҳангоми ҳушёрӣ андар кафат хасе нест.
Дар мансаби баландат ҳастанд дар камандат,
Рӯзони тирабахтӣ дар паҳлуят касе нест.

Корест сахту сангин маҷлиснишинӣ, аммо
Маҷлиснишинӣ кардӣ, болонишин набудӣ.
Пур шуд пилони пахта, пур шуд пилони ваъда,
Дигар паи давои захми замин набудӣ.

Ҳарчанд ҳастӣ сарвар дар мулки шеърпарвар,
Як шеър ҳам нахондӣ, оҳанге нашнавидӣ.
Нанҳодӣ пой боре бар остони шоир,
То боргоҳи Маскав сад раҳ ба сар давидӣ.

Маърӯзае накардӣ бо лафзи модарӣ, лек
Маърӯзаҳот рангин аз ранҷи модарон аст.
Зардина ранги онон аз офтоби сӯзон,
Он ахтари тилоит аз ганҷи модарон аст.

Аз мулки офтобӣ бо ифтихор гуфтӣ,
Аммо зи хомии худ боре сухан накардӣ.
Сад кӯҳ пахта додӣ аз номи кӯҳсорон,
Бар модари худ аз он як пираҳан накардӣ.

Медонамат ба ҳар ҳол аз даври «хокбозӣ»,
Фиръавни нотавонӣ, фиръавни устухонӣ!
Будӣ ҷавони поке, бебоку тобноке...
Эй ҳайфи он ҷавонӣ, он фарри хусравонӣ!

20.11.1988

## ТУ КУШТӢ ШОИРИ ҚОДИРСУХАНРО

Ту куштӣ шоири қодирсуханро,
Ту куштӣ шуҳрату фахри Ватанро.
Ту як сайёраро куштӣ,
Ва ё як осмон истораро куштӣ.

Ғалат кардам,
Накуштӣ ҷисми ӯро,
Ту куштӣ табъи модарзоди ӯро,
Ту куштӣ чашмаи эҷоди ӯро,
Чунон ки тифл дар заҳдони модар
мирад аз зарбат...

Ту куштӣ рӯҳи ӯро,
Рӯҳи мисли ҷангали анбӯҳи ӯро,
К-аз ӯ акнун замини холие монда пур аз кунда,
Ки ҳар кунда ба сони захми ҷони ӯст
ва ё бибрида монанди забони ӯст.

Сухан кард ӯ замоне аз заминларза,
Ту ӯро муттаҳам кардӣ: «Худоё,
Замини Шӯравӣ меларзад оё?

Яқинан, маркази ларза диёри берун аз марз аст,
Ки аз беғоявият мардумаш чун бар ясору
бар ямин
ҳар лаҳза мелағжад,
Заминаш низ меларзад...»
Замоне ӯ зи ожанги чабини пирзан
шеъре бигуфт.
Алъон варо хондӣ ба пеши хеш ҳамчун
довари даврон:
«Магар кампири Шӯро бар чабин ожанг
ҳам дорад?
Чӣ кам дорад,
Ки ин сон дарду ғам дорад?»

Навишт ӯ шеъраке аз сардии хона,
Ту ӯро пеш хондӣ омирона:
«Агар сард аст хона-т, бо ҳама тадбир
Бирав дар офтоби комунизм гарм шав, шоир!»
Вале ӯ рӯи гармиро надид, афсӯс,
Ва ҳам дар хонаи худ н-орамид, афсӯс.
Ҳам аз сардии кошона,
Ҳам аз сардии таъқиботи гургона.

Замоне кард ҳамдардӣ ба як зан,
Ки он бечора тифли мурдае зода...
Шикастӣ бар сари ӯ санг,
Ки «Ҳақдор аст оё хонуми Шӯро,
Ки тифли мурда бор орад
ва рахна бар замони поядор орад
ва доғе бар занони баччадор орад?
Агар ин аст ҳиммат он заифи мурдазоро,
Бигӯ моро,
Ки фардо Комунизмро кӣ месозад?
Ва аз фарру шукӯҳи он кӣ менозад?»

Замоне хушксол омад,
Ба ҷони шоири ғамхораи мардум малол омад,
Ба шеъраш ҳам завол омад.
Чу на ҷав русту на гандум,
Басе нолид ӯ андар ғами мардум,
Ту ӯро пеш хондӣ боз,
Ба пеши худ нишондӣ боз,
Чунон таъзир кардияш,
Ки бар чоҳи замон сарзер кардияш.

Дигар ӯ рафт аз хотир
Дигар ӯ рафт чун шоир.
Ту ӯро хастаю ғамнок кардӣ,
Ба ҷои пок кардан чок кардӣ...

Ба ёдам ҳаст: рӯзе, ки ту мурдӣ,
Сари гӯри ту ҳозир буд он шоир
Ва мепурсид зери лаб зи худ
ё аз ту ё аз ҷумлаи он нотиқоне, ки
ба роҳи охиринат алвидоъе гуфта нолиданд:
«Магар инсони Шӯро низ мемирад?
Магар н-афрохта кохи баланди комунизмро
қазоро тез мемирад?»

Ту куштӣ шоири қодирсуханро,
Ту куштӣ шоири нодирсуханро...

5.12.1988

## ЗАМИНИ ЭЪТИҚОД

Яке дар кишвари арман замин ларзид.
Яке дар кишвари армон замин ларзид.

Замин ларзид.
Ҷони соҳибони хешро балъид.
Хуни бониёни хешро нӯшид,
Ту гуфтӣ модари бераҳму шафқат
Кӯдакони бегуноҳи хештанро кушт
Ва ё пушту паноҳи хештанро кушт.

Замин ларзид,
Ҳар ларза ба сони коми аждарҳо
Рабуд атфолро з-оғӯши модарҳо,
Ва модарҳо сари пистон ба коми тифлакон
мурданд,
Ҳама андар макони хеш ногаҳ ломакон мурданд.

Ба зери Найири аъзам,
Ки нураш буда ҷонбахшои фарзандони одам,
Найир – имрӯз гӯристон,
Ва шористон – мазористон...

Заминларза
Фиканда бар вуҷуди одамин ларза,
Ҳама офоқро гӯӣ зи ғофилмарг огаҳ кард.
Таноби дӯстӣ густарду муҳкам баст.
Таноби душманиро зуд кӯтаҳ кард.

Замин ларзид.
Гар аз ҳар зилзила як силсила бигсаста
хоҳад шуд,
Гар аз ҳар зилзила як қофила бишкаста
хоҳад шуд,

Табори одамӣ аз ин гусастанҳо, шикастанҳо
Фузунтар ҳамдилу ҳамбаста хоҳад шуд.

Замин ларзид, фардо боз меларзад.
Валекин бо ҳама андӯҳи сангин
Ба дил гӯям: замин ларзид, аммо кош, сад кош,
Замини эътимоди мо наларзад,
Замини эътиқоди мо наларзид...

Замини одамият аз барои одамӣ бошад,
Ҳамоҳангии ҷонҳо, ҳамдилию ҳамдамӣ бошад!
12.12.1988

## МАН ҒАРИҚАМ...

Ман ғариқам,
Ду соҳили уммед –
Он яке мекашад ба соҳили чап,
В-он дигар мекашад ба соҳили рост.
З-ин «муҳаббат» ду дасти ман аз тан
Мекананд он ду қотили уммед.

Ҷисми ман меравад ба дарёе,
Ки наёрад ба ёд дунёе...
1989

## ВОДАРЕҒО
*(Дар сари гӯр)*

Чашми бахтат кӯр гашта, ҷойгоҳат гӯр гашта,
Хонадон мотамсарову хокдон маъмур гашта.
Водареғи рӯзгорат,
Водареғи эътиборат,
Водареғи чашми чорат,
Водареғо, водареғ...

Хонаи ту дар надорад, саргузаштат сар надорад,
Он дили ғамошноят ғамгусоре ғайри хоки
тар надорад.
Водареғо аз ҷавонӣ,
Водареғ аз комронӣ,
Водареғ аз зиндагонӣ,
Водареғо, водареғ...

Рӯи гӯрат ҳар баҳорон аз сиришки чашми ёрон
Сабза рӯяд то бигӯяд: водареғ аз рӯзгорон...
Водареғи чашми бино,
Водареғи рӯи зебо,
Водареғи меҳри дунё,
Водареғо, водареғ...
1989

* * *

Зиндагӣ пираҳани афсурдаст,
Дарбеҳаш гар бикунӣ, боз дарад.
Раҳи мақсуд, раҳи фардоро
Гар қариб оварӣ, ӯ дур барад.

Зиндагӣ ҳамчу пизишкест, ки ӯ
Гар яке дард табобат бикунад,
Баъди дармони сару сактаи дил
Дарди нав бар ту зиёдат бикунад.

Зиндагӣ шуъбадабозест ғариб –
Оқилонаш ҳама аблаҳ миранд,
Роҳҳояш – ҳама бероҳаю қалб,
Раҳбаронаш ҳама гумраҳ миранд.

Ошиқонаш ҳама дар дашти фироқ
Роҳ пӯянду ба манзил нарасанд.
Дӯстонаш ҳама дилҷӯй, вале
Аз раҳи дил ба раҳи дил нарасанд.

Ташнакоманд ҳама дар лаби рӯд,
Ҷумла хоманд миёни оташ.
Ҳама хомӯш чу хокистари сард,
Гарчи доранд забони оташ.

Бел ронанд ба рафти дарё,
Кам касе ҳаст муқобил биравад.
Ҳар касе бо пули даврон нагузашт,
Бо пули марг ба соҳил бирасад.
1989

## ЗАНГӮЛАИ БЕДОРӢ
*(Ё ишора ба даъвогарони суст)*

Зангӯлаи бедорӣ шуморо огоҳ мекунад:
Чун дарёҳотон дарёи дил нест,
дарё дарёи шумо нест.
Чун дар саҳро тухми ифтихор намекоред,
саҳро саҳрои шумо нест.
Чун дар заминатон заминаи миллат нест,
замин замини шумо нест.
Чун кӯҳатон ганҷи маънавӣ намедиҳад,
кӯҳ кӯҳи шумо нест.
Чун маъданатон бунёди маъман нест,
маъдан маъдани шумо нест.
Чун махзанатон махзани фардо нест,
махзан махзани шумо нест.

Чун пойтахтатон тахти забон надорад,
забон забони шумо нест.
Чун дар осмонатон ахтарбастаед,
осмон осмони шумо нест.
Чун бозоратон қимати шуморо намешиносад,
бозор бозори шумо нест.
Чун маҷлиси дидоратон маҷлиси дидори
ниёгон нест,
дидор дидори шумо нест.
Чун масҷидҳоро хароб кардед,
шумо саҷдагоҳ надоред.
Чун осори аҷдодро нақши бар об кардед,
шумо пушту паноҳ надоред.
Чун гӯри Модарро маъбад насохтед,
шумо модарбахатоед.
Чун гӯри Падарро меҳроби имон насохтед,
шумо падарбахатоед.
Чун шумо худро нашинохтед,
шумо касе ҳам нестед.
Дар миёни хирманҳои бедон
хасе ҳам нестед.
Ман рӯ меорам ба зиндаҳое, ки пеш аз мо
мурдаанд,
Ва рӯ меорам ба мурдаҳое, ки беш аз мо
зиндаанд:
То аз хоби сакта бедор нашавед,
зиндагитон пур аз сакта хоҳад буд.
То аз гӯр нахезед,
зиндагитон пур аз варта хоҳад буд.

Зангӯлаи бедорӣ шуморо огоҳ мекунад,
Аммо шумо ба дасти худ ҳанҷараи онро
мефишоред,
Зеро шумо худ ҳанҷара надоред,
Ё доред, аммо ба туғён намеёред.
Зангӯла шуморо зинда доштан мехоҳад,
Аммо шумо забонаки онро мекашед,
онро мекушед,
Зангӯла барои шумо ҷон меканад.
Аммо шумо барои он гӯр меканед.

Ноқусҳо
Ба дифои нангу номусҳо дод мезананд.
Аммо шумо ба куштани ноқусҳо фарёд мезанед.
Дар ин моҷаро қурбон мешаванд ноқусҳо низ,
Номусҳо низ.
Пас,
Эй ноқусдорон, ҷуръате ё кӯшише!
Пас,
Эй ному номусдорон, ҳиммате ё ҷӯшише!

13.1.1989

## ЗАМИНЛАРЗА

Имшаб ҳама деворҳо
Ларзид аз озорҳо.
Гӯё ки ҷони одамон
Ованг шуд дар дорҳо.

Имшаб замин шӯрида буд,
Дар дарду ғам жӯлида буд.
Аз нобасомонии хеш
Чун мо ба худ печида буд.

Қаҳри худовандаш гирифт,
То банд дар бандаш гирифт.
Қавми қасамбишкастаро
Бишкаста савгандаш гирифт.

Имшаб деҳе дар хок рафт,
Аз гардиши афлок рафт.
Идроки олам, ки надошт,
Аз олами идрок рафт.

Дунёи худ нодида рафт,
Аз хеш н-андешида рафт,
Он деҳ, ки бедорӣ надошт,
Хобида буд, хобида рафт.

Бар теппае дар раҳгузар
Бар мадфане кардам назар,
Пиндоштам он теппаро
Як теппаи доғи ҷигар.

Пиндоштам он ҷо манам,
Бо шеъри девонҳо манам,
Бо гӯри ғофилмаргҳо,
Бо марги армонҳо манам.

Пиндоштам поёни умр,
Поёни сад дастони умр,
Пиндоштам бо ашку хун
Дар домани даврони умр

Ангораи ман хок шуд,
Як пораи ман хок шуд.
Як пораи ман ҳеҷ нест,
Гаҳвораи ман хок шуд...

24.1.1989

## БА ЯҒНОБИИ ВАТАНХАРОБ

Мулки бо моҳу ба хуршед қаринам, Яғноб,
Падару модари вайронанишинам, Яғноб.
Бар алайҳи ҳама онон, ки ғаминат карданд,
Кошки рӯи туро шод бибинам, Яғноб.

Чӣ гунаҳ доштӣ, к-ингуна харобат карданд,
Дар ғами хоки ватан хоку туробат карданд,
Дур аз чашмаи куҳ чашми ту шуд чашмаи хун,
Дур аз синаи куҳ синакабобат карданд?

Кӯчи иҷборӣ бибастӣ ба суи «ободӣ»
Баҳри озодии пуч аз ватани озодӣ.
Дил ба харсанг задӣ, ҷумла кӯҳистон хун шуд,
Ҷон ба каф рафтию ҷони ватан аз каф додӣ.

Ҷои сарчашмаи куҳ чашмаи заҳрат доданд,
Аз чаҳи об чаҳи дарду бало бикшоданд.
Ваъдаҳошон ҳама чун ҳавзаки борон хушкид,
Боз ҳам пеши худ аз фоҷиаи ту шоданд.

Ҷоннисорони ту гӯӣ ғами ҷонат хурданд,
Гӯӣ аз тангмаконат суи паҳно бурданд.
Нашумурданд ситамҳои раводидаи хеш,
Ҳосили обилаи дасти туро бишмурданд.

Чанд гумкардазабон қасди забонат кардаанд,
Чанд нодидаҷаҳон қасди ҷаҳонат кардаанд.
Қисмати одамӣ ҳарчанд нағунҷад ба пилон[1],
Ду-се «қурбоншуда» қурбони пилонат карданд.

Лек имрӯз зи мӯрии ту мепечад дуд
Мисли оҳи ту, ки печида таҳи чархи кабуд.
Чун дар оташгаҳи ту шуълаи печон дидам,
Шод гаштам, ки фурӯзанда шуда оташи суғд...

Шод гаштам, ки зи нав зиндагӣ оғоз шавад,
Мардумат мисли сари қулла сарафроз шавад.
Шод гаштам чу ҷигарбанди саодатхоҳат,
Ки дварванди[2] ту бар рӯи ҷаҳон боз шавад.

Гар зи бедоди замона бизанӣ ҳар дам дод,
Мешавад хонаи аҷдодият аз нав обод.
...Гӯри онон, ки чунин хонахаробат карданд,
Ҳеҷ обод мабод! Ҳеҷ обод мабод!

4.8.1989

1. Пилон – плон, план – тарҳ, нақша.
2. Дварванд – дар (яғнобӣ).

## ТАНЗЕ АНДАР ФИРОҚИ СОБУН

Замоно, ду-се кулча собун фирист,
Ки бо ашк рӯ шустанам дур нест.

Чунон сер гаштем аз ваъдаҳо,
Ки ваъда кунад қай ҳама меъдаҳо.

Зи шух аст пур чор сӯ, шӯхӣ нест,
Замон аст ношустарӯ, шӯхӣ нест.

Барои ду собун ба ҳар сӯ давон,
Чи сон метавон шуст рӯи замон?

Чу собун наёбӣ ту дар ин макон,
Нашӯӣ чӣ сон даст аз ин замон?

Чунон чун бувад дар ҳама рӯзгор,
Ду-се тан агар буд ношуста пор.

Кунун ҷумла ночор ношустаанд,
Ба чирку ба шух аксар оғуштаанд.

Бинозам туро, бозсозӣ, бигӯ,
Чӣ сон зиндагонӣ шавад тозарӯ,

Ки аз баҳри собун ҳама хираанд,
Даруну бурун ҷумлагӣ тираанд.

Чу собун набошад, замоно бидон,
Раванд аз ҷаҳон ҷумла ношустагон...

Замоно, замоно, бигардам сарат,
Ки ношуста ҳеҷам марон аз дарат.

Замоно, замоно, ту собун фирист,
Ки чиркин намирад ягон комунист!

10.10.1989

## ТАНЗЕ АНДАР ФИРОҚИ ВИҶДОН

Адофаҳм агар ҳаст хонандаам,
Адофаҳмияшро ба ҷон бандаам.

Нагуфтам «бимирад», ки боиста нест,
Ба покони айём шоиста нест.

Навиштам «Замоно, ту собун фирист,
Ки чиркин намирад ягон комунист»,

Ки яъне бимирад ба коми ҳалол,
Ба озодагию ба номи ҳалол.

Агарчанд зиндон пур аз ришвахор,
Ки номи камунистро карда хор.

Раисияшон ҷуз саисӣ набуд,
Нишонҳояшон ҷуз пашизе набуд.

Агарчанд бархе сияҳрӯ шуданд,
Зи мисдоқи айём яксӯ шуданд.

Агарчанд чанде «насиҳатгарон»
Зи дӯши замона чу бори гарон

Фитоданд дар пеши чашми ҳама
Сазовори нафрину хашми ҳама.

Хазоне намондаст аз боғашон,
Ба собун нашӯӣ ҳама доғашон...

Агарчанд бархе, ки доҳӣ буданд,
Гирифтори рӯзи табоҳе шуданд,

Ки на номашон монду на бомашон,
Сукути хирад монд з-айёмашон.

Чӣ гӯям? Ҳанӯз аз чунин доҳиён
Бимиранд дар обҳо моҳиён...

Чӣ хоҳам? Бихоҳам, ки даврони мо
Сафо гирад аз покии ҷони мо.

Чӣ хоҳам? Бихоҳам, ки даврони мо
Шавад бонии пок виҷдони мо.

Ба покии виҷдон дилам моил аст,
Дувумбора Қоил ба ин қоил аст...
28.11.1989

## ЗАРАФШОН, МОДАРИ ЗОРАМ...

Зарафшоно, чӣ монд аз он зарафшонит?
Зарафшон, модари ҷон, шӯри пешонит!
Зарафшоно, ки мегӯяд зарафшонӣ?
Зарафшоно, ту ҳоло заҳрафшонӣ!

Чу тифлонат зи барги талхи танбоку
Ба гардан гӯиё банди салосил мекашонанд,
Ба ҷони хештан заҳри ҳалоҳил мекашонанд,
Зи саҳроят чӣ ҳосил мекашонанд?
Чӣ ҳосил?
Душмани ҷон,
Қотили дил мекашонанд.

Зи қаъри кӯҳҳо ганҷи туро ҳамвора меҷӯянд,
Валекин қаъри ранҷатро ягон боре намеҷӯянд.
Кашӣ ранҷ аз барои ганҷ,
Вале ранҷ аз туву ганҷе ба судат нест.
Агарчи ҳолӣ даврони рукудат нест,
Зи куҳсорон насибе ҷуз сукутат нест.
Худовандо чӣ имконе!

Миёни кӯҳҳо рӯҳат шикастаст,
Миёни мавҷи анбӯҳат шикастаст.
Заратро мебаранд, аммо
Ба ҷони кӯдаконат захр мемонад.
Зи мағзи ҷон кашӣ заҳмат,
Ба мағзи устухонат заҳр мемонад.
Худовандо, чӣ эҳсоне!

Агар ширинии умрат ҳамин як заҳри танбокуст,
Ҳаметарсам
Нарӯяд дар канорат шоири ширинсухан дигар,
Нарӯяд духтари шириндаҳан дигар.
Гули танбоку гар бошад гули бахтат,
Нарӯяд як нигори гулбадан дигар...

Агар баргу навоят барги танбокуст,
Бидон, ки маҳзи марги туст.
Ҳаметарсам
Дигар мурғи дили насли зарафшонӣ
Насозад дар фазои умри ҷовидон парафшонӣ.
Ҳаметарсам
Агар аз чӯби танбоку ба ҷашну сурҳоят
машъале ояд,
Дигар на Рӯдакӣ,
На Туғрале ояд...

Ба ҳолат зор мегирям, Зарафшон,
Модари зорам,
Ки сар то по зарастию ба як зарра зарат зорам...
4.1.1990

## БАРОИ СОҲИБНАЗАРОН

Равшангаромон ноаҳлу кӯранд,
Наздикҳомон аз хеш дуранд.
Чун кӯҳҳомон то пурсукутем,
То санги куҳҳо санги сабуранд,
Эй вой бар ман, эй вой бар мо!

Тобе надорад ранги куҳистон,
Рафта ба толон санги куҳистон.
Гар санг рафта, саҳл аст, аммо
Рафта ба ғорат ҳанги куҳистон.
Эй вой бар ман, эй вой бар мо!

Сарчашмадори хушкидакомем,
Озод гӯё, аммо ғуломем.
На марди майдон, на марди кайҳон,
Оё чӣ аслем, оё чӣ номем?
Эй вой бар ман, эй вой бар мо!

Номи баланду пастии оҳанг,
Рӯҳи баланду рӯи пурожанг,
Дарё пуробу лабташна соҳил,
Кӯҳи баланду пастии фарҳанг...
Эй вой бар ман, эй вой бар мо!

Аз пунбаи мо чун пираҳан нест,
Рӯи сафеде дар ҳамватан нест.
Аз пунба фахрем то рӯзи мурдан,
Дар рӯзи мурдан гоҳо кафан нест...
Эй вой бар ман, эй вой бар мо!

Озодагӣ не, оворагӣ ҳаст,
Чорагарӣ не, бечорагӣ ҳаст.
Дар кишвари худ, дар мазҳари худ
Худсоҳибӣ не, худхорагӣ ҳаст.
Эй вой бар ман, эй вой бар мо!

Сарзиндагони дилмурда ҳастем,
Аз зарфи қисмат тарфе набастем.
Растем гӯё аз бандагӣ, лек
Аз худ нарастем, аз худ нарастем.
Эй вой бар ман, эй вой бар мо!

6.1.1990

## ҚИЁМАТ

*Эҳдо ба профессор Саъдинисо Ҳакимова*

Хоки кишвар хастаю мурда,
Оби кишвар заҳролуд аст,
Ҳам ҳавояш, ҳам фазояш,
Бенавою бонавояш заҳролуд аст.
Ин чӣ рӯзе?
Ин чӣ назми бошу буд аст?

Ин ҳама як сӯ.
Бадтар аз ин ҳолате таърих надида:
Шири модар заҳрогин аст,
Яъне ҷавҳар заҳрогин аст!
Шири модар мекушад фарзандҳоро,
Меканад пайвандҳоро.
Шири модар андар атрофи Арал
Бахри тифлонаш батар шуд аз аҷал!

Модаре, ки пой то сар заҳрогин аст,
Чун бизояд тифли ширинкоми фардо?
Яъне фардо заҳрогин аст,
Яъне истиқболи дунё заҳрогин аст.
Ин чӣ расме?
Ин чӣ ойин аст?

Дар миёни ин ҳама дарду бало
Чун тавон кард орзуи бахти рангин?
Чун тавон кард орзуи умри ширин?
Чун тавон кард орзуи рӯзгори чун шакар?
Чун тавон кард орзуи қаҳрамони сафшикан?
Чун тавон кард орзуи Рустами Дастони дигар?

Шири модар заҳрогин буда бошад,
Заҳрогин муҳтавои зиндагонист.
Зиндагонӣ заҳрогин буда бошад,
Пас, чӣ ҷои зиндагонист???

Шири модар заҳрогин аст, эй мардум,
Чӣ ҳолат мерасад?
Шири модар заҳрогин аст, эй мардум!
Қиёмат мерасад!

6.1.1990

## АЛОРАҒМИ МАҲАЛГАРОЁН

*Агар аз Балх ё аз Қандаҳорем,*
*Ҳама парвардаи як кӯҳсорем.*
*Дар ин дарёи нопайдоканора*
*Ба як киштии тӯфонӣ саворем.*

*Толиби Қандаҳорӣ*

I

Гоҳ-гоҳе маҳалгароёне
«Аз куҷоӣ?» – суол мееоранд.
Бо суоли маҳалгароишон
Бахри миллат завол мееоранд.

Ҳунарат чист? Эътиношон нест,
Оҳ, оҳ аз чунин маҳалбозон!
Самарат чист? Кас намепурсад,
Дод, дод аз чунин дағалбозон!

Эҳтиёҷаш ба сангдилҳо нест
Миллати сангиродаи моро.
Эҳтиёҷаш ба сангҷонҳоест
Миллати сангзодаи моро.

Ҷои обод нест дар миллат,
«Аз куҷой?» – суоли вайронист!
«Аз куҷой?» – касе, ки мепурсад
Бори миллат ба дӯш вайро нест!

Хоби шабҳои ман ҳаром шуда,
То ки миллат ҳалолтар бошад.
Мепазирам заволи ҷони хеш,
Миллатам безаволтар бошад.

«Аз куҷой?» – суоли миллаткуш,
Аз чӣ дардӣ, туро чӣ ойин аст?
Баҳри миллат чу сарсупурдаи ӯ
То куҷо меравӣ? Суол ин аст!

II

Фарқ набвад аз ҷанубӣ ё шимол,
Фарқ бошад ту ҳаромӣ ё ҳалол.

Фарқ набвад аз шимолӣ ё ҷануб,
Фарқ он бошад, ки зиштӣ ё ки хуб.

Миллати мо миллати яклахт нест,
З-ин сабаб хушдавлату хушбахт нест.

То ғамони хешро ғамхора нест,
Миллати мо миллати якпора нест.

Як забону сад забонча дорад ӯ,
Сайд бар сайёди худ биспорад ӯ.

Хешро нашнохта бегонадӯст,
Аз ҳақиқат ғофилу афсонадӯст.

Шаҳманиш будан барояш каҳкашист,
Хештаннашносии ӯ худкушист.

Пеш рафтанҳош вопас рафтан аст,
Аз паи як зумра нокас рафтан аст.

Миллат аз якшохагӣ шохаш шикаст,
Сар ба боло карду андар гум нишаст.

Гар ту дорӣ доғу дарди тоҷикӣ,
Ростиро, марди марди тоҷикӣ.

Гар дили моро бихонӣ, тоҷикӣ,
Гавҳари моро бидонӣ, тоҷикӣ.

Фарқ набвад аз куҷоӣ, эй ҳабиб,
Гар ту моӣ, гар ту моӣ, эй ҳабиб.

Берун аз ҳар қайду бастӣ, зинда бош!
Мисли мо миллатпарастӣ, зинда бош!

8.5.1990

* * *

Бидруд оташи дилам! Бидруд, ошиқӣ!
Бидруд саргаронии девонавори ман!
Акнун даруни синаам ҷуз оҳи сард нест,
Бидруд, ҷонфишонии парвонавори ман!

Дигар ба пурсиши дилам дар хобҳои ман
Шабҳо ба рӯи бистарам н-ояд фариштае.
Дигар зи ман намерасад бар дасти он нигор
Дилномаҳои бо ғами ширин навиштае.

Дигар зи оташи дилам номе намондааст
Ҷуз чанд пора коғази оташгирифтае.
Дигар намондааст ба боғи умеди ман
Ҷуз чанд доғи аз ғами дерин шукуфтае.

Дигар садои ишқи ман ҷое намерасад,
З-ин баъд шеърҳои ман фарёди бекасист.
Дигар фазои синаи ман абрбаста аст,
Гулдони хотирам пур аз гулҳои коғазист.

Акнун малул бигзарам аз кӯчаҳои шаҳр,
Ҳар кӯча ёд медиҳад аз гирудори ишқ.
Акнун базӯр бигзарам аз кӯчаҳои шаҳр –
Маҷрӯҳи тирхурдае дар корзори ишқ...

Акнун равонам аз маҳалли бурду бохтҳо,
Аз байни зочабозии бесуди зиндагӣ.
Ҳарчанд бурду бохтҳо хоҳанд боз буд
То вопасин дақиқаи бидруди зиндагӣ.

Бидруд, номаҳои пур аз оташи дарун,
Бидруд, ҳар чӣ доштам, то буд ошиқӣ!
Бидруд, ваъдаҳои фиребои дилнавоз,
Бидруд, оташи дилам! Бидруд, ошиқӣ!

14.8.1990

## МИНБАРИ КОММУНИЗМ

Минбари холӣ, вале пур аз рақам,
Минбари олӣ, вале пур берамақ,
Пур сабақ омӯхтӣ таърихро,
Ҳеҷ аз таърих н-омӯхтӣ сабақ.

Яккатозу якказору яккахор
Осмонҷӯи замингирӣ, дареғ.
Комунизми ту – ҷавонии ҷаҳон,
Лек бетадбиру бепирӣ, дареғ.

Рӯи оламро гирифтӣ гӯиё,
Рӯи одамро надидӣ кӯрвор.
Рӯй меорӣ кунун бо сад ниёз
Сӯи ҳар мулке ба дӯшат кӯлвор.

Ҷони «ғоя» мояи мардум рабуд,
Ҷони «ғоя» хӯрд молу ҷони халқ,
Ҳар шикасте бар ту меояд, сазост,
Чун шикастӣ қалъаи имони халқ.

Кардӣ ворун мактаби таърихро,
Мактабат шуд мактаби бемактабӣ.
Рахна чун бар мазҳаби мардум задӣ,
Сӯи бесӯит шуд бемазҳабӣ.

Ман намедонам, чӣ андарзат диҳам,
Ман намедонам, чӣ бояд карданат.
Ин қадар донам, ки дар саҳни вуҷуд
Хуни милёнҳо бигирад гарданат.

Ман намедонам чӣ душномат диҳам,
Гӯямат ин нуктаи борикро –
Беш аз ин коре накардӣ дар ҷаҳон:
Хор кардӣ миллати тоҷикро...

12.7.1991

## НОМА БА ЗИНДОН, БА МАҚСУДИ ИКРОМ

Барзани Ленин агар Рӯдакӣ шуд,
На ба он содагию кӯдакӣ шуд.

Пайкари Ленин агар вожун шуд,
Ҷигари ворисаконаш хун шуд.

Буд чун сояи ӯ пояашон,
Рафт ҳам появу ҳам сояашон.

Рафт Ленину тунуксоя шуданд,
Моядоронш тунукмоя шуданд.

Чавкии чанд шикамбора шикаст,
Муҳраи чанд ситамгора шикаст.

Охури чанд камунист шуд нест,
Бар сари мурда ду-се мурда гирист...

Ленин ар рафт, фақат нафрин монд,
Нолаи зори ду-се иннин монд.

Ту ҳамехостӣ бо пирӯзӣ,
Бо ҳама карруфари наврӯзӣ

Барфарозӣ аламни Фирдавсӣ,
Додҳои қалами Фирдавсӣ...

Хостӣ бо фари меҳандорӣ,
Кӯҳи Албурз Душанбе орӣ.

Кӯҳи Албурз Душанбе орӣ,
Ҷои реги сақате бигзорӣ.

Боз Заҳҳок чи заҳҳокӣ кард,
Мағзхориву ғаразнокӣ кард.

Он сари одам агар хӯрдаву мурд,
Ин сари пайкари Фирдавсӣ хӯрд...

Ҳар ду аз мост, ҳам он Заҳҳокаш,
Низ Фирдавсии боидрокаш...

Қоима сохтӣ бар Фирдавсӣ,
Лек қоим шуда худ дар ҳабсӣ.

Чун нахонда шаҳи мо «Шаҳнома»,
Кай паи дод биронад хома?

Хомааш хомии ӯ бинвисад,
Нақши гумномии ӯ бинвисад...

Ту аз ин одамакон ҳеҷ машӯр,
Нест чун мурдаашон лоиқи гӯр.

Аз ҳама қасду ғаромат, эй дӯст,
Сари ту бод саломат, эй дӯст.

Рустаму Кова нигаҳдорат бод!
Рӯҳи Фирдавсӣ мададгорат бод!

6.4.1992

## ПАДАРАМ, ВО ПАДАРАМ

*Эҳдо ба равони тобноки*
*Муродуллоҳи Шерализода*

Падарамро куштанд.
Осмоно!
Падаро!
Бепадароне падарамро куштанд.
Падари оқилу соҳибназарамро куштанд,
Падари қобилу соҳибҳунарамро куштанд.
Дилу ҷону ҷигарам сӯхт тамом,
Дилу ҷону ҷигарамро куштанд.

Осмон бо ҳама ахтарҳояш,
Ин ҷаҳон ба ҳама манзарҳояш,
Ин замон ба ҳама сарварҳояш
Тираву тор чу гӯристон аст,
Саҳару шом маро яксон аст.

Шуълаи бому дарамро куштанд,
Нури шому саҳарамро куштанд.

Наъши хунини падар дар назарам,
Хоки олам ба сарам!
Ашки хунин бичакад аз басарам.
Тири ноҳақ, ки адӯ бар ҷигари ӯ зада буд,
Мехурад ҳар нафасе бар ҷигарам.
Ҷавҳари маънии дунё, падарам,
Падарам, во падарам, во падарам!

Ҳар гаҳ аз паҳлӯи гӯраш гузарам,
Ё ки бар сабзаи хокаш нигарам
Хешро хуфта дар оғӯшаш сард,
Хешро низ шаҳиде шумарам.
Шамъи ҷамъияти дилҳо буда,
Дар дили мақбара танҳо, падарам,
Падарам, во падарам, во падарам!

Падарамро куштанд –
Иршодгарамро куштанд.
Бахри парвози баланде суи эъҷози баланд
Шоҳпарамро куштанд.
Осмоно!
Падаро!
Худ туӣ бедодгаро!
Ки на танҳо падарамро куштанд,
Миллати номварамро куштанд!

Ман дигар танҳоям,
Ман дигар бекасу бефардоям.
Сояам, сояи худфарсоям.
Падарам рафт, ба худ чун оям?
Осмоно!
Падаро!
Бебасаро!
Беҳунаро!
Падарамро, падарамро, падарамро куштанд,
Сипарамро, сипарамро, сипарамро куштанд.
8.3.1993

## МЕРОСИ ПАДАР

Дар ин потахти бетахтӣ
Гирифторам чунон дар қабзаи сахтӣ,
(Агар ҷамъ оварӣ имрӯз дар як ҷо
Ҳама бадбахти оламро
Ту аз мисоқ то ҳоло,
Надида мисли як тоҷик сарсахтиву бадбахтӣ)
Ки менолам, худовандо,
Балогиро, балобандо,
Чаро ин мулки мардистон
Шуда имрӯз маргистон?

Ба қасди куштани ман кист Азроил?
Барои қатли ман худ кист як қотил?
Ва ё як дашнаи ҷоҳил?
Садо меояд аз Арши муъалло:
Намедонӣ?
Бипурс аз мардуми ғофил...

Бародарро бародар мекушад? –
Ойини меросист.
Сиришти бандаи осист.
Намедонӣ?
Фаротар рав, фурӯтар рав,
Бипурс аз ҳазрати Одам,
Чӣ карданд он ду пураш, он ду ҷоҳил[1]...

Чӣ ҷурми мардуми ғофил?

Дар ин ҳарвонагаҳ чун зиндаӣ, Лоиқ?
Дар ин кушторгаҳ чун зиндаӣ, эй Дил?
18.11.1993

* * *

Гар намебудӣ ту яктои дилам,
Кай чунин маҳбуби мардум мешудам?
Гар намебудӣ ту пайдои дилам,
Бе ту ман дар зиндагӣ гум мешудам.

Гар набошӣ, хона дорад бӯи ғам,
Гар ту бошӣ, хона дорад бӯи мушк.
Гар ту бошӣ, хок гирам, зар шавад,
Гар набошӣ, зар бигирам, хоки хушк...

Гар Зарафшон аст як рӯдеву бас,
Ту яке не, сад Зарафшони манӣ.
Гар Зарафшон хушк гардад то Бухор,
Ту намехушкӣ, ту дар ҷони манӣ.

Ту гули боғи ҷавонии манӣ,
Ҷони ман бо ҷони ту омехтаст.
Ту мадори зиндагонии манӣ,
Дасти ман бар гарданат овехтаст.

Кӯдакони покзоду хандарӯ
Шукри иллаҳ, ҳамқади мову туанд.
Гар набошад сарватемон дар бисот,
Кӯдакомон сарвати мову туанд.

Дӯстон гӯянд гаҳ бо ҳазлу ҷид
Ҳамсари ту шоири олӣ шуда.
Худ ба худ мегӯй шояд зери лаб –
Хона пур аз шишаи холӣ шуда.

1. Ишора ба қиссаи Ҳобилу Қобил.

Ғайри кафшу мӯзаҳои кандагӣ,
Ғайри ҷомашӯиву дӯзандагӣ,
Ғайри мастии ману дӯғу даранг
Ту чӣ дидӣ аз ҳаёту зиндагӣ?

Баъди он шабгардию рӯи туруш
Мастии пайдарпаю шармандагӣ,
Шишаи пур гар гузорӣ рӯи миз,
Зиндагӣ пур мешавад аз зиндагӣ.

Ҳар якеро бо ҳазорон ранҷу таб
Парваридӣ ту зи тору пуди ҷон.
Дар ҷавониҳои фарзандони хеш
Ман туро ҳар лаҳза мебинам ҷавон.

Ғайри бори риштаҳои зиндагӣ
Шаддаи марҷон надорад гарданат.
Ман чӣ овардам, ки бахтат шод шуд,
Ҷои он миқдор бахт оварданат?

Андар ин дунёи бемаъниву пуч
Ту чӣ дидӣ ғайри мастиҳои ман?
Эй сарат аз санг бодо, ки бапост
Зиндагии бесару бепои ман.

Кошкӣ аз ҷумла гулҳои ҳаёт
Аз гули рӯят маро гулдаста бод.
Як сари мӯ то рамақ бошад маро,
Зиндагониям ба мӯят баста бод!

Кошкӣ то лаҳзаҳои вопасин
Зиндагиям пур зи дидори ту бод.
Гар зи ту андар ҷаҳони маргбор
Пештар мирам, худо ёри ту бод!

23.12.1993

* * *

Мо ғуломем, ғуломем, ба ном озодем,
Мо харобем, харобем, ба ном ободем.

Мо асирем, асирони низоми дигарем,
Аз яке дом раҳидему ба доми дигарем.

Мо ҳақирем, ҳақирони сияҳномаи хеш,
Ном гумкардаи шӯру шару ҳангомаи хеш.

Мо наҳифем, наҳифони маҳалбозии худ,
Мо заъифем, заъифони дағалбозии худ.

1994

* * *

Ҷавониям –
Баҳори зиндагониям
Чу айёми гулафшони ғазал бигзашт.

Ҷавониям ба риндиҳо, ба мастиҳо,
Пур аз доғи дил аз зебопарастиҳо
Ба рӯи даст девони ғазал бигзашт.

Ҷавониям бурун аз ҳадди афсона
Фидои ҷилваи ҳусни худоёна
Ба номи неки гӯянда чу поёни ғазал бигзашт.

Чӣ гӯям беш аз ин дигар,
Агар гӯям, ки бо фарёди исёнгар
Ҷавониям чу даврони ғазал бигзашт?..

1994

## МАРСИЯИ ҶАМШЕД

*Дар сӯгвории пизишки ҷавон Ҷамшед Осимӣ, ки аз тири қотилон кушта шуд ва дар таслияти қиблагоҳи ӯ донишманди покнасаб Аслиддин Осимӣ, ки бар банда зиёда ҳаққи бародарӣ доранд.*

Куштандат, о ҷону ҷигар, эй ҷашну суру иди ман,
Куштандат, о нури басар, эй бар замон тамҳиди ман,
Эй фахри ман дар зиндагӣ аз диду аз нодиди ман,
Хоки ду олам бар сарам, бар ин сари испеди ман.

Куштандат, о Ҷамшеди ман,
Ҷоми Ҷами уммеди ман,
Эй андар ин зулматсаро маҳтоби ман,
хуршеди ман.

На хотире ранҷондаӣ, на бар касе бад кардаӣ,
На ҳаққи мардум хурдаӣ, на моли мардум бурдаӣ,
Ҳатто дили як мӯрро н-афсурдаӣ, н-озурдаӣ,
Бояд бимиранд ин сагон, боре чаро ту мурдаӣ?

Куштандат, о Ҷамшеди ман,
Ҷоми Ҷами уммеди ман,
Эй андар ин зулматсаро маҳтоби ман,
хуршеди ман.

Қуте агар ҳам хурдаӣ, ғамҳои мардум будааст,
Дарду ғами имрӯзаву фардои мардум будааст,
Дар синаи дардошноят ҷои мардум будааст,
Чун ҳафт пуштат аз азал малҷои мардум будааст.

Куштандат, о Ҷамшеди ман,
Ҷоми Ҷами уммеди ман,
Эй андар ин зулматсаро маҳтоби ман,
хуршеди ман.

Будӣ табиби покҷон байни ғубору гардҳо,
Будӣ табиби содадил бар кулли гарму сардҳо,
Будӣ табиби мардҳо, номардҳо ё мардҳо?...
Будӣ табиби мардҳо! Куштандат ин номардҳо...

Куштандат, о Ҷамшеди ман,
Ҷоми Ҷами уммеди ман,
Эй андар ин зулматсаро маҳтоби ман,
хуршеди ман.

Тире, ки зад бар синаат,
бар мағзи ҷони ман расид,
Тире, ки зад бар синаат,
бар синаи меҳан расид,
Зеро камон бар қабзаи бедонишу
бефан расид,
Зеро камон андохтан бар зумраи
кавдан расид.

Куштандат, о Ҷамшеди ман,
Ҷоми Ҷами уммеди ман,
Эй андар ин зулматсаро маҳтоби ман,
хуршеди ман.

Ёраб, ту огоҳӣ аз ин пешомади ногоҳи ман,
Ёраб, бубин ҳоли ману ин қабзаи кӯтоҳи ман,
Ёраб, шунав рӯзу шабон ин нолаи
ҷонкоҳи ман, –
Бар синаи қотил бизан шамшеру
тири оҳи ман!

Куштандат, о Ҷамшеди ман,
Ҷоми Ҷами уммеди ман,
Эй андар ин зулматсаро маҳтоби ман,
хуршеди ман!

3.2.1994

## МАНУ ТУ

*Ҳеҷ донӣ, ки чӣ кардем ба модарману ту?*
*Ё чӣ кардем ба ҳам, ҷони бародар, ману ту?*
*Саъй кардем ба вайронии кишвар ману ту,*
*Рав, ки уф бар туву ман бошаду*
*туф бар ману ту.*

*Ҳардумон мояи нангем, амон аз ману ту!*
*Ману ту ҳар ду ҷафангем, амон аз ману ту!*
*Маликушшуаро Баҳор*

Ману ту ё туву ман? Хуб, чӣ коре кардем?
Бо дили халқ чӣ сон гуфтугузоре кардем?
Чӣ навӣ дар бари ин кӯҳнадиёре кардем?
Ҳеҷ! Гулзори Ватанро чу мазоре кардем.

Баски фарҳанг надорем, амон аз ману ту!
Фарраву нанг надорем, амон аз ману ту!

Ману ту ҳавсалатангем, амон аз ману ту!
Ману ту даббаву дангем, амон аз ману ту!
Ману ту гиҷу гарангем, амон аз ману ту!
Пур дурӯему дурангем, амон аз ману ту!

Ману ту масту малангем, амон аз ману ту!
Бандаи нашъаву бангем, амон аз ману ту!

Ту аз ин сӯ, ман аз он сӯй чу сангар кардем,
Мулки ғоратзадаро ғорати дигар кардем.
Сарварӣ хоставу сарбуриро сар кардем,
Хари худро биситудему паямбар кардем.

Баски мо худ хари лангем, амон аз ману ту!
Ҷумлагӣ вақфи дирангем, амон аз ману ту!

Ту аз ин сӯ, ман аз он сӯй туфанг овардем,
Баҳри саркӯбии ҳам оҳану санг овардем,
Халқи ғафлатзадаро сахт ба танг овардем,
Аз сари роҳ варо бар сари ҷанг овардем.

Чун ба ҳукми дигаронем, амон аз ману ту!
Душману дӯст надонем, амон аз ману ту!

Сухане ҳеҷ на аз фарри каёнӣ гуфтем,
Ту бадахшонӣ, хуҷандӣ, хуталонӣ гуфтем,
Ту самарқандӣ, зарафшонӣ, вахонӣ гуфтем,
Ту бухорӣ, ту ҳисорӣ, ту фулонӣ гуфтем.

Баски бегонапарастем, амон аз ману ту!
Сусту бемояву пастем, амон аз ману ту!

Дод, сад дод аз ин хидмати фарзандии мо,
Оҳ, сад оҳ аз ин хешиву пайвандии мо,
Ёфт чун рахна ба девори маҳалбандии мо,
Бехирад тохт ба авранги «хирадмандӣ»-и мо.

Баски авранг надорем, амон аз ману ту,
Фаҳми аржанг надорем, амон аз ману ту!

Бонгамон буд ба номи Ватану суди Ватан,
Бонгамон буд ту гӯӣ ҳама фармуди Ватан,
З-оташи даъвати мо – даъвии беҳбуди Ватан
Сӯхт он сон, ки баромад ба фалак дуди Ватан.

Чунки беҷилваю рангем, амон аз ману ту,
Мисли як пукафишангем, амон аз ману ту!

Аввал аз баҳри димукросӣ талоше кардем,
Баҳри фардои Ватан ҷодатарошӣ кардем,
Мӯканӣ, рӯйканӣ, синахарошӣ кардем,
Оқибат мардуми худро муталошӣ кардем.

Баски якпора набудем, амон аз ману ту,
Ба як ангора набудем, амон аз ману ту!

Нест қонуне, вале хидмати қонун кардем,
Халқро кӯфта, аз зиндагӣ бурун кардем,
Хуни ӯ рехта, сарсону алохун кардем,
Алғараз домани таърих пур аз хун кардем,

Баски додор надорем, амон аз ману ту,
Баски солор надорем, амон аз ману ту!

Ману ту? Оҳ зи дасти шару шӯри ману ту!
Оҳ аз дасти дилу дидаи кӯри ману ту!
Оҳ аз кӯтаҳии ақлу шуури ману ту!
Ҳар ду кандем ба ҳампанҷагӣ гӯри ману ту!

Ҳар ду бадхоҳи худастем, амон аз ману ту,
Ки чунин хор шудастем, амон аз ману ту!

Инак, аз беҳунарӣ бод ба каф мардуми мост,
Аз паи пораи ноне зада саф мардуми мост,
Монда ҳайрону парешон ду тараф мардуми мост,
Байни обу алави бими талаф мардуми мост.

Хирмани сӯхта дорем, амон аз ману ту!
Ду лаби дӯхта дорем, амон аз ману ту!

Вой бар мо, ки киён тоҷи каёнро куштанд,
Хешу бегона ҳама тоҷикамонро куштанд,
Пеши ман, гӯ, на фақат пиру ҷавонро куштанд,
Пеши ман гӯӣ ҳама кавну маконро куштанд.

Чунки мо душмани хешем, амон аз ману ту,
Оташи хирмани хешем, амон аз ману ту!

Баъд аз ин фоҷиъа чун боз сарафроз шавем?
Боз чун қобили шаҳкориву эъҷоз шавем?
Боз чун ҳамрамаку ҳамдилу ҳамроз шавем,
Ки дар ин зиндагӣ аз мурдагӣ оғоз шавем?

Чунки мо боз ҳамонем, амон аз ману ту!
Баҳри ҳам гӯрканонем, амон аз ману ту!

Ҳол бо шавкати дерина таҳи по шудаем,
Тоҷдорони нагунбахти тиҳипо шудаем,
Дур аз асли худ афтодаву дарво шудаем,
Аҳлият нест, ки вомондаи дунё шудаем.

Лоиқи қаҳри худоем, амон аз ману ту!
Ки чунин зиндаҷудоем, амон аз ману ту!

Пас, биё, даст ба ҳам додаву паймон созем,
Дар баду нек ба ҳам будаву даврон созем.
Дар ҳарими диламон маъбади имон созем,
На шимолӣ, на ҷанубӣ, яке Инсон созем!

То дигар бор нагӯем: амон аз ману ту!
То ба такрор нагӯем: амон аз ману ту!

5.2.1994

## БА ХАЛАЛГАРОНИ ИНШОИ ПОЙГОҲИ БАРҚИ РОҒУН

– Мабод ин Роғуну дарғаш,
Ки гардад ғарқ кӯи мо, –
Ту мегуфтӣ зи ҳар минбар
Ба рӯи мо, ба сӯи мо.

Намондӣ, то қад афрозад,
Биё, ҳоли забунаш бин.
Нашуд гар ғарқи об, акнун
Биё, ғарқоби хунаш бин...

9.3.1994

## ЗАБОНИ ТИР,<br>ЗАБОНИ ҲАҚИҚАТ

Ту ҳар боре камон бар дӯш бебок
Ҳақиқатро бигӯ, мегӯӣ, эй дӯст.
Ба ҳаққи ту агар гӯям ҳақиқат,
Ту дарҳол аз тани ман меканӣ пӯст.

Агар гӯям камон бар дӯши ту: ганҷ,
Агар гӯям камон бар дӯши ту: бахт,
Агар гӯям камон бар дӯши ту: ҷоҳ,
Агар гӯям камон бар дӯши ту: тахт;

Агар гӯям ки ту миллаткушастӣ,
Камон бар дӯш ҳастӣ душмани халқ,
Ба зоҳир роҳбону посбонӣ,
Ба ботин раҳзани ҳақ, раҳзани халқ;

Агар гӯям, ки ту як ҷав наярзӣ,
Камон бар дӯш як дам қаҳрамонӣ.
Камонатро чу аз дастат бигиранд,
Куҷо ту қаҳрамонӣ? Қалтабонӣ!

Ҳақиқатро чунин гар рӯ ба рӯят
Бигӯям, бегумон дар он дақиқа
Камонро рост созӣ бар дили ман,
Ва ё андозӣ тирам бар шақиқа.

Ҳақиқатро бигӯ гуфтӣ, бигуфтам,
Ки ҳаргиз менагунҷад дар гумонат.
Яқин дидам, ки ҷони ҳақварамро
Замонат нест аз тиру камонат.

Камон бар дӯшу сад торочу толон...
Ҳақиқат? Боз мегӯӣ ҳақиқат?
Ба ту бояд сухан аз дайюсӣ гуфт,
Ба ту бояд сухан гуфт аз ҳамоқат.

Ҳақиқат? Боз мегӯӣ ҳақиқат?
Ҳақиқат ин ки бар ман деҳ камонат,
Ки бар ҳаққи ҳама бедодкорит
Бипарронам зи чашму аз даҳонат!

Бипарронам зи чашмат, то бибандам
Ба сӯи ганҷҳо роҳу тариқат,
Камонатро кунам чӯби мазорат.
Ҳақиқат ин бувад! Маҳзи ҳақиқат!

Ҳақиқат? Боз мегӯӣ ҳақиқат?
Ҳақиқат хурда милёнҳо сари мард.
Забона зад ҳақиқат аз забоне,
Забони тир онан кӯтаҳаш кард.

Ҳақиқат? Боз мегӯӣ ҳақиқат?
Ҳақиқат бо камон тавъам набошад.
Забони тир то оташфишон аст,
Ҳақиқат дар ҳама олам набошад!

10.3.1994

* * *

Эй шаҳри беситораи дунёнадидаҳо,
Аз ҳар куҷо расида, ба ҳам норасидаҳо,

Шаҳри забоншикастаҳо, аз ҳам гусастаҳо,
Дар раҳгузори ҳодиса сархам нишастаҳо.

Шаҳре, ки дар суруди он матни ягона нест,
Шаҳре, ки дар таронаи он бекарона нест.

Шаҳри дурангзода, дуоташнажодаҳо,
Ҳам ҳошиянишастаҳо, ҳам уфтодаҳо.

Шаҳри ниҳоди хешро барбоддодаҳо,
Мурда, вале баҷой чу қандили ҷодаҳо.

Шаҳре, ки гӯӣ муслиму бадтар зи кофиранд,
Шаҳре, ки гӯӣ бумиянд, аммо мусофиранд.

Шаҳре, ки чун ба боми он оташ бирехтанд,
Оташгирифтаҳо ҳама ҳар сӯ гурехтанд.

Як кас нагуфт: шаҳри ман ин аст, ин манам,
Инак ману дифоъи дилу ҷони меҳанам!

Эй шаҳри ҳеҷ кас, ба куҷо мерасӣ, дареғ!
Шаҳри ҳама касӣ, ки чунин бекасӣ, дареғ!

12.6.1994

## ИЛТИҶО АЗ КАМОНМАРДОН

*Найзабозӣ андар ин куҳҳои танг*
*Найзабозонро ҳамеорад ба нанг.*
*Мавлавӣ*

Камонмардон!
Камон аз дӯш бигзоред,
Ба ёди куштагони хештан хомӯш бигзоред!
Ки аз тири заминиву ҳавоитон
Ҳавои зиндагимон нест.
Зи барқи тиратон шабҳо
Сафои зиндагимон нест.

Ҳама тире, ки андар тирдон доред,
Ба қалби ман бияндозед,
Ба ҷони ман фурӯ резед,
Ҳамин як қалби ман омоҷгоҳи тиратон бошад,
Валекин ҷони мардум дар амон бошад.
Агар як ман бимирам, ҳеҷ боке нест,
Фардо Модари тоҷик
Ҳазорон Лоиқи лоиқтаре аз ман биёрад боз.
Басо мушфиқ, басе ошиқ,
басе содиқтаре аз ман биёрад боз.

Камонмардон!
Худо дар синаҳотон раҳм андозад,
Камон аз дӯш бигзоред,
Ба ёди куштагони дӯш бигзоред.
Ҳама тиру камон бинҳед,
Ба мо тири амон бидҳед.
Ҳама тиру камон бинҳед,
Ба мо давру замон бидҳед.

Камонмардон!
Яқин донед,
Ки ин тоҷик куштан аз ду ҷониб
дар ду дунё қаҳрамонӣ нест,
Ки чун ин ҷанги нангини шумо
дар ҳеҷ таърихи ҷаҳонӣ нест,
Ва аз ин шумтар, аз ин табаҳтар достоне нест.
Шумо чун хуни ҳамдигар ҳамерезед,
Душман мешавад пирӯз бар мо бесилоҳу ҷанг.
Шумо чун тухми ҳамдигар ҳамесӯзед,
Душман мешавад пирӯзтар беҳангу бесарҳанг.

Агар ҳоло намефаҳмед,
Рӯзе нек мефаҳмед, ки тире аз камон рафтаст,
Ва рӯзе нек мефаҳмед, ҳар тире, ки афкандед,
Ба мағзи устухони тоҷикон рафтаст.
Шумо як рӯз мефаҳмед,
Ки худ ёрӣ ба душман кардаед, эй вой!
Ки худ бунёди меҳан кандаед, эй вой!

Камонмардон!
Агар хоҳед фардоро ба даст оред,
Камон аз даст бигзоред!
Агар хоҳед рӯҳеро наёзоред,
Камон аз даст бигзоред!

2.12.1994

* * *

Эй табиби ҳозиқи ман!
Дар набарди зиндагию марг ҳастӣ
посбони зиндагӣ.
Дар ҷидоли умрҳо ҳастӣ ту ҷони зиндагӣ.
Ҳам зи модар, ҳам зи ту бошад давоми наслҳо,
Ҳам зи модар, ҳам зи ту поянда номи наслҳо...

Бо ту дасти ҳозиқи ҷонофарин
Рӯзи таваллудам маро бардоштӣ.
Хостӣ аз баҳри ман роҳи сафед,
Хилъати испед дар бар доштӣ.

Кардӣ истиқбол тақдири маро,
Пешкаш кардӣ бароям ин ҷаҳон.
Пешкаш кардӣ бароям корзор –
Корзори рӯзгори зиндагон.

Лек рӯзе чун зи дунё бигзарам,
Боз ой бар сари болини ман.
Бишмарӣ набзи маро дар назъи ҷон,
Бо забони хуш диҳӣ таскини ман.

Бо ҳамон хилъат, ки дар бар доштӣ
Рӯзи бар дунё қадам бинҳоданам,
Бар сарам ой ту ҳам ҷон рӯи каф
Рӯзи баҳри зиндагӣ ҷон доданам.

Дида будӣ гиряҳои аввалинам,
Боз бинӣ охирин пайғоми умрам.
Ибтидоям дида будӣ,
Бинӣ ҳам фарҷоми умрам.

Ҳам гирифтӣ пешвозам,
Ҳам шудӣ ту бонии умри дарозам,
Ҳар гаҳе, ки медиҳад дунё ба бодам,
Боз гӯӣ хайрбодам...

Эй табиби ҳозиқи ман!
Бе ту душвор аст аз модар ба дунё по ниҳодан,
Бе ту душвор аст дар паҳнои дунё
пар кушодан,
Бе ту душвор аст осон ҷон супурдан,
Бе ту душвор аст мурдан!..

1995

* * *

Эй обшори дур,
Эй обшори нур.
Бар доди ман расед,
Ман дилшикастаам,
Ман пири хастаам.

Эй дӯстони дил,
Омад хазони дил,
Бар доди ман расед,
Ман дилшикастаам,
Ман пири хастаам.

Эй рӯҳи модарам,
Дасти бародарам,
Бар доди ман расед,
Ман дилшикастаам,
Ман пири хастаам.

Гар кӯҳна ё навед,
Филҳол по шавед,
Бар доди ман расед!
Ман дилшикастаам,
Ман пири хастаам.

4.9.1995

## БАҲОНА ЧИСТ? НОМИ ХАЛҚ!

Замона бенизом шуд, баҳона чист? Номи халқ!
Ҳалолҳо ҳаром шуд, баҳона чист? Номи халқ!
Хазинаҳо тамом шуд, баҳона чист? Номи халқ!
Ватан ба коми вом шуд, баҳона чист? Номи халқ!

Чи шонаҳо, чи фонаҳо[1], чи домҳо, чи донаҳо,
Ки пур шуд аз ҷанозаҳо ҳамин на як сағонаҳо,
Ки бӯи мурда бишнавӣ зи ҳавзу рӯдхонаҳо.
Қиёми издиҳом шуд, баҳона чист? Номи халқ!

Худо бигирад инчунин замони безаминаро,
Ки дар замини синаҳо бикошт тухми кинаро,
Ки аз раҳи нифоқ зад ба санг обгинаро.
Тулӯъи рӯз шом шуд, баҳона чист? Номи халқ!

На хонаҳои мардумон, на хонаи дилест гарм,
Намекунанд ҳорисон зи ҳоли зори халқ шарм.
Бисоти халқ холӣ шуд ба сони хонаҳои Ғарм.
Сабӯс ҳам таом шуд, баҳона чист? Номи халқ!

Гирифтаанд ҳарисҳо ба сӯи охуре камин –
Яке сӯи мағозае, дигар ба сӯи алюмин,
Камон ба даст омада! Магӯ чунону инчунин,
Ки тир мири ом шуд, баҳона чист? Номи халқ!

Яке барои тахт ҷанг, яке барои тахта ҷанг...
Яке паи тамокую яке зи баҳри пахта ҷанг...
Намекунад диловаре барои ақли пухта ҷанг,
Ҳуҷуми ақли хом шуд, баҳона чист? Номи халқ!

Ба ҳаққи кори одамон ҳуқуқ не, маош нест,
Дусола ҳаққи ҷонканӣ барои нону ош нест.
Кӣ гуфт байни сарварон барои ҳақ талош нест?
Қасосу интиқом шуд, баҳона чист? Номи халқ!

Накӯ нигар, пари каҳе чӣ сон ба каҳкашон парид?
Накӯ нигар, ки мокиён хурӯсро чӣ сон парид?
Накӯ нигар, ки жавраке чӣ сон ба осмон парид?
Уқоб асири дом шуд, баҳона чист? Номи халқ!

Яке алам фарошта, яке кунад аламкашӣ,
Яке – камаршикастае зи меҳнату ситамкашӣ,
Яке зи бори ин Ватан насибааш – шикамкашӣ...
Ҳамин ҳаёт ном шуд, баҳона чист? Номи халқ!

Забон чӣ гуна густарӣ, агар туӣ забонваре?
Паём бар кӣ мебарӣ, агар туӣ паямбаре?
Аҷаб мадор дар чунин муҳит ориёфаре
Дубора гар ғулом шуд, баҳона чист? Номи халқ!

Хирад хамӯшу ром шуд, баҳона чист? Номи халқ!
Кушокушӣ маром шуд, баҳона чист? Номи халқ!
Камонкашӣ салом шуд, баҳона чист? Номи халқ!
Хулосаи калом шуд, баҳона чист? Номи халқ!

24.2.1996

## ҶОНКАНИИ БОҒ

Надонистем, ҳайфи мо,
Нафаҳмидем, ҳайфи мо,
Ки тӯфон аз чӣ сӯе
бо чӣ қасду бо чӣ нируе
ба сӯи боғи мо тӯфид?
Ва аз чӣ маҳз сӯи боғи мо тӯфид?

Яке дар инҳисори даҳшати тӯфон
Тамоми боғро дидем:
Ҳар як реша,
Ҳар як барг ҷон меканд.
Зи ҷӯи боғ хун мерафт.

1. Баҳрагирӣ аз мақоли «Аз сар шона, аз таҳ фона».

Дарахтон решакан
уммеди имдод аз худошон буд,
Ва ҳам уммед аз мову шумошон буд.

Валекин боз ҳам бӯе набурдем аз заволи боғ,
Зи шоху баргҳои хунчакони ҳар ниҳоли боғ.

Чу гурги гушна ту з-он сӯ,
Чу хирси гушна ман з-ин сӯ
Табарҳо,
Тешаҳову арраҳо дар даст
Дарахтони зипойафтодаро так-так
шикастему
буридему
кафондем,
Ба сӯи хонаҳои худ кашондем
Ва гӯё дар амон мондем.

Ва андар хилвати шабҳо
Табаққҳову сатилҳову лаганҳо
пур зи хокистар
Ба сӯи боғ мерафтем.

Пас аз чанде замини боғ
шуд як тӯда хокистар,
Ки бо як пуф барад аз ҷой тӯфонаш,
Кунад ҳар сӯ парешонаш...

Надонистӣ,
Надонистам,
Надонистем,
Надонистему донистан натонистем,
Ки аз чӣ боғи мо омоҷгоҳи қасди тӯфон шуд?
Ки аз чӣ боғи мо ҳарвонагоҳи
дасти тӯфон шуд?

Кунун,
эй хок бар сармон!
Ба рӯи мушти хокистар
Ману ту орзу дорем
боғи тозае корем...
Худовандо, чӣ бенангем,
Худовандо, чӣ беъорем!

28.2.1996

## ЧАШМОНИ ОЛИМПУР

Дошт дар оинаи чашмони худ
Аксҳои гунагуни гунаи мову шуморо.
Аксҳои зиндагии рӯсиёро,
К-андар ӯ мезист навъе бо мудоро.
Дошт андар дурбини дидагонаш
Аксҳои нағзу рангини замона.
Гарчи ҳам медид, он андоза гӯӣ ҳам намедид,
Лаккаҳои шармовар,
доғҳои зишту нангини замона.

Дошт, оре, дар булӯри дидагонаш акси моро.
Бурд ҳам андар булӯри дидагонаш
акси морову шуморо.
Акси авзои замона, акси ёрони дилашро,
Акси фарёди дарунаш, акси исёни дилашро...

Лек аз ин дунёи баттолу аз ин айёми қаттол
Дар булӯри дидагонаш
Охирин аксе, ки бурд ӯ –
Акси шуми қотилаш буд...
(Таъну лаъни ҷовидонӣ бод бар ӯ!!!
Нафрати ҳардуҷаҳонӣ бод бар ӯ!!!)

Баски ӯ андар миёни ормонҳои бузурги хеш
оламгир буд,
Дар хилоли аксҳои безаволаш
Ханда буду гиря буду тифл буду пир буд –
Алғараз дар мардуми чашмони ӯ
Акси мардум буд.
Кош мардум акси ӯро низ
Андар мардуми чашмони худ поянда доранд.
Гарчи ман аз мардуми мо интизори ин
шаҳоматро надорам,
Боз ҳам уммедворам...

7.3.1996

## ОРЗУИ ХОМ

Дар ғами номуси миллат
Камтарин тоҷик агар чун ман бисӯзад,
Аз фурӯғи рӯзи миллат
Бемуҳобо хонаи душман бисӯзад!

Баҳри истиқлоли миллат
Камтарин тоҷик агар чун ман бисӯзад,
Аз тулӯъи фоли миллат
Решаи манҳуси Аҳриман бисӯзад!

Дар раҳи фардои миллат
Камтарин тоҷик агар сидқан бисӯзад,
Бо сару савдои миллат
Кошкӣ, эй кошкӣ чун ман бисӯзад!

10.3.1996

## СОҚИНОМАИ ИМРӮЗИН

Бидеҳ, косагул, оби ангури мо,
Ки наздик созад раҳи дури мо.
Бидеҳ, соқӣ, он май, ки мун Мо шавем,
Ҳама дар такопӯи фардо шавем,
Зи ҳар ҷо биёему якҷо шавем,
Ҳама қатраҳоему дарё шавем,
Ҳама волаи ҳусни воло шавем,
Зи пастии худкомӣ боло шавем.
Бидеҳ, косагул, оби ангури мо,
Ки наздик созад раҳи дури мо!

Бидеҳ, косагул, оби ангури мо,
Ки бино шавад дидаи кӯри мо.
Бидеҳ соғаре, то нишотам диҳад,
Зи марги муаллақ баротам диҳад,
Зи шарри камонҳо наҷотам диҳад,
Ба саҳни чаманҳо бисотам диҳад,
Ба матни замона суботам диҳад,
Ба батни замона ҳаётам диҳад.
Бидеҳ, косагул, оби ангури мо,
Ки бино шавад дидаи кӯри мо!

Бидеҳ, косагул, оби ангури мо,
Ки равшан шавад хонаи гӯри мо.
Бидеҳ он сабӯе, ки нирӯ диҳад,
Равонро маконе зи минӯ диҳад,
Ба ҳар оҳамон доди ёҳу диҳад,
Амонмон зи ҳар ҷурму оҳу[1] диҳад,
Ба миллат раҳу рӯи яксӯ диҳад,
Ба бешу ками мо тарозу диҳад.
Бидеҳ, косагул, оби ангури мо,
Ки равшан шавад хонаи гӯри мо!

Бидеҳ, косагул, оби ангури мо,
Ки Рустам шавад ҳар яке пури мо.
Бидеҳ косае, то писарҳои мо
Бибошанд ҳар ҷо сипарҳои мо;
Ки тифлони ширу шакархои мо
Биболанд пеши назарҳои мо;
Ки пайваста бошад сафарҳои мо
Қадам дар қадам бо зафарҳои мо.
Бидеҳ, косагул, оби ангури мо,
Ки Рустам шавад ҳар яке пури мо!

Бидеҳ, косагул, оби ангури мо,
Ки равшан шавад шоми дайҷури мо,

1. Оҳу – гуноҳ, базаҳ.

Ки хокистари мо шарор оварад,
Ки сарпастии мо манор оварад,
Ки барги хазонмон баҳор оварад,
Ки дуди дадон аз димор оварад,
Ки рӯҳи падарҳо барор оварад,
Ки самти назарҳо ба бор[2] оварад.
Бидеҳ, косагул, оби ангури мо,
Ки равшан шавад шоми дайҷури мо!

Бидеҳ, косагул, оби ангури мо,
Ки мирад зи ғам хасми манфури мо.
Бинӯшему донем худхоҳ кист,
Бинӯшему донем худкоҳ кист,
Бинӯшему донем гумроҳ кист,
Ки ҷонкоҳи ин гоҳу даргоҳ кист,
Худогоҳ кисту дилогоҳ кист,
Парешонии мо ба дилхоҳи кист.
Бидеҳ, косагул, оби ангури мо,
Ки мирад зи ғам хасми манфури мо!

Бидеҳ, косагул, оби ангури мо,
Ки афзун шавад ганҷи ганҷури мо.
Бидеҳ соғаре, то ки пулдорҳо
Нашинанд боло зи дилдорҳо;
Ки гулчеҳрагонро ба гулзорҳо
Фароҳам шавад файзи дидорҳо;
Ки аз фазли асрори тӯморҳо
Бимиранд андӯҳу тиморҳо.
Бидеҳ, косагул, оби ангури мо,
Ки афзун шавад ганҷи ганҷури мо!

Бидеҳ, косагул, оби ангури мо,
Ки камтар шавад ранҷи ранҷури мо.
Ки дар хоки Меҳан миҳан кам кашем,
Мабодо, ки дар чолаҳо нам кашем.
Мабодо, ки дар дил фақат ғам кашем,
Мабодо, ки тобуту мотам кашем.
Магӯ бори сангин дамодам кашем,
Дуо гӯй то ганҷи Ҳотам кашем!
Бидеҳ, косагул, оби ангури мо,
Ки камтар шавад ранҷи ранҷури мо!

Бидеҳ, косагул, оби ангури мо,
Ки ширин шавад толеъи шӯри мо;
Ки моро зи мо дур кардан хатост,
Ҷудоии мо аз тую ман хатост;
Ки оташ ниҳодан ба хирман хатост,
Ки эмин набудан ба маъман хатост;

2. Бор – боргоҳ.

Ки беаҳд будан ба Меҳан хатост,
Кашидан зи ҳоҷот гардан хатост!
Бидеҳ, косагул, оби ангури мо,
Ки ширин шавад толеъи шӯри мо!

Бидеҳ, косагул, оби ангури мо
Алорағми ин даври ноҷӯри мо.
Бидеҳ косаи май, ки виҷдони мо
Бувад решаи аҳду паймони мо;
Ки он душмани хонаву ҷони мо
Насозад ҷудомон зи имони мо;
Ки дар хоки мо, Тоҷикистони мо
Расад навбати давру даврони мо!
Бидеҳ, косагул, оби ангури мо
Алорағми ин даври ноҷӯри мо!

Бидеҳ, косагул, оби ангури мо,
Ки равшан кунад даҳрро нури мо.
Ки аз Ховаронем, Ховар зи мост!
Ки аз доваронем, довар зи мост!
Ки аз сарваронем, сарвар зи мост!
Ки аз меҳтаронем, меҳтар зи мост!
Ки минбархудоем, минбар зи мост!
Ки меҳроваронем, меҳвар зи мост!
Бидеҳ, косагул, оби ангури мо,
Ки равшан кунад даҳрро нури мо!

Бидеҳ, косагул, оби ангури мо,
Биафзо ба бозуи мо зӯри мо.
Ки ман будаму оҳу афсӯси халқ,
Ки ман будаму хасми манҳуси халқ;
Ки ман будаму дӯшу имрӯзи халқ,
Ки ман будаму рози мармузи халқ;
Ки ман будаму рӯзиву рӯзи халқ,
Ки ман будаму рӯҳи пирӯзи халқ!
Бидеҳ, косагул, оби ангури мо,
Биафзо ба бозуи мо зӯри мо!

Бидеҳ, косагул, оби ангури мо,
Ки бинем он рӯзи манзури мо.
Ки ояд яке мушкилосони мо,
Ки орад ба сад дард дармони мо.
Яке ояду гӯяд аз ҷони мо:
Ба ҳам ҷӯш хур, эй Хуросони мо!
Ки дар гардиши ҷому даврони мо
Нигаҳбони мо бод яздони мо!
Бидеҳ, косагул, оби ангури мо,
Ки бинем он рӯзи манзури мо!

10.12.1996 – 19.1.1997

* * *

Ало, субҳи ҳумоюнфар,
Биё дар чеҳраи беобу рангу равғанат мирам,
Биё дар хандаҳои бефанат мирам,
Биё дар чашмҳои равшанат мирам!

Чи шоми тирарӯзе буд, шоме ки ба сар бурдам,
Ва дар чанголи хунолудаи кобус
Зи теғи ҳамнажоди хештан мурдам.

Маро куштанд,
Маро дар хуни ман бо ифтихори хоса оғуштанд.
Сипас рафтанд сӯи издиҳоми халқ,
То хонанд худро қаҳрамони покноми халқ...

Чу сар бардоштам аз бистари кобус
Танам бетоб меларзид,
Паси шиша назар кардам
Зи шарми ҳамнажоди ман
Ба гардун қурсаи маҳтоб меларзид.
Чӣ мегӯӣ,
Ба чашмам ҷумла хушку об меларзид.

Такондам маргро аз хештан,
Кобусро рондам.
Яке дидам, ки ту меомадӣ аз хонаи хуршед,
Ба дастат соғаре аз бодаи мастонаи хуршед.

Туро гуфтам:
Маро куштанд!
Хандидию рақсидӣ.

Туро гуфтам:
Маро куштанд!
Маро оғӯш бигрифтиву бӯсидӣ.

Ало, субҳи ҳумоюнфар,
Маро он беҳ,
Ки то аз теғи дасти душманат мирам,
Биё, дар доманат мирам,
Биё, дар доманат мирам!

4.12.1997

* * *

Шаб вожаҳоро хоб мебинам
Вожаҳо дар оғӯши ман,
        ман дар оғӯши вожаҳо,
Вале як рӯз,
        афсӯс,
Мешавам фаромӯши вожаҳо
Ҳарчанд онҳоро зинда доштам.

14.2.1998

* * *

Ман албонҷи баланд мехостам,
Шаҳболамро шикастанд.
Ман силсилаи номуси миллатро
Дона-дона пайвастан мехостам.
Силсиларо гусастанд.
Эй мунодиёни Ваҳдат!
Ман танҳоям.
Агар ман танҳоям,
Ваҳдати шумо чӣ ҷавҳаре дорад?

12.7.1998

* * *

Маро, тоҷикро, тоҷикон, шукри худо,
накуштаанд ҳанӯз.
Бо тири тапончаҳо ва мусалсал
ва хумпораандоз –
мисли Осимӣ, Исҳоқӣ,
Ғуломӣ ва Олимпур (даст марезод)!
Ман зиндаам ҳанӯз,
Вале
куштаанд ва куштатарам аз эшон,
Чи ихлоси маро,
Имони маро,
Эътиқоди маро куштаанд.
Ва ман як мушт сутхони хушк мондаам.
Рагҳоям тухӣ аз хуни ифтихори миллат.
Ба санги мазори эътиқоди ман
Кӣ катиба менависад?
Ва чӣ менависад?

20.8.1998

* * *

Ман бо шумо будам,
Қадри маро надонистед,
Ё донистан натонистед,
Ва ман бо шумо бидруд гуфтаму рафтам,
Худо ёратон!
Равони ман бо шумост
Агар аз шумо равоне мондааст...

25.8.1998

* * *

Дар ин ҷаҳон пас аз он ҷанги ҷаҳон
Боз ҳам
Ду маслух алорағми қисмат зинда монданд:
Яке яздонпараст,
Яке шайтонпараст.
Эй ҷаҳон! Аламон! Аламон!

25.8.1998

## БИДРУД, ЭЙ НОҲАМРАҲОН!

Сангҳоро гуфтам:
по шавед,
биравем ба шаҳри ормонҳо.
Ба сарам сангборон шуданд.

Кӯҳҳоро гуфтам:
бикшоед синаҳотонро,
бинамоед ганҷинаҳотонро,
то кохе бисозем сарбагардун...
Гуфтанд: эй дун!...
Ҳама кинадорон шуданд.

Чашмаҳоро гуфтам:
бо рӯдҳо биомезед.
Рӯдҳоро гуфтам:
бо дарё биёмезед.

Рафтанд мастона
ба даштҳои бегона.
Маро ташналаб гузоштанд
ва ҳар кадом
аз ташнагии ман
ифтихор доштанд.

Ман хушкҷон мондам.
Маргро ба сарвақтам фаро хондам.
Беҳтар аз ҳамгинонам
омад зуд,
зуди ба зуд.

Ӯро миннат ниҳодам
ва фарёд сар додам:

Бидруд, эй сангҳои бедил,
Бидруд, эй кӯҳҳои коҳил,
Бидруд, эй чашмаҳои ботил,
Бидруд, эй рӯдҳои ҷоҳил!
Бидруд!
Бидруд!

23.10.1998

* * *

Зи бедорӣ тоҷик чун дод зад,
Хаёлам дам аз умри озод зад,

Вале нек дидам, ки ингуна буд,
Раҳи чапғалат буд, воруна буд.

Чу тоҷик бо худ ба пайкор шуд,
Ба ҷои хирад фитна бедор шуд.

27.12.1998

БА МАРДУМИ ПАНҶЕКАТ

*(Бардошт аз ифтитоҳи муҷассамаи Деваштич)*

Сари оғушта дар хуни Деваштич
Биёмад бар Ватан аз шаҳри Бағдод.
Зи нав биншаст бар аспи таҳамтан,
Ба Панҷекат шукӯҳи тозае дод.

Кунун ӯ дар фарози теппаи сабз
Зи сарсабзии мо бошад нишона.
Сари афрохта, рӯҳи шикебо
Ба Панҷекат бимонад ҷовидона!

Туро, ки меҳвари ин обу хокӣ,
Бихоҳам рӯзгори бешикастат.
Даме магзор, то душман рабояд
Дубора ин сару афсар зи дастат!

19.3.2000

# МОДАРНОМА

## НАСИҲАТИ МОДАР

Модарам мегуфт доим вақти хоб:
«Хоб кун, албатта, бо паҳлӯи рост!
Он ҳама коре, ки нийят мекунӣ,
Сар бикун бо қувваи бозуи рост.

Нонро доим ба дасти рост гир,
Пӯш аввал остини ростро,
Гар бибандӣ аҳд, дасти рост деҳ,
Дасти чап не хайр дорад, не бақо».

Хурд будам, бехабар будам ҳанӯз:
Фарқ байни дасти чаппу рост чист?
Хоб кардан, сер будан муддао,
Муддао дар дасти чаппу рост нест.

Баъд фаҳмидам, муроди модарам
З-ин насиҳатҳош дигар будааст:
Бо чунин панду насиҳатҳо ба ман
Ростиро тарбият бинмудааст.

1960

## БА МОДАРАМ

Ба кунҷи сандалӣ биншаста шабҳо,
модари пирам,
Ту шояд ҷомаи домодӣ медӯзӣ ба сад нийят,
Ки рӯзи тӯй дида бар қади ман, бишканӣ армон,
Бубинӣ то ба ранги нав, ба ҳусни нав ҷавоният,
Ба он дастони ларзони шарафмандат
бимирам ман!

Наёбад чашми камбинат ба ҷустан
чашми сӯзанро,
Биларзад дасти пурэъҷози ту дар қабзаи пирӣ,
Валекин боз медӯзӣ ту дастархони гулдӯзӣ,
Ки рӯзи маърака дар байни мардум обрӯ гирӣ,
Чи дунёест дунёи умеди ту,
Аё модар, аё модар!

Ниҳону пардагӣ бигзашт даврони ҷавоният,
Ҳаётат дар гуселу пешвози зиндагӣ тай шуд.
Бикун бо гӯшаи қарси сафедат пок ашкатро,
Ба дунё одамӣ як бор меояд ба пои худ...
Ба оҳи тобнокат аз куҷо акси садо ҷӯӣ,
Аё модар, аё модар!

Бурун аз деҳа норафта, надидӣ рӯи дунёро,
Ба гирди хеш гӯё чарх гаштӣ, зиндагӣ кардӣ.
Ба гирди русто домони гардун гӯӣ часпида
Туро барбаст роҳи нийяту азми ҷаҳонгардӣ.
Чӣ дорад олами дар худ ниҳони ту,
Аё модар, аё модар!

Худо гуфтию оят хондию таъбирҳо ҷустӣ,
Ту доим «Ҳафтяк» мондӣ
ба зери болиши кӯдак,
Ки шояд тифл бебоку далеру қаҳрамон гардад.
Дили пайғамбарон гунҷад даруни синаи кӯчак...
Даруни кулбаи пасти назарногири пур аз дуд,
Ба ҳукми қарзи инсонӣ ҷаҳонеро бигунҷондӣ,
Шабонгаҳ мижжа таҳ нокарда,
пухтӣ кулчаи ширӣ,
Саҳар фарзандҳоятро ба майдонҳо гуселондӣ,
Шараф андӯхтӣ аз ҷонфишониҳои фарзандон,
Аё модар, аё модар!

Бубинӣ хоб шаб фарзандҳои мурдаи худро,
Биёбӣ саҳнаи дидорбиниҳои рӯҳонӣ.
Ба назди остонат дом монад сояи маргат,
Туро хонад ба сӯи олами торику зулмонӣ.
Матарс аз марг, охир безаволӣ ту,
Аё модар, аё модар!

Ҳазорон маргро, андӯҳу ғамро пушти сар кардӣ,
Нахурдиву напӯшидиву бо сад ранҷ парвардӣ
Маро бигрифта зери пар.
Барои он ки дар ман зиндаю ҳозир бубинӣ боз
Ҳамон сайёдҳои сайдгашта – рафтагонатро,
Шудӣ хуни ҷигар, модар.

Кунун имрӯз фарзандат – ҷигарбандат
ҳунар омӯхт.
Ки ёбад нони беминнат.
Ба номат дафтаре бикшод,
Дуои хайр гӯ, модар,
Ки ӯ бо номи ту дар роҳи раҳҷӯӣ қадам бинҳод.
Варо ту мағфират кун, раҳнамой кун,
Аё модар, аё модар!

Зи лабҳои фурӯрафта, зи ожанги пурасрорат,
Агар дурам, агар наздик, хонам панди ногуфта:
Чӣ суд аз он гуле, ки зеби як кокул шуду афтод?
Сано бодо ба он гул, ки барои даҳр бишкуфта.
Ту охир ибтидои ибтидоҳой,
Аё модар, аё модар!

Ту ҳоло дар дами пирӣ нафасҳои ғаниматро
Ба нақши гул, ба рӯи сӯзаниҳо сабт месозӣ.
Дурахши охирини чашми худро дар дили шабҳо
Барои субҳи фардо ҳадя месозию менозӣ.
Гулу нуру шарофат ёдгор аз ту,
Аё модар, аё модар!

Суруди ҳузнангези қадимиро махон, модар!
Дилатро бо суруди аввалини ман даме афрӯз!
Агар дасторхону ҷомаи нав дӯзӣ бо уммед,
На танҳо бахри ман,
Бахри ҳама фардоиён ҳам дӯз!
Ғанимат дон насиби вопасинатро,
саломат бош,
Аё модар, аё модар!

6.12.1964

## НОНУ НАСИБ

Куҷо рафтанд, эй модар,
Куҷо рафтанд кафтарҳои навболу парат, модар,
Куҷо рафтанд фарзандони навдилдодаат, модар?

Бисоти тӯй меандӯхтӣ,
Бахри арӯсонат
Садаф меҷустию гарди хазина, шаддаи марҷон.
Чӣ шуд?
Бемодарии зумраи манҳус боис шуд,
Ки рафт аз дасти ту ногаҳ асои пирият, ҷонат.

Ба китфи ҳар яке ту орд пошидӣ, гуселондӣ,
Дуо кардӣ, ки мисли орд бошад роҳашон испед.
Ба ёдат ҳаст, аз нони тамоме порае додӣ
Ба онон, то ки ними дигараш бо ҷазбаи худ
бозгардонад
Ба наздат рафтагонатро,
Кушой боз хони ид.

Куҷо рафтанд, эй модар,
Куҷо рафтанд он шаҳбозҳои дурпарвозат,
Калиду қуфли тиллоят, дари бозат,
Сад оғози як оғозат?
Ба ёдат ҳаст он нони насиби рафтагонатро
Ба рӯзи бенавоиҳо ба ман додӣ,
Ки чун заҳри ҳалоҳил буд дар комам...

Ва омад навбати ман ҳам...
Маро ҳам дар раҳи хидмат гуселондӣ.
Марезон ашк, эй модар,
Ҷаҳон дар бистари чун парниён нарме
Нафас осуда мегирад.
Паи ин сон ҳаёти пурнишоте ҳар каси дилсӯз
Агар мирад, намемирад.

Ба ман ҳам орд пошидӣ, ба ман ҳам
ними нон додӣ,
Ва ними дигарашро доштӣ бо худ,
Ки чун баргардам аз хидмат, бихоҳам хурд.
Машав маъюс, эй модар,
Кунун нону насибамро каси дигар
нахоҳад бурд.
Чу дар он орзуи синаҳои доғ-доғи модарон
дарҷ аст,
Чу дар он меҳру ёди ҷумлаи қурбониён дарҷ аст.
Чу дар он хуни поки қаҳрамонон,
Номҳои тобноки ҷовидон дарҷ аст!

1965

## ҚАРЗ

Ҷавониро ба ту ман қарз хоҳам дод,
Ба уммеде, ки баргардонӣ бозаш,
Ба рӯзи бекасиҳо дар ғуруби зору танҳой.
Ба рӯзи шодмонӣ ҷом деҳ онро,
Ба рӯзи талхкомӣ бесухан, бедаст бинвозаш.

Ба поям чанги роҳе не,
Зи рӯи барфи навборида пешат омадам аз дур,
Зи рӯи сабзаи навруста пешат омадам аз дур,
Раҳораҳ худ ба худ афсонаи номи туро хонда,
Нахустин нақши пои хешро бо номи ту монда,
Зи байни кӯҳҳое, ки сукути ҷовидон доранд,

Зи мавҷи рӯдхое, ки бас асрори ниҳон доранд,
Ба пешат омадам аз дур.

Зи дарё омадам, аммо вуҷудам ташнаю тафта,
Бидеҳ як косаи обам,
Ки ман чун раҳгузар як лаҳзае истода,
хоҳам рафт,
Ба ту аз кӯҳҳо, аз рӯдҳо асрор хоҳам гуфт,
Китоби кӯҳҳо бо ман, суруди рӯдҳо бо ман.

Ба ту аз баччагиям, бекасиям, хорузориям,
Зи ашки модарам,
Аз он ба дарҳо рафта нон пурсиданаш,
Аз он калиди баста андар нӯги мӯҳояш,
Зи чарху дук,
Зи тӯри чашмбанд,
Аз тӯдаи хокистари гармаш,
Ки авлотар зи сад зартӯдаю ганҷи падар гӯянд,
Зи пои лухту урёни кафида, чарм гардида,
Зи дастони дурушташ, дар навозиш
нозуку нармаш,
Зи кӯҳистон,
Зи тарма,
Аз танини найкашии боди саргардон,
Сухан бисёр хоҳам гуфт.

Бимон, то дар булӯри чашми ман монад
нишони ту,
Ва онро чун раҳоварде барам,
Бикшода, чашмамро нишон бидҳам,
Ки то донанд як вақте ҷавони ошиқе будам...

Лабонат хандаомӯзанд,
Аз шодӣ нишон доранд,
Шукуфтанҳои рухсорат баҳори бехазон доранд.
Ҷилои зарҳалии мӯйҳоятро
Бимон бар ёди худ гирам,
Бимон аз он ба рӯи ман расад акси шафақ як дам!

Ба роҳ!..
Эй ҷилваҳои якдамӣ бо ман напардозед,
Ки ман аз хеш баҳри хеш тобути тило дорам!
Ту ҳам, эй хайрхоҳи ман,
Бихон аз ҳар нигоҳи ман диламро,
Дили бозе чу дастархони марди бенаво дорам!
Дар ӯ як достоне ҳаст, гиру хону ёдаш кун,
Дар ӯ чизи гароне нест, аммо ёдгори туст!
18.3.1965

ФАРЗАНДОН

Ту ҳайрон мешавӣ, модар,
Ки ман, фарзанди ту ҳар сол як бор
Дурӯза меҳмонӣ мебиёям.
Пас аз сайру сафар аз шаҳрҳои номию зебо,
Харида баҳри ту савғо,
Ба пешат ҷомадонро мекушоям.

Ту ҳайрон мешавӣ, аммо дар ин дунё,
Ба ҳар кас қисматею навбате ҳаст.
Ту дар як гӯшаи хомӯши кӯҳистон,
Ки ғайри тундари фасли баҳорон
Намесозад хамӯшии варо дигар садо вайрон,
Фақат бо пирзанҳамсоя ҳасрат мекунию бас.

Вале ман одами роҳам,
Ба дӯш анбон чу аскарбаччае омодаи роҳам –
Дар ӯ хоки Ватан, савганди покию вафодорӣ,
Дар ӯ нону насиби баркашида, гарду чанги раҳ,
Дар ӯ роҳи дарозе, ки барад то манзили ёре.

Дар ӯ ҳам сангару ҳам хирмани пахта,
Дар ӯ ҳам эҳтимоли мурдану ҳам ҳайкали ҷовид.
Дар ӯ ҳам зиндагии кӯчии аскар,
Дар ӯ ҳам қаҳрамонии ниҳон андар дилу уммед.

Дар ӯ ҳам шири ту, мӯи сафеди ту, сиришки ту,
Ки ҳар фарзанд бо он сӯи фардо пой мемонад.
Дар ӯ ҳам сурати ёре, ки чашмаш роҳ мебинад,
Хатамро чун суруди тӯй ҳарфоҳарф медонад.

Дар ӯ бонги қатору дастафшонии модарҳо,
Дар ӯ парвозгоҳи мурғи симинболи кайҳонгард,
Дар ӯ ҳам кӯзаи Хайём,
Ҳам турке, ки Ҳофиз бӯсаҳо мекард.

Бале, ман одами роҳам,
Ба дастам ҷузвдон, дар он
Кашида тарҳи шаҳре, к-одамони пир бишморанд
Маҳалли сохтмонашро батар аз барзаху дӯзах.
Дар ӯ ҳам тарҳи қасру хонаю кошонаҳо бинӣ,
Ки соҳибҳояшон дар батни модар
зиндагӣ доранд.

... Зимистон. Барф то зону,
Зи чашма кӯза бар сар об меорӣ,
Зи рӯи барфи лағжон хастаю нотоб меорӣ.

Ба зери дегдон оташ ниҳода,
Ту дар ҳар шуълаи рақсони он чун фолбинон
Маро бинӣ, маро андар ҳузури хеш пиндорӣ.
Барои рӯи бому пок созӣ барфҳояшро,
Ба ёд орӣ ҷавонию бинои бебақояшро,

Ҷудо гаштам ман аз он кӯҳҳо чун маъдани хоме,
К-аз он созанд ханҷар, ҳам сипар,
ҳам гӯшвори зар.
Маро акнун ҳавои дигаре кардаст дунёгард.
Дигар ман дар фарози қуллаҳои зодгоҳи худ
Сабукболона рӯи сабзаҳо беғам наметозам.
Дигар ман дар қатори бачаҳои ҳамдиёри худ
Гули кӯҳӣ намечинам, дигар чиллик[1] намебозам.
Ман аз он олами зебо бурун афтодаму рафтам.

Ман акнун одами роҳам,
Ҷаҳон хурдан нахоҳам ман,
Ҷаҳон дидан бихоҳам ман,
Ки то хонам ба гӯши мардумони хушгили дунё
Сурудеро, ки мехондӣ сари гаҳвораам шабҳо.

Адои ҳаққи шири туст ҳар як лаҳзаи умрам,
Аз он саргаштаам, модар,
Аз он дар ҷомадон шуд хонумонам,
Ки дар ҳар гӯшаи дунё туро ҳамду сано хонам,
Ҷавонии туро кобам,
Бузургии туро ёбам!

11.1.1966

## МОДАР

Бӯи ҷону бӯи нону бӯи пистон,
Бӯи гулҳои баҳори баччагӣ,
Бӯи шири гарми навдӯшида меояд
зи дастони ту, модар.
Дар рухат ожангҳо чун сатри шеъри зиндагӣ,
Офарин хонанд бар азму ба имони ту, модар.

Пир гаштӣ, шуълаи ҳуснат парид,
Офтоби зиндагият бар сари кӯҳе расид.
Панҷаҳои нарму печони ту ногиро шуданд,
Чашмҳои барқафшони ту нобино шуданд.
Мӯйҳоят ранги хокистар шуданд,
Пойҳоят аз сафар шалпар шуданд,
На,
Макун бо зиндагонӣ хайрбод,

1. Чилликбозӣ – аз бозиҳои кӯдакони кӯҳистон.

Оҳ модар!
Оҳ модар!

Гул буду гулдастабандӣ айб буд
Дар замони навҷавониҳои ту.
Лек акнун зиндагӣ ранге гирифт
Аз талошу ҷонфишониҳои ту.

Кӯдакони хору зорат чун кабӯтарҳои ром
Аз сари дастат ба дуриҳо париданд.
Ҳар кучое, ки ту дар дунё надидӣ,
Рафта бо чашми ту диданд.

Омаданд онҳо туро пазмон шуда,
Боз бар он лонаи эъҷозкор.
Мебарои пешвоз аз кулбаат,
Рехта аз шодӣ ашки шашқатор.

Баъди роҳи дур чун хобанд шабҳо,
Менишинӣ бар сари болинашон.
То бубинӣ дар ҷабину дар сару рӯҳояшон
Аз сафар, аз роҳҳо ному нишон.

Ногаҳон бинӣ ту як мӯи сафед,
Бар сари фарзанд тобад ними шаб.
Оҳ гӯӣ дар дили шаб бо алам,
«Ин қадар новақт?» – гӯӣ зери лаб.

Зиндагӣ, модар, ҳамин аст...
Мисли ту мо ҳам пурармон мешавем,
Мисли ту мо ҳам ба пирӣ мерасем,
Чун расад навбат, зи дунё меравем.

Ту фақат ҷовид хоҳӣ монд, модар,
Ту фақат ҷовид хоҳӣ монд дар дунёи зебо,
Ту фақат бо ёди фарзандони раҳдур
Мешуморӣ бо ғаму талвоса рӯзу моҳҳоро.

Аз миёни шӯру ғавғои ҷаҳони баччагӣ
Аллагӯиҳои ту ояд ба гӯши ман ҳанӯз,
Лек акнун он садо талқин намесозад ба хоб,
Балки аз хоби гарон даъват намояд сӯи рӯз...

Бо васият, бо дуою орзуҳои муқаддас
Боз ҳам омӯзгорӣ кун маро.
Ҳар кӣ раҳ гардад ба рӯи хок, пояш гард дорад,
Боз ҳам омурзгорӣ кун маро!

1.5.1966

* * *

Ту монанди замин танҳой, модар,
Ту монанди замин яктой, модар.

Заминро ҳар қадар чун моли меросӣ
Миёни ҳам басо тақсим карданд.
Заминро қитъа-қитъа ҳар қадар фарзандгони ту
Барои ҳамдигар тақдим карданд,
Вале як рӯз донистанд –
Замин қисмат нахоҳад шуд.

Замину осмон,
Хуршеду маҳ
Мисли дили ту,
Мисли меҳри ту
Миёни кӯдакон қисмат нахоҳад шуд.

Ҳама хуршеду маҳ доранд,
Ҳама бо худ замину осмон доранд,
Вале аслан маҳу хуршед,
Вале аслан замину осмон
Монанди ту яктою танҳоянд.

Чунон ки ҳар касеро зодгоҳе ҳаст,
Раҳе, сарманзиле меодгоҳе ҳаст,
Вале баҳри ҳама Модар-Ватан яктост,
Ту ҳам аз баҳри мо мисли Ватан яктой, эй модар.

Ту яктоиву дар ҳар ҷо,
Ту танҳоиву ту бо мо.
Туӣ обастани шодӣ,
Туӣ обастани ғамҳо.
Туӣ обастани имрӯз,
Туӣ обастани фардо.

Замину осмон,
Хуршеду маҳ,
Модар-Ватан
Аз он азизастанд,
Ки беҳамтову яктоянд.

Ҳар он чӣ беш аз якто бувад,
Чандон муқаддас нест.

Ту монанди замин танҳой, модар!
Ту монанди замин яктой, модар!

10.5.1966

## ДОМОНИ МОДАР

Вақти тифлӣ, вақти роҳ омӯхтан,
То наафтад, дошт ӯ аз домани ту.
То намонад дасту пои баста дар гаҳвора танҳо,
Дошт ӯ аз домани ту вақти ҷое рафтани ту.

Боз медорад зи домони ту, модар,
Гарчи акнун гурзбардоранд ӯро дастҳо.
Гарчи натвонӣ ту акнун роҳ гаштан по ба пояш,
Гарчи натвонӣ шуморидан қадаммонии ӯро.

Боз медорад зи домони ту, модар,
Кӯдаки бо ранҷҳо, бехобиҳо парвардаи ту.
Кӯдаке, ки як замоне чорпоя роҳ мерафт,
Ин замон соҳиб шуда бар зиндаю бар мурдаи ту.

Боз медорад зи домони ту, модар,
То нагирад доманат аз дасти ӯ дасти хатар...

20.6.1966

## ДАР САРИ ГӮР

Ҷашни фарзандони худ нодида рафтӣ, модарам,
Донаи барчошро ночида рафтӣ, модарам.
Пеш-пеши наварӯсу дастаи машъал ба даст
Шодмон, пирона норақсида рафтӣ, модарам.

Ном мемондӣ ба ниййат бар ҳама навзодҳо,
Рахт меоростӣ дар тӯи навдомодҳо.
Тоҷи тиллои арӯсонро ту мебастӣ мудом,
Атр меомехтӣ бар накҳати гулбодҳо.

Дар раҳи фарзандҳо обу адо гаштӣ ба меҳр,
Дар ҷидоли модарӣ бо ҷон фидо гаштӣ ба меҳр.
Ту сиришти меҳру ишқу зиндагӣ будию боз
Оқибат аз зиндагонӣ ҳам ҷудо гаштӣ ба меҳр.

Бегулу гулдаста мактабхона мебурдӣ маро,
Дошта аз дасти ман, шодона мебурдӣ маро.
Баъди мактаб то дили шаб бо забони шаккарин
Бар ҷаҳони қиссаю афсона мебурдӣ маро.

Хотирам дарди дили пиронаи ту мебарад,
Як ҷаҳони қиссаю афсонаи ту мебарад.
Ту дигар бар хонаи ман худ намеой, вале
Бандагӣ охир маро бар хонаи ту мебарад.

Атласи рангинкамон пироҳанат ёд оварад,
Тундар аз фарёдату аз шеванат ёд оварад.
Занги мактаб ҳар саҳар чун занги субҳи баччагӣ
Аз маро то пеши мактаб бурданат ёд оварад.

Бориши борон зи ашки дидаат ёд оварад,
Баргрезон аз гули ночидаат ёд оварад.
Офтоби кӯри зери абр дар фасли баҳор
Як-як аз рӯзи хуши нодидаат ёд оварад.

Модарам, имрӯз бо Модар-замин якто шудӣ,
Бо замин, бо чархи гардон ҳамраҳу ҳампо шудӣ.
Бӯи ашку бӯи доғи сина дорад мадфанат,
Гарчи худ бо ашку доғи сина нопайдо шудӣ.

Дидагони хирабину ашкборат – зиндагист.
Раъшаи дастони хушку бемадорат – зиндагист.
Омадӣ танҳоюю танҳо рафтӣ аз дунё, вале
Тору пуди бошу буду ёдгорат – зиндагист!

Зиндагии шоирона аз ту мероси ман аст,
Ин замину ин замона аз ту мероси ман аст.
Дар деҳи танге агарчи халқ кардӣ ту маро,
Ин ҷаҳони бекарона аз ту мероси ман аст.

Гарчи аз он ҳавлии деворбаста рафтаӣ,
Дар дилу дар дидаю дар хотири ман зиндаӣ.
Дигар аз дарбачча сар берун наёзӣ сӯи ман,
Лек дар даргоҳи ҷони шокири ман зиндаӣ.

Зиндаӣ, эй модари ошуфтаҷонам, зиндаӣ,
Дар равонам, дар ғазалҳои равонам зиндаӣ.
То мани аз шири покат покбозу покҷон
Зинда дар байни замину осмонам, зиндаӣ.

Кист розӣ буд аз дунёву меҳнатҳои он,
То ту розӣ хуспӣ андар синаи сарди замин?
Мехурад гарчи заминат, мехурад беэътибор,
Ҳамчу модар мекашӣ андар замин дарди замин.

Дастҳои ту бурун аз хок сӯи офтоб,
Чашмҳоят боз бо ҳасрат ба рӯи офтоб.
Шишаро бар чашмҳои обрав бигзошта,
Мебарой гӯиё бар ҷустуҷӯи офтоб.

Мебарой пешвозам синакӯбон, модарам,
Бесиришку бесадо гирёну хандон, модарам.
Мебарой бар гуселам то сари роҳи калон,
Аз қафо бо сад хаёле дастафшон, модарам.

Модари хушбахту бадбахтам, замин ёри ту бод!
Гирдгардон рӯҳбони покрафтори ту бод!
Пайраҳе, ки бар мазори хоксорат мебарад,
Пойгоҳи зодагони номбардори ту бод!

7.5.1967

* * *

Чу аз модар ба дунё омадам ман,
Маро дар гоҳвора баста буданд.
Сари гаҳвораам биншаста ёрон,
Бароям номи лоиқ ҷуста буданд.

Ду дасту пои ман муҳкам бубастанд,
Ки донам қадри дасту пои озод.
Дилам мисли асир озодӣ ҷӯяд,
Бичӯяд дар ҷаҳон паҳнои ободу.

Маро дар гоҳвора баста буданд,
Ки аз баҳри халосӣ ёбам имкон,
Ки то дар ҷунбиши гаҳвораи хеш
Барои худ шавам тақдирҷунбон.

Маро дар гоҳвора баста буданд,
Ки қадри хонаободӣ бидонам.
Кушоям худ гиреҳ аз мушкили худ,
Зи хурдӣ қадри озодӣ бидонам.

1970

## МУНОҶОТ БА МОДАР

Мӯйҳо даққиву рӯмоли сиёҳ,
Ғабғаби пурчину абрӯи дуранг,
Эй дареғ, ангуштҳо чангак шуда,
Зиндагӣ аммо раҳо гашта зи чанг...

Об меояд зи чашми обрав –
Обҳое, ки гузашта аз сарат.
Раъшаи дасту сару абрӯю лаб –
Ларзаҳое, ки гузашт аз пайкарат.

Боли абрӯят шикаста, модарам,
Гӯӣ аз парвозҳо зер омада.
Пеши дар истодаӣ ҳайрону лол,
Оҳ мегӯӣ, ки рӯзат пур шуда...

Рӯзу шаб варзидӣ фарзандони худ,
То ҳама бошанд ҷонбози Ватан.
Хурдӣ якумре ғами рӯи замин,
Мехурӣ акнун ғами гӯру кафан...

Ин мабодо, ки бибандӣ рахти умр,
Шаҳсутуни рӯзгорам, модарам.
Ин мабодо, ки гузориям сағир,
Раҳнамуни рӯзгорам, модарам.

Модари пирам, худо умрат диҳад,
Зинда бошӣ бар сари шӯридаам.
Пеши ту то ҳол баски кӯдакам –
Кӯдаки нодону новарзидаам.

Пеши ту он кӯдаки деринаам,
Кӯдаки гарданшаху гапнодаро,
Кӯдаке, ки мезадӣ бо химчааш,
То надуздад сабча аз полезҳо...

Модари пирам, худо умрат диҳад!
Ин мабодо, ки бимирӣ ногаҳон,
Бо ту мирад давлату дунёи ман,
Баъди ту дигар набошам ман ҷавон...

Модари ҷонам! Ба пирӣ тан мадеҳ,
Пеши пирӣ аз ҷавонӣ ёд кун.
Ҳар нафас бо ёди тифли шоират
Хотири ошуфтаатро шод кун.

Чашми сар гарчи набинад дурро,
Чашми дил пур аз зиёи зиндагист.
Гӯши ту гар нашнавад овозҳо,
Гӯши дил пур аз садои зиндагист.

Зинда бошӣ, зиндагии ман хуш аст,
Бо ту ман бошам музаффар, модарам!
Гар бибандӣ рахт... (он соат мабод!)
Бо ту мемирам баробар, модарам!

1.12.1973

* * *

То ту будӣ, модарам,
Хона пур буд.
Сад ҷаҳон аз ҳикмати пирона пур буд.
То ту будӣ, модарам,
Мурғи диламро
Ошёни меҳр з-обу дона пур буд.

То ту будӣ,
Ман ҷавони комрон будам.
Бениёз аз буду нобуди ҷаҳон будам.
То ту будӣ, дӯстон ғамхор буданд,
Зиндагӣ осону раҳҳояш ҳама ҳамвор буданд.
Дасти ту то бар сарам буд,
Будам эмин аз қазои осмонӣ.
Ҷои дасти ту кунун, эй модарам,
Осмон афтода гӯӣ бар сарам.

Эй шигифто!
Ин тазоди зиндагонист –
Ту маро зодӣ,
Туро ман гӯр кардам.
Ту маро пайванд кардӣ бо ҷаҳони обу гил,
Ман туро бар хоки бепарво супурдам...

Алвидоъ, эй модари ҷонам, ба шират розӣ шав!
Зиндагии ман агарчи аз каму ғам эман аст,
Баъди ту мебинам онро бешукӯҳу бефурӯғ,
Гӯиё
Марги ту оғози пирии ман аст...

20.2.1974

## ҶАВҲАРИ ҲАСТӢ

Аз сари пистони ту сар мешавад шӯри ҳама,
Аз сари дастони ту пайроҳаи дури ҳама.
Аз дили ту сар шавад дарёдилӣ,
Қобили сурат шавад обу гиле,

Чашми бедори ту моро бахти бедор оварад,
Ҷунбиши гаҳвора ёд аз чархи даввор оварад,
Домани бахт аст аз домони ту,
Дил басомон аст аз сомони ту.

Сӯзани ту аз сутуни қасри тилло қимат аст.
Рӯи нуронии ту аз рӯи дунё қимат аст.
Бе ту хуш фоле намонад дар ҷаҳон,
Ҷои ту холӣ намонад дар ҷаҳон...

1976

## ДАР ШАБИ БОРОН

Ин шаби туршрӯи боронӣ
Кулбаи модарам ба ёд омад.
Боми ӯ мечакад зи боронҳо,
Дар дилам оламе ба дод омад.

Дар чунин кулбаи фақирона
Бо дили рост модарам дорост.
Кӯдаконаш ба ҳар куҷо рафтанд,
Монда дар кунҷи хонае танҳост.

Шояд ӯ бо умеди афви гуноҳ
Рамазон асту рӯза медорад?
Вақти ифтор чак-чаки шибдор[1]
Ҳеҷ бар гӯши ӯ намефорад?

Ё ки дар ҷонамози фарсуда
Зикри Аллоҳ мекунад дар дил?
Ё зи парвардигор мехоҳад,
Ки зи ҷаннат диҳад варо манзил?...

Буд вақте ки модари пирам
Тозарӯ буд, милаи тар дошт.
Милааш дошт бӯи ҷурғотӣ,
Ҳайдарии хазинаи зар дошт.

Остини фарох то оринҷ
Барзада бо ҳазору як тадбир,
Гӯиё ҳаққи кӯдаконашро
Меситонд аз қаламкаши тақдир.

Субҳгоҳон чу гов медӯшид
Пушти ӯро ба меҳр молида,
Дохили ширдӯша меафтод,
Милаҳояш зи шона лағжида.

Ҳар гаҳе дар танӯри бозудор
Кулчаҳои башир мечаспонд,
Сари мижгону абрувонашро
Лахчаҳои танӯр месӯзонд.

Ширбӯ дастҳои ӯ шабҳо
Ба сарам нарм-нарм мелағжид.
Бесухан пилкҳои чашми маро
Ба сари панҷаҳош мемолид.

Чи қадар дар дилам таманно буд,
Лек аз содагӣ намегуфтам.
Ҳамчунон дасти ӯ ба рӯи дилам
Вассаҳоро шумурда мехуфтам.

Боз дар ин шабони боронӣ
Кулбаи модарам ба ёд омад.
Чак-чаки шифт... шиддати борон...
Дар дилам оламе ба дод омад.

Модарам! Модари биҳиштиям!
Ҷои ту дар биҳишт таъйин аст,
Лек ҳоло, ки мечакад бомат,
Ман надонам, чӣ рӯзи сангин аст.

Модарам! Модари биҳиштиям!
Нестӣ ту аз он пушаймонҳо.
Тирборон накушт агар моро,
Нест боке зи барфу боронҳо!

Модарам! Модари биҳиштиям!
Зиндагӣ гаҳ ба хеш мегиряд.
Бар замин осмони бепоя
Гаҳ ба ҳоли париш мегиряд.

Модарам! Модари биҳиштиям!
Осмон боиси чӣ гирён аст?
Ашки ту бас набуд, ки дар дунё
Боз борону боз борон аст?..

1978

## ҶОМАИ ГАДОӢ

Чу ман бар арсаи ҳастӣ қадам мондам,
Ту бо уммеди бисёре
Дари ҳар хонае рафтӣ.
Гадоӣ кардӣ аз ҳар хонае як пора газворе –
Нахуст аз модарони серфарзанде,
Сипас аз пири ботадбиру солоре.
Нахуст аз тоқивори[2] мурдаи бодавлату бонанг,
Сипас аз махзани бори арӯси бахтбедоре.

Ба рӯи марзае в-онгаҳ
Миёни пирзанҳои худоҷӯе,
Малофа бар малофа
Пораҳои чанд алвонро
Ба ниййят дӯхтӣ бо ҳам.
Тамоми халқ гӯӣ бар қади ман ҷома пӯшонид.
Тамоми халқ гӯӣ қисматам бахшид.
Ту гӯӣ, ҷома неву ҷавшани ман буд,
Ту гӯӣ, пора-пора меҳри мардум
дар тани ман буд.

Ман аз он рӯз, эй модар,
Ман аз он рӯз то имрӯзу то ҳастам
Зи мардум қарздорастам.
Ман аз он ҷомаи садпораву садранг
Тамоми рангҳои зиндагиро хуб санҷидам,
Ва андар хидмати мардум камар бастам.

1. Шибдор – шифт-дор, яъне чӯби шифти хона, саҳехтараш шифти хона, сақфи хона.

2. Тоқивор – тоҷикии «иртиш».

Кунун ман ҳам ба сони ту
Ба ҳар як хона рӯй орам
Барои порае тақдир,
Барои порае тадбир.

Барои порае аз саргузашти халқ,
Барои порае аз сарнавишти халқ,
Ки бо ашъори девонам
Тамоми қарзҳоро пора-пора бозгардонам.
Ба ҷои пораи талбидаат ҳар бор
Орам порае ашъор,
Ки дар ҳар пораи ашъор
Бошад порае иқбол...

1979

* * *

Дар қиёси гӯри мардон пештар
Гӯри занро жарфтар мекофтанд,
Гӯй ӯ дорад гуноҳони азим –
Аз шариат ҳилаҳо меёфтанд.

Гӯри занро жарфтар мекофтанд,
То гуноҳаш жарфтар пинҳон шавад.
То зи хоки ӯ нарӯяд сабзае –
Боиси маъсияти покон шавад.

Бехабар аз он ки зан модар бувад,
Ҷурмаш он бошад, ки инсон зодааст.
Бар чунон одатшиносони дурушт
Ӯ насиби зиндагонӣ додааст.

Бехабар аз он, ки модар холиқ аст,
Зиндагӣ ёбад аз ӯ такрорҳо.
Аз гуноҳи ҷумла фарзандони худ
Мекашад дар гӯр ҳам озорҳо...

Бехабар аз он, ки зан – ҷони ҷаҳон
Чашмашонро бар ҷаҳон бикшодааст.
Гар гуноҳе дорад, он ҳам ин бувад,
К-он чунон ноқадрдонон зодааст...

1979

## ЧОРДАРД

Яке дарди бимонӣ зинда ё на,
Яке дарди чӣ пеш ояд сари зо.
Яке дарди чӣ хоҳад буд имрӯз,
Яке дарди чӣ хоҳад буд фардо;

Яке дарди кӣ меорӣ ба дунё,
Варо рӯзӣ чию қисмат чӣ ранг аст;
Яке дарди чӣ ояд пеши роҳаш,
Ки одам моҳию дунё наҳанг аст.

Барои кӯдакат ҳам дому ҳам ком
Бубинӣ чор девори азалро.
Миёни чор самти курраи арз
Бубинӣ ҳам амалро, ҳам аҷалро.

Пас аз зодан ба банди синаи гарм
Бияфшорӣ, бимолӣ рӯй бар рӯ.
Миёни чордевори пур аз меҳр
Ба ҳар дардаш биҷӯӣ чордору.

Бисозӣ чор афзораш муҳайё
Ба ҳукми чор фасли зиндагонӣ,
Ки андар чорроҳи ҷустуҷӯҳо
Намонад нобалад ё бенишоне.

Намедонӣ, ки дар он чорроҳа
Кадомин роҳ ӯро ихтиёр аст.
Ба ҳар роҳе, ки бошад омадушуд,
Тамоми умр чашмони ту чор аст.

Умедат ин бувад аз фоли қисмат,
Ки фарзандат дилозоре набошад.
Чӣ коре ҳам кунад, бошад саломат,
Валекин чорбозорӣ набошад.

Аё модар, бимирам дар нафасҳот,
Ки дунё бо дуоҳои ту боқист.
Намирад ҳеҷ гаҳ дунё зи офат,
Дар ин дунё чу дунёи ту боқист!

Аё модар, бимирам дар қадамҳот,
Ки бар ҳар бори ту сарбор дард аст.
На танҳо чордардат вақти зодан,
Тамоми зиндагият чордард аст!

Ба он як дил, ба он як ҷону як тан
Кашӣ ҳар лаҳза, ғампарварди олам,
На танҳо чордард, аз он гаронтар –
Тамоми дарди одам, дарди олам!

18.11.1979

* * *

Дар он соат, ки дилгирам, куҷоӣ, модари пирам?
Биё, бинмой тадбирам,
ки дар гирдоби тақдирам.

Сарам хоҳад навозишҳои дастони туро имрӯз,
Дилам хоҳад нигоҳи гарми чашмони туро имрӯз.

Дилам хоҳад дуоятро –
Ду дастатро чу ду боли парастуҳо
Ба сӯи қибла бикшода,
Худоро аз фалакҳо бар замин хонда,
Гуселам кардаӣ бар роҳҳои дур,
Сипас аз пушти ман гирйистаӣ
дар худ фурӯ монда...

Чӣ мепурсӣ?
Ту аз ман бештар медонӣ дунёрову қисматро,
Ту аз ман бештар медонӣ субҳу шоми давлатро.
Вале ман ҳар қадар аз ҳикмати дунё
сабақ хондам,
Китоби куҳнаву навро чу болин
зери сар мондам,
Фузун аз ту ҷаҳону зиндагониро надонистам,
Кашишҳои замину осмониро надонистам.

Надонистам, ки дар садсолагӣ ҳам боз
Ҳамчун кӯдаки парпеч хоҳам мурд,
Надонистам, ки баъди шири поки ту
Фақат афсӯс хоҳам хурд...

1980

* * *

Дилам парвоз мехоҳад,
Ба ҳар ҷое, ки раҳ дорад хаёли ман,
Дилам парвоз мехоҳад.
Дилам, дар ҳар чӣ мебинам ба чашми дил,
Зи нав оғоз мехоҳад.

Дилам бисёр мехоҳад, ки ман бо ақли имрӯзӣ
Ҳама он шеърҳои гуфтаамро аз дигар гӯям.
Ҳар он роҳе, ки сӯи манзилам бурдаст,
Зи нав ёбам, зи нав ҷӯям.

Дилам бисёр мехоҳад,
Ки бар ҳар ваъдагаҳ бори дигар оям.
Ва он дилбар саропо ғарқ андар хандаи
саршори мастона
Ба сӯям болафшон чун малак аз осмон ояд,
Ҳарири болҳояш бар дарахту бомҳои шаҳр
дармонад,
Вале ӯ аз фазои пурғубори шаҳр
Чунон ки дар ҷавонӣ буд,
Ба сӯям ногаҳон ояд,
Ҷавон ояд...

Дилам бисёр мехоҳад,
Ки ҳар ишқе, ки варзидам,
Зи нав варзида бошам бо дили дардошнои хеш.
Зи нав шӯрида бошам ман,
Зи нав аз шодии дидорҳо ларзида бошам ман,
Зи нав андар гуноҳи ошиқӣ жӯлида бошам ман.
Ба он азме, ки дигар дар муҳаббат бехато бошам,
Зи нав такрор созам он ҳама саҳву хатои хеш.

Дилам бисёр мехоҳад,
Ки боре бозгардам бар ҷаҳони бесариҳоям,
Равам бар хонаи он ҳамдеҳони худ,
Ки бо санги камонғӯлак шикастам
шишаҳошонро,
Равам, то маъзарат хоҳам,
Равам, то мағфират хоҳам.

Дилам бисёр мехоҳад,
Ки боре бозгардам бар ҷаҳони кӯдакиҳоям,
Равам бар лонаи он мурғакони бепаноҳи
пуштаю шаххо,
Барам он байзаҳои аз хато дуздидаи худро,
Ки зери боли модарҳояшон тарканд,
Ки рӯяд болашон дар зери боли шафқати модар,
Вагарна иттифоқо чун шикасте оядам дар раҳ,
Вагарна дар куҷо уммеди парвозам шавад кӯтаҳ,
Ба ёдам лонаи он мурғакони бепаноҳ ояд...

Дилам бисёр мехоҳад,
Ки боре бозгардам бар ҷаҳони кӯдакиҳоям,
Ки аз нав модарамро хандарӯ бинам,
Ба ӯ гӯям, ки эй модар, ба ёдат ҳаст,
Замони кӯдакӣ гоҳе ба беморӣ задам худро,
Ки то донам дилат бар кӯдаки бемор месӯзад,
намесӯзад?

Ба рӯи бистарам гирйиста будӣ,
Худоёнро тавалло карда будӣ...
Кунун аз ростӣ беморам, эй модар,
Куҷоӣ ту, куҷоӣ ту.

Ман аз ту розиям, то зиндагонӣ ҳаст,
Магар аз ман ризоӣ ту?

Дилам дар ҳар чӣ кардам дар мурури
умри кӯтоҳам,
Зи нав оғоз мехоҳад.
Дилам андар фазои зиндагии рафта аз дастам
Зи нав парвоз мехоҳад,
Чунон парвоз мехоҳад,
Ки гӯӣ ман на дар рӯи замини пургунаҳ бошам,
Ки гӯӣ ман шабаҳ бошам...

1980

* * *

Шеър гуфтам ба ҳаққи ту, модар,
Ҳамдеҳон хондаву нафаҳмида,
Хонда кӯри намакҳаром маро,
Пеши ту омаданд шӯрида,

Ки туро Лоиқат – ҷигарбандат
Бахудо, дар газет баровардаст.
Бо ҳама ояте, ки омухтӣ
Радду расвои оламат кардаст,

Ки туӣ мӯъмину мусулмоне,
Ҳолия мардумон камунистанд.
Ҳеҷ донӣ, ки исму ҷисматро
Мардуми даҳр ҷумла донистанд.

Модарам, эй зани беҳ аз мардон!
Машнав ин гуна доду фарёде.
Ба мани бегуноҳ бовар кун,
Он чунон, ки маро ту худ зодӣ.

Он чӣ дар шеър васфи ту гуфтам,
Ба ҷаве ростӣ, намеарзад.
Ба ҳаққи шири хештан аз ман
Он чӣ мехостӣ, намеарзад.

Ман туро шукр гуфтаму миннат,
Баски худ ибтидои ман будӣ.
Ман туро бо ҷаҳон шиносондам
Он чунон ки барои ман будӣ.

Лек афсӯс, сад ҳазор афсӯс,
Ки ҳама ҳамдеҳон мусулмонанд.
Кеши ман одамист, ин мардум
Қасди ман чист, аз куҷо донанд...
Баҳри онҳо намозу рӯза бас аст,
Лоиқаш кист? Аз куҷо донанд...
Ростӣ, шеърҳои Лоиқро
Дар Мазори Шариф намехонанд...

1982

## СУРУДИ МОДАР

Тифли гирёнам, калон шав,
Дар ҷаҳон аз ман нишон шав,
Достон шав!
Достон шав!

Ганҷи шаҳворам ту бошӣ,
Бахти бедорам ту бошӣ,
Дар ҷаҳони номдорон
Номбардорам ту бошӣ.

Тифли гирёнам, калон шав,
Ҷойгири рафтагон шав!

Ахтари тобони модар,
Муҳраи паймони модар,
Ҳосили худкоҳии дил,
Давлату даврони модар –

Тифли гирёнам калон шав,
Ворисӣ озодагон шав!

Кӯдаки ширину лоло,
Кӯдаки маъсуму зебо,
Дастовезам ту бошӣ
Баҳри фардо, баҳри дунё.

Тифли гирёнам, калон шав,
Ифтихори сад ҷаҳон шав,
Достон шав,
Достон шав!

1982

## МОДАРИ БЕЧОРА

Дар миёни кӯҳсорон
Бо навои обшорон,
Бо сафои чашмасорон,
Бо суруди боду борон,
Бо даруди навбаҳорон

Ҷон ато кардӣ маро,
Ҷон ато кардию худро костӣ
Рӯзу шабҳо дар сари гаҳвораи ман,
Модари ман, модари ғамхораи ман,
Модари ман, модари бечораи ман.

Аз паи рӯзӣ давида,
Хӯшаҳоро чида-чида,
Талху шӯриҳо чашида,
Ранҷи дунёро кашида,
Ганҷи дунёро надида,
Дил ато кардӣ маро,
Дил ато кардию худро костӣ
Рӯзу шабҳо дар сари гаҳвораи ман,
Модари ман, модари ғамхораи ман,
Мадари ман, модари бечораи ман.

Бо дуои осмонӣ
Додӣ меросам ҷавонӣ,
Ошиқию дилситонӣ,
Шоирию ҷонфишонӣ,
Ҳам давоми зиндагонӣ.
Умр бахшидӣ маро,
Умр бахшидию худро костӣ,
Рӯзу шабҳо дар сари гаҳвораи ман,
Модари ман, модари ғамхораи ман,
Модари ман, модари бечораи ман.

17.1.1984

* * *

Зинда бошад модари гулпарварат,
То ки бахти мову ту гул оварад.

Бар сари мову ту гул резад мудом,
Завқи гул дар сина ангезад мудом.

То навое бишнавем аз барги гул,
Ишқи мо пояд ба рағми марги гул.

Гул занад бар мӯю кокулҳои ту,
Ғарқи гул созад зи сар то пои ту.

Зиндагимон гул кунад дар боғи ишқ,
Орзумон гул кунад бе доғи ишқ.

Аз лабонат ханда гулрезӣ кунад,
Бар сарат Наврӯз гулбезӣ кунад.

Табъи ман ҳам гул кунад аз рӯи ту,
Шеъри ман овезад андар мӯи ту.

Гул ба гул печему гул рӯяд зи мо,
Гул бақои умри худ ҷӯяд зи мо...

Эй ки андар боғи гулҳо рустай,
Бо мани гулчин чунин пайвастай,

Баҳри ман то кинаҷӯе бас кас аст,
Мисли гул бепуштурӯ бошӣ, бас аст.

Чун ту аз гулҳои боғи модарӣ,
Қадри гул медониву гулпарварӣ.

Зинда бошад, зинда бошад модарат,
Зинда бошад модари гулпарварат!

5.2.1984

## КАТИБАЕ ДАР ПУШТИ ВОПАСИН АКСИ МОДАРАМ, КИ МУҲИДДИН ОЛИМПУР БАРДОШТААСТ

Қиблагоҳам!
Модари оламpanоҳам!
Дастҳо дар пеши бар дар пеши дар
истодастӣ ҳанӯз.
Аз дару даргоҳи ман ҳарчанд рафтӣ зери хок,
Ҳамчунон тимсоли меҳру эътиқодастӣ ҳанӯз.
Пеши дар истодай, эй модари чашминтизорам,
Эй сари сабзам, умеди зиндаам, субҳи баҳорам.
Пеши дар истодай, гӯё саропо зиндай,
Бо ҳамон наззораиву бо ҳамон лабхандай.

Модароне будаанд афзун ба олам,
тифлаконе зодаанд,
Лек волотар зи модар будай,
Будай ҳам модару ҳам офаринанда,
Баски бо навзод тавъам шоире ҳам зодай,
Шоире дилдодае, озодае.

Маншаи шеъри сафедам буда аз шири сафедат,
Модарам, баски сафедиҳо ҳама аз орзуҳои
сафеди туст.
Одамӣ гар орзуи зиндагӣ дорад,
Зиндагонӣ гар умеди боз ҳам поянд агӣ дорад,
Пояаш бар орзую бар умеди туст.

Қиблагоҳам!
Модари олампаноҳам!
Рафтай гарчи зи дунёи дудар,
Дар сарат қарси сафед,
Дар рухат нури умед,
Дастҳо дар пеши бар дар пеши дар истодай.

Пеши дар истодай,
Гӯиё дар пешвози меҳмон омодай.
Гӯиё дар остона,
Роҳпой ҷовидона
Ҳам маро,
Ҳам аз тамоми рӯи дунё меҳмонҳои маро...

12.12.1985

## ҲАСРАТ

Ту дигар ба пешвозам дами дар намебарой,
Ту дигар ба лаҳҷаи худ бари ман намесарой:
«Писари азизам омад,
Писари ғазалнависам омад».

Ту дигар наметавонӣ, ки миёни пиразанҳо
Зи ман ифтихор созӣ ба ҳазору як таманно:
«Писари азизам омад,
Писари ғазалнависам омад».

Ту дигар фирор кардӣ ба ҷаҳони сарду хомӯш,
Ту дигар намекушой ба наберагонат оғӯш,
Ки диҳӣ дуои иқбол,
Ки бибахшӣ неруи пару бол.

Зи канори хок будӣ, ба канори хок рафтӣ,
Зи деҳи Мазор будӣ, ба мазори пок рафтӣ,
Шудӣ ёди ҷовидонӣ
Ба мадори бемадори зиндагонӣ.

Чу ба хонаат дароям, ҳама бӯи дард ояд,
Дили ман ба дард ояд зи хурӯҷи дардҳоят.
Шунавам фиғони шабҳот
Зи баҳамфишурда лабҳот.

Чу ба ёд оварам ман ҳама он азоби ҷонат,
Табу сӯзи устухонат, фалаҷи аҷалнишонат,
Қаламам фалаҷ шавад зуд,
Ҳама ҳастиям кунад дуд...

Зи тавофи кулбаи ту дили ман зи ҳам бирезад,
Ба ҳама ҷаҳон ситезад писари ғазалнависат,
Ки куҷост модари ман,
Ки куҷост модари диловари ман?

Писари ғазалнависат акнун ғазали азо бигӯяд,
Ғазале агар бигӯяд, ғазали туро бигӯяд,
Ки куҷост модари ман,
Ки куҷост давлати сари ман?

Ту куҷой модари ҷон? Паси дар намебарой,
Ва дигар ба шеваи худ бари ман намесарой:
«Писари азизам омад,
Писари ғазалнависам омад...»

15.12.1985

## ХАЗОН

Хазон мерӯфтӣ он рӯз, эй модар,
Хазон мерӯфтӣ аз пешгоҳи кулбаи фартут.
Хазони умр аз аҷзои ту мерехт,
Хазон мерӯфтӣ...
Гарчи хазонрези ҳаётат буд.

Хазонҳо рӯи роҳ афтода буданд –
Хазонҳои дарахтони ҳаёти дастпарвардат.
Ту меруфтӣ хазонҳорову гӯӣ бехабар будӣ
Зи рангу рӯи монанди хазон зардат
Хазонҳо зери по афтода буданд.

Хазон мерӯфтӣ бо шохҷорӯби хазонрубӣ,
Вале аз дасти ногирои ту ҷорӯб меафтод.
Зи бедоди фалак, эй модари ҷон,
сад фиғону дод,
Забонам оҷизу гуфтан наметонам,
Хазони умрро руфтан наметонам...

29.1.1986

## ҲАҚҚИ МОДАРӢ

Эй дарахте, ки ман зи шохаи ту
Гоҳу бегоҳ меваe хурдам,
Ҳам зи чӯби туву зи сояи ту
Баҳри ҳоҷот баҳраe бурдам,
Пеши ман ҳаққи модарӣ дорӣ.

Ҳам ту, эй чашмаи зулолу соф,
Ки пас аз шири модарам бар ман
Додӣ нируву ҳам биёмухтӣ
Мисли худ софу софдил будан,
Пеши ман ҳаққи модарӣ дорӣ.

Ҳам ту, эй рӯдаки шитобзада,
Ки намедонӣ ибтидои хеш;
Ки зи худ меравӣ барои ҳама,
Ҳам намедонӣ интиҳои хеш,
Пеши ман ҳаққи модарӣ дорӣ.

Ҳам ту, эй осиёи чанбаршох[1],
Хурда шири туро, расидам ман;
Аз паси ту давида дар саҳро,
Аз паси зиндагӣ давидам ман,
Пеши ман ҳаққи модарӣ дорӣ.

Ҳам ту, эй дони хӯшаи гандум,
К-аз сафедит рӯсафедам ман,
Шираи туст шираи шеърам,
Бо умеди ту боумедам ман;
Пеши ман ҳаққи модарӣ дорӣ.

Модарам даргузашту фаҳмидам,
Ки аз ӯ дар ҷаҳон нишон боқист.
Эй нишонҳои модарам дар даҳр,
То барои ман ин ҷаҳон боқист,
Баҳри ман ҳаққи модарӣ доред.

Модарам даргузашту донистам,
Холӣ шуд гӯй чор сӯи ҷаҳон.
Эй шумо модарони сарзинда,
Эй шумо модарони рӯи ҷаҳон,
Баҳри ман ҳаққи модарӣ доред!

26.1.1987

## СУОЛ АЗ МОДАРИ ТОҶИК

Модари тоҷики ман,
Эй модари бисёрфазанд,
Дар мақоми аввалӣ дар силки зодан,
Дар мақоми аввалӣ ҳам низ дар фарзанд мурдан...

Зоданат оё барои оҳу афғон кардан аст?
Зоданат оё барои доғи қисмат бурдан аст?
Зоданат оё барои хешро афсурдан аст?
Зоданат оё барои мурдан аст?

Шод будам ман агар
Кӯдаконат аз туфулиййат ба улвиййат расанд.
Шод будам ман агар
Кӯдаконат то ба мурдан бар улуҳиййат расанд.

Чашм накшуда ба рӯи ин ҷаҳон,
Чашм мепӯшанд бар рӯи ҷаҳон...

Зодани одам агар иди ҷаҳон нест,
Пас ҷаҳон чист?
Пас ҷаҳон нест!
Ё ҷаҳони одамон нест!!!

2.1.1987

## ГУНБАДИ САБЗИ МАЗОРИ МОДАРАМ

Дар баҳорон бо ҳазорон мавҷи сабз –
Гунбади сабзи мазори модарам,
Зери боми гунбади ҳафт осмон
Ҳар куҷо бошам, туро ёд оварам.

Ёд орад майсаҳои сабзи ту
Аз ҷавониҳои сабзи модарам.
Пеши дидорам падид ояд ҳама
Зиндагониҳои сабзи модарам.

Сабз андар сабз мебинам туро,
Хоки сабзи модари сабзинаам.
Сабзаи армони сабзи модарам
Сабз хоҳад буд андар синаам.

Модарам, дар хоки тар хобидаӣ,
Зинда ҳастӣ лек андар шеъри ман.
Аз тамоми зиндаҳо сарзиндатар,
Пири ман, имони ман, тадбири ман.

Сабзаҳои хоки ту нарму таранд
Мисли кулли орзуи модарон.
Кош дунёи пур аз ҷангу ҷидол
Рӯй орад, рӯй сӯи модарон.

Кошки сайёраи сабзи замин
Сабз монад чун рухи пурнури ту.
Сабз агар монад замин дар чор фасл,
Сабз монад сабзаҳои гӯри ту.

Модарам, модар-замин ларзад гаҳе,
Ларзаи хоки ту меояд ба ёд.
Роҳати рӯҳ аст агар хоки лаҳад,
Рӯҳи ту дар хок нороҳат мабод!

30.3.1987

1. Ишора ба мақоли «гов – осиёи дари хона».

## ТУ ОЗОДӢ МАГАР, ЭЙ ЗАН?

Ту озодӣ магар, эй зан?
Зи худ шодӣ магар, эй зан?
Туро озод кард Уктабр
Зи банди ҷаҳлу зулму ҷабр,
Вале аз зулм вораста,
Шудӣ озоди вобаста.

Асири осмонӣ ту.
Асири бадсиголиҳои пайдову ниҳонӣ ту.
Асири тӯҳмату буҳтон,
Асири ҳирси номардон,
Асири таъну зуъму рашки худхоҳону худкомон,
Асири ҳукми шавҳарҳо,
Асири хонаву дарҳо,
Асири нафси бедардону болинҳову бистарҳо,
Асири дину имону худоҳову паямбарҳо,
Асири расму одатҳо,
Асири фарзу суннатҳо,
Асири қолаби ахлоқу найрангу ҷаҳолатҳо,
Асири хонабандӣ ту,
Асири макру фандӣ ту,
Асири фахру нози мардҳои худписандӣ ту.

Туӣ якумр обастан,
Туӣ озоди побаста.
Туӣ обастани «фардо»,
Вале «фардо»-и ту имрӯз мемирад,
Надида рӯз мемирад.
Ту чун ҳар сол шаш милён кунӣ исқот,
Чӣ сон афзоядат авлод?
Агарчи зодагони ту барои рӯзгори
саъду бобарганд,
Вале, афсӯс, аглаб туъмаи марганд...

Пилони кори ту ҳар рӯз афзояд,
Чӣ сон заҳдони ту «фахри замон» зояд,
Чӣ гуна қаҳрамон зояд?
Нишони қаҳрамонмодар ба рӯи сина дорӣ ту,
Ҷаҳони қаҳрамонмодар надорӣ ту!

Миёни раддаи бадбӯи танбоку
Зи худ мепурсӣ «фардо» ту?
Чу мемиранд фарзандони масмумат,
Чу мемиранд дар заҳдони ту тифлони маъсумат.
Миёни пунбазорон
Ба дӯшат тубра мегардӣ
ба сони хонабардӯшон.
Вале дарди миёнатро
Куҷо ҳис мекунанд он пунбадаргӯшон?

Чӣ дунёе, намедонам,
Ки аввал обҳои софро бар пунбаҳо бидҳанд,
Сипас бошад насиби ту пасоби заҳролуда.
Валекин боз бешармона мегӯянд:
Ҳалолат бод, эй озодаи даврон, ба комат қанд...

Миёни ҷӯяи пунба,
Ки ҳатто шери нарро мекунад ахта,
Нафасгардонӣ аз «дору»
Дилат меларзад аз сакта.
Зи «тиллои сафед» эй бас шуда бахтат сиёҳ,
афсӯс,
Зи «тиллои сафед»-ат нест як пироҳани
олампаноҳ, афсӯс.

Дар айёме, ки бояд худкушой кард,
Ту гоҳо худкушӣ ҳам мекунӣ, дардо!
Дар он аҳде, ки бояд даъвии модархудой кард,
Ту бунёди ҷаҳонро меканӣ, дардо!
Дар он давре, ки оинаш худафрӯзист,
Худафрӯзит худсӯзист.

Гуноҳи мост, медонам,
Гуноҳи чанд имрӯзигаройи кӯри бефардост,
медонам,
Ки ҳукмаш гӯӣ ҳукми давлати Шӯрост, медонам,
Ки аз баҳри пилон пур карданат он қадр
бахшиданд озодӣ,
Ки ту дар ҷои тифлон
«тифли иҷрои пилон» зодӣ.
Нагуфтандат, ки бар ҷои пилони пунба
Инсон зой,
Нагуфтандат, ки Дунё зой, Кайҳон зой!

Ту бояд роҳи миллат бошӣ, афсӯс,
Чи гӯям, оҳи миллат ҳастӣ имрӯз.
Ту бояд марди миллат бошӣ, афсӯс,
Чи гӯям, дарди миллат ҳастӣ, имрӯз.

Вале ман, зодаи ту, хуб медонам,
Ки бо бадбахтият бисёр ҷонсахтӣ.
Ҳамеша чашмаи нурӣ,
Ҳамеша маншаи бахтӣ.

Ту улёҳазратӣ, эй зан,
Ниҳоди давлатӣ, эй зан.
Туӣ фарру ҷалоли умр,
Худои қисматӣ, эй зан.

Туӣ сарманшаи хилқат,
Туӣ сатват, туӣ нузҳат.
Шавӣ озод то аз нав,
Ҷаҳонро бояд аз нав кард!

Бибояд инқилобе боз
Дар фикру шуури мо.
Бибояд инқилобе боз
Дар мазмуни умри мо.
Бибояд инқилобе боз
Андар ишқи кӯри мо!

Ба ин зудӣ
Туро озод бояд кард аз ин турфа озодӣ –
Зи меҳнатҳои озодӣ,
Зи миннатҳои озодӣ!

21.10.1988

## РОҲНИШИН

Дар сари роҳ аст гӯрат,
модари ғамкуштаи ман,
Шеъри дарду оҳи ҷонам,
байти хуноғуштаи ман.

Бигзаранд аз паҳлуи ту мардумон
Гоҳ боло, гоҳ поён,
Гаҳ савора, гаҳ пиёда
Бо такопӯи зиёда.

Он яке омин кунад сӯи мазорат,
Модараш гуфтӣ, ки бошад ҳамҷаворат.
Дигаре парвои сад маҳшар надорад,
Гӯиё модар надорад...

Он яке гардунааш гардуннавард аст,
Сар ба гардун судааст.
Дигаре байни замину осмон
Будаи нобуда аст.

Бигзарад аз паҳлуи ту
Ҳар касе, ки бехабар аз захми носури дил аст.
Бехабар аз он, ки гӯрат гӯри
як мушт устухон нест,
Гӯри ту гӯри тапишҳо, гӯри ту гӯри Дил аст...

Ҳар гаҳе оям тавофи хоки ту,
Чашмҳоят аз даруни гӯр сӯям бингаранд.
Хонда печонхатти ожанги ҷабин,
Аз ҷаҳон суду зиёнам бишмаранд.

Чашм пӯшидӣ агар аз зиндагонӣ,
Сӯи ман боз аст чашми интизорат.
Сӯи ман гирёну пазмон боз бошад
Чашми чорат аз мазорат...

Модари ғамкуштаи ман,
гарчи дар зери заминӣ,
Боз ҳам дар зери гардун роҳпою раҳнишинӣ...

9.11.1988

## МОДАРАМ,
## ЭЙ МОДАРИ ДУНЁНАДИДА

Рӯзҳои шоду беосебамон буд.
Як дарахти себамон буд.
Зери боли шохҳояш
ҷойгоҳи хобамон буд,
Нонамон буд, обамон буд.

Модарам дар ҷода мегашт,
Хушқаду озода мегашт.
Аз таҳи рӯмоли гардӣ
Миларо сар дода мегашт.

Як дарахти тутамон буд,
Моядори будамон буд.
Донамон буд бо ҳама бедонагӣ,
Шиннияш[1] сармоядори қутамон буд.

Тут мехушконд модар,
Баҳри кирмак барг мечид.
Ҷони мо ҳам барги ларзон буд,
Ҷони моро аз даҳони марг мечид.

Кулии пургандуме ҳам доштем,
Рангу рӯи мардумӣ ҳам доштем.
Нони рӯи хонамон буд,
Хунамон буд, ҷонамон буд.

---

1. Шиннӣ – ширинии тут.

Модарам чанголӣ мекард,
Кай заифинолӣ мекард?
То ки мо бошем ҳамболи замона,
Бо замон ҳамболӣ мекард.

Чашмае болои деҳ буд,
Гӯиё Мавлои деҳ буд.
Пурсахотар аз ҳама дарёи олам,
Давлату дунёи деҳ буд.

Модарам з-он чашма меовард об,
Рӯи моро ҳар саҳар мешуст.
Гӯӣ бо нури сабоҳӣ
Баҳри фардои башар мешуст...

Модарам, эй модари покизаҷон,
дигар чӣ гӯям?
То кунун з-он оби чашма тозарӯям.
Тозарӯ дар пеши ту, дар пеши фардо,
Тозарӯю тозадил дар пеши дунё...

Ҳар гаҳе бар зодгоҳам раҳ бигирам,
Дар сари хоки ту мехоҳам бимирам.
Модарам, эй модари дунёнадида,
Мисли ту покизадил дунё надида!

9.1.1989

## ҒАЗАЛҲО

* * *

Дару девори ҷаҳон худ дару девори зан аст,
Кори дунё ҳама дар пайравии кори зан аст.

Нест ҷуз бори хас он бор, ки мардон бикашанд,
Ғами дунёи наву куҳна ҳама бори зан аст.

Эй ки дидори ҷаҳон дидаву бархурдорӣ,
Дон, ки дидори ҷаҳон лаззати дидори зан аст.

Рӯз аз хандаи ӯ равшанӣ гирад то шом,
Моҳи шаб шуълае аз дидаи бедори зан аст.

Осмонро набувад он ҳама рафъат, ки варост,
Гулу гулзори замин як гули рухсори зан аст.

Бипазад з-оташи ишқаш на ҳама ошиқи хом,
На ҳама марди харидор сазовори зан аст.

Гар равад зери замин ё ба фалак хайма занад,
Ҳар куҷо марди бузургест, гирифтори зан аст.

8.3.1979

## ВОЛОТАР АЗ ҲАМА

Як дами ҷон костани модарон
Беҳ зи ҳама муъҷизи пайғамбарон.

Як нигаҳи шуълавари модарон
Беҳ зи ҳама анҷумани ахтарон.

Як сухани бонамаки модарон
Беҳ зи ҳама ҳикмати донишварон.

Як асари маслиҳати модарон
Беҳ зи ҳама доварии доварон.

Як ҳунари ҳамдамии модарон
Беҳ зи ҳама ҷодуи санъатгарон.

Як нафаси сӯхтани модарон
Беҳ зи ҳама сӯзи дили шоирон.

Як табусӯзи ҷигари модарон
Беҳ зи ҷигардории сарлашкарон.

Як мадади фотиҳаи модарон
Беҳ зи мададгории соҳибсарон.

Як қадами беалами модарон
Беҳ зи ҳама шаш ҷиҳати бекарон.

Пас, ба қадамҳои шумо, модарон,
Хок шаванд аз ҳама волотарон.

Пас, ба қадамҳои шумо, модарон,
Кавну макон бод фидо, модарон!

25.4.1982

## ҚАСИДАИ МОДАР

Сад ҷону дил фидои як муддаои модар,
Фатҳу кушоиш орад дасти дуои модар.

Бишнид гар садоям дунёи сахтгӯшон,
Ангезаест шояд аз аллаҳои модар.

Гар шеъраке сурудам аз буду аз набудам,
Дар тинатам сиришта сӯзу навои модар.

Оғози офариниш дар раҳми ӯст, з-ин рӯ
Сад достон барояд аз як ҳиҷои модар.

Ман як нафас набошам бе ёди зоти қудсаш,
Аз сарсупурдагонам, ҷонам фидои модар.

Аз сатвату зи шуҳрат гар бар фалак занам сар,
Таъзим мекунам боз дар пеши пои модар.

Хира бар он касонам, к-аз хештан ризоянд,
Як бор ношунида ҳарфи ризои модар.

Ғофил аз он, ки хуршед аз Шарқ барнахезад,
Бошад тулӯъгоҳаш аз хокҷои модар.

Гардун сафо надорад, чашмаш зиё надорад,
Гар дар замин набошад нуру зиёи модар.

Дунё бақо надорад, аммо ба рағми сад марг
Бошад бақои олам маҳзи бақои модар.

Монад замин зи сайрон, афлок ҳам зи даврон,
Гар як нафас наҷунбад дасти сахои модар.

Дунё чи норасо буд, ҳастӣ чи носазо буд,
Халлоқ гар намебуд меҳри расои модар.

Тобад замини паҳно чун дашти хушксоре,
Ашке агар нарезад аз дидаҳои модар.

Як ахтаре нарахшад дар тоқи чархи мину
Бе шуълаи нигоҳи толеънамои модар.

Беинтиҳост дунё аз он, ки сӯи некӣ
Ҳеҷ интиҳо надорад ҳеҷ ибтидои модар.

Ҷуз чордарди зодан дарди дигар нахоҳад –
Аз чор самти дунё ояд садои модар.

Шоҳу гадо намонда дар аҳди мо, валекин
Мурданд ҷумла шоҳон охир гадои модар.

Ғамхору ғамшарикон аз мӯи сар зиёданд,
Аммо ба рӯзи сахтӣ холист ҷои модар.

Гар шоирони олам якҷо мадеҳа гӯянд,
Як байт ҳам наарзад андар санои модар.

Аз мармару забарҷад гар пайкара тарошанд,
Кай мекунад таҷассум ранҷу анои модар.

Фарзандгони хомаш кайҳонкушой карданд,
Аз як нигоҳи дилкаш ё дилкушои модар.

Тифлони ғарқи ганҷаш дарёфтанд охир
Дунё ҷаве наарзад андар баҳои модар.

Оламситонаконаш, гарданшикастагонаш
Рафтанд, чун шикастанд аҳду вафои модар.

Дар ҷангҳои дунё уммедҳош мурданд,
Ҷовид лек зиндаст уммедҳои модар.

Дарду балои дунё бигрифт модари зор,
Нагрифт лек дунё дарду балои модар.

Гоҳо ҷафо кунад то одам шавем, илоҳо,
Дигар ҷафо намонад ғайр аз ҷафои модар.

То як шаванд халқон дар зери чархи гардон,
Бинед, яккатозон қадди дутои модар.

Ғамноку хокбарсар з-онам, ки ҳафт дарё
Аз гиря чун нахушкад рӯзи азои модар!?

6.1.1983

* * *

Будӣ дунёи ману рафтӣ зи дунё, модарам,
Ман бурун аз хоку ту дар хок танҳо, модарам.

Аз канорат то шудам маҳрум дар айёми гул,
Шуд канорам аз сиришки шӯр дарё, модарам.

Дар баҳоре, ки табиат чун ҷавонӣ хандарӯст,
Гирярӯям дар ғамат дар боғи гулҳо, модарам.

Дар ҷавонӣ дасти шафқат аз сарам бардоштӣ,
Бекасам бигзоштӣ дар роҳи фардо, модарам.

Рӯхарошон сохтӣ, гесӯпарешон сохтӣ,
Қоматам кардӣ дуто, эй ганҷи якто, модарам.

Меҳрубониҳои дунё бо ту зери хок рафт,
Кас наёзад сӯи ман дасти тасалло, модарам.

Пасту болои ҷаҳон болои ҳам ғам медиҳад,
Бо ту яксон менамуд ин пасту боло, модарам.

Ҳамчу гӯри ту дилам аз орзуҳо сард шуд,
Эй ҷаҳони содаи ишқу таманно, модарам.

Зуд рафтӣ, зуд рафтӣ аз ҷаҳони ношикеб,
Ношикебо модарам, эй ношикебо, модарам.

Рафт дар тобути ту ҳам буд, ҳам нобуди ман,
Воалам аз дасти дунёи фиребо, модарам.

Бурдӣ аз лаб хандаам, эй шуълаи ояндаам,
Водареғо, модарам, сад водареғо, модарам!

8.4.1983

* * *

Бо ду чашми хирабин нури кӯҳистон, модарам,
Шуълае аз оташи оташпарастон, модарам.

Мавҷи мӯҳои сафедат аз сафедии дил аст,
Бо ҳама пажмурдагӣ сомони бустон, модарам.

Рӯзу шаб хобат намеояд зи сӯзишҳои дил,
Дар ғами ман кӯчахандон, хонагирён, модарам.

Бингарӣ ҳар бор бар гаҳвораи холии ман,
Ёд орӣ аз ману ризқи парешон, модарам.

Аз заминларза сутуни хонаат тарқидааст,
Эй сутуни рӯзгори нобасомон, модарам.

Як асо бори ғами пирит натвонад кашид,
Эй сабурият фузун аз сангу сандон, модарам,

Сӯи лаб нобурда, нон аз дасти ларзонат фитад,
Боз ҳастӣ бо аҷал дасту гиребон, модарам...

25.1.1984

* * *

Замину осмони ман туӣ модар, туӣ модар,
Ҷаҳони бекарони ман туӣ модар, туӣ модар.

Дар ин дунё, ки бераҳмиву бемеҳрист бунёдаш,
Ягона меҳрубони ман туӣ модар, туӣ модар.

Диламро дар ҷаҳон ҷуз ту касе беҳтар намедонад,
Беҳин ҳамдостони ман туӣ модар, туӣ модар.

Зи рӯят нур меборад ба рӯи зиндагониям,
Чароғи дудмони ман туӣ модар, туӣ модар.

Забони мардумӣ омӯхтӣ, на дарси сарфу наҳв,
Ҳам устоди забони ман туӣ модар, туӣ модар.

Гарам шоир намезодӣ, куҷо ман шеър мегуфтам?
Ғазалҳои равони ман туӣ модар, туӣ модар.

Суруди аввалини ман, суруди охирини ман,
Суруди ҷовидони ман туӣ модар, туӣ модар.

1.7.1984

* * *

Модари хушназарам, ҳар назарам ҳадяи туст,
Асаре дорам агар, он асарам ҳадяи туст.

Дар фазои абадийят паи парвози дароз
Модари муштипарам, болу парам ҳадяи туст.

Хоксории ту он қадр маро кард баланд,
Ки ҳама қудрати кайҳонгузарам ҳадяи туст.

Дар раҳи ман ҳама дам дидаи тар доштай,
Ки аз он дидаи тар шеъри тарам ҳадяи туст.

Ақли ту кӯтаҳ агар гуфт касе, кӯтаҳӣ кард,
Чун такопӯи раҳи дуртарам ҳадяи туст.

Аҷаб ин аст, ки занро ҳама хонанд заиф,
Бо заифит ҳама карру фарам ҳадяи туст.

Пошикаста ҳама гӯянд зану модарро,
Ман гувоҳам, ки зи по то ба сарам ҳадяи туст.

Офаридӣ ту маро, то зи ҷаҳон баҳра барам,
Баҳра бурдан зи ҳама баҳру барам ҳадяи туст.

Ман ба ҷои туям, эй модари барҷомонда,
Дидаи равшани фардонигарам ҳадяи туст.

12.12.1984

* * *

Ба кӯи охират рафтӣ, сари кӯи ту менолам,
Ҳама сӯи худо ноланд, ман сӯи ту менолам.

Ту дар зери заминӣ, бе туам рӯи замин холист,
Ба рӯи ин замин дар ҳасрати рӯи ту менолам.

Ду дастат бо ҳама раъша мададгори ҳаётам буд,
Ба ёди дасти ларзону мададҷӯи ту менолам.

Чӣ суд аз кӯҳи Чилмеҳроб[1] бе меҳроби абрӯят,
Ман аз маҳрумии меҳроби абрӯи ту менолам.

Зи кӯҳи Осиё[1] гар нолаҳои обшор ояд,
Фузун аз ӯ чу фарзанди ғазалгӯи ту менолам.

Такопӯ кардӣ баҳри ман тамоми умр роҳи бахт,
Ман акнун рӯзу шаб андар такопӯи ту менолам.

Зи ман шоиртаре будӣ, ки лафзи нобам омухтӣ,
Ба ёди он ҳама алфози дилҷӯи ту менолам.

Ало модар, пиҳил кун шири покатро, ки то ҳастам,
Ҳама сӯи худо ноланд, ман сӯи ту менолам.

8.7.1985

* * *

Ниҳодам дастаи гул ин саҳар рӯи мазори ту,
Гуле аз орзуҳои ҷавонию баҳори ту.

Намегунҷад ягон дар гӯшаи хобу хаёли ман,
Ки ин оромгоҳи тусту хатми рӯзгори ту.

Қарореро намедонистӣ дар рӯи замин умре,
Чӣ сон дар зери хок осуд ҷони беқарори ту?

Чӣ дунёе, ҳамин дирӯз бар ман фотиҳа додӣ,
Ки ҳар ҷое равам, бошам ба ҷои ёдгори ту,

1. Чилмеҳроб ва Осиё – номи кӯҳҳо дар зодгоҳи гӯянда.

Кунун имрӯз гӯратро зиёрат мекунам, модар,
Агарчи нест дигар дар раҳам чашмони чори ту.

Ба пои турбатат биншаста, ҷӯи ашк сар додам,
Ки рӯяд сабзаву гул бар мазори хоксори ту.

Бихондам сурае ҳам, то ки рӯҳат шод гардонам,
Ки шояд бишнавад оҳи маро парвардгори ту.

Ту азбаски малак будӣ дар ин дунё, дар он дунё
Худо омурзгори ту, малоик низ ёри ту.

Ту бо пурсандаҳо он ҷо мадоро кун барои ман
Ба уммеде, ки оям низ рӯзе бар канори ту...

8.7.1985

* * *

Модарам, бо ташнаҷонӣ ёд меорам туро,
Модарам, бо дилгаронӣ ёд меорам туро.

Дар муҳити ҳамзабонони забонгумкардаам
Чун наёбам ҳамзабонӣ, ёд меорам туро.

Чун ту ҳам бигзаштиву умри ҷавонӣ ҳам гузашт,
Ҳамчу даврони ҷавонӣ ёд меорам туро.

Дар ҷаҳони танги кӯҳистон гузаштӣ аз ҷаҳон,
Дар сафарҳои ҷаҳонӣ ёд меорам туро.

Ҳар гаҳе дар худ фурӯ монам ва ё худ лаҳзае
Сахт гирад зиндагонӣ, ёд меорам туро.

Ёд меорам туро, чун ёди ту ёди ман аст,
Чун ту асли асли ҷонӣ, ёд меорам туро.

14.11.1985

* * *

Модарам бо дарди худ шому сабо гап мезадӣ,
Зери лаб гап мезадӣ, бо сад дуо гап мезадӣ.

Гиря мекардӣ ниҳон дар пушти девори алам,
Бо алам аз марги хешу ақрабо гап мезадӣ.

Камсухан будӣ, вале то пур бубинӣ бахташон,
Баҳри фарзандон паи радду бало гап мезадӣ.

Тоза мекардӣ барои хеш роҳи охират,
Рӯ ба кӯи охират бо илтиҷо гап мезадӣ.

Нимаҷону ниматан мерафтӣ сӯи ломакон,
Бо макони охиринат бесадо гап мезадӣ.

Дар танат хушкида буд завқи тапишҳо, лек боз
Бо умеди зиндагӣ бо зиндаҳо гап мезадӣ.

Шири покат буд позаҳри ҳама носурҳо,
Боз ҳам аз дарди дарди бедаво гап мезадӣ.

Пеши худ то ҳол ҳайронам, ки бо лабҳои хушк
Худ ба худ гап мезадӣ ё бо худо гап мезадӣ...

11.12.1985

## РУБОИЁТ

Бар мадфани модарам чу гул бигзорам,
Ман мӯи сафеди хешро бишморам.
Чун панҷаи хуршед сарам бинвозад,
Аз панҷаи нарми модарам ёд орам.

Ёрон ҳама ҷо, вале Ватан дар як ҷост,
Ҳар санги Ватан мисоли ҳайкал зебост,
Олам ҳама ҷо азиз, лекин бар ман
Модар яктост, Тоҷикистон яктост.

Як мушт зи хоки модари хушназарам,
Мушти дигаре зи хоки поки падарам –
Чун ҳадяи вопасинашон бар фарзанд
Резед ба гӯри ман, чу ман даргузарам.

Модар, модар, ту ибтидоям будӣ,
Ҳам қимати қомати расоям будӣ.
З-аввал ту намезодӣ, намемурдам ман,
Гӯё ки ту низ интиҳоям будӣ.

Модар, модар! Шири сафедам додӣ,
Дунё баумед асту умедам додӣ.
То бар сари ман чӣояд аз бешу камӣ,
Ту дар сари гаҳвора навидам додӣ.

## ДУБАЙТИҲО

Аё модар, мадори ман ту будӣ,
Гули аввалбаҳори ман ту будӣ.
Нахушкад чашмаи шеъру сурудам,
Зи бас сарчашмадори ман ту будӣ.

Аё модар, ба қурбони ту мирам,
Чу муҳри меҳри паймони ту мирам.
Ҷаҳон пурмакру дастон аст, бигзор,
Ки ман дар рӯи дастони ту мирам.

Сиришти ман, ниҳоди ман ту будӣ,
Сафои бомдоди ман ту будӣ.
Аё модар, ба он сон бесаводӣ
Нахустин устоди ман ту будӣ.

Ту хушбахтӣ зи қисмат, хоҳари ман?
Сарафрозӣ ба олам, додари ман?
Замин то осмон розиям аз ту,
Ту аз ман розӣ рафтӣ, модари ман?

Ҷаҳонсозу ҷаҳонорой, эй зан,
Сутуни гунбади миной, эй зан.
На танҳо қалъаи дилҳой, эй зан,
Ки ҳатто қалъаи дунёй, эй зан.

Дилам хоҳад, равам бар кӯи модар,
Вуҷудам пур шавад аз бӯи модар,
Тамоми рӯи дунёро бигаштам,
Надидам рӯи хуш ҷуз рӯи модар.

Сари гӯри ту биншастам даме чанд,
Бигирйистам зи андӯҳу ғаме чанд.
Зи санги сарди болои мазорат
Бипурсидам: баҳои одамӣ чанд?

Дареғо, модари пирам, дареғо,
Чароғи бахту тақдирам, дареғо.
Ту будӣ бар сарам, будам фалакгир,
Кунун бе ту замингирам, дареғо.

Куҷой, модари ҷонпарвари ман,
Худои умри ман, пайғамбари ман.
Сарам дар бистари марг аст имрӯз,
Биё аз гӯру биншин бар сари ман.

Туӣ пирам, туӣ тадбири пирам,
Дуоям кун, дуоятро бигирам.
Намемирӣ ту, эй модар, агар ман
Барои модари миллат бимирам!

# СИПОСНОМА

ҚИТЪАИ ШЕЪР

*Ба устод Мирзо Турсунзода*

Диле дорӣ, ки дар он Осиё гунҷад,
Дар ӯ шӯру қиёми осиён гунҷад,
Дар ӯ занҷирҳо бигсаста аз дасти ғуломон,
Дар ӯ ишкелҳо бишкаста дар пои асирон,
Дар ӯ яксон шуда зиндону маҳбасҳо,
Дар ӯ ҷо нест бар малъуну нокасҳо.

Варо ишқ ошён хонда,
Дар ӯ сулҳ ошён монда
Ба монанди парасту дар баҳорон.

Дар ӯ рашку хусумат нест,
Дар ӯ гарде хушунат нест.
Дар ӯ аз ганҷҳои ҷовидона
Ба ҷуз ганҷи сухан, ганҷи муҳаббат нест.
Хушоянд он қадар буда,
Ки муҳтоҷи хушомад нест...

Дар ӯ Варзоб меҷӯшад,
Дар ӯ Ниле чу озодипарастон мекунад исён –
Чу медонам, ки маҷрои ҳама дарёст
дарёи дили шоир,
Чу медонам, ки дунёи ҳама савдост
дунёи дили шоир,
Намедонам чӣ ҷои нисбат аст, аммо
Накӯ донам, ки ҳар як шоири шӯрида
бо ҳар қитъаи шеъраш
ба ҳукми қитъаи дунёст,
Ки то боқист, истиқлол мехоҳад.
Накӯ донам, ки шоир восили ҳол асту истиқбол,
Агар ҳар қитъа шеъраш бо забони ҳол фармояд,
ки истиқбол мехоҳад.

Ту дар ҳар ҳолат, эй устод,
бо ҳар қитъаи шеърат
Кушодӣ роҳ бар ҳар қитъаи олам,
Бубахшидӣ паи беҳбудии дунё,
паи дилёбии одам сурудатро!
Вуҷудатро!
Кунун рӯди Қаротоғ аз миёни кӯҳсорон
рӯ ба сӯи баҳрҳо ҷорист.

Кунун ӯ ошно гашта ба уқёнусу дарёҳо,
Варо дарёи назми ту, каломи ту,
Варо иқдоми ту, роҳу мароми ту
Ба дарёҳои олам роҳ бикшодаст,
Ки бо ҳар қатрааш ҳар гоҳ бо баҳре биомезад,
Бигӯяд бо забони ту, ки ӯ аз Шарқи озод аст!

1971

* * *

Чу Турсунзода бо боли замона
Накардам сайр ақсои ҷаҳонро.
Надидам обшорони Ниагар,
На Эронрову на Ҳиндустонро.

Нахурдам оби Гангу Зиндарӯдаш,
Нашустам рӯ дар уқёнуси Ором,
Ба чашмам санги асвадро надидам,
Накардам ламс боре санги аҳром.

Ман аз ашъори ӯ хондам, ки дунёст
Кашокашхонаи мағлубу фирӯз;
Ки Дунё нест танҳо хӯрду хобе,
Ва ё як рангбозии шабу рӯз.

Ман аз ашъори ӯ хондам, ки дунё
Ба рӯзи бад надорад хатти масдуд.
Дар ӯ як хона аз як шуъла сӯзад,
Бигардад сад ҳазорон хона нобуд...

Агарчи хоб мебинам ҳама шаб
Чу рӯъё шаҳрҳои дурдасте,
Агарчи ларза дар ҷонам фикандаст
Ҷаҳон бо ин ҳама зарбу шикасте,

Дилам хоҳад равам пеш аз сапеда
Бихонам лавҳи гӯри мурдаҳоро.
Бидонам, то чӣ фарҷом асту подош
Фузунхурда ва ё камхурдаҳоро...

Дар он ҷо ҷумла яксонанду якранг,
Чаро ин ҷо ҳама ҳар ранг бошанд?
Чу битвон беҷидолу ҷанг ҳам мурд,
Чаро мардум фидои ҷанг бошанд?

Агар ин ҷангу ғавғою такутоз
Барои қисмати ганҷи ҷаҳонист,
Ба дунё ҳеҷ ганҷе беҳ зи ҳастӣ –
Зи умри одаму аз одамон нест.

Замин яктост ҳамчун Модар, аммо
Фақат фарқе миёни ину он аст.
Барои ман Замин сарҳад надорад,
Фақат сарҳад миёни ду ҷаҳон аст...

Ҳама зӯру ҳама доност, аммо
Касе аз зиндагӣ пирӯзтар нест.
Касе бар зиндагӣ пирӯзӣ хоҳад,
Аз ӯ мағлубтар, бадрӯзтар нест.

... Намондам хориҷ аз ҳадди Ватан пой,
Накардам сайр ақсои ҷаҳонро.
Вале монанди ҳар фарзанди инсон
Хурам ҳар лаҳза ғамҳои ҷаҳонро...

26.6.1974

## ДАР ҚАТОРИ ҚУЛЛАҲОИ ТОҶИКИСТОН

Дар қатори қуллаҳои Тоҷикистон,
Дар қатори қуллаҳои сангу хок
Қуллаи дигар ба гардун сар кашид –
Қуллаи шеъри баланду рӯҳи пок.
Қуллае андар қатори сад ҳазорон қуллаҳо –
Қуллаи шеъри баланду сода аст,
Қуллаи Мирзои Турсунзода аст.

Баъд аз ин, эй дӯстон,
Эй ҳама даъвогарони тахти шеъру достон,
Дар баландӣ ошён мондан кам аст,
Шеъри худ бар ёри худ хондан кам аст...
Гар шумо аҷдоди ӯед,
Гар шумо авлоди ӯед,
Гар шумо аз шеъри ӯ рӯи ҷаҳонро дидаед,
Ҳамчу набзи хештан набзи замон санҷидаед,
Гар шумо дидед, чун як фард олам мешавад,
Оламеро мезанад бар олам, Одам мешавад;
Гар шумо дар ҷашни дафни ӯ
сиришк афшондаед,
Мисрае бар ёди ӯ аз достонаш хондаед;
Беш аз ин,
Гар шумо аз кӯҳсоред;
Беш аз ин,
Гар шумо аз ин диёри номдоред;
Беш аз ин,
Гар шумо номуси миллӣ дар вуҷуду
зоти худ доред,
Дар баландиҳои кӯҳҳо ошён мондан кам аст,
Ошёне
Дар баландии мақоми ӯ гузоред!

29.9.1977

## РӮЗИ ҶАНОЗА

Киштии пурбори дил аз паҳнаи дарё гузашт,
Хун гирӣ, эй Тоҷикистон, шоир аз дунё гузашт.
Ҷор зад аз минбари дунё барои адлу дод,
Маркази дилҳо биҷуст, аз маркази дилҳо гузашт.

Ҳар суруде дошт, бо номи Ватан оғоз кард,
Ҳар куҷое рафт, бо боли Ватан парвоз кард.
Дӯстӣ ҷусту вафо омӯхту озодагӣ,
Шеъри худро дар қудуми сулҳ пояндоз кард.

Осиёро ӯ ба чашми хештан санҷиду рафт,
Ҳар куҷо аз бахри озодии ӯ шӯриду рафт.
Дар сари қабри бузургон шеър хонду саҷда кард,
Аз бузургон самти роҳи ҷовидон пурсиду рафт.

Сайри дунё кардани ӯ сайри дилҳо кардан аст,
Раҳми дунё хурдан аст, аммо на дунё хурдан аст.
Гашт дар рӯи замин, то дид рӯи одамин,
Дил ба дунё додани ӯ дил ба даст овардан аст.

Аз замин нонрезаҳоро реза-реза чиду рафт,
Қитъа-қитъа қитъаҳоро тухми дил кориду рафт.
Кокулони майдабофи духтаронро шеър кард,
Шеъри худ дар кокулони духтарон печиду рафт.

Дар лаби дарёи Варзоб ӯ ғазалҳо хонда буд,
Бо садои ошно гирову шево хонда буд.
Пеши худ то ҳол ҳайронам, ки он рӯзи саид
Ӯ ғазал мехонд бар мо ё ки дарё хонда буд?..

Лек рӯзе шуд, ки ин дарё миёни соҳиле
Дар канори худ набинад шоири дарёдиле.

Мавҷи мӯҳои сафедаш мавҷи дарё буду нест,
Ӯ наҷӯяд манзиле, дарё биҷӯяд манзиле.

Кӯчаҳои шаҳр пур аз мавҷи оҳу дард буд,
Гӯӣ дунё дар ғами ин марди дунёгард буд.
Шоири мо қаҳрамон буду аҷал ғофил гирифт,
Мард буд устоди мо, аммо аҷал номард буд.

Издиҳоми мотамӣ бо гиряи дилҳо гузашт,
Издиҳоми мотамӣ аз шаҳр чун дарё гузашт.
Воалам, эй кӯҳсорон, қуллаеро ярч бурд,
Водареғ, эй Тоҷикистон,
аз ҷаҳон Мирзо гузашт!

Зинаҳои равнақат дар зинаҳои шеъри ӯст,
Рангҳои парчамат рангу ҷилои шеъри ӯст.
Тоҷикистон, ҳар чи навъе ганҷ дорӣ дар дилат,
Дар дили ҳар мисраъу дар иҳтивои шеъри ӯст.

Ӯ туро бишнохт аввал, то варо олам шинохт,
Ӯ туро бинвохт аввал, то варо олам навохт.
Аз раҳи кӯҳсори ту бар чор сӯи даҳр рафт,
Ҷони худ дар кӯраи пуроташи олам гудохт.

Марди роҳе, ки ҳамеша роҳи дил паймудааст,
Ҳам қадам фарсудаасту ҳам қалам фарсудааст,
Ҳар куҷое ҷанг бошад, гӯри ӯ гардад хароб,
Ҳар куҷое сулҳ бошад, рӯҳи ӯ осудааст.

Дар замини мо, ки худ як ахтар аст аз ахтарон,
Гӯшае аз таркиши ҳар бор ларзад ногаҳон,
Марқади ӯ низ ларзад дар бари боғи Лучоб,
Дар дили гӯр аз дили наъшаш бароял сад фиғон.

Гӯри ӯ ҳам, эй башар, як мушти хоки олам аст,
Як кафи шодию ҳасрат – мушти хоки одам аст.
Зиндаи ӯ гар мубориз буда андар зиндагӣ,
Мурдаи ӯ ҳам мубориз тар зи чандин Рустам аст.

Боз аз мулки абад ҳам бингарад сӯи замин,
Баски дорад шеъри ӯ атри замин, бӯи замин.
Гарчи дар зери замин осудаву фориғ зи мост,
Боз ҳам дорад ғами осоиши рӯи замин.

Хуни гармаш дар раги ҳар байт туғён мекунад,
Дар дили хок аст, аммо дил ба дарё мезанад.
Зиндаи ӯ баҳри имрӯзи ҷаҳон ҷон кандааст,
Баҳри фардои ҷаҳон осори ӯ ҷон меканад...

5.3.1978

## ВОРИСОН

Ояд аз шеъру сухан бӯи Ватан,
Бинам аз рӯи сухан рӯи Ватан.
Ҳар кӣ нирӯманд бошад дар ҳунар
Такя дорад гар ба нирӯи Ватан.
Шоирӣ аслан ватандорӣ бувад,
На суханбофӣ ба ҳар кӯи Ватан.
Шоирӣ он аст, ки бо савқи шеър
Беватанро оварад сӯи Ватан.

Шеър аз меҳри Ватан сар мезанад,
Дар фазои ҷовидон пар мезанад.
Бо фалакпаймо ба кайҳон мепарад,
Сикка бар моҳу ба ахтар мезанад.
Мисли Айнӣ баҳри мардум хешро
Гаҳ ба зиндон, гаҳ ба минбар мезанад.
Мисли Турсунзода бо пайғоми сулҳ
Қитъа-қитъа ҳалқа бар дар мезанад.

Қасди шоир аз сухан одамгарист,
Бехудиҳояш ҳама шӯроварист.
Гетиро хуршед агар равшан кунад,
Синаҳоро – кори шеъру шоирист.
Дар ғами дунё дили худ мехурад,
Дар ҷаҳон то ҷабру зулми барбарист,
Алғараз, бо як сари шӯридааш
Бо тамоми халқи олам ҳамсарист.

Кист мегӯяд, ки мо як беғамем?
Мо дар ин дунё фидои одамем,
Хуни инсон ҳар куҷо дарё шавад,
Мо чу дарёи баҳорон медамем.
Шоирони хуб андар зери хок,
Мурдаю зинда агарчи мо камем,
То бувад олам ба роҳи Инқилоб,
Аскарони Инқилоби оламем!

Мо ҳам аз мардони меҳнатзодаем,
Сина бар амри Ватан бикшодаем.
Баҳри ҷуброни ҳама қарзи замон
Ҷумла дар поси замон истодаем.
Гар ҳама дороии мо як дил аст,
Дил ба рӯи дасти даврон додаем.
Ҳам ба азму ҳам ба назму ҳам ба размм
Пайрави Айниву Турсунзодаем!

12.1.1980

## БАЪДИ ТУ

*Солҳои охир аз забони устоди бузургвор Мирзо Турсунзода байти зеринро такрор ба такрор шунидаам:*
*Тарсам, ки ман бимираму ғам бепадар шавад,*
*Ин тифли нозпарвари ман дарбадар шавад.*

Тарсам, ки низ баъди ту ғам бепадар шавад,
Ин бепадар ба уҳдаи мо бештар шавад.
Шеъре, ки аз дил ояду аз ҷону аз ҷигар,
То боз бар диле расад, хуни ҷигар шавад.

Тарсам, ки дар қаламрави илҳоми шоирон
Ҷои қаламкашон расад садҳо хабаркашон.
Бокам зи марги ҷисм не, зеро ту зиндай,
Метарсам аз намурдани муллонуқотиён.

Метарсам аз намурдани якчанд бехабар,
Метарсам аз намурдани якчанд бебасар,
Метарсам аз намурдани якчанд мурдадил,
Метарсам аз намурдани якчанд беҷигар.

Дар шоирӣ зи баъди ту гар куҳна, гар навем,
Аз офтоби назми ту як мила партавем.
Ғам бепадар шавад, чӣ ғам, ин худ сазои ӯст,
Тарсам, ки баъди марги ту мо бепадар шавем...

1981

## ПАРВОЗИ СУХАН

Он ҳама парвозҳо – Шарқу Шимол,
Он ҳама парвозҳо – Ғарбу Ҷануб,
Он ҳама парвозҳо бо боли даврон
Дар фазои зишту хуб...

Он ҳама парвозҳо аз розҳо то розҳо,
Он ҳама парвозҳо дар олами эъҷозҳо,
Он ҳама парвозҳо аз қутби дил то қутби дил,
аз шеъри нав то шеъри нав;
Он ҳама парвозҳо аз рой то рои дигар,
Нест парвозе зи як маъво ба маъвои дигар,
Балки буда бас тавилу дуртар
Аз яке парвоз сӯи авҷи кайҳон;
Балки тӯлонӣ зи парвози Гагарин будааст,
Дар замин яъне ҳамандози Гагарин будааст;
Балки парвози сухан аз ақлҳо то ақлҳо,
аз қалбҳо то қалбҳо
Буда аз парвози як кайҳоннаварде пештар,
Бештар, пурбору покандештар...

Шоирони асри фатҳи осмон
Ҷумла ҳампарвоз мебошанд бо кайҳоннавардон,
Баски як шаҳболашон бошад агар боли Ватан,
Шоҳболи дигари эшон бувад
боли фану боли сухан.

Пас, сухан ҳам доимо чун киштии кайҳонии нав
Ё чу як кайҳоннаварди навҷирон
Бар сафар омода аст.
Дар шумори зумраи кайҳоннавардон
Боз як кайҳоннавард – ашъори Турсунзода аст!

3.6.1981

## ДАР ХУНЗАХ

Ворисе Хайёму Хайёми авар,
Яъне ду фарзона – Мирзою Расул
Рақс мекарданд дар каф шохҷом.
Ҷомҳо пурбода буданд,
Одамон хушнуд аз дидори Турсунзода буданд.

Дар миёни қуллаҳои сарсафед
Гӯиё ду қуллаи дигар ба гардун сар кашид –
Он яке Мирзо ба сони қуллаи Боми Ҷаҳон,
Дигаре Ғамзат Расул – он шоири ҷодубаён.

Табла мезад соҳире,
Сурна мезад бо фусун хунёгаре.
Ҷомҳоро ҳар ду риндона баланд афрохтанд,
Гӯӣ бо хуршед «ҷанг» андохтанд...

Рақс мекарданд мавзуну муназзам,
Қуллаҳо ҳам рақс мекарданд он дам.
Рақс мекарданд бо ҳам шӯху печон
Ё ду қулла – қуллаи Помиру Қафқоз,
Ё ду қулла – қуллаи назми замон...

9.6.1981

## ЯК ПОРА ХОТИРА

Бори аввал дида будам ман варо
Дар лаби Варзоб – дар бустонсаро.

Нав сафедӣ бар сараш афтода буд,
Ё сафедии замири сода буд.

Буд ҳам устод Боқӣ дар бараш
Бо зарофатҳои ҳамчун шаккараш.

Паҳлуи ӯ босалобат менишаст,
Махзани андарзу ҳикмат менишаст.

Гӯиё ду барзкӯҳ аз кӯҳсор
Он яке аз Рашту дигар аз Ҳисор

Рӯ ба рӯ биншаста суҳбат доштанд,
Суҳбат аз асрори санъат доштанд.

Навсазовори мукофоти Ленин
Гӯй аз Ленин шунида офарин –

Шоири панҷоҳсола пеши мо
Дар назар чун сарсулола пеши мо

Гуфтугӯҳо дошт аз дидорҳо
Аз ҷаҳони афсару афсорҳо.

Чанд донишҷӯи навмашқи сухан
Доштем андар ҳузураш анҷуман.

Шоири донандаи рози замон,
Шоири ҳамдасти эъҷози замон

Қиссаҳо мекард аз пирони шеър,
Аз паямбар, аз ҷаҳонгирони шеър,

Аз бузургоне, ки фитрат доштанд,
Лек на молу на давлат доштанд,

Аз бузургоне, ки девон доштанд,
Сина пурғам, сурфа бенон доштанд,

Аз бузургоне, ки дунё будаанд,
Аз ҳама офоқ танҳо будаанд,

Аз бузургоне, ки ҷонҳо бохта,
Қадрашонро даврашон нашнохта...

Оби дарё латма мезад бар канор,
Мавҷ мезад, мавҷҳо – занҷирадор.

Қуллаҳои песабарф аз рӯ ба рӯ
Доштанд аз навбаҳорон гуфтугӯ.

Рӯди кӯҳӣ пуршитобу пурхурӯш,
Қад-қади раҳ кӯдакони гулфурӯш...

Ғоиби[1] марҳум як шеърак бихонд,
Лек то нимаш расиду хира монд.

Гуфт: Шармам ояд аз ин ҳарзаҳо,
Ахгаре кай монад аз хасдарзаҳо.

Як ҷавон бо ҳайбату бо савлате
Хонд як фахрияи беҳикмате.

Банда ҳам шеъре бихондам паст-паст,
Шеъраке беқофия, бебанду баст.

Устод ором як-як мешунид
Ҳарф-ҳарфи шеърҳои норасид.

Панҷа месоид бар холи ҷабин,
Дар рухаш дарди ҳама рӯи замин.

Ҷоми нима дар кафу саршор дил,
Чун ҷаҳон пурмоҷаро, пуркор дил.

Гуфт: Мебинед, ин рӯди равон
Ҷовидон пир асту ҷовидон ҷавон.

Баски андар изтиробу коҳиш аст,
Ғофил аз кайфияти осоиш аст.

Шоирӣ ҳам мисли дарё будан аст,
Рӯзу шаб чун мавҷ ноосудан аст.

Об аз соҳил бурун ояд баҳор,
Ишқ ҳам аз дил бурун ояд баҳор.

Рӯди кӯҳӣ тунд бихрӯшад баҳор,
Шеър ҳам аз дил бурун ҷӯшад баҳор.

Чун баҳор ояд, баҳор ояд ба шеър,
Мастиву шӯру шарор ояд ба шеър.

Ошиқон чун булбулон ово кунанд,
Духтарон қуфли гиребон во кунанд.

Гул на танҳо дар чаманҳо бишкуфад,
Ҳам даруни синаи мо бишкуфад.

Зинда бодо пас баҳори ишқу шеър,
Зинда бодо пас барори ишқу шеър!

Бингаред, ин кӯҳҳои рӯ ба рӯ
Ганҷҳо доранд дар дил тӯ ба тӯ.

Лек бояд синаҳошонро шикофт,
Бо машаққат ганҷи дилхоҳе биёфт...

1. Шоир Ғоиб Сафарзода.

Пас шумо ҳам, эй ҷавонони сухан,
Ганҷи худ ёбед аз кони сухан!

Пас ба сар бардошт ҷоми нимаро,
Чеҳрааш бишкуфту в-он гаҳ сӯи мо

Аз дари дигар сухан оғоз кард,
Баҳри мо чандин тилисме боз кард –

Гуфт: Ман ҳам чун шумо куҳзодаам,
Кӯҳҳоро дар дилам ҷо додаам.

Ағбаи Анзоб азобам додааст,
Оби Варзоб обутобам додааст.

Кӯҳҳо нармӣ атоям кардаанд,
Бо ҷаҳоне ҳамнавоям кардаанд.

Фасли тифлӣ модари ман даргузашт,
Ҳам падар – бонигари ман даргузашт.

Зери гардун бекасу танҳо шудам,
Ҳамчу коҳи бесару бепо шудам.

Модарам дар хоку дасти модаре
Шуд парастори сари бесарваре.

Баъди модар, модари ман – Инқилоб!
Додари ман, хоҳари ман – Инқилоб!

Шавқи фардо то ба шаҳроҳам кашид,
Бар ҷаҳони муфлису шоҳам кашид.

Дидам эй бас шоҳи бетахту ҷалол,
Дидам эй бас муфлиси соҳибкамол.

Ин ҳама бошад зи файзи Инқилоб,
Инқилобе, ки нагунҷад дар китоб.

Рӯдакиро кард бино Инқилоб,
Дод умри нав ба Сино Инқилоб.

Айниро озод кард аз зарбу лат,
Барнишонидаш сари тахти абад.

Гарчи дар сар ҷабҳае қодир шавад,
Халқи мо мирад, чу бешоир шавад.

Айнӣ омад, баъд Лоҳутӣ расид,
Халқи тоҷик бӯи озодӣ шунид.

Шоирӣ ҳамзоди хуни мо бувад,
Шеъри ақли мо, ҷунуни мо бувад.

Шеър баҳри мо ба ҷои тир буд,
Баҳри радди ҳар бало тадбир буд.

Ҷавшани мо буд дар майдони кор,
Махзани мо буд андар рӯзгор.

Ҳофизи Шероз бо сеҳри сухан
Шаҳри худро ҳифз кард аз сӯхтан.

Гарчи аз дасти арабҳо сӯхтем,
Гаҳ арабро сарфу наҳв омӯхтем.

Сад китоби зичи анҷум сохтем,
Ҷумла баҳри нафъи мардум сохтем.

Кушт бас ислом рассомии мо,
Дар намозу рӯза шуд ҳомии мо.

Дар гулӯи мо суруди мо бимурд,
Асли оҳанги вуҷуди мо бимурд.

Мурд мусиқию мусиқишинос,
Халқи мо овард бар иллаҳ ниёз,

Гашта андар гӯшае хилватнишин
Лобаҳо мекард то чархи барин,

Ҳар чӣ ояд бар сараш, аз чарх буд,
Гарчи ҳам аз чарх комаш талх буд.

Пас қасоси хеш бистонд аз сухан,
Ёдгоре сохт бо ёди Ватан.

Бо худо мушту гиребон буд шеър,
Дар замин ҳамдарди инсон буд шеър.

Ҳандаса, ҳайкалтарошӣ буд шеър,
Ҳақшиносӣ, ҳақталошӣ буд шеър.

Фалсафа, таърих, ҳам илми набот,
Илми тиббу рози ҳар басту кушод,

Ҳам риёзиёт манзум омада,
Ҳам илоҳиёт манзум омада.

Мухтасар, нақши ҳама навъи ҳунар
Буд дар шеъру сухан рахшандатар...

Лек аз дасти ҳама донишварон
Сарфу наҳви тоҷикӣ шуд норавон...

Пас, шумо ҳам гар суханвар мешавед,
Халқро раҳдону раҳбар мешавед,

Роҳи худро аввалан пайдо кунед,
Ҷодаи худ дар сухан пайдо кунед.

Об дар ҳован набояд кӯфтан,
Ҳарфи нав бояд, на такрори сухан.

Гуфтани такрор чун беҳуда аст,
Муҳраҳо дар риштаи фарсуда аст.

Ҳарфи нав дунёи нав бунён кунад,
«Нори хандон боғро хандон кунад...»[1]

Мавҷи дарё мисли мавҷи шеъри ӯ
Метапид андар ҷаҳони ҷустуҷӯ.

Ҳаббазо, бахти накӯе доштем,
Бо ду дарё гуфтугӯе доштем –

Он яке дарёби Турсунзода буд,
Дигаре Варзоби Турсунзода буд.

Ин ҷаҳон то аз паи коре бувад,
Ин ду дарё ҷовидон ҷорӣ бувад!

12.6.1981

## БОЛИ АРЗИЗ

Гар аҷал шаҳболи парвозаш шикаст,
Гӯӣ бар қасди аҷал
Бол месозанд андар шаҳри ӯ[2]...
Бол месозанд ҳам аз шеър, ҳам аз меҳри ӯ –

Бол аз арзиз,
Мисли шеърҳои ӯ мубарро,
Бол аз арзиз,
Мисли шеърҳои ӯ муҷалло.

Бол месозанд андар шаҳри ӯ
То кунад парвозҳои нотамомашро давом,
То чу шеъри ӯ барад аз сулҳу осоиш паём,
То кунад парвоз сӯи ошёнҳои баланд
Халқи ӯ,
Даврони ӯ,
Ҳизби ӯ,
Имони ӯ.

То кунад парвоз дар паҳнои фардо
Ҳикмати ӯ,
Санъати ӯ,
Ворисони мустақилэҷоди ӯ,
Миллати озоди ӯ;
То кунад парвоз андар вусъатободи абад
Номи ӯ, осори ӯ, ҳам ёди ӯ.

То кунун аз қитъае то қитъае
Дошт гар парвоз бо тайёрае,
Мепарад устод Турсунзода з-ин баъд
Дар фазои умри ҷовидон чу як сайёрае –
Ҳам на танҳо мепарад ӯ,
Мепарад ҳам меҳри ӯ,
Ҳам шеъри ӯ,
Ҳам шаҳри ӯ
Бо ҳама киштии парвозӣ ба сӯи осмон,
Сӯи фардо,
Сӯи мулки ҷовидон...

18.6.1981

## ГУНҶИШК АЗ МАНОРА

Чӣ гӯям муртади бемазҳаберо,
Ки ҳар ҷо даъвии мову манӣ кард.
Ба ҷои рӯшиносӣ – рӯхарошӣ,
Ба ҷои мӯшикофӣ мӯканӣ кард.

Ба ҷои дастгирӣ пеши по дод,
Ба ҷои дастбӯсӣ пушти по зад.
«Садои Осиё»-ро ҳеҷ нашнид,
Зи бухлу кинатӯзиҳо садо зад,

Ки гӯё душмани шеър аст Мирзо,
Ки истеъдодро дидан надорад,
Ки дунёро ба коми худ гирифтаст,
Ки ҷуз савдои «суди ман» надорад;

Ки ин гӯё абармардест танҳо,
Варо Мирзо раҳи эҷод бастаст,
Ки ин гӯё, агар Мирзо набошад,
Ягона марди истеъдод будаст –

1. Аз Ҷалолиддини Румӣ.
2. Яъне шаҳри Турсунзода.

Навишта то ба КМ, то Бюро
Бад-ин оҳанг гуфта дарди худро:
Гар имрӯз оҷилан додаш напурсанд,
Пушаймон мешавад як рӯз дунё...

Чи тамкин дошт устоди суханвар,
Ба худ печидаву ором мебуд.
Зи ному шуҳрати худ розиву шод,
Ғами ин гумраҳи гумном мехӯрд.

Зи ҷо бархост бо тамкини сангин,
Бигуфто: Ҳар киро шеъру шиор аст.
Вале гунҷишк дар пастӣ чӣ бошад?
Бузургиҳои гунҷишк аз манор аст!

Агар ман осмон, ин остона,
Куҷо ин ҷонфидои ному нанг аст?
Чӣ хуш гуфта, чӣ хуш гуфта Низомӣ:
«Кулӯхандозро подош санг аст!».

Хатоҳои бузургонро худованд
Чу илҳо карда худ, шояд бубахшад,
Хатои сифлагонро лек афсӯс
Намедонам чӣ кас бояд бубахшад...

Сипас биншаст устоди сухансоз
Ба ҷои хеш бо ғамҳои дунё.
Вале даъвогари ноҷинсу нокас
Сияҳ буду сияҳбар кард худро...

Ду каф бар рӯ кашиду сахт бигрист
Зи бухлу кинаву буҳтону туҳмат.
Намедонам чи ҳоле рух зад он дам,
Маро бар гиряи ӯ раҳм омад...

Чӣ гӯям қиссаи маълумро боз,
Ки баҳри шоҳидон ҳоҷат надора(д):
Яке мардест – фахри миллати мо,
Дигар ҷинсест – гунҷишк аз манора...

18.6.1981

# ИЛҲОМ АЗ «ШОҲНОМА»

## ПИСАРИ ҲАЖДАҲУМИ КОВА

Одамизод ҳанӯз озурдаст
Аз ҳама ҷангу ҷадалҳои қадим.
Одамизод ҳанӯз ошуфтаст
Аз ҳама шӯришу балвои қадим.

То абад одамӣ хундор бувад
Аз ҳама душмани аҷдодонаш.
Кини меросии ӯ хоҳад монд
Дар сиришти ҳама авлодонаш.

Гарчи Заҳҳок бувад баста ба кӯҳ,
Гарчи ақл аст кунун гетифурӯз,
Анқариб аст шавад туъмаи мор
Писари ҳаждаҳуми Кова ҳанӯз.

Коваи досгару чаккушсоз
Оҳанеро паи қатле нагудохт,
Лек то ҳаст ниҳеби Заҳҳок,
Ханҷару гурзи гарон хоҳад сохт!

Кова зиндасту нахоҳад мурдан,
Ҷони худро зи қазо бирҳонад,
То зи Заҳҳоки ҳама давру замон
Кини ҳабдаҳ писараш настонад.

Кини ӯ нест фақат дар дили ӯ,
Кини ӯ дар дили ҳар инсон аст.
Кова як Коваи Фирдавсӣ нест,
Кова исёнгари ҳар даврон аст.

Хоса имрӯз, ки як он кофист,
То шавад зеру забар кулли ҷаҳон;
Хоса имрӯз, ки имое бас,
То шавад қасри тамаддун вайрон –

Кова ҳушёртару зиндатар аст,
Муштҳо гурзаи пуробтаранд.
Алҳазар, холигарони Заҳҳок
Писари ҳаждаҳумашро набаранд.

Гурз месозаду омодаи кин
Кова дар рӯи ҷаҳон бедор аст.
Доғи ҳабдаҳ писараш чизе нест,
Доғи абнои башар бисёр аст...

Монда дар таҳлукаи биму бало
Меравад деҳ ба деҳу шаҳр ба шаҳр,
Мезанад бар даҳани ҳар Заҳҳок,
Мекашад кини ҳама мардуми даҳр.

Меравад деҳ ба деҳу шаҳр ба шаҳр,
То ҳама сулҳу сафоҷӯ бошанд.
Ҳама абнои башар, пиндорӣ,
Писари ҳаждаҳуми ӯ бошанд...

1976

## РӮҲИ РАХШ

Аз фазои мулки Эрон то фазои мулки Тӯрон –
Аз Сиистон то Куҳистон,
Аз Хуросон то Бадахшон,
Аз фазои лоҷварди мулки Ховар
То фазои нилфоми Бохтар
Ёлҳояш ғарқи нури субҳгоҳӣ
Чашмҳояш чашмаи нури илоҳӣ
Мепарад рӯҳе дурахшон
Ҳамчу рӯҳи поки Эрон.

Ғарқаи нури камони Рустам аст,
Ёлафшон мепарад дар осмонҳо.
Шиҳааш бар гӯш ояд
Аз фарози Каҳкашонҳо.
Шиҳааш дорад танини ҷовидон
Дар замонҳо, дар маконҳо,
Рӯҳи ӯ рӯҳи бузургист –
Зинда бошад бо заминҳо, бо замонҳо.

Рӯзгоре бори Рустамро бибардошт,
Олам аз нирӯи яздонии Рустам бохабар шуд.
Рустам акнун рафта бар хоби абад,
Рӯзгори Ковусу Кай ҳам ба сар шуд.

Ӯ ҳам акнун рӯҳи исёнии ором аст,
Ӯ ҳам акнун рӯҳи озодии айём аст.

Чанд дашти корзораш пушти сар шуд,
То ҷаҳон аз зиндагонию амонӣ баҳравар шуд.
Ин замон баргустувонро пора карда,
Мепарад ӯ, мепарад то ҷовидон
Ҳамчу рӯҳи поки Эрон
Дар фазои дури кайҳон...
Гӯри ӯ паҳлӯи гӯри Рустам аст,
Гӯри ӯ тимсоли ӯст –
Яъне болои сари Рустам ба по истодааст.
Ҳамчу он Рахши сабукбол,
Ҳамчу он Рахши накӯфол
Бар набарди навбатӣ омода аст.
Ё мисоли посбони рӯҳи инсон
Гӯшҳоро бар садоҳои замину осмон
бикшодааст –

Аз куҷое гар расад бар гӯши ӯ табли хатар,
Мекунад бедор Рустамро зи хоби ҷовидон
Баҳри ҳифзи ҷони инсон!
1976

## ҒУРУРИ РУСТАМ

Ман гардани адовати шайтон шикастаам,
Ман муҳраи сиёсати шоҳон шикастаам.
Бо гурзи тобдори худ фирӯз будаам,
Бо мушти обдори худ сандон шикастаам.

Бо рӯҳи бешикасти худ дар дашти разму кин
Ковусро зи чанги асорат раҳондаам.
Ӯ худ касе набуд, ки бошад сазои тахт,
Аммо манаш ба маснади Эрон нишондаам.

Парвози ӯ ба осмон чун мурғи хонагӣ
Кӯтоҳ буду дар сараш боди ғурур буд.
Медид ӯ зи шонаи ман дуртар, вале
Бе чашми ман ду дидаи бинош кӯр буд.

Ман дар мурури қисмати пирӯзманди хеш
Бар ҳар балову ҳар қазо пирӯз будаам.
Аммо даме, ки эҳтиёҷ аз доманам гирифт,
Арзи ниёз бар дари Ковус бурдаам.

Як бор дар иродати худ хурдаам шикаст.
Дар рӯи дастҳои ман Суҳроби нозанин
Меканд ҷону аз падар шафқат умед дошт,
Мемонд доғи хуни ӯ бар домани замин...

Як қатра нӯшдору зи Ковус хостам,
Ӯ дар ҷавоб хашми буранда зи теғ дошт.
Суҳроб то бимираду ман ҳам ба доғи ӯ,
Як қатра нӯшдоруяш аз ман дареғ дошт.

Он рӯз буд аввалин рӯзи шикасти ман.
Дарёфтам, ки мардумӣ осон набудааст.
Бардоштам ғирев ба Ковус аз ҷигар:
«Ҷони ту ҷону ҷони касе ҷон набудааст?!

Ман баҳри ту зи ҷони худ кардам басе гузар,
Ман баҳри ту зи оташи сӯзон гузаштаам.
Аз баҳри тоҷу тахти ту, к-арзандаи ман аст,
Аз коми шеру ханҷари буррон гузаштаам.

На молу ҷоҳ ҷустаам, на маснади баланд,
З-инҳо баланд будаам ман бо ғурури хеш.
Хоки Ватан набуд агар пушту паноҳи ман,
Кай ифтихор кардаме танҳо ба зӯри хеш?!

Бо ин ҳама ғурур надонистаам, дареғ,
Дар давлатат тараҳҳуме арзон набудааст.
Бо ин ҳама ғурур надонистаам, дареғ,
Ҷони ту ҷону ҷони касе ҷон набудааст...

Ин аввалин шикасти ман дар корзорҳо
Аз дасти туст, аз дили бемуддаои туст.
Пирӯзӣ аз ман асту зи Эрони зиндадил,
Нафрини ман ба ҳастии бемуттакои туст!»

Бо ин ҳама диловарӣ донистам, эй дареғ:
Дарде намекушад маро, бедардӣ мекушад.
Мардонагист ҳар куҷо, фирӯз мешавам,
Мардӣ намекушад маро, номардӣ мекушад...
1976

## ПУШТИБОНӢ

Дар ҳама Эрону Тӯрон
Ҳамнабарди Рустами дастон касе нест.
Ҳамбару ҳамбози ӯ дар рӯи дунё
Аз тамоми зодаи инсон касе нест.

Хомаи Фирдавсӣ то бошад мададгор,
Пуштбонӣ то кунад бо сеҳри нерӯи сухан
Ҳеҷ кас бар Рустами дастони ӯ
Ҳеҷ гаҳ пирӯз натвонад шудан!

Ҳеҷ зӯре, ҳеҷ ҳукме, ҳеҷ қонуне
Азми Рустамро намеёрад шикастан.
Ҳеҷ теғе, ҳеҷ марге, ҳеҷ яздоне
Риштаи умраш намеёрад гусастан.

Аз ҳама гурзи гарону теғу ханҷар,
Аз ҳама дори баланди ваҳшатангез
Бар сари Рустам гаронтар, ҷонситонтар
Ғайри ҳукми хомаи Фирдавсӣ нест!

Алғараз, ҷуз рӯҳи исёнии шоир
Ҳамсару ҳамшӯри Рустам нест, нест!
Ғайри Фирдавсию рӯҳи ҷовидонаш
Ҳеҷ кас ҳамзӯри Рустам нест, нест!

Шоирон дар ҳар замоне, ҳар маконе
Пуштбони қаҳрамонон будаанд,
Гарчи худ буданд бепушту паноҳе
Пуштбони навъи инсон будаанд.
Зиндаю мурда – ба ҳар ҳоле, ки бошанд,
Сарпарасти бепаноҳон будаанд.

Пуштбони ҳар касе гар шоире ҳаст,
Ҷовидон бар тораки ӯ афсаре ҳаст.
Пуштбони шоире гар дар ҳама афлок нест,
Эй бузургон, бок нест!..

1976

## ГИРЯИ КОВА БА ҲАБДАҲ ПИСАРАШ

Даруни синаи сардам дили садпора мегиряд,
Миёни хонаи бекӯдакам гаҳвора мегиряд.

Зи базми гарми шоҳон хандаи мастона меояд,
Ба чашми ман вале ҳар хишти бурҷу бора
мегиряд.

Замин – бечора, медонам, фалак бечоратар аз ӯ,
Ду бечора ба аҳволи мани бечора мегиряд.

Замину осмон танҳо, ба гардун ахтарон танҳо,
Хаёлам, бо мани танҳо ҳама сайёра мегиряд.
... ... ... ... ... ... ... ... ...

1976

## НАВҲАИ ТАҲМИНА БАР СУҲРОБ

Таҳминаам, Таҳминаам,
Аз дарду ғам ду нимаам.
Дар ҳасрати Суҳроби ял
Дурҷи ғамон шуд синаам.

Суҳроби ман – меҳроби ман,
Хуршеди ман, маҳтоби ман,
Дар ин ҷаҳони бекасӣ
Яктои ман, ноёби ман,

Дар дашти кин саргашта шуд,
Дар хоку хун оғушта шуд,
Аз меҳри Рустам зода шуд
В-аз қаҳри Рустам кушта шуд.

Афтод аз болои зин
Чун ахтар аз чархи барин,
Шири сафедам аз танаш
Дарёи хун шуд бар замин.

Гуфтам, ки меёбад асар
Аз Рустами олиназар,
Бо он нишоне аз падар
Шуд бенишон аз баҳру бар.

Гулчини давронам гузашт,
Гулрези бустонам гузашт.
Теғе, ки Рустам зад бар ӯ,
Аз ҷавшани ҷонам гузашт.

Акнун чӣ дорад буди ман,
Фардои бемақсуди ман?
Дасти кӣ гирад рӯзи марг
Аз пояи тобути ман?

Фарёд аз бахти бадо!
Аз Рустамо аз қисмато!
Дунё тиҳӣ шуд чун дилам,
Воҳасрато, вовайлато!

1976

## ОХИРИН ҶАНГИ РУСТАМ

Гурз тобон дар офтоби саҳар,
Зери рон Рахши барқҷавлон аст.
Мешиносед? Рустами достон
Бар набарди раво шитобон аст.

Рӯҳи номурдании Фирдавсӣ
Аз куҷое ҳамедиҳад овоз,
Боз Рустам ба шӯр меояд,
Мекунад сӯи дашти кин парвоз.

Дар куҷое шавад адолат хор,
Дар куҷое адовату кин аст.
Дар куҷое гар одамизода
Мубталои ҷазои сангин аст;

Дар кӯҷое, ки рӯҳи озодон
Мешавад пойкӯби шайтонҳо.
Дар кӯҷое, ки мешавад саркӯб
Худшиносиву шӯру исёнҳо,

Мезанад бонг рӯҳи Фирдавсӣ:
Боз бояд ба душманон овехт!
Боз ҳам рӯзи гурзу майдон аст,
Боз хуни ҳалол бояд рехт!

Мепарад Рахш ҷониби майдон
Ҳамчу рӯҳи шикастнодида.
Рустами ял ба хонаи зинаш –
Рӯҳи мардонагии санҷида.

Ҳамчунон бо ғурури мардона
Рӯй пурбим, чашм барқафшон
Дар ҳама ҷангҳои дунёй
Пешҷанг аст Рустами Дастон.

Дар ҳама ҷангҳост ӯ фирӯз,
Аз ҳама ҷанг қаҳрамон ояд.
Гарчи дар «Шоҳнома» ӯ мурдаст,
Гарчи номаш зи бостон ояд;

Гарчи ӯ буд нозиши Эрон,
Ифтихору шукӯҳи дерин буд,
Охирин ҷанги Рустами Дастон
Гӯй дар остони Берлин буд...

1976

## АРВОҲИ ДОМАНГИР

Мепарад рӯҳи Рустами Дастон
Ҷониби мулки умри ҷовидон.
Рӯҳи Таҳмина – рӯҳи домангир
Мепарад аз қафош бо таъхир.

Аз миёни ғубори умри абад
Акси Суҳроби ял ба гавҳари чашм
Бингарад сӯи рӯҳи Таҳмина
Рӯҳи Рустам ба узр аз дари чашм:

Васли мо гӯй фасли мо будаст,
Эй дареғи муҳаббати инсон!
Васли як дам – фироқи якумрӣ,
Ишқи як шаб – азоби ҷовидон...

Ғарқа дар хоку хун тани Суҳроб
Хира тобад даруни чашмонаш.
Норизо аз ҳаёти ҷовидон –
Бинӣ аз зӯри худ пушаймонаш.

Дар лабонаш ҳазору як нафрин
Бар набарду кашокаши шоҳон.
Мепарад гарчи сӯи умри абад
Бар замин бингарад ба сад армон.

Рӯҳи Суҳроб – рӯҳи норозӣ
Мекашад низ аз гиребонаш.
Рӯҳи Таҳмина – рӯҳи домангир...
Мекашад бар замин зи домонаш...

1976

## ФИРДАВСӢ ВА ТЕМУР
*(Ривоят)*

Масти хун бо савлату боди бурут
Чун суи Эронзамин лашкар кашид,
Ланг-лангон Темури бедодгар
Бар мазори поки Фирдавсӣ расид.

Бар сари хоки гиромӣ по фишурд,
Мушти хокеро гирифту бод кард.
Баъд байти зерро бо заҳрханд
Гӯиё аз номи худ бунёд кард:
«Сар аз хок бардору Эрон бубин,
Ба чанги далерони Тӯрон бубин!»

Ногаҳон Фирдавсӣ берун шуд зи гӯр,
Устухонҳо ларз-ларзон аз ғазаб.
Байти зеринро бихонду ғайб зад
Ҳамчу нақши зузанаб дар коми шаб:
«Дар Эрон намондаст шеру паланг,
Ҷаҳонро гирифтаст рӯбоҳи ланг...»

Лол шуд Темур чу санги рӯи гӯр,
Мушкилашро кард осон аскаре:
«Мурдагонаш гар чунин зӯроваранд,
Зиндагонашро чӣ сон зӯр оварӣ!»

Пирмарде гуфт: «Гоҳо, ҳазратам,
Мурдаҳо аз зиндаҳо афзалтаранд.
Фатҳи кӯҳ аз фатҳи рӯҳ осонтар аст,
Мурдаҳо аз зиндаҳо пурдилтаранд...»

1976

## ВАСИЯТИ ФИРДАВСӢ

Кашф нанмояд ситора дар фалак
Ҳеҷ як ахтаршинос андар ҷаҳон
Бо умеди он, ки тобад аз само
Бар сари ӯ бештар аз дигарон.

Шоирӣ ҳам чун расадҷӯӣ бувад –
Доимо ҷӯяд ситора дар Ватан.
То шиносад ахтари иқболи халқ,
Баҳри нафъи худ намегӯяд сухан.

Ҳеҷ деҳқон тухм н-афшонад ба хок
Бо умеди он, ки дар рӯи Замин
Ғайри кишти ӯ нарӯяд майсае,
Нангарад ҷуз ӯ касе сӯи Замин.

Шоирӣ ҳам бар масал деҳқонӣ аст.
Бо умеде корад ӯ тухми сухан
То бисабзад, гул кунад, бор оварад
Чун дарахтон дар заминҳои Ватан.

Ҳеҷ меъморе насозад хонае
Бо умеди он ки дар он одамӣ
Рӯзи хуш нодида пурғам бигзарад,
Дар ҷаҳон чун бенасиб аз оламе.

Шоирӣ ҳам бар масал меъморӣ аст,
Зиндагиро ҳар нафас дигар кунад.
Аҳли ҷонро дӯсттар бо аҳли ҷон,
Ошиқонро боз ошиқтар кунад.

Ҳеҷ як кишваркушо андар замин
Кишвареро баҳри худ накшодааст.
Пой андар кишвари накшодае
Аз барои суди худ нанҳодааст.

Шоири дафтаркушо – кишваркушост.
Қасдаш он бошад зи шеъру шоирӣ,
К-одамӣ ҳар лаҳза одамтар шавад,
То кунад чашми ҳақиқат доварӣ.

Эй, ки суди хеш ҷӯёнӣ зи шеър,
Хешро беҳуда саргардон макун!
Ман, ки пур кардам ҷаҳонро аз сухан,
Дасти холӣ рафтаму дил пур зи хун...

Панди ман бипзиру ёде кун зи ман,
Дар ҷаҳони шоирӣ шодӣ маҷӯ.
Табъи олӣ гар атоят кардаанд,
Дар сухан дигар мукофоте маҷӯ!

1976

## КОРЕЗИ ФИРДАВСӢ

Орзуе дошт Фирдавсӣ ба дил,
Ранҷи чандинсола гар судаш диҳад,
Баҳри подоши суханҳои баланд
Силае гар шоҳ Маҳмудаш диҳад,

Дар деҳи Бож аз барои ҳамдеҳон
Аз барои хайр корезе канад.
Об орад бар замини хушклаб,
Ташнагиҳои заминро бишканад.

Лек на Маҳмуд инъомаш бидод,
На замини ҳамдеҳонаш об хурд.
Шоир андар орзуи ҷӯи об
Ҳамчу оби ҷӯй печутоб хурд.

Орзуи шоир андар дил бимурд,
Об н-омад ҳеҷ андар ҷӯи ӯ,
Лек корезе, ки андар назм канд,
Пур бувад ҷовид з-оби рӯи ӯ.

Оре, корезе, ки андар назм канд,
Ҷовидон ҷорист бар нафъи башар.
Лек дар ӯ об не, хуни дил аст,
Лек дар ӯ об не, хуни ҷигар...

17.2.1976

# КОРИСТОНИ НОРАК

## БУНЁДГОҲИ КОХИ НУР

Дар тангнои кӯҳ,
Дар ҳавзае, ки мешавад бунёд Кохи нур,
Ғавғои маҳшар аст.
Ин ҷо на савти хонише, на саҳни ромише,
Дунёи дигар аст.

Чангу ғубору таркишу чак-чоки путкҳо,
Фарёди кӯҳафкани «Белаз»-баҳодур аст.
Бунёдгоҳи Кохи нур он сон тапишгаҳест,
То ҳар буни сутуни он аз достон пур аст.

Кафшергар, ки аз нигаҳаш барқ меҷаҳад,
Пайвандгори оташу барқ аст бегумон.
Таркибҳои Кох мураккаб шавад аз ӯ,
Пайвандҳо шаванд бақодор ҷовидон.

Як сӯ тунелҳо
К-омодаанд Вахшро яксар фурӯ баранд,
Фардо паёми нурро чун муждаи саҳар
Қад-қадди сим ба манзили ҳар нурҷӯ баранд.

Вахши ситезахӯ ба ҳама шӯровари
Ҷорист пурсалобату пурфахру пурғурур.
Чун марди ҷангӣ ташнаи пайкори навбатӣ,
Чун марди роҳ озими бас роҳҳои дур.

Ҳар коргар ба сурати як бурҷи Кохи нур,
Ҳар чашм бемуболиға хурест[1] бас қадир.
Дар чеҳраҳо талиаи имону эътиқод,
Дар бозувон матонату неруи беназир,

Бо азми ҷазм рӯзу шабон кор мекунанд
Аз санг нанг ҷуставу аз об обрӯ.
Созанд то ба ёдгор аз хок Кохи нур
Ҷанганд бо табиати мағрур рӯ ба рӯ.

Як рӯз то ба сурати нуру чароғи барқ
Бар хонаҳои одамон бебок по ниҳанд.
Дар базмҳои дӯстӣ нуру сафо шаванд,
Дар ҷашну сури ошиқон нав-нав ҷило диҳанд;

Бар ёдгори он ҳама чашме, ки нур ҷуст,
Аммо умеди нурро бар гӯри тира бурд,
Бар ёдгори он ҳама азме, ки бенишон
Дар кулбаҳои лоии беравшаноӣ мурд,

Ҳар як чароғ барқ фурӯзад ба сақфҳо,
Чун чашмҳои равшани ҳар хонадон шавад.
Вахши шукӯҳманд
Гардад раҳо зи банди кӯҳ, озоду бовиқор
Машъал ба даст ходими давру замон шавад.

1971

## БУНЁДКОРОН

Дидам, ки чашмҳошон чун чашмаҳои нуранд,
Милён киловати нур аз чашмашон ҳувайдост,
Ҳар набз ноқили зӯр амсоли ноқили нур,
Ҳар дил даруни сина чун кӯраи тавоност.

Қоматбаланду пурдил, гарданфарозу хушбин
Ҳар мардро чу рукне бар Кохи нур дидам,
Дар бурҷи чашмҳошон дидам тулӯи фардо,
Дар боли абруҳошон парвози дур дидам.

Ҳар кас ба ин иморат бахше вуҷуди худро
Бахшад ба орзуе, то ҷовидон бимонад.
Ҳар даст – шохтире, ҳар бозуе – равоқе,
Дар Кохи нури Норак аз ӯ нишон бимонад.

Марди тамомдасте – меъмори кордида
Бинҳод хишти аввал бо санъату маҳорат.
Бо дасти рост онро бинҳод рост, гӯӣ
Бошад бинои умраш ин Кох, ин иморат.

Бо сад ҳазор нийят созанд Кохи анвор
Созанд гӯӣ ҳар як кохи муроди худро.
Созанд қасри умру ному нишони инсон,
Бинҳода дар ниҳодаш ҷузве ниҳоди худро.

Дидам, ки мегузорад меъмори покбунёд
Бунёди хештанро дар ҷои пойдевор,
Дарёфтам, ки буда бунёди одамизод
Бунёди ҳар чӣ созад дар зери чархи даввор...

1971

1. Хур – хуршед.

## КӮЧИЁН

Хонаҳои амонати кӯчӣ –
Хонаҳои вагонии сайёр
Зиндагишон ҳамеша дар роҳ аст
Бесукун зери гунбади даввор.

Ҳаст андар бисоти соҳибашон
Манҷаҳу[1] хобҷомаи сафарӣ,
Раҳшиносанд, раҳкушо ҳастанд,
Аз хамупечи роҳ бохабаре.

Кӯчиёнанд андар ин айём,
Доим омодаи сафар ҳастанд.
Доим омодаи машаққати роҳ,
Доим омодаи хатар ҳастанд.

Ҳар куҷо шаҳри нав шавад бунёд,
Хонаҳои вагонӣ меоянд.
Мегузоранд пойбасти шаҳр,
Бо хурӯши ҷавонӣ меоянд.

Лек бунён шавад чу шаҳристон,
Қасрҳои нав устувор шаванд,
Сокинони макону манзили нав
Ёр гарданд, ҳамҷавор шаванд.

Хонаҳои сипанҷӣ раҳ гиранд
Боз бар ҷойҳои ноobод.
То гузоранд асоси масканҳо –
Русто, шаҳрҳои навбунёд.

Хонаҳои мусофири кӯчӣ
Тӯшаи роҳашон – ҳунар бошад.
Доимо дар сафар буванд онон,
Зиндагӣ баски дар сафар бошад...

Роҳҳои дароз медонанд
Умри кӯтаҳ чи ранг мегузарад.
Гар ба як ҷо нишаста бошӣ ҳам,
Умри ту бедиранг мегузарад.

Роҳҳои дароз медонанд
Омадурафти хонаҳои вагон,
Чун таваллуд шуданд дар раҳҳо
Кӯдакони латифу зебошон...

Раҳгузар нестанд ин мардум,
Роҳпаймои покрафторанд.
Зиндагишон агар муқимӣ нест,
Дар мақоми шараф сазоворанд.

Бигзарад гар ба роҳҳои дароз
Умрашон зери чархи саргардон,
Лек аз онҳо нишона мемонад
Шаҳрҳо, шаҳрҳои ободон...

1971

1. Манҷа(х) – раскладушка.

## СУТУНҲО

Ҳама чун аскарони сафкашида
Ҳазор андар ҳазоранд.
Ситода дар рада мисли низомӣ
Қатор андар қаторанд.

Ҳама чун аскарони навбатӣ дар посгоҳи хеш
Гӯё посбони рӯшноиянд.
Миёни даштҳову дарраҳову кӯҳҳо,
гармою сармоҳо
Ба монанди ризокору фидоиянд.
Ҳама чун қосидону чопарони навбатӣ
дар роҳу манзилҳо
Паёми нур меоранд аз шаҳре ба шаҳре,
кӯй то кӯе.
Саф андар саф ҳама чун ноқили нуранд.
Мусофирҳои бас раҳҳои доранд.
Мусофирҳои роҳи дур чун марди сафоҷӯе.

Ва ё онҳо асои ҷумла кӯрону асои нурҷӯёнанд,
Ки дар тӯли ҳазорон сол роҳи равшанӣ ҷуста,
Асои хешро дар роҳҳо гум кардаанд.
Имрӯз чун ёде зи соҳибшон
Асоҳо дар сари роҳу миёни даштҳо руста?
Сутунҳо гар асои нурҷӯёнанд,
Фардо чун зи Нуристони Норак қосидони нур
Қатор андар қатора,
Ҳазор андар ҳазора
Ба манзилҳо паёми нур меоранд,
Мапиндоред онҳоро тани хушки дарахте,
Баски онҳо посбононанд,
Онҳо пайкари озодмардонанд.
Ва симҳошон
Раги шарёни ононанд...

1971

## ҲАМОСАИ ЧАШМУ ЧАРОҒ

Нахустин одаме, к-андар миёни зулматистони
муҳити хеш нуре ҷустуҷӯ мекард,
Ва андар кулбаи тораш чароғе орзу мекард,
Нахустин бор сӯи осмон наззора карду дид
андар сақфи гардун моҳтобу ахтари рахшон,
Ба сақфи кулбаи музлим
Ба тақлиди ситора ё ки маҳ ӯ ҳам
чароғе сохт, афрӯзонд.

Нахустин моҳтоби сунъии инсон,
Нахустин ахтари маснӯи тобон,
Нахустин ахтари дар кулбаҳо рахшон –
чароғи ӯст.

Сипас дар партави чашму чароғу
донишу биниш
Ба мулки нуриён инсони хокӣ роҳҷӯӣ кард.
Шабонгоҳон ба аҷроми самоӣ розгӯӣ кард.

Сипас дар партави чашму чароғ ӯ сохт устурлоб
дар тақлиди чашми худ,
Зи роҳи чашм бар асрори бархе нуриён
раҳ бурд.
Сипас,
Дар кулбаҳои равшани худ
одамӣ дигар намегунҷид,
Агарчанде муаммои фалакҳоро намефаҳмид,
Аммо ӯ
Зи гардишҳои чашми хештан медид
гардишҳои дунёро,
Ба саргардонию саргаштагиҳо
Ӯ аён медид вақте чарх мегардид сар
Гардиши чархи фалакро,
Гардиши сайёраҳоро.
Сипас аз роҳи нури чашм роҳи нуриёнро ҷуст,
Муаммои замину осмонро ҷуст.
Зи роҳи чашм чашми ахтаронро дид,
Зи рӯи ақл рӯи ин ҷаҳонро дид.

Сипас дар чашми ӯ
Дар донишу дар бинишу дар фитрати
паҳновари ӯ
Дар ниҳоди поки исёнпарвари ӯ
Ин ҷаҳон бо ҷумлаи мавҷуду маъдум,
Бо ҳама аҷроми улвӣ,
Бо ҳама аҷноси сифлӣ як ба як гунҷид...
Тавонӣ гуфт:
Ҳама нуре, ки дар дунёст,
нури чашми Инсон аст.
Ҳама роҳи ҷаҳон –
Андар замину осмон
аз роҳи дил,
аз роҳи ақл,
аз роҳи чашмон аст!
1971

## СУРУДИ ТУНЕЛКОРОН

*«Санг ҳам диле дорад...»*
*Бедил*

Санг санг аст, лек дил дорад,
Раҳ кушоем дар дили ҳар санг.
Нарм созем мо дили сахташ
Бо қувои саноеъу фарҳанг.

Кӯҳҳоро зи по дарандозем,
Ҷигари кӯҳро шикоф кунем.
Аз садоҳои ғурришу таркиш
Ларза дар ҷони кӯҳҳо фиканем.

Кӯҳ ҳам то расад ба кӯҳ имрӯз
Мисли одам ба одами дигар,
Раҳ кушоем дар дили ҳар кӯҳ,
Раҳ кушоему олами дигар.

Ҳар кадоме чу пораи хора
Кӯҳзодему кӯҳпарвардем.
Кӯҳ не, ганҷи кӯҳ фахри мост,
Номбардори мардуми мардем.

Кӯҳ кӯҳ аст, лек дил дорад,
Дили ӯ низ чун дили инсон
Ҳиссае рози худ аён созад,
Оламе рози худ кунад пинҳон.

Мо чу асрордони куҳсорем,
Розҳои дили варо ҷӯем.
Ҳам аз ӯ бишнавем рози дил,
Ҳам ба ӯ рози хешро гӯем.

То варо боз ҳам баланд кунем,
То кушоем банд аз бандаш,
То ситонем ганҷҳои варо –
Ганҷи чун кӯдаки ҷигарбандаш:

То бисозем ҳамчу кӯҳи Нор
Қалъаи нур з-ормони сафед.
То набошем дар ҷаҳони зулм
Мисли аҷдод хаставу навмед.

То зи ҳар кӯҳ рӯҳи нав ёбем,
Раҳ кушоем сӯи нуристон,
То зи сангаш барои худ созем
Ҳайкале – ёдгори ҷовидон...

1973

## СИМЧӮБҲО

Бо нахустин аскари сурх,
Бо нахустин духтури рус,
Бо нахустин муҳри Шӯро
Омадед аз ҷангали паҳновари рус.

Чун асое бар заифе,
Муттакое бар наҳифе
Омадед аз кишвари рус
Бо закою фитрати равшангари рус.

Аз сари кӯҳ,
Аз лаби дарё гузаштед,
Чун мунодӣ аз миёни водиву саҳро гузаштед,

То шумо будед андар хоки Рус,
Ҳусни ҷангал аз шумо буд.
Лек рӯзе парчами озодиро
Чун шафақ афрохтанд,
Чӯби парчам аз шумо буд.
Лек рӯзе машъали пирӯзиро
Дастҷамъ афрӯхтанд,
Чӯби машъал аз шумо буд.
То ба кӯҳистон расидед
Чун бародарҳои ҳамзоде қатор андар қатор,
Дастаи парчам ба дасти мо расид,
Дастаи машъал ба дасти мо расид.

Пеши нуре, ки шумо кардед нақл,
Дар куҳистон
Гар чароғи хирае буд,
Хиратар шуд.
Чашмҳо пурнуртар шуд,
Зиндагӣ маъмуртар шуд.

Омадед аз ҷангали рус
Бахри мо чун машъали рус...

25.6.1974

## БАЛЛАДАИ ОФТОБИ НОРАК

Зар аз сандуқи кӯҳ омад ба берун,
Раҳо шуд офтоб аз чоҳи Зиндон.
Зи кӯҳи Нор банди Нур во шуд –
Рамузи роҳи нуронии даврон.

Шарарҳо барҷаҳида чун гули санг
Ба анҷум нур доданд аз Пули Санг.
Замоне роҳи шодӣ буд ин пул,
Кунун бар норакиҳо шуд пули нанг.

Агар дунёи Нуристони Норак
Гирифта нусха аз дунёи дилҳо.
Ҳам аз дарёи Вахш ояд ба таҳрик,
Бувад гардон ҳам аз дарёи дилҳо.

Дар ин ҷо садшикан армон шикаста,
Дар ин ҷо кӯҳкан ҷон канда бисёр.
Дар ин ҷо ному нанге коргар буд,
На як-ду коҳили беору беёр.

Агар андар луғат Вахш ибтидо буд,
Кунун ӯ мабдаи нур асту эъҷоз.
Агар Лоҳутӣ ӯро вахшӣ хондаст,
Кунун ром аст дар анҷому оғоз.

Раҳи нури зи Норак саргирифта
Раҳи нури нигоҳи дурбин аст.
Пули Сангин, к-аз ӯ ҳоло нишон нест,
Гузаргоҳи дили нурофарин аст.

Аз он нури дили аҳли замона
Равон аст аз диёре бар диёре.
Қади сим равшаноие, ки ҷорист,
Сазад бар сад ҳазорон байти ҷорӣ.

Дар ин ҷо коргар чун марди ҷангӣ
Кулаҳ бар сар, камар барбаста бошад.
Чу давронсозу даврондори мутлақ
Тилисми ганҷҳо бишкаста бошад.

Муҳаббат[1] бемуҳаббат кай қадам монд
Суи овардгаҳ ҳамчун ҳамовард?
Набаста пеши роҳи Вахшро варғ,
Бубаста синаи чандин Севенард[2].

1. Муҳаббат Шарифов – сардори бригадаи бетонрезон.
2. Севенард Юрий Константинович – сардори сохтмон.

Басо ин сарзамини офтобӣ
Ба ҷуз хуршед ҳам хуршед дорад.
Даруни ҳар диле як пора хуршед –
Фурӯзон шуълаи ҷовид дорад.

Басо хуршед дар ҳар резаи санг,
Басо хуршед дар ҳар зарраи хок.
Басо хуршед дар ҳар гавҳари чашм
Басо хуршед дар ҳар чеҳраи пок...

Тамоми нури раббонии дилҳо
Зи Норак сӯи манзилҳо равон аст.
Агар тоҷик вақте нотавон буд,
Кунун чун барқи Норак пуртавон аст.

Зи кулли муъҷизоти рӯи олам
Дар ин ҷо нусхае ҳасту нишоне.
Агар дар ӯ ба чашми дил бубинӣ,
Агар аз ҳар варақ сангаш бихонӣ:

Дар ин ҷо бурҷи Эйфал сар кашида –
Нишони меҳнату меҳру садоқат.
Ниагар аз тунелҳо тунд ҷорист –
Нишони хуни гарми аҳли заҳмат.

Дар ин ҷо маъбади хуршед бинӣ –
Гувоҳи шуълаи дилҳои равшан.
Ҳама аҳромҳои Миср ин ҷост –
Гувоҳи ранҷи мардони таҳамтан.

Ба сони пайкари рахшандаи Зевс
Дар ин ҷо маъбади нури замон аст.
Ҷаҳон дар рӯшноӣ раҳ биҷӯяд,
Дар ин ҷо роҳи фардои ҷаҳон аст!

Дар ин ҷо бандварғи баҳри Норак
Бувад муҳкамтар аз садди Сикандар.
Дар ин ҷо наъраи Белаз намояд
Ғиреви Рустам андар ҷанги аждар.

Дар ин ҷо ҳар чароғи равшани барқ
Ба хуршеди мунаввар анқариб аст.
Дар ин ҷо Баҳри Норак – Ҷоми Ҷамшед
Ба дасти соқии меҳнатнасиб аст.

Дар ин ҷо дар фарози кӯҳсорон
Бубинӣ қуллаи ихлоси одам.
Яқин, андар фарози дӯстиҳо
Шавад бунёд ҳам боғи Шамирам.

Дар ин ҷо ҳар чи тири барқ бинӣ
Мапиндорӣ, ки танҳо тири барқ аст.
Сари ҳар сими барқафшони Норак
Яке сарриштаи тақдири Шарқ аст!

Аз ин пас ҳар чи Нуристон бисозем
Чу шеъри ман бувад тақлиди Норак.
Агар Хуршед рӯзе ҳам бимирад,
Намирад дар замин хуршеди Норак!

Зи сеҳри нури Норак ақлҳо мот,
Ба сӯи барқи Норак чашми дунёст.
Зи роҳи нури Норак ҷӯй фардо,
Ки роҳи нури Норак роҳи фардост!

Пас ин бунёди Нуристони даврон
Дар ин кишвар, ки нури беҳисоб аст,
Нахустин офтоби сунъӣ, ё худ
Нахустин пайравӣ аз офтоб аст!..

1979

# ДАСТАГУЛИ ТАРОНА

## ИШҚИ ТУ

Бо ёди ту, эй моҳи нав,
Ман оҳу ғампарвардаам.
Дар роҳи ишқи ту гарав
Ҷони ҷавон овардаам.

Биншин ба паҳлӯям каме,
То рози худ гӯям даме.

Тақдири ман, омоли ман
Пайваста бо паймони туст.
Дунёи истиқболи ман
Обод бо дастони туст.

Бошад, шавӣ ҳамқисматам,
Ҷононаи хушқоматам.

Оғози ман, анҷоми ман
Дар олами беинтиҳо.
Ёди ману пайғоми ман
Ишқи ту бошад, дилбаро!

Ишқат амонам медиҳад,
Ному нишонам медиҳад.

1.2.1964

## НИГОҲИ ИНТИЗОР

Дар нимароҳи уммед, дар роҳи пешбаста
Хонам суруди ҳиҷрон бо ёди ту нишаста.
Сарсону ҳаркуҷоӣ чун коҳи роҳи бодам,
Бе ту ба худ наоям чун шишаи шикаста.

Боз о, ки рафт аз даст,
Ҷонона, кори ошиқ.
Аз сар ба роҳ афтод
Чашмони чори ошиқ.

Дар корзори ҳастӣ меҳрат маро сипар буд,
Ошиқ ба доми ишқат озод чун назар буд.
Боре ба ёдат овар, эй дилбари ситамгар,
Ошиқ ба ёди васлат аз даҳр барҳазар буд.

Боз о, ки рафт аз даст,
Ҷонона, кори ошиқ.
Аз сар ба роҳ афтод
Чашмони чори ошиқ.

Ман чанги хушнавоям, эй мутрибам, куҷоӣ?
Ман давлати бузургам, эй соҳибам, куҷоӣ?
Ишқ аст чун суруду такрор кас нахонад,
Дар ҳозирам набошӣ, дар ғоибам куҷоӣ?

Боз о, ки рафт аз даст,
Ҷонона, кори ошиқ.
Аз сар ба роҳ афтод
Чашмони чори ошиқ.

21.11.1964

## ЗАМИНИ НОЗАНИН

Замини нозанин, дар оғуши ту
Гулистонҳову бустонҳо шукуфта.
Замини нозанин, дар оғӯши ту
Далерони Ватан ҷовид хуфта.

Ба номи ту суруди ман,
Паёми ман, дуруди ман.

Фишонад ҳар саҳар заррина кокул
Зи бурҷи осмон хуршеди тобон.
Саросар ғарқи нури бахт гардӣ,
Шавӣ ороста ҳамчун арӯсон.

Ба номи ту суруди ман,
Паёми ман, дуруди ман.

13.12.1973

## РАНҶИ ДЕҲҚОН

Рӯи сурху чашми серу хотири шод,
Файзи умру нури бахти халқи озод,
Хонаи ободу ободии даврон –
Бошад аз дастони деҳқон,
Дасти пурэҳсони деҳқон.

Хандаи лаб, нашъаи дунёи зебо,
Хоби нӯшин, лаззати умри гуворо.
Чилчароғон дар шаби тӯи арӯсон –
Бошад аз дастони деҳқон,
Дасти пурэҳсони деҳқон.

Сина мисли киштзоронаш кушода,
Умри ӯ бодо дар ин даврон зиёда,
К-ин ҳама нуқлу навою хони алвон –
Бошад аз дастони деҳқон,
Дасти пурэҳсони деҳқон!

18.12.1973

* * *

Барф борид –
барфи печон, барфи рақсон,
Пора-пора, бешумора.

Дар кафи ҳар барг сими реза дод,
Бар дарахтон хилъати покиза дод,
Ҳар дарахти камбари рухзардро
Тоҷи симандуд дар торак ниҳод.

Барф борид –
барфи хандон, барфи рахшон,
Ришта-ришта, тора-тора,

Тору пуд абрешимӣ –
Тӯри симин бофт дар болои шаҳр.
Бофт як қасри бузург
Бар сари паҳнои шаҳр.

Барф борид –
дона-дона, ошиқона.
Бар сари рухсори маҳрӯён нишаст,
Бар сари абрӯю бар мижгон нишаст.
Дар баногӯше давиду об шуд,
Дар хами ҳар кокули печон нишаст.

Барф борид –
барфи равшан, покдоман.
Модари меҳнатнасиби мо – Замин
Ҷомахоби оҳарӣ бар рӯ кашид,
Орамид...

То баҳорон хоби хуш,
Эй Замин,
Эй модари чодарсафед!

1975

## МУБОРАКБОДИ ИШҚ

Дар тобу табат бинам, бехоби шабат бинам,
Ҳар лаҳзаву ҳар соат ҳоли аҷабат бинам,
Доро шудаӣ, эй дил, ғамҳот муборак бод!

Аз санг шарар хоҳӣ, аз ёр назар хоҳӣ,
Аз мӯй мадад ҷӯӣ, аз ишқ асар хоҳӣ,
Бино шудаӣ, эй дил, пайдот муборак бод!

Лабрези ҳавасҳоӣ, саршори таманноӣ,
Дар сина намегунҷӣ аз шавқи дилорое,
Эҳё шудаӣ, эй дил, эҳёт муборак бод!

Паҳнои ҷаҳон гардӣ, пайдову ниҳон гардӣ,
Гаҳ сабзасифат рақсӣ, гаҳ барги хазон гардӣ,
«Ошиқ шудаӣ, эй дил, савдот муборак бод!»[1]

Туғёни дигар дорӣ, ҷавлони дигар дорӣ,
Сар мезанӣ дар сина, тӯфони дигар дорӣ,
Дарё шудаӣ, эй дил, дарёт муборак бод!

Гаҳ ҳоли ман омӯзӣ, гаҳ дар ғами худ сӯзӣ,
Гаҳ шуъла занӣ печон, то ҳастиям афрӯзӣ,
Зебо шудаӣ, эй дил, дунёт муборак бод!

1976

* * *

Мезанад борон ба шиша
Тора-тора, ришта-ришта.
Шеърҳоям нимкора,
Саргузаштам нонавишта.

Мезанад борон ба шиша
Ҳамчу ангушти фаришта.
Хотиротам мисли борон
Бигзарад аз кӯҳу пушта.

Мезанад борон ба шиша
Қарзхоҳона думушта.
Ҷомҳоям нимахурда,
Зиндагиям бесаришта.

Ними умрам монда ё на,
Нимаи хубаш гузашта.
Дафтарам холист, холӣ
Чун заминҳои накишта.

---

1. Моли Шамси Табрезӣ.

Бигзарам ман ҳам чу борон
Як замон з-ин кӯҳу пушта.
Ман биҳишта оламеро
Ё маро олам биҳишта...

Ёбадам як рӯз борон
Аз сари олам гузашта,
Ё наканда қарзи дилро,
Ё васият нонавишта...

18.3.1977

## МУБОРАКБОД

Бошад муборак ҷашни ҷавонӣ,
Рӯзи муроди ёрони ҷонӣ.
Арзад ки имшаб дар пои ёрон
Ҳам гул фишонӣ, ҳам дил фишонӣ.

Обод бошед, эй ҷуфти хушгил,
Ёрони ҳамқад, ёрони ҳамдил.

Монанди дарё шӯрида бошед,
Чун чашмасорон ҷӯшида бошед.
Ҷонбози ишқу сарбози даврон
Дар рӯзгорон пурдида бошед.

Обод бошед, эй ҷуфти хушгил,
Ёрони ҳамқад, ёрони ҳамдил.

Имшаб, ки субҳи навзиндагонист,
Ҷашни муҳаббат, базми ҷавонист,
Дар рӯи олам хушрӯзу хушрӯ
Ҷуфти муносиб мисли шумо нест.

Обод бошед, эй ҷуфти хушгил,
Ёрони ҳамқад, ёрони ҳамдил.

1978

## НАВРӮЗӢ

Наврӯз лола орад,
Май дар пиёла орад,
Пайғоми навбаҳорон
Бар кӯҳу ёла орад.

Наврӯзи навбаҳорон бар дӯстон муборак,[1]
Ҷашни гулу муҳаббат дар бӯстон муборак.

Наврӯз навҷавон аст,
Наврӯз ҷовидон аст.
Аз рӯзгори дерин
Зеботарин нишон аст.

Наврӯзи навбаҳорон бар дӯстон муборак,
Ҷашни гулу муҳаббат дар бӯстон муборак.

1978

## ХОСИЯТИ ДУКОКУЛА

«Хосияти дукокула,
Ба рӯм задӣ барги гула»[2]
Ба рӯм задӣ барги гула,
Куштӣ ҳазор булбула.

Чи бо итоб меравӣ, чи бошитоб меравӣ,
Дили ман об кардаву барои об меравӣ.

Хосияти дукокула,
Ба рӯм задӣ шохи гула.
Шохи гула чико кунам,
Бите ба ман боғи гула.

Бирафтӣ дил хароб шуд, кабоб шуд, кабоб шуд,
Ду кокули дарози ту ба гарданам таноб шуд.

Хосияти дукокула,
Бите ба ман боғи гула.
Чу боғбони гул шавам,
Набинӣ ту доғи гула.

Бирафтӣ аз қариби ман чу толеи наҷиби ман,
Умед дорам аз худо, туро кунад насиби ман.

1979

## ОШИҚАМЕ

Ҳар куҷое биравам,
Рӯи ӯ дар назарам.
Гар равам аз дари ӯ,
Дар ҷаҳон дарбадарам.

Дил ҷудо, ақл ҷудо, дида ҷудо ошиқаме,
Бахудо, ошиқаме, бахудо, ошиқаме!

Ҳар чӣ коре бикунам,
Пеши рӯяш хиҷилам.
Ҳусни ӯ содаю ман
Ошиқи содадилам.

---

1. Иқтибос аз як рубоии халқӣ.

2. Байти халқӣ.

Дил ҷудо, ақл ҷудо, дида ҷудо ошиқаме,
Бахудо, ошиқаме, бахудо, ошиқаме!

Номи ӯ номаи бахт,
Номи ӯ номаи ишқ.
Эй хушо дар дили ман
Шӯру ҳангомаи ишқ!

Дил ҷудо, ақл ҷудо, дида ҷудо ошиқаме,
Бахудо, ошиқаме, бахудо, ошиқаме!

26.3.1979

## НОЗАНИН

Шишта будам ними шаб, ки
тақ-тақи дарвоза шуд,
Омаданҳои ту ёд омад, хуморам тоза шуд.

Рӯи гандум дорию чашмони ҷоду, нозанин,
Мекушӣ охир маро бо теғи абрӯ нозанин.

То ҷудоӣ кард аз ман абруи пайвасти ту,
Даст бар сар мезанам рӯзу шабон аз дасти ту.

Рӯи гандум дорию чашмони ҷоду, нозанин,
Мекушӣ охир маро бо теғи абрӯ нозанин.

Оқибат аз дасти ту фарёд хоҳам карду рафт,
Хирмани мӯи туро барбод хоҳам карду рафт.

Рӯи гандум дорию чашмони ҷоду, нозанин,
Мекушӣ охир маро бо теғи абрӯ нозанин.

1980

## РАҚСИ «ЗЕБО»

*Эҳдо ба ансамбли «Зебо»*

Доманафшон, кокулафшон,
Гул ба кокул аз гулафшон.
Масти нозу масти саҳбо
Чашмҳои шӯху шаҳло.

Рақси «Зебо», рақси зеборо бубин,
Мавҷи дарё, мавҷи дарёро бубин.
Хандаи гул, оҳи булбул субҳдам,
Шавқи дилҳо, шавқи дилҳоро бубин.

Ларзаи зулфони печон,
Ларзаи дил, ларзаи ҷон.
Меравад арғушт «Зебо»,
Мезанад ангушт «Зебо».

Рақси «Зебо», рақси зеборо бубин,
Мавҷи дарё, мавҷи дарёро бубин.
Хандаи гул, оҳи булбул субҳдам,
Шавқи дилҳо, шавқи дилҳоро бубин.

Печутоби сарви қомат
Мекунад саддҳо қиёмат,
Аз дили мо ғам рабояд,
Зиндагӣ ширин намояд.

Рақси «Зебо», рақси зеборо бубин,
Мавҷи дарё, мавҷи дарёро бубин.
Хандаи гул, оҳи булбул субҳдам,
Шавқи дилҳо, шавқи дилҳоро бубин.

20.2.1980

## ЁРИ ЗАРАФШОНӢ

Дар хонаи чашми ту
Як оташи сӯзон аст.
Ё шуълаи меросӣ
Аз оташи суғдон аст.
То кай мана сӯзонӣ,
Эй ёри зарафшонӣ?

Чашмони ту оташбор,
Рухсори ту оташгун.
Ними ҷигарам бирён,
Ними ҷигарам шуд хун.
Дарди мана медонӣ,
Эй ёри зарафшонӣ?

Парвоз кунам доим
Дар партави ишқат, ҷон!
Дар хоки қудуми ту
Бозам сари худ, осон.
Эй ёри зарафшонӣ.
Эй ёри зарафшонӣ.

23.2.1980

## ЧИЛКОКУЛ

Ту зебоиву ман зебопарастам,
Ту барноиву ман барнопарастам.
Дар ин як умри кӯтоҳе, ки дорам,
Ту яктоиву ман яктопарастам.

Гули ман, эй гули ман, эй гули ман,
Арӯси хушқади чилкокули ман.

Гувоҳи сӯзи ҷони ман ту бошӣ,
Ҷаҳоне дар ҷаҳони ман ту бошӣ,
Ҷавониро кунам қурбони номат,
Агар ёри ҷавони ман ту бошӣ.

Гули ман, эй гули ман, эй гули ман,
Арӯси хушқади чилкокули ман.

Ба мисли мо касе пайдо набошад,
Чу мо ошиқ дар ин дунё набошад.
Ман аз абрӯи пайвасти ту хондам:
Ҷудоӣ дар миёни мо набошад.

Гули ман, эй гули ман, эй гули ман,
Арӯси хушқади чилкокули ман.

8.3.1980

## ҶУДОӢ

Ту рафтӣ он намози шом,
Хоби шабам ҳаром шуд.
Зи ишқи нотамоми ту
Кори дилам тамом шуд.

Ҳар ҷо бошӣ, ҳар ҷо бошӣ,
Доим саломат бошӣ,
Барои ман, барои худ
Дур аз маломат бошӣ.

Синаи даргирифтаам
Шарора зад, шарора зад.
Аз алами ниҳони ту
Шуълаи ошкора зад.

Ҳар ҷо бошӣ, ҳар ҷо бошӣ,
Доим саломат бошӣ,
Барои ман, барои худ
Дур аз маломат бошӣ.

Рафтӣ, дилам сиёҳ шуд
Бе шафақи нигоҳи ту.
Худои ман – паноҳи ман,
Худои ту – паноҳи ту!

Ҳар ҷо бошӣ, ҳар ҷо бошӣ,
Доим саломат бошӣ,
Барои ман, барои худ
Дур аз маломат бошӣ.

8.3.1980

## НАВҲА

Рафтӣ аз афсона берун
Безамон аз ҷаври гардун.
Дар ғамат аз чашми ёрон
Мечакад хун, мечакад хун.

Водариғи зиндагонӣ,
Водариғи комронӣ,
Водариғи меҳри дунё,
Водариғо, водариғо...

Баъд аз ин сар барнадорӣ,
Бар сарат сарвар надорӣ.
Дар лаҳад як ғамгусоре
Ғайри хоки тар надорӣ.

Водариғи зиндагонӣ,
Водариғи комронӣ,
Водариғи меҳри дунё,
Водариғо, водариғо...

Рӯи гӯрат ҳар баҳорон
Аз сиришки чашми ёрон
Сабза рӯяд, то бигӯяд:
Водариғ аз рӯзгорон,

Водариғи зиндагонӣ,
Водариғи комронӣ,
Водариғи меҳри дунё,
Водариғо, водариғо...

8.3.1980

## ДАРЁ

Дарё! Дарё!
Бехуд равонӣ, дарё!
Пирӣ чу дунё,
Чун ман ҷавонӣ, дарё!

Ҳар гаҳ нагунҷӣ дар соҳили худ,
Ман ҳам нагунҷам дар манзили худ.
Ҳар гаҳ бишӯрӣ, хоҳам бирезам
Андар дили ту шӯри дили худ.

Дарё! Дарё!
Бехуд равонӣ, дарё!
Пирӣ чу дунё,
Чун ман ҷавонӣ, дарё!

Ой сарозер аз кӯҳсорон
То киштзорон, то хушксорон.
Ман ҳам равонам бо шӯру мастӣ
Аз рӯзгоре то рӯзгорон...

Дарё! Дарё!
Бехуд равонӣ, дарё!
Пирӣ чу дунё,
Чун ман ҷавонӣ, дарё!

1981

## АРӮСБИЁРОН

Арӯси мо – арӯси ҳаждасола,
муборак, ин шаби шодӣ муборак!

Ду чашмаш оташин мисли ситора,
муборак, ин шаби шодӣ муборак!

Арӯси мо арӯси нозанин аст,
муборак, ин шаби шодӣ муборак!

Миёнаш борику абрӯ маҳин аст,
муборак, ин шаби шодӣ муборак!

Арӯси мо дарахти арғувон аст,
муборак, ин шаби шодӣ муборак!

Ҷавонӣ дораду бахташ ҷавон аст,
муборак, ин шаби шодӣ муборак!

Арӯси мо чу моҳи чордаҳ бод,
муборак, ин шаби шодӣ муборак!

Ба дасти мо ҳама пурмай қадаҳ бод,
муборак, ин шаби шодӣ муборак!

Арӯси мо гули бехор бошад,
муборак, ин шаби шодӣ муборак!

Ҳамеша бо саодат ёр бошад,
муборак, ин шаби шодӣ муборак!

1981

## ИШҚИ МАН

Эй ишқи ман, эй ишқи ман,
Дар осмон ҷустам туро.
Бигзаштам аз сад баҳру бар
Дар сад ҷаҳон ҷустам туро.

Пайдот кардам дар замин –
Дар чашми ёри маҳҷабин.

Эй ишқи ман, эй ишқи ман,
Ҳар ҷо нишонат кофтам.
Рафтам ба пушти кӯҳи Қоф,
Аз бекаронат кофтам.

Пайдот кардам дар замин –
Дар чашми ёри маҳҷабин.

Эй ишқи ман, эй ишқи ман,
Дар ҷустуҷӯят сӯхтам.
Бо номи ту дар осмон
Сад ахтаре афрӯхтам.

Пайдот кардам дар замин –
Дар чашми ёри маҳҷабин.

1981

## ГӮШАИ ДИЁР

Паҳност баҳру бар, дунёст бекарон,
Аммо азизтар бошад маро зи ҷон
Як коса оби сард аз оби чашмасор,
Як нолаи бадард аз тори обшор.

Рӯи замин ҳама маъвои одам аст,
Аммо зи ҳар куҷо бар ман муқаддам аст
Як пораи замин дар байни кӯҳсор,
Як кулбаи гилин дар гӯшаи диёр.

Дунё пур аз хирад, олам пур аз китоб
Аммо барои ман бошад чу фатҳи боб
Панде зи модарам – огоҳи рӯзгор,
Панде ҳам аз падар дар роҳи рӯзгор.

Маъвои дил бувад ҳар гӯшаи Ватан,
Аммо азизтар бошад барои ман
Он ҷо, ки будаам бошаъну эътибор,
Он ҷо, ки будаам бо бахт ҳамканор.

1981

## САПЕДА

Нигоҳат оташин бошад, париҷон.
Лабонат ангубин бошад, париҷон.
Ҳамон як бӯсаи аввал, ки додӣ,
Мабодо охирин бошад, париҷон.

Сапеда медамад, ёрам, сапеда.
Намирам кошки рӯят надида.

Ҷавону шӯху ширинӣ, париҷон.
Ба сони байти гулчинӣ, париҷон.
Ман аз андӯҳи рӯзафзун бимирам,
Агар бо чашми кам бинӣ, париҷон.

Сапеда медамад, ёрам, сапеда.
Намирам кошки рӯят надида.

Бақои як шарар дорам, париҷон.
Сафои як саҳар дорам, париҷон.
Ту ғофил магзар аз ишқи дили ман,
Ки умри даргузар дорам, париҷон.

Сапеда медамад, ёрам, сапеда.
Намирам кошки рӯят надида.

2.6.1981

## ЗИНДАГӢ ДАРЁСТ...

Зиндагӣ дарёст, дарё бигзарад.
Ошиқӣ савдост, савдо бигзарад.
Чун тамошои ҷаҳон як навбат аст,
Навбати мову тамошо бигзарад.

Рӯд мехонад тарона.
Бод мегӯяд фасона.
Мову ту ҳастем ё на,
Ишқ бошад ҷовидона.

Чашм бикшо, чашми зеборо бубин,
Ларзаи дилҳои шайдоро бубин.
Ҳар чӣ мебинӣ, намебинӣ дигар,
Чашми дил бикшову дунёро бубин.

Рӯд мехонад тарона.
Бод мегӯяд фасона.
Мову ту ҳастем ё на,
Ишқ бошад ҷовидона.

7.6.1981

## МИЖГОНДАРОЗ

Ман будаму ту, ҳам ҷоми бода,
Дил бурдӣ аз ман бо чашми сода.

Дилама гумраҳ кардиё
Бо дилгудозӣ.
Умрама кӯтаҳ кардиё
Мижгондарозе.

Шаб ними шаб буд, базми тараб буд,
Ҷони ғарибам дар тобу таб буд.

Дилама гумраҳ кардиё
Бо дилгудозӣ.
Умрама кӯтаҳ кардиё
Мижгондарозе.

Бо ман нишастӣ, паймон бубастӣ,
Паймона хӯрдӣ, паймон шикастӣ.

Дилама гумраҳ кардиё
Бо дилгудозӣ.
Умрама кӯтаҳ кардиё
Мижгондарозе.

27.7.1981

## БОЛИ ШИКАСТА

Ёри ягонаи ман,
Авҷи таронаи ман,
Шарм аз худо накардӣ,
Бо ман вафо накардӣ.

Тори гусастаи дил,
Боли шикастаи дил,
Шарм аз худо накардӣ,
Бо ман вафо накардӣ.

Рафтӣ, баҳори ман рафт,
Шӯру шарори ман рафт,
Шарм аз худо накардӣ,
Бо ман вафо накардӣ.

Эй ишқи дилпазирам,
Эй ишқи беназирам,
Шарм аз худо накардӣ,
Бо ман вафо накардӣ...

27.7.1981

## ИШҚИ СИНАСӮЗ

Бе ту набуд ранге
Дар гулшани баҳорам.
Бе ту набуд барге
Дар боғи рӯзгорам.

Хуш омадӣ ба сина,
Эй ишқи синасӯзам.
Сӯзат зиёдатар бод
Эй ишқи дилфурӯзам.

Бе ту надошт шӯре
Дарёи зиндагонӣ.
Бе ту ҷавон набудам
Дар қисмати ҷавонӣ.

Хуш омадӣ ба сина,
Эй ишқи синасӯзам.
Сӯзат зиёдатар бод
Эй ишқи дилфурӯзам.

Бе ту ба ҳар мақоме
Ҳарчанд сохтам ман,
Чун сӯхтӣ диламро,
Дилро шинохтам ман.

Хуш омадӣ ба сина,
Эй ишқи синасӯзам.
Сӯзат зиёдатар бод
Эй ишқи дилфурӯзам.

17.10.1981

## ЭЙ БАХТИ МАН

Ишқи ҷавонӣ чун шарар
Месӯзадам ҷону ҷигар.
Аз синаи пуроташам
Ҷуз ғам намегирад хабар.

Роҳи ту дур, эй бахти ман,
Чашми ту кӯр, эй бахти ман.
Бо ин дили шӯридаам
Камтар бишӯр, эй бахти ман.

Ишқе – сафои оламе,
Ёре – бақои оламе.
Оҳ аз дили гумроҳи ман
Дорад барои оламе.

Роҳи ту дур, эй бахти ман,
Чашми ту кӯр, эй бахти ман.
Бо ин дили шӯридаам
Камтар бишӯр, эй бахти ман.

Ишқе чу субҳи равшане,
Ёре сазовори мане,
Аммо ба кӯи ӯ маро
Як раҳнамо, як раҳзане.

Роҳи ту дур, эй бахти ман,
Чашми ту кӯр, эй бахти ман.
Бо ин дили шӯридаам
Камтар бишӯр, эй бахти ман.

9.11.1981

## НИЁИШ

Ҳар кас рӯи ту бинад, бинад рӯи ҷавонӣ,
Аз атри кокулонат ёбад бӯи ҷавонӣ.

Рӯи хазон набинад
Боғи ҳусни рангинат.
Доғи гуле набинад
Чашмони оташинат.
Рӯзи талхе набинад
Хандаҳои ширинат.

Бо ҳусни гулфишонат сар то ба по баҳорӣ,
Гул резад аз қудумат ҳар ҷо қадам гузорӣ.

Заҳри алам набинад
Лабҳои ангубинат.
Дарди ҳиҷрон набинад
Оғӯши анбаринат.
Озори дил набинад
Дидори дилнишинат.

15.11.1981

## ГУЛИ НОЧИДА

Чашми сиёҳе доштӣ,
Ҳусни илоҳӣ доштӣ.
Месӯхтӣ ҷони маро,
Барқи нигоҳе доштӣ.

Ҳайф аз гули ночидаам,
Аз ишқи новарзидаам.

Ишқи ман андар сина монд,
Дар сина чун ганҷина монд.
Хокистаре андар дилам
Аз оташи дерина монд.

Ҳайф аз гули ночидаам,
Аз ишқи новарзидаам.

Дил гоҳ исёне кунад,
Арзи пушаймонӣ кунад.
Ку он баҳоре, ки ба сар
Моро гулафшонӣ кунад?...

Ҳайф аз гули ночидаам,
Аз ишқи новарзидаам.

1982

## ГУЛМАҲТОБ

Гулрези баҳоре буд,
Ишқеву хуморе буд.
Андар лаби дарёе
Лаб бар лаби ёре буд.

Ӯ бахти ҷавонам буд,
Гӯё ки ҷаҳонам буд.

Дар қолии гулмаҳтоб
Бо ноз қадам мемонд.
Мерафту маро дар дил
Сад доғу алам мемонд.

Ӯ бахти ҷавонам буд,
Гӯё ки ҷаҳонам буд.

Шуд сард дили гармам
Бе сӯзу гудози ӯ.
Кӯтаҳ шуда умри ман
Бе зулфи дарози ӯ.

Ӯ бахти ҷавонам буд,
Гӯё ки ҷаҳонам буд.

1982

## ПАЗМОНӢ

Фасли баҳор омад, гул дар канор омад.
Бо сад ҳазор рангу нақшу нигор омад.
Ман ошиқи ту будам,
Ман лоиқи ту будам.

Дарё чу ёри пазмон бӯсад лабони соҳил,
Аз сина меравад дил, девона мешавад дил.
Ман ошиқи ту будам,
Ман лоиқи ту будам.

Дар шабнами саҳаргаҳ ҳар сабза рӯй шӯяд,
Ҳар ҷой гул бирӯяд, номи туро бигӯяд.
Ман ошиқи ту будам,
Ман лоиқи ту будам...

1982

## ХАЗОНРЕЗ

Рӯд аст коҳил, хуршед хаста.
Барги дарахтон – боли шикаста.
Дар тарфи гулхан аз оби оташ
Нӯшед ҷоме бо ҳам нишаста.

Бо ҳам бисозед, эй дӯстдорон,
Хазон мерезад аз шохсорон.
Хазон мерезад,
        Хазон мерезад...

Ҳар дам ғанимат оромиши дил,
Осоиши ҷон, осоиши дил.
Барге, ки резад, оҳиста гӯяд:
Ишқ аст, ёрон, ороиши дил...

Бо ҳам бисозед, эй дӯстдорон,
Хазон мерезад аз шохсорон.
Хазон мерезад,
        Хазон мерезад...

1982

## ПАНДИ КӮҲНА

Ёрон! Ба каф пиёлаву дар дил ғубор чист?
Имрӯз ҳам гузашт, ғами рӯзгор чист?
Охир дигар чӣ ҳоҷати панду насиҳат аст?
Ҳар дам ғанимат аст,
Одам ғанимат аст.

Ёрон! Баҳори ошиқӣ бо гулфишон гузашт,
Дарёи дил зи соҳили суду зиён гузашт,
Ин дил, ки ранҷ мекашад, то кай саломат аст?
Ҳар дам ғанимат аст,
Одам ғанимат аст.

Ёрон! Ба орзуи дил бояд расида рафт.
Нозе зи ёр гар расад, бояд кашида рафт.
Ёре, ки ноз мекунад, то кай баҳиммат аст?
Ҳар дам ғанимат аст,
Одам ғанимат аст.

Ёрон! Сари азиз фидои саре кунед.
Дар ҳар даре тараннуми шеъри дарӣ кунед.
Шеъру суруд шуълаи дарди муҳаббат аст,
Ҳар дам ғанимат аст,
Одам ғанимат аст...

1982

## ДУО

Ту гули шукуфтарӯӣ, ҳама бехазон бимонӣ,
Ту баҳорӣ гулфишонӣ, ҳама гулфишон бимонӣ,
Ҳама дам кунам дуоят, ки чунин ҷавон бимонӣ!

Ту маро шинохтӣ боз, ту маро гудохтӣ боз,
Ба сипоси он муҳаббат, ки маро навохтӣ боз,
Ҳама дам кунам дуоят, ки чунин ҷавон бимонӣ!

Ту маро ба ман намудӣ, ба дилам ҷунун фузудӣ,
Ба сипоси он, ки дар ман чи хазинаҳо кушудӣ,
Ҳама дам кунам дуоят, ки чунин ҷавон бимонӣ!

Ба сипоси он, ки бо ту дили ман гули шарар чид,
Ба сипоси он, ки бо ту ғами дил азиз гардид,
Ҳама дам кунам дуоят, ки чунин ҷавон бимонӣ!

Ба ҳақи ҳама саодат, ба ҳақи ҳама иноят,
Ба ҳақи ҳама фатонат, ба ҳақи ҳама назокат,
Ҳама дам кунам дуоят, ки чунин ҷавон бимонӣ!

Зи барои хандаҳоят, зи барои чашмҳоят,
Зи барои ҳар садоят, зи барои ҳар дуоят
Ҳама дам кунам дуоят, ки чунин ҷавон бимонӣ!

1982

## КИШВАРИ МАН – МОДАРИ МАН

Чашмаҳоят – чашмаи шеъру суруд,
Қуллаҳоят – садри пайғому дуруд,
Хоки покат – соҳати буду набуд –
Тоҷикистон, кишвари ман,
Модари ман, модари ҷонпарвари ман.

Ояд аз ҳар санг гулбонги рубоб,
Дар сари ҳар кӯҳ хандад офтоб,
Бишнавам аз ҳар гулат бӯи шабоб,
Тоҷикистон, кишвари ман,
Модари ман, модари ҷонпарвари ман.

Бишнавам аз ҳар даре шеъри дарӣ,
Аз ҷаҳонороиву одамгарӣ,
Аз тамоми қуллаҳо болотарӣ,
Тоҷикистон, кишвари ман,
Модари ман, модари ҷонпарвари ман.

Ҷони ман қурбони ғамҳои ту бод!
Шеъри ман ҳамдасту ҳампои ту бод!
Рӯҳи ман ҳамроҳи фардои ту бод!
Тоҷикистон, кишвари ман,
Модари ман, модари ҷонпарвари ман.

12.9.1982

## ВАРЗОБ

Аз синаи хок, аз синаи санг,
Мастона ой бо шӯру оҳанг,
Эй мавҷи бехоб, эй набзи бетоб,
Дарёи Варзоб, дарёи Варзоб.

Гулбоғ аз ту шаҳри Душанбе,
Рӯҳу равонӣ баҳри Душанбе,
Эй мавҷи бехоб, эй набзи бетоб,
Дарёи Варзоб, дарёи Варзоб.

Атри ҷавонист атри насимат,
Ёди баландист номи қадимат,
Эй мавҷи бехоб, эй набзи бетоб,
Дарёи Варзоб, дарёи Варзоб.

15.10.1982

## ШУКРОНА

Ба он модар, ба он манзар
Ҳазорон шукру миннат бод,
Ки зери гунбади ахзар
Туро баҳри дили ман зод.

Муборак ҷашни милодат, гули ман,
Сари сабзат, дили шодат, гули ман.

Ба он чашма, ба он дарё
Ҳазор аҳсан, ҳазор аҳсан,
Ки ту рӯ шустаӣ дар он,
Сипас дил бастаӣ бо ман.

Муборак ҷашни милодат, гули ман,
Сари сабзат, дили шодат, гули ман.

Ба он пайроҳаи борик
Санову ҳамди бепоён,
Ки моро рӯ ба рӯ овард
Дар ин дунёи саргардон.

Муборак ҷашни милодат, гули ман,
Сари сабзат, дили шодат, гули ман.
16.10.1982

## ҲАСРАТ

Озори дил ҳаст, осори дил не,
Хории дил ҳаст, ғамхори дил не.
Сад бори дунё бар дӯши дилҳо,
Бар дӯши дунё як бори дил не.

Дарё равону дарё равон аст,
Мо пир гаштем, дунё ҷавон аст.

Оқил намешад девонаи дил,
Кӯтаҳ намешад афсонаи дил.
Дунёи вайрон мешад ободон,
Обод намешад вайронаи дил.

Дарё равону дарё равон аст,
Мо пир гаштем, дунё ҷавон аст.

Фардои дигар, мардои дигар,
Ишқои дигар, дардои дигар.
Рӯзе бихушкад дарёи дилҳо,
Як нам набахшад дарёи дигар.

Дарё равону дарё равон аст,
Мо пир гаштем, дунё ҷавон аст.
10.11.1982

## ГУНОҲАТРО НАМЕБАХШАМ

Гуноҳатро намебахшам,
Ки саргардони худ кардию
рӯгардон шудӣ аз ман.
Гуноҳатро намебахшам,
Ки дар даврони мардон ёри
номардон шудӣ аз ман.
Намебахшам гуноҳатро,
Гуноҳатро намебахшам.

Гуноҳатро намебахшам,
Ки аз даргоҳи ишқи беғуборам дар ба дар рафтӣ.
Гуноҳатро намебахшам,
Ки аз гулҳои рангини баҳорам бехабар рафтӣ.
Намебахшам гуноҳатро,
Гуноҳатро намебахшам.

Гуноҳатро намебахшам,
Ки бе ту ахтари иқболи ман
дар авҷи гардун мурд.
Гуноҳатро намебахшам,
Ки бе ту дар дилам сад достони
ишқи Маҷнун мурд.
Намебахшам гуноҳатро,
Гуноҳатро намебахшам.
12.11.1982

## ЧАШМИНТИЗОР

Дар дили шабҳо дилам гум мезанад,
Ман туро мехоҳаму нози туро.
Дар миёни чордевори хаёл
Бишнавам аз дур овози туро.

Ман фидои нозболини туям,
Ман гадои нози ширини туям.

Ман ҳазинам бе лаби хандони ту,
Ман хазонам бе рухи сабзинаат.
Медавам дар кӯчаҳои зиндагӣ
То ба ҷои ваъдаи деринаат.

Ман фидои нозболини туям,
Ман гадои нози ширини туям.

Аз туву аз ишқи шӯрангези ту
Талху шӯриҳост дар ҷоми дилам.
Ишқи ту оғозу анҷоми ман аст,
Ин нидоро бишнав аз номи дилам!

Ман фидои нозболини туям,
Ман гадои нози ширини туям.
20.11.1982

## ИМОНИ ДИЛ

Ишқат имони дилам, қиблаи имони дилам,
Зулфи чун силсилаат силсилаҷунбони дилам.

«Санаме, санаме,
Дара бикшо, манаме».[1]

1. Моли мардум.

То ба кай пушти дарат
Ҳалқа бар дар занаме.

Дара бикшову нигар ҳоли парешони дилам,
Таби сӯзони дилам, шуълаи печони дилам.

Санаме, санаме
Дара бикшо манаме.
То ба кай пушти дарат
Ҳалқа бар дар занаме.

Бе сари кӯи ту овораю сарсони дилам,
Бе сари зулфи ту як бесару сомони дилам.

Санаме, санаме
Дара бикшо манаме.
То ба кай пушти дарат
Ҳалқа бар дар занаме.

21.11.1982

## ТАНҲО

Рафтам аз хонаи чашми тую аз хонаи дил,
Ту бимон бо худу ман бехуду девонаи дил.

Баъд аз ин дар ду ҷаҳон
Роҳи ман аз ту ҷудост.
Ту маро таъна мазан,
«Ёри девона худост».[1]

Чу надонистӣ вафодории мардонаи дил,
Ту бирав даст ба даст, ман суи вайронаи дил...

Баъд аз ин дар ду ҷаҳон
Роҳи ман аз ту ҷудост.
Ту маро таъна мазан,
Ёри девона худост.

Чу бидидам, ки туӣ беғаму бегонаи дил,
Гум шудам дар алами шоми ғарибонаи дил.

Баъд аз ин дар ду ҷаҳон
Роҳи ман аз ту ҷудост.
Ту маро таъна мазан,
Ёри девона худост!

7.12.1982

1. Мақоли халқист.

## СИТОРАҲО

Шумо гувоҳ будаед
Зи рафтагони бонишон.
Шумо худ озмудаед
Ҳама вафову сидқашон.

Ситораҳо, ситораҳо,
Ба саҳни беканораҳо
Зи ишқҳои рафтагон
Шарораҳо, шарораҳо.

Чу модарони мо ҳама
Барои мо фидо шуданд,
Нарафта зери хоки тар,
Ситораи само шуданд.

Ситораҳо, ситораҳо,
Ба саҳни беканораҳо
Зи дидагони модарон
Назораҳо, назораҳо.

Кунун ба зери осмон
Насиби мост зиндагӣ.
Насиби ахтаре шудан,
Насиби офарандагӣ.

Ситораҳо, ситораҳо,
Ба саҳни беканораҳо
Ба сӯи ҷовидонаҳо
Ишораҳо, ишораҳо...

16.12.1982

## ХАНДАҲОЯТ

Эй гули ман,
Чун ту меҳандӣ ба сӯям,
Хандаҳоят хандаи иқболи ман бошад,
Хандаҳоят хандаи омоли ман бошад,
Чун ту меҳандиву меҳандӣ ба рӯям,
Дар хаёлам, ин ҷаҳон ҳамсоли ман бошад.

Кам мабод аз қисмати ман,
Хандаҳоят, хандаҳои дилрабоят.
Кам мабод аз давлати ман
Хандаҳоят, хандаҳои ҷонфизоят.

Эй гули ман,
Чун ту меҳандӣ ба сӯям,
Хандаҳоят хандаҳои зиндагонист.

Хандаҳои орзуҳои ҷавонист.
Чун ту механдиву механдӣ ба рӯям,
Дар гумонам, зиндагонӣ ҷовидонист.

Кам мабод аз қисмати ман,
Хандаҳоят, хандаҳои дилрабоят.
Кам мабод аз давлати ман
Хандаҳоят, хандаҳои ҷонфизоят.
16.12.1982

## ҶОМИ ДИГАР

Ин манам бохтадил,
Ошиқи ҷонбагарав –
Ошиқи тозагуле
Аз ҳама куҳнаву нав.

Соқиё, ҷоми дигар, ҷоми дигар, ҷоми дигар,
Ки дилам хун шуда аз ишқи гуландоми дигар.

Меравам хандазанон,
Дар дилам нолаи ишқ,
Зоҳиран марди бузург,
Лек бечораи ишқ.

Соқиё, ҷоми дигар, ҷоми дигар, ҷоми дигар,
Ки дилам хун шуда аз ишқи гуландоми дигар.

Эй, ки ғафлатзадаӣ,
Ошиқӣ мегузарад.
Аз раҳи шеъру суруд
Лоиқе мегузарад.

Соқиё, ҷоми дигар, ҷоми дигар, ҷоми дигар,
Ки дилам хун шуда аз ишқи гуландоми дигар.
17.12.1982

## БОРОН

Ту аз чархи барин борӣ,
Ба рӯи ин замин борӣ.
Бишӯӣ гарди гулҳоро,
Нашӯӣ доғи дилҳоро.

Борон, борон,
        Борон, борон,
Эй ашки инсон
        Бар рӯзгорон.

Садоят нолаҳо дорад,
Ғами садсолаҳо дорад.
Бигирйӣ мисли инсонҳо
Зи дуриҳо, зи ҳиҷронҳо.

Борон, борон,
        Борон, борон,
Эй ашки дунё
        Бар рӯзгорон.

Бимирам қатраҳоятро,
Ҳама сӯзу навоятро.
Агар аз абр ҳам ой,
Ту ашки дидаи мой.

Борон, борон,
        Борон, борон,
Эй ашки ёрон
        Бар рӯзгорон...
29.12.1982

## ТАЛАБГОРӢ

Чи афсуне, чи ҷодуе,
Намедонам, намедонам,
Ки ишқат ногаҳон бигрифт
Гиребонам, гиребонам.

Бимирам чашмаконатро,
Бигӯ асли маконатро.
Бигӯ, оям талабгорӣ
Рухони хунчаконатро.

Ту мерафтӣ шукуфонрӯ
Гул андар кокулонат буд.
Ба қурбони ҷавонияту,
Ки ҳусни навқиронат буд.

Бимирам чашмаконатро,
Бигӯ асли маконатро.
Бигӯ, оям талабгорӣ
Рухони хунчаконатро.

Ту бо гулханда мерафтӣ
Хуш аз эҳсони озодӣ.
Ба ханда бандаам кардӣ
Дар ин даврони озодӣ.

Бимирам чашмаконатро,
Бигӯ асли маконатро.
Бигӯ, оям талабгорӣ
Рухони хунчаконатро.

7.1.1983

## РӮДИ СИР

Сирре надорад рӯди Сир
Ҷуз ҳоҷати лабташнагон.
Сар мезанад бар ду канор
Ҳамчун сари саргаштагон,
Дар тобу таб ҳар рӯзу шаб
Ҳамчун дили дилбастагон –

Дарёи Сайҳун меравад,
Дар дил шабохун меравад.
Ёбад, ки мардум ошиқанд,
Аз хеш берун меравад.
Шӯридаҷон, ошуфтадил
Маҷнун ба ҳомун меравад.

Лабрези ашки модарон
Андар фироқи аскарон,
Лабрези ишқи зиндагӣ.
Мисли дили гулдухтарон,
Гаҳ нарм гӯй парниён,
Гаҳ тунд чун исёнгарон –

Дарёи Сайҳун меравад,
Дар дил шабохун меравад,
Ранги ғазалҳои Камол
Бо чанд мазмун меравад.
Дар ҳасрати Темурмалик
Аз синааш хун меравад.

Дорад таманное ба дил,
Дунёи савдое ба дил.
Сирри ба кас ногуфтае
Шодию ғамҳое ба дил.
Ҷонсӯзи имрӯзи Ватан,
Уммеди фардое ба дил –

Дарёи Сайҳун меравад
Ҳамшӯри Ҷайҳун меравад.
Ором чун пири хирад,
Бо сеҳру афсун меравад,
Кам мешавад дар раҳ, вале
Бо меҳри афзун меравад.

11.1.1983

## БАХТИ САФЕД

Шеъри ман бӯи ту дорад,
Атри гесӯи ту дорад.
Мисраи пайвастаи ман
Ёди абрӯи ту дорад.

Ошиқи чашми туям, эй ҷони ҷони ҷони ман,
Беҳтарин, шевотарин, зеботарин армони ман.

Бе ту бахти ман ҷавон нест,
Шеърҳои ман равон нест.
Бе ҷаҳони ишқи покат
Ин ҷаҳон бар ман ҷаҳон нест.

Ошиқи чашми туям, эй ҷони ҷони ҷони ман,
Беҳтарин, рангинтарин,
ширинтарин армони ман.

Аз ту ин рӯзи саидам,
Хандаи бахти сафедам.
Рӯи ту – рӯи саодат,
Чашми ту – чашми умедам.

Ошиқи чашми туям, эй ҷони ҷони ҷони ман,
Беҳтарин, олитарин, волотарин армони ман!

20.1.1983

## ИЛТИҶО

Муддате шуд, ки дилам
Бехуду моили туст.
Аз қазо рафта чунин –
Дили ман бо дили туст.

Ту, ки медонӣ ҳама сӯзу навои дили ман,
Хандаҳои дили ман, гиряҳои дили ман,
Ту дигар зинда бимон аз барои дили ман,
Аз барои дили ман!

Дили ман бо дили туст,
Ту варо сода магир.
Варна меёбӣ варо
Дар ҷавонӣ шуда пир...

Ту, ки медонӣ ҳама сӯзу навои дили ман,
Хандаҳои дили ман, гиряҳои дили ман,
Ту дигар зинда бимон аз барои дили ман,
Аз барои дили ман!

Дар ҷавонӣ шуда пир...
Ин мабодо, ки мабод.
Варна аз ишқи дилам
На нишоневу на ёд...

Ту, ки медонӣ ҳама сӯзу навои дили ман,
Хандаҳои дили ман, гиряҳои дили ман,
Ту дигар зинда бимон аз барои дили ман,
Аз барои дили ман!

22.1.1983

## РОҲҲО

Бар дӯш бори зиндагӣ
Дар кӯлвори зиндагӣ,
Аз корзори зиндагӣ
Бо ёдгори зиндагӣ,

Аз ҷустуҷӯи хештан
То бо Ватан омехтан
Моро ба манзил мебаред,
Эй роҳҳо, эй роҳҳо,
Бо ҷазбаи дил мебаред,
Эй роҳҳо, эй роҳҳо.

Оғозатон аз ҷони мост,
Аз ишқи бепоёни мост.
Эҳсонатон эҳсони мост,
Имконатон имкони мост.

Аз байни куҳсори баланд,
Бо ному осори баланд
Моро ба манзил мебаред,
Эй роҳҳо, эй роҳҳо,
Бо ҷазбаи дил мебаред,
Эй роҳҳо, эй роҳҳо.

Бо ишқу бо савдои хуш,
Бо шавқу армонҳои хуш,
То манзари дунёи хуш,
То кишвари фардои хуш.

Аз дӯстон то дӯстон,
Аз достон то достон,
Моро ба манзил мебаред,
Эй роҳҳо, эй роҳҳо,
Бо ҷазбаи дил мебаред,
Эй роҳҳо, эй роҳҳо.

22.3.1983

## ФАРДОИ ЗИНДАГӢ

Аз барқи чашматон пурнур зиндагӣ,
Аз шӯри ишқатон пуршӯр синаҳо.
Озодии ҷаҳон, озодии шумост,
Қадри шумо шикаст қадри хазинаҳо.

Уммеди модарон,
Илҳоми шоирон,
Дар осмони ишқ
Тобанда ахтарон,
Озода духтарон,
Дилдода духтарон.

Аз меҳнати шумо даврон шукуфабор,
Чун нахли арғувон гулрез шуд замон.
Тири нигоҳатон то мерасад ба дил,
Дигар чӣ ҳоҷате бар тиру бар камон?

Уммеди модарон,
Илҳоми шоирон,
Дар осмони умр
Тобанда ахтарон,
Озода духтарон,
Дилдода духтарон.

Аз синаи шумо – сарчашмаи бақо –
Оғоз мешавад дарёи зиндагӣ.
Оғоз мешавад имрӯз аз шумо
Фардои ошиқӣ, фардои зиндагӣ.

Уммеди модарон,
Илҳоми шоирон,
Дар осмони бахт
Тобанда ахтарон,
Озода духтарон,
Дилдода духтарон.

23.3.1983

## ЗИНДАГӢ

Ман туро бахшам ҷавонӣ,
Ту ба пириям кашонӣ.
Ман ба ту меҳри дил орам,
Ту ба ман – номеҳрубонӣ.
Ман барои ту баҳорам,
Ту барои ман хазонӣ.

Зиндагӣ, эй насяву нақд,
Зиндагӣ, эй ваъдаи бахт,
Мову ту наздику дурем,
Мову ту бинову кӯрем.

Ман ба роҳат ҷон фишонам,
Ту надонӣ қадри ҷонам.
Ман биҷӯям сад нишонат,
Ту наҷӯӣ як нишонам.
Ман кӣ бошам, ту кӣ бошӣ,
Ту надонӣ, ман надонам.

Зиндагӣ, эй насяву нақд,
Зиндагӣ, эй ваъдаи бахт,
Мову ту наздику дурем,
Мову ту бинову кӯрем.

Медавам ман кӯ ба кӯят,
То бубинам асли рӯят.
Медавам манзил ба манзил
Дил ба каф дар орзуят.
Медавам шодону ғамгин
Масти рангат, масти бӯят.

Зиндагӣ, эй насяву нақд,
Зиндагӣ, эй ваъдаи бахт,
Мову ту наздику дурем,
Мову ту бинову кӯрем.

9.4.1983

## РАҚҚОСА

Пое бикӯбад бар замин,
Дасте барорад бар фалак.
Чашмак занад чун ахтаре,
Гесӯ фишонад чун малак.

Хандиданош, болиданош, нозиданоша бинед.
Чархиданош, печиданош, ларзиданоша бинед.

Аз обутоби ҳусни ӯ
Гарданд об ойинаҳо.
Ҷӯшад зи мавҷи доманаш
Мавҷи ҷунун аз синаҳо.

Хандиданош, болиданош, нозиданоша бинед.
Чархиданош, печиданош, ларзиданоша бинед.

Баргу навои ошиқон
Дар рӯи чун барги гулаш.
Сад печутоби ҷону дил
Дар печутоби кокулаш.

Хандиданош, болиданош, нозиданоша бинед.
Чархиданош, печиданош, ларзиданоша бинед.

Сар то ба по нозу адо,
Мижгонсияҳ, кокулдароз.
Арғушти бишкан-бишканаш
Ҳам дилшикан, ҳам дилнавоз.

Хандиданош, болиданош, нозиданоша бинед.
Чархиданош, печиданош, ларзиданоша бинед.

22.11.1983

## ОФТОББОРОН

Аз дасти булӯри ту
Файзи ду ҷаҳон ояд.
Аммо чу бишӯрӣ ту,
Ҷонам ба фиғон ояд.

Бо ту буданам мушкил,
Бе ту буданам мушкил.
Оҳ аз туву оҳ аз дил,
Оҳ аз туву оҳ аз дил!

Дарёиву гаҳ ором,
Гоҳе бикунӣ тӯфон:
Гоҳе чу ғами айём
Бар сина занӣ сӯҳон.

Бо ту буданам мушкил,
Бе ту буданам мушкил.
Оҳ аз туву оҳ аз дил,
Оҳ аз туву оҳ аз дил!

Гаҳ ҷӯши баҳоронӣ,
Гаҳ тирамаҳи гирён.
Гаҳ қаҳри зимистонӣ,
Гаҳ чиллаи тобистон.

Бо ту буданам мушкил,
Бе ту буданам мушкил.
Оҳ аз туву оҳ аз дил,
Оҳ аз туву оҳ аз дил!

Гаҳ санги фалахмонӣ,
Гаҳ санги сабурастӣ.
Гаҳ дар тани ман ҷонӣ,
Гаҳ ахтари дурастӣ.

Бо ту буданам мушкил,
Бе ту буданам мушкил.
Оҳ аз туву оҳ аз дил,
Оҳ аз туву оҳ аз дил!

23.11.1983

## СУРУДИ НЕКӢ

Дунёи савдо бигзарад,
Андӯҳи дилҳо бигзарад,
Ҳам навбати мо бигзарад,
Аммо ба зери осмон
Ҳамчун замини бекарон
Некӣ бимонад ҷовидон.

Сад баҳр хушкад дар назар,
Сад боғ гардад бесамар,
Сад роҳ монад беасар,
Аммо ба сад рамзу нишон
Чун офтоби дурфишон
Некӣ бимонад ҷовидон...

Чандин макон дигар шавад,
Чандин замон дигар шавад,
Чандин ҷаҳон дигар шавад,
Аммо ба ёди одамон
Чун қуллаи Боми Ҷаҳон
Некӣ бимонад ҷовидон.

1984

## ЁРИ ДИЛ

Як лаҳзае, як соате
Дар хилвате, беминнате
Бо ман бимон, бо ман бимон,
То бо ту дорам давлате.

Дарё маҷӯ, дарё манам,
Дунё маҷӯ, дунё манам.
Ёри дили танҳои ту
Танҳо манам, танҳо манам.

Биншин, ки бинам рӯи ту,
Дасте барам бар мӯи ту.
То рангу бӯи зиндагӣ
Ёбам зи рангу бӯи ту.

Дарё маҷӯ, дарё манам,
Дунё маҷӯ, дунё манам.
Ёри дили танҳои ту
Танҳо манам, танҳо манам.

Пеш о, ки қурбонат шавам,
Қурбони чашмонат шавам,
Гаҳ сарфишон, гаҳ ҷонфишон
Бар мӯи афшонат шавам.

Дарё маҷӯ, дарё манам,
Дунё маҷӯ, дунё манам.
Ёри дили танҳои ту
Танҳо манам, танҳо манам.

2.1.1984

## ҲУСНИ БЕНАЗИР

Ҳар гаҳ, ки бинамат
Бо қомати баланд,
Ояд дилам ба дод,
Эй давлати баланд.

Ман ошиқи туям,
Дил дар паноҳи туст.
Бахти сафеди ман
Чашми сиёҳи туст.

Ҳар гаҳ, ки бинамат
Дар ин ҷаҳони пир,
Аз нав ҷавон шавам,
Эй ҳусни беназир.

Ман ошиқи туям,
Дил дар паноҳи туст.
Бахти сафеди ман
Чашми сиёҳи туст.

Ҳар гаҳ, ки бинамат
Дар рӯ ба рӯи дил,
Ошуфтаҷон равам,
Аз нав ба кӯи дил.

Ман ошиқи туям,
Дил дар паноҳи туст.
Бахти сафеди ман
Чашми сиёҳи туст.

2.1.1984

## ХУМОР

Дар домани баҳор
Андар деҳи Мазор
Гулғунчаи таре,
Покизагавҳаре
Бо абрувони сабз,
Бо ормони сабз
Берун зи хона шуд,
Мактаб равона шуд.

Ёдаш ба хайр бод
Он ишқи кӯдакӣ.
Он ишқи гумшуда
Чун шеъри Рӯдакӣ.

Мерафтам аз бараш
Бигрифта дафтараш.
Чашмам гирифта буд
Чил кокули тараш.
Рӯи баҳор буд
Рӯи баҳорияш.
Номаш Хумор буд,
Будам хуморияш.

Ёдаш ба хайр бод
Он ишқи кӯдакӣ.
Он ишқи гумшуда
Чун шеъри Рӯдакӣ.

Як рӯзи тирамоҳ
Аз дил кашидам оҳ...
Ӯ кӯч басту рафт
Моро шикасту рафт.
Ёде ба тирамоҳ
Аз он баҳор монд.
Аз деҳ Хумор рафт,
Дар дил хумор монд.

Ёдаш ба хайр бод
Он ишқи кӯдакӣ.
Он ишқи гумшуда
Чун шеъри Рӯдакӣ.

Аз кӯчаи Мазор,
Бо ашки шашқатор
Моро надиду рафт,
Гӯё париду рафт
Мисли кабутарак
Ҳамсоядухтарак.
Чил кокул аз қафо
Гуфтанд алвидоъ...

Ёдаш ба хайр бод
Он ишқи кӯдакӣ,
Он ишқи гумшуда
Чун шеъри Рӯдакӣ...

3.12.1988

## БОҒИ ҶАВОНӢ

Дар махзани дил оҳе намонда,
Аз хирмани дил коҳе намонда.
Дар кӯи хубон роҳе намонда,
Дар бурҷи сина моҳе намонда.

Боғи ҷавонӣ, яксон намонӣ,
Имрӯз пургул, фардо хазонӣ!

Беҳамзабонӣ, беҳамсабӯӣ,
Беормонӣ, беорзуӣ.
Дигар наёбӣ, ҳарчанд ҷӯӣ,
Он тозаҷӯӣ, он тозарӯӣ.

Боғи ҷавонӣ, яксон намонӣ,
Имрӯз пургул, фардо хазонӣ!

Дигар нагардӣ пиромани гул,
Дасте наёзӣ бар гардани гул.
Чашмони сарди гулбастаатро
Бар гиря орад хандидани гул.

Боғи ҷавонӣ, яксон намонӣ,
Имрӯз пургул, фардо хазонӣ...

15.4.1990

## НУРИ МУҲАББАТ

Зи роҳи орзуҳои ҷавонӣ
Ва ё сарманзили дури муҳаббат
Ту ногаҳ омадӣ дар рӯ ба рӯям,
Дилам равшан шуд аз нури муҳаббат.

Чароғон кардӣ як сӯ кулбаи ман,
Чароғон кардӣ як сӯ хонаи дил.
Чароғи кулбаам гоҳе бимирад,
Намирад шӯълаи кошонаи дил.

Саропоям дарахти сабзу пургул,
Ҷавониям гулистон шуд, гулистон.
Ба пойандозат, эй ишқи худодод,
Гулафшонам, гулафшонам, гулафшон.

Чароғон кардӣ як сӯ кулбаи ман,
Чароғон кардӣ як сӯ хонаи дил.
Чароғи кулбаам гоҳе бимирад,
Намирад шӯълаи кошонаи дил.

7.7.1990

## ЗИНДАРӮДУ ПАНҶРӮД[1]

Зи рӯди Рӯдакӣ бувад
Суруди мо, дуруди мо.
Зи риштаи сухан бувад
Бақои тору пуди мо.
Тулӯи меҳри ҷовидон –
Замини бошу буди мо.

Суруди Панҷрӯдро
Зи Зиндарӯд бишнавем.
Дуруди Зиндарӯдро
Зи Панҷрӯд бишнавем.
Биё, суруд бишнавем,
Биё, дуруд бишнавем –
Суруде аз ягонагӣ,
Дуруди ҷовидонагӣ.

Зи боғи меҳри мо дамад
Ҷавонаҳо, ҷавонаҳо.
Зи мағзи ҷони мо расад
Таронаҳо, таронаҳо.
Бувем бар канори ҳам
Ба саҳни бекаронаҳо.

Суруди Панҷрӯдро
Зи Зиндарӯд бишнавем.
Дуруди Зиндарӯдро
Зи Панҷрӯд бишнавем.
Биё, суруд бишнавем,
Биё, дуруд бишнавем –
Суруде аз ягонагӣ,
Дуруди ҷовидонагӣ.

9.8.1992

1. Шеърҳои «Зиндарӯду Панҷрӯд» ва «Хуросони бузург» ба озмуни суруди дӯстии Эрону Тоҷикистон пешниҳод шуда буд. Суруди «Зиндарӯду Панҷрӯд» барандаи ҷоизаи аввали озмун гашт.

## ХУРОСОНИ БУЗУРГ

Чу аз насли Фаридунем,
Аз як реша, як хунем.
Чу аз хуни Сиёвушем,
Ҷовидон ҳамоғӯшем.
Дирафши ковиён бо мост,
Фарри ориён бо мост.

Атои фазли яздонӣ,
Ки бо ҷамъу парешонӣ
Тапад бо ҳам,
Танад бо ҳам
Дили тоҷику эронӣ.
Ба тоҷику ба эронӣ
Муҳаббат бод арзонӣ.
Садоқат бод,
Наҷобат бод,
Шаҳомат бод арзонӣ!

Чу аз як Ҷоми Ҷам ҳастем,
Аз як Ҷоми Ҷам мастем.
Агар Рустам сар афрозад,
Зи нав парчам барафрозад
Хуросони бузурги мо,
Хуросони сутурги мо!

Атои фазли яздонӣ,
Ки бо ҷамъу парешонӣ
Тапад бо ҳам,
Танад бо ҳам
Дили тоҷику эронӣ.
Ба тоҷику ба эронӣ
Муҳаббат бод арзонӣ.
Садоқат бод,
Наҷобат бод,
Шаҳомат бод арзонӣ!

10.8.1992

* * *

Мо – бӯяву армони ӯ,
    Мо – чораву дармони ӯ,
Дирӯзи фахрангези ӯ,
    фардои тобони ваем.
То тору пуди ҷони мо
    аз тору пуди тоҷик аст,
Дар ҳасрати Сомониён
    имрӯз сомони ваем.

Фарзанди ин миллат туӣ,
фарзанди ин миллат манам!
Пайванди ин миллат туӣ,
пайванди ин миллат манам!
Сад пораи ҷони варо
якпора бояд сохтан –
Савганди ин миллат туӣ,
савганди ин миллат манам!

Қавми мурувватпешае,
қавми адолатпарваре,
Қавми Авестодошта,
сар бар фалак афрошта,
Бар Рӯдакӣ дода забон,
Фирдавсиро – фарри каён,
Тиру камон бигзошта,
ганҷи хирад анбошта.

Фарзанди ин миллат туӣ,
фарзанди ин миллат манам!
Пайванди ин миллат туӣ,
пайванди ин миллат манам!
Сад пораи ҷони варо
якпора бояд сохтан –
Савганди ин миллат туӣ,
савганди ин миллат манам!

То дину имон дорад ӯ,
ризқи фаровон дорад ӯ,
То некияш ойин бувад,
ҳамболи ӯ шоҳин бувад.
Кӯҳи баландаш як тараф,
рӯҳи баландаш як тараф,
Кошонааш сангин бувад,
ояндааш рангин бувад.

Фарзанди ин миллат туӣ,
фарзанди ин миллат манам!
Пайванди ин миллат туӣ,
пайванди ин миллат манам!
Сад пораи ҷони варо
якпора бояд сохтан –
Савганди ин миллат туӣ,
савганди ин миллат манам!

1995

* * *

Бо сухан, бо хирад, бо шараф, бо ҳунар
Мекунӣ, эй – Ватан, бар адӯят зафар.
Ҷумла фарзанди ту, решапайванди ту
Хӯрда савганди ту – ҷонфидои туем.
Раҳкушои туем, раҳнамои туем.

Тоҷикистони ман, тору пудам туӣ,
Қиблаи эътиқоду суҷудам туӣ.
Бо раҳи дӯстӣ, бо раҳи ростӣ
Меравӣ дилқавӣ ҷониби ҷовидон,
Давлати ҷону дил – давлати тоҷикон!

1995

## МО ТОҶИКОНЕМ

Шеъри аввалин, шеъри ҷовидон,
Рукни поядор мо дар ин ҷаҳон.
Ҳам наҷибу ҳам ғарибу ҳам пуртавон,
Зинда мондаем аз ҷаври замон.

То абад ҳам лиқою ҳам бақоям, эй Ватан, туӣ,
То абад ҳам навою ҳам сафои ҷону тан туӣ.

Ҷавшанам туӣ, мадфанам туӣ,
Бахти неку фоли неку маъманам туӣ.
Фардои шоду равшанам туӣ.

Мо тоҷиконем, мо тоҷикон.
Мо ориёнем, мо ориён.
Алҳамдулиллоҳ бо дини пок
Мо ҷовидонем, мо ҷовидон.

1995

## ДУХТАРИ ҲАМСОЯ

Гаҳ-гаҳ зи сари девор
Хандида назар мекард.
Гулхандаи тобонаш
Аз ишқ хабар мекард.

Подоши сабуриҳош
Бурданд ба дуриҳош.
Он духтари ҳамсоя
Баргашта намеоя.

Як милааш аз девор
Ин сӯй ҳамоил буд.

Як милаи ӯ гӯӣ
Дар ошиқӣ моил буд.

Подоши сабуриҳош
Бурданд ба дуриҳош.
Он духтари ҳамсоя
Баргашта намеоя.

Гоҳе зи сари девор
Як себча меафканд.
Гоҳе зи ҳаёти мо
Дуздона гуле меканд.

Подоши сабуриҳош
Бурданд ба дуриҳош.
Он духтари ҳамсоя
Баргашта намеоя.

Дар ҷашни арӯсияш
Сад машъала меафрӯхт,
Сад машъала не, эй вой
Ҷону дили ман месӯхт...

Подоши сабуриҳош
Бурданд ба дуриҳош.
Он духтари ҳамсоя
Баргашта намеоя...

1997

## СУРУДИ ДУШАНБЕ

Дар ту мебинам камоли тоҷиконро,
Рӯзгори безаволи тоҷиконро.
Чашми кулли тоҷикон сӯи ту бошад,
Қиблагоҳи тоҷикон кӯи ту бошад.

Эй Душанбе,
Тахти давлат,
Маҳди ваҳдат,
Шаҳри нусрат,
Ёдгори азму размӣ тозаи мо!
Шӯҳрати мо, номи мо, овозаи мо!

Аз ту оғозу тамоми вусъати мо,
Достони ақлу фазлу қудрати мо.
Саргузашту ҳасрати тоҷик дар туст,
Сарнавишти миллати тоҷик дар туст!

Эй Душанбе,
Тахти давлат,
Маҳди ваҳдат,
Шаҳри нусрат,
Ёдгори азму размӣ тозаи мо!
Шӯҳрати мо, номи мо, овозаи мо!

14.2.1998

# ҒАЗАЛҲО

* * *

Биё, то чанд аз чашмам ниҳонӣ,
Биё, к-аз буданам ғоиб намонӣ.

Ба сарвақтам биё, вақт аст, вақт аст,
Ки қурбони ту бинмоям ҷавонӣ.

Ба сарвақтам биё, нақд аст, нақд аст,
Ба имдоди ҷавонӣ зиндагонӣ.

Ту бо ман ҳамзамонӣ, ҳамдиёрӣ,
Пас аз ин бош бо ман ҳамзабоне.

На эъҷозе, на сеҳре, на нидое,
Туям танҳо ба мақсад мерасонӣ.

Насибам деҳ зи гирудори ҳастӣ,
Дар ишқу ошиқӣ соҳибқиронӣ.

Дар ин дунё ба зери нури хуршед
Биё, ҷӯем ҳар ду зиндагонӣ.

Биё, басту кушоди рӯзгорон
Ба дасти туст, ишқу меҳрубонӣ!

12.4.1963

* * *

Гар ба овози дили ман ту ҳамовоз шавӣ,
Гар ба оҳанги вафо замзамапардоз шавӣ,

Дасти ман гириву бар ҷониби оянда равӣ,
Садди чинӣ шиканӣ, соҳири мумтоз шавӣ.

Гузарӣ гар ту зи таннозиву болоназарӣ,
Қадри худ донӣ агар, ёр, сарафроз шавӣ.

Чун гиёҳ ишқи ман аз ноз гиёҳмол макун,
То маро ҳамқалами номаи эъҷоз шавӣ.

Ғамшарикам шаву бунёди саодат бигузор,
Ин мабодо, ки маро хонабарандоз шавӣ.

Сӯз бо сӯзи ману соз ба сози дили ман,
То ба нируи вафодорӣ ҷаҳонсоз шавӣ.

Лоиқ аз ишқи ту парвард дили чун шаҳбоз,
Бо умеде, ки ту ҳам ҳампари шаҳбоз шавӣ.

3.5.1963

* * *

Ба васфат достон дорад дили ман,
Ба меҳрат посбон дорад дили ман.

Гар аз некии ту мардум бипурсанд,
Ҳазору як забон дорад дили ман.

Сари сабзат зи ишқат сабзтар шуд,
Баҳори бехазон дорад дили ман.

Бидидам акси худро ман ба чашмат,
Ҷаҳоне дар ҷаҳон дорад дили ман.

Чунон хуршед ҷуз як раҳ напӯяд,
Фидоят нақди ҷон дорад дили ман.

Ҷавонӣ дода, меҳратро гирифтам,
Дар ин дунё нишон дорад дили ман.

24.5.1963

* * *

Чӣ будам, чашмаи нӯши ту будам,
Дурахши ҳалқаи гӯши ту будам.

Ба рӯзи гарм будам соябонат,
Ба рӯзи сард даспӯши ту будам.

«Сарат бодо саломат» гуфта доим
Ба ёди лаъли майнӯши ту будам.

Ҳамеша қисмати ту қисматам буд,
Рафиқи хубу ҳамдӯши ту будам.

Фаромӯшам макун, ҷонони дилсахт,
Ки як вақте ҳамоғӯши ту будам.

10.9.1963

* * *

Мард он, ки сарафроз сари дор бимирад,
Як бор таваллуд шуда, як бор бимирад.

Мард он, ки сари қулла чу ҳамхонаи хуршед
Аз қисмати худ розию саршор бимирад.

Мард он, ки сабуктар бикунад бори Заминро,
Бо умри гаронбор гаронбор бимирад.

Бо дӯсти наздик равад манзили дуре,
Бо ёр ва ё бо алами ёр бимирад.

Дар хоб ба овози замин гӯш ниҳад шаб,
Рӯзона чу ҳақдӯст зада ҷор бимирад.

Мард он, ки намонад зи шабаш шишаи холӣ...
Пуршӯру пурошӯбу пурасрор бимирад.

Мард он, ки тиҳӣ буда чунон косаи танбӯр,
Бо нағмаю оҳанги шарарбор бимирад.

Мард он, ки намирад зи қазо бо аҷали худ,
Дар ишқ ва ё кор ва ё ор бимирад.

Мард он, ки шарафманду баномусу ҷавонмард
Бо ин ҳама озор сазовор бимирад!

29.3.1967

* * *

Ин қадар дард куҷову мани махмур куҷо?
Ин қадар бахт куҷову мани мағрур куҷо?

Ин қадар вақт куҷо рафту куҷо будам ман?
Ин қадар ҳусн куҷо буду мани кӯр куҷо?

Он қадар рӯзу шаби ман ба ҳам омехтааст,
Накунам фарқ, ки торик куҷо, нур куҷо?

Он қадар нашъаи бахт аз дилам ояд ба димоғ,
Ки надонам табутобу шаафу ур куҷо?

Он қадар бесарупоям, ки надонам то ту
Роҳи наздик кадом асту раҳи дур куҷо?

1968

* * *

Баҳорам тирамаҳ шуд, дилбарам рафт,
Тароватҳои боғи хотирам рафт,

Ниҳоли сабз будам, соям буд,
Кунун ҳам соя, ҳам барги тарам рафт.

Дар ишқаш сӯхтам ман, шӯъла будам,
Кунун хокистарам ман, ахгарам рафт.

Шудам дар нимароҳи умр ҳайрон,
Сафар беоқибат шуд, сарварам рафт.

Хаёли ман ба ёдаш дарбадар шуд,
Чу нақши пои ҷонон аз дарам рафт.

Чӣ дорам андар ин дунё, ки аз сар
Худованди саодатпарварам рафт.

Ба мулки Моҳ рафтан қасди ман буд,
Садоқат! Раҳмате, болу парам рафт.

11.4.1969

* * *

Мо баҳри дилшиносон шеъру тарона ҳастем,
Баҳри навошиносон чангу чағона ҳастем.

Гӯянд шоири хуб фарзанди даври хеш аст,
Баҳри замоншиносон мо худ замона ҳастем.

Мо кӯҳзода, аммо дилҳои нарм дорем,
Дар тангнои кӯҳӣ дил бекарона ҳастем.

Гар рӯдаки деҳи мо бар баҳрҳо нарезад,
Дарёи дил хурӯшон, мо худ равона ҳастем.

Он қадр ҳам ҷадиду он қадр ҳам қадимем,
Гоҳе ҳақиқати кул, гоҳе фасона ҳастем.

Аз мост сарбаландӣ, аз мост низ пастӣ,
Гаҳ осмона ҳастем, гаҳ остона ҳастем.

Он ҳафт марди шоир чун Ҳафтдодаронанд[1],
З-онҳо чу осмони ҳафтошёна ҳастем.

1970

* * *

Ҷонам чӣ хоҳад аз рӯзгорон?
Навбатгузорӣ бо ҳақгузорон.

Бо сӯзи пинҳон ёд оварам ман
Аз ишқи ёрон дар рӯзи борон.

Бо худ ситезам, бехуд ситезам,
Коре надорам бо кинадорон.

Чун тангчашмон дунё наҷӯям,
Қисмат кунам дил бо дилфигорон.

Дар синаи ман ҷӯшад ҳамеша
Сад корзоре бе корзорон.

Одам ғанимат, ҳар дам ғанимат,
Эй ҳамнасибон, эй ҳамҷаворон!

1970

1. Ишора ба ҳафт шоире, ки Гёте эътироф кардааст: Фирдавсӣ Анварӣ, Румӣ, Низомӣ, Саъдӣ, Ҳофиз ва Ҷомӣ.

* * *

Боз ошиқ шаваму зиндагӣ аз сар гирам,
Роҳи дерин бигузорам, раҳи дигар гирам.

Ҳамаро тарк кунам шомгаҳон чун хуршед,
Домани субҳ кашам, домани дилбар гирам.

Боз як бори дигар тозаҷавонӣ бикунам,
Баҳри ҷонон зи фалак лолаи ахтар гирам.

Нашавам дастхуши васвасаи кӯрдилӣ,
Ҷуфти дилхоҳ чу як ҷуфти кабӯтар гирам.

Сӯзи афзунам аз он аст, ки рӯзе чу чароғ
Сари гӯри падару модари худ даргирам.

Кӯрпистон бувадо модари дунё, эй дил,
Биравам маслиҳати умр зи модар гирам.

1971

* * *

Мо солхурда ҳастем ё сол хурда моро?
Мо умр бурда бар сар ё умр бурда моро?

Мо ҷонсупор будем дар ҳоҷати замона,
Ё азми ҷонсупорӣ осон супурда моро?

Бо ёри норпистон хуфтем, ғофил аз он
Ҳамчун анори ширин дасте фишурда моро.

Роҳи дароз тай шуд дар умри кӯтаҳи мо,
Роҳе фасурда кардем ё раҳ фасурда моро?

Дар пеши чашми хуршед арчанд кам набудем,
Кам дида чашми камбин, камтар шумурда моро.

Гумкардаҳои моро ҳар зиндадил биёбад,
Дилмурдагон валекин хонанд мурда моро!

4.10.1971

* * *

Гурӯҳе на саволу на ҷавобанд,
Гурӯҳе на вуболу на савобанд.

Ба лофе даркушо ҳастанд, лекин
Калиди хонаи худро наёбанд.

Ба сурат ҷумла ободанду озод,
Ба ботин бингарӣ, валлаҳ, харобанд.

Ҳино баста ба пою вонамоянд,
Ки гӯӣ беш аз мо дар шитобанд.

Занон яксар ниқоб аз рӯ фиканданд,
Чи номардон, ки дар зери ниқобанд...

1972

* * *

Сар бибозам ба сарафрохтагон,
Ошиқам бо дили дилбохтагон;

Ошиқи ҷумлаи оташбозон –
Умрҳо сӯхтаву сохтагон.

Ошиқи он ҳама беханҷару теғ
Хуб шамшери сухан охтагон.

Ошиқи он ҳама андар раҳи умр
Қадри мардонагӣ бишнохтагон.

Ошиқи ҷумла пиёда зи ҳама
Як қадам пештарак тохтагон.

1972

* * *

Аз байни ҳама бурду бало мегузарад дил,
Аз бодияҳо обилапо мегузарад дил.

Гаҳ сӯхта, гаҳ сохта дар кӯраи айём,
Аз баҳри ҳама қоидаҳо мегузарад дил.

Дастур чию қолаби қонуни навишта?
Якроҳаю берӯю риё мегузарад дил.

Қонунгари хеш аст, ки ворунгари хеш аст,
Дар ҷангу ҷидоли ману мо мегузарад дил.

Он рӯз, ки миранд ҳавасхош, бимирад,
Қурбони хатоҳост, хато мегузарад дил.

3.9.1972

* * *

Аз кӯҳ санге чун фитад, сад сангро беҷо кунад,
Марде чу номардӣ кунад,
сад мардро расво кунад.

Нодон чу доноӣ кунад, аҳсан бигӯемаш ҳама,
Аммо чӣ битвон кард агар нодоние доно кунад?

Шавкҷе агар саркӯб шуд, нохуб шуд, нохуб шуд,
Аз кӯрзавкҷе дод, агар истеза бо бино кунад!

Ҳар кас тавонад рӯдро бо ҷӯйҳо созад ҷудо,
Он кист, к-аз дарёдилӣ як қатраро дарё кунад?

Ҳар кас тавонад мурдаро бар хок биспорад, вале,
Он кист, хоки мурдаро тоҷи сари дунё кунад?

Ман бо касе ҳамдостон, эй дӯстон, эй ростон,
К-имрӯзи худро зинае то қуллаи фардо кунад.

1973

* * *

Омадам дар ин ҷаҳон, то хешро пайдо кунам,
Чанд рӯзе хешро бо зиндагӣ ҳампо кунам.

Гар натонам мурдаеро зинда созам баъди марг,
Қарз бошад, ёдгори мурдаро эҳё кунам.

Бар даре гар по ниҳодам,
қасди ман он дар набуд,
Қасди ман он буд, то шояд дари дил во кунам.

Ҳар киро бино бубинам, аз паяш роҳӣ шавам,
Ҳар кӣ кӯри нотавонбин аст агар, бино кунам.

Рӯзҳое, ки наёварданд дар дил дарди ишқ,
Аз ҳисоби рӯзҳои умр истисно кунам.

Бигзарам бедарду ҳасрат,
чун бигирам дасти дӯст,
Чун сари душман ба даст афтод, зери по кунам.

Омадам, то ҳеҷ беparво набошам дар ҷаҳон,
Ҳар дам аз суду зиёни зиндагӣ парво кунам.
1973

* * *

Як нафас бо хеш будан зиндагист,
Байни нӯшу неш будан зиндагист.

Дар ҷаҳони орзуҳои наҷиб
Аз саворон пеш будан зиндагист.

Оқили девонаву ҳушёри маст –
Яъне пурташвиш будан зиндагист.

Дар миёни ин ҳама бешу камӣ,
Аз камиҳо беш будан зиндагист.

Аз сабукборони соҳил дуртар –
Яъне дурандеш будан зиндагист.
1975

* * *

Қуллаҳо чун аз замин бар осмон сар мекашанд,
Ошиқон гӯӣ зи рӯи моҳ чодар мекашанд.

Гарчи сангинанд, аммо дар суруди шабравон
Ҳамчу мурғи орзу то осмон пар мекашанд.

Баҳри он дӯшизае к-имшаб арӯсӣ мекунад,
Ахтаронро аз фалак дар иқди гавҳар мекашанд.

Росто истода пиромуни деҳ дастобадаст,
Гӯӣ дар тӯи бародар ҷому соғар мекашанд.

Деҳ чу мехобад пас аз ташвишҳои зиндагӣ,
Қуллаҳо бедорхобиҳо чу модар мекашанд.

Теғаҳо чун теғи алмосӣ зи нури моҳтоб
Бар алайҳи офтоб гӯё ки ханҷар мекашанд.

Саф ба саф, паҳлӯи ҳам, пушту паноҳи якдигар
Ранҷу кулфатҳои дунёро баробар мекашанд...
1975

* * *

Дӯстро бо тӯҳмати бегона меёбем мо,
Хирмани дуздидаро аз дона меёбем мо.

Нақши бӯса дар лабе худ мӯҳри умри ҷовид аст,
Аз ҳақиқат ин қадар афсона меёбем мо.

Зиндагӣ бисёр бо мо номуросо будааст,
Интиқомаш аз маю паймона меёбем мо.

Нолаи мо бар дили ёре агар вогир нест,
Дар дили шаб наъраи мастона меёбем мо.

Дар ҷаҳони ошиқӣ азбаски худгумкардаем,
Ҳар қадар ҷӯем ҳам, худро намеёбем мо...
1975

* * *

Имшаб чи шабе, шаби гудоз аст имшаб,
Як базми пур аз нозу ниёз аст имшаб.

Домод зи баски бандаи ишқ шудаст,
Бар гардани ӯ зулфи дароз аст имшаб.

Азбаски арӯс ҷуфти домод шудаст,
Дорои ӯ махзани роз аст имшаб.

Аз юмни муҳаббати ду дилдодаи пок
Чашми ҳама масту ишқбоз аст имшаб.

Домоду арӯс ҳамчу меҳроб буванд,
Ёрон, шаби саҷдаю намоз аст имшаб.

Соқӣ бидиҳад фотиҳаи бахти сафед,
Зеро ҳама хубу ҳама соз аст имшаб.
1975

* * *

Дастҳое, ки фишурдам, ёд бод!
Ҳар лабе, ки бӯса кардам, ёд бод!

То ба кӯи ёр бо сад ранҷу бим
Роҳҳое, ки сипардам, ёд бод!

Лаҳзае, ки ҷои рӯзу моҳи умр
Кокули ёре шумурдам, ёд бод!

Лоуболу дилфароху сарфароз
Соате, ки бода хурдам, ёд бод!

Дар ҷаҳони маргафзои махуф
Рӯзҳое, ки намурдам, ёд бод!

1975

* * *

Як замон дар дили ман ёр иқомат мекард,
Як замон дар дили ман ишқ қиёмат мекард.

Як баҳор оташи эҳсоси ман афрӯхта буд,
Ки саропои ман оҳанги муҳаббат мекард.

Як саҳар аз дили ман буд тулӯъи хуршед,
Ишқи хуршедваше хайру саховат мекард,

Ҳар гаҳе хандазанон ҷониби ман меомад,
Аз раҳи омаданаш бахти ман омад мекард.

Сари зонуи сафедаш сари ман меосуд,
Дили ман бо дили ӯ назми назокат мекард.

Дили шаб буду дили ӯву дили ташнаи ман
Дар зиёратгаҳи дидор зиёрат мекард.

Як замон кай ба ғами зиндагӣ оғушта будам,
Як замон кай дилам аз умр шикоят мекард.

20.5.1975

* * *

Бедарди дил касест, ки дилбар надоштаст,
Бедарди сар касест, ки худ сар надоштаст.

Бехештан касест, ки аз хештан нарафт,
Бедавлат он касест, ки модар надоштаст.

Бемазҳаб он касест, ки нашнохт шахси худ,
Беманзил он касе, ки сару бар надоштаст.

Хушбахт он касест, ки дар ҷодаи ҳаёт
Рашку ҳасад ба ёру бародар надоштаст.

Бадбахт он касест, ки дар арсаи талош
Як душмани ба хеш баробар надоштаст...

1976

* * *

Ҳар кас, ки дар замони худ фикри замон надошт,
Мехост роз гӯяду аммо забон надошт.

Тухме накошт ҳар касе андар замини вақт,
Гар тобиши ситорае дар осмон надошт.

Ҳар кас, ки шахси хешро андар ҷаҳон наёфт,
Гарде зи роҳи умри худ андар ҷаҳон надошт.

Ҳар кас, ки дар баҳори худ нашкуфт ғунчасон,
Аз тирамоҳи хештан бӯи хазон надошт.

Пайдо нагашт бо ҳама зебоӣ пеши ёр,
Ҳар бедиле, ки дар дилаш рози ниҳон надошт.

Бори гарони хотири ёре набуд беш,
Ҳар ошиқе ба дӯши дил оҳи гарон надошт.

Дар тангнои қофия дармонду хира мурд,
Ҳар шоире, ки ҳиммату табъи равон надошт.

1976

* * *

Як зумра касон пир таваллудшудагонанд,
Эҳсоси ҷавонони дилошуфта чӣ донанд.

Инҳо на сағиру на кабиранд, дареғо,
Оташ, ки наянд, об дар оташ нафишонанд.

Сурат ҳама солор, вале сифр ба сират,
Ду соҳили хушкидаи беоби равонанд.

Оҳиста зи ҷо хоста, оҳиста нишинанд,
Ҷуз хеш набинанд, вале чашми замонанд.

Аз оташи эҳсос битарсанду ғами ишқ,
Пиндор, ки худ зодаи на ину на онанд.

Дар қолаби одоб бигунҷида чи некӯ,
Ин гуна ба қолаб ҳамаи умр бимонанд.

Бинанд ба чашми ҳасад эъҷоби ҷавонон,
Хоҳанд ҷавон будану аммо натавонанд...

1976

* * *

Баҳор мерасад, аз хештан фирор кунед!
Қарор дар шафати ёри беқарор кунед!

Ба майли худ бишукуфед чун гули худрӯй,
Ситеза то гули гулдони зарнигор кунед!

Ғаме зи гесуи ёре агар ба дил доред,
Ҳавола бар хами гесӯи обшор кунед!

Диҳед бо ҳама уммед шаҳпари парвоз,
Хаёли ошиқӣ бо турнаҳо қатор кунед!

Чу мавҷ аз лаби соҳил ситонд бӯсаи сард,
Умеди бӯсаи гарм аз лабони ёр кунед!

Чунон шавед ба саҳрои ошиқӣ ташна,
Ки рафъи ташнагӣ аз шеъри обдор кунед!

Чу умри одамӣ ҳам як баҳори даргузар аст,
Баҳор мерасад, эй дӯстон, баҳор кунед!

1976

* * *

Ҷавонему хушиҳои ҷавониро намедонем,
Ба ёди зиндагонӣ зиндагониро намедонем.

Ба сад дил ташнагони меҳрубониву навозишҳо,
Вале худ дилбариву меҳрубониро намедонем.

Ба сад ҷон дар танӯри ишқ хомохом месӯзем,
Лаби дарёи дил оташнишониро намедонем.

Дили мо мешавад саркӯби шавқу шӯри бемаҷро,
Ки пеши пои ҷонон ҷонфишониро намедонем.

Аз он рӯзе бигӯяд тарк ҷони мо тани моро,
Ки қадри хубии ёрони ҷониро намедонем...

1976

* * *

Ман на онам, ки бувад ҳамқадаҳи бехабарон,
Ман на онам, ки бувад ҳамраҳи бепову сарон.

То дилам ҳаст, биёрам ба бузургон тоат,
То назар ҳаст, равам аз паи соҳибназарон.

Манам он сабзаи аз хоки шаҳидон руста,
Ки диҳам пайк зи сарсабзии пирӯзгарон.

Дасти ман рост шуда ҷои синонҳои куҳан,
Сарам афрохта аз парчами соҳибзафарон.

Қаламам аз чигаси дасти маибон мондаст,
Суханам сабз шуда аз нами хуни падарон.

1976

* * *

Кофтам ҳусни дил аз ҳусну ҷамоли дигарон,
Ёфтам авҷу камоле аз камоли дигарон.

Гарчи худ болу пари парвози дуре доштам,
Шеваи парвоз омухтам зи боли дигарон.

Баҳри ман мурданд пирону ҷавонони Ватан,
Умр дидам аз ҳисоби моҳу соли дигарон.

Ман чӣ будам? Мушти гил, нашнохта, нагдохта,
То шудам ҳамболи умри безаволи дигарон.

Ҳолгардонии вақту косагардонии давр
Дидам андар рангбозиҳои ҳоли дигарон.

Чун ҷавобе бар саволе чашм бикшудам, вале
Худ саволи дигарам ман бар саволи дигарон...

Мегудозам, мефурӯзам хешро, то зиндагист,
Метапам баҳри замони худ мисоли дигарон.

1976

* * *

Рӯзе равам аз дунё, дунёи маро ёбед,
Дар хок шавам пинҳон, пайдои маро ёбед.

Дар дашту даман рафтам,
дар хоки Ватан рафтам,
Дарёи равон будам, маҷрои маро ёбед.

Дар вазъи замин шеъре, дар вазъи само байте
Гуфтам ба ҳар авзое, авзои маро ёбед.

Беҷою баҷо гуфтам, аз меҳру вафо гуфтам,
Дар маҳфили ҳар ошиқ иншои маро ёбед.

Дар пушти ғубори кӯҳ ё тӯри паранди абр
Борон чу кунад сим-сим, симои маро ёбед.

Дар ҳар варақи шеърам ё ҳар сабақи шеърам
Тақвими дили гарму шайдои маро ёбед.

Фардо ба шумо обод, дунё ба шумо хуш бод,
Фардо, ки набошам ман, фардои маро ёбед!

19.12.1976

* * *

Дӯстон, то умр бошад, ҳар баҳор ошиқ шавед,
Бо нигоре дар ҷаҳони пурнигор ошиқ шавед.

Пилтаҳои кокули ёре агар бар бод рафт,
Бо ҷамолакҳои мӯи обшор ошиқ шавед.

Гар саре доред сабзу лоиқи дори баланд,
Бо баёзи гардани занҷирадор ошиқ шавед.

Гар диле доред лабрези ҷунуну иштиёқ,
Бо гули рухсораи доимбаҳор ошиқ шавед.

То қароре аз сипеҳри беқарор ояд ба даст,
Бо дили дӯшизагони беқарор ошиқ шавед.

Беканориҳои дунё то бигунҷад дар канор,
Бо канори дилбарони ҷоннисор ошиқ шавед.

То ба қадри зиндагию нақдҳои он расед,
Бар ҷабини пурғами санги мазор ошиқ шавед.

Гар набитвонед аз дарёи пуртӯфон гузашт,
Лоақал як бор бо мавҷи канор ошиқ шавед.

Мисли гул як бор дар субҳи ҷавонӣ бишкуфед,
Мисли ман ҳар дам ба ҳусни рӯзгор ошиқ шавед.

Гар чу ман хоҳед ҷустан чашмаи бахти сафед,
Зинҳор, эй дилсафедон, зинҳор ошиқ шавед.

1977

* * *

Парво макун, азизи ман, к-ин дил барои туст,
Гӯянд гарчи носазо, танҳо сазои туст.

Дар кӯчаҳои танг туро ёд мекунам,
Ҳар ҷо, ки пой мениҳам, овози пои туст.

Бо ёди ту ба кӯҳҳо фарёд мекунам,
Ҳар кӯҳ агар садо диҳад, гӯё садои туст.

Ман бо камоли оқилӣ девонаи туам,
Ҳушёриву ҷунуни ман – ҳар ду фидои туст.

Ҳар кӯтаҳӣ, ки аз мани шоир гузаштааст,
Илқои чашми содаю қадди расои туст.

Ҳар гаҳ, ки бар гузаштаҳо дил гиря мекунад,
Фардои ман шунидани гулхандаҳои туст.

Ман зиндаам ба ишқи ту, ман шоири туам,
То интиҳои умр дили ман гадои туст.

4.1.1977

* * *

Метанам бо одамон, то хешро одам кунам,
Мехурам ғамҳои оламро, ки ғамро кам кунам.

Шеъру шоир баҳри мардум сарфарозӣ будааст,
Шеър мегӯям, ки пеши халқи худ сар хам кунам.

Ман ки аз ин оламам, хоҳам, ки дар шеъру сухан
Одаме ёбам, ки паҳнотар аз ин олам кунам.

Хешро хонам радифи қаҳрамонони замин,
Гар ба ашъори ниёгонам ду байте зам кунам...

12.1.1977

* * *

Оташ намонда дар дили оташпарасти ман,
Мастӣ намонда дар хуми чашмони масти ман.

Гӯё суол медиҳад он зулфи чун суол
Наздик омада магар рӯзи шикасти ман?

Шеъри маро ба ноз хон дар базми гулрухон,
Холӣ бубинӣ ҳар гаҳе ҷои нишасти ман.

Бигзор баъди мурданам гӯяд давоми роз
Бо қомати баланди ту ин шеъри пасти ман...

Ман даст бо ҳаёти абад медиҳам, агар
Дар вопасин дақиқа бигирӣ ту дасти ман!

14.1.1977

* * *

Ошиқи рӯи сафеду чашми тобони туам,
Ошиқи лабханди гулрезу гулафшони туам.

Ҳар кадоме гарчи рӯзамро сиёҳтар мекунад,
Ошиқи мӯи ту, абрӯи ту, мижгони туам.

Ин дили ман чок-чок аз ишқи бетадбири туст,
Ошиқи он шуълаи чоки гиребони туам.

Бо камоли оқилӣ дар пояи чилсолагӣ
Масти ту, девонаи ту, маҳву ҳайрони туам.

Дар дили ман ишқи шӯрангезат оташ мезанад,
Хонаат обод, эй ҷон, хонавайрони туам...

19.1.1977

* * *

Бо дили дарё нишинам, то дилам дарё шавад,
Бо ғами дунё бисӯзам, то дилам дунё шавад.

Дурии гардун биҷӯям, то шавам наздики дил,
Вусъати саҳро бихоҳам, сафҳаам саҳро шавад.

Ҳеҷ кас монанди деҳқон нест ҳамдарди замин,
Ин заминпаймо ҳам охир чун
фалакпаймо шавад.

Халқро яксар савод омӯхтему чашми хат,
Бояд акнун босаводаш оқилу доно шавад.

Аз дили кӯҳам, бихоҳам, к-аз дили пурганҷи ӯ
Ногаҳон чун кони тилло шоире пайдо шавад.

21.1.1977

* * *

Чу марди роҳаму раҳдон, ба манзил
мерасам рӯзе,
Аз ин дунёи пуртӯфон ба соҳил мерасам рӯзе.

Басо дидам, ки дар хуне намонда заррае ғайрат,
Ба қадри ҳиммати мардони оқил мерасам рӯзе.

Чу аз чанҷоли мову ман бурун оям тани сиҳҳат,
Ба имдоди касони пойдаргил мерасам рӯзе.

Дарахти орзуи ман кашида шох то гардун,
Заминро саҷда меорам, ба ҳосил мерасам рӯзе.

Дили ман дар талоши роҳи дилҳо суда ҳам гардад,
Зи ғафлат мераҳам рӯзе, ба он дил мерасам рӯзе.

22.1.1977

* * *

Дастони пир ҷуз ба асое намерасад,
Фарёди ӯ ба гӯши худое намерасад.

Об аз сараш гузаштаву тоб аз дилаш чунон,
К-охир ба ғайри гӯр ба ҷое намерасад.

Дар кӯзапушти ӯ ҳама зардоби солҳост,
З-он солҳо валек атое намерасад.

Бо қомати дуто ба ҳама саҷда мекунад,
Таъзими ӯ ба ёди дупое намерасад.

Аз сад нишони пурҷило дар сақфи синаҳо
Бар синаи фигор шифое намерасад.

22.1.1977

* * *

То ман зи ту, эй чархи фалак, ком нагирам,
Аз сӯхтану сохтан ором нагирам.

Бас бо дили равшан бифурӯзам дили шабҳо,
То домани субҳе зи паи шом нагирам.

Гӯянд ба навъе гузарад умри дурӯза,
Умре, ки ба навъе гузарад, ном нагирам.

Аз шохи ту, эй боғи пур аз меваи даврон,
То пухта наафтад ба замин, хом нагирам.

Бо дарди ту бар хоки сиях меравам, эй шеър,
Гар хоки сиёҳе зи ту инъом нагирам.

23.1.1977

* * *

Ҳар нафас аз сина шавқи рӯзгорам меравад,
Оташам кам мешавад, шӯру шарорам меравад.

Рӯзҳо чун сайди наздиканд дар пеши назар,
То камонро рост месозам, шикорам меравад.

Меравам аз худ, чу ояд рӯзи нав чун ёри нав,
То ба худ меоям аз шавқ, аз канорам меравад.

Мӯи ман мерезад андар рӯи дафтар чун хазон,
Аз сари сабзам ту гӯӣ баргу борам меравад.

Орзуҳо пайкарамро ҳар дам оташ мезананд,
Дуди дил аз сина бо дуди сигорам меравад.

Ман гузар кардам зи ҷони хеш баҳри зиндагӣ,
Зиндагӣ аммо чу ёри раҳгузорам меравад.

24.1.1977

* * *

Гарм бош, эй дил, ки варзӣ ишқи новарзидаро,
Сабз бош, эй сар, ки бинӣ кишти носабзидаро!

Дар куҷое орзуят мисли гул рӯяд зи хок,
Чира бош, эй даст, то чинӣ гули ночидаро!

Дар кадомин роҳ ёре косаи обат диҳад,
Дур бин, эй чашм, то бинӣ рухи нодидаро!

Дар дили беор шеъри ман надорад ҳеҷ бор,
Кам нашав, эй азм, то ёбӣ дили ранҷидаро!

Дер зӣ, эй тан, ба бозиҳои дунё тан мадеҳ,
Зинда бош, эй ҷон, ки бинӣ бахти рӯпӯшидаро!

24.1.1977

* * *

Гирд мегардад сарам дар гирудори зиндагӣ,
Беканорам, лек ҳастам дар канори зиндагӣ.

Дар мадори ин заминам ё мадори осмон,
Ҳар куҷо бошам, билағжам дар мадори зиндагӣ.

Кӯзаи май кам нашуд аз бодахориҳои ман,
Ҳам хумори ман нашуд кам аз хумори зиндагӣ.

Аз хазони умр бокам нест, зеро дидаам
Сад баҳороғӯшро андар баҳори зиндагӣ.

Пештар о, эй нигори хушқади чилкокулам,
То шуморам кокулатро дар шумори зиндагӣ.

4.2.1977

* * *

Ин духтаре, ки аз барам хандон гузашту рафт,
Аз осмон чу ахтари паррон гузашту рафт.

Гум зад дилам ба хотири фасли ҷавониям,
К-он ҳам зи ишқи духтаре бирён гузашту рафт.

Аз кӯчаи Душанбею аз кӯчаи ҳаёт
Ишқам ба сони накҳати райҳон гузашту рафт.

Нагзашт дасти хушк, ҳар он чӣ зи ман гузашт,
Ҳар чӣ гузашт аз дилам, бо ҷон гузашту рафт.

Гуфтам, ки ҷамъ мекунам девони умри хеш,
Умрам миёни дафтару девон гузашту рафт.

16.2.1977

* * *

Баччагӣ рафтасту бӯяш мондааст,
Дар дилу ҷон орзуяш мондааст.

Ошиқӣ рафтаст чун айёми гул,
Дар забонҳо гуфтугӯяш мондааст.

Рӯ ба рӯ будем бо ёре, ки рафт,
Дар назар гармии рӯяш мондааст.

Умр бигзаштаст андар ҷустуҷӯ,
Чанд рӯзи бозҷӯяш мондааст.

Қолаби тан холӣ аз шӯру ҷунун,
Об хушкидасту ҷӯяш мондааст.

18.4.1977

* * *

Ишқ дар дил шуълаи субҳи саодат будааст,
Ошиқӣ эҳсоси бахшишҳои қисмат будааст.

Дар ҷавонӣ ишқ буду давлати дунё набуд,
Он ҳама бедавлатиҳо хуб давлат будааст.

Баски аз пои равон мондем, ҳасрат мекунем
Аз паи хубон давидан ҳам ғанимат будааст.

Дар фалак ҷустан ситора санъат асту дар замин
Хештанро гум накардан низ санъат будааст.

Одамӣ баъд аз заволи умр мефаҳмад, ки умр
Як назар бар осмон бо чашми ҳайрат будааст.

Беҳтарин ганҷе, ки одам ёфт, гар симу зар аст,
Беҳтарин ганҷе, ки гум кард ӯ, муҳаббат будааст.

28.4.1977

* * *

Ҷони инсон ташнаи фатҳу кушоиш будааст,
Рӯҳи инсон ташнаи мадҳу ситоиш будааст.

Пир беш аз кӯдаки гаҳвора ғашён мекунад,
Одамӣ якумр муҳтоҷи навозиш будааст.

Тифл меёзад ба сӯи моҳ дасти кӯчакаш,
Тифли инсон нест, балки тифли хоҳиш будааст.

Пирии марде агар бошад ҷавонии хирад,
Пирии марди дигар як дарзаи риш будааст.

Баҳри он, ки дар сафар аз обгардиш хаста шуд,
Ёди оби кишвари худ обсозиш[1] будааст.

Баҳри онҳое, ки норозистанд аз зиндагӣ,
Ҷанг бо ҳамсояи худ низ шӯриш будааст.

Аз ғаму дарди камию костиҳои ҷаҳон
Ҷони шоир ҷовидон маҳкуми коҳиш будааст...

29.4.1977

* * *

Он, ки бо мо чанд рӯзе ошноӣ кардааст,
Дар дили худ солҳо кишваркушоӣ кардааст.

Он, ки баҳри мо зи худ бигзаштаасту аз худо,
Бехудиҳое беҳ аз сеҳри худоӣ кардааст.

Он, ки дар роҳи дили мо дил ба рӯи раҳ фиканд,
Бемуҳобо дар замин кори самоӣ кардааст.

Он, ки аз дарди муҳаббат то муҳаббат ғофил аст,
Ишқи моро чун ҳавасҳои ҳавоӣ кардааст.

Он, ки моро дар мақоми мо ба чашми
дил шинохт,
Чашмаҳоро сӯи дарё раҳнамоӣ кардааст.

30.4.1977

* * *

То даме дил доштем, эй дӯст, дилбар доштем,
То даме сар доштем, эй дӯст, ҳамсар доштем.

То даме, ки шохи мо нашкаста буд аз санги вақт,
Чун дарахтон ҳам гулу ҳам баргу ҳам бар доштем.

То даме, ки дасти мо гирову дил беҷирм буд,
Дил ба рӯи оташу дар даст соғар доштем.

---

1. Ин калима бар вазни обгардиш сохтаи ман аст ба маънои мутобиқат ба олами ғайр (аклиматизатсия). Муаллиф.

Эй дареғи солҳо чун болҳои рехта,
Ҳайфи он умре, ки мо бар умр бовар доштем.

Эй дареғи навҷавониву ғурури худсарӣ,
Гӯиё манзумаи хуршед дар сар доштем.

Эй дареғи кӯдакии лоуболу бевубол,
Дар бисоти сабзаҳо беғам паропар доштем.

Эй дареғи вассаю болори айвони падар,
Зери болиш ноз бар кайвони ахзар доштем.

Чор бурҷи сандалӣ чун чор бурҷи зиндагӣ,
Кулбаи тангеву дар он шӯри маҳшар доштем.

Дар куҳистон зиндагӣ пур рангу бӯе гар надошт,
Хона пур аз бӯи модар, бӯи хоҳар доштем.

Баччагиро бурд боди хушнасиме ё чунон
Бодбодакҳо, ки бар боли кабутар доштем.

Бар саре, ки ин замон дасти надомат мезанем,
Ёд бодо, як замоне дасти модар доштем.

1.5.1977

* * *

Нам-нами борон чу ёдат кард, ёдат мекунам,
Барги гул чун бӯи ту овард, ёдат мекунам.

Дарди ишқат мард буду қисматам номард буд,
Ман ба қасди қисмати номард ёдат мекунам.

Ишқи ту дар сурати ашъори дардолуди ман
Мисрае гар дар диле парвард, ёдат мекунам.

Ман агар нозукписандам, аз назокатҳои туст,
Бар сари гул чун нишинад гард, ёдат мекунам.

Гармию сардии дунёро зи ишқат дидаам,
Зери ин гардуни гарму сард ёдат мекунам.

Ҳар куҷое ҳам ки бошӣ, дур аз ман нестӣ,
Бо алам, бо доғи дил, бо дард ёдат мекунам.

2.5.1977

* * *

Ман аз ту ғофил нестам,
худро зи ман ғофил магир,
Ман ғарқа дар дарёи дил,
худро ту дар соҳил магир.

Ман бо ту ҳам дил доштам,
ҳам роҳу манзил доштам,
Бераҳ машав аз кӯи дил,
бе ман раҳи манзил магир.

Ман кӯдакам дар ишқи ту –
нодони дастомӯхта,
Ту оқилӣ, бо кӯдаке худро чунон оқил магир.

Ишқ аз ғурури давлаташ
сар сӯи гардун мекашад,
Ҳам боз моро мекушад,
домони ин қотил магир.

Аз ошиқи ошуфтадил, аз Лоиқи шӯридаҷон
Гар талху шӯрие гузашт, эй ҷони ман,
бар дил магир!

31.5.1977

* * *

Хонаат ободу дил вайрон чаро?
Мансабат доною худ нодон чаро?

Аз сари минбар ба гардун мепарӣ,
Пушти минбар музтару ҳайрон чаро?

Бо кабирон хандаҳоят равғанӣ,
Бо сағирон ин қадар явғон чаро?

Бебаҳой дар сари маснад вале,
Чун сабукдӯшат кунанд, арзон чаро?

Дар баландиҳо чунин пастигарӣ,
Ошноият ба ошу нон чаро?

Ҳеҷ пурсидӣ зи худ дар хилвате,
Ин ҳама чунин чаро, чунон чаро?

18.6.1977

* * *

Ҳар замон аз зиндагонӣ бишнавам панди дигар,
Ки дарахти умр дорад решапайванди дигар.

Гар хирадманде пушаймон рафт аз рӯи замин,
Боз дар рӯи замин рӯяд хирадманди дигар.

Халқ бе фарзанди оламгир оламгир нест,
Боз ёбад модари тоҷик фарзанди дигар.

Баски коми тоҷиконро бо сухан бардоштанд,
Боз ояд шоиру шеъру пасованди дигар.

Дар замоне, ки замину осмон ҳам бехудост,
Дар сухан бояд паямбар ё худованди дигар.

19.6.1977

* * *

Ту ёрам мешавӣ рӯзе ки ман ёрӣ наметонам,
Ба ман дил медиҳӣ рӯзе ки дилдорӣ наметонам.

Диламро мебарӣ рӯзе ки мушти оҳи афсӯс аст,
Ғамамро мехурӣ рӯзе ки ғамхорӣ наметонам.

Ту гул мекорӣ фасле ки замин барф асту
яхбандон,
Мани бечора ҳам роҳи мададгорӣ наметонам.

Гулафшон мешавӣ вақте ки ман бошам
хазонафшон,
Сарафшон мешавӣ вақте ки сархорӣ
наметонам.

Ту ҷон мебахшӣ он соат, ки ҷонам рафта
аз қолаб
Ба ғайр аз ҳасрати дунё дигар коре наметонам.

19.6.1977

* * *

Умри шоир гарчи кӯтаҳ, умри шеъри ӯ
дароз аст,
Ҷони шоир дар ниёзу рӯҳи шоир бениёз аст.

Мехурад ғамҳои олам беш аз ғамҳои ҷонаш,
Кори шоир кор не, худкоҳию сӯзу гудоз аст.

Ҳақ биҷӯяд солҳо, ноҳақ бисӯзад умрҳо,
Гарчи безор аст аз афсона, боз афсонасоз аст.

Дар дили ӯ мурдагону зиндагон паҳлуи ҳам,
Омаду рафти нафасҳояш гуселу пешвоз аст.

Қоматаш хам гашта бошад гар зи бори зиндагӣ,
Пеши фардо аз ҳама имрӯзиён ӯ сарфароз аст.

Гарчи биншинад миёни чордевори хаёл
Аз ҳама ӯ тезпарвоз, аз ҳама ӯ пештоз аст.

25.6.1977

* * *

Ҳангоми сутӯҳ омад, бигзашт сурури ман,
Хам гашт миёни ман, бишкаст ғурури ман.

Мемираму хурсандам, к-андар талаби навбат
Сад зинда биёсояд дар сояи гӯри ман.

Пайроҳае бикшодам аз худ ба ҷаҳони ҳусн,
Сад роҳ шавад наздик аз ин раҳи дури ман.

Гар то дили садпора як пораи шеърам рафт –
Ин аст давоми ман, дар гӯр зуҳури ман.

Дар шеър чароғи дил афрӯхтаам бар халқ,
Дар рӯи ҳама тобад як пораи нури ман.

26.6.1977

* * *

Агарчи пир шавам, зиндагӣ ҷавон бошад,
Ситораҳои бузургон дар осмон бошад.

Фалак чу арсаи парвози табъу рӯҳи баланд,
Замин чу пояи эъҷози одамон бошад.

Канори бахту канори ҳама замину замон
Барои мардуми дилсоф бекарон бошад.

Ба ҷӯй оби равон гапзанон равад то кишт,
Ба кишт хӯшаи сархам зи бори дон бошад.

Лабони рӯд чи ширин тарона мегӯяд,
Ки ин суруди дилангез ҷовидон бошад.

Амон намедиҳад арчанд ин ҷаҳон ба касе,
Дуош мекунам аз ҷон, ки дар амон бошад.

2.7.1977

* * *

Хоҳӣ, ки беғам бигзарӣ, боре маро масрур кун,
Ё бар ҷаҳони худ бикаш, ё аз ҷаҳонам дур кун.

Дарё ба туғён меравад, ҷамъу парешон меравад,
Хоҳӣ маро ҷамъ оварӣ, андар ҷаҳон машҳур кун.

Хоҳӣ зи гардун раҳмате, дастобагардан
бӯса деҳ,
Хоҳӣ қирони ахтарон, дилро ба дил
манзур кун.

Бисёр рӯзони худо, рӯзи ману ту даршумор,
Рӯзе зи рӯзони худо ёд аз мани мағрур кун.

Гар тобиши чашмони ту андар суруди ман
кам аст,
Бикшо китоби шеъри ман, ҳар мисраашро
кӯр кун.

Гар ошиқи ту нестам, гар лоиқи ту нестам,
Ёди маро, ишқи маро андар дили худ гӯр кун!

2.7.1977

* * *

Замини сахти кӯҳистон дили нармам
ато кардаст,
Дуруштам ҳар кӣ мехонад,
хато андар хато кардаст.

Ба мисли кӯҳ якрӯям, ба сони чашма ҳақгӯям,
Чунин будам, чунин бошам, ки ин сонам
худо кардаст.

Миёни кӯҳҳо бигрехтам аз дасти ҷабру зулм,
Ба ман таърихи сангиндил ҷафо рӯи
ҷафо кардаст.

Ҷудо будам зи ҳамхунон, ки бепул буд дарёҳо,
Сари кӯҳу сари чашма дилам аз ғам
наво кардаст.

Умеду орзуям сӯхт монанди ҳинои санг,
Дубайтиву рубой нолаамро бефано кардаст.

Яке гуфтӣ, ту эронӣ, дигар гуфтӣ ту тоҷикӣ,
Ҷудо аз асли худ мирад, касе моро ҷудо кардаст.

Ҷаҳон як рӯз метаркад зи оҳи пуршарори мо,
Ки бар тарки Ватан моро паёпай
мубтало кардаст.

3.7.1977

* * *

То ту ба додам мерасӣ, оҳам ба кайвон мерасад,
То ту ба қадрам мерасӣ,
умрам ба поён мерасад.

То ёри роҳам мешавӣ, аз роҳ берун мешавам,
То мушкил осон мекунӣ,
сад марги осон мерасад.

То ёд меорӣ зи ман, беёд меафтам зи дард,
То теғи абрӯ мекашӣ, теғи табибон мерасад.

То аҳду паймон мекунӣ, паймонаам
пур мешавад,
То ваъдаи гул медиҳӣ, фасли зимистон
мерасад.

То даст бар дил мениҳӣ, аз даст
хоҳад рафт дил,
То ту ғами мо мехурӣ, моро ғами ҷон мерасад.

7.7.1977

* * *

Дар роҳҳои зиндагӣ оҳиста рав, пайваста рав,
Бишкан ҳазорон садди роҳ,
аммо диле нашкаста рав.

Аз розҳои касмадон хоҳӣ, ки бикшой тилисм,
Бо дилбари соҳибдиле дил баста рав,
дил баста рав.

Хоҳӣ, ки чун гулдастае бошӣ ба рӯи дастҳо,
Бар пешвози дӯстон аз бӯстон вораста рав.

Донӣ, ки мефаҳмад туро, донӣ, ки
мехоҳад туро
Дар хотири ақли хирад чун мисраи
барҷаста рав.

Гоҳе ҳавои ту баланд, гоҳе сафои ту баланд,
Шоистагӣ хоҳӣ агар, шоиста рав, шоиста рав.

То аз ҳама донотарӣ ё аз ҳама болотарӣ,
Аммо ба ҳар ҷо, ки равӣ, дониста рав,
дониста рав...

8.7.1977

* * *

Зи ту болотар, эй болонишин,
болонишине ҳаст,
Туро гар чини абрӯе, маро чини ҷабине ҳаст.

Туро гар оташи хашму ғазаб ҳар лаҳза даргирад,
Маро аз кӯраи айём шеъри оташине ҳаст.

Ба рӯи ту ғубори кин қабат андар қабат пайдост,
Зи раҳҳои замон дар рӯи ман гарди
замине ҳаст.

Баландии ту то минбар, валекин ғофилӣ аз он,
Ки шеъру шоири болотар аз чархи
барине ҳаст.

Ба худ дармондай, зеро ки метарсӣ зи имое,
Ман аз худ рафтаам, зеро ки ишқи
нозанине ҳаст.

Чу деҳқонзодаам дар аслу ҳам андар сухан,
шодам,
Ки аз дунболи ҳар марди даравгар
хӯшачине ҳаст!

31.10.1977

* * *

Набуд гар хонаи чашми ту, ман бехона мемурдам,
Агар бегонадил мебудӣ, ман бегона мемурдам.

Агар ишқат намеомӯхт расми дардмандиям,
Яқин бедарду доғи ишқ бедардона мемурдам.

Агар ишқат намеварзид рӯҳи родмардиям,
Ба користони мардафкан чи номардона мемурдам.

Агар дар гарданам занҷири гесӯят намебастӣ,
Кӣ медонад, куҷое пой дар завлона мемурдам.

Агар афсонаи ишқат намепарвард ҳақҷӯӣ,
Дар ин дунёи пурафсона беафсона мемурдам.

Агар байти ду абрӯят набуд, байте намегуфтам,
Агар девони асрорат набуд, девона мемурдам.

31.10.1977

* * *

Эй ки мепурсӣ маро ҳастӣ магар огоҳи дил,
Огаҳи дил гар наям, дурам кун аз даргоҳи дил.

Нашнавӣ гар оҳи дилро гаҳ-гаҳе аз фахру ноз,
Зиндагии ман пур аз ҳусни ту асту оҳи дил.

Гарчи ту нагзаштаӣ аз кӯчаи дилсӯзагӣ,
Хубтар аз ту надидам дар ҷаҳон дилхоҳи дил.

Лаҳзае, ки будаам танҳову аз худ норизо,
Рафтаам бар кӯи ту бехештан ҳамроҳи дил.

Роҳҳоеро басо паймудам андар зиндагӣ,
Дуртар, наздиктар роҳе набуд аз роҳи дил.

Гар дили ман баҳри аҳли дил бимирад як замон,
Баъди ман монад барои аҳли дил арвоҳи дил..!

9.11.1977

* * *

Аз баҳри хокиён ба само гиря мекунам,
Бинед аз куҷо ба куҷо гиря мекунам.

Сад оҳ дар гулӯи ман печида, рӯзу шаб
Бар тоҷикони зиндаҷудо гиря мекунам.

Дунё ба худ наоядӣ аз дасти бехудон,
Аз дасти бехудон ба худо гиря мекунам.

Дар осмон ситораҳо бисёр мурдаанд,
Ман дар ғами ситораи мо гиря мекунам.

Пурсанд гоҳе беғамон аз ваҷҳи хандаам,
Кас нест пурсадам, ки чаро гиря мекунам.

Азхудгузаштагони баҳаднорасидаед,
Эй беғамон, ба ҳоли шумо гиря мекунам!

15.11.1977

* * *

На зи ранҷу азоб метарсам,
На зи ҳоли хароб метарсам.

Бими тӯфони мавҷҳоям нест,
Аз хаси рӯи об метарсам.

Бо замона ҳисоби ман пок аст,
Аз ду-се каҷҳисоб метарсам.

Аз сиёсат набошадам боке,
Аз сиёсатмаоб метарсам.

Дӯш гар бошитоб мерафтам,
Ин замон аз шитоб метарсам.

Дӯш аз ман шароб метарсид,
Ман кунун аз шароб метарсам.

27.11.1977

* * *

Маро ҷустӣ, вале пайдо накардӣ,
Ба бозор омадӣ, савдо накардӣ.

Шунидӣ қиссаи ғарқидагонро,
Гузоре бар лаби дарё накардӣ.

Зи гулсозон гули коғаз харидӣ,
Талоши лолаи саҳро накардӣ.

Ғами худ хурдиву дилрезаи худ,
Ғами дилро ғами дунё накардӣ.

Дар имрӯзат ғами фардо наҷустӣ,
Ки имрӯзи маро фардо накардӣ.

Ту ҳам танҳо бимонӣ охири кор,
Ки ёде аз мани танҳо накардӣ.

25.12.1977

* * *

Гарчи ман кӯтоҳдастам, кӯтаҳармон нестам,
Гарчи ман кӯтоҳумрам, кӯтаҳимон нестам.

Ҳар чӣ аз дасти манояд, нотамомаш бишмарам,
То зи худ норозиям, аз худ пушаймон нестам.

Мадду ҷазри ҳодисот аз синаи ман бигзарад,
Дар лаби дарёи ҳастӣ санги беҷон нестам.

Пои ман бо сангкӯб аз хурдӣ одат кардааст,
Гар зи санги роҳ тарсам, аз куҳистон нестам!

Давлати ман реги заррини Зарафшон бас бувад,
Заррае гар зар биҷӯям, аз Зарафшон нестам!

Гар зи шеъри ман наояд бӯи меҳру эътиқод,
Зодаи дарёву кӯҳи Тоҷикистон нестам!

1978

* * *

Марав аз ман, ки бо ту меравад дунёи рангинам,
Марав аз ман, ки бо ту меравад ғамҳои ширинам.

Агар бо ман гули рӯят набошад, хор хоҳам шуд,
Марав аз ман, ки бо ту меравад айёми гулчинам.

Агар аз ман гузаштӣ, бигзарад умрам ба нокомӣ,
Марав аз ман, ки бо ту меравад меҳроби оинам.

Чӣ оромист оромии оби мурдаи соҳил?
Марав аз ман, ки бо ту меравад орому таскинам.

Ту бо ман то ғаме аз ишқ дорӣ, ғам махур аз ишқ,
Марав аз ман, ки бо ту меравад тӯмори
зарринам.

Ту, эй дилхоҳи деринам, ту, эй тадбиру
тамкинам,
Марав аз ман, ки бо ту меравад табрику
таҳсинам.

Ту бо ман то ҷавонастӣ, ҷавонӣ кун, ҷавонӣ кун,
Марав аз ман, ки бо ту меравад ишқи
нахустинам.

1978

* * *

Бо ҷаҳон андар ситез, аз хештан бегонаам,
Тафтадил ё рафтадил, ё ошиқи девонаам.

Чун ту андар хонаи ман нестӣ ҳамдарди ман,
Бе ту андар хонаи худ чун худо бехонаам.

Дар сари зулфи диловезат дилам овехтаст,
Бозии марг аст дар ин бозии тифлонаам.

Ман ба ҳар як тори мӯят бастаам афсонае,
То сарат ғофил набошад як дам аз афсонаам.

Бо ту рӯзе уқдаи асрори ман хоҳад кушод
Хилқати риндонаам ё наъраи мастонаам...

1978

* * *

Сабукборему бори оламе бар дӯш мегардем,
Дар оғӯши ҷаҳон дар ҳасрати оғӯш мегардем.

Агар исён кунем, офоқ метаркад ба рӯи мо,
Даруни сина тӯфонҳову худ хомӯш мегардем.

Надониста басе рашки сару сомони мо доранд,
Даруни дил хазонрез асту худ гулпӯш мегардем.

Гаҳе беҳушу гоҳе бесарупо будаем, аммо
Зи сар то нохуни по чашму гӯшу ҳуш мегардем.

Ба чашми оқилон – оқил,
ба чашми ҷоҳилон – ҷоҳил,
Ба чашми хеш ҳамчун чашмаи пурҷӯш мегардем.

2.1.1978

* * *

Чунонат ёд меорам, ки раҳгумкарда манзилро,
Чунонат дӯст медорам, ки дарёбурда соҳилро.

Чунонат рағбате дорам, ки хушкистон
ба бороне,
Чунонат рӯзу шаб ҷӯям, ки Сино
ҳалли мушкилро.

Чунон роҳи ту мепоям, ки роҳи бахт мепоянд,
Чунон хайри ту мехоҳам, ки деҳқон
кишту ҳосилро.

Чунон васли ту мехоҳам, ки пире навҷавониро,
Чунонат орзумандам, ки ҳар кас бахти комилро.

Чи талхиҳо чашидам ман зи ҷоми рӯзгори хеш,
Бубинам то ба коми дил туи шириншамоилро.

Диламро бесадо бурдӣ, намедонам куҷо бурдӣ,
Туро пайдо кунам, эй кош,
то пайдо кунам дилро!

2.1.1978

* * *

Як замон андар дили ман ишқи ту шӯрида буд,
Гӯӣ кӯҳи пайкарам аз зилзила ларзида буд.

Он қадар будам гирифтори ҷамоли равшанат,
К-аз хурӯҷи ишқи ту чашми дилам тарсида буд.

Дар фазои хотири ту шеъри ман парвоз дошт,
Дар фазои умри ман овози ту печида буд.

Ранги ишқам гар кунун коҳид, худ айбам магир,
Дар ҷаҳони ошиқӣ ранги ҷаҳон коҳида буд.

Лек Лоиқ бо ҳама нопойдориҳои ишқ
Як тасалло дошт, к-аз чашмони ту бӯсида буд.

6.1.1978

* * *

Дар рӯи ҷаҳонему надонем ҷаҳон чист,
Фарзанди замонему надонем замон чист.

То пир нагардем, наҷӯем ҷавонӣ,
То хок нагардем, надонем нишон чист.

То ташна намонем, наҷӯем раҳи об,
То гушна намонем, надонем, ки нон чист...

То боре насӯзем, надонем, ки хомем,
То барг нарезем, надонем хазон чист.

Ношукрии мо бар намаки умр зиёд аст,
То ҷон набарорем, надонем, ки ҷон чист...

7.1.1978

* * *

Агар тирам ба сар борад,
туро ман дӯст медорам,
Агар чархам биозорад, туро ман дӯст медорам.

Ту яктои манӣ, эй гул, тасаллои манӣ, эй гул,
Агар ҷонам рамақ дорад,
туро ман дӯст медорам.

Туӣ худ орзуи ман, камоли ҷустуҷӯи ман,
Агар ишқам ба марг орад,
туро ман дӯст медорам.

Агар арзи ниёзи ман, ҳама сӯзу гудози ман
Ба гӯши ту намефорад, туро ман дӯст медорам.

Агар гардуни дун як дам набигзорад,
ки хуш бошам,
Гузорад ё набигзорад, туро ман дӯст медорам.

Қасам бар холи абрӯят,
қасам бар шуълаи рӯят,
Қасам бар чашми хумморат,
туро ман дӯст медорам.

8.1.1978

* * *

Бепару болам, вале парвозҳое кардаам,
Бо камоли оҷизӣ эъҷозҳое кардаам.

Гар садои ман зи кӯтоҳӣ ба гардун барнахӯрд,
Сӯи гардун гоҳ-гоҳ овозҳое кардаам.

Паст будам пеши қадраш, лек бо шеъри баланд
Пеши пои ёр пойандозҳое кардаам.

Ёр бо ман шоирӣ омӯхт, худ ғофил аз ин,
Нозҳое кард агар ӯ, розҳое кардаам.

Гар ҷамолаш нест андар зиндагии якнавохт,
Ҳусни ӯро дар сухан пардозҳое кардаам.

Ошиқию шоирӣ ду боли як паррандаанд,
Сӯзҳое кардаам, то созҳое кардаам.

8.1.1978

* * *

Ишқ ғайри ишқ пур найрангҳо ҳам доштаст,
Дар бағал ҷуз санги дил ҳамсангҳо ҳам доштаст.

Медавидаст аз паи хубону худ бад мешудаст,
Ғайри ному нанг доғи нангҳо ҳам доштаст.

Ранги ошиқ гар бикоҳад, ранги ӯ хуш мешудаст,
Ғайри ранги зарди ошиқ рангҳо ҳам доштаст.

То кунӣ оҳанг, оҳанги мухолиф мезадаст,
Ғайри оҳанги ту боз оҳангҳо ҳам доштаст.

Ошиқ аз ҳар раҳ, ки рафта, нусхае бардошта
Дар ҷабини хештан ожангҳо ҳам доштаст...

26.1.1978

* * *

Рӯдборонем гар чун мавҷ пайвастем мо,
Ҳушёронем гар дар базми дил мастем мо.

Пеш аз мо будаанду баъди мо бошанд низ,
Лек ҳоло соҳиби кавну макон ҳастем мо.

То фалак озод дар ишқу умеду орзу,
Дар замин чун кӯҳҳои пир побастем мо.

Гар баландем, осмон ҳам мешавад бо мо баланд,
Паст бинмояд замин, ҳар ҷо агар пастем мо.

Фарқ нагзорем агар мобайни ҳам бар ину он,
Дар амал чун панҷ ангуштони як дастем мо.

31.1.1978

* * *

Ҷаҳон – сӯзишгаҳи инсон,
чунин будасту хоҳад буд,
Ҳаёт – афсӯси бепоён, чунин будасту хоҳад буд.

Хиёнат кори номардон, маломат кори бедардон,
Муҳаббат – ғорати имон,
чунин будасту хоҳад буд.

Ватан хоки ба хун оғуштаи аҷдоди мову туст,
Замин мероси ин бар он,
чунин будасту хоҳад буд.

Агар мо дилҷавон бошем, дунё ҳам ҷавон, варна
Фалак як пири бедандон,
чунин будасту хоҳад буд.

Зи сақфи осмони орзуҳои тиҳифарҷом
Дили мо – ахтари паррон,
чунин будасту хоҳад буд.

На сар монад, на сардоре,
на дар монад, на дардоре,
Ба хок – андар ҳама яксон,
чунин будасту хоҳад буд.

Биё, ҷоно ба меҳмонӣ, қадаҳ гирем, пас мирем,
Замон мизбону мо меҳмон,
чунин будасту хоҳад буд.

3.2.1978

* * *

Гар оташам, гар оташин, ёд аз мани ошиқ кунед,
Гар шодмонам, гар ғамин,
ёд аз мани ошиқ кунед.

Гаҳ дар заминам осмон,
дар осмонам гаҳ замин,
Буду набуди ман ҳамин,
ёд аз мани ошиқ кунед.

Ман ҳам баҳорам, ҳам хазон,
ман ҳам ғуборам, ҳам нишон,
Ҳам бартар аз чархи барин,
ёд аз мани ошиқ кунед.

Гаҳ пири барҷомондаам, гаҳ кӯдаки нохондаам,
Гоҳе чунонам, гаҳ чунин, ёд аз мани ошиқ кунед.

Гаҳ масти аз худ рафтаам, гаҳ қиссаи ногуфтаам,
Гаҳ бо шумоям ҳамнишин,
ёд аз мани ошиқ кунед.

Кайҳони боло дигару кайҳони дилҳо дигар аст,
Кайҳоннавардам дар замин,
ёд аз мани ошиқ кунед.

Аммо дар ин рӯи замин будам чу ҳар мирандае
На аввалин, на охирин, ёд аз мани ошиқ кунед.

14.2.1978

* * *

Зиндагӣ боқист, ёрон мераванд,
Дар шумори бешуморон мераванд.

Номдоре то бипояд дертар,
Аз ҷаҳон бас номдорон мераванд.

То гуле хандад ба рӯи ошиқе
З-ин гулистон гулузорон мераванд.

Орзумандон ба ёри рӯзи нек
Рӯзи барфу рӯзи борон мераванд.

Ташнагон андар талоши қатрае
Аз канори чашмасорон мераванд.

Ошиқону шоироне мисли ман
Дар радифи сад ҳазорон мераванд.

15.2.1978

* * *

*Барои санги мазори*
*Маҳмуди Воҳид*

Дӯстон, вақти гули хор маро ёд кунед,
Чун гули санг зи кӯҳсор маро ёд кунед.

Гар бихоҳед, ки ман хуфта набошам дар хок,
Бо дилу дидаи бедор маро ёд кунед.

Ҳар гаҳе ҷом ба каф масту гаронҷон хонед
Шеъри Хайём ба такрор, маро ёд кунед.

Ман ҳамонам, ки шумо дидаву каф кӯфтаед,
Бо ҳамон нангу ҳамон ор маро ёд кунед.

Ғаму шодии ҷаҳон дар дили ман хок шудаст,
Сари ҳар шодию тимор маро ёд кунед.

Ҷоми умри мани пуршӯр агар нима шикаст,
Сари ҳар мастии саршор маро ёд кунед.

23.2.1978

* * *

Ту гар чашмисаре дорӣ,
маро чашми диле боз аст,
Ту зери лаб сухан гӯӣ, маро то арш овоз аст.

Чу мурғи хонагӣ аз бом то боме кушоӣ бол,
Ту андар худ фурӯмонда,
маро шаҳболи шаҳбоз аст.

Ту бо тарсуӣ мегӯӣ каломи нӯкирӯмолӣ,
Туро сад нафси норозӣ,
маро як хома дамсоз аст.

Туро бошад ғами фарде,
маро бошад ғами фардо,
Туро ҳар рӯз анҷоме, маро ҳар лаҳза оғоз аст.

Ту дунёро намедонӣ, дили моро намехонӣ,
Намедонӣ, ки шӯҳрат ҳам чу ёрони
ғалатбоз аст.

Чу аз минбар фурӯ афтӣ, пару болат фурӯ резад,
Маро ҳамболу ҳампарвоз халқи соҳибэъҷоз аст.
23.2.1978

* * *

Шавқи ман паҳлу ба ахтар мезанад,
Рӯҳи ман дар кӯи ту пар мезанад.

Шеъри ман ҳар субҳ пеш аз офтоб
Бо хаёлат ҳалқа бар дар мезанад.

Нимпайғоме зи ту гар бишнавам,
Ишқи ман лофи паямбар мезанад.

Бинамат ҳар гаҳ миёни хонумон,
Хонумонам хок бар сар мезанад.

Зери борон бигзарӣ, наззораам
Бӯсаҳо бар кокули тар мезанад.

Интизори чашми мастат рӯзу шаб
Лоиқи ту ҷому соғар мезанад.
24.2.1978

* * *

Тирамоҳи ман, баҳори ман куҷост?
Бебарорам ман, барори ман куҷост?

Хушкдасту хушклаб мондам, дареғ,
Бӯсаҳои гарми ёри ман куҷост?

Дар кафам монда кафи хокистаре,
Он ҳама барқу шарори ман куҷост?

Дилбарони дилфигорам гӯшагир,
Мавсими пурбаргубори ман куҷост?

Дар дили шабҳо дилам сих мезанад
Он дили шабзиндадори ман куҷост?

Эй фалак, хуршеди ту ҷонам бисӯхт,
Офтоби рӯзгори ман куҷост?
24.2.1978

* * *

Замингиру фалаксоӣ, дили ман,
Намедонам чӣ дунёӣ, дили ман.

Зи ақсои ту сад дунё гузар кард,
Чӣ паҳноӣ, чӣ паҳноӣ, дили ман.

Гаҳе орому гоҳе масти туғён,
Чӣ дарёӣ, чӣ дарёӣ, дили ман.

Каноратро надонистам чӣ ҳаддаст,
Чӣ саҳроӣ, чӣ саҳроӣ, дили ман.

Зи буда дилзада, розӣ ба насия,
Зи худ як дам наосоӣ, дили ман.

Зи кулли дидаат нодидаат беҳ,
Чӣ кӯриву чӣ биноӣ, дили ман...
2.3.1978

* * *

Рӯи ту рӯи ҷаҳону чун ҷаҳон мебӯсамат,
Ташнаям, чун ташнаи оби равон мебӯсамат.

Осмонам гар амон бидҳад зи чанголи азал
Дар шумори ахтарони осмон мебӯсамат.

Гар ғаму тимори ишқат безамон пирам кунад,
Вақти пирӣ ҳам ба шавқи навҷавон мебӯсамат.

Меравам рӯзе, нишони зиндагиям ишқи туст,
Чун нишони рӯзгори бенишон мебӯсамат.

Гар ту бошиву муҳаббат бошаду дидори шавқ,
Гар намирӣ, гар намирам, ҷовидон мебӯсамат.

3.3.1978

* * *

Чун шумо кай даъвии унвони боло мекунам,
Чанд рӯзе санъати дилро тамошо мекунам.

Дар дили ман чор фасли рӯзгори олам аст,
Саҳни дилро рафта-рафта саҳни дунё мекунам.

Рӯзии худро на танҳо аз сарири хомаам,
Аз дами шеру дами шамшер пайдо мекунам.

Зардрӯй мекашам аз сахтрӯиҳои хеш,
Дар замин бо осмон худро шиносо мекунам.

Ҳаққи худ имрӯз настонам агар дар зиндагӣ,
То абад дар зери хоки сард даъво мекунам.

Зиндагӣ! Бо рафти дарёят нахоҳам бел зад,
Гар муросо мекунӣ бо ман, муросо мекунам!

5.3.1978

* * *

Ёди айёме, ки бо ман ҳамнавоӣ доштӣ,
Дар дили худ нашъаи кайҳонкушоӣ доштӣ.

Медавидӣ ҳамраҳи ман байни гулҳо гул ба даст,
Пеши рӯи навбаҳоре худнамоӣ доштӣ.

Гул ба кокул мезадӣ, чаҳ-чаҳ чу булбул мезадӣ,
Дар ҷаҳони фонӣ як дам бефаноӣ доштӣ.

Бехудо будиву бехуд аз ҷунуни ошиқӣ,
Бар дили маҷнуни ман ҳукми худоӣ доштӣ.

Кокулафшон мешудӣ,
man ҷонфишонат мешудам,
Ҳам ту бо ман ҳар замоне ҷонфидоӣ доштӣ.

Лоиқи васли ту будам, ин замон нолоиқам,
Ёди айёме, ки бо ман ҳамнавоӣ доштӣ.

6.3.1978

* * *

Заминат осмон шуд, ишқ омад.
Раҳат чун Каҳкашон шуд, ишқ омад.

Ту бо пирӣ агар тан дода будӣ,
Дили пират ҷавон шуд, ишқ омад.

Набудат аз баҳори нав умеде,
Хазонат гулфишон шуд, ишқ омад.

Лаби хушкат лаби дарё бибӯсид,
Ғамат баҳри дамон шуд, ишқ омад.

Дигар фикри сару сомон чӣ дорӣ,
Сарат бехонумон шуд, ишқ омад!

6.3.1978

* * *

Аз ман куҷо мақолаву нутқу масал расад,
Ман ошиқам, зи табъи ман танҳо ғазал расад.

Ман аз азал, ки шоири ошиқ расидаам,
Аз хомаам таровиши нақши азал расад.

Ман бебадал набудаам, аммо ба ҷои ман
Ҳар кас расад, дареғ, дурушту дағал расад.

Ман шоирам, ки бартар аз ҳар тахт будаам,
Бар ман агар амал расад, баъди аҷал расад.

Бо дасти хеш решаи худро буридаам,
Бар ман фақат зи бехудӣ аз ман халал расад.

Дорои даҳраму касон гӯянд: камбағал...
Оре, бағалкушодагӣ аз камбағал расад!

6.3.1978

* * *

То қиёми ишқи шӯрангезат, эй маҳваш, набуд,
Ҳеҷ гаҳ дар синаи ман ин қадар оташ набуд.

Субҳ мешуд, шом мешуд, зиндагонӣ мегузашт,
Зиндагонӣ мегузашт, аммо
чунин дилкаш набуд.

Ними дил розӣ зи дунё, ними дигар норизо,
Ишқҳои нимае чун ишқи ту беғаш набуд.

Буд танҳо дар ҳама дунё дили мағрури ман,
Чун дили ту дар ҷаҳон як дил, ки
ҳамзоташ набуд.

Бехудиҳо кард пеши нохудоёни замон,
Бас чу дарди ишқи ту дарди худододаш
набуд...

7.3.1978

* * *

Дарёдиливу соҳили дарё ғанимат аст,
Ҳам обшори шавқу таманно ғанимат аст.

Варзобро чӣ варзише, гар ишқварзӣ нест,
Дар пои кӯҳ қомати боло ғанимат аст.

Сарро ба санг мезанад амвоҷи гушнамаст,
Сар рӯи сақфи синаи зебо ғанимат аст.

Ин обро бубин, камари кӯҳ меканад,
Гар то камар расидаӣ, ҳаққо ғанимат аст...

Маҳтоб рӯи мавҷҳо зарҳал давонду рафт,
Ин шабравию хилвати шабҳо ғанимат аст.

Эй ҳеҷ кас, ки дар ғами мансаб нахуфтай,
Бемансабии ошиқи шайдо ғанимат аст.

7.3.1978

* * *

Онҳо ки ташнаанд, бари об мераванд,
Дилташнагон ба соҳили Варзоб мераванд.

Як зумра аз барои таносоиву тараб,
Як зумра аз барои табутоб мераванд.

Чанде барои ҷустани гумкардаҳои хеш,
Чанде барои нашъаи ноёб мераванд.

Бархе ба ёди манзари шабҳои моҳтоб,
Бархе ба ёди чеҳраи маҳтоб мераванд.

Баъзе ба хоб мераванд андар канори рӯд,
Баъзе канори дилбари бехоб мераванд.

Лабташнагон ба қатраи обе хушанд, лек
Дилташнагони ишқ ба Варзоб мераванд...

8.3.1978

* * *

Як рӯз зиндагон туро ҳам ёд мекунанд,
Қадри туро шинохта, фарёд мекунанд.

Дар зиндагӣ ба номи ту туҳматнавиштагон
Бо номи ту латифаҳо эҷод мекунанд.

Дар зиндагӣ ба гӯри ту хиштоварандагон
Гӯри туро зи баъди марг обод мекунанд.

Онҳо, ки бар харобии рӯҳат сабаб шуданд,
Рӯҳи туро ба маъракаҳо шод мекунанд.

Рӯзе, ки нестӣ ту миёншон ба базму разм,
Шояд туро зи дахмаса озод мекунанд...

12.3.1978

* * *

Аз ситеғи қуллаҳо зардӣ парид,
Соя ҳам аз пуштаҳо доман кашид.

Офтоб аз кӯчаи кӯҳҳо гузашт,
Аз фарози салтанат поин хамид.

Моҳи нав хамёза кард аз бурҷи кӯҳ,
Рӯди кӯҳӣ як қадар боло дамид.

Қуллаи кӯҳҳо ба дарё сарнагун,
Нолаи дарё ба гардунҳо расид.

Ахтаре бо ахтаре наздик шуд,
Дидаи худбин чунин манзар надид.

Каҳкашон раҳро мунаввар карду гуфт:
Шабравони зиндагӣ, роҳи сафед!

12.3.1978

* * *

Шаби маҳтобу дарё масту ман ҳам
масти саршорам,
Намедонам чӣ мехоҳам, намедонам
чӣ ғам дорам.

Сарам мечархад аз мастӣ, дилам меларзад
аз сустӣ,
Гаҳе аз хеш безорам, гаҳе чун чарх пуркорам.

Ба дарё роз мегӯям, ба сад овоз мегӯям,
Наменолад зи аҳволам, намеболад зи ашъорам.

Дарахтеро ба оғуш мекашам чун ёри дерина,
Намегунҷад дар оғӯшам чу он ёри гунаҳкорам.

Ба пои кӯҳ меафтам чу як фарзанди сарсахташ,
Ки худ як санги соҳибдил ва ё як пора кӯҳсорам.

Чӣ аз тахти баланде суд, гар бахти
баланде нест,
Гаронборам зи бори дил, ки аз ҷоме
сабукборам.

21.3.1978

* * *

Ғавғои беш мекунанд ин ҳеҷкорагон,
Даъвои риш мекунанд ин ширхорагон.

Гар як-ду шом навбати айёмашон диҳӣ,
Маҳро зи чарх мекананд ин беситорагон.

Дар кӯрдуди баҳсашон кӯрист қаҳрамон,
Оташ ба даҳр мезананд ин бешарорагон.

Ёбед гар матои сухан, дар тани шумо
Сад ҷома пора мекунанд ин куҳнапорагон.

Он қадар доми туҳмату буҳтон ниҳодаанд,
Бечораем наздашон аксар бачорагон...

24.3.1978

* * *

Сад баҳрро гузаштаму дар соҳилам ҳанӯз,
Сад боғ мева чидаму беҳосилам ҳанӯз.

Сад бандро кушодаму растам зи сад бало,
Накшодааст уқдаи банди дилам ҳанӯз.

Сад марг пушти сар шуду сад дард зери по,
Дар ҳифзи хеш он қадар ноқобилам ҳанӯз.

Бишнида асрҳои аср андарзи шоирон,
Касби камол кардаву нокомилам ҳанӯз.

Як умр роҳ ҷуставу як ҷо ситодаам,
То осмон паридаву по дар гилам ҳанӯз.
25.4.1978

* * *

Аз нигоҳам шарора хоҳад монд,
Аз бисотам ситора хоҳад монд.

Дар канори замини аҷдодон
Қалби ман беканора хоҳад монд.

Дар шумори тамоми дарди башар
Дарди ман бешумора хоҳад монд.

Пеши чашми замона неку бадам
Дар сухан ошкора хоҳад монд.

Аз касе як хасе намемонад,
Аз ман умри дубора хоҳад монд.

Пораҳои дили шикастаи ман –
Шеъри ман пора-пора хоҳад монд.
26.4.1978

* * *

Ҷаҳони ишқи ниҳоне ҷаҳоншиносам кард,
Фиғони оби равоне равоншиносам кард.

Нигоҳи масти ҷавонӣ бикард агар пирам,
Нигоҳи хастаи пирӣ ҷавоншиносам кард.

Чи баргҳо, ки зи нахли умедҳоям рехт,
Чи сабзаҳо, ки баҳорон хазоншиносам кард.

Басо рисола зи вазъи замона хондам, лек
Замонасозии чанде замоншиносам кард.

Беҳ аз ҳазор «Ғиёс»-у беҳ аз дусад «Фарҳанг»
Забондарозии чанде забоншиносам кард.

Зи пастфитратии чанд бебароре шукр,
Ки дар замини ҳунар осмоншиносам кард...
8.6.1978

* * *

Дигар дар ҷомаи душман сари ёрӣ макун
бо ман,
Ҷигардорӣ намедонӣ, ҷигархорӣ макун бо ман.

Манам он шишае, ки сангро дуд аз димор орад,
Дили афсурдае дорӣ, дилозорӣ макун бо ман.

Ман он коҳам, ки кӯҳеро зи беху бун
барандозад,
Най чун ҳамтарозуям, сабуксорӣ макун бо ман.

Чи суд аз он суханбофӣ, ки бадтар аз
кафанбофист,
Нишин дар гӯшаи дуккону солорӣ макун бо ман.

Зи ҷӯи кандаи ман об хурдӣ солҳои сол,
Агар безори худ гардидӣ, безорӣ макун бо ман.

Ало, эй дӯсти душманнасақ, боре фаросат кун,
Мададгорӣ наметонӣ, халалгорӣ макун бо ман.

13.8.1978

* * *

Медавам дар кӯчаҳои зиндагӣ
Рӯзу шабҳо аз қафои зиндагӣ.

Ҳар чӣ мeёбам ба сад ранҷу алам,
Мефишонам пеши пои зиндагӣ.

Мехурам ғамҳои қисматкардааш,
Мекашам дарду балои зиндагӣ.

Офтобам, лек чашмам сӯи хок,
То бияфзояд сафои зиндагӣ.

Осмонам, лек ҳамранги замин
Баҳри фардои бақои зиндагӣ.

То намирад зиндагӣ рӯзе чу ман,
Як замон мирам барои зиндагӣ!

15.11.1978

* * *

Як рӯз дар ҷаҳони дил эъҷоз мекунам,
Як рӯз бо ту ишқи нав оғоз мекунам.

Як дар агарчи баста шуд, сад дар кушода аст,
Бо ту дари муҳаббатамро боз мекунам.

Бе ту ба ҳар шикаст биҷӯям илоҷу лек
Бо ту дили шикастаамро соз мекунам.

Овози ман ба кӯҳҳо бархурду боз гашт,
З-ин пас фақат ба сӯи ту овоз мекунам.

То остони ту бувад аз осмон баланд,
Бо боли ишқ сӯи ту парвоз мекунам.

20.11.1978

* * *

Аз замон панди падар мешунавам,
Аз замин рози башар мешунавам.

Ахтари наҳс фузун аз саъд аст,
З-осмон бӯи хатар мешунавам.

Оламе пур шуда аз одами хушк, –
Ин фиғон аз гули тар мешунавам.

Одами бегунаҳе нест, ки нест,
Бӯи дуда зи шарар мешунавам.

Ҷои бӯи ҷигар аз шеъру сухан,
Эй бадо, бӯи дигар мешунавам.

Камдилу нимадил афзун шудааст, –
Аз чапу рост хабар мешунавам.

Ин чӣ дунёст, ки ҳар ҷо биравам,
Шикваи аҳли ҳунар мешунавам?!

24.11.1978

* * *

Хазонам гул кунад рӯзе, ки хандӣ,
эй баҳори ман,
Нагунҷам дар ҳама олам, чу гунҷӣ
дар канори ман.

Вале афсӯсу вовайло, ки аз васли ту маҳрумам,
Чу тиллои Зарафшон нестӣ дар ихтиёри ман.

Зи дастам барнамеояд, ки дастат гираму гӯям:
Гули оташпарасти ман, зи сар то по
шарори ман,

Маро аз сӯхтан боке набошад, лек метарсам,
Ки оташбозии ишқат бисӯзад ёдгори ман.

Туӣ оташ, манам оташ, кунад оташ
зи оташ гул,
Ки баъди мо гули оташ бирӯяд аз мазори ман...

23.12.1978

* * *

Тирамаҳ омад, азизон, аз алам шеван занем,
Дар ғами гулшан май андар шуълаи
гулхан занем.

Осмон паст омада, гӯӣ ки бар сар мезанад,
Соғаре бемансабу бе баҳси мову ман занем.

Баргҳо чун қадри одам зери по афтодаанд,
Қадри ҳам ҷӯему сар дар кӯчаю барзан занем.

Офтоби тирамаҳ чун чашми пирон хира аст,
Хирагӣ то чанд? Боре бодаи равшан занем.

Оташи ишқе, ки мо афрӯхтем, обаш заданд,
Оби оташ деҳ, бар ин оташ зи нав доман занем.

Мо, ки суғдизодаем, оташпарастӣ кеши мост,
Хез, то аз оташи дил шуъла дар хирман занем!
25.12.1978

* * *

*Барои Ҷӯрабек Мурод*

Қурбони он дилам, ки ӯ қурбони одам аст,
Ҷонам фидои одаме, ки ҷони одам аст.

Ман ҳар чи ҷамъ оварам дар рӯзгори хеш,
Аз баҳри рӯзгори парешони одам аст.

Ман чораспа ҳар куҷо бигрезам аз касе,
К-андар дурӯза умр гурезони одам аст.

Сад ҷазбаи заминиро як ҷав намехарам,
То ҷазбаи ишораи дастони одам аст.

Аз меҳру моҳ равшану наздик рӯи дӯст,
Кайҳони ман ситораи тобони одам аст.

Ман то фалак барои башар бонг мезанам
Дар ин замон, ки вусъати даврони одам аст.

То он даме, ки зиндаам, андар талоши бахт
Ашъори ман ситоиши исёни одам аст.
1979

* * *

Бевафоии ҳаёт аз бевафоии ман аст,
Норасоиҳои бахт аз норасоии ман аст.

Гар ба мақсад мерасидам, роҳи ман кӯтоҳ буд,
Ин қадар роҳҳо дароз аз роҳпоии ман аст.

Гар замину осмон аз ҳам ҷудо афтодаанд,
Сурати як лаҳза аз ёрон ҷудоии ман аст.

Толеи ноошноям гар ба ман ёрӣ накард,
Айби нодилёбию ноошноии ман аст.

То нахурдам пешпо, бар роҳ нанмудам назар,
Шеърҳоям гар дуруст аст, аз хатоии ман аст.

Дар сари ҳар мисрае гар ҷону дил кардам фидо,
Бар замону зиндагӣ ин ҷонфидоии ман аст.

1979

* * *

Ёдгори Айниву ин кӯҳсорон зинда бод!
Шеъри Турсунзодаву ин обшорон зинда бод!

Ғунчаҳои пунба механдад, зи хандохандашон
Хандаҳои духтарон дар пунбазорон зинда бод!

Модарон то ҳол мепоянд роҳи аскарон,
Охирин уммеди ин уммедворон зинда бод!

Ташнагӣ хуб аст, водорад, ки ҷӯӣ чашмае,
Ташнагиҳои дил аз дидори ёрон зинда бод!

Гармтар аз оташу равшантар аз хуршеди Шарқ
Бӯсаҳои аввалини дӯстдорон зинда бод!

То сухан парвоз омӯзад зи мурғони ҳаво
Лонаҳои мурғакон дар шохсорон зинда бод!

Тирборон кардани мо кӯшиши беҳудааст,
Ҳар кӣ моро мекушад бо шеърборон, зинда бод!

1979

* * *

Чархи гарданда, ки гирди сари мо мегардад,
Душмани мост, вале дӯстнамо мегардад.

Дилсафедон ҳама ҷо рӯзи сиёҳе доранд,
Дар паси абр рухи моҳ сиё мегардад.

Барраи ҷингила то хушк шавад дар хуршед,
Ғарқа дар хуни худ аз пӯст ҷудо мегардад.

Одамизод чу хуршеди ҷаҳонпаймое
Ҳар қадар пеш равад, боз қафо мегардад.

Оҳи мо гар ҷигари чарх шикофид, чӣ суд?
Чӣ садоҳо, ки фаромӯши фазо мегардад.

Бо вуҷуди ҳама ин то ба абад гардон бод,
Осиёе, ки пас аз навбати мо мегардад.

1979

* * *

Ба ҳама нағмаи ноҷӯр дилам месӯзад,
Ба ҳама тинати бенур дилам месӯзад.

Зи ҳама раъшаи пирона танам меларзад,
Ба асогирии ҳар кӯр дилам месӯзад.

Беди маҷнун шуда сархам зи маломат бинам,
Ба ҳама валвалаю шӯр дилам месӯзад.

Офтоб аз ҳасади шамъ наафтад зи фалак,
Ба шикоятгари пурзӯр дилам месӯзад.

Ҳар гаҳе то ба фалак роҳ барад маҳвора,
Ба дили ошиқи раҳдур дилам месӯзад.

Ба раҳи кӯршуда беравуюю такутоз,
Ба сари холию мағрур дилам месӯзад.

Ба қади модари пирам, ки заминбӯс шуда,
Мениҳад по ба лаби гӯр, дилам месӯзад.

1979

* * *

Умрам баҳорхонаи нақшу нигор буд,
Шавқам нигорхонаи фасли баҳор буд.

Чашмам ба сӯи осмон шабҳои ошиқӣ
Дунболагири ахтари дунболадор буд.

Ҷонам зи беқарории хуни ситезакор
Гургоштӣ ба қоидаи рӯзгор буд.

Шавқам, ки мавҷ мезаду аз банд мераҳид,
Умре ба як навозиши рӯҳонӣ зор буд.

Дар пайкари хамӯши ман чун кӯҳи дурдаст
Эй бас хурӯшу валвалаи обшор буд.

Ман медавидам аз паи оҳуи орзу,
Ӯ тарсхурда аз дами доми шикор буд.

Ман медавидам аз паи он ман, ки гум шудаст,
Ӯ низ дар куҷое маро интизор буд...

1979

* * *

Олами тоза биҷӯям, ки бувад олами дил,
Бигзарам аз ғами ҷон, то бирасам бар ғами дил.

Ғайри бедардӣ ҳама дарди ҷаҳон дар дили ман,
Ин бувад нақди ман аз маҷмаи бешу ками дил.

Ман ҳам аз ҷумлаи кайҳонгузаронам, лекин
Роҳ ҷӯям ба фалак аз раҳи печухами дил.

Зиндагонӣ зи азал гардиши мавзун дорад
Аз тапишҳои таболудаи пайдарҳами дил.

Дил агар мурд, чӣ суд аз шарафи ақли бузург?
Нарасад кош дилеро хабари мотами дил!

Эй хуш он рӯз, ки чун парчами ақл андар Моҳ
Зи сари боми фалак ҷилва кунад парчами дил!

1979

* * *

Ҳар гаҳе ошиқ будам, инсони комил будаам,
Мавҷи берунҷаста аз зарфи ду соҳил будаам.

Ҳар қадар дил бурда бошад ҳусни
беларво зи ман,
Он қадар дар фикри дил сар то ба по
дил будаам.

Гаштаам ҳарчанд сарсони раҳи ишқу умед,
Ҳамчу мӯри донакаш дар роҳи манзил будаам.

Ҳар гаҳе будаст дасти ман ба гесӯе дароз,
Бо ҳама ноқобилӣ бисёр қобил будаам.

Гарчи аз санги диле шоҳи ҷавониям шикаст,
Боз ҳам шохи хаме аз бори ҳосил будаам.

1979

* * *

Боз шаб то субҳдам бедор месӯзад дилам,
Боз аз ғамҳои он ғамхор месӯзад дилам.

Бахти ноҳамвори ман ҳамвор
кай гардад дигар,
Баъд аз ин ҳамвора ноҳамвор месӯзад дилам.

Дар назар орам, ки беморе ба мурдан
рӯбарӯст,
Мисли шамъи бистари бемор месӯзад дилам.

Чун бубинам ғунчае аз кокули ёре фитод,
Бо ҳазор афсӯси нотакрор месӯзад дилам.

Чун бубинам ахтаре афтод аз сақфи баланд,
Чун паи ӯ дар шабони тор месӯзад дилам.

Чун биандешам, ки ҳоло бе ҷавонӣ мондаам,
Сахт месӯзад дилам, бисёр месӯзад дилам.

1979

* * *

Ман ба ҳар ҳолу ба ҳар боб туро меёбам,
Рӯз меҷӯяму дар хоб туро меёбам.

Гар гули рӯи туро бахт насибам накунад,
Ман зи ҳар як гули шодоб туро меёбам.

Ҳар ғурубе, ки паси кӯҳ билағжад хуршед,
Аз суханҳои лаби об туро меёбам.

Гар аламҳои ҷудоит маро пир кунад,
Аз ҷавонии маи ноб туро меёбам.

Гар зи маҳрумии рӯят ҷигарам об шавад,
Аз ғазалҳои ҷигартоб туро меёбам.

Охир, эй душмани ширин, ба ту ҷон мебахшам,
Охир, эй гавҳари ноёб, туро меёбам!

1979

* * *

Ин ҳама оғозҳо аз хоки бунёди ман аст,
Ин ҳама парвозҳо аз файзи иршоди ман аст.

Ин ҳама озодию озодагии марду зан
Як талоши ҳақгузори рӯҳи озоди ман аст.

Ман басо дар хештан шӯрида, пас ворастаам,
Раъду барқи осмон як шуъла фарёди ман аст.

Ман басо дар остонам осмон бикшодаам,
Осмон як сафҳа аз девони эҷоди ман аст.

Гар худо дар офариниш монд оҷизтар зи ман,
Ин ҳама аз ҷавҳари табъи худододи ман аст.

Меравад аз хуни ман бар даҳр мавҷи инқилоб,
Инқилоби ҷовидон ҳамхуну ҳамзоди ман аст.

Ин ҷаҳон худ нест ҷамъи чор унсур аз азал,
Ин ҷаҳон ёди ману ёди ману ёди ман аст!

9.3.1979

* * *

Ман он дунёи нофармон, ки аз дунё
наметарсам,
Ман он дарёи пуртӯфон, ки аз маҷро
наметарсам.

Ман он вулқони эҳсосам, ки андар хеш
меҷӯшам,
Зи сели оташу вулқони оташзо наметарсам.

Маро як дӯст аз сад лашкари пуршӯр
пурзӯр аст,
Зи бадхоҳон намеваҳмам, зи душманҳо
наметарсам.

Гар имрӯзам даре бар манзари фардо
набикшояд,
Ман аз имрӯз метарсам, ман аз фардо
наметарсам.

Маро бимест, дар роҳи равон ногаҳ зи по афтам,
Гар афтам аз фалак ҳамчун фалакпаймо,
наметарсам.

Ҷаҳон ҳар лаҳза бими марг ангезад вуҷудамро,
Ман аз танҳоӣ метарсам,
тани танҳо наметарсам.
9.3.1979

* * *

Одамизодам, барои одамин ҷон меканам,
Канда шуд гар риштаи ҷоне зи кин,
ҷон меканам.

Ахтаре гар канда шуд аз осмон, тақсир нест,
Гар умеде канда шуд андар замин, ҷон меканам.

Сад ҳазорон Ковусу Кай мон, ки аз тахт уфтанд,
Рустаме гар уфтод аз тахти зин, ҷон меканам.

Бо садои хандаи ҳар кас дилам гул мекунад,
Бахри ҳар оҷанги рӯи нозанин ҷон меканам.

Бингарам ҳар ҷуфти ошиқро, зи нав
ошиқ шавам,
Бишнавам ҳар ҷо видои вопасин, ҷон меканам.

Чун Уитмен бо ҳама бемор таб гирад маро,
Бо ҳама миранда дурам ё қарин, ҷон меканам.

То даме як барг дар боғи умедам пар занад,
Бахри фардои Ватан мисли Хатин ҷон меканам.

10.3.1979

* * *

Дӯстам, пеш аз ту ҳам ашъори нофиз будааст,
Ин қадар аз худ марав, пеш аз ту Ҳофиз будааст.

Ҳар мукофоте, ки бошад дар ҷаҳон бахри сухан,
Бештар бар Мавлавии Балх ҷоиз будааст.

Шоири ҳар давр даври хешро шоир кунад,
Шеър дар ҳар давр исёни мубориз будааст.

Ман ба асли ҳар сухан рафтам
беҳ аз чандин туе,
Қундузеро, ки ту медонӣ, куҳандиз будааст.

Эй, ки суд аз шеър меҷӯӣ, ҳама ганҷи ҷаҳон
Дар баҳои шеъри оламгир ночиз будааст.

10.3.1979

* * *

Бигзор равнақи дусад бозор бишканад,
Магзор лек равнақи ашъор бишканад.

Магзор бишканад қалами ростқавли мо,
Аммо миёни каҷдилон, бигзор бишканад.

Бигзор дасти гул ба мо гулдаста оварад,
Дасте, ки хор парварад, чун хор бишканад.

Дасте, ки дошт дастаи испор, зинда бод,
Пое, ки нест аз паяш осор, бишканад.

Мо чормағзи кӯракем, андар шикастанаш
Дандони сад ҳазор сияҳкор бишканад.

Ман ошиқам ба гардани марде, ки бо ғурур
То зери дор рафтанаш сад дор бишканад!

3.5.1979

* * *

Ман он наям, ки бим зи рӯзи аҷал кунам,
Ё шиква аз муаллифи нақши азал кунам.

Сад ҷома пора мекунам дар қомати адӯ,
З-он пештар, ки ҷомаи худро бадал кунам.

З-он пештар, ки бемаҳал аз даҳр бигзарам,
Дар гӯши даҳр валвалаи бемаҳал кунам.

То як нигори зӯҳраҷабин паҳлуи ман аст,
Парво кай аз фиребу ниҳеби Зуҳал кунам.

То сафҳаи замона зи номам тиҳӣ шавад,
Як сафҳаи замонаро пур аз ғазал кунам!

7.5.1979

* * *

Хор дар чашми касе, гар як нафас хорат кунад,
Зор мирад дар бало ҳар кас, ки озорат кунад.

Рӯзгораш рӯи файзеро набинад то абад
Ҳар касе ношукрие аз файзи дидорат кунад.

Рӯзи хурсандӣ набинад дар ҷаҳони зудсер,
Дилфигори ғам шавад,
ҳар кас дилафгорат кунад.

Ҳар кӣ субҳи бахтро аз чашми бедорат наёфт,
Хоби маргаш беҳ, ки заҳри
чашми бедорат кунад.

Тешаи барқаш занад аз осмони тирарӯй,
Ҳар кӣ қасди тирагии барқи рухсорат кунад!

14.5.1979

* * *

Як замон дар синаат баҳри дамон оварда будам,
Дар дилат як шуълае аз ҷовидон оварда будам.

Мепаридам дар ҳавои ишқи ту то осмонҳо,
Дар заминат ахтаре аз осмон оварда будам.

Дар баҳоре, ки ниҳоли қоматат
гул карда буд, ман
Дар қадамҳоят баҳори гулфишон оварда будам.

Ошиқонат аз гули бехор ҳам бисёр буданд,
Он ҳама гулдаста, ман сад даста
ҷон оварда будам.

Аз тамоми сарвати шаш қитъаи дунё бароят
Қитъаи озоди дилро армуғон оварда будам.

Ёди айёме, ки аз пирӣ намекардам хаёле,
Ман ҷавон будам, гунаҳҳои ҷавон оварда будам...

10.6.1979

* * *

Ҳар қадар аз ту шудам дур, қаринам будӣ,
Гар ба афлок паридам, ту заминам будӣ.

Сар ба сад дар бизадам, як дари дил боз нашуд,
Боз ҳам дилбари маҳбубтаринам будӣ.

Мани бетоҷу нигин шиква накардам аз бахт,
То ту, эй тоҷи ҷаҳон, тоҷу нигинам будӣ.

Сар ба хуршед бисудам зи таманнои рухат,
Баски ту олитар аз чархи баринам будӣ.

Кеши зардуштию исломӣ ба гардат нарасанд,
То ту дар меҳру вафо мазҳабу динам будӣ.

2.7.1979

* * *

Туро дубора наҷустам, хато хатои ман аст,
Маломати ҳама дунё сазо сазои ман аст.

Ту будӣ бахти ману бахтро раҳо кардам,
Шудам ба бахти ту зомин, ҷафо ҷафои ман аст.

Ба худ намерасам акнун, ки аз ту бибридам,
Намерасам ба муроде, бало балои ман аст.

Зи ҷанги ақлу дилу чашм дар бало мондам,
Ки ҳар кадом адуи ҷудо-ҷудои ман аст.

Кунун ба марги муҳаббат нишинаму гирям,
Қазо қазои ман асту азо азои ман аст.

7.7.1979

* * *

Гоҳ нолида сухан гӯяму гаҳ болида,
Гоҳ аз дида кунам шиква, гаҳ аз нодида.

Дар дили ман ҳама ҳасратзадагон мегирянд,
Ки начиданд сари вақт гули ночида.

Дар ҷабинам зи ғами ёр гиреҳ афтодаст –
Нусхае аз гиреҳи зулфи ба ҳам печида.

Ганҷи умрам ҳама якбора ба тороҷ бирафт,
Доду бедод аз он як нигаҳи шӯрида.

Чашми ҳар кас агар аз рӯзи сияҳ метарсад,
Чашми ман аз шафақи чашми сияҳ тарсида.

Ҳеҷ дузде ба ҷаҳон дуздӣ намекард, агар
Лаззате ёфта буд аз нигаҳи дуздида...

13.7.1979

* * *

Зиндагӣ бо ранҷу меҳнатҳо гузашт,
Бо ҳазорон дарду ҳасратҳо гузашт.

Бахт мисли ахтаре дар чарх сӯхт,
Ишқ чун ҷанҷоли давлатҳо гузашт.

Бар сари мо то битобад офтоб,
Эй басо буҳтону туҳматҳо гузашт.

Мо ба асли хеш қоим мондаем,
Он ҳама рашку хусуматҳо гузашт.

Аз шикоят лаб ба кас накшудаем,
То фалак бар мо шикоятҳо гузашт.

Дил ба дарё, сар ба савдо доштем,
Бахри миллат айбу иллатҳо гузашт.

То қиёматро набинад одамӣ,
Аз дили мо бас қиёматҳо гузашт.

15.7.1979

* * *

Ҳайфи нақди зиндагонӣ, ҳайф, ҳайф,
Рафт аз каф ногаҳонӣ, ҳайф, ҳайф!

Дар замин умрам ба сархорӣ гузашт
Бо хаёли осмонӣ, ҳайф, ҳайф!

Ошнои ошу нон бисёр буд,
Сӯхтам бе ёри ҷонӣ, ҳайф, ҳайф!

Сактаи дил омаду дилбар бирафт,
Ку дилу ку дилситонӣ? Ҳайф, ҳайф!

Гул ба гесӯи париру мезадам,
Ку гулу ку гулфишонӣ? Ҳайф, ҳайф!

Аз нигоҳам санг оташ мегирифт,
Ку дигар фарри ҷавонӣ? Ҳайф, ҳайф!

Омадам, рафтам чу об аз рӯи санг,
Ҳайф аз ин бенишонӣ, ҳайф, ҳайф!

16.7.1979

* * *

Эй он, ки бенишонаӣ, роҳат сафед бод!
Эй он, ки бефасонаӣ, роҳат сафед бод!

Эй он, ки дар канори ин дунёи беканор
Раҳҷӯи бекаронаӣ, роҳат сафед бод!

Эй он, ки дар ҷудоиву дуриву бекасӣ
Аз ҳеҷ кас ҷудо наӣ, роҳат сафед бод!

Эй он, ки дар харобаи уммедҳои хеш
Сар то ба по хазонаӣ, роҳат сафед бод!

Эй он, ки бо заифиву пириву мондагӣ
Пуршӯр чун ҷавонаӣ, роҳат сафед бод!

Эй он, ки шуҳратат ҳама дунё гирифту худ
Муҳтоҷи як таронаӣ, роҳат сафед бод!

Эй он, ки бо тамоми шикасту микасти раҳ
То ҷовидон равонаӣ, роҳат сафед бод!

1.8.1979

* * *

Шишаи мо санги хоро бишканад,
Хомии мо пухтаҳоро бишканад.

Ончунон сангинмизоҷу муҳкамем,
Кӯзаи мо санги дарё бишканад.

Он қадар соғар шикастем аз алам,
То тилисми як муаммо бишканад.

Сад дилу сад дасту по бишкастаем,
То ки садди роҳи фардо бишканад.

Мо аз он майдонғарибон нестем,
Ки дили мо бетақозо бишканад.

Гардани гардуни гардон бишканем,
Пеш аз он, ки гардани мо бишканад!

4.8.1979

* * *

Дили ман, ҷони ман ишқи ту бошад,
Гули даврони ман ишқи ту бошад.

Зи шавқат сар ба гардун судаам ман,
Раҳи кайҳони ман ишқи ту бошад.

Маро аз сад бало осон раҳонид,
Балогардони ман ишқи ту бошад.

Мани девонаро шоир ту кардӣ,
Сари девони ман ишқи ту бошад.

Агар паймонаи умрам шавад пур,
Паи паймони ман ишқи ту бошад.

Агар чун Рӯдакӣ мирам ба хорӣ,
Ба дӯш анбони ман ишқи ту бошад.

9.8.1979

* * *

На ғаму дард орзу дорам,
На дили сард орзу дорам,

Душманонам заифу номарданд,
Душмани мард орзу дорам.

Осмон ос мекунад моро,
З-осиё гард орзу дорам.

Ба касоне, ки рӯз бадбахтанд,
Бахти шабгард орзу дорам.

Дарди ман мекашанд ҳамдардон,
Бахти ҳамдард орзу дорам.

Мисли худ покбозу покимон
Як ҷавонмард орзу дорам.

5.10.1979

* * *

Пинҳон зи назар то кай,
дар madди назар мебош,
Хоҳӣ зи хатар растан, дар чанги хатар мебош.

Аз худ чӣ бурун тозӣ, чун ҷои гурезат нест,
Аз мо зи чӣ парҳезӣ? Бо мо сару бар мебош.

Бемиллату безиллат, беиллату бемеҳнат
Машҳур шудан хоҳӣ, як пора ҳаҷар мебош.

Дар маслаки худсӯзӣ аз баҳри сафои халқ
Машъал нафурӯзӣ ҳам, боре чу шарар мебош.

Бо ин сару сомонат, қурбони сарат гардам,
Сар гир зи мо, аммо худ соҳиби сар мебош!

Фарзанди падар ҳастӣ, ин мояи фахри туст,
То фахр кунем аз ту, фарзанди башар мебош!

4.11.1979

* * *

Айш хоҳӣ, азобҳо бинӣ,
Рӯй ҷӯӣ, ниқобҳо бинӣ.

Ҳар қадар хоҳӣ гарданафрозӣ,
Даври гардан танобҳо бинӣ.

Бахти бедорро, ки ҷӯёй,
Чун бихобӣ, ба хобҳо бинӣ.

Ҳалли осони мушкили қисмат
Дар кинову китобҳо бинӣ.

Ёбӣ гар сарҳисоби иншое,
Бухли бесарҳисобҳо бинӣ.

То даме мард бошӣ, бар сари худ
Туҳмати занқимобҳо бинӣ.

То даме зиндаӣ, ба ҳар қадамат
Ғарази гӯркобҳо бинӣ.

18.11.1979

* * *

Миёни мо ҳар он чӣ буд, чашмони ту медонад,
Гар оташ буд ё ҳам дуд, чашмони ту медонад.

Дили шаб буду ҷоми бодаву дилҳои мо ташна,
Муҳаббат ҳар чӣ мефармуд,
чашмони ту медонад.

Дили ман рӯи дастат метапид аз шодии оғӯш,
Зи ту осуд ё фарсуд, чашмони ту медонад.

Чи хориҳои ашколуд кардам пеши дидорат,
Чи зориҳои меҳролуд, чашмони ту медонад.

Ба кӯят як қадам раҳ буд, аммо бо ҳазорон бим
Чи раҳҳое дилам паймуд, чашмони ту медонад.

Ба дидорат агар дер омадам,
тақсири тақдир аст,
Валекин аз чӣ рафтам зуд,
чашмони ту медонад.

21.11.1979

* * *

Эй раҳгузар, саломе, мо низ раҳсипорем,
Ин раҳ, ки ту сипардӣ, мо низ месипорем.

Гар ғамшарики мой, мо низ ғамшарикем,
Гар ту ғаме надорӣ, мо низ ғам надорем.

Ин раҳ, ки ту равонӣ, қурбон кунад ҷавонӣ,
Ҷони ҷавонӣ дар каф мо низ ҷоннисорем.

Ин роҳ то куҷоҳост? Аз дил ба сӯи дилҳост,
Анҷоми мост дарё, фарёди обшорем.

Мову ту ҳар ду танҳо дар роҳи ҷустуҷӯҳо,
Бо ҳар кӣ садди раҳ шуд, ин панди куҳна орем:

Беҳуда зӯр кам зан, то нашканад миёнат,
Мо як танем, аммо бо халқ бешуморем!

22.11.1979

* * *

Ту эй ягона умедам, умеди ман мебош,
Гузораномаи роҳи сафеди ман мебош.

Тамоми умр агарчанд иди қисмат нест,
Ту ҳар дақиқаю ҳар лаҳза иди ман мебош.

Паёми рӯзи бад аз ҳар канор мешунавам,
Биё, паямбари рӯзи саиди ман мебош.

Навиди бахт чу афсонаҳои тӯлонист,
Биё, зи бахти заминӣ навиди ман мебош.

Ба рағми ин ду-се мардони занмизоҷу заиф
Барои ошиқӣ Гурдофариди ман мебош!

22.11.1979

* * *

То ба кай бо ту ситезам, оҳ, эй дил, оҳ, эй дил,
То куҷо аз ту гурезам, оҳ, эй дил, оҳ, эй дил.

То кай, эй шӯридатолеъ, то туро шодоб бинам,
Оби рӯи худ бирезам, оҳ, эй дил, оҳ, эй дил.

То фалак афрохтиву бар замин андохтиям,
Эй ҳақирам, эй азизам, оҳ, эй дил, оҳ, эй дил.

Будӣ андар зиндагӣ ҳам буд, ҳам нобуди ман,
Ҳам хазина, ҳам пашизам, оҳ, эй дил, оҳ, эй дил.

То ту осоӣ даме бо хубу зишти зиндагонӣ,
Гаҳ саломат, гаҳ маризам, оҳ, эй дил, оҳ, эй дил.

Бар сарам он қадр бори нанг овардӣ,
ки ҳаргиз
Дар қиёмат барнахезам, оҳ, эй дил,
оҳ, эй дил!...

22.11.1979

* * *

*Барои Бозор Собир*

Нест осон бурдани бори сухан,
Сода набвад ин ҳама кори сухан.

Аз гули хору зи хори гул моро
Кардӣ мафтуни гулу хори сухан.

Аз хасе дарёфтӣ бӯи касе,
Аз пари коҳе – пару боли сухан.

Эй бас озори сухан ҳам дидаӣ,
То биёбӣ сирри осори сухан.

Қадри шеър афзуд чун нарху наво
Аз туфайли ту ба бозори сухан.

Мову ту дар шоирӣ ҷон медиҳем
Оқибат дар кунҷи девори сухан.

12.12.1979

* * *

Одам агар биҷустаед, одаматон одамак аст,
Ғами шумо куҷо ғаме, ғами шумо ғамкаҳак[1] аст.

Дар дилатон, ки сӯз не, сохта нест коратон,
Дар саратон, ки шӯр не, бахти шумо
бенамак аст.

Пар накушода навбате, пари шумо шикастааст,
Бар даре мушт нозада, ақли шумо бедарак аст.

То ба фалак дакка зада дуди тамокуи шумо,
Даври кулаҳ дар саратон нусхаи
даври фалак аст.

Беҳунаранд дигарон пеши даҳонатон, вале
Нохунатон шикаставу дуторатон бехарак аст.

Сари ҳисоби хешро наҷустаед соате,
Ҳисобатон аз падару китобатон аз амак аст.

Чист накӯиву бадӣ? Чист худию бехудӣ?
Ишкаматон ки сер шуд, баҳри шумо
ҳама як аст...

16.12.1979

* * *

Умр рафту нарасидем ба сарманзили дил,
Начашидем зи анвои ҳама ҳосили дил.

Гарчи сад восита ҷустему талофӣ кардем,
Боз мондем ба сад восита по дар гили дил.

Гарчи якумр ба фармони дил овора шудем,
Боз мондаст ҳазорон ҳавасе дар дили дил.

Киштиҳое бигузаштанд зи уқёнусҳо,
Нарасидаст ягон киштие бар соҳили дил.

Чун Рафоэлу да Винчию Микеланжело
Накашидаст касе манзараи комили дил.

Ҳама дилноманависони ҷаҳон мегуфтанд
Дод аз дасти дилу машғалаи ботили дил.

Ҷои афсӯсу дареғ аст, ки аз дил дурем,
Дар ҷаҳоне, ки бувад ҳар нафасаш шомили дил.

Чун зи безарфӣ ҳама розу ниёзаш куштем,
Метавон гуфт, ки будем ҳама қотили дил.
17.12.1979

1. Ғамкаҳак – ғами андак, ғаме, ки кирои ғам гуфтан нест. Аз шеваи Хатлон.

* * *

Аз дур ошёни туро ёд мекунам,
Дар ҳар куҷо нишони туро ёд мекунам.

Аз кӯчаҳои шаҳр хаёлӣ чу бигзарам,
Айвони гулфишони туро ёд мекунам.

Аз ҳафт ранги тобиши рангинкамони дур
Садрангии ҷаҳони туро ёд мекунам.

Оғӯшам аз ҷавонию зебоӣ пур шавад,
То чеҳраи ҷавони туро ёд мекунам.

Дар об дида ҷилваи чашми ситорагон,
Чашмони меҳрубони туро ёд мекунам.

Ҳар гаҳ забони хомаам гирад зи изтироб
Лабҳои байтхони туро ёд мекунам.

То бӯи дард бишнавӣ аз шеърҳои ман,
Он дардҳои ҷони туро ёд мекунам.

Азбас дар остонаат мондаст лахти дил,
Якумр остони туро ёд мекунам...

22.12.1979

* * *

Як диле чун гармии бозор мехоҳад дилам,
Хотире чун мастии саршор мехоҳад дилам.

Дар дилам зад ин ҳама табъи равони бешарор,
Табъи ҳамчун умр ноҳамвор мехоҳад дилам.

То хамупечи раҳи тақдирро равшан кунад,
Мисрае ҳамчун раҳи куҳсор мехоҳад дилам.

Мушкилеро то барои зиндагон осон кунад,
Шоире чун зиндагӣ душвор мехоҳад дилам.

То ба ҳар як пора коғаз пораи дил хун шавад,
Сафҳае зебо чу рӯи ёр мехоҳад дилам.

То зи ҳар сатраш нафас гирад замони зиндагӣ,
Қитъае дилҷӯтар аз дидор мехоҳад дилам.

Бори маънӣ нест кам дар дӯши мо аз бори умр,
Шеъри ҳамчун бори ноҳинҷор мехоҳад дилам.

1980

* * *

Дил ба дарё бизанам, то дили дарёе ҳаст,
Сар ба савдо бизанам, то сару савдое ҳаст.

Бори ишқе бикашам, то рамақ аз ҷон дорам,
Заҳри ишқе бичашам, то дили шайдое ҳаст.

Паи ёре бидавам, то бувадам пои равон,
Ғами ёре бихурам, то ғами дунёе ҳаст.

Гарчи бепову сарам, ошиқи олиназарам,
То ба болои сарам қомати болое ҳаст.

Сар ба пояш биниҳам, то ки сарафроз шавад,
Гар сазовори сари қимати ман пое ҳаст.

1980

* * *

Дилам месӯзад имшаб аз ғами ҷонсӯзи маҳҷурӣ,
Дилам мегиряду мегиряд аз тақдири маҷбурӣ.

Туро дидам, басо дидам, вале нашнохтам,
афсӯс,
Ҳам аз ин чашми бино доду ҳам фарёд
аз ин кӯрӣ!

Бирафтам аз канори ту, канори пурбаҳори ту,
Баҳорат бехазон бодо, гули сурӣ, гули сурӣ!

Гумонам буд ишқи мо ба мо моро қарин созад,
Қарини дардҳоям кард охир қисмати дурӣ.

Кунун бе офтоби рӯи ту рӯзам сияҳ бошад,
Дили равшан куҷо ҷӯям ба торикию бенурӣ!

Зи тори дил кунун ҷуз нағмаи дарҳам намеояд,
Худовандо, чӣ бешӯрӣ, худовандо, чӣ ноҷӯрӣ!

1.1.1980

* * *

То ҳастаму то ҳастӣ, ҳамрози ту хоҳам буд,
То сози даме дорам, дамсози ту хоҳам буд.

Андар дили пуршӯрам то нашъаи дарде ҳаст,
Мафтуни табу сӯзи овози ту хоҳам буд.

Чун ҷон на барои тан, шоистаи ҷонон аст,
То ҷону ҷаҳон дорам, ҷонбози ту хоҳам буд.

Бар қасди ҳама қаҳру шӯру шари тақдирам,
Қурбони як имою як нози ту хоҳам буд.

То нола кунад ҷонам, то шиква кунад рӯҳам,
Бо болу пари шеърам парвози ту хоҳам буд.

Ором намеҷӯям, анҷом намехоҳам,
То охири умри дил оғози ту хоҳам буд.

1.1.1980

* * *

Эй ошно, ба хилқати риндона зинда бош!
Дар гуфтугӯи оқилон девона зинда бош!

Он ҷо, ки аз ҳақиқати мутлақ сухан кунанд,
Нашнида гиру бо ду-се афсона зинда бош!

Гар як баҳор киштаи деҳқон нумӯ накард,
Дар зери хоки зиндагӣ чун дона зинда бош!

Дар байни беситорагон чун шуълаи умед,
Дар байни ин заифакон мардона зинда бош!

Рӯзе агар ба хонаи хуршед ҳам расӣ,
Бо ҳамниёзии ду-се бехона зинда бош!

Дастат агар ба гардани Маҳтоб ҳам расад,
Дар сояи муҳаббати ҷонона зинда бош!

1.1.1980

* * *

Ҳар гаҳе бе ман бимонӣ, дар ғами ман гиря кун!
Бо ҳазорон нолаю фарёду шеван гиря кун!

Дар сари санге нишеман доштем, эй тахти бахт!
Чун нишинӣ бе ман андар он нишеман, гиря кун!

Домани кӯҳе замоне будамон домони васл,
Ҳар гаҳе бе ман равӣ бар кӯҳдоман, гиря кун!

Ишқи мо чун ғунчаи гул буду як хандиду мурд,
Ғунчаи пажмурдае бинӣ ба гулшан, гиря кун!

Бар баҳори шавқи ман сардии дай аз ту вазид,
Ёд кун з-он хандаҳо, чун абри баҳман гиря кун!

Беаҷал куштӣ мубаббатҳои ширини маро,
Бар сари ин зиндагӣ то рӯзи мурдан гиря кун!

1.1.1980

* * *

Навбахтиву навшодӣ, навхона муборак бод!
Ин толеи фирӯзу фарзона муборак бод!

Аз бахти ҷавон шоду аз давлати ишқ обод,
Ин ҷони ҷавонатро ҷонона муборак бод!

Имшаб ту шаҳӣ, оваҳ, паҳлӯи маҳӣ, оваҳ,
Бахти ту дар ин тахти шоҳона муборак бод!

То чашми замон бар ту ҳар дам нигарад некӯ,
Ин наргиси шаҳлои фаттона муборак бод!

Ин ҳури париваширо бирбудаӣ з-афсона
Умри ту дар оғӯши афсона муборак бод!

Якбахт шаву якдил, яклахт шаву якрӯ,
То баҳри ту ин дурри якдона муборак бод!

Соқӣ ба шумо хоҳад паймонаи умри пур,
Андар кафи соқӣ ҳам паймона муборак бод!

5.1.1980

* * *

Дӯстонро ҳар қадар санҷидаам,
Он қадар аз зоташон ранҷидаам.

Якҳавой карда, аммо дар бадал
Ман аз эшон духавой дидаам.

Ҷон гаравгон дода баҳри бӯсае,
Баъди ҳар як бӯса вобӯсидаам.

Дидаву бишнида талху шӯрашон,
Андаруни хештан шӯридаам.

Порае хас дода, касро мехуранд,
Гарчи ман сад пора дил бахшидаам.

Шармашон бодо, ки ман чун кӯдаке
Аз бузургиҳояшон шармидаам.

5.1.1980

* * *

Дар лаби дарёи кӯҳӣ кокулонат бод мерафт,
Оби дарё бо ҳазорон нолаву фарёд мерафт.

Зиндагиям бо ҳазорон шиква аз пеши назар
Ҳамчу мавҷи беқарори рӯд беистод мерафт.

Лаб-лаби дарё чу дарё мегузаштӣ ё чу умре,
Кардаву нокардаҳоям як ба як аз ёд мерафт.

Чашмам аз дунболи ту оинадори роҳ будат,
Ҷони маҷрӯҳам чу сайде аз паи сайёд мерафт.

Охирин уммеди ман мерафт мисли ту зи дил –
Гӯиё Маҳмуди Воҳид ҷониби Бағдод мерафт...

5.1.1980

* * *

Ҳар қадар обод созам, боз вайрон мекунад,
Ҳар қадар ҷамъ оварам, охир парешон мекунад.

Давлати дил сохтам, то бахт бошад қалъабанд,
Зиндагӣ бахти маро чун тахти Сомон мекунад.

Ошиқӣ ҳар дам маро меофарад бо сӯзи нав,
Зиндагӣ ҳар дам маро аз ман пушаймон мекунад.

Шоирӣ, гар қофия танг аст, месозад маро,
Зиндагӣ, гар қофия танг аст, гирён мекунад.

Орзу ҳар дам маро то осмонҳо мебарад,
Зиндагӣ ҳар дам маро бар хок яксон мекунад.

Хоҳам аз тасвири дил девон бисозам, водареғ,
Зиндагӣ ҳар дам маро дар чанги девон мекунад.

Бар сари ин зиндагӣ ман шеърборон кардаам,
Ӯ валекин бар сари ман маргборон мекунад.

5.1.1980

* * *

Ёре, ки аҳди ошиқӣ бо ман бубаст, рафт,
Гуфто бас аст оҳу ғам, дигар бас аст, рафт.

Болои ин ҳама ғаму дарду шикастҳо
Аз нав дили шикастаи моро шикаст, рафт.

Гуфтам, ки як дили варо ёбам, хуш орзуст,
Як дил ба даст н-омаду сад дил зи даст рафт.

Чун баста буд риштаи ҷонам ба тори мӯш,
Як худ нарафт, риштаи ҷонам гусаст, рафт.

Ишқе, ки дар фарози наҷобат мақом дошт,
Чун санги бодхурдае аз қулла паст рафт.

Ҷурми ман аст, эй худо, ё ҷурми содагӣ,
Мурғе, ки дӯш дар кафи ман менишаст, рафт...

6.1.1980

* * *

Рӯҳи мо бар қадри даврон мерасад,
Ҷони мо бар қадри ҷонон мерасад.

Нест танҳо чанд кас кайҳоннавард,
Шеъри дилрас ҳам ба кайҳон мерасад.

Ҳар чӣ дорад ин замину осмон,
Ҷумла баҳри ризқи инсон мерасад.

Аз дарахтоне, ки биншонидаанд,
Як асо аз баҳри пирон мерасад.

Нест ҳусни бехирадро қимате,
Шишаи холӣ ба тифлон мерасад.

Гар ба сарвақтам наояд ёри ман,
Рӯзи маргам синакӯбон мерасад.

Лоиқ аз сӯзи дарун бегона нест,
Шеъраш аз мағзи дилу ҷон мерасад.

7.1.1980

* * *

Осмонҳоро ба сар бардоштем,
То зи хоки тар самар бардоштем.

Қасди мо фатҳи маҳу анҷум набуд,
Одамиро то қамар бардоштем.

Аз замин – парвозгоҳи орзу –
То фалак қадри ҳунар бардоштем.

Баҳри ҳар парвозу ҳар эъҷози аср
Нусха аз хуни ҷигар бардоштем.

Аз муҳаббат, аз садоқат бар Ватан
Тӯшаи роҳи сафар бардоштем.

Парчами озодию озодагӣ
Баҳри абнои башар бардоштем.

То бувад фардои олам бехатар,
Рӯзу шаб бонги хатар бардоштем!

9.1.1980

* * *

Бо ҳусну бо малоҳат кори шумо набошад!
Бо лутфу бо назокат кори шумо набошад!

Аз ишқи камназире, аз ҳусни дилпазире
Дорад дилам қиёмат, кори шумо набошад!

Ошӯби ташнагиро, туғёни бехудиро
Дил донаду муҳаббат, кори шумо набошад!

Аз ишқи нотамоме кори дилам тамом аст,
Ин ҳам бувад саодат, кори шумо набошад!

Дар базми зиндагонӣ пирем ё ҷавонем,
Дорем ҳаққи навбат, кори шумо набошад!

Сиратпараст моем, дил рӯи даст моем,
Эй ошиқони сурат, кори шумо набошад!

Мо меравем аз худ, то хешро биёбем,
Эй ноширони ғайбат, кори шумо набошад!

12.1.1980

* * *

Чу як пири хирад мирад,
бимирад ҷумла осорам,
Чу як ҳамсоли ман мирад,
гаронтар мешавад борам.

Дарахте бишканад, гӯй миёнам бишканад,
эй дод!
Чу фикре барғалат бошад,
шавад афгор афкорам.

Агар пои касе лағжид, хуни дил хурам шабҳо,
Ки гӯй ман хатокорам, ки гӯй ман гунаҳкорам.

Чу ман аз тухми деҳқонам,
бисабзад то ҳама кишташ,
Наборад абр агар борон,
сиришк аз дида меборам.

Ман он ҷонбози давронам,
ман он дилсӯзи ёронам,
Кашам озор аз сад мору мӯреро наёзорам.

Агар як лаҳза ношукри ҳамин
давру замон бошам,
Сияҳбахтам, сияҳрӯзам, сияҳрӯям, сияҳкорам!

Ба ғурбат дида эй бас беватанҳои ҳақиру зор,
Ҳазорон шукр кардам, ки Ватан дорам,
ватандорам!

12.1.1980

* * *

Соқиё, соғар бикаш, то ин дам осон бигзарад,
Оби ҳайвон деҳ, ки фарёдам зи кайвон бигзарад.

Дар ҷаҳони гирдгардон кори мо саргаштагист,
Ҷом гардон кун, ғами гардуни гардон бигзарад.

Бар сари мо ҳам гулафшон рехт,
ҳам борону барф,
Гулфишон бигзашт, инак барфу борон бигзарад.

Ҳар чӣ бар мо бигзарад ҳамчун насиби зиндагӣ,
Ҷумла аз кӯи дилу аз кӯчаи ҷон бигзарад.

Косаи ҳаққи маро лабрез кун, эй косагул,
Ҳар кӣ гул бар сар занад,
хоре ба домон бигзарад.

Соқиё, паймона деҳ, паймонаи умрам чӣ фарқ
Сахтпаймон бигзарад ё сустпаймон бигзарад.

Соқиё, паймона деҳ, паймона деҳ,
паймона деҳ,
«Ҳар чӣ ояд бар сари фарзанди инсон,
бигзарад».
13.1.1980

* * *

Зиндагӣ бо ошноиву ҷудоӣ бигзарад,
Ҳам худоӣ бигзарад, ҳам бехудоӣ бигзарад.

Ҳар касе бифрӯхт моро, ман надонам чӣ харид?
Бебаҳоӣ бигзарад, арзонбаҳоӣ бигзарад.

Дилхарошиҳои ҳусни бенамакро дидаем,
Дилхарошӣ бигзарад, ҳам дилрабоӣ бигзарад.

Мушкили дилро кушодему нафаҳмидем чист,
Дилкушоӣ бигзарад, мушкилкушоӣ бигзарад.

Аз наво мондему бебаргу наво афтодаем,
Ҳамнавоӣ бигзарад, ҳам бенавоӣ бигзарад.

То даме сархуш будем, аз мо касе боло набуд,
Худситоӣ бигзарад, ҳам худнамоӣ бигзарад.

Ҳар каси сарзиндае сад мурдаро такфин кунад,
Аз сари ҳар зиндае зиндаҷудоӣ бигзарад.
13.1.1980

* * *

Эй бародар, ману ту ҳамватанем,
Булбули шохи гули як чаманем.

Зодаи чашмаи як домани кӯҳ,
Рӯди ҷорӣ суи дашту даманем.

Зоди мо дар раҳи дил дарди дил аст,
Ҳамсафу ҳамқаламу ҳамсуханем.

Пас, биё бахри ҳам аз кину ҳасад
Доми буҳтону хусумат натанем.

Дар замоне, ки ба Маҳ бояд рафт,
Баҳри ҳамдигарамон чаҳ наканем.

Моли мо, то нарабоянд зи мо,
Пеши гургон саги худ наҳ назанем.

Кӯр созем табаҳкоронро,
Муҳраи гардани аъдо шиканем.

Сар бикӯбем кафандуздонро,
То замоне, ки бурун аз кафанем!

8.2.1980

* * *

Ду чашми шуълавар дорӣ,
манам парвонаи чашмат,
Мани бехонаро боре бихон бар хонаи чашмат.

Нигоҳат мебарад чашми маро
чун шуълаи хуршед,
Ҳама девонаи рӯят, манам девонаи чашмат.

Ҳама афсонаҳои мардумони даҳрро хондам,
Намеарзанд бар як ҷодуи афсонаи чашмат.

Агарчанде, ки аз ман дурию бегонагӣ хоҳӣ,
Маронам аз дари чашмат,
макун бегонаи чашмат,

Бисоти умри ман ғорат шуд, аммо боз мехоҳам
Нигаҳҳои хуморолудаю дуздонаи чашмат...
8.2.1980

* * *

Сӯхтам, бирён шудам, гирён шудам,
Ҷонфишони гесуи афшон шудам.

Қаҳр кардам, рашк кардам назди ӯ,
Як қадам то дур шуд, пазмон шудам.

Рӯ ба рӯ қадраш надонистам, дареғ,
Чун бирафт ӯ, пайкари беҷон шудам.

Дигарон сарсони дунёянду ман
Дар ҷаҳони хештан сарсон шудам.

Аҳд бо паймона бастам баъд аз он,
Пеши ӯ беаҳду бепаймон шудам.

Ин нагӯям беҳ, ки дар бозори ишқ
Бебаҳое будаму арзон шудам.

Нек будам, нек будам, эй худо,
Гар шудам бад, аз паи хубон шудам!..
9.2.1980

* * *

Ҳар гаҳ, ки бишмарӣ, эй хушнигоҳи ман,
Бо чашми ошиқӣ айбу гуноҳи ман,

Дар ишқи мо, бидон, ғайр аз дурангӣ нест –
Рӯи сафеди ту, рӯзи сиёҳи ман.

Бе ман ту сохтӣ, ман бе ту сӯхтам,
Нозат гувоҳи ту, оҳам гувоҳи ман.

Роҳам ба сӯи ту ҳамвор буд, лек
Санги дили ту буд худ садди роҳи ман.

Гардад паноҳи ман девораи лаҳад
Девори ту нашуд пушту паноҳи ман.

Аз ишқи ту даме ором нестам,
Хоҳӣ, биё, бубин оромгоҳи ман.

Баъди вафот ҳам ман бо ту зиндаам,
Шеъри маро бихон, эй маргхоҳи ман!
12.2.1980

* * *

Аз он соғар ба каф дорам,
ки андар соғарат бинам,
Ки худро масту азхудрафтаву ошиқтарат бинам.

Ҳама дарҳои оламро бикӯбам мушт дар мастӣ,
Вале охир фитода хешро пеши дарат бинам.

Сари худро гаравгон бидҳам аз баҳри маи боқӣ,
Ки дар поёни мастиҳо варо ёри сарат бинам.

Рақибону бадандешони ман помоли ғам миранд,
Китобамро агар як шаб ба зери бистарат бинам.

Барои ишқи ту аз дигарон бибридаму шодам,
Дилатро меканам аз сина, гар бо дигарат бинам!

Туӣ ҳусни умеди ман, туӣ бахти сафеди ман,
Ба коми хушк мемирам, агар чашми тарат бинам!

Ман аз он ишқ меварзам, ман аз он
шеър мегӯям,
Ки худро Лоиқат ёбам, ки худро шоират бинам!
13.2.1980

* * *

Ишқи ман, ҳар ҷо равӣ, бо хеш пиндорам туро,
Бо ҳама ин дасткӯтоҳӣ ба даст орам туро.

Кокулони майдабофатро шумурдам бо нигоҳ,
Баъд аз он рӯзи сиёҳи хеш бишморам туро.

Гарчи бемеҳрӣ, туро бо меҳрубонӣ мекушам,
Гарчи ноёри манӣ, ёру нигаҳдорам туро.

Шӯхӣ-шӯхӣ дастаконатро ба рӯи дил ниҳам,
Бозӣ-бозӣ дил ба рӯи даст биспорам туро.

Гар ба гардун баршавӣ, боз орамат рӯи замин,
Гар равӣ зери замин, ором нагзорам туро.

Мефишорад то диламро андуҳи анбӯҳи ту,
Оқибат андар канори худ бияфшорам туро!
13.2.1980

* * *

Сарпарастиҳои ман дарди саре овардааст,
Хушккомиҳои ман шеъри таре овардааст.

Гарчи аз парвози кӯтоҳам касе огаҳ нашуд,
Баҳри парнорустагон болу пare овардааст.

Табъи ман қонуншикан буду ба қонунаш заданд.
Боз ҳам дар нисбате қонунгаре овардааст.

Пеши ҳар кас дил кушодам беибою рӯкушод,
Рӯкушодиҳо ба рӯям ханҷаре овардааст.

Пешбиниҳо маро пеши дари номардуме,
Пуштбониҳо маро пушти даре овардааст.

Дӯстдориҳои ман бисёр душман шуд маро,
Дилнавозиҳои ман иғвогаре овардааст.

Азми ман оҳаншикан буду хушам аз он, ки ӯ
Дар муҳити мисгарон оҳангаре овардааст.

14.2.1980

* * *

Наёбӣ дар ҷаҳони бевафо содиқтаре аз ман,
Наёбӣ дар муҳити беғамон мушфиқтаре аз ман.

Дар он маврид, ки лофи ишқ гӯянду
раҳат гиранд,
Наёбӣ аз талабгорони худ ошиқтаре аз ман.

Ба он дарди дили зорат, ки ноҳамвор месӯзад,
Табибе ҳам наёбӣ хушпае, ҳозиқтаре аз ман.

Дар он соат, ки аз ҳафт осмон ҷӯӣ тасаллое,
Наёбӣ дар замини ошиқӣ ошиқтаре аз ман.

Тамоми умр ҷӯӣ лоиқи худро дар ин дунё,
Наёбӣ бар мазоқи хештан лоиқтаре аз ман!

8.3.1980

* * *

Бетабу тоби ту бетобам ҳанӯз,
Гӯиё дар шасти гирдобам ҳанӯз.

Гарчи аз рӯзи насибам рафтаӣ,
Медароӣ дар шаби хобам ҳанӯз.

Дар дили шабҳо ба ёд ояд маро
Ишқварзиҳои Варзобам ҳанӯз.

Васли ту дар домани Анзоб буд,
Гӯӣ дар домони Анзобам ҳанӯз.

Ҳусни ноёби ту шуд ноёбтар,
Дар хумори ҳусни ноёбам ҳанӯз.

Ман туро гум кардаам аз содагӣ,
Содагиро бин, ки мекобам ҳанӯз.

Бо ту худро низ ман гум кардаам,
Хештанро ҳам намеёбам ҳанӯз.

12.3.1980

* * *

Ман ошиқам, ман ошиқам,
ман ошиқи деринаам,
Ман ошиқи он соиду он ғабғабу он синаам.

Гар ман надорам симу зар,
гар ман надорам баҳру бар,
Дорам туро то дар бағал, ганҷинаам,
ганҷинаам.

Чун барфи навборидае сар то ба поят бевубол,
Ман ошиқи он манзару он пайкари симинаам.

То ҳаст ҳусни сабзи ту, сабз аст боғи ишқи ман,
Ман ошиқи он талъату он чеҳраи сабзинаам.

Расвои ишқи ту манам, яктои ишқи ту манам,
Имрӯз гар по дар гилам, то манзиле як зинаам.

Имрӯзу фардои маро нодида ангорӣ, вале
Имрӯзу фардои туро оинаам, оинаам!

12.3.1980

* * *

Ба дил сад достон мемирам охир,
Чу гул дар бӯстон мемирам охир.

Зи макри душманон боке надорам,
Зи қасди дӯстон мемирам охир.

Ман аз дасти замон ҳаргиз намирам,
Ки аз дасти занон мемирам охир.

Фалак бар дӯши ман борест сангин,
Таҳи бори гарон мемирам охир.

Ҷаҳон бо дарди ман коре надорад,
Ман аз дарди ҷаҳон мемирам охир.

Агар дар шеър фарзанди замонам,
Ба лаб шеъри замон мемирам охир.

Ҷавонмаргӣ фақат марги ҷавон нест,
Ба сад пирӣ ҷавон мемирам охир!

13.3.1980

* * *

Агар сад сол ҳам ҷӯӣ, маро дигар намеёбӣ,
Шабу рӯзон худо гӯӣ, маро дигар намеёбӣ.

Ба роҳи ман чу пойандози махмал ҳар саҳаргоҳе
Ба сони сабза ҳам рӯӣ, маро дигар намеёбӣ.

Ман он якроҳу якрӯ будаму
бо роҳи худ рафтам,
Ту ки садроҳу садрӯӣ, маро дигар намеёбӣ.

Сабукрой, сабукпой, муҳаббатро намешой,
На ҳам аҳли такопӯӣ, маро дигар намеёбӣ.

Саропо чашм ҳам бошӣ,
маро дигар намебинӣ,
Агар сеҳриву ҷодуӣ, маро дигар намеёбӣ.

Ҳама доғе, ки дар оинаи дил дорам аз ишқат,
Агар бо ашк ҳам шӯӣ, маро дигар намеёбӣ.

Ба худ ҷӯшида мехушкам
мисоли чашмаи кӯҳсор,
Агар дарёи Омуӣ, маро дигар намеёбӣ.

Биҳиштизода ҳам бошӣ,
биҳиштатро биҳиштам ман,
Агар аз чархи минуӣ, маро дигар намеёбӣ.

14.3.1980

* * *

Дар чашми ту ранги осмон буд,
Дар мӯи ту атри бӯстон буд.

Ман рӯи ҷаҳон надида будам,
Рӯи ту барои ман ҷаҳон буд.

Ҳар печухами ду милаи ту
Аз баҳри дили ман ошён буд.

Он вақт, ки ҷони ман ту будӣ,
Қурбони туам ҳазор ҷон буд.

Он вақт дили ман ошиқи зор,
Он вақт дили ту меҳрубон буд.

Он вақт ҷавон будам бароят,
Он вақт дили ту ҳам ҷавон буд.

Арзон мафурӯш, баски вақте
Лоиқ зи барои ту гарон буд.

22.3.1980

* * *

Ту, эй беаҳду бепаймон, маро бигзоштӣ, рафтӣ,
Ту, эй бемеҳру беимон, маро бигзоштӣ, рафтӣ.

Балогардони ҷон будӣ, балои ҷон шудӣ охир,
Ба зери чархи саргардон маро бигзоштӣ, рафтӣ.

Замоне бӯсаборон буд ҳаққи мову гулборон,
Кунун бо жолаву борон маро бигзоштӣ, рафтӣ.

Қасам рӯи қасам хурдӣ, барои ишқ ғам хурдӣ,
Дар охир бо ҳазор армон маро бигзоштӣ, рафтӣ.

Лаби Варзоб лабҳои туро бӯсида будам ман,
Ба соҳил дур аз туғён маро бигзоштӣ, рафтӣ.

Дар ин дунёи бесомон маро нашнохтӣ, афсӯс,
Дар ин паҳнои бепоён маро бигзоштӣ, рафтӣ.

Замоне ошиқат будам, замоне лоиқат будам,
Дареғо, чун дилозорон маро бигзоштӣ, рафтӣ.

24.3.1980

* * *

Зи сад даъвогари беақл як дузди музаффар беҳ,
Зи сад ҳақгӯи бетаҳқиқ як афсонапарвар беҳ.

Ҳазор авлост як чахмохсанг аз кӯҳи бемаъдан,
Зи милён ҳамсари ношукр як ёри
ситамгар беҳ.

Зи сад фарёди бемаврид як оҳи ғамбарор авло,
Зи сад дарёи пуршӯру талотум мавҷи соғар беҳ.

Ба манзил мебарад бореву осон мекунад коре,
Зи сад харкаллае (маъзур дореда́м)
сари хар беҳ.

Димоғи хушку табъи хушку мағзи хушку
дасти хушк –
Миёни ин ҳама хушкӣ маро як домани тар беҳ.

Шабохун мезанад шабҳову рӯзохун
тамоми рӯз,
Ба ҷони ман дар ин дунё ҳуҷуми ишқи
дилбар беҳ.

Маро, ки модари бечора Лоиқ ном бинҳодаст,
Сарам қурбони кишвар беҳ,
дилам қурбони модар беҳ!

27.3.1980

* * *

Ба кӯят меравам бо бори дил истода-истода,
Гиреҳҳои диламро баҳри ту бикшода-бикшода.

Гиреҳ мебандӣ абрӯро, ки дар корам
гиреҳ афтад,
Зи кӯят меравам бо бори ғам афтода-афтода.

Чу оям бар дарат, аз қаҳр бебаргу барам созӣ,
Равӣ чун сарви озод аз барам озода-озода.

Ғазал гуфтам барои ту, дағал гуфтию бигзаштӣ,
Ба ман додӣ ғазалҳои маро нодода-нодода.

Тамоми умр масти бода будам, эй хушо як бор
Шудам масти ду чашми масти ту бебода, бебода.

Вале ту меравӣ, эй содарӯ, мағрури ҳусни худ, –
Ба ними роҳ мемонам мани сода, мани сода...
31.3.1980

* * *

Шукри оғӯшат, ки оғӯши ҷаҳони дигар аст,
Шукри чашмонат, ки мурғи ошёни дигар аст.

Ҳалқа гардад зери гардун ҳар гаҳе бар гарданам,
Шукри дастонат, ки рамзи достони дигар аст.

Сахт гирад соате чун рӯзгори сахтрӯй,
Шукри лабхандат, ки бо ман ҳамзабони
дигар аст.

Осмон хатти аҷал ирсол медорад маро,
Шукри хатти абруят, хатти амони дигар аст.

Рашки ту гарчи маро бо бегуноҳӣ мекушад,
Шукри нозат, ки маро эҳёи ҷони дигар аст.

Шукри меҳрат, ки маро бахшад
зи бемеҳрон амон,
Шукри ишқат, ки маро ному нишони дигар аст.

Шукри хоки остонат, ки барои шоире
Ҳам замини дигару ҳам осмони дигар аст!
3.4.1980

* * *

Ҳар кас ба тарозуе ҳамсанги замонаш нест,
Ҷуз санги раҳи фардо, ҷуз нанги замонаш нест.

Чун маркаби ҷавмасте бар чор тараф тозад,
Пур ҳанг занад, аммо оҳанги замонаш нест.

Пурсанг бувад роҳаш, беранг бувад умраш
Ҳар кас, ки дар ин дунё ҳамранги замонаш нест.

Дастихуши нокомӣ ё зочаи гумномист
Фаҳле, ки ба сад унвон фарҳанги замонаш нест.

Ожанги ҷабинеро хатти азамат машмор
Дар чеҳраи марде, ки ожанги замонаш нест.
6.4.1980

* * *

Зи ту то дар сари корӣ, тамаллуқкор хоҳад монд,
Зи ман то камтарам аз ту, ками бисёр
хоҳад монд.

Ману ту гарчи мисли аждаҳою ганҷ ҳамдӯшем,
Зи ту озор мемонад, зи ман осор хоҳад монд.

Ману ту гарчи дар як манзиле ҳамошёнастем,
Зи ту девор мемонад, зи ман дидор хоҳад монд.

Ту гарчи боғбонастию гӯё боғ ҳам розист,
Зи ту гулхор мемонад, зи ман гулзор
хоҳад монд.

Табиби ҷумла иллатҳостӣ андар назар, аммо,
Зи ту бемор мемонад, зи ман ғамхор
хоҳад монд.

Миёни мову ту дар ин ҷаҳон фарқе, ки ҳаст,
ин аст:
Зи ту инкор мемонад, зи ман пайкор
хоҳад монд.

Миёни мову ту дар зиндагӣ фарқи дигар ин аст:
Зи ту тимор мемонад, зи ман тӯмор хоҳад монд.
18.4.1980

* * *

Биё, биё, ки туро чун тарона мехоҳам,
Маҷӯ баҳона, ки ман бебаҳона мехоҳам.

Дар ошёни муҳаббат туро шабе танҳо
Ба зери гунбади ҳафтошёна мехоҳам.

Ту қадри шеър агар донӣ, хуб мефаҳмӣ,
Ки бо чӣ шӯр туро шоирона мехоҳам.

Чу дар баҳори умедам ҳуҷуми поиз аст,
Туро ба боғи дилам чун ҷавона мехоҳам.

Зи дурият ба сарам осмон фурӯ афтод,
Биё, ки ғайри ту зери само намехоҳам.

Замона дасти маро гарчи аз ту кӯтаҳ кард,
Туро чу ҳадяи дасти замона мехоҳам.
12.5.1980

* * *

Кӯдаки ман, шод зӣ, озод зӣ.
Бо дилу ҷону тани ободзӣ.

Аз ғазалҳоям ба фарёдам бирас,
Баъди ман бенолаву фарёд зӣ.

Гар шавӣ ҳам масту беёд аз барор,
Ёди ман кун, дар паноҳи ёд зӣ.

Васли Ширинат агар қисмат нашуд,
Боз ҳам бо қисмати Фарҳод зӣ.

Гар худое ҳам шавӣ, аз худ марав,
Дар замин аз мӯ паи имдод зӣ.

Чун давоми мостӣ дар зиндагӣ,
Лоиқи номуси ин аҷдод зӣ.

13.5.1980

* * *

Гарчи як рӯз ва ё шаб зи ҷаҳон мегузарам,
Ҳар қадар пир шавам, боз ҷавон мегузарам.

Нигарони туву дидори ту будам ҳама умр,
Ҳам пасин бор ба сӯят нигарон мегузарам.

Ту ба он қомати гулрез ғанимат бишумар,
Ки ман аз боғи ту чун оби равон мегузарам.

Моҳи беайби ман, аз бобати ман айб магир,
Ман чу субҳам, ба ҷаҳон хандазанон мегузарам.

Шеърҳоям ба ту мероси дили ман бошанд,
Марг мероси падарҳост, чунон мегузарам.

То нагӯянд сабукбор гузашт аз дунё,
Охирин бор ба каф ратли гарон мегузарам.

Лек то он ки аҷал чанг занад бар ҷонам,
Аз раҳи ишқи ту бо бозии ҷон мегузарам.

15.5.1980

* * *

Кош дигарбора ошиқ будаме,
Ман ба номи худ мувофиқ будаме.

Қадри ёри хештан донистаме,
То бақои умр содиқ будаме.

Аз итоби ӯ намеранҷидаме,
Меҳрубон, дилсӯз, мушфиқ будаме.

Ишқи ӯро қиблаи дил хондаме,
Кай чу ин дунё мунофиқ будаме.

Бо ҷавонию ҷунуни ошиқӣ
Шӯҳра дар ақсои Машриқ будаме.

Кош бо пирӣ намебархурдаме,
Кош ҳаждаҳсола Лоиқ будаме...

24.5.1980

* * *

Содаю содашуморем, ҳамин тинати мост,
Таҳи кору таҳи борем, ҳамин қисмати мост.

Ханда мегирадам аз мушту гиребоншудагон,
Даст бар гардани ёрем, ҳамин давлати мост.

Ҷумлае аз паи шуҳрат ба ҷаҳаннам рафтанд,
Мо, ки з-он ҷумла канорем,
ҳамин шуҳрати мост.

Иддае ҷуста тило, сокини маҳбас гаштанд,
Мо, ки як пайса надорем, ҳамин сарвати мост.

Дастае тарки Ватан гуфта, кафандузд шуданд,
Мо ки дар кунҷи диёрем, ҳамин нузҳати мост.

Пойандози ҳама аз гулу себарга кунем,
Мо, ки ҳамдасти баҳорем, ҳамин суннати мост.

Дигаронро зи тараҳҳум бираҳонем зи дом,
Баҳри худ дом гузорем, ҳамин қудрати мост.

Тоҷикистон ҳама санг аст, вале бар гӯре
Лавҳасанге нагузорем, ҳамин ҳиммати мост.

Бас касон баҳри худ аз баҳри худо бигзаштанд,
Мо, ки чун санги мазорем,
ҳамин вусъати мост...

12.6.1980

* * *

Тирамоҳи ман, баҳорамро бидеҳ!
Мавсими авҷу барорамро бидеҳ!

Дар қарори ту дилам таркиданист,
Зиндагии беқарорамро бидеҳ!

Ман кунун аз ҳақталошӣ фориғам,
Он талоши ҳақгузорамро бидеҳ!

Ғамгусоронам ба ғам печидаанд,
Он ғами беғамгусорамро бидеҳ!

Дар кафам монда кафи хокистаре,
Он ҳама шӯру шарорамро бидеҳ!

Ту хазон мерезӣ акнун бар сарам,
Он сари масти хуморамро бидеҳ!

Сабзаҳо чун шавқи ман хушкидаанд,
Он гули рухсори ёрамро бидеҳ!

Лошаҳое мондаанд аз мову ту,
Фасли рушди баргу борамро бидеҳ!

Дар дили шабҳо дилам таҳ меравад,
Он дили шабзиндадорамро бидеҳ!

Тирамоҳи умри ман! Дод аз ту, дод!
Навбаҳори рӯзгорамро бидеҳ!

1.7.1980

* * *

Ноком будам, ту комронам кардӣ,
Гумном будам, ту достонам кардӣ.

Гӯӣ ки расида буд поям лаби гӯр,
Бо ишқи ҷавони худ ҷавонам кардӣ.

Беишқ хазони бебаҳоре будам,
Бо ишқ баҳори бехазонам кардӣ.

Ман санг будам, ту нанг омухтӣ маро,
Ман гунг будам, ту хушзабонам кардӣ.

Ман манзили ишқро намедонистам,
Якбора ту соҳиби ҷаҳонам кардӣ.

Гумкардараҳе ба хонаи худ будам,
Раҳёб ба хони ҷовидонам кардӣ.

Ман қатра будам, ту кардӣ дарёи муҳит,
Ман хок будам, ту осмонам кардӣ.

15.8.1980

* * *

Агарчи сӯхтам, як шӯъла рухсори ту мехоҳам,
Хуморолудаам, чашмони айёри ту мехоҳам.

Туӣ танҳову ман танҳо, ду танҳоем дар дунё,
Ҳама дору надорамро нигаҳдори ту мехоҳам.

Агар як лаҳза беоташ зиям, хокистарам пиндор,
Ман оташзодаам, ишқи шарарбори ту мехоҳам.

Ту оҳанги вуҷуди ман, дуруди ман, суруди ман,
Ба ҳар зарби сурудам ҷазби гуфтори ту мехоҳам.

Агар озурдамат боре пушаймонам, пушаймонам,
Умеди охиринам, боз дидори ту мехоҳам.

Тиҳӣ гардад агар паймонаи умрам ба сад афсӯс,
Лаби ту, хандаи ту, меҳри саршори ту мехоҳам.

Барад гар хоби маргам, боз ҳам
аз қаъри гӯри сард
Баҳори рӯзгору бахти бедори ту мехоҳам...

19.8.1980

* * *

Дар ҷаҳони ман набудӣ, дар ҷаҳони ман биё,
Хушгумони тустам, эй бадгумони ман, биё.

Ҳайф кардам ман ҷавониро ба беишқӣ, дареғ,
Фасли пирӣ омад, эй ёри ҷавони ман, биё!

Дар хазонафшон гулафшони ту мебояд маро,
Дар баҳори ман набудӣ, дар хазони ман биё.

Бо висоли дастнорас мисли домони уфуқ
Гар ба дастам нестӣ, дар достони ман биё.

Дар замони ҳусни ту якчанд соат зистам,
Ишқи ту ҳомии ман, эй ҳамзамони ман, биё.

То бидонӣ чист қадри сӯхтанҳои хамӯш,
Бар замини дардҳо, эй осмони ман, биё!

Баъди мурдан ҳам даруни гӯри тор ишқи маро
Хок медонад, биё, бар хокдони ман биё!

27.8.1980

* * *

Чӣ кунам, расми рӯзгорон аст,
Ишқ тақдири сарбадорон аст.

Навбати ман гузашт аз дунё,
Навбати ту висоли ёрон аст.

Қисмати ман ҳазор қисмат шуд,
Қисмати ту чу обшорон аст.

Ҳаққи ман сӯхт бо дилу ҷигарам,
Ҳаққи ту дар дили ҳазорон аст.

Дасти ман аз насиба кӯтаҳ шуд,
Дасти ту майкаши нигорон аст.

Дили ман шеваи тапиш гум кард,
Дили ту айни навбаҳорон аст.

Бар сари ман хазони поизон,
Бар сари ту шукуфаборон аст.

29.8.1980

* * *

Дар дили ман зиндагонӣ пир шуд,
Дар сари ман ақл бетадбир шуд.

Дасти ларзон ҷом то комам набурд,
Чашми ман аз завқи дунё сер шуд.

Дар сурудам нағмаҳо аз ҳам гусаст,
Дар вуҷудам шавқ бетаъсир шуд.

Он ҳама гесӯ, ки бикшодам ба меҳр,
Дар гулӯям ҳалқаи занҷир шуд.

Хостам ишқи наве иншо кунам,
Ишқи дерин ҳокими тақдир шуд.

Хостам худро амон бидҳам зи худ,
Дер шуд, эй сад дареғо, дер шуд.

Ғофил аз марг ормонҳо доштам,
Маргро нозам, ки ғофилгир шуд...

9.9.1980

* * *

Само буғзе ба дил дорад, ҳаво абрист, меборад.
Дилам ғамгин, сарам вазнин,
намедонам чӣ мефорад.

Фазои шаҳр хоколуд – рӯзи хокборон аст,
Ту гӯӣ дар ғами фарзонагон хоке ба сар дорад.

Ба рӯи турбати Айнӣ ғубор афсона мебофад,
Зи мижгонҳои сангинаш сиришки сард
меборад.

Сари Бобои мо дар хорасанги сурх ҷовид аст,
Вале гоҳо ба ҳоли мо сари хорош мехорад.

Сари абрӯи Мирзо гарди раҳҳои сафарҳош аст,
Зи рӯи мармаринаш нури ҷовидона меборад.

Душанбе дар муҳити кӯҳҳои хомушу гӯё
Сари болотар аз ҳар кӯҳ мехоҳад, намеёрад.

Чу ҳар боре биандешам, ки ин ҷо хок хоҳам шуд,
Гиребони маро дасти хиҷолат сахт медорад.

10.9.1980

* * *

Ҳаққи мо ҳақгузор мехоҳад,
Рӯзи мо рӯзгор мехоҳад.

Ғами мо як ғами висоле нест,
Ҳиммати ғамгусор мехоҳад.

Сари коре, ки мову ту дорем,
Сари моро ба дор мехоҳад.

Қурби мо, ки қариб маҳв шудаст,
Қурбати ифтихор мехоҳад.

Ин хазоне, ки бар сари мо рехт,
Гулфишони баҳор мехоҳад.

Мушт бар сина кӯфтанҳомон
Зарбати Зулфиқор мехоҳад.

Рустамиҳои вақти мастии мо
Рустами корзор мехоҳад!

10.9.1980

* * *

Биё, эй ишқи нав, рӯҳам ҷавон кун,
Биё, эй дарди нав, тармими ҷон кун.

Биё, эй васли нав, аз қабзаи марг
Маро бистону фахри ҷовидон кун.

Биё, эй дасти гарму нарми симин,
Маро бар даст гиру достон кун.

Биё, эй ҳусни нав, ҳузни маро куш,
Биё, эй аҳди нав, охирзамон кун.

Биё, эй фарри яздонии одам,
Замини оҷизамро осмон кун.

Биё, эй ишқи нав, эй марги ширин,
Ҳар он ҳукме, ки медонӣ, ҳамон кун!

10.9.1980

* * *

Ҳусни рӯзафзуни ту умри маро кам мекунад,
Қомати мавзуни ту қадди маро хам мекунад.

Хондӣ бас шеъри тарамрову нахондӣ хотирам,
Ваъдаҳои хушки ту чашми маро нам мекунад.

Ман туро ҳамшевае мехоҳаму ҳамнолае,
Чашми ту аммо ба ман қаҳри дамодам мекунад.

Шод будам, то туро дидам, надонистам, ки ишқ
Буду нобуди маро сармояи ғам мекунад.

Аз паи васлат давидам чор фасли зиндагӣ,
Васли ту аммо зи ман чун умри ман рам мекунад.

Ишқи Ҳавво кард Одамро азизи оламе,
Ишқи ту рӯзе маро берун зи олам мекунад.

15.9.1980

* * *

Ёри дурафтодаи ман, боз наздикам биё,
Лоиқи табрикам ин дам, баҳри табрикам биё!

То набошад зиндагият баъд аз ин аз бад батар,
Ман ҳанӯз он хостгори қисмати некам, биё!

Рӯзҳоямро сияҳ кардӣ ба ҳусни равшанат,
Эй ягона шуълаи шабҳои торикам биё!

Аз дағалбозии дунё дар мағал афтодаам.
Эй адофаҳми ҳама эҳсоси борикам биё!

Ҳеҷ кас неку бадамро чун ту таҳдоне набуд,
Гар бадам ман аз ҳама ё аз ҳама некам, биё!

28.9.1980

* * *

Муддате пеши ту қимат доштам,
Давлати бахти ғанимат доштам.

Зиндагиям бо муҳаббат зинда буд,
То даме бо ту муҳаббат доштам.

Сидқи ман ҳам соф буд пеши ҳама
То ба ту меҳру садоқат доштам.

Буд то дар ман қиёми ишқи ту
Дар дилам шӯри қиёмат доштам.

То насибам сафҳаи рӯи ту буд,
Дар ғазалсозӣ маҳорат доштам...

Қоматам хам шуд зи бори дарди ту,
Кас намедонад чи қомат доштам.

Осафо, дардо, дареғо, ҳасрато,
Ки замоне бо ту қисмат доштам!

15.10.1980

* * *

Ишқи нав омад, худоё, ҷони нав бахшо маро,
Ташналаб ҳаргиз мабар аз соҳили дарё маро.

То бидидам чашми ӯ, дунё ба чашмам ҳеҷ шуд,
Ё ду чашмам пӯш, ё дунёи нав бикшо маро.

Ман ки имрӯзам, варо имрӯз бо ман васл кун,
Эй фалак, қисмат мадеҳ имрӯзи бефардо маро.

Осмон, дар оси ту бас устухонам орд шуд,
Ҳаққи навбат деҳ даме бо ишқи ҷонфарсо маро.

Гар ту худ парвои бешу кам надорӣ, эй замин,
Соате парво бикун бо ёри бепарво маро.

Ман, к-аз ин дунё наям дар мазҳаби
ишқу ҷунун,
Ё дар ин дунё бимон, ё бар аз ин дунё маро.

Ман барои ишқ аз модар ба дунё омадам,
Модари гетӣ, макун дар ошиқӣ расво маро!

15.10.1980

* * *

Дили осударо пурмавҷи тӯфон мекунӣ, эй ишқ,
Сари бедардро гардуни гардон мекунӣ, эй ишқ.

Заминро иртифои осмон мебахшӣ дар як он,
Фалакро ногаҳон бар хок яксон мекунӣ, эй ишқ.

Наметарсӣ ҳам аз додор баҳри лаҳзае дидор,
Ба ёди кӯчае сад шаҳр вайрон мекунӣ, эй ишқ.

Ба ҳаққи ваъдае хуршеду маҳ мехоҳӣ аз гардун,
Ба ҳаққи хандае якумр гирён мекунӣ, эй ишқ.

Дар аввал мекунӣ донои дунё қалби ошиқро,
Дар охир бо ҳама ишкол нодон мекунӣ, эй ишқ.

Чи бас осон дил аз каф мебарӣ дар ибтидои худ,
Вале дар мунтаҳо пур макру дастон мекунӣ,
эй ишқ.

Вале бо ин ҳама танҳо туӣ қонунгари дилҳо,
Ҳар он мушкил, ки худ дорӣ, худ осон мекунӣ,
эй ишқ.

Ҳанӯз инсони комил нест ҳар тифле,
ки модар зод,
Туро нозам, ки ӯро охир Инсон мекунӣ, эй ишқ!

21.10.1980

* * *

Як зумра, ки сӯзи ҷонашон нест,
Ҷуз мақсади обу нонашон нест.

Бас хушкдимоғу хушкмағзанд,
Ҳарфи таре дар забонашон нест.

Гованд ҳама ба хурдан, аммо
Як говҷигар миёнашон нест.

Бо он ки дар ин ҷаҳон ғаниянд,
Як зарра ғами ҷаҳонашон нест.

Доранд ҳама мақому диплом,
Ҳайфо, хиради замонашон нест.

Чун беди канори рӯд шодоб,
Суди самару нишонашон нест.

Бошанд зиён зи пой то сар,
Аммо ба назар зиёнашон нест.

Ин тоифа ошёнбаланданд,
Ҳарчанд ки ошёнашон нест...

30.10.1980

* * *

Зиндагӣ! Ман бо ту рӯзе ҳарбае сар мекунам,
Ман туро чун сарнавишти хеш дигар мекунам.

Ин ҳама золигариҳои ту бар ман чира нест,
Гар ту ин дарро бибандӣ, во дигар дар мекунам.

Менависам шеъри дил дар сафҳаи ҳар тахтасанг
Дар масофат орзуямро тавонгар мекунам.

Ҳар сари кӯҳе, ки он ҷо ошёни каргасест,
Ман барои ифтихори халқ минбар мекунам.

Аз миёни кӯҳсорон, то ҷаҳон бишносадам,
Рӯдҳоро сӯи уқёнус чопар мекунам.

Ҳар қадар хоҳӣ сарамро зери хоки тар барӣ,
Аз миёни қуллаҳо як рӯз сар бар мекунам.

Качҳисобиҳои ту бо ростон беҳуда аст,
Бо ту рӯзе ман ҳисобамро баробар мекунам!

30.10.1980

* * *

Чанд зору низор гардидем,
Гул парастида, хор гардидем.

Карда аз сӯи хеш қатъи назар,
Сӯи парвардгор гардидем.

Оташи суғд мурд аз ислом,
Мурдаи бемазор гардидем.

Куштаи корзору оташи ҷаҳл –
Куштаи Зулфиқор гардидем.

Эй басо хуни ҳамдигар хурдем,
То чунин камшумор гардидем.

Паҳнаҳоро ба кӯчиён додем,
Сокини кӯҳсор гардидем.

Дар Самарқанд қанди мо шуд заҳр,
Дар Бухоро бухор гардидем.

Аз сари мо манораҳо карданд,
То баланд аз манор гардидем.

Сӯхтему насӯхт маншаи мо,
Маншаи нангу ор гардидем.

Кушт моро агарчи сад иллат,
Миллати бахтёр гардидем.

Дар канори ҳалокати қисмат
Бо ҷаҳон ҳамканор гардидем!

31.10.1980

* * *

Ишқи навшӯрида мехоҳад дилам,
Ҳусни навболида мехоҳад дилам.

З-ин ҳама такрорҳо рӯҳам шикаст,
Рӯи нобӯсида мехоҳад дилам.

Аз тамоми дидаҳо дилмондаам,
Манзари нодида мехоҳад дилам.

Дар бало печидаам аз печи зулф,
Зулфи нопечида мехоҳад дилам.

Роҳи осонам басе арзон гирифт,
Роҳи носанҷида мехоҳад дилам.

Дар дилам гарду ғубори зиндагист,
Барфи навборида мехоҳад дилам.

То маро варзад барои шеъри ишқ,
Ишқи новарзида мехоҳад дилам.

31.10.1980

* * *

Ишқ меварзам, ки аз ман дур бигрезад аҷал,
Ишқ то бо ман ситезад, ҳеҷ настезад аҷал.

То бувад овехта дастони ман бар гардане,
Безамон бар гардани ман дарнаёвезад аҷал.

Ман намепарҳезам аз ишқу маю девонагӣ,
То аз ин девонагиҳоям бипарҳезад аҷал.

Навбати ман омада имрӯз андар осиё,
Устухонам кӯфта, сад сол ҳам безад аҷал.

Сар ба гардун мезанам, то навбати ишқи ман аст,
То манам дар пои ёр афтода, чун хезад аҷал?!

Баъд аз он ки зиндагонӣ аз сари ман бигзарад,
Мон, ки ҳамчун барфу борон бар сарам
резад аҷал!..

3.11.1980

* * *

Дар ҳар кучо садоқати ман кор мекунад,
Азми ману матонати ман кор мекунад.

Дар сохтмони Нораку Роғон на шасти об,
Он ҷо дилу муҳаббати ман кор мекунад.

Дар коргоҳи арзизу дар дастгоҳи барқ
Ихлоси ман, иродати ман кор мекунад.

Он ҷо, ки ихтилофи касифу шариф ҳаст,
Оҳи ману наҷобати ман кор мекунад.

То он даме, ки одамӣ дорад талоши адл,
Инсофи ман, адолати ман кор мекунад.

Рӯзе зи дасти моҳири ман уфтад қалам,
Бе дасти ман маҳорати ман кор мекунад.

Фардо агарчи нестам мобайни зиндагон,
Дар гӯр ҳам футуввати ман кор мекунад.

1.12.1980

* * *

Сар ба пои зиндагӣ бинҳода мемирем мо,
Зода меҳнатзода, меҳнатзода мемирем мо.

Зиндагӣ ҳарчанд гирдоби мураккаб метанад,
Сода-сода зиста, ҳам сода мемирем мо.

Маҷмаи айбу гунаҳ будем агар дар зиндагӣ,
Бо ҳама айбу гунаҳ озода мемирем мо.

Мастии мо ҳастии мо буд, на пастии мо,
Соғаре бинем агар бебода, мемирем мо.

Дигарон ҷон дода мемиранд аз дасти аҷал,
То маҷоли вопасин дил дода мемирем мо.

Мисли марди қуллапаймое, ки маргаш қулла аст,
Аз баландии сухан афтода мемирем мо.

11.2.1981

* * *

То наёбӣ, ҷони ман, ҷони сухан,
Чун гадоён мехурӣ нони сухан.

Медавӣ якумр гирдогирди кӯҳ,
То наёбӣ маншаи кони сухан.

Гар надорӣ дар дил оҳеву ғаме,
Мезанад арвоҳи пирони сухан.

Бесарупо бигзариву бепае,
Сар набозӣ гар ба поёни сухан.

Доғи дилро боғи дил кун бо фусун,
То набошӣ доғи домони сухан.

Хуни дил хур, хуни дил хур, хуни дил,
Маҷлиси май нест майдони сухан.

Сар барорӣ аз гиребони замон,
Гар бигирӣ аз гиребони сухан...

11.2.1981

* * *

Эй ғунчаи хандида, Наврӯз муборак бод!
Эй чашмаи ҷӯшида, Наврӯз муборак бод!

Эй камдили тарсида, аз ишқ фурӯ бигзор,
Эй ошиқи шӯрида, Наврӯз муборак бод!

Эй шохаи хушкида, имсол ту нашкуфтӣ,
Эй пунбаи болида, Наврӯз муборак бод!

Эй ёри аламдида, имсол куҷо рафтӣ?
Эй ёри писандида, Наврӯз муборак бод!

Эй ҳусни барозида, Наврӯз муборак бод!
Эй ҷону дилу дида, Наврӯз муборак бод!

16.2.1981

* * *

Хонаи нав нишонаи нав бод,
Шодии нав, таронаи нав бод!

Баҳри фардои кӯдакони умед
Ин макон ошёнаи нав бод!

Баъди он қадр ҳақталошиҳо
Хонаи нав фасонаи нав бод!

Нақди он қадр ваъдаи нася
Хонаи нав хазонаи нав бод!

Баҳри мастиву риндии ёрон
Хонаи нав баҳонаи нав бод!

Ҳадяи шоири намакхурда
Ғазали шодиёнаи нав бод!

20.2.1981

* * *

Ҷилва кардӣ чун шарар, ёдат ба хайр!
Рафтӣ аз мо як саҳар, ёдат ба хайр!

Фӯтае нобаста худ, бигзоштӣ
Фӯтаҳомон дар камар, ёдат ба хайр!

Як гуле аз сад гулат нашкуфта буд,
Эй баҳори мухтасар, ёдат ба хайр!

Аз раҳи уммеди пайвандони худ
Рафтӣ мисли раҳгузар, ёдат ба хайр!

Парда нобардошта аз чеҳрае,
Шуд қазоят пардадар, ёдат ба хайр!

Хушк шуд уммедҳоят аз ҷаҳон,
Мову ин чашмони тар, ёдат ба хайр!

12.3.1981

* * *

Хун гириста, тарки одат мекунам,
Тоқ монда, боз тоқат мекунам.

То кунун дилро фалаҷ кардам зи ишқ,
Баъд аз ин ӯро табобат мекунам.

Баъди садҳо хонаро дар кӯфтан
Хонаи дилро мараммат мекунам.

Дар дили шабҳо дилам таҳ мезанад,
Зери лаб пинҳон васият мекунам.

Пеш аз ман гар шикоят дошт дил,
Ман кунун аз дил шикоят мекунам.

Пеш гар ҳар соат аз худ рафтаам,
Ҳолӣ бар соат итоат мекунам.

Гарчи ин қасдам батар бошад зи марг,
Баъд аз ин тарки муҳаббат мекунам...

26.4.1981

* * *

Гумном мекушанд маро номдорҳо,
Ноком мебаранд маро комгорҳо.

Як сар баланд дида маро аз ҷалоли худ,
Полағз медиҳанд маро поядорҳо.

Ман дар замини вусъати худ осмониям,
Дар хок мезананд маро хоксорҳо.

Ман дардманди шеърам эшон ба суди худ
Хоҳанд ҷои шеър санову шиорҳо.

Бар чашми офтоб надоранд чашми дид,
Дар соя мекашанд маро соядорҳо.

Ҳарчанд фикри хоми ман масруфи пухтагист,
Дардо, ки хом мехуранд ин хомхорҳо.

То шеъру ишқ, шоиро, аз беқарорӣ аст,
Бидруд, эй таҳаммули сабру қарорҳо!

30.4.1981

* * *

Ин манам, ҳамгунаҳи шишаву соғарзадагон,
Даст андар камару домани дилбарзадагон.

Ин манам, ҳамсафари сӯхтагони раҳи ишқ,
Хок бар сар зада, аз хок зи нав сар задагон.

Ин манам дида, ки бас ҳиммати пасте доранд
Доду фарёди баланд аз сари минбар задагон.

Ин манам, ҳамназари зумраи арбоби назар –
Дил ба дарё задагон, сина ба озар задагон.

Ин манам, ҳамнасаби гумшудагони раҳи ишқ –
Рахна бар силсилаи муслиму кофар задагон.

Ин манам, ҳамтани мардони зи пастии замин
Таъна бар манзалаи торами ахзар задагон.

Ин манам, ҳамшарафи ҷумлаи мардони амал –
Остин аз паи таъмири ҷаҳон барзадагон...

1.5.1981

* * *

Дидам, эй раҳгумзада, ҳамроҳу ҳам роҳи туро,
Бедар аст, эй вой, дидам қасру даргоҳи туро.

Дигарон то осмон рафтанду ту то остон,
Дидам, эй мурғи саро, парвози кӯтоҳи туро.

Донаи суде надидам бахри аҳли киштукор
Ҳар қадар, ки бод кардам хирмани коҳи туро.

Хулқи ту ҳаргиз набуда дар талоши суди халқ,
Ҷуз ҳавои хеш ку нафси ҳавохоҳи туро?

Баски андар зиндагӣ гулро ба пул бифрӯхтӣ,
Гул куҷо, пул ҳам насозад сер ин чоҳи туро...

6.6.1981

* * *

Маро дунё нахоҳад кушт, то дунёи дил дорам,
Маро дарё нахоҳад бурд, то дарёи дил дорам.

Зи баднафсию пурхорӣ басо савдогарон
мурданд,
Зи ҳар савдо намемирам, ки ман савдои
дил дорам.

Ба рӯи хок ҳам бошам, ба зери хок ҳам бошам,
Ниҳон ҳаргиз намегардам, ки ман пайдои
дил дорам.

Васият менависад ин, шикоят менависад он,
Ман аз ин ҳар ду озодам, хати иншои дил дорам.

Агар маъвои ман кӯчад зи рӯи хок зери хок,
Ба қасди марг дар ҳар синае маъвои дил дорам.

Дар ин дунё, ки як даъвои дил сад садди
рад дорад,
Ман аз номи ҳама соҳибдилон даъвои
дил дорам.

Ҳама буҳтоннависонро кунам огоҳ пеш аз марг:
Шумо имрӯз мемиред, ман фардои дил дорам...

12.6.1981

* * *

Ними умрам дар ғами сарвода[1] рафт,
Ними дигар дар ғами дилдода рафт.

Қисмате аз содагӣ дар хурду хоб,
Қисмате дар ёди ҳусни сода рафт.

Порае дар навбату дар интизор,
Порае бераҳбару беҷода рафт.

Қитъае дар маҷлису баҳси абас,
Қитъае бо ман ба раҳ афтода рафт.

Киштаи умрам агар барбод шуд,
Киштии шеърам ба баҳри бода рафт.
18.6.1981

* * *

Эй ишқ – камоли дил, эй ишқ – заволи дил,
Хуш омадӣ бар сина бо хобу хаёли дил.

Бикшодӣ агар сад раҳ, сад роҳи дигар бастӣ,
Эй амри муҳоли умр, эй амри муҳоли дил.

Норат бидиҳад гармӣ, дудат бикушад моро,
Эй ҳам ту савоби дил, эй ҳам ту вуболи дил.

Ҳарчанд кунӣ эҷод ҳар лаҳза суоле чанд,
Ғайри ту ҷавобе ку бар кулли суоли дил?

Гар асли ҷамолатро нодида дили мо сӯхт,
Танҳо ту тавонӣ гуфт аз ҳусну ҷамоли дил.

Гаҳ гиряву гаҳ ханда чун абри баҳоронӣ,
Танҳо ту баён созӣ авзои хисоли дил.

Бо ин ҳама идборат гар бахт намеорӣ,
Эй вой ба ҳоли мо, сад вой ба ҳоли дил!

24.6.1981

* * *

Мову ту ҳар ду зиндаем, он ҷо туӣ, ин ҷо манам.
Як чашмаи дарё туӣ, як чашмаи дарё манам.

Дунёи бесоҳиб агар соҳиб наёбад баҳри худ,
То соҳиби ишқи туям, як соҳиби дунё манам.

Савти мухолиф мезананд аз чор сӯ,
аммо чи бахт,
Як тори хушово туӣ, як тори хушово манам.

Мову ту ҳар ду ҳамназар, аммо ҷудо аз ҳамдигар,
Як дарди бедармон туӣ, як дарди ҷонфарсо
манам.

Бешу ками ин зиндагӣ аз ҳиммати мо будааст,
Як дасти гулпарвар туӣ, як дасти гулпиро манам.

Дар роҳҳои ин ҷаҳон раҳгум задам бе раҳзане,
То раҳзани умри манӣ, якумр раҳпаймо манам.

То ишқи ту ҷӯшон бувад, хокистарам
партав диҳад,
То ишқи ту пинҳон бувад, дар шоирӣ пайдо
манам.

6.7.1981

* * *

Ман чу аз гаҳвораи нақшини худ берун шудам,
Дар замин дастогиребон бо ҳама гардун шудам.

Сарфарозӣ ҳар қадар кардам ба сӯи осмон,
Он қадар дар рӯи хоки зиндагӣ вожун шудам.

Ҳар қадар ободӣ бар вайронаҳо омӯхтам,
Он қадар маъмураи дил костам, ворун шудам.

1. Сарвода – шеър.

То нарезад хуни одам нораво, андар сухан
Хун фишондам, хун гиристам,
ғарқа андар хун шудам.

Гарчи худ мазмуни ин ҳастиву ин дунёстам,
Осафо, қурбони сад мазмуни бемазмун шудам.

Хилқати инсон намегунҷад ба қонуне, дареғ,
Сохтам қонун басо, то куштаи қонун шудам.

Дар замини зинда баҳри зиндаҳо ҷон сӯхтам,
Оқибат андар замини мурдае мадфун шудам.

27.8.1981

* * *

Ҷавонӣ, рангбозии муҳаббатро намедонӣ,
Муҳаббатро агар донӣ, садоқатро намедонӣ.

Ба маҳфилҳои шӯрафзо, ба базми чойгаштакҳо[1]
Ба сурат ошиқиву асли сиратро намедонӣ.

Ба ҳар як қомати беқимате худро диҳӣ аз даст,
Ту қомат дидаӣ, шӯри қиёматро намедонӣ.

Ба гулгаште чу ҳар шамшодқад бинӣ, равӣ аз худ,
Ту қад дидӣ, валекин қадру қиматро намедонӣ.

Сари роҳат бигирад, дар миёни роҳ бигзорад,
Ишорат дидаву самти ишоратро намедонӣ.

Қасамҳо мехурад ҳар нобалад
бо чашму мижгонат,
Ту қисмат мекуниву доғи қисматро намедонӣ.

15.10.1981

* * *

Ҳайфи умри мард, агар дар бистари зан
бигзарад,
Ҳайфи умри зан, агар бо оҳу шеван бигзарад.

Олимон дар базми май дасту гиребон мешаванд,
Ҳайфи он дониш, ки дар баҳси тую ман
бигзарад.

Тарсуе тарсида аз пила ба пила по ниҳад,
Ҳайфи умре, ки фақат бо бими мурдан
бигзарад.

Ҳайфи он кавдан, ки бошад тирамағзу тирадил,
Тира дида манзари дунёи равшан, бигзарад.

Ҳайфи он дасте, ки гирад аз гиребони падар,
Ғофил аз кайфияти дастобагардан бигзарад.

Ҳайфи он ошиқ, ки танҳо васл хоҳад, асл не,
Бехабар аз асли дил аз кӯчаи фан бигзарад.

4.11.1981

* * *

То ҳамканор будиям, дунё канор дошт,
То ҷоннисор будиям, дунё нисор дошт.

Андар миёни ин ҳама таъҷилу гирудор,
То ҳамқарор будиям, дунё қарор дошт.

Гоҳе зи бодаи сара, гоҳ аз мушоара,
То ҳамхумор будиям, чашмат хумор дошт.

Дунёи нақши обу гил ҳарчанд буд бахил,
То ту нигор будиям, нақшу нигор дошт.

Ҳар лаҳза дар гузаргаҳи умри шитобкор,
То интизор будиям, умр интизор дошт.

То ҳамтарона будиям, дунё тарона буд,
То ғамгусор будиям, ғам бӯи ёр дошт.

Имрӯз аз хазони ишқ афсӯс мехурам...
То ҳамбаҳор будиям, дунё баҳор дошт.

9.12.1981

* * *

*«То тавонӣ, дӯстонро гум макун»*
*Мирзо Турсунзода*

Дар ҷаҳони душманонӣ, дӯстонро гум макун,
Дар миёни каҷравонӣ, ростонро гум макун.

Ҳар куҷое по ниҳӣ, дар пои ту сар мениҳанд,
Ошу ноне хурдаӣ, он ошёнро гум макун.

Ваъдаҳои насия додӣ вақти мастӣ, мард бош,
Баҳри ҷуброн пеши ҷонон нақди ҷонро
гум макун.

Ҳам макун парвову ҳам як лаҳза беларво мабош,
Корвонсолорӣ, фарёди сагонро гум макун.

Навбатат гар омада дар осиё, навбат бирон,
Лек исёну ғурури осиёнро гум макун.

Обрӯе доштӣ, аммо чу об аз сар гузашт,
Баҳри оби мурдае оби равонро гум макун.

1. Чойгаштак – базми дугонаҳои арӯс.

Огаҳам аз хешу боз офоқ огаҳ мекунад:
То намирӣ безамон, дарди замонро гум макун.

Гарчи бо Модар-Заминам, бишнавам
панди падар:
«Дар замин гар шодмонӣ, осмонро гум макун!»

Дастаи дар мекашад аз остинам ҳар саҳар:
«Эй ки берун меравӣ, ин остонро гум макун!»

9.12.1981

* * *

То доштам ғами туро, дил ҳеҷ ғам надошт,
Дар олами пур аз алам доғи алам надошт.

То ту набудӣ ҳамқалами шеърҳои ман,
Ин дафтари тиҳии ман нақши қалам надошт.

То ту набудӣ ҳамқадам дар кӯрароҳи дил,
Умрам зи остонае ҳаққи қадам надошт.

То ту набудӣ чашмаи уммедҳои ишқ,
Саҳрои бошу буди ман як қатра нам надошт.

То ишқи ту набуд ситезону беамон,
Ақлу дилам риояти ҳукми ҳакам надошт.

Аммо, дареғ, рафтиву нашнохтӣ маро,
Тақдир ин қадар ба ман бахши ситам надошт.

10.12.1981

* * *

Гар баҳри тамаъ омадаӣ пеши дари ман,
Лаб во макуну дур бирав аз назари ман.

Ман чун ту падарсӯхтаеро нашиносам,
Бархоста аз гӯр ҳам ояд падари ман.

Ман бе пули ту мегузарам аз пули дунё,
То мерасад аз хони ҳазар моҳазари ман.

Ман бар асари дӯғу дағои ту натозам,
То ҳаст ба дилҳо асароти асари ман.

Хокистари ту рӯи маро тира насозад,
То шуълаи сӯзанда фишонад шарари ман.

Симу зар агар аз дару боми ту биборад,
Шеъри дарӣ борад ҳаме аз бому дари ман.

10.12.1981

* * *

Эй дил, эй дил, ҳама фарёд зи шайдоии ту,
Ки чунин пир шудам аз ғами барноии ту.

Бар ману ҳастии ман ҳукми ту бисёр гузашт,
Гӯлу нодон шудам аз вусъати доноии ту.

Ман ба чашми ту назар кардаму дунё дидам,
То шиносам асари меҳнати дунёии ту.

Лаззате дошт агар умри ману меҳнати ишқ,
Буд он ҳам тапиши соати раҳпоии ту.

Он қадар об шудам, то ту шудӣ дарёе,
Оқибат ғарқ шудам дар гуми дарёии ту.

1982

* * *

Ҳусни ту бо дилрабоӣ мекушад охир маро,
Дарди ту бо худнамоӣ мекушад охир маро.

Нест ғайри дурият дар толеи пешониям,
Васли ту бо нораvoӣ мекушад охир маро.

То туро аз даст додам, даст бар сар мезанам,
Ишқи ту бо норизоӣ мекушад охир маро.

Ҳеҷ бокам нест аз чашми бади дилмурдагон,
Чашми ту бо ошноӣ мекушад охир маро.

Марги зебо буд, гар пеши ту мемурдам, дареғ,
Ошиқӣ андар ҷудоӣ мекушад охир маро.

Ҳар худоҷӯе, ки буд, мемурд дар роҳи худо,
Бехудӣ ё бехудоӣ мекушад охир маро.

1982

## БА ҚАҲРАМОНИ МЕҲНАТ

Дар ин замини меҳнат, дар ин замони меҳнат
Табрик гӯямат ман, эй қаҳрамони меҳнат!

Аз чор фасли меҳнат як панҷгӯша ахтар
Афтод рӯи сина-т чун армуғони меҳнат.

Афтод ин ситора на з-осмони боло,
Афтод ин ситора аз осмони меҳнат.

Аз одамӣ нишоне ҷуз нақши дасти ӯ нест,
Дорад ҷаҳон бақое худ аз нишони меҳнат.

Инсон фалакситон шуд бо дасти достонсоз,
Шуд достонӣ Рустам аз достони меҳнат.

Донад забони роҳат ҳар марди кор чун ту
Аз обила бихонад сабку забони меҳнат.

Ожанги рӯ бигӯяд аз нанги сурхрӯӣ,
Хушкии лаб бигӯяд аз хушкнони меҳнат.

Хоби ҳаром гӯянд, нони ҳалол худ чист,
Дарди миён бигӯяд дарди ниҳони меҳнат.

Чун ту баҳою қадри нони тамом донад
Ҳар кас, ки хурда бошад як реза нони меҳнат.

Андешааш сабук не, кораш сабуксарӣ не,
Ҳар кас кашида бошад бори гарони меҳнат.

Дунё, ки нотамом аст, инсон ҳанӯз хом аст,
То пухта гардад инсон, дунёст кони меҳнат.

Дар осмони ҳафтум ҷовид ҷо бигирад,
Ҳар кас ҷабин бисуда дар остони меҳнат.

Рӯзу шабон нахуфтӣ, бо хок роз гуфтӣ,
Будӣ қарини мардум, соҳибқирони меҳнат.

Дар зодгоҳи шахсат ҳайкал ниҳанд, аммо
Ҳайкал бишав ба халқат чун қадрдони меҳнат.

Ҳам боз умедворам дар ёди халқ монӣ
Чун қаҳрамони миллат, эй қаҳрамони меҳнат!

1982

* * *

Аз хеш рамидае бузург аз ман нест,
Нодидаи дидае бузург аз ман нест.

Ҳарчанд ки рӯзгори афсона гузашт,
Афсонашунидае бузург аз ман нест.

Гар шарти бузургӣ аст манзилёбӣ,
Манзилнарасидае бузург аз ман нест.

Худкардааму ниҳон кунам вовайло,
Фарёдкашидае бузург аз ман нест.

Дар ҷодаи ошиқӣ ҳама пеш даванд,
Баръаксдавидае бузург аз ман нест.

Ҳарчанд ҳама зи ишқ заҳре бичашанд,
Як моргазидае бузург аз ман нест.

1982

* * *

То ту бошӣ, рӯнамои бахти ман рӯи ту бод!
Сарҳисоби зиндагиям дар сари кӯи ту бод!

Гар сазоворам, мукофоти ҷамоли ту бас аст,
Гар гунаҳкорам, ба гардан ҳалқаи мӯи ту бод!

Дилкашоли тустам дар ҳар замону ҳар макон,
То аҷал чашмам напӯшад, чашми ман
сӯи ту бод!

Дар такопӯи ту худро ёфтам дар шоирӣ,
Баъд аз ин ҳам зиндагиям дар такопӯи ту бод!

Мекунам танзими байти абруят,
бошад ки баъд
Ёдгори шоириям байту абрӯи ту бод!

1982

* * *

Гар торҳои ишқи мо ҳамҷӯр мешуданд,
Халқи ҷаҳон зи бахти мо масрур мешуданд.

Дар хилвате, ки мову ту ҳамроз мешудем,
Хомӯшиҳо таронаи машҳур мешуданд.

Мебуд шӯри дигаре дар ошиқӣ, агар
Дилҳои мо ба ошиқӣ ҳамшӯр мешуданд.

Онҳо, ки буд қасдашон дурии мову ту,
Эй кош, аз ҷаҳони амал дур мешуданд.

На рӯз медиҳанд, на шаб хоб, эй хушо,
Ин рӯзкӯрҳо агар шабкӯр мешуданд.

Аз ишқ мурдагон ҳама эҳё шаванд кош,
Беишқ зиндагон ҳама дар гӯр мешуданд.

1982

* * *

Ёд бод он шаб, ки дил бо ёр буд,
Нақди умрам лаҳзаи дидор буд.

Ҳар шарори бӯса аз лабҳои ӯ
Шуълаи барқи ҷаҳони тор буд.

Ахтари мо аз сари гултеппае
Рӯнамои толеи бедор буд.

Абрҳо месӯхтанд андар уфуқ
Моҳи нав чун машъалабардор буд.

Ӯ ба рӯи сабзаҳо по мениҳод,
Хок ҳам аз ишқ миннатдор буд.

Ман диламро дода будам дар кафаш,
Хаста буд, ошуфтаву афгор буд.

Ӯ дилашро дода буд андар кафам,
Гарм буд, озурдаву ғамхор буд.

Лаҳзае аз вақт дуздидем бахт,
Оҳ, бахти ошиқӣ душвор буд.

Чашм бикшодам саҳар, дидам ҳама
Хоб буд, афсона буд, пиндор буд...

1982

* * *

Гар туро меёфтам бори дигар,
Кай дигар мекофтам ёри дигар.

Гар паноҳам буд девору дарат,
Сар намесудам ба девори дигар.

Мехаридӣ гар маро, ҳоло набуд
Дар сарам савдои бозори дигар.

Гар насибам буд оғӯшат зи умр,
Ишқи моро буд осори дигар.

Гар ту будӣ ёри ман, ёри ту буд
Шоири дигар, ҳам ашъори дигар...

1982

* * *

Дар канори рӯд дур аз он канор истодаам
Бемадорои муҳаббат бемадор истодаам.

Тирамаҳ ҳарчанд мегӯяд: баҳорат рафтааст,
Чун ҳинои санг ёде аз баҳор истодаам.

Ишқи ман дар кӯҳсорон ғулғуле афканда буд,
Ин замон хомӯш ҳамчун кӯҳсор истодаам.

Як замон дар синаи ман обшори шавқ буд,
Гӯши ҷон бар нағмаҳои обшор истодаам.

Шавқи ман мурд, орзуям сӯхт,
дил беқибла монд,
Бар ҳама гумкардаҳоям ёдгор истодаам.

Рӯд хушкидаст, лабҳояш сафолак бастаанд,
Бо умеди хушку шеъри обдор истодаам.

1982

* * *

Тарки соғар кардаму андар хумораш сӯхтам,
Тарки дилбар кардаму дар раҳгузораш сӯхтам.

То ба дарёи диле рафтам ба сад дарёдилӣ
Бе канораш об гаштам, дар канораш сӯхтам.

Содалавҳон ишқро нодида донистанду ман
Дидаму донистаму дар интизораш сӯхтам.

Бодахорон зиндагиро бо қадаҳ хурданду ман
Дар қатори оқилони ҳушёраш сӯхтам.

Аҳли дил сӯзанд агар аз нобароридаҳои дил,
Ман ба саҳни зиндагонӣ аз барораш сӯхтам.

Сабзаҳо сӯзанд агар дар зери гармои тамуз,
Ман тару тоза дар оғози баҳораш сӯхтам.

1982

* * *

*«Вовайли он миссе, ки ӯ бо кимиё ошиқ нашуд».*
*Шамси Табрезӣ*

Охир мани шӯридадил бо як садо ошиқ шудам,
Бо камбаҳоиям туро, эй бебаҳо, ошиқ шудам.

Бедарду ғам будам агар, дар ишқ кам будам агар,
Инак туро дарёфтам, бо дардҳо ошиқ шудам.

Қадри ту нодониста буд, армони ман
нашкаста буд,
Гум кардамат андар замин, то дар само
ошиқ шудам.

Гар бо ту будам носазо, гар бе ту будам норасо,
Ҳам носазо ошиқ шудам, ҳам норасо
ошиқ шудам.

То кай хамӯшу бесадо? Он беҳ ки бошам
дар бало,
Ман як бало мехостам, бо сад бало ошиқ шудам.

Гаҳ бехудам, гаҳ бехудо, аммо бад-ин сон
муддао
Шояд худои дил туӣ, ман бо худо
ошиқ шудам!

1982

* * *

Дар мағз-мағзи ҷонам ғамҳои ту бимирам,
Бо гуфтугӯи ишқат бегуфтугӯ бимирам.

Якумр аз раҳи дил – аз манзиле ба манзил
Бас ҷустуҷӯт кардам, дар ҷустуҷӯ бимирам.

Дар орзуи рӯят бигзашт зиндагиям,
Дигар чи орзуе, з-ин орзу бимирам.

Чун аҳди ту шикастам, дил бо сабӯ бибастам,
Гар по зи роҳ монад, пои сабӯ бимирам.

Мастии бода бигзашт, мастии ишқ боқист,
Теғи нигоҳи мастат андар гулӯ бимирам.

Ҳар гоҳ пеши рӯям ояд аҷал, малулам,
Нодида сер рӯят ман бо чӣ рӯ бимирам?!

Як бор дидани ту бахти накӯи ман буд,
Некӯ назистам гар, шояд накӯ бимирам...

Марде барои шуҳрат, марде барои давлат,
Гар марг пурсад аз ман, ман баҳри ту бимирам!...

1982

* * *

То ба кай аз ғами дунё дили худ об кунам?
Чанд парвои ҳама қолаби одоб кунам?

Вақти он аст, ки чун мавҷ ба варзиш оям,
Вақти он аст, ки азми раҳи Варзоб кунам.

Рӯди Варзоб беҳин шеъри равони дунёст,
Дил зи ангези чунин шеър шарафёб кунам.

Моҳрӯе бинишинад сари санге бари ман,
Ханда бар манзалату мансаби аҳбоб кунам.

Моҳ чун қоши тилоист ба пешонии кӯҳ,
Ман назар бар рухи моҳу гули маҳтоб кунам.

То саҳаргаҳ буни кӯҳу лаби рӯду лаби ӯ,
Рӯҳи худ чун гули соҳил ҳама шодоб кунам.

Чист андешаи неку баду каҷдорумарез?
Бигзарад ин ҳама, чун зери замин хоб кунам...

1982

* * *

Оламе ояд дар оғӯшам, чу оғӯшат кунам,
Лаб занад бахтам, чу бӯса аз лаби нӯшат
кунам.

Мурдагон аз хок бархезанд бо сад доғи ишқ
Лаҳзае, к-аз бӯсаҳои гарм беҳушат кунам.

Дар барам хуршеду бар дӯшам маҳ ояд
аз фалак,
Соате, ки бӯсачинӣ аз бару дӯшат кунам.

Ахтарон резанд бар хоки сияҳ аз рашки бахт,
Ман чу нақши бӯсаро зеби баногӯшат кунам.

Сад баҳореро хазон бинӣ, агар донӣ, ки ман
Бо гули уммедҳои хеш гулпӯшат кунам.

Ман, ки аз дурии ту бо духтари раз ошиқам,
Орзу дорам ба базми дил қадаҳнӯшат кунам.

Дон, ки Лоиқ мурду аз ӯ мисрае боқӣ намонд,
Як нафас гар бо дили шайдо фаромӯшат
кунам.

1982

* * *

Мо низ дар замони худ дилдода будаем,
Мафтуни холу хатти худодода будаем.

Бо он ҳама ғурури ҷавонӣ, ки доштем,
Дар хоки остонае афтода будаем.

Дар пеши чашми масти ӯ лолу фалакзада,
Аз дур ишқнома фиристода будаем.

Дар рӯ ба рӯ чу кӯдаки ҳайрону музтариб,
Аз дур дар балои ӯ омода будаем.

Бо он ҳама наҷобату ошӯби хуни гарм
Бисёр сода дил ва ё худ сода будаем.

1982

* * *

Мо ҳам барои хеш ҷаҳон офаридаем,
Мо ҳам зи дарди ишқ даме н-орамидаем.

То бо бисоти хотири ёр ошно шавем,
Эй бас зи хеш рафтаву аз худ рамидаем.

Гар дигарон ба манзили мансаб расидаанд,
Мо ҳам ба қадри бӯсаи ёре расидаем.

Ноқобилон чу аз паи рӯзӣ давидаанд,
Мо ҳам ба ҷои ваъдаи моҳе давидаем.

Гул чидаанд мардумон ё хӯша чидаанд,
Мо аз замини умр фақат бӯса чидаем.

З-он пештар, ки аз тапиш монад дили бузург,
Андар канори дилбаре бехуд тапидаем.

Мақсуд аз ҳаёт агар умр дидан аст,
Хуш умр дидаем, ки дидор дидаем...

1982

* * *

То ғами талхе нахурдӣ, аз ғами ширин магӯ,
То ғами фардо нахурдӣ, аз ғами дерин магӯ.

Гар туро завқи тапиш дар сина гардидаст кӯр,
Аз сукути бихрадону тоқату тамкин магӯ.

Гоҳ қадҳи ин бигӯӣ, гоҳ мадҳи дигаре,
Эй ки на онӣ, на ин, бисёр ону ин магӯ.

Лӯбиёясту қаду мастию ҳушёрии ту,
Завқи мастӣ гар надорӣ, аз маи рангин магӯ.

Хамбаи буғз асту кина дил даруни синаат,
Бехабар з-одамгарӣ ҳарфе аз ин оин магӯ.

Худ чу урёнӣ, ба чашми ақл бар худ дарнигар,
Ҷомаҳои дигаронро ҷандаи чиркин магӯ...

1982

* * *

*Ба ёдбуди Носирҷон Маъсумӣ*

Ту дил гум кардию аз кӯчаи диддор бигзаштӣ,
Ту гул гум кардию аз гӯшаи гулзор бигзаштӣ.

Ду чашмонат ба роҳи ёр буд он шаб
тамоми шаб,
Ба ёди рӯи субҳу соати дидор бигзаштӣ.

Сухан – ногуфта, дил – накшода,
ҷумла – нотамом, афсӯс,
Ба каф аз орзуҳо соғари саршор бигзаштӣ.

Ғазалхону сахитабъу суханпарварду базморо
Зи базми зиндагӣ вирди забон ашъор бигзаштӣ.

Агарчи хоби маргат бурду субҳе чашм накшодӣ,
Ту аз дунёи хоболуди мо бедор бигзаштӣ.

Дилат абрешимӣ буду садоят низ абрешим,
Чи беозор будию чи беозор бигзаштӣ...

1982

* * *

Эй кошки ба олам ман бошаму ту бошӣ,
Мисли Ҳавою Одам ман бошаму ту бошӣ.

По дар гили ғами дил, сарсони олами дил,
Озод аз дигар ғам – ман бошаму ту бошӣ.

Хуршед чун барояд теғи нигаҳ кашида,
Борон кунад чу нам-нам, ман бошаму ту бошӣ.

Дар рӯ ба рӯи дунё, дил ташнаи ҳавасҳо
На беш аз ину на кам ман бошаму ту бошӣ.

Як дам зи умри олам қисмат шудаст моро,
Бедарди сар як ин дам ман бошаму ту бошӣ.

1982

* * *

Худоё, бемаҳал мирад, касе дорад маҳалбозӣ.
Илоҳо, беаҷал мирад, касе дорад мағалбозӣ.

Бихобад зуд дар тобут он баттол, к-аз кӯрӣ
Ғазалсозии моро дида, пиндорад дағалбозӣ.

Дар ин дори амал ҳар кас, ки бошад
омили ваҳшат,
Ба заҳроби алам ҷӯлад зи меҳроби амалбозӣ.

Сари роҳи бузургонро касе ғав бандаду гирад,
Кунад як рӯз ё шаб бо сари худ филмасал бозӣ.

Касе, ки қадри ишқу ишқбозиро намедонад,
Кунад ҳар лаҳза бо ифритаи кӯи аҷал бозӣ!

21.2.1982

* * *

Ёр меҷӯему бо ноёр қисмат мекунем,
Баҳр меҷӯему бо ҷӯе қаноат мекунем.

Ишқ меҷӯему аз шавқе пушаймон мехурем,
Ком меҷӯему бо ҷоме кифоят мекунем.

Меҳр меҷӯем, аммо баъд аз муҳри никоҳ
То фалак аз муҳри меҳри худ шикоят мекунем.

Рӯзи аввал пеши пои ёр сар меафканем,
Рӯзи дигар бар сари ӯ сад қиёмат мекунем.

Ваҳ чи бадбахтист, ёраб, дар ҷаҳони
бурду бохт,
Давлати дил дода аз каф, боз савлат мекунем.

Ман намедонам чӣ дорад расми каҷдорумарез,
Ки ба рағми асли худ бо ғайр одат мекунем.

Ман намедонам чӣ дорад ормони мо, ки мо
Хизр меҷӯему бар хирсе ибодат мекунем.

6.3.1982

* * *

Ёд бод, он шӯри оғози муҳаббат ёд бод,
Ёд бод, эҳсоси эъҷози муҳаббат ёд бод.

Байни ду дил – байни ду сайёраи шӯру ҷунун
Дар фазои шавқ парвози муҳаббат ёд бод.

Синаам чун кӯраи пуроташе дармегирифт,
Он ҳама сӯзи дилу сози муҳаббат ёд бод.

Баҳри як нозаш намегунҷид ҷонам дар бадан,
Он ҷавониҳову он нози муҳаббат ёд бод.

Дар дилам сад баҳри тӯфонӣ, ту гӯӣ, ҷой дошт,
Он талотумҳои ҷонбози муҳаббат ёд бод.

Гар ман имрӯзам зи маҷрӯҳони користони дард,
Бозувони қодирандози муҳаббат ёд бод.

Дар дилам имрӯз ғайри мушти оҳу дард нест,
З-он диле, ки буд анбози муҳаббат, ёд бод!

7.3.1982

* * *

Ҷони ман қурбони як хандидану нозиданат,
Лаб ба лаб бинҳодану аз шӯри дил ларзиданат.

Умри ман қурбони он соат, ки аз бӯсу канор
Бо ҳавои зарби дил болидану рақсиданат.

Бахти ман қурбони он фурсат, ки
дастони сафед,
То напечӣ дар бало, дар гарданам печиданат.

Рӯзи ман қурбони он муддат, ки дар
оғӯши шавқ
Аввалан шӯриданат в-аз оқибат тарсиданат.

Ганҷи ман қурбони он давлат, ки аз ман
бо итоб
Барабас ранҷиданат, з-он пас маро
санҷиданат.

Шеъри ман қурбони он сарват, ки аз
девони ман
Байтҳое хондану дар худ наёромиданат.

Буди ман қурбони он ҳиммат, ки бар ман
бедареғ
Он чӣ муҳри зиндагӣ буд, ройгон
бахшиданат...

8.3.1982

* * *

Дил гадои дигареву ман гадои дигаре,
Дил адои дигареву ман адои дигаре.

Байни мову дил ҳамеша ҳарбузарби шавқхост,
Дил фидои дигареву ман фидои дигаре.

Доғ рӯи доғ бигзорему хоҳем аз табиб
Дил давои дигареву ман давои дигаре.

Гарчи мо ҳаргиз раводори гуноҳе нестем,
Дил равои дигареву ман равои дигаре.

Бехато хоҳем будан, лек содир мекунем
Дил хатои дигареву ман хатои дигаре.

Гарми парвозем, аммо самтҳо аз ҳам ҷудо –
Дил фазои дигареву ман фазои дигаре.

Гарчи яклахтем, якбахт аз куҷоем, эй дареғ,
Дил ба ҷои дигареву ман ба ҷои дигаре...

13.3.1982

* * *

Чанд рӯзе бо хумори бӯсаҳоят зиндаам,
Санги сардам, бо шарори бӯсаҳоят зиндаам.

Аз куҷо донам шумори рӯзҳои мондаро,
То ба нақди бешумори бӯсаҳоят зиндаам.

Аз кафи барги хазони тирамаҳ уммед нест,
Ман ба уммеди баҳори бӯсаҳоят зиндаам.

Ҷоннисори бӯсаҳои ҷонфазоят будаам,
Боз ҳам баҳри нисори бӯсаҳоят зиндаам.

То лабони оташин дорӣ, саропо оташам,
Ман барои шуълазори бӯсаҳоят зиндаам.

Ман намемирам, агар сад марг ояд бар сарам,
То чу ёри комгори бӯсаҳоят зиндаам.

15.3.1982

* * *

Фанди офоқ диданам кофист,
Заҳри дунё чашиданам кофист.

То ба маскан намерасам, пайдост,
То ба мадфан расиданам кофист.

Дил зи ишқе наметапад дигар,
Сакта дар дил тапиданам кофист.

Бехаридор мондаам имрӯз,
Ғами ишқе хариданам кофист.

Ҳар дам, эй чарх, ин чӣ сарборӣ?
Бори маънӣ кашиданам кофист.

Кори дунё надод оромиш,
Пеши марг орамиданам кофист.

Гули доғ аз мазори ман рӯяд,
Гули ин боғ чиданам кофист.

22.4.1982

* * *

Эй нозиме, ки ҷуз мағал аз шоирит нест,
Ҷуз чанд лоф аз луғати модарит нест.

Дар шеър дод мезанӣ аз мардиву ғурур,
Дар зиндагонӣ заррае мардигарит нест.

Дар шеърҳот даъвии пайғамбарӣ зиёд,
Дар зиндагӣ бидуни шикоятбарит нест.

Аз қуллаҳои сарбафалак ҳарф мезанӣ,
Аммо ба рези резаи он ҳамсарит нест.

Аз рӯди зиндагӣ басо бо пул гузаштаӣ,
З-он дар бисоти мисрае шӯроварит нест.

Рӯят сиёҳ бо ҳама «шеъри сафед»-и фач,
Андар замини шеъри Аҷам мазҳарет нест.

Бар ҳар даре, ки шеър барӣ, тард мекунанд,
Зеро ки бӯю накҳати шеъри дарит нест.

13.9.1982

* * *

Ороиши ҷавониям ишқи ту буду мурд,
Гулбонги шодмониям ишқи ту буду мурд.

Болам дигар шикаставу авҷам нишастааст,
Парвози осмониям ишқи ту буду мурд.

Акнун дили диловарам хун гиря мекунад,
Гулханди зиндагониям ишқи ту буду мурд.

Ман чун дарахти тирамаҳ бебаргу бенаво,
Уммеди бехазониям ишқи ту буду мурд.

Ҷон дар танам чу орифи зиндонӣ норизост,
Манзури ҷонфишониям ишқи ту буду мурд.

Чун суҳбати ду гунг ману умр мондаем,
Бо умр ҳамзабониям ишқи ту буду мурд.

Акнун сари мазори дил фарёд мезанам,
Тақдири инҷаҳониям ишқи ту буду мурд.

Акнун сари мазори ишқ афсӯс мехурам,
Бахти нахусту сониям ишқи ту буду мурд.

4.10.1982

* * *

Ало, кайҳони дури ман, ало эй хоксори ман,
Ки ҳоло сабз медорӣ баҳори рӯзгори ман.

Шабат хуш бод боре дар канори ёри иҷборӣ,
Агарчи нестӣ дар шоми ғамҳо ҳамканори ман.

Туро ҳар бор агар бинам, ҷавонӣ боз меояд,
Ту – ишқи шуълабори ман, умеди пойдори ман.

Агар чашмат набинам, чашмаи илҳом мехушкад,
Ту – ҷони беқарори ман, ту – шеъри обдори ман.

Агар рӯят набинам, рӯи тақдирам сияҳ гардад,
Ту – ҳусни рӯзгори ман, ту – ҳузни
хушгувори ман.

Зи абрӯи баланди ту, зи мижгони дарози ту
Ҳама авҷу барори ман, ҳама шӯру шарори ман.

Зи ҳар ҳарфи суруди ман фурӯзон мешавад
номат,
Ту – ёду ёдгори ман, ту – зарлавҳи мазори ман.

Хушо аз кӯрии чашми касон, моро баҳоре ҳаст,
Хазонатро набинам, эй гули доимбаҳори ман!

7.10.1982

* * *

Шод бод он, к-ӯ ғами ёрон хурад,
Ҳасрати дунёи бепоён хурад.

Аввал ороми дили бирён диҳад,
Баъд беғам барраи бирён хурад.

Аз гулӯяш нагзарад як қатра об,
Хун хурад, то луқмаи осон хурад.

Хунбаҳои дӯстони ҷонбаҷон
Ҷон диҳад, то ҷуръа аз финҷон хурад.

Сад қасам бишкастан осон ҳилаест,
Зинда бод он, к-ӯ қасам бо ҷон хурад.

Нони мардум бар касе бодо ҳалол,
К-ӯ ғами мардум хурад, то нон хурад!

16.10.1982

* * *

Як замон то доштам дил, дилситонат будаам,
Як замон то доштам ҷон, ҷонфишонат будаам.

То даме будем бо ҳам ҷон ба ҷону дил ба дил,
Ҳамканор андар ҷаҳони бекаронат будаам.

Аз дурангиҳои қисмат то биёбӣ ранги хеш,
Бо ҷаҳони пир пайванди ҷавонат будаам.

Дар миёни ин ҳама дилрезаву ҷонрезаҳо
Як дилу ҷони тамоми ормонат будаам.

Дар замоне, ки дилат аз орзуҳо монда буд,
Дар фарози орзуҳо ошёнат будаам.

Ёд кун аз ман, ки боре дар раҳи дидори бахт,
Шӯри ишқу нақди вақту сӯзи ҷонат будаам.

Ёд кун аз ман, ки вақте дар гузаргоҳи насиб
Як баҳори тоза бар қасди хазонат будаам.

Ёд кун аз ман, ки андар чор фасли умри ишқ
Ҳамзабон, ҳамошён, ҳамдостонат будаам.

24.10.1982

* * *

Маро ҳисоби зиндагӣ ба ҳар ҳисоб мекашад,
Миёни обу оташам ба обутоб мекашад.

Ба ошёни равшани хаёлҳо, висолҳо
Нахуст бор медиҳад, сипас ҳиҷоб мекашад.

Даруни соявравшани гуноҳҳо, савобҳо
Ба соя мекушад, сипас ба офтоб мекашад.

Гаҳе ба бӯи насяам зи нақд дур мекунад,
Гаҳе зи бахти нақдаам ба рахти хоб мекашад.

Даруни қоб мекашад, агар ниқоби ӯ кашам,
Чу рӯш диданӣ шавам, ба рӯ ниқоб мекашад.

Кашокаш аст ин ҷаҳон, зи ташнагии рӯҳу ҷон
Дилам шароб мекашад, сарам азоб мекашад.

Зи неку бад, зи дому дад дили ситезакори ман
Гаҳ иҷтиноб мекашад, гаҳ инқилоб мекашад.

Кашанд кола ину он, валек шоири фақир
Ба боргоҳи ҷовидон фақат китоб мекашад.

25.10.1982

* * *

Фақат асири мастию маю сабӯ набудаам,
Мудом дилфирефта зи рангу бӯ набудаам.

Чу даштҳои тирамаҳ нагаштаам тиҳӣ зи худ,
Чу санги сард бехабар зи ҷустуҷӯ набудаам.

Ба кӯи ёр рафтаам, ба бӯи ёр рафтаам,
Ба майли ҳар касе равон чу оби ҷӯ набудаам.

Миёни обу гил ҳаме чу зоръи биринҷкор
Бараҳнапой будаам, бараҳнарӯ набудаам.

Зи насяҳо буридаам, ба нақдҳо расидаам,
Бараҳнагӯй будаам, фасонагӯ набудаам.

Ман аз канори ин ҷаҳон, ки тард мекунад маро,
Канорҷӯй будаам, канораҷӯ набудаам...

31.10.1982

* * *

Чу ҳар боре ба ёд орам гулу бори ҷавониро,
Бубинам рӯ ба рӯи хеш дидори ҷавониро.

Бубинам рӯ ба рӯи хеш бо чил кокули мушкин
Ба худ нозидану болидани ёри ҷавониро.

Бубинам орзуҳоям ба чандин ҷилва меҷӯянд
Гаҳ асрори ҷавониро, гаҳ осори ҷавониро.

Ду чашмам мепарад шабҳо, ки шояд бинам
андар хоб
Нишону рангҳои бахти бедори ҷавониро.

Дили яхбастаам гум мезанад ҳар гаҳ, ки ёд орам
Муҳаббатҳои сӯзону шарарбори ҷавониро.

Ба ҳасрат ёд меорам кунун зери хазонборон,
Ҳама гул-гулшукуфтанҳои гулзори ҷавониро.

Кунун миқдоре аз умрам дареғогӯӣ хоҳад буд,
Надонистам, дареғу дод, миқдори ҷавониро.

1.11.1982

* * *

Ёр рафту интизораш мондаам,
Умр рафту дар шумораш мондаам.

Ишқ мурду зиндагиям мурдагист,
Устухоне – ёдгораш мондаам.

Оташи дил мурд андар синаам,
Ман чу дуде аз шарораш мондаам.

Шишаи холӣ ба дарё рафту ман
Бо дили холӣ канораш мондаам.

Сад ҳазорон орзуям хок шуд,
Ман яке аз сад ҳазораш мондаам.

Эй басо ҷон шуд нисори зиндагӣ,
Банда ҳам баҳри нисораш мондаам.

Зиндагӣ ҷорист сӯи ҷовидон,
Мӯлае дар раҳгузораш мондаам.

13.11.1982

* * *

Чаро ҳаёт ҳар нафас туро азоб медиҳад,
Чу неши гозанбурат ҳазор тоб медиҳад?

Чаро ба рӯзҳо туро шиканҷакӯб мекунад,
Валек бахти нақдро фақат ба хоб медиҳад?

Чаро ба чанги дардҳо дили ту об мекунад,
Вале ба рӯзи вопасин ду қатра об медиҳад?

Чаро ба роҳи пириву шикастагиву хастагӣ
Ҷавонии ту мехурад, дили хароб медиҳад?

Чаро ҳамора мекушад тамоми армони ту,
Вале ҳазор ташнагӣ зи инқилоб медиҳад?

Чаро ниҳоли қоматат хамонда зери бори ғам,
Гаҳ изтироб медиҳад, гаҳ эҳтисоб медиҳад?

Чаро миёни шаш ҷиҳат ба як ҷиҳат намерасӣ,
Агарчи ҳар даме туро дами шитоб медиҳад?

Чаро ба мулки орзу, ба чорсӯи ҷустуҷӯ
Умеди фатҳ медиҳад, на фатҳи боб медиҳад?

Чаро хаёли нозукат ба нозуке намерасад,
Тараб ҳамеситонаду туро туроб медиҳад?

Чаро-чаро чӣ мекунӣ, азизи ман, бирав бихусп,
Ба кулли ин суолҳо аҷал ҷавоб медиҳад!..

13.11.1982

* * *

*Гар қобили малол наям, шод кун маро,*
*Вайрон агар намекунӣ, обод кун маро.*

*Соиб*

Хандон агар намекунӣ, гирён макун маро,
Обод агар намекунӣ, вайрон макун маро.

Хушбахт агар намекунӣ, аз бахт дам мазан,
Шодон агар намекунӣ, нолон макун маро.

Дар чорсӯи зиндагӣ то кӯи зиндагӣ
Раҳбон агар намешавӣ, сарсон макун маро.

Ҳайрони дил набудаӣ як лаҳза худ ба худ,
Бо лофу бо газофҳо ҳайрон макун маро.

Ҷонат тиҳист аз ғами ҷонсӯзи ошиқӣ,
Дасти тиҳӣ ту ин ҳама дастон макун маро.

Дунё надида, ваъдаи дунё мадеҳ ба ман,
Дарё надида, ташнаи тӯфон макун маро.

4.12.1982

* * *

Хушбахт мурдае, ки ба ёди гуноҳи ӯ
Сад зинда зиндагӣ кунад андар паноҳи ӯ.

Қадри варо шинохта ҳатто зи баъди марг,
Тан дода ғусса мехурад нохайрхоҳи ӯ.

Бас бесару кулоҳгон пирӯзӣ мекунанд
Дар сояи шафоати тарфи кулоҳи ӯ.

Дар гӯри сард хуфтааст, аммо ба сад ғирев
Бар гӯши ворисон расад фарёду оҳи ӯ.

Роҳаш тамом гашта, валекин тамом нест,
Сад нотамом меравад бо рӯҳу роҳи ӯ.

Ором хуфтааст даруни лаҳад, вале
Оромӣ нест дар сари оромгоҳи ӯ.

Гарчи надошт хонаи боназму бонасақ,
Олам ҳасад барад кунун бар хонақоҳи ӯ...

18.12.1982

* * *

Зинда бош, эй чашмаи илҳоми ман,
Халқи ман, эй асли нангу номи ман.

Бахти сабзу рӯи сурху чашми сер,
Обрӯю иззату икроми ман.

Ман агар имрӯз мирам дар ғамат,
Ту ба фардо мебарӣ пайғоми ман.

Шодбахтам з-он ки бо шеъру суруд
Сарфи айёми ту шуд айёми ман.

Кай чунин мастӣ раво медоштам,
Ту намебудӣ агар ҳамҷоми ман?

Дар дилам гар оташи меҳрат набуд,
Пухта кай мешуд каломи хоми ман?

Бахри хушкомии ту гуфтам сухан,
Бо сухан бардоштӣ то коми ман.

Боз ҳам раҳни ғами ҷони ту бод
Ҷони ман, ин ҷони бероми ман.

Ин ғазал гуфтам, ки ёд орӣ ба меҳр
Дар ҳама оғозҳот анҷоми ман...

30.12.1982

* * *

Дили бедилбаре дорам, на месӯзад, на месозад,
Кафи хокистаре дорам, на месӯзад, на месозад.

Зи паҳноҳои гардунҳо ба рӯи хоки ҳомунҳо
Фитода ахтаре дорам, на месӯзад, на месозад.

Гули чашмам набигзорад, ки бинам чашми гулҳоро,
Нигоҳи музтаре дорам, на месӯзад, на месозад.

Дареғо, аз сарам рафтаст дасти шафқати модар,
Сари бемодаре дорам, на месӯзад, на месозад.

Дилам холист аз табҳои сӯзони суруди ишқ,
Таби марговаре дорам, на месӯзад, на месозад.

Варақгардон шуда, дардо, китобу дафтари умрам,
Сари дарди саре дорам, на месӯзад, на месозад.

Ба шодиҳои минбаъдӣ ҳама ғамҳом бовар дошт,
Ғами бебоваре дорам, на месӯзад, на месозад.

Зи ашку хуну ҳар обе, ки умре аз сарам бигзашт,
Саропои таре дорам, на месӯзад, на месозад.

30.12.1982

## УШШОҚИ ДУШАНБЕ

Сафои рӯҳ дорад рӯи гулҳои шафақтобаш,
Нидои кӯҳ дорад нолаи дарёи Варзобаш.

Барои ошиқон месӯзаду дил зинда медорад
Чароғони фурӯзонаш ва ё чашмони бехобаш.

Ҷавониҳои халқи ман дар ин шаҳр асту мебинам
Зи гулгашту хиёбону чанористони шодобаш.

Пушаймонхурдае бошӣ ва ё дилмурдае бошӣ,
Зи ғам хурдан биосой, агар хурдӣ маи нобаш.

Душанбе шаҳри беҳамтост, зеро гоҳвори мост,
Ки қадри ишқ медонанд дилҷӯёни ноёбаш.

Душанбе – шаҳри ободон, Душанбе – шаҳри озодон.
Ба рағми пирӣ мешӯрад ҷавонию табу тобаш.

30.12.1982

* * *

Оҳу дод аз зиндагӣ, умри ҷавонам меравад,
Бо ҳама ному нишон, ному нишонам меравад.

Ошиқӣ, шӯридагӣ, девонагӣ, фарзонагӣ
Аз дарахти умр чун барги хазонам меравад.

Гуфта будам ман намемирам, ғурури ишқ буд,
Оқибат мемираму бо ман ҷаҳонам меравад.

Бо фиғони дил ҷаҳонро пушти сар хоҳам гузошт,
Пеш-пеши ман ба гӯристон фиғонам меравад.

Мисли ҷон аз пайкари фарсудаю беҳоли ман
Ишқи маҳрӯён зи дил, шеър аз забонам меравад.

Дар дили хоки сияҳ бо орзуҳои сафед
Он дили дар байни дилҳо тарҷумонам меравад.

Модари дунё сияҳпистони бепарводил аст,
Аз канори сарди ӯ гармои ҷонам меравад.

Марги ман марги тани ман нест, аз дунболи ман
Корвони орзую ормонам меравад...

3.2.1983

* * *

Дилам мондаст аз ғавғои дунё,
Зи ҷанҷолу кашокашҳои дунё.

Дурӯиҳои дунё бесабаб нест,
Худ илқо мекунад савдои дунё.

Ба ҷону дил ба ҷуз нақши ғаме нест,
Зи нақши атласу дебои дунё.

Фиреби чашму шуғли кӯдакон аст
Ҳама ашё, ҳама колои дунё.

Таку боло задам, афсӯс, афсӯс,
Надонистам таку болои дунё.

Ба ҳаққи ҷон фақат кулфат харидам
Зи меҳнатҳои ҷонфарсои дунё.

Зи кулли ваъдаҳо як мушти афсӯс,
Ҳамин нақдам расид, эй вои дунё!

Чу дунёро сари парвои ман нест,
Надорам банда ҳам парвои дунё.

Валекин, гарчи рӯзе мекушад, боз
Бихоҳам дидани фардои дунё...

8.3.1983

* * *

То гул бичинам, аз раҳи пургил гузаштаам,
То раҳ биёбам, аз сари қотил гузаштаам.

Лабташна будаам, вале бо шеъри обдор
Аз озмуни тӯдаи ҷоҳил гузаштаам.

То мисрае биёбаму рангин бисозамаш,
Аз байни сад ҳазор ғами дил гузаштаам.

Ожангҳои рӯи ман осори он даманд,
К-аз роҳҳои зиндагӣ мушкил гузаштаам.

Буданд дар сиришти ман шебу фарозҳо,
Зиллат кашида аз раҳи манзил гузаштаам.

Кошиф набудаам, вале дар роҳи ҷустуҷӯ
Як-ду қадам зи чанд тан коҳил гузаштаам.

Ман қаҳрамон набудаам, аммо ҳамин бас аст,
К-аз мавҷхези дард ба соҳил гузаштаам...

26.3.1983

* * *

Ишқи навоғози моро ҳеҷ анҷоме мабод,
Қалби нооромн моро ҳеҷ ороме мабод.

Дигарон бошанд инъоме зи даврон чашмдор,
Баҳри ман ҷуз васли ту аз бахт инъоме мабод.

Дур аз ту бо ғамат наздиктар шуд ҷони ман,
Дар дили ман ҷуз ғами ширини ту коме мабод.

Ишқи ман ҳар тирамаҳ бо номи ту гул мекунад,
Дар замини хотирам ҷуз номи ту номе мабод.

Гар хазонрез аст, бо бӯи баҳорат зиндаам,
Дар гулистони дилам ҷуз ту гуландоме мабод.

Сафҳаи шеъри маро то ҳар нафас равшан кунӣ,
Субҳи рухсори туро, эй кошкӣ, шоме мабод!

26.3.1983

* * *

То бо ҷаҳони куҳнаву нав ошно шудам,
Бо доғҳои куҳнаву нав ҳамнаво шудам.

Гуфтам замину осмонро васл медиҳам,
Худ кӯфта чу донае дар осиё шудам.

Рафтам ба сад диёру надидам вафои ёр,
Пас дар ҷаҳони бевафо худ бевафо шудам.

Дар роҳи умри хеш зи гаҳвора то ба гӯр,
Дар ҷустуҷӯи хештан аз худ ҷудо шудам.

То қарзи худ адо кунам бо шеъри хушадо
Бо хушадоӣ дар ғами мардум адо шудам.

Аз ахтарони дур чу ёрони сардмеҳр
Дил кандаму зи сардии дунё саво шудам.

Дар назъи ҷон, ки рафтанам амри мусаллам аст,
Ҳайрон шудам, ки аз куҷо будам, куҷо шудам...

27.3.1983

* * *

Ишқ овардам, пушаймонам макун,
Оташ овардам, гулафшонам макун.

Хешро то ишқи ту аз сад даре
Ҷамъ овардам, парешонам макун.

Шодӣ овардам, ба ғам рангаш мазан,
Ханда овардам, ту гирёнам макун.

Шӯр овардам ба ҷони коҳилат,
Ганҷ овардам, ту пинҳонам макун.

Бода овардам ба ҷоми холият,
Ҷом пур кун, сер аз ҷонам макун.

Оҳ овардам, дилатро гарм соз,
Роҳ овардам, гурезонам макун.

Хоҳиш овардам, ба коҳиш хӯ мадеҳ,
Нозиш овардам, ту нолонам макун.

Чашма овардам, ки бахтат сабз бод,
Шӯрчашмӣ пеши чашмонам макун.

Ҳадя овардам дили пуроташе,
Сардрӯӣ чун зимистонам макун.

Достони ишқи ту дорам ба дил,
Дастгирам бошу дастонам макун.

8.4.1983

* * *

Барги каҳе зи хирмани дунё набурдаам,
На хӯрдаву на бурдаву бо дарди гурдаам.

Умраш дароз бод, ки дар пои зиндагӣ
Гаҳ ҷон фишондааму гаҳе сар супурдаам.

Аммо чи ҷои шиква, ки бо ин фасурдаҷон
Дил бастаам нахуст, сипас дил фасурдаам.

Сарбори зиндагӣ ҳама бар дӯши ман, вале
Ӯ сарфарозу ман таҳи сарбор мурдаам.

То дигарон ба хилвати худ пул шумурдаанд,
Ман, содагӣ бубин, тапиши дил шумурдаам.

Ҷоме набурда сӯи лаб, ҷонам ба лаб расид,
Ноне нахӯрда ҳосидон карданд хурдаам.

Аз нақдҳои зиндагӣ дар рӯзи алвидоъ
Хокам гувоҳ, ҷуз кафи хоке набурдаам.

Бар мурдаи ҷаҳони хароби харобкор
Афсӯс мехурам, ғами беҳуда хурдаам...

22.4.1983

* * *

Ин дили шоди маро ношод кардӣ, шод бош,
Орзуҳои маро барбод кардӣ, шод бош.

Аз туву аз ишқу аз меҳру сафову мардумӣ
Ҳар чӣ ҷамъ оварда будам, бод кардӣ, шод бош.

Гуфта будам мерасӣ бар доди дил, фарёди дил,
Доди ман нашнидаву бедод кардӣ, шод бош.

Ёди ту дар хотири ман чун тапиш дар сина буд,
Ту маро бехотиру беёд кардӣ, шод бош.

Хостам озод бошам бо ту аз ғамҳои умр,
Ту маро аз шодиҳош озод кардӣ, шод бош.

Хонаи чашми маро кардӣ хароб аз интизор,
Хонаи бегонаро обод кардӣ, шод бош.

Боз ҳам хоҳам туро бахти сафеде чун дилам,
Гарчи бо ман сад ситам бунёд кардӣ, шод бош!

23.4.1983

* * *

Умр аз пеши дарам мегузарад,
Ё ки аз пешу барам мегузарад.

Аз чӣ роҳе ба чӣ ранге бошад,
Навбати умри сарам мегузарад.

Тирамоҳ ояд агар хок ба сар,
Доғи ишқ аз ҷигарам мегузарад.

Таби сӯзон чу маро даргирад,
Модарам аз назарам мегузарад.

Осмон чун ба сарам паст ояд,
Қадри дасти падарам мегузарад.

Ҳар чи дасте ба камарҳо бурдам,
Бо шикасти камарам мегузарад.

Хабари марг зи ҳар як зарабон
Аз дили бохабарам мегузарад.

Оҳ, аз нуру сафо ҳар чӣ, ки буд,
Мисли нури басарам мегузарад...

5.9.1983

* * *

Дар ин замона ба ҳар баҳона на ту бимонӣ,
на ман бимонам,
Насиби дилро зи дори дунё на ту ситонӣ,
на ман ситонам.
Чу моҳвора ба осмонҳо кунем парвоз
ба суръати нур,
Таҳи заминро, паси фалакро на ту бидонӣ,
на ман бидонам.
Чи зуд рондем, ки зуд мондем, ба ҷони хаста
дигар ба тундӣ
Ба дашти қисмат саманди навбат на ту биронӣ,
на ман биронам.
Фиреби дунё, ғироми дилҳо битохт бар мо
чу сели кӯҳҳо,
Гилеми худро кашидан аз об на ту тавонӣ,
на ман тавонам.
Басо давидем ба ёди рӯе, басо фитодем
ба хоки кӯе,
Кунун ба сӯе, ба ҷустуҷӯе на ту равонӣ,
на ман равонам.
Ба гӯши ҷонон тарона хондем, зи бӯса бар лаб
нишона мондем,
Чӣ шуд, чӣ омад, ки аз мусибат на ту бихонӣ,
на ман бихонам?
Вуҷуди моро фигор карда, муҳаббат аз мо
фирор карда,
Ки бори ғамро ба корвонҳо на ту кашонӣ,
на ман кашонам.
Хурӯши мастӣ, ғурури ҳастӣ гузашта аз мо,
кунун дареғо
На ту чунонӣ, на ман чунонам, на ту ҷавонӣ,
на ман ҷавонам...

18.11.1983

* * *

Накашам бими хазон, то ту баҳорам бошӣ,
Нашавам нақши замин, то ту нигорам бошӣ.

Нагсалад силсилаи умри ман аз давлати ишқ,
То ту, эй силсиламӯ, силсиладорам бошӣ.

Даст аз кори дили хеш набардорам ҳеч
То ту дар ишқу сафо даст ба корам бошӣ.

Об умре ба лаби ҷӯй баробар бошад,
То ту чун сарви лаби ҷӯ ба канорам бошӣ.

Аз раҳи умр ба каф бод нахоҳам рафтан,
Гар ту аз умр ҳама дору надорам бошӣ.

Раҳ ба раҳ лахти дил афшонаму ёдат бикунам,
Гар ту дилсӯхта дар роҳгузорам бошӣ.

Аввалу охири дунё бари ман ишқи ту аст,
Гар ту то охири умр аввала ёрам бошӣ.

11.12.1983

* * *

Эй ҷамоли баҳру бар, шод омадӣ,
«Эй баҳори сабзу тар, шод омадӣ»[1].

Тозакориҳотро қурбон шавам,
Мисли ҳар соҳибҳунар шод омадӣ.

Дар дилам кардӣ назар бо чашми гул,
Гулҷамолу гулназар шод омадӣ.

Аз қадамҳоят дилам гул мекунад,
Эй арӯси раҳгузар, шод омадӣ.

Дар раги ҳар майсаат маҷрои ризқ
Баҳри абнои башар шод омадӣ.

Дар лаби ҳар ғунча овардӣ паём
Аз саховат, аз самар, шод омадӣ.

Дар канорат мебарад инсон басар
Як дами бе дарди сар, шод омадӣ.

Эй биё, гул гуфтаву гул бишнавем,
Гул ба домон, гул ба сар шод омадӣ.

12.12.1983

* * *

То туро ҷустам, замони комрониям гузашт,
То ғамат хурдам, умеди шодмониям гузашт.

Гуфта будам бо ту як дам зиндагӣ хуш бигзарад,
Дар талоши зиндагонӣ зиндагониям гузашт.

Хостам бахти ҷавон созам ҷавонии туро,
Дар таманнои ҷавоният ҷавониям гузашт.

Ҳуснат истеъдод буду шеъри ман
з-он кам набуд,
Ҳамзамон бо ҳусни рӯят ҳамзамониям гузашт.

Ҷони ман як вақт нақди рӯи дастони ту буд,
Қадри ман нашнохтиву ҷонфишониям гузашт.

То баландии ғурурат хоксориям надид,
Достони ошиқии достониям гузашт.

Дар замину осмон чун ман нахоҳӣ ёфт, ҳайф,
Дар замин уммедҳои осмониям гузашт...

12.12.1983

* * *

Агар зи хок омадам, ба хок боз меравам,
Вале ба сарнагуниям чи сарфароз меравам.

Чи бениёз мешавад зи ман замини безабон,
Зи нозҳои гулрухон чу бениёз меравам.

Зи розҳои зиндагӣ яке нуҳуфта мешавад,
Ба зери хок чун ниҳон чу дурҷи роз меравам.

Забона мезанад басе тарона аз сағонаам,
Чу дар дили замини тар таронасоз меравам.

Агар taрози ин замин набудаам ба ҳастиям,
Ба нестии хештан бад-ӯ тароз меравам.

Зи ишқҳои кӯтаҳам набудаам забондароз,
Зи шеърҳои кӯтаҳам забондароз меравам.

17.12.1983

* * *

Месӯхтам зи ишқи ту, сӯзам асар надошт,
Мемурдам аз нигоҳи ту, чашмат назар надошт.

Мехостам дили туро донам чу рози ғайб,
Мекостам зи дарди ту, ҳуснат хабар надошт.

Роҳи туро гирифта буд тӯфони ашки ман,
Аммо ғурурат аз раҳи тӯфон гузар надошт.

Аз сар гузашта будаму аз дил, ки дил ниҳӣ,
Аммо дилат ғами маро ҳаргиз ба сар надошт.

Уммеди субҳ эй басо шомам ба субҳ бурд,
Аммо умеди ишқи ту нури саҳар надошт.

---

1. Аз Шамси Табрезӣ.

Мерафтам аз паи туву аз ман асар набуд,
Медоштам вафои ту, аммо самар надошт.

Ман беназир мешудам дар шеъру шоирӣ,
Гар ҳусни беназири ту аз ман ҳазар надошт.

Чашми ту як ситораи тобони ишқ буд,
Дониста буд, ки ошиқи лоиқ дигар надошт...

17.12.1983

* * *

Аз баҳоре то баҳоре рафтаам,
Аз нигоре то нигоре рафтаам.

Умри ман чун қулла пушти қулла буд,
Аз бароре то бароре рафтаам.

Ҷоннисорӣ буд ишқам дам ба дам,
Аз нисоре то нисоре рафтаам.

То дилам озод бошад бо диле,
Аз ҳисоре то ҳисоре рафтаам.

То бибошам пеши рӯи зиндагӣ,
Рӯзу шаб аз пушти коре рафтаам.

То наандозад ҷаҳонам бар канор,
Аз каноре то каноре рафтаам.

Ростӣ, то ёри дил пайдо кунам,
Эй бас аз ёре ба ёре рафтаам.

18.12.1983

* * *

Лаҳзаҳое, ки ғазал мегӯям,
Оҳ аз дасти аҷал мегӯям.

Мисраеро, ки бигӯям хомӯш,
Радди ҳар шӯру мағал мегӯям.

Байти абрешимии нармеро
Посухи макру дағал мегӯям.

Аз азал рафта, ки ман гӯям дод,
Дод аз нақши азал мегӯям.

Ин ҷаҳон пур зи касалмандон аст,
Дарди ҳар ҷони касал мегӯям.

Зиндагӣ чун ҳама заҳру асал аст,
Заҳрро хурда, асал мегӯям...

18.12.1983

* * *

Алами олами дерин ишқ аст,
Лаззати қисмати ширин ишқ аст.

Даст бар даст задан кафкӯбист,
Сина бар сина задан ин ишқ аст.

Худ ба худ даҳр надорад ранге,
Даҳр бо ҷилваи рангин ишқ аст.

Бо ҳама шавқу шарори олӣ
Гар расад умр ба поин, ишқ аст.

Кист пирӯз шуд андар ҳама ҳол
Бар ҳама мазҳабу оин? Ишқ аст!

Хӯшачинии замин дарвешист,
Чидани хӯшаи Парвин ишқ аст!

19.12.1983

* * *

Бе ҳусни ту ҷавонии ман пир мешавад,
Уммеди шодмонии ман пир мешавад.

Гар ҳамдилам намешавӣ як лаҳза дар ҷаҳон,
Ишқи дили ҷаҳонии ман пир мешавад.

Фарёдрас намешавӣ гар дар замин маро,
Фарёди осмонии ман пир мешавад.

Ратли гарон бигиру сабук пеши ман нишин,
Авқоти саргаронии ман пир мешавад.

Эй беҳтар аз ҳама, маро бо чашми кам набин,
К-ин даври комронии ман пир мешавад.

Аз ишқи туст даъвии умри абад, биё,
Даъвои ҷовидонии ман пир мешавад.

Дарёб ишқи содаю печидаи маро,
Даврони зиндагонии ман пир мешавад...

28.12.1983

* * *

Осон куҷо ба маснади иззат расидаем,
Баъд аз ҳазор хорию зиллат расидаем.

Дар хуни хеш ғарқаи гирдоб будаем,
Ҷон додаву ба ҷониби давлат расидаем.

Дар хуни дил нишаставу аз ашки шӯр кӯр,
Сар бохта ба сарҳади роҳат расидаем.

То дастранҷи заҳмати мо донге бар диҳад,
Эй бас ба вартаи ғаму кулфат расидаем.

Сарҳои сад ҳазор бузурге ба хок рафт,
То мо ба хокбӯсии миллат расидаем.

Як Рӯдакӣ набуд, аз ӯ беш кӯр шуд,
То мо бад-ин муҳити басират расидаем.

Бас хурдаем зарбу лат аз хоҷадавлатон,
То ҳолия ба давлати сармад расидаем.

2.1.1984

* * *

Аз ҷустуҷӯи хеш ба дунё расидаам,
Дар қатра ғарқ гашта, ба дарё расидаам.

То доштам муҳаббату шӯру ҷунуни дил,
Сад даштро гузашта, ба Лайло расидаам.

Боло нишаста, аз ҳама поин фитодаам,
Поин нишаста, аз ҳама боло расидаам.

Исои чормехро бас дида бенафас,
Бар умқи лофҳои Масеҳо расидаам.

Ҳарчанд буд хонаам тангу шикастафарш,
То арши ошёнаи дилҳо расидаам.

Ҳар рӯз мурдаам зи ғами зиндагони хок,
То хок гашта, боз ба фардо расидаам.

10.1.1984

* * *

Бадбахт одаме, ки надорад нишони худ,
Бо ақл барнамекашад суду зиёни худ.

Бебаҳра ошиқе, ки ниҳон оҳ мекашад,
Рози ҷаҳон намекунад рози ниҳони худ.

Сарсахт дилбаре, ки худорой будааст,
Н-ороста зи ишқи дилоро равони худ.

Эй ҳайфи он ҷавон, ки кашокаш шиори ӯст,
Беҳуда ҳайф мекунад умри ҷавони худ.

Эй сад дареғи қодире, к-ӯ бо заифакон
Лофу газоф мекунад аз бозувони худ.

Афсӯси шоире, ки ҷаҳонро надидааст,
Маҳбуси хеш мондааст андар ҷаҳони худ.

Эй вои тоҷике, ки фаромӯш кардааст
Асли худу забони худу ҳамзабони худ...

14.1.1984

* * *

Баҳорам гузашт аз хазонам чӣ суд?
Зи суду зиёни ҷаҳонам чӣ суд?

Басо обам аз сар чу бигзаштааст,
Тамошои оби равонам чӣ суд?

Зи чуну чароҳо дилам сакта шуд,
Дигар аз чунину чунонам чӣ суд?

Харобу паёбам зи ишқу зи май,
Марамматгариҳои ҷонам чӣ суд?

Чу нашкуфт гулҳои армони ман,
Хазонрезии ормонам чӣ суд?

Замингирам аз ранҷҳои замин,
Тасаллои ҳафт осмонам чӣ суд?

Канори замин меравад қолабам,
Аз ин фитрати бекаронам чӣ суд?

Фаромӯш гардам зи ёди ҷаҳон,
Зи ёду зи ному нишонам чӣ суд?

Чу дунё кару кӯру худбовар аст,
Зи фарёду оҳу фиғонам чӣ суд?

14.2.1984

* * *

Холист барам бе ту, бебаҳру барам бе ту,
Дунёст ба сони гӯр андар назарам бе ту.

Аз бому дари умрам хуршеди рухат метофт,
Ҷуз дард намеборад аз бому дарам бе ту.

Хуш аҳли диле будам, бе дарди саре будам,
Ҳам дарди дилам бе ту, ҳам дарди сарам бе ту.

Варзидаи ман, рафтӣ, аз дидаи ман рафтӣ,
Аз дидаи тар ояд хуни ҷигарам бе ту.

Он синадариҳо ку? Он чорагариҳо ку?
Бо синаи садпора бечоратарам бе ту.

Он шуълаи чашмон ку? Он рӯи дурахшон ку?
Бар рӯи ҷаҳон дигар чун менигарам бе ту?

Рафтию дили ошиқ аз одаму олам монд,
Аз одаму аз олам ман бехабарам бе ту.

Уммеди дарозам нест, он нозу ниёзам нест,
Кӯтаҳсафарам бе ту, кӯтаҳназарам бе ту.

Як резаи ҷон дорам, боз о, ки фидо созам,
Варна ба ҳазорон ғам ҷон месупарам бе ту.

Гар нагзарӣ як рӯзе аз кӯчаи дарди ман,
Аз кӯчаи ин дунё ман мегузарам бе ту.

15.4.1984

* * *

Ҳам рӯди равон будам, ҳам баҳри дамон будам,
Дар рӯи ҷаҳон будам, худ балки ҷаҳон будам.

Аз ахтари чашмонам ҳар гӯша фурӯзон буд,
Ҳам нури замин будам, ҳам нури замон будам.

Бо гардани гардунсо, бо чеҳраи субҳосо
Аз нохуни по то сар маҳзи дилу ҷон будам.

Бо ёри камарбаста монандаи гулдаста
Аз зиндагӣ вораста, рашки ҳамагон будам.

Дар сабзаи кӯҳистон, дар мулки баҳористон
Дастам ба камаргоҳаш мастона давон будам.

Мечидаму мебастам дар кокули ёрам гул,
Ғофил зи ғаму доғи умри гузарон будам.

Эй моми сияҳпистон, дунёи харобистон,
З-он дардкашонам, ки бо дурдкашон будам.

Имрӯз равонам нест, аз марг амонам нест,
Ку ҳиммати дарди ишқ, к-аз марг амон будам?

Имрӯз замингирам, пайдост, ки мемирам,
Эй чарх, ба ёдат ҳаст вақте ки ҷавон будам?

8.5.1984

* * *

Ҳар лаҳзае, ки аз бари ман дур мешавӣ,
Эй офтоби умри ман, камнур мешавӣ.

Биноӣ дошт чашми ту аз нури ишқи ман,
Қадри маро надонӣ агар, кӯр мешавӣ.

Хуш бигзарондаам туро бо ишқу шеъру май,
Пас, бо чӣ шиква бо манат ноҷӯр мешавӣ?

Ин сон, ки мехурӣ дили майхораи маро,
Дар рӯи гӯр воиши ангур мешавӣ.

Гар пухта буд шеъри ман дар доши оташат,
Хиште пас аз вафоти ман бар гӯр мешавӣ.

Ҳарчанд меравӣ зи ман дар шоми зиндагӣ,
Аз байтҳои шеъри ман манзур мешавӣ.

З-он пас, ки ман бимираму дар хоки тар равам,
Чун шеърҳои ман ту ҳам машҳур мешавӣ.

10.5.1984

* * *

Ҳамраҳи айём будам, аз раҳи айём рафтам,
Дар талоши ном будам, оқибат гумном рафтам.

Дар миёни ҳарбу зарби madду ҷазри зиндагонӣ
Мавҷи беором будам, хомушу ором рафтам.

Косагул будам басо дар базми васли гулрухоне,
Комгори ишқ будам, хастаю ноком рафтам.

Ҷомҳое бас тиҳӣ кардам, ки чашмам
пур бигардад,
Косаи чашмам тиҳию худ тиҳӣ чун ҷом рафтам.

Гуфтугӯи зиндагонӣ, ҷустуҷӯи бехазонӣ,
Аз сарам бигзашт чандоне, ки бепайғом рафтам.

Орзуи безаволӣ чун кафи дастони холӣ,
Бар дилам зад ончунон, то пеш аз анҷом рафтам.

Дар ҳама гармию сардӣ, байни номардию
мардӣ,
Сӯхтам як умр, аммо рӯзи охир хом рафтам.

23.5.1984

* * *

Бесарупоем, аммо даст дар корем мо,
Бо ҳама девонагиҳо боз ҳушёрем мо.

Бо ҳазорон сахтӣ гар роҳи ҷаҳонро ёфтем,
Нармрӯю нармдил фарзанди кӯҳсорем мо.

Дар масири зиндагӣ ҳамчун асири зиндагӣ
Бо ҳама озорҳо дар фикри осорем мо.

Марзбон бедор бошад дар хати сарҳад агар,
Дар сари ҳар мисрае то субҳ бедорем мо.

Гар камем, аммо ба чашми нақдбинон оламем,
Дар миёни кӯҳҳо як дашти ҳамворем мо.

Қадри мо пурсед аз дилташнагони меҳру шеър,
Дар муҳити дашти бирён ҷӯи саршорем мо.

Эй ки моро бебағал пиндоштиву бебисот,
Сад ҳазорон шукр аз қисмат, ки дил дорем мо!

21.6.1984

* * *

Эй он ки хонӣ хешро боэҳтиромтар,
Худро ҳалол дониву моро ҳаромтар.

Гар хурдӣ шири пухта зи пистони модарат,
Дар чашми пухтаат агар моем хомтар.

Боре бидон, ки бо ҳама хомию содагӣ
Бо бемақомӣ аз туям воломақомтар.

Мизони покӣ гар бувад, бармекашад дақиқ:
Ҳам покрӯям аз туву ҳам покномтар.

Ман ҳар чи кардаам, ҳама ангора аст, лек
Бо нотамомӣ аз туям сад раҳ тамомтар.

Назми замону назми замин дар дили ман аст,
Бо бенизомӣ аз туям ман бонизомтар.

Умри ту бедавом ба монанди хушкрӯд,
Чун оби Панҷрӯд манам бодавомтар...

22.6.1984

* * *

Эй шӯри ҷаҳони ман, эй ишқи ҷавони ман,
Дар пои дарахти хушк, эй оби равони ман.

Дар мазраи хушкида борони нумӯафзо,
Дар синаи беуммед уммеди нишони ман.

Бори ғами ин дунё кардаст дуто қаддам,
Бори ғами дил афзо бар бори гарони ман.

Эй субҳи дурахшонрӯ, дар шоми дилам бартоб,
Гулханд бизан, эй гул, дар боғи хазони ман.

Дар тирагии рӯҳам чун машъала ворид шав,
То бинӣ, чӣ хоҳад монд аз рӯзу шабони ман.

Печон шаву рақсон шав дар саҳни дили хаста,
Хуни наве қоим кун андар шараёни ман.

Бозӣ куну бозӣ кун, ҳам дастдарозӣ кун,
Бозичаи дасти туст ин боқии ҷони ман.

Ин гуна, ки мерезӣ оташ ба сари умрам,
Тарсам, ки шавӣ охир тобуткашони ман...

22.6.1984

* * *

Агар ёдат кунам, хуршеди пуранвор механдад,
Ба болои сарам ин гунбади даввор механдад.

Ба ёди ганҷи рози ту, аё зебои кӯҳистон,
Тамоми ганҷҳо дар синаи кӯҳсор механдад.

Замину осмони хотирам аз хандаат пур буд,
Замину осмон такрору нотакрор механдад.

Чи ширин хандаҳое доштӣ чун субҳи наврӯзӣ,
Ба ёди хандаҳоят дар дилам гулзор механдад.

Парастуи нигоҳатро баҳорон чун ба ёд орам,
Баҳорон бо ҳазорон ҳусну рангу бор механдад.

Чу ишқи кӯдакӣ буду чи инъоме, ки бо ёдаш
Дилам чун кӯдаки беҷурму беозор механдад.

22.6.1984

* * *

Ишқи ту дар синаи ман ҳадяи тақдир буд,
Як ҷаҳон шӯри ҷавонӣ дар ҷаҳони пир буд.

Омадӣ бо гесӯи чун обшорон рез-рез,
Шодии ҷони ғарибам дур аз тасвир буд.

Ташнагиҳои дилам бишкаст лабҳои тарат,
Дар замоне, ки дилам аз рӯи олам сер буд.

Омадӣ аз роҳи дур, аз хештан бигрехта,
Гӯӣ бахти бад дар он манзил туро пайгир буд...

Омадӣ бо чашмҳои бегуноҳу бепаноҳ,
Ҳар нигоҳат сад ҳазорон фоли бетаъбир буд.

Омадию ман туро бишнохтам бо чашми дил
Баски дар чашмон-т нури шеъри оламгир буд...

27.6.1984

* * *

Чашмаи хушкидаӣ, миннат ба дарё мекунӣ,
Мурдарегӣ, сарзаниш бар кони тилло мекунӣ.

Қуллапаймоям, ту поин мекашӣ бар пои кӯҳ,
Пузи худро аз ману аз чарх боло мекунӣ.

Ғайри имзои каҷумаҷ н-ояд аз дастат ҳунар,
Лек (бояд рост гӯям!) хуб имзо мекунӣ.

Бо чунон дасту чунон пое, ки бояд бишкананд,
Ҳар чӣ аз дасти ман ояд, ту таҳи по мекунӣ.

Айнакатро рост бигзорӣ, набинӣ лек рост,
Боз аз ман ростию ҳақ таманно мекунӣ.

Говсандуқ дорию дафтар – чи боназму насақ,
Аз қалам, аз дафтари шоир чӣ парво мекунӣ.

Корҳои давлатиро монда, худ бар ҳоли худ
Корҳои савлатиро хуб иҷро мекунӣ.

Сад супориш, сад гузориш, сад саволу сад ҷавоб,
Бахри як моҳонаат садсола ғавғо мекунӣ.

Эй ки гуфтӣ дӯш, бисёр аст шоир дар ҷаҳон,
Аз куҷо як Лоиқи дигар ту пайдо мекунӣ?

28.6.1984

* * *

Дигар зи сӯзи дил номе намондааст,
Аз базми ошиқӣ ҷоме намондааст.

З-он оташи баланд аз ишқи дилписанд
Ҷуз чанд мисраи хоме намондааст.

З-он беқарориҳо, з-он ҷоннисориҳо
Ҷуз нимаи дили роме намондааст.

Деворҳо фитод, болорҳо шикаст,
Аз ошёни ишқ боме намондааст.

Дар коми хастагӣ бо дилшикастагӣ
Дигар таровати коме намондааст.

Дар доми зиндагӣ анҷоми зиндагист,
Ҷуз гӯшаи лаҳад доме намондааст.

4.7.1984

* * *

Ту хуштарин таронаи дили манӣ,
Ту умри шоиронаи дили манӣ.

Туӣ, ки барқ мезанад ҷавониям,
Ту нури ошёнаи дили манӣ.

Туӣ, ки ғарқи гул шудам дар ошиқӣ,
Ту боғи пурҷавонаи дили манӣ.

Туӣ, ки зери осмон ситодаам,
Ту шаҳсутуни хонаи дили манӣ.

Туӣ, ки ноз мекунам ба зиндагӣ,
Туӣ, ки ноздонаи дили манӣ.

Туӣ, ки дар заминаи замонаам,
Заминаи замонаи дили манӣ.

Туӣ, ки шеър метаровад аз дилам,
Ягонаӣ, ягонаи дили манӣ.

Умеди ҷовидониям агарчи нест,
Умеди ҷовидонаи дили манӣ.

Фасонаҳои ишқи ман тамом шуд,
Ту охирин фасонаи дили манӣ.

7.7.1984

* * *

Маро рӯзе, ки хушканд обшорон, ёд хоҳӣ кард,
Ба ҳам часпад лабони чашмасорон, ёд хоҳӣ кард.

Тароват кӯч бандад аз ҳарими равшани гулшан,
Намонад як гул аз боғи баҳорон, ёд хоҳӣ кард.

Чу ҷони ман ба дашту кӯҳсорон сабзаҳо сӯзанд,
Фурӯ монанд аз чаҳ-чаҳ ҳазорон, ёд хоҳӣ кард.

Дарахти хушкро бинӣ сари гӯри фаромӯше,
Маро ҳар шаб ва ё ҳар рӯзи борон ёд хоҳӣ кард.

Канори рӯд биншинӣ, дар обаш акси худ бинӣ,
Маро дар раҳгузори рӯзгорон ёд хоҳӣ кард.

Чи хуш гӯянд, қадри неъмат
аз баъди заволи ӯст,
Агар ман ҳам бимирам, пеши ёрон
ёд хоҳӣ кард...

8.7.1984

* * *

Оҳ, эй кони дасиса, оҳ, эй дунёи песа,
Бо дуруштиҳот чун созам ба ин табъи нафиса?

Ҳар касеро баҳри коре офаридӣ, хуб кардӣ,
Чашми ин бар чашми коса, чашми он
бар чашми киса.

Фикри ҳар касро ба қадри ҳиммати ӯ офаридӣ,
Ин занак – лолою ғоза, он занак ёди набеса.

Як нависанда наёбӣ фахри миллат, лек ҳар ҷо
Ҷои як румоннавис ёбӣ дусад бухтоннависа.

Медавонӣ чор сӯ ҳар махлуқеро чорнаъла:
Баччагон аз баҳри лизак, гӯсфанд аз баҳри леса.

Меравад ҳар кас ба раҳ бо мошини худ,
лек ҳар дам
Бӯй гирад аз даҳонаш раҳ ба раҳ
чандин милиса.

9.7.1984

* * *

Ошиқӣ ба сар омад, эй дил, эй дили ошиқ!
Хорият ба сар омад, эй дил, эй дили ошиқ!

Гунаи ҷавоният гунаи хазонӣ шуд,
Фасли бесамар омад, эй дил, эй дили ошиқ!

Бе чароғи бинои дар ғуруби танҳоӣ
Соя пушти дар омад, эй дил, эй дили ошиқ!

Тарки дилкашолӣ кун, ҷои ишқ холӣ кун!
Навбати дигар омад, эй дил, эй дили ошиқ!

Паҳнаи ҷаҳон гаштӣ, аз сари бутон гаштӣ,
Охирин сафар омад, эй дил, эй дили ошиқ!

Рафтанат зи шӯхӣ не, рафтане, ки меросист,
Инат аз падар омад, эй дил, эй дили ошиқ!

Аспи чӯбиро зин кун, алвидоъу омин кун,
З-он тараф хабар омад, эй дил, эй дили ошиқ!

Эй дил, эй дили Лоиқ, аз чӣ ин ғазал гуфтӣ,
Бар ту чӣ хатар омад, эй дил, эй дили ошиқ?

9.7.1984

* * *

Агар гӯянд, махзан гир, ман махзан намегирам,
Ки лак-лак ганҷи махзанро ба як арзан
намегирам.

Маро гӯянд, ахтар гир аз боми фалак бе дӯст,
Бигирад гар тамоми аҳли дунё, ман намегирам.

Тамоми ахтарон гар пеши ман
чашмак зананд аз меҳр,
Ба ҷои як нигоҳу лутфу нози зан намегирам.

Ҷаверо, ки надодам об аз сарчашмаи ҷонам,
Агар чун гандумам кӯбанд дар ҳован,
намегирам.

Кунад кори ҳама шамшерро як сӯзани модар,
Ҳама шамшеру ханҷарро ба ин сӯзан
намегирам.

Маро так-так ҷаҳон бишнохта чун бо
фани Сино,
Фану эъҷози Синоро ба макру фан
намегирам...

Маро дар домани ин хок модар зод аз доман,
Ки то хокам нагирад, даст аз ин доман
намегирам!

9.7.1984

* * *

Шудам маҳруми дидорат, падарҷонам,
падарҷонам,[1]
Дареғи рӯҳи бедорат, падарҷонам,
падарҷонам.

Дареғо гӯяму гирям, ки бо ман дӯстон гирянд,
Дареғи ҷони ғамхорат, падарҷонам,
падарҷонам.

Ба ҳар торе, ки нохун мезанам, зикри ту мегӯяд,
Ба ёди лаҳни гуфторат, падарҷонам,
падарҷонам.

Кашидӣ баҳри ман озор, к-осоре зи ман монад,
Манам осори озорат, падарҷонам,
падарҷонам.

Ба он манзил, ки ҳоло меравӣ,
ман низ хоҳам рафт,
Худо ёрат, худо ёрат, падарҷонам, падарҷонам.

15.7.1984

* * *

Шудам пазмонат, эй ҳамшишаву ҳамсоғарам,
Варзоб,
Биё, ҷоме ба ҳам гирем, пеш о дар барам,
Варзоб.

Ҳама занги диламро ҳар замон пеши ту меорам,
Даме рӯҳи маро бинвоз, эй хунёгарам, Варзоб.

Ба ёди мавҷи бетобат дилам бетоб мегардад,
Ки туғён дорӣ дар хунам чу шири модарам,
Варзоб.

Чи шабҳое, ки бикшодам дару дарвозаи Қалъа,
Ту доим дар барам будӣ ба сони ёварам, Варзоб.

Канорат то канори ёри маҳваш буд, дилкаш буд,
Кунун дигар ту мондӣ бо дили бедилбарам,
Варзоб.

Ба гӯшам мерасад шаб то саҳар наҷвои амвоҷат,
Туро хоҳам бикӯҷонам ба рӯи дафтарам, Варзоб.

Ба як мавҷат намеарзанд Анхелҳову[2] Тугелҳо[3],
Ки дорӣ хилқати дарёдилони кишварам, Варзоб.

---

1. Бо исрори амаки Муродбек (падари Ҷӯрабек Муродов) пинҳон аз эшон навиштам, то Ҷӯрабек аз паси тобуташон навҳа кунад. – Муаллиф.
2. Анхел – обшор дар Амрикои Ҷанубӣ.
3. Тугел – обшоре дар Африқо.

Дили ман об хоҳад шуд замоне байни ин кухсор,
Ту аммо зинда хоҳӣ буд ҳам баъди сарам,
Варзоб.

Ҳар он рӯзе, ки мавҷи хунам аз гардиш
фурӯ монад,
Дарахте сабз кун бар гӯр баҳри хотирам,
Варзоб!

17.7.1984

* * *

Даромезам дигар бо қиссаю афсонаи дарё,
Ки бошам бо паримоҳӣ[1] шабе дар хонаи дарё.

Парии ишқи ман мисли паримоҳӣ ба дарё рафт,
Биҷӯям синаи дарё, дили дурдонаи дарё.

Чу мадду ҷазри ғалтонаш, чу авҷи мавҷи
рақсонаш
Фитам мастона дар печухами мастонаи дарё.

Бигирам ёли обияш, занам маҳмез кӯдаквор
Савори кӯҳаи мавҷу савори шонаи дарё.

Зи мастӣ ҳалқа-ҳалқа бигсалам занҷири
амвоҷаш,
Ки аз ман ёд орад хилқати риндонаи дарё.

Занам охир ба дарё ин дили туғёнписандамро,
Ки бошад зинда дар туғёни ҷовидонаи дарё.

Басо рафта ба дарё шоиру девони ашъораш,
Ки сад девон ғазал дорад дили девонаи дарё...

18.7.1984

* * *

Ду раҳсозему раҳпаймо – ману дарё, ману дарё,
Ду ҳамроҳему ду танҳо – ману дарё, ману дарё.

Зи як сарчашма меоем, як сарчашмаи кӯҳӣ,
Ба поинҳо аз он боло – ману дарё, ману дарё.

Ман аз вай шӯр мегирам, вай аз ман
шеър мегирад,
Ду пуршӯрему пурғавғо – ману дарё, ману дарё.

Дили ӯ масти тӯфонҳо, дили ман масти туғёнҳо,
Ду сармастему пурсавдо – ману дарё,
ману дарё.

Ғазал мехонад ӯ, ман ҳам, фиғон месозад ӯ,
ман ҳам,
Ду шоир, ду дили шайдо – ману дарё, ману дарё.

На парвои маломатҳо, на парвои сиёсатҳо,
Ду девона, ду бепарво – ману дарё, ману дарё.

Ба ёди ёр менолем – ёри орзуҳомон,
Ду маҷнунем дар саҳро – ману дарё, ману дарё.

Гаҳе дар худ намегунҷем, меҷӯшему мешӯрем
Ба қасди соҳилу маҷро – ману дарё, ману дарё.

На боки садди раҳ дорему на бок аз халалгорон;
Ду ҷӯёи раҳи фардо – ману дарё, ману дарё.

Ба чандин ранҷу тобу таб суруди зиндагӣ
дар лаб
Давонем аз пайи дунё ману дарё, ману дарё...

19.7.1984

## МАДҲИЯИ ДИЛ

Ҳалолат бод, эй дил, ҳар замон, эй дил,
ҳалолат бод!
Ба чанги ин ҳама дарду ғамон, эй дил,
ҳалолат бод!

Замину осмон гӯӣ ду санги осиё бошанд,
Миёни ин ду санги беамон, эй дил, ҳалолат бод!

Хаёлам гардиши хуни ту бошад гардиши гардун,
Ба зери гунбади ҳафт осмон, эй дил,
ҳалолат бод!

Ба рӯи бори ту сарбор сад кӯҳи гарон монданд,
Кашидӣ бори милён корвон, эй дил,
ҳалолат бод!

Таҳаммул кардӣ гарму сардро чун санги
кӯҳистон,
Тапидӣ, хун шудӣ рӯзу шабон, эй дил,
ҳалолат бод!

Фасурдӣ, сӯхтӣ, афрӯхтӣ, то хуш даме ёбӣ,
Наёсудӣ зи дасти дилбарон, эй дил,
ҳалолат бод!

Ба ҳаққи он ҳама уммеду армонҳои ширинат
Чашидӣ талху шӯрии замон, эй дил,
ҳалолат бод!

1. Паримоҳӣ – русалка.

Зи милён гардана бо гардани нашкаста
бигзаштӣ
Ба ҷои он ҳама гарданкашон, эй дил,
ҳалолат бод!

Гаҳе аз ман, гаҳе аз ҷабри ман вораста
бигзаштӣ
Зи бархурди касону нокасон, эй дил,
ҳалолат бод!

Агар сад бор ҳам бишкастӣ, бишкастӣ ҳароина
Чу дар оина тасвири ҷаҳон, эй дил, ҳалолат бод!

Агарчи хонаатро ҳар нафас вайрона месозанд,
Туӣ аз бекарон то бекарон, эй дил, ҳалолат бод!

Ту заҳматкаштарин аҳли ҷаҳонӣ,
аршу фарш аз туст,
Вале беқадрӣ мисли муфлисон, эй дил,
ҳалолат бод!

Ту шӯришгартарин аҳли заминӣ, з-ин сабаб
ҳар дам
Шавӣ саркӯб чун шӯришгарон, эй дил,
ҳалолат бод!

Тамоми шӯру ишқи зиндагӣ аз мавҷи хуни туст,
Туӣ дарё, туӣ баҳри дамон, эй дил, ҳалолат бод!

Зи дарёҳо гузаштӣ баски дарёзодае будӣ,
Алайҳи ҷумла дархудмондагон, эй дил,
ҳалолат бод!

Ту ҳам хурдӣ ғами дунё, ғами дунё туро ҳам хурд
Миёни инчунину ончунон, эй дил, ҳалолат бод!

Агар девона ҳам будӣ, ҳавасбозӣ нагардондат
Зи ишқи хонумон бехонумон, эй дил,
ҳалолат бод!

Агар дастобадасти гулрухони дилситон рафтӣ,
Сурудӣ нағмаҳои дилситон, эй дил, ҳалолат бод!

Сарамро кардӣ қурбони сарат, эй аз сарат
гардам
Ба сони ҷумлаи қурбониён, эй дил, ҳалолат бод!

Миёни ин ҳама номеҳрубонию ситамгорӣ
Фишондӣ ҷон ба ёри меҳрубон, эй дил,
ҳалолат бод!

Зи ҳусни сабзи ёре бахти сабзат буд, хуш бахте
Миёни сад баҳору сад хазон, эй дил,
ҳалолат бод!

Туро сад пора кардам, то бигӯям пораи шеъре
Фишурдам аз ту шеъри хунчакон, эй дил,
ҳалолат бод!

Наво шуд, қисса шуд, афсона шуд назми
тапишҳоят,
Ғазал шуд ё масал ё достон, эй дил,
ҳалолат бод!

Кашӣ то як даме оҳи сабук аз меҳнати дунё,
Бихурдӣ силию мушти гарон, эй дил,
ҳалолат бод!

Агарчи ташна мемирӣ, вале аз табъи дарёят
Ҳазорон даст шуд гулошён, эй дил,
ҳалолат бод!

Ҳанӯзам хуни ту тунд аст мисли рӯди
куҳсорон
Ба шарёнҳои ҷони ман равон, эй дил,
ҳалолат бод!

Ба санг омад сарат андар муҳити сахти
кӯҳистон
Вале нармӣ ба сони парниён, эй дил,
ҳалолат бод!

На оҷизнолӣ кардӣ, на зи худ рафтӣ ба имое
Ба тамйизи ҳама суду зиён, эй дил,
ҳалолат бод!

Дар ин дунёи пире, ки кунад пур пирафшонӣ,
Пурӣ аз орзуҳои ҷавон, эй дил, ҳалолат бод!

Намемирӣ дигар ҳаргиз ба зери селаи
сад марг,
Намурдӣ гар пас аз Сомониён, эй дил,
ҳалолат бод!

Дар ин дунёи ниме нуру ниме тираю зулмат
Агарчи нимае мондӣ, бимон, эй дил,
ҳалолат бод!

Ба ҳар ҷо дидагони одамон гар паллабин
бошанд,
Ту ҷӯӣ пилае бар ҷовидон, эй дил,
ҳалолат бод!

Гурӯҳе ҷон кананд аз баҳри нон, аммо ту
бахшӣ ҷон
Барои ифтихори тоҷикон, эй дил, ҳалолат бод!

15.8.1984

* * *

Баҳор омаду ман сабзҷонӣ мехоҳам,
Чу сабза сабзии бахти ҷаҳонӣ мехоҳам.

Ба пои ёр ба монанди арғувони баҳор
Зи пой то ба сарам гулфишонӣ мехоҳам.

Хазони умр фаро мерасад, мани шоир
Зи боғи шеъри Аҷам бехазонӣ мехоҳам.

Сабуксарони замона маро хиҷил карданд,
Биёр ратли гарон, саргаронӣ мехоҳам...

Ба ҳар кӣ менигарам, эй басо зи худ рафтаст,
Зи худшинохтагон муждагонӣ мехоҳам.

Маро ба ҳоли худам дил намегузорад ҳеч,
Вагарна боз ҷавонӣ, ҷавонӣ мехоҳам.

Чунон ки ошиқам имрӯз аз насиби азал,
Ҳазор соли дигар зиндагонӣ мехоҳам.

1.12.1984

* * *

Эй басо дидам касон шоиртарошӣ кардаанд,
Шеърро нашнохта, баҳсу талоше кардаанд.

Ошно нобуда бо дарди замону зиндагӣ,
З-ошноӣ бо сухан даъвои оше кардаанд.

Ҷои бӯса бар рухи дӯшизаи шеъру сухан
Хомаро аз хомӣ наққоши хароше кардаанд.

Гавҳаре н-ороста бар қомати шеъри Аҷам,
Гавҳари поки варо сарфи маоше кардаанд.

Гар сухан бояд шарар бахшад ба чашми мардумон,
Ин касон бар чашми мардум хокпошӣ кардаанд.

14.12.1984

* * *

Баҳор омаду домони теппаҳо сабз аст,
Тарона сабз, сухан сабз, муддао сабз аст.

Фақат на чеҳраи саҳрову синаи талҳо,
Нигоҳу чашму дилу ҷони одамо сабз аст.

Ба рӯи сабза нишинам ба ёди чеҳраи сабз,
Ки ишқи ӯ ба дилам то дами бақо сабз аст.

Равам ба соҳили дарё ба ёди ҷилваи мавҷ,
Ки мавҷи домани он ёри ҳамнаво сабз аст.

Равам ба пои дарахте, ки ғарқи гул бошад,
Бипурсам аз лаби баргаш, ки то куҷо сабз аст...

Бигирам аз лаби ғунча дуои сарсабзӣ,
Зи бас алайҳи хазон решаи дуо сабз аст.

14.12.1984

* * *

Гарчи эъҷозе накардам, баҳри эъҷозе бимирам,
Бо пару боли қавӣ дар авҷи парвозе бимирам.

Хурдаам май бас зи хумми дурднӯшони қадимӣ,
Зиста риндона, ҳам ринди назарбозе бимирам.

Нозҳои ёр гарчи ҳар дамам бемарг кушта,
Гар насиб афтад, барои охирин нозе бимирам.

Ҳусни оғози сурудам баҳри анҷоме набуда,
Рӯзи охир ҳам ба ёди ҳусни оғозе бимирам.

Эй кӣ бо дӯғу дағое мекунӣ бо ман тую ман,
Ту дағобозе бимирӣ, ман навосозе бимирам.

Розӣ мемирам, агар розист аз ман модари ман,
Пеши халқу ин замона чун сарафрозе бимирам.

20.12.1984

* * *

Чанд рӯзам монда ё на дар ҷаҳони бекарона,
Мерасад умрам ба поён мисли поёни фасона.

Ман саропо шеър будам, чораю тадбир будам
Ҳам ба зери осмону ҳам ба зери осмона.

Ман агар як лаҳза уммеди саломат доштам,
Буд он ҳам бозгӯе аз тарона то тарона.

Ман чу гардони сурудам дар ҷаҳони гирдгардон,
Бо заминам ман заминӣ, бо замонам ман замона.

Дар дилам ҳафт ошёни осмон гунҷида бошад,
Гарчи дорам ошён дар хонаи пастошёна...

Лек ман шодам, ки будам ҳамнишин бо зиндагонӣ
Ҳамнишину ҳамнишон бо рӯзгори ҷовидона.

Лек ман шодам, ки рафтам аз ҷаҳони хушктабъон
Бо ҳама шеъри тари худ ошиқона, шоирона...

21.12.1984

* * *

Эй дил, эй дил, зинда дар дунёӣ бо дунёи худ,
Метапӣ рӯзу шабон бо ҷумла армонҳои худ.

Гарчи ҳар дам мебарандат ҷилваҳои гулрухон,
Меравию боз побарҷостӣ дар ҷои худ.

Гарчи аз савдои дил савдои пул болотар аст,
Бо ҳама савдогарон покӣ ту бо савдои худ.

Аз ғами худ бештар хурдӣ ғами айёмро,
Баски дар айём дорӣ роҳи худ, ҳам рои худ.

Эй сарат бодо саломат дар ҷаҳони бесарӣ,
То чунин сарзиндаӣ бо шеъру бо иншои худ.

Гар чунин пои муборак дорӣ дар иқлими ишқ,
Мерасӣ то боргоҳи ҷовидон бо пои худ...

30.12.1984

* * *

Ман ҷаҳони ҷонамро раҳни ин ҷаҳон кардам,
Ман замини рӯҳамро роҳи раҳравон кардам.

Омадам дар ин дунё, рафтаму надонистам,
Ки ҳама вуҷудамро сарфи ину он кардам.

Ишқи бекарони ман дар канори ёре мурд,
Пир шуд агар ишқам, шеърро ҷавон кардам.

Навбаҳори дил ҷустам, ҳамканори дил ҷустам,
То баҳори сабзамро туъмаи хазон кардам.

Пеши рӯи ҳақҷӯён дам задам агар аз ҳақ,
Бори дӯши ҷонамро сад карат гарон кардам.

То дили замон ҷустам, бо замона пайвастам,
Шеъри дарзамонамро ходими замон кардам.

Дар қаламрави қисмат – ҷилвагоҳи неку бад
Саҷда бар замин бурдам, шукри осмон кардам.

31.12.1984

* * *

То зинда бошам, меравам бар кӯи ту
бо пои дил,
То сар ниҳам дар пои ту бо ҷумла зориҳои дил.

Ту – навбаҳори шеъри ман, барқу шарори
шеъри ман,
Зеро, ки дил бурдӣ зи ман, худ омадӣ
бар ҷои дил.

Пазмон шудам рӯи туро, амвоҷи гесӯи туро,
Қисмат бикун пазмониям, эй қисмати
танҳои дил.

Дирӯзу имрӯзам гузашт аз ёди ту то ёди ту,
Уммеди фардои манӣ, эй шуълаи фардои дил.

Ман дар ту дунё ёфтам, дунёи зебо ёфтам,
Бо ман дар ин дунё бибош, эй мазҳари
дунёи дил.

Чашми ту чашми зиндагӣ, нози ту нози
зиндагӣ,
Қурбони нозу чашми ту, эй дидаи бинои дил!

Эй ҷони ширинтар зи ҷон, талхӣ мабодо
байни мо,
Эй ҳамдами яктои дил, эй ёри беҳамтои дил!

2.1.1985

* * *

Эй сари ҳама сарсон, маншаи мағал аз туст,
Шеъри бебадал аз ман, тири бебадал аз туст.

Баҳри ту ғазал хондам, як ҳиҷо нафаҳмидӣ,
Дафтари ғазал аз ман, дафтари амал аз туст.

Реша дар замон дорам, реша дар гумон дорӣ,
Бурҷи ҷовидон аз ман, кунҷи мубтазал аз туст.

Ман алайҳи сахтиҳо нарму содадил будам,
Кандуи асал аз ман, кундаи дағал аз туст.

Раҳрави раҳи хешам, бо шабу маҳи хешам,
Меҳри бехалал аз ман, муҳри пурхалал аз туст.

Эй ки меҳвари дунё хонӣ деҳаки худро,
Шуҳрати маҳал аз ман, бонги бемаҳал аз туст.

Нокаси шикамбора, нобакори садкора,
Достони вақт аз ман, дастаи матал аз туст...

3.1.1985

* * *

Бинам зи савдои ҷаҳон савдои дил, савдои дил,
Ақсои олам бошадам ақсои дил, ақсои дил.

Ин ҷою он ҷои ҷаҳон чунки даме осуда нест,
Ҳар дам ба дард ояд маро ин ҷои дил,
он ҷои дил.

Маъвои дил пиндошта он кас, ки рӯи хокро,
Осудаҷон нобуда дар маъвои дил, маъвои дил.

Он кас, ки дунёхор буд, дар рӯи дунё хор буд,
Зеро ба дунёяш набуд дунёи дил, дунёи дил.

Он кас, ки бо дилташнагӣ лаб бар лаби ёре
набурд,
Лабташна рафт аз соҳили дарёи дил,
дарёи дил.

Он кас, ки ҳар дам мекунад даъвои дил,
даъвои дил,
Боре агар ошиқ набуд, эй вои дил, эй вои дил.

Эй ёри сар то пой дил, сар мениҳам
дар пои ту,
То сарфишон бинам туро дар пои дил,
дар пои дил.

8.1.1985

* * *

Ман ошиқи дили туам, на ошиқи ҷамоли ту,
Ман ошиқи ками туам, на ошиқи камоли ту.

Маро ғами ту мехурад, ғами маро намехурӣ,
Вафои ман савоби ман, ҷафои ту вуболи ту.

Хаёли дидани туам ба сад хаёл мебарад,
Вале ҳама хаёли ман яке бувад хаёли ту.

Суол додиям, ки чун ба кӯи ишқ мерасанд?
Расидаам ба кӯи ту – ҷавоби он суоли ту.

Ниҳоли орзуи ман самар диҳад, агар диҳад
Ба боғи орзуи ман самар қади ниҳоли ту.

Тамоми давлати ҷаҳон ба арзане намерасад,
Агар насиби ман расад ба давлати висоли ту...

20.1.1985

* * *

То умеди ишқ аз туст, ошиқи ҷавонам ман,
То туӣ замини дил, бурҷи осмонам ман.

Бе ҳузури дидорат дар ҷаҳон ҳузурам нест,
То туӣ ҷаҳони ман, ошиқи ҷаҳонам ман.

Дар сириштии ишқи ман заррае дурангӣ нест,
То ту ҳам чунин бошӣ, дон ки ҳамчунонам
ман.

То лабат шакар дорад, шеъри ман асар дорад,
То туӣ ба коми дил, марди комронам ман.

То тамоми сарсабзим аз баҳори сабзи туст,
Эй нигори сабзина, бо ту бехазонам ман.

Шоири замон будан мушкилест сахт, аммо
Дар ситоиши ҳуснат шоири замонам ман.

24.1.1985

* * *

Худ ба ними роҳу ангези рашодат мекунем,
Худ даруни чоҳу сӯи маҳ ишорат мекунем.

Хешро носохта, бо асли худ нагдохта,
Дур аз лутфему даъвои латофат мекунем.

Худ батар аз кӯдакем, аммо чу солори ҷаҳон
Кӯдакони хешро дӯғу сиёсат мекунем.

Хонаи боназми ҷонро мекунем аз май хароб,
Аз табибон боз уммеди марамммат мекунем.

Як рисола хонда ё нохонда аз илми ҷаҳон,
Мушт бар сина зада, зикри рисолат мекунем.

Фикр лангу дарк лангу пой лангу гашт ланг,
Боз ҳам аз гардиши гардун қазоват мекунем.

Зодагони одами хомему қисматҳои хом,
Пухтагони ишқро аммо насиҳат мекунем...

25.1.1985

* * *

Ба баҳори нав расидам, зи баҳор шукр гӯям,
Ба нигори нав расидам, зи нигор шукр гӯям,

Зи хумори ишқ шодам, ки дили маро
ҷавон кард,
Ба хумори дил расидам, зи хумор шукр гӯям.

Зи шарори хандаи гул ба дилам шарора афтод,
Ба дили шарораборам зи шарор шукр гӯям.

Ғазали ҳазор бошад зи ҳазор ҷилваи гул,
Зи ҳазор нағмаи ӯ ду ҳазор шукр гӯям.

Чу баҳор гул фишонад, ба барори нав расонад,
Зи барои ризқи мардум зи барор шукр гӯям.

Чу шавад шукуфаборон ба сару ба дӯши ёрон,
Зи хазон кунам фаромӯш, зи баҳор шукр гӯям.

14.2.1985

* * *

Ҷамоли ғунча надидӣ, баҳор омаду рафт,
Гуле ба даст начидӣ, баҳор омаду рафт.

Чӣ кӯҳзодаӣ, дар домани биҳиштии кӯҳ
Зи домане накашидӣ, баҳор омаду рафт.

Расид мавсими дидору гул ба гул печид,
Ба хештан нарасидӣ, баҳор омаду рафт.

Сабо гузашт зи паҳлӯт бо ҳазорон бӯй,
Ту бӯе ҳам нашунидӣ, баҳор омаду рафт.

Бисоти сабза намояд суботи зебоӣ,
Ту лаззате начашидӣ, баҳор омаду рафт.

Чи хандаҳои гулафшони бӯстонҳо буд,
Надидиву нашунидӣ, баҳор омаду рафт.

21.2.1985

* * *

Кӯзаро бишкаставу бар санг туҳмат мекунӣ,
Ҷомро бишкаста, соқиро маломат мекунӣ.

Бас дуиҳо дидаам дар табъи пасту дуни ту,
Худ разолаткору уммеди адолат мекунӣ.

Аз хатои дигарон то осмон даф мезанӣ,
Худ хатоандешу андози башорат мекунӣ.

Дар ниҳодат нест номе аз каломи гарму нарм,
Худ дуруштоҳангу оҳанги назокат мекунӣ.

Остинро ҷанг меандозӣ бо дастони дӯст,
Бо ҳамоқатҳот изҳори рафоқат мекунӣ.

Дар дуконат нест чизе сохта аз дасти ту,
Куҳнадӯзӣ, лек даъвои асолат мекунӣ.

Маншаи ҳайвонӣ андар туст, дар худ вонигар,
То куҷо аз одаму олам шикоят мекунӣ?

26.2.1985

* * *

Туро ҳар рӯз мебинам, ба коми дил намебинам,
Ба чандин орзуят дар мақоми дил намебинам.

Ту вақти ҳар ғурубе меравӣ чун офтоб аз ман,
Вале чун ахтари шомат ба шоми дил намебинам.

Саломам медиҳӣ ҳар рӯз мисли ошноруе,
Вале боре саломатро саломи дил намебинам.

Сухан аз боду борон гӯиву вазъи ҳавою об,
Ман аз вазъи каломи ту каломи дил намебинам.

Гаҳе гӯӣ, ки шеъру номи ман вирди забони туст,
Раво бошад, чаро ман дар ту номи дил
намебинам?

Ту аз он пухтагонӣ, гар зи савдоят бисӯзад ҷон,
Умеди пухтани савдои хоми дил намебинам.

Агар чун заррае дар маснади ҳурмат
нишинад дил,
Ман аз ту заррае ҳам эҳтироми дил намебинам.

Ба ёди ту ҳазорон ҷомро кардам тиҳӣ, аммо
Туро аз меҳри ман саршор ҷоми дил
намебинам...

27.2.1985

* * *

Агар вафо кунӣ бо ман, вафои умри манӣ,
Агар бақо кунӣ бо ман, бақои умри манӣ.

Агар ба хотири дил мисли мавҷ бо соҳил
Суруди ишқ бихонӣ, садои умри манӣ.

Миёни қабзаи ғамҳои хиракуш боре
Агар чу субҳ бихандӣ, сафои умри манӣ.

Агар чу шохаи печида даст бар гардан
Ба паҳлуям бинишинӣ, атои умри манӣ.

Ниҳоли қадди ту мамлу зи баргу бори тар,
Зи лутф барге бубахшӣ, навои умри манӣ.

Баҳо надошт, вале умри бебаҳо бигзашт,
Биё, биё, ки ду-се дам баҳои умри манӣ.

28.2.1985

* * *

Биё, азиз, ки умри азиз мегузарад,
Макун диранг, ки бисёр тез мегузарад.

Тамоми давлати дунё агар ба дасти ту ҳаст
Вагар ки нест ба дастат пашиз, мегузарад.

Биё, ба чашми ту бо чашми гул назар созам,
Ки гул зи дасти хазон хонахез мегузарад.

Ба нури ханда бубинем рӯи ҳамдигар,
Шукуфаҳои чаман хандарез мегузарад.

Биёву гесуи худ мавҷ-мавҷ афшон кун,
Ки шавқи ту зи дилам мавҷхез мегузарад.

Биё, зи рафтани умри ман оҳ каш бо ман,
Кашам ман оҳ, ки умри ту низ мегузарад...

3.3.1985

* * *

Ту маро бедаступо кардию рафтӣ,
Синаамро ғамсаро кардию рафтӣ.

Аз балои ногаҳон тарсида будам,
Коре бадтар аз бало кардию рафтӣ.

Ман сазовори дилат дил доштам, лек
Бо дили ман носазо кардию рафтӣ.

Хостам бо ишқи ту бар худ расидан,
Ту маро аз ман ҷудо кардию рафтӣ.

Бехудиҳои туро гирад худо кош,
Ки маро ҳам бехудо кардию рафтӣ.

Хонаи чашмат пур аз хушоба бодо,
Ки маро обу адо кардию рафтӣ.

5.3.1985

* * *

Зи баҳори ҳусни ёре ба баҳори дил расидам,
Зи канори гарми ишқе ба канори дил расидам.

Ба канори сарди дунё зи ҳазор барқу оташ
Фақат аз шарори сӯзе ба шарори дил расидам.

На ба худ, на бехудам ман, ба мисоли чархи гардун
Зи хурӯҷи беқарорӣ ба қарори дил расидам.

Чу раҳи фарохи манзил раҳе нест байни ду дил,
Зи диёри дарди ёре ба диёри дил расидам.

Ҳама ҷо мазори гил бин, вале як мазори дил нест,
Зи тавофи гӯри модар ба мазори дил расидам.

Зи дилам куҷо хабар буд, чу мадор буд дар тан,
Зи вуҷуди бемадорам ба мадори дил расидам.

Ба сарам фишори гардун, ба дилам фишори ҳар дун,
Зи фишори зиндагонӣ ба фишори дил расидам...

22.3.1985

* * *

Ба ҳар ҷое, ки бошӣ, эй худои орзуи ман,
«Худоё!» гуфта мемирад ба сад хорӣ адӯи ман.

Ба сӯят ҳар шабу рӯзе, ки ман рӯи ниёз орам,
Тамоми нуриён резанд нури худ ба рӯи ман.

Сабӯи ман пур аз талхист, то талхии маҳҷурист,
Ба ёдат мешавад ширин маи талхи сабӯи ман.

Агар аз обуранги ҳусни ту ҳусни сухан ёбам,
Бимон, резад ба сони обшорон обрӯи ман.

Ту гар аз дидаам дурӣ, ба дил наздику манзурӣ,
Биё аз чорсӯи ғам зи сӯи худ ба сӯи ман.

Ман аз ҳар тори мӯи ту умеди марҳамат дорам,
Бипурсӣ, бозгӯят мекунад ҳар тори мӯи ман.

Тулӯъи ормонҳои мани пурормонӣ ту,
Барояд офтоби дил, агар ой ба кӯи ман.

7.4.1985

* * *

Нимаҷону нимадил то остонат рафтаам,
Даст бар дил бурдаву то достонат рафтаам.

Ларз-ларзон бо ҳама озурдаҷониҳои хеш
То ба оғӯши тапишҳои ҷавонат рафтаам.

Хира дида роҳи худ дар ин ҷаҳони хиракуш
Бо дили хун пеши рӯи хунчаконат рафтаам.

Дигар аз дастам намеояд чу байти тозае,
Аз барои қарзи байти абрувонат рафтаам.

Ошёни охиринам дур не, айбам макун,
Пеш аз он ошён бар ошёнат рафтаам.

Мижжа бар ҳам мезанӣ як ону мебинӣ, ки ман
Аз заминат рафтаам, аз осмонат рафтаам.

17.4.1985

* * *

Шабат хуш, эй гули ман, бо умеди рӯзҳои хуш,
Ба уммеди тапишҳои хушу сӯзу навои хуш.

Умеди норасои ман расад бар торами гардун,
Туро ҳар субҳ агар бинам ба он қадди расои хуш.

Саҳар чун боз ой аз канори чашмаҳои пок,
Дилам равшан шавад он сон, ки аз обу ҳавои хуш.

Гули рӯи туро бинам, дилам гул мекунад филҳол,
Ту ин сон тозаву тар бош бо нозу адои хуш.

Зи самти матлаи хуршед чун ой ба сӯи ман,
Бигирам фоли бахти хеш аз ин ибтидои хуш.

Ман аз ин бахти хоболуди худ бисёр дилгирам,
Ту бедораш тавонӣ кард рӯзе бо садои хуш.

18.4.1985

* * *

Ҷоне, ки ҷон ба ҷони ту буд, нимаҷон шуда,
Андар макони хеш дилам ломакон шуда.

То рӯи хунчакони туро ёд мекунам,
Бо ёди рӯи ту дили ман хунчакон шуда.

Эй беназири ман, ки назират дилам надошт,
Бе ту замони зиндагиям безамон шуда.

Аз ошёни қудсии уммедҳои ман
То рафтаӣ, умеди ман беошён шуда.

Дар чор фасли сол ту будӣ гули дилам,
Акнун дилам ба панҷаи бими хазон шуда.

Ҳар ҷо, ки бо ту будаму бо ту қадам задам,
Холӣ чу хони муфлиси бехонумон шуда.

Варзоб низ мисли ман ёди ту мекунад,
Варзоб низ бе ту чу ман дилгарон шуда.

Зуд о, ки зуд меравад умри сабукинон,
Чун аспи бодпои раҳо аз иноншуда...

12.12.1985

* * *

Ман ошиқи беёдат, эй ҳусни худодода,
Беёдаму дар ёдат, эй ҳусни худодода.

Чун бод занад панҷа бар зулфи парешонат,
Ман куштаю барбодат, эй ҳусни худодода.

Ҳардуст худодода – ҳусни туву ишқи ман,
Ман ёри худододат, эй ҳусни худодода.

Эй бахри дамони ҳусн, эй нури ҷаҳони ҳусн,
Эзид чӣ ҷаҳон додат, эй ҳусни худодода.

Ман ошиқи масти ту, дар панҷаву шасти ту,
Дилрешу дилободат, эй ҳусни худодода.

Дар пои ту мемирам, то умри абад ёбам,
То умри абад бодат, эй ҳусни худодода.

Дар ин дили садпора як пораи хуршедӣ,
Ман шуълаи эҷодат, эй ҳусни худодода!

15.12.1985

* * *

Ҳар шабе дар хоб бинам тарҳи симои туро,
Пеши чашм орам саҳаргаҳ чашми дарёи туро.

Аз раҳе, ки чида-чида пой бигзорӣ, ба дил
Чида-чида бигзарам нақши қадамҳои туро.

Ваъдаи имрӯзу фардоят маро девона кард,
То чӣ хоҳад шуд, чу бинам рӯи фардои туро.

Қасди ман ин аст аз дунёи ишқу ошиқӣ,
То бикӯчонам ба шеъри хеш дунёи туро.

Афканам то гӯр бори зиндагониро зи дӯш,
То ба гӯр аммо барам сарбори савдои туро.

1986

* * *

То дилфурӯз омад ишқи дубораи мо,
Дар осмон дурахшид аз нав ситораи мо.

Рамзошнои ишқем он қадр, к-аз сари сӯз
Дил метапад шабу рӯз аз як ишораи мо.

Он қадр дилпарастӣ кардем, то бидидем
Мо пора-пораи дил, дил пора-пораи мо.

Мо ошиқему ошиқ, бо ишқи дардҳояш
Ҷунбондаанд гӯӣ бас гоҳвораи мо.

Бигзор, пур шавад шаҳр, ин шаҳри хоколуд
Аз розҳои пинҳон ё ошкораи мо.

Холӣ мабод, эй кош, аз сӯзиши худодод
Дилҳои пурмуҳаббат ё пуршарораи мо.

1986

* * *

Дидори ту барои ман дидори зиндагист,
Ғамҳои ту барои ман ғамхори зиндагист.

Як ёди ту бас аст, ки ман зиндагӣ кунам,
Ёдат чу ёди бахт мададгори зиндагист.

Ду чашми ту бас аст, ки якумр бедареғ
Донам, ки ишқ нашъаи саршори зиндагист.

Аммо дареғи дигаре дурии мову туст, –
Дурии мову туст ё асрори зиндагист.

Мо як ниҳоли дутана-ҳамреша, дар ду боғ,
Ин кори мову туст ва ё кори зиндагист?

Аз рахнае ба ҳамдигар наззора мекунем,
Зеро ки дар миёни мо девори зиндагист.

1986

* * *

Зиндагиям бе шукӯҳи ишқат орое надошт,
Ҳамчу шаҳри мурдагоне буд, овое надошт.

То набудӣ, гӯиё дар синаи ман дил набуд,
Ё агар буд, андуҳу дарди гуворое надошт.

Чашмаҳои шавқу шӯрам андарун хушкида буд,
То ба дарёи дилат дастури маҷрое надошт.

То саропоят саропои маро оташ назад,
Рӯзгори шоирии ман сару пое надошт.

Беҳ набуд аз хонаи бебому дар ашъори ман,
То чу байти абруят байти пазирое надошт.

Гар сарам аз шавқи дидори ту бар гардун расид,
Ғайри болои баландат азми болое надошт.

Гар дилам аз сина берун рафта бошад, бад магир,
Ғайри ҷои ваъдаи ту дар ҷаҳон ҷое надошт.

1986

* * *

Чу кушоӣ дари ман, бому дарам месӯзад,
Рӯ ба рӯям бинишинӣ, ҷигарам месӯзад.

Ту тару тозатар аз шеъри таболудаи ман,
Аз тару тозагият шеъри тарам месӯзад.

То туро дар назар орам, ки хуморам шиканад,
Дили соҳибназарам дар назарам месӯзад.

Аҷаб ин аст, ки андар талаби дидорат
Бесарупояму по то ба сарам месӯзад.

Ман зи ишқи ту пас аз худ асаре хоҳаму лек
Чашми оташасарат беасарам месӯзад.

1986

* * *

Рафтию дар хотири ман чашми зебои ту монд,
Рафтию дар кунҷи холии дилам ҷои ту монд.

Аз раҳи тақдири ту уммеди ман ғофил гузашт,
Дар раҳи тақдири ман нақши аламҳои ту монд.

Нақдҳои зиндагӣ як-як чу об аз каф бирехт,
Насяҳо чун ваъдаҳои васли фардои ту монд.

Аз саропои ту гул мерехт, то бо ман будӣ,
Он ҳама гул аз сари ман, аз саропои ту монд.

Ҳар хати ту сарнавиште буд вақтеву кунун
Дар ҷабинам хатти чин аз хатти хонои ту монд.

Ҳар таманное, ки дар дил доштам, омад ба даст,
Доғи носурам ба дил танҳо таманнои ту монд.

Рафтию дар дафтарам чун мисраи пасту баланд
Толеи пасти ману он қадди болои ту монд.

1986

* * *

Кардам агар гуноҳ, гуноҳи кабир буд,
Ҷустам агар диле, дили бас беназир буд.

Ӯ ёри рӯҳи ман буду боли хаёли ман,
Тағйири бахши зиндагӣ афсӯс дер буд.

Гулҳои тирамоҳи ман бӯи баҳор дошт,
Шабҳои ман зи шуълаи чашмаш мунир буд.

Ӯ ҳусни орзу буду оғози шеъри ман,
Чун чашмаи саҳаргаҳон софизамир буд.

Сар мекашид аз дилаш фаввораи сухан,
Шеъре нагуфта шоири офоқгир буд.

Мо ду фасоназодаи аъмоли худ будем,
Табъи замона аз чунин афсона сер буд...

1986

* * *

Гар намедонистамат, шояд дилам осуда буд,
Хотирам ҷамъ аз ғами ҳар будаву нобуда буд.

Гар намедидам туро бо ташнагиҳои дилам,
Роҳу умрам беумеду орзу паймуда буд.

Гар намепиндоштам дарди туро дармони дард,
Нозу нӯши зиндагӣ якранг заҳролуда буд.

Гар набудам бохабар аз олами афсонаат,
Умри ширинам китоби куҳнаи фарсуда буд.

Гар намехурдам ғами ишқи туро бо ташнагӣ,
Чашмаи илҳоми ман ин гуна кай полуда буд?

Гар намедидам туро якрӯй дар рӯи замин
Зиндагониям замини мурдаи беҳуда буд.

1986

* * *

Як пора санги кӯҳаму як шоха оби рӯд,
Тамкини кӯҳ дораму шасту шитоби рӯд.

Бо шинухези мавҷҳо ман дил ниҳодаам,
Сад печутоб мехурам бо печутоби рӯд.

Ман сабки рӯдро аз он тақлид мекунам,
Бошад, ки дар баҳои дил гирам савоби рӯд,

Гӯӣ таноби умри ман аз даст меравад,
Ёбам, ки нест дар кафам банди таноби рӯд.

Ҷонам зи шавқ метапад чун мавҷи беқарор,
Умрам ба об меравад андар ҳисоби рӯд.

Ҳар гаҳ ки дер бингарам дар мавҷҳои тунд,
Ман низ гӯӣ меравам чун ҳамрикоби рӯд...

1986

* * *

Ҳар нафас бинам зи чашми шӯхи ту нози дигар,
Ҳар нафас бикшоям аз даври лабат рози дигар.

Ҳар қадар бо ту бубинам кишвари афсонае,
Ҳар саҳар бо ту кушоям боли парвози дигар.

Гарчи ҳар дидори ту бошад маро эъҷози бахт,
Бинамат бори дигар, ёбам сад эъҷози дигар.

Он қадар овози ту дар гӯши ҷон биншастааст.
Гӯӣ зери чархи гардун нест овози дигар.

Ишқи моро, ки чу ганҷи кӯҳсорон сармад аст,
Нест анҷоме, вале ҳар лаҳза оғози дигар...

Мову ту ду қитъаи озодихоҳи қисматем,
Ҳар нафас ҷони дигар дорему ҷонбози дигар.

Ман дигар дилошноеро намеёбам чу ту,
Ҳам ту мисли ман намеёбӣ ғазалсози дигар.

1986

* * *

Мегурезам ҳар замон аз хешу аз дунёи хеш,
То биёбам дар дили шоирписандат ҷои хеш.

Мегурезам, то туро дарёбам андар роҳи умр,
То туро пайдо кунам аз бахти нопайдои хеш.

Мегурезам, то туро орам лаби дарёи дил,
То дили дарётро хонам дили дарёи хеш.

Мегурезам, то бидонӣ чист қадри бехудӣ,
То шиносӣ рангу бори ҳастии зебои хеш.

Мегурезам, то бимирам дар суроғи кӯи ту,
То ту ҳам з-он пас нахоҳӣ зист бо савдои хеш.

1986

* * *

Ман агар махмурам, аз он чашми махмури туам,
Ман агар мағрурам, аз он ҳусни мағрури туам.

Ташнаи васли туам бо ин ҳама дарёдилӣ,
Бо ҳама бинодилӣ як ошиқи кӯри туам.

Рӯзу шаб чашму дилам саршори дидори ту аст,
Бо ҳама унсу қаробат гарчи раҳдури туам.

Аз лаби ширини ту талхии умрам нақд шуд,
Шӯрии бахт аст, агар ин қадр пуршӯри туам.

Бо ҳама дурӣ ба дил дорам тасалло ин қадар,
К-аз миёни мисраҳои шеър манзури туам.

1986

* * *

Пеши ту дарду оҳро монам,
Бандаи додхоҳро монам.

Рӯ ба рӯ бо нигоҳи сафшиканат
Кишвари бесипоҳро монам.

Гарчи пушту паноҳи ман ишқ аст,
Яккаи бепаноҳро монам.

Гарчи аз ишқ бегуноҳе нест,
Кӯдаки бегуноҳро монам.

Бо умеди дубора нашъунамо
Сабзаи тирамоҳро монам...

1986

* * *

Навбати ҳастӣ чу дорам, арзи ҳастӣ мекунам,
То даме, ки ақлу ҳушам ҳаст, мастӣ мекунам.

Оташи дил мепарастам, оташи дилҳои пок,
Ман ба ин маънӣ фақат оташпарастӣ мекунам.

Хоксориям баланд аз осмон бошад, аз он
Дар баландиҳои номатлуб пастӣ мекунам.

Гар наёбам даст бар домони мақсуди дилам,
Инқилобе бо ҳама кӯтоҳдастӣ мекунам.

Баъди мурдан ҳам нахоҳам рафт чун гард
аз ҷаҳон,
Дар сари мижгони гул ҷои нишасте мекунам.

1986

* * *

Бисёр маро дидаву нодида гузаштӣ,
Дар хеш нагунҷидиву болида гузаштӣ.

Куштӣ ҳама ангезаи дилро чу гунаҳкор,
Аз дарду ғами ошиқӣ тарсида гузаштӣ.

Дар раҳгузарат пораи дил рехта будам,
Фарёд, ки нодидаву ночида гузаштӣ.

Бисёр туро хоста, нашнохта буданд,
Хуш-хуш ҳамаро хуш написандида гузаштӣ.

Карданд басе дуд, вале дарнагирифтанд,
То бӯи дили сӯхта нашнида гузаштӣ.

Чун наҷми парон шуълакашон бол кушодӣ,
Аз тори сари мардуми хобида гузаштӣ.

1986

* * *

Як ҷом бода додиву сад ҷоми ташнагӣ,
Кардӣ зи нав дарозтар айёми ташнагӣ.

То ташнаи дили туву дилҷӯии туам,
Ёраб, мабод дар дилам анҷоми ташнагӣ!

Пайғоми об ташнаро ҷон медиҳад, вале
Ман ошиқи шунидани пайғоми ташнагӣ.

Гаҳ-гаҳ зи атри гесуят ором деҳ маро,
Аммо мадеҳ ба ҷони ман ороми ташнагӣ.

Бигзор, то ман ошиқам, ин шеъри обдор
Гӯяд салом бар дилат аз номи ташнагӣ!

1986

* * *

Бехудоиву худо мегӯй,
Ояти дафъи бало мегӯй.

Пеши пирон бинишинӣ ҳар гоҳ,
Даҳшати рӯзи ҷазо мегӯй.

Сари минбар чу барой ҳар бор,
Сухан аз фатҳи само мегӯй.

Базми русҳо чу равӣ меҳмонӣ,
Лофи ҳамхунии мо мегӯй.

Тӯи узбак биравӣ хонсолор,
Узбакӣ ҳарфу ҳиҷо мегӯй.

Сари гӯре биравӣ баҳри тавоф,
Фотиҳа хонда, дуо мегӯй.

1986

* * *

Андоми бихрадон бувад андоми зиндагӣ,
Пайғоми бехудон бувад пайғоми зиндагӣ.

Гӯяд ҳар ахтаре, ки фурӯ уфтад зи чарх,
К-эъдоми шоирон бувад эъдоми зиндагӣ.

То он ки марг нуқтаи таммат ниҳад ба умр,
Анҷоми ошиқӣ бувад анҷоми зиндагӣ.

Бо пову сар, ки медавӣ дар чорсӯи умр,
Бепову сар кунад туро айёми зиндагӣ.

Бо он, ки ком бурдай аз талху шӯрҳо,
Коме набурда меравӣ дар коми зиндагӣ.

Бо он, ки ном ҷуставу номе гузоштӣ,
Номи ту ҳазм мешавад дар номи зиндагӣ.

30.5.1986

* * *

Об хурдам умрҳо аз косаи гирдобҳо,
Тоб хурдам солҳо дар дасти оҳантобҳо.

Ханда кардам рӯзҳо бар зиндагони бемазоқ,
Гиря кардам шомҳо бар мотами ноёбҳо.

Боб-боби дафтарамро ҳамчу боби хотирам
Ман навиштам бар алайҳи туҳмати нобобҳо.

Гарчи дидам ман ба чашми хеш аз наздику дур
Обро дузданд беш аз ташнагон шодобҳо,

Лек натвонанд оби рӯйро дуздид ҳеҷ,
Бингаранд аз хилвате бо ҳайрату эъҷобҳо.

Бо вуҷуди ин ҳама кӯчондам андар шеъри худ
Манзари Анзобҳо, гулбодаи Варзобҳо.

Бо вуҷуди ин ҳама бо халқ будам ҳамнасиб,
Дар дилам хуршедҳо, дар дидаам маҳтобҳо...

1987

* * *

Ало, шеъри Аҷам, фардо маро ту зинда
хоҳӣ дошт,
Ало, шӯри дили дунё, маро ту зинда хоҳӣ дошт.

Ба зери сангҳои собиту сайёри гардунҳо
Ало, Албурзи побарҷо, маро ту зинда хоҳӣ дошт.

Басо шеъри тари дунё бувад андар лаби дарё,
Ало, шеъри тари дарё, маро ту зинда хоҳӣ дошт.

Агар лак-лак дили покем, як-як дар дили хокем,
Ало, фарши зи арш авло, маро ту зинда
хоҳӣ дошт.

Дилам рӯзе агар аз дарди шеъру ишқ мемирад,
Ало, ишқи ҷаҳоноро, маро ту зинда хоҳӣ дошт.

Сухан пайдову нопайдои ҳар халқи
сухансоз аст,
Ало, пайдову нопайдо, маро ту зинда хоҳӣ дошт.

Ало, Девони Ҳофиз, ҳофизам бошӣ зи ҳар марге,
Ало, Девони Мавлоно, маро ту зинда хоҳӣ дошт.

1987

* * *

Шумо, шикастабаҳоён, маро чӣ медонед?
Шумо, бузургифурӯшон, маро чӣ медонед?

Надидаед чу як бор ҷанги рӯёрӯй,
Шумо, гурезаи майдон, маро чӣ медонед?

Ба оби мурда фақат акси хеш мебинед,
Шумо, каноранишинон, маро чӣ медонед?

Агар ба авҷ парам ман, пари шумо шиканад,
Аз ин муомала ҳайрон, маро чӣ медонед?

Зи гулшукуфти баҳоре шумо хазон гардед,
Шумо, хазони парешон, маро чӣ медонед?

Ба пеши чашми ҳақиқат чу зарраночизед,
Ба ҷаҳлу кина бузургон, маро чӣ медонед?

1987

* * *

Мо ташнаем, ташнаи дидори зиндагӣ,
Дил додаем бар кафи дилдори зиндагӣ.

Он қадр ошиқем, ки хушвақт бигзарем
Дар зери бори зиндагӣ бебори зиндагӣ.

Донистаем бо ҳама озодагии табъ,
К-озори зиндагӣ бувад осори зиндагӣ.

Мо ҷон ба ёри зиндагӣ додему ҷуз фироқ
Подоши ҷони мо нашуд аз ёри зиндагӣ.

Бо он, ки мо таронаи зебои ҳастием,
Бе мо зананд захмаҳо бар тори зиндагӣ.

Бо он, ки зиндагӣ бувад муҳтоҷи буди мо,
Ҷуз марг нест доруи бемори зиндагӣ.

1987

* * *

Эй духтари нозанини давлат,
Бегонаи худ, қарини давлат.

Як пора замин надоштӣ, лек
Хӯрдӣ ту ғами замини давлат.

Ожанги ҷабини ту фузун шуд,
То чин нашавад ҷабини давлат.

Вомонда зи хештан, расидӣ
Бар медалу ордени давлат.

Аз ҷодаи асли худ буридӣ
Дар ҷодаи «ростини» давлат.

Нокарда идора қисмататро,
Будӣ ту идорашини давлат.

Афрохта сад бинову мондӣ
Якумр иҷорашини давлат...

28.2.1987

* * *

Дунёи бекарона зебост бо тарона,
Бо шеъри ошиқона, бо ишқи шоирона.

Дунёст гар ягона, бо ақли оқибатбин
Посаш надорӣ, ёбӣ дунёи посгона.

Дар хок бӯи гӯру дар об таъми марг аст,
Гӯёст мурдахона дунёи обу дона.

Маҷрӯҳ рӯҳи инсон аз заҳрбори кайҳон,
Пурбим ҷони инсон дар зери осмона.

Пирони ақл гӯӣ мерос мегузоранд
Имрӯзи беҷавонӣ, фардои беҷавона.

Эй одами силаҳшӯр, дунё зи мурда шуд пур,
Ақли ту медарояд бе ҷангу бонг ё на?

Як сӯй таркиши гил, як сӯй таркиши дил,
Бофад яке фасона, ҷӯяд дигар баҳона.

Мутриб, бизан навое, тарсам, ки аз хатое
То охири тарона охир шавад замона...

24.8.1987

* * *

Одамон бисёр, аммо якдилу якрӯ куҷост?
Шоирон афзун, валекин шоири ҳақгӯ куҷост?

Ҳар ки дилро об созад, бар сараш резанд об,
Обрӯе, ки диҳӣ руҷҳон ба оби ҷӯ, куҷост?

Дар миёни панҷ миляpд одами зоҳирпараст
Он, ки дорад асли асли хеш ҷустуҷӯ куҷост?

Одамон дар шаш ҷиҳат ин сӯю он сӯ медаванд,
Нест кас, то пурсияш ин сӯ куҷо, он сӯ куҷост?

Чор унсур аз азал шуд чор унсур дар аҷал,
Эй бани одам! Хирад ку?
Фитрату нирӯ куҷост?

Ним гушна, ним ташна, ним душман, ним дӯст,
Эй ҷаҳони нимкора, сарҳисоби ту куҷост?

24.8.1987

* * *

Кош бинам шӯриши дилдодагиҳои туро,
Бо мани озодадил озодагиҳои туро.

Кош бинам дар миёни ин ҳама печидагӣ
Мисли шеъри содаи худ содагиҳои туро.

Кош тақдири дилам ёбам на тасхири дилам,
Омаданҳои туро, омодагиҳои туро.

Ман ки ошиқбораам, бодо, ки бинам рӯ ба рӯ
Аз хумори ишқ ошиқборагиҳои туро.

То дилам дар кӯи ту муҳтоҷу зор афтодааст
Ман набинам кош рӯҳафтодагиҳои туро.

30.5.1988

* * *

Дӯстам, айём хорат кардааст,
Тундкорӣ кундкорат кардааст.

Амру фармони ду-се чавкисавор
Уштуросо зери борат кардааст.

Ҳар мадорое, ки кардӣ бо замон,
Безамонат, бемадорат кардааст.

Бас қароре, ки ту иҷро кардаӣ,
Дур аз амну қарорат кардааст.

Бобарориҳои иҷрои пилон
Бебарори рӯзгорат кардааст.

Оташи пурдуди ҳар ваъзи баланд,
Бешафоат, бешарорат кардааст.

Дар сари сарчашмаи оби зулол
Оби заҳролуд корат кардааст.

Он ҳама тиллои батни кӯҳсор
Ганҷбони хоксорат кардааст.

Сарфишониҳо саратро хурдааст,
Ҷоннисориҳо низорат кардааст.

3.11.1988

* * *

Ба дунё омадӣ, найранги дунёро намедонӣ,
Тамошо омадӣ, тарфи тамошоро намедонӣ.

Зи соҳил сар ба дарё мезанӣ чун кӯдакони хом,
Зи бас дандони тези санги дарёро намедонӣ.

Чу тифли саҳлангоре зи гардун моҳи тобонро
Таманно дориву доғи таманноро намедонӣ.

Мукофоти амал меҷӯӣ ҳар ҷое, ки по монӣ,
Вале дар ҳар қадам марги муфоҷоро
намедонӣ.

Ба боло мекашӣ ҳар дам таноби муддаои хеш,
Чӣ гӯям, пастии авранги болоро намедонӣ.

Аламбардори миллат метарошӣ хешро
ҳар бор,
Аламҳои Самарқанду Бухороро намедонӣ...

Таҷовузкории олам ба одам будаву боқист,
Ту заҳри одамони умрфарсоро намедонӣ...

20.9.1989

* * *

Ман ошиқи Сабзина, Сабзина намебина,
Ман ғанчаму ғанчина, Сабзина намебина.

Мискинаму бечора, аммо зи ғамаш дорам
Сад доғ дар ин сина, Сабзина намебина.

Пок аст дилам валлоҳ чун оинаи рӯяш,
Бар ин дили оина, Сабзина намебина.

Дар собиқаи ишқаш собитқадам аз ман нест,
Ман ошиқи дерина, Сабзина намебина.

Савдозадаи рӯяш, расвошудаи кӯяш,
Ин муфлису мискина Сабзина намебина.

22.9.1989

* * *

Як наъраи шерона, эй миллати шеравжан,
Шоиркуширо бас кун, эй қудрати шерафкан!

Равшандилият равшан бар кулли башар буда,
Ҳар тирадиле бинӣ, тир аз паи тир афкан!

Гар қуллаи кӯҳатро тасхир кунад пасте,
Аз зурва ғурур омӯз, аз зурва ба зер афкан!

Ҳар кас ба сарат боре даъвои кабирӣ кард,
З-ӯ беш кабирӣ кун, саркӯбу ҳақир афкан!

Шамшери сухан баркаш, дар пои Ватан ҷон рез,
Ҳар ҷо дудиле бинӣ, дар хок далер афкан!

Моҳит ба шастат нест, дарёт ба дастат нест,
Дасте зану шасте неҳ, фарёду нафир афкан!

Як зарра зи худ бар шав, пирояи кишвар шав,
Ин мову маниҳоро чун мурдаи пир афкан!

Аз кӯҳи баландӣ ту, аз чист нажандӣ ту?
Боло раву боло рав, эй миллати шеравжан!

3.10.1989

* * *

Ту дар дунёи ман ҳастӣ, вале дунё намедонад,
Туям дарёдиле кардӣ, ягон дарё намедонад.

Ғамамро мехурӣ ҳар дам, ғаматро мехурам ман ҳам,
Чунин ғамхорагӣ дунёи бепарво намедонад.

Ман аз он ишқи пинҳоне, ки байни мост, медонам,
Ки олам инчунин ишқу таманноро намедонад.

Хатокор аст худ дунё, хатои мову ту аз ӯст,
Вале ӯ сабки ислоҳи хатоҳоро намедонад.

Миёни мо чӣ ҳасратҳо, чӣ нусратҳост, медонам,
Намедонад аз ин имрӯз, ҳам фардо намедонад.

Ману ту гар ба ҳам бошем дар дунёи серӯзӣ,
Чӣ парвое, гар ин дунё туву моро намедонад.

5.12.1989

* * *

Ошу нонат чун адо шуд, ошноят меравад,
Аз наво чун бозмондӣ, ҳамнавоят меравад.

Шоҳиди ранги муҳаббат ҳар нафас аз боғи дил
Гул наёрӣ, дилбари гулгунқабоят меравад.

Меравӣ аз даст, чун дастат бимонад аз амал,
Поят аз раҳ бозмонад, радди поят меравад.

Доварии халқ мизоне надорад якмизоҷ,
Як бадӣ кардӣ, тамоми некиҳоят меравад.

Пешсаф бошӣ, ҳазорон сафдар анбози туянд,
Чун зи саф берун бияфтодӣ, сафоят меравад.

Дори дунё мехурад дорунадоратро ҳама,
Оҳу афсӯсу надомат аз қафоят меравад.

Гар гадои шоҳтабъӣ, шоҳ ояд назди ту,
Шоҳи мумсиктинатӣ, аз дар гадоят меравад.

То худои хеш бошӣ, пуштбони ту худост,
Чун зи худ рафтӣ, зи сар лутфи худоят меравад.

23.12.1989

* * *

Дидан ҳама касрову надидан – назари мост,
Чидан ҳама гулрову начидан – самари мост.

Бори ҳама айём кашидан ба сари дӯш,
Бори дили худро накашидан – ҳунари мост.

То манзили хуршед расидан ба муҳобо,
Бар манзили мақсад нарасидан – сафари мост.

Нодида, надониста давидан ба сӯи уфқ,
Аз худ қадаме ҳам нараҳидан – зафари мост.

Дар ишқ ба сад лоф тапидан зи ғами ёр,
Дар хуни дили худ натапидан – асари мост.

23.12.1989

* * *

Бесаводам аз савод омӯхтан,
Бефурӯғам аз ҷаҳон афрӯхтан.

Гумраҳам дар «шоҳроҳи ленинӣ»,
Муфлисам аз ганҷи дунё тӯхтан.

Рост машмар пухтагиҳои маро,
Хомсӯзам аз паёпай сӯхтан.

Аз ҷигардорӣ шудам хунинҷигар,
Синачок аз чоки дилҳо дӯхтан.

Пургуноҳам аз гуноҳи дигарон,
Пурвуболам аз савоб андӯхтан.

Аждаҳои зард рӯйи ганҷи мост,
Ҳотамам аз ҳеҷ чиз андӯхтан.

Бо ҳама ин каҷҳисобиҳои давр
Сармадам аз хешро нафрӯхтан...

12.1.1990

* * *

Бо худи худ ҳам қарибам, ҳам рақиб,
Худфиребам, худфиребам, худфиреб!

То зи худ бегона, бо бегона хеш,
Пурниҳебам, пурниҳебам, пурниҳеб!

То фарози осмон гар рафтаам,
Сарнишебам, сарнишебам, сарнишеб!

Ҷо надорам дар ҷаҳони бекарон,
Ман ғарибам, ман ғарибам, ман ғариб!

Ганҷи дунё хурданам буд орзу,
Бенасибам, бенасибам, бенасиб!

Аз шикебой надидам суду боз
Ношикебам, ношикебам, ношикеб.

Бо дилам кай худҳисобӣ кардаам?!
Беҳисебам, беҳисебам, беҳисеб...

31.3.1990

* * *

Боло нигар, пойин нигар, зиндони виҷдон омада,
Бар худ бибин, бар ӯ нигар, фуқдони имон омада!

Муҳри ғуломӣ дар ҷабин, хуни ғуломӣ дар бадан
Аз нафси инсон омада ё нафси кайвон омада?!

Одам зи ваҳми зиндагӣ дандон ба дандон мезанад,
Байни замину осмон инсон ба зиндон омада!

Ҷамъи парешонро бибин, пархоши хешонро бибин,
Бар ҷойи шукри обу нон туф бар намакдон омада.

Ҳусну малоҳат хор шуд, одам ба некӣ зор шуд,
Ҳайфу дареғи нозукӣ, шиша ба сандон омада!

Нӯшофаринонро бибин, нешофаринӣ мекунанд,
Парвози кайҳон хоста, бар хок яксон омада!

Мушту гиребон иддае, сар бар гиребон зумрае,
Ё бегиребон дастае даъвои майдон омада!

Дар кӯчаҳо хун рехта, сад орзу овехта,
Хоки бузургон бехта, оҳ, ин чӣ даврон омада?!

10.4.1990

* * *

Он ки аз кокули ту бӯйи вафо нашнидаст,
Пайке аз дойираи дори бақо нашнидаст.

Ҷониби кӯҳ садо гар задӣ, пажвок ояд,
Касе аз санги диле акси садо нашнидаст.

Лаби дарё хабаре аз дили дарё гӯяд,
Диле аз мурдадиле бонги «дило» нашнидаст.

Ҷуз навои шикамӣ холӣ пайи баргу наво
Бенаво замзамаи ҳеҷ наво нашнидаст.

Устухонҳои таҳи хок худо мегӯянд,
Аз лаби гӯр касе зикри худо нашнидаст.

Дили мо метапад алҳол, вале аҳли диле
Шевани мурдани мурғи дили мо нашнидаст.

10.4.1990

* * *

Яшму лаълу мармари мо мезананд,
Порае аз пайкари мо мезананд.

Мушт агар пушти дари мо мезананд,
Рахнае бар масдари мо мезананд.

Мо зи кӯрӣ даст агар боло кунем,
По ба гӯри модари мо мезананд.

Бифшуранд аз санг гавҳарҳои он,
Зарбате бар гавҳари мо мезананд.

Эй зарафшонӣ, зи танбоку бибол,
Махзани симу зари мо мезананд!

Оташи мо мемурад дар батни санг,
Бод бар хокистари мо мезананд.

Ахгаре афрӯхта дар тори кӯҳ,
Аз фалакҳо ахтари мо мезананд.

Роҳҳо бикшода то ҳалқи дара,
Роҳи мо дар кишвари мо мезананд.

Кӯҳзодо, сангзодо, алҳазар,
Санги моро бар сари мо мезананд!

12.4.1990

* * *

Мурдагон дар гӯр кай берун зи дунё будаанд?!
Дар ҷаҳони бемуаммо пурмуаммо будаанд!

Бебасират, лек сӯйи мо назар мекардаанд,
Безабону дар забон узри гунаҳҳо будаанд.

Колбадшон туъмаи хок асту кирмони лаҳад,
Рӯҳҳо дар роҳҳои арши аъло будаанд.

Сояе гар нест андар рӯйи турбатшон, хушо,
Сар ба сар дар сояи лутфи таоло будаанд.

Хокашон, гӯйӣ, ки меболад, чу хонӣ фотиҳа,
Хуфтагони гӯр муҳтоҷи тасалло будаанд.

Хоб мебинам: ба ҳолам гиря дорад модарам,
Мурдагон дар гӯр ҳам андар ғами мо будаанд!

Зиндагоне дидаам, ҳайфо, намедонанд шеър,
Сангҳои гӯрҳо хуштабъу гӯё будаанд!

Байти ёде хонда дар санги мазоре, хуш шудам,
Мурдагон ҳам ташнаи шеъри гуворо будаанд!

14.4.1990

* * *

Мулк сангистону мо бесангарем,
Сар ба сар сардору мо бесарварем.

Пунбадаргӯшем мову раҳбарон,
Чунки мо халқони пунбапарварем.

Фахри мо бошад сари Боми Ҷаҳон,
Хок бар сармон, ки бебому дарем.

Дар ҷаҳон бошад батарҳоле фузун,
З-он батарҳо чанду чандон бадтарем.

Соҳиби сарчашмаему ташнаем,
Соҳиби ганҷинаему абтарем!

Кони фарҳангему ҳангемон намонд,
Фахри таърихему бепову сарем.

Кова куву кӯраи оҳангариш?
Монда муште нимаҷон сӯзангарем.

Дигаре гирад гиребони фалак,
Мо гиребони худиро медарем.

Дигарон бар ғосибон зӯроваранд,
Мо фақат бар асли худ зӯроварем.

Дар Душанбе – шаҳри бедарвозае
Дар миёни акбарон мо асғарем.

Матни он батни ҳама олудагист,
Пойтахти тоҷикон чун бишмарем?

Дӯстии халқҳо! Нозам туро!
Мизбонему зи меҳмон кеҳтарем.

Дар маҳалбозӣ масал гардидаем,
Гарчи пайванди каёнӣ гавҳарем.

Аз чунин иллат бимирем оқибат,
Ки ту аз Фархору мо аз Фалғарем...

Кас напурсад то куҷо парвози ақл?
«Аз куҷоӣ?» – гуфта аз ҷо мепарем.

Бонувон чодар зи сар афкандаанд,
Лек дар фарҳанг зери чодарем!

Ғозии ҳар ғози пунба будаем,
Пунба шоҳу камтаринаш чокарем.

Раҳ наҷуста то дили халқи диёр,
То дили Масков сад раҳ раҳ барем.

Нур не дар хонаи дилҳои халқ,
Гарчи мо як кишвари нурофарем.

Нест дар дил шӯру дар сарҳо шуъур,
Гарчи дар бешӯрӣ шӯри маҳшарем.

Дар амал бошад ҳама лангу качал,
Дар газоф аз ҳафт гунбад бартарем.

Дар чаҳи ҷаҳли мураккаб мондаем,
Содапиндорему содаборем.

Гар замин пасту баланд аст осмон,
Мо на дар ину на дар он меҳварем.

Тоҷику эрониву афғон чаро?
Мо дар ин дунё ки аз як модарем!

Пеши насронӣ мусалмонем агар,
Аз нигоҳи муслимин мо кофарем.

Ҳамтарози дигарон гар нестем,
Ҳамтарозуи кафи хокистарем.

Рӯзу шаб бедор шамси ховарон,
Мо зи хоболудагони Ховарем.

Ҳазрати Иқбол, бар мо бад магир,
Мо агар дар хоби сакта андарем.

«Хез аз хоби гарон» – гуфтӣ, вале[1]
Дар Самарқанд омчунон беминбарем.

Дар Бухорое, ки даргоҳи дарист,
Бо даригуфторӣ берун аз дарем.

Нест миллатро зи бас якпорагӣ,
Пора-пора луқмаи шӯру шарем.

Реза-реза, шарҳа-шарҳа ҷисму ҷон,
Бори миллатро куҷо ҳам мебарем?

Мо тамоман нотамомем, эй дареғ,
Он наҷибулманзари беманзарем.

Кӯрҳои кӯрароҳем, оҳ, оҳ,
Бар сари худ пойлағзиш мехурем.

Мо киёнем? Аз Каёнем? Осафо,
Тоҷдорони гадои афсарем...

14.4.1990

* * *

*Эҳдо ба Давлат Худоназар*

Оё чӣ шуд, ки аз ҳама олам ҷудо шудем?!
Шояд аз он, ки мункири зоти худо шудем?!

«Боло» ҳар он чӣ гуфт, «бале» гуфта, оқибат
Дар кӯрзахми дарду бало мубтало шудем.

Аҳли китоб будаву восӯхта кутуб,
Бо чашми боз ҳамқадами кӯрҳо шудем.

Гаштем ҷумла босавод аз файзи инқилоб,
Лек аз саводи хештанҷӯйӣ саво шудем.

Будем муншии ҳама иншои рӯзгор,
Сар то ба пой маншаи чуну чаро шудем.

Сӯйи уфуқ давидаву сокин ба ҷойи хеш,
Бар хеш норасидаву аз худ ҷудо шудем.

Аз миллату зи уммати худ бехабар, вале
Миллат насохта, ҳама миллатгаро шудем.

Аз бун шикаста маъбаду меодгоҳи хеш,
Муҳтоҷ бар кушоиши дасти дуъо шудем.

Рӯҳониёти хешро арзон фурӯхтем,
Дар олами худогаҳӣ ағлаб гадо шудем.

Аз асли ориёии худ ор карда гоҳ,
Орӣ зи кулли манбаъи шеъру наво шудем.

Эй дӯстони ҳамдилу ҳамхуну ҳамнишон
Чун шуд, ки дар иҳотаи куҳсор ҷо шудем?!

Эй дӯстони ҳамдаму ҳамдостони ман,
Аввал куҷой будаву охир куҷо шудем?!

16.4.1990

* * *

Сарбузурги боғи пурмева дарахти бед шуд,
Шамъи мурда ҳокими манзумаи хуршед шуд.

Зиндагон бар мурдареги зиндагӣ жӯлидаанд,
Зиндагӣ аз зиндагонӣ буданаш навмед шуд.

Зиндагию мурдагӣ буданд тавъам, лек ҳайф,
Зиндагӣ мурду ба ҷояш мурдагӣ тавлид шуд!

Мерасад бӯйи аҷал дар батни модар тифлро,
Оҳ, оҳ, эй зиндагӣ, рӯйи ту ҳам нодид шуд!

Аз таваллуд то ба мурдан авҷи мавҷе беш нест,
Вой бар он мурдае, ки зиндаи ҷовид шуд!

Зиндагӣ дунёкушой буд дар саҳни вуҷуд,
Ин замон чун наҳви тоҷикӣ ҳама тақлид шуд.

Аз пайи рӯзӣ парешон аст тоҷик дар ҷаҳон,
Ин парешонӣ барои гушначашмон ид шуд!

Ваҳдати тоҷик ба чашмам дарнамеояд, зи бас
Дур аз тамҳид шуд, бегона аз тавҳид шуд...

12.8.1990

---

1. Ишора ба шеъри машҳури Ҳазрати Иқбол «Аз хоби гарон хез!», ба вижа байти зерин:
   Аз Ҳинду Самарқанду Ироқу Ҳамадон хез,
   Аз хоби гарон, хоби гарон, хоби гарон хез!

* * *

Кони дардем, чу аз каф шуда кони зарамон,
Хуни сардем, чу хомӯш шуда озарамон.

З-он раҳогар, ки бузург аст, вале ҳам гург аст,
Хурда гаштему нахурдем ғами додарамон.

Пайкара сохта баҳри басе «озодгарон»,
Пай набурдем зи пайкори дилу пайкарамон.

Сари мо косаи холист аз он рӯ, ки ба сидқ
Сар накардем фидои нафаси ҳамсарамон.

Бебару бор аз онем, ки аз беҳунарӣ
Ҳар нафас ҳамбарамон хок шавад дар барамон.

Ҳеҷ пайғоми илоҳӣ нарасад бар ману ту,
Чунки бас дур фитодем зи пайғамбарамон...

Алами шуҳрати мо гар ба фалак сар сояд,
Қарздорем зи оҳу алами модарамон.

Мо ки будем зи дарвозакушоёни сухан,
Аз чӣ рӯ даст надорем ба хоки дарамон?!

Боз як нукта бигӯям, ба ман, эй халқ, машӯр,
Ки чаро омада ин ҳукми қазо бар сарамон:

Беҳтарин луқмаи халқони дигар нуқлу кабоб,
Беҳтарин луқмаи мо хурдани ҳамдигарамон?

15.9.1990

* * *

Падари меҳрубону ғамхоро,
Кӣ хурад баъди ту ғами моро?

Баъди беморие, ки бирбудат,
Зиндагонии мост беморо.

Рӯзи ту буд кӯтаҳу рафтӣ,
Рӯзию рӯзи мост душворо.

Рӯҳи ту зери хок ором аст,
Рӯҳи мо рӯи хок абгоро.

Зери як пора хора хобидӣ,
Баҳри мо мондӣ кӯҳи хороро.

Мо надидем чеҳраи гармат,
Дар қиёмат бимонд дидоро...

8.10.1990

* * *

На мову на ман ҳастӣ, ин мову маниҳо чист?!
Дандон зада бар дандон, дуниву даниҳо чист!

Аз хеш нарафтӣ дур, то хеши диле ёбӣ,
Бе мазҳаби худсозӣ ин худшиканиҳо чист?!

Аз хешпарастият бехештанӣ имрӯз,
Бе хеши дилу нийят, бехештаниҳо чист?!

Ҳар чӣ ба даҳан ояд, на зеби сухан ояд,
Дандони фаросат ку?! Ин бедаҳаниҳо чист?!

Бегонаписандият вайронаписандияст,
Бо толеъи бадфарҷом ин хушсуханиҳо чист?!

Як боғи пур аз имон якбора бишуд толон,
Ин решаканиҳо чӣ, ин тешазаниҳо чист?!

Бар пузаи зарде, к-ӯ аз дарди ту бедард аст,
Худ бодбадастӣ ту, ин бодазаниҳо чист?!

Гӯрат биканад ине, бар он фиканад оне,
Дар хоки худофармуд ин бекафаниҳо чист?!

Эй мардуми кӯҳамсол, Фарҳод бизой охир,
То теша ба дастат не, ин кӯҳканиҳо чист?!

20.11.1990

* * *

Зинда бош, эй дил, ки бо ман созгорастӣ ҳанӯз,
Лолае андар миёни шӯразорастӣ ҳанӯз.

Гарчи сад захми паёпай хӯрдаӣ аз рӯзгор,
Марҳаме бар захмҳои рӯзгорастӣ ҳанӯз.

Пешмарги корзори умр будӣ солҳо,
Ҳамчунон омодаи сад корзорастӣ ҳанӯз.

Бас баҳоратро хазон кардӣ, ки бошӣ бехазон,
Аз хазон ҷӯёи ҳусни сабзи ёрастӣ ҳанӯз.

Ҳамчу сайёде, ки ояд захмхӯрда аз шикор,
Сар ба болин монда, дар ёди шикорастӣ ҳанӯз.

1991

* * *

Кори Шӯро ҳама шӯр аст, худат медонӣ,
Зиндагӣ зиндабагӯр аст, худат медонӣ.

Хандаи бахт агар хоста бошӣ зи қазо,
Хандаҳои лаби гӯр аст, худат медонӣ.

Ваъдаи ҷону дилат медиҳад арзонӣ, лек
Дилу ҷонат зи ту дур аст, худат медонӣ.

Қадри мардум, асафо, қоимаи мардумӣ нест,
Мардуми дидаи кӯр аст, худат медонӣ!

Шеваи пешраву пешталошиҳояш
Таънаи лавҳи қубур аст, худат медонӣ.

Амр меояду маъмураи тан мекоҳад,
Умр дар чанги убур аст, худат медонӣ.

Халқи Шӯро, ту аз ин шӯрии пешонӣ манол,
Оби дунё ҳама шӯр аст, худат медонӣ!

18.1.1991

## РЕШАИ МАН, АСЛИ МАН

Решаи ман, маншаи аҷдоди ман,
Асли ман, Эрони ман, бунлоди ман.

Ҷони мо чун риштаи дубофтаст,
Бофти ман, тору пуди ёди ман.

Гар набошӣ, синаи мо медарад
Душмани имони ман – ҷаллоди ман.

Чанд ғофил мондӣ аз дарди дилам,
Як туӣ имрӯз ҳамфарёди ман.

Баъди Сомонӣ маро сомон намонд,
Бод бар каф шуд ҳунарободи ман.

Аз Варорӯд ин ҳама ғофил мабош,
Дасти Рустам ёз бар имдоди ман.

Нури ҷоми Ҷам бияфкан бар дилам,
Шодмон кун ин дили ношоди ман.

Ҳар дари ту масдари лафзи дарист,
Мактаби ман, мазҳаби ман, доди ман.

Мо ҳама ҷамъи парешони туем,
Эй ту ҳам сарводаву сарводи ман.

Ман агар раҳгум задам дар роҳи худ,
Шодбахтам, ки туӣ иршоди ман.

Худ ту битвонӣ гиромӣ доштан
Яшти ман, Зардушти ман, иншоди ман.

Оташи Зардушт дар чашмони туст,
Оташи ишқи нахустэҷоди ман.

То ба даргоҳи абад хоҳад расид
«Маснавӣ»-ю «Шоҳнома»-зоди ман.

Мерасад бар чарх аз гулдастаҳот
Оҳи ман, афғони ман, фарёди ман.

Боди шурта гар набуд аз сӯи ту,
Эй дареғ аз кӯшиши барбоди ман.

Хомии моро ту хоҳӣ пухта кард,
Кӯраи ман, Коваи ҳаддоди ман.

Зимни номи ту ба фардо мебарад
Тӯшаи таърихро авлоди ман.

Дар ту мебинам камоли оли хеш,
Эй зи салсоли азал ҳамзоди ман.

Дар ту мепечам чу гул бар буттае,
Хонаи имони ман, меоди ман!

3.2.1991 – 3.1.1992

* * *

Дар навбаҳори хуррамӣ, дар тирамоҳи пурғамӣ
Одам бувад оҳу даме, ҳайфу дареғи одамӣ.

Дунёи макру фанди мо, дилхораву дилбанди мо:
Пур меканад пайванди мо, ҳайфу дареғи одамӣ.

Дар синаҳо дилпорае, к-он ҳам шавад гилпорае,
Ё туъмаи гилхорае, ҳайфу дареғи одамӣ.

Бо ширáву бо шарбате, бо сад ҳазорон рутбате,
Охир маконаш турбате, ҳайфу дареғи одамӣ.

Гоҳе баҳористон равад, гоҳе нигористон равад,
Охир мазористон равад, ҳайфу дареғи одамӣ.

Як ҷой боғистон кунад, як ҷой доғистон кунад,
Охир ба лоғ истон кунад, ҳайфу дареғи одамӣ.

Аз хокдон оғози ӯ, то осмон парвози ӯ,
Охир лаҳад анбози ӯ, ҳайфу дареғи одамӣ.

17.2.1991

* * *

Зода шуда аз Одам, одам нашудам, афсӯс,
Дар олами инсонӣ олам нашудам, афсӯс.

Дар печухами дунё бас печу хаме хурдам,
Дар қуллаи армонҳо парчам нашудам, афсӯс.

Зоридаму нолидам, бишкуфтаму болидам,
Бар захми дили зоре марҳам нашудам, афсӯс.

Якрӯза ҳаётамро садсола ғаме доданд,
Як дам ба дили ғамгин ҳамдам нашудам, афсӯс.

Пайғамбари бепайғом афзун ҳама ҷо, аммо
Фарде нашуд арзанда, ман ҳам нашудам, афсӯс.

27.2.1991

* * *

Ором нахоҳад шуд душманкадаи дунё,
Аз хеш наёсояд кулфатзадаи дунё.

Сад ҷон бифишонӣ ҳам, қадри ту намедонад
Ин колбади хушки нафриншудаи дунё.

Дидему бисанҷидем то бозпасин ҳинҷор,
Ҳар дилшудаи дунё шуд дилзадаи дунё.

Гар шод зи худ бошӣ, ободзи худ бошӣ,
Як лаҳзаи ту гирад ҷои садаи дунё.

Гар сад рада болоӣ, радди ҳамагон гардӣ,
Дар гӯр шавӣ яксон андар радаи дунё.

Пешомадагон яксар дар чоҳи ғамон хуфтанд,
З-инон чӣ биёмӯзад баъдомадаи дунё?..

Дар гӯри бузургон ман бас шамъ фурӯзондам,
Рӯзе ки бимирам ман, гӯри дадаи дунё...

27.2.1991 – 30.1.1993

* * *

Кори тоҷик ҳама хом аст, худоё, мададе!
Дасту по бозу ғулом аст, худоё, мададе!

Чор сӯяш ҳама қибла-ст, вале беқибла-ст,
Равишу роҳ кадом аст, худоё, мададе!

Хосро ганҷи мудом асту хушии дилу ҷон,
Омро ранҷи мудом аст, худоё, мададе!

Сангҳояш чӣ шуда? Санги маломат шудаанд,
Боз ҳам толиби ном аст, худоё, мададе!

Назми ӯ шуҳраи офоқ бувад, лек дареғ
Бенизом аз чӣ низом аст, худоё, мададе!

Ҳама ҷо фаҳшу ҳаром аст, худоё, мададе!
Ҳама ҷо макру ғиром аст, худоё, мададе!

27.2.1991

* * *

Эй миллати хобида, бистезу талоше кун!
Эй қавми ҷафодида, бистезу талоше кун!

Эй оҳи гиреҳхурда дар ҳанҷараи таърих,
Эй ҷони ҳаросида, бистезу талоше кун!

Ганҷинаи ту бурданд, накдинаи ту хурданд,
Эй соҳиби тарсида, бистезу талоше кун!

Рангат шуда беранги, ҳангат шуда беҳангӣ,
Санги натарошида, бистезу талоше кун!

Аъмоли ту беҳуда, ишколи ту накшуда,
Эй махзани пошида, бистезу талоше кун!

Олуда ба ҳар гарде, печида ба ҳар дарде,
Бо хеш напечида, бистезу талоше кун!

Дарёи равон дорӣ, дилҳои ҷавон дорӣ,
Бонги касе нашнида, бистезу талоше кун!

Эй дори табархурда, озурдаву пажмурда,
Эй дасти наёзида, бистезу талоше кун!

Эй тахти сияҳтахта, худ соҳиби тахтат бош,
Эй доди наварзида, бистезу талоше кун!

13.7.1991

## ҒАЗАЛИ ШУКРУ СИПОС БА ЗОДГОҲАМ МАЗОРИ ШАРИФ ВА ҲАМДИЁРОНАМ

Ало, эй кӯҳи Чилмеҳроб, ало, эй саҷдагоҳи ман,
Ба гардун мерасад аз фахри дидорат кулоҳи ман.

Пас аз домони модар доманат
домони умрам буд,
Ту бинмудӣ миёни чорроҳа самти роҳи ман.

Савобандӯзии ман аз сахои обшори туст,
Ҷалолу ҷоҳи ман аз туст, ҳам пушту паноҳи ман.

Чакодат соя меафканд бар рӯи ҳаёти мо –
Ҳаёти шоду ободаз виқори қиблагоҳи ман.

Хасу хорат ба доман, тубра бар дӯш
аз барат рафтам,
Дигар дур аз барат тай шуд ҳама шому
пагоҳи ман.

Закои мардуми деҳ буд дар анбонаи дӯшам –
Раҳоварди азим аз ҳамдеҳони хайрхоҳи ман.

Замини орзумандат замондори ҳаётам буд,
Заҳора додиву додӣ ба ҷону тан рафоҳи ман.

Сари ҳар қуллаат чун барраоҳу мепаридам маст,
Шуд он айёму сӯи туст ҳоло ҳам нигоҳи ман.

Савоб омӯхт бар ман пандҳои модари пирам,
Замирам пок шуд аз сураҳои хонақоҳи[1] ман.

1. Манзур катибаҳои пештоқи мақбараи Хоҷа Муҳаммади Башоро дар зодгоҳи шоир.

Табиби дасти маҷрӯҳам падар будасту торонат,
Зуҳури шафқатат равшангари рӯзи сиёҳи ман.

Азохонии кампирон ба гӯшам мерасад то ҳол,
Ғами дунёст дар ҳар дудмони зодгоҳи ман.

Фани дунё чӣ фандам дод, аммо боз пандам дод,
Қарибӣ ё зи ман дурӣ, биёмурзӣ гуноҳи ман.

Камамро беш кардӣ, хеш кардӣ нотифоқонро,
Гиребонгири ман бигрехт аз хайли сипоҳи ту.

Туӣ ҳам хоки аҷдодам, туӣ ҳам хоки бунёдам,
Туӣ ҷоҳу ҷалоли ман, туӣ пушту паноҳи ман.

Лабамро бар лаби ҷӯят ниҳодам, оби ҳайвон буд,
Мазори ман, мадори ман, деҳи олампаноҳи ман.

Набудам аз ту як дам дур, гарчи дур ҳам будам,
Вафодори ту будам, эй гули хуршеду моҳи ман.

Ҳама пажвоки тифлиям зи ту ояд, дилам хоҳад,
Яке ҳам бишнавӣ ту вопасин фарёду оҳи ман.

15.2.1992

* * *

Қароре нест азбас дар талотумхонаи дарё,
Биё, бинҳем лабро бар лаби паймонаи дарё.

Чу бар афсонаи умри гурезон эътимоде нест,
Биё, эй дил, даромезем бо афсонаи дарё.

Сари осудае дар бистари амвоҷ натвон ёфт,
Ки дилҷӯӣ кунад аз духтари фарзонаи дарё!

Ба дарё зан дили худ, то дили дарё ба даст орӣ,
Ало соҳилнишини беғам, эй бегонаи дарё.

Дар ин мурдоб агар жӯлида бошӣ, эй ҳавасмурда,
Ба уқёнус роҳӣ шав савори шонаи дарё.

Ҳамовардаш ҳама дарёдилу тӯфонзамиронанд,
Нигар, дар соҳил афтодаст бас афғонаи дарё.

Ту гӯӣ мавҷкӯҳа кӯҳи ғамҳо мебарад бо худ,
Ғами чандин ҳазорон аст дар анбонаи дарё.

Ҷунунтозии амвоҷи ситезон азми он дорад,
Ки боре бигсалад аз дасту по завлонаи дарё.

Бирақсад дар булӯри сабзи обаш духтари маҳтоб,
Тағаззул офаринад шеваи мастонаи дарё.

Ба дӯши хештан бор аст, масте ҳасту ҳушёр аст
Дилу дасти фароху ҳиммати мардонаи дарё.

Касе аз косаи гирдоб хӯрда ҷуръае бебок,
Насибаш бод мастиҳои бебоконаи дарё!

Бихон печонхати қисмат ту аз пешонии амвоҷ,
Чу печутоб дорад роҳи ҷовидонаи дарё!

Чунон дандонаи кӯҳ аст ҳар як кӯҳаи мавҷаш,
Лаби соҳил газад беинтиҳо дандонаи дарё.

Агарчи сел ҳам об аст, аз ҳар латмафарсояш
Бувад домандарида соҳили вайронаи дарё.

Хурад мавҷе сари мавҷи дигарро,
боз ҳам зинда-ст
Чи раҳмовар бувад кирдори бераҳмонаи дарё.

Ба худ печида озоде, зи худ вораста фарёде,
Чӣ бопаҳност риндиҳои хайёмонаи дарё!

Ба ёди ёр менолад миёни дашту водиҳо,
Камоли ошиқӣ дорад дили девонаи дарё.

Миёни арсаи паҳновару пурҷӯши соҳилҳо
Чу Рустам менамояд дови пирӯзонаи дарё.

Зи қатра мешавад оғоз туғёни ҷаҳонгираш
Надорад интиҳое ишқи озодонаи дарё.

Дар ин дашти тапишҳо хоби харгӯшӣ
фарогир аст,
Кучой, шери дарё, наъраи шеронаи дарё!

Парии ишқи ман аз об берун шуд, зи сар то пош
Бирезад қатраҳои об чун дурдонаи дарё.

Канори об биншинам, ки шояд дар канор ояд
Паримоҳии армонҳоям аз кошонаи дарё.

Чу андар синаи ман ганҷи ишқи он паримоҳист,
Умеди ҳадя дорам аз кафи шоҳонаи дарё.

Қарорам нест дар ёди паридарё, вуҷудамро
Гирифта беқарории шаборӯзонаи дарё.

Диламро бишканад ҳар дам шикан андар
шикан гесӯш,
Нанолам чун зи бозии ситамкешонаи дарё.

Лаби соҳил тар аст, аммо ҳамора ташна
хоҳад буд
Ба ёди бӯсаҳои шӯри муштоқонаи дарё.

Ту гӯӣ ҷумла нозу ишваву таннозии хубон
Фароҳам сохта хамёзаи субҳонаи дарё.

Зи мавҷи худшикан дидам, ки худро ҷамъ меорад,
Маро биспор бар туғёни худхоҳонаи дарё.

Нафастанг аст ин дарё ба чанги ҳирс, чун бинам
Нафас пур мекашад дарё, кунам шукронаи дарё.

Басо гирдоби саргардон сари ушшоқро хӯрдаст,
Аз он то ҷовидон шеван кунад ҷононаи дарё.

Адои байти зебои Адо гардам, ки чун ғаввос
Бурун овард пеши мо дури якдонаи дарё.

12.3.1992

* * *

Ин чӣ рӯзу чӣ рӯзгорон аст,
Ваҳму талвосаи ҳазорон аст.

Дар назар ҷанг не, масофе не,
Ҳар нафас бими тирборон аст.

Зиндагӣ сахт, бандагӣ ҳам сахт,
Ё сари сахти сарбадорон аст?

Мардуми содабовари моро
Ҷоннисорӣ ба ҷоншикорон аст.

Аз замине, ки зар ба каф ояд,
Хокҷое ба хоксорон аст.

Риштае, ки зи пунба метобанд,
Риштаи ҷони пунбакорон аст.

Чӣ баҳорест соли маймунро?
Маймуниҳо миёни ёрон аст.

Шарм дорад гул аз шукуфтани хеш
Ин магар хислати баҳорон аст?

Ин чӣ шӯрест шӯрбахтонро,
Ё ҷазои гуноҳкорон аст?

Ин чӣ гӯрест ҳар қадам дар роҳ,
Ё сазои зимомдорон аст?

Ҳақ ба ҳақдор мерасад ё на?
Пофишории ҳақгузорон аст!

14.4.1992

* * *

Ин парастор, ки мегӯӣ ғами моро хурд,
Ғами мо хурд? Ҳама бешу ками моро хурд.

Баски номаш зи шикамборагӣ чизе ҳам дошт,
Хурдае додаву нони шиками моро хурд.

Карамаш ин, ки ду-се коса карамшурбо дод,
Суфраи ҷуду сахову карами моро хурд.

Сар даровард чу дар хиттаи бесарвари мо
Сари мардони муборакқадами моро хурд.

Қалами пош чу бар ин сафаҳот омад, зуд
Сари сад қофила соҳибқалами моро хурд.

То куҷо бо ману ту расми ҷигардорӣ кард?
Ҷигари сӯхтаи пуралами моро хурд.

Қасами сидқу сафо хурд, вале дар ботин
Қасами зина ба зина адами моро хурд...

14.4.1992

* * *

Ношукрии ишқ аст ҳамин пир шуданҳо,
Дил додаву дил бурдаву дилгир шуданҳо.

Ҷон додаву ҷон канда ба ҷонон нарасидан,
Аз ҷони худу ҷони ҷаҳон сер шуданҳо.

То қуллаи мақсуд тапишҳои тавонкоҳ,
Охир ба сад афсӯс сарозер шуданҳо.

Худ тири заминем, вале ҳеҷ надонем,
Бо қадди камон худ чӣ бувад тир шуданҳо?

Масруфи хазон аст гулафшони баҳорон,
Бидруди ҷаҳон аст ҷаҳонгир шуданҳо.

Аз мирии мо мардум агар гушна бимиранд,
Он беҳ ки бимирем аз ин мир шуданҳо.

15.4.1992

* * *

Чи ҷои шукри шукуфа, баҳор хунин аст,
Насими шумнафас дар гузор хунин аст.

Дарахт дасти дареғо ҳамезанад бар сар,
Ҷавона ғамзадаю шохсор хунин аст.

Зи тарсу ларз дили ошиқон фурӯ мурда,
Умеди васл зи оғӯши ёр хунин аст.

Диле агар зи диле об хурд то имрӯз,
Кунун ба хун бинишинад, канор хунин аст.

Зи баски хуни шаҳидон чу об ҷорӣ шуд,
Ҷабини рӯду лаби ҷӯйбор хунин аст.

Замон ба зону нишаста зи хории миллат,
Замин зи пой фитода, мадор хунин аст.

Зи осмону замин бӯи хун ҳамешунавам,
Чӣ беш гӯям аз ин, рӯзгор хунин аст.

Зи халқи хеш, ки фарҳанги бостон дорад!
Чӣ ифтихор кунам, ифтихор хунин аст...

15.5.1992

* * *

Ҳусни дилҷӯят ҷамоли кӯҳсорон боду ҳаст,[1]
Чашмасор аз акси рухсорат хурӯшон боду ҳаст.

Мӯи мушкинат чу мегардад парешон аз насим,
Обшор аз шари мӯи ту парешон боду ҳаст.

Ман сари сабзи туро аз арча дидам сабзтар,
Ин сари сабзи ту рашки Арчамайдон боду ҳаст.

Гавҳари мақсуд ҷустам аз дили дарёи ту,
Рӯд аз бегавҳарии худ ғиревон боду ҳаст.

Ҳар гиёҳи кӯҳ бахри дарди ман дармон нашуд,
Бахри рафъи дарди ишқи ту дармон боду ҳаст.

Кӯҳ карда дар дили худ сарвату ганҷе ниҳон,
Меҳри ту дар синаи ман ганҷи пинҳон боду ҳаст.

Дилбари тоҷик, мондӣ дар вафоям устувор,
Кӯҳ аз ноустуворияш ҳаросон боду ҳаст.

Пеш агар миодгоҳам домани кӯҳсор буд,
Баъд аз ин марзи тавофам кӯи ҷонон боду ҳаст.

4.6.1992

* * *

Эй уқоби парканда, миллати пароканда,
Пеши ду ҷаҳон гаштӣ шармсору шарманда.

Кӯчаҳои пургулро кардай ҳама пурхун,
Чеҳраҳои гулгунро кардай ғамоганда.

Кӯҳат осмонбӯсу рӯҳат остонхурда,
Фаррат осмониву ҷомаат яхаканда...

Мулкат офтобиву ҳосилат ҳама хомист,
Ку дили гудозанда, қудрати барозанда?

Дар рухат намебинам нури безаволиро,
Ку лабони пурханда, чеҳраҳои фархунда?

Дар замин замонат ку? Дар замон заминат ку?
Ку замони бахшанда? Ку замини зоянда?

Аз ту бад надидам ман, лек ноумедам ман,
Равзане кушо боре бар умеди поянда!

Тори худ гусастӣ, оҳ, пуди худ набастӣ, оҳ,
Зери санг бинҳодӣ панҷаҳои бофанда...

Беқарории ноҷот бебарорӣ бор овард,
Дар мағал шудӣ озод, дар амал шудӣ банда...

Пеши рӯи истиқлол ҳимматат бувад мисқол,
Нури офтобат нест дар ҷабини оянда.

Дар баробари таърих кардай басе таъхир,
Ку далели фардоят? Ку гиреҳкушоянда?

12.10.1992

* * *

Иддаест каф бар лаб, кинатӯзу пархошӣ,
Иддае малангу манг, нашъаманду хашхошӣ.

Дастаест даъвогар, дастаест яғмогар,
Дар замин занад оташ, гар ту донае пошӣ.

Раҳбаре ба ғайр аз «ман» несташ ғами меҳан,
Раҳни косаи оше карда косаи кошӣ.

Ин якест пурхора, дигарест бадкора,
Модаре ҷигарбирён, ӯ ба фикри айёшӣ.

Он яке чу Ҳурмузд аст, нек бингарӣ дузд аст,
Мурда бекафан рафта, ӯ ба қасди наббошӣ.

Дар забон қарибi халқ, ҳомию ҳабиби халқ,
Дар ниҳон рақиби халқ: худсарию авбошӣ.

Дар забон ғами миллат, дар ниҳон дами миллат,
Рӯзи мотами миллат – раҳзанию қаллошӣ.

Манзаре, ки мебинам, рахна мекунад динам,
Миллати наҷиби ман, то куҷо чунин бошӣ???

11.11.1992

* * *

Субҳе ба тоҷи бесари миллат гиристам,
Шоме ба марги мазҳари миллат гиристам.

Якпорагишро ҳамекардам орзу, дареғ,
Бар пора-пора пайкари миллат гиристам.

Бо чашми хеш дида заволи ягонагӣ,
Бар уммату паямбари миллат гиристам.

---

1. Ба озмуни Адо
«Ғунча аз шарми рухат сар дар гиребон боду ҳаст,
Мавҷи гул аз ҷилваат дар худ ҳаросон боду ҳаст.»
(Адабиёт ва санъат)

Чун на саре на сарваре буд ин саройро,
Ман бар ҷанозаи сари миллат гиристам.

Дар роҳи рост мехурад ҳар дам сикандарӣ,
Бар Қайсару Сикандари миллат гиристам.

Занги диро зи гардани астар чӣ нағмаест?
Бар зангхурда афсари миллат гиристам.

Хуни бародаре ба бародар раво шудаст,
Бар мадфани бародари миллат гиристам.

Азбас талофие ба талафҳо надоштам,
Ҳар лаҳза дар баробари миллат гиристам.

Гаҳвораҳо тиҳӣ шуданд аз тифлу гиряҳош,
Бар фахри ҳар музаффари миллат гиристам.

Фарзандҳош беҳадаф мурданду бемазор,
Ман бар мазори модари миллат гиристам.

24.11.1992

* * *

Кош як рӯзи пур аз нур ва ё як шаби кӯр
Лаб ниҳам бар лаби ту, пас биравам бар лаби гӯр.

Дуздӣ аз чашми аҷал бар дари чашмат нигарам,
Бибарам дар нигаҳам аз нигаҳат ламъаи нур.

Нафаси бозпасинам нафаси гарми ту бод,
Бишнавам нафҳаи ту, то бидамад нафхаи сур.

Рӯи ту бинаму бидруд кунам рӯи ҷаҳон,
Қурби ту хоҳаму з-он пас бишавам аҳли қубур.

Эй хуш он дам, ки дар оғӯши ту ҷон биспорам,
Пас зи ту дур шавам, дур шавам, дур... ба гӯр...

4.1.1993

* * *

Чун набуд дидаваре, ҳақназаре дар бари халқ,
Барфу борони бало рехт ба фарқи сари халқ.

Сангдил баски фузун буд дар ин сангистон,
Дили санг об шуд аз оҳи дили модари халқ.

Ҳар қадар дасти дуо сӯи худо боло шуд,
Он қадар қаҳри худо рехт ба бому дари халқ.

Чун зи масҷид ба дили халқ камон кард камин,
Халқ донист, ки ҷуз худ набувад довари халқ.

Дар Душанбе зи шару шӯр замин меларзид,
Минбари чанд ҷигаррехта шуд минбари халқ.

Косаи сабр чу лабрез шуд аз дасти тиҳӣ,
Пур шуд аз хуни дилу хуни ҷигар соғари халқ.

Ин ки қонун ба сари тахт нишинад бояд,
Шоҳкорест, ки анҷом шуд аз сангари халқ.

Гар шавад чира зи ҳамдастии мардум қонун,
Ҷовидон сабт шавад дар вараqи дафтари халқ.

Бегунаҳ нест дар ин фоҷиа ҳар бегунаҳе,
Гунаҳашро бинамояд назари ҳақвари халқ.

6.2.1993

* * *

Фаввора мезанад хун аз дидагони модар,
Эй вои ҷони модар, эй вои ҷони модар.

Баҳри нажоди миллат, баҳри наҷоти миллат
Беному бенишон шуд ному нишони модар.

Рӯи замин чӣ дорад, рӯи ҷаҳон чӣ дорад?
Дар зери хок хуфта ҷону ҷаҳони модар.

Гардун фурӯ фитода чун боми гӯр бар сар,
Гӯр аст рубъи маскун бар ормони модар.

Кӯр аст курраи арз, доғи дилаш набинад,
Гӯши фалак надорад тоби фиғони модар.

Тиру камон фузун шуд, чандин ҷавон нагун шуд,
Тире нахурд раҳми қадди камони модар.

Чун тир кард шиллик, пур рехт хуни тоҷик,
Наҷме намонд рахшон дар осмони модар.

Даст аз ҷаҳон бишуста, дар кунҷи ғам нишаста,
Мурғе намесарояд дар ошёни модар.

Дигар зи худ наболад, бар шаш ҷиҳат биналад
Ку посдори модар? Ку посбони модар?

Шояд ки зинда гардад тифли ҷаҳоннадидаш,
То рӯзи ҳашр нолад рӯҳи навони модар.

Танҳост зери гардун, афсурдаю ҷигархун,
Ҳайфи замини модар, ҳайфи замони модар!

9.2.1993

* * *

Шому саҳар ба сад фиғон фарёд мекашам,
Аз мағз-мағзи устухон фарёд мекашам.

Байни замину осмон тоҷик хор шуд,
З-ин остон ба осмон фарёд мекашам.

Бар нутфае, ки мурд ба захдони модарон
То чор сӯи бекарон фарёд мекашам.

Бедод рафт ин ҳама бар ҷони тоҷикон,
Бар сарнавишти тоҷикон фарёд мекашам.

Бар сабзае, ки медамад дар пуштаҳои гӯр
Аз хатти сабзи навхатон, фарёд мекашам.

Бар синаҳои чок-чок аз тиру теғҳо
Бар қатли тифли безабон фарёд мекашам.

Бар пуштаҳо, ки ёдгор аз ҳафт пушти мост,
Ғарқоби хуни куштагон, фарёд мекашам.

Сархам шуданд қуллаҳо аз нанги ҷанги мо,
Аз кӯҳ то ба каҳкашон фарёд мекашам.

Ҳар гӯр пушта нест, ки омоси дардҳост,
Бар мурдаҳои ормон фарёд мекашам.

Имрӯз рӯи хокаму фардо ба зери хок,
Аз лобалои хокдон фарёд мекашам.

Баҳри нишони тоҷикон мурданд бенишон,
Бар хуфтагони бенишон фарёд мекашам.

Бар тоҷики ғариб – ғариби диёри хеш –
Соҳибмакони бемакон фарёд мекашам.

Бар тоҷики наҷиб, ба фарзоди Зардуҳишт –
Бар миллати фасурдаҷон фарёд мекашам.

Бар миллати шикаставу ҳаргиз нарехта,
Як рӯз не, ки ҷовидон фарёд мекашам.

11.2.1993

* * *

Куштаи бисёр додӣ, боз рӯҳат зинда аст.
Поя дар ин хок дорӣ, давлатат поянда аст.

Гарчи аз домони кӯҳат рӯди хун ҷорӣ шуда,
Қуллаи кӯҳат нишони қуллаи оянда аст.

То туро бетоб дидам, тоб хурдам рӯзу шаб,
Шукри борӣ, аз паи шаб субҳи ту тобанда аст.

Бетараф хонд он ки моро, буд ӯ худ бешараф,
Ҷон канад беҳ он касе, к-аз халқи худ
дил кандааст.

Синаҳо шуд реш аз дасти ду-се тан хомриш,
Миллати пуртоқати ман, душманат
шарманда аст.

Нестам рӯсӯхта дар рӯ ба рӯят, эй Ватан,
Ҳарф-ҳарфи шеъри ман аз меҳри ту огандааст.

Буд сархам парчамат аз бори дарду мотамат,
Дар нишони нав бидидам, шери[1] ту разманда аст.

Зиндагонӣ зинда мегардад зи хуни куштагон
Дар миёни гиряву мотам тулӯи ханда аст.

Ин баҳор аз гӯрҳо гар сабза хунин медамад,
Рӯҳи бедори шаҳидон зиндагибахшанда аст.

Мурд чандин бор, аммо боз бистонд интиқом,
Миллати ман то қиёмат бо қиёмаш зинда аст!

20.2.1993

* * *

Ман ин ҷо хирмани гул гӯр кардам,
Яке марғулакокул гӯр кардам.

Фиғоно аз димоғи хушки дунё,
Шамими мӯи сунбул гӯр кардам.

Гуле бинҳода андар синаи гил,
Ҳазорон оҳи булбул гӯр кардам.

Нагӯӣ пуштаи хушкест ин ҷо,
Ҷавонию таҷаммул гӯр кардам.

Ҳама уммедҳо бар бод додам,
Ҳама сабру таҳаммул гӯр кардам.

Чи ғофилмарг шуд ишқи ҷавонӣ,
Ҷаҳоне аз тағофул гӯр кардам.

15.9.1993

* * *

Эй асли девони ғазал, шод омадӣ, шод омадӣ,
Нақди дилу ҷон дар бағал шод омадӣ,
шод омадӣ.

Бунёди ғамҳо сӯхта, ҷони маро афрӯхта,
Бар қасди сад макру ҳиял шод омадӣ,
шод омадӣ.

Бикшодӣ зулфи пуршикан, бишкастӣ
сад армони ман,
Эй кони айши бехалал, шод омадӣ, шод омадӣ.

Аз сафҳаи барги гулат хондам ғазалҳои дилат,
Эй шоҳкори бебадал, шод омадӣ, шод омадӣ.

1. Баъди чанде на шер монд, на разми он.

Дар олами шӯру мағал, дар арсаи ҷангу ҷадал,
Эй дар малоҳат бемасал, шод омадӣ,
шод омадӣ.

Дар базми гунгу кӯрҳо, дар хони талху шӯрҳо
Кандуи саршори асал, шод омадӣ, шод омадӣ.

Будам зи ҳастиям хиҷил, дар чоҳ монда
по ба гил,
Пирӯз бар фавҷи аҷал шод омадӣ, шод омадӣ.

Андар лабони ғунчасон пайке зи умри ҷовидон
Бар қасди марги бемаҳал шод омадӣ,
шод омадӣ.

Бо ман даме даврон бирон, бо ман бигӯ,
бо ман бихон,
Эй армуғоне аз азал, шод омадӣ, шод омадӣ.

26.9.1993

* * *

Ман зинда берун омадам аз гӯрҳо, аз гӯрҳо,
Наздики ёрон омадам аз дурҳо, аз дурҳо.

Оғӯши қисмат боз шуд, сад хони неъмат
соз шуд,
Гӯёву бино омадам аз базми гунгу кӯрҳо.

Аз ранҷи ғурбат растаам, занҷири по
бигсастаам,
Шодӣ кунед аз бахти ман, ранҷурҳо, ранҷурҳо.

Аз нав ҷавонӣ ёфтам, сад муждагонӣ ёфтам,
Нак зиндагонӣ ёфтам, маҳҷурҳо, маҳҷурҳо.

Наздики гулшан омадам аз марзи ошӯби хазон,
Наздики гулхан омадам аз сардии лозурҳо.

Маъмуртар аз ҳар киям, манзуртар
аз ҳар чиям,
Пирӯзмандам бар шумо, пирӯзҳо, пирӯзҳо.

Чун бар Ватан боз омадам, бар хештан
боз омадам,
Ганҷи маро набвад баҳо, ганҷурҳо, ганҷурҳо.

Домони кишвар омадам, домони модар
омадам,
Ман ҷашнаму ман ҷашнҳо, ман сураму
ман сурҳо!

30.9.1993

* * *

Чунин ки гашта макони ман ошёни камон,
Диҳӣ салом, алайкат диҳад даҳони камон.

Забони давлатӣ айдун забони модар нест,
Забон забони камону баён баёни камон.

Камони абруи ҷонон намезанад тире,
Замин замини камону замон замони камон.

Камони қомати пирон насохт тадбире,
Ҷаҳони панди ниёгон шуда ҷаҳони камон.

Дигар фулону чуноне магӯ ба ину ба он,
Фулон фулони камону чунон чунони камон.

Нишони одамӣ аз ҳеҷ одаме маталаб,
Нишони одамӣ гардида худ нишони камон.

Дареғу дард, ки дар зери чархи дӯлобӣ
Қирони мардуми тоҷик нашуд қирони камон.

2.10.1993

## УШШОҚИ ИСФАРА[1]

Дар боғҳои хуррами ҷаннатнишони Исфара,
Шаҳду шакар мепарварад пиру ҷавони
Исфара.

Ширинтар аз шаҳду шакар бахшад ба кас
ҷони дигар
Шаҳди навои дилкаши хунёгарони Исфара.

Дармони ҷони одаманд ё балки ҷони одаманд
Озодагони Исфара, дилдодагони Исфара.

Гар аҳли дил бошӣ, биё, гар аҳли ҷон бошӣ,
биё,
Боз аст бахри дӯстон дасторхони Исфара.

Оби зулолаш медамад ҷон бар тани хоки
қадим,
Сабз аст бахти Исфара, сабз аст ҷони Исфара.

Ҷорист то марзи абад бо нағмаҳои Борбад
Рӯди равони Исфара, рӯҳи равони Исфара.

3.10.1993

1. Бо хоҳиши якчанд дӯстон дар Зумрад навишта шуд.

* * *

Сӯи бесӯӣ равонем, эй дареғ аз сӯи мо,
Кӯи некӯе надорем, эй дареғ аз кӯи мо.

Чеҳраҳо туршидаву пажмурдаву мотамзада,
Рӯи инсонӣ надорем, эй дареғ аз рӯи мо.

Бӯи хуну бӯи мурда мерасад аз хушку об,
Бӯи беҳрӯзӣ надорем, эй дареғ аз бӯи мо.

Ҷои он ҷӯборҳои «ёди ёри меҳрубон»
Ҷӯи ашку хун равон аст, эй дареғ аз ҷӯи мо.

Модари зояндаи ояндамон астарван аст,
Сӯи бесӯӣ равонем, эй дареғ аз сӯи мо.

6.11.1993

* * *

Бод дар кафат монда – ҷурми боданӯшиҳо,
Сахтият ба сар омад – узри сусткӯшиҳо.

Раъд бар сарат ғуррад, бод бар дарат шӯрад,
Худ ба худ фиғон дорӣ – ҳосили хамӯшиҳо.

Пухтагон ҳама бурданд пухтаҳои полизат,
Норасида мондастӣ – бори хомҷӯшиҳо.

Охирин калӯшатро мебаранд аз поят
Баски достон астӣ дар даҳонкалӯшиҳо.

Мокиёни куркатро мепаранд гунҷишкон –
Заъфи бехурӯсиҳо, заъфи бехурӯшиҳо.

Арғувони боғатро додай ба хастабъон,
Бо вуҷуди урёнӣ боз айбпӯшиҳо?..

Қарздорӣ аз ҳар саг устухоневу лекин
Мекунӣ ба ҳар ҷое устухонфурӯшиҳо...

9.11.1993

* * *

Чун набуд бар сарамон сарвару сардори бузург,
Хушк шуд чашмаи зояндаи афкори бузург.

Хурд ғам ҳастаи ҳастии аҷамбошонро
Чун набуд дар барамон ҳамдаму ғамхори бузург.

Ҳайфи андарзи бузургон, ҳама бефарҳангем,
Ҳар куҷо бингарӣ, пайдост дилозори бузург.

Чӣ бузургист, худоё, ки бузургон мурданд
На паи кори бузургу на ба пайкори бузург.

Аз бузургӣ чӣ нишон аст дар ин кишвари нур?
Дузду қаллобу туфайлихуру ғаддори бузург...

Арса танг аст, ҷаҳони хиради мо танг аст
То ба манзил нарасад ҳеҷ ягон бори бузург.

Оғили тангу хари кӯр... чӣ мероси аҷиб!
Ҳайфи он дини мубину ҳама осори бузург...

Боз даъвои бузургӣ бикунем аз ғафлат –
Туӣ дорои бузург, банда подори[1] бузург.

Зиндагӣ берамақу нону намак бенамак аст,
Гарчи дорем намакдону намаксори бузург.

Ҳамагон мӯҷиби ин ваҳшату ин бедодем,
Ҳеҷ кас нест чу мо хуниву хундори бузург.

Ҳамагон ғарқи гуноҳем, чаро тан надиҳем?
Вақти он аст, ки рошем[2] таҳи дори бузург...

9.11.1993

* * *

Халқи фарзонапараст шуда девонапараст,
Дода дурдона зи каф, шуда анбонапараст.

Халқи «Шаҳнома»-навис шуд сияҳноманавис,
Дода хуршед зи каф, шуда таҳхонапараст.

Халқи ҳурмуздпараст бинигар, дуздпараст,
Шамъу парвонапараст шуда ҳарвонапараст.[3]

Завқи афлокписанд бинигар хокписанд,
Табъи ҷононапараст бинигар чонапараст.

Мулки деворбаланд шуда кӯтаҳдевор,
Кохи шоҳонапараст шуда вайронапараст.

Огаҳат мекунем, эй мардуми аз худ ғофил,
Бишунав нуктае аз Лоиқи паймонапараст:

Борҳо гуфтамат, эй пури фулон, худро ёб,
Ту ба афсуни саге хондиям афсонапараст.

Рӯзе аз хеш нишон ҷӯӣ, наёбӣ гарде,
Эй ту бегонапараст, эй ту бегонапараст...

11.11.1993

1. Подор – пойдор, устувор.
2. Рошем – роҳӣ шавем.
3. Ҳарвона – шиканҷа.

* * *

Мо зи асли хештан азбакси дур афтодаем,
Раста аз гӯре, дигарбора ба гӯр афтодаем.

Рӯихотирбиниву меҳмоннавозимон чӣ дод?
Дода бас нону намак, бо бахти шӯр афтодаем.

Кӯрботин шамъи роҳу кӯрдил машъал ба даст,
Ё ба рӯи ин замин мо ҷумла кӯр афтодаем?

Рустамони хешро куштем бо дастони хеш,
Оқибат дар чанги муште муштзӯр афтодаем.

Пешвомон буд азбас пешипоуфтодае,
Мо ҳам андар чола бефахру ғурур афтодаем.

Мурдаҳомон зери қабру зиндаҳомон зери ҷабр,
Ё магар ҳампаҳлуи аҳли қубур афтодаем?

Осмоно, хориям меояд, эй дод, аз чӣ рӯ
Нотавону ноҷавону ноҷасур афтодаем???

27.11.1993

* * *

Сари мо сарфи сарфарозӣ буд,
Дили мо раҳни дилнавозӣ буд.

Мо набигдохтем фӯлоде,
Қисмати мо ки дилгудозӣ буд.

Мо ба нозе ҷаҳон фурӯхтаем,
Давлати мо зи бениёзӣ буд.

Мо ки ҳақро ба май шинохтаем,
Ғайри май ҳар чӣ буд, маҷозӣ буд.

Ту давидӣ паи суханреза,
Ҳунари мо сухантарозӣ буд.

Пешаи ту замонасозиҳо,
Пешаи мо таронасозӣ буд.

Ғайри якрӯза ишқбозии дил
Ин ҷаҳони дурӯза бозӣ буд.

Бо ҳама розҳои ногуфта
Лоиқ аз умри хеш розӣ буд.

30.11.1993

* * *

Ҳар чӣ дорам дар ин ҷаҳон Ватан аст,
Ватан асту мадори ҷону тан аст.

Гунаҳи мост, ҳолия ин хок
Мадфани мурдагони бекафан аст.

Бо ҳама ашку хуну тиру туфанг,
Чӣ кунам, ин замин диёри ман аст.

Гарчи мерос монда аз Ҳурмузд,
Боз ҳам пойгоҳи Аҳриман аст.

Пур зи зоғу заған шуда ин бум,
Гузари булбулон ба марғазан аст.[1]

Ройзан пур шудаст дар девон,
Ройзан нест, балки роҳзан аст.

Анҷуман мекунанд ҳар ҷое,
Худкушӣ раҳкушои анҷуман аст.

Ҳайфи Гурдофариди Фирдавсӣ,
Гурдзода бубин, ки гӯркан аст.

Гарданафроз мардуме будем,
Гарданомон ба ҳалқаи расан аст.

Дар диёри сухан суханвар нест,
Сӯхт ҳар кас, ки ошиқи сухан аст.

Сайру гашти чаман фаромуш кун,
То гулӯмон нуҳуфта дар лаҷан аст.

Байни мо баҳси мову ман то ҳаст,
Чамани гул ба қабзаи шаман аст.

Ҷанги байни маҳал аҷал овард,
Эй бародар, бас аст, дилбазан аст.

Як васият кунам, ба ёд бигир:
Дар танат гар на ҳеҷ пираҳан аст,

Тоҷико, асли хешро дарёб,
Варна фардот бенишон шудан аст.

Бозёбии хеш агар хоҳӣ,
Бозгаштат ба асли хештан аст.

Навбати дови рӯбаҳон бигузашт,
Навбати шермарду шерзан аст!

2.12.1993

* * *

Ин харобазамин диёри ман аст,
Марзи хунини ёдгори ман аст.

Чун мазори умедҳом ин ҷост,
Охируламр ҳам мазори ман аст.

---

1. Баҳра аз байти:
Ҳар киро роҳбар заған бошад,
Гузари ӯ ба марғазан бошад.
ки ҷое ба устод Рӯдакӣ ва ҷое ба Унсурӣ нисбат додаанд.

Оҳи ман гӯрро битарконад,
Оҳи ман оҳи рӯзгори ман аст.

Халқи тоҷик гар надорад пос,
Гӯри торик посдори ман аст.

Дар канори шумо нагунҷидам,
Хоки аҷдод ҳамканори ман аст.

Модарам рафт, низ биштобам,
Рӯҳи покаш дар интизори ман аст.
10.12.1993

* * *

Як тараф азохона, як тараф ҷазохона,
Мурғи дил намехонад дар сарои вайрона.

Раҳ ба раҳ ҳама сарсон дар қаламрави сарсом,
Нест аз хушӣ пайғом дар диёри бегона.

Модарони бекӯдак, кӯдакони бемодар,
Мурғакони белона ҷумлагӣ тиҳичона.

Духтари сияҳпича – моми шоири фардо
Дар диёри худ дорад нолаи ғарибона.
1994

* * *

Шаборӯзон зи ҳар ҷониб садои тир меояд,
Ба ҷони одамон талвосаи шабгир меояд.

Садои тир меояд, ки тири[1] халқ коҳидаст,
Садои тир меояд, ки фардо дер меояд.

Садои тир агар н-ояд шабе ҳатто зи бурҷи Тир,
Ба ҳар як тирхурда ҳадяи тақдир меояд.

Садои тир агар н-ояд ба гӯш аз кӯчаю бунбаст,
Зи маҳфилҳо садои шеъри оламгир меояд.

Садои тир агар н-ояд, нахушкад синаи модар,
Ба коми кӯдаки оянда ҷӯи шир меояд.

Вале аз нохалафҳо рафта бар модар ситамҳое,
Ки модар назди тифлаш пой дар занҷир меояд.

Зи тоҷике ба тоҷике намеояд паёми меҳр,
Фақат тавҳин, фақат нафрин, фақат таҳқир
меояд.

Фишанги пӯка[2] мерӯяд зи хоки ин Ватан бешак,
Агар аз тир ҳалли мушкилу тадбир меояд.

Дигар шоир забон аз шеър накшояд,
ки ҳар лаҳза
Зи нон носер, лек аз ҷони ширин сер меояд.

Сухан шуд поймоли чанд бепире, худовандо,
Кӣ бар побӯсии ин миллати бепир меояд?
18.1.1994

* * *

Аз ту, эй шердилу сафдару бебок, афсӯс,
Нараҳидӣ ту ҳам аз зарбати афлок, афсӯс.

Рӯи ин хок чу аз тирадилон тира шудаст,
Бо дили пок бирафтӣ ба дили хок, афсӯс.

Бо дили пок бирафтӣ ба дили хоку бимонд
Боз дар рӯи замин зумраи нопок, афсӯс.

Ту дар ин гӯшаи намнок фурӯ хуфтиву мо
Боз мондем ба сад хотири ғамнок, афсӯс.

Ҳар қадар саркашию маргситезӣ кардӣ,
Марг ҳам тохт ба ту чобуку чолок, афсӯс.

Дарки ин нукта муҳол аст, ки баъди ту намонд
Чун ту равшанназару соҳиби идрок, афсӯс!
25.1.1994

* * *

Ҳарфе шунавӣ, оҳу роҳе биравӣ, чоҳ аст,
Аз мӯрии ҳар хона дуди ғами ҷонкоҳ аст.

Ҳарфе зи Ватан гӯӣ, тират ба даҳанояд,
Ин ҷо на ватангоҳу на ҷои ватанхоҳ аст.

Арвоҳи бузургон шуд покӯби ду-се кавдан,
Арвоҳзада чанде бомартабаву ҷоҳ аст.

Ку шоҳу вазири мо? Ку ақли кабири мо?
Кӯрист вазир ин ҷо, зӯрии камон шоҳ аст.

Ояндаи миллатро дар чорсуи таърих
Раҳдон ду-се худхоҳу раҳбар ду-се гумроҳ аст.

Пистони Ватан ҳар кас ҳар сӯ кашаду дӯшад,
Номуси ватандорӣ гӯсолаи пуркоҳ аст.

Фарҳангписандонро девор зи бун афтод,
Деворбаландонро андешаи кӯтоҳ аст.

«Ушшоқи Душанбе»-ро бинвишта,
пушаймонам,
Дирӯз ватангаҳ буд, имрӯз бизангоҳ аст.
27.1.1994

1. Тир – насиба, қисмат.
2. Фишанги пӯка – патрони холӣ.

* * *

Ҷабри таърих ягон қавм надидаст, ки мо,
Заҳри таърих нажоде начашидаст, ки мо.

Миллате зери фалак бо ҳама фарҳанги сутург
Ин қадар зиллату хорӣ накашидаст, ки мо.

Миллате дар раҳи тақдир бад-ин танҳой
Ба чунин вартаи муҳлик нарасидаст, ки мо.

Миллате аз қалами рафта бар аъмоли башар
Ин қадар бӯи уқубат нашамидаст, ки мо.

Миллате беҷиҳате бо сари пуршӯру баланд
Дар сари дори аҷониб натапидаст, ки мо.

Ҳеҷ қавме ба чунин нокасию нохалафӣ
Хуни ҳамхуни худашро намакидаст, ки мо.

Миллате дар ҳама айём бад-ин бешарафӣ
Синаи модари худро набуридаст, ки мо.

Ҳеҷ кас зери ниқоб омада баҳри зару сим,
Ҷигари ҳамнасабашро надаридаст, ки мо.

Ҳеҷ фарде зи сари кин ба ҷигаргоҳи падар
Дашнаи ташнаи хунро нахалидаст, ки мо.

...Оҳу афсӯс, ки дар ҳошияи таърихем,
Ин ҳама фоҷиаро даҳр надидаст, ки мо.
29.1.1994

* * *

Сухан вирди забонҳо буд, имрӯз аз даҳан
мондаст,
Забониноби тоҷикӣ бурун аз анҷуман мондаст.

Чу ҳар хору хасе даъвои шеъру шоирӣ дорад,
Дилам аз шоирӣ мондасту аз шеъру сухан
мондаст.

Биё дар шаҳри холӣ, табъи олӣ, хошарӯбӣ кун,
Ҳунар аз осмон афтода, помоли лаҷан мондаст.

Ҷавонони саодатманд масти банги бенангӣ,
На шукри пирмардону на поси пирзан мондаст.

Агар ту настаран гӯӣ ба гӯшаш ресторан ояд,
Зи бас ин мулк дар чанги ду-се дузду чапан
мондаст.

Куҷо мушти қавӣ, к-ин муштҳоро пушти сар
тобад,
Ки рӯзи халқ андар мушти муште муштзан
мондаст.

Тарозу имтиёзе буд, ҳар гову харе балъид,
Тарози ҳол бесоҳиб – куланги гӯркан мондаст.

Ҳама аз дарди миллат ҳарф мегӯянду қатъи ҷанг,
Давоми ҷанг – баҳри ҷоҳ ҷанги тан ба тан
мондаст.

Дигар чизе намонда, то дилат бо он биомезад,
Агар худро биёвезӣ, фақат як газ расан мондаст.

На аз худ, на зи бегона умеди офият дорам,
Дилам аз дӯстон мондаст, ҳам аз хештан
мондаст.

Муқимони Душанбе гӯиё андар ғарибиянд,
Дар ин шаҳри баҳорафшон басе байтулҳазан
мондаст.

Дигар дар домани саҳро бисоти нуқлу май
беҷост,
Ки хуни сад ҷавон дар домани дашту даман
мондаст.

Чу ман мирам, дилам як зарраи ин хок
хоҳад шуд,
Агарчанде дилам имрӯз аз ин халқу Ватан
мондаст.

Бад-ин минвол, агар тақдир бетадбир хоҳад буд,
Аҷаб набвад, агар гӯянд Лоиқ бекафан мондаст...

30.1.1994

* * *

Ғарқи дарёи ғамонам, роҳи ободӣ, куҷой?
Як қалам шакку гумонам, роҳи ободӣ, куҷой?

Гӯям ар, сӯзад забонам, варна сӯзад устухонам,
Дар замона безамонам, роҳи ободӣ, куҷой?

Нашъаи суре намонда, ламъаи нуре намонда
Дар замину осмонам, роҳи ободӣ, куҷой?

Мурдаҳо бегӯр монда, зиндаҳо бешӯр монда,
Хокдон шуд хонадонам, роҳи ободӣ, куҷой?

Дурбину дурандешон ҳама бар хок рафтанд,
Ман барошон гӯрбонам, роҳи ободӣ, куҷой?

Рӯзу шаб тобут бар дӯш, бори сад камбуд
бар дӯш,
Сӯи гӯристон равонам, роҳи ободӣ, куҷой?

Ҳар куҷо як муштзӯре, ҳар қадам сад қаҳрамоне,
Қаҳрамони бенишонам, роҳи ободӣ, куҷой?

Ҳар куҷо соҳибкамоне, нест як соҳибқироне,
Дар камини сад камонам, роҳи ободӣ, куҷой?

Хок шуд омоҷгоҳе, зиндагӣ шуд боҷгоҳе,
Сухраи суду зиёнам, роҳи ободӣ, куҷой?

Як тараф дарюзаҷӯӣ, як тараф шерозаҷӯӣ,
Ман ғами дил мекашонам, роҳи ободӣ, куҷой?

Гаҳ ба муши мурда рӯй орам, гаҳе
бар гурбаи маст,
Асли худро менадонам, роҳи ободӣ, куҷой?

Корвонҳо дур рафтанд, аз раҳи маъмур рафтанд,
Гарди роҳи корвонам, роҳи ободӣ, куҷой?

Канда тори шоҳрудам, мурда ёри ҳамсурудам,
Ман дигар бо кӣ бихонам, роҳи ободӣ, куҷой?

Ҳиммате, эй корвонкаш, то мабодӣ корвонкуш,
Аз ҳалокат деҳ амонам, роҳи ободӣ, куҷой?

1.2.1994

* * *

Дар ҳеҷ одам ояте з-одам намондааст,
Дар қавли мард ҳуҷҷате муҳкам намондааст.

Чун тир рост мезанад бар синаҳои халқ,
Ҷуз марг бар ҷароҳате марҳам намондааст.

Аз баҳри номуродии фарзанди ғӯрамарг
Дар чашмхонаи падарон нам намондааст.

Аз хурдани насибаи фарзанди одамӣ
Дар хоки рӯзгор ба ҷуз ғам намондааст.

Дар навбаҳори зиндагӣ чун барги лолае
Одам ғанимат аст, ҳамон ҳам намондааст.

Дар чанги дарди дам ба дам то вопасин даме
Гар одаму дам аст, ҳамин дам намондааст.

Дар ин муҳити дарҳаму барҳам зи баҳри суд
Ҷуз баҳсҳои дарҳаму барҳам намондааст.

Бо он ки офаридаи борист одамӣ
Раҳме ба ҷони баччаи одам намондааст.

Ҳотам шуданд пуштиён аз пушти моли халқ,
Аммо шукӯҳи ҳиммати Ҳотам намондааст.

Эй миллати ақим, ки фарзанд мекушӣ,
Исо чӣ орзу кунӣ, Марям намондааст.

1.2.1994

* * *

Ҳайфи он афрӯхта фарҳанги олӣ,
Шоирам дар хушксори мулки холӣ.

Кӯдакашро гар кушад дар батни модар,
Чун тавон кард орзуи безаволӣ?

То абусе бар даюсе раҳнамун аст,
Оҳу дод аз маснади соҳибкамолӣ.

Байни ду санг орд гашта миллати мо,
Оҳ аз баҳси ҷанубию шимолӣ!

Ҷумла бефарҳангу бесарҳангу пастем,
Гар нишинӣ рӯи тахте ё ниҳолӣ.[1]

Илми ҳолу илми қоле чун надонад
Мефурӯшад молу ҳолу фаршу қолӣ.

Тоҷике яғмогари тоҷик бошад,
Гургӣ аст ин, рӯбаҳӣ ё ки шағолӣ?

Гарчи омухта ба ӯ қолу мақоле,
Модарашро мекушад бе қилу қоле.

Чораи дардаш биҷӯӣ, менафаҳмад,
Боз созад шикваю бечоранолӣ.

Чораи ҳолаш бигӯӣ, кина гирад,
Боз нолад аз ғами бечораҳолӣ.

Суд бошад, медавад пешат дуаспа,
Кор гӯӣ, мегурезад дар хафоле.[2]

Тахти олӣ хоҳад он пӯсида тахта,
Бахти олӣ хоҳад ин бо мағзи холӣ.

Бемаҷолияш бувад аз бевиқорӣ,
Пурвуболияш бувад аз лоуболӣ.

Ҷамъ меорад ба чандин реву райбе,
Мефитад дар чоҳ бо ҷоҳу ҷалоле.

Оҳ, метарсам зи фардои сияҳфол,
Мурғаки паркандаю фархундафолӣ.

Ҳайфи уммеди ҳимоят аз ҳумое,
Ҳайфи он паррехта мурғи хаёлӣ!

Бо ҳама ин хушктабъӣ, хушкдастӣ
Чун наояд бар сари мо хушксолӣ?

Ё давидан ё паридан чун тавонӣ
Бо ду-се ишкастапо, ишкастаболе?

1. Ниҳолӣ – кӯрпача, зерандоз.
2. Хафол – хонаи ҷонварони ваҳшӣ, куном.

Дар сиголи миллате чун мо набошад
Байни ҳам бадтинатию бадсиголӣ.

Аз чунин миллат, ки як бадбахти ӯӣ,
Лоиқи хунинҷигар, то кай биполӣ?

2.2.1994

* * *

То кай бувед аз ҳама дур, эй бародарон,
Гӯрӣ[1] кунед то дари гӯр, эй бародарон!

Шохи ҷавонии шумо нашкаста, оваред
Баргу навои шодию сур, эй бародарон!

Аз ҷангуҷӯшу зӯрии ноҷоятон чӣ суд,
Чун нестед аз худо зӯр, эй бародарон!

Захма ба захми синаи хунин чӣ мезанед,
Созед торҳои дил ҷӯр, эй бародарон!

Бо чанд ҳарфи нарм зи аъмоқи ҷону дил
Гармо диҳед бар тани ур, эй бародарон!

Бо ормони равшану ояндабини хеш
Бино кунед ҳар дили кӯр, эй бародарон!

Он санги дил ба шишаи ин дил чӣ мезанед?
Иншо кунед маъбади нур, эй бародарон!

Узр оваред аз сари мардонагӣ яке
Озурдаед гар дили мӯр, эй бародарон!

Як шӯрабахт то шавад хушбахт, бигзаред
Аз ин ғиреву ғулғули шӯр, эй бародарон!

2.2.1994

* * *

Дареғу дард, ки ёрон зи мо ба дур шуданд,
Чунин зи кӯрии хешу зи бахти шӯр шуданд.

Чу иттиҳод набуда миёнашон чун мушт,
Ба сухра дастхуши чанд муштзӯр шуданд.

Ситорасӯхтагони диёри хуршедӣ
Ба ҳукми чанд камондори бешуур шуданд.

Ду чашм мунтазири илтифоти ёру диёр
Ба ёди хоки Ватан хун гириста кӯр шуданд.

1. Гурӣ – шодию нишот. Аз Рӯдакӣ:
Гӯрӣ кунему бода хурему бувем шод,
Бӯса диҳем бар ду лабони паривашон.

Зи мавҷкӯҳаи Ому паи мадад аз мӯ
Убур карда бад-он сӯ, таҳи қубур шуданд.

Ба хоки ғайр надиданд хайру хайрият,
Ба хоки ғайр ғунуда, ғарибгӯр шуданд.

5.2.1994

* * *

На Сосон, на Кӯшони миллат шудем,
Адӯи Сурӯшони миллат шудем.

Ҳама об андар даҳан будаем,
Яке деги ҷӯшони миллат шудем.

Забон пур зи ҳарфу даҳон пур зи кафк,
Яке пурхурӯшони миллат шудем.

Ситезону ғуррон чу шери яла
Ба қасди хамӯшони миллат шудем.

Агар хуни ангур мехурдаем,
Зи хунобанӯшони миллат шудем.

Зи ҷомасафедон напазруфта панд,
Сияҳҷомапӯшони миллат шудем.

Агар табли озодӣ мекӯфтем,
Зи пунбабагӯшони миллат шудем.

Дар охир чу дидем ҳеҷему пуч
Зи нарговдӯшони миллат шудем.

Ҷаҳидем боре чу бабри яла,
Сипас мурдамушони миллат шудем.

Насиҳатнимюше набудем бас,
Ки лаънатнимюшони миллат шудем.

Бикардем хоки Ватан пур зи наъш,
Ҷанозафурӯшони миллат шудем.

17.2.1994

* * *

Худовандо, ки дар зотат раҳимӣ ҳасту раҳмонӣ,
Чаро моро ато кардӣ ба сад ҷурми мусалмонӣ?

Як исломӣ зи исломӣ равад бар коми нокомӣ,
Яке нозад, ки ин бошад зи бахшишҳои яздонӣ.

Яке бо сабҳаи саддона сад дунё барангезад,
Яке гар тир андозад, варо тири қазо хонӣ.

Камондорест, тираш синаи офоқ бишкофад,
Ба муши мурдае монад, камонашро чу бистонӣ.

Камон дар даст меояд, замон дар даст меояд,
Ба ҳоли ин замон раҳме, агар ту ҳолгардонӣ.

Бале, ҳоло камондорон замондоранд, ё аллоҳ,
Чунин монад агар, дар ошёни худ чи сон монӣ?

Ба ҳар ҷо ҳозиру нозир, ҳамадонӣ, ҳамабинӣ,
Чаро бадбахтии моро намебинӣ, намедонӣ?

18.2.1994

* * *

*Ман бандаи он қавм, ки худро донанд,*
*Ҳар дам дили худро зи ғалат бирҳонанд.*
*Аз зоту сифоти хеш созанд китоб,*
*Феҳристи китобро аналҳақ хонанд.*

*Мавлавӣ*

Гарчи худ офтобу моҳи худем,
Монда дар инзивои чоҳи худем.

Тоҷикему ба ҳам наҷӯшида,
Тоҷикему на хайрхоҳи худем.

Хуни афсурда, ҷони озурда
Хуфта дар пои хонақоҳи худем.

Қаҳрамонони ҷанги миллаткуш –
Қотили халқи бегуноҳи худем.

Чун сипоҳигарӣ намедонем,
Рахнаи марзи бесипоҳи худем.

Дар паноҳи хирад наёсудем,
Душмани мулки бепаноҳи худем.

Носипосони бахшиши қисмат,
Зомини қисмати табоҳи худем.

Заҳрае нест ки ба Зуҳра парем,
Заҳри қаттоли гурдагоҳи худем.

Гирди кори ҷаҳон нагардидем,
Теғи хаста ба гирдгоҳи худем.

Малаху мӯр донаро бурданд,
Бодсозандагони коҳи худем.

Тухми некӣ дигар намерӯяд,
Киштзори аҷалгиёҳи худем.

Раҳзане роҳи хештан назанад,
Мо ҳама раҳзанони роҳи худем.

Худхурӣ мекунам шабони сияҳ,
Ки чаро мо шаби сиёҳи худем.

Оқибат ин суол мекушадам,
Ки чаро мо на хайрхоҳи худем?

Аҳлҳо аз чӣ тира, эй мардум,
Мо агар офтобу моҳи худем?

19.2.1994

* * *

Ин сагдилон, ки хидмати айём мекунанд,
Бо ваъда халқи содаро ором мекунанд.

Балъида ҳаққи халқро ҳамчун наҳанги ҳор,
Худро наҷотбахши халқ эълом мекунанд.

Дар коми хеш мекашанд амволи халқро,
Халқи ситамкашидаро ноком мекунанд.

Пур карда ҷайби халқро аз чормағзи пуч,
Дар ҷайби хеш писташу бодом мекунанд.

Ҳар ваъдаро ба ҷоми май анҷом медиҳанд,
Халқи балорасидаро сарсом мекунанд.

Аз баҳри некномии худкомагии хеш
Моро ба паҳнаи ҷаҳон гумном мекунанд.

Дарюза мекунанд ба ҳар ҷо зи номи халқ,
Ғофил аз он, ки халқро бадном мекунанд.

Як ҳарф дар забонашон фарҳанги халқ нест,
Даъвои шарҳи Ҳофизу Хайём мекунанд.

Миннат ниҳода, шамъаке бар халқ медиҳанд,
Хуршедро ба аҷнабӣ инъом мекунанд.

Бар умқи кору борашон борик бингаред,
Аз номи халқ халқро душном мекунанд.

Аз лутфу меҳрубонии ишон чӣ ҷои ҳарф?
Бо дасти халқ халқро эъдом мекунанд.

20.2.1994

* * *

Нишони сармадӣ ҷустам, нишони тир шудам,
Ғарибу бекасу бечораву фақир шудам.

Агарчи шери ҳузарбам, тазоди қисмат бин,
Ба дасти як саги дунболагар асир шудам.

Чунин ҳақорати таърих нест дар таърих
Кабир будаму якборагӣ сағир шудам.

Ҳамоқати худамон буд ё таҷовузи ғайр,
Зи авҷи кибриё уфтодаму ҳақир шудам.

Миёни зулмати ҷаҳл офтоб меҷустам,
Зи кӯрдуди сияҳкорагон зарир шудам.

Басо зи торами ахзар ситора мечидам,
Залилу мунзавию хастаю қасир шудам.

Зи биму ваҳшату дилвопасӣ дилам чӯкид,
Зи хешу аз ҳама ҳамҷодагон заҳир шудам.

Чу «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ дар чакод будам,
Кунун фиканда таҳи пой чун ҳасир шудам.

Зи бори нанг миёнам шикасту уфтодам,
Зи ҷони хешу зи ҷабри дусӯя сер шудам.

Ҳазор сол ба рағми замон ҷавон будам
Миёни чанд дақиқа шикаста, пир шудам...

21.2.1994

* * *

*Ҷаҳон сар ба сар ҳикмату ибрат аст,*
*Чаро баҳраи мо ҳама ғафлат аст?*
*Абулқосими Фирдавсӣ*

То кай ба дарду ҳасрат бимирем?
Боре зи таърих ибрат нагирем?

То кай ба тиру шамшеру пархош
Тадбири дарди миллат пазирем?

Дар ганҷковӣ бепову дасте,
Дар кунҷковӣ ҳай беназирем.

Зиндағарибу мурданаҷибон,
Зиндасағиру мурдакабирем.

Андар шаҳомат, андар наҷобат
Дасти фақиру дашти кавирем.

Андар сиёсат, андар киёсат
Муште ақиму муште қасирем.

Дар рӯзи майдон майдонгурезон,
Бо соғару май пур хонаширем.

Аз каҳкашонӣ ногаҳ шаҳаншоҳ,
Аз подабонӣ ногаҳ вазирем.

Аз рустое берун нарафта
Аз Тоҷикистон дар Чин сафирем...

Муште туфола, муште забола,
Ин ҷо амину он ҷо амирем.

То кай, худоё, то кай, худоё
Бахти ҷавонӣ нодида мирем?

13.3.1994

* * *

*Тоҷики гарданкашу лашкаршикан,*
*Бештаре найзавару тегзан...*
*Хусрави Деҳлавӣ*

«Тоҷики гарданкашу лашкаршикан...»
Гардани худ бишканад аз макру фан.

Теғзан? Оре, батар аз сад адӯ
Худ бизанад бар ҷигари хештан.

Тирзан? Оре, бизанад бехато
Рост ба чашму ба дили ҳамватан.

Пӯст канад колбади куштаро,
То бишавад туъмаи зоғу заған.

Пора кунад ҷумлаи аъзои ӯ,
Афканадаш дур, напечад кафан.

Синаи модар бибурад масти банг,
Гарчи аз он хурда ба тифлӣ лабан.

Сӯхтани хонаи модар варо
Беҳ бувад аз хонаи нав сохтан.

Куштани ҳаммилату яғмогарӣ –
Ин бувадаш маънии ҳуббулватан.

Шоири дилсӯхта, дигар магӯй
Аз гулу райҳону зи мушки Хутан.

Шукр бикун, зиндаӣ алҳолу боз
Ҳаст маҷолат, ки бигӯӣ сухан.

Шукр бикун з-он ки забони синон
Шарҳа накардаст забон дар даҳан.

Шукр бикун, лек бияндеш жарф
Бар худу бар кашмакаши мову ман.

Жарф бияндеш, чӣ асрор ҳаст
Дар сифати тоҷику тоҷик будан...

14.3.1994

* * *

Шаҳри шикастаҳо, шаҳри фитодаҳо,
Шаҳри пиёдаҳо монанди подаҳо.

Дилҳои ғамзада, қадҳои хамзада,
Бар сарнавишти бад гарданниҳодаҳо.

Дар чеҳри одамон нақши ғами замон –
Ин аст баҳраи Беҳзодзодаҳо.

Аз дасти ғосибу дуздони хонагӣ
Дору надори худ аздастдодаҳо.

Дар назди бонкҳо бо қаҳру бонгҳо
Дар интизори пул сархам ситодаҳо.

Холӣ мағозаҳо мисли кафи гадо,
Шарманда раҳгузар дар кӯю ҷодаҳо.

Дар ёди хушкнон гардида хушкҷон
Дар кӯча мехазад анбӯҳи ходаҳо.

Дасти кушода ку? Дарюзае маҷӯ
Ҳам рехт абруи абрӯкушодаҳо.

Ҳарчанд гардане андар қилода нест,
Эҳсос мешавад дарди қилодаҳо.

Тақдири халқро тақрир мекунанд
Андар идораҳо пур беиродаҳо.

Дар пойтахти мо ҷуз рӯзи сахти мо
Дигар чӣ диданист, эй лавҳсодаҳо?!

8.6.1994

* * *

Эй ҷони меҳмон дар бадан, меҳмоният
хуш бигзарад,
Эй хуни қурбони сухан, қурбоният
хуш бигзарад.

Эй ақл, бо доноият аз мӯр ҳам нодонтарӣ,
Дар баҳсҳои мову ман нодоният хуш бигзарад.

Ин дар задӣ, он дар задӣ, дар шаш ҷиҳат
пур сар задӣ,
Эй сар, раиси ҷону тан, сарсоният
хуш бигзарад.

Гар белиқое шуд лиқо, гар беливое шуд ливо,
Эй шоҳи берун аз Ватан, султоният
хуш бигзарад.

Эй одам, эй нури замон, шодӣ надидӣ
дар ҷаҳон,
Дар интизори як кафан пажмоният
хуш бигзарад.

Ҳай рангбозӣ мекунад, найрангсозӣ мекунад,
Бар чархи атласпираҳан ҳайроният
хуш бигзарад.

Гар ормонат гул накард, озурдаӣ, пажмурдаӣ,
Дар ин замини макру фан деҳқоният
хуш бигзарад.

То як нафас осудаӣ, ҷон судаӣ, тан судаӣ,
Бо ҷумла андӯҳу миҳан шодоният хуш бигзарад.

Ҳар қадр афзун хостӣ, он қадр худро костӣ,
Эй худфиреб, эй худшикан, вайроният
хуш бигзарад.

10.10.1994

* * *

Худойгоно, худойгоно, зи одамият
куҷо нишоно?
Чаро ба гӯшам зи ҳар забоно расад ғирево,
расад фиғоно?

Бубин ту хасро, шуда Сикандар, бубин магасро,
шуда самандар,
Ба рағми ино, алайҳи оно куҷост тобо,
куҷо тавоно?

Ҳама разолат шуда рисолат, ҳама фалокат
шуда кафолат,
Ки корд акнун расида то бун ба мағзи ҷоно,
ба устухоно.

Шудаст мазҳаб фидои мансаб, шудаст мансаб
фидои матлаб,
Касе надорад ғами раият, на хаскашоно,
на шахкамоно.

Ҳазор пиле ба пашша ҷондор, ҳазор гурба
ба муш ғамхор,
Ба ҳифзи мардум зи дасти ҳар шум на посдоро,
на посбоно.

Ба кӯю барзан ба ёди арзан кушода кафҳо
чи мард, чи зан,
Куҷост дасти мададрасоно, куҷост табъи
гуҳарфишоно?

На роҳи равшан, на моҳи равшан,
на нони хурдан, на ҷони мурдан,
Касе наёрад зи кас бипурсад, чаро чунино,
чаро чуноно?

Камаршикаста, асошикаста ба раҳгузори
худо нишаста,
Бидода аз каф мадори ҷоно, фитода лоҳаз
ба ёди ноно.

Ба хушкноне ба хушкҷонӣ даванд ҳар сӯ
(чӣ зиндагонӣ?!)
Яке бузурге дар ин ҷаҳоно, яке сутурге
дар он ҷаҳоно.

Ба рӯзи сахтӣ наво надорад, ба тирабахтӣ
сафо надорад
На остино, на остоно, на осмона, на осмоно.

Ту парлумон бин, ту қаҳрамон бин,
кафи лабони даҳанкалон бин,
Намерасад кас ба доди мардум, ки аламоно
зи парлумоно!

Ба ҳар қадам бин туфангдоре, баробари ӯ
чӣ ҳанг дорӣ?
Напурс, эй дӯст, (ки монӣ бепӯст)
куҷост коҳо, куҷост доно?

Зи чор сӯят миёни кӯят туро биҷӯяд дусад адӯят,
Куҷо ясоро, куҷо ямино, куҷо яқино,
куҷо гумоно?

Дар ин замино, дар ин замоно бидеҳ шаҳомат
ба тоҷиконо,
Тамомбино, тамомдоно, худойгоно, худойгоно!

28.10.1994

* * *

Дар дил он қадр, ки мақсуди ман аст,
Ин ҷаҳон арсаи маҳдуди ман аст.

Ҳар чӣ аз будани худ пай ҷустам,
Жарф дидам, паи нобуди ман аст.

Дар раҳи дод басе дод задам,
Нек дидам, ки на бар суди ман аст.

Кай кашад миллати ман сар ба фалак?
Дар куҷо ҷаннати мавъуди ман аст?

Дар чӣ бурҷе ба тулӯъ омода
Ахтари толеи масъуди ман аст?

Баррае дар даҳани гургонам,
Чор сӯ ҳалқаи масдуди ман аст.

Ҷигарам пора шуда, лахта шуда
Чун заминҳои Варорӯди ман аст.

Сӯхтам, сӯхтам аз тарсуӣ,
З-ин алам оҳи таболуди ман аст.

Сӯхтам, сӯхтам аз танҳоӣ,
Шеъри ман оташи ман, дуди ман аст.

Ҳар суруде, ки бихонам зи алам,
Бо ҷаҳон номаи бидруди ман аст...

14.12.1994

* * *

То дар ин кӯҳу камар эмин зи аъдо мондаӣ,
Дар дили сад дашту саҳро дасту сарҳо мондаӣ.

Бемадина, бесафина, бехазина, бенасиб,
Кӯ ба кӯю дар ба дар дарвешосо мондаӣ.

Дур аз пистони модар, дур аз оғозгоҳ
Берун аз маҳди Самарқанду Бухоро мондаӣ.

Сангрӯён сангкӯбон сангҷонат кардаанд,
Дар миёни кӯҳҳо як пора хоро мондаӣ.

Тангчашме вусъати дунёи афкорат надид,
Боз ҳам воломаниш дар ёди дунё мондаӣ.

Ҳай ба хун жӯлидаӣ, то роҳи худ паймудаӣ,
Бо ҳазорон ҳасрато, ҳайфо, дареғо мондаӣ.

Бас буридандат забону бас шикастандат миён,
Боз гӯё, боз пӯё, боз поё мондаӣ.

Сад қалам карданд ҷисми борҳо хуншори ту,
Боз ҳам дар каф қалам аз баҳри иншо мондаӣ.

Мондаӣ гар нимаҷону нимазинда то ба ҳол,
Бо суруди Рӯдакӣ, бо тибби Сино мондаӣ.

Мондаӣ гар покҷону покимон то ҳанӯз,
Бо китоби Ҳофизу осори Мавло мондаӣ.

Зинда хоҳӣ буд иншаллоҳ, гарчи аз ситам
Пайкари маслуб монанди Масеҳо мондаӣ.

Ҷамъ кун худро зи сутхонҳои таърихи бузург,
То чунин сарзинда бо уммеди фардо мондаӣ.

Миллати садпораи ман, ҳамчу оҳанпораҳо
Ҷӯш хур бо ҳам, ки андар вартае вомондаӣ...

20.12.1994

* * *

Тоҷике бо форсӣ ҳарфе нагӯяд, фахр кун,
Ҷавҳари худ, асли худро гар наҷӯяд, фахр кун.

Гар раҳи анбор пӯяд ё раҳи бозору пул,
Роҳи истиқболи миллатро напӯяд, фахр кун.

Дар Бухоро то кунун аллома мерӯид агар,
Баъд аз ин ҳар лаҳзае узбак бирӯяд, фахр кун.

Дар Самарқанд аз гулистони шукӯҳи ориён
Тоҷике гар атри озодӣ набӯяд, фахр кун.

Чун дигар фахре надорӣ аз худу аз буди худ,
Номат ар таърих аз матнаш бишӯяд, фахр кун.

Лоиқе гар дар ғами миллат бимирад, ҷашн гир,
Мӯ ба мӯяш гар аз ин ғам хун бимӯяд, фахр кун.

25.12.1994

* * *

Офарин ҳамқаламон, ҳамқадамон, ҳамқадаҳон,
Бо ҳама теғи забон, теғи қалам бесилаҳон.

Офарин номварон дар бари ин комварон,
Офарин симу зарон дар бари ин хокираҳон,

Дар миёни ҳама ин тирадилон қуббаи нур,
Дар миёни ҳама ин бемазагон бебазаҳон,

Ҳарфи ҷонпарваратон бишнаваму гӯям фош:
Ҳайфи булбулнафасон дар маҳали сагманаҳон...

Сарбаландед чу Албурз, агарчи дидед
Ҷабру бедоди ҷаҳону дами шамшери шаҳон.

Рӯсафедед шумо, баски сафедандешед
Рӯ ба рӯ бо галаи дилсияҳу рӯсияҳон.

Бо ҳама фахру ғурур аз ҳунари худ, доред
Сари хам, гардани каҷ дар қадами каҷкулаҳон.

Устоди ҳаматон буд сипаҳсолоре,[1]
Аз чи мондед чунин бесипару бесипаҳон?

Дар паноҳи хираду шеъри Аҷам оламгир,
Дар паноҳи худи худ бефараҳу бепанаҳон.

Пургуноҳед, ки бо пургунаҳон месозед,
Бегуноҳед, ки хурдед ғами бегунаҳон...

28.12.1994

* * *

Ин кӯчиёни хокираҳ пур хоки моро бехтанд,
Аз дори мо бар хурдаву моро ба дор овехтанд.

Нахле насабзонидаву карданд моро решакан,
Бидрида тору пудамон, пайвандамон
бигсехтанд.

Тозида бар паҳнои мо, рондандамон
бар тангно,
Болида аз дарёи мо, дарёи хунҳо рехтанд.

1. Манзур Устод Рӯдакист.

Аз хоки мо нон хурдаву кардандамон
бехонумон,
Бо хуни мо омехта, моро ба хун омехтанд.

Боре бидон, эй ҷони ман, бечора тоҷикон чаро
Бар кӯҳҳову дарраҳо ҷон рӯи каф бигрехтанд...

10.1.1995

* * *

Кай ҳама ҷангу моҷаро гузарад,
То азоби ману шумо гузарад?

Ё Баҳоваддини балогардон,
Ҳеҷ донӣ, ба мо чиҳо гузарад?

Сад бало омадаст бар сари халқ,
Як бало кун, ки сад бало гузарад.

Осмон косаест воруна,
Зери он умр бенаво гузарад.

Моҳи нима чу ними нон тобад,
Гар шабе аз раҳе гадо гузарад.

Ин ҷаҳон кафши куҳнаро монад,
Чун зи пешам бараҳнапо гузарад.

Эй зараргор, то зар андӯзӣ,
Обат аз кӯзаи тило гузарад.

Халқ гушнаст, эй шикамбора,
Аз гулӯят чӣ сон ғизо гузарад?

Ҳар куҷо ҳизб, кизб низ он ҷост,
Ҳизббозӣ куҷо ба ҷо гузарад?

Марги мо ҷуз маҳалгароӣ нест,
Зудтар кош ин вабо гузарад.

Мазҳабе ҷуз талоши мансаб нест,
Магар ин дарди бедаво гузарад?

Дар гадоӣ тавон ба сахтӣ сохт,
Кай азоби ватангадо гузарад?

Бар сари ин шикастаболон кай
Сояи шаҳпари ҳумо гузарад?

Кош ин халқи хештаннашнос
Боре аз хотири худо гузарад.

Давлати ҳамситораҳо бошад,
Савлати беситораҳо гузарад...

7.1.1995

* * *

Он лаъли дилхунро бигӯ,
Лоиқ видоат карду рафт,
Он ёри маҳзунро бигӯ,
Лоиқ видоат карду рафт.

Қолиб тиҳӣ созам агар зору ҳазин, ҷони падар,
Рав, беди маҷнунро бигӯ,
Лоиқ видоат карду рафт.

Дар рӯи тобутам агар гулбаргафшонӣ кунанд,
Он шохи гулбунро бигӯ,
Лоиқ видоат карду рафт.

Ду дида Ҷайҳун доштам аз марги армонҳои халқ,
Рав, оби Ҷайҳунро бигӯ,
Лоиқ видоат карду рафт.

Озори дунё дар дилам аз реги ҳомун[1] беш буд,
Он реги ҳомунро бигӯ,
Лоиқ видоат карду рафт.

Дил додаам, дил бурдаам, ҷоми паёпай хурдаам,
Он ҷоми ворунро бигӯ,
Лоиқ видоат карду рафт.

Ин дафтари шеъру ғазал
чун ман намирад аз аҷал,
Рав, чархи гардунро бигӯ,
Лоиқ видоат карду рафт.

8.1.1995

* * *

Беэътиқодӣ як тараф, беиттиҳодӣ як тараф,
Беиҷтиҳодӣ як тараф, беэътимодӣ як тараф,

Як шаҳр пур аз ҳоюҳу, тӯфон дамид аз чор сӯ,
Муште мунодӣ як тараф, муште ҷиҳодӣ
як тараф.

Баҳри Ватан ҷонбозӣ не, қозӣ ба ҳаққаш
розӣ не,
Якчанд ҳодӣ як тараф, якчанд бодӣ як тараф.

Ин мардуми беақлро ронданд сӯи партгоҳ
Аз бесаводӣ як тараф, аз бемаводӣ як тараф.

Фарёдашон то осмон андар замин беобу нон,
Пучиқтисодӣ як тараф, гарди касодӣ як тараф.

Шахсони шохисро нигар, як тӯда ҳонисро нигар,
Карнои шодӣ як тараф, нанги фасодӣ як тараф.

Ин зумра симу зар гирифт, он зумра
дарди сар гирифт,
Аз беибодӣ як тараф, аз бебилодӣ як тараф.

Як идда зери хок шуд, як идда беамлок шуд,
Мардию родӣ як тараф, шайтонниҳодӣ як тараф.

Хасдуздҳо Ҳотам шуданд, дамдуздҳо
одам шуданд,
Аз баднажодӣ як тараф, аз бенажодӣ як тараф.

Ҳай мулкро тороҷ кард, ҳай халқро муҳтоҷ кард,
Ин бо ситоде як тараф, он инфиродӣ як тараф.

Мардум ба мурдан розӣ шуд, маҳви
сиёсатбозӣ шуд,
Аз беимодӣ як тараф, аз номуродӣ як тараф.

8.1.1995

* * *

Дар калла ҳатто бод не, ин боданӯшӣ аз куҷо?
Бо пӯстғафсӣ ин ҳама чарминапӯшӣ аз куҷо?

Дирӯз бехомак будӣ, бекозаю бомак будӣ,
Ҳоло ба бозори ҷаҳон мошинфурӯшӣ аз куҷо?

Долар ба каф барги хазон, duздӣ накардӣ?
Рост гӯй,
Даври лабон кафки даҳон, дарёхурӯшӣ аз куҷо?

Дӣ будӣ беизораке дар кӯчаю бозораке,
Бо зеҳни кунду ақли кунд ин тундҷӯшӣ аз куҷо?

Дирӯз таппак мезадӣ, дар пода ҷуфтак мезадӣ,
Ай сустаку мустак, бигӯ, ин сахткӯшӣ аз куҷо?

Дирӯз хомӯшак будӣ, оҷиз чу харгӯшак будӣ,
Имрӯз бонгат то фалак, ваҳйи сурушӣ аз куҷо?

13.1.1995

* * *

Қурбони чашми равшанат, ман меравам нагӯй,
Зорам ба гарди доманат, ман меравам нагӯй.

Барбод рафт хирмани дорунадори ман,
Мирам ба мӯи хирманат, ман меравам нагӯй.

---

1. Истифода аз ин дубайтии мардумӣ:
Фалакро бин, чи зулми нораво кард,
Туро аз ман, маро аз ту ҷудо кард,
Ғами олам ҳама реги биёбон,
Фалак барчиду бар домони мо кард.

То дасти ту ба гарданам, гардун ба дасти туст,
То дасти ман ба гарданат, ман меравам нагӯй.

Сар то ба по хазинаи ҳусну малоҳатӣ,
Ҷуз ин баҳона ҷустанат, ман меравам нагӯй.

То он ки ҳар ду меравем аз ин ҷаҳони паст,
Хуш бод ин нишеманат, ман меравам нагӯй.

14.1.1995

* * *

Имрӯз агар он табу он сӯзи дилам нест,
З-он аст, ки ғамхораву дилсӯзи дилам нест.

Ин соату ин лаҳзаю ин они гурезон
Ҳар рӯзи худо ҳаст, вале рӯзи дилам нест.

Бо ҳар зарабон меравадам нақди дил аз даст,
Кас воқифи ангораи мармузи дилам нест.

Ман мондаму дил мондаву вайронаи сина,
Дар мушкили дил маслиҳатомӯзи дилам нест.

Рӯзе ки танам мурд, кафандӯзи танам ҳаст,
Рӯзе ки дилам мурд, кафандӯзи дилам нест.

20.1.1995

* * *

Маранҷ аз ҳасади чанд содаю лода,
Зи неши сарзаниши тӯдае зинозода.

Бинӯш бода, ки чашми ҳасуд гардад кӯр,
Бимирад аз ғами ночорию зи ғамбода.

Чу косахонаи саршон тиҳист аз фитрат,
Барои хурдану мурдан буванд омода.

Бинӯш бода, ки парвози мастият зебост,
Туро, ки бода накардаст ҳеҷ бебода.[1]

Чи ҷои ранҷиш аз ин чанд мурдахуни дун,
Ки гоҳвораашон з-осмон наафтода.

Бибанд сели ғамонро, кушо сари шиша,
Бинӯш бодаву сар деҳ инони сарвода.

Бинӯш бода, ки як-як худо бигирад боз,
Ба рӯзи бозпасинат ҳар он чӣ худ дода...

20.1.1995

* * *

Дар диёри ман, ки ғоратдида аст,
Чашми мардум аз камон тарсидааст.

Аз бари домони фардои сафед
Дасти уммеди ҳама бибридааст.

Ғук шуд оҳангсози булбулон,
Хук гулҳои чаманро чидааст.

Ғунчаро сар мебурад шамшери хор
Гар ба рӯи булбуле хандидааст.

Чун пари каҳ каҳкашонҳоро гирифт,
Хирмани дони амал коҳидааст.

Чархи дӯлоб обҳоро даркашид,
Қатра уқёнусро балъидааст.

25.1.1995

* * *

Дар лобалои кулли бало зиндаам ҳанӯз,
Бо душманони дӯстнамо зиндаам ҳанӯз.

Озодии батар зи ҷазоро надидаед?
Озоди мубталои ҷазо зиндаам ҳанӯз.

Заҳри бадан шавад, агар як бурда нон хурам,
Бо хайли дуни пасту гадо зиндаам ҳанӯз.

На роҳи пеш рафтану на роҳи бозгашт,
Дар кӯрароҳи ҳар ду саро зиндаам ҳанӯз.

Ҳамчун дарахти нимабурида фитодаам,
Бо ёди муттакову даво зиндаам ҳанӯз.

Бибридаанд ҷумла рагу решаи маро,
Аз аслу решаҳом ҷудо зиндаам ҳанӯз.

З-ин тӯдаҳои шохзан шохи қалам шикаст,
Бо хомаи шикастабаҳо зиндаам ҳанӯз.

Мурдан беҳ аст аз чунин обишхури залил,
Эй мардумон, ба бӯи шумо зиндаам ҳанӯз.

Аз чор сӯст зарбу лат аз душману зи дӯст,
Сад шукр, бо умеди худо зиндаам ҳанӯз.

22.2.1995

* * *

Замон кони ғамон гуфтанду рафтанд,
Фиғон аз ин ҷаҳон гуфтанду рафтанд.

Ҳама ваҳшат, ки худшон офариданд,
Зи дасти осиён гуфтанду рафтанд.

1. Бебода кардан – бероҳа кардан.

Замонро вожгун карданд худшон,
Ҳама ҷурми замон гуфтанду рафтанд.

Ба бели хеш гӯри хеш кананд,
Зи қасди душманон гуфтанду рафтанд.

Бара хурданд бо гургони миллат,
Ҳама айби шубон гуфтанду рафтанд.

Бидуздиданд симу зар зи конҳо,
Ҳама камбуди кон гуфтанду рафтанд.

Бародарро зи кин куштанд, лекин
Хато рафт аз камон гуфтанду рафтанд.

Ба ҷурми хештан тан дарнадоданд,
Гуноҳи одамон гуфтанду рафтанд.

Басо андар замин истора куштанд,
Зи наҳси осмон гуфтанду рафтанд.

Агар буданд ҳези зан ба музде,
Базаҳкораш занон гуфтанду рафтанд.

Ҳама каҷбозии даврони худро
Хатои рафтагон гуфтанду рафтанд.

Ба ҳам карданд бас номеҳрубонӣ,
Фалак номеҳрубон гуфтанду рафтанд.

Забонро гар нафаҳмиданд борик,
Гуноҳи тарҷумон гуфтанду рафтанд.

Хирадшон кӯр буд, имонашон кӯр,
Зи аҳвал алъамон гуфтанду рафтанд.

Ду-се фарди забардасте агар буд,
Ду каф бикшода, «нон!» гуфтанду рафтанд.

Ду-се тан марди фарманде агар буд,
Ҳама тарки макон гуфтанду рафтанд.

Ба сони Аҳмади Дониш ба сад дард
Ба гӯши хар азон гуфтанду рафтанд.

25.2.1995

* * *

Аз ин замони ғарқаи хун дилшикастаам,
З-ин бошу буди хору забун дилшикастаам.

З-ин рӯзгори бадтар аз тоун умед нест,
Аз барги кам, зи марги фузун дилшикастаам.

Ҷанги бародарон бувад нанги бародарон,
З-ин моҷарои бесару бун дилшикастаам.

Олудааст эй басо дасто ба хуни дӯст,
Аз чашмҳои косаи хун дилшикастаам.

Дар шаҳр нест чеҳрае, то бишкуфад дилам,
Аз пӯзаҳои зиштшугун дилшикастаам.

Як коса оби раҳмате аз осмон кӣ хурд?
З-ин косаи махуфи нагун дилшикастаам.

Аз шомҳои тираву торик бок нест,
Аз ғарчаҳои тирадарун дилшикастаам.

Ҳастию нестии мо як парри коҳ нест,
Аз коҳбоди илму фунун дилшикастаам.

Болида доштам диле аз фарри тоҷикон,
Аз ҳолу рӯзи пасти кунун дилшикастаам.

2.3.1995

* * *

Ман аз диёри шумоям, ман аз диёри шумо,
Ман аз канори шумоям, ман аз канори шумо.

Нахурдаам қадаҳе аз шароби «Марғедар»,
Агарчи ном барандам шаробхори шумо.

«Ҳазор бодаи нохурда дар раги ток аст»[1]
Умеди бода надорам зи токзори шумо.

Мазориёни тунукмеҳр, қадри дил донед,
Ки нури дил битаровад зи ҳар мазори шумо.

Ман аз Мазори шарифам, на аз Мазори касиф,
Ман аз табори шарифам, на аз табори шумо.

Зи оби Чашмаи мардон, ки мардӣ омухтам,
Гиромидори шумоям, сипосдори шумо.

Ба Обшор бигӯеду кӯҳи Чилмеҳроб,
Ки обшори сурудам зи обшори шумо.

Чу оби зиндагӣ ояд зи коми Гӯрдара,
Пур аз шукуфаву гул бод ҳар баҳори шумо.

Зи баъди хуфтани ман дар мазор мефаҳмед,
Ки хоксори шумоям, ҳам ифтихори шумо.

Агар накӯям, агар бад, ҳамин маро доред,
Ки ёдгори шумоям, ки ёдгори шумо.

24.12.1995

---

1. Аз Аллома Иқбол.

* * *

Эй бознишастагони миллат,
Эй болшикастагони миллат,

Пайвандгарони дӯшу фардо,
Азхешгусастагони миллат;

Аз тарфи ҷаҳону зиндагонӣ,
Эй тарфнабастагони миллат;

Гоҳе таҳи бору гаҳ таҳи ор,
Эй шалпару хастагони миллат;

Эй ҳастаи мо ба саҳни ҳастӣ,
Эй ҷумлаи хастагони миллат;

Гардида раҳо зи дарди мансаб,
Аз сакта нарастагони миллат;

Ҳарчанд залилу хор гаштед,
Будед парастагони миллат;

Пирони муроди навҷавонон,
Покону хуҷастагони миллат;

Бифристаматон дуруд, зеро
Будед фиристагони миллат!

4.9.1995

* * *

Ба як хаси ҷаҳони ту ҷаҳони мо намерасад,
Ба оҳи талхи ҷони ту фиғони мо намерасад.

Замона дар замонаҳо ту бастӣ дар таронаҳо,
Ба қадри ним ҳарфи ту замони мо намерасад.

Ба он камони орашӣ, пур аз калом тиркаше
Ба он ҳадаф, ки ту задӣ, камони мо намерасад.

Ба вусъати шуури ту мурури мост кӯру кар,
Ба авҷи осмони ту гумони мо намерасад.

Ба пирию шикастагӣ ту рафтӣ сӯи ҷовидон,
Ба гарди корвони ту нишони мо намерасад.

8.9.1995

* * *

Эй ки ту ҷони манӣ, ҷони манӣ, ҷони манӣ,
Он, ки ман хоста будам зи ҷаҳон, они манӣ.

Дар миёни ҳама ин талхиву шӯрии ҷаҳон
Намаки умри манӣ, шираи армони манӣ.

Баски девонаи девони ғазалсози туям,
Баски байтулғазали дафтару девони манӣ,

Ҳар сухан, к-аз лаби ту рехт, сурудаш кардам,
Ман сухансози туям то ту сухандони манӣ.

Ту ғазалбахши манӣ, то бағалат пурғазал аст,
«Ман ғазалгӯи туам, то ту ғазалхони манӣ».[1]

Ғазале аз бағалат бахри мани камбағалат
Армуғон соз, ки ту соҳиби эҳсони манӣ.

15.10.1995

* * *

Чанд оне аз насиби ин ҷаҳонам мондааст,
Як нигоҳи вопасин бар осмонам мондааст.

Бар камони қадди худ мебинаму хун мехурам,
Тирҳо рафтанд, дуде аз камонам мондааст.

Сад ҷаҳонро тай задам ҳам бо қалам,
ҳам бо қадам,
Як қадам аз хонадон то хокдонам мондааст.

Ҳосил аз нозукдиливу шишаҷониҳои ман –
Айнаки бишкаста андар дидагонам мондааст.

Бори тан сангинтар аз бори ҷаҳон
бар дӯши ман,
Ин қадар аз зиндагӣ бори гаронам мондааст.

Ҷамъ созам ҳар саҳар чун устухонҳои танам,
Устухоне нест, дарди устухонам мондааст.

Аз равонам кай тировад баъд аз ин
шеъри равон?
Сакта дар дил, сакта дар пои равонам
мондааст.

Даствора мекашад пои маро сӯи лаҳад,
Ҳаббазо, якто аниси меҳрубонам мондааст.

Ҷони нолон, оҳи сӯзон, чашми ҳайрон –
ин ҳама
Ёдгор аз орзуҳои ҷавонам мондааст.

Меравам бедаступо ҳар лаҳза сӯи ломакон,
Чанд оҳи охирин андар маконам мондааст...

25.12.1995

1. Аз Фаррухии Систонӣ.

* * *

Кушед ин замонаро, ки мекушад таронаро,
Даруни чашм мекушад нигоҳи шоиронаро.

Замонаи ҳаринае чу кафши серпинае,
Ба пинае намехарад нубуғи ҷовидонаро.

Накошта қаламчае қалам-қалам ҳамекунад
Ба дасти сад табарзане дарахти пурҷавонаро.

Зи ҷаҳл найза мекашад ба теғи чашми офтоб,
Ба байза ҳабс мекунад ҳумои ошёнаро.

Ба номи халқ кушта шуд умеду ормони халқ,
Зи номи халқ бофта ҳазору як баҳонаро.

Чу зодбуми он яке деҳест мисли чашми бум,
Ба чашми бум бингарад ҷаҳони бекаронаро.

Яке сафолпорае ба хумми зар расидааст,
Яке зуғолпорае гирифта сад хазонаро.

Ман аз талиъаи саҳар паёмоварам, вале
Замони ман намехарад талиъаи замонаро.

Ало, замони мунҷамид, ту дасти кам халал мадеҳ
Мани ба сӯи ҷовидон ба лаб ғазал равонаро...

28.1.1996

* * *

Ку диле то бибарам пеши дилогоҳи дигар?
Ё гузорам ба кафи дилбари дилхоҳи дигар?

Нест он сар, ки нисори қадами ёр кунам,
Нест пое, ки бароям сари шаҳроҳи дигар.

Уфтодаст заминларза ба бунёди танам,
Нест дасте, ки бупечам ба камаргоҳи дигар.

Нест он чашм, ки об аз рухи шодоб хурам,
Нест рӯе, ки равам пеши рухи моҳи дигар.

Буд базми дилу арғушти дилу бозии ҷон,
Нест акнун ба дилам ҷуз ғами ҷонкоҳи дигар.

Чоҳсорест замоне, ки дар он зистаем,
Гар зи чоҳе бираҳӣ, афтӣ ба сад чоҳи дигар.

Вопасин бишмар, аё дӯст, ҳамин суҳбати мо,
Гар муяссар нашавад суҳбати кӯтоҳи дигар...

Гуфтам ин чомаи пиронаю натвонам гуфт,
Чанд гоҳи дигарам мондаю чанд оҳи дигар...

16.2.1996

* * *

Ҷон ба қурбони ту, эй меҳани хунинкафанам,
Будӣ байтушшарафам, гаштаӣ байтулҳазанам.

Душманат чор тараф аҷнабию хонагиянд,
Тани танҳо ба чӣ ниру сафи аъдо шиканам?

Дӯст душманнасақу душмани ту дӯстнамост,
Рост гӯям, бипаронанд зи чашму даҳанам.

Тоҷик андар Ватани хеш чаро муттаҳам аст?
Ё хато рафта ба тоҷик таваллуд шуданам?

Ҳама халқони дигар анҷуман оростаанд,
Дар Самарқанд нашуд сохта ним анҷуманам...

Гуфт алломаи Иқбол, ки бархез зи хоб!
Буздиле гуфт: фулонист мухотаб, на манам...

Он яке дар хуми тилло сари худ кард фурӯ,
Дигаре гуфт: биё, маҳваши симинзақанам...

Он яке гуфт ғами гову бузу бузғола,
Дигаре гуфт ғами хонаву фарзанду занам...

Домани кӯҳ гирифтему думи маркаби хеш
Рафт аз даст ҳама домани дашту даманам.

Эй Хуросон, ту бигӯ, соҳати Эронвич ку?
Ман аз ин фоҷиа чун шиква ба яздон накунам?

Ку дигар шаъшаъаи донишу фарҳанги бузург?
Ку дигар карру фару наъраи ғулғулфиканам?

Рӯзу шаб аз ғами ту гирякунон месӯзам,
Ту ба хун ғарқаю ман ғарқи малолу миҳанам.

Гиряи ман на аз он аст, ки даргоҳам сӯхт,
Ҳам на з-он аст ки шуд сӯхта боғу чаманам,

Гиряи ман на аз он аст, ки гум шуд писарам,
Ҳам на з-он аст, ки абгор шуд аҷзои танам,

Гиряи ман на аз он аст, ки бечора шудам,
Ҳам на з-он аст, ки фарсуда бувад пираҳанам,

Гирям аз он ки туро ҳукм ба куштан карданд,
Эй ту ҳам появу ҳам мояи инсон буданам!

Гирям аз он ки зи бунмояи ин қисмати талх
Ман сухан гӯям агар, нест касе ҳамсуханам!

Гирям аз он ки ба жарфои чунин фоҷиае
Нашавад хира кас аз ҳамнасабу ҳамватанам.

Гирям аз он ки ду-се бетарафи бешарафе
Ба сарам санг биборанд, ки ман дам назанам.

Гирям аз он ки ту танҳоиву ман танҳотар,
Ватанам, о ватанам, о ватанам, о ватанам!

18.2.1996

* * *

Дили худро замоне дида будам дар канори дил,
Кунун мебинамаш ҳар лаҳза дар чанги
фишори дил.

Замоне дар фарози қуллаҳо шоҳиншикоре буд,
Шуд акнун сайди нимбисмил пас аз чандин
шикори дил.

Агар дар сина даҳлиз аст, ҷои пои поиз аст,
Куҷой, эй баҳори дил, куҷой, эй баҳори дил?

Ҳазорон санг гӯй дур афтодам зи кӯи ишқ,
Куҷой, эй нигори дил, куҷой, эй нигори дил?

Даруни синаам гӯй, ки монда мушти хокистар,
Куҷой, эй шарори дил, куҷой, эй шарори дил?

Намонда қадри диддорию дилбандию дилсӯзӣ,
Куҷой, эътибори дил, куҷой, ифтихори дил?

Аз он ёре, ки бо дил майгусорӣ кард, бӯйе нест,
Куҷой, ғамгусори дил, куҷой, ғамгусори дил?

Ало, даврони ғамбемор, ало айёми дилбезор,
Надодиям қарори дил, надодиям барори дил.

Надонистӣ, ки андар паҳнаҳои гирудори ту
Ба ҳар ҷо инфиҷоре буд, буда инфиҷори дил.

Дили хокам чу бипзирад, махонаш теппаи хоке,
Бувад он ҷо мазори дил, мазори ёдгори дил...

25.2.1996

* * *

Бар мо чӣ рафт аз замон, эй хок бар сарам,
Аз тиру таркашу камон, эй хок бар сарам.

Бегона сӯхт хонаро, хокистари варо
Барбод дод хешамон, эй хок бар сарам.

Шабхун заданду ногаҳон як шаҳри нозанин
Пур шуд зи дузди қаҳрамон, эй хок бар сарам.

Хондем ҳомиёнамон, дидем будаанд
Ғоратгарони хонумон, эй хок бар сарам.

Дар шаҳр рехт тӯдае мӯру малахмисол
Яғмогарони беамон, эй хок бар сарам.

Ваҳшат надида гург зи гурги дигар, ки мо
Аз додарони тавъамон, эй хок бар сарам.

Ин қадр хор мешудаву зор мешудаст
Одам зи ҷабри одамон, эй хок бар сарам.

27.2.1996

* * *

Охир аз дунёи холӣ бигзарам,
Аз хилоли безаволӣ бигзарам.

Сар ба гардун суда, сӯи хоки паст
Бо ҳама армони олӣ бигзарам.

Чун Сияҳмӯ кард рӯзамро сиёҳ,
Доғ дар дил чун Ҷалолӣ бигзарам.

Гӯри танг аз тангсолӣ бад, ки нест,
Дилгазон аз тангсолӣ бигзарам.

Эй замони сангдил, бар хоки ман
Хоҳ нолӣ ё нанолӣ, бигзарам.

Маргро нозам, зи пучистони даҳр
Бар ҷаҳони лоязолӣ бигзарам.

9.3.1996

* * *

Рафтам ман аз бари ту, дидор дар қиёмат!
Рафтам ман аз сари ту, дидор дар қиёмат!

Эй паршикастаи ман, мисли уқоб бигзашт
Ҳамболу ҳампари[1] ту, дидор дар қиёмат!

Бисёр бода хурдам, имрӯз бодаи марг...
Пур бод соғари ту, дидор дар қиёмат!

Хок аст бистари ман, эй кош гарм бошад
Болину бистари ту, дидор дар қиёмат!

Баъд аз сарам чӣ ояд аз саъду наҳси афлок
Бар хонаю дари ту, дидор дар қиёмат!

Рӯи маро бихоҳӣ, бар рӯи дафтарам бин,
Он ҷост мазҳари ту, дидор дар қиёмат!

Фарёди бесухан кун, чун дар ғами сухан сӯхт
Ёри суханвари ту, дидор дар қиёмат!

1. Таъбири Қутбӣ Киром. Ёдаш ба хайр!

Танҳо набошам он ҷо чун бурдаам ба дида
Ду дидаи тари ту, дидор дар қиёмат!

Дар хоки тира бошад қандили шоми уқбо
Ишқи мунаввари ту, дидор дар қиёмат!

Рӯҳи маро биҷӯяд дар боғҳои мину
Рӯҳи музаффари ту, дидор дар қиёмат!

9.3.1996

* * *

Аё бузургу фанонопазир, эй модар!
Аё бузургпадар, асли тору пуди писар!

Чи бозтоби шигифте, ки номи тифлатро
Ба ифтихори ситамгар гузорӣ Искандар?

Ба сад ғурур ниҳӣ номи кӯдакат Темур,
Ки барфарохт ба ҳар ҷо манораҳо аз сар?

Бимонӣ кӯдаки маъсуми хешро Чингиз,
Ки шаҳрҳои туро кард хоку хокистар?

Кунун ниҳодай (эй вой) МЭЛС-у Уктобир,
Чӣ гӯямат, ки забонам зи бун канӣ, беҳтар!

Надорӣ фахр, ки номи Куруш бигзорӣ,
Ба кӯрият чӣ бигӯям мисоли равшантар?!

12.3.1996

* * *

Гар ману ту мо набошем[1], аз тую аз ман чӣ суд?
Баҳмани[2] миллат набошад, шӯриши Баҳман[3]
чӣ суд?

Ту дар он ҷо, ман дар ин ҷо ҳамдигарро
мехурем,
Гар хирадмон тира бошад, тир[4] сад хирман
чӣ суд?

Даст андар даст баҳри ормонҳои бузург
Шевае аз худ надорем, аз ҳама шеван чӣ суд?

Юсуфи озодиро ихвон ба чоҳ андохтанд,
Пири давроно, кунун аз бӯи пироҳан чӣ суд?

Марди миллат дарди миллат бор овард,
эй дареғ!
Мард номард уфтад, аз оҳу воҳи зан чӣ суд?

Хуни Бӯмуслим[5] чу дар рагҳои мо хушкидааст,
Аз намоишҳои пучи кӯчаву барзан чӣ суд?

Кӯра яхбандону яксар дамгараш дамкӯтаҳанд,
Мурдаанд оҳангарон, аз зарбаи сӯзан чӣ суд?

Ҷони мо гарчи атое буда аз ҷонофарин,
Ҳолиё дар дасти дигарҳост, ҷон кандан чӣ суд?

Чоши гандум, чоши зар, харвори пурбори хирад
Рафт бар боди фано, аз донаи арзан чӣ суд?

Махзани мо – миллати мо, ваҳдати мо,
асли мост,
Лек з-он махзан, ки бошад моли сад раҳзан,
чӣ суд?

Пушти сангарҳо зи баҳри тахт –
ин тахти сақат! –
Аз ду сӯ тоҷик мирад, аз чунин будан чӣ суд?

Миллати тоҷик агар мирад, на ту монӣ, на ман,
З-ин чунин меҳан, ки шуд маҳви ду-се кавдан,
чӣ суд?

Ту ба ҳирмон, ман ба зиндон, сӯхтанҳойи абас...
Нестем ар якмарому якдилу яктан, чӣ суд?

Рӯҳи мо якто агар не, роҳи мо кай як шавад,
З-ин ду-се мағзи ақиму ақли астарван чӣ суд?

Мо ки аз як тухмаему тухмаи озодаем,
З-ин парочидан[6] чӣ суду, з-ин карошидан[7]
чӣ суд?

Нест гар дар синаи мо матлаъи фардои мо
З-офтобе ки ҳамебинем аз равзан,[8] чӣ суд?

Дар замини мо агар уммеди мо ҳосил надод,
Гар расад сад сол ёриҳо зи пироман чӣ суд?

Мағзи ту гар хушк бошад, хушксолӣ оварӣ,
Пур кунӣ аз чормағзи пуч сад доман, чӣ суд?

Гар илоҷи дарди мо як несту омоҷи мо,
Хоҳ худро дӯст бинмой ва ё душман, чӣ суд?

1. Истифода аз суруди эронӣ «Чи касон мехоҳанд ману ту мо нашавем».
2. Баҳман – мазҳари андешаи нек, хирад ва доноӣ.
3. Ҳодисаҳои Баҳманмоҳи хунин.
4. Тир – рӯзӣ, насиба (ҳам ба маънои маъруф).
5. Абӯмуслими Хуросонӣ.
6. Ғут-ғут кардани мокиён баъд аз тухмгузорӣ.
7. Парешон шудан, ошуфта шудан.
8. Баҳра аз байти Мирзо Ғолиб:
Он асири тирарӯзастам, ки умре дар ҷаҳон
Офтоб аз равзани девори зиндон дидаам.

Рӯзи зӯромад агар халқат набошад пуштбон,
Аз дусад баргустувону айбаву ҷавшан чӣ суд?

Бар алайҳи халқи худ гар дастандозӣ кунӣ,
Дастгират гар бувад сад анд Аҳриман, чӣ суд?

Гар ватанхоҳӣ ба қасди ҳамдигар ҷангидан аст,
З-ин ватанхоҳӣ чӣ суду даъвии меҳан чӣ суд?

Ман дар ин ҷо зодаам, ин ҷо ба марг омодаам,
Ваъдаам гар мекунӣ сад водии Айман, чӣ суд?

Рӯи санге маъманам шуд, зери санге мадфанам,
Сад биҳиштам гар сафогоҳ асту гар маъман,
чӣ суд?

13.3.1996

* * *

Ҳар қадар рост бигӯӣ, ба хато мепечӣ,
Равӣ ҳар қадр ба боло, ба бало мепечӣ.

Дар ҷавонӣ ба қади сарви тару тозаи ёр,
Фасли пирӣ ба қади хушки асо мепечӣ.

Баъди бехешиву бекешиву хомандешӣ
Чун пушаймон шавӣ аз худ, ба худо мепечӣ.

З-осмон дастату поят зи замин канда шавад,
Аз ҷазо гар бигурезӣ, ба қазо мепечӣ.

Гар насӯзӣ ба ғами халқ, бисӯзад гӯрат,
Шодии халқ нахоҳӣ, ба азо мепечӣ.

Ба ту мегӯяму бар хешу ба ҳар каҷрафтор:
Аз раҳи рост барой, ба куҷо мепечӣ?

31.3.1996

* * *

Ту мондиву ғами ёрат, худо ёрат, худо ёрат!
Ба ҷуз ғам нест ғамхорат, худо ёрат, худо ёрат!

Ягона меҳрубонат рафт, яъне ҷони ҷонат рафт,
Ту мондиву дили зорат, худо ёрат, худо ёрат!

Дилатро об кардӣ, то дили ёрат бувад шодоб,
На дил монду на дилдорат, худо ёрат, худо ёрат!

Шифокорони дарди ту зи ваҳми дарди ту
мурданд,
Намонда як мададгорат, худо ёрат, худо ёрат!

Зи ашкат тар шуда болин, ба ҳаққи дил
бикун омин,
Ки нимаҷон кашад борат, худо ёрат, худо ёрат!

Дилат дар сина меларзад, танат аз марг
метарсад,
Чӣ имдоде зи осорат? Худо ёрат, худо ёрат!

Сарат дар бистари марг аст, чашмат
ёр меҷӯяд,
Ки бинад ҳоли абгорат, худо ёрат, худо ёрат!

Туро аз ҷумлаи кори ҷаҳон як ҷонканӣ монда,
Худо осон кунад корат, худо ёрат, худо ёрат!

21.5.1996

* * *

Беғам ҳама ғамхорҳо, бесар ҳама сардорҳо,
Аз ваъда пур толорҳо, холӣ ҳама анборҳо.

Пур шуд агар сад кисае, холист милйун косае,
Хории миллатро бубин дар кӯчаву бозорҳо.

Хушкида оби рӯйҳо, гандида оби ҷӯйҳо,
Пӯсида наъши одамӣ дар чолаҳо, дар ғорҳо.

Оҳангашон ҳанги хару фарҳангашон
банг асту ҷанг,
Симои миллат зишт шуд аз зиштии кирдорҳо.

Оне, ки хонӣ дӯстат, каҳ ҷо кунад дар пӯстат,
Гирдат гирифта чор сӯ гирдоби гирудорҳо.

Асъор дорад, пур хурад, ашъор зери по ниҳад,
Помол шуд ақлу хирад аз тозиши дулорҳо.

Тири мусалсал оварад ганҷинаҳо, нақдинаҳо,
Мили камонча офарад ҳинҷорҳо, меъёрҳо.

Фарёдҳо, афсӯсҳо аз марги созу сӯзҳо!
Вовайлато, воҳасрато аз марги нангу орҳо!

Бар ҳоли ту мегирямо, ҳар лаҳзае мемирамо
Эй халқ, халқи содадил, бо андуҳу тиморҳо...

14.10.1996

* * *

Манам шайдои гуфтори Саноӣ,
Намоз орам ба атвори Саноӣ.

Кулоҳи чархи гардун печиши нав
Гирифт аз печи дастори Саноӣ.

Агар дидори дунё хуб хоҳӣ,
Бубин ҳар субҳ дидори Саноӣ.

Махон мурда Саноиро, ба ёдаш
Бихон ҳар лаҳза осори Саной.

Ба ёрии ману ту ҳоҷаташ нест,
Худо буду худо ёри Саной.

23.10.1996

* * *

Дар суҳбати чашмонат соғар ба кафи дастам,
Ин лаҳза, ки ман мастам, дарёб, ки ман ҳастам.

Эй ёри биҳиштоғӯш, ин лаҳза муборак бод,
Дар доми ту афтодам, аз доми аҷал растам!

Ин лаҳза, ки ширин аст, аз бӯяи дерин аст,
Наздик чу зулфонат бо рӯи ту биншастам.

Дарёфтамат ин сон ҷон ташнаву дил ташна,
Ман ҳам зи лабони ту дилташнагӣ бишкастам.

Чун гесуи афшонро бар рӯи ман афшондӣ,
Гесуи малак омад дар панҷаву дар шастам.

Пур кардӣ чу оғӯшам, аз ман ду ҷаҳон пур шуд,
Пур бош ту ҳам аз ман то ҳастиву то ҳастам!

18.11.1996

* * *

Чӣ суд аз зар, ало ёри зарафшонӣ, ҷавонӣ рафт,
Чӣ ҳаз аз лаъл, эй шӯхи бадахшонӣ, ҷавонӣ рафт.

Чи донову чи зебову чи ҷӯё буд, аммо зуд
Ба нодонӣ, ба ҳайронӣ, ба сарсонӣ ҷавонӣ рафт.

Ниҳоли гул фитод аз по, умеди бехазонӣ мурд,
Хазонрез омад овони гулафшонӣ, ҷавонӣ рафт.

Дилам аз ларзиши ҳар сина андар сина
меларзид,
Куҷо он синаю он синаларзонӣ? Ҷавонӣ рафт.

Гузашт он лаҳзаи ширин, шикаст он
косаи заррин,
Куҷо он косаю он косагардонӣ? Ҷавонӣ рафт.

Бигуфтӣ талху дарди номаҳои сӯзнокамро
Хати бутлон задӣ, ширини хатлонӣ, ҷавонӣ рафт.

Бирезанд ахтарон аз осмон бар хок, боке нест,
Ки бо оҳу дареғову пушаймонӣ ҷавонӣ рафт.

На дарё хушк шуд, на махзанеро раҳзане бирбуд,
Ҷавонӣ рафт, эй сабзина, медонӣ? Ҷавонӣ рафт...

24.11.1996

* * *

Аз дасти як бенохуне дар даштҳо хирман
намонд,
Аз нафси наҳси раҳзаненоруфта як махзан
намонд.

Чун шуд бизангаҳ шаҳри мо, шуд баста раҳҳо
баҳри мо,
Як пӯстак дар хонае, як пӯстин дар тан намонд.

Аз шумии бепирҳо, нодидаву носерҳо
Як ҷомае бедарбеҳе дар қомати меҳан намонд.

Омӯхтам (ҳам сӯхтам!) худбудагии мо буда
Миллаткушӣ бо дасти худ! Дигар бар инам
зан(н) намонд!

Гулҳо ҳама пар-пар шуданд аз дуди борут,
эй дареғ,
Як наргиси чашмобдеҳ аз баҳри чашми ман
намонд.

Ку ҳамраҳе, ку ҳамдиле, дамсоз ку, ҳамсоз ку?
Чун бингарам бар чор сӯ, як ёри ҳамшеван
намонд.

Пулҳои моро хурдаву пулҳои моро сӯхтанд,
Аз дасти ин сангиндилон занге ҳам аз оҳан
намонд.

Додам намепурсад касе, бо ман намесӯзад хасе,
Марги муаллақро бигӯ, ёре чу ту бар ман
намонд...

28.11.1996

* * *

Эй фулон ибни фулон, тоҷи сарам бишкастӣ,
Ҷоми май хурдиву сад ҷоми зарам бишкастӣ.

Нӯки минқори ману лонаат аз чӯбу хасе,
Чӯҷаи ман будиву шоҳпарам бишкастӣ.

Ту ниҳолак будӣ, эмин зи ҳалокат кардам,
Ту дарахтони пур аз бору барам бишкастӣ.

Манат, эй кӯдаки навпой, раҳ омӯхтаам,
Лек ту шаҳпули роҳи гузарам бишкастӣ.

Пуштбони ту будам, пушт ба ман гардондӣ,
Хурда нони дари ман, бому дарам бишкастӣ.

Карамат кардаму ту соҳиби икром шудӣ,
Зода худ аз камари ман камарам бишкастӣ.

Манам он халқ, ки аз номи ман одам шудай,
Гунаҳам чист, ки имону фарам бишкастӣ.

Ҳамчу фарзанди ман о пеши ману зону зан,
То нагӯям дигарат, к-он қадарам бишкастӣ...

17.12.1996

* * *

Имоми ду тарафро мекунам табрик,
Ки тоҷик мешавад наздик бо тоҷик!

Тазод ин ҷо, тазоди вақт ҳам ин ҷост,
Ки бо тоҷик тоҷик мешавад наздик.

Имоми ду тарафро мефишорам даст,
Ки пай бурданд бар ин нуктаи борик,

Ки андар оштӣ оши ҳалоли халқ,
Ки андар оштӣ дарҷ аст рӯзи нек.

Чу донистанд к-андар паҳнаи гетӣ
Кӣ будасту кӣ дод ин ҷангро таҳрик,

Бародарвор роҳи нурро ҷустанд,
Ки фардоро раҳонанд аз шаби торик.

Кунун оғози сулҳ асту рафоҳи халқ,
Бувад ояндаи пурнурамон наздик!

Ба ин азми қавию аҳди мардона
Имоми ду тарафро мекунам табрик.

Имоми ду тарафро мекунам табрик,
Ки тоҷик мешавад наздик бо тоҷик!

28.12.1996

* * *

Раҳми парвардигори мо омад,
Нури ҳақ бар диёри мо омад.

Ҷанги бунёдсӯзи мо бигзашт,
Сулҳи бунёдкори мо омад.

Зиндагӣ сахттар зи мурдагӣ буд,
Ҳотифи зиндадори мо омад.

Кӯю барзан пур аз гадоён буд,
Фурсати шоҳкори мо омад.

Пири Канъоно, чашми ту равшан!
Юсуфи дилфигори мо омад.

Мурдаҳо норизо зи мо буданд,
Фотиҳа бар мазори мо омад.

Чор сӯ буд тирборонҳо
Яке тири барори мо омад.

Ахтари наҳс аз сари мо рафт,
Ахтари саъд ёри мо омад.

Аз сари мо хазонфишон бигзашт,
Гулфишони баҳори мо омад.

Кӯҳсоро, бибахш пастии мо,
Нангу ному виқори мо омад.

Ҳоли зору низори мо бигзашт,
Вақти ҷуду нисори мо омад.

Ҷанги девонавори мо бигзашт,
Сулҳи деринтизори мо омад.

7.1.1997

* * *

Сино расид бар сарам, дардам даво нашуд,
Дар коми гӯр рафтаму комам раво нашуд.

Бо бенаво навон шудам, то бахшамаш наво,
Рӯзе, ки ман навон шудам, як ҳамнаво нашуд.

Бунёди осиёб агар будаст осу об,
Гардон зи оби чашми ман як осиё нашуд.

Эй ёр, ёри гумшуда дар дашти иштибоҳ
Будем мо ду чашмаю дарё чаро нашуд?

Гуфтам, ки дарди ишқро қисмат ҳамекунем,
Будем розӣ мову ту, қисмат ризо нашуд.

Ҳар тир, ки ба ман заданд, аз ман хато биҷаст,
Аммо амони ҷонам аз тири қазо нашуд.

Бидруд, ёри бовафо, умрам вафо накард,
Савганд хурда будаму аз ман вафо нашуд.

7.1.1997

* * *

Чӣ хабар? Чӣ ҷангу даъво? Ту напурсу
ман нагӯям.
Кӣ шикаст муҳраи мо? Ту напурсу ман нагӯям.

Кӣ бурид решаи мо? Кӣ бисӯхт бешаи мо?
Кӣ рабуд ганҷи моро? Ту напурсу ман нагӯям.

Кӣ чӣ кард бо Самарқанд, ки чунин
нагунаш афканд?
Кӣ чӣ кард бо Бухоро? Ту напурсу ман нагӯям.

Зи ҳазорсола таърих? На! Ҳазорсола таъхир!
Ту напурс, ҷони бобо. Ту напурсу ман нагӯям.

Кӣ маро чунин пароканд? Кӣ туро ба хун
биёганд?
Зи худост ё худи мо? Ту напурсу ман нагӯям.

Хабаре зи асли худ не, сафаре ба васли худ не,
Ману ту ҳаем оё? Ту напурсу ман нагӯям.

На Куруш, на хурӯше, на ситез, на тамизе,
Чӣ нишон зи бахши фардо? Ту напурсу
ман нагӯям.

Ҳама рафта кӯ ба кӯе, нашавем рӯ ба рӯе,
Ки гирифт мулки Доро? Ту напурсу ман нагӯям.

Раҳи куфру дин чӣ ҷӯӣ, ту зи нафси ину он гӯй,
Кӣ бувад Калашниково? Ту напурсу ман нагӯям.

Ту гулӯи чашма бастӣ, худи ту зи ман бипурсӣ,
Ки чаро хушид дарё? Ту напурсу ман нагӯям.

Ту ба маснаде расидӣ, на ба мақсаде расидӣ,
Чӣ шунидӣ аз раоё? Ту напурсу ман нагӯям.

Нарасида бар худимон, нарасем бар худомон,
Чӣ касем дар ду дунё? Ту напурсу ман нагӯям.

25.1.1997

* * *

Эй ҳамватан, ба ҳамдигар чунучаро чаро?
Кардем базмхонаро мотамсаро чаро?

Дорем як таронаи шевои сарнавишт,
Дар як тарона мову ту ноҳамсаро чаро?

Чашма якеву бар ҳама лабташна мерасад,
Дар сад маҳал ба ҳам занӣ сад кӯзаро чаро?

Рафтанд тангчашмакон дунболи офтоб,
Мову ту чашмбаставу вопасгаро чаро?

Рафтем дар таассуби худ то гулӯ фурӯ,
Рафтанд ҳеҷбудагон аз мо фаро чаро?

Моем нобародарон аз тухми як падар,
Ҷони бародаро, чаро? Эй хоҳаро, чаро?

Моем нобаробарон аз ину он намат,
Устоди меҳтаро, чаро? Эй кеҳтаро, чаро?

4.4.1997

* * *

Биё, бо ҳам бисозему ҷаҳонеро барафрӯзем,
Биё, бо ҳам биёмезему дунёро биёмӯзем.

Биё, бо ҳам биёғозем, то бе ҳам наанҷомем,
Биё, бо ҳам бинозему биё дар сӯги ҳам сӯзем.

Ало, эй гулбуни танҳо, ки бехешастӣ дар саҳро,
Биё, то чеҳра бинмоем, мо ҳам оламафрӯзем.

Ҳамин танҳо на симу зар бувад ганҷе, ки меҷӯем,
Биё, роҳе ба дил ҷӯему ганҷи миллат андӯзем.

Ту дар худ дар ғами хешӣ, ман ин ҷо
дар ғами хешам,
Ту он ҷо кинатӯзи мову мо ҳам бо ту кинтӯзем.

Ало, он ки маҳалбозӣ, дағалбозӣ, мағалбозӣ,
Биё, то пора-пора ин яханҳоро ба ҳам дӯзем.

Агар мо мардумомезем, мардум низ бо моянд,
Чаро ин нукта напзирӣ, ки мо ҳамрозу
ҳамрӯзем?!

16.1.1998

* * *

Ту биё ба пешвозам, ки фироқ дар камин аст,
Бигузар зи раҳгузорам, ки гузашти ман яқин аст.

Чу ба остонат оям, ба ман остин маяфшон,
Ки ҳар остонаи мо аҷали дар остин аст.

Ту бигӯй инчунине, манат ончунон бигӯям,
Чу расид они реҳлат, на чунону на чунин аст.

Ту биё ба бистари ман, сари сина неҳ сарамро,
Ки ба бистари қиёмат на саре бувад, на синаст.

Ту макун туруш ҷабинро, маписанд ону инро,
Ки ҳар он чи дид бояд, ҳама аз хати ҷабин аст.

Ту биё ба паҳлуи ман, нигаҳе бикун суи ман,
Кӣ бидонад ин нигаҳро, ки нигоҳи вопасин аст.

21.1.1998

* * *

Аз саманди замон пиёда шудам,
Пиру афгору уфтода[1] шудам.

Ҷодаи шаҳр буд пур аз ман,
Ин замон бартараф зи ҷода шудам.

1. Дар урфият мегӯянд: фулон хеле афтода шуда.

Дод, эй дод, чӯҷаи хомак,
Ки ту парвозиву ман ода шудам.

Ҷурми ман нест, ҷурми ин дунёст,
Ки сари хам зи хуми бода шудам.

Аз нажоди бузурги ман ту мапурс,
Бенажоде зи бенажода шудам.

Лодахандии халқи худ дидам,
Бо бузургии хеш лода[1] шудам.

Эй басо шеъри норасо гуфтам,
Баски худ норасид[2] зода шудам.

11.2.1998

* * *

Дилам бигрифт аз ҷанги гиребонҳои садпора,
Биё аз як гиребон сар барорем, эй накӯкора!

Намебинӣ, намесӯзӣ, чаро аз ғам намегирйӣ,
Ки механдад ба ҳоли мо ҳама аҷроми сайёра?

Агар сайёра овора-ст, ҷурми ӯ ба дӯши мост?
Чаро бошем аз тобут то гаҳвора овора?

Ҷаҳонро чораю тадбир омӯзондаем, аммо
Чаро худ дар ҷаҳон мондем бетадбиру бечора?

Забонмон то куҷо парвоз карду мо
куҷо мондем?
Зи афранги ситамкора? Зи бонги шуми
«Аврора»?

Хирадмон то куҷо эъҷоз карду мо куҷо мондем?
Зи нафси чанд худкома? Зи наҳси чанд патёра?

Туро мегӯям, эй додар, туро мегӯям, эй хоҳар,
Ки бо ман бош, то бинмоямат шаҳроҳи ангора.

Биё, то бишнавӣ аз ман суруди ҷовидони Мо;
Дари уммед бикшоям, на дарвоза, на дарсора.

Биё дар пои он модар, ки моро зод,
сар бинҳем,
Ки то сайёра гардон бод, ҷунбон бод гаҳвора!

26.2.1998

1. Эй лодаханд, эй лодаханд,
То кас нахандад, ту маханд. (Халқӣ)
2. Ман норасид (дар деҳи мо «ношуд» мегӯянд) зода шудам. Модарам мегуфт. Ёдаш бахайр!

* * *

Мо бар онем, ки дар мулк адолат бошад,
Мо бар онем, ки ҳам оя, ҳам оят бошад.

Кори мо нест фақат сохтани хомаи гил,
Кори мо ин, ки дар он хома муҳаббат бошад.

Кори мо нест фақат коштани тухме чанд,
Кори мо ин, ки дар он кишт садоқат бошад.

Кори мо нест фақат сохтани ҷодаи рост,
Кори мо ин, ки дар он ҷода ҳақиқат бошад.

Кори мо нест фақат сохтани пайкарае,
Кори мо ин, ки дар он пайкара миллат бошад.

Кори мо нест фақат тантанаи Сомонӣ,
Кори мо ин, ки дар он тантана тинат бошад.

Кори мо нест фақат лофу газоф аз ваҳдат,
Кори мо ин, ки ба ваҳдат абадият бошад.

Кори мо нест фақат ёди Бухорои Шариф,
Кори мо ин, ки зи мо низ шарофат бошад.

Кори мо нест фақат ёди Самарқанди чу қанд,
Кори мо ин, ки Самарқанд асолат бошад.

На бар инем, ки ислом нишинад бар тахт,
Мо бар онем, ки ислом саломат бошад.

14.3.1998

* * *

Як саҳар сафар кардам,
Зиндагонӣ сар кардам.

Чашмбаста бар дунё
Як назар назар кардам.

Рафтаму надидам ҳеҷ,
Ҳеҷро асар кардам.

Офтоби умрамро
Сарфи як шарар кардам.

Рафтаму қарибонро
Аз аҷал хабар кардам.

Эй ҷаҳон, туро дидам?
Хокро ба сар кардам.

Эй ҷаҳон, маро дидӣ?
Як кафан ба бар кардам.

21.6.1998

* * *

Бас андарзи зардуштиву монавӣ
Бихондему бар н-омад аз мо навӣ.

Бихондем фарзонагии Куруш,
Бихондем бас номаи паҳлавӣ.

Зи душман басо мушт хурдем, лек
Нагаштем ҳамдасту мушти қавӣ.

Наҷустем шаш сӯи дунё, агар
Бихондем шаш дафтари «Маснавӣ».

– Шиносӣ худоро, чу бишносӣ худ –
Чунин гуфт дар «Маснавӣ» Мавлавӣ.

Бихондем «Авасто»-у «Позанд»-у «Занд»,
Ҳама мабдаи зиштиву некувӣ.

Паи ҷоҳилони биёбон шудем,
Накардем аз мӯбадон пайравӣ.

Зи Қуръон бихондему гуфти набӣ:
– Битарсо зи бодафраи ухравӣ.

Зи фарҳанг беҳтар надорем ганҷ –
Ту ин гуфтаи Рӯдакӣ нашнавӣ?

Зи «Шаҳнома» хондему пири хирад:
«Аз омӯхтан як замон нағнавӣ».

Валекин ҳанӯзем мову ту дур
Зи худдовариву худогаҳшавӣ.

Зи афсона берун нарафтему ҳайф
Бимондем беҷода аз ҷодувӣ.

Гадошаҳ якеву дигар шаҳгадо,
Надорад яке фарраи хусравӣ.

Худохоҳии мост худкомагӣ,
Худогоҳии мост вопасравӣ.

Дар охир расидем он ҷо, ки вой
Туӣ инсуиву манам онсувӣ.

Дар охир чӣ кардем? Муҳтоҷ шуд
Рухи гандумимон ба нони ҷавӣ.

Чунин душмани хеш бошем агар,
На тоҷик монад, на мову тувӣ.

20.7.1998

* * *

Зи пирӣ шод шудӣ, ки камоли умр расид?
Камоли умр гузашту заволи умр расид!

Биёр ҷоми булӯрин, ки дурди ашки мост,
Булӯри умр гузашту сафоли умр расид.

Тамизи неку бади зиндагӣ надонистем,
Зулоли умр гузашту залоли умр расид.

Ҷавониё, ту ҷамоли умедҳо будӣ,
Ҷалоли умр гузашту муҳоли умр расид.

Куҷо биҷӯямат, айдун, ҷавониё, бидруд!
Савоби умр гузашту вуболи умр расид.

Аё хурӯши ҷавонӣ, ба ёди ман биштоб,
Биё, ки охирин оҳи маҷоли умр расид.

Замони пурсиши дил аз забони ёр гузашт,
Замони посухи так-так суоли умр расид...

23.8.1998

* * *

Эй пора-пораҳо дар кӯҳпораҳо,
Камшӯру камшуур, эй бешароразҳо,

Эй камшуморахо дар осмони ақл,
Андар замини ҷаҳл, эй бешумораҳо,

Аз ваҳдати худо то ваҳдати худӣ
Гуфтанд нуктаҳо, карданд ишораҳо,

Аммо ҳанӯз ҳам худро насохтед
Аз ишқи зиндагӣ, эй ҳеҷкораҳо.

Аммо ҳанӯз ҳам холис наёмадед
Андар канори ҳам андар канораҳо;

Аммо ҳанӯз ҳам дуздони кишваред
Дар пушти бораҳо, пушти тавораҳо;

Аммо ҳанӯз ҳам duздона мебаред
Аз чашм сурмаҳо, аз ёр ёраҳо.

Инсофатон куҷо? Алтофатон куҷо?
Ришони ришваҳо, пирони пораҳо?

Эй нанг бар шумо, ин бори нангро
Ҳаргиз намекашад лак-лак қатораҳо...

Фардо чӣ бошадо? Пурсанд аз шумо
Чашмони кӯдакон дар гоҳвораҳо.

Бошед дур агар аз ҳамдигар чунин,
Кӯбанд душманон таблу нақораҳо.

Аз як яхан агар сар барнаёваред,
Созад ҳамон адӯ сартон манораҳо.

Дар роҳи ҷустуҷӯ ҷое намерасед,
Тифлони найсавор, эй худсавораҳо.

Садрангии шумо якранг кай шавад,
Оқилқиёфаҳо, ҷоҳилназораҳо!

Дигар замон гузашт, боре зи баҳри халқ
Як зарра ғам хуред, эй меъдабораҳо.

Манзума офаред аз назми ҳамдилӣ
Дар гирди офтоб, эй такситораҳо!

24.10.1998

* * *

Биёву ин шаби дайҷурро тамошо кун,
Фарохии даҳани гӯрро тамошо кун.

Бубин ки аҳли ватан дар ватан намегунҷад,
Куҷой? Қисмати манфурро тамошо кун.

Дар ин диёр, ки номаш диёри хуршед аст,
Биёву тирагии нурро тамошо кун.

Саре баланд нагардад, агар на пастӣ ҳаст,
Ту хории сари Мансурро тамошо кун.

Магар зи тухмаи мо нест тифли тухмафурӯш?
Биёву отияи дурро тамошо кун.

Ба мӯшикофии синаст шакку тардиде,
Ту мӯшикофии ин кӯрро тамошо кун.

Агар ту шоири худро надидӣ хоколуд,
Биёву шоири машҳурро тамошо кун.

4.1.1999

* * *

Пеш аз марг видоъ гӯямат, эй ҷону танам,
Боварам нест, ки ман дар ватани хештанам.

Боварам нест, ки сад даст бувад ҳамдастам,
Боварам ҳаст, ки сад қасд бувад гӯрканам.

Ман зи диҳ омада будам, ки тамаддун ёбам,
Боз ронданд маро сӯи диҳи хештанам.

Ман ки аз содахаёлони куҳистон будам,
Боварам буд, ки хоротану хорошиканам.

Аз диҳ озод ба шаҳр омадаму дарпечид
Шаҳр дар гардани озод танобу расанам.

Мардум, эй мардуми сода, ту надонистӣ, ҳайф,
К-аз табу тоби ту бошад табу тоби суханам.

Эй Зарафшон, ту маёсой даме, мавҷ бизан,
То зи амвоҷи ту бофанд матои кафанам.

Сорбон оҳи ҷаҳонсӯзи маро menолад,
«Ватанам, о ватанам, о ватанам, о ватанам».

13.1.1999

* * *

Бонги ҷашни тоҷикон ояд ҳаме,
Ғулғули Сомониён ояд ҳаме.

Аз Бухоро бар Душанбеи шариф
«Бӯи ҷӯи Мӯлиён ояд ҳаме».

Бар Душанбе – пойтахти тоҷикон,
Тахти бахти тоҷикон ояд ҳаме.

Ҳон, магӯ Исмоили Сомонӣ мурд,
Зинда бо сад корвон ояд ҳаме.

Корвонаш ҳомили номусу ном,
Ончунон буд,ончунон ояд ҳаме.

Корвонаш нимароҳа монда нест,
Вориси тоҷи каён ояд ҳаме.

Кушта будандаш адувон, баҳри мо
Зинданому зиндаҷон ояд ҳаме.

Чун дилаш дар ёди миллат метапид,
Рӯи каф дил армуғон ояд ҳаме.

Аз миёни чанд қарни ашку хун
Паҳлавону қаҳрамон ояд ҳаме.

Эй Душанбе, боз кун оғӯши хеш,
Шоҳи Сомон меҳмон ояд ҳаме.

Меҳмон гуфтам? Ғалат гуфтам, бубахш,
Меҳмон не, мизбон ояд ҳаме!

Гарчи аз майдони ҷанги беамон
Ӯ саропо хунчакон ояд ҳаме.

Назди мо бо ормонҳои бузург,
Номаи амну амон ояд ҳаме.

Номаи мо ормони дигар аст,
Лек ӯ чун ормон ояд ҳаме.

Ӯ баҳори рафтаро бозоварад,
Ӯ алорағми хазон ояд ҳаме.

Эй Душанбе, дар канорат рӯи тахт
Мири Сомон ҷовидон ояд ҳаме.

То ҷавонӣ оварад бар халқи хеш,
Мир Исмоил ҷавон ояд ҳаме.

Бо насими бӯи Ҷӯи Мӯлиён
Бар Ҳисори Шодмон ояд ҳаме.

Рӯди Варзобу ҳама амвоҷи маст
Пеши ӯ доманкашон ояд ҳаме.

Кӯҳи Анзобу ба каф анвои гул
Пеши пояш армуғон ояд ҳаме.

Шак макун, эй каҷназар, гар мири мо
З-он замон бар ин замон ояд ҳаме.

Чун ҷаҳони мо надорад интиҳо,
Бахри мо чун як ҷаҳон ояд ҳаме.

Ҳамраҳи ӯ бо ҳазорон кавкаба
Рӯдакӣ ҳамдостон ояд ҳаме.

Рӯдакӣ бо уди эъҷозофарин
Дилнавозу дилситон ояд ҳаме.

«Модари май» ҷом дар каф, кафзанон
Дар бари гулдухтарон ояд ҳаме.

Устоди Тӯс «Шаҳнома» ба каф
Дар бари соҳибқирон[1] ояд ҳаме.

Дар бари ӯ бо ғурури тоҷикӣ
Рустам аз Зобулситон ояд ҳаме.

Рустами Дастон ба он фарру шукӯҳ
Аз миёни «Ҳафтхон» ояд ҳаме.

Аз камондорони мо нанг оядаш,
Бесинону бекамон ояд ҳаме.

Бонги нӯши мо расад бар осмон,
Чунки он Нӯшинравон ояд ҳаме.

Пешвои миллати фарҳангсоз
Сар фарозон пешамон ояд ҳаме.

Шӯру шодӣ аз фарози пайкараш
Аз карона то карон ояд ҳаме.

Ҳам суруди мо расад бар осмон,
Ҳам дуруд аз осмон ояд ҳаме.

Номи мо нодида гар гирад ҳасуд,
Номи мо аз Каҳкашон ояд ҳаме.

Мир Исмоил, суҷудат мебарам,
К-аз замирам армуғон ояд ҳаме.

Кош донистӣ, ки баъди Рӯдакӣ
Лоиқи сарводахон ояд ҳаме...

1.9.1999

* * *

Рӯзе, ки бозмерасад вақти заволи ман,
Ёде кунед аз ману нуқсу камоли ман!

Нӯшед май ба хотири ҷоми шикастаам,
Хонед шеъри Ҳофизу Соиб мисоли ман.

Холӣ кунед бо дили пур шишаҳои май
Бе ман чунон ки холӣ шуд ҷоҳу ҷалоли ман.

Гӯши фалак зи наъраи мастона кар кунед,
Бар ҳаққи он, ки дод басе гӯшмоли ман.

Бар гӯри ман дарахт макоред зинҳор,
Ояд агар ба турбатам он навниҳоли ман!

Рӯзи видоъ мурдаам хун гиря мекунад,
Гар чашмҳои шӯхи ӯ гиряд ба ҳоли ман...

2000

1. Манзур устод Рӯдакист.

# ҶОМИ ХАЙЁМ
## *Рубоиёт*

Онон, ки забонӣ офаринам хонанд,
Барчоши такаллуф ба сарам афшонанд,
Дар зиндагиям ба ҷои гул хор диҳанд,
Чун даргузарам, ба гӯри ман гул монанд.

Ду панҷаи ман ба мӯи ту шона нашуд,
Девонагиям дар ишқ афсона нашуд.
Ду хонаи чашми ман фурӯ рафт ба об,
Ҳайҳот, ки чашми ту ба ман хона нашуд.

Афсӯс ҷавониям, ки бигзашту бирафт,
Чун мурғ ба рӯи бом биншасту бирафт,
Дар ҷӯяи хушкидаи ожанги рухам
Тухми аламу ҳасрату ғам кишту бирафт.

Имшаб, ки ситора з-осмон мерезад,
Истораи бахти дӯстон мерезад.
Ё ин ки зи чашми ошиқ истораи ашк
Бар домани ёри дилситон мерезад.

Хушбахт туӣ, ки дари дил бикшоӣ
Бар дӯсти ҷонбаҷону беҳамтое.
Бадбахт манам, ки нест дар роҳ маро
Як душмани арзандаеву доное...

Онҳо, ки ба ҷоҳу мансабе мағруранд,
Аз илму адаб ҳазор фарсах дуранд.
Мо чашми замонаем гӯянд, вале
Чун нек назар кунем, баъзе кӯранд.

Бо айби гунаҳ савоб сӯзад бешак,
Дар оташи ҷаҳл об сӯзад бешак.
Ин сон, ки пур аст оташи манқалдон
Ҳам сих ва ҳам кабоб сӯзад бешак.

Эрон, ману ту чу пораи об ҷудо,
Монандаи офтобу маҳтоб ҷудо.
Ҳар сӯ ба талоши зиндагӣ ҷорӣ шудем,
Сарчашма як асту мо чу шохоб ҷудо.

Чун узви замин ба ӯ даромехтаам,
Чун мева ба пои нахли худ рехтаам.
Бо шишаи дил шикаста садҳо сандон,
Бо риштаи дил каманд бигсехтаам.

Бечорааму ҳазору як чора кунам,
Дилро паи дилшиносӣ овора кунам,
З-он чӯб, ки аблаҳе тарошад тобут,
Болор ба хона ё ки гаҳвора кунам.

Эй ёр, ғами ту мегудозад ҷонам,
Чун шаршараҳо гиря кунад чашмонам.
З-он пеш, ки зиндагонӣ аз сар монад,
Бигзор, ба рӯи синаат сар монам.

Чун даргузарам, ба мотамам сур кунед,
Аз хотираам машъалаи нур кунед.
Монандаи аскарони қурбонии ҷанг
Дар гӯри умумие маро гӯр кунед.

Ҳар ҷо ки ҳасуд, кинаҷӯи бадхоҳ
Гардад зи дарунсиёҳии худ огоҳ,
Чун дег ба деги дигаре мегӯяд:
Эй дудзада, тамомии рӯт сиёҳ...

Ман қадди туро бо қадам андоза кунам,
Лабҳои туро ба бӯса шероза кунам.
Овози дилам агар ба гӯшат нарасад,
Бо шеъру суруд ишқат овоза кунам.

Ман рӯи туро ба бӯса гулдӯзӣ кунам,
Дар шоми висоли ту худафрӯзӣ кунам.
Як бор агар лаби ту ояд ба лабам,
Сад сол варо насибаву рӯзӣ кунам.

Эй ёр, маро ба дарди танҳоӣ задӣ,
Дар хоб маро бо васли рӯъёӣ задӣ.
Тире ки задӣ бар дили ман, хуш омад,
Баҳ, баҳ! Ту маро ба тири тиллоӣ задӣ!

Эй ёр, махоҳ, то ки ман хор шавам,
Ҳар рӯзу шаби худо ба ту зор шавам.
Боз о, ки фидои ту шавам, то шояд
Дар чорраҳа ҳайкали подор шавам!

Эй дӯст, ба ҳам дил накушудем, дареғ!
Мастона суруде насурудем, дареғ!
Ҳамсояи дар ба дар агарчи будем,
Ҳамсояи дил ба дил набудем, дареғ!

Анбоне зи Рӯдакӣ ба дӯшам дорам,
Таҳҷуръаи Хайём ба сар бардорам.
Чун пайраҳаҳои камбари зодгаҳам
Сар бурда ба пои шоҳраҳ бигзорам.

Аз пайраҳа сӯи шоҳраҳ омадаам,
Аз заҳмати чаҳ ба мулки маҳ омадаам.
Чандон ба ман ихлос ба покӣ мабаред,
Бар мулки савоб аз гунаҳ омадаам.

Имрӯз, ки зиндаам, ҷаҳон моли ман аст,
Ин хок ба зери пой помоли ман аст,
Чун даргузарам, чу ҷои ман холӣ шавад,
Як хол замин сурати аҳволи ман аст.

Аз оташи чӯби хушк тар месӯзад,
Аз оташи ақли тунд сар месӯзад.
Эй ишқ, ту оташе, ки дудат нур аст,
Нурест, к-аз он ҷону ҷигар месӯзад.

Ин умр, ки чун оби равон мегузарад,
Аз раҳгузараш пиру ҷавон мегузарад.
Ҳарчанд ту оҳиста варо сарфа кунӣ,
Пинҳону аёну барқсон мегузарад.

Бар ошиқ агар зи ёр ҷабре ояд,
Аз толеи хеш шикваҳо бинмояд.
Шоир чу ба ихлоси халоиқ насазад,
Аз хомаи хештан биранҷад бояд.

Як умр зи бедоди ҷаҳон дод задам.
То беғаму дард як дами шод задам.
То хуб расам ба орзуи дили хеш
Ҳар орзуе, ки буд, барбод задам.

Рӯзе, ки аҷал барад маро аз дунё,
Аз дидаи хуршед шавам нопайдо.
Бо пирии худ ҷаҳон ҷавон хоҳад монд,
Бе будани ман хушк нагардад дарё.

Гар ёд кунад маро дили шайдое,
Гӯед, нишаста гар лаби дарёе,
Бар оби равон бингараду дарёбад,
Ҷорӣ шудани зиндагии дунёӣ.

Дар оташи ишқ хомсӯзам кардӣ,
Монанди қабои хомдӯзам кардӣ.
Бо шаҳдзабонӣ талх кардӣ комам,
Бо чашми сияҳ сиёҳрӯзам кардӣ.

Имрӯз туро пиру ҷавон медонад
Гардун ба сарат ситора меафшонад.
Чун даргузарӣ аз ин ҷаҳон, дасти замон
Девони туро саҳифа мегардонад.

Якумр миёни оташу обам ман,
Аз тобиши ранги умр бетобам ман.
Ноёфтаам накӯтар аз ёфтаҳост,
Хуршедмисол аз паи маҳтобам ман.

Монанди ситора з-осмон бигзаштем,
Аз баҳри ҳама суду зиён бигзаштем.
Ҳар рӯз барои зиндагонӣ мурдем,
Боис шуд аҷал, аз ин ҷаҳон бигзаштем.

Якчанд таронаҳо тараннум кардем,
Бар ҷониби хуршед табассум кардем,
Ҳар қадр сафои умр ҷустем зи даҳр,
Он қадр бақои умрро гум кардем.

Онҳо, ки зи мансаби ду-серӯза хушанд,
Оташ ҳама рӯи кулчаи худ бикашанд.
Ҳарчанд падарвор ҳама ғамхоранд,
Чун хирс ба шӯхӣ баччаи худ бикушанд.

Мо сӯхтагони оташи бедудем,
Аз будани хештан ҳама нобудем.
Фирдавсӣ наем, лек дар аҳди дигар
Озурда зи носипосии Маҳмудем.

Пирони хирад ба ҳар замоне буданд,
Бар миллати хеш тарҷумоне буданд.
Гар ҳикмати халқ ганҷи бесоҳиб буд,
Онҳо ба мисоли посбоне буданд.

Ёрон, ҳазаре зи мастию пастиям,
Аз шахсарию зуъмию бадмастиям.
Он қадр зи бода айши пур ҷустам ман,
То чун хуми май холӣ шуда ҳастиям.

Бе ту дили ман барои ман зиндон аст,
Бе ту сари ман чун ду ҷави арзон аст.
Ман зинда ҳанӯз, лек бе будани ту
Ин хонаи холӣ ҳамчу гӯристон аст.

Бе Рӯдакӣ шеъри мо бурун аз дар шуд,
Даврони ҳадиси форсӣ дигар шуд.
Айнӣ чу гузашт, ҷумла айнӣ карданд,
Ҳайҳот, бубин, ки наългар заргар шуд.

Онҳо, ки асоси қасри олам буданд
Гулдаст, вале ба чашми пурнам буданд.
Афрохта бас манораву кунгураҳо,
Худ содаю хоксору сархам буданд.

Онҳо, ки ба мо дарси шараф ёд диҳанд,
То ваъда ба мо ҷаҳони обод диҳанд.
Хоҳанд зи мо шикастанафсӣ имрӯз,
Чун даргузарем, пас мукофот диҳанд.

Эй дида ҷаҳон, ҷаҳон надидаст туро,
Гул чидӣ, вале гуле начидаст туро.
Ин қадр ба шуҳрати хато шод мабош,
Наққоши замон хато кашидаст туро.

Он, к-ӯ шикам аз музди сухан сер кунад,
Дар гуфтани шеъри вақт таъхир кунад.
Аз баъди қарори маҷлису кунгураҳо
Пайваста ду-се калимаро, шеър кунад.

Дар хилвати рози ошиқон будам ман,
Ҷомеву лабеву комрон будам ман.
Ҳарчанд хамӯшу ноаён будам ман,
Монанди шумо дар ин ҷаҳон будам ман.

Подоши муҳаббатат маломат бошад,
Подоши садоқатат хиёнат бошад.
Мобайни садоқату хиёнат ҷоест –
Он ҷой гузин, дар он саодат бошад.

Чун аз сари нав ҷавони зебо нашавам,
Бефарқ бувад: пир шавам ё нашавам.
Пайдоиши ман барои нопайдоист,
Пайдост дубора ҳеҷ пайдо нашавам.

Якумр ғуломи чокари дил будам,
Дил буд чу рӯду ман чу соҳил будам.
Он қадр ба ҳукми дил чашидам талхӣ
К-аз айшу нишоти умр ғофил будам.

Ин хона барои мову ту сохтаанд,
Бо хуни ҷигар накӯш пардохтаанд.
То мову ту сарфароз бошем зи умр,
Садҳо сари нозанин ҳама бохтаанд.

Ман ҷамъ кунам, туаш парешон созӣ,
Обод кунам, ту боз вайрон созӣ.
Бо ин ҳама бозию фиребу найранг,
Эй умр, зи ман чӣ гуна инсон созӣ?

Зар низ чу санг гар фаровон будӣ,
Пас, қимати ӯ зи санг арзон будӣ,
Афзун чу бадон агар накӯён будӣ,
Некиву бадӣ ба қадр яксон будӣ.

Дарёи дилам мавҷзанон мегузарад,
Аз байни ду соҳили замон мегузарад.
Дарёи ту гар ба сӯи баҳре биравад,
Дарёи ман аз баҳри ҷаҳон мегузарад.

Инҳо ҳама аз мансаби худ масруранд,
Дар минбару саҳна – ҳар куҷо манзуранд.
Гар муҳрбадасту ҳокиму пурзӯранд,
Дар пеши ҳақиқат ҳамагон маъзуранд.

Бигзор, ҳама бодапарастам хонанд,
Айёши ҷаҳонфурӯшу мастам хонанд.
Гар бода хурам, зи ман касе боло нест,
Ин кӯрдилон гузор, пастам хонанд.

Онҳо, ки ба нақди шеъри мо пардозанд,
Монанди тапончаҳои беовозанд.
Нашнохта олами дили шоирро,
Аз дур ба шеърҳош тир андозанд.

Чун ганҷ ба зери хок хомӯшам ман,
Аз хотири дӯстон фаромӯшам ман.
Онҳо ҳама дар фаҳм сабукборонанд,
Лекин чу замини борбардӯшам ман.

Ҳамроҳ биҷӯӣ, раҳгузар меёбӣ,
Ҳамдард биҷӯӣ, дарди сар меёбӣ.
Хуш гуфт шабе пири ҷаҳонсанҷида –
Ҳар қадр ки беҳ ҷӯӣ, батар меёбӣ.

Ёрон, ба сари гӯри ман овоз кунед,
Ҷисмам ба замини пок анбоз кунед.
Аз ҷумла хатои ман сабақ омӯзед,
Аз бандагиям зиндагӣ оғоз кунед.

Андӯҳ чу селу шодӣ чун чашмаи нам,
Аз шодӣ намурд кас, вале мурд аз ғам.
Зинҳор ба пои худ наояд шодӣ,
Андӯҳ ба пои хеш ояд ҳар дам.

Онҳо ки зи даҳр суди худ ҷӯянд,
Шодоб чу беди соҳили дарёянд.
Аммо чу баҳор обҳо мастона
Туғён бикунанд, решакан бинмоянд.

Эй дӯст, ба ёди дӯстон бояд буд,
Қурбони қудуми меҳмон бояд буд.
Чун дастагуле ба пешвози ёрон
Барбаста, ҷудо зи бӯстон бояд буд.

Умр аст дарахту мева шодию ғамаш,
Эй сода, чӣ парво кунӣ бар бешу камаш?
Он сон ки бихоҳӣ, ончунон зиндагӣ кун,
Бар дил набарӣ то ҳама доғу аламаш.

Шоир набувад, ҳар он ки девон дорад,
Зебо набувад, ҳар он ки марҷон дорад.
Ошиқ набувад, ҳар он ки дар хилвати шаб
Паймонаи май ба ҷои паймон дорад.

Оини ту хештанфурӯзӣ бошад,
Дар оташи ишқ поксӯзӣ бошад.
Хайём, чу абёти ту, эй кош, умрам
Кам бошаду пур зи созу сӯзе бошад.

Он гаҳ ки ба сина шӯришу туғён аст,
Аз шодӣ хурам бода, ки он дармон аст.
Ҷоме, ки ба ёди дӯстон бардорам,
Ширин ба мисоли чеҳраи онон аст.

Дар сабзаи навбаҳор хобам бурдаст,
Савдои гуле сари ҳисобам бурдаст.
Савдои гуле сари ҳисобам чӣ кунад?
Доroию давлати шабобам бурдаст.

Хайём, дилат аз дили мо огоҳ аст,
Ҳар як суханат суруди дарду оҳ аст,
Байти ту дарест боз бар каъбаи дил,
Шеъри ту чу умри одамӣ кӯтоҳ аст.

Хайём, суханҳои ту нотакрор аст,
Ҷоми хиради ту ҷовидон саршор аст.
Ҳар кас, ки нахурд ҷоми ту, мастӣ кард,
Ҳар кас, ки бихурд, оқилу ҳушёр аст.

Ҷомеву бутеву ошиқӣ – хуш ҳолест,
Соле, ки гузашт бо хушӣ, хуш солест.
Хайём, ба ҳар замона дар базми хирад
Ҷоми ту пур аст, лек ҷоят холист.

Ин субҳ давоми шоми чун зиндон аст,
Ин ханда нишони дидаи гирён аст.
Ҳар чизи наве, ки ҳозирон ёфтаем,
Гумкардаи рафтагони пурармон аст.

Мо ҳалқаи байни аввалу анҷомем,
Парвардаи асри бисту шири хомем.
Хайём, кӣ гуфт, буда безурёте,
Модом ки мо шаҳписари Хайёмем?!

Эй хок, туро ба ашки худ нам кардем,
То бар сари ту мотами нав кам кардем.
Мо доғи туро ба хуни дилҳо шустем,
То санги туро ҳайкали одам кардем.

Ҳайф аст, агар умр шикоре бошад,
Озод зи дарду доғу оре бошад.
Дар пайраҳаи ҳаёт по мондани мо
Айб аст, агар қадамшуморӣ бошад.

Чун барқ яке дурахш андар афлок
Бо дидаи оташину андешаи пок.
Монанди уқоб дар само бояд мурд,
Ҳарчанд ки оқибат фурӯ ой ба хок.

Ӯ кист ҷавон асту ҷавонӣ накунад?
Бо ҳусни ҷавонӣ дилситонӣ накунад?
Ҳар кӣ зи хушиҳои ҷавонӣ дур аст,
Беҳтар бувадо, ки зиндагонӣ накунад.

Борон чу гирист, гиря бунёд бикун,
Тундар чу фиғон кашид, фарёд бикун.
Ҳар гоҳ ситорае фитад аз гардун,
Эй ёр, ситораи маро ёд бикун.

Дарёст равону соҳилаш бепарвост,
Дарёст барошуфтаю соҳил барҷост.
Дарё чу бихушкид, бимонад соҳил
Ҳамчун ду лабе, ки аз лаби ёр ҷудост.

Ворафта[1] дилам, суруди ногуфта дилам,
Шӯридаву жӯлидаву ошуфта дилам.
Дар ҳотаи тирамаҳ шукуфтан хоҳӣ,
Дар адли баҳори хеш нашкуфта дилам.

1. Ворафта – танбал, коҳил.

Нӯшед ба ёди хотири хастаи ман,
Холӣ накунед ҷои биншастаи ман.
Андар сари гӯри ман гузоред чу лавҳ
Як соғари вақти мастӣ бишкастаи ман.

Ёрон, чу сари қадаҳ ба ишрат оед,
Ёде зи мани сӯхтадил бинмоед.
Ман ток наям, ки тирамаҳ гӯр кунед,
Чун фасли баҳор даррасад, бикшоед.

То ном физой, нафси худро кам кун,
Одамгарӣ кун, валек бо одам кун.
Мегуфт даравгаре ба ман вақти дарав:
Чун хӯшаи гандум ба замин сар хам кун.

Хушбахт касе, ки хидмати ёр кунад,
Ҳар ҷо, ки қадам ниҳод, гулзор кунад.
Зангӯлаи гоҳвораю гиряи тифл
Ҳар субҳ варо зи хоб бедор кунад.

То чанд ту бо гузаштагон менозӣ,
Бо Рӯдакию ба Ҳофизи Шерозӣ?
Вақт аст, сари минбари озоди сухан
Хайёми дигар, Ҳофизи дигар созӣ!

Ҳар чашм, ки наззора кунад, ҷӯё нест,
Ҳар роҳбари савор раҳпаймо нест.
Ҳар ланг нашуд ҷаҳонситон чун Темур,
Ҳар кӯр ба мисли Рӯдакӣ бино нест.

Ҳар қадр шавад пир, ҷавон аст одам,
Як боркаше баҳри замон аст одам.
Ӯ рӯи замину рӯи ӯ гардунҳост,
Гӯё ки замину осмон аст одам.

Ин хок мисоли модарон мегиряд,
Дар мотами хокхуфтагон мегиряд,
Ҳар роҳ, ки нақши бад гузоранд бар ӯ,
Дар зери қудуми нокасон мегиряд.

То ҷоми диле ба дасти ёре нашикаст,
Армони диле зи дӯстдорӣ нашикаст.
Ҳарчанд ки зиндагӣ гулоби талх аст,
Бисёр чашидему хуморе нашикаст.

Дилро ба қумоши ишқ савдо кардам,
Дар синаи гарми шавқ маъво кардам,
То он ки дар ин ҷаҳон биёбам ҷое,
Худро зи ҷаҳони хеш пайдо кардам.

Онҳо, ки ба қасди моҳ шабтоб шуданд,
Маҳтоб чу рух намуд, ноёб шуданд.
Як лаҳза ба саҳни зиндагӣ дод зада,
Чун одами барфӣ дарзамон об шуданд.

Он кас, ки диле наҷуст, кай дил шиканад?
Бадбӯй гуле касе зи гулбун наканад.
Дар роҳ намонад он, ки худ роҳӣ набуд,
Он кас, ки раҳе наҷуст, раҳгум назанад.

Онон, ки ниҳоди поку имон доранд,
Чун шуъла забони оташафшон доранд,
Аз одами шабкӯр надоранд гила,
Аммо гилаҳо зи рӯзкӯрон доранд.

Май рез, ки ҳолиён суруд андозанд,
Аз пастии мастӣ сар ба арш афрозанд.
Ту ҷом най, ки андар ин базми ҳаёт
Чун холӣ шавӣ, зи нав лаболаб созанд.

То тоза шавему тозабунёд шавем,
Бо оташи ишқи пок ҳамзод шавем.
То он ки шавем аз ғуломӣ озод,
Бояд зи ғуломии худ озод шавем.

Он лаб, ки зи чашмони сиёҳат бӯсид,
Аз бӯсагаҳи рӯи чу моҳат бӯсид,
Баъди ту нахоҳад аз ҷаҳон рӯю лабе,
Бе рӯю лаби ту хок хоҳад бӯсид.

Онҳо, ки ба мисли ҷӯби зарандуданд,
Берун чу тилою аз дарун беҳуданд.
Аз баҳри фиреби чашм рахшанд даме,
Оташ бинамоянд, валекин дуданд.

Гирдоби ҳаёт гирудорам дорад,
Саргаштагиҳои бешуморам дорад.
Гоҳе ба мисоли қарзхоҳони хасис
Аз гардани ман чу қарздорам дорад.

Ҳамқисмати ҳар суру азо бояд буд,
Дар ғамкадаҳо тарабфизо бояд буд.
Берун зи ғазою беҷазо будан чист?
Он беҳ, ки ҳамеша дар ғазо бояд буд!

Онҳо, ки барои нафси худ бехобанд,
Маҳтобшабон чу кирмаки шабтобанд.
Ғофил зи хурӯшу шӯриши дарёҳо
Дар соҳили рӯд чоҳи обе кобанд.

Хушбахт касе, ки ном бар ном орад,
Дар иди Ватан ҷону дил инъом орад.
Монандаи кӯлвори қосид ҳар субҳ
Холӣ шаваду ба халқ пайғом орад.

Дар чархи куҳан бахти нав эҷод кунед,
Ин хоки куҳанро ба навӣ шод кунед.
Номе ба харита нест аз деҳаи ман,
Ёрон, зи суруди ман варо ёд кунед.

То чархи фалак хаёли мо афзун рафт,
Бисёр зи дида ашку аз дил хун рафт.
Нашкаста пари Дедалу Икар зинҳор
Варна ба суи фалак Гагарин чун рафт?!

Фархунда касе, ки пардаи дил бидарад,
Бар пардаи чашми гулнигоҳе нигарад.
Пешобағали дамида чун субҳеро
Ҳар кас ки надид, хоби маргаш бибарад.

Чун коғази солхурда афсурда шудем,
Бишкуфта ба бахти халқ, пажмурда шудем.
Якчанд чу санги осиё чарх задем,
То мардумӣ нон хуранд, мо хурда шудем.

Хонед ба базми ошиқӣ номаи ман,
Пӯшед ба қомати сиҳӣ ҷомаи ман.
Сар пои сутуни ростӣ буда маро,
Созед сутуни хонае хомаи ман!

Рӯзе, ки ба дил муҳаббат оғоз кунӣ,
Бе болу паре ба арш парвоз кунӣ.
Дар роҳи нишеби умр шав сарафроз,
Пул нест ҷавонӣ, ки пасандоз кунӣ.

Дардову шигифто, аҷали масхарабоз
Фарқияти мурдагон намебинад соз,
Сад зиндадиле бимираду хок шавад,
Дилмурда бурун зи хок мемонад боз.

Имрӯз, ки зиндагонӣ дар хидмати мост,
Бар гардани мост, ҳар чӣ неку бади мост.
Нӯшед ба базми косагардонии умр
Имрӯз, ки коса косаи навбати мост.

Ин умр, ки дар паноҳи худ мегузарад,
Бо айби худу гуноҳи худ мегузарад.
Аз бом фитад яке, яке аз гардун,
Ҳар кас зи ҷаҳон ба роҳи худ мегузарад.

Ман соҳиламу роҳбари дарёям,
Хомӯш, вале шоҳиди тӯфонҳоям.
Аз он ки ба ман рӯд диҳад бӯсаи сард,
Шодоб, валек ташнаю танҳоям.

Ҳар гул, ки шукуфад, лаби хандидаи мост,
Ҳар чашма, ки ҷӯшад, дили болидаи мост.
Ҳар барги хазон, ки тирамаҳ мерезад,
Аз камҳавасиҳо гули ночидаи мост.

Барвақтӣ будем ё ки дерӣ будем,
Дар базми ҳаёт чашмсере будем.
Аз хурдани шири хом пухтем чунон,
К-аз боми фалак ситорагире будем.

То зинда будем, зиндагонӣ кардем,
Бар қасди аҷал ҳама ҷавонӣ кардем.
З-он пеш, ки аз давраи даврон биравем,
Як давр задему даврронӣ кардем.

Дар вақти ҷавониям ҷавонӣ кардам,
Бар домани ёр дилфишонӣ кардам.
Афтодам агар, фитодам аз дори баланд,
Бо номи баланд зиндагонӣ кардам.

Гар дард барад, дарди замонат бибарад,
Гар об барад, оби калонат бибарад,
Дар ҳавзаи хушкида чӣ заврақ ронӣ,
Бигзор, ки тӯфони ҷаҳонат бибарад.

Дар синаи ман мақбараи ҷовидон,
Дар дафтари ман лавҳи мазорест ниҳон:
Бар хотираи ҳама ҷавонмардоне
Ҷӯ кандаю худ нахурда як қатра аз он.

Дунё ба мисоли бори ноҳанҷор аст,
Вазнаш ҳама бар дӯши каси пурбор аст.
Аз калла манорасозӣ осон дар он,
Аз ақл манора сохтан душвор аст.

Мероси азизи мурдагонем ҳама,
Аз умр ба умр нардбонем ҳама.
Дар хони замин барои нони хуршед
Ёрони азиз, меҳмонем ҳама.

То чашм задем, офтоб омаду рафт,
Як рӯзи ҳаёт мисли хоб омаду рафт.
Шогирд ба дарси устодаш гӯӣ
Бедафтару хомаю китоб омаду рафт.

Ёдат зи дилам дар ин шаби тор гузашт,
Ҷонам ба хаёлат аз таҳи дор гузашт.
Аммо чӣ кунам, зи ишқ ношукрии мо
Бисёр гузашту кор аз кор гузашт.

Беқадр бувад, ҳар он чӣ доим пайдост,
Боқадр намояд, он чӣ тухми анқост.
Бадрӯй намояд, он ки бо мост мудом,
Хушрӯй намояд, он ки дур аз бари мост.

Гарде ҳама аз гардиши гардун хурдем,
Дар ишқ ғами Лайлию Маҷнун хурдем.
Аз синаи модарон ҳама шири сафед,
Аз синаи таърих ҳама хун хурдем.

Як пораи санг бас шарарҳо зояд,
Як зарра худ инқилоби дунё зояд.
Таърих, зи баҳри он, ки раҳгум назанад,
Чун модари кӯр тифли бино зояд.

Чандон нахурам бода, ки гардам беёд,
Наъра накашам, ки зиндагӣ доду надод.
Нанг аст ба мастӣ шуҳра гаштан, аммо
Ҳар кас, ки чу Хайём хурад, нӯшаш бод!

Бо оби ҷабин кунем таъмири замин,
Бо ақл раво кунем тадбири замин.
Дар рӯи замин пой ниҳодан саҳл аст,
Ё тири замин шавем, ё зери замин!

Рӯзу шаби рӯзгори пуршӯр гузашт,
Аз пеши назар гузашт, аз дур гузашт.
Бисёр давидам аз паяш чун ошиқ,
Ӯ лек чу як духтари мағрур гузашт.

Хиште нашудам, ки қаср бунёд кунанд,
Рӯде нашудам, ки боғ обод кунанд.
Як байт шудам, ки вақти мастӣ хонанд,
Аз мастии шоиронаам ёд кунанд.

Дар ҷодаи умр тӯшаи роҳгузар
Бошад ба кафи ду даст ҷону дилу сар.
Гар кӯр ба раҳ фитод, бархезад боз,
Бино чу фитод, барнахезад дигар.

Имрӯз, ки ҳастем, диле вола кунем,
Дил ҳадя ба ёри шонздаҳсола кунем.
Чун оқибати кор бимирад хуршед,
Аз мурдани хештан чаро нола кунем?!

Гаҳвораи хок, нуҳ фалак зодаи туст,
Кайҳонсипарӣ маърифати додаи туст.
Ҳар марди фалакситону ахтаргире
Омӯхта раҳсипорӣ дар ҷодаи туст.

Дар пайраҳи покӯфтае раҳ сипарӣ,
Ҳам об зи ҷӯи кандаи мо бихурӣ.
Ин сон, ки туӣ шоири хушкидадимоғ,
Як барг зи «Бӯстон»-и Саъдӣ набарӣ...

Дар чеҳраи мо доғи ҷунун меафтад,
Дар пардаи поки чашм хун меафтад.
Истораи мо дар осмон доим нест,
Як рӯз ба хок сарнагун меафтад.

Аз роҳи замин роҳи фалакҳо кобем,
Аз пастии хок арши аъло ёбем.
Дигар натавон нишаст побанди замин,
Шаҳрем, ки дар харитаи Маҳтобем.

Магзор замин ба одамӣ гӯр шавад,
Лабҳои баҳамрасидагон дур шавад.
Дар оташи ҷанг гармие нест, вале
Чашмони ҳама зи дуди он кӯр шавад.

Рафтию ғами ту мегудозад охир,
Дунё чу мане намешиносад охир.
Хоҳам, ки суруд хонам, овозам нест,
Якдаста рубоб чун навозад охир?!

Оне, ки ба қатли мо паи кин бошад,
Якумр таҳи жолаи нафрин бошад.
Онҳо, ки ба батни модарон мемиранд,
Аз ҷаҳлу ҷаҳолати кадомин бошад?!

Гӯянд ҷаҳон барои инсон танг аст,
Ин бофтаи сарони бефарҳанг аст.
Дунё зи барои дӯстиҳост фарох,
Аммо зи барои душманиҳо танг аст.

Кори ҳама кас баробари ҳиммати ӯст,
Умри ҳама кас нишонаи қимати ӯст.
Даҳчанди қад аст ҳайкалу мақбара, лек
Қабри ҳама кас баробари қомати ӯст.

Чун рӯд барои хеш раҳ бикшоям,
Чун роҳ ба пои раҳравон сар соям.
Чун дашт ба рӯи каф гузорам дили хеш,
Чун хок гуноҳи ҳамаро бахшоям.

Ҳар кӯҳ ба мисли ҳайкали подорест,
Куҳсори диёр ҳамчу ҳайкалзорест
Ҳар санги навиштааст як лавҳи мазор,
Ҳар қулла ба ҳайкале чу подеворест.

Дар қасри ҳаёт санги бунёдам ман,
Як кӯдаки хушноми ҷаҳонзодам ман.
Таърих ба пуштораи ман сарборӣ,
Фарзанди тамоми одамизодам ман!

Омӯхта ҳам лағжаду н-омӯхта ҳам,
Андӯхта ҳам ноладу н-андӯхта ҳам.
Ин зиндагӣ сар ба сар чу сӯзишгоҳест,
Дилсӯхта ҳам ноладу пулсӯхта ҳам.

Машъал бишавед дар шаби зулмонӣ,
Сӯзед, ки олам бишавад нуронӣ.
Бар як худи хуршед гарон аст охир,
Бар олами беканор нурафшонӣ...

Ҳар гоҳ, ки дар роҳ қадам бишморӣ,
Мекӯш ба рӯи роҳ дил бигзорӣ.
Хушбахтии одамӣ на оби дарёст,
То кӯза ба сар равӣ, зи дарё орӣ.

Дар базми хаёл сар ба дастам то субҳ,
Шаббони ҷаҳони хуфта ҳастам то субҳ.
Рӯ ҷониби роҳи бозгашти хуршед
Ҳамчун гули хуршедпарастам то субҳ...

Хоҳам ба ҳама роҳравон роҳи сафед,
Хоҳам ба ҳама шомравон субҳи умед.
Хоҳам, ки ҳама барои дунё бошанд
Чун сабза миёнҷии замину хуршед.

Эй рӯд, лаби ту чун лаби ёр, эй рӯд,
Шодоб, вале ташнаи дидор, эй рӯд.
Он оби гузашта боз н-ояд, ки диҳад
Як бӯсаи обдори такрор, эй рӯд.

Оваҳ, чи шабе, шаби баҳорон имшаб,
Болои сарам ситоразорон имшаб.
Бар чеҳраи гул, то нарасад озоре
Нармак резад гулнами борон имшаб.

Варзоб хушу ҳавои Варзоб хуш аст,
Ҳар дил зи дили дигар хурад об, хуш аст.
Варзоб, ки ҳар гияҳ дар он варзад ишқ,
Бо бодаи нобу ёри ноёб хуш аст.

Имшаб чӣ шабе, шаби ҳинобандон аст,
Лабҳои ақиқи ӯ таҳи дандон аст.
Ҳайратзадаи таомули аҷдодӣ,
Гирён дилакаш, вале лабаш хандон аст.

Имрӯз ба мисли меҳмон зуд бирафт,
Аз умри абад даре набикшуд, бирафт.
Дар коми уфуқ бирафт хуршед фурӯ,
Ин оташи пуршарор чун дуд бирафт.

Кухҳо ба мисоли одамони боор
Дар посгаҳи замин ҳамеша бедор.
Гарданшаху собитқадаму сар ба фалак,
Гӯӣ ки ситодаанд андар таҳи дор...

Эй дӯст, ману ту бастаи дарди худем,
З-омад-шудани ҳамдигар огаҳ нашудем.
Ҳамсоядилӣ куҷову ҳамсоядарӣ?
Ҳамсоя будему лек бесоя будем.

Ин субҳи баҳор чун дили болида,
Хуршед ба мисли чеҳраи хандида.
Ҳар сабза – хати сабзи ҷавони ошиқ,
Ҳар ғунча – лаби ҳанӯз нобӯсида.

Эй чашма, ту аз дили замин меоӣ,
Бар ҳоҷати ташнагон яқин меоӣ.
Ин сон ки туӣ чу ашки мо полуда,
Ё аз дили марди раҳмгин меоӣ?

Ман тоҷи ҷаҳонаму вале бетоҷам,
Дарёдиламу ба чашмаҳо муҳтоҷам.
Умрам ба шитоб ҳамчу дарё ҷорист,
Ман соҳиламу силихури амвоҷам.

Фархунда касе, ки ёр бо ёр шавад,
Аз хоби саҳар ба бӯса бедор шавад.
Овезад агар, ба зулфи ёр овезад,
Гар ҳалқаи зулф ҳалқаи дор шавад.

Ин одамиён агарчи аз ҳам дуранд,
Дар расму адаб ба ҳамдигар ноҷӯранд,
Ноне бихуранд ҷумла аз як гандум,
Сармаст ҳама зи оби як ангуранд.

Ман кӯи муроди ҷумла раҳдуронам.
Дар кӯрараҳон асокаши кӯронам.
Ҳар гоҳ ба хок мурдае биспоранд,
Ман дар дили хештан варо гӯронам.

Уммеди беҳӣ зи умр дорам ҳама умр,
Ман ҳосили неку бад шуморам ҳама умр.
Дар роҳи арӯси орзу чун домод
Гулдаста ба даст интизорам ҳама умр.

Бар пирии навҷавон биё, гиря кунем,
Бар кӯрии ошиқон биё, гиря кунем.
Бар мотами мурдагон чӣ суд аз гиря?
Бар ғуссаи зиндагон биё, гиря кунем.

Ободгари ҷаҳони вайрон моем.
Дунёй[1] чӣ лозим аст, худ дунёем!
Бегона наем, гарчи дурем ба дил,
Фарзанди ҳамон як Одаму Ҳаввоем.

Баъд аз сари ман ҷаҳон чӣ сон хоҳад буд?
Баъд аз сари ман ҷаҳон ҳамон хоҳад буд.
Чашмони ҳазини ман зи ҳар мисраи ман
Бар чашми накӯён нигарон хоҳад буд.

Ман бода хурам, пеши рухи сода хурам,
Бо дилбари симсоқи озода хурам.
Чун зиндагӣ сар ба сар фиреб асту ғиром,
Ман ҷои фиреби зиндагӣ бода хурам.

Дарёдиламу ташналабе пайдо нест,
Шуд об дилам, зи соҳиле парво нест.
Эй ёр, наой кӯза дар сар бари об,
Як рӯз биёй, ки дигар дарё нест.

Дарё, дарё! Чу ман шитобон дарё,
Ҳамчун дили ман ҷамъу парешон дарё.
Чун ошиқи гапношунави савдой
Аз хонаи хештан гурезон дарё...

Эй Шарқ, ту ибтидои хатту қаламӣ,
Дарвозаи офтоби зарриналамӣ.
Албурз! Ту ё қоймаи Фирдавсӣ,
Ё минбари шеъру шоирони Аҷамӣ.

Эй кӯҳ, барои санги ту ҷон додем,
Садҳо сари нозанин ба қурбон додем.
Аз баҳри ту, эй замини меросии Шарқ,
Мо умри азизи худ гаравгон додем.

Таърих ба ҷустуҷӯй то раҳ омӯхт,
Сад нахли қаде буриду гулхан афрӯхт.
Дар оташи кӯрдуди соли сиюҳафт
Донед магар, китоби Айнӣ ҳам сӯхт?!

Дарё, дарё! Ту мисли мой, дарё!
Бо модари хеш бевафой, дарё!
Худ зодаи чашмаю гурезон аз ӯ,
Худ зодаи кӯҳу з-ӯ ҷудой, дарё!

Бар кӯи мурод чун барам роҳамро,
Бори дилу сарбории ҳамроҳамро?
Охир ба чӣ ҷодуй баробар созам
Ғамҳои дарозу умри кӯтоҳамро?!

Ҳар субҳ зи нав ман ба ҷаҳон меоям,
Навошиқу навхату ҷавон меоям.
Ҳар шаб зи ҷаҳон чу одаме даргузарад,
Ман субҳ чу ҷойгири он меоям.

Он қадр шитоб мекунад ин дили ман,
Гӯй ки ҳама ҷаҳон бувад маътали ман.
Он қадр чу бод беқарорӣ дорад,
Гӯй ки ба бод меравад ҳосили ман.

Ман боз ба роҳ мебароям имрӯз,
Дарвозаи субҳ мекушоям имрӯз.
Аз баҳри ҳазор соли баъди сари худ
Қутби раҳи умр менамоям имрӯз.

Ҳар кас, ки ба нисбате забардаст шавад,
Аз шуҳрати мо шуҳрати ӯ ҳаст шавад.
Ҳар қадр баландтар барояд хуршед,
Он қадр аз ӯ сояи мо паст шавад.

Дарё маталаб, ки оби дарё шӯр аст,
Ошиқ маталаб, ки чашми ошиқ кӯр аст.
Шамъе, ки туро ст, беҳтар аз сад хуршед,
В-он ёри хунукрӯй беҳ аз сад ҳур аст.

Маъюс машав, баҳор меояд боз,
Бар шохаи гул ҳазор меояд боз.
Гар умри гузашта бори дигар н-ояд,
З-ӯ ёди висоли ёр меояд боз.

Андар кафи дастам осмон мегунҷад,
Дар синаи ман баҳри дамон мегунҷад.
Аммо зи ҷаҳон сер наям ман, ҳарчанд
Дар косаи чашми ман ҷаҳон мегунҷад.

Ҳарчанд ҷаҳонгиру батадбирам ман,
Дар гӯр ба худ чизе намегирам ман.
Ҳарчанд ки сечаҳори дунё об аст,
Рӯзе ба азоб ташна мемирам ман.

1. Дунёй – дорой, ганҷ.

Девори ҷаҳон аз дили одам будаст,
Фарбеҳшуда хок аз гили одам будаст.
Ҳар ҷой, ки раҳ ба сӯи қабристон аст,
Як вақт раҳи манзили одам будаст.

Майдони ҳаёт саҳнаи бозӣ нест,
Ҷовид аз ӯ каси сарафрозе нест.
Фирдавсӣ агарчи зиндаи ҷовид аст,
Он қадр зи «Шоҳнома»-аш розӣ нест.

Донам, ки ҷаҳон номи маро кам ҷӯяд,
Нақши қадамам зи рӯи раҳҳо шӯяд.
Аммо зи қалам қаламчае хоҳам сохт,
То бар сари гӯри ман дарахте рӯяд.

Гар мурдани мо оқибати тақдир аст,
Барбастани рахт аз ин ҷаҳони пир аст.
Гар сер надида зиндагиро, биравем,
Шодем, ки зиндагонӣ аз мо сер аст.

Бас рӯз гузашту рӯзгорам бигузашт,
Бас шом гузашту қадри ёрам бигузашт.
Гуфтам, ки дилам ҳаме ҷавон хоҳад буд,
То мижжа ба ҳам задам, баҳорам бигузашт.

Якчанд дар ин ҷаҳон ҷавон бояд буд,
Як байт суруди ҷовидон бояд буд.
Як умр агар ҷаҳон ҷавонӣ надиҳад,
Як умр ҷавонии ҷаҳон бояд буд.

Дар зиндагӣ сӯхтан – нишони ман буд,
Урдугаҳи шоирӣ – ҷаҳони ман буд.
Ҳар чиз, ки ёфтам, рабуданд аз ман,
Ҳар чиз наёфтам, аз они ман буд.

Девонаву мастиву хуморӣ, эй дил,
Осуда маро намегузорӣ, эй дил.
Кӯбӣ дари синаро чу дасти ёре,
Ё соати умри ман шуморӣ, эй дил!?

Фарёд, авони файзу нурам рафтаст,
Айёми ҷавонию ғурурам рафтаст.
Шуд чоштгаҳу ғуруб дорад дар пай,
Хуршеди сабоҳи носабурам рафтаст.

Тақдири бадам зи толеи равшани туст,
Гар рӯз надидаам, зи нодидани туст.
Поям ба лаби гӯр расад ҳам рӯзе,
Дасти мани дилкашол бар домани туст.

Дарёи равони кӯҳсорам, эй гул,
Аз кӯҳ ба дашт раҳсипорам, эй гул,
Ҳоло, ки маро канори серобе ҳаст,
Як бор бирӯй дар канорам, эй гул.

Парвози баланд шоҳпар мехоҳад,
Ҷавлонгаҳи шоирӣ ҳунар мехоҳад.
Лайлии сухан на ёфаву лофу газоф,
Маҷнундиливу шӯру шарар мехоҳад.

То мулки сухан вақти расидан дер аст,
Каҷкӯли гадост табъи ман,  носер аст.
Он рӯз, ки байте нанигорад дастам,
Чун шохи шикастаи дарахти пир аст.

Роҳе, ки маро ба кӯи мақсуд барад,
Аз байни ҳазор оташу дуд барад,
Ишқе, ки марост, ё расонад ба мурод,
Ё колбадам ба рӯи тобут барад.

Эй кӯҳи баланд – қомати кишвари ман,
Дилзиндаю сарсафед чун модари ман.
Ман мегузарам, ту ҷовидон хоҳӣ буд,
Ояд ба сарат чӣ рӯз баъди сари ман?!

Дар фасли хазон қадри баҳорон гузарад,
Аз баъди вафот қадри ёрон гузарад.
Рӯзе, ки ба ёри номувофиқ бирасем,
Қадри ҳама ҷабри дӯстдорон гузарад.

З-ин дашти дароз корвон мегузарад,
Бар дӯш ҳама суду зиён мегузарад,
Ҳарчанд ҳама аз ин ҷаҳон мегузарад,
Бадбахт касе, ки бенишон мегузарад.

Дар кӯраи пургудоз хомӣ, эй дил,
Сарчашмаи назму бенизомӣ, эй дил,
Аз карда пушаймону зи нокарда малул,
Якумр тамоми нотамомӣ, эй дил.

З-ин роҳи нишеб то куҷо хоҳам рафт?
Як рӯз зи даҳр норизо хоҳам рафт.
Ҳарчанд ба нисбате расидам ба мурод,
Аз кӯи мурод норасо хоҳам рафт.

Ҳоло ки баҳорам нагузаштаст, биё,
Ҳоло ки хуморам нашикастаст, биё.
Ҳоло ки ба ёди рӯи хуршедвашат
Хуршеди ҳаётам нанишастаст, биё!

Боғе, ки нахурда об, монад бебар,
Чӯбе, ки насӯхт, худ нагардад ахгар,
Шеъре, ки зи сӯзу шарари дил холист,
Тифлест, ки мурда зода бошад модар.

Гумроҳ чу раҳ ёфту шуд худ сарвар,
Ёде накунад зи панди раҳбар ба сафар.
Хуршедпараст чун пазад, бар хуршед
Рӯ н-овараду саҷда насозад дигар.

Гумкардаи кӯр ёфти биноест,
Бероҳии гумроҳ раҳи доноест.
Бинӣ чу дурусттар, ба ҳар давру замон
Дар нисбати дигарон яке мавлоест.

Чун даргузарам, рӯҳи маро шод бикун,
Номам ба забон биёру фарёд бикун.
Ҳар гоҳ, ки ҷоми май фитод аз дастат,
Аз ҷоми шикастаи дилам ёд бикун.

Дардо, аламо, ки оқибат мемирам,
Беҳуда бувад пеши аҷал тадбирам,
Доруи намурдан аст мурдан хушном,
Ман қасди аҷалро зи амал мегирам!

Имрӯз туро қасри забарҷад созанд,
Таъриф кунанд, аз ту Муҳаммад созанд.
Чун даргузарему гӯрҳамсоя шавем,
Қабри ману ту баробари қад созанд.

З-ин олами рафтуо паиҳам биравем,
Аз шодӣ гаҳеву гоҳ аз ғам биравем.
Пеш ор шароби арғувон, то аввал
Аз худ биравем, пас зи олам биравем!

То чанд ту ганҷи бостон меҷӯӣ?
Истораи нав аз осмон меҷӯӣ?
Ман ахтари тобонаму ту бебасарӣ
Чун даргузарам, маро чӣ сон меҷӯӣ?

Онҳо, ки надоранд сару мағзи тамом,
Гиранд ҳама ҳалоли моро ба ҳаром.
Онҳо, ки ба кори нек кӯтаҳдастанд,
Бар туҳмати мо забондарозанд мудом.

Донам, ки агар пагоҳ мемирам ман,
Аз зиндагӣ қасди хеш мегирам ман.
Ҳар чиз ки дорам, ҳама афканда бар об,
Чун об ба ҳоли хеш мегирям ман.

Якчанд дар ин ҷаҳон зи худ пайдо шав,
Бар ҳусну ҷамоли зиндагӣ шайдо шав.
Сино нашавӣ, ҳиммати синои кун,
Маҷнун нашавӣ, дилшудаи Лайло шав.

Дар даҳр яке моҳу яке чоҳ шавад,
Гумроҳ якеву дигаре роҳ шавад.
Ҳар фард дар ин ҷаҳон мақоме дорад,
Якчашма ба шаҳри кӯрҳо шоҳ шавад.

То дил нашикаст, орзуе нашикаст,
То холӣ зи май нашуд, сабӯе нашикаст,
То об нахурд ташна аз рӯди равон,
Лабташнагияш зи оби рӯе нашикаст.

Ҳар кас ба ҷаҳон вазифадор омадааст,
Ё баҳри вазифа интизор омадааст.
Гӯё ҳамаро ба рӯи раҳ модар зод,
Зеро ҳама кас ба чашми чор омадааст.

Имрӯз туӣ ба табъи айём писанд,
Гӯӣ ту савораю замон аспи саманд.
Хони ту зи нону хони ман пур аз ҷон,
Ту боми баланд дорӣ, ман номи баланд.

Афсонаи ман ба кӯю бозоре нест,
Парвонаи ман ба шамъи рухсоре нест.
Як ёр маро ба ғайри ман дӯст надошт,
Ҷуз ман зи барои ман вафодоре нест.

Ҷуз модари ман ба ман касе ном надод,
Ҷуз меҳнати ман ба ман касе ком надод.
Оромии ман ҳама зи беоромист,
Оромӣ ба ман як нафас ором надод.

Бар ростравон низ хатар меояд,
Бар нафърасон низ зарар меояд.
Гаҳ-гоҳ ба некӣ носипос аст ҳаёт,
Бар гардани хам низ табар меояд.

Гар бори дигар ҷавонӣ оғоз кунам,
Пинҳон биравам ба кӯят, овоз кунам.
Ёбам дили ту аз дили шаб то сари субҳ,
Чашми саҳаре зи чашми ту боз кунам.

Онҳо ки ба макри ишқ ёрат шуморанд,
Махмур ба чашми пурхуморат нигаранд,
Мағрур машав, ки меҳрубонони дурушт
Як гул бидиҳанду сад баҳорат бибаранд.

Дар олами савту шеъру пандам зоданд,
Монанди манора сарбаландам зоданд.
Аммо ба ҳама шахсарию лоқайдӣ
Чун кӯҳ ба хок пойбандам зоданд.

Бигзор ҷаҳон ҷои далерон бошад,
Хони ҳама одамон пур аз нон бошад.
Дар ишқ бигӯ, ки дарди ҳиҷрон бошад,
Дар шеър бигӯ, ки шӯру исён бошад!

Онҳо, ки ба худбаҳои афсона шуданд,
Девон нанавишта, зуд девона шуданд.
Аввал зи ҳавас азми раҳи маҳ карданд,
Охир ба чароғи мурда парвона шуданд.

Обат бидиҳанд, то ки обат бибаранд,
Шабхуш бикунанд, лек хобат бибаранд.
Он қадр гаҳе роҳнамоят бошанд,
То аз сари об бар саробат бибаранд.

Мардум ҳама аз гумони худ метарсанд,
Аз душмани ноаёни худ метарсанд.
Гӯянд ба бехи гӯш: каҷ дору марез,
Пайдост ҳама зи ҷони худ метарсанд.

Дар дафтари ман хуни дилам хоҳад монд,
Дар хоки Ватан мушти гилам хоҳад монд.
Дар чашми ҳама аҳли назар сурати ман,
Дар чашми ман акси қотилам хоҳад монд.

Шӯрида дилам талошгаҳ мехоҳад,
Пои ҳунарам азоби раҳ мехоҳад.
Дастам гули хуршед биҷӯяд аз хок,
Парвонаи ман чароғи Маҳ мехоҳад.

Кӯрӣ ту ба айби хешу binои касӣ,
Гул баҳри худӣ, барои кас хору хасӣ.
З-одам шудай, валек одам нашавӣ,
З-одам шудай, вале ба одам нарасӣ.

Эй ёр, биёву хонаободам кун,
Чун мисраи шеъри Рӯдакӣ ёдам кун.
Имрӯз зи баски охирин суғдиям,
Пайванд ба даҳр силки аҷдодам кун.

Ҳар кас, ки наёфт роҳи соҳибназарон,
Бояд биравад ба маҳфили бебасарон.
Ҳар кас, ки забони модариро гум кард,
Бояст, ки гум шавад зи хоки падарон!

Ман мисли китоби кӯҳнаву фарсуда,
Гӯёи хамӯшу будаи нобуда,
Ҳар кас, ки бихонд, ҷилди ман нав созад,
Ҳар кас, ки нахонд, хонадам беҳуда.

Ёрон, ёрон, маро агар медонед,
Аз дур фақат ба як назар медонед.
Донисти шумо ҳама гумон асту хато,
Зеро ки маро чу раҳгузар медонед.

Фарёди туро ба гӯш мегирам ман,
Бар қисмати ту хамӯш мегирям ман.
Чун будаам асбоби сияҳбахтии ту,
Бори гунаҳам ба дӯш мемирам ман.

Дар лаҳзаи талх ид мебояд кард,
Шодию фараҳ падид мебояд кард.
Бо бахти сафед то ки ҳамранг шавӣ,
Бас мӯи сияҳ сафед мебояд кард.

Эй ашк, ту сарчашмаи мақсудам шав,
Эй нола, паёми рӯзи беҳбудам шав,
Эй хома, асои фасли пириям бош,
Эй шеър, ту зангӯлаи тобутам шав!

Якпаҳлуяму худсараму бебокам,
Густохаму бериёяму шаккокам.
Чун тахти баланди кӯҳ бетахтам ман,
Бемансабу бениёз мисли хокам.

Аз об баромадӣ, танат ларзон аст,
Ҳар қатраи об дар танат марҷон аст.
Он пайкари туст, ё паи таъбире
Хобе, ки ба об гуфта бошам, он аст?

Он фасл чи фасли шӯру исёне буд,
Дил ҳамчу танӯри оташафшоне буд.
Ҷуз бӯсаи фасли шонздаҳсолагият,
Дигар ҳама ҳар чӣ буд, нодонӣ буд.

То чанд фиғон кашидаву оҳ кунем?
Гоҳе гила аз пою гаҳ аз роҳ кунем?
Ин умр, ки худ ба таври худ кӯтоҳ аст,
Аз кӯтаҳие чарош кӯтоҳ кунем?

Шӯрида дилам майли сарафрозӣ кард,
Азме қаламам ба шеърпардозӣ кард.
Аммо чӣ қадар ки ман забон омухтам,
Он қадр забон бо сари ман бозӣ кард.

Ноҷӯрии оламе зи ноҷӯрии мост,
Ҳар роҳ ки дур бошад, аз дурии мост.
Ҳар ганҷ ки дар кӯҳ ниҳон аст ҳанӯз,
Аз кӯҳ маҷӯ айб, ки аз кӯрии мост.

Моем на аз қабилаи раҳгузарон,
Моем на аз тоифаи беҳунарон.
Дар навбати худ қалам ба даст омадаем,
Тасҳеҳ кунем то хатои падарон.

Умри гузарон хоҳӣ-нахоҳӣ, гузарад,
Магзор варо, ба рӯсиёҳӣ гузарад.
Бар подшаҳон ҳасад мабар, эй сода,
То ҳар нафасат ба подшоҳӣ гузарад.

Бе мову ту даҳр номукаммал будаст,
Муҳтоҷ ба мо ҷаҳони маътал будаст.
Ҳар кас зи хатои умр тарсад, ӯро
Худ зода шудан хатои аввал будаст.

Ёрон, ба сари мазори ман нола кунед,
Бар мотами рӯзгори ман нола кунед.
Бар мотами рӯзгори ман нола чӣ суд?
Бар мурдани ёдгори ман нола кунед.

Ҳар кас паи нафси хештан кор кунад,
Боз ор басе гӯяду бозор кунад.
Дар даҳр касе наёфтам, к-аз раҳи ақл
Аз беҳунарии хеш иқрор кунад.

Моро зи барои бахти олам зоданд,
Бар захми замона мисли марҳам зоданд.
Аввал зи барои меҳнату ғам зоданд,
Охир зи барои айши як дам зоданд.

Ин модари даҳр оқилон кам зояд,
Ҳар лаҳза шумори нокасон афзояд.
Аз ҷумлаи Фирдавсӣ кам ояд ба ҷаҳон,
Аз ҷумлаи Маҳмуд ҳазорон ояд.

Ошиқ ҳама кас, валек Маҷнун яктост,
Олам ҳама сангзору зар кампайдост.
Чун оби тамоми баҳру қулзум шӯр аст,
Як чашмаи кӯҳсори мо беҳ з-онҳост.

Шеъре, ки зи мағзи дилу ҷон мегӯям,
Оё паи умри ҷовидон мегӯям?
Деҳқон на паи умри абад кишт кунад,
Ман ҳам сухане чу деҳқон мегӯям.

Афзун бувад аз савоби ман тақсирам,
Ҳам беш бувад хатоям аз тадбирам.
Ҳарчанд ки майли ман ҳама бар некист,
Дар байни гуноҳҳо назарногирам.

Озод набудаам зи озодии хеш,
Обод набудаам зи ободии хеш.
Бадбахтам аз он ки будаам якроҳа,
Хушбахтам аз он ки будаам ҳодии хеш.

Бас дурру гуҳар дар дили дарёи ман аст,
Бас нури саҳар дар дили шабҳои ман аст.
То ҳар сухани ман аз паи дилёбист,
Ҷамъияти дилҳо дили танҳои ман аст.

Аз худ биравед, то ба олам бирасед,
Аз худ гузаред, то ба одам бирасед.
Ҳар хандаи баъди гиря кони садаф аст,
Эй бедардон, ба қимати ғам бирасед.

Аз ор ва ё зи кор мемирам ман,
Бар ҳоҷати рӯзгор мемирам ман.
Чун аскари гумном паи ҳифзи Ватан
Беҳайкалу бемазор мемирам ман.

Ҷоми дили ман зи дасти ёрон бишикаст,
Паймонаи ман дар раҳи паймон бишикаст,
Бар дӯстиҳои дӯстон бовари ман
Душвор ба даст омаду осон бишикаст.

Аз ёр ҷудо шудему танҳо мурдем,
Савдозада гаштему зи савдо мурдем.
Чун кӯзаи мо зи санги соҳил бишикаст,
Мо ташнаҷигар дар лаби дарё мурдем.

Моем гаҳе муборизи майхона,
Паймон бикунем дар сари паймона.
Чун хамри шабона бигзарад аз сари мо,
Фардо нигарӣ, ҳама зи ҳам бегона.

Дар фасли баҳор ё зимистон мурдем,
Ё вақти хазони тирамоҳон мурдем.
Ё баҳри ҳаёт ҳар нафас чун ошиқ
Ҷон додаву ҷон додаву беҷон мурдем.

Аз хок шудему хоксорӣ кардем,
Аз санг шудему бурдборӣ кардем.
Аз шеъри Аҷам шудем номӣ ба ҷаҳон,
Бо пири Аҷам бодагусорӣ кардем.

Онҳо, ки зи умр нони осон хурданд,
Дар лаҳзаи вопасин пушаймон мурданд.
То низ ба зери хок доро бошанд,
Симу зари худ ба хок пинҳон карданд.

Бедордилам зи толеъи хуфтаи хеш,
Хурсандтарам зи шеъриногуфтаи хеш,
Гар фош шавад касе зи бикшодани роз,
Ман фош шавам зи рози бинҳуфтаи хеш.

Аз бозии кӯдакон хушам меояд,
Аз хандаи беғамон хушам меояд.
Чун ҷуфти кабӯтаре бубинам дар бом
Ҳамлонаю ҳамзабон, хушам меояд.

Гар ёр ба мо назар надорад, чӣ кунем?
Хокистари мо шарар надорад, чӣ кунем?
Мо бандаи ёру ӯ ба мо сардор аст,
Сардор валек сар надорад, чӣ кунем?

Дарёи равонаму наям сарвари хеш,
Аз санг ба санг мезанам ман сари хеш.
То боз расам ба қадри роҳомӯзон,
То ёд кунам зи силии модари хеш.

Мо хасми амониву сафоро бикушем,
Бадхоҳи таронаву наворо бикушем.
Моем бар он, ки мурдаро зинда кунем,
Аммо на бар он, ки зиндаҳоро бикушем.

Бунёди ҷаҳон ҳама зи бунёди ман аст,
Ободии даҳр аз тани ободи ман аст.
Ҳар гоҳ, ки шеъри оташин ғамро сӯхт,
Донед, навиштаҳои аҷдоди ман аст.

Дар синаи ман диле ҳақиқатхоҳ аст,
Аз дарди тамоми мурдагон огоҳ аст.
Андар дили ман гузаштагон зинда шаванд,
Саҳни дили ман ту гӯӣ маҳшаргоҳ аст

Монанди замин шебу фарозе дорам,
Аз пастии хеш сарфарозӣ дорам.
Аз коғази нонавиштаи пок чу дил
Оинаи хештанбисозе дорам.

Эй бехабар аз шукӯҳи доғи дили мо
Наздик биё даври чароғи дили мо.
То талхии зиндагӣ гуворо ёбӣ,
Як ҷуръа бинӯш аз аёғи дили мо.

Ёрони ҷавониям, куҷоед, куҷо?
Ин қадр зи ҳам дур чароед, чаро?
Аввал ҳама ҷамъ мисли дарё будем,
Имрӯз чу шохоба ҷудоед, ҷудо.

Ҳамбистари ёру ёри дигар дорем,
Аз бӯи дигар димоғ хуштар дорем.
Аз дарди фишори умр дар синаи мо
Дил нест, вале умеди дилбар дорем.

Имрӯз ба хок мурдае биспурдем,
Гӯӣ ки дар он дақиқа мо ҳам мурдем.
Як санг ниҳода бар сари марқади ӯ,
Некиву бадии хешро бишмурдем.

Гӯянд агар, суханфурӯшӣ гӯем,
Сим аст сухан, тило – хамӯшӣ гӯем,
Аммо сухане, ки бояд аз минбар гуфт,
Дар ҳолати мастӣ бехгӯшӣ гӯем.

Ҳар кас, ки на хештаншиносе бошад,
Бо модари хеш носипосе бошад.
Имрӯзаи мост зодаи дирӯза,
Субҳонаи мо зи нони посӣ бошад.

Дунё ба мисоли ёри бадпаймон аст,
Дилдода зи доғи ҳаҷри ӯ бирён аст.
Доғе, ки ба рӯи Моҳ мебинӣ, чист?
Маҷмӯаи доғи синаи мардон аст.

Дарёи дилам бурун зи соҳил рафтаст,
Ёре, ки зи дида рафт, аз дил рафтаст,
Умре, ки бирафт дар суроғи раҳи умр,
Оё ба кадом роҳу манзил рафтаст?!

Умрам ба ҳазор кӯю барзан бигузашт,
Бо тирашабону рӯзи равшан бигузашт.
Аз дасти дилам умри сарам кӯтаҳ шуд,
Аз ман бигузашт, ҳар чӣ бар ман бигузашт.

Домоду арӯс ҷон ба ҷонанд имшаб,
Дар даҳр фақат ду кас ҷавонанд имшаб.
Гар зиндагӣ қасди дурии онҳо дошт,
Аз зиндагӣ қасди худ ситонанд имшаб.

Ҳар роҳ барои дидани дунёест,
Ҳар чашм даре ба олами зебоест.
Ҳар субҳи нав аст рӯнамои хуршед,
Ҳар рӯз дари кушодаи фардоест.

Дунё, ки ҳазор ҳилаву сӯз кунад,
Моро ба фиреб дастомӯз кунад.
Гар кӯзаи пуштро кунад гӯр дуруст,
Ӯ қомати сарви ҳамаро кӯз кунад.

Гар марди ҳунар писанди даврон гардад,
Омоҷи ҳасуду кинадорон гардад.
Шохе ки пур аз бор бувад, ё шиканад,
Ё хомталоши раҳгузорон гардад.

Онҳо, ки фақат гирди сари хум гаштанд,
Жӯлида ба хок, радди мардум гаштанд.
Он умр, ки гум шудаст дар мастиҳо,
Он қадр биҷустанд, ки худ гум гаштанд.

Ман омадаам паи ҷаҳонафрӯзӣ,
Аммо накунад ҷаҳон ба ман дилсӯзӣ.
Ман сабзаи парвардаи хуршедам, лек
Хуршед маро боз бисӯзад рӯзе.

Ин дам, ки насиби мост, дар фардо нест,
Ин дам гузарон, валек фардо шуданист.
Чун об ба ҳар ҷӯй набояд рафтан,
Боре ба муроди хештан бояд зист!

Ман дар дили дӯстон баҳор овардам,
Ман дар дили ошиқон хумор овардам.
Аз гумшудагони ишқ дар дашти фироқ
Пайғому дуруду ёдгор овардам.

Аз кӯчаи мо арӯсу домод гузашт,
Ду ошиқи дар ҳаёт навшод гузашт.
Дар оина ожанги ҷабин бишмурдам,
Айёми ҷавонии ман аз ёд гузашт.

Сабзинанигор, хотамат хоҳам буд,
Ҳамқисмати ҳар бешу камат хоҳам буд.
Донам, ки ҳамеша дӯстам хоҳӣ дошт,
Як боркаши бори ғамат хоҳам буд.

Ман шебу фарози роҳҳоро чӣ кунам?
Бе дарди ту солу моҳҳоро чӣ кунам?
Бе дарди ту шеърҳои ман бедарданд,
Бе сӯзу гудоз оҳҳоро чӣ кунам?

Бар дарди дилам дарди диле дармон аст,
Ҳар мушкили ман зи мушкиле осон аст.
Ҳар кас зи ҳаёт умри осон хоҳад,
Ҳам зиндаю ҳам мурдаи ӯ яксон аст.

Ёрони ҷавониям ҳама пир шуданд,
Аз дорумадори зиндагӣ сер шуданд.
Дил бохта, дарди дил гирифтанд зи умр,
Аз ҷумла хатои худ батадбир шуданд.

То гум нашавӣ, касе наҷӯяд номат,
То дур набошӣ, нарасад пайғомат.
Таърих ҳамеша пухтакор аст чунон,
К-оғози туро биҷӯяд аз анҷомат.

Дарёи пуроб шӯру тӯфон дорад,
Ҳар марди пурифтихор исён дорад.
Ҷоҳил зи ҳасад даруни худро бихурад,
Оқил зи хирад фарохмайдон дорад.

Аз баҳри ниёзу дард зоданд маро,
Дар рӯи ғубору гард зоданд маро.
Бадбахтам аз он, ки нестам фарзона,
Хушбахтам аз он, ки мард зоданд маро.

То ҷони ман аз муҳаббатат осояд,
Умри дигару ҷони дигар мебояд.
Ман домани ту ба даст орам рӯзе,
Гар домани осмон ба дастам ояд.

Умрам ба алам зи остони ту гузашт,
Чун мурғ зи боми ошёни ту гузашт,
Гӯянд агар, гузашт Лоиқ зи ҷаҳон,
Мапсанду бидон, ки аз ҷаҳони ту гузашт.

З-ин хок, ки шоирон сар афроштаанд,
Дар мазрааҳо тухми сухан коштаанд.
Ман коми дили хеш ситонам аз шеър,
Чун коми маро ба шеър бардоштаанд.

Ёди ту кунам, хазони ман сабз шавад
Бому дари ошёни ман сабз шавад.
Чун нахли қади ту аз хаёлам гузарад,
Сад нахли умеди ҷони ман сабз шавад.

Он рӯз мабод, шоире пир шавад,
Аз ҷони худу ҷони ҷаҳон сер шавад.
Ҷӯед чу маъдан аз дили ӯ сухане,
Рӯзе бирасад, ки ҷустанаш дер шавад.

Ҳарчанд зи дард рӯзу шаб месӯзӣ,
Аз шуълаи оҳ сина меафрӯзӣ,
Аз ҷумлаи рафтагону бозомадагон
Хушрӯзтарӣ, ошиқи меҳнатрӯзӣ!

Эй рӯд, асири соҳилу маҷрой,
Занҷир гусаста, роҳ мепаймой.
Ҳарчанд ҳазор чашма оғози туанд,
Дар рӯи замин мусофири танҳой.

То чанд баланд мепарӣ, эй нокас,
Ҷурми ҳамагон мешумарӣ, эй нокас.
Худро бифурӯхтӣ, харидор намонд,
Моро чу фурӯшӣ, чӣ харӣ, эй нокас?

Ҳар ғам, ки куҳан шудаст, мо нав кардем,
Бар лахчаи мурда тоза партав кардем.
Дил аз паси ту давиду мо аз паси дил,
Якумр пасопеш даводав кардем.

Хандида чу навбаҳор мебояд мурд,
Гирйиста чу обшор мебояд мурд.
Ҳам бо ғами рӯзгор мебояд зист,
Ҳам бо ғами рӯзгор мебояд мурд.

Ман баъди ҳама завол меоям боз,
Чун мурғи хуҷастафол меоям боз.
Гар баъди ҳазор сол ёдам бикунед,
Аз баъди ҳазор сол меоям боз.

Якчанд ҷавони шӯху саркаш бошем,
Савдозадаи ишқи париваш бошем.
Гӯянд, ки мушти хок монад з-оташ,
То хок шавем, бояд оташ бошем!

Дилро ба ғами ту накушодам, афсӯс,
Ҷонро ба кафи ту нанираҳодам, афсӯс.
Чун умр яке ба дасти ман омадӣ, лек
Чун умр туро зи даст додам, афсӯс.

Наврӯз расид, ёри дирӯзии ман,
Як бор биё барои дилсӯзии ман.
Ғамҳои ту куҳнаанд, аммо имрӯз
Хуштар зи ғами ту нест наврӯзии ман.

Бо бонги сагон, шукр, қаландар нашудем,
Ҳангоси харон шунидаву хар нашудем.
Будем зи баски ғарқа дар хуни ҷигар,
Об аз сари мо гузашту мо тар нашудем.

Ман маст шудам, маст шудам, маст шудам,
Дар дасти касе набуда аз даст шудам.
Будам зи ҳазор қуллаи кӯҳ баланд,
Аз қулла яке фитодаму паст шудам.

Модар, модар, чаро чунин зодӣ маро?
Дар чорсуи азоб раҳ додӣ маро.
Аз синаи гарми хеш берун кардӣ,
Дар синаи сарди хок бинҳодӣ маро.

То чашми ту дилфиреб бошад, бошам.
То ҳусни туам насиб бошад, бошам.
Дар арсаи даъвои талабгоронат
Лак дар лак агар рақиб бошад, бошам.

Онро, ки қазо расид, гармо бикушад,
Онро, ки аҷал кашид, сармо бикушад.
Аз ишқи ту ҳар кӣ мурд, монад ҷовид,
Он кист, ки бо ишқи ту моро бикушад?

То мижжа ба ҳам задам, ҷавонӣ бигузашт,
Фасли гулу бори зиндагонӣ бигузашт.
Гуфтам бикашам бори ҷаҳонро, афсӯс,
Умрам паи тобуткашонӣ бигузашт.

Эй он, ки маро ба кӯю барзан бинӣ,
Айбу гунаҳам ҳазор хирман бинӣ.
Бо дидаи таҳқиқ ба худ ҳам бинигар,
Дар худ бинӣ, ҳар он чӣ дар ман бинӣ.

Ҳар сӯ нигарам, кӯҳ бувад анбозам,
Ҳар ҷо биравам, кӯҳ бувад дамсозам.
Аз пой дарандохтанам гар хоҳанд,
Бар гардани кӯҳ даст меандозам.

Дар мурдани одамӣ ҳазорон сабаб аст:
Гаҳ сактаи қалбу гоҳ ранҷу тааб аст.
Аммо зи барои соҳиби чашмаву рӯд
Дар саргаҳи об ташна мурдан аҷаб аст...

Аз хоки Нишопур садо ояд боз,
Фарёди дил аз ҳар ду саро ояд боз;
Эй хаймаи осмон, дусадпора шавӣ!
Хайём ба хаймааш куҷо ояд боз?

Бартар бувад аз ҷаҳон ҷаҳони Хайём,
Мофавқи замон бувад замони Хайём.
Ин хайманишинони ҷаҳони хокӣ
Як хайма надӯзанд ба сони Хайём.

Аз гардиши айём ба каф ҷом бимир,
Ором намир, бо дилором бимир.
Хоҳӣ, ки ба гӯри ту нишинад хуршед,
Дар партави офтоби Хайём бимир.

Бар Хайраи Хайём гузар кардам боз,
Бар чеҳраи айём назар кардам боз.
Дидам, ки ҷаҳон шикастатар аз дӯш аст,
Сад тавба шикаста, бода сар кардам боз.

Шаҳре, ки дар ӯст ҳайкали Фирдавсӣ[1]
Ку Рустами Зол – он яли Фирдавсӣ?
Дар синаи аҳли бепулу бенонаш
Афсӯс, ки мурда машъали Фирдавсӣ.

Имсол чи хушксоли фарҳанг омад,
Ожанг ба рӯи аҳли аржанг омад.
Мову қаламу дафтари мо хуни дилем,
Аз аҳли қалам буданамон нанг омад.

Аз хонаи мо ҷалоли моро бурданд,
Аз шонаи мо маҷоли моро бурданд.
Дигар ба умеди бори фардо чӣ шавем?
Аз конаи[2] мо ниҳоли моро бурданд.

Додем ҳазорсолаҳо қурбонӣ
Ҷонҳо зи барои Ватани армонӣ.
Дарё-дарё бирехт хуни тоҷик,
Эй чарх, магар зи хуни мо гардонӣ?

Ин зодаи кӯҳҳо куҷо якдилаанд?
Ҳар як ба сари хеш ҷудо як галаанд.
Сурат нигаред, ҳамчу як пораи кӯҳ,
Сират нигаред, куҳбуди куҳбалаанд...

Ман мондаму остони наздики аҷал,
Ман мондаму достони поёни амал.
Бидруд, ҷаҳони пур зи дастону ҳиял,
Бидруд, ҷаҳони пур зи ҷанҷолу мағал!

Мо аз табу тоби дил рубоб овардем,
Аз синаи сӯхта кабоб овардем.
Ту хурдӣ шаробу кардӣ сад хона хароб,
Мо аз маи ноб байти ноб овардем.

Мо аз хати ожанг шабоб овардем,
Мо аз хати панҷа фатҳи боб овардем.
Ту панҷа ба пешонӣ задию мурдӣ,
Мо аз хати пешонӣ китоб овардем.

Эй дӯст, биё, то ба фалак дод занем,
Аз дод чӣ ҳаз, сари харонро шиканем.
Дӣ дузд ба дузди дигаре гуфт: биё,
Кишвар бизанему кишвар обод кунем...

Чашмат ҳама шаб ба ёди мансаб нағунуд,
Дасти ту ба ғайр аз дари мансаб накушуд.
Рӯзе ки бимирӣ ба чунин ҳирс, яқин
Дар гӯр раиси гӯрҳо хоҳӣ буд...

Гаҳ бода, гаҳе чакида, гаҳ банг задӣ,
Дар рӯи замин ба осмон ҳанг задӣ.
То ҳарзагии туро набинад аҳаде,
Бар шишаи чашми ахтарон санг задӣ.

Моле ки ту дорӣ, пеши раҳзан чӣ бувад?
Фанне ки ту дорӣ, пеши пурфан чӣ бувад?
Он ҷой ки хонаи худоро бизананд,
Дуздидани хонаи тую ман чӣ бувад?

Дар хеш бимурдаам, магӯ пир шудам,
Дилдорӣ мадеҳ, зи хеш дилгир шудам.
Ҳар рӯзи худо оши худоӣ? Эй халқ,
Аз оши худоӣ, бахудо, сер шудам!

Эй хокшинос, хоки моро бишинос,
Ё синаи чок-чоки моро бишинос.
Ҳар гоҳ бигирӣ мушти хоке аз хок,
Як оҳ кашу ҳалоки моро бишинос.

Ҳарчанд зиёда ҷонфидоӣ кардем,
Дар чанги замона ҳамсадоӣ кардем,
Бар маскани зиндагию бар мадфани тан
Дар кишвари худ замингадоӣ кардем.

Ин сон, ки туӣ шикаставу хору зарир,
Гар хода шавад вазир, ҳукмаш бипазир.
Дар кишвари пур зи кӯр гумраҳ бигузар,
Дар кишвари офтоб яхбаста бимир.

Бар олами хориҷат раҳе ку, ғофил?
Роҳи дигарат ку ба ҷаҳони дохил?
Ҳам роҳи рафоҳ байни тоҷикон нест,
Ҳам роҳи фарох нест мобайни ду дил.

Ин умр ғанимат нашумурдӣ, рафтӣ,
Пур хурдӣ ва ё ҳеҷ нахурдӣ, рафтӣ.
Дар матни замона ҳеҷ ҷоят ки набуд,
Дар ҳошияи замона мурдӣ, рафтӣ.

1. Манзур муҷассамаи Фирдавсӣ дар Душанбе аст.
2. Кона – чолае, ки дар он ниҳол менишонанд. Аз китоби дуктур Ҳусайни Ваҳидӣ «Аспи сафеди Хуршед».

Фахридани мо зи ҳиммати хеш хуш аст,
Нозидани мо зи давлати хеш хуш аст.
Худсӯзӣ барои иллати хеш хатост,
Ҷонбозӣ барои миллати хеш хуш аст.

Ман омадаам, ки хешро оғозам,
Гаҳ сӯзаму гаҳ созаму гаҳ бигдозам.
Ман омадаам, ки ҷони бечораи хеш
Дар бозии маргу зиндагӣ дарбозам.

Ман масту гаронҷонаму з-ин боке нест,
Чун ҳастии ман қобили идроке нест.
Нопокии ман пок нагардад, зеро
Дар домани хок домани поке нест.

Хомӯш набудаам, агар хомӯшам,
Фарёди ҳама халқ расад бар гӯшам.
Он деги ғамам, ки худ ба худ меҷӯшам,
Хуни дили худ ба ҷои май менӯшам.

Як рӯз зи дасти ғам сияҳпӯшам ман,
Рӯзи дигар аз шодӣ қадаҳнӯшам ман.
Рӯзе ки на ғам монаду на шодии умр,
Аз хотири ду ҷаҳон фаромӯшам ман.

Ман бандаи он дамам, ки ҳолам ҳолест,
Пеши сари ман сари ҷаҳон мисқолест.
Пур буд ҷаҳон, то дили ман ҳам пур буд,
Холист ҷаҳон, чун дили ман ҳам холист.

Ман омадаам, табли зафар бинвозам,
Бар кӯру карон шӯр диҳад овозам.
Ту омадаӣ, коҳи куҳан бод кунӣ,
Ман омадаам, кохи сухан афрозам.

Дар олами фонӣ алами худ дидам,
Аз бешу камаш бешу ками худ дидам,
Гардидаму гардидаму гардидам, лек
Дар ҳар қадами худ адами худ дидам.

Онон, ки дам аз муҳаббати пок заданд,
Чоки дигарам бар дили садчок заданд.
То пур шавад аз хок ду чашми сари ман,
Дар зиндагӣ пур ба чашми ман хок заданд.

Ман қудрати дардро намедонистам,
Поёни набардро намедонистам,
Аз сӯзиши ишқ то дилам об нашуд,
Гирйистани мардро намедонистам.

Эй чарх, ба сони худ сарам чархондӣ,
Ҳар вом, ки додӣ, оқибат бистондӣ.
Аввал ту маро тоҷи сари худ хондӣ,
Охир ту маро ба хоки тар биншондӣ.

Рӯзе ки туро аз ин ҷаҳон бирбоянд,
Дар зери замин туро даре бикшоянд.
Ҳарчанд ки даъвои ту беш аз ман буд,
Аз умри ту як рӯз ба ман н-афзоянд.

Ман бо ту ҳама тӯшаи раҳ паймудам,
Ман бо ту бисоти ҷону дил фарсудам.
Донӣ, ки чӣ рӯз шод будам аз хеш?
Рӯзе, ки ғами ту хурда, шодон будам![1]

Эй рӯи ту рӯи ишқ, бар ман рӯ кун,
Оҳунигаҳо, маро ту беоҳу[2] кун.
То хонаи гӯр рафтанам, бар хона-т
Як бори дигар ишорати абрӯ кун.

Эй ёр, биё, ки хона холӣ бе туст,
Тақдири дилам заифнолӣ бе туст.
Ҳарчанд ки паршикастаат хондам гоҳ,
Боз о, ки маро бепаруболӣ бе туст.

Шаҳболи ту боли хастаи мо чӣ кунад?
Гулзори ту хордастаи мо чӣ кунад?
Бо ҳафт қалам чу хешро оройӣ,
Ин як қалами шикастаи мо чӣ кунад?

Моем, ки аз замона дилгир шудем,
Тақдир чунон кард, ки тасхир шудем.
Кардем такодави замонгирӣ, лек
Бо ақли замонгир замингир шудем.

Ман мондаму як дили пур аз дарду алам,
Ман мондаму як коғазу як неши қалам.
Ман бо қаламу қалам ба ман мегӯем:
Эй вой танам, вой сарам, вой дилам!

Боло биталаб, бирав зи худ болотар,
Мавло бошӣ, боз бишав мавлотар.
Гар обшарику ноншарикем, хуш аст,
Номусшарик агар бувем, авлотар!

---

1. Гумон мекунам ин мисраъ таворуд аз пешиниён аст, аммо ёдам нест, ки аз кист. (Гӯянда).
2. Оҳу – гуноҳ, беоҳу – бегуноҳ.

Фарде чу ба қайди дарду иллат бошад,
Ташхису муояна чӣ заҳмат бошад?
Аммо чӣ тавон кард дар ин фоҷиагоҳ
Бемор агар тамоми миллат бошад?

Ин моми ҷаҳон қобилаи марги ман аст,
Ҳар фасл яқин фосилаи марги ман аст.
Ҳар ҳолаи маҳ ҳоли табоҳам бошад,
Ҳар зилзилае силсилаи марги ман аст.

Бо абри гузар ҳамеша ёд ор маро,
Бо марги шарар ҳамеша ёд ор маро.
З-он пас, ки маро ба хоки тар бигзоранд,
Бо дидаи тар ҳамеша ёд ор маро.

Имрӯз, ки аз бодапарастон бошам,
Дилбохтаи қадаҳбадастон бошам.
Безор зи ҳушёрияму мехоҳам
Дар гӯр ҳам андар бари мастон бошам.

Рӯзе, ки кунанд аз ҷаҳон нобудам,
Ҷунбон-ҷунбон баранд дар тобутам,
Тобут чу гунг асту насоям[1] бикашад,
Боре ту бигӯ, ки як замон ман будам!

Бар хоки сияҳ задӣ ҳама вахми маро,
Кардӣ ту адо дили адофаҳми маро.
Ман роҳ намудамат, ту раҳзан гаштӣ,
Ман раҳми туро хурдаму ту саҳми маро.

Дидӣ ҳамарову бебасар хоҳӣ рафт,
Бас сӯхтаиву бешарар хоҳӣ рафт,
Дар рӯи замин бод ба даст омадаӣ,
Аз рӯи замин хок ба сар хоҳӣ рафт.

Бо ним рамақ умри абад натвон кард,
Бо ҳеҷ ҳисоби беадад натвон кард.
Ҷону дилу дину нангу номуси халқ
Дар давлати бемор садад[2] натвон кард.

Аз даҳр ба дил малол рафтем, афсӯс,
Бо дарду ғами муҳол рафтем, афсӯс.
Дил бурдаву дил хурдаву хунинҷигарон
Дилмондаву дилкашол рафтем афсӯс.

Онҳо, ки гирифтори маю ҷом шуданд,
Коми дили хеш ҷуста, ноком шуданд.
Аз бодаи хом ҳеҷ кас пухта нашуд,
Аз бодаи хом пухтагон хом шуданд.

Аз ҳанги ту оҳанги сухан авлотар,
Аз ранги ту авранги сухан авлотар.
Ин бетарафии мо миёни ду ҷиноҳ
Аз бешарафии чанд тан авлотар.

Ғам дар дили ман қофила дар қофила аст,
Тӯфон ҷое, ҷои дигар зилзила аст.
Бар хонаи хештан чу натвонам рафт,
Аз хонаи дигарон чӣ ҷои гила аст?

Имрӯз забони мо забун афтодаст,
Гулдаста ба дасти марди дун афтодаст.
Сад қарн агар манора то гардун буд,
Жӯлида ба хок сарнагун афтодаст.

Ҳарчанд ки то фалак сар афрохтаем,
Дар рӯи замин бод ба каф тохтаем.
Фарҳангу тамаддуни қадими худро
Нашнохтаем ё ки дарбохтаем.

Дар аввали умр коғази пок будем,
Дар охири умр гарчи ғамнок будем,
Дар рӯи замин барои сарсабзии ӯ
То хок шудем, берун аз хок будем.

Андар назарам шеъру сухан мемирад,
Аҳли дилу дида бекафан мемирад.
Фарёди ман аз мурдани ину он нест,
Фарёд, ки фардои Ватан мемирад.

Дардо, аламо, ки хилқатамро куштанд,
Аслам, насабам, ҷибиллатамро куштанд.
Фарёд на з-он, ки мову ту кушта шудем,
Фарёд аз он, ки миллатамро куштанд.

Гӯӣ ҳамагон оқилу донишмандем,
Некӯ нигарӣ, бекасу бепайвандем.
Мурғони ҳаво ба ҳоли мо мегирянд,
Мо лек ба ҳоли ҳамдигар механдем.

Мехост дилам суруди миллат созам,
Огоҳ варо зи рози хилқат созам,
Аммо чӣ кунам, ки орифи вақтам гуфт:
Дар миллати худ ягона хислат созам...

Мо фарри каён наҷуста фартут шудем,
Аз хонаи гаҳвора ба тобут шудем.
Бар олами лоҳут набурдем раҳе,
Нобуд дар ин олами носут шудем.

1. Насо – наъш, колбад.
2. Садад – росту дуруст (бо ҳарфи син).

Дирӯз миёни халқ манзур шудем,
Имрӯз зи ҷамъи зиндагон дур шудем.
Дирӯз муқими хонаи нур будем,
Имрӯз муқими хонаи гӯр шудем.

Якчанд зи бода масту махмур шудем,
То як нафас аз ғами ҷаҳон дур шудем.
Мо хотири як мӯр намеранҷондем,
Фарҷом бубин, ки туъмаи мӯр шудем.

Қандили баланд буда, бенур шудем,
Аз ҳалқаи базми хосагон дур шудем.
Буданд сагон маст ҳама аз қайи мо,
Муҳтоҷ ба хӯшаи сагангур шудем.

Аз чашми ту ман хумори дил мехоҳам,
Аз хандаи ту шарори дил мехоҳам.
Бигзашта баҳори ошиқиям, аммо
Аз чеҳраи ту баҳори дил мехоҳам.

Овози туро зи сад ҷаҳон мешунавам,
Бо гӯши дилу ба гӯши ҷон мешунавам.
Овози ту гар зи боғи гулҳо ояд,
Аз байни садои булбулон мешунавам.

Сарви ту ба ноз омадан мегирад,
Умри сари ман саромадан мегирад.
Пироҳани таннамо чу бар тан пӯшӣ,
Ҷон аз тани ман баромадан мегирад...

Аз созу наво хандаи дилдор бас аст,
Аз нақди ҳаёт ваъдаи ёр бас аст.
Аз мисли ту «ҷондор», ки лак-лак шудаед,
Ҷондор маро каломи ҷондор бас аст!

То чанд барои ҳамдигар гӯр шавед,
Ёрону бародарон, ба ҳам ҷӯр шавед.
Гар қадри бародарӣ надонед, яқин
Нону намаки халқ занад, кӯр шавед...

Моро, моро, худо бубахшад моро –
Ин миллати бесоҳибу бепарворо.
Як қатра гирифта, дода сад дарёро,
Як зарра гирифта, дода сад дунёро...

Боз омаданат зи ғамгусорӣ набувад,
Изҳори вафову ҷонсупорӣ набувад,
Дар гулшани тирамоҳ бишкуфтаӣ ту:
Афсӯс, туро бӯи баҳорӣ набувад.

Ошиқ ба нигори хеш оина нашуд,
То дилбараш оинаи рухро нанамуд.
Зеро ки ба ду чашми ҷаҳонбин одам
Бе оинае надид пушти сари худ.

Бо ваъда сари маро наяфрозӣ нигор,
Аз дур дили маро ту нанвозӣ, нигор,
То дар ҳама ҷилваи ҳаётам бо ман
Қисмат накунӣ, маро набишносӣ, нигор.

Як шикваи ту нишони ёрӣ набувад,
Як буттаи гул ҳусни баҳорӣ набувад.
Он завқ, ки аз дидани аввал пайдост,
Оғоз ба ишқи пойдоре набувад.

Имрӯз, ки бо ту ҳаст фарёдрасе,
Сармасти ғуруру айшу нӯшу ҳавасӣ,
Бар қадри тамоми чизи хурдеву бузург
Он гаҳ ки зарур асту наёбӣ, бирасӣ.

Олам чу сафар ба сӯи фардо дорад,
Роҳе ба мароми кишвари мо дорад.
Бадхоҳ куҷо шавад варо садди раҳе,
Ин хас натавонад раҳи дарё дорад.

Ҳуснат зи шараф камол мегирад, ёр,
Рӯят зи дилат ҷамол мегирад, ёр,
Ошиқ зи дили чу ашки кӯдак софат
Хушбахтии безавол мегирад, ёр.

Ӯ рӯд набуду лек туғён мекард,
Хуршед набуду нур эҳсон мекард.
Як бину бисӯз гуфта, беҳарфу садо
Баргашта назар фиканда, ҷавлон мекард.

Моем паи ҳар касу нокас рафта,
Аз боғи ҷаҳон меваи норас рафта.
Ҷустанд ҳазорсола пешӣ дигарон,
Моем ҳазорсола вопас рафта.

Имрӯз ки ҳоли мост аз дӣ батаре,
Аз шаш ҷиҳат ояд ба сари мо хатаре,
Ин ҷо ту магӯй дӯст, ҳам дӯст маҷӯй,
Ин ҷо ту биҷӯй душмани мардтаре...

Ин сӯ нигарам: душмани қаттоле ҳаст,
Он сӯ нигарам: каҷдили баттоле ҳаст,
Боло нигарам: худо хамӯш асту хамӯш,
Пойин нигарам: коми сияҳчоле ҳаст.

Садроҳадилон, маҳалгароем чаро?
Дар фикри маҳал ватанҷудоем чаро?
Жӯлида ба ҷангу моҷароем чаро?
Ин қадр шутуркина чароем, чаро?

Дунёст, ки дӯстии гургу меш аст,
Аз хеш мабол, душманат дар пеш аст.
Эй дӯст, хасе ҳам агарат душман нест,
Як дӯст зиёда кун, ки душман беш аст.

Рафтем чу кӯр аз қафои бадавӣ,
Маҷзуби шуури норасои бадавӣ.
Таърихи ҳазорсолаи худкуширо
Мо зистаем дар ҳавои бадавӣ.

Ман хушк шудам, ту хуб шодоб шудӣ,
Бо ман битапидиву суханёб шудӣ.
Дарё-дарё гиристам аз ғами ту,
Хуни дили ман хурда, маи ноб шудӣ.

Шохобаи мо ба коми дарё будаст,
Тарсуии мо ба суди тарсо будаст.
Эй Ғарб, чунон ёфтамат дар ин роҳ,
К-ободият аз харобии мо будаст.

Эй рост, чи каҷҳисобӣ кардӣ ҳазмон,[1]
Эй чап, зи ту рост зад ба мо тири замон.
Эй сурх, ту рӯсурхии моро бурдӣ,
Эй сабз, бисӯхт аз ту сарсабзимон.

Эй нафс, чи оташам ба хирман кардӣ,
Душмангарие батар зи душман кардӣ.
Ман роҳнамои абадият будам,
Эй ман, чи халалгорие бо ман кардӣ?

На бо тани ғамфасурдаам мемирам,
На бо сари ғуссахурдаам мемирам.
Дар мурдани ман ҳоҷати Азроил нест,
Ман аз ғами ишқи мурдаам мемирам.

Ин зиндагиву оташу хокистари ӯ
Санҷидаам, эй хоки ҷаҳон бар сари ӯ!
Ӯ аз дари ман гузашту ман аз дари ӯ,
Ӯ аз бари ман гузашту ман аз бари ӯ.

Пур хондиву пур шунидамат, эй дунё,
Аммо ба куҷо расидамат, эй дунё?
Дар ман будиву дар ту будам, сад ҳайф,
Ҳам дидаму ҳам надидамат, эй дунё!

Дидӣ, ки гусастанд ҳама силсилаҳо?
Дидӣ, ки бимурданд ҳама машъалаҳо?
Дунё-дунё азобу муште сутхон –
Дидӣ, ки чӣ боқӣ монд з-он валвалаҳо?

Монанди ту мардона намурдаст касе,
Ҷонро бари мардум насупурдаст касе.
Ғамҳои ниҳоние барои миллат
Чандон ки ту хурдай, нахурдаст касе.

Эй зиндагӣ, сӯхтангаҳиву тонӣ
Ҳар лаҳза маро дар оташе сӯзонӣ.
Аз ман, ки намонда ҷуз кафи хокистар,
Аз оташи дӯзахам чаро тарсонӣ?

Ман рост бигӯямат: гар ин гову харист,
Оядаи халқ партгоҳ асту ҷарист.
Мақсуд зи имрӯз ба суди миллат
Вопаснигарист ё ки фардонигарист?

Дарёб маро, ки дерёбам, ёро,
Бишмор маро, ки беҳисобам, ёро.
Обод бикун, ки ман харобам, ёро,
Дилшод бикун, ҷигаркабобам, ёро.

Имсол баҳор бебару бор омад,
Имсол сари сол нагунсор омад.
Бар мотами гул навҳа чаро сар надиҳем,
К-ӯ бо кафани хеш ба гулзор омад.

Во фарёдо, ҳазор во фарёдо,
Куштем абас ҳазор истеъдодо.
Коре, ки харидем ба худ лаънати халқ,
Ҳаргиз накунад ҳазор истибдодо.

Ҳастӣ ҳама ҷову ноаён, ё Аллоҳ,
Дар хонаи хеш ломакон, ё Аллоҳ.
Гар аҳли дурӯғанд туро душман, пас,
Як дӯст надорӣ ба ҷаҳон, ё Аллоҳ.

Аз ҷабри гуноҳи хештан нагрезам,
З-он по, ки фитодаам, зи нав бархезам,
Ҳаргиз набарам ба нокасе рӯи ниёз,
Дастам шиканад, ба гарданам овезам.

Як барги хазон ба чанги боди гузарон
Дар байни замину осмон шуд сарсон.
Ин бозии бод буд, лекин он барг
Мегуфт: Маро ба шохсорам бирасон!

1. Ҳазмон – мухаффафи «ҳар замон».

Дидем ба ҳар чиз, ки дар имкон аст,
Ҳам манфиатеву ҳам зиён пинҳон аст.
Ангишт, ки оташ шаваду гармӣ диҳад,
Дудаш гаҳи ғофилӣ балои ҷон аст.

Хоҳам, ки ба хотири замонам бошам,
Дар суҳбати гарми дӯстонам бошам.
Дигар зи ҷаҳон нахоҳам иқбол, агар
Дар пирӣ асои зодагонам бошам.

Инсон! Ту аҷаб вуҷуди беҳамтой!
Андар паи номи нек худфарсой.
Дар кашмакашу бозию найранги ҳаёт
Гаҳ кӯдаки хокбозу гаҳ Синой.

Инсон ба назар дили мусаффо дорад,
Дар як дили худ ҳазор дунё дорад.
То нест забони ӯ забони дили ӯ,
Ҳар як нигаҳаш дусад муаммо дорад.

Гар яккасавори ҳунарӣ, гар шоҳӣ,
Гар аз ҳама асрори ниҳон огоҳӣ,
Дар танграҳи муносибат бар мардум
То раҳ надиҳӣ, ба худ наёбӣ роҳе.

Сармаст зи бодаи ҳавову ҳавасем,
Маҳруми якеву бо дигар ҳамнафасем.
Имрӯз гузашту мо напурсем чӣ буд,
Бар қадри ҷавонӣ вақти пирӣ бирасем.

Худ қатра, ба баҳри бекарон дил бастам.
Худ зарра, ба хуршеди ҷаҳон дил бастам.
Ақлам ба фалак расиду кӯтоҳам худ,
Худ хокияму ба осмон дил бастам.

Оина шикасту неш дар поям шуд,
Ҷонона бирафту дардафзоям шуд,
Аммо қаламе, ки рози дил кард иншо,
Гардид каму нишони дунёям шуд.

Меҳрат чу кушоди банд омад, шодам,
Қавлат чу нидои панд омад, шодам,
То омаданат шикастае будам ман,
Ишқат чу шикастабанд омад, шодам.

Инон, ки ба чашми ману ту Ҳурмузданд,
Дидем, ҳама паи маошу музданд.
Дандони тило қатору берун зи қатор,
Бо номи баланду сагдаҳону дузданд.

Дар хоб бидидам, ки маро кушт касе,
Бедор шудам кашидам аз нав нафасе.
Дар хоб бидидам, ки биёмад ҷонон,
Бедор шудам, ки дар рухам ашк басе.

Гар ақли ҷавон хато кунад, айб мадон,
Бо як суханаш варо ту беақл махон,
Дидӣ, ту ки гулбуттае дар сояи кӯҳ
Рустаст, биёру дар гулистон бинишон.

Бо он ки зи аҳди хеш баргаштӣ, нигор,
Рафтию ба дигаре ту дил бастӣ, нигор.
Шодам, ки ба рӯи раҳ сари сояи ман
Дар зери қадам ниҳода, бигзаштӣ нигор.

Ҷонона, карашмаҳои ту мегузарад,
Ҳусну шафақу ҷилои ту мегузарад.
Аммо дили ман ба сӯзи худ аз олам
Дар ёди тую вафои ту мегузарад.

Гар шод най, зи иди Наврӯз чӣ суд?
Аз сӯҳбати тори пандомӯз чӣ суд?
Гар нест ба хонаат нишон аз оташ,
Аз гармии меҳри оламафрӯз чӣ суд?

Хуршед ҳамону моҳ ҳам боз ҳамон,
Дунёи мураккабу даву тоз ҳамон.
Дирӯз ки буд орзуи рӯзи сафед,
Имрӯз барои одамӣ роз ҳамон.

Эй шӯх, сафои хонадонат нашудам,
Тақдир набуд, соябонат нашудам.
Ҳамбазм шудам бо ту, қадаҳ паймудам,
Сад ҳайф, ки хоки остонат нашудам.

Эй гул, ту замоне зеби кокул будӣ,
Ҳусни дигаре ба ҳусн меафзудӣ,
Пажмурда шудӣ, фитодӣ аз кокул, лек
Як умр ба ёди ошиқи масъудӣ.

Гаҳ-гоҳ шавам ба кори мардум ҳайрон,
Пурсам зи ҳама: куҷо ҳақиқат, ёрон?
Аз чор тараф садо биёяд: Ҳақро
Аввал зи худат биёб, пас аз дигарон.

То чанд бигӯӣ: Кош ин бошаму он,
Хуршедмисол бошаму моҳнишон.
Аз хеш чӣ ҷӯӣ он чӣ дар ту набувад,
Он ҷӯй зи худ, ки мебарояд осон.

Сӯзӣ ҳам агар ки хокбодам накунӣ,
Сад фитна ба бунёди ниҳодам накунӣ.
Бо ёди ту меравам зи дунёю зи ту
Дорам талабе, ки зишт ёдам накунӣ.

Мастам, ба хаёли хеш мастам доим,
Дилдодаи пиндорпарастам доим.
Аз он ки хаёл бо ҳақиқат як нест,
Бозичаи офату шикастам доим.

Оростану зи нав фикандан боқист,
Бархостану зи нав нишастан боқист.
Дунё ба фусуни худ таманно дорад,
Сад ҷома дариду лек ин тан боқист.

Як лаҳзаи ғам азоби мотам нашавад,
Уммеди дилам зи офате кам нашавад.
Гаҳ навдаи хурд аз шикасте шиканад,
Он нахл вале зи пой барҳам нашавад.

Аз рафтани ман ҷаҳон нагардад холӣ,
Бе будани ман сияҳ нагардад фоле.
Бо пои худ омадам, равам дар охир
Бо пои дигар касон, аҷоиб ҳоле!

Сӯзам ҳама дам чу ошиқони шайдо
Аз баҳри сурури дӯстони якто.
Монанди замин баланду пастам, эй дӯст,
Аммо на чу вай ба неку бад бепарво.

Онон, ки нахондед суруди тоҷик
Ғафлатзадаед аз вуҷуди тоҷик.
Бунёди забони тоҷикӣ худ бошад
Бунёди ҳама буду набуди тоҷик.

Бар шаст даромадам, ба шаст афтодам,
Аз қуллаи ормон ба паст афтодам.
Ман сайди рамидаи тапишҳо будам,
Бо пои худ омада, ба даст афтодам.

Афсӯс, ки зиндагонӣ бас зуд гузашт,
Бас зуд гузашту низ бесуд гузашт.
Аз хирмани умр донае нест ба каф,
Беоташу бешарар чу каҳдуд гузашт.

Хобе дидам, ки бар дилам тир расид,
Бедор шудам, бар дари ман пир расид.
Пирам ба дуо даст кушоду гуфто:
Дарёб: туро зи пир тадбир расид...

Афсӯс, ҷавон набудаву пир шудем,
Дилбанди касе набуда дилгир шудем.
Дар шебу фарози қисмати буқаламун
Ҷустем фарозу оқибат зер шудем.

Ҳар кас сари ин нукта саре афшонад:
«Некиву бадӣ ҷудо-ҷудо мемонад».
Аз содагӣ даъвои бузургӣ накунем,
Мо содабузургем, худо медонад.

# РЕЗАБОРОН
## *Дубайтиҳо*

Илоҳӣ байни мо ҳоил набошад,
Ба қасди мо касе моил набошад.
Дар он соат, ки ду бедил нишинем,
Миёни мо ба ғайри дил набошад.

Ғами ишқат ба баҳру бар нагунҷад,
Шару шӯрат ба сад маҳшар нагунҷад.
Ғазалҳое, ки аз ҳаҷри ту гуфтам,
Ба сад девон, ба сад дафтар нагунҷад.

Хаёле нест дигар дар сари ман,
Шароре нест дар хокистари ман.
Зи ҳусни ту ба ҷуз ҳузне намонда
Даруни синаи хушбовари ман.

Яке аз дасти пулдорон бимирад,
Яке дар зери пулборон бимирад.
Вале ман ошиқам бар он азизе,
Ки зери бори гулборон бимирад.

Диламро бурдиву тасхир кардӣ,
Вале дар кори дил таъхир кардӣ,
Агарчанде ки будӣ ҷони ширин,
Маро аз ҷони ширин сер кардӣ.

Бародарҷон, ба рӯ обат намонда,
Ба ҷону дил табу тобат намонда.
Чунон дар чордеворе асирӣ,
Ки завқи сайри Варзобат намонда...

Агар мирам, паёми ман бимонад,
Тиҳӣ аз бода ҷоми ман бимонад.
Танат бо дигаре фарсуда гардад,
Вале ишқат ба номи ман бимонад.

Ниёзе мар маро бар тарҷумон нест,
Аёнро ҳоҷате андар баён нест.
Агар ман ҳамзабони ин ҷаҳонам,
Зи ман беҳ тарҷумоне дар ҷаҳон нест!

Саҳар дар барги гул шабнам нишаста,
Лаби ҷӯ духтари сархам нишаста.
Лабони ҷӯ тару лабҳои ӯ хушк,
Вале бо дидаи пурнам нишаста.

Ту, эй дунё, ки як ёрам набошад,
Ба ҷуз тимору озорам набошад.
Куҷое meравам, гар кори ту нест,
Куҷое меравӣ, корам набошад.

Ба қурбони ду чашмони хуморат,
Ба қурбони ду себу ду анорат.
Маро гар мебарӣ, бар хонаат бар,
Маро гар мекушӣ, куш дар канорат!

Дило, хун шав, ки ёр аз дасти ман рафт,
Зимоми рӯзгор аз дасти ман рафт.
Нагӯям тирамаҳ буду хазон рехт,
Баҳоре дар баҳор аз дасти ман рафт.

Биё, дар ин ҷаҳон бо ҳам бигардем,
Ғаме ҷӯем, то беғам бигардем,
Ҷаҳон бас аз сари одам гузаштаст,
Биё, гирди сари одам бигардем.

Замин зери само бояд бимонад,
Замона бебало бояд бимонад.
Ҷавонӣ бигзарад охир, валекин
Ҷавонмардии мо бояд бимонад.

Ҷаҳони ишқ рӯзу шаб надорад,
Ба ғайри бехудӣ машраб надорад.
Чу шӯрад баҳр, дар соҳил нагунҷад,
Бузургӣ, дӯстам, қолаб надорад.

Сазовори лиқои ту касе нест,
Адофаҳми адои ту касе нест.
Дар ин дунё, ки аслаш бевафоист,
Ҳамоварди вафои ту касе нест.

Туро аз атри гулшан офариданд,
Туро аз нури гулхан офариданд.
Дили ман дар суроғи ёри дил буд,
Туро баҳри дили ман офариданд.

Бузурго, қатрасон осон намирӣ,
Зи бас дарёдилу тӯфонзамирӣ.
Туӣ он хурдакори корхурда,
Ки бидхӣ нон ба милён хурдагирӣ.

Туӣ пушту паноҳу ёвари ман,
Парастори сари бесарвари ман.
Ҳама шеъри ман аз рӯи ту ояд,
Ки рӯи туст рӯи дафтари ман.

Баҳори ошиқон дорад хазонҳо,
Вафои дилбарон дорад гумонҳо.
Сари вақт аз сари дилбар бигардед,
Ҷавонҳо, эй ҷавонҳо, эй ҷавонҳо!

Дар оғӯшам биё, эй дилбари ман,
Навозиш кун дили ғампарвари ман.
Вагарна дар суроғи ишқи шоир
Пушаймон мешавӣ баъди сари ман.

Ба дастам домани ҷонони Варзоб,
Шабе хуспам бари домони Варзоб.
Башар гар ҷумла меҳмони ҷаҳон аст,
Манам таҳҷоиву меҳмони Варзоб.

Ду чашми бегуноҳи ту маро кушт,
Нигоҳи бепаноҳи ту маро кушт.
Намурдам аз ҳазорон қасду буҳтон,
Як оҳи ту, як оҳи ту маро кушт.

Ду чашми сурмасоятро бибӯсам,
Баёзи синаҳоятро бибӯсам.
Замоне чун расад умрам ба поён,
Расад гар даст, поятро бибӯсам.

Надонам, ту чӣ дорӣ ё надорӣ,
Ҳамин донам, ки бо ман созгорӣ.
Гули рӯят гули гулҳои дунёст,
Баҳор андар баҳор андар баҳорӣ.

Маро вирди забон кардӣ, ту кардӣ,
Ҷавони комрон кардӣ, ту кардӣ.
Пас аз як лаҳзаи кӯтоҳи дидор
Ба ҳукми ҷовидон кардӣ, ту кардӣ.

Диёрам, аз ту соҳибдил шудам ман,
Туро дарёфтам, комил шудам ман,
Валекин дар баҳорон гоҳу бегоҳ
Зи сели кӯҳсорат сил шудам ман.

Маро гар дурӣ аз Варзоб мешад,
Вуҷудам хастаю нотоб мешад.
Ба мулки дигаре бошам мусофир,
Дилам дар ёди обаш об мешад.

Чи ҷоне ҳадя карда бебаҳое,
Чи ҷоме, мисли ҳуснат босахое.
Ҳар он гоҳе, ки бе ту бода нӯшам,
Туро бинам дар он ҷоми тилоӣ.

Гули наврӯзи ман, наврӯзи ман бош,
Ба нури ишқ шомафрӯзи ман бош.
Гар аз ман шеъри пурсӯзе бихоҳӣ,
Ту ҳам ҷонсӯзу ҳам дилсӯзи ман бош!

Биё, ҷоно, ки ҷони ман туро бод,
Дили соҳибқирони ман туро бод.
Баҳори ман, хазони ман ту будӣ,
Баҳори ман, хазони ман туро бод!

Ғами ҷони ман аз ҷонона пурсед,
Табу сӯзи ман аз парвона пурсед.
Ҳар он розе, ки ман ногуфта рафтам,
Пас аз ман аз лаби паймона пурсед.

Аҷаб борони маҳшар буд имшаб,
Тамоми баҳру бар тар буд имшаб.
Замину осмон дар дасти борон,
Дилам дар дасти дилбар буд имшаб.

Барои ҳар саре сарбоз дорам,
Барои ҳар паре парвоз дорам.
Наметарсам зи оташбозии ишқ
Ки ман худ табъи оташбоз дорам.

Як оҳ аз сад талоши мову ман беҳ,
Гила з-аҳли Ватан андар Ватан беҳ.
Худои хешро дар хеш дарёб,
Ки аз сад бутшикан як худшикан беҳ.

Биё то ҷон ба ҷон бошему бошем,
Нишони бенишон бошему бошем.
Ҷаҳон бо мо сару коре надорад,
Барои ҳам ҷаҳон бошему бошем.

Биё бо ҳам ҷавон бошему бошем,
Ду дил ҳамошён бошему бошем.
Барои дигарон беқадру арзон,
Барои ҳам гарон бошему бошем.

Маро аз даҳшати хобе матарсон,
Маро аз хурдани тобе матарсон.
Чу тӯфонзодаи дарёи дардам,
Маро аз мавҷи мурдобе матарсон.

Биё, тарки тағофул кун, гули ман,
Даме тақлиди булбул кун, гули ман.
Баҳор омад, дарахтон гул кушоданд,
Ту ҳам гул кун, ту ҳам гул кун, гули ман.

Зи ишқи ту қасам хурдему рафтем,
Фиреби дамбадам хурдему рафтем.
Ба уммеде, ки боре шод бошем,
Ҳазорон бор ғам хурдему рафтем.

Танамро пирӣ афсурдаст, афсӯс,
Диламро зиндагӣ хурдаст, афсӯс.
Замоне месурудам рӯзу шабҳо,
Кунун мурғи дилам мурдаст, афсӯс.

Дилам шуд косаи зардоб аз ишқ,
Сарам шуд чархаи гирдоб аз ишқ.
Валекин боз мегӯянд мардум:
Илоҷи худ, бирав дарёб аз ишқ!

Сарам чархи барин аст, эй гули ман,
Раҳам рӯи замин аст, эй гули ман,
Зи сангистонаму лекин бари ту
Дилам абрешимин аст, эй гули ман.

Намегӯям маро дур аз гунаҳ дор,
Ва ё ҷони маро дур аз қадаҳ дор.
Маро аз душманон боке набошад,
Худовандо, маро аз ман нигаҳ дор!

Биё, гулғунчаи мижгонхамида,
Биё, гулчеҳраи кокулбурида.
На танҳо ман дар ин дунёи равшан,
Худо ҳам чун ту зебое надида.

Хушо базми дилу ҳам дилситонӣ,
Хушо базми гулу ҳам гулфишонӣ.
Надонистем қадратрову рафтӣ,
Ҷавонӣ, эй ҷавонӣ, эй ҷавонӣ.

Гаҳ аз пириву гоҳе аз ҷавонӣ,
Гаҳ аз андӯҳу гоҳ аз шодмонӣ,
Ғазалро сода гуфтам, лек аслан
Мураккаб сохтам аз зиндагонӣ.

Забоно, эй забоно, эй забоно,
Тавоноӣ, вале ҳам нотавоно.
Сухан гӯяд касе гар пӯстканда,
Канандаш пӯст аз тан дарзамоно.

Дили мову шумо ҳамроз буданд,
Зи ҳам ҷӯяндаи эъҷоз буданд.
Дили мову шумо – ду мурғи озод
Замоне ҷуфти ҳампарвоз буданд.

Фалак, боре ба мо моро нишон деҳ,
Замон деҳ ё замин ё осмон деҳ.
Чӣ суд аз гунбади ҳафтошёнат,
Миёни синаи ёр ошён деҳ.

Туро чун давлати дил мекунам ёд,
Туро чун қисмати дил мекунам ёд.
Чу оғӯшат ибодатгоҳи ман буд,
Туро дар тоати дил мекунам ёд.

Зи ишқат дилфигору синачокам,
Зи ҳаҷрат хастаҷону дарднокам.
Ба рӯи хок ёди ман накардӣ,
Кунӣ ёдам, чу андар зери хокам.

Канори атрогинат куҷо шуд?
Баҳори рӯи бечинат куҷо шуд?
Фиғон аз талху шӯриҳои қисмат
Муҳаббатҳои ширинат куҷо шуд?

Худоё, эй худоё, эй худоё,
Макун ёри маро аз ман ҷудоё.
Сурудам дар гулӯ чун мор печад,
Агар ёре набошад ҳамсадоё.

Бидидам ман ҳама савдои дунё,
Ҳама вазъу ҳама ақсои дунё.
Ба ҷуз кӯи муҳаббат дилнишин нест
Ягон кӯе дар ин паҳнои дунё.

Маро дилдода кардӣ, оҳу афсӯс,
Ҳам ошиқбода кардӣ, оҳу афсӯс.
Ба гулханди лаби беҷодарангат
Маро беҷода кардӣ, оҳу афсӯс.

Миёни мо чӣ фарсахҳост, эй дод!
Миёни мо чӣ барзахҳост, эй дод!
Биҳиште доштем он соат, акнун
Миёни мо чӣ дӯзахҳост, эй дод!

Зи ҳар ҷониб хабар меояд имрӯз,
Ба ҷони ман шарар меояд имрӯз.
Шумо, эй кӯчаҳои шаҳр, донед,
Ки ёрам аз сафар меояд имрӯз.

Дилам гум мезанад шабҳо, худоё,
Ба ёди он руху лабҳо, худоё.
Агар он моҳрӯ бо ман насозад,
Чи суд аз моҳу кавкабҳо, худоё.

Ҷавони бемуҳаббатро чӣ гӯям?
Арӯси беназофатро чӣ гӯям?
Хазон ҳам пеши худ дорад тароват,
Баҳори бетароватро чӣ гӯям?

Биё, то ман дар оғӯшат бимирам,
Гунаҳкори гунаҳпӯшат бимирам.
Дар ин даврон, ки оҷизӣ шиор аст,
Ғуломи ҳалқабаргӯшат бимирам!

Дилам ҷуз васли ту коме надорад,
Агарчи аз ту пайғоме надорад.
Дилором аст номи ту, валекин
Дилам аз ишқат ороме надорад.

Канорат беканор аст, эй сабуксанг,
Ғамат беғамгусор аст, эй сабуксанг.
Хазонатро намедонам, валекин
Баҳорат бебаҳор аст, эй сабуксанг.

Биё, дар раҳгузори ту бимирам,
Чу рӯзи рӯзгори ту бимирам.
Дар ин дарёи нопайдоканора
Биё, то дар канори ту бимирам.

Фиғоно, боз ишқе дар дилам мурд,
Чи осон қиссаҳои мушкилам мурд.
Зи кишти дил дигар ҳосил нарӯяд,
Ки фарёдо, замини қобилам мурд.

Яке май, дигаре майдон парастад,
Яке ваҷду дигар виҷдон парастад.
Надидам ҳеҷ инсоне, дареғо,
Ки чун Мавлои Балх инсон парастад.

Ман инсону ту хосон меписандӣ,
Ман исёну ту осон меписандӣ.
Миёни ҷони мо ҷурбат чӣ ҷӯӣ,
Ки ман ҷону ту марҷон меписандӣ.

Ту бепарвой парвардӣ, гули ман,
Сипоси дил наёвардӣ, гули ман.
Маро гум кардию з-он баъд кам-кам
Ту худро низ гум кардӣ, гули ман.

Дилам то метапад, таппиш бимонад,
Зи коҳи Каҳкашон коҳиш бимонад.
Бимонад чархи гардун ҳам зи гардиш,
Сарам гар як дам аз гардиш бимонад.

Ман аз ин ишқи бесомон бимирам,
Ман аз ин шавқи нофармон бимирам.
Зи хоки гӯри ман оташ бирӯяд,
Чу рӯзе бо дили сӯзон бимирам.

Зи саҳро бигзарам: гул сархамида.
Ба дарё бингарам: мавҷи рамида.
Биандешам чаро охир, чаро ман
Дар ин дунёму дунё надида?

Маро дар рӯи дунё манзиле буд,
Маро аз кишти дунё ҳосиле буд.
Ба дарё мезанам дил, то бидонад,
Ки андар соҳилаш дарёдиле буд.

Ду дӯшиза сафои рӯҳи ман буд,
Ду дӯшиза балои ҷону тан буд;
Яке дӯшизаи ширинсухан буд,
Яке дӯшизаи шеъру сухан буд.

Аҷал сад бор бигрифт аз гулӯям,
Вале ман боз ҳам ёри сабӯям,
Надидӣ нуҳ фалакро дар дили ман,
Чӣ гӯям, эй фалак, бо ту чӣ гӯям?!!

Дигар он шӯру шавқи рағбатам нест,
Дигар он қомату он қиматам нест.
Чи кардӣ, эй фалак, бо ман чӣ кардӣ,
Ки бахри ҷуръа хурдан ҷуръатам нест?

Ба дил сад сози сӯзе боядам рафт,
Ба доғи дилфурӯзе боядам рафт.
Дилам метаркад аз андӯҳи сангин,
Чу андешам, ки рӯзе боядам рафт.

Дили ман шиква аз даврон надорад,
Гила аз чархи саргардон надорад.
Раҳи ман ним шуд, аммо хушам ман
Ки поёни раҳам поён надорад.

Муҳаббат! Ё маро, ғарқи гунаҳ дор
Ва ё аз макри номардон панаҳ дор!
Агар хоҳӣ чу инсон зинда бошам,
Маро чун шоири ошиқ нигаҳ дор!

Мабодо соати дил кандани ёр,
Мабодо дил ба санг афкандани ёр.
Муҳаммад кард агар меъроҷи гардун,
Бувад меъроҷи ман то гардани ёр.

Туро озурдаму дилрешам имрӯз,
Туро гум кардаму бехешам имрӯз.
Ба олам дар ба дар чун шоҳи Эрон
Гадоям, муфлисам, дарвешам имрӯз.

Баҳоре, дар ҷаҳони рангу бӯе
Шавӣ сармаст беҷому сабӯе,
Чи нақши сабзу бахти сабз бошад
Ба рӯи сабза бо сабзинарӯе.

Ба қасди ин ҳама осонгузорон
Туӣ бар ман барои сабза борон.
Сари сабзам фидои ҳусни сабзат,
Ало, сар то қадам асли баҳорон!

Бидеҳ ҷоме, ки месӯзад замирам,
Бидеҳ ҷоме, ки то ман дарнагирам.
Зи дасти марг бигрезам шабу рӯз,
Ба уммеде, ки аз дасти ту мирам!

Чаро аз ман рамидӣ, эй гули ман,
Зи кӯям по кашидӣ, эй гули ман.
Дар ин дунё, ки гул паҳлӯи хор аст,
Гуле бо ман начидӣ, эй гули ман.

Биё, эй дилбари дирӯзаи ман,
Биё, эй мӯнису дилсӯзаи ман.
Ҳама ганҷи дили ман рафт бар бод,
Биё, эй лаъли ман, фирӯзаи ман.

Аз ин фарзонагӣ девонагӣ беҳ,
Аз ин ҳамбастагӣ бегонагӣ беҳ.
Даруни хонае аз ҳам ҷудоем,
Аз ин ҳамхонагӣ бехонагӣ беҳ.

Фалак, то ҳастӣ ту, нолиш бимонад,
Барои ганҷи ту ранҷиш бимонад.
Сарамро чарх мегардонӣ ҳар дам,
Илоҳӣ, чархат аз гардиш бимонад.

Дили бемори ман ёди ту дорад,
Дару девори ман ёди ту дорад.
Агар бо чашми дил хонӣ, бубинӣ,
Ҳама ашъори ман ёди ту дорад.

Ба даргоҳи ту оҳ оварда будам,
Дили гумкардароҳ оварда будам.
Ба пеши ту гуноҳи ман ҳамин буд,
Ки ишқи бегуноҳ оварда будам.

Хазон мерезад, эй ёрон, куҷоед?
Ба рағми ин хазонборон куҷоед?
Хазони бӯстони дил расида,
Шумо, дилсӯзу дилдорон, куҷоед?

Баҳор омад, ҳама дунём ишқ аст,
Дилу ҷонам, сару савдом ишқ аст.
Дар ин дунё ки сар то сар дурангист,
Зи сар то по, зи сар то пом ишқ аст.

Биё, эй гул, дилам аз ғам раҳо кун,
Барои хотири ишқам дуо кун.
Агар гаҳвораи ишқам набудӣ,
Сари гаҳворасангам гиряҳо кун.

Биё, ки ҷони ҷонат будаам ман,
Баҳоре дар хазонат будаам ман.
Ту аз ман рух магардон, ки замоне
Рухи бахти ҷавонат будаам ман.

Сабӯеро ба бӯе мефурӯшанд,
Нумӯеро ба мӯе мефурӯшанд.
Чӣ гӯям як гурӯҳи бенасабро,
Ки дарёро ба ҷӯе мефурӯшанд.

Чаро аз ваъдаи худ дер кардӣ?
Ҳавасҳои диламро пир кардӣ.
Басо бигзашт бар ман ҷаври тақдир,
Ту ҷаври бадтар аз тақдир кардӣ.

Ту он шаб он қадар болида будӣ,
Ки бо ман тан ба тан печида будӣ.
Сафеду покрӯ дидам туро субҳ,
Ки ҳамчун барфи навборида будӣ.

Манам дарёдилу чашми ту дарёст,
Манам фардоталаб, ишқи ту фардост,
Ман аз худ рафтаму аз ту нарафтам,
Ки аз ту рафтанам рафтан зи дунёст.

Чу барги гул касе шоир набошад,
Чу дарди май касе соҳир набошад.
Лаби паймона гӯяд розҳое,
Ки лак-лак орифе қодир набошад.

Худовандо, дили деринаам ку?
Талоши ҷон, шарори синаам ку?
Зи боғи дил хазон мерезад имрӯз
Нигори хушгили сабзинаам ку?

Тароватҳои мӯят ёдам омад,
Назокатҳои рӯят ёдам омад.
Дар ин соат, ки гунгу лолам аз дард,
Садои гуфтугӯят ёдам омад.

Алам будам шабе дар олами ту,
Бихӯрдам ҷоми лабрез аз ғами ту.
Туро аз бешу кам кардам хабардор,
Ки будам ғофил аз бешу ками ту.

Биё, гулро ба гул пайванд созем,
Биё, дилро зи дил хурсанд созем.
Дар ин дунё, ки худ фанду фиреб аст,
Чаро мо ҳамдигарро фанд созем?

Дуоям кун, ки дар кӯи ту мурдам,
Ду чашми чор бар сӯи ту мурдам.
Зи ту бӯи вафое ҳам наёмад,
Дареғи ман, ки бо бӯи ту мурдам.

Дили ман хонаи деринаи туст,
Ба сад чангу ғубор оинаи туст.
Дарахти шеъри ман гар сабз монда,
Зи тоби чеҳраи сабзинаи туст.

Ба сар эй бас баҳорам гул фишонда,
Ба дил эй бас нигорам ғам кашонда.
Басо ишқо, ки мурд андар дили ман,
Ба ҷуз ишқи ту, ки сӯзанда монда.

Баҳои як хасе ганҷи гарон нест,
Баҳори ман баҳои як хазон нест.
Зи ман хоҳӣ, ки қурбони ту бошам,
Ҷаве арзандаи умри ҷавон нест!

Хушо ишқо, сафои манзили ман,
Матои асли ман, обу гили ман.
Сад уқёнус агар обаш бирезанд,
Намирад оташи ишқи дили ман.

Биё, дарё равем, эй чашми дарё,
Биё, якто шавем, эй ҳусни якто.
Аз ин пастӣ, ки ҷои пастакон аст,
Биё, боло равем, эй қадди боло!

Паси дунё давидему давидем,
Ғами дунё кашидему кашидем.
Ба поёни раҳи сарманзили умр
Ба гӯристон расидему расидем.

Биё, эй дарди ишқ, эй дарди олӣ,
Ки мебошӣ сазои марди олӣ.
Ту он дарёи нопайдоканорӣ,
Ки мепаймод дарёгарди олӣ.

Зи худ бехуд шудам, ёди ту кардам,
Ба худ боз омадам, ёди ту кардам.
Ба хокистони дунё ҳар чӣ хокест,
Ҳама бар сар задам, ёди ту кардам.

Ба савдое чаро виҷдон фурӯшӣ?
Ба як паймона май паймон фурӯшӣ?
Чаро ҳусне, ки нархи сад ҷаҳон аст,
Ба дони арзане арзон фурӯшӣ.

Агар бо ман бихоҳӣ сӯзу созе,
Агар дорӣ ба ман нозу ниёзе,
Бибояд бошӣ ҳамчун оҳани хом
Миёни кӯраи оҳангудозӣ.

Зи дурди дардҳои рӯзгорон,
Зи доғи дурии дидори ёрон
Чу ҳар боре дилам гиряд зи андӯҳ,
Ба рӯи сафҳа резад резаборон.

Даме бо худ қаринам кардӣ, эй гул,
Вале охир ғаминам кардӣ, эй гул.
Туро то осмон афроштам ман,
Ту яксони заминам кардӣ, эй гул.

Зи ман бемуддао будию рафтӣ,
Забону дил ҷудо будию рафтӣ.
Худо гуфтам, худо гуфтам, ки баргард,
Ту аммо бехудо будию рафтӣ.

Дилафрӯзи ту будам, эй дилафрӯз,
Ту расми сӯхтан аз ман биёмӯз.
Ба ҳаққи сӯхтанҳои баландам
Чароғе дар сари гӯрам бияфрӯз.

Гули ман, гулпарастатро маёзор,
Дили ман – нақди дастатро маёзор.
Ҳазорон ҳамнишасти беғамат ҳаст,
Ғами ман – ҳамнишастатро маёзор.

Ба ҷони ман ғаме ҳар нокас овард,
Ба ҳаққи гулпарастиям хас овард.
Расида буд поям бар лаби гӯр,
Лаби ту аз лаби гӯрам пас овард.

Чу мушти обу гил ёдам кунӣ, бас.
Чу ишқат ҷонгусил ёдам кунӣ, бас.
Ба сад дил дӯстат медоштам ман,
Агар бо номи дил ёдам кунӣ, бас.

Басо пешу паси дунё навардид,
Басо гирди сари дунё бичархид.
Зи сад дарё баромад хушк Лоиқ,
Ба дарёи дили ту ғарқ гардид.

Касе бо зиндагӣ ҳамроҳ будаст,
Ки аз ишқу ҷунун огоҳ будаст.
Касе, ки умри кӯтаҳ дошт, эй дӯст.
Бидон, ишқи дилаш кӯтоҳ будаст.

Бақоро бебақо созад ҷудоӣ,
Худоро бехудо созад ҷудоӣ.
Мабод он дам, мабод он дам, ки як дам
Туро аз ман ҷудо созад ҷудоӣ.

Ба имое ту имонам гирифтӣ,
Гуле додӣ, гулистонам гирифтӣ.
Бисӯзад решаи ҷони ҷавонат,
Ки «ҷонам» гуфтию ҷонам гирифтӣ.

Ту аввал қиссаи ногуфта будӣ,
Вале пас қиссаи ошуфта будӣ.
Худоро шукри он соат кун, эй гул,
Ки вақте бо ман аз худ рафта будӣ.

Ғаму андӯҳи ман бӯи ту дорад,
Дили ман мӯя аз мӯи ту дорад.
Ғами худ афканам бар мавҷи дарё,
Ки дарё мавҷи гесӯи ту дорад.

Ҳар он чӣ ишқ донад, мо надонем,
Ғаме ҳам гар диҳад, мо шодмонем.
Паямбарро кушад чашмони нилӣ,
Чи ҷои мо, ки як озурдаҷонем.

Хабар омад, ки бемор астӣ, эй гул,
Ба чанги дарду тимор астӣ, эй гул.
Дилам месӯзад, аммо беилоҷам,
Зи бас ҳамсуҳбати хор астӣ, эй гул.

Туро дарё ба дарё бурдаам ман,
Туро дунё ба дунё бурдаам ман.
Ба зоҳир фарди бефардостам, лек
Туро то мулки фардо бурдаам ман.

Гурӯҳеро ба ҷоме мешиносанд,
Гурӯҳеро ба боме мешиносанд,
Гурӯҳеро ба доме мешиносанд,
Гурӯҳеро ба номе мешиносанд.

Дили ту бо дили ман сӯхтан дошт,
Русуми ошиқӣ омӯхтан дошт.
Даруни зулмати қисмат ба ҳар ранг
Дили ту бо дилам афрӯхтан дошт.

Ниҳоли ошиқон пайванди ишқ аст,
Камоли ошиқон савганди ишқ аст.
Заволи ошиқон ҳаргиз аҷал нест,
Заволи ошиқон аз фанди ишқ аст.

Хурам аз ишқи ту, то зиндагӣ ҳаст
Ғами пайваста, эй абрӯи пайваст.
Диламро, эй басо бишкастӣ, аммо
Хуморат дар дили бишкаста нашкаст.

Сари зулфат сари улфат надорад,
Хами зулфат ба ҷуз кулфат надорад.
Ман аз он ёри ҳарҷоӣ гурезам,
Ки исме дораду исмат надорад.

Зи ишқат гар сафо ояд, чи хубе.
Муроди ҷони мо ояд, чи хубе.
Зи гесӯят ба ҷуз атри фарангӣ
Агар бӯи вафо ояд, чи хубе.

Касе, ки нанги миллат дорад, эй дӯст,
Ба сина доғи зиллат дорад, эй дӯст.
Ту бахри давлат аз миллат машӯ даст,
Ки давлат баъди дав лат дорад, эй дӯст.

Биё, ки руй дар рӯят бимирам,
Ба даври чашми оҳуят бимирам.
Биё, гар дар сари кӯят набудам,
Ақаллан дар сари кӯят бимирам.

Ман он як ошиқи кӯрам, дареғо,
Ки дар ишқи ту маъзурам, дареғо.
Замин бо осмон наздик шуд, лек
Ман аз ту боз ҳам дурам, дареғо.

Чи шабҳо, ки ба ёдат гиря кардам,
Чи шабҳо, ки ба ёдат бода хурдам.
Чи шабҳое, ки андар интизорат
Ҳамебоист мурдан, ман намурдам!?

Диламро дар кафат додам, надидӣ,
Гулистон ҳадяат кардам, начидӣ.
Пас аз он, ки баҳори ман хазон шуд,
Чу бод андар хазони ман вазидӣ.

Ҷаҳони рангу бӯ сират надорад,
Ки ҳим-ҳим дораду ҳиммат надорад.
Аз он дилбар дили худ воситонед,
Ки қомат дораду қимат надорад.

Биё, мотам кунем, он ишқи мо мурд.
Ҳама тобу табу сӯзу наво мурд.
Зи умри бевафо ҷурме набошад
Ки худ дар пеши чашми мо вафо мурд.

Ҳама дар неъмату носери дунё,
Ҳама дар маснаду машғули савдо.
Агар ғарқидаро гӯё кунад марг,
Бигӯяд: ташна мурдам зери дарё!..

Замоне шеъри тар будему рафтем,
Зи сар то по шарар будему рафтем.
Касеро на зафар буд, на хатар буд,
Зафар андар хатар будему рафтем.

Гаҳе ман масти шавқи ҷустуҷӯям,
Гаҳе масти маю ҷому сабӯям.
Ҳама он май, ки хурдам, ман нахурдам,
Ғами дил хурду ман бадноми ӯям.

Ту бардорӣ аламро, ман аламро,
Ту бишморӣ рақамро, банда ғамро.
Маро гар сад қалам созӣ ба сад макр,
Нагирӣ ҳаргиз аз дастам қаламро.

Гурӯҳе пухта бинмоянду хоманд,
Гурӯҳе рангбози нангу номанд.
Чу ман з-он зумраам, донам, ки алҳақ
Ҳама ширинкаломон талхкоманд.

Маро гаҳ масту расво мешиносанд,
Сабукрою сабукпо мешиносанд.
Агарчи пой то сар шоирам ман,
Маро гаҳ бесарупо мешиносанд.

Ду чашма як шавад, дарё бисозад,
Ду дил қоим шавад, дунё бисозад.
Агар имрӯз аз дирӯз хуб аст,
Ҷаҳони равшани фардо бисозад.

Ту чун ман пуралам ҳаргиз набудӣ,
Ки аз аҳли қалам ҳаргиз набудӣ.
Ту бо ман ҳамқадаҳ будӣ даме чанд,
Валекин ҳамқадам ҳаргиз набудӣ.

Шитобон омадам, рафтам шитобон,
Надонистанд қадрам ҳамрикобон.
Надонистанд, ман будам замоне
Шарики ҷонхаробон, дилкабобон...

Гаҳе дар маҷлиси даъво хамӯшам.
Гаҳе бо хештан танҳо биҷӯшам.
Ҳаромам бод шири поки модар,
Ки мардиро ба номардӣ фурӯшам!

Агар ман мурдаам, савдо намурдаст,
Танам мурда, дили шайдо намурдаст.
Ба ёди он ҳама дарёдилиям
Лаби дарё биё, дарё намурдаст.

Диламро мехурад ҳар дам ғами ишқ,
Даме беҳамдамам созад дами ишқ.
Намедонист олам аз вуҷудам
Намебудам агар дар олами ишқ...

Чӣ гӯям, дафтарам холист имшаб,
Ҳама бому дарам холист имшаб.
Дилам холӣ, сарам холист имшаб,
Ки ҷои дилбарам холист имшаб.

Басе бигзаштаам баҳру бари дил,
Гаравгон дода сар баҳри сари дил.
Вале бо ин ҳама дородилиям
Гадоӣ кардаам пушти дари дил.

Зи ҳусни туст ҳусни орзуям,
Ба кӯи туст роҳи ҷустуҷӯям.
Агар пурсандаҳо фардо бипурсанд
Ба ҷои номи худ номи ту гӯям.

Зи ишқи хонуме бехонумонам,
Агарчи дар замонам, безамонам.
Замину осмонам буд вақте,
Дареғо, безамину осмонам.

Маро як ишқ сад дунё бубахшад,
Маро як ҷом сад дарё бубахшад.
Зи сар то по гунаҳкорам гар имрӯз,
Гунаҳҳои маро фардо бубахшад.

Гаҳе дар худ кабирам, гаҳ сағирам,
Гаҳе худро амирам, гаҳ асирам.
Маро то он ки аз дунё барад марг,
Ман андар худ, ман андар худ бимирам.

Ту будӣ як замон дар синаи ман,
Зи кулли насяҳо нақдинаи ман.
Шиносам то дили худрову худро
Ту будӣ рӯ ба рӯ оинаи ман.

Агар бе ман даме шодӣ, хушат бод,
Дар он вайрона ободӣ, хушат бод.
Зи ман озод гаштӣ хуб кардӣ,
Агар аз хеш озодӣ, хушат бод!

Дилам оҳанги мастӣ дорад имшаб,
Ки нақди ганҷи ҳастӣ дорад имшаб.
Дилам аз сина берун мегурезад,
Ки қасди дилпарастӣ дорад имшаб.

Туро дидам ба раҳ, роҳам хато шуд,
Дилам дар кӯчаи ишқат гадо шуд.
Ба ёди бӯсаҳои насяи ту
Тамоми нақди умр аз каф раҳо шуд.

Ту, эй шеъри равони ман, куҷоӣ?
Ту, эй тобу тавони ман, куҷоӣ?
Маро пирӣ ба чанги худ гирифтаст,
Ту, эй ёри ҷавони ман, куҷоӣ?

Ду чашмаш чун шафақ сӯям нигаҳ кард,
Мани беҷурмро ғарқи гунаҳ кард.
Наменолам ман аз чархи сияҳкор,
Сафедандомаке рӯзам сияҳ кард.

Дил андар синаам ҳар дам шукуфад,
Гаҳ аз шодӣ, гаҳе аз ғам шукуфад.
Дилам ҳамнавъи гулҳои пиёда-ст,
Ки помоли саворон ҳам шукуфад.

Ту пайдо гаштиву гум шуд дили ман,
Сари зулфи ту шуд сарманзили ман.
Чу дарё ишқи ту шӯриду тӯфид,
Ба дарё рафт кишту ҳосили ман.

Дуоят мекунам: фархунда бошӣ,
Ҳамеша бо лаби пурханда бошӣ.
Ба он ҳусни паямбарофаринат
Маро куштӣ, илоҳӣ зинда бошӣ!

Зи шармат шармсорам кардӣ, эй гул,
Ба як гул бебаҳорам кардӣ, эй гул.
Пас аз як шаб, ки будам ҳамканорат,
Ба ғамҳо ҳамканорам кардӣ, эй гул.

Намехоҳам, ки аз кулфат бимирам,
Ва ё аз роҳати улфат бимирам.
Чу аз хуршеди рӯят сӯхтам ман,
Биё, дар сояи зулфат бимирам.

Нагӯед ӯ ҷавон буду ҷавон мурд,
Ва ё аз ҷаври чархи осмон мурд.
Ба санги гӯри ман, ёрон, нависед,
Ки Лоиқ лоиқи шеъри замон мурд.

Сипардӣ ту Хуросони суханро,
Бадахшону Сиистони суханро.
Аё шоир, басо ҷон кандӣ, аммо
Накандӣ риштаи ҷони суханро.

Умеди зиндагӣ уммеди ишқ аст.
Ҷаҳон як нусхаи тақлиди ишқ аст.
Ту хуршеде ки мебинӣ ба гардун,
Фақат як шуълаи хуршеди ишқ аст.

Талошу норизоӣ боз ҳам ҳаст,
Ситезу ҷонфидоӣ боз ҳам ҳаст.
Шаҳонро сарнагун карданд, аммо
Фақириву гадоӣ боз ҳам ҳаст.

Чи дарди бедавое – худситоӣ,
Пашизеро талоши бебаҳоӣ.
Худоро мекунанд инкор, аммо
Басе доранд даъвои худоӣ.

Кучой, ёри аввал дидаи ман,
Дар охир аз хато ранчидаи ман.
Ба чашмам мехалад имрӯз чун хор
Ҳама гулҳои бе ту чидаи ман.

Фалак пири балокаш буду бошад,
Замин саҳни кашокаш буду бошад,
Ҷаҳонро кӯри модарзод пиндор,
Ки Инсонаш асокаш буду бошад.

Фалак аз бурдборӣ бекарон аст,
Замин аз хоксорӣ ҷовидон аст.
Мукофоте надорад хоксорӣ,
Намедонам, ки расми чӣ замон аст?

Басо дидам, ки дар доме фитоданд,
Ба ҷурми ком ном аз даст доданд.
Гадое нест дар мулки ман, аммо
Гадотабъу гадочашмон зиёданд.

Ба ҳар кас пухта додам, хом бурдам,
Маи нобам бихурду дод дурдам.
Зи боғи ин ҷаҳон таклифам ин аст,
Ки беосеб як себе нахурдам.

Ба қасди ман агар дорӣ фақат мушт,
Туро лаънат кунад ҳафтоду як пушт,
Маро ту мекушӣ бо макру туҳмат,
Валекин рӯҳи ман хоҳад туро кушт.

Ҳар он чӣ сохтам ман, сӯхтӣ ту.
Ба ҷои моҳ шамъ афрӯхтӣ ту.
Аз он арзонбаҳо мондӣ, чӣ арзон
Харидорони худ бифрӯхтӣ ту.

Ту будиву ману эй вой бар ман –
Гули наврустае бо абри баҳман.
Шабе андар канорат будаму баъд
Надорам дар ҷаҳон як рӯзи равшан...

Ниҳонамро аён кардӣ, ту кардӣ,
Забонамро забон кардӣ, ту кардӣ.
На танҳо поям, эй модар, ба ишрат,
Ки шеърамро равон кардӣ, ту кардӣ.

Яке дидам турову дил гадо шуд,
Дурустиҳои умри ман хато шуд.
Ту яктои ҷаҳон будӣ, аз он аст,
Ки аз бори ғамат пуштам дуто шуд.

Набояд ҳофизи ҳар ину он буд,
Набояд посбони нокасон буд.
Ба ҷои моли анбору мағоза
Бузургонро бибояд посбон буд.

Ҳар он розе ту донӣ, ман надонам,
Ҳар он созе ту хонӣ, ман нахонам.
Зи ҳуснат он қадар қарзам зиёд аст,
Ки сад ҷон ҳам канам, кандан натонам.

Басо бишнида гуфтори ҳавой,
Надидам роҳу расми ошной.
Агар ман бевафо будам, дуруст аст,
Ки дунё дошт бо ман бевафой.

Аз он лабҳо, ки лабрези сафоянд,
Аз он чашмон, ки дилро мекушоянд,
Ҳама дуздон зи дуздӣ даст шӯянд,
Чу мо гар бӯсаи дуздӣ рабоянд.

Даме дастат ба дастам кардӣ, эй гул,
Набудам, боз ҳастам кардӣ, эй гул.
Ба ман як соғари май додиву лек
Ҳазорон сол мастам кардӣ, эй гул.

Хазонрезу хазонрезу хазонрез,
Чаро умри ҷавонӣ бигзарад тез?
Чаро одам надонад қимати умр?
Чаро ночиз гардад аз паи чиз?

Зи ҳар осори мо дар дил асар нест,
Ниҳоли умр доим пурсамар нест.
Раҳи кайҳон шавад наздик, аммо
Раҳе аз роҳи дилҳо дуртар нест.

Ҷавонему ҷавонему ҷавонем,
Беҳин меросдорони замонем.
Замин паст, осмон аз бас баланд аст,
Миёнҷии замину осмонем.

Агар мардони раҳ дар раҳ бимонанд,
Магӯ, онҳо касони нотавонанд.
Агар худ ноумеди нимароҳанд,
Умедеро ба манзил мерасонанд.

Ҷаҳонеро ба мо мерос доданд,
Фазоеро паи парвоз доданд.
Чу моро модарон зоданд рӯзе,
Заминро ҳамчу пойандоз доданд.

Дили мо мазҳари оянда бошад,
Туфайли мо ҷаҳон поянда бошад.
Ҳазорон зиндагон мурданду рафтанд,
Замини мурдае то зинда бошад.

Туро ҷуз марди бопаймон наёбад,
Туро ҷуз ғолиби майдон наёбад.
Ту он кони тилоӣ, духтари кӯҳ,
Ки ҳар як кӯрдил осон наёбад.

Ҷаҳону зиндагонӣ бо ту зебад,
Суруру шодмонӣ бо ту зебад.
Ҷавонӣ кун, ҷавонӣ кун, ки имрӯз
Хушиҳои ҷавонӣ бо ту зебад.

Ҷудо аз ту парешонӣ маро кушт,
Ҷудо аз ту пушаймонӣ маро кушт.
Ҷудо аз ту пушаймонӣ чӣ бошад,
Ки вовайлои пинҳонӣ маро кушт.

Хатои ту ҳама зебост, эй дил,
Ниҳони ту ҳама пайдост, эй дил.
Ҳар он неку баде, ки аз ту ояд,
Бақои мо, фанои мост, эй дил.

Барои дилкушодон даҳр танг аст,
Барои шишадилҳо даҳр санг аст.
Барои чашмтангон умр мол аст,
Барои кинадорон сулҳ ҷанг аст.

Худафрӯзӣ – шиори шоирон аст,
Худомӯзӣ – китоби оқилон аст.
Агар мо як дам аз худ розӣ бошем,
Зи мо норозӣ фардои ҷаҳон аст.

Ба ёди рафтагон овоз кардам,
Ба роҳи рӯҳашон парвоз кардам.
Ман анҷоми ҳаёти мурдагонро
Зи субҳи умри худ оғоз кардам.

Лаби ҷому лаби ҷононаам ку?
Лаби бому кабӯтархонаам ку?
Кабӯтарҳо ҳама ҳар сӯ париданд
Сабабгори дили девонаам ку?

Маро ё зуд ё дер офариданд,
Маро ҷавшан ва ё тир офариданд.
Ба дарду бар ҷароҳатҳои дунё
Паи дармону тадбир офариданд.

Диле дорам, ки лабрези суруд аст,
Саропо ларзаи амвоҷи рӯд аст.
Ниёзу нози ӯ бар дӯши умрам,
Ба ҳар роҳе равам, ноозмуд аст.

Ниҳоли умр пайванде нагирад,
Аҷалро ақл дар банде нагирад.
Ғанимат, эй ҷавонон, панди пирон,
Ки аз пирон аҷал панде нагирад.

Биё, эй дӯст, қадри ҳам бидонем,
Ки ҳоло навхату шӯху ҷавонем.
Ҷавонӣ чун ниҳоли гул набошад,
Ки онро ҳар баҳор аз нав нишонем.

Яке андешаманду худгаре буд,
Дигар инсони инсонпарваре буд.
Яке баъд аз вафоташ пайкаре ёфт,
Дигар дар зиндагонӣ пайкаре буд.

Саҳар дарё чу тифли тозарӯй аст,
Чу шеъри тар бубинӣ оби ҷӯй аст,
Барои дидани дидори хуршед
Миёни баргҳо хуш гуфтугӯй аст.

Дар ин дунё агар дунё надорӣ,
Сари пуршӯру пурсавдо надорӣ,
Аз ин як рӯзи кӯтоҳат чӣ ҳосил,
Дар имрӯзат агар фардо надорӣ?!

Зи оҳан одами оқил насозанд,
Зи фӯлод одами комил насозанд.
Бисозанд офтобу моҳи маснӯъ,
Чу мо инсони соҳибдил насозанд.

Лаби дарё сафои рӯҳу ҷон аст,
Дили дарё ҷаҳони бекарон аст.
Хурад мавҷе сари мавҷи дигарро,
Вале дарё равон асту равон аст...

Касоне, ки ғами дунё надоранд,
Ба сар андешаи фардо надоранд,
Ҳама доранд аз моли ҷаҳон, лек
Дар ин дунёи равшан ҷо надоранд.

Ҷаҳон майдони исёну набард аст,
Дар ӯ тавъам ҳама дармону дард аст.
Биёбонгардро гоҳе барад об,
Ба хушкӣ ғарқ гаҳ дарёнавард аст.

Тулӯи бахти мо аз синаи мост,
Умеду орзу ганҷинаи мост.
Нумӯи кишти фардои ҷаҳонҳо
Зи тухми киштаи деринаи мост.

Гурӯҳе аз барои нуқраву зар,
Гурӯҳе аз барои шавкату фар
Заминро он қадар тақсим карданд,
Ки охир зери он хуфтанд яксар.

Замину осмони ман – дили ман,
Баҳори ман, хазони ман – дили ман.
Туро ҳам донаму ҳам менадонам,
Аёну ноаёни ман – дили ман.

Тамоми бешаҳо месӯзад имшаб,
Ситора дар само месӯзад имшаб.
Ситора дар само сӯзад, бисӯзад,
Дилам бахри шумо месӯзад имшаб.

Зиёда кишвари мо кӯҳсор аст,
Зи тоҷи қуллаҳояш тоҷдор аст.
Агар баҳре надорад кишвари мо,
Дили мо баҳрҳои беканор аст.

Саводи шоирӣ мактаб надорад,
Қалам парвои рӯзу шаб надорад.
Бувад шоир фидоии замона,
Ҷаҳони шоирӣ мансаб надорад.

Бидонад дарди ҳар як дилшикаста,
Бидонад ранҷи теша, ранҷи даста.
Бувад хунёгари мумтоз шоир,
Ки донад нағмаи тори гусаста.

Набошӣ як нафас осуда, эй дил,
Нахоҳӣ як дами беҳуда, эй дил.
Ҳар он роҳе, ки нопаймудаам ман,
Ту онро сар ба сар паймуда, эй дил.

Агар бишкаст оҳан ё ки фӯлод,
Нагӯям эй дареғ, эй вой, эй дод!
Валекин аз хиёнатҳои ёрон
Диле чун бишканад, фарёду фарёд!

Баҳори гулфишон омад, гули ман,
Ба ҷӯ оби равон омад, гули ман.
Дили ман ҳам чу мурғони фирорӣ
Зи нав бар ошён омад, гули ман.

Чи хуш мегуфт борон дар биёбон:
Шитобон омадам, рафтам шитобон.
Зи шаб то субҳдам хондам тарона,
Вале нашнид гӯши сахтхобон.

Гули ҳасрат паёми навбаҳор аст,
Валекин қисматаш носозгор аст.
Паёми фасли гул дар лаб бимирад,
Чи ҳасратҳо, ки дар ин рӯзгор аст...

Баҳорон гул ба домон омаду рафт,
Ба кӯи мо чу меҳмон омаду рафт.
Тиҳӣ шуд доманаш аз сабзаву гул,
Ба мисли мо пурармон омаду рафт.

Ҷаҳон равшан, ҷаҳон торик бошад,
Дар ӯ гаҳ зишт, гоҳе нек бошад.
Раҳи дуре набошад ҳеҷ мушкил,
Чу бо ту дӯсте наздик бошад.

Сари сабзат ҳамеша дар амон бод,
Дилат дар зиндагонӣ комрон бод.
Насиби ту ҳама шодии дунё,
Ғами олам насиби душманон бод.

Гул аз гул рангу бӯи нав бигирад,
Ҳам аз хуршед маҳ партав бигирад.
Гаҳ устод ақл омӯзад зи шогирд,
Гаҳе раҳбар паи пайрав бигирад.

Касоне, ки ҳамора бехурӯшанд,
На беақланд, на боақлу ҳушанд.
На бо туғён, на бо селанд ҳамрой,
Чу санги соҳили дарё хамӯшанд.

Шамоли тунди фасли тирамоҳон
Фурӯ резонд барги шохсорон,
Ту гӯӣ, баргҳо дар рӯи дунё
Парешонанд монанди ғарибон...

Ба рӯи роҳҳо барги хазон рехт,
Ки гӯӣ обрӯи бӯстон рехт,
Табиат пир шуд дар тирамоҳон,
Хазони умр як-як бенишон рехт!

Туро аз толеи худ кофтам ман,
Зи худ рафтам, туро то ёфтам ман.
Зи байти абруят тақлид кардам,
Суханро ҳамчу мӯят бофтам ман.

Баҳор асту бирезад резаборон,
Нишоне хоҳад аз ман рӯзгорон.
Ҳар он нахле, ки биншондам, шавад кош
Сутуни хонаи навхонадорон.

Саҳар хуршед бикшояд дари ман,
Нишинад ҳамчу ёре дар бари ман.
Кушояд чашми рӯзи дигарамро,
Бипурсад, то чӣ бигзашт аз сари ман...

Ту бо ман сӯхтиву сохтӣ, ёр,
Диламро бехато бишнохтӣ, ёр.
Сари савдоии бесарварамро
Навозиш кардию афрохтӣ, ёр.

Ба ҳар паҳно биҷӯ паҳнои худро,
Аз ин дунё ситон дунёи худро.
Зи камобии дарё тирамоҳон
Бубин ҳоли дили дарёи худро.

Чу мирад шоире, ҳайкал гузоранд,
Ҳисоби байтҳояшро шуморанд.
Вале аз шеърҳои мурдаи ӯ
Ба дилҳо заррае парво надоранд.

Чу ҳуснат шеъри виҷдонӣ надидам,
Чу мӯят риштаи ҷоне надидам.
Ба байти абруят дар шеъри тоҷик
Ягон шаҳбайти ҳамсоне надидам.

Гаҳе на ёди хурду хоб кардем,
Ки то рози диле дарёб кардем.
Барои ташнагони зиндагонӣ
Дили худро шабу рӯз об кардем.

Дар ин дунё бубояд қаҳрамон буд,
Паи ҳифзи амонӣ беамон буд.
Ба дилнармӣ наёрӣ тоби сахтӣ,
Бибояд сахтрӯю сахтҷон буд.

Чаро таънам занӣ, беақли сода,
Ки ту чобуксавору ман пиёда?
Ба ҷое, ки саворон мешитобанд,
Расад оқил ба як ҷо истода...

Бадо шаҳре, ки он ҷо оқиле не,
Барои фахри мардум фозиле не.
Чи бадбахт аст он мулку маконе,
Ки дарё дораду дарёдиле не.

Диле дорӣ, дилозоре надорӣ,
Ғаме дорию ғамхоре надорӣ.
Чи ношукрӣ, чӣ бадбахтӣ, чи зуфтӣ,
Ки бадхоҳи сазоворе надорӣ.

На боандешаву на хушзабонӣ,
Чунон дорӣ нишон, ки бенишонӣ.
Ту кӯриву туро ҳайронам, эй дӯст,
Чаро хонанд чашмикордонӣ?

Аламбардори номи ман ту бошӣ,
Давоми ман, паёми ман ту бошӣ.
Бимирам сарбаланд, эй тифли фардо,
Агар қоиммақоми ман ту бошӣ.

Макони ман замини суру шод аст,
Ҷаҳони ман фазои бокушод аст.
Дилам мурғест, к-андар роҳи парвоз
Сурудам чун паре аз ӯ фитодаст.

Сухан аз пеши худ кай бофтам ман,
Варо аз рози дилҳо кофтам ман,
Дарозу кӯтаҳии сатрҳоро
Зи ожанги ҷабинҳо ёфтам ман.

Якеро қасру боғу маҳмиле ҳаст,
Чароғи ақл неву манзиле ҳаст.
Якеро махзани пур аз тилое,
Маро дар махзани сина диле ҳаст!

Напурсида зи мо, зоданд моро,
Насиби зиндагӣ доданд моро.
Барои хеш то роҳе биҷӯем,
Сари дуроҳа бинҳоданд моро.

Дилам дарёст, соҳилҳо, куҷоед?
Дилам раҳҷӯст, манзилҳо, куҷоед?
Русуми дилбарӣ омӯхтам ман,
Шуморо ҷӯям, эй дилҳо, куҷоед?

Замину осмон бо ҳам наояд,
Ба дунё одами беғам наояд.
Шабе аз гиряи борон шунидам,
Ки ҳаргиз дидае бенам наояд.

Гуноҳи шоирон беҳ аз савоб аст,
Сиришки талхашон беҳ аз шароб аст.
Ба базми синаи онон шитобед,
Ки дуди оҳашон беҳ аз кабоб аст.

Ғами дунё ҳама ғамхори мо шуд,
Ками дунё ғами бисёри мо шуд.
Сабукборон ҳама рафтанд осон,
Набурда борашон сарбори мо шуд.

Гаҳе чун шуълаи оташ дамидам,
Гаҳе дар фикри бешу кам тапидам.
Маро ҳарчанд модар зод аввал,
Худамро боз сад бор офаридам.

Чӣ суд аз шӯҳрати барвақту осон?
Чӣ суд аз нашри чанде шеъру дастон?
Дили шоир ба монанди замин аст,
Ки бояд кард ҳар дам киштгардон.

Намонад кишти деҳқон нодуруда,
Намонад шеъри шоир носуруда.
Дар ин дунёи бурду бохт, эй кош,
Намонад коми ошиқ норабуда!

Чӣ бошад дил, агар дилбар набошад?
Сари коре агар дар сар набошад?
Ҳама ғамро бувад хурсандӣ дар пай,
Ғаме аз беғамӣ бадтар набошад.

Касе, ки ғам нахурд, одам нагардад,
Касе, ки дил наҷуст, олам нагардад.
Хурад ғам одамӣ аз рӯзи мисоқ,
Ғами олам ба хурдан кам нагардад.

Маро дар оташ андоз, эй гули ман,
Маро бигдозу бигдоз, эй гули ман.
Бад-ин хомӣ нахоҳам зиндагонӣ,
Маро ё сӯз, ё соз, эй гули ман.

Ба болои сарам маҳтоб доим,
Ду чашмони сарам бехоб доим.
Ҷудо гардад лаби ман аз лаби ту,
Лаби ҷӯро бибӯсад об доим.

Баҳори рафтаам дигар наояд,
Нигори рафтаам дигар наояд.
Дареғ аз тирҳои хокхурда,
Шикори рафтаам дигар наояд.

Зи ҳар як кӯҳ кони зар наёбӣ,
Зи ҳар баҳри дамон гавҳар наёбӣ.
Чу аз ёри нават гардӣ пушаймон,
Ту ёри куҳнаро дигар наёбӣ.

Ду чашмат чашмаи барқу шарар буд,
Назаргоҳи ҳама аҳли назар буд.
Ҷавон будӣ, вале фасли ҷавонӣ
Ба мисли ошиқонат раҳгузар буд.

Умедат дар дилам қасри тило кард,
Ғамат бо шодиям маҳшар бапо кард.
Агар кори хато бошад муҳаббат,
На ҳар оқил тавонад ин хато кард!

Сари кӯҳи баланд истода бошӣ,
Ба ёри қадрасе дилдода бошӣ,
Шавӣ ҳамдостони обшорон,
Чу домони саҳар озода бошӣ.

Суруди ишқ хондан навбати кист?
Канори чун биҳиштат қисмати кист?
Биёбӣ ҳамқаду ҳамдил наёбӣ,
Қади сарват радифи қомати кист?

Раҳи умрам раҳи кӯи ту бошад,
Ду чашми чори ман сӯи ту бошад.
Манам марди мусофир, тӯшаи раҳ
Ҳамон ду кулчаи рӯи ту бошад.

Фидои ҳалқаи чашмони мастат,
Адои ҷилваҳои қадду бастат.
Ба дарёи дили ман шаст андоз,
Ки моҳии тило афтад ба шастат.

Дилам аз ишқи ту ранҷур гашта,
Сарам савдоии машҳур гашта.
Ҳар он рӯзе, ки чашматро набинам,
Бидон, ки чашми рӯзам кӯр гашта.

Маро гум кардию дигар наёбӣ,
Хатамро дар ягон дафтар наёбӣ.
Биҷӯӣ сарҳисоби зиндагонӣ,
Валекин зиндагӣ аз сар наёбӣ.

Замоне дар дилам ишқу ҳавас буд,
Ситора аз бароям дастрас буд.
Агар ман рӯи дунёро надидам,
Насиби дидани рӯи ту бас буд.

Ало, эй нозанини моҳпайкар,
Лаби дарё биёӣ кӯза бар сар.
Лаби дарё биёӣ, об агар нест,
Зи дарёи дили ман ёд овар.

Хаёли васли ту мисли сароб аст.
Парии бахти ман зери ниқоб аст.
Чу нанвиштӣ ҷавоби номаҳоям,
Тамоми рӯзгорам беҷавоб аст.

Зи базми мо шикаста ҷом монад,
Зи саранҷоми мо анҷом монад.
Дили мо гарчи якумрӣ бисӯзад,
Миёни оташ ишқаш хом монад.

Чароғи мурдаро аз нав фурӯзанд,
Либоси кухнаро дарбеҳ бидӯзанд.
Тамоми умр сӯзад одамизод,
Дубораш баъди мурдан ҳам бисӯзанд.

Ду-се рӯзе дар ин дунёстам ман,
На бедарду на бепарвостам ман.
Бишуд ҳар сол соле умрам афзун
Надонистам, ки худро костам ман.

Замину осмон дур аст, эй гул,
Чу чашми бахти мо кӯр аст, эй гул.
Агар бо ҳам наояд қисмати мо,
Ҳама офоқ маъзур аст, эй гул.

Дили мо ҳамчу кони нокушода,
Сари мо дар раҳи савдо фитода.
Тани моро талоши зиндагонӣ
Миёни кӯраи оташ ниҳода.

Диле гар ҳаст, умеди дилбаре ҳаст,
Саре гар ҳаст, умеди сарваре ҳаст.
Гузашт имрӯзу парвое надорем,
Дили мо пур, ки рӯзи дигаре ҳаст.

Зи кибру мастиву майхонашинӣ
Заминро гоҳ зери по набинӣ.
Замин гоҳо аз он ларзад, ки гӯяд:
Ғанимат дон, ки дар рӯи заминӣ...

Ту боре дар дилат исён надида,
Талотумҳои рӯҳу ҷон надида.
Ба рӯи санг рустам ман, вале ту
Гули гулдонию борон надида.

Ту кӯрӣ, аҳволӣ, биностам ман,
Касифу каҷдилӣ, шайдостам ман.
Ту худхоҳию ман ҷонкоҳу ҷонсӯз,
Ту санги соҳилӣ, дарёстам ман!

Дар ин даҳри палиди пурзабола,
Ки дар ҳар гом дорад чоҳу чола.
Басо гургони борондида дидам,
Ки дилкаф мешаванд аз барфу жола...

Яке берӯю дар чархи барин аст,
Дигар рӯсурх дар зери замин аст.
Чу рӯзе баркашӣ суду зиёнро,
Басо болонишин поиннишин аст.

Яке гӯру дигар кон меканад боз,
Яке девори зиндон меканад боз.
Яке дил меканад аз ишқи ёре,
Яке чаҳ, дигаре ҷон меканад боз.

Ба ҳар роҳе, ки рафтам санг дидам,
Ба рӯи ҳар касе оржанг дидам.
Дар абрӯи касе, ки раҳнавард аст,
Нишони раҳ – ғубору чанг дидам.

Ало, дилошною дилбари ман,
Ду-се рӯзе парастори сари ман,
Чунон дар ишқи ту сӯзам, ки бошад
Аз оташ гармтар хокистари ман.

Муҳаббат масдари рушду камол аст,
Раҳи паймон на роҳи қилуқол аст.
Агар дар ишқ банди дил насӯзад,
Кушоди банди мушкилҳо муҳол аст.

Фитад аз осмон ахтар, наёбӣ,
Ҷавонӣ бигзарад, дигар наёбӣ.
Бинеҳ сар бар сари зонуи ёре,
Ки умрат чун басар шуд, сар наёбӣ.

Дареғу дод аз дасти ҷудоӣ!
Дареғи дигаре аз норасоӣ!
Дили ман ногаҳон афтоду гум шуд
Зи гесӯе чу санчоқи тилоӣ.

Дили ошиқ зи ҳаҷри маҳваше сӯхт,
Дили шоир паи байти хуше сӯхт.
Ҳама сӯзанд андар оташе, лек
Дили ман дар ғами беоташӣ сӯхт.

Хуш аст он к-ӯ ками худро физояд,
Ғамеро бо ғами дигар зудояд.
Сано бодо ба он марде, ки ҳар рӯз
Худ аз худ дар дилаш дунё кушояд.

Шабу рӯзони бисёре гузашта,
Басо обе зи ҷӯборе гузашта.
Ба мастиҳо нафаҳмидем, афсӯс,
Ки қадри хубии ёре гузашта...

Биё, то хирмани мӯят бубинам,
Биё, пайванди абрӯят бубинам.
Ду-се рӯзе биё, то зиндаам ман,
Ки дар рӯи замин рӯят бубинам.

Туӣ ганҷинаи умри ман, эй ёр,
Туӣ нақдинаи умри ман, эй ёр.
Ба монанди диле ғамгину шодон
Туӣ дар синаи умри ман, эй ёр.

Бидонад ҳар касе хушрӯзгор аст,
Ки нури зиндагӣ аз чашми ёр аст.
Ниҳоли умри ошиқ сабзу хуррам
Ҳаме аз бӯсаҳои обдор аст.

Ҳама дунё фидои номи ёрам,
Фидои як сухан пайғоми ёрам.
Барафрӯзам даруни сина оташ,
Пазад то ваъдаҳои хоми ёрам.

Муҳаббат ҳолию фардои умр аст,
Муҳаббат шӯриши дарёи умр аст.
На ҳар савдогар ин ҷо суд ёбад,
Муҳаббат, ҷони ман, савдои умр аст.

Зи ишқи ту куҷо ҷои гурез аст,
Маро ҳар як нафас бо ту азиз аст.
Ба ман бозии абрӯи каҷат гуфт,
Ки дунё расми каҷдорумарез аст.

Кушоду басти мушкилҳо ту бошӣ,
Сафои дидаву дилҳо ту бошӣ,
Валекин дар ҳама айём, эй ишқ,
Ҷазои ҷумла оқилҳо ту бошӣ.

Туро меҷӯям аз ҳар боғу гулшан,
Туро меҷӯям аз дунёи равшан.
Туро меёбаму гум мекунам боз,
Аҷаб беҳудакорам, вой бар ман!

Ба кӯят боз роҳ орам, гули ман,
Дили пурдарду оҳ орам, гули ман.
Зи кулли гирудори нафси одам
Дар оғӯшат паноҳ орам, гули ман.

Биё, то ҳусни ту пайдо кунад дил,
Биё, то ишқи нав иншо кунад дил.
Ба бедардӣ чӣ фарқи одаму санг?
Биё, то дарди дил пайдо кунад дил!

Сарам бо туст, кай гӯям, ки сар деҳ,
Варо ҳар лаҳза савдои дигар деҳ.
Агар бо ман ниёзе дар дилат нест,
Дилам бо туст, гоҳ аз ӯ хабар деҳ!

Дилам ҳамошёни булбулон буд
Ба саҳни бӯстонҳо нағмахон буд.
Баҳорон буду булбул буду гул буд,
Ҷавонӣ буду ёри ман ҷавон буд.

Дили ман, эй дили овораи ман,
Ту гум кардӣ ба ҳар ҷо чораи ман.
Агар аз дасти ту гирям шабу рӯз,
Наҷунбонад касе гаҳвораи ман.

Дили зебопарастам худфиреб аст,
Раҳаш гоҳе фарозу гаҳ нишеб аст.
Шаҳиди ҳусну рашку бевафоӣ,
Даруни синаам мисли ғариб аст.

Дили пур беҳтар аз паймонае пур,
Сари пурмағз аз сад хонае пур.
Чӣ ҷӯӣ ҳашмат аз ин чордевор,
Ки вай аз қиссаю афсонае пур.

Туро дар орзуям сохтам ман,
Ҷавониро ба ишқат бохтам ман.
Чу ту нашнохтӣ қадри диламро,
Накӯтар хешро бишнохтам ман.

Баҳоро, қосиди меҳри дили ман,
Баҳоро, муждаи фасли гули ман,
Чу баъди ман шавӣ такрор ҳар сол,
Бирӯён сабза аз хоку гили ман.

Баҳори ман баҳори ошиқӣ буд.
Дилам дар ишқи ёрон содиқе буд,
Аз он шодам, ки баъди ман бигӯянд
Замоне дар замин як Лоиқе буд...

Табиби ман ба ғайри ман касе нест,
Ҳабиби ман ба ғайри ман касе нест.
Ман аз ин умрфарсоӣ бидонам;
Рақиби ман ба ғайри ман касе нест.

Қарори ман ҳама аз беқарорист,
Барори ман ҳама аз бебарорист.
Ба худ андаррасам дар бехудиҳо,
Бақои ҷони ман аз ҷоннисорист.

Даруни сина исён мекунам ман,
Ба гӯши хеш афғон мекунам ман.
Сари савдопарасти хештанро
Ба ҷайби хеш пинҳон мекунам ман.

Нишони мо пас аз мурдан биҷӯянд,
Хатои мо пас аз мурдан бигӯянд.
Чи гулҳо, ки надидему начидем,
Пас аз мурдан зи хоки мо бирӯянд.

Дили беишқ ҳам озурда гардад,
Тани бедард ҳам фарсуда гардад,
Хазон гардад дарахти бесамар ҳам,
Гули бебӯй ҳам пажмурда гардад.

Фиреби зиндагӣ бар ҷои панд аст,
Тамоми фанди ӯ бар ҷои қанд аст.
Замин паст, осмон дуру баланд аст,
Ғанимат ҳар писанду нописанд аст.

Муҳаббат кори бедардон набошад,
Вафо бори сабукборон набошад.
«Касе, ки ошиқ аст, аз ҷон натарсад»
Агар маъшуқа сер аз ҷон набошад...

Гуноҳи мо ба ҷои ёдгор аст,
Хатои мо ба ҷои шоҳкор аст.
Хазони мо нишони тирамаҳ нест,
Хазони мо ғизои сад баҳор аст.

Дили ман, эй дили ман, эй дили ман,
Раҳи ман, раҳбари ман, манзили ман.
Маро куштӣ ту дар роҳи ҳавасҳо,
Бади ман, душмани ман, қотили ман.

Дареғо, аспи қисмат зин надорад,
Сари савдоиён болин надорад.
Ҳама хоҳанд вазни худ бидонанд,
Тарозуи касе шоҳин надорад.

Агар, эй дӯстон, аҳли сафоед,
Ба дарди шоирон гар ошноед,
Аҷал чун чашми шоирро бипӯшад,
Шумо девони шеърашро кушоед.

Тую ман ҳам ҷавон будем вақте,
Фидоии замон будем вақте.
Нишони мо пас аз мурдан кӣ бошад?
Нишони мурдагон будем вақте...

Яке афсӯсу дигар ҷом хурда,
Ҳама хомему шири хомхурда.
Чу ояд офтоби мо лаби бом,
Наёбад моҳи моро шомхурда.

Фиреби ошноёнро чӣ гӯям?
Ғироми дӯстдоронро чӣ гӯям?
Занон мардона гоҳо ишқ варзанд,
Заифиҳои мардонро чӣ гӯям?!!

Дареғ аз ишқи пинҳони ману ту,
Дареғ аз аҳду паймони ману ту.
Ҷавонӣ буду давроневу бигзашт,
Дареғ аз давру даврони ману ту.

Чӣ мегӯӣ, баҳори мо гузашта,
Замони беғубори мо гузашта.
Канори ҳамдигар як шаб нахуфтем,
Ҷавонӣ аз канори мо гузашта...

Ду чашмат чашмаи илҳоми ман буд,
Сари зулфи ту саранҷоми ман буд.
Насиби ман нашуд қадди расоят,
Дареғо, айби ишқи хоми ман буд.

Чу ман дигар гирифторе наёбӣ,
Ба ғайри ман сазоворе наёбӣ.
Дар ин саҳрою дашти селроҳа
Басо гул ҷӯиву хоре наёбӣ.

Дило, фарёди ту гар гӯшрас нест,
Чунин ёбам: дар олам ҳеҷ кас нест.
Гули тарро ба сарвақт ар набӯӣ,
Замину осмон ҷуз хору хас нест.

Равонам ҷониби фардои қисмат,
Зи дасти бераҳу саҳрои қисмат.
Дар ин дунёи нопайдоканора
Занам пай, то кунам пайдои қисмат.

Ҷаҳони хеш аз дунё биёбам,
Мақоми хеш дар дилҳо биёбам.
Валекин рӯзҳои рафтаамро
Бувад оё ки аз фардо биёбам?!

Ба гардун моҳ ҳар мавсим набошад,
Вафои ошиқон доим набошад.
Вафо пироҳани танг асту кӯтоҳ,
Ба қадди ҳеҷ кас қоим набошад.

Ҳама нозат ғанимат бошад, эй гул,
Саропои ту давлат бошад, эй гул,
Туро баҳри муҳаббат офариданд,
Мададгорат муҳаббат бошад, эй гул.

Ду чашми толеъамро хоб бурдаст,
Сарамро гардиши гирдоб бурдаст,
Чу некӣ карда, афкандам ба дарё,
Тамоми некиямро об бурдаст...

Дарахти арғувоне будаӣ ту,
Дурӯза гулфишоне будаӣ ту.
Дареғо, эй ҷавонӣ, эй ҷавонӣ,
Чи кӯтаҳзиндагонӣ будаӣ ту.

Ҷавонию ҷавонию ҷавонӣ,
Фарозу шеби дунёро надонӣ.
Дилатро хун кунӣ, чун дил шавад пир,
Биёмӯзӣ тариқи дилситонӣ.

Замоне роҳу манзил доштам ман,
Ба мисли рӯд соҳил доштам ман.
Дили ман об шуд байни ду соҳил
Дареғо, як замон дил доштам ман.

Бисӯзам, то ки нурамро бубинанд,
Равам, то роҳи дурамро бубинанд.
Бимирамончунон мушкил, ки мардум
Ба ҳайрат хоки гӯрамро бубинанд.

Гирифтори туам, бинмой тадбир,
Сазовори туам, манмой таъхир.
Лаби дарё биё, бӯсам лабатро,
Ки дарёи дилам мехушкад охир.

Туро аз бахт пайдо мекунам ман,
Ҷамолатро тамошо мекунам ман.
Туро то як нафас бо ман гузоранд,
Худоёнро тавалло мекунам ман.

Агар мо давлати дунё надорем,
Агар мо неъмати дунё надорем,
Сару савдои мо савдогарӣ нест,
Ҷавонию дили девона дорем.

Ду чашми равшанам оинаи туст,
Китоби шеъри ман ганҷинаи туст.
Фаромӯшам макун, то зинда бошӣ,
Ки Лоиқ ошиқи деринаи туст.

Дили мо доимо байни ду санг аст,
Дили мо доимо бо мо ба ҷанг аст.
Даруни сина муште бештар нест,
Агар шӯрад, ҳама дунёш танг аст.

Ба зери осмон фардем, эй дӯст,
Ҳама аҳли ғаму дардем, эй дӯст.
Барои он ки беҳуда намирем,
Чи мушкил зиндагӣ кардем, эй дӯст.

Ҳама фарзанди мо қобил наояд,
Ҳама раҳҷӯй бар манзил наояд.
Ба ҳар як тир як сайде наафтад,
Зи ҳар як шеър бӯи дил наояд.

Чу санги кӯҳҳо носуфтаам ман,
Чу ганҷи кӯҳҳо бинҳуфтаам ман.
Ҳама донанд шарҳи ҳоламу лек
Дареғо, қиссаи ногуфтаам ман.

Гаҳе ёру гаҳе бор аст дунё,
Гаҳе тору гаҳе дор аст дунё.
Надонад қимати мардон, агарчанд
Харидор асту бозор аст дунё.

Ту бо ман бош қоим, эй маҳи ман,
Ту бо ман бош доим, эй маҳи ман,
Ки бар мӯи дарозат баста бошад
Ҳама савдои умри кӯтаҳи ман.

Якеро бемаҳал сарсахт зоданд,
Дигарро бармаҳал бар тахт зоданд.
Якеро аз барои бахти нася,
Дигарро баҳри нақди бахт зоданд.

Касе аз дарди мо парво надорад,
Ки мисли мо дили шайдо надорад.
Зи шӯри мавҷу аз гирдоб тарсад,
Касе чун мо дили дарё надорад.

Ҳама бечораю безарфу танҳост,
Тани танҳо ба зидди ҷумла дунёст,
Тамоми умр бо дунё ситезем,
Миёну мову дунё душманихост.

Яке ёду дигар фарёд дорад,
Яке доду дигар бедод дорад.
Касе, к-аз ақлу дониш дур бошад,
Ба буҳтонбофӣ истеъдод дорад.

Зи шеъри мо дили моро шиносанд,
Зи феъли мо гили моро шиносанд.
Зи ранги рӯи мо дар гардиши вақт
Бисоти манзили моро шиносанд.

Чӣ суд андешаи имрӯзу фардо,
Лаби дарё мабош аз хушклабҳо.
Лаби дарё бинеҳ лаб бар лаби ёр,
Ки осон бигзарӣ аз баҳри дунё.

Дили моро дигар дилбар намонда,
Дигар шӯру шарар дар сар намонда.
Зи оташҳо, ки дардодем дар ишқ,
Нишоне ғайри хокистар намонда.

Раҳи дуру раҳи дуру раҳи дур,
Маро аз ту ҷудо карданд маҷбур.
Дили моро надиданду нахонданд,
Илоҳо, чашми биношон шавад кӯр!

Машав аз ину он мағрур, эй дил,
Сабуксорӣ набошад кори оқил.
Зи таърифи зиёд аз ҳад наболӣ,
Ки он ҳам мекушад чун заҳри қотил.

Аз ин дунё, аз ин дунёи зебо
Басо рафтанд беному нишонҳо.
Ситора ҷуставу мурданд бешамъ,
Худо ҷустанду гум карданд худро...

Дареғ аз сӯхтанҳои ниҳонӣ,
Дареғ аз лаҳзаҳои достонӣ.
Туро ҳамбахти лоиқ хонда будам,
Дареғ аз орзуҳои ҷавонӣ!

Агар шеъре шунидӣ, ёди ман кун,
Агар оҳе кашидӣ, ёди ман кун.
Агар тундар дурахшиду ту аз тарс
Зи ҷо як қад паридӣ, ёди ман кун.

Биё, то гӯямат шарҳи ғами дил,
Сухан бикшоям аз бешу ками дил.
Чӣ мебинӣ зи сайри рӯи олам,
Биё, сайре бикун дар олами дил.

Туро бар сар кашам, эй ҷоми кошӣ,
Ки дил ояд ба туғёну талоше.
Туро лабрез созад соқие боз,
Вале тарсам насиби ман набошӣ.

Мабодо дар ягон саҳро бимирам,
Мабодо бекасу танҳо бимирам.
Чу ман дарёдилам дар зиндагонӣ,
Бибояд дар дили дарё бимирам.

Бузургоне, ки худро мешиносанд,
Ҳамеша бениёзу беқиёсанд.
Ҳамеша дар азоб аз шуҳрати худ,
Ҳама аз доди қисмат дар сипосанд.

Дарахти пирро дар тирамаҳ бин,
Чу пири қадхамида зору мискин.
Бинолад реша аз тан, тан зи реша:
Фиғон аз талхиҳои умри ширин...

Ҳама монанди мо шайдо наоянд,
Баҳору тирамаҳ якҷо наоянд.
Агар дарёдилеро бурд дарё,
Дигар мардум лаби дарё наоянд.

Басо ишқе, ки андар дил бимирад,
Басо шавқе, ки по дар гил бимирад.
Басо лабташнае дарё биҷӯяд,
Нахурда об, дар соҳил бимирад.

Замон гаҳ қаср, гоҳе гӯр созад,
Ки то вайронае маъмур созад.
Касе бигрезад аз чашми замона,
Замона чашми ӯро кӯр созад.

Надидам дил, ки доғи дилбаре нест,
Надидам сар, ки бедарди саре ҳаст.
Надидам кас аз он мушкилкушоён,
Ки худ дармондаи пеши даре нест.

Агар бедонишон унвон наёбанд,
Барои фитнаҷӯӣ шаб нахобанд.
Пазад то хомашон пинҳон зи мардум,
Ба дасти дигарон оташ бикобанд.

Ҷавонӣ аз барам доманкашон рафт,
Гаҳе бехуд, гаҳе аз худ нишон рафт,
Маро гӯянд: аз худ рафтаӣ ту,
Зи худ рафта, куҷо ҳам метавон рафт?!

Бад аз хоранд бас ғамхор хоҳанд,
Чи ноёранд ёри кор хоҳанд.
Зи бешармии онон шармам ояд
Ба як мисқол сад хирвор хоҳанд.

Ҳама ҷон додаву ҷонон нагирад,
Ҳама гул ҷой дар гулдон нагирад.
Ҳама чашма наёмезад ба дарё,
Ҳама уммедҳо сомон нагирад.

Вафоро ёфтанд аз бевафоӣ,
Расоиро зи кулли норасоӣ.
Ҳақиқат офариданд аз гумонҳо,
Ҷаҳонро сохтанд аз норизоӣ.

Ҷаҳон як лаҳза сарафрозӣ бошад,
Сарафрозию пас сарбозӣ бошад.
Бисанҷидам саропо зиндагиро –
Ҳама худсӯзию худсозӣ бошад.

Бузургон ҳар куҷо овора миранд,
Батадбиранду худ бечора миранд.
Ҷавонмарганд мардони ҳунарманд,
Валекин нокасон садсола миранд.

Мақоми хеш то бишнохтам ман,
Басо сар бохтам, дил бохтам ман.
Бисозам то бинои бахти худро,
Басо бо зиндагонӣ сохтам ман.

Ҷаҳон дорем, аммо норизоем,
Вафо хоҳем, аммо бевафоем.
Даво ҷӯему худ кони маризем,
Шигифто, мо чӣ дарди бедавоем!

Илоҳию илоҳию илоҳӣ,
Намонад ҳеҷ кас дар нимароҳе.
Намирад бенишон фарзанди одам,
Намонад дар ватан бесарпаноҳе.

Дареғ аз шеърҳои носуруда,
Дареғ аз уқдаҳои нокушуда.
Намегӯям дареғи насяи бахт,
Дареғ аз нақдҳои норабуда...

Бузургон бо ҳунар дилҷӯӣ карданд,
Зи реги рӯдҳо заршӯӣ карданд.
Басо дидам, валекин хубрӯён,
Ки дар рӯи замин берӯӣ карданд.

Зи ман дар ишқи ту бас оҳу бигзашт,
Ҷавониям бишуд гумроҳу бигзашт.
Ба ёди чашми оҳуи ту будам,
Нагуфтӣ: оҳ кам кун, оҳу бигзашт...

Ду чашмат розҳо дорад, гули ман,
Нигоҳат нозҳо дорад, гули ман.
Ду абрӯят чу ду боли парасту
Аҷаб парвозҳо дорад, гули ман.

Шабе ёди ту кардам, хонаам сӯхт,
Зи тобу таб дили девонаам сӯхт.
Ба ёди чашмҳои оташинат
Ҷаҳони қиссаву афсонаам сӯхт.

Ҷавон будию чун гулдаста будӣ,
Ту бо ман аҳди ёрӣ баста будӣ.
Дареғ аз рӯзҳои офтобӣ,
Ки баҳри ман зи худ вораста будӣ.

Бибӯсам чашми ҷодувонаатро,
Бибӯсам талъати шоҳонаатро.
Чунон мастат кунам аз бӯсаи хеш,
Наёбӣ ҳеҷ роҳи хонаатро.

Агарчи сӯхтам, хоми ту будам,
Кабӯтарбаччаи роми ту будам.
Накӯномии ман коме наёвард,
Хушо вақте ки бадноми ту будам.

Ғанӣ аз базми дарвешон гурезад,
Ғамӣ аз суҳбати мастон гурезад.
Ба дидори ту бигрезам зи хона
Чу зиндонӣ, ки аз зиндон гурезад.

Чу моҳӣ меравам дарё ба дарё,
Чу оҳу меравам саҳро ба саҳро,
Замину осмонро мезанам пай,
Ки боре ёбамат танҳо ба танҳо.

Замоне кӯи ту хуш манзилам буд,
Камоли ишқу бахти комилам буд.
Ду чашмат чашмаи нури илоҳӣ,
Ниҳоли қоматат боғи дилам буд.

Агар нози ту дар дунё нагунҷад,
Агар ишқи ту дар дилҳо нагунҷад,
Биёву дар дили шоир макон гир,
Ки ишқ андар дили девона гунҷад.

Туро бо ман дили фарзонае буд,
Маро бо ту ҳама афсонае буд.
Туро бо ман дили шӯридаи ишқ,
Маро бо ту дили девонае буд.

Ту май мерехтӣ дар ҷоми ошиқ,
Ту фахре доштӣ аз номи ошиқ.
Ҷаҳонро мезадӣ пай бо хаёле
Барои як сухан пайғоми ошиқ.

Ало, эй навниҳоли навбари ман,
Биафкан соя боре бар сари ман.
Биафкан сояву оромишам деҳ,
Ки осояд дили исёнгари ман.

Нигаҳҳои ту таскини дилам буд,
Таманнои ту тамкини дилам буд.
Аҷобат бин, ки бо ин бехудиҳо
Замоне ишқи ту дини дилам буд.

Маро бо ту муҳаббат буду бигзашт,
Ҷавонӣ ҳам чи неъмат буду бигзашт.
Ҳама рӯзам ба ҳукми рӯзгорон
Чу бодоварда давлат буду бигзашт.

Баҳор омад, шитобон бигзарад боз,
Гули ман аз хиёбон бигзарад боз.
Ҳама ишқе, ки андар сина дорам
Чу борон дар биёбон бигзарад боз.

Сари осудаат савдо надида,
Ду чашми обият дарё надида.
Дили ман сӯхт, хокистар шуд, аммо
Дили ту рӯи гармиро надида.

Саҳаргоҳе, ки борон нам-наме дошт,
Дилам аз беғамии ту ғаме дошт.
Надонистам, ки дар ишқу муҳаббат
Дили пурорзуям чӣ камӣ дошт?!

Чу мо бар мо касе фарёдрас нест,
Чу мо ҳамдостону ҳамнафас нест.
Ҳар он гаҳ бо ту бошам, дар хаёлам
Ба ғайри мо ба олам ҳеҷ кас нест.

Биё, дил дар табу тоб аст, эй ёр,
Биё, ин лаҳза ноёб аст, эй ёр.
Биёю вонамо моҳи рухатро,
Ки имшаб кӯрмаҳтоб аст, эй ёр.

Шабошаб рӯ ба дидори ту орам,
Дили шайдо ба исори ту орам.
Баёзи гарданат дори баланд аст,
Сари худро сари дори ту орам.

Хиёбон зери барф афтода, эй гул,
Замину осмон озода, эй гул,
Касе ҷуфти муносиб бо ту бошад,
Ҳанӯз аз модараш нозода, эй гул.

Гарам он ёр дар паҳлӯ нишинад,
Ба пешам якдилу якрӯ нишинад,
Ниҳам сар бар сари зонуш, то кош
Сари гӯрам сари зону нишинад.

Ба дастам дасти ёре буд вақте,
Маро бо ёр коре буд вақте.
Забони баргҳои зард гӯяд,
Ки моро ҳам баҳоре буд вақте...

Чу май хурдан тавонем, эй дилафрӯз,
Чаро бояд хурем афсӯсу афсӯс?
Ба ҳоли он касе хоҳам бигирям,
Ки шаброишаб нагуфту рӯзро рӯз.

Ту бо ман комронӣ кардӣ, эй гул,
Ҷавон будӣ, ҷавонӣ кардӣ, эй гул.
Ҳама тобу ҷилои ҳусни худро
Фидои зиндагонӣ кардӣ, эй гул.

Ман аз дасти ту ҷоми бода хурдам,
Ки дидори туро фурсат шумурдам.
Туро чун лаъбати зебою гӯё
Дар оғӯши таболудам фишурдам.

Навои ишқи мо ноҷӯр монад,
Чароғи бахти мо бенур монад.
Надонистем қадри якдигарро,
Ду дасти мо бурун аз гӯр монад.

Дилам парвардаи ғамҳои ишқ аст,
Нигоҳам оҳуи саҳрои ишқ аст,
Вале бо ин ҳама ишқошноӣ
Намедонам куҷо маъвои ишқ аст...

Дилам дар байни абрӯи ту монда,
Хаёлам бастаи мӯи ту монда.
Чунон аз худ фаромӯшам, ки гӯӣ
Сарам андар сари кӯи ту монда...

Сарам як лаҳза бесавдо набуда,
Дилам як лаҳза бепарво набуда.
Муродам аз баландиҳои дунё
Ба ғайр аз қомати боло набуда.

Туро ҷустам зи ҳусни навбаҳорон,
Туро ҷустам зи даври рӯзгорон.
Надонистам, ки бошад ёри зебо
Насиби як касу доғи ҳазорон.

Зи ишқат синаро афрӯхтам ман,
Туро ҳамчун китоб омӯхтам ман.
Дилат бо ман, сарат бо дигаре буд,
Аз ин носозгорӣ сӯхтам ман.

Миёну гарданат – тангоби дарё,
Ба ду соҳил нишаста ташналабҳо.
Агар пул доштам, месохтам пул,
Ки осон бигзарад коми дили мо.

Парид аз оташу гум шуд шарора,
Куҷо ҷӯям туро, дилбар, дубора.
Ситора аз фалак афтоду гум шуд,
Фалак аммо намонда беситора.

Ту дасти заргарӣ, ман зар надорам,
Ту ақли сарварӣ, ман сар надорам,
Ту ҳусни дилбарӣ, ман дилшикаста.
Ту майрезию ман соғар надорам.

Дили ман мурғи дастомӯзи ӯ буд,
Шарори синаам аз сӯзи ӯ буд.
Хушиҳое, ки дар дил доштам ман,
Ҳама аз ишқи ҷонафрӯзи ӯ буд.

Миёни боғ себам додӣ, эй гул.
Ба сад ваъда фиребам додӣ, эй гул.
Дили ман рост буду роҳи ман рост,
Нишон роҳи нишебам додӣ, эй гул.

Ба ошиқ меҳрубонӣ кун, гули ман,
Зи ёрон дилситонӣ кун, гули ман,
Зи қабристон гузар созӣ чу ҳар бор,
Даме шукри ҷавонӣ кун, гули ман.

Дарахти пир чӯби гӯр гардад,
Касе қадрат надонад, кӯр гардад.
Туро ҳар кас набинад рӯзи равшан,
Аз ин дунёи равшан дур гардад.

Ҷавон будӣ, ба қадрат мерасиданд,
Зи ту қавли муҳаббат мешуниданд.
Ба ҷои ду лаби нӯшинаи ту
Ҳама ангушти ҳайрат мегазиданд.

Лаби дарё насими тоза дорад,
Муҳаббат ҳам дару дарвоза дорад.
Кушояд ҳар касе дарвозаашро,
Ки ному шуҳрату овоза дорад.

Туро нашнохтам, тақсири ман буд,
Наҷустам ман туро, таъхири ман буд.
Пушаймонии ман, ношукрии ту
Ба хоки мурда кишти дери ман буд.

Чӣ хонӣ худписандам, эй бародар,
Занӣ чӣ нешхандам, эй бародар.
Ту аз саҳрои хушку бегиёҳӣ,
Ман аз кӯҳи баландам, эй бародар.

Хазони мо баҳори дигарон буд,
Шикасти мо барори дигарон буд.
Ҳар он сайде, ки шуд нимбисмил аз мо,
Чи бас осон шикори дигарон буд.

Гурӯҳе аз тамомӣ нотамоманд,
Агарчи пухта мегӯянд, хоманд.
Аҷаб дорам ман аз тақдири онон,
Ки доранд обрӯю ташнакоманд.

Ту будӣ, эй падар, овораи ман,
Хатою саҳви ту шуд чораи ман.
Фидо гаштӣ, фидо гаштӣ ту он сон,
Ки тобути ту шуд гаҳвораи ман.

Шаби торику бимафкан бимирам,
Ва ё рӯзи хушу равшан бимирам.
Чӣ фарқи рӯзу шаб? Ҳайф аст, ҳайф аст,
Ки мирад оламе, чун ман бимирам...

Ту медонӣ, ки худ ин чархи даввор
Бувад бар нохуни мо зор ҳар бор.
Дамад ҳар субҳи содиқ аз дили пок,
Барояд офтоб аз чашми бедор.

Яке барвақту дигар дер бошем,
Яке сарсабзу дигар пир бошем.
Напаймоем то охир раҳеро
Ҳама аз зиндагӣ носер бошем.

Бузургон гар сағиранду кабиранд,
Ба ҳар зулматсаро равшанзамиранд.
Басо безарфи дун шодоб бошад,
Вале дарёдилон лабташна миранд.

Замоне бигзарад исёну шӯрат,
Ҳама андешаҳои роҳи дурат.
Ҳазорон боғ сабзонӣ ба уммед,
Бирӯяд то дарахте рӯи гӯрат.

Зи ношодии мо шоданд чанде,
Зи бедардӣ танободанд чанде,
Зи сайди зинда метарсанд аз дур,
Ба сайди мурда сайёданд чанде.

Ду-се рӯзе, ки меҳмони заминам,
Ду-се рӯзе, ки бо дунё қаринам,
Мисоли гулпаракҳо дар баҳорон
Зи як гул бар гули дигар нишинам.

Шабе мастона мехондам тарона,
Ки ту, эй гул, насибам бошӣ ё на.
Чунон масти таманнои ту будам,
Надонистам, ки мегуфтам фасона.

Туро охир зи ту бирбудам, эй гул,
Ба ту дунёи нав бикшудам, эй гул.
Ту гӯӣ зодгоҳам буда бошад,
Ҳар он ҷое, ки бо ту будам, эй гул.

Ситора чашми бедори ту бошад,
Дили поки ман исори ту бошад.
Бупечад дар балову зор мирад,
Касе дар қасди озори ту бошад.

Баҳор омад, дарахтон гул кушоданд,
Чу хубон уқдаи кокул кушоданд.
Ҳама озодаву озод, гӯӣ
Ки аз пои асирон ғул кушоданд.

Маро гаҳ ону гаҳ чунон гуморанд,
Гаҳе неку бадамро як шуморанд.
Беҳ аз он ишрате дар зиндагӣ нест,
Агар як дам маро бо ман гузоранд.

Гар ишқе дар дили инсон набудӣ,
Дар олам мушкиле осон набудӣ.
Ҳамехушкидӣ оби ҷумла дарё
Дар ӯ гар шӯришу тӯфон набудӣ.

Шикори бахт доим бебарор аст,
Шумори вақт доим бешумор аст.
Канори рӯд як каф об хурдем,
Надонистем, к-он ҳам раҳгузор аст...

Бибояд шодмону комрон зист,
Ғанӣ андар канори дилбарон зист.
Чу рӯзат пур шавад аз бахши қисмат
Ба рӯзи дигарон кай метавон зист!?

Гули ман, бе ту дил ғамнок гардад,
Ба чашмам танг ин афлок гардад.
Ту бошӣ, хок гирам, зар шавад, лек
Набошӣ, зар бигирам, хок гардад.

Зи ҳаҷрат пайкарам месӯзад, эй ёр,
Ба гардун ахтарам месӯзад, эй ёр.
Дари дилро кушо бо ман, ки дигар
Ҳама бому дарам месӯзад, эй ёр.

Ман он як раҳгузар будам, ки рафтам,
Ман он марди сафар будам, ки рафтам.
Зи дунёи дили пурорзуят
Ман он як бехабар будам, ки рафтам.

Хуш он рӯзе, ки ҳамҷоми ту бошам,
Хумори чашми бодоми ту бошам.
Нахоҳам номи ҷовидон зи дунё,
Агар гумном аз номи ту бошам.

Қадат ҳамқомати ман буд, эй гул,
Висолат қисмати ман буд, эй гул.
Бирафтанд ошиқону ишқбозӣ
Замоне навбати ман буд, эй гул.

Чаро ангуштарият бенигин аст?
Чаро чашмони хандонат ҳазин аст?
Магар ишқи дилатро хок хурдаст,
Ки доим чашми ту сӯи замин аст?

Маро бар рағми душман офариданд,
На баҳри сайри гулшан офариданд.
Ту донӣ, мушти хокам баҳри киштан,
На баҳри бод кардан офариданд.

Гирифти маҳ – гирифти хотири ман,
Шикасти роҳ – садди манзили ман.
Агар дар мисрае як сакта бинам,
Ҳазорон сакта афтад дар дили ман.

Зи оби чашми мо киште нарӯяд,
Зи роҳи шеъри мо кас раҳ напӯяд.
Зи оби рӯ гаҳ оби ҷӯй беҳтар,
Ки ташна ҳам хурад, ҳам рӯй шӯяд.

Азизон, аз бароям май бирезед,
Ба ҷомам бода пайдарпай бирезед,
Ман он исёнгари ҳадношиносам,
Маро аз нав ба қолаб кай бирезед?!

Дили бедоғ дар дунё наёбӣ,
Сари бедарду бесавдо наёбӣ.
Биёву гавҳари чашми маро бин,
Ки ин гавҳар ту аз дарё наёбӣ.

Шабе дар хоби ман пайдо шав, эй гул,
Дар оғӯшам биёю во шав, эй гул.
Мақоми сармад аз дунё чӣ ҷӯӣ,
Биёву дар дили ман ҷо шав, эй гул.

Раҳи кӯят раҳи тақдири ман буд,
Нигоҳат шуълаи даргири ман буд.
Назар кардам ба рӯи кулчаи ту
Тамоми умр чашми сери ман буд.

Надонам ишқ ин ё макру бозист?
Надонам ё ситам, ё фанд, ё чист?
Бигӯяд: «Бе ту бар ман зиндагӣ нест».
Вале бинӣ, ки бе ту хубтар зист...

Гуле ёбӣ, кунӣ бустон фаромӯш,
Ба нафъи ҷон кунӣ ҷонон фаромӯш.
Чу шамъе ёбӣ, эй ношукр, боре,
Ту созӣ аз маҳи тобон фаромӯш.

Баҳорон баргро ранги ҷавонист,
Ба фасли тирамаҳ ранги хазонист.
Мазан сангам ба ҳаққи пургуноҳӣ,
Гуноҳи ман гуноҳи зиндагонист.

Шаби ҷашнат дили зорам ғамин буд,
Гиреҳҳои дилам андар ҷабин буд.
Гунаҳпӯши ту – сарбанди гулобӣ,
Гунаҳбардори ман танҳо замин буд.

Маро дигар дар ин манзил наёбӣ,
Дигар он ошиқи бедил наёбӣ.
Ту он соҳилнишини бехурӯшӣ,
Дили дарёям аз соҳил наёбӣ.

Сафедори баланди соягустар,
Ту вақте бо қадам будӣ баробар.
Ту чӯби гӯр ё болор гаштӣ,
Наям ман ҳам дигар он шӯху бесар...

На доғе дар рухи сабзинаат буд.
На андӯҳу ғами деринаат буд.
Чӣ давлат доштӣ вақти ҷавонӣ
Сари Лоиқ ба рӯи синаат буд.

Ба аҳли завқ завқи як нафас чист?
Мурод аз шоирӣ хуш зистан нест.
Ба кӯи ҳақпарастӣ ҳақ задам, лек
Тамаллуқкор аз ман хубтар зист.

Туро поянда гӯё зода бошанд,
Ба амри ту ҳама омода бошанд.
Чунон оҳистакор астӣ, ки гӯё
Ҳазорон сол умрат дода бошанд.

Кулаҳро кач ба ними сар гузоранд,
Ду-се танпарварони бодахоранд.
Ҳазар аз зотҳои обхокӣ,
Ки хушку обро яксон шуморанд.

Намехоҳӣ, ки мо манзур бошем,
Гаҳе хоҳӣ, ки аз худ дур бошем.
Гар аз кӯрии худ чизе набинӣ,
Ҳамехоҳӣ, ки мо ҳам кӯр бошем?

Ало, дилбар, ба ман лутфи ту кам буд,
Ситамҳоят ба ман болои ҳам буд.
Яке сӯям назар кардию рафтӣ,
Ки гӯӣ ишқи ту чун шохнам буд.

Ҳама гулҳо ба дасти хор буданд.
Ҳама соҳибдилон бемор буданд,
Ҳама сарпастҳо осуда мурданд,
Сарафрозон ба зери дор буданд.

Зи рам хурдан куҷо сайд орамидаст?
Зи кам хурдан кӣ бар давлат расидаст?
Махур ғам, то тавонӣ хурд бода,
Зи ғам хурдан касе серӣ надидаст.

Гурӯҳе хомтабъу хомҷӯшанд,
Ба ҷуз бадгӯӣ бар коре накӯшанд.
Аз он дарё, ки натвонанд бигзашт,
Зи бухлу кина обе ҳам нанӯшанд.

Ба қавли ту касе бовар накардаст,
Касеро ҷаҳли ту музтар накардаст.
Зи таҳдиди ту сӯи осмонҳо
Ситора гашти худ дигар накардаст.

Агар худ шамъи маҳфилҳо набошанд,
Намехоҳанд ҳам парвона бошанд.
Рабудан гар набитвонанд бӯса,
Ба нохун рӯи зебо мехарошанд...

Зи хоку санг бас оина созанд,
Зи неши мор бас нӯшина созанд.
Агар бӯзина одам шуд, бубинед
Зи нав аз одамӣ бӯзина созанд.

Ҳама кори ҷаҳон андар ҳисоб аст,
Савол ин ҷосту ҷое ҷавоб аст.
Нахуст аз бозупечи гоҳвора
Бидонистам, насибам печутоб аст.

Биё, то кокулонатро шуморам,
Ҷаҳонро бо ту гирам дар канорам.
Ту бад сангиндилӣ, эй кошу эй кош
Шавад санги дилат санги мазорам...

Дар ин кӯю гузар меҳмонам, эй гул,
Туро аз зиндагӣ ҷӯёнам, эй гул.
Зи донишҳои дунёвии инсон
Фақат номи туро медонам, эй гул.

Даме афсонаи дилро шунидем,
Ба ҳам печидаву бо ҳам тапидем.
Чи рӯзеву чи бахти комиле буд,
Ки мо аз бехудӣ бар худ расидем.

Гули ман, иди наврӯзат муборак,
Чунин ҷашни дилафрӯзат муборак.
Маро наврӯз бе ту кӯҳнарӯз аст,
Чу ман ёри бадомӯзат муборак!

Зи ишқи ту тавонгар мешавад дил,
Латифу тозаву тар мешавад дил.
Агар ишқи ту ҷони тоза бахшад,
Ба сад пирӣ ҷавонтар мешавад дил.

Даме бо ту сурудам, зиндагӣ буд,
Ба ту дилро кушудам, зиндагӣ буд.
Дар ин дунёи ду-се рӯзӣ, эй гул,
Шабе гар бо ту будам, зиндагӣ буд.

Зимистон барфҳо чандон фитоданд,
Қабои хокро оҳор доданд.
Ту гӯӣ биркаҳо чун мӯсафедон
Ба чашми хештан айнак ниҳоданд.

Нишин, эй раҳгузар, баргӯй розе
Зи ёди манзилу роҳи дарозе.
Басо рафтанд аз ин раҳ раҳгузарҳо
Ба дӯши хештан бори ниёзе.

Касе, эй кошкӣ бекас намирад,
Зи ёре ёр дил вопас нагирад.
Бадо бар он, ки рӯзе чашм пӯшад,
Барояш чашми бедоре нагиряд.

Ҳама кас хешро якто бихонад,
Ҳама кас хешро сонӣ бидонад.
Гумон дорем баъди мурдани мо
Ҷаҳон бе буди мо холӣ бимонад...

Гаҳе дуру гаҳе манзурам, эй ёр,
Гаҳе ҳушёру гаҳ махмурам, эй ёр.
На ҳар чӣ дида будам, диданӣ буд,
Гаҳе бинову гоҳе кӯрам, эй ёр.

Чӣ гум кардӣ, чӣ меҷӯӣ, гули ман.
Дигарбора намерӯӣ, гули ман.
Ҳама доғе, ки дар дил дорӣ аз ишқ,
Ба ашк акнун намешӯӣ, гули ман.

Китобамро ба хилват хондаӣ ту,
Диламро дар барат биншондаӣ ту.
Фиғон аз кӯрии чашми муҳаббат,
Чу доғе дар дили ман мондаӣ ту.

Зи густохии мо бо рӯзгорон –
Зи ишқи бемаҳал фарёду афғон.
Ману ту тирамаҳ гулчинӣ рафтем,
Дареғ аз он ҳама гул дар баҳорон!

Бадо, ёри бадомӯзе шудӣ ту,
Фидои раҳму дилсӯзӣ шудӣ ту.
Баҳорат ваъда карду тирамаҳ дод,
Фидои ишқи якрӯзӣ шудӣ ту.

Ба тан пироҳани ҷуллу фасурда,
Тамоми меваҳошон чида бурда.
Хазон мерезад аз шохи дарахтон
Чу гунҷишкони ногаҳ тирхурда.

Яке аз бӯстонат гул бичинад,
Яке бо ту даме беғам нишинад.
Туӣ з-он офаринишҳои зебо,
Ки зебоитро ҳар кас набинад.

Шабе ки то саҳар бо ҳам тапидем,
Тапишҳои дили ҳамро шунидем.
Магар донӣ, ки аз шодии дидор
Ба серӣ рӯи ҳамдигар надидем?

Видоъ, эй номаи наспурдаи ман,
Видоъ, эй пайраҳи наспардаи ман,
Видоъ, эй рӯзи беҳуда гузашта,
Видоъ, эй кӯдакони мурдаи ман!

Бар ҳар вазъе шинос авзои худро,
Аз ин дунё биҷӯ дунёи худро.
Зи камобии дарё тирамоҳон
Бубин ҳоли дили дарёи худро.

Басо расми куҳан бо номи нав зист,
Бисоти куҳна бо андоми нав зист.
Чу бинӣ гӯру тобуте, бидонӣ,
Ки шакли куҳна дар айёми нав зист.

Маро бетобу бетаб н-офариданд,
Хамӯши муҳрбарлаб н-офариданд.
Нахоҳам зиндагии қолабиро,
Маро зеро ба қолаб н-офариданд.

Ман аз роҳи ниҳони худ битарсам,
Ман аз умри ҷавони худ битарсам.
Надорам боки неши теғи нокас,
Ман аз неши забони худ битарсам.

Раҳи осон напаймояд дили ман,
Дар осоиш наёсояд дили ман.
Наҷӯяд хотири афсурдаеро,
Агар худро нафарсояд дили ман.

Қудумат нек бод, эй тифли навзод,
Ба рӯи олами вайрону обод.
Ба гардун ахтарат бошад-набошад,
Ба мардум ахтари бахтат аён бод!

Ҷамолат содаю қаддат расо буд,
Нигоҳат ҳамчу тири бехато буд.
Ба ҳасрат ёд меорӣ, ки вақте
Нигини издивоҷат аз тило буд.

Дили худро ҳимоят кун, ки вақт аст,
Зи пешонӣ шикоят кун, ки вақт аст.
Туро ман дар дили худ куштам, эй ёр,
Биё худро зиёрат кун, ки вақт аст.

Яки мову сади мо бигзарад боз,
Ҳама неку бади мо бигзарад боз.
Замоне ҳаққи навбат буд моро,
Замоне навбати мо бигзарад боз.

Зи ҷоми ҳастӣ май хурдему рафтем,
Диле додему дил бурдему рафтем.
Чу дунё ҷои худёбист, донед,
Ки худро ҷустуҷӯ кардему рафтем.

Яке гӯяд, ки беҳад содаам ман,
Яке гӯяд, ки ошиқбодаам ман.
Намедонанд аммо бадгумонон,
Ки шоирпешаву дилдодаам ман.

Наям як фарди бепарвои айём,
Манам қурбони гардишҳои айём,
Агар савдои ман ҳар ранг будаст,
Бидонаш нусхаи савдои айём.

Ками моро ба ҷои пур бигиред,
Зулоли ашки моро дур бигиред.
Зи ҳар байте, ки бинвиштам ба ҳар ҳол,
Ба ҳоли хештан дархур бигиред.

Дилам шоду дилам ношод бошад,
Дилам аз рукни шеър обод бошад.
Ҳама абёти ман аз умри кӯтаҳ
Шуморо, эй азизон ёд бошад.

Зи хуни гарми мо фаввора созед,
Зи барқи чашми мо истора созед.
Агар мирем, дорем орзуе,
Ки аз тобути мо гаҳвора созед.

Ало, эй ёри нобӯсидаи ман,
Ало, гулдастаи ночидаи ман,
Зи баъди ман гувоҳи зинда бошед
Зи ишқи дери новарзидаи ман.

Барои халқ буд доне, ки киштем,
Барои халқ буд, к-аз худ гузаштем.
Накардем иддаои баркамолӣ,
Сухан аз халқ буду мо навиштем.

Манам дасти ба дастат норасида,
Манам чашме, ки рӯятро надида.
Миёни мову ту якумра роҳ аст,
Манам шому ту субҳи навдамида.

Ба ҳар ҷо ном мондам, ном афтод,
Зи ҳар ҷо пухта ҷустам, хом афтод.
Зи роҳатхонаи дурӯзаи умр
Дареро боз кардам, бом афтод.

Шаби ҷашни ту мотам доштам ман,
Зи оҳу дард ҳамдам доштам ман.
Чу маҷнунбед аз андӯҳи Лайлӣ
Ба хоки раҳ сари хам доштам ман.

Маро номуҳтарам дидӣ, гули ман,
Диламро пуралам дидӣ, гули ман.
Маро бисёр дидӣ пеши роҳат,
Вале бо чашми кам дидӣ, гули ман.

Муҳаббат бар сари мо мотам овард,
Ба ҷони мо ғам оварду ғам овард.
Қади мо навниҳоле буду афсӯс,
Ки аз бори маломатҳо хам овард.

Маро аз ишқи тӯфонӣ матарсон,
Маро аз ҳар чӣ медонӣ, матарсон.
Ман аввал мурдаам аз меҳнати ишқ,
Маро аз мурдани сонӣ матарсон.

Дар ин дунёягон кас ҷовидон нест,
Сутуни гунбади кавну макон нест.
Ҷаҳон баҳри ҳама бошад, валекин
Ҳама андар ҷаҳон баҳри ҷаҳон нест.

Аёни ман ниҳон хоҳад шуд охир,
Ҷаҳонам аз ҷаҳон хоҳад шуд охир.
Бихонам сафҳаи барги хазонро:
Сари сабзам хазон хоҳад шуд охир.

Ту фардои маро равшан кун, эй гул,
Сари роҳи маро гулшан кун, эй гул.
Ҷаҳон бо мо сару коре надорад,
Ту ҳар коре кунӣ, бо ман кун, эй гул.

Ҳунаршон несту майдон биҷӯянд,
Ба ними ҷонашон ҷонон биҷӯянд.
Ман аз ин норасоён дар шигифтам,
Ки бе дарвозае дарбон биҷӯянд.

Гирифтам як шабе дасташ ба дастам,
Дари зиндони ҳиҷронро шикастам.
Набинад то ки ғайри ман касеро,
Дари чашми варо бо бӯса бастам.

Баҳор омад, баҳори ман наёмад,
Гуле аз гулузори ман наёмад.
На овое, на савғое, на бахше
Зи ишқи бебарори ман наёмад.

Ба мӯят хастаӣ райҳони чинӣ,
Маро дигар бубинӣ ё набинӣ.
Ба ҷои дастагулҳое, ки пажмурд,
Зи хоки гӯри ман гулдаста чинӣ.

Агар ишқи ман озори ту бошад,
Ба роҳи умр сарбори ту бошад,
Муборак бод бо ман бевафоӣ,
Агар ёри нават ёри ту бошад.

Ҳама гӯё ки бахтатро кушоданд,
Ба пеши пои ту яксар фитоданд.
Шаби тӯи арӯсӣ шаҳд хурдӣ,
Вале дар зиндагонӣ заҳр доданд.

Ду чашми ту чу бахти ман сиёҳ аст,
Ба дӯши ишқи мо бори гуноҳ аст.
Пушаймонӣ надорад ҳеҷ суде,
Пушаймонӣ чу дашти бегиёҳ аст.

Аз он дар дасти ман лабрез ҷом аст,
Ки умри бенишон умри ҳаром аст.
Суруди бандагӣ комил ҳамеша,
Суруди зиндагонӣ нотамом аст.

Сарам қурбони меҳри модарон буд,
Дилам подоши васли дилбарон буд,
Сабук будам аз он дар зиндагонӣ,
Ки бори зиндагӣ бар ман гарон буд.

Чу ман мурдам, ду-се ашке фишонед,
Зи хона хонаи хокам кашонед,
Ниҳоле бар сари гӯрам чӣ бошад,
Ниҳоли қомати дилбар нишонед.

Ба рақс о, то ки андӯҳам сарояд,
Ба шӯр о, то ки шӯри дил физояд,
Бидеҳ ҷоми ғаниматро, аҷаб нест,
Ки то ҷоми дигар ҷонам барояд.

Шигифто, ҷоҳилон оқилтарошанд,
Ки бар чашми ҳақиқат хок пошанд.
Харошиданд бас рӯи Заминро,
Кунун хоҳанд рӯи Маҳ харошанд.

Давоми зиндагӣ будему рафтем,
Паёми зиндагӣ будему рафтем.
Шудем озод гарчи аз ғуломӣ,
Ғуломи зиндагӣ будему рафтем.

Салом, эй гул, салом, эй гулшани ман,
Ҳама бори ғамат бар гардани ман.
Маро нашнохтӣ, то зинда будам,
Шиносӣ хуб баъди мурдани ман.

Шигифто, раҳнамоён кӯри роҳанд,
Зи кина равнақи моро нахоҳанд.
Ба зоҳир дилсафеданду хирадманд
Ба ботин мӯсафеди дилсиёҳанд.

Биё, ки навбати май хӯрдани мост,
Замони зиндагонӣ кардани мост.
Чӣ бок аз гардиши гардун, ки имрӯз
Худ ӯ бечора бори гардани мост.

Яке ғамхору дигар хор гардад,
Яке безору дигар зор гардад.
Баланду пасти ин дунё, бародар,
Чу май хурдӣ, ҳама ҳамвор гардад.

Ҳама умрам, ба ғамҳои ту бигзашт,
Ба савдою аламҳои ту бигзашт.
Туро пайдо накардам, лек умрам
Паёпай бо қадамҳои ту бигзашт.

Чаро ин қадр, мардум, шаклбозед?
Чаро побанди тарсу ҳирсу озед?
Чаро охир, чаро чун хиштқолаб
Ба дарё соҳили маснӯъ созед?

Ҷаҳон моро мудом овора дорад,
Дусад тобут дар гаҳвора дорад.
Мафахр аз ҳар нишони рӯи сина,
Ки ҳар сина дили садпора дорад.

Ҷавонию ҷавонию ҷавонӣ,
Ғаму андӯҳи дунёро надонӣ,
Намояд як ҷавони бистсола,
Ба чашми ту ҷаҳону зиндагонӣ.

Ҷудо аз ман куҷо хуррам нишинӣ,
Сияҳрӯӣ кашӣ, сархам нишинӣ.
Ба ҳаққи як нафас ғам хурдани ман
Бибояд солиён дар ғам нишинӣ.

Ками бадтар зи бисёранд чанде,
Зи беморӣ бад аз моранд чанде.
Аҷаб дорам, ки аз беобрӯӣ
Ба ҷое обрӯ доранд чанде.

Ба ҳар ҷое бади моро бигӯянд,
Ба маҷлисҳову минбарҳо бигӯянд.
Ба ҷои он ҳама буҳтону туҳмат
Чи хуш, гар мисрае чун мо бигӯянд!

Диле дорӣ, валекин дилбаре нест,
Гуле дорӣ, вале гулпарваре нест.
Чи сахт он дам, ки аз заъфи асабҳо
Бихоҳӣ бодаю ҳамсоғаре нест.

Сабуксорӣ мизоҷи мо набудаст,
Сабукборӣ ривоҷи мо набудаст.
Ба ҷуз шеъре, ки дилёб аст чун ишқ,
Ниёзу эҳтиёҷи мо набудаст.

Забонвар қаҳт шуд, алкан биҷӯем,
Табар гум кардаву сӯзан биҷӯем.
Зи садҳо хирмани барбодрафта
Кунун як донаи арзан биҷӯем.

Малулам аз ҳама чуну чароҳо,
Дилам бигрифт аз ин моҷароҳо.
Бигирам гардани хуммеву гирям,
Беҳ аз гардан ниҳодан дар балоҳо.

Чу барқе як дурахшидему рафтем,
Чу гул як субҳ хандидему рафтем.
Тамоми бозиҳои зиндагиро
Ба чашми хештан дидему рафтем.

Ҷабини кӯҳ пур аз нақши чин аст,
Ки гӯӣ мисли мо андӯҳгин аст.
Ва ё монанди мардони хирадманд
Ба ғам дармонда, побанди замин аст.

Басо фарсуда мирад, ҳайфи одам,
Басо олуда мирад, ҳайфи одам.
Биҷӯяд қанду бечора хурад фанд,
Басо беҳуда мирад, ҳайфи одам.

Чу ту ман ҳам замоне вола будам,
Саропо дард будам, нола будам.
Ба монанди ту ошиқ будаму маст,
Ба монанди ту ҳаждаҳсола будам.

Зи ту боқист дар дунё нишонам,
Шавам беқадр, агар қадрат надонам.
Ту рангоранг кардӣ қисматамро,
Ало, ороиши умри ҷавонам!

Азоби шоирӣ осон набошад,
Ки нони шоирӣ арзон набошад.
Ту масти пул, вале масти гулам ман,
Чунин мастии мо яксон набошад.

Дилат аз ошноён ноумед аст,
Ки аз онҳо вафодорӣ надидаст.
Ту месӯзӣ шабу рӯзони бисёр,
Ки аз бахти сиях мӯят сафед аст.

Чу пойизи гарон омад, гули ман,
Дарахтонро хазон омад, гули ман.
Маро бо ту мисоли шохаю барг
Ҷудоӣ дар миён омад, гули ман.

Зи чашмони ту чашмам об хурдаст,
Дилам чун милаҳоят тоб хурдаст.
Касе васли туро осон гумон кард,
Шароби бахтро дар хоб хурдаст.

Чароғи мо фурӯзон аст, эй гул,
Баҳори мо шукуфон аст, эй гул.
Чунон пайванди мо бо ҳам қавӣ шуд,
Ки марг аз мо гурезон аст, эй гул.

Парешон меравад дарёи умрам,
Пушаймон меравад дарёи умрам.
Чу ҳар дам мешавад як чашмааш хушк,
Пурармон меравад дарёи умрам.

Касе, ки мункири эъҷоз бошад,
Ба нашри носазо мумтоз бошад.
Накӯмардо, чӣ ҷои шиква аз саг,
Даҳони саг ҳамеша боз бошад.

Дили ман, эй дили бебовари ман,
Сари ман, эй сари бедовари ман,
Чу санги осиё гаштию гаштӣ,
Накардӣ орд бори хотири ман.

Туӣ ҳамхонаю ҳамгӯри ошиқ,
Гули шодоби ҷашну сури ошиқ,
Туро диду надид ӯ сад ҷаҳонро,
Чӣ биноест чашми кӯри ошиқ!

Маҳи кӯр асту абри бурда-бурда,
Кӣ аввал кокулонатро шумурда?
Кӣ бо ту як нафас хандиду бишкуфт?
Кӣ бо ту дода ҷон, аммо намурда?

Кунун аз зиндагӣ ранҷидаам ман,
На он худбовари шӯридаам ман.
Чу аз дил рафт дарди ишқи сӯзон,
Ба кулли дардҳо жӯлидаам ман.

Туӣ сарзиндаю овораи хеш,
Туӣ пурқудрату бечораи хеш.
Бифахрӣ аз нишони рӯи сина,
Бинолӣ аз дили садпораи хеш.

Замоне ишқи ту бахти дилам буд,
Ба вақте кӯи ту рахти дилам буд.
Масӯзон номаҳоямро дар оташ,
Ки ҳар як нома як лахти дилам буд.

Чу мо ҳоло ҷавонем, эй бародар,
Ба сони корвонем, эй бародар.
Зи ғавғои сагони раҳ натарсем,
Ба роҳи худ равонем, эй бародар.

Фалак маҷмӯаи роз аст, эй дӯст.
Аҷузи ҳилапардоз аст, эй дӯст.
Калиди қуфли шодӣ гум шуда, лек
Дари ғам доимо боз аст, эй дӯст.

Лаби дарё нишастам шомгоҳе,
Кашидам аз дили дарёям оҳе.
Аҷобат бин, ки дарёи дили ман
Ба шасте мефитад рӯзе чу моҳӣ.

Раҳат аз кӯи ман дигар шуд, эй гул,
Ниҳоли ишқи мо бебар шуд, эй гул.
Дили санг об шуд аз нолаи ман,
Дили санги ту сангинтар шуд, эй гул.

Биё, ки бишмарам чини ҷабинат,
Кунам ёди ҷамоли нозанинат.
Замоне ҳамнишини Моҳ будӣ,
Ки овард инчунин рӯи заминат?

Ниҳоли қоматат бустони умр аст,
Хаёли диданат исёни умр аст.
Ман аз он байтсозӣ дӯст дорам,
Ки байти абруят девони умр аст.

Куҷой, ёри деринам, куҷой?
Куҷой, Моҳу Парвинам, куҷой?
Туро гум карда будам рӯзи равшан,
Кунун дар хоб мебинам, куҷой?

Ситора мефитад аз боми гардун,
Дили мо меравад аз сина берун.
Нафаҳмӣ зиндагиро, хуб зебост,
Агар фаҳмӣ, надорад ҳеҷ мазмун...

Яке якумр бопарҳез бошад,
Яке чун санги оташхез бошад.
Яке чун пухтаи полиз ширин,
Яке чун лошаи полиз бошад.

Гурӯҳе мансабу ҳангома доранд,
Талоши рутбаи аллома доранд.
Агарчи худ муваққат, лек бар мо
Зи номи вақт садҳо нома доранд.

Гули гулдони мо пажмурда, эй гул,
Дилам аз ҷабри ту озурда, эй гул.
Маро нашносиву рӯзе биёбӣ
Саропо дил, валекин мурда, эй гул.

Табиат хаставу ноҷӯру нотоб,
Зи ҳар шохе барезад гӯӣ зардоб.
Тапад барги хазон афтода аз шох
Чу моҳии бурунафтода аз об.

Ҳама олудаи дардем, афсӯс,
Ғуборолуду пурдардем, афсӯс.
Зи кас мардонагӣ хоҳему худмон
На дар ҳар бобате мардем, афсӯс.

Биёву хонаободам кун, эй ёр,
Сурудам ман, ту аз ёдам кун, эй ёр.
Дар оғӯши ту мехоҳам бимирам,
Дар ин мушкил ту имдодам кун, эй ёр!

Туро қисмат ба фоли ман сиришта,
Ва ё баҳри заволи ман сиришта.
Чӣ чашмони хаёлангез дорӣ,
Ки гӯӣ аз хаёли ман сиришта.

Гули рӯят хазонеро набинад,
Ғубори осмонеро набинад.
Нишонат кард агар тири нигоҳе,
Дар ин дунё нишонеро набинад.

Гули ман, номи ман нашниданат беҳ,
Гули ишқи маро ночиданат беҳ.
Ту он сон бегуноҳӣ, ки худоё,
Гунаҳҳои маро нодиданат беҳ.

Лаби рӯду лаби рӯду лаби рӯд,
Ман аз чашму лабат гирам басе суд.
Аз ин будан чӣ ҳосил, гар наболӣ,
Ки вақте ошиқат буд, лоиқат буд.

Нигаҳҳои ғазалворат маро кушт,
Суханҳои асалдорат маро кушт.
Аҷал раҳми маро мехурд, аммо
Ғами ишқи ҷигархорат маро кушт.

Касе нагзашта дарси мактаби дил,
Надонад матлаби дил, мазҳаби дил.
Шабу рӯзи худо бисёр, лекин
Манам қурбони ҳар рӯзу шаби дил.

Дарахти бебаре бодо насибат,
Сарои бедаре бодо насибат.
Сарамро бекулаҳ дидию рафтӣ,
Кулоҳи бесаре бодо насибат.

Ду чашмат ду ҷаҳон дорад, гули ман,
Ҷаҳони пургумон дорад, гули ман.
Яке розӣ, яке норозӣ аз бахт,
Муросои замон дорад, гули ман.

Ғизоли саркаши ошиқгурезам,
Биё, дар пеши поят ҷон барезам.
Чи хушбахтам агар як байти бӯса
Ба рӯи коғази рӯят нависам.

Ба пои сарви озодат бимирам,
Ба чашмони шарарзодат бимирам.
Худо гар бар мани бехуд диҳад бахт,
Ба он ҳусни худододат бимирам.

Ту фарди хеш ҷустӣ, банда фардо,
Ту ҷустӣ моли дунё, банда дунё.
Зи дунё ҳардумон рафтем, аммо
Ту аз чоҳ об хурдӣ, ман зи дарё...

Дилам хоҳад, ки беҳуда намирӣ,
Дами осуда аз дарё бигирӣ.
Ба доман ашк тӯфон карданат чист?
Бигир аз домани тӯфонзамире.

Бидидам, тирамаҳ дарё ҳазин аст,
Ба лабҳош оҳҳои вопасин аст.
Чу пири варшикаста, паршикаста,
Зи худ навмед дар рӯи замин аст.

Дареғо, иддае кӯтоҳдастанд,
Ки аз таърихи худ тарфе набастанд.
Миёни кӯҳҳои сарбаафлок
Чӣ гӯям, иддае ҳастанду пастанд.

Кӣ ҳастиву чӣ ҳастӣ худ надонӣ,
Надорӣ ҳамзабону ҳамзабонӣ.
Ба дӯши ту агар бори ҷаҳон нест,
Чаро ту бори дӯши ин ҷаҳонӣ?

Фалокат чист, марги бармаҳал чист?
Сари ин муҳлика шӯру мағал чист?
Басо аз қасди одам мирад одам,
Гуноҳу қасду оҳанги аҷал чист?

Ало, эй раҳгузар, хайру саломат!
Ба мо ҳам як нигар, хайру саломат!
Зи мо дар ин раҳи шакку гумонҳо
Гумони бад мабар, хайру саломат!

Ту, ки ҳусни худододи заминӣ,
Ту, ки нирӯи давронофаринӣ,
Ало, эй моҳи хубон, шоҳи хубон,
Чаро бо бадсиголон ҳамнишинӣ?

Зи шинохези пурмағрури дарё
Набинӣ ранҷи роҳи дури дарё.
Касе, ки шӯри дарёӣ надорад,
Намебинад, чӣ дорад шӯри дарё.

Худоё, ҷумла фармони ту гиранд,
Тариқу роҳи имони ту гиранд.
Табибе гар кушад бемори худро,
Ҳама филфавр домони ту гиранд.

Чӣ садде роҳи оҳамро бигирад?
Чӣ дасте санги роҳамро бигирад?
Ту гар сарбори дӯшамро бигирӣ,
Чӣ кас бори гуноҳамро бигирад?

Гумон кардем, ки ӯ маҳзи камол аст,
Ва ё ҳам бартар аз ҳадди хаёл аст.
Чу аз дунболи ӯ рафтем, дидем,
Ки дар дунболи ӯ на дум, на бол аст...

Гули ман, шавқи лабҳои ту дорам,
Умед аз чашми шаҳлои ту дорам.
Саропои ту дунёи таманност,
Таманнои саропои ту дорам.

Маро аз ғайбати мардум чӣ парвост?
Маро аз туҳмати ҳар дун чӣ парвост?
Чу май дар гардиш орам бо азизе,
Маро аз гардиши гардун чӣ парвост?

Ба ҷуз худкомагию хобу хурде
Тапишҳои баландат кай шумурдӣ?
Зи шарёнат басе дарёи хун рафт,
Дили ғофил, ту аммо ташна мурдӣ.

Чу моҳӣ дар сари қуллоб мурдам,
Сарам дар ҳалқаи гирдоб мурдам.
Агарчи меҳр варзидам ба хубон,
Дареғи ман, ки бе меҳроб мурдам.

Яке з-афсонаи зан ҷон бикоҳад,
Яке – девонаи зан ҷон бикоҳад.
Яке дар хонаи зин род мирад,
Яке дар хонаи зан ҷон бикоҳад.

Ҷаҳоне кӯру як бино ту будӣ,
Ҷаҳоне гунгу як гӯё ту будӣ.
Ҳама лабташна буданду дареғо
Надонистанд, ки дарё ту будӣ.

Ман охир меравам аз дори дунё,
Бисозам то сабуктар бори дунё.
Чу санге зиндагиям тард созад
Зи роҳи сахту ноҳамвори дунё.

Бидон, бе машъали ақли дурахшон,
Бидуни офтоби ақлу ирфон
Агар сад Нораку Роғун бисозӣ,
Бимонад Тоҷикистон торикистон...

Ба ёди чизҳо чизе надидӣ,
Зи ганҷи кӯҳҳо резе надидӣ.
Баҳори умр қурбон кардӣ, аммо
Ба ғайр аз гарди пойизе надидӣ.

Ало афсурдаҷоно, ҷонфизо ку?
Хамидақомато, қадди расо ку?
Асое доштӣ, он ҳам шикастанд,
Дигар дар зиндагонӣ муттако ку?

Маро то умр дар рӯи замин аст,
Насиби диданат, эй нозанин аст.
Чӣ хуш бо ҷони Лоиқ бозӣ кардӣ,
Зи бозиҳои дунё бурдат ин аст.

Ҷамоли ту ҷамоли зиндагонист,
Висоли ту висоли зиндагонист.
Заволи давлати ҳуснат мабодо,
Ки баҳри ман заволи зиндагонист.

Дареғи зиндагию зуду дераш,
Дареғи навҷавону куҳнапираш.
Бимирӣ сер аз ҷон охири кор
Миёни гармсеру сардсераш.

Чӣ сон мардӣ бихоҳӣ аз мани фард,
Ки даврон ҳар замон биброрадам гард?
Зи як тан мард мардӣ чун бихоҳӣ,
Замона чун бувад номарди номард!

Зи «боло» чун сари болот хам шуд,
Ҳама афзуният якбора кам шуд.
Раисат муҳтарам буд, муттаҳам шуд,
Саисат муттаҳам буд, муҳтарам шуд.

Аз ин мастию пастиҳо чӣ ҳосил?
Аз ин кӯтоҳдастиҳо чӣ ҳосил?
Чу ақлат хому армонҳот хоманд,
Аз ин оташпарастиҳо чӣ ҳосил?

Дили ту тоқати исён надорад,
Дили ман тоқати нисён надорад.
Дареғи миллати камтолеи ман,
Пас аз Сомониён сомон надорад.

Мазори ман[1], туӣ гаҳвораи ман,
Паноҳи ин дили садпораи ман.
Зи ҳар девору сархорат намояд
Нишони модари бечораи ман.

Худоё, ҳамнишини оқилон кун,
Худоё, ҳамрадифи одилон кун.
Ба қабристон агар рӯзе бихуспам,
Маро ҳамсояи соҳибдилон кун.

Агар даъвои бутсозӣ набошад,
Агар оҳанги худнозӣ набошад.
Ба манзил мерасем, алҳамдулиллоҳ,
Агар дарди маҳалбозӣ набошад.

Туӣ буду набудам, миллати ман,
Туӣ самти суҷудам, миллати ман.
Суруди умри ман поён пазирад,
Ту мехонӣ сурудам, миллати ман.

Дили ман, эй дили бечораи ман,
Дили ғампарвару ғамхораи ман.
Туро сад пора хоҳад кард охир
Ғами ин миллати садпораи ман.

Ҷаҳон паҳновар аст, аммо чи танг аст,
Куҷо санге фитад, бар пои ланг аст.
Зи кӯҳистони сангафкан чӣ нолам,
Ки дар пироманам дилҳои санг аст.

Зи нолидан зи худ болидан авлост,
Зи гирйистан зи худ шӯридан авлост.
Зи ғарқидан ба дарёи сиришкат
Ба дарёи диле ғарқидан авлост.

Ҷаҳон бегонабозӣ дӯст дорад,
Ҷаҳон девонабозӣ дӯст дорад.
Ба пиромуни шамъи мурдаи хеш
Ҷаҳон ғамхонасозӣ дӯст дорад.

Ҷаҳон афсонасозӣ меписандад,
Зи худ бегонасозӣ меписандад.
Ману ту қадри шодӣ то бидонем,
Ҷаҳон ғамхонасозӣ меписандад.

Зи ғамхорони беғам сӯхтам ман,
Зи ҳамроҳони беҳам сӯхтам ман.
Надонистанд қадри сӯхтанро,
Чу саҳроҳои бенам сӯхтам ман.

Фалак, фарзонагонро куштанат чист?
Ҳама якдонагонро куштанат чист?
Ту худ девона кардӣ оқилонро,
Пас он девонагонро куштанат чист?

Замини қобили мо коҳиле шуд,
Зи фориғболиву фориғдилӣ шуд.
Замин безор шуд з-он соҳибоне,
К-аз онҳо ҳосилаш беҳосилӣ шуд.

1. Зодгоҳи гӯянда.

Ба заҳр олуда асли мазҳари хеш,
Ҷудо гаштем мо аз масдари хеш.
Заминро беамон куштем, афсӯс,
Чу ноҷинсе, ки кушта модари хеш.

Замин астарван аст имрӯз, эй вой,
Ки ҷои шеван аст имрӯз, эй вой!
Барои зистан буд аз азал, лек
Барои мурдан аст имрӯз, эй вой!

Ҷаҳони мо бурун аз шарҳу баст аст,
Ки мисли зочае дасте бадаст аст.
Абармардоне онро офариданд,
Вале афсӯс, дунё дунпараст аст.

Чӣ пурсӣ аз дили ғамхораи ман
Ва ё аз меҳнати ҳамвораи ман?
Замин бечора шуд аз ранҷу заҳмат,
Чӣ ҷои як дили бечораи ман?

Ту гуфтӣ: Мо замину осмонем.
Ту гуфтӣ: Соҳиби кавну маконем.
Вале гар мурдагонро ёд н-орем,
Яқин дон мурдатар аз мурдагонем.

Дареғо, тоҷикон аз хеш дуранд,
Барои дидани худ ҷумла кӯранд.
Ба саршон сангборон ҳам биборад,
Ба сони сангҳои худ сабуранд.

Ба зери хок бас аллома хуфта,
Ҳазорон шӯришу ҳангома хуфта.
Агар «Шаҳнома»-и Фирдавсӣ бо мост,
Ба зери хок сад «Шаҳнома» хуфта.

Агар сад покдоман будаӣ ту,
В-агар ҳам чокдоман будаӣ ту,
Дареғи домани умрат, ки охир
Насиби хокдоман будаӣ ту.

Намедонем асли нодири хеш,
Намедонем шеъру шоири хеш.
Гаҳе он қадр бефарҳангу кӯрем,
Ки бошем ошкоро мункири хеш.

Фаромуш карда девору дари худ,
Фаромуш карда номи кишвари худ,
Намедонам чӣ сон як идда бадбахт
Нишинад рӯ ба рӯ бо модари худ.

Касоне, ки ба кас ҳамдам набошанд,
Зи санги селроҳа кам набошанд.
Зи номи одамӣ бас одамоне,
Ки даъво мекунанд, одам набошанд.

Дар ин дунё, ки эҷоди тазод аст,
Ба қавли Рӯдакӣ, абр асту бод аст.
Паи одамгарӣ фурсат надорем,
Паи ноодамӣ фурсат зиёд аст.

Ҷаҳон аз мо батар овора будаст,
Ҳама зӯровараш бечора будаст.
Тамомӣ кай бувад ангораҳоро?
Тамоми зиндагӣ ангора будаст.

Бигӯ, ҷамъу парешон меравам ман,
Бигӯ, хандону гирён меравам ман.
Аз ин дунёи печутоби дилҳо
Чу дарё печпечон меравам ман.

Ба дил гуфтам, ки ёбам ёри дигар,
Кашам бори ғаму тимори дигар.
Тамоми кӯҳҳо пешам давиданд:
– Бикаш моро, сипас куҳсори дигар.

Фаромуш кардӣ суди миллати хеш,
Баровардӣ ту дуди миллати хеш.
Ба табли дигарон арғушт рафтӣ,
Нахондӣ як суруди миллати хеш.

Наво дорад, валекин ҳамнаво нест,
Ҳаво хоҳад хурад, аммо ҳаво нест.
Ба дарди аҳли миллат гар даво ҳаст,
Ба дарду иллати миллат даво нест.

Гусастӣ ту ҳама пайванди миллат,
Шикастӣ ту ҳама савганди миллат,
Ба фарзандони миллат додӣ иллат,
Яке дидам: шудӣ фарзанди миллат...

Худоё, бар ҳама худношиносон
Худогоҳӣ бидеҳ ё марги осон,
Дилам з-он раҳбари коно гирифтаст,
Ки мехонад Хуросонро хурӯсон...

На аз роҳи ягон мактаб гузаштӣ,
На аз қонуни тобу таб гузаштӣ.
Чу андар мазҳабат одамгарӣ нест,
Барои мансаб аз мазҳаб гузаштӣ.

Агар комилиёрӣ ё ҳаюло,
Наёбӣ посухе бар ин саволо:
Расад ҳар ҳукми боло то ба поин?
Расад кай ҳукми поин то ба боло?

Яке созад ба ман оҷиз нигоҳе,
Яке аз дил кашад фарёду оҳе.
Шигифто! Бепаноҳе чун тавонад,
Шавад пушту паноҳи бепаноҳе.

Чаро меналӣ ҳар дам чун ғарибон?
Намешӯрӣ алорағми рақибон.
Миёни кӯҳҳои сарбагардун
Чарой, дӯстам, сар дар гиребон.

Чу истиқлоли роҳи худгарат нест,
Паридан хоҳӣ, аммо шаҳпарат нест.
Ба рӯи сина дорӣ ду ситора,
Вале дар осмон як ахтарат нест.

Ситора медурахшад рӯи сина,
Даруни сина пур аз буғзу кина.
Аҷаб дорам, чӣ сон ин пастфитрат
Ба боло меравад зина ба зина?

Қадам мезад, кучо собитқадам буд?
Қалам мезад, кучо соҳибқалам буд?
Аламбардор кардандаш замоне,
Аламбардори бе дарду алам буд.

Яке дидам аз ӯ берӯтаре нест,
Аз ӯ бадкештар, бадхӯтаре нест.
Ба рӯи дил нишони қаҳрамонӣ,
Даруни дил аз ӯ тарсутаре нест.

Ду-се тан завқу идроке надоранд,
Зи марги зоти худ боке надоранд.
Зи хокистар бирӯяд гар самандар
Самандарҳои мо хоке надоранд.

Яке ҷӯяд нишони модарашро,
Дигар бистонад аз модар зарашро.
Чу як шамшерзан сар барфарозад,
Дусад кафгирзан кӯбад сарашро.

Ало, эй ёвари ман, довари ман,
Ало, озодибахши кишвари ман.
Зи худ озод нобуда замоне
Чӣ сон озодӣ орӣ бар сари ман?

Гумон кардам, ки ту соҳибзамирӣ,
Вале дидам: палиди беназирӣ.
Гумон кардам, ки ту марди кабирӣ,
Вале дидам: кавир андар кавирӣ.

Чӣ боқӣ монад аз анбори имрӯз?
Чӣ боқӣ монад аз афкори имрӯз?
Чӣ бояд кард, то дар пеши фардо
Намонад рӯсиях сардори имрӯз?

Ало, эй ҳамватан, хоҳам камолат,
Вале аз ин сухан н-ояд малолат:
Зи тундар осмон таркид, аммо
Ту дар хоби гаронӣ, хуш ба ҳолат!

Ало, мардум, шавам қурбони шонат,
Фикан бори ғуломиро зи шона-т.
Диҳӣ бар дасти инон гар инонат
Рабоянд аз даҳон як бурда нонат.

Яке бе ёри дилсӯзе бимирем,
Яке аз қасди кинтузе бимирем.
Вале сарчашмадоримон гар ин аст,
Зи беобӣ ҳама рӯзе бимирем.

Агар аз рӯди худ суде нагирем,
Умеди рӯзи беҳбуде нагирем,
Зи оташ дигарон нуре бигиранд,
Вале мо, тоҷикон, дуде нагирем.

Миёни мову ту ваҳшат набошад,
Гуноҳе мӯҷиби нафрат набошад.
Илоҷи иллати носури миллат
Ба ҷуз ваҳдат, ба ҷуз ваҳдат набошад.

Гаҳе дар ҳасрати ваҳдат гиристам,
Гаҳ аз хорию аз зиллат гиристам.
Чу донистам, ки тоҷик нест миллат,
Ба иллатҳои ин миллат гиристам.

Бигӯ, эй миллати ман, ин чӣ дида-ст,
Ки нури худшиносат нопадид аст?
Худовандат чу рӯзе офаридат,
Магар дар ту худовандӣ надидаст?

Ту худнашнохта, худнозият чист?
Сари ҳар бом парчамбозият чист?
Даҳон пуркафк андар роҳи миллат
Чу дар сар ақл не, сарбозият чист?

Чу мо сарсахт эзад н-офарида,
Чу мо ҷонсахт тахрихе надида.
Ба пои ҳар чакоди Тоҷикистон
Ҳазорон сол хуни мо чакида.

Ба дор овехта қомуси тоҷик,
Забонкӯтаҳ шуда ноқуси тоҷик.
Ҳама бонии ними нони хешем,
Надорад боние номуси тоҷик.

Гурӯҳе хуб хурда, хуб хуфтанд,
Ҳиҷое аз ғами миллат нагуфтанд.
Наояд то ки саршон бар сари дор,
Сари худро гирифтанду бирафтанд.

Басо кас завқи ҳамдардӣ надоранд,
Зи роҳи ҷустуҷӯ гарде надоранд.
Аз ин даҳмардагӯён ҳосиле нест,
Ки дар худ заррае мардӣ надоранд.

Ба ақли кӯтаҳат гардан фароз аст,
Дилат холиву ҷонат бениёз аст.
Забони модарӣ гум кардаӣ, лек
Забонат дар забонбозӣ дароз аст.

Ба рӯи хоку дар зери самоем,
Надонем аз куҷое то куҷоем.
Агар сайёрамон гумроҳ бошад
Куҷо мо раҳшиносу раҳнамоем?

Ало, эй ҳеҷкас, мову манат чист?
Ба рӯи моҳи тобон доманат чист?
Ало, эй чашмаи хушкидаоғоз,
Ба дарё шӯр омӯзонданат чист?

Ҳамойин шуд касофат бо шарофат,
Мувозӣ шуд фалокат бо кафолат.
Бинозам «дӯстии халқҳоро»,
Баробар шуд рақобат бо қаробат.

Далолатро адолат ном карданд,
Кароҳатро малоҳат ном карданд.
Чӣ дилкӯрист, ки бархе зи боло
Касолатро асолат ном карданд.

Дусад дарбон, валекин дар надорад,
Дусад фармон, валекин фар надорад,
Аз ин саркори мо дигар чӣ хоҳӣ,
Ки саркор аст, аммо сар надорад...

Гурӯҳе тирарӯ, беаҳду паймон,
Гурӯҳе тирадил, бе нури имон.
Ман аз куффор чун нолам, ки ҳар рӯз
Бирӯяд аз мусалмон номусалмон.

Дилу ҷонат дилу ҷоне набуда,
Агар қурбони ҷононе набуда.
Зи сад сарвар сарат гумраҳ бимонад,
Агар дар роҳи имоне набуда...

Хумори май куҷоят бурд, дидӣ?
Ҳама симу заратро хурд, дидӣ?
Ҳама симу зарат як ҷав наарзад,
Сари шиша саратро хурд, дидӣ?

Ба сомоне наёмад з-осмонам
Таманною умеду ормонам.
Намонад дар замин, балки бимонад
Ба коми зиндагонӣ устухонам.

Зи ту чун Рӯдакӣ гирён бимирам,
Чу Лоҳутӣ зи ту нолон бимирам.
Барои ту диламро об кардам,
Надодӣ об, то осон бимирам.

Дар ин дунё ба сони шабрави кӯр
Туро нодида мурдам, ёри раҳдур.
Суханҳои барат ногуфтаамро
Биёву бишнав аз чоки лаби гӯр.

Намедонам сағирам ё кабирам,
Намедонам амирам ё асирам.
Ҳамин донам, ки дар дунёи фонӣ
Ба ҳасратҳову армонҳо бимирам.

Биё, доғи куҳанро тозаам кун,
Ба ишқи худ баландовозаам кун.
Чу будам ҷоннисори хосаат ман
Агар мурдам, кафан аз хосаам кун.

Ба чашмони хуморинат бимирам,
Ба рухсори нигоринат бимирам.
Ниҳам то сар ба болини қиёмат
Бифармо, то ба болинат бимирам.

Таҳи сарбор мондӣ шонаамро,
Кашондӣ пояи кошонаамро.
Маро афсона кардӣ, лек афсӯс,
Нахондӣ охири афсонаамро.

Ту дидӣ як назар чӯби қаламро,
Надидӣ шӯру ошӯби қаламро.
Ту дидӣ нақши матлуби қаламро
Надидӣ аҳли саркӯби қаламро.

Виқори ман, ғурури ман куҷо шуд?
Шарори ман, сурури ман куҷо шуд?
Ҳаме наздиктар оям лаби гӯр,
Раҳи армони дури ман куҷо шуд?

Ба сӯи ҷангали Лайлӣ[1] нигоҳам,
Ба кӯҳи Осиё[2] бошад паноҳам.
Суҷуд орам ба Чилмеҳробат[3] аз дур,
Ало, эй зодгоҳам, ёдгоҳам!

Тапидам, бас тапидам, бас тапидаам,
Дамидам, бас дамидам, бас дамидам.
Ба ними қулла рафтам, ё нарафтам,
Хамидам, пас хамидам, пас хамидам.

Кушодам синаро, то раҳ кашидам,
Ҷаҳон дидам, вале худро надидам.
Агар тасхир кардам қуллаи кӯҳ,
Бубин, дар пояи кӯҳ орамидам.

Замоне буд ишқу давлати дил,
Замоне буд қадру қимати дил.
Замоне буду ишқе буду бигзашт,
Биё, ҳасрат кунем, эй Ҳазрати Дил!

Далеро, пурҷигар мардо, куҷоӣ?
Наҷибо, пурҳунар мардо, куҷоӣ?
Табардастони мулки мо зиёданд,
Забардасто, забармардо, куҷоӣ?!

Ғазанфарзодаё, рӯбаҳ чароӣ?
Сикандарзодаё, аблаҳ чароӣ?
Самандарзодаё, хокистарат ку?
Паямбарзодаё, гумраҳ чароӣ?!

Виқору ори мо ранге надорад,
Ба сӯи хеш оҳанге надорад.
Пур аз санг аст хоки мо, валекин,
Ягон фарди гаронсанге надорад.

Чу ҳоли зинда бад аз ҳоли мурда,
Чӣ суд аз номаи аъмоли мурда?
Зи раҳми модар аз бераҳмии давр
Равад бар хок бас атфоли мурда.

1, 2, 3 – Мавзеъҳо дар зодгоҳи гӯянда – Мазори Шариф.

Бани одам, ки эъҷози худоист,
Тамоми тору пудаш навгароист.
Вале бас «одами нав» дидам имрӯз,
Ки бадтар з-одамони ибтидоист.

Намонда бар диле анвори фарҳанг,
Намонда бар саре афкори фарҳанг.
Тиҳидасту тиҳидилҳои миллат
Зи чӣ пур мекунанд анбори фарҳанг?

Саре не, лек афзун сарваре ҳаст,
Фаре не, лек пуркарруфаре ҳаст.
Дареғи Рӯдакӣ! Имрӯз ҳар ҷо
Басо сардафтари бедафтаре ҳаст.

Ҳимоят ку? Шикоят менависӣ.
Ҳамият ку? Зи майдон мегурезӣ.
Ситезӣ, тоҷико, бо тоҷики хеш,
Ба рағми душманон кай меситезӣ?

Зи хокистар шарар пайдо намешад,
Зи хоки тар гуҳар пайдо намешад.
Агар пеши назарҳоро бибанданд,
Дигар аҳли назар пайдо намешад.

Яке роҳи маро бероҳӣ хонда,
Баландии маро кӯтоҳӣ хонда.
Бинозам фикрати «паҳновараш»-ро
Рубоии маро рӯбоҳӣ хонда.

Зи дунёи ғамободи шаҳидон
Расад бар гӯш фарёди шаҳидон.
Ба гӯши нуҳ фалак аз нуҳ туи хок
Расад, эй кошки, доди шаҳидон!

Ту мегуфтӣ, ки «мизи ман гарон аст,
Бисоту молу чизи ман гарон аст».
Чу пушти панҷара рафтӣ, яқин шуд,
Ки аз сими ту миси ман гарон аст...

Фалак, девонаам кардӣ, ту кардӣ,
Зи худ бегонаам кардӣ, ту кардӣ.
Агарчӣ нуҳ қабат худ хона дорӣ,
Чунин бехонаам кардӣ, ту кардӣ!

Агар дар рубъи маскун масканат нест,
Бидон, ки низ дар он мадфанат нест.
Дар ин дунё агар чизе набудӣ,
Ба он дунё кирои рафтанат нест.

Ман аз аввал раҳи боло гирифтам,
Раҳи номаръии дилҳо гирифтам.
Ту аз пушти падар тилло гирифтӣ,
Ман аз пушти падар дунё гирифтам.

Канорат холӣ аз завқи канор аст,
Ҷабинат сард чун санги мазор аст.
Шарар бармеҷаҳад аз ҳар дили санг,
Дили ту лек санги бешарор аст.

Туро, эй чизнодида чӣ гӯям?
Туро, эй кинажӯлида, чӣ гӯям?
Басо рӯдо, ки бо дарё даромехт,
Туро, эй оби гандида, чӣ гӯям?

Туро кай ёди дарди ину он буд?
Туро кай ҳамрикобӣ бо замон буд?
Ҳама бори гарон бар дӯши Айнӣ,
Ба дӯши ту фақат хоби гарон буд...

Ту андар осиё боре надорӣ,
Сари арзандаи доре надорӣ.
Бирав, пешонии худро бишӯ пок,
Агар пешонии коре надорӣ.

Абармарде чаро бебаҳру бар шуд?
Ҳунарманде чаро аз дар ба дар шуд?
Ало, эй зердастони тунукмағз,
Забардасте чаро зеру забар шуд?

Агар юнонӣ бошӣ, бо ту ҳастам,
Агар эронӣ бошӣ, бо ту ҳастам.
Ба ҳар ҷое, ки бошӣ, эй бародар,
Сияҳпешонӣ бошӣ, бо ту ҳастам.

Ба ҳар ҷо даъвии мову манӣ чист?
Ба чашми зиндагӣ сангафканӣ чист?
Ба ҷои рӯшиносӣ – рӯхарошӣ,
Ба ҷои мӯшикофӣ мӯканӣ чист?

Чӣ дунёе, чӣ дунёи балое,
Барад моро зи худ бо худнамоӣ.
Пас аз як моҳи шоҳӣ суфра бар дӯш
Давонад кӯ ба кӯ мисли гадое...

Балокорӣ, бало мегирад охир,
Хатокорӣ, хато мегирад охир.
Ба ботин ҳар чӣ дорӣ ё ба зоҳир,
Худо дода, худо мегирад охир.

Агар аз бенишониҳо нишонам,
Ҷаҳонро баъди худ холӣ намонам.
Ҷаҳон нашносадам, боке набошад,
Агар худро шиносам, сад ҷаҳонам!

Ба дурандешӣ пӯи роҳи дуре,
Ба нурандешӣ ҷӯи роҳи нуре.
Ҳама об ар зи боло зер ояд,
Ба боло меравад ҳар оби зӯре.

Мақомоте, ки дар поёну болост,
Ҳама печидаи ишколи колост.
Агар донӣ, ки қадратро надонанд,
Чу дарёи Арал хушкидан авлост.

Басо аз зоти миллат гуфтугӯ рафт,
Зи озодию аз рушду нумӯ рафт.
Ба гардун пояи фитрат фаро рафт,
Ба қонун пояи миллат фурӯ рафт.

Зафар андар хатар дидему рафтем,
Хатар андар зафар дидему рафтем.
Басо зеру забар хондем, аммо
Ҷаҳон зеру забар дидему рафтем.

Ҳама бетоб мемирад, чӣ дунёст?
Ба ҳабси қоб мемирад, чӣ дунёст?
Агар моҳӣ бурун аз об мемурд,
Кунун дар об мемирад, чӣ дунёст?

Хасе бар ҳоли хирманҳо бихандад,
Ба ҳоли шери нар хунсо бихандад.
Чӣ дунёе! Надонам. Кӯсаақле
Ба риши мардуми доно бихандад.

Агар зӯроваре дунё бигирад,
Зи хоки паст то боло бигирад.
Бувад гар ҳаққи мо аз ҳақтаоло,
Кӣ ҳақ дорад, ки ҳаққи мо бигирад?

Дуруд, эй миллати озурдаи ман,
Зи таъриху зи худ ғамхурдаи ман.
Нахоҳам гуфт пеш аз мурдани дил:
Видоъ, эй миллати дилмурдаи ман...

Ситамгарро Сикандар кардаӣ ту,
Музахрафро музаффар кардаӣ ту.
Валекин бузрукони нобиғатро
Гадоёни паси дар кардаӣ ту.

Ало, эй мардуми ғамнок рафта,
Дуои бад туро з-афлок рафта.
Фиғони ман расад рӯзе ба гӯшат,
Ки афғонам ба гӯши хок рафта.

Зи бенангии ту ранге рабуданд,
Зи беҳангии ту ҳанге рабуданд.
Зи қасри кӯҳҳои пурсукутат
Ба қасри хештан санге рабуданд.

Ало, халқи бузурги ман, чӣ хурдӣ,
Зи сарватҳои худ тарфе набурдӣ.
Замони нав туро ҷони наве дод?
Агар бовар кунӣ, медон, ки мурдӣ.

Бинозам ҷумла суннатҳоят, эй халқ!
Бинозам ҷумла ҳикматҳоят эй халқ!
Вале гирям, чу бинам: сарви қаддат
Хамида зери сарватҳоят, эй халқ.

Чаро дар чӯҷаат шаҳпар нарӯяд?
Чаро андар сафат сафдар нарӯяд?
Чаро бо он ҳама карруфару фахр
Зи аскарҳои ту афсар нарӯяд?!

Ало, мардум, сарафшонат муборак!
Талотумҷӯшии ҷонат муборак!
Чароғи иличӣ нураш адо шуд,
Чароғи нури имонат муборак!

Шаҳидони кафангулгуни тоҷик,
Замин ғарқа шуда дар хуни тоҷик.
Магар дар арсаи таърихи золим
Бувад қурбон шудан мазмуни «тоҷик»?!

Куҷо шуд мушкилосони бузургат?
Куҷо шуд рӯҳи инсони бузургат?
Ту саргарм астӣ бо ҷанги хурӯсон,
Чӣ кардӣ бо Хуросони бузургат?

Замони нав, гар ину он шикастӣ,
Барои хештан бунён шикастӣ.
Агар як қалъаи ҳизб офаридӣ,
Ҳазорон қалъаи имон шикастӣ...

Якеро на заифӣ, на далерӣ,
Якеро на асирӣ, на амирӣ.
Ало, инсон, ба ҳар ҳолат бимирӣ,
Яке аз гушнагӣ, дигар зи серӣ.

Касе соҳибдилу софизамир аст,
Ҷаҳида аз ҷаҳони доругир аст.
Чу «Девони Кабир» ояд ба дастат,
Манеҳ аз даст, кайҳони кабир аст.

Агар гаҳ зуду гоҳо дер бошад,
Ҷаҳон гӯри ҷавону пир бошад.
Яке аз нони ширинаш нашуд сер,
Ҳама аз ҷони ширин сер бошад.

Замон бо кас набуда ҳеҷ содиқ,
Замон бо кас бувад ёри мунофиқ.
Ало, эй қарни бисту як, аҷаб нест,
Ки оғозат бувад анҷоми Лоиқ.

Кунун аҳди сарафрозӣ расида,
Кунун айёми ҷонбозӣ расида.
Замони дӯстинозӣ гузашта,
Замони дӯстисозӣ расида.

Замон гоҳо туро бинвозад, эй дӯст,
Замон гоҳо туро бигдозад, эй дӯст.
Зи дарё гар дури мақсад наҷӯӣ,
Гуми дарё туро гум созад, эй дӯст.

Куҷо аз сангдил аҳли дил ояд?
Зи сангистон чӣ бору ҳосил ояд?
Агар як қобила нокора бошад,
Зи дасташ дастаи ноқобил ояд.

Яке аҳли дилу аҳли ҷунун аст,
Яке аҳли назар, аҳли фунун аст.
Забони шеър мебошад ҳақиқат,
Забони шоирон гарчи фузун аст.

Надонистӣ ту сеҳри дафтари ман,
Наҷустӣ на дари дил, на дари ман.
Ало, оташнигаҳ, рӯзе биёӣ
Тавофи тӯдаи хокистари ман.

Биё, бо ҳам даме танҳо бимонем,
Ки қадри будани худро бидонем.
Ту худ шеъриву аз ман шеър хоҳӣ,
Биё, шеъри туро аввал бихонем.

Биё, ин лаҳза нотакрору зебост,
Насиби мо зи бахшишҳои болост.
Чӣ ҷои бо фалак дасту гиребон,
Биё, дастобагардан будан авлост.

Агар, эй ёр, бе ту зор мирам,
Бад-ин зорӣ маро магзор, мирам.
Чу дарёвор буд ошӯби ҷонам,
Дуоям кун, ки дарёвор мирам.

Бикун ёдам, ғами дерина бигзор,
Тамоми дарду доғи кина бигзор.
Ба рӯи синаат сар монда будам,
Ту ҳам бар хоки гӯрам сина бигзор.

Биё, рақси равонӣ кун, гули ман,
Бинои «Хусравонӣ» кун, гули ман.
Дилам хун гашта дар ёди ҷавонӣ,
Биё, рақси ҷавонӣ кун, гули ман.

Хушо аҳди ҷавониву шарораш,
Хушо ишқу баҳори гулнисораш.
Биҳиштӣ мешавад он кас, ки бошад
Бишитирӯяке андар канораш.

Биё, ҳусни ҷавонат кам нагаштаст,
Хумори мижжагонат кам нагаштаст.
Шакарранҷе миёни мо агар буд,
Шакарханди лабонат кам нагаштаст.

Чӣ ҳусни толеъу фархундафолӣ,
Ки аз дур омадӣ бо дилкашолӣ.
Дилам аз шеър холӣ буд, холӣ,
Зи боло омадӣ, эй шеъри олӣ!

Туро бас дер ҷустам, вой бар ман,
Ғамонатро нашустам, вой бар ман.
Ба ёдат ними умрам рафт бар бод,
Гираҳ бар бод бастам, вой бар ман.

Туро ранҷондаму ранҷам фузун шуд,
Умеду орзуям сарнагун шуд.
Ман аз дарёдилии худ бинолам,
Ки дарёи дилам дарёи хун шуд.

Ало, эй ишқ, эй ганҷури ошиқ,
Туӣ раҳбони роҳи дури ошиқ.
Ман аз он ишқ безорам, ки рӯзе
Висоли ёр бошад гӯри ошиқ...

Куҷоӣ, ошиқи бегонаи ман,
Фаромуш кардӣ роҳи хонаи ман.
Агар сад сол ҳам ҷӯӣ ҳақиқат,
Намеарзад ба як афсонаи ман.

Ало, рӯди равон, рӯҳу равонӣ,
Чу обат аз барам рафта ҷавонӣ.
Биё, лаб бар лаби сабзат гузорам,
Ки ман мемираму ту ҷовидонӣ.

Ҷаҳони пур зи нурамро ба ман деҳ,
Зуҳурамро, ҳузурамро ба ман деҳ.
Диламро занги ғамҳои ту хурдаст,
Дили поки булӯрамро ба ман деҳ!

Шабе гардам, шаби маҳтоб гардам,
Дилу ҷон нохушу нотоб гардам.
Дар ин дунёи обу гил, гули ман,
Биё, ки дар канорат об гардам...

Даратро кӯфтам, дар во накардӣ,
Ба ҳоли ҷони ман парво накардӣ.
Бихурдӣ з-обреза оби дарё,
Вале шукр аз худи дарё накардӣ.

Туро дидам, дилам аз хонааш рафт,
Ғуруру шӯри бебоконааш рафт.
Магар афсонае будӣ, ки онан
Дили ман аз паи афсонааш рафт.

Дарамро боз кардӣ, боз рафтӣ,
Ба сони шеъри беоғоз рафтӣ.
Яке овоз кардӣ дар дари дил,
Валекин боз беовоз рафтӣ.

Муборак шӯри дарёи ҷавонӣ,
Расишҳою тапишҳои ҷавонӣ.
Дар ин дунёи пири пирафшон
Ҳумоюн бод дунёи ҷавонӣ!

Бипурсидам ман аз пурхораи хок:
Чаро пур мехурӣ дилҳои бебок?
Бигуфто: бе дили бебок хурдан
Чӣ сон тоқат кунам дар зери афлок?

Дареғи он ҳама исёну шӯрат,
Дареғи он ҳам кибру ғуруррат.
Чу рӯзе меравӣ бар синаи хок,
Дареғи синаи софу булӯрат.

Агар ту будамандӣ, буданат ку?
Агар судат бувад, осуданат ку?
Ба рӯи чанд берӯ дар кушудӣ,
Ба рӯи хеш дар бикшуданат ку?

Ало пурзаҳрамардо, заҳраат ку?
Зи баҳри зиндагонӣ баҳраат ку?
Агар шери намодӣ, бениҳодӣ,
Агар шери ҷиҳодӣ, наъраат ку?

Ту кай аз чоҳ моҳе мебарорӣ?
Ту кай аз оҳ шоҳе мебарорӣ?
«Хуш он чоҳе, ки об аз худ барорад»,
Ту кай аз хеш чоҳе мебарорӣ?

Ало, эй халқи ман, гетифурӯзӣ.
Бисӯзӣ, то ки беҳуда насӯзӣ.
Вале аз он ҷигархунам, ки имрӯз
Уқобонат шуда гунҷишкрӯзӣ.

Аз он ганҷу аз он махзан дареғо,
Аз он сарву аз он гулшан дареғо.
Замоне будаӣ гардунсаворе,
Кунун гардуна бар гардан... дареғо.

Аз ин баҳру аз ин соҳил чӣ ҳосил?
Аз ин роҳу аз ин манзил чӣ ҳосил?
Чу бошад ҳосили умр оҳу афсӯс,
Намедонам аз ин ҳосил чӣ ҳосил?

Дареғи он шукӯҳи анҷуманҳо!
Дареғи атри авранг чаманҳо!
Хасоне решаҳо пайванд карданд,
Вале тоҷик дорад решаканҳо!

Ҷадал ку? Пур мағал кардӣ, чӣ даҳшат!
Ки даъвои маҳал кардӣ, чӣ даҳшат!
Замоне пурғазал кардӣ ҷаҳонро,
Кунун пур аз мағал кардӣ, чӣ даҳшат!

Чӣ меҷӯӣ ту андар ин сабилҳо,
Ки раҳбонанд ҳар ҷо ноасилҳо?
Худовандо, зи даргоҳат ато кун
Дили равшан миёни тирадилҳо.

Тараҳҳум з-осмоне чун тавон ёфт?
Тафоҳум бо фулоне чун тавон ёфт?
Ду тоҷик чун забони ҳам нафаҳманд,
Забоне бо ҷаҳоне чун тавон ёфт?

Раҳе дар шашдари гетӣ чӣ дорӣ?
Саре сартосари гетӣ чӣ дорӣ?
Ба дасти хеш куштӣ модаратро,
Гила аз модари гетӣ чӣ дорӣ?

Нагӯям аз ғами афсурдани дил,
Нагӯям мотами ғам хурдани дил.
Чӣ бок аз мурдани тан, чун аз он пеш
Ҳазорон бор дидам мурдани дил.

Чӣ шуд он покдастиҳо, худоё?
Чӣ шуд он сарпарастиҳо, худоё?
Миёни кӯҳсори осмонсой
Чӣ пастиҳо, чӣ пастиҳо... худоё?!

Чӣ рӯзат омада аз қисмат, эй ҷон?
На май дорӣ ба каф, на раҳ ба майдон.
Қиёмат н-омада андар ҷаҳон, лек
Қиёмаш омада дар Тоҷикистон.

Ало мотамкада, ғамхори ту ку?
Ало зулматсаро, анвори ту ку?
Гирифтам, хирманатро бод карданд,
Агар оринажодӣ, ори ту ку?

Намебинем айбу иллати хеш,
Биафзоем ранҷу зиллати хеш.
Бародар гар хурад хуни бародар,
Кӣ бошад қаҳрамони миллати хеш?

Ало эй халқи ман, дарёканорӣ,
Вале худсозии дарё надорӣ.
Агар як лаҳза худро ҷамъ созӣ,
Ту холи чеҳраи ин рӯзгорӣ.

Дареғо, файзу эҳсон дар Ватан мурд,
Умеди зиндагӣ дар ҷону тан мурд.
Дареғу ҳайфи истиқлоли тоҷик,
Ки чун гул омаду гулгулкафан мурд.

Чӣ суд аз умру аз сӯзу гудоз аст,
Ки одам судаи ранҷи дароз аст.
Паи балъидани сад мурдаи нав
Даҳони гӯрҳои куҳна боз аст.

Ба роҳат чашми раҳпо доштам ман,
Ба ёдат ҷони шайдо доштам ман.
Ба роҳи ваъдаи имрӯзу фардот
На имрӯзу на фардо доштам ман.

Чӣ сӯзӣ? Ҳамдами бобе наёбӣ,
Табутобе кашӣ, тобе наёбӣ.
Бизан аз оби оташранг хумме,
Ки дар гӯробаат обе наёбӣ.

Фиғону дод аз дасти ғарибӣ,
Ки бо сад маргу Азроил қарибӣ.
Насибат аз Ватан гар канда гардад,
Ба рӯи ганҷи Қорун бенасибӣ.

Дар ин шаҳри шумо дарвозае нест,
Маромею русуми тозае нест.
Чӣ сон парвоз созам сӯи зурва,
Ки дар парвозгаҳ парвозае нест.

Каломи Рӯдакӣ воломақом аст,
Зи номаш халқи мо ҷовидном аст.
Зарафшон то абад гар зар фишонад,
Беҳин кони зараш шеъру калом аст.

Дигар аз ин такопӯят чӣ ҳосил?
Дигар аз килки ҳақгӯят чӣ ҳосил?
Тамоми киштаатро бод каранд,
Зи ҷавву гандуми мӯят чӣ ҳосил?

Шумо то иртиҳоламро бубинед,
Дили афсурдаҳоламро бубинед.
Шумо то қатъи парвози дарозам
Шикастанҳои боламро бубинед.

Бадам, некам, зи аъмолам бипурсед,
Зи гардонандаи ҳолам бипурсед.
Агар ман хом мондам то бад-ин рӯз,
На аз солам, зи салсолам бипурсед.

Зи оғӯшам чӣ айёми хуше рафт,
Зи бурҷи синаам бас маҳваше рафт.
Лаби дарё равам, гӯям видоъе,
Ки ту пур бош, дарёдаркаше рафт.

Аз ин буму бари пурбар дареғо,
Ки буда маснади барбар, дареғо.
Ба бӯи як нафас парвози олӣ
Пару болам шуда пар-пар, дареғо.

Туро аз чор сӯ тасхир карданд,
Туро бепиру бетадбир карданд.
Ба омоҷи бузургат норасида,
Туро омоҷгоҳи тир карданд.

Гурезон будам аз шӯру мағалҳо,
Миёни ин ҳама кӯру качалҳо.
Сарамро бохтам андар сари хум,
Диламро рехтам андар ғазалҳо.

Ман Эронам, ки Ишқ эълом кардам,
Ҷаҳонеро сафо инъом кардам.
Худою анбиё аз ман бинозанд,
Ки ман исломро ислом кардам.

Яке пайваст, дигар ҷумла бигсехт,
Яке хоки ду оламро зи ҳам бехт.
Агар пайғамбарон ҳамрой буданд,
Миёни умматоншон хун намерехт.

Зи ишқ афсонае бишнидиву бас,
Гули тасвирро бӯйидиву бас.
Зи авроқи китоби зиндагонӣ
Чу тифлон аксҳоро дидиву бас.

Ба халқи худ чиҳо кардед, гӯед!
Чӣ бурдеду чӣ овардед, гӯед!
Зи ман мардӣ талаб доред, аммо
Чаро худ ноҷавонмардед, гӯед!

Чӣ бадбахтӣ, ки моро фахри мо нест,
Адӯи мо зи асли мо ҷудо нест.
Дар ин ҷанге, ки байни тоҷикон аст,
Касе пирӯз ҷуз амри худо нест.

Ҳасудо, кам мабин, ман беҳисобам,
Ҳазорон сол дар аҳди шабобам.
Ту аз як козаи пурдуда ҳастӣ,
Ман аз як дудаи пурофтобам!

Магӯй норасу нокораҳое,
Магӯй тахтасангу хораҳое.
Биҷунбад бо суруди пири Рӯдак
Дар ин куҳпораҳо гаҳвораҳое.

Чӣ сардорон, ки оре ҳам надоранд,
Гуле ҳам неву хоре ҳам надоранд.
Шаҳиди он шаҳидони наҷибам,
Ки мурданду мазоре ҳам надоранд.

Ало рӯбаҳдиле, ки шермастӣ,
Ки нашносӣ русуми ҳақпарастӣ,
Маро гар мекушӣ, дастат бихушкад,
Маро гар даст гирӣ, зӯрдастӣ.

Даҳанмардон даҳанҳо боз карданд,
Ҳама таърифи худ оғоз карданд.
Мағалҳо дар маҳалҳо офариданд,
Куҷо дилро ба дил анбоз карданд?

Ба чашми Аҳриман сӯям нигаҳ кард,
Саропои маро ғарқи гунаҳ кард.
Сияҳ бодо, сияҳ рӯи сиёсат,
Ки чандин бор рӯямро сияҳ кард.

Хуҷаста бошадо иқболи тоҷик!
Ба парвози навин шаҳболи тоҷик!
Гар истиқлолаш истиқбол дорад,
Ҳумоюн бод истиқлоли тоҷик!

Навиди роҳату шодӣ муборак!
Умеди хонаободӣ муборак!
Ало, эй тангмайдон миллати ман,
Туро даъвои Озодӣ муборак!

Дилу ҷонам фидои ҷони тоҷик,
Ки пайдо шуд яке паймони тоҷик!
Ба ҷои пайкари Ленин, ало халқ,
Пай афкан пайкари армони тоҷик!

Дилам хун шуд, ки хунрезӣ набошад,
Миёни ҳамгинон тезӣ набошад.
Дилам хоҳад, ки ҷуз тақдири миллат
Касе андар ғами чизе набошад.

Басо даъвост байни ону ине,
Миёни ҳизбу ойиневу дине.
Миёни ин ҳама фарзу яқине
Раҳат испед, фардоофарине!

Надонам дӯзахиям ё биҳиштӣ,
Вале донам, ки сарсонам сириштӣ.
Худовандо, хати пешониямро
Чаро бо ранги ангиштӣ навиштӣ?

Ало соқӣ, паёпай деҳ шаробам,
Ки аз сар бигзарад ҳар сарҳисобам.
Гар аз мастӣ раҳи хона наёбам,
Даруни шишаи холӣ бихобам.

Ало, ёрон, дили ёрон бидонед,
Зи худ шайтони ноёрӣ биронед.
Давоми умри ман дар дасти ман нест,
Давоми «Резаборон»-ро бихонед.

Ман аз имои дастони ту мастам,
Зи атри сунбулистони ту мастам.
Чу модарзода чашмони ту мастанд,
Ман аз чашмони мастони ту мастам.

Маро андар канорат тангтар гир,
Бисӯзону зи ҷони ман шарар гир.
Лаби хушки маро неҳ бӯсаи тар,
Ба ҳаққи бӯсаи тар шеъри тар гир.

Туро озурданам маҳзи вубол аст,
Ки чашмат бегунаҳ – чашми ғизол аст.
Ман аз чашмони шӯхат хондам имрӯз,
Ки бо чашмони ту шӯхӣ муҳол аст.

Нагӯям доғҳои ишқи мурда,
Нагӯям номҳои нангхӯрда,
Чу бинам чор сӯ санг асту санг аст
Ва ҳам дар андарунам санги гурда.

Яке дар ман чи айбу иллате дид,
Яке дар ман чи ранҷу зиллате дид.
Яке дар ман гуноҳи миллате дид,
Яке дар ман паноҳи миллате дид...

На розам хондӣ, на розам кушудӣ,
На ёрӣ кардӣ, на ёрӣ намудӣ.
Басо бахшидамат ҷони гунаҳгор,
Ту бахшоишгарам аммо набудӣ.

Ба ёдат, эй бути гарданфарозам,
Шабу рӯзи худо дил мегудозам.
Расидан ҳеҷ натвонист, афсӯс,
Ба мӯи кӯтаҳат дасти дарозам.

Ҷавонии туро нозад дили ман,
Маро баҳри ту барбозад дили ман.
Ниҳоли қоматат бинам гулафшон,
Ҷавонии нав оғозад дили ман.

Ба сози рақси ту мерақсам, эй гул,
Чу мавҷи кокулат меларзам, эй гул.
Бихоҳам бо ту рақси зиндагиро,
Вале аз зиндагӣ метарсам, эй гул.

Яқин, бесозу баргам мекунӣ ту,
Ба кӯи дард таркам мекунӣ ту.
Зи ашки лалмият дарёфтам ман,
Ки охир ташнамаргам мекунӣ ту.

Зи ман майли дигар кардӣ, амон хоҳ,
Маро хуни ҷигар кардӣ, амон хоҳ.
Дилатро дар ба дар бурдӣ, хушат бод,
Диламро дар ба дар кардӣ, амон хоҳ.

Шабу рӯзу шабу рӯзу шабу рӯз
Диламро мехурад андӯҳи ҷонсӯз –
Диламро мехурад дарде, ки рӯзе
Туро нодида мемирам, дилафрӯз!

Ғамамро, зиндагӣ, сомон накардӣ,
Зи сад мушкил яке осон накардӣ.
Фузудӣ дардҳое бар сари дард,
Ягон дарди маро дармон накардӣ.

Ба сӯи лаб чу соғар мебарӣ ту,
Ҷаҳон ояд чу дилбар дар бари ту.
Бишӯяд тоза як ғамро, валекин
Ҳазорон ғам физояд, бар сари ту.

Агар парвардаи Боми ҷаҳонӣ,
Хаёлат, ёфтӣ номи ҷаҳонӣ?
Агар дар оташи хуршед пухтӣ,
Маранҷ аз ман, ҳамон холи ҷаҳонӣ.

Хушо ишқу маю аҳду шабобат,
Гули рӯеву гулбонги рубобат.
Сари ин нукта боре сар фурӯ кун:
Шароб охир бараd сӯи саробат.

Ту яктою дилам як рӯй дорад,
Туро бинад, дили ман тӯй дорад.
Марав аз гулшани ишқи дили ман,
Ки гул дар буттаи худ бӯй дорад.

Раво гар нораво мешуд, чӣ мешуд?
Шаҳаншаҳ гар гадо мешуд, чӣ мешуд?
Агар ҳар аблаҳе мегуфт аналҳақ,
Ҷаҳон пур аз худо мешуд, чӣ мешуд?

Фаромӯш карда девору дари худ,
Фаромӯш карда номи кишвари худ,
Намедонам, чӣ сон як идда бадбахт
Нишинад рӯ ба рӯ бо модари худ?

Агар хеши манӣ ё хеши дарё,
Агар ёдам кунӣ, рав пеши дарё.
Гар аз дарвешии ман шиква дорӣ,
Бубар он шиква бар дарвеши дарё.

Дили шерам зи шамшере натарсад,
Инонам аз инонгире натарсад.
Сарат гардам, сарамро пир кардӣ,
Сари пирам сари тире натарсад.

Ҷаҳон ошуфтаю ошуфтаам ман,
Шукуфта дар назар, нашкуфтаам ман.
Ҷаҳон бас қиссаи ногуфта дорад,
Яке з-он қиссаи ногуфтаам ман.

Биё дар паҳлуям паҳлу зан, эй ёр,
Хумор андар хуморам бишкан, эй ёр.
Ғами ишқат ба рӯям соя афканд,
Куҷой, эй умеди равшан, эй ёр?

Куҷо рафтӣ, куҷо, эй бахти бедор?
Чӣ ҳоле дорӣ дар даргоҳи додор?
Ҷавонии туро дар ёд дорам,
Ҷавонии маро ҳам ёд медор.

Агар афсонаӣ, афсонагӣ кун,
Агар паймонаӣ, паймонагӣ кун.
Ту бо ин хилқати фарзонаи ман
Агар фарзонаӣ, фарзонагӣ кун.

Нахонда сози илҳоми худованд,
Надида рози пайғоми худованд,
Ғаразҳои касифи хештанро
Басо гуфтанд аз номи худованд.

Биё, эй дил, агар дилдорият ҳаст,
Биё, эй ғам, агар ғамхорият ҳаст.
Биё, эй чашми хоболуду махмур,
Агар бо ман сари бедорият ҳаст.

Басо дидам дару дашти фарохе,
Хиёбонҳову гулгашти фарохе.
Зи сад гулгашту дашт авлотар омад
Ба чашми ман дилу дасти фарохе.

Чу бинам обу ранги иди рӯят,
Умедам сабзад аз уммеди рӯят.
Туро дидам, туро дидам, чӣ бахте,
Баромад аз дилам хуршеди рӯят.

Амон аз беамон меҷӯӣ? Қаҳ-қаҳ!
Нишон аз бенишон меҷӯӣ? Қаҳ-қаҳ!
Карон аз бекарон меҷӯӣ? Қаҳ-қаҳ!
Макон аз ломакон меҷӯӣ? Қаҳ-қаҳ!

Сарат аз қасди ҷони ман нагардад,
Дилат аз роҳи Аҳриман нагардад.
Дусад хуршед орам бар замират,
Дили торики ту равшан нагардад.

Биё, рӯҳи рамони ман туро бод,
Каҳи ман, Каҳкашони ман туро бод.
Ҷаҳоне аз ҷаҳон мехоҳӣ, эй ҷон?
Биё, ҷону ҷаҳони ман туро бод!

Ду-се раҳ роз бикшудему рафтем,
Дил аз дилдор бирбудему рафтем.
Хушо бар ҳолатон, эй ишқбозон,
Ки мо ҳам ошиқе будему рафтем.

Напиндорӣ, ки ман беҷода рафтам
Ва ё қурбони ҷому бода рафтам.
Яке гар кони гил бикшоду ганҷе,
Басо кони диле бикшода рафтам.

Шабу рӯзат шабу рӯзе набуда,
Агар сарфи дилафрӯзӣ набуда.
Зи милён лофи ҷонсӯзӣ чӣ ҳосил,
Агар дар ҷони ту сӯзе набуда?..

Чу борон гум шавам дар коми саҳро,
Равам бар хок ҳамчун оби дарё.
Агар дунё барои ман набудаст,
Бимирам аз барои ҷумла дунё...

Нигоҳи туст сӯи безамонҳо,
Нигоҳи банда сӯи ормонҳо.
Каҳе аз хирмани қисмат наёбӣ,
Агар ёрам най дар Каҳкашонҳо...

Куҷой, ҷони ман, озодаи ман,
Сари илҳоми ман, сарводаи ман?
Зи ҳаҷрат бода хӯрдам, бода хӯрдам,
Ҳама он бода шуд ғамбодаи ман.

Ғами ту хӯрдаму шодӣ гирифтам,
Сари вайрона ободӣ гирифтам.
Агар як дам гирифтори ту будам,
Ба дил уммеди озодӣ гирифтам.

Ба ҷон парвар гарат парварда бошад,
Ғамат дар шодмонӣ хӯрда бошад.
Ба ҷони он касе арзад бисӯзӣ,
Ки баҳрат лоақал таб карда бошад.

Зи чашми бевафои ту дилам монд,
Зи қаҳри норавои ту дилам монд.
Чу коғазбозии Шӯро ба мардум
Зи кулли ваъдаҳои ту дилам монд.

Қалам карда басо ноҷӯрӣ мавзун,
Қаламкаш карда ҷонҳо сеҳру афсун.
Чӣ ҳукме рафта, ки дар ин қаламрав
Қаламкашро қалам карданд афзун..?

Ба номам омадӣ, номам надодӣ,
Ба комам омадӣ, комам надодӣ.
Чӣ шуд, эй ҳиммати Шӯрои Олӣ,
Ба ҷашни Ҷомӣ як ҷомам надодӣ.

Адо кардӣ адофаҳмони худро,
Шикастӣ муҳраи паймони худро.
Шикасти муҳраи паймон чӣ бошад,
Шикастӣ муҳраи ҷонони худро.

Зи туркон сарбурӣ монда ба олам,
Зи тоҷик шоирӣ монда ба олам.
Зи соҳир соҳирӣ монда ба олам,
Зи хубон дилбарӣ монда ба олам.

Зи қисмат шодият қисмат надоданд,
Ба рӯи ту дари ғамҳо кушоданд.
Ҳама рӯз ашк меборӣ зи дида,
Ки гӯӣ рӯзи боронит зоданд.

Туро оинабинӣ гашта ойин,
Ки аз худ меравӣ: гаҳ ону гаҳ ин...
Туро чун ҷони ширин офариданд,
Тараҳҳум кун ба ҷонат, ҷони ширин!

Тамоми устухонам об гашта,
Зи пуртобӣ танам бетоб гашта,
Ҳамеларзам зи шаб то субҳ аз ғам,
Вуҷудам риштаи симоб гашта.

Дили ту бодаҳо аз Ҷоми Ҷам хӯрд,
Дили ман ғуссаву андӯҳу ғам хӯрд.
Зи шодӣ қад алам кардӣ ту, эй пӯк,
Қади ман зери бори дард хам хӯрд.

Ба ҷони ман аминӣ, эй дили ман,
Ғубори ғам набинӣ, эй дили ман.
Зи таъну лаъни мардум пок мондӣ,
Аҷаб боофаринӣ, эй дили ман!

Шумо ҳоло шарифеду азизед,
Калиду қуфли муште молу чизед.
Валекин дар тарозуи адолат
Шумо ночизтар аз як пашизед.

Рухатро бӯсаборон мекунам ман,
Саратро фахри даврон мекунам ман?!
Агар хоҳӣ ҷавонии дубора,
Хазонатро баҳорон мекунам ман.

Агар мардӣ, агар марди далерӣ,
Заифӣ, ё сағирӣ, ё кабирӣ
Даро дар озмун чун марди майдон
Бубинад халқ: рӯбаҳ ё ки шерӣ.

Ту бошӣ, махзани Парвиз дорам,
Ту бошӣ, соғари лабрез дорам.
Агар бар гарданам овезӣ дастат,
Беҳин аз умр дастовез дорам.

Ба шеъру шоирӣ қонунгаре нест,
Дар ин ҷо додхоҳу доваре нест.
Зи ҳар ҷое ба ҳар рое бихоҳӣ
Биё, зеро дар ин манзил даре нст.

Май аз онону ашки ток аз туст,
Зи рӯи бом то афлок аз туст.[1]
Зарафшонии безар, зинда бошӣ,
Заратро мебаранду хок аз туст.

Ало, эй соқии дилҷӯю тардаст,
Бидеҳ ҷоме, ки сармастам, на сарпаст.
Маро то ҷоми дигар фурсате нест,
Ҷавонии туро бас фурсате ҳаст.

Биё, дар рӯҳу ҷони ман биёмез,
Биё, дар хонумони ман биёмез.
Агар умри абад мехоҳӣ аз ишқ,
Ба ашъори равони ман биёмез.

Агар фармуди он якто намешуд,
Гуноҳ аз Одаму Ҳавво намешуд,
Агар як дин ҷаҳонро пок медошт,
Дигар дин дар ҷаҳон пайдо намешуд.

Биё, эй дил, ба ҳоли ҳам бигирйем,
Ба ҷони бемаҷоли ҳам бигирйем.
Заволи мову ту пушти дар омад,
Биё, пеш аз заволи ҳам бигирйем.

Накардам самти раҳ дар чор сӯ гум,
Маолам сарбаландӣ буд, мардум!
Фақат гаҳ-гоҳ дар поёни мастӣ
Сари хам доштам пеши сари хум.

1. Аз «Тақсими мерос»-и Мушфиқӣ.

Замон вайрона шуд, эй доду бедод!
Хирад девона шуд, эй доду бедод!
Зи дасти душманони хонагимон
Ҳама бехона шуд, эй доду бедод!

Илоҳию илоҳию илоҳӣ
Чаро додӣ кулоғеро кулоҳе?
Зи раҳдоне чаро бистонда додӣ
Таноби роҳ бар гумкардароҳе?

Салоҳи даҳр бетиру камон нест,
Замони бебало андар замон нест.
Дар оғӯши занон як дам биёсой,
Дар оғӯши замон амну амон нест.

Дили бекинаи дарё биҷӯям,
Зулоли синаи дарё биҷӯям.
Дилам ганҷинаи роз аст, з-ин рӯ
Дили ганҷинаи дарё биҷӯям.

Ало, эй навниҳоли навгули ман,
Гулистони дили ман шав, гули ман.
Дар ин дунёи дирӯза ба ошиқ
Яке гӯю яке бишнав, гули ман.

Агар як шаб ба болинат биболам,
Зи шӯриҳои аъмолам нанолам.
Зи рӯи гандумат дар суфраи умр
Агар гирам завола, безаволам.

Худоё, бандагонат хомкешанд,
Туӣ моя, ҳама сармояхешанд.
Мусулмонӣ агар бо риш бошад,
Мусулмонони мо пур хомришанд.

Ба сад ҳомун яке Маҷнун нагунҷад,
Ба сад қолаб яке мазмун нагунҷад.
Намедонанд ин ду қатра сарвар,
Ки уқёнус дар қонун нагунҷад.

Агар фарҳанги рише реша ронад,
Фурӯғи илму фарҳанге намонад,
Гар ин сангиндилию сангрӯист
Зи сангистони мо санге намонад.

Дилам бигрифт аз вахшури дунё,
Ки бино шуд ғуломи кӯри дунё.
Басо кандаст дунё гӯри моро,
Канем оё ману ту гӯри дунё?

Хушам аз чораи ночории хеш,
Хушам аз бораи бебории хеш.
Чу бадбахтии дороён бидидам,
Тафохур кардам аз нодории хеш.

Камон дар дӯш омад, ҷумларо бурд,
Камон дар даст омад, ҷумларо хурд.
Даҳон пур, киса пур як рӯз дидам,
Зи тири дигаре аз саг батар мурд.

Биё, ки ташнаи дидорам, эй гул,
Туро зору зи ғам безорам, эй гул.
Бичӯшад лаб ба лаб дарёи бахтам,
Чу бо ту лаб ба лаб бигзорам, эй гул.

Ту, ки озодаю соҳибҷамолӣ,
Дилам хоҳад, ки аз қисмат наналӣ.
Бигардам гирди кӯят, то мабодо
Нишинад бар рухат гарди малоле.

Дило, донӣ магар бо ту чӣ карданд?
Шикастанду фишурданду фасурданд.
Ту хурдӣ бас ғамони дигаронро,
Ғаматро дигарон боре нахурданд.

Сарат гардам, биё андар бари дил,
Биё, ҳар ду бигардем аз сари дил.
Ки аз ин оташи ишқи ману ту
Намемонад ба ҷуз хокистари дил.

Ба ҳар полезу мазраъ хӯсае ҳаст,
Миёни мардҳо бас кӯсае ҳаст.
Шигифто, хӯсаю кӯса чӣ донанд,
Ки дар дунё шарори бӯсае ҳаст.

Шудам пазмон ду чашми обиятро,
Итоби абруи меҳробиятро.
Биё, дар ин шабони ширмаҳтоб
Бибӯсам синаи маҳтобиятро.

Ба меҳмондорӣ машҳурӣ, ки шояд,
Валекин ҳадди худ бишнохт бояд.
Мабод он рӯз, эй халқи худодод,
Ки меҳмонат шавад хонахудоят.

Замини меҳри мо рӯе надорад,
Гули уммеди мо бӯе надорад.
Ба сӯи ҳамдигар бар хотири ҳеч
Такопӯҳои мо сӯе надорад.

Ало миллат, ту аз якдонагонӣ,
Ту аз озодагон, фарзонагонӣ,
Вале бисёр дур афтодӣ аз худ,
Нигини хотами бегонагонӣ.

На коло дар мағоза мефурӯшед,
На ҳам лолою ғоза мефурӯшед.
Яке тоҷикро чун мӯр кушта,
Дигар беғам ҷаноза мефурӯшед.

Яке бар ҳусни ту дил додам, эй вой,
Диламро дар бало бинҳодам, эй вой.
Чу аз боми ду чашмат бӯса кардам,
Зи боми осмон афтодам, эй вой.

Зи ман рафтӣ, куҷо рафтӣ, чӣ дидӣ?
Зи шодӣ бар азо рафтӣ, чӣ дидӣ?
Зи даргоҳи муҳаббат бенасиба,
Ба даргоҳи худо рафтӣ, чӣ дидӣ?

Маро бигзоштӣ бо ман, хушат бод!
Задӣ бар оташам доман, хушат бод!
Ба имое чу каҳ бар бод рафтӣ,
Надидӣ ҳосили хирман, хушат бод!

Чӣ гӯям, рози дил нашнида рафтӣ,
Ба дарди ишқ нопечида рафтӣ.
Тамоми рӯи дунёро бидидӣ,
Сафои рӯи дил нодида рафтӣ.

Ало, сабзинарӯ, сабзӣ набинӣ,
Ба рӯзи мотамам сархам нишинӣ.
Бадо рӯзе, ки аз ҳаҷрат шавам хок,
Ту аз хоки мазорам сабза чинӣ.

Аз ин ҳарзасароён рӯй гардон,
Аз ин ҳикматгадоён рӯй гардон.
Чу дорад зиндагонӣ рӯй вопеш
Аз ин вопасгароён рӯй гардон.

Бидонӣ то ки қадри кудрати хеш,
Бидон аввал тавони фитрати хеш.
Барои ҳурмати ман гар нахоҳӣ,
Зи ҷо бархез баҳри ҳурмати хеш.

Раҷулоне риҷоли қайду банданд,
Ба қалби шарҳа-шарҳа шуҳраманданд.
Чӣ шаҳре метавонад буд шаҳре,
Ки дар он шаҳрвандон шаҳрбанданд?

Бигӯям ростат, гар ростой,
Чунин дуруяву дудил чарой?
Чу зикри пул равад, имон фурӯшӣ,
Ба масҷид лек дар зикри худой.

Чӣ ишқе тозаат афрӯзад, эй гул?
Чӣ ҳусне ошиқат омӯзад, эй гул?
Харобат кардаам, к-ободд бошӣ,
Ба ҳоли ту дилам месӯзад, эй гул.

Аз ононе, ки пурсабру хамӯшанд,
Напарҳезед, аҳли тобу тӯшанд.
Аз онон, ки зи майдон мехурӯшанд,
Бипарҳезед, кишвар мефурӯшанд.

Чӣ шире хурдӣ аз пистони модар?
Чӣ нуре бурдӣ аз хуршеди анвар?
Самарқанду Бухоро рафт аз даст,
Душанбе гар равад, эй вои кишвар.

Ғами ту ҷуз ғами коло набудаст,
Муроду мақсади воло набудаст.
Ту аз хоби гарон бедор гаштӣ,
Вале чашми дилат бино набудаст.

Ғурурат, шуҳратат, нангат куҷо шуд?
Шукӯҳат, шавкатат, ҳангат куҷо шуд?
Туфу бар он камони зангхӯрда,
Камоли фарру фарҳангат куҷо шуд?

Дилам дар коҳдуди ғам нишаста,
Шикаста, вошикаста, вошикаста,
Зи дасти чашмбаста раҳнамое,
Зи дасти раҳкушои пойбаста.

Ба сад хориву бо сад норасой
Диҳад бар пешвояш пешпой.
Ба ин миллат, худои ҳар ду олам,
Биёфар раҳнамое, раҳкушое!

Касе гул кошт, бояд гул бичинад,
Касе хун рехт, андар хун нишинад.
Чунин пастӣ, ки дар Боми ҷаҳон буд,
Худоё, душмани тоҷик набинад.

Туро гоҳе мазаммат карда бошам,
Бидон, ки арзи миннат карда бошам.
Гар аз ҳоли харобат ҳарф гуфтам,
Бидон, қасди мараммат карда бошам.

Маро хайле адӯ хондаст, афсӯс,
Ба номам лакка афшондаст, афсӯс.
Зи худ бегонаву бегонапарвар,
Аз ин миллат дилам мондаст, афсӯс.

Аз ин дилномаҳо дилномаат ку?
Зи Ҷоми Ҷам бифахрӣ, ҷомаат ку?
Нишони хомият дидам зи ҳад беш,
Нишони пухтагӣ аз хомаат ку?

Бидон, аз ношиносон нестам ман,
Туфайлихори хосон нестам ман.
Худоро мешиносам, шукри Аллоҳ
Аз он худношиносон нестам ман.

Маро гаҳ маст мебинед, ғам нест,
Шуда аз даст мебинед, ғам нест.
Баландии шуморо мепарастам,
Маро гаҳ паст мебинед, ғам нест.

Туро хуни ҳаром аз ту ҷудо кард,
Худо гуфтӣ, валекин бехудо кард.
Садои Пирро нашнидӣ, афсӯс,
Садои тир маргатро садо кард.

Пушаймонам зи раҳ нанмудани хеш,
Пушаймонам зи раҳ бинмудани хеш.
Чу тоҷик хуни тоҷикро бирезад,
Пушаймонам зи тоҷик будани хеш.

Ҷавонмардони ту бас ноҷавонанд,
Тавонмандони ту бас нотавонанд.
Ало миллат, чи сон ёбӣ раҳи рост,
Ки бархе ҳаҷравонат каҷравонанд.

Куҷо шуд шавқу шӯри беқаринам?
Куҷо шуд байтҳои нозанинам?
Замоне гар саропо будам оташ,
Дареғ, имрӯз хокистарнишинам.

Чӣ гӯям, буғзу кин боло гирифтаст,
Касифе минбари мавло гирифтаст.
Каманди шеър суст омад, сад афсӯс
Каманди тир дунёро гирифтаст.

Дилу ҷонат зи ғам коҳид, афсӯс,
Ҳама об аз сарат шорид, афсӯс.
Ба гардунҳо расид оҳу фиғонат,
Вале ҳамсояат нашнид, афсӯс.

Зи асли худ пушаймон шуд дили ман,
Зи буди худ гурезон шуд дили ман.
Зи дасти ин ҳама хушкидамағзон
Биёбон дар биёбон шуд дили ман.

Дигар дар Шӯравӣ суре намонда,
Ба қандилаш дигар нуре намонда.
Чӣ ҷӯӣ хонаи ободи мардум,
Гар ӯро маъбаду гӯре намонда.

На расму роҳи ободӣ гирифтем,
На имдоде, на иршоде гирифтем.
Шаҳиди чӣ раҳе буда «шаҳидон»,
Зи «озодӣ» чӣ озодӣ гирифтем?

Хазоно, чеҳраи рангин муборак!
Ба дастат хӯшаи Парвин муборак!
Зи баъди он ҳама талхии ҳиҷрон,
Гули ман, хандаи ширин муборак!

Замоне мо ба ҳам печида будем,
Гули армони дилро чида будем.
Ҳар он чизе худо бахшида будмон,
Барои ҳамдигар бахшида будем.

Агар сад дор дорӣ, мениҳам сар,
Вале ҳоло зи хуни банда бигзар:
Зи худ бегонагиятро ҷаҳон дид,
Ало, миллат, ба ҳоли хеш бингар!

Агар аз машриқи ваҳдат натобӣ,
Бидон ки боз аҳли хурду хобӣ.
Чунин бегонапарвар гар бибошӣ,
Ту асли хешро ҳаргиз наёбӣ.

Надонӣ гавҳари иқбол худ чист,
Фарозу шеби истиқбол худ чист,
Туро доданд истиқлол ногаҳ,
Надонӣ ҳарфи истиқлол худ чист?

Дареғи он ҳама фархундафолӣ!
Дареғи он ҳама фархундаҳолӣ!
Камолатро[1] чу берун рондӣ аз дар,
Намебинӣ дигар рӯи камоле!

Ба дасти хештан куштем худро,
Ба хуни хеш оғуштем худро.
Зи дасти тирандозони бадзот
На ҳамдасту на ҳампуштем худро.

Ба худ худро надида мисли мо нест,
Ба мақсад норасида мисли мо нест,
Ҳазорон сол бишнида насиҳат,
Насиҳатношунида мисли мо нест.

Яке гӯяд: зи Хатлонам, туро чӣ?
Дигар: ман аз Бадахшонам, туро чӣ?
Дареғо, нест марде, ки бигӯяд
Ман инсонам, ман инсонам, туро чӣ?

Дареғи фарри деринат, ватандор,
Дареғи тоҷи զарринат, ватандор.
Аҷал меофаринӣ бар худи худ,
Бадо бар дину ойинат, ватандор!

Ягон дунёситон дунё нагирад,
Агар аз домани дилҳо нагирад.
Агар дарёи умри ман бихушкад,
Ягон дарё паи онро нагирад.

Дареғи ҳиммати волои тоҷик!
Дареғи ҳикмати мавлои тоҷик!
Агар сад ҷомаи номус ҳам дӯхт,
Наёмад рост бар болои тоҷик!

Туро дар сина дорам, халқи тоҷик!
Ба ҷуз ту кас надорам, халқи тоҷик!
Туро дунё чунин озурда кардаст,
Ба дунё кина дорам, халқи тоҷик!

Фурӯғи Аҳриман сӯям нигаҳ кард,
Саропои маро ғарқи гунаҳ кард.
Сияҳ бодо, сияҳ рӯи сиёсат,
Ки чандин бор рӯямро сияҳ кард.

Фурӯғи машъали Ленин адо шуд,
Виқори ҳайкали Ленин адо шуд.
Ба сӯи Шарқу сӯи коммунизм
Нигоҳи маътали Ленин адо шуд.

Бародарҷон, ба ҳарфам гӯш доро!
Бигӯям беибою ошкоро:
Сари бишкастаи Ленин қариб аст
Хурад ноҳақ сари Мақсуди моро.

Зи сад анҷом як оғоз беҳтар,
Зи сад хомӯшӣ як овоз беҳтар.
Худоро мешиносӣ, ҳамдулиллаҳ,
Агар худро шиносӣ, боз беҳтар.

1. Манзур Камоли Хуҷандӣ.

Шаб омад, боз чодар бар сарам зад,
Сиёҳӣ мӯҳр бар чашми тарам зад.
Маро бигзошт андар хона озод,
Вале қуфли гароне бар дарам зад.

Ман аз дур омадам, марди ғарибам,
Ғарибонро даво кун, эй табибам.
Фикан бар кӯлворам ёди худро,
Ки ман бас носабурам, ношикебам.

Ба ин базм омадам аз манзили дур,
Чу деворам, на ғамгинам, на масрур.
Ман ин ҷо дилкашолие надорам,
Ду дасти ман намонад берун аз гӯр.

Чӣ будам? Нозбардори ту будам,
Баҳорон гулнигаҳдори ту будам.
Ту мехуфтию ман шабҳои ҳиҷрон
Ду чашми бахти бедори ту будам.

Саҳар шуд, бегаҳӣ шуд, рӯз бигзашт,
Гузашт, аммо ба сад афсӯс бигзашт.
Намедонам, чӣ бурд аз ман нишона,
Напурсида маро, хомӯш бигзашт.

Аз ин пас ман наҷӯям сарфарозӣ,
Нагардам аз паи афсонабозӣ.
Шавам бо зиндагӣ дастугиребон:
Ману бо духтараш кинғолабозӣ.

Чаро дарвозаро занҷир кардӣ?
Маро дар кӯчаҳо дилгир кардӣ.
Тамоми умр ҷустам роҳи кӯят,
Маро аз зиндагонӣ сер кардӣ.

Ту меҳмонию ман манзил надорам,
Ту меъморию коху гил надорам.
Зи мулки офтобӣ, ман зи хокам,
Ту ҳусни дилбарӣ, ман дил надорам.

Шабу рӯзу шабу рӯзу шабу рӯз
Лаби ёру лаби ҷӯ бӯса омӯз.
Бинеҳ лаб бар лабонаш, муҳр бигзор,
Ки ғайри ту наёбад ёри дилсӯз.

Ту бо ман бошию ман бо ту бошам,
Ту барқ афшонию ман шуъла пошам.
Ту биншинию ман дар пеши чашмат
Ба тақлиди ҷамолат бут тарошам.

Рухат аз ашки мотам нам нагардад,
Вале бо ёди ман беғам нагардад.
Тамоми чизи дунё кам шавад, лек
Лабат аз бӯсаи ман кам нагардад.

Чӣ бошад баҳри ҷонон дил супурдан,
Ба ёри ҷонбаҷон ҷон туҳфа бурдан?
Бигир аз ман ту уқёнусҳоро,
Бирез як қатра обам вақти мурдан!

Мани девонаро девона кардӣ,
Мани бехонаро бехона кардӣ.
Даруни синаи ман ҷо гирифтӣ,
Маро дар синаи худ ҷо накардӣ.

Дили вайронаро обод кардӣ,
Ба доду нолаи дил дод кардӣ.
Пас аз чандин фаромушрӯзгорӣ
Худо хайрат диҳад, ки ёд кардӣ.

Ту бошию ману савдои дунё,
Ту бошию ману тӯфони дарё.
Ба роҳи дур бо ёрони наздик
Сафар кардам, ҷаҳон дидам гуворо.

Ба ҷонам сӯзи нав-нав афканӣ ту
Гаҳе созию гоҳе бишканӣ ту.
Дили ман оташу ишқи ту оташ,
Ба оташхона оташ мезанӣ ту.

Ҳама дарди диламро гуфтам имшаб,
Чу шаббӯ аз фараҳ бишкуфтам имшаб.
Чу моҳи осмон гар тоқ будам,
Мисоли миллаҳоят ҷуфтам имшаб.

Ту дунё бошию ман шаҳди дунё,
Ту давлат бошию ман тахти тилло.
Ту гул бошию ман гулдони заррин,
Ту моҳӣ бошию ман обӣ дарё.

Даме, к-аз ман ҷудо будӣ, гули ман,
Чу ахтар дар само будӣ, гули ман.
Фитодӣ бар замин бо ҳилаи ишқ,
Фидокори хато будӣ гули ман.

Зи як дарё ману ту об хӯрдем,
Ба дарди як таманно тоб хӯрдем.
Зи як дар омадему боз рафтем,
Шароби бахтро дар хоб хӯрдем.

Зи оташ ғайри хокистар намонад
Зи ошиқ ғайри чашми тар намонад.
Ба рӯи хок ашкам рехт, хушкид,
Чу ашкам низ он дилбар намонад.

Нигаҳ кун ҳар чиро бинӣ, дуборӣ
Ба ҷои ман ба он чашми хуморӣ,
Ки бо ту диданӣ будам ҷаҳонро,
Зи роҳи ғамгусорӣ, дӯстдорӣ.

Ба ман чашмошной мекунӣ ту,
Ба ғайре бовафой мекунӣ ту.
Яке доро, яке нодор дорӣ,
Аҷаб кори худой мекунӣ ту.

Нишоти хешро аз ғам гирифтам,
Шукӯҳи тӯй аз мотам гирифтам.
Ба ҷавлонгаҳи қисмат бо такопӯй
Зи ҳад бисёр дидам, кам гирифтам.

Маҳи ман, ғайри ту дилҷӯ надорам,
Дигар ҳамқисмати некӯ надорам.
На дил дигар, забон дигар ҷавонам,
Ман охир як гулам, ду бӯ надорам!

Чунон ғамгин, чунон дилгирам имрӯз,
Чунон бепиру бетадбирам имрӯз,
Ки аз дасти фироқи нозанине
Намеёбам аҷал, то мирам имрӯз.

Агар сӯзӣ, агар созӣ ту, донӣ,
Биронӣ ё ки бинвозӣ, ту донӣ.
Ба дасти ту манам як пора оҳан,
Синон ё наъл месозӣ, ту донӣ.

Шаби ид аст, мардум чора доранд,
Ба паҳлӯи нигори ғамгусоранд.
Магар он нозанинон боданӯшон
Дар ин соат маро ҳам ёд оранд?

Сафои навбаҳорам додӣ, эй гул.
Суботи кӯҳсорам додӣ, эй гул.
Ҷудо гаштӣ зи шохи буттаи худ,
Давоми рӯзгорам додӣ, эй гул.

Рафиқо, дар саодат достон бош,
Назаргоҳи умеди мардумон бош,
Агар мастам, агар пастам, туро чӣ,
Ту андар сарбаландӣ шодмон бош.

Намегӯям: зи бахти худ ба ман деҳ.
Намегӯям: гуле гиру чаман деҳ.
Ба ман ту як даҳан ҳарфи хуше гӯй,
Чӣ хоҳӣ гир, як ширин сухан деҳ!

Шаби ид аст, ёрам ёр дорад,
Чӣ парвои мани ночор дорад?
Агар имшаб ба ёди ӯ расам ман,
Кӣ чун ман соғари саршор дорад?

Ману он бевафо ҳамсоядевор,
Суруд аз ӯ, зи ман сад нолаи зор.
Ману он нозанин аз ҳам ҷудоем,
Таманно аз вай, аз ман доғи бисёр.

На аввал дораду на охир имшаб,
Шаби васлу шаби тақдир имшаб.
Рафиқонам, дуои хайр гӯед,
Шавад як базми оламгир имшаб!

Чу ман қулфи гиребонат гушудам,
Тамоми коми дил аз ту рабудам.
Миёни ҷазбаи достонат он шаб
Кам аз сад Рустами Дастон набудам.

Ман он риндам, ки дунё дилбарам буд,
Диламро хӯрд, аммо дар барам буд.
Замину осмоне ман наҷустам,
Замину осмон дар соғарам буд.

Баҳорамро куҷо бурдӣ гули ман?
Мадорамро куҷо бурдӣ гули ман?
Маро куштӣ ту андар синаи худ,
Мазорамро куҷо кардӣ гули ман?

Ҳамин танҳо на аз минбар бияфтӣ,
Зи базми бодаю соғар бияфтӣ.
Самандат буд агар гардунсаворе,
Чу фармонат расад, аз хар бияфтӣ.

Чӣ мепурсӣ: чӣ шӯре офариданд?
Ҳазорон чоҳу гӯре офариданд.
Ба қавми кӯрдил дар кӯрароҳе
Асокашҳои кӯре офариданд.

Ҳама шерони бешамшер будем,
Маразҳои ба ҳам вогир будем.
Шиоре бишнавӣ, ки «чашмсерем» –
Бихон, к-аз зиндагонӣ сер будем.

Ба теғи пул сари гулро бариданд,
Забони булбул аз комаш кашиданд.
Ба ҷои чаҳчаҳи булбул ту дидӣ?
Даҳони қаҳ-қаҳи тир офариданд.

Сано гуфтанду бо ман бода хурданд,
Ба пеши пои ман сад бор мурданд.
Маро дар ман ҳазорон бор куштанд,
Сано гуфтанду бар хокам супурданд.

Фидои гесувони анбарият,
Адои дилкашиву дилбарият.
Зи хокам кохи мармар сар фарозад
Ба ёди синаҳои мармарият.

Алам гаштӣ ба сони марди миллат,
Фиғон кардӣ ҳама аз дарди миллат,
Яке (бар ҳафт пуштат бод нафрин!)
Баровардӣ ба гардун гарди миллат.

Баҳор омад, баҳори ман наёмад,
Паёме дар забон савсан наёмад.
Ба мотампурсии боғи дили ман
Наме аз абри астарван наёмад.

Худоро шукр, тарсу нестам ман,
Сақатандешу бадгӯ нестам ман.
Худою бандагонаш хуб донанд,
Сияҳмастам, сияҳрӯ нестам ман.

Кучой, эй гули шоду ҷавонам,
Ки бе ту хастаю зору навонам.
Чу рафтам дур аз оғӯши мунират,
Зи нуристон ба гӯристон равонам.

Зи имон дам занад, имон надорад,
Зи виҷдон дам занад, виҷдон надорад.
Ҷаҳон пур шуд зи устоди бузурге,
Ки як шогирди абҷадхон надорад.

Аҷаб мардум, ки ҳамроди манастанд,
Ба даври номи ман пироя бастанд.
Маро парвоз омухтанд бо меҳр,
Чу парвозӣ шудам, болам шикастанд.

Маро аз бода рӯи лолагун аст,
Туро аз кина дастон ғарқи хун аст.
Ман аз ҷонам, ки ҷондорам ҷаҳондор,
Ту беҷонӣ, ки ҷондорат фузун аст.

Дилам хун аст аз ин гӯлахиҳо,
Шуда аз ғорати мардум сахиҳо.
Агар ин сарзамин айни биҳишт аст,
Фузунанд аз чӣ дар он дӯзахиҳо?

На ойина, на оин офариданд,
На парвона, на Парвин офариданд.
Ба ҳар ҷо Рахши Рустам буд, хурданд,
Ба ёбу наъли заррин офариданд.

Ба дарди сар гирифтор омаду боз
Азоби сар – китобу дафтар овард.
Ало Соҳибназар, бар ман бубахшой,
Сари Лоиқ туро дарди сар овард.

# ТАКБАЙТИҲО

Бешу ками олам одати дерин аст,
Кам бошаду ғам набошад, иқбол ин аст.

Эй пок, зи кулли айбҳо покам кун,
Чун даргузарам, ба дасти худ хокам кун.

Дар сардараҳо ҳанӯз барф об нашуд,
Ҳайфи дили ман, ки ҳеҷ дилёб нашуд.

Ин шаҳри шумо ҳаво надорад ёрон,
Дарди дили ман даво надорад, ёрон.

Як шаб, ки ба рӯи синаат сар мондам,
Дар пасту баланди зиндагӣ дармондам.

Аз ман бикунӣ агар гаҳе ёд, эй гул,
Бошӣ ҳама умр хонаобод, эй гул.

Девор, ки нам кашад, кияш соз кунад,
Он ёр, ки ғам кашад, чӣ сон ноз кунад?

Абри сари кӯҳ ашкрезӣ сар кард,
Ашки ту гиребони маро ҳам тар кард.

Имсол чӣ шуд, сели дамодам омад,
Дар хонаи рӯ ба рӯи мо ғам омад.

Ин беди дари сарой ҳамсоли ман аст,
Ман зори касе шудам, ки безори ман аст.

Ҳаргиз нашавад фаромуш аз хотири ман
Борони баҳору гиряи модари ман.

Эй ёр, биё, вақти гули бодом аст,
Ишқе ки напухт дар баҳорон, хом аст.

Имшаб чӣ шабе, нам-нами борон омад,
Он ёр, ки рафта буд, пушаймон омад.

Ошуфтаву беқарору девона – дилам,
Дар хонаи хеш гоҳ бехона – дилам.

Дунё дили ман, ҳазор дунё – дили ман,
Қурбони ҳазор сирру савдо – дили ман.

Иқболи ману ту бешу камҳо дорад,
Бедардии нокасон аламҳо дорад.

Имсол гузашт, соли бисёр гузашт,
Шукри ҳама умри ман, ки бо ор гузашт.

Рӯсӯхтаи саҳву хатоҳоям ман,
Дигар ба чӣ рӯ пеши ту боз оям ман?

Фарёди маро шунидаву рам кардӣ,
Умри ту зиёд, умри ман кам кардӣ.

Модар, модар, ба раҳ гуселам кардӣ,
Дар гардан аз ашки худ ҳамелам кардӣ.

Бар он, ки дақиқбину бофарҳанг аст,
Пастию баландии ҷаҳон якранг аст.

Пазмони ту, ёри нозанин, хоҳам мурд,
Бе рӯи ту дар рӯи замин хоҳам мурд.

Ман кӯдаки хокбози ин дунёям,
Қурбонии рӯзгори бепарвоям.

Ҳар пуштаи кӯҳ лолазоре дорад,
Ҳар куштаи ишқ доғи ёре дорад.

Наврӯз шуду об ба ҳар ҷӯй омад,
Дар хонаи ҳамсояи мо тӯй омад.

Дар ёлаи кӯҳ сабза рӯяд ҳар сол,
Ҳар сол ба мо рух нанамояд иқбол.

Ман дастхуши майлу ҳавасҳои худам,
Дилсӯхтаи нафсу нафасҳои худам.

Аз дур намоӣ, бахтам аз дур ояд,
Боре нанамоӣ, бахти ман кӯр ояд.

Он қадр зи ғамҳои дигар безорам,
Бечора ба ғамҳои ту акнун зорам.

Оҳубачаё, очат куҷоҳо рафтаст?
Аз рӯзи азал бар ту ҷафоҳо рафтаст.

Ҳар гаҳ, ки чароғи хонаҳо афрӯзанд,
Гӯё дили торики маро афрӯзанд.

Ин шаҳри шумо чӣ шаҳри бедарвоза
Некӣ чу бадӣ намешавад овоза...

Ҳар барги хазон, ки аз дарахтон резад,
Монандаи ашки шӯрбахтон резад.

Дунё гузарад, чу мавҷи дарё гузарад,
Дарёи дилам зи баҳри дунё гузарад.

Кафтарбачаё, лонаи порина куҷост?
Ошиқбачаё, дилбари дерина куҷост?

Хушбахт касе, ки бахтёр омаду рафт
Аз рӯзи нахуст дар канор омаду рафт.

Бар худ ҳамаро ту номуносиб хондӣ,
Охир сари шох чун хазонак мондӣ.

Бе ту ҳаваси касе накардам, эй гул,
Ғамҳои туро хазина кардам, эй гул.

Бесоғару май чу мо касе маст мабод,
Сарҳои баланди тоҷикон паст мабод!

Ман мераваму ҷаҳон ҷаҳон хоҳад монд,
Хуршед ҳамону маҳ ҳамон хоҳад монд.

Поёни ҳама мастии ман пастӣ буд,
Дарди сари ман ҳама зи сармастӣ буд.

То субҳ шаби дароз бедорам ман,
Дар хонаи нав ғами куҳан дорам ман.

Имсол гузашту солҳо ҳам гузарад,
Монанди ману ту дар ҷаҳон кам гузарад.

Дар хонаи ман ғами ту бошаст омад,
Қадди ту баланду қадри ман паст омад.

Эй ёри азиз, ҳар чи қисмат бошад,
Баъди сари ман сарат саломат бошад.

Бо ман чу ба қадри ошноӣ нарасӣ,
Аз ман, ки ҷудо шудӣ, ба ҷое нарасӣ.

Имсол сарам бо сари ту осояд,
То соли дигар сари дигар мебояд.

Қадди ту дарозу қадди ман кӯтоҳ аст,
Поёни муҳаббати ману ту оҳ аст.

Дар лонаи кӯҳна мурғакон кам оянд,
Мардони дуруст кам ба олам оянд.

Кафтар ҳама сол лонаи нав созад,
Ошиқ ҳама дам фасонаи нав созад.

Эй ёри азиз, вақти гандумдарав аст,
Дар байни ду абрӯи ту ҷонам гарав аст.

Ман нек будам, бо бадӣ ёдам карданд,
Ман хоки сабук будаму бодам карданд.

Эй миласияҳ, ҷавонӣ чун кабки рав аст,
Бо ман бинишин, ҷаҳон чи кӯҳна, чи нав аст.

Дар синаи ман фиғони дарёҳо буд,
Дар чеҳраи ман сукути саҳроҳо буд.

Умри ману ту пеш ва ё пас гузарад,
Аз базми ҷаҳон навбати ҳар кас гузарад.

Номи ману номи дилбари ман арабӣ,
Бехоб шудам зи ваъдаи нимишабӣ.

Пире дидам, зи раҳ хазон мерӯбад,
Гӯё раҳи умри гузарон мерӯбад.

Субҳ омаду шом омаду шаб омаду рӯз,
Шуд об дилам, валек ман ташна ҳанӯз.

Бо ман ҳама дам ҳазор маҳшар бигузашт,
Аз дил бигузашт, он чӣ аз сар бигузашт.

Ҳар ҳарф, ки дар китоби ашъорам буд,
Шарҳи диламу номаи кирдорам буд.

Бигзашт баҳору сабзаҳо сӯхтаанд,
Гӯё ҳама дар ишқ чу мо сӯхтаанд.

Гар як нафасе туро ба бар ёбам ман,
Бар қисмати хештан зафар ёбам ман.

Гар бо туам, азми ҷонфидоӣ бикушад,
Гар аз ту ҷудо шавам, ҷудоӣ бикушад.

Он ёр зи мо зуд пушаймон шуду рафт,
Иқбол ду-сесоата меҳмон шуду рафт.

Ман бе ту сари ҳисобро гум кардам,
Чун ташна, ки роҳи обро гум кардам.

Шаб омаду рӯзи рафтаам ёд омад,
Хоб омаду бахти хуфтаам ёд омад.

Ёрон, ёрон, шумо чи бепарвоед,
Бар дарди дилам даво намефармоед.

Ҳар бахт, ки кӯр бошад, аз кӯрии мост,
Ҳар роҳ, ки дур бошад, аз дурии мост.

Дар хонаи мо чароғи бедуда набуд,
Дар рӯи ҷаҳон хотири осуда набуд.

Пеши ту агарчи нописандам, эй ёр,
Ҷон кандаму уммед накандам, эй ёр.

Ин гуна бувад насиб аз рӯзи азал,
Гаҳ сайди амал шавему гаҳ сайди аҷал.

Чашми ману чашми ёр бо ҳам афтод,
Чандон нагузашту байни мо ғам афтод.

Дунёталабон зи макри дунё миранд,
Фардоталабон дар раҳи фардо миранд.

Бо ҳамнафасе агар кашӣ як нафасе,
Дар як нафасе ба қадри дунё бирасӣ.

Барф об шуду ҳаври замин боло шуд,
Ҳайфи дили ман, ки сарфи вовайло шуд.

Имрӯз чи рӯзи тираву буғзи ҳавост,
Чашмони замину осмон нобиност.

Гул мешукуфад, баҳор гул мешукуфад,
Баъди сари ман ҳазор гул мешукуфад.

Аз бесарию бебариям оҳ, эй ёр,
Ман гумраҳаму чашми ту дар роҳ, эй ёр.

Эй ёр, нигоҳи ту диламро бигудохт,
Бигдохт, вале буду набудаш нашинохт.

Афсӯс ба дасти зиндагӣ ром шудем,
Пуршӯр будем, инак ором шудем.

Эй чархи барин, ҳазор борат нафрин,
Дирӯз чунон будем, имрӯз чунин...

Афтод ситора, дар куҷоӣ, гули ман,
Аз ахтари бахти худ ризоӣ, гули ман?

Ёрон, ёрон, агар касе расво буд,
Айбаш накунед, айби ин дунё буд.

Эй дӯст, туро ба ҳоли худ кай монданд,
Парвози туро ба боли худ кай монданд?

Чун бода хурам зи ҷоми бишкастаи хеш?
Чун боз равам ба роҳи бигзаштаи хеш?

Ҳар ҷо биравед, рафтаро ёд кунед,
Ҳар ҷо хусбед, хуфтаро ёд кунед.

Имрӯз чӣ рӯз буд, беҳуда гузашт,
Ӯ буд, валек мисли нобуда гузашт.

Фарёд макун, ки ғунчаҳо пажмурданд,
К-андар дили мо чи орзуҳо мурданд.

Дастихуши ҳар суду зиёнӣ, эй дил,
Гаҳ зочаи дасти кӯдаконӣ, эй дил.

Танҳо-танҳо ба маҷмаъе ҷамъ шавем,
Танҳо-танҳо зи маҷмаъе боз равем.

Оҳиста гузар кунед аз манзили мо
То бӯй баред аз бисоти дили мо.

Бисёр зи худ рафта, пушаймон шудаам,
Бисёр ба худ омада, ҳайрон шудаам.

Ҳарчанд ба зоҳир ҳамагон маъмурем,
Дар чашми ҳақиқат, бахудо, маъзурем.

Эй рӯд, асири дасти соҳилҳоӣ,
Дар рӯи замин мусофири танҳоӣ.

Ҳар ҷой, ки осиёст, навбат бошад,
Ҳар ҷой, ки ошиқ аст, меҳнат бошад.

Аз умр агар шодӣ, агар ғам дидем,
Будем ду чашму ҷумла бо ҳам дидем.

Ҳар кас, ки заифнол буд, оқил нест,
Нолид зи об соҳиле, соҳил нест.

Якчанд, ки дар рӯи замин ҷоям буд,
Шеърам ҳама ҷуброни хатоҳоям буд.

Онҳо, ки ба фикри фарди худ мегарданд,
Победи худанду гирди худ мегарданд.

Як рӯз чи хуш гузашту як рӯз чи зишт,
Як ҷӯй ба рег рафту як ҷӯй ба кишт.

Ҳар гул, ки шукуфт, боз пажмурду бигуфт
Бар ғунчаи нашкуфта, ки ҳошо машукуф.

Ҳар ҷой, ба ҳар кӯй, ки ман по мондам,
Як пораи дил ба рӯи раҳҳо мондам.

Дарди ту чи хуш ба хеш наздикам кард,
Ман зишту дурушт будаму некам кард.

Якчанд базардаву ғиревон будем,
Бо чархи фалак дасту гиребон будем.

Ҳар кас гила аз касе кунад, нодон аст,
Аз худ гиламандӣ ҳунари мардон аст.

Ҳар ҷо, ки қадам задем, беғам назадем,
Бисёр дамидем, вале дам назадем.

Ҳар кас, ки ба шеър бо тамаъ сафҳа кушод,
Чун ғӯраи бодрезак аз шох фитод.

Афсӯси баҳор, зуд хандиду гузашт,
Гӯё зи хазони хеш тарсиду гузашт.

Бисёрталаб умри каме хоҳад дид,
Садсолаи умрро даме хоҳад дид.

Афсӯсу дареғ, сӣ баҳорам рафтаст,
Сӣ ёри азиз аз канорам рафтаст.

Овози ту дар кӯҳу даман мепечад,
Зулфони ту дар гардани ман мепечад.

Дар шаҳри шумо ҳавои боронӣ буд,
Дар чашми шумо ашки пушаймонӣ буд.

Эй ишқ, ту сарсулолаи ғамҳоӣ,
Эй ғам, ту нишоти мардуми шайдоӣ.

Дасти ту ба дасти дигарон аст имрӯз,
Гул дар кафи хорпарварон аст имрӯз.

Дунёи замири хеш дидӣ боре?
Фарёди дили хеш шунидӣ боре?

Онҳо, ки на раҳ, валек ҳамраҳ доранд,
Шамшери дарозу ақли кӯтаҳ доранд.

Мо мардумием, радди мардум нашавем,
Дар пасту баланди зиндагӣ гум нашавем.

Мо даст ба даст сайри саҳро рафтем,
Ҳамроҳ будем, лек танҳо рафтем.

Ҳар субҳ хитоб мекунам бо дили хеш,
Имрӯз биёеб роҳи сарманзили хеш!

Бисёр туро ҷустаму пайдо нашудӣ,
Эй қатраи дурмонда, дарё нашудӣ.

Дар дафтари ман навиштаи ёре ҳаст,
Дар хотири ман фурӯғи дидоре ҳаст.

Бо ёди ту рӯзҳои ман бегаҳ шуд,
Бе зулфи дароз умри ман кӯтаҳ шуд.

Дар мижжаи мо ғубори роҳе боқист,
Дар синаи мо фиғону оҳе боқист.

Мо пеши касе мулзаму сархам нашавем,
Афзун нашавем ҳам агар, кам нашавем.

Ҳар лаҳза чу сӯи сафҳа сар хам бикунам,
Як ҷой нишаста, сайри олам бикунам.

Саргашта шудему қадри сар донистем,
Сад дар зада, қадри роҳбар донистем.

Андар дили мо агар ғами ёр набуд,
Дар синаи мо хурӯҷи ашъор набуд.

Ёронам агар ақлу фаросат доранд,
Гӯед, маро ба ҳоли худ бигзоранд.

Ман марди раҳам, маро зи раҳҳо ҷӯед,
Аз дидаи чору аз нигаҳҳо ҷӯед.

Осуда касе, ки ҳеҷ осуда набуд,
Фориғ зи ғами будаю нобуда набуд.

Фархунда касест, к-ӯ бимирад аз ишқ
Ҳаққи дили хешро бигирад аз ишқ.

Ёрон паи ризқи худ ба ҳар сӯ рафтанд,
Ҳар сӯй, ки рафтанд, ба ҳар рӯ рафтанд.

Дил сӯхт, сипас қадри шарар донистем,
Қадри дили модару падар донистем.

Аз ёр касе, ки рафт, пурғам биравад,
Бехеш касе чу шуд, зи олам биравад.

Ҳар дам бирасад зи кӯи ишқ ин ово:
Дил бастану ҷон кандан агар хоҳӣ, биё!

Эй кош, зи ишқи ёри хушқад мирам,
Дар сояи он давлати сармад мирам.

То милаи ту ба гарданам ҳалқа шудаст,
Сад бор ба хуни дили ман ғарқа шудаст.

Имрӯз гузашт, рӯзи пурханда гузашт,
Як дастаи гул ба сӯям афканда гузашт.

Як рӯз қадаҳ хурдаму як рӯз қасам,
Бар манзили мақсуд расам ё нарасам.

Бо он ки зи ишқ ҷону дил мекоҳам,
Девона манам, ки ишқи нав мехоҳам.

Имрӯз гузашт, дида-нодида гузашт,
Як бурҷи дили маро харошида гузашт.

Эй дил, ба фиреби ишқ одат накунӣ,
Ин хоки ҳақирро зиёрат накунӣ.

Эй дил, бахудо, тамом дигар шудаӣ,
Хокат ба даҳан, ошиқи духтар шудаӣ.

Дарё, дарё! Маро ба соҳил бирасон,
Дунё, дунё! Маро ба он дил бирасон!

Сад бор хазон омаду сад бор баҳор,
Марде таҳи ор мурду марде таҳи бор.

Як барги хазон ба рӯи дарё мерафт,
Барги дигаре ба соҳил аз ҷо мерафт.

Дасте, ки ба домани муҳаббат нарасад,
Бар ҳар чӣ расад, вале ба давлат нарасад.

Он шаб, ки дили ман ҳаваси рӯи ту дошт,
Ҳар кӯчаи шаҳр бӯи гесӯи ту дошт.

Вақте дигарон зи ишқ бегона буданд,
Чашми ману чашми ёр ҳамхона буданд.

Ту рафтию доғи ишқ дар сина ҳанӯз,
Дар хотири ман баҳори порина ҳанӯз.

Бисёр ба ишқ ҳалқаи дар задаам,
Охир зи ҷудоӣ хок бар сар задаам.

Рафтию ҳанӯз дар дилам ҳасрати туст,
Ҳар хатти ҷабини ман ҷавоби хати туст.

Анҷом расид, ёди оғозам ҳаст,
Пар сӯхт, вале ҳавои парвозам ҳаст.

Дар хоб туро дидаму бедор шудам,
Як бори дигар зи ишқи ту хор шудам...

Дунё зи барои ғусса хурдан набувад,
Ин мурда кирои гиря кардан набувад.

Ҳар кас, ки ба ошиқӣ напайваста гузашт,
Лабташна зи рӯд бо лаби баста гузашт.

Кӯҳе ба сари кӯҳи дигар сар мондаст,
Гӯӣ ки чу ман ба дарди дил дар мондаст.

Бар манзили ишқ гарчи бо ҳам биравем,
Бисёр зи худ марав, ки мо ҳам биравем.

Эй оби равон, ки аз барам мегузарӣ,
Рӯзе бирасад, ки аз сарам мегузарӣ.

Хоҳам ба дили кӯҳ шикаст андозам,
Дар кокули обшор даст андозам.

Бигзашт ҷавониям ба афсонаи дил,
Ман мондаму дард монду вайронаи дил.

Бар тори гусастае дилам месӯзад,
Бар шохи шикастае дилам месӯзад.

Ҳар субҳ зи хоб дида чун боз кунам,
Гӯӣ ки зи нав зиндагӣ оғоз кунам.

Хуршед зи теғи кӯҳ лағжида гузашт,
Гӯё дили кӯҳро харошида гузашт.

Хуршед зи ҷайби кӯҳ сар берун кард,
Носерии дидор диламро хун кард.

Ҳар чашмаи хушкида раги набзи ман аст,
Ҳар сабзаи сӯхта хати сабзи ман аст.

Хуршеди ғуруб аз сари кӯҳ гузашт,
Як рӯзи ҳаёт аз бари кӯҳ гузашт.

Эй чарх, ки кӯзапушт чун пиронӣ,
Дар кори ҷавонони замин ҳайронӣ.

Гар бо ту зи ишқ ҳосиле хоҳам дошт,
Андар дили гӯр ҳам диле хоҳам дошт.

Ҳар рӯз туро аз ин ҷаҳон мекобам,
Аз гумшудаҳои дил нишон мекобам.

З-он рӯз, ки додаӣ ту фанди дили ман,
Чун қуфли шикастаест банди дили ман.

Посӯхта хешро ба дарё бизанад,
Дилсӯхта боз дил ба савдо бизанад.

Як бор, ки аз ишқ саволам додӣ,
Аз давлати ошиқӣ камолам додӣ.

Онон, ки дар орзуи ҷонон рафтанд,
Инсон ба ҷаҳон омада, инсон рафтанд.

Эҳсоси дилам зи достони дили туст,
Парвози дилам ба осмони дили туст.

Эй ёр, куҷоӣ, ки дилам пазмон аст,
Дар пушти дарича нолиши борон аст.

Ҳарчанд ки кишти ишқи ман дерӣ буд,
Дилёбии ман беҳ аз ҷаҳонгирӣ буд.

Оё кӣ ҷамоли бахти худро дидаст?
Оё гули маҳтоб ягон кас чидаст?

Ман будаму ӯву ишқи пинҳоне буд,
Гарданда фалак дидаи ҳайроне буд.

Ман мегузарам зи пеши чашмони шумо,
Хуш бод давоми давру даврони шумо.

Дар теғаи кӯҳ абру борон дидам,
Дар мотами худ гиряи ёрон дидам.

Рафтам зи ҷаҳон, будаи нобуд рафтам,
Дунболаи умри рафтаи худ рафтам.

Парвози баназми турнаҳо дар дили мост,
Оғози ҳама таронаҳо дар дили мост.

Ёрон, ёрон зи ҳам хабардор шавед,
Ё ёр шавед, ё ғами ёр шавед.

Ман бо ту бинои ошиқӣ хоҳам кард,
Як кори ба хеш лоиқе хоҳам кард!

Он лаҳза, ки изтироб дорам, умр аст,
Дар кӯи диле шитоб дорам, умр аст.

Рӯзи сафарат дилам паропар мекард,
Ҳар лаҳза қиёмати дигар сар мекард.

Рӯзе, ки дилам бо дилат овез кунад,
Сад умри абад диҳанд, парҳез кунад.

Гул дар буни гӯшу хами кокул зебад,
Ё дар кафи ошиқони бепул зебад.

Дар кокули худ чун гули садбарг кунӣ,
Сад дилшударо ба ноз якмарг кунӣ.

Дар пеши дарат дилам ғариб афтодаст,
Беқадр макун, бар ту насиб афтодаст.

Эй рӯд, ки нағмаи илоҳӣ дорӣ,
Аз шӯриши рӯҳи ман гувоҳӣ дорӣ.

Гар Рӯдакӣ дар шеър паямбар будаст,
Пайғамбари ишқ нози духтар будаст.

Дар киштии ишқ нохудое чӣ кунад?
Дар рафтани умр раҳнамое чӣ кунад?

Дар шоирӣ манфиат намебояд ҷуст,
Ҳамчун гули худрӯй ҳамебояд руст.

Ҳар қадр фиреби зиндагонӣ дидам,
Он қадр ба содагии худ хандидам.

Ҷамъияти ман зулфи парокандаи туст,
Сад дафтари шеъри ман зи як хандаи туст.

Дар табъи ҷаҳон рози мусалсал будаст,
Ҳар кашфи ҷадид машқи аввал будаст.

Азхешрамидагони дунё моем
Тоаршпаридагони дунё моем.

Ман будаму растухезҳо бо дили хеш,
Дарёи дамида будам аз соҳили хеш.

То дил ба ҷамоли бениёзат бастам,
Сад қофия бар зулфи дарозат бастам.

Бар санг агар нигоҳи духтар афтад,
Дар синаи санг шӯри маҳшар афтад.

Рӯзе, ки ба дасти ҷоҳиле хор шавӣ,
Он гоҳ ба хоки ман харидор шавӣ.

Ман бо ту баҳори дигаре мехоҳам,
Бо бахт шумори дигаре мехоҳам.

Дар рӯи замин сояи абри сияҳ аст,
Дар чеҳраи мо сояи доғи гунаҳ аст.

Ҳар субҳ ба хуршеди дигар дил бастам,
Ҳар шом зи хуршеди дигар бигсастам.

Имрӯз насиби печутоби ману туст,
Имрӯз қиёми офтоби ману туст.

Дар дафтари ман нақши ғамат хоҳад монд,
Ҳар шеър чу зулфи пурхамат хоҳад монд.

То дар дили ман нашъаи ғамҳоят ҳаст,
Медон, ки ҳанӯз ҳусни гироят ҳаст.

Рӯзе, ки ба духтарон касе ошиқ нест
Донед, ки дар ҷаҳон дигар Лоиқ нест.

Дар мотами ман навҳасарой накунед,
Ғайр аз сухани нек худой накунед.

Ранҷур шудам, ёди ту ҳамдардӣ кард,
Беҳтар зи ту ёди ту ҷавонмардӣ кард.

Дунё дили ошиқон намефаҳмидаст,
Сад гиря кунӣ, бахт намехандидаст.

Ҳусни дилу ҳусни саҳнаоро дигар аст,
Пайванди ману ту аз ҷудой батар аст.

Бисёр давидаем то манзили ёр,
Дарёфтаем ҳар чӣ, ғайр аз дили ёр.

Ҳар бор, ки номи ту зи ёдам гузарад,
Аз пеши назар ними ҳаётам гузарад.

Он рӯз, ки бо ту бода хурдам, бигузашт,
Он рӯз, ки дар дили ту мурдам, бигузашт.

Ҳушёр миёни бодахорон танҳост,
Майхора миёни ҳушёрон танҳост.

Ман сӯхтаам чу сабзаи тобистон
Оташ чӣ занед боз, эй бедардон?

Гоҳе чу гули пиёда будам, будам,
Гоҳ аз дигарон зиёда будам, будам.

Бидҳанд ҷазо ба одами бешарафе,
Монад вале беҷазо чаро бетарафе?

Дар дафтари ман гулу хазон ҳамсонанд,
Берутба замину осмон ҳамсонанд.

Чашми ту ҳазор чашмаи эҷод аст,
Ҳусни ту беҳ аз ҳазор истеъдод аст.

Ёрон, ёрон, аҳли сафоро накушед,
Дар киштӣ нишаста, нохудоро накушед.

Афсӯс, чи қадр беш бошем, камем,
Фарёд, ҳазор баҳр бошем, камем.

Ҷое бирасидем ба гардуни баланд,
Ҷое нарасидем ба мазмуни баланд.

Эй хум, ҳама риндони накӯномат ку?
Гирам, ки пур аз бодай, Хайёмат ку?

Он рӯз, ки поят аз дарам канда шавад,
Ёбам, ки зи арш ахтарам канда шавад.

Эй ёр, зи дасти зиндагӣ оҳ магӯ,
Дар пеши гадо ҳикояти шоҳ магӯ.

Овора шудам ба кӯчаи дилёбӣ,
Овора шавӣ, духтараки варзобӣ.

Ин умр зи дасти ман хиҷил мегузарад,
Бо оҳи сару фиғони дил мегузарад.

Бисёр агар аз раҳи мурдан гаштам,
Баҳри зи лаби ту бӯса бурдан гаштам.

Эй кош, туро надида мемурдам ман,
Хокам мехурду ғам намехурдам ман.

Дар манзари навбаҳор борону нам аст,
Дар дафтари ошиқон фақат байти ғам аст.

То пасту баланди зиндагонӣ бошад,
Лағжидани мард ногаҳонӣ бошад.

Дар анҷумане дидаву нашнохтиям,
Бигдохта будӣ, боз бигдохтиям.

Як субҳ чу хуршед кулаҳпӯшам ман,
Як шом чу шоми ғам сияҳпӯшам ман.

То куртаи атлас ба қадат ҷанг кунад,
Аҳволи маро дар ин ҷаҳон танг кунад.

Дар боғи шумо хазони гулҳо бошад,
Аз доғи шумо фиғони дилҳо бошад.

Кас маншаи хобро надидаст ҳанӯз,
Кас ғунчаи обро начидаст ҳанӯз.

Ин амр чӣ амру ин чӣ сон қонун аст,
Дар мулки пурофтоб хом афзун аст?

Эй модари пири ман, ҷаҳон рози ту аст,
Маъюс нашав, ҷавонӣ эъҷози ту аст!

Аз он, ки дили ҳама зи ту мемонад,
Одам шудани туро худо медонад.

Ман бо ту ба ҷое нарасидам, афсӯс,
Аз домани фардо накашидам, афсӯс.

Ҳарчанд баҳори ту хазондида шудаст,
Чашмони хумори ту ҷаҳондида шудаст.

Дар раҳгузари баҳор гул бисёр аст,
Ҷон кандани ошиқони гул душвор аст.

Ҳар бор, ки номат ба забон мегирам,
Як бори дигар барои ту мемирам.

Хушбахт дилам, бо дилат омӯхта шуд,
Чун лахчаи мурда буд, афрӯхта шуд.

Девори баландро барандозад нам,
Инсони бузургро барандозад ғам.

Ҳар кас зи барои қадри худ тоб хурад,
Ҳар кас ба кафи хеш зи рӯд об хурад.

Аз лаҳни шумо таъми асал меояд,
Аз мӯи шумо бӯи ғазал меояд.

Як бор, ки нашнидӣ маоли суханам,
Рӯзе гирад туро вуболи суханам.

Андеша макун ту аз сабуксории ман,
Андеша бикун ту аз гаронбории ман.

Анҷомнадидае зи оғози худам,
Раҳгумзадаи ҷаҳони пуррози худам.

Қашшоқтарин одами олам – шоир.
Доро зи ҳама зумраи одам – шоир.

Ин сатр худ аз ҷанозае пайдо шуд:
Аз марқади ин маснади он боло шуд.

Дарё, дарё! Маро ту дар ёд бигир,
Як байти маро ба роҳи худ зод бигир.

Эй бод ба даст, дасти бодат бибарад,
Номурда хаси роҳ зи ёдат бибарад.

Рафтию ба ёд чашми бодоми ту монд,
Дар ҳошияи дафтари дил номи ту монд.

Эй дӯст, биё, ки дӯстон бигзаштанд,
Гулҳо зи канори бӯстон бигзаштанд.

Чун дафтари хешро варақ гардонам,
Дар ҳар варақе шеъри ғаматро хонам.

Ҳар бор, ки чашмони туро ёд кунам,
Аз чашмаи дил байти нав иншод кунам.

Ин сон, ки ту дар ишқи сухан булҳавасӣ,
Дар ҷодаи эҷод ба ҷаддат нарасӣ.

Эй ишқ, туӣ пушту паноҳи дили ман,
Эй васл, туӣ зуҳургоҳи дили ман.

Аз мӯи кушодаат дилам бикшояд,
Аз наргиси содаат дилам осояд.

Ҳар гаҳ, ки зи худ раҳо шавӣ, ёдам кун,
Он рӯз, ки бебаҳо шавӣ, ёдам кун.

Эй содаи хом, меваи нораси дил,
Ту маркази шаҳр ҷӯӣ, ман маркази дил.

То кай зи ғами ту нола бунёд кунам,
Ту ҳамту бишин, ки ман тамошот кунам.

То ҳарфи туву зулфи ту печ андар печ,
Оби ману ту ранг намегирад ҳеч.

Имрӯз, ки ҳамсояи овозрасем,
Бояд, ки ба доди ҳамдигар боз расем.

Дар рӯи ман оҷанги ҷабини кӯҳ аст,
Зеро дили ман регзамини кӯҳ аст.

То ғарқ шудам, дасте гирифт аз дастам,
Ман соҳили рӯдро намедонистам.

Ошиқӣ кори ту не, кори дил аст,
Ишқ нури зиндагии оҷил аст.

Оқилон девонагӣ ҳам мекунанд,
Дӯстон бегонагӣ ҳам мекунанд.

Шеърҳои нотамомам ишқҳои нотамоманд,
Шеърҳои сусту хомам ваъдаҳои сусту хоманд.

Касе зи ишқу муҳаббат асар тавонад бурд,
Ки аз нигоҳи палангон шарар тавонад бурд.

Умрам ба сони домани ёре зи даст рафт,
Боре ба даст омаду боре зи даст рафт.

Ҳар касе дар шеър даъвои нахустинӣ кунад,
Мисли шабкӯрест даъвои ҷаҳонбинӣ кунад.

Ишқи ту гарчи маро аз хештан бегона кард,
Аввалан девона карду охиран фарзона кард.

Мавҷи соғар гарчи моро мисли Ҷайҳун мебарад,
Зинаҳои шеър моро то ба гардун мебарад.

Бинои ишқро бому даре нест,
Зи оташҳои дил хокистаре нест.

Ҳамчанги манӣ, вале на ҳамранги манӣ,
Ҳамсанги манӣ, вале на ҳамнанги манӣ.

Гарчи ҳоло ман бароят чун пашизе нестам,
Рӯзи зӯромад маро меҷӯӣ, аммо нестам.

Ишқи деринаи мо бо ғами дерина гузашт,
Чун ҷилои шафақи субҳ дар оина гузашт.

Кош ҷое мерасидам, ки садоям мерасад,
Кош ҷое мепаридам, ки хаёлам мепарад.

Касе ки пир надорад, ба пирӣ ҳам нарасад,
Худо намешавад он кас, ки бехудо бошад.

Дар таманнои висолат зиндагониям гузашт,
Дар такопӯи ҷавоният ҷавониям гузашт.

Дод аз дасти ғамат, дар синаи ман дил намонд,
Қатраи хуне ба деворе аз он қотил намонд.

Кош як шаб дар канорат соҳиби дунё шавам,
Шаб дар оғӯшат бимирам, субҳдам эҳё шавам.

Аз чашмҳои ту дили ман об мехурад,
Чун зулфҳои ту дили ман тоб мехурад.

Ҳарчанд чораи дили бечораи манӣ,
Тасвири нотамоми ман – ангораи манӣ.

Ман агар гумгашта бошам, як ту мекобӣ маро,
Ман агар худро наёбам, як ту меёбӣ маро.

Зиндагонӣ арсаи ҳамвор нест,
Байни маргу мо сипардевор нест.

Ошноён ба ман гарон буданд,
Ошноёни ошу нон буданд.

Агар гуфтори ман аксар дурушт аст,
Дуруштиҳои ман аксар дуруст аст.

Борҳо дида, шудам ҳайронтар,
Хонаи нав зи куҳан вайронтар.

Баҳори дигар охир шуд, чароғи лолаҳо мурданд,
Чароғи лолаҳо дар дашту кӯҳу ёлаҳо мурданд.

Он пуле, ки байни соҳилҳо шикаст,
Чун миёни қосиди дилҳо шикаст.

Накардам ҳеҷ гоҳе айбҷӯӣ,
Тамоми умр кардам айбшӯӣ.

Чашми ман осмони боронист,
Гӯӣ мебораду намеборад.

Дар ҷаҳон то нафси инсонӣ бувад,
Зиндагониву парешонӣ бувад.

Аҷал аз дар даромад, хайр, мардум!
Суруди ман саромад, хайр, мардум!

Шабе, ки охирин ҳарфи ҷудоӣ қотили ман буд,
Чароғи хонаат ҳам мурда монанди дили ман буд.

На Лайлӣ монду на Маҷнун, валекин
то ҷаҳон боқист,
Ба хоки пои Лайлӣ беди Маҷнун
саҷда хоҳад кард.

Чанд рӯзе, ки дар ин дунёи равшан зистам,
Дар мазори шеърҳои мурдаам бигристам.

«Аз Зиндарӯди зиндадилӣ об хурдаам»,[1]
Дар мурдаоби мурдадилӣ тоб хурдаам.

Гоҳ андар зиндагӣ мафтуни мушкистон шудам,
Гаҳ ба коми хушк саргардони хушкистон шудам.

Зи миллатдӯстӣ иллат гирифтам,
Зи миннатдӯстӣ зиллат гирифтам.

Нигар барфе, чи сон барфи азим аст,
Дирамрезии шоҳони қадим аст.

Эй писар, хоҳӣ агар рӯҳи падар шод кунӣ,
Хонавайрон шавӣ ҳам, гӯри вай обод кунӣ.

Намеоӣ, намепурсӣ, на мефаҳмӣ дили покам,
Вале як рӯз меҷӯӣ, ки ман андар дили хокам.

Худо марову туро ҳеҷ гаҳ ҷудо накунад,
Ҷудоӣ марги яқин аст, эй худо накунад!

Гар сӯи кӯи ту наравам, баҳра кай барам,
Гар хоки кӯи ту нашавам, хок бар сарам!

Эй басо назм аст андар қисмати беназми ман,
Эй басо разм аст дар ҳар нӯшбоди базми ман.

Зери фалаки атлас бо пираҳани атлас,
Як бор туро бинам, ин бахти ҳумоюн бас!

Тамоми умр нолидам дар ин дунёи бепоён,
Гаҳ аз биноии кӯрон, гаҳ аз кӯрии биноён.

1. Моли Соиб.

Нур бар хонаи хуршед фузудан хатар аст,
Нур аз хонаи хуршед рабудан ҳунар аст.

То накардам орзуят, орзуям гул накард,
То накардам ҷустуҷӯят, ҷустуҷӯям гул накард.

Ба он ки байни неку бад мо дар кашокашем,
Ғам мекашему маншаи ғамро намекушем.

Фарёди бефарёдрас, ёдат ба хайр!
Эй гул, ки муҳтоҷӣ ба хас, ёдат ба хайр!

Ту ҷавонастиву ман як ошиқи пири туям,
Бо ҳама афтодагӣ маҷмӯи тадбири туям.

Бо дили пурдарду ғам аз шишаи холӣ чӣ суд?
Дил агар холӣ бувад, аз ҳиммати олӣ чӣ суд?

Тақдири беамони мо моро ба мо нахост,
Мехостем мову ту, аммо худо нахост.

Як омадӣ, куҷо шудӣ?
Дигар чӣ камнамо шудӣ?

Туро озод битвон кард аз зиндони чодарҳо,
Вале озод натвон кард аз зиндони боварҳо.

Эй аҷал, дар зери чархи чанбарӣ
Бесарам ман, чун ту бо ман ҳамсарӣ?

Эй дил, эй дили дарё, охири ту оромист,
Эй дил, эй дили шайдо, охири ту нокомист.

Дилам аз сина берун шуд, намедонам
куҷо бошад,
Худо донад куҷо гум шуд, ба шарте, ки
худо бошад.

Дар ҷаҳони дағал чу нармӣ нест,
Кафани мурда баҳри гармӣ нест.

Аз азми офтоб бувад азми зиндагӣ,
Аз базми нуриён шафақи базми зиндагӣ.

Саводи мактабӣ дорӣ, саводи маънавият ку?
Китоби хонишат ҳаст, ибтикорат ку, навият ку?

Дар ҳама даҳр гар мағал гул кард,
Дар замини Аҷам ғазал гул кард.

Кандагиҳои замон дар нутқи пайвасти шумост,
Ҳақ ба дасти мост, аммо муҳр дар дасти шумост.

Ман, ки имрӯз ошиқи ошуфтарӯзи Лолаам,
Гарчи пирам, мисли ӯ гӯё ки ҳаждаҳсолаам.

Худовандо, чӣ ҳолу рӯз дорам,
Ки сутхоне зи ҳар саг қарздорам.

Дигарон гул чидаанд аз бӯстонҳои баҳор,
Ман гули рӯ чидаам бо бӯсаҳои обдор.

Ситора дар само чашмак заду рафт,
Ҷавонӣ ҳам ба мо як омаду рафт.

Одам асту олам аст,
Олам асту одам аст.

Ба роҳи манзили уммед бояд мурд бо уммед,
Барои бӯсаи хуршед бояд сӯхт чун хуршед.

Шоирӣ ғояти қудрат будаст,
Адабиёт абадият будаст.

Мурғи ҳақ ҳақ мезанад то субҳдам,
Марди ҳақ ҷон меканад то субҳдам.

Зиндагонист марги пай дар пай,
Ту ғами зиндагӣ бихур, ман – май!

Дод аз гардиши ту, эй гардун,
Умр кам мешаваду ғам афзун.

Чу барги коҳ гаштам аз ғамат коҳида-коҳида,
Заволи хештан дидам, туро нодида-нодида.

Чун туро бинам, ҷаҳон дар дидаам дигар шавад,
Хас гули хуррам намояд, санги хоро зар шавад.

Чанд дилхаста ба уммеди худо биншинӣ,
Вақти он аст, ки шодон бари мо биншинӣ.

Гули ман, милаатро ҷуфт кардӣ,
Ғаматро баҳри ошиқ муфт кардӣ.

Канда беҳ қасде, ки имон бишканад,
Хушк беҳ дасте, ки занро мезанад.

Моро ба мастӣ таънаю дашном мекунанд,
Чун бигзарем, аз гили мо ҷом мекунанд.

Гул агар хандад саҳар, ёди ҷамолат мекунам,
Гул ба гул печад агар, ёди висолат мекунам.

Пешу пас мо медавем андар ҷаҳони макру фан,
Ман зи пушти зиндагониву аҷал аз пушти ман.

То ба асли хештан баргаштаем,
Эй басо мо асли худро куштаем.

Ишқ оғоз мешавад имшаб,
Дари дил боз мешавад имшаб.

То даме, ки ҳусни ту олампаноҳ аст,
Ошиқи ғарқи гуноҳат бегуноҳ аст.

Мо барои бода хӯрдан омадем,
На барои лода мурдан омадем.

Ҳар гапе пеши даҳан меояд,
На ҳама зеби сухан меояд.

Таарруз не, тақарруб кун,
Таассуб не, тааҷҷуб кун.

Он қадар ҷон мафишон, то тани беҷон нашавӣ,
Он қадар сар мафикан, то сари сарсон нашавӣ.

Эй азизон, туҳмати ноҳақ навиштан хуб нест,
Одами дарёдилеро ташна куштан хуб нест.

То ба ёдат будаам, дар ёди олам будаам,
То зи ёдат рафтаам, аз ёди олам рафтаам.

Баҳору ишқу ҷавонӣ барои ҳар кас нест,
Ба рӯи сабза нишастан насиби ҳар хас нест.

То туй дар барам, эй маҳбубам,
Мушт бар фарқи аҷал мекӯбам!

Як замон то будӣ поку софтар,
Осмон ҳам буд боинсофтар.

Ҳар куҷое бо ту бошам, хушдилам,
Гар бувад дар қаъри чоҳе манзилам.

Аз куҷо донам кадоме рост гӯяд ҳоли ман:
Дафтари ашъори ман ё дафтари аъмоли ман?

Гар ба сар басар дорӣ, ҳиммате агар дорӣ,
Дар ҷавоби ғамхорӣ пушти сар чӣ мехорӣ?

Дар миёни дурбинон як дубин афтодааст,
Заҳри қотил ҳамҷавори ангубин афтодааст.

Барои пораи нон пора хурдӣ,
Аз он пас ғуссаи ҳамвора хурдӣ.

Як бор туро фиреб додам,
Сад бор зи худ фиреб хурдам.

Ба сад дар сар задему сар шикастем,
Надонистем сар ё дар шикастем.

Ёдат бахайр бод, эй шуълаи умед,
Эй ишқи аввалин, эй тифли норасид.

Чӣ боке дорам аз н-осуда мурдан,
Маро бокест аз беҳуда мурдан.

Аз ин қаламрав аҳли қалам рафт,
Ҳар кас алам шуд, бо сад алам рафт.

Шоирон бисёр, аммо шоири якрӯ кам аст,
Шоирон бисёр, аммо шоири ҳақгӯ кам аст.

Накардӣ дар ҷавоният ҷавонӣ,
Чӣ дидӣ аз бисоти зиндагонӣ?

То дар талошҳои мо якормонӣ нест,
Дар ҳеҷ қаҳрамони мо як қаҳрамонӣ нест.

Вой аз он рӯзе, к-аз ин бадтар шавад,
Бонки миллат бонги миллат нашнавад.

Аз баҳри гузаштаҳо гузаштем,
Сад раҳ сӯи ҷовидон бубастем.

Мангар ба ман – ба ҳайати як инсон,
Бингар ба ман – ба ҳайбати як исён.

Маро ишқ аз дараш рондаст, афсӯс,
Дилам аз зиндагӣ мондаст, афсӯс.

Ҳамин на ду-се шеъраке гуфтаем,
Ки бахри ҷаҳон аз ҷаҳон рафтаем.

Ҷисми ту, рӯҳи ту аз бемоягӣ афсурдааст,
Зиндагият аз ҳисоби шеърҳои мурда аст.

Забони модарӣ бо шири модар
Бувад маҷмӯаи тадбири модар.

Забони модариро пос дорем,
Ки аз Модар варо мерос дорем!

Дер омадӣ, зиёрати Варзоб дер шуд,
Дар интизори мақдамат Варзоб пир шуд.

Магӯ дар пои кӯҳе хуфтаам ман,
Ки бар побӯси куҳҳо рафтаам ман.

Ҳайфи ман дар ин диёри мурдарег –
Мурдареги интизори мурдарег.

Аз чунин обишхури бенури холӣ
Орзуям хоки холӣ, гӯри холӣ...

Ҳар қадар, ки арса танг ояд маро,
Аз вуҷуди хеш нанг ояд маро.

Мезанӣ хоки оламе бар сар,
То туро хок мекашад дар бар.

Халқи тоҷик дар Осиёи Миёна –
Дони танҳо дар осиёи замона...

Ду оне ҳамдигарро кушт, ҳар ду
бенишон бошад,
Ду тоҷик ҳамдигарро кушт, ҳар ду
қаҳрамон бошад.

Ҳар гаҳ ду тоҷике ба ҳам русӣ сухан кунанд,
Зиндабазинда модари худро кафан кунанд.

Фалак хуршеди фардоро зи дида
нопадидам кард,
Умедам бар худо буду худо ҳам ноумедам кард.

Дилам таҳ мезанад шабҳо, худоё,
Магар ҷон меканад шабҳо, худоё?

Аз ту чаро нолам, дило, дилбанди ҷонам
омадаст,
Дигар набояд ҷон канам, пайванди ҷонам
омадаст.

Ту омадӣ, зи шодият сарам ба осмон расид,
Сарам ба осмон расид, лабам ба он лабон расид.

Чу ҳар боре ба истиқболи ман он нозанин
хандад,
Зи иқболи ман он соат замон хандад,
замин хандад.

Гар хуни замин ҳамин нароб[1] аст,
Хуни дили ман маю шароб аст.

Дар боғи пургул нашкуфтаҳо ҳаст,
Ногуфтаҳое дар гуфтаҳо ҳаст.

Чун аз шару шӯри ишқ огоҳ шудам,
Як роҳ туро дидаму гумроҳ шудам.

Аз чор сӯй арсаи мо танг мешавад,
Аз баҳри сангҳои мо сагҷанг мешавад.

Гӯри таърих фарох аст, даҳан во дорад,
Кай ҳама мурдаи айём дар он ҷо дорад?

Баъди ин тахт ... мерасад лобуд
Тахтапуштат ба тахтаи тобут.

Аввал инсону в-онгаҳ инсон аст,
Баъд сӯҳбат зи дину имон аст.

Доди бекасӣ дорӣ, додрас намеёбӣ,
Ҳамқафас басе дорӣ, ҳамнафас намеёбӣ.

Дандони осиёи ман афтод, осафо,
Пайдост, мехурад маро дандони осиё.

Гар ҷиҳоди ту ҷиҳоди қаҷравист,
Ин ҷиҳоди мо ҷиҳоди маънавист.

Соате гар хоб рафтӣ, соате гар хестӣ,
Соати дигар надонистӣ, ки дигар нестӣ.

На танҳо дар дилам уммедҳои инҷаҳонӣ мурд,
Накӯтар бингарам, дар пеши чашмам
зиндагонӣ мурд.

Ту хоҳӣ бош тоҷикӣ, ту хоҳӣ бош эронӣ,
Вале мобайни ҳамхунон макун эҷоди вайронӣ.

Биё, то бо ту баргӯям ҳама дарду алам, биншин,
Камонро бар замин бигзор,
бо аҳли қалам биншин.

Замоне дар лаби Варзоб дарёнӯшӣ мекардем,
Кунун бар чаккачакконии духтур зор мегардем.

Дили бемори худро бурдаам пеши пизишки дил,
Ҷароҳатҳош мебинад, намебинад сиришки дил.

Шуд он замон, ки лабатро лабам чаро мекард,
Дилам ба хонаи ишқат даробаро мекард.

Ба ҳоли ҷонканӣ дар дил сафои рӯи ту бурдам,
Ба орзу нарасидам, дар орзуи ту мурдам.

Дар оғуши баҳористони дилбар
Пур аз чистон бувад пистони дилбар.

Мо кай ба Каъбаи дили худ саҷда кардаем?
Ғарқоби хун ба қотили худ саҷда кардаем!

Зи ҳам гусаста, зи ҳам ҷудоем,
Ватанфурӯши ватангадоем.

Оҳ, оҳ аз ин дурӯғу фандҳо,
Холӣ бод Эрон зи холибандҳо!

То най соҳиби забони хеш,
Нашавӣ соҳиби ҷаҳони хеш.

Ин сафкашидагон андар талоши нон
Ё мехаранд нон, ё меканананд ҷон.

Дар дили ман чӣ навоҳост, худо донаду ман,
Бар сари ман чӣ балоҳост, худо донаду ман.

Малулам аз фару фарҷоми сарфарозиҳо,
Дареғи давраи тифливу хокбозиҳо.

Ало, эй рӯзҳое, ки шитоболуда бигзаштед,
Нишони худ ба пешоним бо ожанг бинвиштед.

Китоби боз ба монанди ду пари боз аст,
Фарози ақлу дилу рӯҳи мо ба парвоз аст.

Ҳунари чархи фалак мардкушист,
Асари дурдкашӣ дардкашист.

Баъди ҷарроҳию ҷонкоҳию ҷонбезорӣ
Ман намурдам, ки туро боз бубинам боре.

Дилам аз меҳри ёрон гарм мешад,
Замин аз резаборон нарм мешад.

Дар дилам ҳеҷ кас намегунҷад,
Нафасе ҳам нафас намегунҷад.

Ҳар ҷо бувад олудагӣ,
Он ҷо маҷӯ осудагӣ.

1. Нароб – ҷӯи бузурги пуроб.

Омадан ба дидорат ҳаҷҷи акбари ман буд,
Рафтанам зи оғӯшат рӯди маҳшари ман буд.

Ман пардадар бошам агар, ту пардапӯшӣ мекунӣ,
Ман худфурӯзӣ мекунам, ту худфурӯшӣ мекунӣ.

Зи авҷи ҳирси ту пастии ман беҳ,
Зи ҳушёрии ту мастии ман беҳ.

Бар зиёрати хокам по ниҳӣ ба гӯристон
Гӯри тираам гардад ҳамтарози нуристон.

Ояд ба мазори ман озоданигори ман,
То чарх фарозад сар аз ваҷд ғубори ман.

Олуда шавад дунё з-андешаи олуда,
Полуда шавад дунё з-андешаи полуда.

Ту бо он шасти зулфонат маро дар шаст медорӣ,
Туро ман дӯст медорам, ту аз ман даст медорӣ.

Хушбахт бошад одамӣ, гар гунагунфарҳанг шуд,
Бадбахт бошад одамӣ, гар ҷумлагӣ якранг шуд.

Ҳар куҷое биравӣ, бахт мададгорат бод,
Аз мани хокӣ чӣ мехоҳӣ? Худо ёрат бод!

Писарҷонам, мабар ин нукта аз ёд:
Ҷавонии туро пирии ман дод.

Эй шуълаи бому дарам, эй ёри некуахтарам,
Аз роҳи кӯят бигзарам ҳар гаҳ зи дунё бигзарам.

Ману ту бо тую ман хуб ҷавонӣ кардем,
Шиква аз ишқ кунем ар ману ту, номардем.

Омадӣ, бар дили ман сӯзи дигар овардӣ,
Рӯзи ман пур шуда буд, рӯзи дигар овардӣ.

Пеш аз ҷанг бубин мушташро,
Мавриди ҷанг бубин пушташро.

Эй кӯдаки навпой, дурудам бипазирӣ,
Ман дар раҳи ту мурдаму ту ҳеҷ намирӣ!

Макун аз хории мазорам ёд,
Бикун аз ранҷи рӯзгорам ёд!

Ҳазорон хушкмағз ояд ба қасди ҷони тардасте,
Куҷо бошад забардасте, бувад он ҷо табардасте.

Аз сӯхтану сохтан, эй ёр, чӣ бок?
Ҳам пок ба хок меравад, ҳам нопок.

Рафтам зи ҷаҳон ашки алам афшонда,
Байте зи баёзи рӯи ту нохонда.

Қадди ту чӣ шуд, қадди баланди ту чӣ шуд?
Чашмони сиёҳи худписанди ту чӣ шуд?

Эй бас арақи баҳор хурдем,
Аммо зи хазон амон набурдем.

Ҳар гоҳ маро ту дар бағал меоӣ,
Монанди яке тозағазал меоӣ.

Ҳарчанд ки дар ту кардаам ёрама гум,
Эй кӯчаи ошно, саломаълекум!

Дигар ту маро дар лаби он ҷӯй маҷӯй,
Оби ману ту намеравад дар як ҷӯй.

Суханро бо сухан пайванд кардам,
Диламро бо Ватан пайванд кардам.

Агар бар модарон ҳурмат гузорем,
Забони модаронро пос дорем!

Он ҷо, ки дард зиёд аст,
Бидон, номард зиёд аст.

Бубинам чун зиёиро риёӣ,
Кулӯхеро бигӯям: Авлиёӣ!

Медонӣ, зи кӣ шӯру илҳоми замират буд?
Як мисраи хоми ман девони кабират буд!

Дар сафи сафедорон як қалам сияҳпӯшам,
Дар бари азодорон сарнагуну хомӯшам.

Чӣ гӯше бишнавад фарёду оҳи шӯрбахтонро?
Чӣ дасте мас кунад боре варамҳои дарахтонро?

Бо хоки тар омехта дар хоку хун оғуштаҳо,
Омоси он ғамкуштаҳо бингар дар ин ғампуштаҳо.

Дар домани кибриёи ту гарде нест,
Дар зери фалак лоиқи ту марде нест.

Фарёдҳои маро ба фарёдрас бирасонед,
Агар нарасад, ба гӯрам бозгардонед.

Чун дили ман як диле дарёи бесоҳил набуд,
Ҳеҷ кас монанди ман девонаи оқил набуд.

Дирӯз туро куштанд, имрӯз маро куштанд,
Як банда намепурсад: фарёд, чаро куштанд?

Бузург бошӣ, биёву бузургворӣ кун,
Вагарна, рав ба деҳи хешу харсаворӣ кун.

Дар чорсуи даҳр ба ҳар қасд давидем,
Ғайр аз маҳали хеш ба ҷое нарасидем.

Безор гаштам, эй вой, аз рангу рӯи мардум,
Пеш о, бибӯсамат сер, эй рӯи сурхи гандум!

Тоҷикони мо зи баски мардуми олитаборанд,
Мекушандат! Бар мазорат дастагул ҳам
мегузоранд!

Нахурда мевае аз боғи фарзанд,
Намирад бандае аз доғи фарзанд.

Гарчи зоти ӯ зи ҳар шакке ҷудост,
Бехудоиҳои ман ҳам аз худост!

Қалби ту бишкаст, ҳар вақте ки қурби
пул шикаст,
Қалби ман бишкаст, ҳар вақте ки қадри
гул шикаст.

Солҳо хидмати сухан кардам,
Яъне ман хидмати Ватан кардам.

Аз фироқат хуни дил нӯшидаам,
То туро як лаҳза оғӯшидаам.

Чеҳраи пажмурдаи ман – ишқҳои мурдаи ман.
Қомати хамхурдаи ман – бодаи камхурдаи ман.

Ҳаёту зодбуми мо чи саҳни хандабоб шуд –
Мағозаи китоб буд, мағозаи шароб шуд.

Он бартарин будем, ки ин бадтарин шудем,
Он осмон будем, ки инак замин шудем.

Як бор ба дилҷӯӣ пеш ову барам биншин,
То пои туро бӯсам, бар фарқи сарам биншин.

Моро хароб карданд, моро туроб карданд,
Аз хуни мо ба худшон хумми шароб карданд.

Сахттар гарчи зи сангу оҳанам,
Орд шуд сутхон зи дарди Меҳанам.

Бо ҳама некони дунё дӯстам,
Бо ҳама зиштони дунё душманам.

Ин зочаҳои кӯдакон уммедпарваранд,
Ин зочаҳои оқилон бас марговаранд.

Ба дил гуфтам, ки ҳампои замон бошам,
Яке дидам: таҳи пои замон мондам.

Ман нагӯям з-оташи ғам бому айвонам бисӯзад,
Аз ғами ту, миллати ман, решаи ҷонам бисӯзад.

Ҳарчанд миёни кӯҳҳо нолидам,
Ҷуз акси садои хештан нашнидам.

Ҷустем тило, насиби мо санг омад,
Паҳнои ҷаҳон барои мо танг омад.

Имшаб, ки туро ба хилвате ёфтаам,
Аз ҷанги ду дил ғанимате ёфтаам.

Аввал ба хумори бӯса обат кардам,
Охир-охир бӯсақимобат кардам.

Ҳар дам зи дилам наърaи тундар ояд,
Як ишқ ба ҷои ишқи дигар ояд.

То он ки тамоми пайкарам пажмурдаст,
Дар синаи ман қабат-қабат дил мурдаст.

Рӯзе, ки таҳи хоки тарам бигзоред,
Девони маро зери сарам бигзоред.

Аз ишқи ту мушти хоки тасфон беҳтар,
Аз васли ту сад ҳазор ҳиҷрон беҳтар.

Имшаб чӣ шабе, ситора ларзон имшаб,
Сад шукри худо, ки бӯса арзон имшаб.

Ин дӯст зи душмани ту бегонатар аст,
Ин хонаи нав зи куҳна вайронтар аст.

Як бор, биё, ману ту Варзоб равем,
Дар оғуши бахт ҳардумон хоб равем.

Эй ишқи ҷавон, ту пир кардӣ моро,
Аз умри дурӯза сер кардӣ моро.

Аз пеши дарат гузаштам, оҳам омад,
Дар пеши назар ҷумла гуноҳам омад.

То ман зи ҷаҳони неку бад хоҳам рафт,
Аввал ба гаронҷонӣ зи худ хоҳам рафт.

Эй ёр, биё, ки дил даме осояд,
То соҳиби Ҷам боз чӣ мефармояд.

Имшаб чӣ шабе, шаби мурод аст имшаб,
Сад сол гузарад, лоиқи ёр аст имшаб.

Ҳамрози ҷаҳон, валек беҳамрозам,
Дамсози ҷаҳон, валек бедамсозам.

Фасле, ки бинои ошиқӣ сар кардем,
Дар ишқ ману ту шӯри маҳшар кардем.

Эй бехабар аз дарди даруни дили ман,
Ҳушёр шав аз шӯри ҷунуни дили ман.

Кӯтоҳу дароз мешавад рӯзу шабон,
Ман мемурам аз ғамат дар он кунҷи лабон.

Ин гуна тару тоза, ки ашъори ман аст,
Хушрӯйтарин зани ҷаҳон ёри ман аст.

Ман будаму ёди туву худ хории дил,
То авҷи фалак расида бар зории дил.

Аввал ба ситораҳо назар кардам ман,
Охир ба ишораҳо назар кардам ман.

Ҷавонмардон басо мурданд, камонмардон
басо бурданд.
Ҷавонмардон басо хуфтанд, камонмардон
басо хурданд.

Гар ту ғами пул хурдай, банда ғами гул хурдаам,
Ту дар ғами пул мурдай, ман дар ғами гул
мурдаам.

Ҳукумат нав шуд, аммо Аҳмади поринаҳо дорем,
Забони шаккарин, лекин ба сина кинаҳо дорем.

Омадам дар ин ҷаҳон, то сад ҷаҳон пайдо кунам,
Ё ҷаҳони хешро дар ин ҷаҳон иншо кунам.

Ҷони бародар, аламон з-ин ду
бродаршаҳарамон –
Шаҳри бародархондагон, хунибародар-
хурдагон.

Шудам мазори орзу дар орзуи зиндагӣ,
Ба чорпоя меравам зи чорсӯи зиндагӣ.

Рӯзе, ки туро амал расида,
Донӣ ба сарат аҷал расида.

Ёди он замоне, ки кисаам пури пул буд,
Хори ман дар оғӯши гарми хирмани гул буд.

Ту ранҷи халқ набурдиву ганҷи ӯ бурдӣ,
Аҷаб мадор, агар оқибат чу саг мурдӣ.

Як бор нагуфтанд, ки то зода шавем,
Бояст ба роҳи марг омода шавем.

Агар ки некии одам набинем,
Илоҳӣ, баъд аз он олам набинем.

Сафари ман на савқи кешам буд,
Балки руҷъат ба асли хешам буд.

Фасли гули ёсат чӣ шуд?
Атри гули нозат чӣ шуд?

Агар хонӣ ту ашъори парешон,
Бидонаш айни аҳволи парешон.

Зери хокаш бузрукони миллатанд,
Рӯи хокаш буздилони миллатанд.

Тозатарин гули манӣ, яъне гули дили манӣ.
Агарчи қотили манӣ, ту ҳалли мушкили манӣ.

Ҳоло ки ту ҷавонӣ, қадрашро намедонӣ.
Қадрашро ки донистӣ, мерасад пушаймонӣ.

Ман будаму такодави бесуди зиндагӣ,
То вопасин дақиқаи бидруди зиндагӣ.

Дар ғами озодӣ мемирем мо озодагон,
Ҷамъ чун бошем бо ҷамъи парешонзодагон?

Мебарӣ аз ман маро, то ба куҷо мебарӣ?
Гар бариям пеши худ, пеши худо мебарӣ.

Дар ҳайратам зи савлати бекорхоҷагон –
Бекорхоҷагон, вале дулорхоҷагон.

Эй он ки маҳалбозият ошуфт ҷаҳоне,
Мо Тоҷмаҳал сохта будем замоне!

Шумо гар қимати зан менадонед,
Яқинан қадри меҳан менадонед.

Умрам тамом шуд бо коғазу қалам,
Бидруд, эй ҷаҳон! Яъне ки, эй дилам!

Ҷурми мо нест, фулон ибни фулонӣ нашудем,
Одами аввалӣ мурд, Одами сонӣ нашудем.

Он ки аз ман шеъри волотар таманно мекунад,
Шеъри волои маро дар гӯр пайдо мекунад.

Аз душмании тоҷик як ҷабри адӯ беҳтар,
Аз мағзи тиҳии мо як мағзи каду беҳтар.

Ман нагӯям, ки зи ман пайкари мармар созед,
Беҳ, ки з-ин замзамаҳо гӯши маро кар созед.

Агар андар раги ҳар санг шарар хоҳад монд,
Гулназар дар назари аҳли назар хоҳад монд.

Наметонам расидан то тапидангоҳи ҷӯборе,
Чи ҷои он тапишҳо то тапиданҳои дилдоре.

Дар кокулат бимирам, эй бед, беди маҷнун,
Айдун, ки кокули ёр аз даст рафт берун...

Мо куштаи теғи хештан будем,
Дар мавтини хеш беватан будем.

Мусалмонӣ агар риш асту дастор,
Худовандо, маро з-ин ду нигаҳ дор.

Алҳазар озодаҳову содаҳо,
Бодаҳо мемирад аз ин бодаҳо.

Шодбахт он, к-ӯ ғами оянда дошт,
Дар замини мурда тухми зинда кошт.

Дар соли мор зодаам аз мом норасид,
Он мор аждаҳо шуду моро фурӯ кашид.

Модари бузурги ман, эй ту масдари дунё,
Кӯдаки ту менолад дар баробари дунё.

Дидем мо, дидем мо гулгаштҳои зиндагӣ,
Гаштем мо, гаштем мо дар даштҳои зиндагӣ.

Кӯҳҳои мо ҷавонанд,
Сангҳомон ҷумла хоманд.

Тоҷики он сӯ ба кайҳон мепарад,
Тоҷики ин сӯ ба зиндон meравад.

*Мо зи бисёр чашма хурдем об.*
*Расул Ғамзатов*

# КАТИБАҲО

### Дар минбар

Эй шумо, ки нотиқони минбаред,
Аз Сисерон[1] ҳам шумо нотиқтаред.
Иқтибос аз дигарон бишнидаем,
Иқтибос аз ақли худ ҳам оваред!

Дастро бардошта сӯи само
Ҳар гаҳе ки нутқи бурро мекунед,
Аввал андешед, баъди анҷуман
Гуфтаҳои хеш иҷро мекунед?

### Дар гаҳвора

Ту ҳоло кӯдакӣ, тифлӣ, биосой,
Дигарҳо баҳри ту андар талошанд.
Бимак пистон, забони модар омӯз,
Ки донишгоҳҳо қодир набошанд.

* * *

Кӣ гуфт зи гоҳвора то гӯр равем?
Мо аз раҳи дур бар раҳи дур равем.

* * *

Ба тобут аст роҳ аз гоҳвора.
Ба рағми дигарон з-ин раҳ ҳазар кун.
Ҳалолат бод, шири поки модар,
Зи гаҳвора ба ҷовидон сафар кун.

### Дар девони Рӯдакӣ ба ҷои бисёрнуқтаҳо

Нуқтаҳо чун лахчаи сарде нишони оташанд,
Нуқтаҳо чун захми дил аз рӯзгори нохушанд.
Нуқтаҳо ҳам бори маънӣ мекашанд.

Нуқтаҳо чун доғи дил,
Чун решҳои ҷони ту,
Нуқтаҳо чун захмҳо дар сафҳаи девони ту
Монда ҷои мардуми чашмони ту.

Ростиро, нуқтаҳои шеърҳои гумшуда
Аз басо шеъре, ки мебофем мо, гӯётаранд,
Пурсадо, пурдард, пурмаънотаранд.

Нуқтаҳо дар сафҳаи девони ту...
Баски даҳ аср аст меҷӯӣ ту роҳ
Бо дили маҷрӯҳу захми хунчакон
Аз замоне то замоне,
Аз маконе то макон,
Аз ҷигар, аз захми виҷдон, захми дида
Қад-қади раҳ хун чакида...
Нуқтаҳо чун қатраи хун
Аз дилат бар сафҳаи девон расида...

Ҳар нуқат чун гавҳари ду дидаи бинои ту
Акс созад сурати аъдои ту...

### Дар қоимаи ҳайкали Рӯдакӣ

Асо бар даст меоӣ зи роҳи дур, эй устод,
Зи шаҳри тирабахтиҳо ба шаҳри нур, эй устод.
Барои он ҳама озори ҷисмонию рӯҳонӣ
Бидорӣ кӯрии таърихро маъзур, эй устод.

* * *

Шеърҳоят то нашуд гум, мо туро кай ёфтем,
Кай ба қадри ту расидему туро дарёфтем?
Зиндаатро устухон кардем то рафтӣ ба хок,
Боз сутхони туро чун ганҷи сармад кофтем.

### Дар девори мақбараи Рӯдакӣ дар Панҷрӯд

Устухонатро зи баъди даҳ сада
Ёфтанд аз зери хоки деҳкада.
Устухон бисёр дар зери замин –
Устухони пайкарони одамин.

Аз миёни хирмани сутхони хушк
Ҳар кадомеро чу мекарданд даст,
Устухоне нола зад, фарёд зад,
Пас бидонистанд, сутхони ту аст.

---

1. Сисерон – нотиқи Руми қадим.

**Дар дафтари осорхонаи Рӯдакӣ дар Панҷакат**

Рӯдакӣ кӯр буд ё бино? –
Баҳси донандагони ҳоли ӯст.
Шеъри ӯ лек дар ҳама айём
Чашми бинои ӯ, камоли ӯст.

Шеъри устод ҳолномаи ӯст.
Дар шигифтам зи баҳси олимҳо:
Ҳар кӣ кӯр аст, кӯр бишморад,
Ҳар кӣ биност, хонадаш бино...

**Дар қоимаи ҳайкали Айнӣ**

Дар зери бори хотира пуштат хамидааст,
Аммо сарат зи фахр ба гардун расидааст.
Ҳар лолаи шукуфтае дар пои ҳайкалат
Хунест, к-аз ҷароҳати пуштат чакидааст.

**Дар санги мақбараи Айнӣ**

Хаёлманду мушавваш зи санг менигарӣ,
Ҳанӯз хотираҳои нагуфта бисёр аст.
Ҳанӯз мекашӣ озор андаруни лаҳад,
Ки захмҳои танат хунчакону хуншор аст.
Чи бурдӣ он ҳама захми замон ба зери замин
Замин чу пайкари захмии туст – афгор аст...

**Дар сутуни саробӯстони Мирзо Турсунзода дар Варзоб**

То ҳамин рӯд набзи азми туст,
То ҳамин рӯд назми разми туст;
Рӯди Варзоб то кунад варзиш
Солиён беқарору осоиш;
Саргаҳи рӯд то дили хок аст,
То дили кӯҳи сарбаафлок аст;
Бо ҳамин рӯд назми ту ҷорист,
Бо ҳамин рӯд умри ту боқист.

**Дар сутуни кӯшки Боқӣ Раҳимзода**

Ба ҳар тӯе, ки Боқӣ соқӣ бошад,
Вафои дӯстдорон боқӣ бошад.

**Дар девори хонаи Раҳим Ҷалил**

Дар ин шаҳре, ки марзи шоирон аст,
Дили саршор дорӣ аз наҷобат.
Яке дарёи Сир ин ҷо равон аст,
Дувум дарё туӣ. Бошӣ саломат!

**Дар китоби Хайём**

Ошиқ ҳама ҷо чу Қайсу чун Лайло нест,
Доно ҳама, лек Бӯалӣ Сино нест.
Дунё ҳама майгусору базмист, вале
Ринде ба мисоли ту дар ин дунё нест.

**Дар пушти мусаввараи Ҳофиз**

Туро бо чанд сурат офариданд
Ҳама сураткашон бо килки мумтоз.
Яке монанд бар солори деҳа,
Дигар монанд бар деҳқони колхоз.

Ту якто будию якроҳу якрӯ,
Зи ту сад Ҳофизи дигар кашиданд.
Ба сар дастор, рише то ба зону,
Ба сад рангу ваҷоҳат офариданд.

Намедонанд, бояд лек донанд,
Ки тасвират нагунҷад дар гумонҳо.
Паи тасвири ту бояд бихонанд
Тамоми қудсиёнро з-осмонҳо.

Чунон ки бозгӯ кардан наёрад
Сурудатро ба олам тарҷумоне,
Чу назмат дар ҳама давру замонҳо
Ба асли хештан қоим бимонӣ.

**Дар пештоқи осорхонаи Беҳзод**

Тамошо рӯз то бегаҳ
Басо пиру ҷавон оянд,
Барои дидани нақшу нигори бостон оянд,
Барои дидани осори ҳар давру замон оянд.

Яке танҳо тамошогар,
Дигар ояд тавоф ин ҷо.
Яке бинад фақат ашё,
Дигар дашти масоф ин ҷо.

Вале донам, пас аз мурдан –
Хато кардам,
Чу бар умри дубора номзад гарданд,
Аз эшон бегумон чанде
Ба ин ҷо ҷовидон оянд...

### Дар девори театр

Ҳама артист андар зиндагонӣ
Ба сад оҳанг санъат менамояд.
Яке бозикунон дар саҳна мирад,
Яке мирад, сипас бар саҳна ояд.

Яке аз саҳна боре «ҳой» гӯяд,
Чу нахли сабзи саҳна бе бару суд.
Яке дорад намуду решае не,
Яке лабташна мирад дар лаби рӯд...

Яке ҳарчанд поёнаш фароранд,
Зи ҳадди хеш болотар шитобад.
Яке сад нақши дигар бозад, аммо
Тамоми умр нақши худ наёбад.

### Дар китоби худ

Шеъри ман бо ин ҳама нуқсу камол
Гар зи шеъри дигарон ёд оварад,
Маъние гар иқтибос аз дигарест,
Ё чунон ки қатра бар Уммон барад,

Ҳеҷ боке! Баски бо ҳам шоирон
Дар уруҷи шавқи дилҳо мерасанд.
Як маҳал дар арзу тӯли олам аст,
Аз паи маънӣ ба он ҷо мерасанд.

Ҳеҷ боке! Баски ҳар як навниҳол
Рӯяд аз тухми дарахтони куҳан.
Баски монанд аст фарзанди ҳалол
Бар яке аз ҳафт пушти хештан.

### Дар санги мазори падарам

Падарам, рафтӣ чу ту бар дили хок,
Дар дили ман ғаму андӯҳи ту монд.
Кӯҳу саҳро, ки қадамгоҳи ту буд,
Ҳамчу саҳрои туву кӯҳи ту монд.

Чашмат аз гӯр ба сӯям нигарон,
Дар сурудам шабаҳи рӯҳи ту монд.
Дили маҷрӯҳ бибурдию ҷаҳон
Баҳри ман чун дили маҷрӯҳи ту монд...

### Дар санги чашмахона

Ин чашма бурун зи хокдон чун ояд?
Аз дидаи гирён, дили маҳзун ояд.
Ашке, ки ба хок одамон мерезанд,
Фаввораазанон зи хок берун ояд.

* * *

Яке рӯю яке мӯ шӯяд ин ҷо,
Дигар кас лоғи пироҳан бишӯяд.
Яке з-ин чашмаи ҷӯшону шаффоф
Дили гумкардаи худро биҷӯяд.

### Дар хабарномаи тӯи кадхудоӣ

Имшаб чи шабе, ситораборон бинед,
Ҳангомаи васли дӯстдорон бинед.
Имшаб Маҳу Хуршед ба дидор расанд,
Ёрон, ёрон, қирони ёрон бинед.

* * *

Хезед зи ҷо, ки ошиқон меоянд,
Домоду арӯси шодмон меоянд.
Имшаб ду ҷавон бағал кушоянд ба ҳам,
Ё дар бағали бахти ҷавон меоянд.

* * *

Имшаб ду баҳор бехазон хоҳад шуд,
Имшаб ду ситора ҳамқирон хоҳад шуд.
Имшаб ду ниҳоли боғ пайванд шавад,
Фардо нигаред, гулфишон хоҳад шуд.

### Дар туҳфаи зодрӯз

Ҷашни зебои зодрӯзи туст,
Аз каму ғам ҳамеша эмин бош!
Зодрӯзи ту бод ҳар рӯзе,
Рӯзи марги туро набинам кош!

* * *

Яксолагии туро бидидам, хуш бош,
Садсолагии туро бубинам, эй кош!

* * *

Дер омадаем ё ки зуд омадаем,
Дар рӯи замин барои суд омадаем.

* * *

Чун ту зебое ба дунё омадӣ,
Шӯру савдое ба дилҳо омадаст.
Чун ту яктое ба дунё омадӣ,
Бо ту дунёе ба дунё омадаст.

**Дар соғар**

Дар базми ҷаҳон навбати дигар нарасад,
Аз соқии ӯ дубора соғар нарасад.

* * *

Хурдем шароб ё нахурдем, гузашт,
Кардем шитоб ё накардем, гузашт.

* * *

Ёрон, ёрон! Чӣ рӯзҳо бигзаштанд,
Нохурда ба каф, чи ҷомҳо бишкастанд.

* * *

Эй кошкӣ ҷоми мо лаболаб бошад,
Умри ману ту «Ҳазору як шаб» бошад.

**Дар асо ва чигасҳо**

Ниҳолеро, ки биншондӣ, расо шуд,
Аз ӯ як шох баҳрат иттико шуд.

* * *

Онҳо, ки буванд муттакои ҳама кас,
Рӯзе нигарӣ, шаванд муҳтоҷи чигас.

* * *

Як рӯз қади расову як рӯз дуто,
Як рӯз камон ба даст, як рӯз асо.

* * *

Кӯрон накунанд гум раҳи хонаи худ,
Зеро ки намешаванд бегонаи худ.

* * *

Тук-тук бизанад ба рӯи роҳу лаби роҳ,
Яъне ки равонаем, алҳамдиллоҳ!

**Дар рубоб**

Ба дасти ҳар касе дасти рубоб аст,
Яқин донед дар аҳди шабоб аст.

**Дар най**

Аввал ӯ устухони одам буд,
Нолаи ӯ аз ин сабаб гирост,
Ки ба сӯзонию таболудӣ
Нолаи устухони одамҳост.

**Дар даф**

Ҳар кас, ки садои нолаам таъна занад,
Дар чанбарае чу ман фитад, нола кунад.

**Дар гулдон**

Гули зебои худрӯи куҳистон,
Маё поин зи тори кӯҳсорон.
Маё поин, ки арзонат фурӯшанд
Барои як пашизе гулфурӯшон.

**Дар болор**

Мард он ки барои ҳастии халқ
Бо бешу ками ҷаҳон ситезад.
Он ҷо, ки бирехт хуни нофаш,
Бояст ки хуни дил бирезад...

**Дар девори дорукада**

Дарди мансаб, дарди шуҳрат – дарди зӯр,
Мешавад дармон фақат дар хоки гӯр.
Аз худу аз зиндагонӣ ғамзада
Баҳри доруе маё дорукада...

**Дар гардани кӯза**

То маро аз гил сиришта кӯзагар,
Хоки ҷамъи мардуми ошуфтаам.
Пур кунед аз об ё аз май маро,
Баски хоки ташнагони рафтаам.

**Дар сардарӣ**

Дар хона агар хандаи одам бошад,
Он хона пур аз баҳори олам бошад.

* * *

Он хона чи хонаю чӣ сон обод аст,
Дар пеши дараш агар диле н-афтодаст!

**Дар тани кӯҳҳову сангҳо**

Аз санги диёр баҳраҳо ҳам бурдем,
Дар санги диёр пешпо ҳам хурдем.

* * *

Аҷаб расмест расми одамизод,
Ки ҳар дам мекунад як нағма эҷод.
Яке дар қулла ҷӯяд ошёна,
Дигар аз қулла ҳезум мекашона(д).

* * *

Андар сафи пеш паскашон ҳам дорем,
Аз кӯҳи баланд хаскашон ҳам дорем.

* * *

Ҳар кӯҳи баланд дар сараш раҳ дорад,
Ҳар дастдароз дасти кӯтаҳ дорад.

* * *

Як кӯҳ ба кӯҳи дигаре гуфт – Ало,
То чанд ба ҷой бошӣ, бархезу биё!

* * *

Ин қиссаи кӯҳҳо дароз аст, эй дӯст,
Ҳар қулла чу гардани фароз аст, эй дӯст.

* * *

Барфи сари кӯҳ ҳам шавад об охир,
Эй номи баланд, хешро ёб охир!

**Дар санге**

Зи паҳлӯят шитобон аст дарё,
Ту хомӯшӣ чаро, эй санги бадбахт?
Зи дигар сангҳо ҳайкал сириштанд,
Фаромӯшӣ чаро, эй санги бадбахт?

**Дар фарсангсорҳо**

Агар раниста пои худ гузорем,
Ҳамин раҳ мебарад то дур моро,
Агар не, рост беному нишоне
Ҳамин раҳ мебарад то гӯр моро.

* * *

Аз ҳамин раҳ умри мо хоҳад гузашт,
Бехудӣ ё бехудо, хоҳад гузашт.

* * *

Онҳо, ки ба роҳи умр танҳо монданд,
Ҳар сӯй давидаанду ба як ҷо монданд.

* * *

Дар ҷодаи рост каҷравон бисёранд,
Дар ҷомаи дӯст душманон бисёранд.

* * *

Дар ҷодаи зиндагӣ чи наздику чи дур,
Ҳозир бикунад ҳузуру ғоиб – маъзур.

* * *

Маҳҳо гузаранду моҳ монад боқӣ,
Эй бас гузаранду роҳ монад боқӣ.

* * *

Дар ҷодаи зиндагӣ чунон ки донӣ,
Бепир марав, ки беҷавонӣ монӣ.

**Дар парчи пул**

Аз пул гузаред, то ба дарё наравед,
Аз худ наравед, то зи дунё наравед.

* * *

Дарё гузарад, чу умр дарё гузарад,
Ин об дар охир аз сари мо гузарад.

**Дар рӯи нони Самарқанд**

Ҳар қадар майл дорӣ, савғо гир,
Ҳар қадар майл дорӣ, савғо кун.
З-он якеро гузор дар хона,
Қурси хуршедро тамошо кун.

**Дар дастпона**

Аз дасти бастае
Дасти шикаста беҳ.

**Дар гулбанди корд**

Корд кунд аст, ақл агар тез аст.

**Дар пештоқи нашриёт**

Ҳар чӣ натвон аз забони хеш гуфт,
Метавон гуфт аз забони ину он.
Безабонтар нест аз шоир касе,
Гар нагӯяд шарҳи дарди дигарон.

* * *

Гар кунӣ таҳрир эҷоди адиб,
Кай кунӣ таҳрир бунёди адиб!?

* * *

Сахт душвор аст шоир сохтан,
Сахт осон аст шоир бохтан.

**Дар пештоқи бозор**

Бозор ба бозор баҳоят пурсам,
Эй умри гузашта, аз куҷоят пурсам?!

* * *

Бозори ҷаҳон, ки нархи яксонаш нест,
Ҳар чиз бақадру қадри инсонаш нест.

**Дар ишорачӯби раҳбон**

Аз пешу барат парида мошин гузарад,
Аз умри ту низ пораеро бибарад.

* * *

Чу ояд шоири шофир шитобон,
Ба ҷовидон сафар дорад, маистон!

**Дар сақфи майкадаи «Фароғат»**

Ба ин майхона гар Хайём ояд,
Ба дасте шеъру дасте ҷом ояд,
Бинӯшад соғаре саршору сархуш
Забон дар ҳамди ин даврон кушояд,
Ки оре, ҳар чӣ хоҳӣ, ҳасту лекин
Сафи риндон чаро кам менамояд?
Ҳама оғӯши худ бикшояд осон,
Дили худро чаро кам мекушояд?

* * *

Аз он дунё агар Хайём ояд
Ба ин майхонаи кошию гулрез,
Бинӯшад ҷоми моломолу гӯяд:
– Нигаҳ дорад худо аз дарди парҳез.
Бирақседу бибӯседу бинӯшед,
Ки ин ҷо ҷои баҳси мову ман нест.
Шумо шоҳид, ки ҳозир омадам ман,
Дар он дунё буфету рестаран нест...

**Барои пештоқи арки Ваҳдат**

Худовандо, худои хеш гардон миллати моро!
Муяссар кун бақои ҷовидонӣ давлати моро!
Ниҳоди кохи Ваҳдат баски бар хуни
шаҳидон аст,
Нигаҳ дор аз шабохунҳои ваҳшат ваҳдати моро!

**Барои қоимаи муҷассамаи
Исмоили Сомонӣ**

Дар хотири тоҷикон ҷовид ҳамемонӣ,
Бунёдгари миллат, Исмоили Сомонӣ!

**Дар деворҳои гӯристон**

Қабри инсон чист? Қабри ҷустуҷӯст.
Қабри инсон нест, қабри орзуст.

* * *

Мурдаи дарёдилон шодоб созад хокро,
Мурдаи модар чу фарзандаш навозад хокро.

* * *

Мурда гар боқадр, гӯристон гулистон мешавад,
Мурда гар беқадр, Азроил пушаймон мешавад.

* * *

Фарёд кунам, посухи фарёдрасам нест,
Фарёд, ки дар ҳар ду ҷаҳон ҳамнафасам нест.

* * *

Аз хушии мо ҳасудон нохушанд,
Мо намемирем, моро мекушанд.

* * *

Ҷоме ба ҷои мақбара
Дар гӯри ман авло бувад.
Гар пур нашуд аз май, чӣ бок,
Аз оби найсон пур шавад.

* * *

Мурдаи гумном гумномии аҷдодон бувад,
Мурдаи боном ободии гӯристон бувад.
Зиндааш гар сохт шаҳру деҳ барои дигарон,
Мурдааш обод созад гӯрҳои дигарон.

* * *

Дунёву ниёзу тамааш мегузарад,
Хоҳӣ ҳамарову ҳамааш мегузарад.

**Дар тобут**

Хидмати марг мекунад, то ҳаст,
Хидмати ӯ ба зиндагӣ ин аст.

* * *

Пур равад, холӣ боз мегардад,
Ҳар сафар аз раҳи сафар гардад.

* * *

Байни маргу зиндагӣ дар рафтуост,
Замбари Азроилу тахти балост.

**Дар санги рӯи мазори Фотеҳ Ниёзӣ**

Ниёзӣ гӯиё алъон
Зи майдонҳои ҷанг омад.
Надида як дам оромӣ,
Зи сангарҳо ба санг омад.

**Катибае барои санги мазори**
**устод Ҷалол Икромӣ**

Зи бас буданд ҳамдӯшу ҳамоғӯш,
Ба сар бурданд умре бо дили пок,
Саодатбоную Икромӣ ин ҷо
Ҳамоғӯшанд низ андар дили хок.

Дуое, саҷдае, зикре, худоро
Ба ин ду қуббаи хоки Бухоро!

**Барои санги мазори**
**Муродуллоҳи Шерализода**

Падари меҳрубону ғамхоро,
Кӣ хурад баъди ту ғами моро?
Рафтӣ аз дасти ноҷавонмардон,
Мондӣ бар мо азоби дунёро.
Тири ноҳақ заданд бар ҷигарат,
Бирасад кош ҳақ ба ҳақдоро!

**Дар санги гӯрҳо**

Замин – модар! Барои мушти хокат
Фидо кардам дилу ҷону сарамро.
Агар ту модарӣ, баҳри худо гӯй,
Чаро аз ман рабудӣ модарамро???

* * *

Ду-се дам комронӣ ҳам накардӣ,
Ба ҷонон ҷонфишонӣ ҳам накардӣ.
Ҷавонии ту шуд доғи дили мо
Ҷавон рафтӣ, ҷавонӣ ҳам накардӣ.

* * *

Ҷаҳоно, ормонам кам шикастӣ,
Ниҳоли қоматам дарҳам шикастӣ.
Асои пирӣ будам баҳри модар,
Асои модарамро ҳам шикастӣ.

* * *

Чи шуд, эй ҷону эй ҷонони модар,
Ба дарду доғат аз ҷон сер кардӣ.
Начида як гуле аз боғи дунё,
Ҷавон рафтию моро пир кардӣ.

* * *

Ту моро комрон кардӣ, падарҷон,
Қатори одамон кардӣ падарҷон.
Ту дар зери заминӣ, лек бар мо
Заминро осмон кардӣ, падарҷон.

* * *

Модаро, даҳ кӯдак аз ту ёдгорем,
Аз туву аз шири покат қарздорем.
Рӯзе гар аз осмон ахтар бигирем,
Чун чароғе бар сари гӯрат биёрем.

* * *

Носӯхта дар оташи ишқ, эй додар,
Дар куштани сӯхтор куштӣ дили хеш.
Мо ҷумла зи доғат дили бирён дорем,
Ин буд магар умрат аз ҳосили хеш?

* * *

Ба сар омадему ба по меравем,
Ба дар омадему бадар меравем.
Падар доштему модар, дареғ,
Ки бемодару бепадар меравем.

* * *

Рафтӣ баногаҳ зи ҷаҳон, додарам,
Чун гули Наврӯз ҷавон, додарам.
Бе ту чӣ пайдо кунам аз рӯи хок,
Чун туӣ дар хок ниҳон, додарам?

* * *

Сари гӯрат нишастам, оҳ модар,
Чу абри тар гиристам, оҳ модар.
Дили худро ба санги рӯи гӯрат
Задам бо ғам, шикастам, оҳ модар.

* * *

Аё модар, мададгорам ту ҳастӣ,
Зи ҳар офат нигаҳдорам ту ҳастӣ.
Агарчи хуфтаӣ андар дили хок,
Чароғи бахти бедорам ту ҳастӣ.

* * *

Ҷонон падаро, аз сари дунё рафтӣ,
Дунё чӣ бувад, ки аз сари мо рафтӣ.
Ҳар бор сафар рафтаву меомадӣ боз,
Ин бор бигӯ куҷо тамошо рафтӣ?

* * *

Баракат рафт аз барам он рӯз,
Падарам, чун ту аз барам рафтӣ.
Осмон бар сарам фурӯ омад,
Падарам, чун ту аз сарам рафтӣ.

* * *

Бирафтӣ аз ҷаҳон рӯзе надида,
Ғами ишқи дилафрӯзе надида.
Канори хок рафтӣ, додари ман,
Канори ёри дилсӯзе надида.

* * *

Оҳу фиғон аз нуҳ фалак,
Нуҳ кӯдакат бечора монд.
Гаҳвораи ту шуд замин,
Тифли ту дар гаҳвора монд.

* * *

Аё модар, ки ҷонам офаридӣ,
Барои ман ғами дунё кашидӣ.
Ба он дил, он дили бесабру ором
Чӣ сон андар дили хок орамидӣ?

* * *

Зи дунёву ҷавониву муҳаббат
Напаймуда насиби дил, гузаштӣ.
Ту ҷустӣ чораи дарди ҳама, лек
Зи дарди ҷони худ ғофил гузаштӣ.

* * *

Худ на танҳо рафтӣ новақт,
Гӯиё ҳам бурдӣ моро.
Сар ба зери хок бурдӣ,
Хок бар сар кардӣ моро.

* * *

Зинҳор ту саргарми муросо нашудӣ,
Савдозадаи давлати дунё нашудӣ.
Тире ба ҷигар хурдӣ зи дасти номард,
Бобо будӣ, дареғ бобо нашудӣ.

* * *

Ҳама шодии дил нодида рафтӣ,
Гуле аз боғи дил ночида рафтӣ.
Зи асрори амал огаҳ шудӣ, лек
Ба асрори аҷал печида рафтӣ.

* * *

Напаймуда ҳама дунёи дилҳо,
Нафаҳмида ҳама савдои дилҳо,
Ба дунё ғарқ гардидӣ, сад афсӯс,
Нахӯрда об аз дарёи дилҳо.

* * *

Кӣ биҷӯяд дили фигори маро?
Дилу ҷони ҷареҳадори маро?
Ёдгорам ту будӣ дар ин хок,
Бурдӣ бар хок ёдгори маро.

* * *

Аз ин гулбоғи рангоранги беранг
Зи сад гул як гулат нашкуфта рафтӣ.
Ҳама боғи дилат андар дили хок,
Канори ҳамдиле нохуфта рафтӣ.

* * *

Дигар ту нашнавӣ фарёди моён,
Набинӣ чеҳраи ношоди моён.
Падарҷон, рафтӣ аз дунё, валекин
Тамомӣ дар дилу дар ёди моён.

* * *

Ёди ту ҳамеша дар дили мо бошад,
Меҳри ту чароғи манзили мо бошад.
Қурбони туву номи ту бод, эй модар,
Аз зиндагӣ ҳар чӣ ҳосили мо бошад.

* * *

Ҷавон рафтӣ, дили ғамнок бурдӣ,
Ҳама уммедҳо бар хок бурдӣ.
Гули рӯи арӯсеро надидӣ,
Гули боғи муроди дил начидӣ.

* * *

Хушном ба ёди ҳамдиёрон монӣ,
Сарсабз чу боғу токзорон монӣ.
Раҳми ту накард гарчи султони аҷал,
Султони муроди ҷумла ёрон монӣ.

* * *

Дуое, ки мазори некном аст,
Мазори он Низоми ташнаком аст.
Ба каф ҷоме тавофи ӯ биёед,
Ки ӯ дар гӯр ҳам дар даст ҷом аст.

* * *

Ту рафтӣ, хонамон бефайзу нур аст,
Чӣ бехуршеду маҳтобем, модар.
Барояд рӯзу шаб хуршеду маҳтоб
Туро аммо куҷо ёбем, модар?

* * *

Ҳарчанд зи мо, эй падари мо, рафтӣ,
На аз дилу на аз назари мо рафтӣ.
Ҳар гоҳ ба номи ту сарафрозӣ кунем,
Ёдат бикунем, к-аз сари мо рафтӣ.

* * *

Ёдгори ту санги сарде нест,
Аз туям ман ба ёдгор, падар.
Ҳар чӣ дорам, ҳама зи ту дорам,
Эй падар, эй бузургвор падар!

* * *

Қиблагоҳо, чу рафтӣ аз бари мо,
Қиблаи мо нишони турбати туст.
Мо равонем агар ба роҳи рост,
Роҳи ту, рӯҳи ту, ризояти туст!

* * *

Ҷавон рафтӣ, ба мақсад норасида,
Зи боғи зиндагӣ як гул начида.
Ту ғарқи об гардидию моро
Бикардӣ об андар оби дида.

* * *

Зи сад гул як гулат нашкуфта, рӯзе
Аз ин дунё дили ғамнок бурдӣ.
Ҷавонӣ зеби дунё дорад, афсӯс,
Ҷавониро ту зери хок бурдӣ.

* * *

Модар, бихоб хуш, ки зи ёдам намеравӣ,
Ҷонам фидои рӯи ту, манзил муборакат.
Модар, бихоб, каъбаи ман хоки кӯи туст,
Қурбони хоки кӯи ту, манзил муборакат.

* * *

Рафтию талоши рӯҳу ҷонат боқист,
Ёди ту чу нури хонадонат боқист.
То мо ба ҷаҳон ному нишоне дорем,
Маҳбуб падар, ному нишонат боқист.

* * *

Бе рӯи ту моҳу офтобам гум шуд,
Орому қарору хурду хобам гум шуд.
Эй модари сарпарасту сар то по дил,
Баъди сари ту сари ҳисобам гум шуд.

* * *

Қурбони ту, эй модари қурбонгашта,
Ободии ин ҷаҳони вайронгашта,
Пайдои ту моем дар ин дунё, лек
Ту дар дили хок рафта, пинҳон гашта.

* * *

Хокистари сарди ту сад барқу шарор арзад,
Як барги хазони ту сад боғу баҳор арзад.
Аз дидаи мо рафтӣ, дар хоки сиях хуфтӣ,
Он қуббаи хоки ту сад бурҷу манор арзад.

* * *

Сад ҳайф, ба сарвақти ягон дил нарасидем,
Дар роҳ фитодему ба манзил нарасидем.

* * *

Рафтию ҷони ту як дард насанҷида ҳанӯз,
Хотират аз алами ишқ наранҷида ҳанӯз.

* * *

Бигзашт номурод ишқу муроди ман,
Аммо намеравӣ ҳаргиз зи ёди ман.

* * *

Агар мо зинда то фардо бимонем,
Нишони ту дар ин дунё бимонем.

* * *

Ҳаҷ рафтиву аз ҳама гунаҳ пок шудӣ,
Имрӯз, дареғ, ҳоҷии хок шудӣ.

* * *

Дасти ту гар зери санг овард аҷал,
Монд аз дасти ту осори амал.

* * *

Равшандиле аз табори оташ будӣ,
Якумр қаламкашу аламкаш будӣ.

* * *

Азизон, сер рӯи ҳам бубинед,
Шумо ҳоло, ки дар рӯи заминед.

**Пиндори васият...**

Рӯзе аз рӯзҳо чу мирам ман,
Дар буни кӯҳ гӯри ман биканед.
Нагузоред санг бар гӯрам,
Ҳарфҳое ба рӯи он наканед.

Гар бихоҳед, эҳтироми шумо
Ба дили носабури ман бошад,
Дар буни кӯҳ гӯри ман биканед,
Кӯҳ то санги гӯри ман бошад.

**Барои санги мазорам**

* * *

Барои санги мазорам чӣ гӯям, эй ёрон,
Ки худ зи санги Мазорам, ҳамин ишора бас аст.
Барои ман, ки канори ҷаҳон муҳаббат буд,
Пас аз канори муҳаббат ҳамин канора бас аст.

* * *

Ханда бар лаб, ҷом дар каф рафтам
аз дори ҷаҳон,
То каме осон кунам бо марги худ кори ҷаҳон.

* * *

На чун хасе, на чун пари парвона сӯхтам,
Гар сӯхтам, ба ҳукми дил мардона сӯхтам.

* * *

Гар баъди ман ба ҷои ман шоир намерасад,
Санги дигар ниҳед ба рӯи мазори ман.

* * *

Ҳар гаҳ фано гардам ман аз тӯфони
беамсоли дил,
Бинҳед рӯи гӯри ман як лавҳае тимсоли дил.

* * *

Ба сабзаҳои гӯри ман касе, ки об медиҳад,
Ба косаҳои чашми ман шароби ноб медиҳад.

* * *

Мурдани Лоиқ чунон осон набуд,
Лек маргаш инчунин осон рабуд.

* * *

Дар рӯи замин намонд маъман,
Эй гӯр, дуруд бодат аз ман!

# СУХАНРЕЗА

### Шоҳасар

Аз тамоми навиштаҳои башар,
Ки нависандааш худодод аст,
Беҳтарин сафҳае, ки ман хондам,
Сафҳаи рӯи одамизод аст.

### Роҳи умр

Гаҳ дар ғами ҷон, гаҳ дар ғами нон,
Доғ аз паи доғ, зарб аз паи зарб.
Гоҳ аз паи ин, гоҳ аз паи он –
Яъне ҳамеша ҳарб аз паи ҳарб...

### Ба дӯстони хасакӣ

Донам ҳамаро: намакҳаромеду дурушт,
Дар бӯтаятон на рушд дореду на мушт
Санги бағали кӯҳ маро шоир кард,
Санги бағали шумо маро хоҳад кушт...

### Самарқанд

Ба хонаи худ меравам меҳмонвор,
Аз хонаи худ меравам меҳмонвор.
Вале намедонам, ки чаро? Чаро?? Чаро???
Гаҳвораи ман шуда маро меҳмонсаро…

### Гулрухсор ва Яхч

То пешгуфтори Расул[1],
дебочаи Чингиз[2] бувад,
Сад хурда гирандат касон, ноҷо бувад,
ночиз бувад.
Ҳарчанд гуфтӣ: Яхч! Яхч! Сад бор бо сад
изтироб,
Яхчат бимонад зери обу ту барой рӯи об...

1. Расул Ғамзатов.
2. Чингиз Айтматов.

### Соядаст барои Сабзалӣ Шарифов

Ҳазор шукр худоро, ки дасти ту сабз аст,
Баҳорхонаи шеърам зи шасти ту сабз аст.
Ту ҳам, ки чун дили ман марди дардпарвардӣ,
Саҳифаҳои диламро ба сафҳа овардӣ.

### Соядаст ба Ҷонон Бобокалонова

Фитрати инсон фақат диплом нест,
Чун Шумо ҳам олиму ҳам оламед.
Баччагӣ буду ғурури нобаҷо…
Баъд донистам, ки ҷонон одамед.

### Нома ба вазири ҳифзи муҳити зист

Вазири ғалларо гуфтам: бидеҳ орд.
Бигуфто: сабр кун, анбор холист.
Ту олиҳимматӣ, аз домани кӯҳ
Ба ман як тун ҳавои тоза бифрист.

### Хайём

Он шоирест, бо фалак овез кардааст,
Бо теғи офтоб қалам тез кардааст.

### Ба ягона бародарам, ба ҷои падарам

Басо бастай дасту пои шикаста,
Дили ту шикаста, касеяш набаста.

* * *

Мо ду бародарем, зи покизагавҳарем,
Даҳ панҷамон ҳунар, ки чунин даст бар сарем.

### Инсон

Чун ба дунё омадӣ, ҷони ҷаҳон хурсанд шуд,
По ниҳодӣ бар замин, ҳафт осмон хурсанд шуд.
Чун бирафтӣ аз ҷаҳон, ҷони ҷаҳон бар хок рафт,
Чун шудӣ зери замин, ҳафт осмон
бар хок рафт...

**Дар роҳ**[1]

Гар чи ин бор аз фалокат ман намурдам,
Дар куҷое як фалокат, баҳри ман марги яқин аст.
Дар раҳи пурпечутоби зиндагиям
Аз ҳазору як фалокат як фалокат охирин аст.

**Дебоча барои китоби «Хонаи дил»**

Китобе доштам з-ин пеш номаш
«Хонаи чашм»,
Китобе, ки ба каф доред, номаш
«Хонаи дил».
Ман ин ду хонаи чашму диламро
барои ҷумлаи бехонагон тақдим медорам,
ки дар он шодмон, бемузду беандоз
роҳат зиндагӣ созанд
ва аз ман гар сазоворам,
ба некӣ ёд бинмоянд...

**Хулосаи соли 1989 ва солҳои баъд**

Агар танз аст ё ҳаққаст, беш аз ин намегӯям:
Бинозам соли пурҳарфӣ ба ҷои соли пурзарфӣ...

**Дудмони байналмилалӣ**

Падар ба сӯи Машриқ, модар ба сӯи Мағриб.
Писар ба сӯи Ҷануб, духтар ба сӯи Шимол...
Чӣ аз ишқи олӣ монд? Як дудаи холӣ монд.
Ҳатто намекушояд дарашро боре шамол...

* * *

Бағафлатмондагон аз ҳоли миллат
кай хабар доранд,
Дағалбозон куҷо донанд ин маънии борикро:
Замини Тоҷикистон з-он сабаб бисёр
меларзад,
Ки аз хоби гарон бедор созад халқи тоҷикро...

* * *

Ба як барра дусад чӯпон, ба як дарвоза
сад дарбон,
Худову бандааш ҳайратзада з-ин бешу
кам бошад:
Намедонам ба ганҷи Тоҷикистон чӣ дуо рафта,
Ки дуздаш муҳтарам, соҳибхазина
муттаҳам бошад...

* * *

Гуфтанду ман ҳам гуфтаам, эй дӯстон,
ёдам кунед,
Рафтанду ман ҳам рафтаам, эй дӯстон,
ёдам кунед.
Дирӯз будам бо шумо дар маҳфили айши фарох,
Дар хоки танге хуфтаам, эй дӯстон, ёдам кунед.
Гар ганҷи беҳамтои худ бинҳуфт доро зери хок,
Ман ганҷи дил бинҳуфтаам, эй дӯстон,
ёдам кунед.

* * *

Буду набудам будаӣ, ҳам тору пудам будаӣ,
Самти суҷудам будаӣ, эй саҷдагоҳам, эй ватан.
Сарчашмаи нурам туӣ, наздикаму дурам туӣ,
Гаҳвораю гӯрам туӣ, пушту паноҳам, эй ватан.
Бо ту ба дил хун мерасад, Лайлӣ ба Маҷнун
мерасад,
Сарҳо ба гардун мерасад, эй шоҳроҳам,
эй ватан.

* * *

Чӣ менозӣ ба шеъри Рӯдакию Туғрали ноком?
Зарафшонро макун бадном
бо иншои шеъри хом.
Агар таъната занам бар хомгӯӣ, узри ман бипзир,
Ман аз ту хомтар гуфтам,
хиҷолат мекашам з-айём.

* * *

Гули рӯят надида сер, сер аз хештан рафтам,
Ту андар ин Ватан хуш зӣ, ки қурбони
Ватан рафтам.
Гули доғе мабод аз зиндагӣ дар домани покат,
Ту, эй гулпираҳан, гул кун, ки ман
гулгункафан рафтам.

* * *

Сухан пироя мехоҳад, агар дар зиндагӣ
пирояе бошад,
Сухан дилмоя мехоҳад, агар дар зиндагӣ
дилмояе бошад.
Дар ин даврон, ки ҷисми зиндагӣ урёну
гирён аст,
Сухан нолон, сухан гирён, сухан ҳам низ
урён аст...

1. Роҳи Душанбе-Панҷекат, баъди тасодуми автомобилӣ дар поёни Марзич – он ҷо, ки Муқаддас фавтида буд...
Андар ин ҷо ман намурдам,
Боз чанде бода хурдам.

* * *

Надонистам чӣ махлуқӣ, ки нотарсида аз халлоқ
Ҳақиқатро фалаҷ кардиву реву райбро мондӣ.
Забонат канда бод аз ҳалқ, к-андар пеши
чашми халқ
Лисонулғайбро куштӣ, лисонулайбро мондӣ...

* * *

Зи симову садо ҳар шом эълон мерасад бар гӯш:
Фулон ибни фулон дар ин ва ё он пираҳан
гум шуд.
Бар ин гумгаштагон месӯзадам дил рӯзу шаб,
аммо
Чаро як кас намегӯяд: Ватан гум шуд,
Ватан гум шуд?...

* * *

Ношукрбандагон – нон пеши по зада,
қавми балозада,
Аз ҳам ҷудошуда, бо ҳам наёмада, моем мозада.
Моро, ки «мо»-и худ бар қимати нахуд
арзон фурӯхтем,
Моро намак зада, моро фалак зада,
моро худо зада...

* * *

Зи бас маънои номи ҷадду номи худ намедонӣ,
Чӣ донӣ маънии раббонии оёти қуръонӣ?
Мусалмонӣ ба идрок аст, дарки зоти он пок аст,
Туро бо мағзи зулмонӣ намешояд мусалмонӣ...

* * *

Биё, бикшо сари шиша, сари шиша саломат бод!
Тиҳӣ кун сар зи андеша, сари шиша саломат бод!
Дар ин даҳри ситампеша бинолад реша аз теша,
Бинолам ман зи ҳамреша, сари шиша
саломат бод!

* * *

Эй хуфта андар қобҳо дар қолаби одобҳо,
Санге намехезад чаро аз латмаи хезобҳо?
Ту зиндагонӣ хостӣ, ҳам зиндагиро костӣ,
Рафтанд эй бас зиндаҳо дар ҳалқуми мурдобҳо.

* * *

Эй абулбашарзодон, он қадар бадӣ кардед,
К-осмони некиро мамлу аз бадӣ кардед.
Мурдагони пӯсида, дови сармадӣ кардед,
Хонаи худоро ҳам хонаи худӣ кардед.

* * *

Ман оҳ мекашам: чӣ шуд ақидаҳо, ақидаҳо?
Ту оҳ мекашӣ: чӣ шуд ба ҷайб норасидаҳо?
Ман оҳ мекашам: чӣ шуд чакидаҳои хомаам?
Ту оҳ мекашӣ: чӣ шуд чакидаҳо, чакидаҳо?

* * *

Дар ҳар ҷиҳат пиёда буд – дар назму разму базм,
Ҳар дар бар ӯ кушода буд ҷуз боби ному нанг.
Мошин харид дар дами ҳаштодсолагӣ
Мошинсавор меравад акнун ба гӯри танг...

* * *

Шукри дидорат, бародар, зинда мебинам туро,
Рафтаҳо рафтанду ман оянда мебинам туро.
Куҳнарӯзон хандаи Наврӯзро куштанд, лек
Эй гули Наврӯзи нав, пурханда мебинам туро.

* * *

Чун ба зери хок хуфтам, рӯи хокам гиря кун,
Бар равонам, бар равони тобнокам гиря кун.
То аҷал ояд, дар оғӯшат басо ҷон кандаам,
Ҷони ман, бар риштаҳои ҷони покам гиря кун.

* * *

Яке гар аҷнабӣ буда, дигар бомазҳабе буда,
Кӣ инонро бари ин боғи зебо ҳамбаре карда?
Касифе бо шарифе ҳамҷаворӣ? Нек андешед:
Яке хунрезӣ карда, дигаре хунёгарӣ карда.[1]

* * *

Боз он нигор омад, дидор тоза кардем,
Зангорабаста буд дил, зангор тоза кардем.
Дар интизорияш ман будам хуморияш ман,
Чашми хумор омад, хуммор тоза кардем.

* * *

Эй ҳайфи ман, ба сифлагон дилсӯзӣ мекунам,
Ҷон меканам, ки риштаи аҳде набарканам.
Минбаъд агар ба ин харон аз некӣ дам занам,
Аблаҳтарину хартарин фарди ҷаҳон манам!

* * *

Эй нозанини содалиқои ҳуҷистадил,
Оё чӣ шуд, ки мондаӣ зору шикастадил?
Биншаста будӣ як замон бар тахти оҷи бахт,
Ҳайфо кунун нишастаӣ бар хун нишаста дил.

1. Бардошт аз дидани ду тандиси ҳамҷавор, аммо мутазод дар яке аз боғҳои Душанбе.

* * *

Дар ин ватан чун беватан бечораам, бечораам,
Бо дарду доғи дилшикан дилхораам, дилхораам.
Оворагии сад ҷаҳон ин сон набошад дилгусил,
Ман андаруни хештан овораам, овораам.

* * *

Дар он замон, ки замони забони ғосиби дун буд,
Ту баҳри пири сухан додаӣ ғурури ҷавонӣ.
Зи моми фарру бузургии миллати тоҷик
Бузургзода бизодӣ, бузургзода бимонӣ.[1]

* * *

Асли ту гар зи ҳамин қавми сияҳпешонист,
Вой бар ту, хати пешонии ту хоно нест.
Асли ту гар зи ҳамин қавми дарунторик аст,
Дурандеш набошӣ, аҷалат наздик аст.

* * *

Ҳар дам ба рӯи бори ман сарбор мезананд,
Доғи дигар ба синаи афгор мезананд.
Гуфтам, гилеми хешро берун кашам зи об,
Лоиқ гилем шуд, ки ба девор мезананд...

* * *

Чашми ту маро ба ошиқӣ моҳир кард,
Дар олами худфурӯзиям қодир кард.
Ишқи ту накард гарчи хушбахт маро,
Хушбахтам аз он, ки ошиқу шоир кард...

* * *

Дар раҳи ишқ туро дидаму дил бохтамат,
То баландои дили хеш барафрохтамат,
Аз ғами ишқу гули ёду таби ташнадилӣ
Ман туро сохтам... Эй кош намесохтамат!

* * *

То бар сари мо чунин шӯру мағалат бошад,
Тӯли амалат рӯзе гӯри амалат бошад.
То мекунӣ захрогин ҷоми дилу коми мо,
Моҳи асалат рӯзе моҳи аҷалат бошад.

* * *

Эй хуш даме, ки соғаре бо ёр мезадам,
Такрор то бибӯсамаш, такрор мезадам.
Варзобу шӯру мастиву ман масттар аз он
Дар пои қулла қуллаи[2] саршор мезадам.

1. Бо хоҳиши Валӣ Самад андар бузургдошти Лутфулло Бузургзода гуфтаам.

* * *

Як рӯз ман зи базми шумо дур мешавам,
Дар ёдмону[3] хобҳо манзур мешавам.
Гар фахру нози ман ба шумо қимате надошт,
Ман фахру нози хилвати як гӯр мешавам.

* * *

Гиреҳ дар кори ман ҳар гаҳ бияфтад,
Бидонам он гиреҳ аз абруи туст.
Туро аз паҳлуи чап офариданд,
Агар ман чап равам, аз паҳлуи туст.

* * *

Эй дафтари пурпечухами ашъорам,
Эй мазҳари дарду синаи афгорам,
Ҳарчанд зи баъзе сафҳаат безорам,
Гумном наям, ки бо ту номе дорам.

* * *

На фармони манъ асту тазйиқу ҳукм,
На таҳдиди тир асту шамшеру теғ.
Надонам зи чӣ дар Душанбеи хурд
Нагунҷид ишқи бузургон, дареғ...

* * *

Аз асли ориён оре намондаст,
Аз Ҷоми Ҷам ба мо як куҳнаҷома монд.
Дар байни сангҳо мондем зинда, лек
Аз сангномаҳо пур нангнома монд.

* * *

На ёри «Шаҳидон», на «Озодӣ»-хоҳ,
На бо ин сипоҳу на бо он сипоҳ,
Миёни ду дунё манам рӯсафед,
Миёни ду майдон манам рӯсиёҳ...

* * *

Ҳар кас, ки буд дар паи озори Ҷӯрабек,
Ҳеҷ аст дар баробари осори Ҷӯрабек.
Бар торҳои ҷони мо оҳанг бастааст,
Оҳанги ҷони мо бувад аз тори Ҷӯрабек.
Онҳо, ки ёр будаву ноёр гаштаанд,
Донанд ҷуз худо набувад ёри Ҷӯрабек.[4]

2. Қулла – ҷом, сабӯ.
3. Ёдмон – хотира.
4. Дар маросими ҷашни панҷоҳсолагии Ҷӯрабеки Мурод бадоҳатан гуфтаам. Хуҷанд.

* * *

«Шаҳидон» расиданд аз чор сӯй,
Ҳам «Озодӣ» афзуд бо чанд гурд.
Ҷаҳон диду ангушти ҳайрат газид,
Шаҳидон фузуданду озодӣ мурд...

* * *

Шӯр шуд бахти ман аз бешӯрият,
Ҷӯр шуд сози ғам аз ноҷӯрият.
Кошкӣ якбора мекуштӣ маро,
То намемурдам зи доғи дурият.

* * *

Ошиқӣ з-оташи дил сӯхтан аст,
Хешро ҳар нафас афрӯхтан аст.
Як китобест пур аз саҳву хато,
В-аз хатоҳо сабақ омӯхтан аст.

* * *

Шаҳиди корзори нангу номус,
Шаҳиди роҳи озодии мо рафт.
На дар пастӣ зи дасти нокасон мурд,
Уқобе буд, тори қуллаҳо рафт.

* * *

Агар тири ҳақиқат ном тире
Ба олам буд, ман чун наррашере,
Ба сад ҷон гуфтаме шеъри ҳақиқат,
Ба сад дил хурдаме тири ҳақиқат...

* * *

Замони баччагӣ бемакру бефан
Пур аз чомоқи[1] пур буд кисаи ман.
Кунун дар инҳисори реву райбам,
Пур аст аз чормағзи пуч ҷайбам.

* * *

Ману ту дар ду соҳил, рӯд ҷорист,
Миёни мову ту купрук шикаста.
Ту он ҷо зеб афшонӣ ба сӯям,
Ман ин ҷо дилкашолу пойбаста.

* * *

Ба фасли ҷуфтронӣ ҳамчу омоч
Ба айёми дарав хам мисли дос аст.
Ба мисли хок пурбардору пурсабр,
Ба мисли хок умре бениёз аст.

1. Чомоқ – мухаффафи чормағз.

* * *

Маро дар кӯҳистон як зани бесавод
(Ҷояш мину бод!) зод.
Деҳи ман Мазор буд.
Ман аз Мазор берун омадам
ба мазористони орзуҳо.
Медонӣ чӣ дидам? Эй вой, эй дод!
Танҳо ёде аз орзуҳо, танҳо ёд, танҳо ёд...

* * *

Баъди ин зиндагии гӯрмисол
Соҳиби гӯри замин хоҳам шуд.
Дили захмӣ бибарам бар дили хок,
Захми носури замин хоҳам шуд.

* * *

Ин ҷаҳон аст як дилозоре,
Лак-лак инсон аз ӯ дилозурда.
Батни хок аст пур зи мурдаи ҷисм,
Матни хок аст пур зи дилмурда.

* * *

Фанди офоқ хурданам кофист,
Ранҷи айём бурданам кофист,
Мурдани ростин, куҷоӣ ту?
Ҳар дам аз дард мурданам кофист!

* * *

Дар нишасту хост байни хосу ом
Ҳар кӣ моро хоксор ангоштаст,
Зери лаб гӯед бар аҳли румуз:
Хоксорӣ ҳам ғуруре доштаст.

* * *

То ба ҳол офтоб агар ҳар субҳ
Шамъаки ҳиратобро куштаст,
Шамъи моро ҷасоратест баланд,
Шамъи мо Офтобро куштаст...

* * *

Ранҷидӣ агар зи модари даҳр,
Ханҷар бикашӣ ба модари хеш?
Зӯрат нарасад агар ба душман,
Осон бикушӣ бародари хеш?

* * *

Бо шумо гоҳ ҳамнишин будам,
Бо шумо низ бода хурдам ман,
Нонатонро агар наяфзудам,
Номатонро баланд кардам ман.

* * *

Суҳбати аввали мо дар сари роҳ
Монд дар хотири Моҳ.
Бӯсаи аввали мо дар лаби рӯд
Монд чун байти суруд.
Баъд аз он буд ҳама қиссаи мо
Қиссаи буду набуд.

* * *

Кавдано, баҳс баҳси Эрон нест,
Баҳси ман аз табори хештан аст.
Оташи форсии ту – табхол,
Оташи форсии ман сухан аст!

* * *

Ҷуста болои ту боло рафтам,
Раста аз ҷумлаву танҳо рафтам.
Ваъдаи бӯса лаби дарё буд,
Ман ба лаббӯсии дарё рафтам...

* * *

Дидам ҳама меҳнату ҷафо ман,
Боре набудам зи ту ризо ман,
Ин қадр гирифтӣ сахт бо ман,
Эй зиндагӣ, ё ту бош, ё ман!

* * *

Дар ҳошияи китоби умрам,
Эй хома, навис байти охир:
Ӯ шоири нодире набуд, лек
Дилбохта мурд мисли шоир!

* * *

Ҳар нафас уммедҳоро мекушанд,
Бардагон Ҷамшедҳоро мекушанд.
Қатра уқёнусро балъидааст,
Шамъакон хуршедҳоро мекушанд.

* * *

Гаҳ зи биност кӯр бинотар
Кӯр якумр роҳ меҷӯяд.
Чу бипурсӣ аз ӯ: шутур дидӣ?
Гар бидидаст, «на» намегӯяд.

* * *

Панҷ милярд одами ошуфтаҷон
Мечарад андар чарогоҳи ҷаҳон.
Ҳар қадар миқдори ӯ бисёр шуд,
Он қадар миқдори ӯ ҳам хор шуд.

* * *

Шунидам пири ботадбир мегуфт,
Ки андар бехудӣ худро шиносед.
Замину осмон паҳновар, аммо
Шумо аз бехудӣ аз ҳад наёзед.

* * *

Зи ишқу ормонҳои ҷаҳонӣ,
Зи умри ҷовидонӣ буд ҳадисам.
Пас аз девонагиҳои ҷавонӣ
Кунун «Девони пирӣ» менависам.
Аҷаб набвад, ки то поёни девон
Ба поён мерасад умри азизам...

* * *

Ҳар қадар кӯшӣ, ҳар қадар ҷӯшӣ,
Ҳар қадар созӣ, ҳар қадар сӯзӣ,
Байни ин теғаҳои бепарво
Бинията теғ мекашад рӯзе...

* * *

То бапо маҳдудаи обу гил аст,
Пой дар гил одами соҳибдил аст.
Хонаи говон бубинӣ хушҷиҳоз,
Хонадони оқил андар оғил аст.

* * *

Ман зи ту ҳамзабонӣ мехоҳам,
Равиши ҳамравонӣ мехоҳам.
Ҳамнишинист маҳзи як лаҳза
Ман зи ту ҳамнишонӣ мехоҳам.

* * *

Кай шавад рӯзгор беҳ моро?
Рӯзгоро, забун манеҳ моро!
Сарфамон сифру наҳвамон маҳв аст,
Эй худо, Деҳхудо бидеҳ моро!

* * *

Гар ту бо лутфу ноз бархезӣ,
Рӯи тобут ман нахоҳам хуфт.
Дар лаби гӯр гар бибӯсӣ лабам,
Боз байтулғазал тавонам гуфт.

* * *

Ҷустуҷӯ марги дамодам будааст,
Ҳар чӣ ёбад одамӣ, кам будааст.
Ин ҳама ноодамиҳое, ки ҳаст,
Ёдгор аз нафси Одам будааст.

* * *

Миллати пешвонапарварда,
Миллати пешвонаёварда,
Пешвоёнт пешпохурда,
Пешвоёнт пеши по мурда.

* * *

Рафтам имрӯз бар ҳузури кӯҳ,
Кӯҳ оҳе кашиду ҳайрон шуд.
Ғами сангини халқро гуфтам,
Дар паси сангреза пинҳон шуд...

* * *

Эй ситорагони само,
Мо шуморо менигарем,
Мо шуморо мешумарем
Дар навмедиҳо
Аммо чаро шумо
Ситорагони заминро
Намешумаред,
Намебинед
Ва дар радифи худ намегузинед?

* * *

Ман дастакони кӯдакро дӯст дорам,
Зеро то даст бар сари олам бизанад,
Даст бар сари худ мезанад.

* * *

Ба самимияти як ғунчаи гул,
Ба самимияти як оҳи насим,
Ба самимияти як хӯшаи гандум
Боварам бештар аст, эй мардум.
Ба шумо? Алвидоъ, ман рафтум!

* * *

Ин ду-се тан, ки соҳиби мизанд,
Чизнодидагони ночизанд.
Гар биёянд бар сари давлат,
Бар сари давлат об мерезанд.

* * *

Кай ҷон ба ҷонон мерасад,
Гул бар гулистон мерасад.
Дар ҳасрати оғози ишқ
Умрам ба поён мерасад.

* * *

Ман дарё набудам,
Вале рӯдҳоро ба дарё роҳ намудам.

* * *

Мо ба ҷое гул накиштем,
Гул агар хандид, куштем.
Рӯи дарё пул набастем,
Ҷумла пулҳоро шикастем.

* * *

Ин дарё на он дарёст,
Ҷигари обгаштаи мост,
Ки ҷорист.
Кадом биёбонаш мебалъад? –
Пайдо нест.

* * *

Ҳамсояҳо бесоянд,
Ҳампояҳо бепоянд.
Розӣ набошӣ гар зи худ,
Сармояҳо бемоянд.

* * *

Зи фанди чанд нобобе
Замон шуд чархи дӯлобӣ.
Раҳи фардо намебинӣ,
Раҳи хона намеёбӣ.

* * *

Рафтам суроғи ошиқон
Дар кӯчабоғи ошиқон,
Дидам шукуфта ранг-ранг
Як боғ доғи ошиқон.

* * *

Куҷост он камонкаше,
Куҷост тири орашӣ,[1]
Ки мову ту ба ҳам расем,
Худойро, чӣ бекасем...

* * *

Ман маҷрои рӯдҳоро дигар кардам,
Аммо хулқи халқи худро?...
Аз ин доғ мурдам.

1. «Ораш – паҳлавони камондор аз лашкари Манучеҳр. Манучеҳр дар охири давраи ҳукмронии хеш аз ҷанг бо фармонравои Тӯрон – Афросиёб ногузир гардид, нахуст ғалаба Афросиёбро буд ва Манучеҳр ба Мозандарон паноҳид. Лекин сипас бар он ниҳоданд, ки диловари эронӣ тире гушод диҳад ва бад-он ҷой, ки тир фуруд ояд, марзи Эрону Тӯрон бошад. Ораш ном паҳлавони эронӣ аз қуллаи Дамованд тире бияфканд, ки аз Бомдод то Нимрӯз бирафт ва ба канори Ҷайҳун фуруд омад ва Ҷайҳун ҳад шинохта шуд.» (Луғатномаи Деҳхудо).

* * *

Ман чанд баҳорро дидам?
Чанд баҳор маро дид?
Бидруд, эй диду водид!

* * *

Бахту дили доро куҷост?
Ишқи ҷаҳоноро куҷост?
Он, ки ба нархи сад ҷаҳон
Ёбад дили моро, куҷост?

* * *

Дарди бедаво дорам,
Умри бебақо дорам,
Ишқи бевафо дорам,
Дасти норасо дорам,
Бо ин ҳама пирӯзӣ
Такя бар худо дорам.

* * *

Ман сафедор коштам,
Бор надод,
Ман зардолу коштам,
Бор дод.
Аммо ҳар ду хазон шуданд.
Дар поиз.
Медонӣ, чӣ мегӯям?

* * *

Аз роҳ мегузаштам,
Аз рӯ ба рӯ ғам омад:
Як пирмарди мафлук
Бо қомати хам омад.
Гуфтам: куҷо равонӣ?
Аз рухсораш нам омад.

* * *

Мурдани некон барои дилсиёҳон зиндагист,
Зиндагии дилсафедон марги наҳси каҷдил аст.

* * *

Эй гули пажмурда, аз кокул фитодӣ, хайр бод,
Ҷои ту садбарги хандон зеби кокул мешавад.

* * *

Маро нашнохтӣ, ҳайҳот, ҳайҳот!
Зи дил рафтам, чу аз чашмат бирафтам?

* * *

Моро назар ба хайр аст аз ҳусни моҳрӯён,
Ҳар к-ӯ ба шар кунад майл ӯ худ башар набошад.

* * *

Модар намуд халқам, бахшид зиндагонӣ,
То ки ба ёд орам он хокхуфтагонро.

* * *

Бузургон содагонро дастёрӣ медиҳанд эй бас,
Валекин содагонро бо бузургон дастёрӣ нест.

* * *

Дирӯза наҷибам ман, имрӯза ғарибам ман,
Дар доми фиребам ман, эй ёр, маро дарёб!

* * *

Ту гар сарлашкаре дорӣ, маро сардафтаре буда,
Миёни ин ду сар милён сареро метавон бифрӯхт.

* * *

Басо дарёдиле хондем худрову надонистем,
Ки моро нест дасту домане то домани дарё.

* * *

Шири синаат, модар, шеъри синаи ман буд,
Шири синаат хушкид, шеъри синаи ман мурд.

* * *

Бо содагии кӯдакӣ мову ту кай варзем ишқ?
Ман ёди тифлӣ мекунам, ту ёди тифлон мекунӣ.

* * *

Қадри тиллоро физоянд аз замин то осмон,
Хомушӣ тиллост, ин тилло чаро қимат нашуд?

* * *

Чӣ мефахрӣ аз он кӯҳе, ки то зонуи ман бошад,
Намедонӣ ба зери баҳр пинҳон қуллаҳое ҳаст!

* * *

Ҳар чӣ гум кардам ба олам, ҳар чӣ хоҳам беҳ ҷуст,
Ҷумларо дар хонаи чашми ту меёбад дилам.

* * *

Ҷавониям ба пирӣ мегуселонад маро ҳар сол,
Вале ман бе ҷавонӣ мегуселонам ҷавониро.

* * *

Ман, ки даъвогар наям ҳатто ба ҳоҷи хештан,
Бо чӣ рӯ аз баҳри ҳоҷи дигарон даъво кунам?

* * *

Ин манам дар ҳасрати мӯи сиёҳат мӯсафед,
Ин манам дар фурқати рӯи сафедат рӯсиёҳ.

* * *

Мавҷи дарё дар забонам, шӯри дарё дар дилам,
Дар лабонам муҳри дарду розҳои соҳил аст.

* * *

Чарху дуки модарам, бар ман бубахш,
аммо бубин:
Чарху дуки дигарон чархи фалакҳоро гирифт!

* * *

Хуш ба ҳолат, эй дил, имшаб ваъдаи оғӯш ҳаст,
Лек он ҳолат намедонам, ки ҳолат чун шавад.

* * *

Ман диламро об кардам, то сухан шодоб бошад,
Қатра аз ҷӯи сухан деҳ вақти мурдан дар гулӯям!

* * *

Ман шоирам, вале суханам баста дар даҳон,
Вақте сухан диҳӣ, ки забонам гирифта аст.

* * *

Маро намехарад касе, маро намебарад касе,
Чӣ ҳол дорам, эй худо, чӣ ҳол дорам, эй худо.

* * *

Аз дасти инқилоб куҷо метавон гурехт?
Аз дасти инқилоб худо ҳам халос нест!

* * *

Эй зиндаёд, бо ҳама дилмурдагон бигӯ,
К-ин зиндагӣ фароғати якчанд мурда нест!

* * *

Баҳори ишқи маро навбаҳори ҳуснат кушт,
Маро ба ёд биёр, ар баҳори нав бинӣ.

* * *

Бозии ҷони хешро дар ҳар нигоҳат дидаам,
Оинаи ҷон чашми ту, оинагардон чашми ту.

* * *

Хашми фурӯхӯрдаам қуббаи хокам шавад,
Оташи бетобиям сардии гӯри ман аст.

* * *

Дунё гузаштааст, вале мо ҳанӯз ҳам
Дар интизори навбати дунё ситодаем.

* * *

То рафтаам зи ёди ту, ёдам намекунанд,
То рафтаам зи дасти ту, аз по фитодаам.

* * *

Агар рахти сафеди ту ба ту бахти сафед орад,
Сияҳбахтии ошиқро ба оҳе метавон бахшид.

* * *

Дар сафҳаи беранге шеъре ба ту лоиқ нест,
Дар сафҳаи барги гул тавсифи ту бояд гуфт.

* * *

Санҷидаву дидем, басо таҷриба кардем,
Ҳам лаъл ба каф н-омаду ҳам ёр биранҷид.

* * *

Ҷавониям миёни кӯҳҳо рафтаст гулчинӣ,
Хаёлам, боз меояд ба каф гулдастаи тоза...

* * *

Аз зиндагию даҳшати тӯфони он магӯй,
Зеро ки ман зи киштии Нӯҳ омадам бурун.

* * *

Соҳиби арзу самой, лек соҳибдил най,
Вой бар ҳоли ту, эй соҳибҷаҳони беҷаҳон.

* * *

Гаштаю баргашта боз пурсам аз ин рӯзгор:
Панҷаи вомондаам шонаи зулфони кист?

* * *

Ман аз диёри хазону ту аз диёри баҳор,
Худо кунад, ки баҳору хазон ба ҳам созанд.

* * *

Ё магар ду тифли ҳамзоданд аз рӯзи азал
Раҳбарӣ бо раҳзанию сарварӣ бо сарбурӣ?

* * *

Эй шаҳри ҳеҷ кас, ҳама рафтанд аз барат,
Аз ҳеҷ кас ба ҳеҷ кас додат намерасад.

* * *

Рафту баргашт агар дар ғазали Ҳофиз ҳаст,
Рафту баргашт надорад сафари охиратӣ.

* * *

Нагсилад пайванди мо аз рӯзгори ошиқӣ,
То манам дар орзуи абруи пайвасти ту.

* * *

Гар сад ҳазор хирманам, муҳтоҷи донае,
Гар сад баҳор гулшанам, муҳтоҷи як гулам.

* * *

Эй навҷавони пирдил, бо ҷому бода соз,
Ман бода мехурам, аз он пири ҷавондилам.

* * *

То дилам об нашуд, об нашуд ҳеҷ диле,
Дили ман об ки шуд, аз дили танҳо чӣ суд?

* * *

Даврони хокбозии тифлии ман гузашт,
Акнун ба хок меравам хоки ҷаҳон ба сар...

* * *

Чу ман мирам, миёни ҳамдигар гӯед, ки Лоиқ
Дар оғӯши замин бо бӯяҳои осмонӣ рафт...

* * *

Муште маро задию биболӣ зи бозуят,
З-ин бехудӣ мабол, худо мезанад туро!

* * *

Ман ин кафкӯбиҳоро дидаам бисёр,
Ки подоши ҳама дилкӯбиҳо буданд.

* * *

Сад ифтихор кунӣ ҳам зи рӯди хушкида,
Дареғ, ташнагиятро шикаста натвонӣ.

* * *

Беҳин мероси ман аз дори дунё
Ҳамин як пора шоли модарам буд.

* * *

Дӯстон, оинарӯе чу ба сӯям нигарад,
Ҳамаи оинаҳоро ба шумо мебахшам.

* * *

Ин хок агар хоки бузургон бошад,
Тарсам, ки маро ба синааш напзирад.

* * *

Эй ишқ, рӯ ба рӯи ту мардона будаам,
Қадри маро надонӣ агар, кӯр мешавӣ.

* * *

Гар бимирам ман, бимирам бедареғ
Пеши пои одамони зиндадил...

* * *

Ҳама бишнохтанат охири кор
Мисли нодидану нашнохтан аст.

# МУНДАРИҶА


Абдунабӣ Сатторзода.
Мероси дили шоири дилдода ва озода ............ 5

ШЕЪРҲО
Ном ............ 17
Қуфл ............ 17
Зарафшон ............ 17
Хандаи ҷонона ............ 18
Туро дид дилам ............ 18
Суруди сулҳ ............ 18
Меҳр ва зар ............ 18
Арча ............ 19
Сабзаи баҳор ............ 19
Меравӣ? Не, не марав асло зи паҳлӯям, нигор ............ 19
Ба дӯстам Дӯст ............ 20
Ёди як ҳамсабақи марҳумам ............ 20
Хайр! ............ 21
Илтиҷо ............ 21
Зиндагӣ, бинмо ба ман роҳи сафед! ............ 21
Сӯи саҳро лолачинӣ рафт ӯ ............ 21
Достони нотамом ............ 22
Ман шуморо ёд кардам, дӯстон! ............ 22
Зиндагӣ (1) ............ 23
Хотира дар пушти расм ............ 23
Хайр, эй рӯзи гузашта ............ 23
Ист як дам ............ 23
Лаҳзаи падруд ............ 24
Ҷавонӣ гӯиё мисли суманбод ............ 24
Ҷавонӣ дода меҳратро харидам ............ 25
Эй ситора, эй ситора, баъд аз ин хомӯш шав ............ 25
Орзуям буд дилро дар ҳаёт ............ 25
Чу Ансорӣ ба рӯи тахтасанге ............ 25
Рафтӣ, рафтӣ, дилбари оташнигаҳ ............ 26
Эй мояи хирад, чаро хомӯш мешавӣ ............ 26
Мавҷҳо ............ 27
Завқи дидор ............ 27
Во ҷавонӣ! ............ 27
Худои суғдиёни бостонӣ ............ 28
Аз куҳистонӣ, зи фасли кӯдакӣ ............ 28
Дар ёди шараф ............ 29
Ҷавонӣ меравад.. ............ 29
Худфурӯзӣ ............ 29
Дар лаби дарё ............ 30
Чашмаи дилёб ............ 30
Занги охирин ............ 30
Солҳои студентӣ ............ 31
Ҳасад ............ 31
Марҳабо, пои муборак! ............ 31
Ёд дорӣ? ............ 32
Зарафшон меравад сӯи Бухоро ............ 32
Андешаҳои мӯйсафед ............ 33
Ошиқ ............ 33
Раҳрави зиндагӣ ............ 34
Хоҳамат рӯзии пароканда ............ 34
Кишвари баркамол ............ 34
Рӯҳи Неҳру ............ 35
Мукофот ............ 35
Маъшуқа ............ 36
Розҳо ............ 36
Дар базм ............ 37
Чунин беқайду беларво шудӣ ту? ............ 37
Сатрҳои нотамом ............ 38
Гумон дорӣ, ки баъди бо ту будан ............ 38
Муҳаббати аввал ............ 39
Дидгоҳи хотира ............ 39
Роҳи дилҳо ............ 40
Торҳои нонавохта ............ 40
Андешаҳо дар сари субҳ ............ 41
Эй дили пурорзу, ғамгин машав ............ 41
Хотира дар пушти сурат ............ 42
Нӯшбод ............ 42
Суруди хайрбод ............ 43
Ҷавонӣ ............ 43
Паймонаи муҳаббат ............ 44
Охирин некӣ ............ 45
Ман ӯро мешиносам ............ 45
Дар нимароҳ ............ 45
Ғанимат ............ 46
Ҳасрат ............ 46
Ошиқам бар сари афрохтае ............ 46
Чароғатро фурӯзон кун ............ 47
Биҳишти гумшуда ............ 47
Маро хушбахт кун, эй гул ............ 48
Фарзанди кӯҳсор ............ 48
Захмҳо ............ 49
Ту хушбахтӣ? ............ 49
Эй кабки дарӣ ............ 50
Тирамоҳ ............ 50
Ватан ............ 50
Замини меросӣ ............ 51
Қалам бо он камию кӯтаҳияш ............ 52
Буриданду ба гӯрат чӯб карданд ............ 52
Чӣ бояд бар тани мурда либоси шоҳӣ пӯшонданд ............ 52
Эй ҷавонӣ ............ 52
Ақрабакҳои соат ............ 52
Ман он сайёди гӯлу сода будам ............ 53
Зиндагӣ (2) ............ 53
Баччагӣ ............ 54
Кӯҳистон ............ 55
Думбура ............ 55

Ба чашми ту ....56
Мӯйсафедон ....56
Киштии фардо ....57
Ҷогаҳи холӣ ....57
Одами хокӣ ....58
Духтари рустоӣ ....59
Баҳори кӯҳистон ....59
Суруди ифтихор ....60
Деҳқони хокпош ....60
Роҳи қуллаҳо ....61
Кабӯтарҳо ....61
Ту бошию ману ин кӯҳсорон ....61
То дили шаб сайру гашти боғҳо ....62
Тоҷи арӯсӣ ....62
Ҳар чӣ арзон бошад, онро дар масал ....63
Муҳаббат чист? – мепурсидӣ аз ман ....63
Достони дастҳо ....63
Китоби сангин ....64
Суруди меҳнат ....64
Кӯзаи ормон ....65
Маро як фол зан, эй лӯлидухтар ....65
Шеъри нав ....66
Ҷашни ҳаждаҳсолагӣ ....67
Замин (1) ....67
Ёди зодгоҳ ....67
Чу хонам шеърҳои тозапардоз ....68
Зангӯла ....68
Бимон, то дар дили покат дили ман ошён монад ....68
Дӯстон, хушбахт бошед ....69
Ҳар он к-ӯ мард буду заҳрае дошт ....69
Онҳо, ки замини модаронро ....69
Руҷӯи достоне, ки ҳаргиз наметавонам навишт ....69
Корвони кӯҳҳо ....70
Силсила ....71
Боз як рӯзам гузашт ....71
Ман намемирам ....72
Ман ҷавонам.. ....72
Тарона ....73
Ғазали дарё ....73
Маро дар кӯчаҳои шаҳр бинӣ ....74
Хонаҳои баланду шаҳроро ....74
Баҳорон буду як шомеву борон ....75
Рӯи саҳна тарона мехондӣ ....75
Моҳии тилло ....75
Бо ту будам як шабе танҳо ба танҳо то саҳар ....76
Туро рӯзе ман аз тақдир медуздам ....76
Ишқи аввал – ғӯраи сармозада ....76
Даштҳо пурсукуту холиянд ....77
Боз мехоҳам, ки аз нав кӯдаки нодон шавам ....77
Нарафт ӯ як қадам берун зи Шероз ....78
Чу афтад ахтаре аз боми гардун ....78
Равам бегаҳ, лаби дарё нишинам ....78
Барои устод Боқӣ ....79
Чашмҳояш ....79
Дилро кушо ба ман ....79
Ҳусн ....80
Барои Сорбон ....80
Барои Маҳмуди Воҳид ....81
Раққоса ....81
Одамизод шири хомхурда ....81
Қадди одам ба лаҳзаи мурдан ....82
Ало, шодоб соҳилҳо ....82
Замин (2) ....83
Бӯалӣ – бихради накӯфарҷом ....83
Араб гӯянд Синоро гурӯҳе ....83
Ман аз ин қофияпардозиҳо бисёр дилгирам ....84
Користон ....84
Бинам, ки дар мағозаю бозорҳои шаҳр ....85
Дил ....85
Ғазале барои худ ....87
Душанбе ....87
Ватан ....88
Кӣ дар овони ҳаждаҳсолагияш ....88
Ало, эй дилбари дар бехудӣ гумкардаам, боз о! ....89
Омӯзгор ....89
Гарчи ҳамсояему ҳамдаврон ....90
Ба ҳар ҷое, ки ман рафтам ....90
Рӯзҳо мегузаранд ....90
Раҳгузар ....91
Аз хато, аз ғурур, аз таъхир ....91
Ҷуфти ҳамбол ....92
Имшаб аз кӯчаи хаёлам боз ....93
Гарчи мониқалам Рафоэлло ....93
Баҳоре буд ....93
Ман хушомад мезанам бар қуллаҳо ....94
Ошиқоне баланд мегӯянд ....94
Касе бо ту ғами дилро нагӯяд ....95
Мо ҳама дар чорсӯи зиндагӣ ....95
Бонги ожир ....95
Ҳамдарди кӯҳистон ....96
Таманно ....96
Рӯдҳои кӯҳистон ....97
Қадри шоир ....97
Марсияи хуршед ....98
Кӯҳистонӣ ....99
Қарзи фарзандӣ ....99
Илтиҷо аз дилсозон ....99
Деҳи кӯчида ....100
Қатли дарё ....100
Забони пайғамбарон ....101
Ганҷи кӯҳсорон ....101
Баландиҳо ....101
Ситораи саҳарӣ ....102
Айнӣ ....102
Ганҷи сармад ....103
Бахти сафед ....103
Ситораҳои сӯхта ....104
Ҳамосаи бародарӣ ....104
Таърих гувоҳ аст.. ....105
Кӯҳҳо ....106
Оли Сомон ....106
Баъд аз ҳазор сол ....106
Дар боғчагӣ ....107
Духтари тоҷик ....107
Замини тоҷикон ....108
Хоки падарон ....108

Тобистони Варзоб ........ 108
Шоире қолабист эҳсосаш........ 108
Ҷавонмардӣ........ 109
Пунба ........ 109
То дил накунад дард, надонӣ, ки дилат ҳаст........ 110
Шукронае барои Душанбе ........ 110
Қарздорем аз осмону замин ........ 110
Китобҳои шаҳид........ 111
Ту ҳам он нестӣ, ман ҳам на онам ........ 111
Эҳтиёҷ........ 112
Рангҳо ........ 112
Гузашта........ 113
Ба ёдбуди Гагарин........ 113
Ҳамсолони паровари ман........ 113
Ман аз як санг бинам кӯҳсорон ........ 114
Оқибат мерасам ба он манзил........ 114
Баччагиям бекасу танҳо гузашт ........ 115
Боз як рӯзи ғаму шодӣ гузашт........ 115
Ҷавонии падарон........ 115
Чу табболе шабе борони хашмӣ........ 116
Ту, эй гаҳвораю тобути ишқи ман! ........ 116
Ногаҳон – он сон ки борад шохборон........ 116
Дар Варзоб ........ 117
Борони тирамоҳ........ 117
Барфу борон рехт дарҳам ҳамчу дарди ошиқӣ ........ 118
Тирамоҳ асту барг мерезад........ 118
Дар зарҳали уфуқ хуршед ғарқ шуд........ 118
Эй хушо, афсонаҳои ошиқӣ ........ 118
Ҳар ғуруб оям лаби рӯди равон ........ 119
Шукр гӯям зиндагиро бо ҳама ширину талх ........ 119
Ҳар касе буд зиндагиафрӯз ........ 120
Ба журналист ........ 120
Афсонаи ҷавонӣ ........ 121
Зиндагӣ (3)........ 121
Миёни ин ҳама ғавғои ҳастӣ........ 121
Танҳоӣ ........ 122
Падарам, эй падари деҳқонам........ 122
Шеър гӯям, ошиқе чун арзи дил ........ 122
Зи ҳар кӯҳе бигирам резаи санг ........ 123
Ман зиндаам ба хотири дидори орзу........ 123
Роҳ бинанд ҷониби куҳсор........ 123
Рафтанд то само ........ 124
Миннати он даме, ки мо бо ҳам........ 124
Борон... борон... борон.. ........ 125
Хоки ватан ........ 125
Аҳмади Дониш........ 126
Варзоб. Шаби маҳтоб........ 126
Сӣ баҳори умри ман андаргузашт........ 126
То дар ин дунёи навбат ҳаққи навбат бо ман аст........ 127
Он лаҳза, ки дар хонаю дар шаҳр нагунҷӣ ........ 127
Рез, борон, рез, борон!........ 128
Дидори офтоб........ 128
Ёде аз баччагӣ ........ 128
Суғдиён ҳар гаҳ ба кӯи дӯст меҳмон мешуданд........ 129
Роҳҳо ........ 129
Чун ту бисёр дилбарон буданд ........ 130
Ту ҷавонӣ, ҷавоният зебост........ 130
Гули хайрию гули бобуна ........ 131
Духтари хоназоди хатлонӣ........ 131
Ба хотираи Ғоиб Сафарзода........ 131
Ифтихор........ 132
Аз файзи ҳамал чу набзи ошиқ ........ 132
Ин кӯҳи чу шоири хаёлӣ ........ 132
Димоғи хеш тар карда ба барфу тармаи Анзоб........ 133
Дар гирди хони Наврӯз хешу табору ёрон........ 133
Рӯ ба рӯ бо хештан дар хилвати андешаҳо ........ 133
Ба ҷои тасаллӣ........ 133
Агар рӯде бихушкад, боз рӯде ояд аз куҳсор........ 133
Намаки халқ........ 134
Ғазали боғбони пир ........ 135
Гили ту аз гили шеъру суруд аст........ 135
Дар ҷанозаи ҳамсолам........ 136
Эй тасаллои ҷони пазмонам ........ 136
Ошиқон – шоирони бедевон ........ 136
Хонуми сабз, сабзтар бошӣ........ 137
Сояҳои ғуруб ........ 137
Ошиқам, гар бо манӣ, гар бе манӣ........ 138
Дили девонае дорам, намедонам чӣ мехоҳад........ 138
Зиндагӣ як бор бар чанги ман афтоду раҳо шуд ........ 138
Чаро бояд занам лофи муҳаббат?........ 139
Хокрӯб ........ 139
Буд агар Хайём ҳамдаврони мо........ 139
Бар Хиросимаю Нагасаки........ 139
Гӯри ронанда ........ 140
Шоири набардҳо........ 140
Оҳ, эй дӯшизаи кӯдактабъ ........ 141
Ту осмони манӣ ........ 141
Хоҳам биканам номи туро дар тани ҳар кӯҳ........ 141
Дар он соат........ 141
Ало, эй Шаҳрзоди ман........ 142
Ҳеҷ мебинӣ, ки аз тақвими умр........ 142
Ширмаҳтоби ғуборолуда ........ 143
Чанд рӯзе бо хумори ошиқӣ ........ 143
Агар ишқи ту мардеро ба манзил бурд, хушбахтӣ ........ 143
Ман зиндагии хешро бо ту шинохтам ........ 144
Як шаб аз қисмат гурезам пеши ту........ 144
Баҳор мешавад........ 144
Ману ту тирамаҳ гулчинӣ рафтем........ 144
Ман аз чашми ту метарсам........ 145
Дар ҷангалистон ........ 145
Ҳар чӣ мебинам ба олам шоирона ........ 146
Ин ҷаҳони чорунсур аз азал........ 146
Дидаам дилрезаҳое, ки радифи дил нашуд ........ 147
Чун бубинам, ки сарфарозонро........ 147
Сабзаи сӯхтаи манзараҳо........ 147
Замони беғубори баччагиям........ 148
Ба гӯшам мерасад ҳар гоҳу бегоҳ........ 148
Чу ман ҳам одамизодам........ 149
Агар хоҳӣ, ки навмедам набинӣ........ 149
Ҳарчанд ки вопеш равонам ба раҳи умр........ 149
Сангро бардоштан душвортар ........ 150
Хабар доред оё, ҳазрати Лоиқ........ 150
Мардуми деҳ хона месозад ҳама соли дароз ........ 151
Суруди мавҷдори рӯди Варзоб........ 151
Барои Убайд Раҷаб........ 151
Вопасин нафаси Хайём ........ 151

Шеъре, ки хоб дидам .......... 152
Барои фардо .......... 152
Ду масчоҳӣ дар овринг .......... 152
Меҳвари дунё .......... 153
Дуои борон .......... 153
Рӯзгори ошиқии мо гузашт .......... 154
Ишқҳои мурдае дар синаам .......... 154
Пахтачини пир .......... 155
Пойтахти бахти ман .......... 155
Як шабе бехаёл дуздона .......... 156
Гиёҳҳои худрӯй .......... 156
Аввали ишқ – осмони баланд .......... 156
Гӯристони Хайра .......... 157
Чашми деҳқон .......... 157
Фарҷоми як ишқ .......... 158
Ҷавоб ба номаи Сулаймон Лоиқ .......... 158
Яъс .......... 159
Дидоргоҳи дерин .......... 159
Барои бадхоҳе .......... 160
Оҳ, эй зан, зани оташбунёд .......... 160
Тақлиди Мавлавӣ .......... 161
Куҷо рафтӣ, ҷавониям? .......... 161
Боз аз дур туро дидаму рафт .......... 162
Фахрия .......... 163
Боз як мушт .......... 163
Пештар .......... 164
Мадҳияи аҷал .......... 164
Алқасва .......... 165
Ё шабе дар оғуши ёр .......... 165
Қасидаи миллион .......... 166
Ҳайф шуд, ҳайф шуд ҷавонии ту .......... 167
Агар .......... 167
Ҷавонмаргони шеъру шоирӣ! .......... 168
Рӯз аз рӯз умр мегузарад .......... 168
Саҳар чун офтоб аз хоб бархезад .......... 169
Як замоне .......... 170
Дар дили ман чи мурдаҳо зинда .......... 170
Биё, ки бахти ҷавонро ҷавон ба бар гирем .......... 170
Тавлид шавам агар дубора .......... 170
Ин ишқи дилгудоз, ки эҳсони зиндагист .......... 171
Оваҳ, оваҳ, чи тирамоҳе буд .......... 171
Оби Севан .......... 171
Нафрин .......... 172
Чаҳор бӯса .......... 172
Эй умеди дили саргаштаи ман .......... 172
Ишқи ту дар дили ман пир шуда .......... 173
Рақси ту .......... 173
Дидам ӯро боз баъди чанд сол .......... 173
Боз омадӣ ба хилвати андешаҳои ман .......... 174
Хаёли дидани рӯят хаёли хушбахтист .......... 174
Дилам он қадар мастӣ хоҳад имшаб .......... 175
Ишқи ту камтар зи дарёе набуд .......... 175
Занг бандад даруни сина дилам .......... 175
Бо ту дарёфтам, ки то имрӯз .......... 176
Дили ман чун гули даврони хеш аст .......... 176
Ҳар гаҳе чун ахтари иқболи ман .......... 177
Зи бахти гумшуда чун оварам ёд .......... 177
Дар хобҳои равшану поки биҳиштиям .......... 177
Гарчи медонам, ки дастам кӯтаҳ аст .......... 178
Аввалин шеърам ту будӣ .......... 178
Аз ғурури ту ғурури ман баланд .......... 178
Ба хаёлам, агар набошӣ ту .......... 179
Ҳамчунон дар тамоми давру замон .......... 179
Хуш меҳнатест ишқат, эй меҳнати дили ман .......... 179
Агар ёбам ҷавонии дубора .......... 179
Барои он ҳама дунёи эъҷоз .......... 180
Ҳар гаҳ, ки бо туям, рӯҳам пур аз сафост .......... 180
Баҳоре буду маҷнунбеди навбарг .......... 180
Он шом зи пушти боғи кӯҳӣ .......... 181
Ба милисаи раҳбон .......... 181
Эй насими биҳиштии дарё! .......... 182
Пирӣ .......... 182
Чун дарахтон дӯст дорам ман заминро .......... 182
Шеъре дар бемористон .......... 183
Ту ногаҳ омадӣ дар олами ман .......... 183
Ишқи ту чун насими субҳонӣ .......... 184
Ту барои дили ман тозаву тар .......... 184
Ёри деринам ба зери хок рафт .......... 185
Аз куҷо омадӣ, эй чашмаи нур? .......... 185
Наврӯзи ман бе ту гузашт .......... 185
Дар мадори ҳама ин дору мадор .......... 186
Як рӯзи бекасӣ .......... 186
Ман барои ту дилам месӯзад .......... 187
Сода будам, бахудо, сода, ки зуд .......... 187
Боз омад тирамаҳ бо баргҳои зарди хеш .......... 187
Ҳар гаҳе бо ханда бикшой лабатро .......... 188
Пас аз чандин сабуриҳо .......... 188
Шикастабанд .......... 189
Дилсӯзӣ .......... 190
Ҳаббазо, дар ҳастии беранги ман .......... 191
Боз гуфтӣ, ки баҳоре бигузашт .......... 192
Дар муҳити доругири зиндагӣ .......... 192
Шоир набувад касе, ки дар дил .......... 192
Ифтихор ва эътироз .......... 193
Ошиқат будаму ишқам дар дил .......... 195
Устоди мушфиқи мо .......... 196
Аъмо .......... 197
Илтиҷо қабл аз тарки дунё .......... 197
Ҷавоб ба номаи як духтари фурӯхташуда .......... 198
Шеъри сафеди «Тиллои сафед» .......... 199
Умри булбул .......... 202
Ғуруби офтоби ҳуснат омад .......... 202
Дуоҳо аз роҳҳо .......... 203
Қасидае барои сапеда .......... 204
Оҳ, агар боз туро медидам .......... 206
Баъди чанде, ки басо об зи сарҳо гузарад .......... 206
Худ ба худ хандида мерафтӣ зи роҳ .......... 207
Соате, ки ту ҳадяам кардӣ .......... 207
Хуштарин рӯзи ҷавониям буд .......... 207
Ман туро дар чашм аз шаҳре ба шаҳре бурдаам .......... 208
Омад ӯ аз раҳи хаёли ман .......... 208
Аз Боми ҷаҳон, аз номи ҷаҳон .......... 208
Ниҳеб .......... 211
Ман дар ин дунё чӣ дунё доштам? .......... 211
Номаҳоят .......... 212
Гоҳ-гаҳ содагони кӯдакдил .......... 212

Фардои Душанбе .... 213
Бехобӣ.... 214
Шеъри сафеди мӯи сафед.... 214
Номаи манзум ба як хонум .... 214
Иди Зафар.... 216
Кӯрхат .... 216
Хонаат чунки дар лаби дарёст.... 217
Зиндагӣ (4).... 217
Гиряи хоҳар бар марги додари аскараш.... 218
Чашмаи шоир.... 219
Ҷони масчоҳӣ.... 219
Гар ишқи ту намебуд, будам хиҷил зи толеъ .... 220
Дар буттаҳои гул нашкуфта ғунчаест.... 220
Дастро то осмон бардошта.... 220
Плон .... 220
Ба он рӯю ба он мӯю ба он чашм.... 221
Хобҳои ману ту ковиши дил .... 221
Баъди он шаб.... 221
Талоқи Марзич.... 222
Хайём дар қаъри уқёнус.... 222
Тиллои Бухоро .... 223
Заиф .... 223
Ҷони худу ҷони ҷаҳон.... 223
Забонгумкарда.... 224
Садбарг.... 225
Пеши ман омад ба арза .... 225
Миқдори одам .... 225
Панҷаҳои Борбад.... 225
Эй обшор .... 227
Эй Табиат!.... 227
Он чунон гоҳ меравам аз худ .... 227
Ман, ки мурдам, ба рӯи турбати ман.... 228
Дар баҳори сабз мисли рӯи ту.... 228
Хушкрӯд .... 228
Эй дарахти безабон.... 229
Бо ту будам соате, то умри дигар ёфтам .... 229
Ташнаам, ташнаи дидори худоёнаи ту .... 229
Ту шеъри Саъдӣ мехондию ман рӯи ту медидам.... 229
Боз баъди сафари дуру дароз .... 230
Аз миёни кӯчаҳо чун бигзарӣ .... 230
Ҳар гаҳ аз раҳ гузарӣ, медонам.... 230
Эй бурҷи хаёлҳои ширин.... 231
Боз дарёву боз кӯҳаи мавҷ .... 231
Навбаҳор омад, гули ман .... 231
Ҳарчанд дурӣ аз ману аз ошёни ман .... 232
Ман ба ҳар ҷое, ки рафтам.... 232
Узри ланг.. .... 232
Меомадӣ парида сӯи канори ошиқ.... 233
Дар чашми осмоният дидам шарорае.... 233
Дасти худ.... 234
Гарданаи Анзоб.... 234
Хонаи шоир.... 234
Рӯи одамҳо.... 235
Никоҳи марг.... 238
То туй, дар дили ман шӯру наво хоҳад буд .... 239
Туро арвоҳ зад, арвоҳи Ленин зад.... 239
Касе, ки хост шоир бошад, аммо .... 239
Дар Бухорою Самарқанд.... 240
Гӯри Дониш дар куҷост .... 241
Бо номи Сталин .... 241
Мақбара ё масхара?.... 241
Фиръавни устухонӣ.... 242
Ту куштӣ шоири қодирсуханро.... 242
Замини эътиқод.... 243
Ман ғариқам.... 244
Водарего.... 244
Зиндагӣ пираҳани афсурдаст .... 244
Зангӯлаи бедорӣ.... 244
Заминларза .... 245
Ба яғнобии ватанхароб .... 246
Танзе андар фироқи собун .... 246
Танзе андар фироқи виҷдон .... 246
Зарафшон, модари зорам.. .... 247
Барои соҳибназарон .... 247
Қиёмат .... 248
Алорағми маҳалгароён.... 248
Бидруд оташи дилам! Бидруд, ошиқӣ! .... 249
Минбари коммунизм.... 249
Нома ба зиндон, ба Мақсуди Икром .... 250
Падарам, во падарам.... 250
Мероси падар .... 251
Гар намебудӣ ту яктои дилам.... 251
Мо ғуломем, ғуломем, ба ном озодем.... 252
Ҷавониям .... 252
Марсияи Ҷамшед.... 252
Ману ту.... 253
Ба халалгарони иншои пойгоҳи барқи Роғун.... 254
Забони тир, забони ҳақиқат.... 255
Эй шаҳри беситораи дунёнадидаҳо.... 255
Илтиҷо аз камонмардон .... 255
Эй табиби ҳозиқи ман!.... 256
Эй обшори дур .... 257
Баҳона чист? Номи халқ!.... 257
Ҷонкании боғ.... 257
Чашмони Олимпур .... 258
Орзуи хом .... 258
Соқиномаи имрӯзин.... 259
Ало, субҳи ҳумоюнфар .... 260
Шаб вожаҳоро хоб мебинам.... 260
Ман алвонҷи баланд мехостам.... 261
Маро, тоҷикро, тоҷикон, шукри худо.... 261
Ман бо шумо будам .... 261
Дар ин ҷаҳон пас аз он ҷанги ҷаҳон.... 261
Бидруд, эй ноҳамраҳон!.... 261
Зи бедорӣ тоҷик чун дод зад.... 262
Ман ҳамёнам .... 262
Ба мардуми Панҷекат.... 262

МОДАРНОМА

Насиҳати модар .... 263
Ба модарам .... 263
Нону насиб.... 264
Қарз .... 264
Фарзандон .... 265
Модар .... 266

Ту монанди замин танҳой, модар ... 267
Домони модар ... 267
Дар сари гӯр ... 267
Чу аз модар ба дунё омадам ман ... 268
Муноҷот ба модар ... 268
То ту будӣ, модарам ... 269
Ҷавҳари ҳастӣ ... 269
Дар шаби борон ... 269
Ҷомаи гадой ... 270
Дар қиёси гӯри мардон пештар ... 271
Чордард ... 271
Дар он соат, ки дилгирам, куҷой, модари пирам? ... 272
Дилам парвоз мехоҳад ... 272
Шеър гуфтам ба ҳаққи ту, модар ... 273
Суруди модар ... 273
Модари бечора ... 273
Зинда бошад модари гулпарварат ... 274
Катибае дар пушти вопасин акси модарам, ки Муҳиддин Олимпур бардоштааст ... 274
Ҳасрат ... 275
Хазон ... 275
Ҳаққи модарӣ ... 275
Суол аз модари тоҷик ... 276
Гунбади сабзи мазори модарам ... 276
Ту озодӣ магар, эй зан? ... 277
Роҳнишин ... 278
Модарам, эй модари дунёнадида ... 278
ҒАЗАЛҲО
Дару девори ҷаҳон худ дару девори зан аст ... 279
Волотар аз ҳама ... 279
Қасидаи модар ... 279
Будӣ дунёи ману рафтӣ зи дунё, модарам ... 280
Бо ду чашми хирабин нури кӯҳистон, модарам ... 280
Замину осмони ман туӣ модар, туӣ модар ... 281
Модари хушназарам, ҳар назарам ҳадяи туст ... 281
Ба кӯи охират рафтӣ, сари кӯи ту менолам ... 281
Ниҳодам дастаи гул ин саҳар рӯи мазори ту ... 281
Модарам, бо ташнаҷонӣ ёд меорам туро ... 282
Модарам бо дарди худ шому сабо гап мезадӣ ... 282
Рубоиҳо ... 282
Дубайтиҳо ... 282

СИПОСНОМА

Қитъаи шеър ... 284
Чу Турсунзода бо боли замона ... 284
Дар қатори қуллаҳои Тоҷикистон ... 285
Рӯзи ҷаноза ... 285
Ворисон ... 286
Баъди ту ... 287
Парвози сухан ... 287
Дар Хунзах ... 287
Як пора хотира ... 287
Боли арзиз ... 290
Гунҷишк аз манора ... 290

ИЛҲОМ АЗ «ШОҲНОМА»

Писари ҳаждаҳуми Кова ... 292
Рӯҳи Рахш ... 292
Ғурури Рустам ... 293
Пуштибонӣ ... 293
Гиряи Кова ба ҳабдаҳ писараш ... 294
Навҳаи Таҳмина бар Суҳроб ... 294
Охирин ҷанги Рустам ... 294
Арвоҳи домангир ... 295
Фирдавсӣ ва Темур ... 295
Васияти Фирдавсӣ ... 296
Корези Фирдавсӣ ... 296

КОРИСТОНИ НОРАК

Бунёдгоҳи кохи нур ... 297
Бунёдкорон ... 297
Кӯчиён ... 298
Сутунҳо ... 298
Ҳамосаи чашму чароғ ... 299
Суруди тунелкорон ... 299
Симчӯбҳо ... 300
Балладаи офтоби Норак ... 300

ДАСТАГУЛИ ТАРОНА

Ишқи ту ... 302
Нигоҳи интизор ... 302
Замини нозанин ... 302
Ранҷи деҳқон ... 302
Барф борид ... 303
Муборакбоди ишқ ... 303
Мезанад борон ба шиша ... 303
Муборакбод ... 304
Наврӯзӣ ... 304
Хосияти дукокула ... 304
Ошиқаме ... 304
Нозанин ... 305
Рақси «Зебо» ... 305
Ёри зарафшонӣ ... 305
Чилкокул ... 305
Ҷудой ... 306
Навҳа ... 306
Дарё ... 306
Арӯсбиёрон ... 307
Ишқи ман ... 307
Гӯшаи диёр ... 307
Сапеда ... 307
Зиндагӣ дарёст.. ... 308
Мижгондароз ... 308
Боли шикаста ... 308
Ишқи синасӯз ... 308
Эй бахти ман ... 309
Ниёиш ... 309
Гули ночида ... 309
Гулмаҳтоб ... 310
Пазмонӣ ... 310
Хазонрез ... 310
Панди кӯҳна ... 310

Дуо ........ 311
Кишвари ман – модари ман ........ 311
Варзоб ........ 311
Шукрона ........ 311
Ҳасрат ........ 312
Гуноҳатро намебахшам ........ 312
Чашминтизор ........ 312
Имони дил ........ 312
Танҳо ........ 313
Ситораҳо ........ 313
Хандаҳоят ........ 313
Ҷоми дигар ........ 314
Борон ........ 314
Талабгорӣ ........ 314
Рӯди сир ........ 315
Бахти сафед ........ 315
Илтиҷо ........ 315
Роҳҳо ........ 316
Фардои зиндагӣ ........ 316
Зиндагӣ ........ 316
Раққоса ........ 317
Офтобборон ........ 317
Суруди некӣ ........ 318
Ёри дил ........ 318
Ҳусни беназир ........ 318
Хумор ........ 319
Боғи ҷавонӣ ........ 319
Нури муҳаббат ........ 319
Зиндарӯду Панҷрӯд ........ 320
Хуросони бузург ........ 320
Мо – бӯяву армони ӯ ........ 320
Бо сухан, бо хирад, бо шараф, бо ҳунар ........ 321
Мо тоҷиконем ........ 321
Духтари ҳамсоя ........ 321
Суруди душанбе ........ 322

ҒАЗАЛҲО

Биё, то чанд аз чашмам ниҳонӣ ........ 323
Гар ба овози дили ман ту ҳамовоз шавӣ ........ 323
Ба васфат достон дорад дили ман ........ 323
Чӣ будам, чашмаи нӯши ту будам ........ 323
Мард он, ки сарафроз сари дор бимирад ........ 323
Ин қадар дард куҷову мани махмур куҷо? ........ 324
Баҳорам тирамаҳ шуд, дилбарам рафт ........ 324
Мо бахри дилшиносон шеъру тарона ҳастем ........ 324
Ҷонам чӣ хоҳад аз рӯзгорон? ........ 324
Боз ошиқ шаваму зиндагӣ аз сар гирам ........ 325
Мо солхурда ҳастем ё сол хурда моро? ........ 325
Гурӯҳе на саволу на ҷавобанд ........ 325
Сар бибозам ба сарафрохтагон ........ 325
Аз байни ҳама бурду бало мегузарад дил ........ 325
Аз кӯҳ санге чун фитад, сад сангро беҷо кунад ........ 325
Омадам дар ин ҷаҳон, то хешро пайдо кунам ........ 326
Як нафас бо хеш будан зиндагист ........ 326
Қуллаҳо чун аз замин бар осмон сар мекашанд ........ 326
Дӯстро бо тӯҳмати бегона меёбем мо ........ 326
Имшаб чи шабе, шаби гудоз аст имшаб ........ 326
Дастҳое, ки фишурдам, ёд бод! ........ 326
Як замон дар дили ман ёр иқомат мекард ........ 327
Бедарди дил касест, ки дилбар надоштаст ........ 327
Ҳар кас, ки дар замони худ фикри замон надошт ........ 327
Як зумра касон пир таваллудшудагонанд ........ 327
Баҳор мерасад, аз хештан фирор кунед! ........ 327
Ҷавонему хушиҳои ҷавониро намедонем ........ 328
Ман на онам, ки бувад ҳамқадаҳи бехаброн ........ 328
Кофтам ҳусни дил аз ҳусну ҷамоли дигарон ........ 328
Рӯзе равам аз дунё, дунёи маро ёбед ........ 328
Дӯстон, то умр бошад, ҳар баҳор ошиқ шавед ........ 328
Парво макун, азизи ман, к-ин дил барои туст ........ 329
Метанам бо одамон то хешро одам кунам ........ 329
Оташ намонда дар дили оташпарасти ман ........ 329
Ошиқи рӯи сафеду чашми тобони туам ........ 329
Бо дили дарё нишинам, то дилам дарё шавад ........ 329
Чу марди роҳаму раҳдон, ба манзил мерасам рӯзе ........ 330
Дастони пир ҷуз ба асое намерасад ........ 330
То ман зи ту, эй чархи фалак, ком нагирам ........ 330
Ҳар нафас аз сина шавқи рӯзгорам меравад ........ 330
Гарм бош, эй дил, ки варзӣ ишқи новарзидаро ........ 330
Гирд мегардад сарам дар гирудори зиндагӣ ........ 330
Ин духтаре, ки аз барам хандон гузашту рафт ........ 331
Баччагӣ рафтасту бӯяш мондааст ........ 331
Ишқ дар дил шуълаи субҳи саодат будааст ........ 331
Ҷони инсон ташнаи фатҳу кушоиш будааст ........ 331
Он, ки бо мо чанд рӯзе ошноӣ кардааст ........ 331
То даме дил доштем, эй дӯст, дилбар доштем ........ 331
Нам-нами борон чу ёдат кард, ёдат мекунам ........ 332
Ман аз ту ғофил нестам, худро зи ман ғофил магир ........ 332
Хонаат ободу дил вайрон чаро? ........ 332
Ҳар замон аз зиндагонӣ бишнавам панди дигар ........ 332
Ту ёрам мешавӣ рӯзе ки ман ёри наметонам ........ 333
Умри шоир гарчи кӯтаҳ, умри шеъри ӯ дароз аст ........ 333
Ҳангоми сутӯҳ омад, бигзашт сурури ман ........ 333
Агарчи пир шавам, зиндагӣ ҷавон бошад ........ 333
Хоҳӣ, ки беғам бигзарӣ боре маро масрур кун ........ 333
Замини сахти кӯҳистон дили нармам ато кардаст ........ 334
То ту ба додам мерасӣ, оҳам ба кайвон мерасад ........ 334
Дар роҳҳои зиндагӣ оҳиста рав, пайваста рав ........ 334
Зи ту болотар, эй болонишин, болонишине ҳаст ........ 334
Набуд гар хонаи чашми ту, ман бехона мемурдам ........ 335
Эй ки мепурсӣ маро ҳастӣ магар огоҳи дил ........ 335
Аз бахри хокиён ба само гиря мекунам ........ 335
На зи ранҷу азоб метарсам ........ 335
Маро ҷустӣ, вале пайдо накардӣ ........ 335
Гарчи ман кӯтоҳдастам, кӯтаҳармон нестам ........ 335
Марав аз ман, ки бо ту меравад дунёи рангинам ........ 336
Бо ҷаҳон андар ситез, аз хештан бегонаам ........ 336
Сабукборему бори оламе бар дӯш мегардем ........ 336
Чунонат ёд меорам, ки раҳгумкарда манзилро ........ 336
Як замон андар дили ман ишқи ту шӯрида буд ........ 336
Дар рӯи ҷаҳонему надонем ҷаҳон чист ........ 337
Агар тирам ба сар борад, туро ман дӯст медорам ........ 337
Бепару болам, вале парвозҳое кардаам ........ 337
Ишқ ғайри ишқ пур найрангҳо ҳам доштаст ........ 337
Рӯдборонем гар чун мавҷ пайвастем мо ........ 337
Ҷаҳон – сӯзишгаҳи инсон, чунин будасту хоҳад буд ........ 338

Гар оташам, гар оташин, ёд аз мани ошиқ кунед ... 338
Зиндагӣ боқист, ёрон мераванд ... 338
Дӯстон, вақти гули хор маро ёд кунед ... 338
Ту гар чашмисаре дорӣ, маро чашми диле боз аст ... 339
Шавқи ман паҳлу ба ахтар мезанад ... 339
Тирамоҳи ман, баҳори ман куҷост? ... 339
Замингиру фалаксой, дили ман ... 339
Рӯи ту рӯи ҷаҳону чун ҷаҳон мебӯсамат ... 339
Чун шумо кай даъвии унвони боло мекунам ... 339
Ёди айёме, ки бо ман ҳамнавой доштӣ ... 340
Заминат осмон шуд, ишқ омад ... 340
Аз ман куҷо мақолаву нутқу масал расад ... 340
То қиёми ишқи шӯрангезат, эй маҳваш, набуд ... 340
Дарёдиливу соҳили дарё ғанимат аст ... 340
Онҳо ки ташнаанд, бари об мераванд ... 341
Як рӯз зиндагон туро ҳам ёд мекунанд ... 341
Аз ситеғи қуллаҳо зардӣ парид ... 341
Шаби маҳтобу дарё масту ман ҳам масти саршорам ... 341
Ғавғои беш мекунанд ин ҳеҷкорагон ... 341
Сад баҳрро гузаштаму дар соҳилам ҳанӯз ... 342
Аз нигоҳам шарора хоҳад монд ... 342
Ҷаҳони ишқи ниҳоне ҷаҳоншиносам кард ... 342
Дигар дар ҷомаи душман сари ёрӣ макун бо ман ... 342
Медавам дар кӯчаҳои зиндагӣ ... 342
Як рӯз дар ҷаҳони дил эъҷоз мекунам ... 342
Аз замон панди падар мешунавам ... 343
Хазонам гул кунад рӯзе, ки хандӣ, эй баҳори ман ... 343
Тирамаҳ омад, азизон, аз алам шеван занем ... 343
Қурбони он дилам, ки ӯ қурбони одам аст ... 343
Бевафоии ҳаёт аз бевафоии ман аст ... 343
Ёдгори Айниву ин кӯҳсорон зинда бод! ... 344
Чархи гарданда, ки гирди сари мо мегардад ... 344
Ба ҳама нағмаи ноҷӯр дилам месӯзад ... 344
Умрам баҳорхонаи нақшу нигор буд ... 344
Олами тоза биҷӯям, ки бувад олами дил ... 344
Ҳар гаҳе ошиқ будам, инсони комил будаам ... 345
Боз шаб то субҳдам бедор месӯзад дилам ... 345
Ман ба ҳар ҳолу ба ҳар боб туро меёбам ... 345
Ин ҳама оғозҳо аз хоки бунёди ман аст ... 345
Ман он дунёи нофармон, ки аз дунё наметарсам ... 345
Одамизодам, барои одамин ҷон меканам ... 346
Дӯстам, пеш аз ту ҳам ашъори нофиз будааст ... 346
Бигзор равнақи дусад бозор бишканад ... 346
Ман он наям, ки бим зи рӯзи аҷал кунам ... 346
Хор дар чашми касе, гар як нафас хорат кунад ... 346
Як замон дар синаат баҳри дамон оварда будам ... 347
Ҳар қадар аз ту шудам дур, қаринам будӣ ... 347
Туро дубора наҷустам, хато хатои ман аст ... 347
Гоҳ нолида сухан гӯяму гаҳ болида ... 347
Зиндагӣ бо ранҷу меҳнатҳо гузашт ... 347
Ҳайфи нақди зиндагонӣ, ҳайф, ҳайф ... 348
Эй он, ки бенишонаӣ, роҳат сафед бод! ... 348
Шишаи мо санги хоро бишканад ... 348
Дили ман, ҷони ман ишқи ту бошад ... 348
На ғаму дард орзу дорам ... 348
Пинҳон зи назар то кай, дар мадди назар мебош ... 349
Айш хоҳӣ, азобҳо бинӣ ... 349
Миёни мо ҳар он чӣ буд, чашмони ту медонад ... 349
Эй раҳгузар, саломе, мо низ раҳсипорем ... 349
Ту эй ягона умедам, умеди ман мебош ... 349
То ба кай бо ту ситезам, оҳ, эй дил, оҳ, эй дил ... 350
Нест осон бурдани бори сухан ... 350
Одам агар биҷӯстаед, одаматон одамак аст ... 350
Умр рафту нарасидем ба сарманзили дил ... 350
Аз дур ошёни туро ёд мекунам ... 351
Як диле чун гармии бозор мехоҳад дилам ... 351
Дил ба дарё бизанам, то дили дарёе ҳаст ... 351
Дилам месӯзад имшаб аз ғами ҷонсӯзи маҳҷурӣ ... 351
То ҳастаму то ҳастӣ, ҳамрози ту хоҳам буд ... 351
Эй ошно, ба хилқати риндона зинда бош! ... 352
Ҳар гаҳе бе ман бимонӣ, дар ғами ман гиря кун! ... 352
Навбахтиву навшодӣ, навхона муборак бод! ... 352
Дӯстонро ҳар қадар санҷидаам ... 352
Дар лаби дарёи кӯҳӣ кокулонат бод мерафт ... 352
Ҳар қадар обод созам, боз вайрон мекунад ... 352
Ёре, ки аҳди ошиқӣ бо ман бубаст, рафт ... 353
Рӯҳи мо бар қадри даврон мерасад ... 353
Осмонҳоро ба сар бардоштем ... 353
Бо ҳусну бо малоҳат кори шумо набошад! ... 353
Чу як пири хирад мирад, бимирад ҷумла осорам ... 354
Соқиё, соғар бикаш, то ин дам осон бигзарад ... 354
Зиндагӣ бо ошноиву ҷудой бигзарад ... 354
Эй бародар, ману ту ҳамватанем ... 354
Ду чашми шуълавар дорӣ, манам парвонаи чашмат ... 355
Сӯхтам, бирён шудам, гирён шудам ... 355
Ҳар гаҳ, ки бишмарӣ, эй хушнигоҳи ман ... 355
Аз он соғар ба каф дорам, ки андар соғарат бинам ... 355
Ишқи ман, ҳар ҷо равӣ, бо хеш пиндорам туро ... 355
Сарпарастиҳои ман дарди саре овардааст ... 356
Наёбӣ дар ҷаҳони бевафо содиқтаре аз ман ... 356
Бетабу тоби ту бетобам ҳанӯз ... 356
Ман ошиқам, ман ошиқам, ман ошиқи деринаам ... 356
Ба дил сад достон мемирам охир ... 356
Агар сад сол ҳам ҷӯӣ, маро дигар намеёбӣ ... 357
Дар чашми ту ранги осмон буд ... 357
Ту, эй беаҳду бепаймон, маро бигзоштӣ, рафтӣ ... 357
Зи сад даъвогари беақл як дузди музаффар беҳ ... 357
Ба кӯят меравам бо бори дил истода-истода ... 358
Шукри оғӯшат, ки оғӯши ҷаҳони дигар аст ... 358
Ҳар кас ба тарозуе ҳамсанги замонаш нест ... 358
Зи ту то дар сари корӣ, тамаллуқкор хоҳад монд ... 358
Биё, биё, ки туро чун тарона мехоҳам ... 358
Кӯдаки ман, шод зӣ, озод зӣ ... 359
Гарчи як рӯз ва ё шаб зи ҷаҳон мегузарам ... 359
Кош дигарбора ошиқ будаме ... 359
Содаю содашуморем, ҳамин тинати мост ... 359
Тирамоҳи ман, баҳорамро бидеҳ! ... 359
Ноком будам, ту комронам кардӣ ... 360
Агарчи сӯхтам, як шуъла рухсори ту мехоҳам ... 360
Дар ҷаҳони ман набудӣ, дар ҷаҳони ман биё ... 360
Чӣ кунам, расми рӯзгорон аст ... 360
Дар дили ман зиндагонӣ пир шуд ... 361
Само буғзе ба дил дорад, ҳаво абрист, меборад ... 361
Ҳаққи мо ҳақгузор мехоҳад ... 361
Биё, эй ишқи нав, рӯҳам ҷавон кун ... 361
Ҳусни рӯзафзуни ту умри маро кам мекунад ... 361

Ёри дурафтодаи ман, боз наздикам биё ..... 362
Муддате пеши ту қимат доштам ..... 362
Ишқи нав омад, худоё, ҷони нав бахшо маро ..... 362
Дили осударо пур мавҷи тӯфон мекунӣ, эй ишқ ..... 362
Як зумра, ки сӯзи ҷонашон нест ..... 362
Зиндагӣ! Ман бо ту рӯзе ҳарбае сар мекунам ..... 363
Чанд зору низор гардидем ..... 363
Ишқи навшӯрида мехоҳад дилам ..... 363
Ишқ меварзам, ки аз ман дур бигрезад аҷал ..... 363
Дар ҳар куҷо садоқати ман кор мекунад ..... 364
Сар ба пои зиндагӣ бинҳода мемирем мо ..... 364
То наёбӣ, ҷони ман, ҷони сухан ..... 364
Эй ғунчаи хандида, Наврӯз муборак бод! ..... 364
Хонаи нав нишонаи нав бод ..... 364
Ҷилва кардӣ чун шарар, ёдат ба хайр! ..... 365
Хун гириста, тарки одат мекунам ..... 365
Гумном мекушанд маро номдорҳо ..... 365
Ин манам, ҳамгунаҳи шишаву соғарзадагон ..... 365
Дидам, эй раҳгумзада, ҳамроҳу ҳам роҳи туро ..... 365
Маро дунё нахоҳад кушт, то дунёи дил дорам ..... 366
Ними умрам дар ғами сарвода рафт ..... 366
Эй ишқ – камоли дил, эй ишқ – заволи дил ..... 366
Мову ту ҳар ду зиндаем, он ҷо туӣ, ин ҷо манам ..... 366
Ман чу аз гаҳвораи нақшини худ берун шудам ..... 366
Ҷавонӣ, рангбозии муҳаббатро намедонӣ ..... 367
Ҳайфи умри мард агар дар бистари зан бигзарад ..... 367
То ҳамканор будиям, дунё канор дошт ..... 367
Дар ҷаҳони душманонӣ, дӯстонро гум макун ..... 367
То доштам ғами туро, дил ҳеҷ ғам надошт ..... 368
Гар баҳри тамаъ омадаӣ пеши дари ман ..... 368
Эй дил, эй дил, ҳама фарёд зи шайдоии ту ..... 368
Ҳусни ту бо дилрабоӣ мекушад охир маро ..... 368
Ба Қаҳрамони меҳнат ..... 368
Аз хеш рамидае бузург аз ман нест ..... 369
То ту бошӣ, рӯнамои бахти ман рӯи ту бод! ..... 369
Гар торҳои ишқи мо ҳамҷӯр мешуданд ..... 369
Ёд бод он шаб, ки дил бо ёр буд ..... 369
Гар туро меёфтам бори дигар ..... 370
Дар канори рӯд дур аз он канор истодаам ..... 370
Тарки соғар кардаму андар хумораш сӯхтам ..... 370
Охир мани шӯридадил бо як садо ошиқ шудам ..... 370
Дар мағз-мағзи ҷонам ғамҳои ту бимирам ..... 370
То ба кай аз ғами дунё дили худ об кунам? ..... 371
Оламе ояд дар оғӯшам, чу оғӯшат кунам ..... 371
Мо низ дар замони худ дилдода будаем ..... 371
Мо ҳам барои хеш ҷаҳон офаридаем ..... 371
То ғами талхе нахурдӣ, аз ғами ширин магӯ ..... 372
Ту дил гум кардию аз кӯчаи дилдор бигзаштӣ ..... 372
Эй кошки ба олам ман бошаму ту бошӣ ..... 372
Худоё, бемаҳал мирад, касе дорад маҳалбозӣ ..... 372
Ёр меҷӯему бо ноёр қисмат мекунем ..... 372
Ёд бод, он шӯри оғози муҳаббат ёд бод ..... 373
Ҷони ман қурбони як хандидану нозиданат ..... 373
Дил гадои дигареву ман гадои дигаре ..... 373
Чанд рӯзе бо хумори бӯсаҳоят зиндаам ..... 373
Фанди офоқ диданам кофист ..... 373
Эй нозиме, ки ҷуз мағал аз шоирит нест ..... 374
Ороиши ҷавониям ишқи ту буду мурд ..... 374
Ало, кайҳони дури ман, ало эй хоксори ман ..... 374
Шод бод он, к-ӯ ғами ёрон хурад ..... 374
Як замон то доштам дил, дилситонат будаам ..... 375
Маро ҳисоби зиндагӣ ба ҳар ҳисоб мекашад ..... 375
Фақат асири мастию маю сабӯ набудаам ..... 375
Чу ҳар боре ба ёд орам гулу бори ҷавониро ..... 375
Ёр рафту интизораш мондаам ..... 375
Ҷаро ҳаёт ҳар нафас туро азоб медиҳад ..... 376
Хандон агар намекунӣ, гирён макун маро ..... 376
Хушбахт мурдае, ки ба ёди гуноҳи ӯ ..... 376
Зинда бош, эй чашмаи илҳоми ман ..... 376
Дили бедилбаре дорам, на месӯзад, на месозад ..... 377
Ушшоқи Душанбе ..... 377
Оҳу дод аз зиндагӣ, умри ҷавонам меравад ..... 377
Дилам мондаст аз ғавғои дунё ..... 377
То гул бичинам, аз раҳи пургил гузаштаам ..... 378
Ишқи навоғози моро ҳеҷ анҷоме мабод ..... 378
То бо ҷаҳони куҳнаву нав ошно шудам ..... 378
Ишқ овардам, пушаймонам макун ..... 378
Барги каҳе зи хирмани дунё набурдаам ..... 379
Ин дили шоди маро ношод кардӣ, шод бош ..... 379
Умр аз пеши дарам мегузарад ..... 379
Дар ин замона ба ҳар баҳона на ту бимонӣ,
на ман бимонам ..... 379
Накашам бими хазон, то ту баҳорам бошӣ ..... 380
Эй ҷамоли баҳру бар, шод омадӣ ..... 380
То туро ҷустам, замони комронием гузашт ..... 380
Агар зи хок омадам, ба хок боз меравам ..... 380
Месӯхтам зи ишқи ту, сӯзам асар надошт ..... 380
Аз баҳоре то баҳоре рафтаам ..... 381
Лаҳзаҳое, ки ғазал мегӯям ..... 381
Алами олами дерин ишқ аст ..... 381
Бе ҳусни ту ҷавонии ман пир мешавад ..... 381
Осон куҷо ба маснади иззат расидаем ..... 381
Аз ҷустуҷӯи хеш ба дунё расидаам ..... 382
Бадбахт одаме, ки надорад нишони худ ..... 382
Баҳорам гузашт, аз хазонам чӣ суд? ..... 382
Холист барам бе ту, бебаҳру барам бе ту ..... 382
Ҳам рӯди равон будам, ҳам баҳри дамон будам ..... 383
Ҳар лаҳзае, ки аз бари ман дур мешавӣ ..... 383
Ҳамраҳи айём будам, аз раҳи айём рафтам ..... 383
Бесарупоем, аммо даст дар корем мо ..... 383
Эй он ки хонӣ хешро боэҳтиромтар ..... 384
Эй шӯри ҷаҳони ман, эй ишқи ҷавони ман ..... 384
Агар ёдат кунам, хуршеди пуранвор механдад ..... 384
Ишқи ту дар синаи ман ҳадяи тақдир буд ..... 384
Чашмаи хушкидаӣ, миннат ба дарё мекунӣ ..... 384
Дигар зи сӯзи дил номе намондааст ..... 385
Ту хуштарин таронаи дили манӣ ..... 385
Маро рӯзе, ки хушканд обшорон, ёд хоҳӣ кард ..... 385
Оҳ, эй кони дасиса, оҳ, эй дунёи песа ..... 385
Ошиқӣ басар омад, эй дил, эй дили ошиқ! ..... 385
Агар гӯянд, махзан гир, ман махзан намегирам ..... 386
Шудам маҳруми дидорат, падарҷонам, падарҷонам ..... 386
Шудам пазмонат, эй ҳамшишаву
ҳамсоғарам, Варзоб ..... 386
Даромезам дигар бо қиссаю афсонаи дарё ..... 387
Ду раҳсозему раҳпаймо – ману дарё, ману дарё ..... 387

Мадҳияи дил ... 387
Баҳор омаду ман сабзҷонӣ мехоҳам ... 389
Эй басо дидам касон шоиртарошӣ кардаанд ... 389
Баҳор омаду домони теппаҳо сабз аст ... 389
Гарчи эъҷозе накардам, баҳри эъҷозе бимирам ... 389
Чанд рӯзам монда ё на дар ҷаҳони бекарона ... 389
Эй дил, эй дил, зинда дар дунёӣ бо дунёи худ ... 390
Ман ҷаҳони ҷонамро раҳни ин ҷаҳон кардам ... 390
То зинда бошам, меравам бар кӯи ту бо пои дил ... 390
Эй сари ҳама сарсон, маншаи мағал аз туст ... 390
Бинам зи савдои ҷаҳон савдои дил, савдои дил ... 390
Ман ошиқи дили туам, на ошиқи ҷамоли ту ... 391
То умеди ишқ аз туст, ошиқи ҷавонам ман ... 391
Худ ба ними роҳу ангези рашодат мекунем ... 391
Ба баҳори нав расидам, зи баҳор шукр гӯям ... 391
Ҷамоли ғунча надидӣ, баҳор омаду рафт ... 392
Кӯзаро бишкаставу бар санг туҳмат мекунӣ ... 392
Туро ҳар рӯз мебинам, ба коми дил намебинам ... 392
Агар вафо кунӣ бо ман, вафои умри манӣ ... 392
Биё, азиз, ки умри азиз мегузарад ... 392
Ту маро бедаступо кардию рафтӣ ... 393
Зи баҳори ҳусни ёре ба баҳори дил расидам ... 393
Ба ҳар ҷое, ки бошӣ, эй худои орзуи ман ... 393
Нимаҷону нимадил то остонат рафтаам ... 393
Шабат хуш, эй гули ман, бо умеди рӯзҳои хуш ... 393
Ҷоне, ки ҷон ба ҷони ту буд, нимаҷон шуда ... 394
Ман ошиқи беёдат, эй ҳусни худодода ... 394
Ҳар шабе дар хоб бинам тарҳи симои туро ... 394
То дилфурӯз омад ишқи дубораи мо ... 394
Дидори ту барои ман дидори зиндагист ... 394
Зиндагиям бе шукӯҳи ишқат орое надошт ... 395
Чу кушоӣ дари ман, бому дарам месӯзад ... 395
Рафтию дар хотири ман чашми зебои ту монд ... 395
Кардам агар гуноҳ, гуноҳи кабир буд ... 395
Гар намедонистамат, шояд дилам осуда буд ... 395
Як пора санги кӯҳаму як шоха оби рӯд ... 396
Ҳар нафас бинам зи чашми шӯхи ту нози дигар ... 396
Мегурезам ҳар замон аз хешу аз дунёи хеш ... 396
Ман агар махмурам, аз он чашми махмури туам ... 396
Пеши ту дарду охро монам ... 396
Навбати ҳастӣ чу дорам, арзи ҳастӣ мекунам ... 397
Бисёр маро дидаву нодида гузаштӣ ... 397
Як ҷом бода додиву сад ҷоми ташнагӣ ... 397
Бехудоиву худо мегӯӣ ... 397
Андоми бихрадон бувад андоми зиндагӣ ... 397
Об хурдам умрҳо аз косаи гирдобҳо ... 397
Ало, шеъри Аҷам, фардо маро ту зинда хоҳӣ дошт ... 398
Шумо, шикастабаҳоён, маро чӣ медонед? ... 398
Мо ташнаем, ташнаи дидори зиндагӣ ... 398
Эй духтари нозанини давлат ... 398
Дунёи бекарона зебост бо тарона ... 398
Одамон бисёр, аммо якдилу якрӯ куҷост? ... 399
Кош бинам шӯриши дилдодагиҳои туро ... 399
Дӯстам, айём хорат кардааст ... 399
Ба дунё омадӣ, найранги дунёро намедонӣ ... 399
Ман ошиқи Сабзина, Сабзина намебина ... 400
Як наъраи шерона, эй миллати шеравжан ... 400
Ту дар дунёи ман ҳастӣ, вале дунё намедонад ... 400
Ошу нонат чун адо шуд, ошноят меравад ... 400
Дидан ҳама касрову надидан – назари мост ... 400
Бесаводам аз савод омӯхтан ... 401
Бо худи худ ҳам қарибам, ҳам рақиб ... 401
Боло нигар, пойин нигар, зиндони виҷдон омада ... 401
Он, ки аз кокули ту бӯйи вафо нашнидаст ... 401
Яшму лаълу мармари мо мезананд ... 401
Мурдагон дар гӯр кай берун зи дунё будаанд?! ... 402
Мулк сангистону мо бесангарем ... 402
Оё чӣ шуд, ки аз ҳама олам ҷудо шудем?! ... 403
Сарбузурги боғи пурмева дарахти бед шуд ... 403
Кони дардем, чу аз каф шуда кони зарамон ... 404
Падари меҳрубону ғамхоро ... 404
На мову на ман ҳастӣ, ин мову манҳо чист?! ... 404
Зинда бош, эй дил, ки бо ман созгорастӣ ҳанӯз ... 404
Кори Шӯро ҳама шӯр аст, худат медонӣ ... 404
Решаи ман, асли ман ... 405
Дар навбаҳори хуррамӣ, дар тирамоҳи пурғамӣ ... 405
Зода шуда аз Одам, одам нашудам, афсӯс ... 405
Ором нахоҳад шуд душманкадаи дунё ... 406
Кори тоҷик ҳама хом аст, худоё, мададе! ... 407
Эй миллати хобида, бистезу талоше кун! ... 407
Ғазали шукру сипос ба зодгоҳам
Мазори шариф ва ҳамдиёронам ... 407
Қароре нест азбас дар талотумхонаи дарё ... 407
Ин чӣ рӯзу чӣ рӯзгорон аст ... 408
Ин парастор, ки мегӯӣ ғами моро хурд ... 408
Ношукрии ишқ аст ҳамин пир шуданҳо ... 408
Чи ҷои шукри шукуфа, баҳор хунин аст ... 408
Ҳусни дилҷӯят ҷамоли кӯҳсорон боду ҳаст ... 409
Эй уқоби парканда, миллати пароканда ... 409
Иддаест каф бар лаб, кинатӯзу пархошӣ ... 409
Субҳе ба тоҷи бесари миллат гиристам ... 409
Кош як рӯзи пур аз нур ва ё як шаби кӯр ... 410
Чун набуд дидаваре, ҳақназаре дар бари халқ ... 410
Фаввора мезанад хун аз дидагони модар ... 410
Шому саҳар ба сад фиғон фарёд мекашам ... 410
Куштаи бисёр додӣ, боз рӯҳат зинда аст ... 411
Ман ин ҷо хирмани гул гӯр кардам ... 411
Эй асли девони ғазал, шод омадӣ, шод омадӣ ... 411
Ман зинда берун омадам аз гӯрҳо, аз гӯрҳо ... 412
Чунин ки гашта макони ман ошёни камон ... 412
Ушшоқи Исфара ... 412
Сӯи бесӯӣ равонем, эй дареғ аз сӯи мо ... 413
Бод дар кафат монда – ҷурми боданӯшиҳо ... 413
Чун набуд бар сарамон сарвару сардори бузург ... 413
Халқи фарзонапараст шуда девонапараст ... 413
Мо зи асли хештан азбакси дур афтодаем ... 414
Сари мо сарфи сарфарозӣ буд ... 414
Ҳар чӣ дорам дар ин ҷаҳон Ватан аст ... 414
Ин харобазамин диёри ман аст ... 414
Як тараф азохона, як тараф ҷазохона ... 415
Шаборӯзон зи ҳар ҷониб садои тир меояд ... 415
Аз ту, эй шердилу сафдару бебок, афсӯс ... 415
Ҳарфе шунавӣ, оҳу роҳе биравӣ, чоҳ аст ... 415
Ҷабри торих ягон қавм надидаст, ки мо ... 416
Сухан вирди забонҳо буд, имрӯз аз даҳан мондаст ... 416
Ғарқи дарёи ғамонам, роҳи ободӣ, куҷоӣ? ... 416

Дар ҳеҷ одам ояте з-одам намондааст ........ 417
Ҳайфи он афрӯхта фарҳанги олӣ ........ 417
То кай вувед аз ҳама дур, эй бародарон ........ 418
Дареғу дард, ки ёрон зи мо ба дур шуданд ........ 418
На Сосон, на Кӯшони миллат шудем........ 418
Худовандо, ки дар зотат раҳимӣ ҳасту раҳмонӣ ........ 418
Гарчи худ офтобу моҳи худем ........ 419
Ин сагдилон, ки хидмати айём мекунанд........ 420
Нишони сармадӣ ҷустам, нишони тир шудам........ 420
То кай ба дарду ҳасрат бимирем? ........ 420
«Тоҷики гарданкашу лашкаршикан...» ........ 420
Шаҳри шикастаҳо, шаҳри фитодаҳо........ 420
Эй ҷони меҳмон дар бадан,
меҳмонияти хуш бигзарад ........ 420
Худойгоно, худойгоно, зи одамият куҷо нишоно? ........ 420
Дар дил он қадр, ки мақсуди ман аст........ 422
То дар ин кӯҳу камар эмин зи аъдо мондаӣ ........ 422
Тоҷике бо форсӣ ҳарфе нагӯяд, фахр кун ........ 422
Офарин ҳамқаламон, ҳамқадамон, ҳамқадаҳон ........ 423
Ин кӯчиёни хокираҳ пур хоки моро бехтанд........ 423
Кай ҳама ҷангу моҷаро гузарад........ 423
Он лаъли дилхунро бигӯ, Лоиқ видоат карду рафт ........ 424
Беэътиқодӣ як тараф, беиттиҳодӣ як тараф........ 424
Дар калла ҳатто бод не, ин боданӯшӣ аз куҷо? ........ 424
Қурбони чашми равшанат, ман меравам нагӯӣ........ 424
Имрӯз агар он табу он сӯзи дилам нест........ 425
Маранҷ аз ҳасади чанд содаю лода ........ 425
Дар диёри ман, ки ғоратдида аст........ 425
Дар лобалои кулли бало зиндаам ҳанӯз ........ 425
Замон кони ғамон гуфтанду рафтанд........ 425
Аз ин замони ғарқаи хун дилшикастаам........ 426
Ман аз диёри шумоям, ман аз диёри шумо ........ 426
Эй бознишастагони миллат ........ 427
Ба як хаси ҷаҳони ту ҷаҳони мо намерасад........ 427
Эй ки ту ҷони манӣ, ҷони манӣ, ҷони манӣ........ 427
Чанд оне аз насиби ин ҷаҳонам мондааст........ 427
Кушед ин замонаро, ки мекушад таронаро........ 428
Ку диле то бибарам пеши дилогоҳи дигар? ........ 428
Ҷон ба қурбони ту, эй меҳани хунинкафанам........ 428
Дили худро замоне дида будам дар канори дил ........ 429
Бар мо чӣ рафт аз замон, эй хок бар сарам........ 429
Охир аз дунёи холӣ бигзарам........ 429
Рафтам ман аз бари ту, дидор дар қиёмат! ........ 429
Аё бузургу фанонопазир, эй модар!........ 430
Гар ману ту мо набошем, аз тую аз ман чӣ суд? ........ 430
Ҳар қадар рост бигӯӣ, ба хато мепечӣ ........ 431
Ту мондиву ғами ёрат, худо ёрат, худо ёрат! ........ 431
Беғам ҳама ғамхорҳо, бесар ҳама сардорҳо........ 431
Манам шайдои гуфтори Саноӣ........ 431
Дар сӯҳбати чашмонат соғар ба кафи дастам ........ 432
Чӣ суд аз зар, ало ёри зарафшонӣ, ҷавонӣ рафт........ 432
Аз дасти як бенохуне дар даштҳо хирман намонд........ 432
Эй фулон ибни фулон, тоҷи сарам бишкастӣ ........ 432
Имоми ду тарафро мекунам табрик........ 433
Раҳми парвардигори мо омад........ 433
Сино расид бар сарам, дардам даво нашуд ........ 433
Чӣ хабар? Чӣ ҷангу даъво? Ту напурсу ман нагӯям ........ 433
Эй ҳамватан, ба ҳамдигар чунучаро чаро?........ 434
Биё, бо ҳам бисозему ҷаҳонеро барафрӯзем........ 434
Ту биё ба пешвозам, ки фироқ дар камин аст........ 434
Аз саманди замон пиёда шудам ........ 434
Дилам бигрифт аз ҷанги гиребонҳои садпора ........ 435
Мо бар онем, ки дар мулк адолат бошад........ 435
Як саҳар сафар кардам........ 435
Бас андарзи зардуштиву монавӣ ........ 436
Зи пирӣ шод шудӣ, ки камоли умр расид? ........ 436
Эй пора-пораҳо дар кӯҳпораҳо........ 436
Биёву ин шаби дайҷурро тамошо кун........ 437
Пеш аз марг видоъ гӯямат, эй ҷону танам ........ 437
Бонги ҷашни тоҷикон ояд ҳаме ........ 437
Рӯзе, ки бозмерасад вақти заволи ман ........ 438

ҶОМИ ХАЙЁМ........ 439

РЕЗАБОРОН ........ 462

Такбайтиҳо........ 516
Катибаҳо ........ 530
Суханреза........ 540

ЛОИҚ ШЕРАЛӢ
**КУЛЛИЁТ**
Ҷилди 1. Ашъор

Мураттибон:
Баҳриддин Алавӣ ва Ромиш Лоиқзода
Муҳаррир: Мубашшир Акбарзод

Муҳаррири сафҳабандӣ: Меҳрӣ Саидова
Ҳуруфчинӣ: Сомон Лоиқзода
Сафҳабандӣ ва ороиш: Ромиш Лоиқзода

Ба матбаа 20.06.2008 супорида шуд. Ба чопаш 24.07.2008 имзо шуд.
Андозаи 60 x 84 1/8. 70 ҷузъи чопӣ. Коғаз ва чопи офсет.
Адади нашр 5000 нусха. Супориши № 4

Нашриёти «Адиб»-и Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш.Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев, 17а.

Дар нашриёти «Уздечка» ба чоп расидааст.